ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2018. №3.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2018. №3.

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2018. No. 3.

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2018

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ	*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Юсуфзода Носирҷон Салимӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни*
Раҳматуллозода Сахидод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Назарзода Сайфиддин	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*
Абдуллозода Масрур Аҳмад	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*
Саидов Ҳалимҷон Азизович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Хоҷаев Давлатбек	*Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2018. – №3. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: 10.**01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.***

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.

Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2018

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафарализода Худжамурод Куддуси	*Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Юсуфзода Носирджон Салими	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни*
Рахматуллозода Сахидод	*Доктор филологических наук, профессор, директор Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Назарзода Сайфиддин	*Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*
Абдуллозода Масрур Ахмад	*Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент АН РТ*
Саидов Халимджон Азизович	*Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*
Дустов Хамрохон Джумаевич	*Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2018. – №3. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2018

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Imomzoda Mukhammadyusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Director of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2018. – №3. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2018

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ
Я З Ы К О З Н А Н И Е

УДК:809.155.0

САДРИДДИН АЙНӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИИ РУШДИ ЗАБОНИ АДАБӢ

Офаридаев Н.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Устод Садриддин Айнӣ дар арсаи фарҳангу адаби халқи тоҷик аз ҷеҳраҳои дурахшон ва шахсияти намоёни миллӣ буда, дар давраи тақдирсози миллат хизмати бузурги таърихиро анҷом додааст. Дар як даврони пурихтилофу пуртазоди таърих С.Айнӣ ба ҳайси шахсияти маъруфи фарҳангӣ ба хотири дифоъ аз арзишҳои миллӣ ва муаррифӣ сохтани таърихи миллати хеш ба майдони набарди шадиди мафкуравӣ ворид гардида, бо қатъияти тамом барои адолати иҷтимоӣ ва миллӣ мубориза бурдааст. Дар давраи соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон кору пайкори С.Айнӣ моҳият ва арзиши сифатан нави иҷтимоию фарҳангӣ пайдо намуда, ӯ дар баробари шахсиятҳои маъруфи миллати тоҷик ба унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон сазовор гардид.

Оид ба арзиши осори бадеӣ ва илмии устод Айнӣ донишмандони зиёде пажӯҳишҳои муҳим анҷом додаанд [5; 6; 7; 8; 9; 10; 11;].

Садриддин Айнӣ дар бораи масоили забони тоҷикӣ, таърихи он, рушди забон, пайванди забони имрӯза бо забони адабиёти классикӣ, баҳрагирӣ аз ғановати забону гӯйишҳои маҳаллӣ ҷиҳати такмили забони меъёр, ислоҳи забони асарҳои алоҳидаи нависандагон, забони матбуот, наздик намудани забони гуфторӣ ва навиштorӣ, самтҳои инкишофи забони адабӣ, луғатшиносӣ ва соири мавзӯъҳои марбут ба забони тоҷикӣ асару мақолаҳои зиёдеро таълиф намудааст, ки то ҳол арзиши илмию амалии худро аз даст надодаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдат – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизмати таърихии устод Айниро арзёбӣ намуда, фармудаанд: «Барҳақ, устод Айнӣ дар тафаккури адабиву фарҳангии халқи тоҷик инқилоб бавуҷудоварда онро ба шоҳроҳи нав ворид кардааст. Махсусан муборизаҳои ӯро дар мавриди тоза нигоҳ доштани забони адабӣ ё меъёрии тоҷикӣ ва оммафаҳму равон сохтани он зикр кардан зарур аст».

Дар осори забоншиносии устод Айнӣ масоили иҷтимоии забони тоҷикӣ аз масъалаҳои меҳварӣ ба шумор меравад. Масъалаҳои забони тоҷикӣ аз ҷониби устод дар ду самти асосӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Дар баробари ба назар гирифтани қонуниятҳои рушди дохилии забон омилҳои берунии таҳаввули забон низ мавриди таваҷҷуҳи устод қарор дода шуданд шудаанд. Омилҳои берунии таҳаввули забон ба тағйирпазирии қонуниятҳои дохилии он низ таъсир расонида метавонанд. Ин ду омил таҳрикдиҳандаи рушди забон мебошанд, ки ҳар кадоме қонуниятҳои ба худ хосро доро мебошанд. Агар ба масоили иҷтимоии забони тоҷикӣ назар андозем, мебинем, ки дар таҳаввул ва рушди он нақши ин авомил асари густурдае доштааст.

Аз назари забоншиносии имрӯза бори дигар баррасӣ намудани назару андешаҳои забоншиносии С. Айнӣ ба масъалаҳои ҳувияти забони тоҷики ва самтҳои рушди он дар даврони Истиқлолият, ҳамчун забони расмӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад равшанӣ андозад ва ҷиҳати такмили ояндаи забон кумак хоҳад расонд.

Устод Садриддин Айнӣ рушди забонро аз таҳаввулоти ичтимоӣ ҷудо намекард. Эшон моҳияти ҳассоси давру замон ва вазъи иҷтимоию сиёсиро хуб дарк карда, дар пайи ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳифзи асолат ва такмили забони адабии тоҷик кору пайкори созанда намудаанд.

С. Айнӣ дар осори забоншиносии худ доираи васеи масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷикро матраҳ намудаанд, ки то андозае ба рушди забон дар давраи нав мусоидат намуда, баҳри ҳифзи асолати он низ хизмат карда, ба рушди забони адабӣ мусоидат намудаанд.

Устод Айнӣ муҳимтарин омили рушди забони тоҷикиро дар шароити нави иҷтимоӣ дар идомаи қоидаҳои дастурии забони адабиёти классикӣ медонист. «Модом ки классикони бузург, навишта буд Устод,- аз они мо буданд, мо бояд дар забони адабии имрӯзаи худ ҳам меросхӯрони ҳақиқии он классикҳо будани худро исбот кунем» [6, с.77].

Дар хусуси Луғати русӣ – тоҷикӣ сухан ронда, эшон қайд кардаанд: «мазраа», сарфу наҳв», матбах», ҳарчанд ин гуна калимаҳо дар забони ҳозираи адабӣ кам кор фармуда шаванд, дар адабиёти классикӣ бисёр вомехӯранд, ба хонандагони адабиёти классикӣ ва тарҷумакунандагони онҳо ёрӣ додан ҳам ба вазифаи луғат медарояд» [6, с.97].

Дар асарҳое, ки С. Айнӣ ба Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Навоӣ, Восифӣ, Бедил ва дигар намояндагони адабиёти классикӣ бахшидааст, масъалаи забони осори онҳо ва муносибати он бо забони имрӯзаи тоҷикӣ матраҳ шудааст. Дар забони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ калимаҳое кор фармуда шудаанд, ки дар забони оммаи тоҷик зиндаанд, вале дар забони адабии Эрон кор намефармоянд [7, с.153].

Устод С. Айнӣ забони адабии имрӯзаи тоҷикро идомаи забони адабиёти классикӣ дониста, эзоҳ медиҳанд, ки вазъи нави иҷтимоӣ барои омӯзиши илмии забони модарӣ шароити мусоидро фароҳам овард. Ба ақидаи С. Айнӣ дар даврони гузашта забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор нагирифта буд. Ба қавли эшон «муаллифони гузаштаи сарфу наҳв дар ҳуҷраи торик нишаста на забони адабиёти классикиро, на забони халқро ҳеч тафтиш ва тадқиқ накарда, он қоидаи нестандарҷаҳонро вазъ кардаанд….» [1, с.49].

Садриддин Айнӣ таъсиси Тоҷикистонро ба сифати ҷумҳурӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун омили муҳимми рушди забони адабии миллии халқи тоҷик ба ҳисоб мегиранд: «Забони адабии тоҷик ҳарчанд таърихи ҳазорсола ва грамматикаи мустаҳкам дошта бошад ҳам, то Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр дар ин мавзӯъ асари дурусте ба майдон наомада буд. Чунки дар мактаб ва мадрасаҳои куҳнаи мо забони модарӣ ба сифати як дарс омӯхта намешуд. Баъд аз револютсияи мазкур чунонки халқи тоҷик соҳиби ҳар гуна ҳуқуқ шуда, мисли як миллати сотсиалистӣ ташкил ёфта, ба давлати советии худ доро гардид, забони ӯ ҳам ҳуқуқи омӯзишро пайдо кард» [1, с.50].

Забони адабии тоҷик дар давраи Шӯравӣ роҳи ноҳамвори инкишофро тай намуда, ба гуфти устод «бисёр моҷароҳо ва мунозираҳоро аз сар гузаронид». Дар идомаи сухан метавон чунин гуфтаҳои С. Айниро овард, ки дархӯри баҳсҳои имрӯза низ мебошанд: «Ман дар ин ҷо тафсилоти он мунозираҳо ва моҷароҳоро нақл накарда, ҳамин қадарро гуфтан мехоҳам, ки забони адабии оммафаҳми тоҷик дар байни задухӯрдҳо роҳи худро гум накарда, инкишоф ёфтан гирифт, аммо ҳеҷ гоҳ аз ҳуҷумҳои «чап» ва «рост» тамоман халос нашуд» [1, с. 51].

Самти муҳимми такмили забони адабӣ истифодаи бошуурона ва огоҳона аз дурдонаҳои забони халқ ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур дар назариёти забоншиносиии устод Айнӣ масъалаи марказӣ махсуб меёбад. Эшон дар мактубу мақолаҳои ба ин мавзӯъ бахшида ҳамвора таъкид мекунанд, ки аз забони минтақаҳои гуногун калимаҳои «классикона»-ро пайдо намуда, забони адабиро такмил диҳем. Дар яке аз мактубҳояшон Устод ба Лоҳутӣ менависанд: «Достони «Вахш»-и маро ба рафиқе барои таҳрири сиёсӣ додаанд. Вай дар қатори эътирозҳои сиёсии беасосаш эътирозҳои забонӣ ҳам кардааст ва ба ин далел овардааст, ки «автор» дар 72 саҳифа 124 эзоҳ додааст. Ва ҳол он, ки он эзоҳҳои ман бештарин дар бораи «нешбанд», «навбур», «поёноб», «варғбанд» барин калимаҳо буд, ки онҳоро деҳқонони бесавод медонанд, аммо ҷавонони саводи «сиёсинок» намедонанд (таҳрири забонӣ карда чанд мисраъро вайрон ҳам кардааст)» [6, с.70].

Ҳангоми шарҳу эзоҳи воҳидҳои гуногуни луғавӣ Садриддин Айнӣ тамоми маъноҳо, тобишҳои маъно, мавқеи кор фармудани ин ё он калима, маъниҳои салбӣ ва эҷобии калимаҳоро пурра равшан менамояд. Андешаҳои устод дар ин маврид дар бораи вожаи «даҳанмард» таҳлили амиқи маъноии ин калимаро дар бар гирифтаанд: «Дар асари дигари ман дар «тоҷикгиз» яке аз роҳбарони шуъбаҳо калимаи «даҳанмард»-ро дидааст ва бо мактуб аз ман маъниашро мепурсад. Ва ҳол он ки ин калима ҳам мисли калимаҳои боло дар ҳеҷ луғат набуда танҳо дар даҳони мардум ҳаст, яъне тамоман халқист, пеш аз навиштаҳои ман дар адабиёт нагузаштааст ва маъниаш: даҳанмард – одамест, ки касони дар атрофаш буда ба гапи вай медароянд ва дар вақти лузум аз тарафи онҳо монанди як вакили расмӣ гап задан мегирад. Даҳанмард аз даҳанкалон фарқнок аст, даҳанкалон ҳамеша сифати салбии одамро ифода мекунад, аммо даҳанмард гоҳо дар маънои салбӣ ва гоҳо дар маънои эҷобӣ меояд» [6, с.70].

Забони адабӣ муҳимтарин падидаи фарҳанги миллист. Садриддин Айнӣ дар он давраи пуртазод дар фикри рушду нумуи забони адабӣ буд. Устод на танҳо бо осори адабиашон бунёди забони адабиро дар шароити нави иҷтимоӣ гузошта буданд, балки оид ба масоили назариявии забони адабӣ низ фикрҳои арзишманд баён намудаанд. Забони адабӣ бояд забони оммаро аз паси худ барад. Рушди тадриҷии фарҳанг ва маориф таъсири забони адабиро дар байни омма афзоиш медиҳад. Забони тоҷикӣ ба сифати фанни алоҳида дар мактабҳо танҳо дар замони Шӯравӣ ҷорӣ карда шуд. Ин иқдомро устод муҳимтарин омили рушди забон ва коҳиш додани тафовут миёни забони адабӣ ва гуфтугӯ мешуморад. Нуктаи муҳимми назари эшон дар ин бора ин аст, ки забони адабӣ набояд ба ҳадди «забони кӯча» расад, балки омма бояд забони адабиро фаро гирад. Устод дар ин бора менависад: «Забони адабӣ дар ҳар миллат аз забони оммавӣ – зинда, фарқ дорад…

Фарқи забони адабии тоҷик аз забони гуфтугӯ аз ҳад бисёр аст. Ҳатто онҳое ҳам, ки дар мактаб ва мадрасаҳои куҳна нисбат ба замони худ бомуваффақият хондаанд, дар

байни худ бо ҳамон забони омма гуфтугӯ мекунанд. Аз ин бало шоирон ва нависандагони он замон ҳам бо вуҷуди забони адабиро аз худ карданашон берун намондаанд. Сабаби асосии ин ҳолат дар ин аст, ки ҳеҷ гоҳ дар ҳеҷ асру замон (то Револютсияи Кабири Октябр) забон дар мактаб ва мадрасаҳои тоҷик ба сифати як дарс хонда нашудааст, ҳар кас забони модариро аввал аз модар ва пас аз он аз деҳа ва районҳои худ омӯхта, ба ҳамон омӯхта шуда (одат карда) мондааст ва ҳарчанд шоир ва нависандашудагон дар калонсолӣ аз китоб ва тафтишҳои шахсии зиндагӣ забони адабиашонро нисбат ба забони худ беҳтар ва мукаммалтар карда бошанд ҳам, азбаски онҳо забони адабиро дар калонсолӣ омӯхтаанд, ин забон - забони гуфтугӯи аз бачагӣ одат карда омадаашонро дигар карда натавонистанд» [6, с.79-81].

Рисолати нависанда ва шоирон аз он иборат аст, ки забони адабиро байни омма густариш диҳанд, омма аз нависандагон, шоирон, рӯзноманигорон бояд забонро ёд гиранд. « …… вазифаи нависанда ва шоирон дар хусуси забон ин нест, ки ба забони вайрон аз паси касони забоннодон раванд, балки бояд инҳо дар хусуси забони оммаро аз паси худ кашанд».

Садриддин Айнӣ таъкид кардаанд, ки забони адабӣ бояд ба забони омма таъсир расонад. Оммаро бояд ба забони адабӣ наздик намоем. Аз сӯйи дигар нависандагон бояд аз лаҳҷаҳои маҳалли худ самаранок истифода бурда, забони адабиро ғанӣ гардонанд. Вале ин маънои онро надорад, ки вижагиҳои лаҳҷаи худро умумӣ гардонанд. Дар ин бора чунин нишондоди Устод ҳоло ва дар оянда низ раҳнамунсози эҷодгарони мо хоҳад буд: «…..бояд инро кайд кард, ки маънии роҳбарӣ кардани забони адабӣ ба забони омма ин нест, ки нависанда чизҳои душворфаҳм навишта зимнан аз хонандагон омӯхтани забони худашро талаб кунад, балки маънии ин сухан он аст, ки нависанда ба дараҷае сода ва оммафаҳм нависад, ки ҳар хонанда гуфтаҳои ӯро равшан фаҳмад ва дар айни замон навиштаҳои ӯ мувофиқи қоидаҳои забон буда, дилчасп ва шавқангез бароянд» [6, с.87].

Садриддин Айнӣ амали доираҳои муайяни илмӣ ва сиёсии охири солҳои сиюмро дар мавриди «забонро ба халқ наздик кардан» зери тозиёнаи танқид гирифта, таъкид кардаанд, ки унсурҳои вайрони луғавию наҳвиро аз лаҳчаҳо гирифта, асолати сарфию наҳвии забони адабии тоҷикиро, ки асрҳо шакл гирифта устувор гардидааст, «мехостанд,ки бо грамматикаи қисман нав як «забони нави адабӣ созанд». Маҳз кору пайкор ва саъю талоши устод Айнӣ буд, ки асолати дастурии забони тоҷикӣ дар меҳвари забони адабиёти классикӣ боқӣ монд. Ӯ дар бораи ин хатари забонвайронкунӣ, ки метавонист забони адабии тоҷикро аз забони адабиёти классикӣ тамоман ҷудо мекунад, чунин ҳушдор дода буд: «Ҳарчанд шоирон ва нависандагони забондон ин гуна вайрониҳоро кор нафармоянд ҳам, баъзе ҷавонони камтаҷриба ва баъзе нависандагони маҳалчӣ дар асоси он лоиҳа ҳанӯз ин гуна чизҳоро дар асарҳои адабии худ дароварда ба хонанда тақдим мекунанд» [1, с.52].

Тарҷума ва таъсири он ба рушди забони адабӣ, зарари он ба асолати забон, назарияи тарҷума, «тарҷумазадагӣ» дар мисоли забони адабии тоҷик дар осори илмии донишмандон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар осори забоншиносии устод Айнӣ низ масъалаи мазкур аз мавзӯъҳои марказӣ ба шумор рафтааст. С. Айнӣ вайрон шудани забони адабиро дар тарҷумаҳо зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Эшон ҳушдор додаанд, ки пеши роҳи забонвайронкуниҳо гирифта шавад. Тарҷумаҳои вайрон бештар дар матбуот пайдо шуда умумӣ мегарданд. Устод таъкид кардаанд, ки матбуот ба хонандагон забони адабиро меомӯзад ва «забони вайрони адабӣ»-ро дар байни омма умумӣ мегардонад. Дар ин бора таваҷҷуҳ фармоед ба суханони С. Айнӣ, ки дар мактубашон ба сармуҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» аз 21.IV. соли 1941 изҳор намудаанд: «Ман пештар қариб дар маъюсӣ ва ноумедӣ афтода будам ва дар дили худ мегуфтам: «Бо ин гуна тарҷума ва таҳрирҳо на танҳо забони тарҷумаҳо, балки забони нависандагони ҷавон ва хонандагон ҳам вайрон хоҳад шуд». Ман дар ин гуна ба навмедӣ афтодани худ ҳақ доштам. Чунки нависандагони ҷавон ва хонандагон забони адабиро аз матбуот меомӯзанд. Азбаски бештарини чизҳо чопӣ аст, нависандагони ҷавон ва хонандагон аз матбуот забон- вайронкуниро меомӯхтанд».

Устод С. Айнӣ дар идомаи суханашон дар мактуби мазкур мисолеро меоваранд, ки дар шароити имрӯзаи рушди забони адабии тоҷикӣ низ арзишманд хоҳад буд: «Дар наздикӣ ба як нависандае, ки 10-11 сол «стаж» дорад, дар ин бора гап задам. Ӯ дар асарҳои «оргиналии» худ ҷумлаҳои вайрон ва луғатҳои ночаспонро оварда буд. Ман аз ӯ пурсидам: «Ту ин ҷумлаҳои вайрон ва луғати бемаъниро аз кӣ омӯхтӣ» Ва ҳол он ки модарат, модаркалонат ва модарарӯсат ба ин забон гап намезананд-ку» Ӯ ҷавоб дод: «Ман мисли ин ҷумларо ва ин гуна луғатро дар ин навъ мавридҳо дар тарҷумаҳо ва дар матбуот бисёр дидаам ва хондаам» [6, с.72].

Устод забонвайронкунандагонро ба зоғе монанд кардааст, ки «ба равиши кабки хушрафтор тақлид карда, қадампартоии табиии худро гум карда буд» [6, с.73].

Садриддин Айнӣ тарҷумононро ба омӯзиши забони адабиёти классикӣ даъват мекунад, зеро барои худдорӣ намудан аз истифодаи вожаву таркибҳои сунъӣ ба забони классикон муроҷиат намоянд. Таваҷҷуҳ фармоед ба чунин суханони устод дар рисолаи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ»: «Баъзеи онҳоро «суханони кӯчагӣ» гӯён ҳатто баъзе тарҷумонон ва адибтарошони тоҷик ҳам кор намефармоянд. Аммо Фирдавсӣ кор фармудааст ва тоҷикон ҳам бо вай гап мезананд» [2, с.44].

Ҳамин тариқ, осори забоншиносии устод Садриддин Айнӣ масъалаҳои муҳимми амалӣ ва назариявии забоншиносии тоҷикро дар бар гирифтааст. Омӯзиши амиқи андешаҳои забоншиносии устод барои рушду инкишофи ояндаи забони тоҷикӣ чун забони давлатии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон аҳамияти илмию амалӣ дошта, дар амал татбиқ намудани нишондодҳои С. Айнӣ ба ҳифзи асолат ва таҳкими иқтидори забони адабии меъёрии тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдат – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати давлатиро дар самти забон муайян намуда таъкид кардаанд: «Мехоҳам таъкид кунам, ки мо дар сиёсати забон қабл аз ҳама, дар мавриди забони тоҷикии меъёрӣ аз мерос ва андешаҳои устод Садриддин Айнӣ истифода мекунем».

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик // Забоншиносӣ. - 2010. - №1. – 200 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 11. К.2. – Душанбе: Ирфон, 1964. - 340 с.
3. Забони тоҷикӣ бар мабнои мубоҳисаҳо. - Душанбе, 2010. - 485 с.
4. Забони форсии Фарорудӣ (тоҷикӣ); пажӯҳиши доктор Алии Равоқӣ. – Теҳрон, 1383. - 570 с.
5. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1959. - 195 с.
6. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист. - Душанбе: Адиб, 2003. - 75 с.
7. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Равшангари бузург. - Душанбе: Адиб, 2006. - 338 с.
8. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Хуросон аст ин ҷо. - Душанбе: Дониш, 2009. - 290 с.
9. Отахонова Х. Чанд масъалаи забон дар мактубҳои устод Айнӣ / Х. Отахонова // Ҷашнномаи Айнӣ. - Душанбе: Дониш, 2002. - С. 75-83.
10. 10.Рустамов Ш. Забон ва замон / Ш. Рустамов. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 248 с.
11. Ҳалимов С. Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик / С.Ҳалимов. - Душанбе, 1971. - 125 с.
12. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М. Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1985. - 273 с.

САДРИДДИН АЙНӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИИ РУШДИ ЗАБОНИ АДАБӢ

Мақола ба таҳлили назариёти С.Айнӣ оид ба омилҳои иҷтимоии рушди забони адабии тоҷик бахшида шудааст. Дар осори забоншиносии устод Айнӣ масоили иҷтимоии забони тоҷикӣ аз масъалаҳои меҳварӣ ба шумор меравад. Масъалаҳои забони тоҷикӣ аз ҷониби устод дар ду самти асосӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Дар баробари ба назар гирифтани қонуниятҳои рушди дохилии забон омилҳои берунии таҳаввули забон низ мавриди таваҷҷуҳи устод қарор гирифтаанд. Омилҳои берунии таҳаввули забон ба тағйирпазирии қонуниятҳои дохилии унсурҳои луғавӣ ва дастурии он низ таъсир расонида метавонанд. Ин ду омил таҳрикдиҳандаи рушди забон мебошанд, ки ҳар кадоме қонуниятҳои ба худ хосро доранд. Агар ба масоили иҷтимоии забони тоҷикӣ назар андозем, мебинем, ки дар таҳаввул ва рушди он нақши ин авомил асари густурдае доштааст.

Калидвожаҳо: лексика, Айнӣ, инкишофи забон, масъалаҳои иҷтимоии забон, забони адабӣ.

САДРИДДИН АЙНИ И СОЦИОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА

Статья посвящена анализу лингвистических взглядов С.Айни относительно социолингвистических вопросов развития таджикского литературного языка. В языковедческих работах социолингвистика таджикского языка, в частности влияние социально – культурных факторов развития литературного языка занимает центральное место. С. Айни, рассматривая историю развития таджикского литературного языка, с одной стороны, учитывает внутренние законы развития языка, с другой стороны, анализирует внешние факторы в его развитии и эволюции. Внешние факторы могут влиять на изменение и перестройку внуренних закономерностей лексических и грамматических категорий языка. Внутренние и внешние факторы способствуют различным изменениям и развитию литературного языка. Внутренние и внешние факторы сыграли заметную роль в развитии и функционировании таджикского литературного языка. Этот вопрос нашёл своё отражение в лингвистических работах С. Айни.

Ключевые слова: лексика, Айни, развитие языка, социолингвистические вопросы, литературный язык.

SADRIDDIN AINI AND SOCIOLINGUISTIC ISSUES OF LITERARY LANGUAGE DEVELOPMENT

The article is devoted to the analysis of linguistic views of S. Aini about the sociolinguistic issues of the development of the Tajik literary language. In linguistic studies, the sociolinguistics of the Tajik language, in particular the influence of socio-cultural factors in the development of the literary language, is central. S. Aini, considering the history of the development of the Tajik literary language, on the one hand, takes into account the internal laws of language development, on the other hand, analyzes external factors in its development and evolution. External factors can influence the change and restructuring of the internal laws of lexical and grammatical categories of language. Internal and external factors contribute to various changes and development of the literary language. Internal and external factors played a significant role in the development and functioning of the Tajik literary language. This question was reflected in the linguistic works of S. Aini.

Key words: vocabulary, Ayni, language development, sociolinguistic questions, literary language.

Сведения об авторе: ***Офаридаев Назри*** - Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева, доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка. **Адрес:** 736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, пр. Шириншо Шотемура. E-mail: **ofarida_n@mail.ru**. Телефон: **(+992) 93-931-40-32**

Information about the author: ***Ofaridev Nasri*** - Khorog state University after M. Nazarshoev, doctor of philological Sciences, Professor of Tajik Language Department. **Address:** 736000, Republic of Tajikistan, Khorog city, Shirinsho Shotemur Avenue. E-mail: **ofarida_n@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-931-40-32**

УДК: 491.550

ХУСУСИЯТИ МАЪНОИ ГРАММАТИКИИ ФЕЪЛ

Гулназарова Ж.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки хусусиятҳои грамматикии феъли забони тоҷикӣ дар забоншиносии ватанӣ мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифтааст ва дар ин росто категорияҳои грамматикии ин ҳиссаи нутқ хеле хуб матраҳ гардидааст, ки барои дарёфти нозукиҳою махсусияти категорияҳои грамматикии феъл коргар мебошанд. Дар силсилаи асарҳою мақолаҳои марбут ба феъл дар як давраи муайян, дар осор ё асари алоҳида ва дар забони адабии муосир замон, сиға, тарз, намуд, шахс, шумора ва амсоли инҳо таҳқиқ шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар байни ҳиссаҳои нутқ феъл ҳам аз ҷиҳати маънои луғавӣ, ҳам маънои грамматикӣ ва ҳам сохтор мураккабу таҳлилталаб аст. Аз ин ҷост, ки солҳои охир таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқонро боз бештар ҷалб намудааст. Барои тақвияти фикр «Феъл»-и Саиди Ҳалимиён, «Феъл дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ»-и Р. Шодиев ва асари муҳаққиқи ҷавон Б.Раҳмонов «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл» (дар асоси маводи «Таърихи Табарӣ»)-ро метавон зикр кард.

Муҳаққиқони номбурда вобаста ба самту мақсади таҳқиқ вижагиҳои ин ҳиссаи нутқи бунёдии забонро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Боиси тазаккур аст, ки агар дар тадқиқоти пешин бештар таваҷҷуҳ ба хусусияти грамматикии феъл зоҳир шуда бошад (сарфи назар аз таҳлили М.Давлатова, Б. Алиев ва Р. Усмонов), дар ин тадқиқот маънои луғавӣ, маънои грамматикӣ ва сохтор, таъсири мутақобилаи онҳо ба низоми феъли забони тоҷикӣ тавъам ба якдигар нишон дода шудааст. Ва ҳаминро ҳам метавон гуфт, ки бо сабаби он ки хусусият дар заминаи феъл нишон дода шудааст, бештар аз диди назари унсури грамматикӣ масъала матраҳ гардидааст [1, 2, 7, 8, 9, 13]. Зеро ҳангоми баррасӣ асоси феъл, замони феъл, сиға, тарзу намуд ва шакли он дар бунёду пайдоиши маънои грамматикӣ мавқеи муҳим доранд. Чунончи: «Аз сабаби он ки калимаҳои мансуб ба феъл ҳангоми ифода намудани маъно дар замони гузашта як шакл доранд ва ҳангоми ифода намудани он маъно дар замони ҳозира-оянда шакли дигаре доранд ва боқимонда маъноҳои грамматикии феълие, ки дар забон мавҷуданду шакли муайян доранд, дар заминаи асоси замони гузашта ва асоси замони ҳозираи феълҳо сохта мешаванд» [7, с.108].

Дар баробари маънои луғавӣ категорияҳои грамматикӣ сабаби пайдоиши маъноҳои грамматикӣ мегарданд ва бояд гуфт, ки «ҳамаи категорияҳои грамматикии феъл дар забон як хел мавқеъ надоранд. Дар байни онҳо аз ҳама бештар категорияҳои шахсу шумора, замону сиға тараққӣ кардааст ва онҳо ба маънои луғавии феъл вобастагӣ надоранд» [8, с.14].

Объектҳои гуногун бояд ҳамагӣ мавқеи муайянро дар доираи грамматикият ёбанд (ва на он қадар принсипиалӣ муҳим аст, ки онҳо аз нуқтаи марказии доира дар кадом масофа ҷойгир мешаванд), аммо ин ҳолат тамоман бо ҳолате ки масалан, байни калимасозӣ ва калиматағйирёбӣ қатъӣ ё аз рӯйи қоида ҳадду ҳудуд гузоранд, як нест [5, с.22].

Қисмат кардани маъноҳои грамматикӣ ба ду қабати нобаробар – дохилӣ ва берунӣ метавонад яке аз роҳҳои имконпазири ҳалли ин масъала шавад.

Ба таври умумитар ҳад байни қабати берунии грамматика ва лексикаро муқобилгузории воҳидҳои забонии мустақилу ёрирасон, ки бо чанд аломат аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ташкил медиҳад.

Л. Талми дар тадқиқоти типологӣ ин мавридро новобаста аз оне ки унсури мавриди таҳлил ба грамматика ё лексика мансуб аст, аз рӯйи он муайян мекунад, ки он ба гурӯҳи кушода ё пӯшида дохил аст ё на. Ба навъи дуюм (зерсистемаи грамматикиро ташкилдиҳанда) флексия, унсурҳои калимасоз, артикл, пешоянд, ҳиссача, пайвандак, сохтори наҳвӣ, тартиби калима, контурҳои интонатсиониро мансуб медонад. Принсипи ягона дар асоси тафриқаи «монемаҳои грамматикӣ» (морфемаҳо) ва «монемаҳои луғавӣ» (лексемаҳо) меистад. А. Мартине мегӯяд, ки лексемаҳо ба инвентарияи бемаҳдуд

вориданд. Монемаҳои грамматикӣ дар ин ё он мавқеъ ҷой гирифта, мутаносибан бо як миқдори ками дигар монемаҳои андар ҳам меоянд [5, с.22-23].

Хусусияти дигари воҳидҳои грамматикӣ кам доштани мутаносибан мураккабияту зиёд будани мавҳумият дар муқоиса бо воҳидҳои луғавӣ мебошад. Масалан, ҷузъи маъноии амал дар феълҳои *омадан* ва *даромадан* дар маънои луғавии ҳаракат (бо илова шудани пешванди феълсози дар-). Он мушаххасият ва муҳити васеи маъноиеро, ки феъли "омадан" дар маънои ҳаракат дорад,:

Шабе ***омад****, замин бӯсид пешаш,*
Ба ёд овард хидматҳои хешаш [11, с.170]

феъли "даромадан" надорад:

Даромад *ногаҳаш аз дар ҷавоне,*
Чӣ мегӯям, ҷавоне не, ки ҷоне [11, с.163].

Яъне, ҳангоми истифодаи феъли «омадан» хонанда ё шунаванда сараввал маънои ҳаракатро бидуни дигар воҳидҳо дарк мекунад, аммо дар феъли «даромадан» маънои дохил ба ҳаракат илова мешавад. Ин ҳолат ба маънои калимаҳои ёрирасон ҳам дахл дорад. Табдилёбии феълҳои мустақил ба ёвар ба бештар шудани раванди умумишавии маънои луғавӣ далолат мекунад, ки ин ба пешравӣ дар маҳви маънои луғавӣ ва дар афзоиши маънои грамматикӣ баробар аст.

Мавриди зикр аст, ки Э. Сепир ифодашавии маъноҳоро дар забон ба асосӣ, дериватсионӣ ва нисбӣ (релятивӣ) ҷудо карда, дар байни вижагиҳое, ки ҳамчун замина барои ҷудо кардани маънои грамматикию луғавӣ маҳсуб меёбанд, дар ҷойи аввал дараҷаи афзоиши абстрактивияти онҳоро мегузорад [5, с.23].

Барои воҳидҳои грамматикӣ мутаносибан такрорёбӣ ё такроршавӣ дар муҳитҳои гуногун хос аст. Ин хусусият дар асоси тафриқаи унсурҳои асосӣ ва ёрирасон меистад. Такроршавии ҳатмӣ тафриқаи принсипиалӣ байни морфемаҳои асосӣ ва ёрирасон мебошад. Такрорёбӣ дар унсурҳои ифодаи шаклҳои замонии феъл низ дида мешавад.

Қабати берунии грамматика тақрибан ба ҳамаи забонҳо хос аст.

Хусусияти мансуби қабати дохилии грамматикаро метавон барои мулоҳиза ҳамчун тақвияти фарқияти воҳидҳои грамматикӣ аз луғавии зикршуда, инъикоскунандаи дараҷаи афзоиши талафоти мустақилияти онҳо тасаввур кард. Дар ин маврид воҳиди грамматикӣ ба категорияи морфологӣ дохил мешавад ва ба граммема табдил меёбад. Дар навбати худ маънои хосси воҳиди грамматикӣ суст мешавад ва илова шудани он маънои луғавии калимаро тағйир намедиҳад.

Пайдоиши заъфшавии маъноии хосси воҳидҳои грамматикиро метавон дар истифодабарӣ дар ифодаи алоқаҳои наҳвӣ низ маҳсуб донист. Чунончи: «Маъноҳои аввалаи шаклҳои феълҳои шахсдор, ки дар гуфтугӯ (дар муколамаи ду кас ё гуфтори як кас) аён мешавад, дар ҷумлаҳои дигар маънои дигар ҳам пайдо мекунанд. Масалан, шакли шахси дуюми феъл барои ифодаи маънои шахси умумӣ ба кор бурда мешавад, яъне маънои амали ҳама гуна шахсро далолат мекунад, яъне ҳам шахси гӯянда ва ҳам шахсҳои дигарро дар бар мегирад» [8, с.8]:

Барои дӯстон ҷонро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун [11, с. 30].

Ё

Макун ваъда, агар кардӣ, вафо кун,
Тариқи бевафоиро раҳо кун [11, с. 30].

Афзоиши абстрактивияти маънои воҳидҳои грамматикӣ одатан боиси васеъшавӣ ва зиёдшавии талабот ба он мегардад, ки дар натиҷа дар мавриду шароити муайян истеъмоли ин ё он воҳид аз қабати дохилӣ метавонад ҳатмӣ гардад.

Вобаста ба ин масъала Ю.С. Маслов меорад: «Если в языке какое-то семантическое различие оформилось в грамматическую категорию, язык в сфере действия этой категории уже не может оставлять данное различие невыраженным. Мы обязаны пользоваться грамматической категорией во всех случаях при употреблении «подвластных» ей слов, т., е. мы должны выбирать одну из граммем этой категории каждый раз – даже там, где для смысла высказывания различие между соответствующими значениями не существенно» [5, с.28].

Новобаста аз талаботи мухобиротии гӯянда ин ва дигар маъноҳо барои ифода ҳатмӣ мегарданд, зеро дар натиҷаи грамматикализатсия имконияти мухтасарбаёнӣ ва фаврият дар раванди тавлид ва қабули ифода ба вуҷуд меояд. Аммо, ҳарчанд ки ифода ва фаҳмиши фикр тавассути шаклҳои грамматикӣ сурат мегирад, диққати шунавандаю гӯянда ба мундариҷаи нутқ равона шудааст.

Ақидаи мавҷуд будани алоқа байни ҳатмияти ифодаи маъно ва мансуб будани он ба маънои грамматикӣ аз тарафи олимон ба зудӣ пазируфта шуд.

Вобаста ба ин масъала андешаҳои мухталиф ба миён омаданд. Т. В. Булыгина аввал меорад: «Свойство обязательности грамматического значения представляется наиболее

универсальным (не зависящим от типа языка) критерием определения области, относящейся к грамматике в собственном смысле» [5, с.29]. Баъдтар ақидаашро оид ба ин масъала дигар мекунад: «Многочисленные обсуждения оснований разграничения между грамматическими и лексическими значениями проводят к заключению об отсутствии четких границ между этими типами языковых значений, о градуальном характере соответствующего противопоставления. Представляется невозможным (а может быть, и не необходимым) выделить такой признак или такой комплекс признаков, который бы во всех случаях недвусмысленно относил то или иное значение к одному или другому классу» [5, с.29]. Айни замон В.А. Плунгян бо тарзи дигар зикр кардааст: «Определение словоизменительных значений должно опираться на понятие обязательности (хотя и с некоторыми уточнениями); при этом следует отдавать себе отчет в существовании обширной переходной зоны, которую адекватная теория обязательно должна учитывать. Никакие другие признаки словоизменительных значений не удаётся считать универсальным» [5, с. 350].

Ҳамин тариқ, принсипи ҳатмият дар унсурҳои грамматикӣ мавқеи худро дорад. Вобаста ба муҳити истеъмол он метавонад категориявӣ ва семантикӣ шавад. Дар мисоли феъл дар категорияи тарзу намуд агар феълҳо яке аз ҷуфтро надошта бошанд, муҳити ҳатмияти он маъноӣ мегардад.

Маънои грамматикӣ марзҳои маъноии худро дорад. Дар феъл марзҳои функционалӣ-маъноии аспектологӣ, марҳилавӣ, модалият ва сиға мавҷуд аст, зеро «аломатҳои умумӣ ва монандии морфологии феъл ҳамоно шахсу шумора, замону сиғаи онҳо мебошад» [8, с.6].

Марзи функционалӣ-маъноии аввал аз ҷиҳати истифодаи истилоҳ нисбатан ҷавон аст. Дар забоншиносии Ғарб истилоҳи «аспект» солҳои сиюми асри XIX аз забони фаронсавӣ ҳамчун муродифи истилоҳи «намуд» (вид) дар мавриди шакли феъл ба вуҷуд омад. Ин ҳолат то ибтидои асри XX идома ёфт. Олими шведӣ Сигурд Агрелль пешниҳод намуд, ки ин истилоҳ барои ифодаи маҷмӯи намудҳои феълӣ ва самтияти намудӣ истифода гардад. Баъдтар тадқиқотҳои Ю.С. Маслов, З. Вендлер дар мавриди таснифоти маъноии предикатҳо маънои мушаххаси ин истилоҳро дар ифодаи маънои ҳолат, раванд ва воқеа нишон доданд [3, с.5-12.; 6, с.293].

Аспект яке аз категорияҳоест, ки бо семантикаи калимаҳои феълӣ нисбатан алоқаи зич дорад. Мавриди зикр аст, ки чашмрас гардидани ҳар вазъият беихтиёр не, балки аз сохтори дохилии он вобаста аст. Агар вазъият табиатан давомдор набошад, онро давомдор тасаввур карда намешавад ва агар вазъият аз рӯйи табиати худ натиҷа надошта бошад, дар он марҳилаи натиҷавиро наметавон дарёфт. Бояд зикр кард, ки муқобилгузории аспектуалӣ дар таснифоти лексикаи феълӣ низ саҳмгузоранд, зеро ҳатто ба як гурӯҳи луғавӣ як тарафи ҷуфти муқобилгузошташуда ба дигар гурӯҳ дигараш метавонад дохил гардад. Ин вазъият боиси дучор гардидан ба бархӯрди «фардият»-и луғат ва «умумият»-и грамматика, ҳатмияти муқобилгузории грамматикӣ (дар маънои калимасозӣ) ва ба дучанду пурзӯр гардидани ин бархӯрд оварда мерасонад. Дар марзи аспектологии феъл вазъияти гуногун дида мешавад, ки дар таснифоти граммемаҳои аспектологӣ баҳсро ба миён меорад. Ин тақсимбандӣ хеле муҳим аст, ҳарчанд ки на дар ҳар забони табиӣ таққос ва мутобиқати ин ду навъ дида мешавад, аммо дар тадқиқоти типологӣ ин усул анъанавист ва ба ин намунаи барҷастатарин доир ба забони тоҷикӣ тадқиқоти П. Ҷамшедов «Семантика видов в русском, таджикском и английском языках» шуда метавонад. Ҳангоми баррасии аспективият аз диди типологӣ П. Ҷамшедов маъноҳои аспектологии феъли забони тоҷикиро ба чаҳор гурӯҳ ҷудо мекунад: маъноҳои миқдорӣ-сифатӣ, дистрибутивӣ, марҳилавӣ (фазисные), натиҷавӣ ва ҳар яке аз онҳо боз ба зергурӯҳҳои дигар ҷудо мешаванд [3, с.36-145].

В. А. Плунгян Дар маҷмӯъ се навъи маънои аспектологӣ: миқдорӣ, мунтазам ва марҳилавиро ҷудо мекунад [6, с.293-308].

Ю. П. Князев дар «Грамматическая семантика» ба таври хеле муфассал ва бо диди нави илмӣ аввал маънои грамматикиро дар муқоиса бо маънои луғавӣ, принсипҳои тасвири маънои грамматикӣ, дараҷаҳои муқоиса, маънои феълҳои рабтию нафсӣ, категорияи маъноии намуд ва замон, мавқеи сифати феълиро дар семантикаи грамматикӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад [5].

Барои равшанӣ андохтан ба мавзӯи баҳс ба таърихи афкори забоншиносии тоҷик рӯ меорем. Ин ҳолат на танҳо дар ҳалли мавзӯъ созгор ва коргар меояд, балки бори дигар собит месозад, ки омӯзиши маънои грамматикии феъл ва хусусияти он дар забоншиносии тоҷик, чӣ тавре ки забоншиноси варзида Д. Хоҷаев, муҳаққиқон Н. Қурбонов, О. Додаров ва дигарон дар тадқиқоти хеш зикр кардаанд, собиқа дорад [4, с.3-30].

Шамс Қайси Розӣ дар мавриди шаклҳои замонӣ бештар ба шакли замони гузаштаи наздик (мозӣ) ва ду шакли замони ҳозира «ояд» ва «меояд» таваҷҷуҳ мекунад ва доир ба феъл назари хешро гуфтааст: «Дар алфози масдар се сиға аст, ки дар он «нун»-и масдар биафтад, яке сиғаи қасд, чунон ки **хоҳад омадан** ва яке сиғаи лузум, чунон ки **мебояд**

омадан, яке сиғаи ҷавоз (иҷозат) ва имкон, чунон ки **мешояд омадан** ва **метавон омадан**». Яъне барои ифодаи маънои қасд, нияту маром феъли **хостан**, барои маънои лозиму зарур феъли **боистан** ва барои сазовору муносиб ва имкону иҷозат феълҳои **тавонистан ва шоистан** истифода мешаванд ва ҳазфи нун низ дида мешавад [10, с.145-147]. Ин ҳолат барои ифодаи маънои грамматикии сиғаю модалият хеле созгор аст.

Забоншиноси рус А.В. Плунгян қайд мекунад, ки сиға грамматикализатсияи модалият аст [6, с.308-321].

Шамс Қайси Розӣ дар ифодаи фармоиш вазифаи пешванди би-ро таъкид медорад ва мегӯяд, ки бе ин пешванд «авомир саҳеҳ нест, илло ки чизе дигар ба аввали он дароранд, чунон ки **бубин**, **бидон** ва **бишунав**» ва шаклҳои феъли фармоишро бо пешванди ме- ва шакли инкории онро низ зикр кардааст. Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ асосан феъли фармоиш ифодаи сиғаи амр аст.

Дар «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон дар асри XVII низ ин ҳолат таъкид шудааст: «Ва аломати амри ҳозир «бо»-и абҷад аст, ки ба аввали калима дароваранд… ва найҳ «мим»» [10, с.148-150].

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ шакли феълии аз замони ҳозира бо илова шудани бандакҳои хабарӣ тасрифшударо сиғаи музореъ гуфта, бо овардани намуна барои тақвияти фикр қайд мекунад, ки ҳам барои ифодаи замони ҳозира ва ҳам замони оянда муштарак аст [4, с. 152].

Дар мавриди такрори калимаҳои ёрирасон ва омонимҳои грамматикӣ Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» чунин мисолро овардааст:

На ёрӣ мудомам маёвар ба ман,
Наёрӣ мудомам май овар ба ман.

Маҳмуди Омулӣ «Дар нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ул-уюн» дар радифи баҳси дигари забоншиносӣ доир ба замони гузаштаи феъл, сиғаи амр ва шакли инкории феъл сухан меронад. Аз ҷумла: «Сиғаи амр сиғаест, ки бад-ӯ талаби феъл кунанд ва он амри мухотаб бошад, ё амри ғойиб, амри мухотаб феъли музореъ аст» ва ҳамаи шаклҳои феълиро «сиға» гуфтааст. Ҷойи дигар меорад: «далолати масдар бар нафси ҳадс аст ва бас ва далолати феъл бар ҳадасе муқтарин ба замон аст» [10, с.185-187].

Аз таҳлили гуфтаҳои муҳаққиқону донишмандон метавон қазоват кард, ки ҳамин баррасии аспективият дар феъл, ифодаи маъноҳои хосси грамматикии феъл тавассути воситаҳои грамматикӣ, сахт иртибот доштан ва вобаста будани маънои грамматикӣ ба категорияҳо ё қабатҳои грамматикии феъл дар мавриди феъли забони тоҷикӣ собиқадор аст. Танҳо дар гуфтаҳои донишмандони тоҷик тарзи баёни андеша ва ифодаи матлаб тавассути истилоҳот (масалан, ифода шудани шаклҳои феълӣ ва модалият бо истилоҳи сиға) фарқият дида мешавад. Маълум мегардад, ки хусусияти грамматикии феъли забони тоҷикӣ ба ин асос шуда метавонад, зеро «дар забони тоҷикӣ як феъл дар се замони сиғаи хабарӣ 66 шакли грамматикӣ дорад ва метавонад то 6 маънои грамматикиро ифода кунад» [8, с.6].

Дар забони тоҷикӣ феълҳо вобаста ба шахсу шумора, замон, сиға, тарз ба намуд ва феълҳои гузаранда тағйир меёбанд, ки дар натиҷа маъноҳои гуногуни грамммматикиро ифода мекунанд. Яъне аз рӯйи таъсири иҷрои амал феълҳо монда ва гузаранда мешаванд. Агар қабатҳо воситаи ифода дошта бошанд, маъноҳои бештари грамматикиро ифода мекунанд. Категорияи тарз (фоил ва мафъул) ба маънои луғавии феълҳо вобаста аст. Алоқамандӣ, таносуб ва бархӯрд дар категорияҳо дида мешавад. Масалан, феълҳои монда тарзи мафъул надоранд, аммо феълҳои гузаранда тарзи фоил ва мафъул доранд. Маънои грамматикии муносибати амал нисбат ба субъект дар шумораи танҳо ва ҷамъ тавассути категорияи шахсу шумора ифода мегардад. Ифодаи замони ҷараёни амалу ҳаракату ҳолату муносибат ва воқеъ гардидани он низ маънои грамматикист, агар тавассути воситаҳои грамматикӣ ифода шавад. Воситаҳои грамматикӣ маънои умумии замонро ифода мекунанд. Дар маънои грамматикии замон марҳила ё лаҳзаи нутқ, вақти баён нуқтае мебошад, ки аз он ҳисоби замони амалу ҳаракат сар мешавад ва ба он такя намуда, мазмуни мушаххаси ҳар як замон муайян карда мешавад. Ҳамаи шаклҳои шахсдори феъл аз рӯйи замону сиға тағйир меёбанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев Б.Т. Глагольная лексика в «Гаршаспноме» Асадии Туси: АКН / Б.Т. Алиев. – Душанбе, 1999. – 23 с.
2. Давлатова М. Глагольная лексика и глагольное словообразование в «Зайнулахбор» Гардизи: АКН / М. Давлатова . – Душанбе, 1969. – 25 с.
3. Джамшедов П. Семантика видов в таджикском, русском, английском языках: монография / П. Джамшедов. - Душанбе, 1989. – 173 с.
4. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик: хрестоматия / Д.Хоҷаев, Н. Қурбонов, О.Додаров. – Душанбе, 2017. – 320 с.
5. Князев Ю.П. Грамматическая семантика: учебник / Ю.П. Князев. – Москва, 2007. -702с.
6. Плунгян В.А. Общая морфология. Учебник / В.А. Плунгян. - М., 2003. –384 с.

7. Раҳмонов Бахтиёр. Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл. Монография / Бахтиёр Раҳмонов. – Душанбе: Донишварон, 2017. –188с.
8. Саиди Ҳалимиён. Феъл (куниш): дастури таълимӣ / Ҳалимиён Саид. – Душанбе: Дониш, 2013. –126 с.
9. Усмонов Р. А. Лексикаи феъл дар «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ. Монография / Р. А. Усмонов. – Душанбе, 2003.- 195 с.
10. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI. Монография / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 310 с.
11. Ҷомӣ Абдурраҳмон. Осор. Юсуф ва Зулайхо / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе, 1987. Ҷ.4.– 382с.
12. Ҷомӣ Абдурраҳмон. Панду ҳикматҳо / Абдурраҳмони Ҷомӣ; Мураттиб Зоҳир Аҳрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1989.– 232 с.
13. Шодиев Р. Феъл дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (сохтор ва маъно). Монография / Р. Шодиев. – Душанбе: Зиннат, 2012. – 152 с.

ХУСУСИЯТИ МАЪНОИ ГРАММАТИКИИ ФЕЪЛ

Дар ин мақола муаллиф хусусияти маънои грамматикии феълро баррасӣ мекунад. Аз ҷумла, зикр мекунад, ки дар байни ҳиссаҳои нутқ феъл ҳам аз ҷиҳати маънои луғавӣ, ҳам маънои грамматикӣ ва ҳам сохтор мураккабу таҳлилталаб аст. Чун феъл унсури грамматикист, маънои грамматикии феъл хусусияти худро дорост. Барои ифодаи маънои грамматикӣ категорияҳои грамматикии феъл мавқеи муҳим доранд. Ифодаи маънои грамматикӣ нишонаҳои худро дорад. Ҳатмият, такрорёбӣ, сермаъноӣ ва омонимияи грамматикӣ нишонаҳои ифодаи маънои грамматикӣ мебошанд, ки дар ифодаи онҳо категорияҳо саҳмгузоранд. Вобаста ба ин, дар мақола бо такя ба гуфтаҳои муҳаққиқону донишмандони муосири Аврупо ва рус ва муқоисаи онҳо бо гуфтаҳои донишмандони муосир ва классики тоҷик маънои грамматикии феъл матраҳ гардидааст. Маънои грамматикӣ марзҳои маъноии худро дорад. Дар феъл марзҳои функсионалӣ-маъноии аспектологӣ, марҳилавӣ, модалият ва сиға мавҷуд аст. Ин маъноҳо воситаи ифодаи худро доранд. Дар забони тоҷикӣ ифодаи маъноҳои хосси грамматикии феъл тавассути воситаҳои грамматикӣ, сахт иртибот доштан ва вобаста будани маънои грамматикӣ ба категорияҳо ё қабатҳои грамматикии феъл марзҳои функсионалӣ-маъноии ин ҳиссаи нутқро ҷудо мекунанд.

Калидвожаҳо: феъл, хусусият, маънои грамматикӣ, категорияҳои грамматикӣ, сиға, шахсу шумора, такрорёбӣ, ҳатмият, аспективият, марзи функсионалӣ-маъноӣ, модалият, марҳилавӣ.

ОСОБЕННОСТИ ГРАММАТИЧЕСКОГО ЗНАЧЕНИЯ ГЛАГОЛА

В данной статье автор рассматривает особенности грамматического значения глагола. В том числе, автор отмечает, что среди частей речи глагол в словарном и грамматическом значениях, а также структуры является сложной и требует анализа. Так как глагол является грамматическим элементом, грамматическое значение глагола имеет свои особенности. Для выражения грамматического значения грамматические категории глагола имеют важное значение. Выражение грамматического значения имеет свои особенности. Обязательность, повторяемость, многозначность и грамматическая омонимия являются особенностями грамматического значения, в выражении которых категории вносят свой вклад. В связи с этим, в статье с опорой на высказывания зарубежных и русских современных ученых и сравнения их высказываний с высказываниями современных и классических таджикских ученых рассмотрено грамматическое значение глаголов. Грамматическое значение глагола имеет функционально-семантическое поле. В глаголе существуют функционально-семантическое аспектологическое, фазисное значение, модальность и наклонение. Эти значения имеют свои средства выражения. В таджикском языке выражение специфических грамматических значений глагола посредством грамматических средств, сильной связи и зависимости грамматического значения разделяют на категории или грамматические пласты глагола функционально-семантическое поле данной части речи.

Ключевые слова: глагол, особенность, грамматическое значение, грамматические категории, наклонение, лицо, число, модальность, повторяемость, обязательность, аспектуальность, функционально-семантическое поле, фазисный.

PECULIARITIES OF THE GRAMMAL VALUE OF THE VERB

In this article, the author considers the features of the grammatical meaning of the verb. Including, the author notes that among the parts of speech the verb in the dictionary and grammatical meanings, as well as the structure is complex and requires analysis. Since the verb is a grammatical element, the grammatical meaning of the verb has its own characteristics. To express the grammatical meaning of the grammatical categories of the verb are important. The expression of grammatical meaning has its own peculiarities. Obligation, repeatability, polysemy and grammatical homonymy are features of grammatical meaning, in the expression of which categories contribute. In this connection, in the article with reference to the statements of foreign and Russian modern scientists and a comparison of their statements with the statements of modern and classical Tajik scientists, the grammatical meaning of verbs is considered. The grammatical meaning of the verb has a functional-semantic field. In the verb there are functional-semantic aspectological, phasic meaning, modality and inclination. These values have their own means of expression. In the Tajik language, the expression of specific grammatical meanings of the verb by means of grammatical means, strong connection and dependence of grammatical meaning is divided into categories or grammatical layers of the verb, the functional-semantic field of this part of speech.

Key words: verb, feature, grammatical meaning, grammatical categories, mood, face, number, modality, repeatability, obligatory, aspectual, functional-semantic field, phasic.

Сведения об авторе: ***Гулназарова Жило*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 918-68-19-70**

Information about the author: ***Gulnazarova Zhilo*** **–** Tajik national University, candidate of philological Sciences, associate Professor of language history and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-68-19-70**

УДК: 491.550

ВОЖАИ “БАГА” ВА СИФАТУ КАЛИМАҲОИ БО ОН АЛОҚАМАНД ДАР НОМГУЗОРӢ

Аюбова М.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баромади вожаи “**бага**” ба вожаи давраи бостони эронӣ **baga** рафта мерасад. Он дар забони авастоӣ дар шакли **baga** “бахшанда” ба маъноҳои «Худо», «бахшанда», «бахт», «бахти нек», дар ҳузвориши бостонӣ **BG** (**bhaga**) «Худо», «бахшандаи бахти нек»; дар таркиби номҳои форсии бостон Bagapigna, Bagabuxsa, Bagadana, Bagayadi, дар форсии миёна дар шаклҳои bag//beg//bog//bay ба маънои Худо (номи Эзид), худо (ба маънои соҳиб), дар таркиби номҳои bagānām *Gen. ҷамъ*, bagāha *Nom. ҷамъ,* bagāibis *Inst. ҷамъ* ва ғайра вомехӯрад [1; 14, с.20, 23, 53, 163].

Вожаи “бага” на танҳо дар забонҳои гурӯҳи эронӣ, балки дар забонҳои гурӯҳи туркиву муғулӣ, славянӣ ва кавказӣ низ ба таври фаровон истифода мешавад. Дар антропонимияи гурӯҳҳои мазкур, хусусан қирғизу қазоқҳо, озариёну туркманҳо, узбекҳо, чеченҳо, қабардину черкесҳо, қарочиву балқарҳо, қумиқу нуғайҳо, тотору бошқирҳо, тувагиву бурятҳо, қалмықу мариҳо, кавказиён, мардуми эронинажод, хусусан тоҷикон, осетинҳои Россия, язидиёну курдҳои Ироқ номҳои бисёре ҳастанд, ки бо калимаи “баг” дар фазои семантикӣ қарор доранд.

Дар мақолаи мазкур номҳои бо “бага” алоқаманд таҳқиқ шудаанд, ки онҳо аз ҷиҳати баромаду сохтор ва истеъмол мансуби даврaҳои гуногун буда, хосияти номгузории соҳибзабононро нишон медиҳанд. Дар бештари онҳо вожаи“бага” ҷузъи аввал ё охири номҳои сохтаву мураккаби асосан мардонаро ташкил карда, тобишҳои гуногуни маъноиро ифода менамояд.

Ба паҳн шудани он, аввало, ҳолату вазъиятҳои сиёсиву иҷтимоии давр, муҳоҷирати пайдарпаю дуру дарози мардуми оринажод, сипас, ҳукмронии давлати ориётабори Ҳахоманишиёну паҳлавиҳо, ки ҳудуди давлатдориашонро аз Эронзамину Тӯронзамин (Тӯрони Кабир) то Мисипотамӣ (минтақаҳои байни дарёҳои Тигр ва Ефрат), Мисри қадим, Хазар (атрофи баҳри Каспӣ), Юнони Шарқӣ густариш дода, сиёсат, дину фарҳанги ориёиро паҳн кардаанд, сабаб шудааст [2, с.25; 3, с.58; 6, с.15; 7, с.45-323].

Аз рӯйи маъхазҳои таърихӣ сарони ориётабор дар ҳар ҷое, ки ҳукм рондаанд, вожаҳои ифодакунандаи эътиқодмандии диниашон - “хур, митра” (офтоб, рӯшноӣ) ,“бага”-ро ба маъноҳои “Худо”, “соҳиб”, “шоҳ” ба худ унвон кардаанд: Багхорис «Ховархудо» (шоҳи оритабори Мисри қадим); Боярин Скотени ориёсакоӣ, ки аз ҷониби шоҳи эронитабори Юнони Шарқӣ-Митродоти 6 Эвпатор дар яке аз минтақаҳои Юнони Шарқӣ (Қрими ҳозира) волӣ таъйин гардида буд. Аз рӯйи гуфтаи муаллифи “Велесова Книга” Ягайла Ган соҳиби эронӣ (Боярин Скотен) пас аз шикаст додани хазарҳо (соли 675 милодӣ) ба қавми рус иҷозат дода буд, ки дар ҳавзаи Юнони Шарқӣ (Қрими ҳозира) озодона зиндагӣ кунанд. Ягайла Ган Боярин Скотенро аз гузаштагони осҳо (осетинҳо) гуфта, хотиррасон менамояд, ки осҳо сараввал дар Сариосиё, Уяс, Ховас (Ховоси ҳозира), Осрушан (шояд Истаравшани ҳозира бошад-А.М.)-и ҳавзаи Осиёи Миёна зиндагӣ доштаанд [24, с.34-35]; Бус Багтар князи ориётабори рус дар асри IV милодӣ, ки худро аз сулолаи Багтури Суғд медонист; Багпурҳои Хурзод, ки тибқи гуфтаи Абӯрайҳони Берунӣ ба сабаби аз нажоди Сиёвуши ориётабор буданашон ба худ номи Багпурҳо “асилзодаҳо”-ро гирифта буданд, дар асри 8 мелодӣ дар Хоразм ҳокимият ронда, пас аз ба амал омадани дуҳокимиятӣ (Хоразмшоҳон ва Хурзодҳо) ва дар муборизаи байни оилаҳо шикаст хӯрдани Хурзодҳо қисме аз хонадони Багпурҳои Хурзод ба ҳавзаи Ҳазорон (Хазар) мекӯчанд ва риштаи давлатдориро ба даст гирифта, сулолаи хешро бо номи Багпурҳо давом медиҳанд [16, с.15].

Дувум, дар забонҳои гурӯҳи туркиву муғулӣ дар шакли мураккаби тағйирёфта - Баҕатур//Баҕадур//Байатур//Баатар//Баатор номи яке аз худоёни бузурги буддоии халқи муғулро ифода кардани он мебошад, ки ба инсон ҷасурӣ ва қуввату зиндагӣ мебахшад. Дар асрҳои минбаъд вожаҳои “бага”ва “тур”, ки маънои “далер”-ро дорад, бо дигар вожаҳо низ дар як таркиб омада, дар номгузории мардуми одии қавму қабилаҳои гуногуни турку муғул ва бо воситаи онҳо ба номгузории қавму қабилаҳои гуногун, ки бо туркҳо ҳамсояву ҳамҷавор буданд, гузашта, бо тобишҳои гуногуни маъноӣ чун ифодагари мақсад ва орзуву ормонҳо серистеъмол мегардад [2, с.25; 13, с.151-200].

Дар аксари номҳо вожаи “бага” вобаста бо хусусияти овозии соҳибзабонҳо ба тағйироти савтӣ дучор шуда, дар шаклу вариантҳои гуногун истифода шудааст. Чунончи,

дар номи Багатур вожаи «бага» дар шаклу вариантҳои **баг(а), баҕ(а), боғ(а), бег, бек, бик, бай(а), баҳо/бахо, бой, ба, бо, баа, баъ, бий, би, бу, бӯ, маа, пай** ва **вожаи "тур" дар шаклҳои тур(а), тар, тор, тыр, дур, дыр** ва коҳишёфта **(-ду,-ты,-ар,-ыр,-ур)** истифода мешаванд: Бага, Бика//Бике, Багатыр, Багатыр, Богатыр, Багадыр, Богатый, Багдыр, Баҕдыр, Баҕатур, Баҕадур, Баҳодур, Баходур, Бодур/хон, Ботур/хон, Батур, Ботур, Байатар, Байатур, Байтур(а), Бойтур(а), Байдыр, Байыр, Бата, Батыр/-хан,-лай, Баты/-хан,-лай, Байду, Батпай < Батырбай, Баатар, Баатор, Батор, Баътр, Богдыр, Маадыр (дар номи занона) < Багадыр [17, с.45-323].

Дар вожаҳои дигари бо "бага" ташаккулёфта низ ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад: **1. Дар номгузории тоҷикон:** Бегалӣ//Бекалӣ, Бегиҷон, Боймат, Боғзибек, Боғзӣ//Бозғӣ, Азимбег(к), Атобаг(к)//Атобег(к) Азизбой, Дадабой, Бегим, Асалбегим, Бойбек ва ғайра; **2. Номгузории туркӣ-узбекӣ:** Байим//Бойим (<**бай**+турк. **им** "аз они ман") айн."Худои ман", маҷозан "соҳиби ман", Баглар (<баг+турк. -лар "-он") "бузургон", Багларбег//Бегларбег"хони хонон", "шаҳаншоҳ" , "сипаҳсолор"; Бегёруқ (<бег+турк. ёруқ "нур") айнан "нури соҳиб", маҷ. "амир" ,"аз авлоди амир", "амирзода", [6, ҷ.1, с.138, 139], Бактош // Бектош // Биктош // Батош (< бак+турк. тош "санг") айн." беги сангин ", "матини Худо", маҷ. " марди мисли санг матину устувор"; бузурги қавму тоифа; номи подшоҳи Хоразм; **3. Абазинӣ:** Багир, Бекир, Бислан, Хаҷби, Заурби; **4. Адигейӣ:** Бай, Бий, Батир, Батмырзе, Аскербий, Байзет//Баязет (номи мазкур маънои духӯра дорад: 1) Абуязид "падари Язид"; 2) Багзод//Бойзод "асилзода"); **5.Чечену ингушӣ:** Бека, Бектамар, Алибек,Заурбик, Казбек, Айбика; **6. Олтойӣ**: Мардбай, Багбан//Байбан < Багбан // Баҕбан (дар номгузорӣ маънои «Худо ҳомӣ»-ро дорад); **7. Бошқирӣ**: Байсар, Байсура, Баймирза, Баймурат, Байбек, Байар//Баяр//Байир; **8. Қабардину черкесӣ:** Бабек, Алимбек, Асланби, Амырбий; **9. Қарочиву балқарӣ:** Бекмырза; **10. Қумиқӣ:** Батыр, Баммат<Боймуҳаммад; **11. Нуғайӣ:** Аьскербий, Базарбай, Алибек; **12. Тоторӣ:** Байбак, Байтура, Байморза, Байхужа, Бикмулла, Буранбай, Багданур (айн. "аз Худо нур//нури Худо"), Байим "соҳиби ман", Баян(<бай+ан< баг+ān "соҳиб, бузург, доро"); **13. Тувагӣ:** Бады-Лама «багатур Лама//Ламаи бузург//Худо Лама», Маадыр (дар номи занона) < Багатур; **14. Бурятӣ:** Баатар//Бата // Байатар < Багатур, Баян «бой, соҳиб»; **15. Қалмыкӣ:** Бага, Байдр // Байдыр, Богдыр, Байдан (айн. «аз бой, мансуб ба бой, яъне Худо, Худодод»); **16. Маригӣ:** Эшпай<Эшбай, Байбатыр, Бекмырза [17, с.45-323]; **17. Муғулӣ:** Баҕатур// Баатур// Баатор// Батор, Баяр, Баян, Батыхан [13, с.151-200]; **18.Торлиғӣ (яке аз ноҳияҳои вилояти Синзян (Шинҷон)-и Чин):** Руситенбек< Рустамбек, Тухтибек (тухти «истад»+бек), Баҕзӣ; **19. Русӣ:** Богатыр, Богдан, Боярин; **20. Осетинӣ:** Бекир, Батаз//Батраз//Батыраз, Бекзе, Ба(й)ир // Баяр, Беслан, Осбагатари, Аланбег(к) // Албек, Алимбек, Асланбег(к), Батербек // Батырбег, Ирбег(к), Заурбек, Сафарби, Сахарбек, Уырысби, Хадзыбег, Хасанби; **21. Озариёну туркманҳои Эрон, язидиёну курдҳои Ироқ:** Атобак, Багапот, Багдотӣ, Баҕбад, Баҕдодӣ, Баҕфар ва ғайра.

Дар забони славянӣ аз вожаи "бага" вобаста ба хусусиятҳои овози славянӣ дар шакли содаву мураккаб, маъноҳои аслу ба ҳам наздик ва нав, калимаҳои гуногун ташаккул ёфта, баъзеашон дар номгузорӣ ворид гардидаанд: **бог** (Худо), **богатыр//Богатыр** (паҳлавон), **богатый** (доро), **Богдан** (Худодод), **боярин//Боярин** (<бой "баг"+ ар "ир" + ин айн. "Эронхудо"). Пайдоиши вожаи **боярин** дар забони славянӣ ба Боярин Скотени ориёсакоӣ рафта мерасад. Дар вожаи **боярин** ҷузъи "баг" ба маънои соҳиб, арбоб, асилзода, бузурзода, ки мансубияти шахсро ба табақаи олии ҷамъият ифода менамояд, омадааст. Калимаи **боярин** бо мурури замон дар забони славянӣ унвони аристократҳо (ашрофзодаҳо)-и заминдор, феодалҳои калонро ифода карда, маънои "заминдори калон аз табақаи олии синфи ҳоким", "арбоб" , "ашрофи заминдор"- ро додааст.

Дар забони муосири тоҷику узбек вожаи «**бага»** дар шакли асл ба қатори калимаҳои матрук дохил шуда, дар шаклу маънои тағйирёфта - бег, бек, боғ, бой, бах, баҳ (табдили овози **г** ба **ғ, к, й, ҳ, х** ва овози **а** ба **о, е)** вомехӯрад. Вожаҳои **бег, бек, бой** ба маъноҳои "ҳоким", "соҳиб", "ҷаноб", амлокдор", "шахси доро", "бадавлат" ва **боғ** ба маънии равзаву бӯстон ва дар номгузории мардуми Бадахшон гоҳе ба маънои "соҳиб, худо", "асил" ба назар мерасад: Боғигул, Гулбоғ (номи занона). Дар номгузории мардуми ВМКБ номҳои Боғибек, Боғзибек, Боғзӣ//Бозғӣ, Бозғизода қайд шудааст, ки маъноҳои "соҳиб, бузурзода, асилзода"-ро доранд. Дар номҳои Бозғӣ, Боғзизода ҳодисаи савтии ҷойивазкунӣ (**ғ** ва **з)** рӯй додааст. Чунин ном дар номгузории мардуми Торлиғӣ (яке аз ноҳияҳои вилояти Синзяни Чин) дар шакли Баҕзӣ маънои "бузургзода, асилзода"-ро дорад.

Вожаҳои бег//бек//бой дар номгузорӣ ҳам ба сифати номи сода ва ҳам ба сифати ҷузъи аввал ё охири номи мураккаб бо калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ баромад карда, дар баробари ифодаи маъно орзуву нияти номгузорон, ҳамоҳангии ном, хусусияти номгузориро таъмин менамояд. **1. Пеш аз ном:** Бегалӣ // Бекалӣ, Бегмирзо // Бекмирзо, Бегназар // Бекназар, Бекмурод, Бегмат, Бексултон, Бегиҷон, Бекзод, Бектош; Бойгул,

Бойзод, Боймат // Боймаҳмад // Боймуҳаммад, Боймирзо, Боймурод, Бойбӯта, Бойназар, Бойтур, Бойтӯра, Боғигул, Боғизод // Бозғизод, Боғшоҳ//Боғишоҳ ва ғайра; **2. Баъд аз ном:** Азимбег(к), Атобаг(к) // Атобег(к) //Отабег(к), Амирбек, Баротбек, Давлатбег(к), Давлатбегим, Зуҳурбег(к), Зафарбек, Ҳайдарбек, Козимбек, Лочинбек, Азизбой, Алибой, Баротбой, Бозорбой, Валибой, Гадо(й)бой, Гулбоғ, Дадабой, Ёрбой, Исобой, Зуҳурбой, Кенҷабой, Лоиқбой, Мавлонбой, Норбой, Холбой, Одилбой, Ҳайитбой, Солеҳбой, Хидирбой, Умарбой, Шербой, Шукурбой, Тоҷибой, Қолбой ва ғайра;

3. Такрор: Боғибек, Бозғибек (аз Боғзибек), Бойбек.

Имрӯзҳо вожаи **багатур** дар забони тоҷикӣ ва узбекӣ дар шакли муарраб - **баҳодур // Баҳодур (**табдили овози **г** ба **ҳ** ва **т** ба **б)** ва шакли коҳишёфтаву лаҳҷавии он – **Баходур, Ботур // Ботурхон, Бодур // Бодурхон** низ мустаъмал мебошад, вале он на ба маънои Худои ҷасуриву паҳлавонӣ, балки ба маънои **ҷасур, пурқувват** ифода мешавад ва дар грамматика ҳамчун ҳиссаи нутқ дар вазифаи исми содаи рехта, ҷинсу хос ва сифат баромад мекунад [2, с.25]. Мисол: ҷавони баҳодур//ботур, баҳодурони тоҷик, Баҳодуров Баҳодур, Олуфта Бодурӣ, Бодурхон Солиев, Ботурбек.

Вобаста ба мавқеи ҷузъ дар ном ва вожаҳои бо он истифодашуда ба номгузории кадом лаҳҷаву маҳалли мардуми тоҷику узбек мансуб будани номҳои дорои ҷузъи бег//бек//бой-ро муайян кардан мумкин аст. Қисме аз номҳо бо ҷузъи “бой” бештар дар номгузории мардонаи тоҷикони минтақаи шимол ва мардуми узбек мушоҳида шавад, қисме аз номҳо бо ҷузъи бег//бек дар охири ном маҳсули эҷоди тоҷикони минтақаи ҷануб ба шумор мераванд: Атобаг(к)//Атобег(к), Бачабег(к), Давлатбег(к), Бегиҷон, Боғибег(к), Додарбег(к), Амирбег(к), Лочинбек, Почобег(к), Рауфбек, Шамсибек ва ғайра.

Дар асоси ҷузъи «**бег»** ҷузъи номсози занонаи **бегим** айн. "бонуи ман", "ҳокимаи ман", «соҳиби ман» сохта шудааст, ки ба ҳайси номи алоҳида (Бегим) ва мураккаб бештар баъд аз ном истифода мешавад ва яке аз хусусиятҳои хосси номгузории мардуми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро ифода менамояд: Бегим, Асалбегим, Гулбегим, Гадобегим, Давлатбегим, Ойбегим, Холбегим, Лаълбегим [2, с.95-97].

Дар антропонимияи мардуми бурунмарзии эронинажод низ номҳои бисёре ҳастанд, ки бо калимаи “бага” дар фазои семантикӣ қарор доранд. Номҳои бо калимаи “бага” ва вариантҳои он алоқаманд аз ҷиҳати баромаду сохтор ва истеъмол мансуби даврaҳои гуногун мебошанд. Дар онҳо вожаи“бага”, аз як тараф, дар шакли алоҳидаву тағйирёфта баромад кунад, аз тарафи дигар, ҷузъи аввалу охири номҳои мураккабро ташкил карда, тобишҳои гуногуни маъноиро ифода менамояд.

Дар забони муосири осетинӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои эронӣ шомил аст, вожаи «**бага»** дар шаклҳои бо омилҳои гуногун тағйирёфта- **бака-, баг, бег, бак, бек, ба//би//бе//бий** истифода мешавад. Он ҳам ба сифати номи сода (Бек//Беге) ва ҳам ба сифати ҷузъи аввал ё охири номи мураккаб бо калимаҳои аслии эронӣ ва иқтибосӣ баромад мекунад:

1. Пеш аз ном: Бакатар//Багъатер, Бекир “беги ир, яъне осетин”, Бекмерза, Батаз//Батраз//Батыраз<багатыр+аз «паҳлавони аз//ас//ос (осетин)», Бекзе “асилзода”, Ба(й)ир//Баяр “беги ир, яъне осетин”, Беслан **<**бег Арслон “беги шердил, ҷасур”, Осбагатари “паҳлавони ос (осетин)” (яке аз доҳиёни осетинҳо дар асри V).

2. Баъд аз ном: Аланбег(к) //Албек, “беги алан<иран, яъне осетин”, Алимбек, Асланбег(к) “беги шердил, ҷасур”, Батербек//Батырбег “нотарс, далер, паҳлавон”, Ирбег(к) “беги ир(ионӣ), яъне осетин”, Заурбек, Сафарби “Сафарбек”, Сахарбек < шаҳр//шаҳ +бек “шаҳбег”, Темурбек “марди матин, устувор” Уырысби/ “беги рус”, Хадзыбег “беги ҳоҷӣ” “марди ҳоҷӣ”, Ҳоҷибег; Хасанби “Ҳасанбег” [8, с.58; 17, с.26-40].

Дар антропонимияи озариёну туркманҳои Эрон, язидиёну курдҳои Ироқ номҳои бо калимаи “бага” ва вариантҳои он (баго, баґ//бак) алоқаманд аз ҷиҳати баромаду сохтор ва истеъмол мансуби даврaҳои гуногун буда, яке аз вижагиҳои номгузории халқҳои мазкурро нишон медиҳанд. Дар бештари онҳо вожаи “бага” ҷузъи аввали номҳои мураккабро ташкил кардааст:

Пеш аз ном (31): Багапот, Багдотӣ, Багобон, Багодод, Багодӯст, Багош, , Багпур, Багтош, Багтур, Баґбад, Баґбухт, Баґбухш, Баґгарт, Баґдод, Баґдодӣ, Баґдӯст, Баґёд, Баґзод, Баґнур, Баґобиґ, Баґобозу, Баґобухш, Баґодарш, Баґопат, Баґопой, Баґофарно, Баґроз, Баґсок, Баґтахт, Баґтона, Баґфар [18, с.61-62].

1. Багапот / номи яке аз сардорони эронӣ дар замони Ҳахоманишиён [18, с.62]; **2. Багдотӣ /** додаи Худо, атои Худо; номи як эронӣ дар сангнавиштаи соргуни подшоҳи Ошур [18, с.62]; **3. Багобон /** Худо нигаҳбон; аз номҳои эрони бостон дар забони “Авасто” [18, с.62]; **4. Багодод/** Худодод, атои Худо; номи яке аз сардорони эронӣ дар замони Ҳахоманишиён [18, с.62]; **5. Багодӯст/** Худодӯст, дӯсти Худо; номи яке аз сардорони эронӣ; **6. Багош/** аз номҳои зиндаи иронӣ; номи яке аз мардони эронӣ дар замони Ҳахоманишиён [18, с.62]; **7. Багпур/** шоҳзода, асилзода; аз номҳои зиндаи иронӣ; номи дигари сулолаи Хурзодҳои Хоразм аз нажоди Сиёвуши ориётабор [16, с.15]. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар забонҳои хориҷ аз калимаи **багпур** дар натиҷаи ҳодисаҳои савтӣ (табдили **б** ба **ф, г** ба

ғ, р ва **п** ба **ф)** вожаи **фағфур//фарфор** пайдо шудааст. Вожаи **фарфор** тадриҷан аз маънои аслии худ дур шуда, номи зарфи сафолии дар кӯра гудохташудаи сифатан наву ҷилодорро ифода кардааст. Сабаби чунин ном гирифтани зарфи фарфор дар оғози пайдоишаш танҳо хосси хонадони шоҳону дороён будани он мебошад. Аз он ки чунин зарфро асосан шоҳону дороён истифода мебурданд, он маҷозан номи **фағфур**, яъне "асилзода"-ро гирифтааст. Дар забон чунин ҳолатҳо бисёр ба назар мерасанд. Матои абрешимӣ низ ба сабаби дар сароғоз ба шоҳу дороён хос буданаш дар забони тоҷикӣ бо истилоҳи "шоҳӣ" шинохта шудааст. Вожаи **фарфор** айни ҳол дар забони тоҷикӣ бо вожаи "зарфи чинӣ//чиникоса// чиннӣ" маъмул аст, зеро чунин зарф дар оғоз моли Чин буду аз он ҷо оварда мешуд; **8. Багтош // Багош // Батош // Бағош "**матини Худо", бузурги қавму тоифа; аз номҳои зиндаи озариёну туркманҳои Эрон; номи подшоҳе аз Хоразм [18, с.62]; Дар номгузории муосири мардуми узбеку туркман дар шакли Батош маъмул аст; **9. Багтур/** "Худо-тавоно", "Худои тавоно", "тавоноии Худо", дар номгузорӣ ба маънои "ҷасури Худо, ҷасур"; аз номҳои зиндаи озариёни Эрон; **10. Бағбад/** номи яке аз сардорон дар замони Дориюш [18, с.62]; **11. Бағбухт/** номи сипаҳдори Ардашери Ҳахоманиш, ки Мисрро ба фармони ӯ гирифт [18, с.62]; **12. Бағбухш/ "**озодкардаи Худо"; "атои Худо"; номи яке аз сардорон дар замони Дориюш [18, с.62].

13. Бағгарт/ номи яке аз шоҳони форс дар даврони Макдунӣ [18, с.62]; **14. Бағдод/** Худодод//додаи Худо// атои Худо; номи яке аз сардорони Эрон дар замони Ҳахоманиш, номи писари Бағкарт, ки дар нимаи дуи садаи сеюми пеш аз милод мезист, номи писари Вордоит ҳамзамони Шопур, номи шаҳре дар канори рӯди Даҷла [18, с.62]; **15. Бағдодӣ/ "**Худодод", "додаи Худо"; "бағдодӣ", яъне мансуб ба шаҳри Бағдод [18, с.62]; аз номҳои зиндаи язидиёну курдҳои Ироқ; **16. Бағдӯст/ "**дӯсти Худо"; аз номҳои даврони Ҳахоманишӣ [18, с.62]; аз номҳои зиндаи язидиёну курдҳои Ироқ; **17. Бағёд/ "**дар ёди Худо", "Худодӯст"; номи писари Фарнок ва дарёсолори Эрон дар замони Искандар [18, с.62]; аз номҳои зиндаи язидиёну курдҳои Ироқ; **18. Бағзод/ "**додаи Худо", "асилзода"; номҳои зиндаи зардуштиён ва язидиёну курдҳои Ироқ [18, с.62]. Дар номҳои тоҷикон низ дар шаклҳои Боғизод//Боғизода//Бозғизода вомехӯрад; **19. Бағнур/ "**нури Худо"; аз номҳои зиндаи язидиёну курдҳои Ироқ; **20. Бағобиғ/ "**шоҳаншоҳ"; номи падари Видран ба навиштаи Дориюш [18, с.62]; **21. Бағобозу/** "дасти Худо","бозуи Худо"; номи яке аз сардорони замони Ҳахоманишӣ [18, с.62]; **22. Бағобухш/** "озодкардаи Худо"; атои Худо; сипаҳсолори артиши Эрон дар Аврупо [18, с.62]; аз номҳои зиндаи язидиёни Ироқ; **23. Бағодарш/** номи сардоре дар рӯзгори Дориюши сеюм [18, с.62]; **24. Бағопат/** номи амакзодаи Дориюши Бузург [18, с.62]; **25. Бағопой/ "**пойи Худо", "пайрави Худо"; номи писари Ардашери Дароздаст [18, с. 62]; **26. Бағофарно/** "дорои фарри Худо"; номи 16-умин подшоҳи Мод [18, с.62]; **27. Бағроз /** номи яке аз бузургони порс дар аҳди Сосониён [18, с.62]; **28. Бағсак/Бағсок "**тавоноии Худо"; номи яке аз сардорони Эрон дар замони Ҳахоманишиён [18, с.62]; **29. Бағтахт/** " соҳиби тахт"; номи писари Фарнок ва дарёсолори Эрон дар рӯзгори Искандар [18, с.62]; **30. Бағтона/** номи писари Ардашери сеюм [18, с.62]; **31. Бағфар/** "фарри Худо", "нури Худо"; яке аз бузургони Ҳахоманишӣ [18, с.62]; аз номҳои зиндаи язидиёну курдҳои Ироқ.

Баъд аз ном: Атобак/ "падари бузургвор"; "мураббӣ", "мураббии шоҳзодагон"; подшоҳе аз сулолаи Атобакон, ки дар асрҳои XII-XIII дар Эрон ҳукумат доштанд [19, ҷ.1, с.97].

Хулоса, аз вожаи "бага", ки ба давраи бостон рафта мерасаду дар замони муосир дар таркиби луғавии забони аксари мардуми эронинажод, турку муғул, славян ва кавказ вомехӯрад, дар шаклу маънои асл ва тағйирёфта номҳои бисёре сохта шудааст. Дар забони муосири тоҷик вожаи «бага» дар шакли асл ба қатори калимаҳои матрук дохил шуда, дар шаклу маънои тағйирёфта - бой, бег, бек, боғ, баҳ (шакли арабӣ) боқӣ мондааст. Вобаста ба мавқеи ҷузъ дар ном ва вожаҳои бо он истифодашуда ба номгузории кадом лаҳҷаву маҳалли мардуми тоҷик мансуб будани номҳои дорои ҷузъи бег//бек//бой-ро муайян кардан мумкин аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Авеста: Избранные гимны // Перевод с авестийского и комментарии профессора И.М.Стеблин-Каменского. – Душанбе: Адаб,1990. - 176 с.
2. Аюбова М. Антропонимияи тоҷикони навоҳии Шаҳритузу Қубодиён (номҳои ашхос) / М. Аюбова. – Душанбе, 2013. –192 с.
3. Бабаев А.Д. Авеста: по следам древнейшей цивилизации таджиков / А.Д. Бабаев, Т.Д. Каримов. – Худжанд, 2001. – 192 с.
4. Балъамӣ Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ (силсилаи осори илмӣ дар 2 ҷилд). – Ҷ.1,2. – Теҳрон, 1380/2001. – 1632 с.
5. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон / Б.Ғ. Ғафуров. – Китоби 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.
6. Ғиёсиддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсиддин Муҳаммад. – Ҷ.I. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
7. Ғиёсиддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсиддин Муҳаммад. – Ҷ.II. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.
8. Исаева З.Г. Осетинская антропонимия. Личные имена / З.Г. Исаева. –Орджоникидзе: ИР, 1986. – 107 с

9. Кузьмина А.Н. Современная персидская антропонимия. Личные имена / А.Н. Кузьмина // ДК. – М., 1985, 61:86 – 10/88 – 150 с.
10. Очерки по истории изучения иранских языков. – М.: Изд. АН СССР, 1962. – 148 с.
11. Паймони Ёриён. Фарҳанги номҳо / Паймони Ёриён. – Теҳрон, 1392. –200 с. (бо хат ва забони форсӣ).
12. Персидско-русский словарь. – Том I.– М.: СЭ, 1970. –782 с.; –Том II. М.: СЭ, 1970. –849 с.
13. Поппе Н.Н. Описание монгольских «шаманских» рукописей Института востоковедения / Н.Н. Поппе // Записи Института востоковедения АН СССР. – Л.: Изд. АН СССР, 1932. – С.151-200.
14. Саймиддинов Д. Форсии бостон (овошиносӣ, овонавишт, грамматика, катибаҳои мехӣ ва вожанома) / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2008. – 190 с.
15. Самарқандӣ Я.Ш. Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷикӣ / Я.Ш. Самарқандӣ. –Душанбе, 2010. -392 с.
16. Сарабек Беков. Нигоҳе ба таърихи Мастчоҳ (Идомаи силсилама води Тӯрон ё Туркистон) / Сарабек Беков // Рӯзномаи “Озодагон”. – Душанбе, 2011. - №29 (189). 27 июли соли 2011. - С.15.
17. Справочник личных имён народов РСФСР. - Москва: Русский язык, 1979. - 575с.
18. Фарида Доноӣ. Фарҳанги номҳои эронӣ / Фарида Доноӣ. - Теҳрон, 1371. – 232с. (бо хат ва забони форсӣ).
19. Фарҳанги забони тоҷикӣ: дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р.Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: СЭ, 1969. –Ҷилди 1. –952 с. Ҷилди 2. –949 с.
20. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010. – Ҷилди 1. – 998 с.; – Ҷилди 2. – 1095 с.
21. Фарҳанги форсӣ ба русӣ. – М.: СЭ, 1970. – Ҷилди 1. – 784 с.
22. Ҳайдаров Ш. Луғати басомади номҳои тоҷикони вилояти Хатлон. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 474 с.
23. Ҳасани Ёрзод. Номнома. - Душанбе: Эҷод, 2005. – 150 с.
24. Ягайла Ган. Велесова Книга; перевод и пояснения Н.Ф.Скрипника. – Киев, 1975. - 94 с.

ВОЖАИ “БАГА” ВА СИФАТУ КАЛИМАҲОИ БО ОН АЛОҚАМАНД ДАР НОМГУЗОРӢ

Баромади вожаи “бага” ба вожаи давраи бостони эронӣ **baga** рафта мерасад. Он дар забони авастоӣ дар шакли **baga** “бахшанда” ба маъноҳои «Худо», «бахшанда (диҳанда)», «бахт», «бахти нек», дар ҳузвориши бостонӣ **BG** (**bhaga**) «Худо», «бахшандаи бахти нек»; дар таркиби номҳои форсии бостон Bagapigna, Bagabuxsa, Bagadana, Bagayadi, дар форсии миёна дар шаклҳои bag//beg//bog//bay ба маънои Худо (номи Эзид), худо (ба маънои соҳиб), дар таркиби номҳои bagānām *Gen. ҷамъ*, bagāha *Nom. ҷамъ,* bagāibis *Inst. ҷамъ* ва ғайра вомехӯрад. Вожаи “бага” на танҳо дар забонҳои гурӯҳи эронӣ, балки дар забонҳои гурӯҳи туркиву муғулӣ, славянӣ ва кавказӣ низ ба таври фаровон истифода мешавад. Дар антропонимияи гурӯҳҳои мазкур, хусусан қирғизу қазоқҳо, озариёну туркманҳо, узбекҳо, чеченҳо, қабардину черкесҳо, қарочиву балқарҳо, қумиқу нуғайҳо, тотору бошқирҳо, тувагиву бурятҳо, қалмиқу мариҳо, кавказиён, мардуми эронинажод, хусусан тоҷикон, осетинҳои Россия, язидиёну курдҳои Ироқ номҳои бисёре ҳастанд, ки бо калимаи “бага” дар фазои семантикӣ қарор доранд. Дар мақолаи мазкур номҳои бо “бага” ва манбаъҳои он алоқаманд таҳқиқ шудаанд, ки онҳо аз ҷиҳати баромаду сохтор ва истеъмол мансуби давраҳои гуногун буда, хосияти номгузории тоҷикон ва халқҳои дигарро нишон медиҳанд. Дар бештари онҳо вожаи “бага” ҷузъи аввал ё охири номҳои сохтаву мураккабро ташкил карда, тобишҳои гуногуни маъноиро ифода менамояд. Ба паҳн шудани он, аввало, ҳолату вазъиятҳои сиёсиву иҷтимоии давр, муҳоҷирати пайдарпаю дуру дарози мардуми оринажод, сипас, ҳукмронии давлати ориётабори Ҳахоманишиёну паҳлавиҳо, ки ҳудуди давлатдориашонро аз Эронзамину Тӯронзамин (Тӯрони Кабир) то Мисипотамӣ (минтақаҳои байни дарёҳои Тигр ва Ефрат), Мисри қадим, Хазар (атрофи баҳри Каспӣ), Юнони Шарқӣ густариш дода, сиёсат, дину фарҳанги ориёиро паҳн кардаанд, сабаб шудааст. Дувум, дар забонҳои гурӯҳи туркиву муғулӣ дар шакли мураккаби тағйирёфта - Бағатур//Бағадур //Байатур//Баатар// Баатор номи яке аз худоёни бузурги буддоии халқи муғулро ифода кардани он мебошад, ки ба инсон ҷасурӣ ва қуввату зиндагӣ мебахшад. Дар асрҳои минбаъд вожаҳои “баг” ва “тур” бо дигар вожаҳо низ дар як таркиб омада, дар номгузории мардуми одии қавму қабилаҳои гуногуни турку муғул ва бо воситаи онҳо ба номгузории қавму қабилаҳои гуногун, ки бо туркҳо ҳамсояву ҳамҷавор буданд, гузашта, бо тобишҳои гуногуни маъноӣ чун ифодагари мақсад ва орзуву ормонҳо серистеъмол мегардад. Дар аксари номҳо вожаи “бага” вобаста бо хусусияти овозии соҳибзабонҳо ба тағйироти савтӣ дучор шуда, дар шаклу вариантҳои гуногун истифода шудааст: баг(а), бағ(а), бог(а), бег, бек, бик, бай(а), баҳо/бахо, бой, ба, бо, баа, баъ, би, бий, бу, бӯ, маа, пай: Бага, Бика//Бике, Багатыр, Богатыр, Багадыр, Богатый, Багдыр, Бағдыр, Бағатур, Бағадур, Баҳодур, Баходур, Бодур/хон, Ботур/хон, Батур, Ботур, Байатар, Байатур, Байтур(а), Бойтур(а), Байдыр, Байыр, Бата, Батыр/-хан,-лай, Баты/-хан,-лай, Байду, Батпай < Батырбай, Баатар, Баатор, Батор, Баътр, Богдыр, Маадыр (дар номи занона) < Багадыр. Дар дигар вожаҳои бо “бага” ташаккулёфта низ ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад: Байим//Бойим (<**бай**+турк. **им** “аз они ман”), айн.“Худои ман”, маҷозан “соҳиби ман”; Бислан// Беслан (шакли коҳишёфтаи Бекарслон < бег+Арслон “беги шердил, ҷасур”), Багбан // Байбан < Багбан // Бағбан (дар номгузорӣ маънои «Худо ҳомӣ»-ро дорад); Алимбек “марди олим”, “марди донову зирак”, Багодӯст/ **“**Ҳудодӯст, дӯсти Худо”; Бағбухш “озодкардаи Худо”, “атои Худо”, Бағдодӣ “Худодод, додаи Худо”; бағдодӣ, яъне мансуби шаҳри Бағдод. Дар забони муосири тоҷик вожаи «**бага»** дар шакли асл ба қатори калимаҳои матрук дохил шуда, дар шаклу маънои тағйирёфта - бой, бег, бек, боғ, баҳ (шакли арабӣ) боқӣ мондааст. Вобаста ба мавқеи ҷузъ дар ном ва вожаҳои бо он истифодашуда ба номгузории кадом лаҳҷаву маҳалли мардуми тоҷик мансуб будани номҳои дорои ҷузъи бег//бек//бой-ро муайян кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: баромади вожаи “бага”, “baga” дар ҳузвориши давраи бостон, “бага” дар давраи миёна ва нав, “бага” дар забонҳои гурӯҳи эронӣ, туркиву муғулӣ, славянӣ ва кавказӣ, номҳои бо калимаи “бага” алоқаманд, “бага” дар номҳои сохтаву мураккаб, тобишҳои гуногуни маъноии вожаи “бага”, ҳодисаи савтӣ дар вожаи “бага”, шаклу вариантҳои гуногуни “бага” вобаста ба хусусиятҳои овозии соҳибзабонҳо: баг(а), бағ(а), бог(а), бег, бек, бик, бай(а), баҳо/бахо, бой, ба, бо, баа, баъ, бий, би, бу, бӯ, маа, пай.

ЛИЧНЫЕ ИМЕНА, ОБРАЗОВАННЫЕ СО СЛОВОМ “БАГА” И ЕГО ВАРИАНТАМИ

Этимология слова **baga** восходит к древнеиранскому **baga** и встречается в словах ав. **baga** “бог”, “дарящий, дающий, великодушный”; др.-перс. **bhaga** “бог”, “дарящий благо, великодушный”, в составе древнеперсидских имён Bagapigna, Bagabuxsa, Bagadana, Bagayadi; **ср.-перс.** в формах bag//beg//bog//bay по значению “бог”, “владелец”, встречается в составе имён bagānām *Gen.мн.*, bagāha *Nom. мн.,* bagāibis *Inst. мн.*. Слово “бага” употребляется не только в группе иранских языков, но и в группе тюрко-монгольских, славянских и кавказских языков. В нынешнее время в антропонимии большинства этих народностей, т.е. народов иранского происхождения

- таджиков, осетин, язидов, курдов Ирака; тюрко-монгольских, особенно киргизов, казахов, азарбайжанцев, туркмен, узбеков, чеченцев, кабардино-балкарцев, черкесов, карачинцев, кумыков, нугайцев, татар, башкиров, тувийцев, бурятов, калмыков, марийцев и кавказцев, имеется большое количество имён, которые семантически скреплены со словом “бага”и его вариантами. Его распространению, прежде всего, содействовало социальные и политические события той эпой, систематические миграции арийских рас, в том числе правления арийских государств Ахаманидов и пехлевийцев, которые расширяя границу своих государств до Месопотами (регионы между реками Тигр и Ефрат), Древнего Египита, Турана, Восточной Греции и у берегов Хазарского (Каспийского) моря, распространяли религию, политику и культуру арийских рас. Во вторых, в группе тюрко-монгольских языков в изменённой сложной форме - Баѓатур//Баѓадур //Байатур//Баатар// Баатор выражает имя одного из богов монгольского народа, который дарит силу и отвагу. Последующие века слово “баг(а)” и “тур” в составе разных сложных и производных слов в имянаречении тюрко- монгольских племён, а также других племён и народностей, живущих по соседству, приобретая разные смысловые оттенки, выражая цели, желания, мечты, надежды и стремления становятся широко употребительными. В большинстве из имён слово “бага” зависимо от языковых особенностей того или иного народа, встречаются в разных вариантах: баг(а), баѓ(а), бог(а), бег, бек, бик, бай(а), баho/бахо, бой, ба, бо, баа, баъ, би, бий, бу, маа, пай: Бага, Бика//Бике, Багатыр, Богатыр, Багадыр, Богатый, Багдыр, Баѓдыр, Баѓатур,Баѓадур, Баhодур, Баходур, Бодур/хон, Ботур/хон, Батур, Ботур, Байатар, Байатур, Байтур(а), Бойтур(а), Байдыр, Байыр, Бата, Батыр/-хан,-лай, Баты/-хан,-лай, Байду, Баатар, Баатор, Батор, Баътр, Богдыр, Батпай < Батырбай, Маадыр(женское имя) < Багадыр. В данной статье рассматриваются личные имена, имеющие в своём составе слова “бага”, которые по происхождению, структуре и применению относятся к разным периодам и, приобретая разные варианты, отражают особенности имянаречения ираноязычных, тюрко-монгольских и других народов. Разные значения “бага” в большинстве из этих имён, устанавливаются в составе сложных и производных слов: **Байим//Бойим** (<**бай**+турк. **им** “мой”) буквально “мой бог”, в переносном смысле “мой господин”, Баглар (<баг+турк. -лар “-они”) “высокочтимые, святые”, Бактош//Бектош// Биктош //Батош (<бак+турк. тош “камен”) “сильный и крепкий, как камень, мужчина”; “старейшина племени”; имя царя Хорезма; **Баѓдодї/** данный богом, богдан, божий дар; багдадский т.е. принадлежащий Багдаду. В таджикском языке слово “бага”, утратив первоначальную форму, употребляется в изменённом виде и значении: бег, бек, боѓ (boq), бой, баh. В зависимости от места компоненента в имени и выбранных к нему слов, можно определить, к какому говору они принадлежат.

Ключевые слова: этимология древнеиранской письменности, “бага” в составе древнеперсидских имён, “бага” в среднем и новом периоде, “бага” в имянаречении иранских, тюрко-монгольских, славянских и кавказских народов, “бага” в составе сложных и производных имён, разные смысловые оттенки “бага”, фонетические явления в слове “бага”, разные варианты слова “бага”, баг(а), баѓ(а), бог(а), бег, бек, бик, бай(а), баho/бахо, бой, ба, бо, баа, баъ, би, бий, бу, маа, пай.

PERSONAL NAMES, GENERATED WITH THE WORD OF "BAG" AND ITS VARIANTS

The etymology of the word baga goes back to the ancient Iranian baga and is found in the words av. baga "god", "giving, giving, magnanimous"; other pers. bhaga "god", "giving good, magnanimous", as part of the ancient Persian names Bagapigna, Bagabuxsa, Bagadana, Bagayadi; Wed-Pers. in the forms bag // beg // bog // bay by the meaning of "god", "owner", occurs in the names of bagānām Genum, bagāha Nom. many, bagāibis Inst. The word "bug" is used not only in the group of Iranian languages, but also in the group of the Turkic-Mongolian, Slavic and Caucasian languages. At the present time in the anthroponomy of the majority of these nationalities, i.e. people of Iranian origin - Tajiks, Ossetians, Yazidis, Kurds of Iraq; Turkomans, Uzbeks, Chechens, Kabardino-Balkarians, Circassians, Karachians, Kumyks, Nugai, Tatars, Bashkirs, Tuvians, Buryats, Kalmyks, Mari and Caucasians, there are a large number of names that are semantically are fastened together with the word "bug" and its variants. First of all, its social and political developments were facilitated by the social and political events of that era, the systematic migration of the Aryan races, including the rule of the Aryan states of the Ahamanides and the Pahlavians, who expanded the border of their states to Mesopotamia (regions between the Tigris and Efrat rivers), Ancient Egypt, Turan, Eastern Greece and off the coast of the Khazar (Caspian) Sea, spread the religion, politics and culture of the Aryan races. Secondly, in a group of Turkic-Mongolian languages in a modified complex form - Ba'atur, // Ba'adur // Bayatur // Baatar / Baator expresses the name of one of the gods of the Mongolian people, which gives strength and courage. The following centuries, the word "bug (a)" and "tour" as a part of various complex and derivative words in the name of the Turkic-Mongolian tribes, as well as other tribes and nationalities living in the neighborhood, acquiring different semantic nuances, expressing goals, desires, dreams, hopes and aspirations become widely used. In most of the names the word "bug" is dependent on the language features of a particular people, they occur in different versions: bug (a), ba (a), god (a), run, bec, bik, bai (a), baho / baho, fight, ba, bo, baa, ba, bi, biy, bu, ma, pai: Baga, Bika // Bike, Bagatyr, Bogatyr, Bagadyr, Bogatiy, Bagdyr, Baadyr, Ba'atur, Baadour, Bahodur, Bahodur, Baudur / Khon, Botur / Khon, Batur, Botur, Bayatar, Bayatur, Baytur (a), Boytur (a), Baydir, Baiyr, Bata, Batyr / -han, -Lai, Baty / -han, -Lai, Baidu, Baatar , Baator, Bator, Batr, Bogdir, Batpai <Batyrbai, Maadyr (female name) <Bagadyr. This article deals with personal names that have in their composition the words "bug", which by origin, structure and application refer to different periods and, when they acquire different variants, reflect the peculiarities of the name of the Iranian-speaking, Turkoman-Mongolian and other peoples. Different meanings of the "bug" in most of these names are established in compound and derivative words: Bayim // Boyim ("Bai + Turk" im "my") literally "my god", figuratively "my lord", Baglar (<bug + Turk. -lar "-on") "highly respected, holy," Bactos // Bektosh // Biktosh // Batosh ("tank + Turkic tosh" stone ")" strong and strong as a stone, a man "; "The tribal elder"; the name of the king of Khorezm; Баддодї / given by God, Bogdan, God's gift; Baghdad belonging to Baghdad. In Tajik, the word "bug", having lost its original form, is used in a modified form and meaning: running, back, boq, fight, bah. Depending on the place of the component in the name and the words selected to it, you can determine to which dialect they belong.

Key words: etymology of ancient Iranian writing, "bug" in ancient Persian names, "bug" in the middle and new period, "bug" in the name of Iranian, Turkic-Mongolian, Slavic and Caucasian peoples, different meanings of the word "bug", phonetic phenomena in the word "bug", different versions of the word "bug", bug (a), baѓ (a), god (a), run, bey, bec, bay, baho, fight, ba, bo, baa, ba, bi, bi, bu, ma, pai.

Сведения об авторе: ***Аюбова М.Б.*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 918-80-06-59**

Information about the author: ***Ayubova M.B.*** - Tajik National University, Candidate of Philology, associate professor of the Tajik language department and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: **(+992) 918-80-06-59**

УДК: 809.155.0+008

МАФҲУМИ «МУҲАББАТ» ДАР ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Азиззода Д.
Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар самтҳои мухталифи забоншиносӣ, бахусус забоншиносии фарҳангӣ ва когнитивӣ дар замони муосир, омӯзиши мафҳуми калимаҳо ҳамчун эъҷози маънавӣ ниҳоят мубрам гардидааст.

Калимаҳо ба маънои луғавии худ аксар дар ифодаи мафҳумҳо корбаст шуда, бо қиёфаи овозиашон ифодагари фақат номҳо мебошанд. Мафҳумҳо дар сурати калимаҳо ифодаи моддии худро пайдо карда, ҳамчун шакли мавҷудияти тафаккур буда, мавзӯи баҳси мантиқианд. Як калима метавонад дар ифодаи якчанд мафҳум ба кор бурда шавад.

Мафҳум – ин маъниест, ки ба воситаи он фалсафа ва илми асри XX кӯшиш менамояд, ки воҳиди нигоҳдории маълумотро дар тасаввурот ва ҳиссиёти норавшан шарҳ диҳад. Калимаи «мафҳум» дар навбати аввал мафҳуми забоншиносӣ ва дар навбати дуюм фалсафӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари забоншиносон мафҳум – ин як ҳодисаи умумӣ буда, дарки арзиши он аз тарафи инсон муайян мегардад.

Степанов Ю. С. вожаи «мафҳум»-ро баён намуда, бар он ақида аст, ки мафҳум ин истилоҳест, ки барои шарҳ додани манбаъҳои воҳидҳои тафаккурӣ ва идроки рӯҳии мо ва ҳамон маълумотеро, ки дониш ва малакаи инсон инъикос мекунад, хизмат мерасонад» [9, с. 40-43].

Ҳамин тавр, «мафҳум» воҳиди тафаккури ҷамъиятиест, ки ҷузъҳои дунёи ҳақиқӣ ва олиро инъикос мекунад ва дар хотираи миллии соҳибзабонон ҳамчун мабдаи воқеияти даркшаванда ҳифз мешавад.

Ҷаҳонбинии инсон ба таҷрибаи физикӣ ва амалиёти рӯҳонии ӯ вобаста аст. Тавассути он тасвири дунёи фарҳангӣ, ки бо тасвири забонӣ алоқаманд аст, пайдо мешавад. Тасвири забонии муҳити атрофи халқиятҳо хусусиятҳои хоссу фарқунанда доранд, ки ин вобаста ба таърих, урфу одат, шароити зиндагӣ ва инкишофи идроки ҷамъиятӣ вобаста аст.

Мафҳуми «муҳаббат» дар фарҳангҳои тоҷикӣ бо вожаҳои «меҳр», «дӯстдорӣ», «нағз дидан», «ишқ» ва ғайра ифода гаштааст [7, с.797]. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» инчунин «муҳаббат» бо таври зайл тавсиф ёфтааст: 1. дӯстдорӣ, ишқ, изҳори муҳаббат кардан, ошиқию дӯстдории худро маълум намудан 2. меҳр; майл, ихлос [8, с.859]. Дар фалсафа истилоҳи «муҳаббат» ҳамчун як ҳиссиёти ақлнорас (ирратсионалӣ) шарҳ дода шудааст. Файласуфи машҳури Юнони қадим Арасту муҳаббатро ба 6 гурӯҳ тақсим намудааст: агапе (муҳаббати фидоӣ), людус (муҳаббат-боззӣ), сторге (муҳаббат-дӯстӣ), эрос (муҳаббати ҳиссӣ), мания (муҳаббати шефтаӣ), прагма (муҳаббати ақлӣ).

Ҳар як гурӯҳ унвони алоҳидаи худро доро буда, мафҳуми муайянро ифода мекунад, ки «муҳаббат»- ро пурра тавассум мекунанд. Вале мо ба баҳои файласуфон напардохта, танҳо муҳаббатро аз нигоҳи забоншиносӣ дар мақола мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ҳам дар тафаккури тоҷикзабонон ва ҳам дар тафаккури англисзабонон якчанд намуди муҳаббат мавҷуд аст ба монанди: муҳаббат ба худо, муҳаббат байни ду шахс, муҳаббат ба оила, муҳаббат ба ватан, муҳаббат ба табиат ва муҳити зист ва ғайра.

Аз рӯйи таҳқиқи барҳе аз муҳаққиқон «муҳаббат» дар дили инсон пайдо намешавад ва он омезиши ҳаяҷоноваре мебошад, ки сифат ва ҳиссиёти инсонро месанҷад [2, с.45]. Барои пуртаъсир шудани сухан ва ифода намудани ҳиссиёти муҳаббат одамон аз зарбулмасалу мақолҳо истифода мебаранд. Вазифаи асосии зарбулмасалҳо тасдиқи сухан мебошад. Дар нутқи гӯянда зарбулмасал на танҳо гуфторро зебову дилкаш мегардонад, балки онро қувват медиҳад, тасдиқ мекунад. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чунин зарбулмасалу мақолҳо зиёд ба назар мерасанд.

Мафҳуми зарбумасали ***love is free*** – *муҳаббат озод аст* ифодагари он аст, ки маҳбуб аз меъёрҳои муайян интихоб карда намешавад ва чӣ тавре ки ҳаст, ҳамон тавр қабул карда мешавад. Дар интихоби муҳаббат инсон озод аст ва ҳама вақт имконияти интихоб

карданро дорад. Бо ҳамин мафҳум дар забони тоҷикӣ зарбулмасали «ишқ сарҳад надорад» омадааст.

Love is blind as well as harted *–муҳаббат ҳамчун хашм кӯр аст.* Дар ин зарбулмасал байни муҳаббат ва хашм баробарӣ ҳис карда мешавад. Яъне муҳаббат низ ба ҳама чиз қодир аст. Муодили ин зарбулмасал дар забони тоҷикӣ «***ишқ кӯр аст», «чашми ошиқ кӯр аст»*** [9, с.123] мебошад. Дар ин зарбулмасал узви асосии дарккунӣ- чашм ба ҳисоб меравад, ки муҳаббат ба воситаи он ифода меёбад. Чуноне ки дар забони тоҷикӣ мегӯянд: «***Муҳаббат бо чашм оғоз мешавад ва чашм ошиқ мешавад»*** *[9, с. 65].*

Аз зарбулмасалҳои боло маълум мегардад, ки зебогӣ дар интихоби маҳбуб омили асосӣ нест.

Beauty lies in lovers eyes: Jack is no Judge of Jills beauty*–дар чашмони ошиқ зебогӣ дурӯғ аст.* Ё ин ки дар зарбулмасали забони тоҷикӣ омадааст: ***Бо чашми Маҷнун ба Лайлӣ нигар; Ҳарчӣ ба дил фуруд ояд дар дида накӯ намояд*** [8, с.104]. ***Ишқро бо сурати зебову нозебо чӣ кор*** [2, с.162].

Ба зиёд будани қудрати ишқ нигоҳ накарда, мушкилиро бартараф кардан имконнопазир аст, он ҳама вақт худро дар ин ё он вазъият зуҳур менамояд ва пинҳон намудани он ғайриимкон аст. Чунонки дар зарбулмасали забони англисӣ омадааст*:* ***love and cough cannot be hidden –*** *муҳаббат ва сулфаро пинҳон карда намешавад.*

Дар забони тоҷикӣ низ муодили ҳамин зарбулмасал вуҷуд дорад*:* ***ишқу дарду сулфаро наметавон пинҳон кард*** [9, с.78], ***ишқу мушк пинҳон намешавад*** [9;78], ***ишқу мушк пинҳон натвон дошт*** [2, с.163] ё ин ки ***ишқро шарҳ лозим нест, ҳоли ишқ ба он гувоҳ аст*** [2, с.160]. Дар баъзе мавридҳо муҳаббатро ҳамчун як беморие медонанд ва табобати халқӣ аз уҳдаи табобати он гӯё ки намебаромада бошад: ***No herb will cure love*** *– ягон гиёҳ муҳаббатро табобат намекунад*. Дар забони тоҷикӣ зарбулмасали ***табиби ошиқон ишқ аст*** [3, с.99] низ мавҷуд аст. Зарбулмасалҳои ҳарду забон ***«муҳаббат»-***ро на танҳо ба як беморӣ, балки ба дарду алам қиёс менамоянд: ***Ишқ дарди бедавост*** [2, с.160]. ***Дарди ишқ дармон напазирад*** [1, с.333] ***Дарди дили маъшуқ медонад, дарди кампири ғӯза*** [9, с.58]. Муҳаббат дар ҳикмати халқи тоҷик ҳамчун офату бадбахтие, ки аз ӯ ғолиб баромадан ғайриимкон аст, сӯхторест, ки хомӯш карда намешавад маънидод шудааст: ***муҳаббат–сӯхтор аст, даргирад хомӯш карда намешавад: бо муҳаббат хонадор шудӣ бо бадбахтӣ ёр шудӣ*** [6, с.36]. ***Ошиқро шӯй кун, деги сиёҳро ба рӯй кун***. Аммо дар баъзе мавридҳо маҳбуби ошиқро давои дарди ошиқ медонанд: ***Дарди ишқ ба ҷуз ишқи дигар давое надорад*** [9, с.123]. Ё ин ки ***табиби ошиқон ишқ аст*** [8, с. 67]**.**

Дар тамаддуни тоҷикзабонон лагат задан ё зарба задан дар баъзе мавридҳо ифодагари муҳаббат мебошад: ***муҳаббати хар лагат задан аст*** [9, с.102]. Дар маданияту фарҳанги англисзабонон ин ҳолат ғайриимкон аст. Дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ омадааст: ***дағалӣ муҳаббатро мекушад*** [6, с.11]. Аммо мавридҳое низ ҳастанд, ки баҳсу ҷанги ночиз нишондиҳандаи қувваи ишқ мебошад*:* ***The falling of lovers is the renewing of love*** *– афтоди ошиқон ин таҷдиди ишқ аст*. Дар тамаддуни тоҷик муҳаббат на ҷисман, балки ҳамчун дарди қалб дида мешавад. Дар фарҳанги англисзабонон вуҷуд доштани муҳаббат дар зиндагии онҳо пазируфта мешавад, агарчанде бебок ва бечавоб ҳам бошад. Онҳо чунин мешуморанд, ки дӯстдорӣ мушкил аст –дӯст надоштан аз ин ҳам мушкилтар.

This better to have love and lost then never to have love at all *– муҳаббат доштан ва гум кардан, беҳтар аз тамоман ишқ надоштан аст.* Ба ҳамин маъно дар забони тоҷикӣ зарбулмасалҳо низ ҳастанд ба монанди: ***қашшоқ касест, ки дӯст надорад*** [6, с.8].

Муҳаббат ва ғаму ғусса бисёр вақт аз ҳамдигар ҷудонопазиранд. Дар баробари ин, набудани маҳбуб ғаму ғусса меорад: ***Дунё бе маҳбуб торик аст*** [8, с.87]**.**

love is stronger than death*– муҳаббат нисбат ба марг пурқувват аст.* Аммо дар зарбулмасали забони тоҷикӣ ба муқобили ин маъно омадааст: ***ишқ бар мурда набошад пойдор***. *Яъне, мурда рафта-рафта фаромӯш мегардад.* Чунончи дар мисраи шеърии Ҷалолиддини Румӣ низ омадааст:

Аз азо чун чанд рӯзе бигзарад,
Оташи он ишқи ӯ сокин шавад.
«Ишқ бар мурда набошад пойдор»
Ишқро бар ҳайи ҷонафзой дор.

Бе муҳаббат инсон мемирад ва наметавонад азобу машаққати вазнинро бардорад, аммо бе маҳбуб ҳама ҷоро холигӣ фаро мегирад, ки онро бардошт кардан мушкил аст.

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ошиқ будан ин худ як хушбахтист. Яъне, ишқ омили асосии хушбахтӣ шуда метавонад, агар он муҳаббати дутарафа бошад, ин ҳолат дар низоми зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ бо мақоли «***хушбахтӣ он аст, ки ҳам дӯст дорӣ ва ҳам туро дӯст доранд»*** [8, с. 56] ифода ёфтааст.

Дар тафаккури тоҷикзабонон дил ягона узви зиндаи инсон ба шумор меравад, ки он қобили ошиқ шудан мебошад. Дил метавонад, ки дигар узвҳои инсонро идора намояд ва

он чизе, ки ба дил писанд меояд, ба дигар узвҳо писанд аст: **Ҳар чӣ ба дил фурӯд ояд, дар дида накӯ намояд** – яъне, *он чизе ки ба дил мақбул аст, ба чашм низ нақу аст.*

Айёми пирӣ дар тафаккури тоҷикзабонон ба фасли зимистон нисбат дода мешавад. Айёми сардию дардмандӣ, аммо новобаста ба сардии ин айём инсон метавонад, ки дар дами пирӣ низ ошиқ шавад ва ин муҳаббат дар низоми зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ ба гуле, ки дар фасли сармо рӯйидааст, шабеҳ дода мешавад: ***Ишқи пирӣ монанди гуле дар зимистон*** [9, с. 65]**.**

Муҳаббат дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ҳамчун роҳи тӯлонии ҷӯстуҷӯ ва рафъи мушкилиҳо фаҳмида шудааст. Барои ба мақсад ва висоли ҳамдигар расидан ошиқон бояд ҳама монеаҳою мушкилиҳоро паси сар намоянд, ки ин сабру тоқати беинтиҳоро талаб менамояд. Барои ҳамин бояд ошиқ сабур бошад, то ба матлаби хеш бирасад: ***Ошиқиро сабр мебояд*** [8, с. 67] – яъне, ягона воситаи асосии ба маъшуқаи худ расидан, ин сабур будан аст.

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ба як нафар дил додан воҷиб дониста мешавад ва ҳамзамон ду дилдода доштан дар маданияти халқи тоҷик кори саҳв ва бад шуморида мешавад. Зеро инсон бо ошиқ шудан дили худро ба шахси дӯстоштааш тақдим менамояд ва азбаски инсон дорои як дил мебошад, ба ду кас додани он кори хатост: ***ишқбозӣ бо ду машуқа бад аст; шарти ошиқ(-ӣ) нест бо як дил ду дилбар доштан*** **–** яъне, ду дилдода доштан кори дуруст нест. Инсон бояд меҳру муҳаббати худро нисбати як шахс равона намояд. Ин ҳолат дар мисраи шеърии Низомии Ганҷавӣ низ дида мешавад:

Ду дилбар доштан аз якдилӣ нест,
Будан тариқи оқилӣ нест.

Муҳаббат ин ҳиссиётест, ки ғайриихтиёран ба дили инсон ҷо мешавад ва инсон гирифтори ишқи касе мешавад. Ин ҳиссиётро маҷбуран дар дили ягон инсон ҷой кардан имконнопазир аст. Аз ин ҷост, ки дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон як қатор зарбулмасалу мақолҳое мавҷуданд, ки дар онҳо имконнопазир будани ишқи маҷбурӣ дарҷ гардидааст: **love cannot be forced – таҳтул.** муҳаббатро маҷбур кардан наметавон, яъне, касеро ғайриихтиёран ё маҷбуран ба худ ошиқ ё маъшуқ кардан имкон надорад.

Муҳаббат дар тафаккури англисзабонон ба мисли оташе, ки метавонад хомӯш гардад, таҷассум ёфтааст. Омилҳои гуногун боиси аз байн рафтани меҳру муҳаббат мегарданд. Яке аз омилҳои асосии аз байн рафтани меҳру муҳаббат ин дурӣ ва бадмуомилагӣ мебошад: **salt water and absence wash away love – таҳтул.** оби намакин ва дурӣ ишқро шуста мебарад, яъне муомилаи бад ва дурӣ боиси хомӯш шудани оташи муҳаббат мегардад.

Ҳамин тавр, муҳаббат ҳиссиётест, ғайриихтиёрӣ ва онро маҷбуран дар дили ягон шахс ҷой намудан мумкин нест. Ва дарки ин мафҳум аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон ба ҳам наздик мебошад. Новобаста ба наздик будани дарки ин мафҳум баъзе хусусиятҳои фарқкунанда дар таҷассуми мафҳуми муҳаббат дар тафаккури халқиятҳои зикршуда дида мешавад. Аз ҷумла, дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон муҳаббат ҳамчун як хушбахтӣ ифода ёфтааст, аммо дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон он ба мисли бадбахтӣ дарҷ гардидааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки дарки мафҳуми муҳаббат аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон хусусиятҳои ба ҳам монанд ва фарқкунанда доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016. – 412 с.
2. Гирдоварӣ ва таҳияи Иноятулло Шаҳронӣ зарбулмасалу мақолҳои тоҷикони Афғонистон / И. Шаҳронӣ. – Душанбе, 2014. – 177 с.
3. Раҳимов Д. Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқҳои ҷаҳон/ Д. Раҳимов. – Душанбе, 2012. – 132 с.
4. Степанов Ю.С. Константы. Словарь русской культуры. Опыт исследования / Ю. Степанов. – М., 1997. – 824 с.
5. Турсунов Ф. Лексико-семантический анализ и особенности перевода пословиц и поговорок произведений Ф. Мухаммадиева/ Ф. Турсунов. – Душанбе, 2006. – 136 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Масъумӣ. – М., 1969. – 1905 с.
7. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ дар зери таҳрири М. Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – М., 2008 – 950 с.
8. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Қисми 1/ М. Фозилов. – Душанбе, 1975. – 638 с.
9. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Қисми 2 / М. Фозилов. – Душанбе, 1977. – 584 с.
10. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Қисми 3 / М. Фозилов. – Душанбе, 2014. – 640 с.
11. Фозилов М. Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо / М. Фозилов. – Душанбе, 1973. – 159 с.

МАФҲУМИ «МУҲАББАТ» ДАР ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола мафҳуми «муҳаббат» дар тасвири забонии олами атроф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо таҳлили зарбулмасалу мақолҳои мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, то ин ки таърих, фарҳанг, урфу одат, анъана, хулқу табиати халқи тоҷикзабонон ва англисзабонон муайян карда шавад. Муаллиф бо истифода аз тадқиқотҳои роҷеъ ба истилоҳи мафҳуми «муҳаббат» буда истифода намуда, мафҳуми мазкурро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо таври муфассал шарҳ додааст. Дар қисмати аввали мақола шарҳи мафҳуми «муҳаббат» бо истифода аз якчанд фарҳангҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода шуда, хусусиятҳои

умумӣ ва хосси шарҳи он дар забонҳои муқоисашаванда муайян гардидааст. Дар таҳлили шарҳи лексемаи «муҳаббат» дар асоси фарҳангҳои забонҳои муқоисашаванда мушоҳида гардид, ки расман дар доираи маъноҳои ин лексема дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ умумиятҳо ба назар расанд ҳам, аммо мавридҳое ҳастанд, ки тафовути он ба назар мерасад. Баъдан таҳлили зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки таҷассумгари мафҳуми «муҳаббат» мебошанд, гузаронида шудааст. Таҳлили зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки новобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ ва урфу одат, ҳувияи ин халқиятҳо дарки мафҳуми «муҳаббат» аз тарафи тоҷикзабонон дорои хусусиятҳои умумӣ мебошад. Ҳар як халқият дарки хосси мафҳумҳои гуногунро доранд. Аз ҷумла, мафҳуми «муҳаббат» аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон бо таври хосси ин миллатҳо дарк мегардад, ки ин хусусиятҳои хос ва умумии халқиятҳои зикршуда дар мақола муфассал дарҷ гардидааст. Муаллиф барои тақвияти фикр мисолу намунаҳоро нишон дода, онҳоро бо далелҳои илмӣ мустаҳкам намудааст.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, мафҳум, воҳидҳои фразеологӣ, фарҳанг, тафаккур, тафсир, тасвири забонии ҷаҳон.

КОНЦЕПТ «ЛЮБОВЬ» ВО ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦАХ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В статье рассматривается концепт «любовь» в языковой картине мира с основой на анализ пословиц и поговорок в таджикском и английском языках, цель которого изучить историю, культуру, обычаи, традиции, характерные для таджикоязычных и англоязычных народов. Автор в исследовании даёт подробное описание концепта «любовь». В исследовании проводится обзор словарей таджикского и английского языка, посвящённых лексеме «любовь», а также определяется общее понимание толковании данного понятия и специфические особенности сопоставляемых языковых картин мира. В ходе исследования был проведён сравнительных анализ пословиц и поговорок в таджикском и английском языках, который показал, что независимо от менталитета, географического положения, традиции и обычаев таджикского и английского народов имеется общие особенности в понимании указанного концепта. Также в статье определяется сходство и различие концепта «любовь» в пословицах и поговорках сопоставляемых языков. В статье приведён обширный лингвистический материал, который, на наш взгляд, представляет особую ценность для исследователя.

Ключевые слова: языкознания, концепт, любовь, сердце, фразеологические единицы, культура, мышление, толкование.

CONCEPT OF «LOVE» IN THE PHRASEOLOGICAL UNITS OF ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

In the article the concept of “love” in the language picture of the world of Tajik and English languages is investigated by analyzing the proverbs in order to define history, culture, traditions, habbits, character and behavior of Tajik and English people. By using the researches relatively to term of concept “love” the author construes the given concept in details. In the beginning part of the article defining the concept “love” is shown by using Tajik and English dictionaries and common and specific features its defining if the named languages are determined. During the analyze of defining lexeme “love” based on Tajik and English dictionaries we observed that among the meanings of the named lexeme beside common features there are some cases where the differences are also seen. Later the author analyses the proverbs of Tajik and English languages that represent the concept “love”. The analyze of proverbs showed that despite of geographical position, behavior and habits, mentalities of named nations perception of concept “love” by Tajik and English people has common features. Every nation has specific perception of different concepts. Concept “love” is perceived by the specific way of Tajik and English people and these common and specific features are mentioned in the article. The author states the examples and patterns for intensifying the ideas and fro reinforces them by scientific arguments.

Key words: linguistics, concept, phraseological units, culture, cognition, explanation, language picture of the world.

Сведения об авторе: ***Азиззода Дилрабо*** – Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде, докторант Ph.D кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **Azizzoda.Dilrabo-1990@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-05-68-72**

Information about the author: ***Azizzoda Dilrabo*** – Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, doctor Ph.D the second course of the Comparative Typology Department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Fazliddin Muhammadiev Street 17/6. E-mail: **Azizzoda.Dilrabo-1990@mail.ru**. Tel.: **(+992) 900-05-68-72**

УДК: 802.0

ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Алиева Г.З.
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар забони англисӣ ҷумлаҳои муаккаби пайваст аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои мустақил иборат буда, комилан баробарҳуқуқ нестанд, қисмати пайвастшуда дар ҳама ҳолат ба қисмати аввали ҷумла алоқаманд мебошад. Масалан: *He pressed the on-button and the plane flew up. – Ӯ тугмачаи фаъолкуниро пахш намуд ва тайёра ба боло парвоз намуд [3, с.67].*

Мушоҳида мешавад, ки дар аксар маврид ҷумлаҳо аз лиҳози маъно ба тартиб омадаанд ва дигар кардани мавқеи онҳо ифодаи маъноро аз лиҳози мантиқ вайрон хоҳад кард.

Аксар забоншиносон бар он андешаанд, ки ин намуди ҷумлаҳо дар аксар маврид дар ифодаи маъно баробар буда, дар ифодаи ҳамон як фикр ба ҳамдигар пайваст мешаванд.

Амали пайвастшавӣ дар таркиби ҷумла метавонад, ки тавассути пайвандакҳо ба миён ояд ва ё бидуни онҳо:

Yesterday I went to the play
And bought a ticket in the first row,
But I found it's not my place,
So I changed it at once [5, с.98].
Дирӯз ман ба бозӣ рафтам,
ва барои қатори аввал чипта гирифтам
аммо дидам, ки қатори аввал барои мо нест,
ҳамин тавр, зуд ҷоямро иваз намудам.

Бояд зикр намоем, ки яке аз роҳҳои маъмули пайваст шудани ҷумлаҳо истифодаи пайвандакҳо мебошад. Дар бисёр маврид истифодаи аломатҳо ба монанди вергул, нуқта вергул, ду нуқта ва ё тире мушоҳида мешавад.

Бояд зикр намуд, ки якчанд намуди пайвастшавии ҷумлаҳо мушоҳида мешавад, ба монанди пайвасткунӣ, ҷудокунӣ, сабаб ва ғайраҳо. Бояд зикр намуд, ки алоқаи маъноӣ миёни ҷумлаҳо на танҳо тавассути пайвандакҳо ба миён меоянд, балки мутобиқати замонҳо, сиғаҳо, инчунин вуҷуд доштани сохторҳои гуногуни синтаксисӣ ва ишораҷонишинҳо нақши муҳим доранд.

Пайвасткунӣ ва ё пайвастшавӣ он маъноро дорад, ки ду ҳодиса ва ё ду воқеа ба ҳамдигар пайваст буда, замон ва макони баргузории онҳо монанд аст. Дар ин маврид қисматҳои ҷумла тавассути калимаҳои пайвасткунанда (пайвандакҳо) алоқаманд мешаванд: *and, nor, (neither)...nor, not only...but (also), as well as, then, moreover, besides [6, с.230].*

Бояд зикр намоем, ки дар ҷумлаҳои забони англисӣ пайвандаки *and* нисбат ба дигар пайвандакҳо дар ин ҳолат серистеъмолтар аст:

There was a man, and he spoke English – Он ҷо марде буд ва ӯ ба забони англисӣ ҳарф мезад [8, с.39].

Воқеаҳои дар ҷумла ифодамеёфта метавонанд, ки дар як маврид, баробар ба амал оянд:

The window of the house opened, and a boy and a girl went out. – Тирезаи хона кушода шуд ва марду зан аз он ба берун баромаданд [8, с.90].

Мушоҳида мешавад, ки ҷумлаҳои мураккаби пайваст метавонанд, ки як қисм қисми дигарро шарҳ диҳанд, яъне қисмати дувуми ҷумла қисмати аввалро шарҳ диҳад:

She was fond of music, and she liked it very much. - Ӯ муштоқи мусиқӣ буд ва онро хеле меписандид.

Дар бисёр ҳолат мушоҳида мешавад, ки вазифаҳои пайвандаки **and** гуногунанд. Он дар бисёр ҳолат метавонад ҷумлаҳоро пайваст кунад ва дар баробари ин барои ифодаи андешаҳои ба ҳам муқобил мавриди истифода қарор гирад: *You can sing here and I can listen there. – Ту метавонӣ др ин ҷо суруд хонӣ ва ман дар он ҷо гӯш кунам [11, с.189].*

Ҷумлаҳое, ки дар он сиғаи амрӣ мавриди истифода қарор мегирад, аксар маврид ҷумлаи аввал шарту шароит пешниҳод мекунад ва дар ҷумлаи дувум иҷрои амал ифода мегардад:

Come closer to me, and you will hear better (If you take...). – Ба ман наздиктар шинед беҳтар хоҳед шунид [8, с.90].

Дар аксар маврид пайвандаки ***nor*** ду ҷумлаи инкориро пайваст мекунад:

I didn't recognize the girl, nor did I remember her name. -Ман духтарро нашинохтам ва на номашро дар хотир дорам.

Пайвандакҳои neither... nor, not only...but (also) дар ифодаи пурра гардонидани маъно истифода мешаванд:

I not only remembered the girl's father, but also knew everything about her family. -Ман на танҳо падари духтарро дар хотир дорам, балки ҳама чизро дар бораи оилааш медонам [11, с.860].

Зарфи *then* ду ҷумларо ба ҳамдигар пайваст мекунад ва дар ифодаи маънои давомдор мавриди истифода қарор мегирад:

We came to the village, then we went back to the city. - Мо ба деҳа омадем ва сипас ба шаҳр баргаштем.

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст метавонанд, ки бидуни пайвандакҳо низ мавриди истифода қарор гиранд. Дар ин ҳолат онҳо амалҳоеро ифода мекунанд, ки ҳамзамон ба амал омадаанд ва ё давомдоранд:

The car stopped, the door of the car opened, a lady got out, then another lady. –Мошин истод, дар кушода шуд, бонуе аз он фаромад, сипас бонуи дигар [12, с.97].

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст метавонанд, ки алоқаи муқобил дошта бошад, яъне дар ҳамин гуна ифода оянд. Дар ин ҳолат миёни ҷумлаҳо дар ифодаи маъно муқобилият дида

мешавад. Бояд зикр намоем, ки дар ин маврид истифодаи пайвандакҳои зерин маъмул аст: *but, whereas, while, or yet, still, nevertheless, only, else, however, otherwise [6, с.85].*

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин тарзи ифода низ метавонад бидуни пайвандакҳо низ мавриди истеъмол ва истифода қарор гирад.

Яке аз пайвандакҳои серистеъмол дар ин гуна ҳолатҳо пайвандаки *but* мебошад, ки нисбатан серистеъмол аст:

Sorry fo being late, but I had to - Мебахшед, ки дер омадам, зеро хеле кори зарур буд.

The film was fantastic, but nobody liked - Филми фантастикӣ буд, аммо писанд наомад.

I wanted to call you up, but my telephone was out of order.– Ман мехостам ба шумо занг занам, аммо телефонам кор намекард [11, с.114].

Пайвандаки *but* инчунин метавонад миёни ҷумлаҳо нобаробариро ифода намояд. Пайвандакҳои *while ва whereas* низ, асосан ҳамин вазифаро низ иҷро мекунанд:

Peter is an engineer, while his brother is a musician. – Пётр муҳандис аст, дар ҳоле ки бародараш мусиқидон мебошад.

Some people prefer going to the theatre, whereas others will stay at home watching TV programmes. - Баъзе одамон ба театр рафтанро мепарастанд, дар ҳоле ки қисмати дигарашон тамошои телевизорро дар хона афзал медонанд [12, с.420].

Алоқаҳо дар ифодаи муқобилият метавонанд, ки бидуни пайвандакҳо низ ба миён оянд.

Бояд зикр намоем, ки пайвандакҳои ҷудокунанда интихоби ду амалро ифода мекунанд. Ба ин гурӯҳ пайвандакҳои зерин дохил мешаванд: *or, either ... or.* Инчунин, дар ин ҳолат зарфҳои else (or else), otherwise мавриди истифода қарор мегиранд:

You can join us at the station, or we can wait for you at home. – Шумо метавонед бо мо дар истгоҳ ҳамроҳ шавед ва ё мо шуморо дар хона интизор мешавем [13, с.76].

Пешниҳоди ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо пешояндҳои зикршуда метавонанд дар ифодаи шарт, ҳолати воқеӣ ва ё ғайривоқеӣ оянд.

Hurry up, or you will be late. – Ҳаракат кун ва ё дер мемонӣ. Агар ҳаракат накунед, дер мемонед. - If you don't hurry, you will be late.

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ки дар ифодаи сабаб меоянд, пайвандакҳои ба он мувофиқ мавриди истифода қарор мегиранд, ки сабаб ва ҳолатро ифода менамоянд, ба монанди *for, so, so that ва зарфҳои пайвасткунанда thus, therefore, hence, then [8, с.90].*

Бояд зикр намоем, ки истифодаи пайвандаки *for* на танҳо дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст вомехӯрад, балки дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ низ мавриди истифода қарор мегирад:

The land seemed almost as dark as the weather, for there was no moon.-Замин ба монанди ҳаво торик буд, азбаски моҳтоб намудор набуд.

Дар ифодаи маънои боло инчунин пайвандакҳои *so, so that* ва зарфҳои пайвасткунанда *therefore, then, thus* мавриди истифода қарор мегиранд:

*The weather was fine, **so** there were many people on the beach. - Ҳаво хуб буд, аз ин рӯ, дар соҳил одамон зиёд буданд.*

*John in unlikely to come soon, **so that** we'd better go home. - Ба назар чунин менамояд, ки Ҷон ба зудӣ намеояд, аз ин рӯ, беҳтар аст ба хона равем [8, с.78].*

Умуман, омӯзишҳо ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъалаҳои синтаксис ва ҷумлаҳои мураккаб дар забони англисӣ таваҷҷуҳи хоссаи забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Миёни ин масоил масъалаҳои ҷумлаҳои мураккаб ва мавқеи онҳо ҷойи махсусро доранд, зеро усулҳои алоқа пайдо намудани ҷумлаҳо миёни ҳам ҳанӯз баҳсноканд. Дар давраи муосири тараққиёти забонӣ назарияҳои гуногуни сохторӣ ба миён оварда шудаанд, аммо ҳануз истифодаи пайвандакҳо дар маркази таваҷҷуҳи забоншиносон қарор дорад, зеро ҷумлаҳои мураккаби пайвастро дар забони англисӣ метавон ҳам бо истифодаи пайвандакҳо ба миён овард ва ҳам бидуни онҳо, ки андешаи ягонаро талқин намудан ғайриимкон ҳисобида мешавад. Бояд зикр намуд, ки тадқиқи муқоисавии забонӣ дар ҳамин масоил метавонад бисёр нофаҳмиҳоро аз байн барад, зеро дастовардҳои забоншиносони гуногуни ҷаҳонӣ дар ин ҳолат мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Бояд зикр намуд, ки дар ҷумлаҳои мураккаби апйваст баъзе аз пайвандакҳо хеле серистеъмоланд, баъзеи дигарро танҳо дар грамматика вохӯрдан мумкин аст, ки танҳо ишора шудаанд, аммо истифодаи онҳо хеле маҳдуданд.

Дар забони англисии муосир шумораи ин гуна пайвандакҳо гуногун пешниҳод мешаванд.

Омӯзиши муқоисавии забонҳо бо типологияи забонҳо ва инчунин умумияти лингвистӣ, бевосита муносибат дорад. Типологияи забонҳо бо ёрии методикаи муқоисавӣ омӯхта мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷумлаҳои мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз зумраи мавзӯъҳои хеле доманадори забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошанд. Ҷумлаҳои

мураккаби пайваст дар ин миён як паҳлуи масъала мебошанд, ки дар навбати худ намудҳо ва тарзу усулҳои сохта шудан ва ифода кардани маъноҳои гуногунро доранд.

Бояд зикр намоем, ки ҷумлаҳои мураккаби пайваст чи дар забони тоҷикӣ ва чи дар забони англисӣ аз лиҳози сохтор монандӣ доранд, яъне дар ҳарду забон дар мавриди сохтани ин намуди ҷумлаҳо мавқеи асосиро пайвандакҳои пайвасткунанда бозӣ мекунанд.

Аслан ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба гурӯҳи ҷумлаи мураккаби бепайвандак ҷудо мешаванд. Дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак алоқаи ҷумлаи содаи дохили ҷумлаи мураккаб ба воситаи аломатҳои китобат дар талаффуз ва пайвандакҳои пайиҳаму хилофӣ барқарор мегардад. Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ алоқаи ҷумлаи тобеъ бо сарҷумла ба воситаи хелҳои гуногуни пайвандакҳои тобеъкунанда сурат мегирад.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар забони англисӣ мавридҳои истифодаи пайвандакҳо андаке тафовут дорад, яъне ифодаҳои маъноӣ вобаста аз истифодаи бомаврид ва ё бемавриди пайвандакҳо тағйир ёфтанашон мумкин аст. Ин амал дар забони тоҷикӣ ба назар намерасад, чунки пайвандакҳои забони тоҷикӣ дар ифодаи маъноҳои иловагӣ кам ба назар мерасанд.

Омӯзишҳо нишон доданд, ки ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар ҳарду забон аз тарафи забоншиносони гуногун ба гурӯҳҳои мушаххас ҷудо карда шудаанд ва ин гуна гурӯҳбандиҳо омӯзиши онҳоро нисбатан дастрас намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. - Қ. 1. - 267 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1986. - Қ. 2. - 350 с.
3. Качалова К.Н. Практическая грамматика английского языка / К.Н. Качалова, Е.Е. Изралиевич. – Москва, 1959. - 600 с.
4. Крылова И.П. Грамматика английского языка / И.П. Крылова, Е.М. Гордан. - Москва, 1999. - 569 с.
5. Резник Р.В. Грамматика английского языка / Р.В. Резник, Т.С. Серокино. – Москва: Просвещения, 1991. - 567 с.
6. Санников Э.В. Практическая грамматика английского языка / Э.В. Санников. - Ростов-на-Дону, 2001. – 467 с.
7. Туйғунов Н. Мухтасари қоидаҳои забони англисӣ / Н. Туйғунов. - Душанбе, 2005. - 184 с.
8. Туйғунов Н. Грамматикаи забони англисӣ / Н. Туйғунов. - Душанбе, 2010. - 190 с.
9. Хаймович Б.С. Теоретическая грамматика английского языка. Учеб. пособие для ин-тов и фак. иностр. яз. / Б.С. Хаймович, Б.И. Роговская. – Москва, 1967. – 298 с.
10. Хаймович Б.С. Грамматика английского языка / Б.С. Хаймович, Б.И. Роговская. – Москва, 1967. - 600 с.
11. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: Саҳбо, 2007. – 1080 с.
12. 12.Ҷамшедов П. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / П. Ҷамшедов, Толиби Розӣ. - Душанбе: Пайванд, 2007. - 1202 с.
13. Standart Tajik-English Dictionary / Compiled and Edited by R.B. Olson, R.A. Olson. - Star Publication, 2000. - 615 p.

ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола андешаҳои муаллиф оид ба ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар забони англисӣ ва баъзе тафовутҳои онҳо нисбат ба забони тоҷикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар заминаи маводҳои ҷорӣ таҳлили муқоисавии баъзе паҳлуҳои ҷумлаҳои мураккабро нишон диҳад. Ҷумлаҳои мураккаб дар натиҷаи аз назари маънӣ ва қолаби грамматикӣ ба ҳамдигар васл шудани ҷумлаҳо сода таркиб ёфта, фикри мураккаберо ифода мекунанд. Ҷумлаҳои мураккаб аз рӯйи муносибати маъноӣ ва алоқаи грамматикӣ байни ҷумлаҳои содаи таркиби худ ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ҷумлаҳои мураккаби омехта. Дар забони англисӣ ҷумлаҳои мраккаби пайваст аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои мустақил иборат буда, комилан баробарҳуқуқ нестанд, қисмати пайвастшуда дар ҳама ҳолат ба қисмати аввали ҷумла алоқаманд мебошад. Мушоҳида мешавад, ки дар аксар маврид ҷумлаҳо аз лиҳози маъно ба тартиб омадаанд ва дигар кардани мавқеи онҳо ифодаи маъноро аз лиҳози мантиқ вайрон хоҳад кард. Аксар забоншиносон бар он андешаанд, ки ин намуди ҷумлаҳо дар аксар маврид дар ифодаи маъно баробар буда, дар ифодаи ҳамон як фикр ба ҳамдигар пайваст мешаванд. Бо ҷумлаҳои мураккаб ифода намудани фикр соҳибони забонро водор мекунад, ки аз қоидаҳои маъмули ҷумлабандӣ огоҳ бошанд, нозукиҳои таносуби маъно ва роҳҳои ифодаи ҷумлаҳоро ба хубӣ бифаҳманд ва матлаби худро тарзе баён карда тавонанд, ки ҳам ба меъёрҳои забони адабӣ мувофиқ бошанд ва ҳам сухан фасеҳу зебо ифода гардад.

Калидвожаҳо: ҷумла, мураккаб, хусусият, тафовут, тарҷума, синтаксис, умумият, таҳлил, муқоиса.

СЛОЖНОСОЧИНЕННЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье автор рассматривает сложносочиненные предложения в английском языке и анализирует некоторые различия этих предложений в таджикском языке. Автор статьи старается провести сравнительный анализ сложных предложений на базе существующих материалов. Сложные предложения формируются на основе грамматических правил слияния простых предложений и обозначают сложные мысли. Сложные предложения по грамматическим связкам и определенным значениям разделяются на сложноподчиненные, сложносочиненные и сложно-смешанные предложения. В английском языке сложноподчиненные предложения образуются из двух простых предложений, которые не являются равноправными, вторая часть предложений всегда связана по значению. Анализ показывает, что в большинстве случаев все предложения в обозначении значений связаны, и изменение места предложений приведет к ошибочному высказыванию. Надо отметить, что одним из общих правил образования сложных предложений является использование союзов. В большинстве случаев наблюдается использование запятой, точки с запятой, двоеточия и дефиса. Большинство языковедов считают, что эти предложения во многом являются равноправными, и в предложении их связывает обозначение одной мысли.

Высказывание мысли при помощи сложных предложений заставляет говорящего быть осведомленным о простых грамматических правилах языка и различать особенности его значения, которые совпадают с требованиями языка.
Ключевые слова: предложение, сложный, особенность, различие, перевод, синтаксис, общность, анализ, сравнение.

COMPOUND SENTENCES IN ENGLISH LANGUAGE

In the article the author reviews compound sentences in English and analyzes some differences in these sentences in the Tajik language. The author of the article tries to make a comparative analysis of complex proposals based on existing materials. Complex sentences are formed on the basis of grammatical rules for the fusion of simple sentences and denote complex thoughts. Complex sentences on grammatical links and the definition of values are divided into complex, compound and complex-mixed sentences. In English, compound sentences are formed from two simple sentences that are not equal, the second part of the sentences is always related in meaning. Analyzes show that, in most cases, all sentences in the notation of meaning are connected, and changing the place of sentences will lead to an erroneous statement. It should be noted that one of the general rules for the formation of complex sentences is the use of unions. In most cases there is a comma, a semicolon, a colon, and a hyphen. Most linguists believe that these proposals are largely equal in rights, and the designation of one idea links them to the proposal. Expressing thoughts with complex sentences insists the speaker of everyday life is aware of simple grammatical rules of the language and distinguishes features of meaning that coincide with the requirement of the speaker's language.
Key words: sentence, complex, singularity, difference, translation, syntax, generality, analysis, comparison.

Сведения об авторе: ***Алиева Гулафзо Зафаровна*** **-** Финансово-экономический институт Таджикистана, ассистент кафедры иностранных языков, соискатель кафедры истории языка и сравнительной типологии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 734067. Телефон: **(+992) 93-112-34-89**

Information about the author: ***Alieva Gulafzo Zafarovna*** - Financial and Economic Institute of Tajikistan, assistant Department of Foreign Languages, post graduate student of the history of language and comparative typology of the Tajik state pedagogical University. S. Aini. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, street Nakhimova, 64/14, 734067.
Tel: **(+992) 93-112-34-89**

УДК:491. 550-3

ЛЕКСИЧЕСКИЕ И ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ГАЗЕТНЫХ ЗАГОЛОВОК

Талабова Т.М.
Таджикский национальный университет

В современной жизни газеты занимают важную роль. С помощью прессы мы можем узнать о событиях в мире. Газетную публицистику также называют летописью современности, так как она во всей полноте отражает текущую историю, обращена к злободневным проблемам общества – политическим, социальным, бытовым, философским и так далее.

Как первый элемент публицистического текста, газетный заголовок дает читателю общее представление о содержании журналистской статьи, а также нередко заключает основную мысль автора в себе. Являясь частью текста, важнейшим структурным его элементом, заголовок оказывает еще большее воздействие на содержание текста и построение, и его восприятие читателем. По верному замечанию В. П. Жукова, «способность языковой единицы влиять на организацию текста зависит, прежде всего от информативной емкости семантически реализуемой единицы. Чем информативнее та или иная единица, чем выше ее познавательная ценность, тем выше текстообразующая способность таких выражений, и наоборот» [2, с.56].

Согласно Чекалиной Е. М., пресса является исторически наиболее старым традиционным источником информации, к которому наряду с радио, телеинформацией принадлежит газета, преимущество которой в том, что она дает возможность понять прочитанное [6, с.45].

В словаре С. И. Ожегова заглавие определено несколько уже – как название какого-либо произведения (литературного, музыкального), или отдела его частей, как заглавие литературного произведения, в той или иной степени раскрывающее его содержание [4, с.198].

В газетных заголовках особенно широко используются жаргонизмы и другие лексические элементы разговорного стиля [3, с.207]. Даже если в самой статье какая либо ситуация описывается в более сдержанном стиле, заголовок часто носит более разговорный характер. Принимая во внимание все вышесказанное, можно выделить основные трудности перевода газетных заголовков, так как в них используются:

- деформированные фразеологизмы, устойчивые выражения, название литературных произведений, песен и т. д.;
- стилистические средства как игра слов;
- использование разговорных форм и жаргонизмов, в том числе профессиональных;
- сокращенные фамилии и прозвище известных политических деятелей.

- частое употребление фразеологических сочетаний, носящих характер своего рода речевых штампов, например:

By the decision of - по решению –бо қарори
In reply to - в ответ на – дар ҷавоб ба
With reference to - в связи с – вобаста ба
To draw the conclusion - прийти к заключению – ба хулосае омадан
To attach the importance - придавать значение – эътибор додан
To take into account - принимать во внимание –ба назар гирифтан
In a statement of - в заявлении –дар баёния ба
On the occasion of - по случаю –бинобар ба

On the occasion of their Annual Consultation, FAO and Norway strengthen their collaboration and commitment toward the achievement of the SDGs. (11).

По случаю их ежегодных консультаций ФАО и Норвегия укрепляют свое сотрудничество и приверженность достижению ГРП.

Бинобар ба машваратҳои солонаи худ, ФАО ва Норвегия ҳамкорӣ ва уҳдадориҳояшро барои ноил шудан ба ВКД таҳким медиҳанд.

Из газетных статей можно понять, что фразеологические сочетания используются часто в заголовках. В вышеприведенном примере используется On the occasion of, которое переводится на русский язык как «по случаю» а на таджикский язык как «бинобар». Несмотря на то что пример приведен на трех языках, во всех трех языках данное фразеологическое сочетание используется часто и имеет одно и то же значение.

- использование конструкций типа «глагол + that» при изложении чужого высказывания, комментировании заявлений политических деятелей и т.д., например:

A Historic moment that almost went unrecorded (16).
Исторический момент, который почти не регистрировался.
Лахзаи таърихие, ки кариб ба кайд гирифта нашудааст.

- сочетаний типа «глагол + существительное», которое образует фразеологическое, сочетание например:

to have a discussion- обсуждение- муҳокимаронӣ кардан – вместо **to discuss** - обсуждать – муҳокима кардан

to give support – оказывать поддержку - дастгирӣ кардан - вместо **to support**-поддержка – дастг и рӣ.

to give recognition- признать - эътироф кардан вместо **to recognize** - признавать – эътироф кардан.

The Ministry for Foreign Affairs will give support for three representatives to work with UNIFEM until spring 2008 (15).

Министр иностранных дел будет оказывать поддержку трем представителям в их работе по программам ЮНИСЕФ до весны 2008 года (15) ~ Вазорати корҳои хориҷӣ 3 намояндаи худро дар корҳояшон доир ба барномаҳои UNIFEM то баҳори 2008 дастгирӣ хоҳад кард.

Фразеологическое сочетание «to give support» переводится на русский язык как оказывать поддержку, а на таджикский язык как дастгири кардан. Само слово «support» имеет несколько значений, но в публистическом тексте особенно в заголовках, обычно используется как сочетание «глагол + существительное», которое образует фразеологическое сочетание. Данное фразеологическое сочетание широко используется во всех трех языках.

- при помощи некоторых продуктивных суффиксов, употребление неологизмов, например:

-ism - socialism- социализм- сотсиализм
-ist - naturalist –натуралист - натуралист
-ite –reductibilite- уменьшаемость - камшавӣ
-ize , -to atomize, - распылитель –пошхӯранда
-ation –expectation – ожидание- умед

и префиксов:

anti- anti-American campaign, - антиамериканская компания – ширкати зидди Америкоӣ
pro- pro-Arab movement, проарабское движение – ҳаракати тарафдории Араб
inter- inter-European relations, - внутриевропейские отношения – муносибатҳои дохилии Аврупо

- в качестве вступительной части сообщений, широко использовать безличные обороты, например:

it is generally believed that … по общему убеждению …ба ақидаи ҳамагон...
is officially announced that … официально сообщается, что ... расман эълон менамоянд, ки....
it is rumoured that … ходят слухи, что …овозаҳо ҳаст, ки...

it is reported that … сообщают, что …хабар медиҳанд, ки...

it is suggested that … предполагают, что … эҳтимол аст, ки...

- частое употребление сокращений, например:

M.P. = Member of Parliament – член парламента - аъзои парламент

T.U.C. = Trades Union Congress – конгресс профсоюзов - анҷумани иттифоқҳои касаба...

TV = Television – Телевидение – Телевизион

UNO = United Nations Organization – ООН - ИММ

NATO = North Atlantic Treaty Organization – организация Североатлантического договора – Созмони паймони Атлантикаи шимолӣ

EEC = European Economic Community – Европейское экономическое сообщество – Иттиҳоди иқтисодии аврупоӣ

TGWU = Transport and General Workers Union –

FO = Foreign Office –министерство иностранных дел - Вазорати корҳои хориҷӣ

U.S. = United States – Соединенные штаты – Иёлоти Муттаҳида

CFPB = Consumer Financial Protection Bureau - бюро по финансовой защите потребителей – бюро барои ҳифзи молиявии истеъмолкунандагон

CEO = Chief Executive Office –генеральный директор -

CVS = Concurrent Versions System – Система одновременных версий - системаи версияи ҳамоҳангӣ...

GOP = Grand Old Party – Великая старая партия – ҳизби бузурги куҳна

PIB = Prices and Incomes Board – цены и доходы – нархҳо ва даромадҳо

U.S. Futures Jump on Senate Tax Bill (14).

Соединенные штаты. Фьючерсы идут на налоговый законопроект Сената ~ Иёлоти Муттахида. Фьючерсҳо ба Лоиҳаи қонуни андози Сенат мераванд.

В синтаксическом отношении газетный текст значительно проще языка научно-технических изданий; в нем реже встречаются сложные грамматические конструкции и обороты.

Стремление привлечь внимание читателя послужило благодатной почвой для формирования специфики английских заголовков. Разрабатывались различные приемы, направленные на достижение наибольшей заинтересованности и понимания читателем текста без специальной подготовки. Основой специфической чертой является краткость, чаще всего достигаемая с помощью глаголов. Исходя из того, что читатель порой знакомится с содержанием газетной публикации в некомфортной обстановке (например, в транспорте) и не всегда готов вдумчиво воспринимать суть материала, одним из главных законов заголовка становится закон компрессии (сокращения) информации [1, с.345-347]. Согласно исследованиям И. В. Арнольд, этот закон может проявляться как отсутствие личной формы глагола, например:

“Harry the royal black sheep?”

В данном предложении при выборе заголовка автор опустил местоимения 3-го лица единственного числа -is., т.е несмотря на отсутствие личной формы “is, заголовок является интересным и достаточно хорошо привлекает внимание читателя.

Harry Potter actors killer jailed for life [7].

Актеры Гарри Поттера заключены в тюрьму на всю жизнь.

Актёрҳои Гарри Поттер то охири умр дар маҳбас.

Woman arrested in Saudi Arabia for driving [8].

Женщина арестована в Саудовской Аравии за вождение.

Дар Арабистони Саудӣ, зане барои рондани мошин боздошт шуд.

Woman arrested for wearing miniskirt in Saudi Arabia [9].

Женщина арестована за ношение мини-юбки в Саудовской Аравии.

Дар Арабистони Саудӣ, зане барои пӯшидани юбкаи кӯтоҳ боздошт шуд.

It started as a Tax Cut. Now it could Change American life [10].

Это началось как сокращение налогов. Теперь это изменит Американскую жизнь (жизнь американцев).

Он ҳамчун буриши андоз оғоз шуд. Акнун ин ҳаёти Амрикоиро тағйир хоҳад дод.

- в английских заголовках очень распространено использование пассивной конструкции.

Jewel thieves robbed of takings [12].

Ограбление похитителей драгоценностей

Дуздон ғорат шуданд.

Couple found in Belgium after vanishing from ferry [13].

Пара найденна в Бельгии после исчезновения с парома.

Ҷуфте, ки аз киштии гузора гум шуда буд, аз Белгия ёфт шуд.

Использование пассивной конструкции в английских заголовках позволяет избежать упоминания субъекта действия и одновременно привлечь внимание к объекту действия. Это делает заголовок более сжатым и информативным. Объект действия в подобных заголовках, как правило, располагается в начале предложения, что позволяет читателю определить, о чем говорится в статье, даже не дочитав до конца ее заголовок [12]. При этом, глагол to be опускается.

- для заголовков английских информационных заметок характерно также опущения артикля

Robin Williams to undergo heart surgery [12].

Роберт Уильямс перенес операцию на сердце.

Робин Уилям ҷарроҳии дилро аз сар гузаронид.

Dutch leave messages on God phone [12].

Голландцы оставляют сообщения на телефоне Бога.

Голландиҳо паёми худро дар телефонии Худо мегузоранд

China sends its top actors and directors back to socialism school.

Китай отправляет своих главных актеров и режиссеров обратно в школу социализма.

Чин ҳунармандону режиссёрҳои худро ба мактаби социалистӣ мефиристад.

Артикль сохраняется лишь в тех случаях, когда его опущение может привести к неверной смысловой интерпретации, когда в английском предложении опускаемый артикль несет смысловое значение, его нужно «восстановить» при переводе.

Существование вышеперечисленных особенностей британской газетной публицистики свидетельствует о ее высоком уровне развития как функционального стиля, тесно связанного с обществом и испытывающим на себе его непосредственное влияние в плане структуры языка. Газетные публикации могут сообщать информацию и формировать определенное восприятие читателями действительности с помощью различных языковых средств. Заголовок является важным элементом текста, призванным привлечь внимание читателей с помощью различных лексических и грамматических приемов.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арнольд И. В. Стилистика. Современный английский язык: Учебник для вузов. / И. В. Арнольд. -М.: Наука, 2002. – 4-е изд., исправленное и дополненное. - 384 с.
2. Жуков В.П. Семантика фразеологических оборотов [Текст] / В.П. Жуков. -М.: Просвещение, 1978. -159 с.
3. Моисеева И. Ю. Деривационные механизмы процесса текстообразования (на примере текстов примитивов Internet) / И. Ю. Моисеева // Вестник Оренбургского государственного университета. – 2007. – №11. – С. 82–88.
4. Ожегов С.И. Большой толковый словарь / С.И. Ожегов. – М.: Азь, - 1992. – 660 с.
5. Саидов Х.А. Система дипломатических терминов в таджикском и английском языках / Х.А. Саидов. - Душанбе, 2013. – 335 с.
6. Чекалина Е. М. Стилистика английского языка / Е. М. Чекалина. - М., 2007. - 234 с.
7. CNN-Breaking News, March 5, 2009, Harry Potter actors killer jailed for life. [Электронный ресурс]. URL:http://edition.cnn.com/2009/WORLD/uerope/03/05/ur.potter.star.murdered/index.html (дата обращения 02.11.2017 г.)
8. Catherine Horne, October 18, 2017. Woman Arrested for driving in Saudi Arabia [Электронный ресурс]. URL:http://www.newyorkminutemag.com/woman-arrested-for-driving-in-saudi-arabia/ (дата обращения 02.11.2017 г.)
9. Jack Moore, July18, 2017, Newsweek, Woman arrested for wearing miniskirt in Saudi Arabia [Электронный ресурс]. URL:https://www.google.com/search?hl=ru-RU&ie=UTF-8&sourse= android-browser&q=WOMAN+ARRESTED+FOR+WEARING +MINISKIRT+ IN+ SAIDI+ARABIA (дата обращения 02.11.2017 г.)
10. Peter S, Goodman and Patricia Cohen. November 29, 2017, The New York Times, It started as a Tax Cut. Now it could Change American life [Электронный ресурс]. URL: https://nuti/ms/2kablfo (дата обращения 02.11.2017 г.)
11. FAO, 24.05.2017, On the occasion of their Annual Consultation, FAO and Norway strengthen their collaboration and commitment toward the achievement of the SDGs [Электронный ресурс]. URL: http://www.fao.org/partnerships/container/news-article/ru/c/888879/ (дата обращения 02.11.2017 г.)
12. Грамматические трансформации, используемые при переводе английских информационных газетных заголовков на русский язык, [электронный ресурс]. URL: http://xreferat.com/27/371-1-grammaticheskie-transformacii-ispol-zuemye-pri-perevode-angliiyskih-informacionnyh-gazetnyh-zagolovkov-na-russkiiy-yazyk.html (дата обращения: 02.11.2017 г.)
13. Matthew Taylor, 14 November, 2006, Couple found in Belgium after vanishing from ferry, [электронный ресурс]. URL: https://www.theguardian.com/world/2006/nov/14/matthewtaylor.uknews2 (дата обращения: 02.11.2017 г.)
14. Morningstar, U.S. Futures Jump on Senate Tax Bill [Электронный ресурс]. URL:http://news.morningstar.com/all/dow-jones/us-markers/201712043550/ us-futures-jump-on-senate-tax-bill-2nd-update.aspx (дата обращения 02.11.2017 г.)
15. Reverso Context, The Ministry for Foreign Affairs will give support for three representatives to work with UNIFEM until spring 2008 [Электронный ресурс]. URL: http://context.reverso.net/перевод/английский-русский/until+spring (дата обращения 02.11.2017 г.)
16. Oren Rawls, Dec. 1, 2017, A Historic Moment That Almost Went Unrecorded, The Wall Street Journal [Электронный ресурс]. URL: https://www.wsj.com/articles/a-historic-moment-that-almost-went-unrecorded-1512171690 (дата обращения 02.11.2017 г.)

ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКИ ВА ГРАММАТИКИ ДАР САРЛАВҲАҲОИ РӮЗНОМАҲО

Ин мақола ба омӯхтани хусусиятҳои сарлавҳаҳои рӯзномаҳо ва инчунин аҳамияти иҷтимоию фарҳангии сарлавҳа дар замони ҳозира бахшида шудааст. Ҳаёти имрӯзаи моро бидуни васоити ахбор тасаввур кардан ғайриимкон аст. Хоҳиши ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ҳамчун заминаи ҳосилхез барои ташаккули хусусиятҳои сарлавҳаҳои англисӣ равона шуда буд. Барои ноил шудан ба ҳавасмандии хонандагон ва дарки мафҳуми он аз тарафи онҳо усулҳои гуногун коркард шуда истодаанд. Сарлавҳаҳои рӯзномаҳо аз нуқтаҳои мухталифи забон таҳлил карда мешаванд. Хусусияти асосии рӯзнома – ин пешниҳоди иттилоот мебошад. Бо вуҷуди ин, он барои хабардор намудан ва хушнуд кардани мардум истифода мешавад. Ҳамчунин рӯзнома кӯшиш мекунад, ки ба ақидаҳои ҷамъият оид ба сиёсат, иқтисодиёт ва дигар масъалаҳо таъсир расонад. Рӯзнома метавонад ба онҳое, ки телевизор, радио ва интернет надоранд, маълумот расонад. Бо мақсади фароҳам овардани тадқиқоти публитсистӣ фарқиятҳои асосиро набояд фаромӯш кард. Ҳадафи тадқиқоти рӯзноманигорӣ аз таъсир расонидан ба ақидаҳои ҷамъиятии мардум ва маҷбур кардани хонандагон барои қабули нуқтаи назари онҳо мебошад. Мақсад аз услуби рӯзнома ин расонидани хабар мебошад. Мақолаи мазкур ба хусусиятҳои асосии грамматикии забон нигаронида шудааст, ки ба намудҳои сарлавҳаҳои дар рӯзнома мавҷудбуда бахшида шудааст ва метавонад барои донишҷӯёни риштаи филология ва забоншиносӣ хамчун маводи зарурӣ истифода шавад.

Калидвожаҳо: рӯзнома, сарлавҳа, мақола, сарлавҳаҳои англисӣ, хусусиятҳои лексикӣ, хусусиятҳои грамматикӣ, пайвастшавии фразеологӣ, хабар, фарҳанг, иттилоот.

ЛЕКСИЧЕСКИЕ И ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ГАЗЕТНЫХ ЗАГОЛОВОК

Данная статья посвящена изучению лексических и грамматических особенностей в газетных заголовках. А также высокой социально-культурной значимостью заголовка в наше время. Сегодняшнюю жизнь нельзя представить без средств массовой информации. Стремление привлечь внимание читателя послужило благодатной почвой для формирования специфики английских заголовков. Разрабатывались различные приемы, направленные на достижение наибольшей заинтересованности и понимания читателем текста без специальной подготовки. Газетные заголовки могут быть проанализированы с различных лингвистических точек зрения. Главная функция газеты – это давать информацию. Несмотря на это, оно используется для просвящения и развлечения людей. Газета также стремится влиять на общественное мнение о политике, экономике и других вопросах. Газета может обеспечить информацией тех, у кого нет телевизора, радио или интернета. Для того, чтобы не путать публицистическое исследование, необходимо отметить основные различие. Цель публицистического исследования – повлиять на общественное мнение, заставить аудиторию принять точку зрения говорящего. По стране цель газетного стиля – информировать аудиторию. Данная работа фокусируется на главных грамматических языковых особенностях, которые создают стиль заголовков, найденных в газете, и может быть использована студентами и аспирантами филологического и лингвистического направления.

Ключевые слова: Газета, заголовок, статья, английских заголовках, лексический, грамматический, фразеологические сочетания, информация, культура, новости.

LEXICAL AND GRAMMATICAL FEATURES IN NEWSPAPER HEADINGS

This article is devoted to studying lexical and grammatical features in newspaper headings. And also high socio-cultural importance of headline presently. Today's life is unimaginable without the mass media. The aspiration to draw attention of the reader served as the fertile field for formation of specifies of the English headings. Various receptions directed to achievement of the greatest interest and understanding by the reader of the text without special preparation were developed. The newspaper headlines can be analyzed from different linguistic perspectives. The word newspaper suggests that its main function is to give news. Despite this, it is used to educate, enlighten or entertain people. The newspaper also seeks to influence public opinion on political, economic and other matters. Newspaper can provide a medium of information those who do not have television, radio or the internet. In order note to confuse publicity study the main difference has to be mentioned. The goal of publicist's study is to influence public opinion, to make the audience accept the speaker's point of view on the country, the goal of newspaper style is to inform the audience. The headlines of news items, apart from giving information about the subject-matter, also carry a considerable amount of appraisal (the size and placement of the headline, the use of emotional colored words and elements of emotive syntax), thus indicating an interptation of the facts in the news item that follows. But also editorials (leading articles) are characterized by a subjective handling of facts, political or otherwise and therefore have more in common with political essays or articles and should rather be classed as belonging to the publicist's style than to the newspaper. The given work focuses on the main grammatical as well as lexical languages features that create the style of headlines found in the newspaper and can be used students and post-graduate students of a philological and linguistic direction.

Key words: newspaper, headline, article, lexical, grammatical, phrase logical combinations, information, cultural, news.

Сведения об авторе: ***Талабова Тахмина*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: **talabova@inbox.ru.** Телефон: **(+992) 987-54-54-47**

Information about the author: ***Talabova Takhmina*** - Tajik national University Ph.D, English department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: **talabova@inbox.ru.**
Tel.: **(+992) 987-54-54-47**

УДК:491550

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКӢ ВА ГРАММАТИКИИ ЯК ИСТИЛОҲ

Тоиров Ш.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Забони тоҷикӣ яке аз пурғановаттарин забониҳои рӯйи дунё буда, таърихи зиёда аз сеҳазорсола дорад. Ин забон, ки аз ҷиҳати таркиби луғавӣ яке аз мукаммалтарин забонҳои рӯйи олам мебошад, садҳо ҳазор калимаҳоро дар бар мегирад ва месазад, ки аз нуқтаи назари забоншиносӣ мавриди омӯзиши зиёдтаре қарор гирад.

Дар масъалаи омӯзиши ҷиҳатҳои маъноии калима асару мақолаҳои зиёди илмӣ навишта шуданд, билхосса олимони тоҷик дар самти лексикологияи соҳавӣ корҳои назаррасеро сомон додаанд. Вале дар самти омӯзиши вожаю истилоҳоти кишоварзӣ корҳои чандон назаррасе мушоҳида намешаванд.

Ягона асаре, ки ба истилоҳоти кишоварзӣ бахшида шудааст, ин рисолаи доктории Стеблин-Каменский «Земледельческая лексика памирских языков в сравнительно-историческом освещении» мебошад [14, с.33].

Бо вуҷуди он ки ин асар ҷанбаи бисёр назарраси илмӣ дорад ва ба баъзе паҳлуҳои лексикаи кишоварзӣ аз нуқтаи назари аслу баромад ва пайдоишу муқоиса бо дигар забонҳои оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ маълумот медиҳад, асосан ба баррасии масъалаҳои вожашиносии соҳаи кишоварзии хосси гурӯҳи забонҳои эронии шарқӣ бахшида шудааст. Забони тоҷикӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои эронии ғарбӣ шомил мешавад, новобаста аз қариниву хешигарӣ ба забонҳои шарқии эронӣ бо бисёр хусусиятҳои савтию шаклӣ аз он гурӯҳи забонҳо фарқи назаррас дорад, ки аз ин хотир масъалаи пажӯҳиши вожагон ва истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар забони тоҷикӣ аз мавзӯъҳои ҳанӯз ҳам таҳқиқнашуда муаррифӣ мешавад.

Вобаста ба мавзӯи зикршуда, чанде аз олимони тоҷик дар асарҳои ба лексикаи соҳавӣ бахшидашуда,ҷо-ҷо фикру андешаҳои худро баён намуданд.

Масалан, дар китоби худ С.Ҳалимова «Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ» дар мавриди вожаю истилоҳоти кишоварзӣ ва боғдорӣ маълумоти хубе дода, онҳоро ба ҳафт гурӯҳи тематикӣ ҷудо намудааст [17, с.49, 53].

Новобаста ба он ки рисолаи номзадии Саидов Ҷ. бо унвони «Лексика муминабадского говора» дар соҳаи лаҳҷашиносӣ мебошад, дар он истилоҳоти ифодакунандаи соҳаи кишоварзӣ хеле хуб мавриди тадқиқот қарор гирифтаанд [12, с.67, 70].

Дар китоби Ш.О. Шарифов ва Т.Қ. Ҷӯраев «Лексикаи касбу ҳунар сарчашмаи терминологияи техникии тоҷик» дар мавриди шарҳу эзоҳи олотҳои хоҷагии қишлоқ дар мавзӯи вобаста ба истилоҳоти кишоварзӣ дар якчанд маврид ёдрас шудааст [22, с.35, 56].

Ба ғайр аз қайдҳои мазкур дар мавриди омӯзиши луғоти кишоварзӣ ягон асари мукаммали илмӣ мушоҳида намешавад. Аммо дар ин самт дар забоншиносии собиқ Шӯравӣ аз тарафи як қатор олимон: Ф.П. Филин [15, с.14], Т. В. Слаборнюк [13, с.28], Л. А. Кацапов [3, с.18], Н.М. Никитенко [9, с.25], Ф. Маджидов [5, с.16] корҳои арзишманди илмӣ ба анҷом расонида шуданд.

Пеш аз он ки ба муайян намудани баъзе вижагиҳои таърихиву маъноӣ, маъноиву грамматикии як истилоҳи соҳаи кишоварзӣ, калимаи «деҳқон», назар андозем, ба мо лозим меояд, ки ба масъалаи умумият ва фарқияти калимаҳои соҳавӣ (профессионализмҳо) аз терминҳо назар андозем. Чунки калимаҳои соҳавӣ дар баъзе ҳолатҳо умумиистеъмолӣ шуда, ҳатто сермаъно мешаванд, ки хусусияти терминӣ (истилоҳ)-и худро аз даст медиҳанд. Барои ҳамин, дар вақти муайян намудани махсусиятҳои термин ва калимаҳои касбӣ-соҳавӣ дақиққорона бояд назар намуд.

Ҳам дар мавриди калимаҳои касбӣ-соҳавӣ ва ҳам терминҳо дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ, аз қабили «Забони адабии ҳозираи тоҷик». қ. 1 [2, с.86], «Луғати терминҳои забоншиносӣ» [18, с.185 - 186], «Луғати тафсирии калимаҳои русӣ- интернатсионалӣ» [21, с.307] маълумот дода шудааст.

Инчунин дар бештари адабиёти мазкур фарқи калимаҳои муқаррарӣ аз терминҳо нишон дода шудааст. Масалан, М.Муҳаммадиев ба хусусияти терминҳо дахолат намуда, шаш роҳи фарқияти онҳоро аз калимаҳои муқаррарӣ нишон додааст [7, с.45].

Дар асари Н.О. Шарофов ва Т.Қ. Ҷӯраев «Лексикаи касбу ҳунар сарчашмаи терминологияи техникии тоҷик» фарқияти терминҳо аз калимаҳои касбӣ – соҳавӣ дар се банд нишон дода шудааст [22, с.5-6].

Ба ин масъала дар забоншиносии рус низ аҳамияти ҷиддӣ додаанд, бахусус, дар мавриди муайян намудани баъзе хусусиятҳои терминҳои лексикаи кишоварзӣ. Агар дар забоншиносии тоҷик дар мавриди муайян намудани термин фақат ақидаи ба як маъно-

моносемия омадани он ишора равад, вале забоншиноси маъруфи рус А.А. Реформатский дар яке аз мақолаҳояш «Что такое термин и терминология» дар мавриди аниқ муайян намудани хусусияти термин ҳангоми сермаъно шудани як калимаи соҳавӣ онро чунин қисмат мекунад: «соҳа» (термин); «скорополика», «двойчатка», «ординарец» (профессионализм); «клопик», «деревянный нос», «андреевна» (селенгизм) [11, с.49]. Забоншиноси дигари рус З.И. Комарова дар масъалаи фарқияти калимаҳои соҳавӣ аз терминҳо чунин гуфтааст: «на ҳама вақт калимаҳои соҳавӣ термин шуда метавонанд ва чор роҳи фарқияти калимаҳои соҳавиро нишон додаст: 1. Лексикологӣ. 2. Услубӣ. 3. Услубӣ-лексикологӣ. 4. Семасиологӣ» [4, с.74].

Забоншиноси тоҷик С. Ҳалимова ба ин масъала хеле дақиққорона назар намуда, дар мавриди фарқияти терминҳо аз профессионализмҳо доираи истеъмоли як гурӯҳи профессионализмҳоро хеле маҳдудтар нишон додааст [17, с.15]. Ин андеша то ҷое, ки мушоҳада мешавад, асоси илмӣ дорад, чунки дар бештари мавридҳо вожаҳои ба ин ё он касб мансуб аз тарафи соҳибони ин ё он пеша гузошта мешавад, ки дар доираи дигар касбу кор ё пеша ошно нестанд, маҳдудан аз тарафи одамони соҳибкасб маҳсулоти истеҳсолкарда номгузорӣ карда мешаванд. Ҳолатҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки калимаҳои ифодакунандаи истеҳсолӣ дар дигар маҳал бо дигар ном ифода карда мешаванд. Барои исботи ин фикр ақидаи Н.О. Шарофов ва Т.Қ. Ҷӯраев айни муддаост, ки бо мисолҳои овардашуда ақидаи худро исбот мекунанд. Масалан: хумдонро дар баъзе маҳалҳо аз ҷумла, дар Яғноб-хумб, Файзобод-пэр, Қаротегин-пэрмонӣ, Бадахшон-суз мегӯянд [22, с.5-6]. Вале терминҳо ҳамчун мафҳумҳои ифодакунандаи соҳаи илм, техника, иқтисодиёт, фарҳанг доираи истеъмоли васеъ доранд. Масалан, дар соҳаи забоншиносӣ, морфология, синтаксис, фонетика; дар соҳаи тиб фарз кардем номгӯи доруворихо: ампицилин, гентомецин, кономецин, димедрол: дар соҳаи химия: оксиген, гидроген.

П.Б. Оленева ҳам ба хусусиятҳои ономастикии лексикаи кишоварзӣ таваҷҷуҳ намуда, дар муайян намудани роҳҳои омӯзиши вожаҳои ифодакунандаи олотҳои хоҷагии қишлоқ аз нуқтаи назари қаробати маъноӣ онҳоро ба 4 макросистема ва 12 микросистема ҷудо намудааст [10, с.5].

Бадин минвол, дар самти муайян намудани маънои лексикии калимаҳои соҳавӣ фарқияти калимаҳои соҳавӣ аз терминҳо, роҳҳои ифодаёбии терминҳо, махсусияти терминҳомақолаву рисолаҳои илмӣ ки навишташуда аз аҳамият орӣ нестанд. Чуноне ки дар боло қайд намудем, вобаста ба ҳамин мавзӯъ мо лозим донистем, ки чанд андешаи худро дар хусуси як калимаи соҳавӣ – «деҳқон» баён созем.

Бояд ёдовар шуд, ки дар забоншиносии тоҷик вобаста ба қонуну қоидаҳои мустаъмали забон калимаҳо аз рӯйи хусусиятҳои маъноӣ, маъноиву услубӣ, маъноиву грамматикӣ, этимологӣ, луғавӣ ва синхрониву диахронӣ (ҳамзамонӣ ва пайиҳамзамонӣ) гурӯҳ – гурӯҳ мавриди тадқиқот қарор гирифтаанд, вале мавриди таҳқиқ қарор гирифтани як калима ками дар кам мушоҳида мешавад, махсусан, дар лексикаи кишоварзӣ умуман мушоҳида намешавад. Аз ин рӯ, вобаста ба эҳёшавӣ ва мукаммалшавии забони адабии ҳозираи тоҷик ҳар як калимаи забони тоҷикӣ ҳамчун ганҷи гаронбаҳо вобаста ба хусусиятҳои забонӣ бояд мавриди омӯзиш қарор гирад. Гузашта аз ин, ба вуҷуд омадану соҳиби ин ё он ном гаштани калима ҳодисаи тасодуфӣ набуда, барои арзи ҳастӣ намудану соҳиби ин ё он ному маъно гаштани он заминаи воқеӣ ба амал меояд ва вобаста ба ҳодисаҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, инчунин таърихи маънои он, тағйир меёбад.

Аз ин рӯ, лозим донистем, ки чанд андешаи худро оид ба хусусиятҳои забонии як истилоҳи соҳаи кишоварзӣ, калимаи «деҳқон», баён созем.

Ин калима вобаста ба сайри таърихии худ ба тағйироти ҷиддӣ дучор шуда, дар забони форсии қадим дар шакли «даҳйуном» ва баъдан «даҳйаконом» вомехӯрад. Дар забони форсии миёна бошад, дар бисёри мавридҳо дар шакли «деҳгон» ва баъзан «деҳагон» омадааст. Аз ҷиҳати маъноӣ низ вожаи мазкур ба тағйирот дучор шудааст.

Дар сарчашмаҳои эътимодбахши илмӣ, таърихӣ, этимологӣ, фарҳангӣ, энсиклопедӣ ва луғатномаҳо дар хусуси ҷанбаҳои савтӣ, маъноӣ ва этимологии калимаи «деҳқон» маълумотҳои ҷолибро дастрас намудан мумкин аст.

Яке аз асарҳои нисбатан наве, ки дар бораи ҷиҳатҳои маъноии калимаи «деҳқон» маълумот медиҳад, китоби С. Ҳалимова «Вожаю истилоҳоти пешаварӣдар осори Сайидои Насафӣ» мебошад, ки дар такя ба «Ғиёс-ул-луғот» чунин овардааст: «Деҳқон - муарраби «деҳгон» аст, ки мураккаб аз «деҳ» ба маънои «қария» бошад ва лафзи «- гон», ки калимаи лаёқат аст [17, с.50]. Ва чуноне ки мушоҳида намудем, ин намуди шарҳи калима хеле ҷолиб аст. Чунки дар бештари асарҳои илмие, ки мо мушоҳида намудем ба ҷиҳатҳои маъноӣ ва савтии ин мафҳум аҳамият дода мешуд, лекин дар мавриди хусусиятҳои лексикӣ – грамматикӣ ва морфологии ин калима камтар таваҷҷуҳ зоҳир мешуд. Бадин минвол мо андешаи худро дар бораи калимаи мазкур баён намуда, гуфтанием, ки вожаи «деҳгон» дар баробари муарраби «деҳқон» будан дар натиҷаи тағйироти савтӣ, яъне табдилёбии овози «к» ба «г», шакли худро дигар кардааст. Агар ба сохти морфологии калимаи «деҳгон» дар

шакли забони адабии ҳозираи тоҷик аҳамият диҳем, он аз ду ҷузъ иборат аст: «деҳ» ва«-гон» яъне, як қисми калимаи «деҳгон», «- гон» на танҳо пасванди шакли ҷамъсоз дар исмҳои бо анҷомаи «а» тамомшаванда ва сифатҳои феълӣ: наберагон, аберагон, бардагон (ғуломон); рафтаистодагон, шунидаистодагон, инчунин дар якчанд ҳолати дигар ҳангоми бо ҳамсадо омадани «-гон» - ро ба ду вазифа мушоҳида намудан мумкин аст. Ин ҳолат бештар дар забони адабии асри Х мушоҳида мешавад [16]. Ҳолати аввал, ҳамчун пасванди шакли ҷамъсоз: «габргон». Мисол, габргон чунин гӯянд (Таърихи Систон). Дар ҳолати дуюм, дар калимаи «дагон» ба вазифаи сифати нисбӣ омадани он бештар мушоҳида мешавад. Яъне агар «дад – ҳайвони дарандаро ифода кунад дар мавриди табъи «дадгон ҳамчун ибораи фразеологӣ табиати ҳайвонӣ дар назар дошта мешавад». Мисол: - табъи дадгон дошт [16].

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳам калимаи «- гон» ду вазифаро иҷро мекунад: якум вазифаи калимасозӣ, дуюм вазифаи шаклсозӣ. Масалан, дар мавриди калимаи «бозоргон» хусусияти калимасозии «- гон» хеле баръало мушоҳида мешавад. Чунончи: «бозор»-макони хариду фурӯшро ифода мекунад ва дар вақти илова шудани пасванди «- гон» калимақолаби «бозаргон» - ро мегирад, ки ба маънои тоҷир ва савдогар меояд:

Ки омад яке марди бозоргон
Дирамҳо фурӯшад ба диноргон.

Дар ҳолати дигар дар калимаи «диноргон» ба маънои баарзиш, қимат омадан, хусусияти калимасозии «- гон» муайян нест ва шояд, ки дар мавриди дар қолаби ибора омадан он хусусияти сермаъноӣ пайдо карда бошад:

Бад –ӯ гуфт к-аз марди бозогрон,
*Дирамҳо фурӯшад ба**диноргон** [25, с.380].*

Ҳамин тариқ, ҳангоми муайян намудани вазифаи пасванди «- гон» ё худ ба ифодаи Муҳаммад Ғиёсуддин калимаи «- гон» мавриди калимаи «деҳгон» ё «деҳагон» лаёқат ё нисбатро ифода мекунад, ки ба маънои кишоварз ё «деҳқон» меояд [24, с.350]. Яъне шахсе, ки дар деҳа зиндагӣ мекунад ва ба корҳои деҳа вобастагӣ дорад, аз қабили киштукор, боғдорӣ, зироаткорӣ ва ғайра машғул аст. Чуноне ки дар даврони Шӯравӣ аз калимаи «колхоз» бо илова шудани пасванди -чӣ «колхозчӣ», яъне одаме, ки дар колхоз зиндагӣ мекард ва ба корҳои колхозӣ машғул буд. Ҳоло бошад, хушбахтона ба ҷойи ин калима вожаи сирф тоҷикӣ «кишоварз» ифода меёбад, ки бо тағйироти каме савтӣ ба ҳамагон фаҳмо аст. Вале дар мавриди калимаи «деҳгон» ё «деҳқон» ҳамзамон ба маънои мансабдор омадан, маънои «кишоварз» - ро ифода кардани вожаи мазкур шояд таърихи қадимтар дошта бошад. Ҳамин тариқ, ин як ҷиҳати масъала, муайян намудани хусусиятҳои лексикӣ – грамматикии калимаи «деҳқон» буд.

Ҷиҳати дигари мавзӯъ бевосита ба масъалаи сайри таърихии калимаи «деҳқон» ва тағйиротҳои маъногии он вобастагӣ дорад. Дар ин хусус, дар такя ба сарчашмаҳои муътамади таърихиву илмӣ, махсусан китоби «Тоҷикон», чунин омадааст: «Агарчи даҳйуном» ифодагари «деҳқон» бошад, хос дар шакли «даҳйуном фретомадито» дар аҳди Авасто унвони аз ҳама баланди давлатиро ифода мекард» [1, с.70]. Вале дар аҳди Авасто якчанд унвони ба ҳамин калима алоқаманд вуҷуд дошт, ки онҳо низ мақоми баланди ҳукмрониро ифода мекарданд. Масалан: **даҳйу - ҳокими деҳа,** болотар аз ӯ **даҳйупати** – **шояд ҳокиминоҳия, даҳйусасти ҳокимият бар ноҳияҳо** инчунин **ҳудудро** низ ифода мекард ва **«даҳйупатии» тамоми даҳйуҳо, ҳокими тамоми ноҳияҳо** ва болотар аз ӯ **«даҳйуном фретомадито» шӯрои бузургон** вуҷуд дошт, ки фаъолияти **даҳйупатиҳоро назорат** мекард ва унвони аз ҳама баланд буд [1, с.75]. Аз ин ҷо чунин хулоса бармеояд, ки истилоҳи **«даҳйуном фретомадито»** на танҳо маънои унвони баланди давлатӣ, инчунин мафҳуми мақоми баланди ҳокимиятро, яъне шӯрое, ки аз болои ҳокимон назорат мебурд, низ ифода мекардааст.

Дар энсиклопедияи «Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон» дар мавриди калимаи «деҳқон» ва сайри таърихии он ва инчунин аниқ дар кадом даврaҳо ба маънии феодал, ҳукмрон омадани ин калима аз тарафи олимони машҳур Мухторов, В.В. Бартолд А.Э. Бертелс ва Петрушевкий фикрҳои хеле ҷолиб баён шудааст, ки мо овардани онҳоро айни муддао медонем: «Пеш аз истилоҳи араб заминдори калон, соҳиби деҳ, деҳхудо, арбоби деҳаро, ки дастаҳои сарбоз дошт, «деҳқон» мегуфтанд. Баъди истилоҳи араб таъсири деҳқон дар идораи давлат ва деҳ аз даст рафт. Масалан, В.В. Бартольд тахмин мекунад, ки калимаи «деҳқон» то асри XI аҳди Қарохониён маъмул буд. Аз рӯйи ақидаи А.Э. Бертелс ва Петрушевкий калимаи «деҳқон» то асри XIII ба ҳамин маъно вуҷуд дошт. Баъди асри XIII ҳама онҳоеро, ки ба зироат машғул буданд «фаллоҳ» мегуфтанд. Аз асрҳои XI - XIII баробари дар Эрону Осиёи Миёна қувват гирифтани иқтидори ҳарбии турку муғул маънои «деҳқон» аз байн рафт. Вале сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ шаҳодат медиҳанд, ки калимаи «деҳқон» баъди асри XIII ҳам боқӣ монда буд. Катибаҳои аз болооби дарёи Зарафшон, ҳудуди Фалғар ва Масчоҳ ёфтшуда нишон медиҳанд, ки дар ноҳияҳои

алоҳидаи Моваруннаҳр «деҳқонҳо» ҳамчун феодалҳо то асри XVI боқӣ мондаанд [27, с.286-287].

Устод Айнӣ низ вобаста ба ин мафҳум фикри ҷолиб баён намудааст: «Деҳқон» муарраби «деҳгон» буда, дар забони тоҷикии қадим «деҳгон» ба маънои соҳибдеҳ ва соҳиби деҳа омадани ин калимаро таъкид мекунад» [23, с.100].

Дар мавриди муарраб шуда омадани калимаи «деҳқон» ва маънои феодалро ифода кардани калимаи зикршуда, забоншиноси шинохтаи тоҷик Ҳ. Маҷидов низ андешаронӣ намудааст [6, с.106].

М.Муҳаммадиев ҳангоми нишон додани муродифоти вожаи «деҳқон» (колхозчӣ, барзгар, кишоварз), дар такя ба адабиёти классикӣ, дар хусуси таърихан тағйир ёфтани ин калима андеша ронда, ба маънои феодали калон омадани ин калимаро то инқилоби соли 1917 нишон додааст [8, с.66-67].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба чор маъно омадани калимаи «деҳқон» дар такя ба мероси гаронбаҳои адабиёти классикии тоҷику форс нишон дода шудааст:

1. кишоварз, зореъ:

Деҳқон ба саҳаргоҳон к-аз хона биёяд,
Наҳеҷ биёромаду на ҳеҷ бипояд (Манучеҳрӣ)

2. заминдор, молики замин, арбоби деҳ ва деҳхудо: Деҳқонон ва тавонгарон аз вилоят бигурехтанд ва ба туркистон ва тироз шаҳр бино карданд «Таърихи Наршахӣ».

3. аҷам, форсу тоҷик:

На деҳқон на турку на тозӣ бувад,
Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад (Фирдавсӣ).
Саворони тозандаро нек бингар,
дар ин танг майдон зи тозиву деҳқон (Носири Хусрав).

4. маҷ. қиссагӯ, таърихдон:

Зи гуфтори деҳқон кунун достон,
Бипайвандам азгуфтаи бостон (Фирдавсӣ) [25, с.305].

Охирсухан ва андешаҳои аҳамиятноки илмӣ вобаста ба мавзӯи матраҳшуда ақидаҳои олими намоёни тоҷик Р. Ҷӯраев дар хусуси ҷанбаи этимологии калимаи «деҳқон» мебошад, ки дар мавриди вобаста ба хусусиятҳои савтӣ дигар шудани калимаи мазкур чунин овардааст: деҳқон - заминкор, кишоварз. Аз калимаи қадимаи форсӣ-тоҷикии «даҳйа» (кишвар, зарзамин). Аз калимаи даҳйа - деҳ ё деҳа бармеояд. Дар падежи генетив шакли ҷамъ даҳйуном ва аз даҳйака шакли даҳйака – оном ҳосил мегардад, ки соҳиби замин, деҳа, кишвар ва бойро ифода мекунад. Минбаъд аз даҳйуаконом дар асоси қонунияти инъикоси овозӣ бояд калимаи «деҳагон» ҳосил гардад. Калимаи деҳқон бошад муарраб аст (гузариши «ғ» ва «қ»), аммо дар калимаи деҳагӣ таърихан нигоҳ дошта мешавад [20, с.28].

Ҳамин тариқ, то ҷое, ки имконият буд, андешаҳои худро дар асоси сарчашмаҳои илмӣ оид ба калимаи мазкур баён намудем ва чунин хулоса кардан мумкин аст, ки калимаи «деҳқон» ҳамчун истилоҳ умумиистеъмол буда, муарраби калимаи «деҳгон» аст, ки дар забони форсии қадим ба маънои мансабдор омадааст ва ин хусусияти худро дар шакли бой, феодал то аввалҳои асри XX ҳамчун калимаи камистеъмол нигоҳ доштааст ва дар забони ҳозираи тоҷик бошад, ҳам дар шакли «кишоварз» ҳам дар шакли «деҳқон» маъмул аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон. Китоби 1 / Б. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 384 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 1. - Душанбе: Маориф, 1983. - 253 с.
3. Кацапов Л.А. Из истории земледельческой лексики в блорусском языке: автореф. на соиск.уч. степ. канд. филол. наук / Л.А. Кацапов. – Минск, 1978. - 18 с.
4. Комарова З.Н. К унификации типа толкования специальных слов / З.Н. Комарова // Сборник научных статьей Свердловкого педагогического института. – Свердловск, 1975. – С. 73 – 76.
5. Маджидов Ф.Э. Формирование терминолологии хлопководство на основе русского языка: автореф на соиск.уч. степ. канд. филол. наук / Ф.Э. Маджидов. – Саратов, 1987. - 16 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 1. / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2003. – 263 с.
7. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. - Душанбе: Маориф, 1993. -271 с.
8. Муҳаммадиев М. Очеркҳо оид ба лексика забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Муҳаммадиев. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 62 с.
9. Никитенко Н.М. Лексика полеводство в русских «островных» говорах Подольска: автореф. на соиск. уч степ. кан. филол. наук / Н.М. Никитенко. - Киев, 1972. - 25 с.
10. Оленева П.Б. Наименования сельскохозяйственных орудии в белорусском языке: автореф. на. соиск. уч. степ канд. филол. наук / Н.М. Никитенко. – Минск, 1981. - 18 с.
11. Реформатский А.А. Что такое термин итерминология. По материалам всесоюзного терминологического совещания / А.А Реформатский. - М: Наука, 1961. – 49 с.
12. Саидов Ҷ. Лексика муминабадского говора / Ҷ. Саидов. - Душанбе, 2016. - 170 с.
13. Слаборнюк Т.В. Лексика овощеводства в русском языке: автореф на. соиск. уч. степ. канд. филол. наук / Т.В. Слаборнюк. – Киев, 1975. - 28 с.

14. Стеблин-Каменский И.М. Земледельческая лексика памирских языков в сравнительно-историческом освещении: автореф. на соиск. учен. степ. док. филол. наук: 10.02.08 / И.М. Стеблин-Каменский. – М., 1984. - 33 с.
15. Филин Ф.П. Исследования о русских говорах по материалам сельскохозяйственной терминологии / Ф.П. Филин. – М., 1936. - 126 с.
16. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри Х) / С. Ҳалимов. – Душанбе, 1979. – 92 с.
17. Ҳалимова С. Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ. – Душанбе, 2014. – 213 с.
18. Ҳусейнов Ҳ. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Х. Ҳусейнов, К. Шукурова. - Душанбе: Маориф, 1983. - 255 с.
19. Циценко В.Ф.Лексика землеползования и земловлодения в Южной Руси XVII века: автореф на. соиск. уч. степ. канд. филол. наук / В.Ф. Циценко. - Древнопетровск, 1984. - 22 с.
20. Ҷӯраев Ғ. Этимологияи сад калима / Ғ. Ҷӯраев. - Душанбе, 1985. - 28 с.
21. Шарифов В. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ / В. Шарифов. – Душанбе, 1984. – 376 с.
22. Шарофов Ш.О. Лексикаи касбу ҳунар сарчашмаи терминологияи техникии тоҷик / Ш.О. Шарофов, Т.Қ. Ҷӯраев. - Душанбе: Дониш, 1991. - 91 с.
23. Садриддин Айнӣ. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт.Ҷ.12. - Душанбе: Ирфон, 1976. – 324 с.
24. Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. - Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.
25. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М., 1969. – Ҷ.2. - 952 с.
26. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. - Душанбе, 1987. - Ҷ.3. - 464 с.
27. Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. - Душанбе, 1989. - Ҷ.1. - 576 с.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКӢ ВА ГРАММАТИКИИ ЯК ИСТИЛОҲ

Дар ин мақола ба масъалаи омӯзиши луғати касбӣ-соҳавӣ, бахусус лексикаи кишоварзӣ, ҳамчун як ҷузъи муҳимми таркиби луғавии забони тоҷикӣ аҳамият дода шуда, дар ин замина як истилоҳи ифодакунандаи луғати кишоварзӣ, вожаи «деҳқон», аз нуқтаи назари хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ, этимологӣ ва пайдоишу тағйири ном кардани он мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Инчунин, ба ҷиҳатҳои фарқкунандаи вожаҳои пешаварӣ (профессионализмҳо) аз терминҳо (истилоҳот) фикру андешаҳои мухталиф баён шудаанд. Дар ин мақола, муаллиф, инчунин дар такя ба андешаҳои аниқу мукаммали олимони шинохта Б. Ғафуров, Мухторов, М. Муҳаммадиев, Р. Ҷӯраев, Ҳ. Маҷидов, С. Ҳалимова академикҳои шинохта Бертелс ва Петрущевский, Бартольд, мулоҳизаҳои устод Айнӣ ва ҳамчунин дар мавриди шарҳу эзоҳи хусусиятҳои маъноии калимаи «деҳқон» аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ», Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, Ғиёс-ул-луғот фикрҳои арзишманд оварда, дар тадқиқоти худ аз онҳо истифода бурдааст. Дар мақола ба тағйироти шакливу савтӣ ва маъноии калимаи «деҳқон» аҳамият дода шуда, дар шаклҳои «даҳйаконом», «даҳйуном», «даҳйуном фретимадито» ва баъдан ба «деҳгон» ва дар натиҷаи муарраб шудан ба «деҳқон» табдилёбии он нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: терминҳо, луғати кишоварзӣ, калимаҳои касбӣ-соҳавӣ, тағйироти маъноӣ, хусусияти этимологӣ, сохтори мофологии калимаи «деҳқон», табдилёбии овозҳои «қ» ба «г» аз «г» ба «қ», сермаъногии калимаи «деҳқон», «даҳйупатӣ», «даҳйусиста», «фаллоҳ», «феодал, бой», «қиссагӯй», «ҳоким», хусусияти шаклсозии форманти «-гон», «Аҷам».

НЕКОТОРЫЕ СЕМАНТИЧЕСКИЕ И ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ОДНОГО ТЕРМИНА

В данной статье придано огромное значение проблеме изучения профессионально-отраслевой лексики, особенно лексике земледелия и сельского хозяйства, как одной из важных частей словарного состава таджикского языка, и на этой базе один из терминов, выражающих лексику земледелия, сельского хозяйства, слово «дехкан» исследовалось с лексической, грамматической, этимологической точек зрения, его возникновение и внесение изменений в его название. Также высказаны предложения об отличительных особенностях между словами профессионализмами и терминами. В статье также, исходя из значительных мнений знаменитых учёных Б. Гафурова, А.Мухторова, М.Мухаммадиева, Р.Джураева, С.Халимовой, академиков Э.Е. Бертельса и Петрущевского, В.В. Бартольда, размышлений и мнений С.Айни, а также в процессе перифрастики семантических особенностей слова «дехкан» из «Энциклопедии таджикского языка», «Энциклопедии сельского хозяйства Таджикистана», словаря «Гиёс-ул-лугот», автор отметил ценнейшие мнения и использовал их в своём исследовании. В статье уделено пристальное внимание звуковому и видовому изменению и значению слова «дехкан» в таких видах «дахйаконом», «дахйуном», «дахйуном фретимадито» и позднее «дехгон», в результате арабизации на «дехкон», показана изменчивость данного слова.

Ключевые слова: термины, словарь сельского хозяйства, прфессионально-отраслевая лексика, семантические изменения, этимологические особенности, морфологическая структура, форма слова «дехкан», изменчивость звуков «к» на «г» из «г» на «к», многозначность слова «дехкан», «дахйупати», «дахйусиста», «фаллох», «феодал», «бой», «ќиссагўй», «њоким», особенности форманта «-гон», «Аљам».

SOME SEMANTIC AND GRAMMARTIC FEATURES OF ONE TERM

This article attaches great importance to the problem of studying vocational vocabulary, especially the vocabulary of agriculture and agriculture, as one of the important parts of the vocabulary of the Tajik language, and on this basis one of the terms expressing the vocabulary of farming and agriculture, the word "dekhkan" with lexical, grammatical, etymological points of view, its origin and introduction of changes in its name. Also, suggestions were made about the distinctive features between words professionalism and terms. In the article also, based on the significant opinions of famous scientists B. Gafurov, A. Mukhtorov, M. Mukhammadiev, R. Juraev, S. Khalimova, academicians E.E. Bertels and Petruschevsky, V.V. Barthold, reflections and opinions of S. Aini, as well as in the process of paraphrasing the semantic features of the word "dehkan" from the "Encyclopedia of the Tajik language", "Encyclopedia of Agriculture of Tajikistan", the dictionary "Giyos-ul-lugot", the author noted the most valuable opinions and used them in his research. The article focuses on the sound and species change and meaning of the word "dehkan" in such types as "dahyakonom", "dahyun", "dahyun frethimadito" and later "dehqon", as a result of arabization on "dehkon", the variability of the word is shown.

Keywords: terms, vocabulary of agriculture, vocational-branch vocabulary, semantic changes, etymological features, morphological structure, the form of the word "dehkan", the variability of the sounds "k" to "g" from "g" to "k,"

the ambiguity of the word "dehkan", "dahyupati", "dahyusista", "phalloch", "feudal", "fight", "Kissagh", "Kokim", features formant" -gon", "Ajam".

Сведения об авторе: ***Тоиров Шермад*** **–** Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, преподаватель кафедры таджикского языка и методики преподавания языка. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 918-23-42-58**

Information about the author: ***Toirov Shermad*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, teacher of the Tajik language department and teaching methodology of the language. **Adress:** 735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, street S. Safarova 16. Tel: **(+992) 918-23-42-58**

УДК: 491.550 + 491.71 (575.3)

КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ МИКРОМОДЕЛИ КАК РЕЗУЛЬТАТ КОНЦЕПТУАЛЬНОГО АНАЛИЗА

Давлатов М.А.
Таджикский национальный университет

Прежде чем приступить к описанию «концептуальных микромоделей», в первую очередь, следует описать сам ***концепт***, поскольку именно из него возникли такие метаязыковые репрезентанты, как *концептуальный, концептуализация, концептуальность*.

История данного слова как термина уходит в далекое прошлое. Еще в латинском языке использовалось слово *conceptus*, что являлось причастием со значениями «зачатый», «вместилище, хранилище», например, в философских текстах Тертуллиана (160-220), Св. Августина (354-430), Боэция (480-524).

Впервые интерпретацию *концепта*, близкую к современному пониманию этого термина, в лингвистике дал С.А. Аскольдов-Алексеев в статье «Концепт и слово» в 1928 году, где автор понимает концепт как «мысленное образование, которое замещает нам в процессе мысли неопределенное множество предметов одного и того же рода» (например, концепт души, мира, человека, добра и зла и т.д.) [1, с.4].

Далее идею «концепт» развивали ряд исследователей, которые, будучи известными, внесли большой вклад в когнитивную лингвистику. Каждый из этих исследователей интерпретировал концепт специфичным образом, но из всего пласта лингвонаучной трактовки этого термина можно извлечь некоторые стержневые формулировочные представления: концепт –*капсула мысли, ячейка мысли, культурные гены, основная ячейка культуры, сгусток культуры, операционная единица мысли, фрагмент мира, свёрнутая глубинная мысль предмета, фрагмент ментальности, значимый арсенал когниции*[1] [9, с.412;10, с.144; 5, с.19-20; 2, с.43; 6, с.46-47].

Наиболее современное лингвокогнитивное определение концепта даётся в работах Поповой З.Д. и Стернина И.А. Данными исследователями концепт понимается прежде всего как «дискретное ментальное образование», которое представляет собой комплексные специфичные черты опыта и когнитивной деятельности индивида и социума, обладающее тем самым «относительно упорядоченной внутренней структурой». Такое образование, по мнению авторов, имеет универсальную информативную нагрузку о своей сущности, которая специфичным образом интерпретируется через общественное сознание, вобрав в себе все особенности и свойства такого общества [7, с.34].

Другой важной стороной концепта является его функциональные свойства, т.е. особенности мыслительных процессов при репрезентации концепта. С точки зрения когнитивной лингвистики, исходя из вывода, сделанного в ходе наблюдения, мы можем сказать, что в сознании человека есть определённые «ячейки», хорошо структурированные и являющиеся «функционально-мыслительными инструментами» для формирования и вербализации мысли, идеи. В процессе мышления мы «открываем» нужные ячейки, и, используя заранее заложенные синтаксические конструкции (структуры), берём требуемые единицы (слова, понятия, образы) и образуем речь, т.е. создаём мысли. Эти мысли содержат когнитивные контрасты разных концептов, что определяется их уникальностью у разных ментально-общественных сознаний.

Такие ячейки в целом относятся специфичным образом к определённому языку, носители которого обладают определённой культурой и менталитетом, и не являются универсальными для других языков.

[1] Последнее (“значимый арсенал когниции”) было использовано нами в индивидуальной интерпретации содержательности термина концепт.

Для наглядного представления всего разнообразия содержания концепта и его функциональности используется метод ***концептуального анализа***. Данный метод представляет собой комплексный лингвистический и экстралингвистический подход в идентификации концепта. Рассматривая сущности данного анализа, мы старались отметить основные моменты и их последовательность в теоретико-методологическом отношении:

1) осуществляется подбор лексем – *тезаурусный подход*;
2) определяет иллюстрационную интерпретацию – *лексикографический анализ*;
3) детализирует формальную сторону лексем – *словообразовательный анализ*;
4) детализирует семантико-концептуальные свойства и функции и структурные (контекстуальные) особенности концепта – *семантический* и *контекстуальный анализ*;
5) осуществляет лингвонаучный и ассоциативный эксперимент.

Такой метод анализа позволяет реконструировать все дискретные составляющие исследуемого объекта и их знания, опыт, переживания воедино в концепт, с наглядно выявленными его моделями и уникальностями.

В результате осуществления такого анализа выявляются особые модели – «**концептуальные микромодели**». Само понятие «*модель*» в современной лингвистике в общем смысле понимается как «абстрактное понятие эталона или образца грамматической, фонологической или иной системы и представления самых общих характеристик какого-либо языкового явления; общая схема описания системы языка или его подсистем» [4, с.202], а *концептуальное моделирование* - как «сама структура, обладающая объяснительной силой и изображаемая с этой целью в виде схем, объясняющих поведение наблюдаемой ситуации» [8, с.95]. Также следует добавить, что концептуальное моделирование объединяет когнитивные знания с лингвокультурными. Такой подход позволяет рационализировать абстрактные и объективные данные как звено мыслительного «ядра», определив их специфичные черты и границы функционирования. На наш взгляд, в результате такого подхода будут выделяться «концептуальные микромодели».

В отличие от когнитивного моделирования, которое выясняет состав информационно самостоятельных модулей и их механизм взаимодействия, тем самым определяет общую “архитектуру” единой системы модулей [3, с.56-57], концептуальное моделирование таким же путём определяет сами «модули» (концепты) в отдельности.

В свою очередь концептуальная модель состоит из концептуальных микромоделей, которые нами понимаются как дискретные составляющие. Например, подконцепт «человек интеллектуальный» состоит из двух концептуальных моделей: 1) положительно-интеллектуальная характеристика человека и 2) отрицательно-интеллектуальная характеристика человека, а каждая из таких моделей состоит из микромоделей. К примеру, положительно-интеллектуальная характеристика состоит из 11 таких микромоделей, как «Умный: наличие мыслительного потенциала», «Сметливый +одаренный+умный: наличие ума, смекалки и одарённости» и т.д.

Концептуальные микромодели, по сути, составляют цепочку, а границы между ними являются очень «тонкими», определяющиеся преимущественно абстрактно-объективными познавательными процессами.

Инструментами выборки лексем и включения их в состав микромоделей являются, во-первых, словарные значения, прежде всего толкование; во-вторых, научно-экспериментальный и ассоциативный статистический подход с «информантами-знатоками» и индивидуальным подходом исследователя-носителя. Информанты-знатоки – это участники эксперимента, которые являются специалистами по (таджикскому и русскому) языкам. Им даются конструкции моделей в виде таблицы, где отражены ячейки одинакового размера с названиями микромоделей над каждой ячейкой, а внутри ячеек добавлены лексемы, составляющие в каждой микромодели по одному слову. Данные лексемы даются исключительно для ориентации исследователем-носителем. Конечно же, в выборке данных микромоделей основополагающие ориентиры даются самим исследователем, как «первопроходцем» основывающемся в первую очередь на анализе словарных интерпретаций. Одним из ключевых критерий в рамках концептуального анализа является отношение исследователя непосредственно к той языковой среде или билингвальной среде, которая находится под концептуальным исследованием. Исходя из этого исследователь-билингв, если рассматривает концептуализацию в сравнительном плане, должен брать свой родной язык в качестве исходного, в среде которого он считается автохтоном.

Информанты должны имеющиеся в базе картотеки слова размещать в выбранные ими ячейки. Также информант вправе перенести слова из ячейки в ячейку, добавить новое слово, изменить названия микромоделей или вовсе удалить ячейку-модель. Данный эксперимент был осуществлён индивидуально и коллективно (совместное участие информантов-знатоков в решении поставленной задачи). Количество коллективных информантов-знатоков должно быть

три, так как в процессе эксперимента с более чем трёмя (4-6) информантами выяснилось, что в ходе решения поставленной задачи создается много «помех». Главным образом это касается общей концентрации на цель задачи, предлагаются много повторных лексем (даже словосочетаний), также создаются отвлекающие моменты. Данный индивидуально-коллективный эксперимент повторится несколько раз с новыми информантами.

Такой метод с включением индивидуального и коллективного подхода позволяет наиболее точно установить предполагаемые микромодели, также исключить риск «парадокса наблюдателя».

В результате тезаурусного метода и применения подобного эксперимента выделялись 11 микромоделей в таджикском языке с общим количеством лексем положительно-интеллектуальной характеристики человека 188 слов. Ниже даются данные микромодели в количественно-процентном соотношении:

КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ МИКРОМОДЕЛИ	С*	%
Умный: наличие мыслительного потенциала *ақлдор, ақлнок, андешавар, андешаварз, андешаманд, андешанок, боақл (баақл), боақлак,боандеша (баандеша), бокалла, калладор, оқил, соҳибақл*	13	7%
Дальновидный+предусмотрительный+умный: наличие ума, дальновидности и предусмотрительности *баидулфикр, болигназар, дурандеш. дурбин, дурназар, дурнамосоз, дурнигар, жарфандеш, жарфбин, оқибатандеш, охирандеш, охирбин, пешандеш, пешбин, поёнбин, поиннигар, умқсанҷ, фарохандеш, фарохбин, фарҷомҷӯй,*	20	11%
Аналитик+рассудительный+умный: наличие ума, рассудительности и разборчивости *андешакор, андешасанҷ, бомантиқ, борикандеш, борикбин, ботинбин, дақиқадон, дақиқаёб, дақиқасанҷ, дақиқашинос, дақиқбин, дақиқаназар, дарунбин, мулоҳизакор, мӯшикоф, нозукандеш, нозуксанҷ, нозукфаҳм, нозукхаёл, нуқтадон, равшанқиёс, рамузфаҳм, умқсанҷ, хурдабин*	24	13%
Сметливый +одаренный+умный: наличие ума, смекалки и одарённости *адофаҳм, баҳуш, бедор, бедормағз, бедорфикр, бодаҳо, бодиққат, бозеҳн, боидрок, бофаросат, бофатонат, бофаҳм, бохабар, боҳуш, гапфаҳм, гурбуз, даррок, закӣ (закитабъ), заковатманд, заковатнок, зариф, заҳин, зеҳнтез, зирак, зиракманиш. зиракгабиат, зудфаҳм, калак, мудрик, нодирадон, пурҳуш, равшанбасар, соҳибфаҳм, суханфаҳм, тезвир, теззеҳн, тезфаҳм, тезфикр, тезҳуш, тундзеҳн, фаросатманд, хуршедҳуш, хушзеҳн, хушфаҳм, ҳозирҷавоб, ҳушёр, ҳушманд, чобукандеш, чобукандеша, чораандеш*	50	27%
Информированный+мудрый: наличие ума, информации и знания *аллом, аълам, бомаълумот, босавод, донишандӯз, донишандухта, донишафруз, донишвар. донишманд, доништапаб, зиёӣ, зуфунун, илмдор, илмнок, илмҷӯ, олим, хушсавод, ҳамадон*	18	9%
Мудрый+эрудированный: наличие эрудиции и мудрости *адабсанҷ, баландмаърифат, бихрад, болигдил, боманиш, бомаърифат, ботадбир, бохирад, бошуур, волохирад, дилогоҳ, комилраъй, лабиб, маърифатнок, матафаккир, оқил, огоҳдил, ориф, оҳистарой, пурхирад, пухтарой, соҳибмаслиҳат, соҳибтадбир, соҳибтафаккур, соҳибфикр, соҳибхирад, фарзон, фарҳехта, хирадёфта, хирадманд, хирадпарвар, хирадпеша, бомағз, шуурнок*	33	18%
Здравомыслящий+правильный+умный: наличие здравого и правильно ума *дурустандеш, покизамағз, равшанбин, равшанрой, равшанфикр, ростфикр, ростандеш, солимақл, солимфикр*	9	5%
Благородный+умный: наличие ума и благородности *андешасигол, мубораканде ш, некрой, некандеш, писандидафикр, фархундарой, хайрандеш, дарвешсират, дарвешсифат*	10	5%
Совершенный+умный: наличие достаточного совершенного ума *ақлрасо, амиқулфикр, комилақл, фикррасо*	4	2%
Обладатель+умный: наличие ума и его особое обладание *росихдам, соҳибназар, соҳибтафаррус, соҳибфаросат*	4	2%
Умный+думающий много: наличие ума и много мысленных процессов *серандеша, бисёрфикр*	2	1%
Итого: 11	188	100 %

Название микромоделей были установлены по принципу доминантных и денотативных значений. В данных наименованиях ключевую роль играет термин доминанта. Данный термин специфично отражается в подобных работах лингвонаучной концептуализации языка. В нашем понимании это доминирующее значение, которое содержит в себе главное значение, но, в

отличие от референта, имеет не коннотации, а вторичные или третичные комплексные сигнификативные значения. Доминанта – это составляющее денотата. Она только одна в каждом денотате и описывается исключительно в начале, а вторичные и другие значения прилагаются знаком «+» без пробела. Следует отметить, что вторичные, третичные и другие значения никак не являются составляющими доминанты, так как доминанта имеет особые ЛС свойства. Доминанты описываются только при анализе и номинации конкретного комплексного денотативного значения.

С помощью тезаурусного метода была составлена вся словарная база номинации положительно-интеллектуальной характеристики в русском литературном языке, с использование почти всех имеющихся толковых словарей русского языка. В результате, лексемы входящие в состав номинации данной характеристики, составили 88 слов. По аналогии разработанной системы концептуальных микромоделей в таджикском языке, по той же системе и с теми же названиями микромоделей, соответственно, используя те же методы и подходы, была разработана система микромоделей положительно-интеллектуальной характеристики человека в русском языке. Количество микромоделей в русском языке составило 9.

КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ МИКРОМОДЕЛИ	**С***	**%**
Умный: наличие мыслительной способности *адекватный, мыслящий, неглупый, понимающий, разумный, разумник, рациональный, сознательный, умник, умница, умный*	11	12%
Дальновидный+предусмотрительный+умный: наличие ума, дальновидности и предусмотрительности *дальновидный, дальнозоркий, перспективный, предвидящий, предусмотрительный*	5	6%
Аналитик+рассудительный+умный: наличие ума, рассудительности и разборчивости *аналитик, вдумчивый, вникающий, глубокомысленный, дотошный, логичный, разборчивый, рассудительный*	8	9%
Сметливый+одаренный+умный: наличие ума, смекалки и одарённости *башка, башковитый, восприимчивый, вундеркинд, выдумщик, гениальный, гений, головастый, догадливый, заковыристый, замысловатый, затейливый, зоркий, изворотливый, инициативный, лобастый, мозг, мозговитый, находчивый, остроумец, остроумный, прозорливый, понятливый, проникновенный, проницательный, смекалистый, сметливый, смышленый, сообразительный, толковый, угадыватель, хитроумный, чуткий*	33	37%
Информированный+мудрый: наличие ума, информации и знания *академик, грамотный, знающий, мыслитель, учёный*	5	6%
Мудрый+эрудированный: наличие эрудиции и мудрости *высокодумный, высокоразвитый, интеллектуал интеллектуальный, мудрец, мудрёный, мудрый, премудрый, просвещённый, старец, эрудит, эрудированный, философ*	12	14%
Здравомыслящий+правильный+умный: наличие здорового и правильно ума *здравомысленный, здравомыслящий, здравый, здравоумный, светлоголовый, трезвомыслящий, трезвый*	7	8%
Благородный+умный: наличие ума и благородности *благомыслящий, благоразумный, благорассудительный, благоумный, доброумный*	5	6%
Умный+думающий много: наличие ума и многих мысленных процессов *многодумный, многоумный,*	2	2%
Итого: 9	88	100%

В ходе проведённого исследования положительно-интеллектуальной характеристики, включая экспериментальные методы с особыми подходами к ним, в русском языке не образовались две микромодели: 1) Совершенный+умный: наличие достаточного совершенного ума, 2) Обладатель+умный: наличие ума и его особое обладание.

Данные микромодели набирают в себе лексемы *ақлрасо, амиқулфикр, комилақл, фикррасо* («Совершенный+умный»); *росихдам, соҳибназар, соҳибтафаррус, соҳибфаросат* («Обладатель+умный»), которые не имеют соответствующих эквивалентов в русском языке. В ходе контекстуального анализа, а также при провидении ассоциативного эксперимента и метода анкетирования, было выявлено, что данные микромодели замещаются в русском языке другими микромоделями, такими как «Дальновидный…», «Умный…», «Аналитик…», «Мудрый…», «Здравомыслящий…».

Следует отметить, что в ходе исследования в метаязыковом пространстве таджикского языка наиболее полно был использован тип когнитивного моделирования – концептуальное моделирование. Это относительно новый взгляд на лингвистическое моделирование, который содержит в себе лингвонаучные и лингвокультурные стороны языка. Такое моделирование

мало связано с традиционным лингвистическим моделированием, которое больше всего относится к конструктивной семантике.

Таким образом, количество лексем положительно-интеллектуальной характеристики таджикского языка превосходит аналогичные им характеристики в русском языке на 100 лексических единиц. Обобщая все результаты исследования, необходимо отметить, что такое количественное превосходство лексем таджикского языка объясняется не только богатством лексической системы таджикского языка, но и денотативными, сигнификативными значениями и стилистическими особенностями данного плана лексики, свойственными языковой ментальности таджикского народа. Ментальный генофонд таджикского языка исторически сформирован так, что по своей сущности более концентрирован на характеристико-оценочные, экспрессивные моменты жизни. В этом плане, в отличие от таджикского языка, русский язык является наиболее дифференцированным, наиболее объектным. Данное исследование ещё раз доказывает, что в процессе глобализации и современных информативных изменений в русском языке постепенно теряются ментальные языковые колориты, приобретая при этом всё больше формально-деловой и объективно-коммуникативный характер.

В результате применения концептуального анализа были реконструированы микромодели, рационализирующие абстрактные и объективные когнитивные данные, определив их специфичные черты и границы функционирования.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Аскольдов-Алексеев С.А. Концепт и слово / С.А. Аскольдов-Алексеев // Русская словесность: Антология; под ред. проф. В.П. Нерознака. – М.: Academia, 1997. -С. 30.
2. Воркачев С.Г. Счастье как лингвокультурный концепт / С.Г. Воркачев. - М.: ИТДГК «Гнозис», 2004. – 236 с.
3. Демьянков В.З. Когнитивная модель / В.З. Демьянков, Е.С. Кубрякова // Краткий словарь когнитивных терминов / Е.С. Кубрякова, В.З. Демьянков, Ю.Г.Панкрац, Л.Г. Лузина. – М.: Филол. ф-т МГУ им. М.В. Ломоносова, 1996. – С. 56-57.
4. Жербило Т.В. Словарь лингвистических терминов. Изд. 5-е, испр. и доп / Т.В. Жербило. – Назрань: ООО «Пилигрим», 2010. – 486 с.
5. Колосов В.В. Язык и ментальность / В.В. Колосов. - СПб.: Петербургское Востоковедение, 2004. – 237 с.
6. Маслова В.А. Введение в когнитивную лингвистику. Учебное пособие / В.А. Маслова. – М.: Флинта: Наука, 2004. – 296 с.
7. Попова З.Д. Когнитивная лингвистика / З.Д. Попова, И.А. Стернин. – М.: Восток-Запад, 2007. – 314 с.
8. Ремхе И. Н. Статус модели в лингвистических науках и её реализация в когнитивном моделировании языка [Текст] / И.Н. Рамхе // Вестник Челябинского государственного университета. - 2007. - № 8 (86). – С. 94-98.
9. Степанов Ю.С. Константы: Словарь русской культуры / Ю.С. Степанов. – М.: Школа «Языки русской культуры», 1997. – 824 с.
10. Фасенко Т.А. Концептуальные системы как контекст употребления и понимания вербальных выражений / Т.А. Фасенко // Когнитивные аспекты языковой категоризации. Сб. науч. трудов. – Рязань, 2000. – С.141-144.

МИКРОМОДЕЛҲОИ КОНСЕПТУАЛӢ ҲАМЧУН НАТИҶАИ ТАҲЛИЛИ КОНСЕПТУАЛӢ

Дар мақола шарҳи корҳои таҳлили консептуалии хислатҳои мусбӣ-интеллектуалии одам дар доираи тақдими махсуси консепти «одам» дар забони тоҷикӣ ва русӣ оварда шудааст. Инчунин таърих ва тафсири ҷадиди мафҳуми “концепт” бо назардошти мавқеи ӯ ҳамчун ҳамоҳангсози равандҳои консептуалисозии дунё баррасӣ мешавад. Кӯшиши таҷдид ва аз нав бавуҷудоварии микромоделҳои консептуалӣ дар мисоли тавсифи интеллектуалии одам пешниҳод карда мешавад. Аз ин рӯ, баҳри возеҳ нишон додани гуногунрангиҳои мазмуни консепт ва функцияи ӯ, методи таҳлили консептуалӣ истифода мешавад. Инчунин ба таври муфассал моҳияти таҳлили номбаршуда дида мешавад ва ҷиҳатҳои муҳимми ӯ бо шарҳи пайдарпайи муайянгардидаи назарявӣ-методологии онҳо қайд мегардад. Вобаста бо мантиқи таҳлили консептуалӣ, моделсозии консептуалӣ дар мақолаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин хусус, дар кори мазкур модели когнитивӣ, модели консептуалӣ ва микромодели консептуалӣ шакли амиқе пайдо мекунанд. Микромодели консептуалӣ, ки ҳамчун фарогирандаи мазмуни аслӣ ба ҳисоб рафта, ташаккулдиҳандаи дискретии модели концептуалӣ ҳисобида мешавад. Ҷудо карда нишон додани микромоделҳои консептуалӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо имконияти сохти конструксияи микромоделҳоро пайдо намуда, барои ратсионалӣ гардонидани маълумотҳои когнитивии абстрактӣ, воқеӣ ва муайян гардонидани хусусиятҳо ва ҳудудҳои амалии онҳо истифода мешавад.

Калидвожаҳо: консепт, таҳлили консептуалӣ, микромодели консептуалӣ, моделсозӣ, тавсифи мусбӣ-интеллектуалӣ, моделсозии когнитивӣ, тасвири забонии дунё.

КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ МИКРОМОДЕЛИ КАК РЕЗУЛЬТАТ КОНЦЕПТУАЛЬНОГО АНАЛИЗА

В статье приводится обзор работ концептуального анализа положительно-интеллектуальной характеристики человека в рамках репрезентации концепта «человек» в таджикском и русском языках. Также рассматривается история термина «концепт» и его современная репрезентация, определяется его роль в координации процессов концептуализации мира. Предлагается попытка воссоздания и воспроизведения концептуальных микромоделей на примере положительной интеллектуальной характеристики человека. Исходя из этого, для наглядного представления всего разнообразия содержания концепта и его функциональности, используется метод концептуального анализа, также детально рассматривается сущность данного анализа и отмечаются основные моменты и их последовательность в теоретико-методологическом отношении. В соответствии с логикой концептуального анализа, рассматривается концептуальное моделирование. В этой связи, в работе даются чёткие очертания когнитивной модели, концептуальной модели и концептуальной микромодели. Последнее охватывает стержневое содержание данной работы, которое понимается как дискретные составляющие концептуальной

модели. Выделение концептуальных микромоделей и их сравнительно-сопоставительный анализ позволили выявить конструкцию микромоделей, рационализирующих абстрактные и объективные когнитивные данные, определив их специфичные черты и границы функционирования.

Ключевые слова: концепт, концептуальный анализ, концептуальная микромодель, моделирование, положительно-интеллектуальная характеристика, когнитивное моделирование, языковая картина мира.

CONCEPTUAL MICROMODELS AS A RESULT OF CONCEPTUAL ANALYSIS

This article describes the issues of the conceptual analysis of the person's positional-intellectual characteristics within the framework of the conception of the concept "man" in the Tajik and Russian languages. Also the history is considered the term "concept" and its modern representation, defining its role as coordinating the processes of conceptualization of the world. Moreover, It is proposed to attempt to recreate and play conceptual microscopic models on the example of the positive characteristics of intellectual humans. Proceeding from this, in order to visualize the diversity of the content of the concept and its functionality, the conceptual analysis method is used, the essence of this analysis is also considered in detail and the main points and their sequence in the theoretical-methodological relation are noted. In accordance with the logic of conceptual analysis, conceptual modeling is considered. Clear outlines of the cognitive model, conceptual model and conceptual micromodule are given. The latter covers the core content of this work, which is understood as the discrete components of the conceptual model. The identification of conceptual micromodels and their comparative-comparative analysis made it possible to identify the design of micromodels that rationalize abstract and objective cognitive data, defining their specific features and boundaries of functioning in the conceptual picture of the world. An important place in the work is the cognitive specificity of the medium, which is reflected in the data of micromodels.

Key words: concept, conceptual analysis, conceptual micromodel, modeling, positive-intellectual characteristics, cognitive modeling, language picture of the world.

Сведения об авторе: ***Давлатов Мухиддинджон Абдулхакимович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры общего языкознания и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **muhiddin89@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-91-83-53**

Information about the author: ***Davlatov Mukhiddinjon Abdulkhakimovich*** - Tajik National University, postgraduate student of the Department of General Linguistics and Comparative Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **muhiddin89@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-91-83-53**

УДК: 801.313 (575.3)

МУШКИЛОТИ АНТРОПОНИМИЯ

Ситораи Абдурасул
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Аввалин мушкилию мураккабие, ки зимни маводи антропонимӣ бо он муҳаққиқ рӯ ба рӯ мешавад, - таъйинот (идентификатсия) мебошад. Тамоми мавриду ҳолатҳои истифодаи ин ё он номро ошкор намудан, мушаххасан, номи як одамро аксаран ғайриимкон аст, ки маънию моҳияти ҳатто сарчашмаи алоҳидаро ҳамчун бутунияти тамоми маҷмӯъ метавон дарку фаҳм кард, ҳамчунин метавон тамоми манбаъҳои гуногунро низ, ки ин ном вомехӯрад. Муҳаққиқ Э.А. Грантовский менигорад: «Муқаррар намудани доира ва теъдоди амалҳои расмию корӣ, ки тавассути як нафар сурат гирифтаанд, робитаҳои хешии онҳоро мавриди баррасӣ қарор додан, пешрафтҳои вазифавӣ, ҳусни таваҷҷӯҳи сиёсӣ ва динӣ - ҳамаи ин ва дигар чизҳоро уҳда ва иҷро кардан, зимни мавҷуд будани таъйиноти дурусти анропонимӣ, ғайриимкон мегардад» [9, с.02].

Ин кору амри одӣ нест, зеро чунин шуданаш ҳам мумкин аст, ки ҳатто дар доира ва ҳудуди як матн низ, ҳамон як шахс метавонад якчанд тарз ном гирифта бошад. Чунин ҳолат на фақат беэҳтиётӣ ва ё камсаводии котиб (сабтгар) - ро нишон медиҳад, гузашта аз ин, саҳву иштибоҳоти ноширон, балки дар навбати аввал, устувории нокифояи номҳои асримиёнагӣ, майли инсонҳои он давру замон нисбати як ё дую се низоми антропонимӣ ҳамзамон доштан, ҳамчунин мушкилоти воқеии таъйинот (идентификатсия), ки дар шароити номгузории чанде қабл зуҳур кардани насаб ва нобаробариҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ сурат мегиранд.

Аксаран, шаклҳо (вариатсияҳо) ночизанд ва дар иловаҳо, истисно карданҳо ва интиқоли ҷойи ҳуруфӣ алоҳида зуҳур мекунанд [Ricardus — Richardus, Aldairadis — Aldaraidis], шакливазкунии анҷомаҳо, ки аслан вобаста ба меъёрҳои орфографияи лотинӣ мебошад [Petrus ва ё Pietro, Peiro, Pedro, Peter ва ғайра], мубаддалгардии баъзе ҳуруфи сарлавҳавӣ [Guillelmus — Willelmus]. Ҳолати охирин, махсусан, бояд дар мавриде ба эътибор гирифта шавад, ки муҳаққиқ бо маҷмӯи ишораҳои ономастикӣ машғул аст. Мунтаҳо, баъзан чунин шуда мемонад, ки бо як лағжишҳо дар навишту китобати номҳо рӯ ба рӯ шудан мумкин аст, ки масалан, бо мушкилоти дарку фаҳм ва интиқоли он ба антропонимҳои хаттии забонҳои дигар сурат мегирад. Барои муҳаққиқоне, ки ба истилоҳ нуқта ва минтақаҳои меҳварию доиравиро меомӯзанд ва он ҷо мухталиф бо ҳам бархӯрд

кардаанд (Баҳри Миёназамини Шарқӣ ва Баҳри Сиёҳ), Испания, Ситсилия, Ирландия, марзҳои славянию олмонӣ ва ғайра], таҳрифҳои антропонимҳо аксаран ба як мушкилӣ ва проблемаи муҳим мубаддал шуда мемонанд. Ҳар як чунин мавриду ҳолатро бояд махсус мавриди тадқиқу омӯзиш қарор дод; ба сифати тавсияи умумӣ чунин кард, ки нисбати дарку фаҳми парадигмаҳои тафовутии лингвистии номҳои аслӣ майлу кӯшиш намуд. Мушкилот метавонад ҳамчунин истифодаи номҳои, аллакай, маълуму машҳурро дар шаклҳои навозишию таҳқирӣ ва истифодаи дигар анҷомаҳо [формантҳо, суффиксҳо] ба бор орад: [Justinus - Justinianus, Paolo - Paolino], ки баъзан бо сабабҳои идеологӣ шарҳ дода мешаванд, биёрад.

Мушкилоти зиёде дар назди муҳаққиқ вобаста ба истифодаи дурударози ҳамзамон ва дар як маврид номҳои масеҳӣ ва бисёрхудоӣ ва баъдан дар якчанд кишварҳои католикии Аврупо (махсусан, Испания) ҷоришавии амалияи номгузории кӯдакон бо ду ва ё зиёда номҳои урфию одатӣ, ки гоҳ якҷоя ва гоҳ алоҳида истифода мегарданд, мавҷуданд. Ва ниҳоятан, онимҳои ғайриимкони мутааддиде ба асосӣ илова ва пайвасту пайванд мешаванд: номи падар, баъзан модар, ки маъмулан дар генетив истифода мегарданд: (Ugo Isnar-di); лақаб ва тахаллус, инфиродӣ ва ё хонаводагӣ; ишора ба касбу пеша ва тахассус; мақоми иҷтимоӣ; макони таваллуд ва сукунат; моликияту соҳибият ба замин. Ин ишора ва маълумотҳои иловагӣ, ки тавассути котибон оид ба шахсияти одам муфассалан қайд карда шудаанд, барои муаррих мушкилоти иловагӣ ба бор меорад, зеро ки ҳамон як одам метавонад дар санаду ҳуҷҷатҳои мухталиф ба тариқи гуногун номгир карда шавад. Банизомдарории антропонимҳои мавҷуда маънию муҳимияти усулӣ касб мекунанд.

Барои он ки аз уҳдаи иҷрои ин кор баромада шавад, бояд тасаввуроти муайяне оиди низомҳои антропонимии Аврупои асримиёнагӣ ба даст овард. Аз сабабе ки антропонимияи ҳар як кишвар, ҳатто вилоят, ба худии худ беназиру нотакрор мебошад ва ба омӯзишу тадқиқи махсус эҳтиёҷ дорад, ин ҷо фақат маълумотҳои умумитарин оварда мешаванд. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки низоми номҳои асримиёнагӣ дар натиҷаи амалкарди мутақобилаи се унсур пайдо шудаанд: румӣ, барбарӣ (дар навбати аввал, олмонӣ, келтӣ, славянӣ, маҷорӣ, арабӣ) ва масеҳӣ, ки асосан аз сарчашмаҳои яҳудӣ ва юнонӣ маншаъ гирифтаанд. Биноан, бояд аз тавсифи ин се унсур шурӯъ кард.

Номи румии аҳди классикӣ, масалан, Гай Юлий Сезар, дар худ се унсурро фаро мегирифт: praenomen ва номи шахсии инсон (онҳо ҳамагӣ 18 адад буданд) nomen ва ё номи наслию сулолавӣ ва cognomen — ҳамчунин номи шохаи авлодӣ, ки аз насл ба насл интиқол меёбад. Соҳиби чунин номи сеаъзоя метавонист фақат шаҳрванди комилҳуқуқи румӣ буда бошад. Номи шаҳрвандзани румӣ аз номи авлодию наслии падари он гирифта мешуд (мутобиқан духтари Сезарро Юлия мегуфтанд); ҳамшираҳо (хоҳарон)-ро аз рӯйи рақамҳо, ададҳо ва баъзан лақабу тахаллусҳо тафовут медоданд. Аҷнабию хориҷиҳои дигарзаминҳо вобаста ба урфу одатҳои мардуми худ ном гирифта мешуданд. Юнонӣ, масалан, дар санаду ҳуҷҷатҳои зарурӣ «фалонӣ», «писари фалонӣ» номида мешуд. Дар матнҳои лотинӣ номҳои бегона, маъмулан, таҳти таъсири фонетика ва орфографияи лотинӣ андак тағйир меёфтанд. Ғуломон ҳамчунин номҳои миллӣ ва ё лақабу тахаллуси худро нигоҳ медоштанд, ки баромад, касбу пеша, вижагиҳои инфиродии онҳоро инъикос мекарданд. Ба озодӣ баромада, ғуломон ба тариқи автоматӣ ба наслу авлоди соҳибу хӯҷаини худ мегузаштанд ва дар ин асос nomen мегирифтанд, ҳамзамон онҳо номи шахсии «ҳақиқӣ»-и худро соҳиб мешуданд (ғуломоне, ки дар ҳолати ғуломӣ таваллуд шудаанд, аксаран чунин ҳолу аҳвол доштанд). Cognomen, озодгари он дар насли якум дошта наметавонист, фақат писари ӯ ва ё набарааш, ки бояд худро ба наслу авлоде бояд нисбат медод, ҳуқуқ пайдо мекард, ки бо номи сеаъзоаи шаҳрванди румӣ номгузорӣ карда шавад. Ин оним баъзан изу пайи баромади хонаводагӣ, масалан, маҳаллу маконеро, ки асосгузори он пайдо шудааст, мегирад ва гоҳо ягона воситаи донистани мансубияти ин ё он румиро ба лотиниҳои аҷдодию наслӣ ва ё нисбатан шаҳрвандони нав шаҳодат медоданд. Дар охири аҳди қадим низоми қадимаи антропонимии лотинӣ ба тағйиротҳо дучор мешавад. Ин якчанд сабабу омил дошта метавонист: харобшавии тадриҷии робитаҳои наслию авлодӣ, густариши шаҳрвандияти румӣ нисбати аҳолию сокинони аксарияти Империя, ки на ҳама вақт суннатҳои ономастики румиҳоро қабул мекард, таъсири фарҳангҳои фурӯбурдаи дигарон, ниҳоятан, раванди масеҳию насронигардонӣ. Дар асрҳои IV-V номҳои сеаъзоя фақат хосси афшрофзодаҳо шуда мондан гирифтанд, мардуми ом бошад бо як ду ном қаноат мекард, ки вазифаҳои иҷтимоии онҳо моҳиятан тафовуте надоштанд. Ҳамзамон номҳои нави лотинӣ пайдо шудан мегиранд, ки қаблан чунин номҳо мавҷуд набуданд ва тавассути шакливазкуниҳои куҳна ва ихтирооти нав, ки баъзан аз нигоҳи семантикӣ антропонимҳои фаъол маҳсуб мешуданд. Эҳтимолан, дар рушди ин раванд нақшу мавқеи хосаро ҳамоиши ғуломони нав озодгардида ба антропонимияи румӣ доштанд ва перегринҳое, ки шаҳрвандияти румиро қабул мекарданд. Ва, албатта, густариши масеҳияту насроният, ки оқибат ба воридшавии номҳои дигарзабона, махсусан, номҳои ҳудудҳои Баҳри Миёназамини Шарқӣ оварда расониданд.

Чунончи муҳаққиқи тоҷик, профессор Ҷ.Алимӣ зикр мекунад, «…Усулан номҳои барбарони Аврупои Шимолӣ ва Марказӣ дигар гуна буданд. Дар мисоли антропонимияи олмонӣ намунаи вижагиҳои онҳоро дидан мумкин аст, ки мероси онҳо барои асрҳои миёнаи Аврупои Ғарбӣ хеле муҳиму муфид буданд. Агар тахаллусҳоро ба эътибор нагирем, олмониҳои ҳарду ҷинс фақат як ном доштанд. Олмониҳо дар номи шахсӣ воқеан ҳам аломату нишонаи фардигардониро медиданд, ки фақат хосси инсони мазкур буданд. Мутобиқан дар онҳо номҳои фаровоне мавҷуд буданд, ки ҳар яки онҳо ягон мафҳумеро ифода мекарданд, ки аломату нишонаеро инъикос менамуданд, ки хосси ҳамон наслу авлод буда, ба андозаи муайяне хислату сифати инсонро ташаккул низ медоданд. Мутобиқи суннату анъана номи тифл мафҳумеро ифода ва инъикос мекард, ки ба ном-мафҳуми ақаллан яке аз волидайн ва дигар хешу акрабо наздик буд» [3, с.82]. Маъмулан, ин наздикию қаробат дар он ифода меёфт, ки номи тифл дар худ қисмате аз маънои номи падар, модар, тағо, амак ва ё ғайраро фаро мегирифт. Масалан, агар падарро Adalbertus [«шарофатмандӣ ва машҳурӣ»] меномиданду модарро - Hildegardis («мубориза ва ҳимоят»), пас писар имконоти зиёде дошт, ки номи Hildebertuspo ба худ гирад ва духтар - Adalgardispo. Аммо, аксаран, дар номи кӯдак унсуре мечаспид, ки дар номи волидайн умуман мавҷуд набуд; зимни мавҷудияти теъдоди зиёди фарзандон дар оила ин зарурати воқеӣ шуда мемонд. Биноан, дар баробари фарзандони аллакай номгузоришуда дар ин оила ва хонаводаи фарзиявӣ, ба дунё метавонистанд ҳамчунин Adalardus («шарофатмандӣ ва ҷасорат»), Rainhildis («машварат ва мубориза») ва ғайра биоянд. Интихоби унсурҳои антропонимӣ ба тариқи ихтиёрию озод набуд. Чунин мафҳумҳое мавҷуд буданд, ки ба тариқи истисно дар номҳои занона ва ба тариқи истисно дар номҳои мардона мавҷуд буданд. Ба аввалиҳо мансуб буданд, масалан, ragin («машварат»), ба шумори дуввумиҳо - hard («қалъа, ҷасорат»). Гузашта аз ин, ибтидоан баъзе ном-мафҳумҳо, қабл аз ҳама, аз зоонимҳо пайдо шуда (аз қабили Вег - «хирс», Wolf - «гург»), эҳтимолан, афзалияту авлавияти авлоду наслҳои алоҳида буданд, яъне ифодаҳои махсуси ба истилоҳ ном-тотемҳо буданд. Дар маҷмӯъ низоми қадимаи олмонии антропонимӣ андаке саҳлтар буд ва ба инсон ба маънии пурраш номи шахсиро кафолат дода, таъмин мекард. Эҳтимоли қавӣ меравад, ки дар доира ва ҳудуди насли худ олмонии миёна метавонист дар ҳаёти худ бо фарди ҳамноми худ дучор нагардад.

Антропонимияи масеҳию насронӣ - падидаю зуҳуроти тамоман дигар аст. Асос ва заминаи онро номҳое ташкил мекарданд, ки дар Китоби Инҷил зикр шуда буданд, бидуни мансубияти этникии онҳо, на фақат яҳудиҳо, балки мисриҳо, шомиҳо, оромеиҳо дар шаклҳои махсус. Дар ин асосу замина номҳои дигари юнонӣ, лотинӣ ва дигар номҳои Инҷил низ ташаккул ёфтаанд, ки ҳама вақт ҳамгуна будаанд. Ниҳоятан, антропонимҳои нави масеҳию насронӣ, яъне номҳои фидоиёну шаҳидони муқаддас, афзалан лотинӣ [аксаран, ғайриклассикӣ ва нав ташаккулёфта] ва юнонӣ, ҳамчунин келтӣ аз асри V, олмонӣ ва дигар номҳо низ буданд. Дар аҳди атиқа қабули номҳои масеҳию насронӣ ба тариқи автоматӣ партофтан ва ҳазфи номи қаблии бутпарастонаю бисёрхудоии худро дар назар надошт. Масалан, чӣ гуна як нафар румӣ метавонист аз nomeni наслию аҷдодии худ даст кашад? Сухан, бидуни шакку шубҳа, метавонист фақат оид ба мавҷудияти 2 низоми мутафовити антропонимӣ равад (ҳатто, 3 низом, агар мавриди таваҷҷуҳ шаҳрвандияти румии юнониҳо, келтҳо ва ғайраҳо қарор дода шаванд), ки дар мухолифати ҷиддию махсус маҳз барои он қарор намегирифтанд, ки ҳар яки онҳо дар самту соҳаи муайяни ҳаёти ҷамъиятӣ ва хусусӣ арзишманд буданд.

Аҳди муҳоҷират бузургии мардумон, амалкарди мутақобилаи қабатҳои антропонимии фарҳангҳои румӣ, барбарӣ ва насрониро метезонид. Олмониҳо андаке фаъолмандона нисбати иқтибоснамоии лотинӣ, юнонӣ ва тавассути Инҷил ҳамчунин номҳои шарқиназдикӣ шурӯъ карданд. (Бояд зикр кард, ки воридгардии антропонимияи бисёрхудоёнаи аз ҷиҳати баромад румӣ дар забонҳои германӣ, асосан тавассути ибодатгоҳҳо сурат гирифтааст. Дар асрҳои VI - VII дар байни номҳои нави насронӣ, ки бо суннату фарҳанги муқаддасот марбут буд, аллакай, шумораи зиёди антропонимҳои махсуси лотинӣ мавҷуд буданд; аз ҷумла, хеле қадима ҳам). Аз ҷониби худ, румиҳо, ки таҳти мафҳуми онҳо сокинони романизатсияшудаи музофотҳо ҳам фаҳмида мешуданд, бештар аз пештар нисбати номҳои ғалатии муҳоҷирони аз қисматҳои шимолӣ омада мароқ зоҳир мекарданд. Дарку фаҳми номҳои барбарӣ тавассути румиҳо ҳанӯз қабл аз тасхирот ва ишғолгариҳои олмониҳо шурӯъ шуда буд. Мисолу намуна метавонад номи дар байни асри V дар минтақаи Париж сукунатдоштаи Женевеҳои аз рӯйи баромад галло-румиҳо ба ҳисоб равад. Баъди ишғолгариҳо ин раванд суръату вусъати тоза пайдо мекунад. Вобаста ба Галлия давру замони ҳалкунанда бояд эҳтимолан, интиҳои асрҳои VI ва VII ба ҳисоб равад, ки теъдоди антропонимҳои олмонӣ дар кишвар афзоиш ёфтан мегирад ва дар асрҳои VIII - X ба ҳадди ниҳоию аксари худ рафта мерасад. Дар баъзе ноҳияҳои Галлияи Шимолӣ (Турен, Ил-де-Франс, Шампани) ҳаҷми номҳои барбарӣ дар ин давру замон 90%-ро ташкил мекунад. Чунин манзараро барои мо полиптикҳо,

грамотаҳо, баъзе маъхазу сарчашмаҳои дигар низ нишон медиҳанд. Анга барои қабули номи ишғолгарон эҳтимолан, мулоҳизаҳои афзалиятноку мудшуда буданд: ашрофзодаҳо, ҳамин тариқ, кӯшиш мекарданд, ки ба элитаи ҳокими франкӣ ворид шаванд; қишрҳои поёнӣ - мақоми иҷтимоии худро боло мебурданд ва ҳаммонанди деҳқонони олмонии озод мегаштанд.

Тахминан аз асри XI шурӯъ карда, дар Аврупои Ғарбӣ раванди баръакс шурӯъ шудан мегирад, ки дар рафти он номҳои барбарӣ оҳиста-оҳиста ва андак - андак тавассути номҳои насронӣ маҳдуд карда мешаванд, ки асосан ба тариқи оммавӣ решаҳои юнонӣ-лотинӣ доштанд. Аз шумораи мутааддиди номҳои олмонӣ, ки бо ҳамон усули қадима сохта шуда буданд ва барои асрҳои миёнаи ибтидоӣ хос буданд, дар муомила ва гардиш фақат якчанд 10 адади онҳо боқӣ мемонад. Аксари онҳо ба тариқи фаъолмандона имрӯз ҳам мавриди истифода қарор мегиранд. Агар дар бораи Фаронса мулоҳиза ронда шавад, ин - Албер, Арман, Бертран, Гилом, Раймон, Рауль Робер ва ҳамонанди инҳо мебошанд. Зимнан, чуноне ки қаблан гуфта шуд, дараҷаи маъруфияти онҳо коҳиш меёбад. Ҳамзамон якбора ва бе таваққуф ҳаҷми номҳои насронӣ афзоиш ёфтан мегирад, ки қариб пурра ва комилан номҳои бисёрхудоёнаи лотиниро иваз мекунанд, то асри XI дар сарчашмаҳо, аллакай, банудрат дучор мешаванд. Бояд зикр ва таъкид карда шавад, ки аксари мутлақи сокинони Аврупои Ғарбӣ дар асри XIII, аллакай, номҳои дар асоси Инҷил гузошташуда доштанд.

Робитаю алоқаи ин раванд бо хатм ва интиҳои насронизатсияи аслии қитъа мусаллам мегардад [суръати насронизатсия ва мутобиқан суръати табдилшавии номҳои бисёрхудоёна бо номҳои инҷилӣ дар кишварҳои мухталиф эҳтимолан ҳаммонанд ва ҳамгуна набуданд]. Аслан, худи пирӯзии антропонимияи масеҳию насронӣ аз болои номҳои бисёрхудоёна шаҳодати муҳимтарини воридшавии имон ва эътиқодоти насронию масеҳӣ дар мафкураю шуури оммаи мардум буд. Мунтаҳо, гап фақат сари тағйироти таносуби ададӣ ба манфиати номҳо намеравад. Таърихи антропонимияи асримиёнагиро пайгирӣ намуда, бояд дида шавад, ки афзоиши якбораи теъдоди онҳо нисбати интиҳои асри XIII баробар ва ҳамзамон бо тағйиротҳои низоми антропонимии ғарбииаврупоӣ дар маҷмӯъ рӯй медиҳад.

Майли тақвиятёбандаи волидайн нисбати номгузории кӯдакон дар робита бо ҳавориён (апостолҳо) ва баъзе дигарон, ки шахсони муқаддаси маъруф ҳисоб мешуданд, (масалан, Мартина дар шимоли Фаронса ва Понтия дар ҷануб), ба он оварда расонид, ки ҳатто бародарон низ ҳамон як номро бо худ доштанд ва ба андозаи муайян нақши аломати фардигардонии онро маҳрум намуда, коҳиш менамуданд. Ҳамин тариқ, мувофиқи рӯйхатҳои андозии соли 1313 20 дарсади сокинони Порис Жана ном доштанд; дар дигар қисматҳои кишвар ҳамзамон манзараи ҳаммонанд мушоҳида карда мешуд. Зимни чунин вазъу ҳолат ҷустуҷӯӣ мутадовили воситаҳо, ки на фақат имкон медоданд ин ҳамномҳои мутааддидро фарқ карда истанд, балки мусоидат ва кумак карданд, ки худи онҳо бо замони номҳо оиди фардияти худ изҳор намоянд. Набояд фаромӯш кард, ки мо ба аҳде ворид мегардем, ки рушди шахсият гоми муҳимтарину устувореро дар тӯли тамоми таърих мебардорад.

Аз рӯйи инсоф бояд мутазаккир шуд, ки дар асрҳои XI-XIII низ дар доираи низоми мавҷудаи ҳамонвақтаи антропонимӣ имконоти машҳуре барои мутобиқатгардии иҷтимоию психологии фардҳо фароҳам омада буд. Аз ҳама намоёнтарини онҳо - тақвият ва сабти расмии номҳои муайян нисбати гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ буд ва бояд таъкид кард, ки ҳамчун тамоюл, на меъёри мушаххас. Муҳаққиқи номшинос А.В. Никонов чунин менигорад: «Аксаран, дар ниҳояти кор сухан дар бораи гурӯҳҳои касбиятӣ меравад ва ин падидаю зуҳурот бо фарҳангу суннати муқаддасот – нигаҳбонони ин ё он шуғлу машғулиятҳо вобаста буд. Аз сабабе, ки масалан, нигаҳбонони тоҷирон ва баҳрнавардон Николайи муқаддас дар байни онҳо нисбати ӯ муроҷиат намуданд, ки Николай ном доштанд. Вобаста ба ҳамин сабаб дар байни оҳангарон номҳои Қосим ва Демян, дар байни тирандозон – номи Себастян ва ғ. густариш ёфта буд. Дар ҳар як кишвар, ҳатто дар вилоят низ, ҳоло ҳам тасаввуротҳо оиди нигаҳбонони устоҳои ин ё он пешаю ҳирфа мавҷуд буданд» [10, с.18].

Ҳамин тариқ, таърихи ташаккул ва таҳаввули антропонимия (номҳои ашхос, исмҳои хос) дар ҳама давру замонҳо гуногунҷанбаю гуногунҷабҳа буданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Осетинский язык и фольклор / В.И. Абаев. - Москва -Ленинград, 1949. – 60 с.
2. Абаев В.И. Из истории слов / В.И. Абаев // Вопросы языкознания. - Москва: АН СССР, 1958. - №2. - 160 с.
3. Ҷ. Алимӣ. Ономастика (назария ва амалия). - Душанбе: Адабиёт, 2017. – 567 с.
4. Ҷ. Алимӣ. Технологияи ономастика. - Душанбе: Адабиёт, 2017. – 200 с.
5. Гафуров А.Г. Лично-собственные имена в таджикском языке: дис… канд. фил. наук / А.Г. Гафуров. - Душанбе, 1964. - 265 с.

6. Гафуров А.Г. Рассказы об именах / А.Г. Гафуров. - Душанбе, 1968. – 140 с.
7. Гафуров А.Г. Лев и Кипарис / А.Г. Гафуров. - Москва: Наука, 1971. – 240 с.
8. Гафуров А.Г. О сложносоставных антротопонимах в таджикском языке / А.Г. Гафуров // Ономастика Средней Азии. - Москва, 1978. – 326 с.
9. Грантовский Э. А. Из истории восточноиранских племен на границах Индии / Э.А. Грантовский // КСИНА. - Вып 63. – Москва: Восточная литература, 1963. - 188 с.
10. Никонов В.А. Форма среднеазиатских фамилий / В.А. Никонов // Ономастика Средней Азии. Вып.2. - Фрунзе: Илим, 1980. – 309 с.
11. Ономастика и грамматика. - Москва: Наука, 1986. – 271 с.
12. Ономастика Средней Азии. - Москва: Наука, 1978. – 326 с.
13. Ономастика Средней Азии. - Фрунзе: Илим, 1980. - 309 с.
14. Ономастика: Типология, Стратиграфия. - Москва: Наука, 1988. – 364 с.

МУШКИЛОТИ АНТРОПОНИМИЯ

Дар мақола баъзе масъалаҳои ҷанбаи назариявӣ дошта, ки марбут ба ташаккул ва таҳаввули антропонимия мебошанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба андешаи муаллиф, мушкилии ибтидоию асосие, ки муҳаққиқ зимни сари кор гирифтан бо маводи ономастикӣ дучор мешавад, ин таъйин ва ташхиси дурусти ном мебошад. Воқеан ҳам, нахустин мушкилию мураккабие, ки марбути исмҳои хос мебошад, - ин мушкилии таъйинот ва ё идентификатсияи ном аст. Тамоми мавриду ҳолатҳои истифодаи ин ё он номро ошкор нанамуда, мушаххасан, номи як одамро, аксаран ғайриимкон аст, ки маънию моҳияти ҳатто сарчашмаи алоҳидаро ҳамчун бутунияти тамоми маҷмӯъ, ҳамчунин метавон тамоми сарчашмаҳои мухталифро низ, ки ин ном вомехӯрад, дарку фаҳм кард. Муайян кардани доира ва теъдоди амалиётҳои расмию корӣ, ки тавассути як нафар сурат гирифтаанд, робитаҳои хешии онҳоро мавриди баррасӣ қарор додан, пешрафтҳои вазифавӣ, ҳусни таваҷҷуҳи сиёсӣ ва динӣ - ҳамаи ин ва дигар чизҳоро уҳда ва иҷро кардан зимни мавҷуд будани таъйиноти дурусти антропонимӣ ғайриимкон мегардад. Таърихи номҳо маъмулан ба тариқи зич ба ҳаёти ҷамъиятии инсон марбут аст. Қонунмандии рушди ҳаёт ба тафаккури инсон бе таъсир наемонад, ки ин дар навбати худ инъикос ва таҷассуми худро дар антропонимия меёбад. Тадқиқотҳои антропонимӣ шаҳодат медиҳанд, ки антропонимия якчанд марҳилаи ташаккул ва рушд (ғуломдорию феодалӣ ва сармоядорӣ) - ро сипарӣ намудааст. Чуноне ки муаллиф зикр мекунад, новобаста ба ҳамаи ин мо гуфта наметавонем, ки тамоми мушкилот ва масъалаҳои антропонимияи тоҷик муваффақона ҳаллу фасл гаштаанд, зеро ҳоло низ масъалаҳои ҳалношудае мавҷуданд, ки таҳлилу тадқиқҳои алоҳидаро тақозо мекунанд.

Калидвожаҳо: антропонимия, ташаккул, таҳаввул, низом, ном, исми хос, усул.

ЗАТРУДНЕНИЯ В АНТРОПОНИМИИ

В статье рассматриваются некоторые вопросы теоретического характера, связанные со становлением и развитием антропонимии. По мнению автора, первоначальным затруднением, с которым встречается исследователь при анализе антропонимического материала, является идентификация имени. По справедливому замечанию автора, не выявив все случаи использования имени, становится трудным в полном смысле осознать конкретным образом даже одно имя. Первое затруднение, с которым во время работы с антропонимическим материалом сталкивается исследователь, является затруднение с идентификацией. Определение диапазона и круга рабочих и официальных действий, проводимых со стороны одного лица, рассмотрение их генетического родства, функциональные сдвиги, политические и религиозные симпатии - все это вызывает некоторые трудности, если не проведена правильная идентификация антропонима. История имен, как правило, тесно связана с общественной жизнью народа. Закономерность развития жизни воздействует на мышление человека, что в свою очередь находит свое отражение в антропонимии. Этнографические исследования показывают, что антропонимия претерпела несколько определенных этапов возникновения и развития: рабовладельчество, феодализм и капитализм. Как отмечает автор, несмотря на все это, нельзя констатировать, что все затруднения и проблемы таджикской антропонимии успешно решены, поскольку еще имеются нерешенные вопросы, требующие отдельных исследований.

Ключевые слова: антропонимия, становление, развитие, система, имя, имя собственное, принцип.

DIFFICULTIES IN AN ANTROPONIMIYA

In article the nektory questions of theoretical character connected with formation and development of an antroponimiya are considered. According to the author, initial difficulty which the researcher meets in the analysis of antroponimichesky material is identification of a name. According to a fair remark of the author, without having revealed all cases of use of a name, becomes difficult in full sense to realize specifically even one name. The first difficulty which in operating time with antroponimichesky material the researcher faces is difficulty with identification. Determination of range and a circle of the working and official actions which are carried out from a strrona of one person, consideration of their genetic relationship, functional shifts, political and religious sympathies - all this vyzivat some difficulties if the correct identification of an antroponim is not carried out. The history of names is, as a rule, closely connected with the public life of people. The regularity of development of life influences thinking of the person that in turn to find the reflection in an antroponimiya. Ethnographic researches show that the antroponimiya underwent several certain stages of emergence and development: rabovladelchestvo, feudalism and capitalism. As the author notes, despite all this it is impossible to note that all difficulties and problems of the Tajik antroponimiya are successfully solved as still there are unresolved questions demanding separate researches.

Key words: anthroponomy, formation, development, system, name, proper name, principle.

Сведения об авторе: ***Ситораи Абдурасул*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, докторант Ph.D кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16.
E-mail: **alimi-62@mail.ru**

Information about the author: ***Sitora Abdurasul*** - Kulyab state University. A. Rudaki, doctoral student Ph.D Department of the Tajik language. **Adress:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarova str. 16.
E-mail: **alimi-62@mail.ru**

УДК: 81.33

ЯЗЫКОВАЯ ОБЪЕКТИВАЦИЯ МАКРОКОНЦЕПТА “ҚИСМАТ” В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Давлатмирова М.Б.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Концепт-это некий квант знания, отражающий содержание всей человеческой деятельности. Концепт не непосредственно возникает из значения слова, а является результатом столкновения словарного значения слова с личным и народным опытом человека [4, с.4].

Концепт имеет «слоистое» строение, его слои являются результатом, «осадком» культурной жизни разных эпох. Он складывается из исторически разных слоев, отличных и по времени образования, и по происхождению, и по семантике [5, с.53].

Есть концепты, которые объективируются и становятся доступными реципиентам только с помощью текстов. Такие концепты можно назвать текстовыми независимо от размера представляющего их текста. Это может быть словарное толкование некоторых языковых единиц, объективирующих концепт, словарная статья в энциклопедии или справочнике (информационно - экспликативные тексты). Это может быть научный или научно-популярный текст, рассказывающий о содержании концепта, а также публицистический или художественный тексты, присущими им средствами раскрывающие содержание концепта [7, с.83].

Как отмечают известные когнитологи Попова З.Д. и Стернин И.А. «Основополагающий вклад в изучение концептов через соотношение с материалом языка внесли московские лингвисты под руководством Н.Д. Арутюновой. С 1988 года труды этой группы публиковались в серии сборников «Логический анализ языка». Уже вышло в свет 14 сборников (последний датируется 2000 годом). Первые выпуски этой серии проанализированы в обзоре (Плунгян, Рахилина 1991). Наряду с широким кругом общетеоретических проблем языкознания, авторы статей представили и широкий спектр описания конкретных концептов. Так, только в сборнике 1991 года с подзаголовком «Культурные концепты» описаны концепты истина, правда, ложь, долг, творчество, причина, судьба, добро и зло, закон и порядок, красота, свобода, время и пора, память, человек и личность, свое и чужое, милосердие, вопрос».

Макроконцепт “Қисмат” в таджикском языке представляет богатое семантическое поле. Туда входят слова, лексемы которые выражают все возможные значения связанные с макроконцептом “Судьба” в таджикском языковом сознании. Ключевое слово для выражения понятия *Судьба* в таджикском языке является слово **“Қисмат”.**

Лексема ***қисмат*** в толковом словаре таджикского языка имеет следующие значения: *ҳисса, бахш, қисм “часть, доля”; тақдир, насиба “рок, участь” [10]*. Это слово является арабским заимствованием и в таджикском языке сохраняет все исконные арабские значения, широко используется как в речи, так и в произведениях известных мыслителей, писателей и поэтов.

Арабское отглаголное имя ***тақдир*** 1. Андоза намудан, киёс кардан, тахмин кардан “измерять”; 2. тассавур кардан,фарз кардан, пиндор “представить”; 3. қазо, қадар, сарнавишт “судьба, участь, удел, рок; предначертание, предопределение” в таджикском языке сохраняет исконные арабские значения. Часто применяется в сочетании исконно таджикских слов и выражает разные коннотации *Судьбы:**тақдири талх*** “горькая доля”; ***тақдирро санҷидан*** “испытывать судьбу”; ***аз тақдири худ нолидантақдирмедонад*** “ только судьба знает”.

***Тақдир**, ки тир дар ниҳон кард,*
Танҳо на маро бад ӯ нишон кард (Шоҳин).

***Тақдири** маро нигар, аҷаб лутф намуд,*
Бар ман дари ганҷинаи худро бикушуд (Гулрухсор).

***Тақдир**, чаро барои заҳру асалат,*
*Аз шодию **бахти** ман ситонӣ аламат?*
Ин хома агар бувад чу шореҳи ғамат,
Бигрифтаи худ бидеҳу пас гир қаламат (Гулрухсор).

Сочетание ***дасти тақдир*** имеет значение “рука судьбы, под рукой судьбы”:

Азизонам, азизонам, азизам,
Магар ман ҳам замоне мешавам пир?

Кӣ медонад, кӣ медонад, кӣ фардо,
Чӣ хоҳад кард бо ман ***дасти тақдир****? (Гулрухсор).*

Следующая лексема ***қадар–***1. андоза, дараҷа, миқдор (количество, мера, степень)**; 2.** сарнавишт, тақдир, қисмат, насиб (предопределение, рок; судьба):

Қазо *гуфт: Гиру* ***қадар*** *гуфт: Деҳ,*
Фалак *гуфт: Аҳсан, малак гуфт: Зеҳ! (Фирдавсӣ).*

Бар остони майкада хун мехӯрад мудом,
Рӯзии мо зи хони ***қадар*** *ин навола буд (Ҳофиз)*

Арабское заимствованное слово ***қазо*** 1. ҳукм кардан (повеление); 2. тақдир, сарнавишт, ҳукми илоҳӣ (судьба, рок, предопределение); қазову қадар «судьба»; ризо ба қазо додан "положиться на волю случая "; қазо кардан 1."умирать, скончаться"; 2. "рел. опаздывать совершить молитву, упускать время (молитвы)"; намози қазо ба ҷо овардан "совершить пропущенный намаз" [1] в таджикском языке сохраняет свои исконные значения:

Дар кӯйи некномӣ моро гузар надоданд,
Гар ту намеписандӣ, тағйир кун ***қазоро****! (Ҳофиз).*

Қазои мубрам сарнавишт **(**судьба**),** ***қазову қадари қатъӣ ва ногузир*** (бесповоротная судьба):

Фармони худро ***қазои мубрам*** ва амри муҳкам дониста, аз ман чизе ки наёбӣ, чаро меҷӯйӣ. "Ҷомеъ-ут-таворих".

Қазову қадар тақдир, қисмат, сарнавишт (судьба, предопределение).

Рӯзу шаб хидмати ***қазову қадар***
Пардаророию посбонӣ бод (Анварӣ).

3. Адо кардан, ба ҷо овардан, иҷро кардан (исполнять, выполнять)

4. Мурдан, вафот кардан, даргузаштан; вафот, фавт, аҷал (умирать, скончаться)

Қазо *дидадӯз асту андешасӯз*
Вақте балое омад, ҳеҷ чорае фоида намебахшад
Намедонам ***қазоям*** *дар куҷояст,*
Вафои ман вале беинтиҳояст (Гулрухсор).

Необходимо отметить, что время и судьба неподвластны человеку, и *Судьба* в философско-теологическом аспекте тесно взаимосвязана с компонентом *Смерть*. В рамках макроконцепта *Судьба* рассматривается появление человека на свет и его уход из мира. Между этими полюсами находится жизненное пространство человека, по другому полю его судьбы. Сочетание ***қазовуқадар*** в таджикском языке сохранил исконно арабские значения и связано с понятием божественного предопределения, время ухода человека из этого мира, в таджикском языке и духовной культуре означает *божественное предопределение.*

А также лексема ***тақдир*** "судьба" часто используется в таджикском языке:

Аз тақдирам ҳар чӣ дар қисматам бошад (мебинам...) (то, что суждено мне, то, что предначертано судьбой (я увижу)); *бар тақдири...*; *бар тақдири гурехтан ҳам халосӣ набуд; тақдир медонад... вобаста ба қисмату насиба аст* (неизвестно, кто знает, ничто ещё не решено, не определено); *ба дасти тақдир супурдан ба қисмату сарнавишт ҳавола кардан (кореро)* (надеяться на судьбу); *ба тақдир тан додан ба сарнавишт таслим шудан* "покориться судьбе"; *дар тақдир будан ногузир будан* "быть предначертано"; *тақдир доштан он чи дар тақдир ба касе муқаррар шудааст, он чи дар қисмати касе ҳаст* "все, что суждено кому-то"; *насиб кардан*; 2. *ояндаи чизе* "будущее". Отсюда, ***тақдирпараст*** - он ки ба тақдир бовар ва эътиқод дорад, он ки сарнавишту тақдирро марому асоси зиндагӣ медонад (тот, кто верит в судьбу). ***Тақдирҷунбон*** **1.** киноя аз Худованд **(подразумевается Бог); 2.** боис**,** сабабгор **(причина)**

Толеъ **(**счастье, везение; судьба**) 1.** *тулӯъкунанда, бароянда* (восходящий), отсюда ***толеъ шудан*** баромадан (оид ба офтобу моҳ); 2. *нуҷ.бурҷе, ки дар вақти таваллуди касе дар шарқи осмон намоён бошад ва гӯё хушбахтию бадбахтии одам ба саъд ё наҳс будани он бурҷ вобаста аст* "созвездие, которое появляется в восточной части неба, во время рождения человека и якобы счастье человека зависит от того, что – это счастливое созвездие или злосчастное":

Кавкаби ***бахти*** *маро ҳеҷ мунаҷҷим нашинохт,*
Ё раб, аз модари гетӣ ба чӣ ***толеъ*** *зодам? (Ҳофиз).*

Толеи Савр: 1. касе, ки дар вақти намоён шудани бурҷи Савр зоида шуда бошад; "кто рождается под созвездием Тельца"; 2. хушбахт "счастливый" 3. бахт, иқбол, тақдир (счастье, судьба). Предполагается, что, кто рождается под созвездием Тельца, будет счастливым.

Толеъ *агар мадад кунад, доманаш оварам ба каф,*
Гар бикашам - зиҳӣ тараб, гар бикашад - зиҳӣ шараф! (Ҳофиз).

Толеи абтар бахти бад, бадбахтӣ *"беда, несчастье".*

*Дар **толеи** абтарам бубинед,*
Дар гардиши ахтарам бубинед (Файзӣ).

Толеи вожгун бахти бад, бахти баргашта; ***толеи дунтолеи паст,*** бахти носозгор (несчастливая судьба):

*Ғуроб... аз гардиши гетӣ ҳаменолид..., ки ин чӣ бахти нигун аст ва **толеи дун** ва айёми буқаламун* (Саъдӣ). (Чёрный ворон жалуется на превратности судьбы, на несчастную, злосчастную судьбу, неустойчивую и непостоянную).

Толеи саъд киноя аз бахти баланд, бахти нек "счастливая судьба".

*Арӯси гунча расид аз ҳарам бо **толеи саъд** (Ҳофиз).*

Толеи шӯрида бахти баргашта, бахти бад "злосчастье***".***

*Аз **толеи шӯридаи** ман инони ихтиёр аз даст берун шуд (Авфӣ).*

Толеъ гирифтан **(ему повезло),** фол дидан (загадать), ***толеъбин*** мунаҷҷими пешгӯйикунанда; фолбин, фолгир (астролог; гадальщик).

В таджикском традиционном понятии лексема ***фалак*** – 1.осмон, сипеҳр (небо, небосвод); 2. қазову қадар, сарнавишт (судьба, рок) 3. фалак муз. вид народной песни. Отсюда сочетания: ***гардиши фалак*** "превратности судьбы"; ***фалакзада*** "наказанный судьбой"; ***чархофалак, чархифалак*** "небо, небосвод; превратности судьбы, рок":

*Як тараф ҷаври **фалак**, як сӯ ҷафои он санам,*
Нимҷонам ин ду меҳнатро чӣ сон бардошта?

Слово ***фол*** - 1. амали махсуси хурофӣ, ки ба воситаи он кор ё ҳоле (ба некӣ ё бадӣ) гӯё пешгӯйӣ карда мешавад, фолгирӣ; (предзнаменование; гадание, предсказание); 2. шугун, чизе ва ё ҳодисае, ки аз рӯйи хурофот нишон ва аломати некӣ ва бадӣ дар ояндаи шахс мешумуранд (примета, предзнаменование, знак). Отсюда: ***фол дидан, фол задан, фол кушодан, фол гирифтан "предзнаменовать (****хорошее или плохое****) гадать, предсказывать".***

*Зи баҳри **фол** агар Хисрав китоби ишқ бикшояд,*
Зи аввал сафҳаи ғам достони ман бурун ояд (Хисрави Деҳлавӣ).

Фол задан бо амали махсус ояндаи касе ё кореро пешгӯйӣ кардан.

*Ба ноумедӣ аз ин дар марав, бизан **фоле**,*
*Бувад, ки **қуръаи давлат** ба номи мо афтад (Ҳофиз).*

Фоли чизе задан чизеро боис ё василаи **бахти** худ шумурдан, **бахт** ва **толеи** худро дар чизе донистан (Предзнаменовать что-то в своей судьбе).

*Фалак таклифи ҷоҳат гар кунад, **фолиҳамоқат** зан,*
Ки ғайр аз Гов натвонад кашидан бори дунёро (Бедил).

Фол кушодан фол дидан (бо амали махсус).

Соиб, чӣ кушоӣ гиреҳ аз турраи дилдор,
*Накшуда касе **фол** зи девони қиёмат (Соиб).*

Фол ҷустан, фоли нек ё ***бад*** талаб карда ёфтан "предзнаменовать что-то хорошее или плохое".

*Ба номат ҳунар **фоли фархунда** ҷуста,*
Ба ёдат хирад ҷоми саҳбо гирифта (Анварӣ).

Фоли худро ба касе бастан - омад ва пешрафти кори худро ба рафтор ё гуфтори касе вобаста кардан "*с кем-то связать свое предзнаменование".*

Якеро нишон кард бар номи хеш,
*Бар ӯ баст **фоли саранҷоми** хеш (Низомӣ).*

Ба ***фол*** гирифтан масъуд ва бахосият шумурдан, ***фоли нек*** ҳисоб кардан чизеро "считать хорошим знаком, предзнаменованием".

Номи туро ба ***фол гирифтам*** ва туро ба фарзандӣ пазируфтам (Афвӣ).

Ба ***фол доштан фоли нек*** ҳисоб кардан, нек ва масъуд шумурдан "считать хорошим знаком, хорошим предзнаменованием".

Идро ба меҳргон ҳаст иттифоқу иттисол,
*Ҳар дуро доранд аҳли давлату миллат ба **фол** (Муиззӣ).*

Словосочетание ***фолкушоӣ*** используется в значении **"**гадание**".**

Дувумӣ гуфто, ки бишнав ҳоли ман,
*Қуръаи мирос зан бар **фоли** ман! (Румӣ).*

Қуръаи бандагии *хеш ба номам задаӣ,*
*Ин саодат аҷаб аст, ин чӣ муборак **фолест**! (Ҳилолӣ).*

*На роҳнамоӣ ба кор оядаш, на **толеъгир**,*
*На **фолгӯӣ** ба кор оядаш, на хобгузор (Унсурӣ).*

Лавҳи Маҳфуз (Китоби сарнавишт) “Книга Судеб”.

Иблис ابليس *шайтон, азозил, аҳриман* используются в значении “дьявол, сатана, чёрт”:

Иблис ба сурати марди холигар пеши Заҳҳок омад “Маҷмаъ-ул-ансоб”:

Мар иблисро дид шахсе ба хоб,

Ба қомат санавбар, ба рӯ офтоб (Саъдӣ).

При анализе базисного слоя номинативного поля макроконцепта «**Қисмат”** были выявлены ядро и ближняя периферия.Туда входят следующие лексемы, которые составляют ядро базисного слоя макроконцепта «**Қисмат**» в таджикском языке: *қисмат, тақдир, сарнавишт, насиб, қазо “судьба”, қазо ва қадар “судьба”, толеъ “счастье, везение; судьба”, пешонӣ “лоб; судьба”, тақдири пешонӣ “то что написано на лбу человека, судьба”, тақдирҷунбон, “Бог”, бахт “счастье; судьба”, Худованд, Аллоҳ “Бог” и изречения как: Бисмилоҳир раҳмонир раҳим “Во имя бога милостивого и милосердного”, Иншо Аллоҳ “если богу будет угодно”*, баракат “благословение; пропитание; изобилие”; *бахти нек “счастливая судьба”, бахти баланд “великое счастье”,* бадбахт “злосчастный”;

Периферийными компонентами номинативного поля макроконцепта “Қисмат” в таджикском языке являются следующие слова: *қисмати азалӣ* (*тақдир*, *сарнавишт*) «неизменная судьба, извечная судьба», дасти тақдир «рука судьбы»; *фол, фоли нек, фоли бад, тақдирҷунбон, Иблис, Шайтон, чарх “колесо, небо”, фалак “небо; судьба”, чархофалак “превратности судьбы”; азал “с самого* начала*”, рӯзи азал “изначально”, хушбахтӣ “счастье”, иқбол “удача, счастье”, ситораи иқбол, ақл, сабр, рӯҳ, таваллуд, марг, фолкушоӣ “гадание”, қазо кардан, толеи абтар, толеи вожгун, толеи Савр, толеи саъд, бахти баландахтар, бахти бедор “удача, счастливая доля”, бахти некхоҳ (толеъи баланд), бахти нек, бахти фирӯз, бахти ғолиб, фатҳу нусратовар “счастливая судьба”, бахти ҷавон бахти нав, бахти умедбахш “надёжная судьба”, бахти безавол “вечное счастья, благоденствие”бахтвар, соҳиби бахт, бахтиёр “счастливый, везучий”, ба бахти “к счастью”..., бахт касеро ёр будан “везти кому-либо; иметь удачу”; бахт ба коми касе будан “быть счастливым”; бахти касе тофтан “повезти кому-либо”; бахт мададгораш шавад “пусть ему улыбнется счастье”; бахт тавваккал “будь, что будет”; ахтари бахт “звезда счастье”.*

Негативные коннотации компонента ***бахт:*** бахткӯр (шӯрбахт) “несчастливый, злосчастный”; бахтбаргашта “неудачник, несчастливец”; вожгунабахт “злополучная участь”; бахти ғунуда (бахти баргашта) “неудачная, злая доля”; бахти шӯр, бахти бад “злая доля”; бахти сиёҳ, бадбахтӣ “черное счастье, несчастье”, бахти ошуфта (ё парешон) “тревожная судьба”; бахти носозгор, бахти нофарҷом, бахти бадфарҷом “злосчастная доля”; бахти норасо, бахти номусоид, *бахти нагунсор, бахти забун,* бахти баргашта “тяжелая судьба”; бахти шум “злополучная, роковая доля”; *бахти гумкардароҳ,* бахти бад “запутанная судьба”; бахташ баргашт “ счастье отвернулось от него; счастье изменило ему”; бахташ сиёҳ шуд “ он стал несчастным, он потерпел неудачу”.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Баранов Х.К. Арабско – русский словарь / Х.К. Баранов. - М.: Государственное издательство иностранных и национальных словарей, 1958. – 1160 с.
2. Карасик В.И. Культурные доминанты в языке / В.И. Карасик // Языковой круг: личность, концепты, дискурс. – Волгоград: Перемена, 2002. - С.166-205.
3. Логический анализ языка / Отв. ред. Арутюнова Н.Д., Янко Т.Е. - М.: Наука, 1991. - 204 с.
4. Логический анализ языка: Культурные концепты // Отв. ред. Арутюнова Н.Д. - М.: Наука, 1997. - С.155-160.
5. Лихачев Д.С. Концептосфера русского языка / Д.С. Лихачев // Русская словесность: Антология. - М.: Academia, 1997. - С.28-37.
6. Маслова В.А. Введение в когнитивную лингвистику. Учеб. пособие / В.А. Маслова. - М.: ФЛИНТА: Наука, 2017. – 8-е изд., стер. - 229 с.
7. Попова З.Д. Очерки по когнитивной лингвистике / З.Д. Попова, Стернин И.А. – Воронеж, 2001. - 109 с.
8. Плунгян В.А. О сборниках статей проблемной группы / В.А. Плунгян, Е.В. Рахилина. «Логический анализ языка» // ВЯ. 1991. - №2. - С.126-139.
9. Сайидраҳмон Сулаймонӣ. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. Дар 2 ҷилд. - Душанбе: “ЭР-граф”, 2005. - Ҷ.1. - 1046 с. - Ҷ. 2. - 1208 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд; зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. - Душанбе, 2010. – Ҷ. 2.

ИНЪИКОСИ ЛУҒАВИИ МАКРОКОНСЕПТИ “ҚИСМАТ” ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи зерин инъикоси луғавии макроконсепти “Қисмат” мавриди баррасӣ қарор дорад. Инчунин, шарҳи калимаҳои *тақдир, қадар,* қазо, *қазову қадар, тақдирҷунбон, фол, толеъ*, ки мафҳуми “*Қисмат”*- ро дар забони тоҷикӣ ифода мекунанд, дода мешавад. Марказ ва атрофи наздики макроконсепт муайян карда мешаванд. Ҳангоми шарҳи қабати асосии майдони макроконсепти “Қисмат” марказ ва атрофи наздики он муайян карда шуд. Ба он ифодаҳо ва калимаҳои зерин дохил мешаванд: *қисмат, тақдир, сарнавишт, насиб, қазо, қазо ва қадар, толеъ, пешонӣ, тақдирҷунбон, бахт, Худованд, Аллоҳ ва ибораҳои чун:*

Бисмилоҳир раҳмонир раҳим, Иншо Аллоҳ, баракат; *бахти нек, бахти баланд,* бадбахт. Шарҳ ва тафсири қабати асосии макроконсепти “Қисмат” имкон медиҳад, то ки хусусияти хосси миллӣ, муқаддасоти фарҳангии забони тоҷикӣ ва инчунин акси забонии халқи тоҷикро мавриди омӯзиш қарор бигирад.

Калидвожаҳо: қисмҳои макроконсепти “Қисмат”, тобишҳои консепт, луғати аслӣ, калимаҳои иқтибосӣ, ҷанбаи динӣ - фалсафӣ, марказ ва атрофи наздики макроконсепт.

ЯЗЫКОВАЯ ОБЪЕКТИВАЦИЯ МАКРОКОНЦЕПТА “ҚИСМАТ” В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье рассматривается языковая объективация макроконцепта **“Қисмат”** в таджикском языке. Дается анализ лексем, выражающих это понятие в таджикском языке, таких как:тақдир, қадар,қазо, қазовуқадар, тақдирҷунбон, фол, толеъ.Выявляютсяядрои ближняя периферия макроконцепта. При анализе базисного слоя номинативного поля макроконцепта «**Қисмат”** были выявлены ядро и ближняя периферия.Туда входят следующие лексемы, которые составляют ядро базисного слоя макроконцепта «**Қисмат**» в таджикском языке: қисмат, тақдир, сарнавишт, насиб, қазо “судьба”, қазо ва қадар “судьба”, толеъ “счастье, везение; судьба”, пешонӣ “лоб; судьба”, тақдири пешонӣ “то что написано на лбу человека, судьба”, тақдирҷунбон, “Бог”, бахт “счастье; судьба”, Худованд, Аллоҳ “Бог” и изречения как: Бисмилоҳи раҳмони раҳим “Во имя бога милостивого и милосердного”, Иншо Аллоҳ “если богу будет угодно”, баракат “благословение; пропитание; изобилие”; бахти нек “счастливая судьба”, бахти баланд “великое счастье”, бадбахт “злосчастный”. Анализ базисного слоя концепта дает возможность изучать национальную специфику, культурные ценности таджикскойлингвокультуры, описать языковую картину мира таджикского народа.

Ключевые слова: компоненты макроконцепта «Қисмат», коннотации концепта, исконная лексика, заимствованная лексика,философско-теологический аспект,ядро и ближняя периферия.

LANGUAGE REFLECTION OF THE MACROCONCEPT "Qismat" IN TAJIK LANGUAGE

This article tells about the reflection of the macro concept "Qismat" in tajik language. The given analysis of lexemes expresses the concept in the tajik language as: taqdir, qadar, qazo, qazovuqadar, taqdirjunbon, fol, tole. The core meaning and the near periphery of the macroconcept are identified. While analyzing the basis of the nominative field of the macroconcept "Qismat", the core meaning and the near periphery were identified.The below lexemes constitutethe core meaning of the macroconcept "Qismat" in the Tajik language: qismat, taqdir, sarnavisht, nasib, qazo "destiny", qazovaqadar "fate", only "happiness, luck; fate ", peshoni" forehead; fate, "taqdiripeshoni" what is written on the man's forehead, fate, "taqdirjunbon," God, "bakht" happiness; fate, "Khudovand, Allo" God "and sayings like: BismilohiRahmoni Rahim", In the name of the merciful God, "InShoAlloh" if God wills, "barakat" blessing; livelihood; abundance"; bahtinek "happy destiny", bakhtibaland "great happiness", badbakht "ill-fated". Analysis of the basic layer of the concept provides an opportunity to study the national specifics, the cultural values of the Tajik linguistic culture, describe the world language picture of Tajik people.

Key words: components of the macroconcept "Qismat", connotations of the concept, primordial vocabulary, borrowed vocabulary, philosophical and theological aspect, core and near periphery.

Сведения об авторе: ***Давлатмирова М.Б.*** – Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры теоретического и прикладного языкознания. E-mail: **davlatmirova.manizha@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-98-35-53**

Information about the author: ***Davlatmirova M.B.*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Theoretical and Applied Linguistics. E-mail: **davlatmirova.manizha@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-98-35-53**

УДК: 802.0

МУРОДИФОТИ КАЛИМАСОЗИИ СИФАТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Фатҳуллоева Ш.А., Туйгунов Н. Ҳ.
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сарчашмаҳои гуногун бар он назаранд, ки сифатҳо дар забони англисӣ аз ҷиҳати доираи истифода баъд аз исмҳо ва шумора меистанд. Дар асари Карашук П.М. оварда шудааст, ки «аз 60 ҳазор калимае, ки дар фарҳанги Мюллер пешниҳод мешавад, 8600-тои он сифат маҳсуб меёбад». Дар ин миён 7400-тои он сермаҳсул ҳисобида мешаванд [2, с.120].

Бояд гуфт, ки мувофиқи маълумотҳо на ҳамаи онҳо дорои воситаҳои калимасозӣ мебошанд, яъне аксари суффиксҳое, ки дар сифат истифода шудаанд, аломати морфологии он ҳисобида мешаванд.

Суффиксҳо аломати мутааллиқ будани калима, ба ин ё он гурӯҳи грамматикӣ маҳсуб ёфтани сифатҳоро муайян мекунанд.

Бояд зикр созем, ки як қатор суффиксҳо барои дифференсиатсияи маъно дар дохили ҳамон гурӯҳи грамматикӣ хизмат мекунанд, масалан, **yellow- yellowoy- yellowish**.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамин гуна аломатҳо ва вазифаҳои воситаҳои калимасозии сифатҳо заминаҳои муродифсозии воситаҳои калимасозии сифатҳоро дар забони англисӣ таъмин сохтаанд.

Тавре ки дар боло зикр намудем, дар таҳлили мо сифатҳои сермаҳсул, ки дар таркиби худ аз аффиксҳои зинда ва ё худ сермаҳсул дар забони муосири англисӣ истифода бурдаанд, ҷой дода шудаанд. Аз ин рӯ, дар таҳлили мо аффиксҳои алоҳида, ки дар муродифсозӣ иштирок ва ё замина мегузоранд, ба назар мерасанд.

Вазифа ва асосҳои муродифсозии суффикси «ed»

Суффикс **-ed (- od -ad),** аслан барои сохтани шакли замони гузашта ва сифати феълии замони гузашта мавриди истифода қарор мегирад. Дар раванди инкишофи забон ин суффиксҳо вазифаҳои худро вусъат додаанд ва дар ифодаи маъноҳои гуногун мавриди истифода қарор гирифтаанд, яъне дар сохтани сифатҳо хусусияти пурра иштирок намуданро пайдо кардаанд. Ҳамин тавр, суффикси **«ed»** оҳиста-оҳиста дар забон вазифаи калимасозиро низ аз худ намуд ва ҳамчун суффикси сифатсоз мавриди истифода қарор гирифт. Аммо бояд гуфт, ки дар забони англисии муосир суффикси феълсози **-ed** ва суффикси **-ed** омоним маҳсуб меёбанд, масалан, **frightened** ; *тарсида*; (сифати феълӣ, ки аз феъли to frighten сохта шудааст); **informed**; *маълумотдошта*, *огаҳбуда* (сифати феълӣ, ки аз феъли to inform сохта шудааст) [2, с.130].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин ҷо вазифаи суффикс танҳо шаклсозӣ мебошад, аммо метавонад дар сохтани худи сифатҳо бевосита иштирок намояд, масалан, **long- legged** - *почадароз*; **clean- handed** - *бегуноҳ, дилсоф*; **toothed** - *дандондор*; **talented** *–бомаҳорат*; **diseased**- *беморшуда, бемор.*

Доираи муродифсозӣ ва муродифияти суффиксҳои - y ва - ish

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки суффикси **– y** ба асоси исмҳо, феълҳо ва сифатҳо ҳамроҳ шуда, сифат месозад. Мушоҳида мешавад, ки калимаҳоеро, ки ин суффикс аз асосҳои зикршуда ташкил мекунад, аз лиҳози маъно ба ҳамдигар хеле наздиканд. Тавассути хусусиятҳои зикршуда суффикси мазкур дар ифодаи аломат, хусусият, монандӣ меояд: **bony** – *устухондор*; **bossy** – *варамида*; **furry** – *пашмӣ*; **healthy** – *саломат, солим*; **risky** - *таваккалӣ, хавфнок*.

Суффикси мазкур дар калимасозии сифат хеле фаъол ва сермаҳсул аст. Ҳангоми корбаст дар ифодаи маъноҳои гуногун вобаста аз кадом ҳиссаи нутқ будани калима меояд. Дар ин баробар, дар ташкили муродифоти калимасозӣ низ иштирок карда метавонад. Суффикси **–y** суффикси мустақил буда, дар калимасозӣ омоним маҳсуб меёбад.

Омӯзиши калимасозии суффикси **–y** нишон дод, ки ҳангоми дар ифодаи маънои рангҳо омаданаш метавонад бо суффикси **–ish** муродифият зоҳир намояд ва ин тарзи ифода зуд-зуд ба назар мерасад: *yellow**y**- yellow**ish**, black**y** – black**ish**, greeny – green**ish**.*

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки суффикси **–y** дар забони англисӣ дар се маврид истифода мешавад: 1). суффикси **–y**, ки аз сифат исм месозад; 2) суффикси – **y**, ки аз сифатҳо феъл месозад; 3) суффикси **– y**, ки аз сифат сифат месозад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки хусусияти муродифсозиро ҳолати сеюми ифодаи ҳамин суффикс зоҳир менамояд. Аммо новобаста аз ин, ин тарзи ифода ва муродифсозӣ хеле кам ба назар мерасад. Суффикси **- ish,** суффикси сермаҳсули сифатсози забони англисӣ маҳсуб меёбад ва он асосан дар ифодаи мансубият меояд.

Доираи муродифсозии суффиксҳои –en, -less, -ly, -like

Суффикси **–en** дар забони англисӣ сермаҳсул нест. Ин суффикс бо исмҳое ҳамроҳ карда мешавад, ки дар ифодаи маводи ғайримоддӣ меоянд. Масалан: **silken** *–шоҳӣ, аз шоҳӣ сохташуда*; **wooden** *–чӯбин, чӯбӣ*; **woolen** *– пашмин, пашмӣ [1, с.128]*.

Бояд зикр созем, ки ба ҳамин монанд суффиксҳо дар феълҳо низ истифода мешаванд, ки онҳо вазифа ва доираи истифодаи гуногуни худро доранд, яъне муродифи ҳамдигар буда наметавонанд: **deepen, widen** дар исмҳо **children**, **oxen** ва ғайраҳо.

Дар забони англисӣ суффикси **–less** дар ифодаи набудани чизе, вуҷуд надоштан, кам будан меояд. Масалан, **boneless** - *беустухон*. Дар забон суффикси ҳаммонанди он вомехӯрад, ки дар асл заминаи аввали пайдоиши ҳамин суффикс мебошад ва дар баъзе калимаҳо дар шакли аввалаи пайдоиши худ мавриди истифода қарор гирифтааст ва то як дараҷа муродифӣ зоҳир намудааст: **beard<u>leas</u>** (англисии муосир - **beard<u>less</u>**) - *бериш*.

Мушоҳида мешавад, ки ду ҳолати истифодаи суффикси мазкур мавҷуд аст, ки мавқеи истифодаашон комилан бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ дигаргун аст. Дар мавриди аввал, суффикси мазкур ниҳоят сермаҳсул буда, набудани сифат хусусият, аломати предметро ифода мекунад: **bloodless** - *бехун*, **hairless** - *бемӯй'*, **heartless** – *бедил, сангдил*. Дар ҳолати дувум ба гурӯҳи феълҳо ҳамроҳ мешавад, масалан: **countless** – *ҳисобнашаванда* ва ғайраҳо.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар ҳарду ҳолат низ дар забони англисӣ ин суффикс муродифи худро дорад. Дар ин ҳолат он бо суффикси калимасози –**un** муродиф шуда метавонад: **eventless=uneventful** – *бе воқеа, бидуни воқеа,* **faithless= unfaithful** - *беимон*, **graceless = ungraceful** *бешарм*, *беҳаё*, **countless= uncountable** – *ҳисобнашаванда*; **doubtless = undoubtable** – *бешак, бешубҳа*.

Аз рӯйи пайдоиш суффикси **-ly** ба забонҳои германӣ тааллуқ дорад, ки сараввал дар забон ҳамчун қисми калимаҳои мураккаб истифода мешуд ва оҳиста-оҳиста ҳамчун элементи калимасозӣ қабул гардид [2, с.134].

Бояд зикр созем, ки дар натиҷаи дигаргуншавӣ дар забони англисии муосир бисёр калимаҳое вомехӯранд, ки ҳам сифат мешаванд ва ҳам зарф: **kindly** (сиф.) - *меҳрубон* ва **kindly** (зарф) – *меҳрубон, хушмуомила*; **sickly** (сиф.) *–дарднок* ва **sickly** (зарф) – *дарднок*. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин ҳолат хусусиятҳои синонимии онҳо ба назар намерасанд.

Дар забони англисии муосир суффикси **-1y** каммаҳсул ҳисобида мешавад. Суффикси -**1y** дар забони англисӣ асосан бо суффикси **-like** комилан муродиф аст ва аз ин рӯ, истифодаи суффикси **-1y** дар сифатҳо нисбатан маҳдудтар аст.

Суффикси **-like** ва **-ly** дар аксар маврид ба ҳамдигар монандӣ доранд. Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки дар ифодаи маъно пурра мувофиқат мекунанд. Масалан, **manly-manlike**- *мардона*; **deathly-deathlike** *–монанд ба мурда, марг.*

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки ҳамин гуна ҳолатҳо бештар дар адабиёти муосири сиёсӣ ва бадеӣ вомехӯранд.

Паҳлуҳои муродифии суффиксҳои ful – ous

Суффикси –**ful** дар забони англисӣ ба асоси исмҳо ҳамроҳ шуда, дар ифодаи маъноҳои «*пур, аз ҳад зиёд, пури пур*» меояд: **respectful** – *боэҳтиром, боиззат*, **thankful** – *миннатдор*.

Бояд зикр созем, ки суффикси **–ful** ба ғайр аз ифодаи зикршуда дар ифодаи маъноҳои дигар ва дар таркиби исму феъл низ меояд, ки хусусиятҳои хос дорад.

Дар забони англисӣ мушоҳида мешавад, ки суффикси **–ous** метавонад дар ифодаи маъно бо суффикси **-ful** баробар бошад, яъне онҳоро комилан муродифи ҳамдигар гуфтан ҷоиз аст. Дар ин асно нозукӣ дар он зоҳир мегардад, ки суффикси **–ous** дар сифатсозии забони англисии муосир он қадар сермаҳсул нест, агарчанде дар ҳамин ифода дар ташкили сифатҳо аз исмҳои абстракт мавриди истифода қарор мегирад. Масалан: **beautiful- beutious, graceful-graciuous** ва ғайраҳо [2, с.120].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки суффикси –**ous** дар забони англисӣ дар ташкили муродифоти сифат бо суффикси **-ful** комилан муродиф шуда метавонад, вале дар ин ҷо низ доираи истифода, тобишҳои маъноии калима муҳим аст.

Дар ин баробар дар забони англисӣ як қатор суффиксҳои сифатсоз, ки дар забон хеле васеъ мавриди истифода қарор мегиранд, дар муродифофарӣ каммаҳсуланд, аз он ҷумла, суффикси ***–some, -an, (ician, arian*** **ian-ean***):* health<u>some</u> – *солим, саломат*; hand<u>some</u> - зебо; **Newton<u>ian</u>** – *Нютонӣ, аз они Нютон*; **vegetar<u>ian</u>** *–сабзавотӣ*.

Суффиксҳои **-able** ва **-ible** аз суффиксҳои сермаҳсули сифатсози забони англисӣ ҳисобида мешаванд. Ҳангоми таҳлил бармеояд, ки дар калимасозӣ асосан суффикси -able истифода мешавад. Суффикси -ible бошад, асосан ҳамчун аломати морфологии калима боқӣ мондааст, яъне дар калимасозӣ иштирок намекунад: **accept<u>able</u>, drink<u>able</u>** ва ғайраҳо.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тавассути вуруди худ ба забони англисӣ аз забонҳои германӣ суффикси **–an** суффиксҳои дигари калимасозро, ки ҳамон як вазифаро дар доираи калимаҳои хос ифода мекунанд, ба миён орад. Ин суффиксҳо, пеш аз ҳама, суффиксҳои **ician** и –**arian** мебошанд. Суффиксҳои зикршуда дар адабиёти гуногуни илмӣ ҳамчун муродиф пешниҳод нашудаанд, аммо вобаста аз пайвасткунии он мавриди истифодаи онҳо тағйир меёбад [6, с.134].

Хусусиятҳои муродифофарии префиксҳои сифатсоз

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар калимасозии забони англисӣ префиксҳо мавқеи хос доранд, аммо дар ташкили сифатҳо он қадар зиёд ба назар намерасанд. Адабиёти гуногуни илмӣ пешниҳод мекунад, ки «агарчанде зиёда аз 70 элементи калимасоз дар таркиби сифатҳо префикс бошанд ҳам, аксари онҳо дар калимасозӣ иштирок намекунанд» [2, с.128].

Бояд зикр созем, ки дар таҳлили мо ҳамон префиксҳое мавқеъ гирифтаанд, ки нисбатан фаъоланд ва баъзе тобишҳои муродифсозӣ доранд, аз он ҷумла префиксҳои **-un -,in, non-, -a ва ill – well**.

Префикси **-un** ягона префикси сирф сифатсози англисӣ мебошад, ки дар тамоми раванди дигаргуншавии забон хусусияти худро аз даст надодааст ва ҳамчун яке аз префиксҳои сермаҳсул ва зинда боқӣ мондааст. Пеш аз ҳама, сабаби сермаҳсулии он аз он иборат аст, ки дар забонҳои германӣ тарзи инкор кардани он он қадар хуб ба монанди забони англисӣ инкишоф наёфтааст ва аз ин сабаб ҳам, имконоти калимасозӣ дар шакли инкорӣ барои ин суффикс фароҳам омадааст. Масалан: **unimportant**- *муҳимнабуда* ва ғайраҳо.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забони англисӣ ифодаҳое, ки барои ифодаи инкор, ки тақрибан ба ҳамин ифода наздиканд, вуҷуд доранд: lawful-*қонунӣ* - **lawless** *беқонунӣ*;

careful *эҳтиётконона* – care**less** - *беэҳтиёт*, **intelligible** – *фаҳмо* – **unintelligible** – *нофаҳмо*; **unfriended** *–касе, ки рафиқ надорад* - **unparented** – *кассе, ки волидайн надорад*.

Префикси **-in** аломати морфологии сифатҳо маҳсуб мешавад, азбаски хусусияти калимасозиаш на он қадар зиёд аст. Бояд гуфт, ки азбаски дар ифодаи маънои инкор префиксҳои **-in** ва **-un** хеле наздиканд, суффикси **-in** ба доираи истифодаи преффикси **-un** бетаъсир намондааст [6, с.76].

Мушоҳида мешавад, ки дар ифодаи маънои инкор ин префиксҳо вазифаи якхела доранд, дар ифодаи ҳамон як маъно омада метавонанд, аммо тобишҳои иловагии калимаро пурра зоҳир карда наметавонанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аз ҷиҳати услуби ифода фарқ мекунанд: **incautious** - ноуҳдабарой - **uncautious** ва **noncautious**, ифодаи **uncautious** дар ифодаи маънои натавонистан, аз иҷрои коре набаромадан меояд, **incautious** – ноуҳдабарой.

Мушоҳида мешавад, ки ҳамон як тобиши маъноро дар баъзе ифодаҳо префиксҳои **-in** ва **-un** дода натавонистаанд, аз ин рӯ, префикси –**non**, ки дар ин ифодаҳо нисбатан мустаҳкамтар аст, омадааст. Ҳамин тавр, префикси **-non** дар ҳамон ҳолатҳое истифода мешавад, ки дар забон, аллакай, калима бо префиксҳои **-in** ва **-un** мавҷуд аст, аммо ба мо зарур аст, ки аз ҳамон асоси калима тарзи мулоимтари ифодаи инкорро созем. Масалан: **unhuman** ва **inhuman** ба маънои ноодилона, ваҳшиёна, тоқатнопазир омадаанд, аммо барои ифодаи маънои «ғайриинсонӣ», яъне ба одамият тааллуқнадошта, префикси **-non** истифода мешавад: **non-human; non-logical; non-natural** ва ғайраҳо.

Мушоҳида мешавад, ки баъзан барои ифодаи инкор префиксҳои **un-, in-, non**- маънои комилан мушаххаси инкорро намедиҳанд, яъне дар ин ҳолат префикси –**a** метавонад комилан онҳоро иваз намояд. Масалан, калимаи **amoral** (**immoral**) аз он сабаб ба вуҷуд омадааст, ки ҳолати зикршудаи боло аён гардидааст, яъне ифодаҳои **immoral, unmoral, non-moral** натавонистаанд, ки ҳолати пурраи инкорро бо тобишҳои маъноиашон ифода созанд [2, с.140].

Муродифияти префиксҳои -self ва -auto

Префикси **-self** ҳамчун воситаи калимасозӣ дорои хусусиятҳои гуногун мебошад. Бо истифодаи он дар забони англисӣ исм ва сифат месозанд: **self-control**-*худназораткунӣ*; **self-deception** – *худфиребдиҳӣ*; **self-sacrifice** *–худқурбонкунӣ*; **Сифат**: **self-contained** - *мустақил*; **self-opinionated** *–худбовар, якрав* ва ғайраҳо.

Мушоҳида мешавад, ки дар забони англисӣ ду ҳолати истифодаи ин префикс мавҷуд аст, яъне префиксе, ки аз исм исм месозад ва аз сифат сифат месозад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар забони англисӣ префикси иқтибосии **-auto** ба префикси **-self** муродифият дорад. Ин префикс ба забони англисӣ дар давраи англисии навин ворид шудааст.

Дар забони англисии муосир префикси **-auto** зинда маҳсуб меёбад, ҳарчанд дар забон чун воситаи калимасозӣ мавриди истифодаи васеъ қарор нагирифтааст. Ин амал, пеш аз ҳама, аз он сабаб шарҳ меёбад, ки ҳангоми ворид шудани префиикси **-auto** дар забони англисӣ бо ҳамин вазифа, аллакай, префикс мавҷуд буд. Аммо тавассути истилоҳоти техникӣ ба забон ворид шуда, префикси номбурда низ ҳамин хусусиятро бо худ нигоҳ доштааст. Масалан: **autobiographic** - *тарҷумаиҳолӣ*, autochthonal - *ибтидоӣ* (оиди аҳолӣ), **automatic (al)** -*автоматӣ*, **autonomous** - *автономӣ, худидоравӣ*, **automotive** – *худҳаракаткунанда* ва ғайраҳо.

Алоқаҳои маъноии префиксҳои well - ill

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксар муҳаққиқон префикси **well**-ро ҳамчун воситаи калимасозӣ қабул надоранд. Онро асосан як қисми аввали калимаҳои мураккаб медонанд. Баъзеи дигар ҳамин префиксро ҳамчун воситаи калимасозии сифатҳо пешниҳод намудаанд: **well-'balanced, well-co'nnected** ва ғ.

Умуман, омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки префиксҳои **well – ill** дар аксар ҳолат дар ифодаи маъноҳои ба ҳамдигар алоқаманд меоянд, агарчанде онҳо муродифи ҳамдигар шуда наметавонанд. Ин алоқаҳо аз маънои асосии префиксҳои ҳамроҳшаванда вобастагӣ доранд, яъне мусбӣ ва ё манфӣ будани маъно аз қисми аввали калима алоқаманд аст: **ill-fated**- *бадбахт*, *сиёҳқадам*, **ill-disposed** *–бад, бадхӯ* - **well-disposed** - *меҳрубон, хушмуомила*; **ill-favoured** - *безеб* - **well-favoured** – *зебо, хушрӯ [2, с.135]*.

А Д А Б И Ё Т

1. Виноградов В.А. Лексикология английского языка. Учебное пособие для студентов / В.А. Виноградов. – М.: Наука, 1977. – 312 с.
2. Каращук П.М. Словообразование английского языка. Учебное пособие для студентов высш. проф. образования / П.М. Каращук. – М.: Высш. шк., 1977. – 303 с.
3. Муминов А. Полисемия в таджикском языке: дис. … канд. фил. наук / А. Муминов. – Душанбе, 1972. – 152 с.
4. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Дастури таълимӣ / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1962. – 162 с.

5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик. Дастури таълимӣ / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 174 с.
6. Туйғунов Н. Луғати мухтасари синонимҳои англисӣ-тоҷикӣ. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ / Н. Туйғунов. – Душанбе, 2010. – 140 с.
7. Фатҳуллоева А. Калимасозӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ва нақши воситаҳои он дар ташаккули муродифот / А. Фатҳуллоева // Паёми Донишгоҳи донишгоҳи миллӣ, №4/7 (179) (филология). - Душанбе, 2010. – С. 86-91.

МУРОДИФОТИ КАЛИМАСОЗИИ СИФАТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола воситаҳои калимасозии сифатҳо дар забони англисӣ, ки дар ташкили муродифоти калимасозӣ иштирок мекунанд, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Инчунин роҳу воситаҳои ба миён омадани суффикс ва префиксҳои иқтибосӣ, ки дар ташкили муродифоти калимасозии сифат фаъоланд, дар мақола пешниҳод ва баррасӣ гардидаанд. Дар раванди омӯзишҳо ҳамеша масъалаҳои зерин баҳснок ва мавриди тадқиқ қарор мегирифтанд, аз он ҷумла, пайдоиши муродифоти калимасозӣ, назарияҳои гуногун оид ба мафҳуми муродифоти калимасозӣ, алоқаҳои муродифоти калимасозӣ ва муродифоти лексикӣ, дар мисоли калимасозии морфологӣ ва семантикӣ омӯхта шудани муродифоти калимасозӣ, масъалаҳои муродифоти калимасозӣ ҳамчун калимаҳои алоҳида ва амсоли инҳо. Муродифоти калимасозӣ, инчунин ҳамчун воситаи бузурги услубӣ баррасӣ мешавад, ки ин восита тавассути муталлиқ будани воситаҳои калимасозии муродиф ба услубҳои гуногуни забон мушаххас мегардад. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар даврaҳои гуногуни тараққиёти забонҳо масъалаҳои муродифоти калимасозӣ дар забонҳои гуногуни дунё мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ин амал, махсусан, дар забоншиносии рус бештар мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Дар забонҳои дигар, аз он ҷумла забонҳои германӣ, камтар ба назар мерасад, агарчанде як қатор корҳо дар ин самт амалӣ гардидаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забонҳои мавриди тадқиқ воситаҳои калимасозӣ хеле сермаҳсуланд, ки барои ба миён омадани калимаҳои синонимӣ замина мегузоранд.

Калидвожаҳо: сифат, синонимҳо, суффиксҳо, иқтибос, муқоиса, муродифоти калимасозӣ, префиксҳои исмсоз, таҳлил, тарҷума.

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ СИНОНИМИЯ ИМЁН ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье рассматриваются способы образования синонимов прилагательных при помощи словообразовательных суффиксов и префиксов в английском языке. Также в статье рассматриваются пути возникновения заимствованных суффиксов и префиксов, которые используются при образовании синонимов прилагательных. Следует отметить, что в процессе изучения эти проблемы всегда являлись предметом обсуждения, в том числе словообразовательная синонимия, различные теории о словообразовательной синонимии, связь словообразовательной синонимии с лексической синонимией на примере морфологического и семантического словообразования, проблемы словообразовательной синонимии отдельных слов и похожие. Словообразовательная синонимия также рассматривается в качестве стилистических средств, которые определяют стиль использования этих слов в языке. Анализ показывает, что на различных стадиях развития языка проблемы словообразовательной синонимии в различных языках мира подвергались научным исследованиям. Эту особенность можно заметить в основном в русском языке. В других языках, в том числе в германских языках, эта особенность редко встречается, хотя в этом направлении написано очень много работ. Анализ показывает, что средства словообразования в рассматриваемых языках очень продуктивны и способствуют появлению словообразовательных синонимов.

Ключевые слова: прилагательное**,** синонимы, суффиксы, заимствовать, сравнение, синонимы словообразования, префиксы имён прилагательных, анализ, перевод.

THE SYNONYMS OF WORDFORMATION OF ADJECTIVES IN ENGLISH LANGUAGE

The article analyses the methods of word formation and their role in forming the synonyms in English and Tajik languages. Particular attention is given to the direct relation of word formation in organizing new synonyms in the analyzing languages in adjectives. Also, the use of the suffixes and prefixes are discussed in the article. In this article, the author discusses the ways to forming adjectives synonyms with the help of word-building suffixes and prefixes in English. Also, the article examines the ways of originating borrowed suffixes and prefixes, which are used in the formation of synonyms for adjectives. It should be noted that in the process of studying these problems have always been a subject of discussion, including word-formation synonymy, various theories about word-formation synonymy, the connection of word-formation synonymy with lexical synonymy, morphological and semantic derivation, the problems of word-building synonymy as separate words and similar misunderstandings. The word-building synonymy is also seen as a huge stylistic means, which determine the style of using these words in the language. Analyzes show that in various stages of language development the problems of word-building synonymy in various languages of the world have undergone scientific research. This feature can be noticed mainly in Russian. In other languages, including Germanic languages, this feature is rarely seen, although a lot of work has been done in this direction. Analyzes show that the means of word formation in the languages in question are very productive, which contribute to the emergence of word-building synonyms.

Key words: adjective, synonyms, suffixes, borrow, comparison, synonyms of word formation, prefixes of adjectives, analysis, translation.

Сведения об авторах: ***Фатхуллоева Шарофат Абдусатторовна*** **–** Финансово-экономический институт Таджикистана, старший преподаватель кафедры иностранных языков; соискатель кафедры истории языка и сравнительной типологии Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **(+992) 777-17-75-92**
Туйгунов Носир Хакбердиевич – Финансово-экономический институт Таджикистана, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранных языков **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. E-mail: **tuygunovnosir@mail.ru**

Information about the authors: ***Fatkhulloyeva Sharofat Abdusattorovna*** - Financial and Economic Institute of Tajikistan, senior lecturer of the Department of Foreign Languages;post graduate student of the history of language and

comparative typology of the Tajik State Pedagogical University S. Aini. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street Nakhimova, 64/14. Телефон: **(+992) 777-17-75-92**
Tuygunov Nosir Khakberdievich - Finance and Economics institute of Tajikistan, candidate of philology sciences, dotsent, the Head of the department of Foreign Language. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street Nakhimova, 64/14. E-mail: **tuygunovnosir@mail.ru**

УДК 809.155,0-802.0:801.31

МУҚОИСАИ ТАСНИФОТИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Бобоев А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рудакӣ

Забони адабӣ яке аз категорияҳои таърихӣ буда, пайдоиши он ба омилҳои зиёди ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста аст, ки дар байни онҳо нутқ ва хат мавқеи махсус доранд. Маҳз воҳидҳои забон ва қонуниятҳои алоқамандии онҳо дар нутқ ифода мешаванд.

Солҳои охир нуфузи забони англисӣ нисбат ба дигар забонҳои дунё бештару баландтар гардидааст. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар як оилаи бузурги забонҳои ҳинду-аврупоӣ қарор дошта, монандии зиёде зоҳир менамоянд. Ин монандӣ гоҳ дар шакли калима ё талаффузи он дар сохти ҷумла аён мегардад.

Масалан, ифодаи ҷумлаҳои содаи забони англисӣ қариб ба ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ ё аз ҷиҳати сермаъноӣ, ҳаммаъноӣ, маъноҳои грамматикӣ ва ё дар тарҷума монандӣ доранд.

Дар забони муосири англисӣ баъзе ҳолатҳои забоние вуҷуд дорад, ки аксари забоншиносонро дар ҳайрат гузоштааст. Яке аз ин масоил, ки кори мо ба он марбут аст, ин ҳам бошад, ҷумлаҳои сода аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин хусус забоншиносон фикру ақидаҳои зиёде пешниҳод кардаанд. Оид ба ҷумлаҳои содаи забони англисӣ муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла Каушанская В. Л. А., Клоуз Р. А., Бархударов Л., Ителинг Д. А., Барановская Т. В., Гордон Е.М., Крылова И.П., Бонк Н. А., Котий Г. А., Лукьянова Н. А., Бурова З. И., Качалова К. Н. ва Израилевич Е. Е. фикру ақидаҳои мукаммали худро баён намудаанд [3, с.75].

Ҷумла воситаи асосторин ва муҳимтарини на танҳо синтаксис, балки забон ҳам мебошад, зеро бо ёрии он ҳамфикр ифода мегардад, ҳам одамон ба якдигар муносибат мекунанд. Аъзоҳои ҷумла он ибораҳоеро меноманд, киба ба таркиби ҷумлаҳо дохил шуда ба ягон савол ҷавоб мешаванд.

Аъзоҳои ҷумла ҷудо мешаванд ба сараъзоҳои ҷумла ва аъзоҳои пайрави ҷумла.

Инчунин ҷумлаҳо сода ва мураккаб мешаванд. Ҷумлаҳои мураккаб мешаванд: тобеъ ва пайваст. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте, ки онҳо аз ҷумлаҳои сода таркиб ёфтаанд, бо фикр баробар ҳуқуқанд ва бо пайвандакҳои пайвасткунанда алоқамандand карда мешаванд.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бошад, як ҷумлаи сода бо фикр тобеият дорад, дигар бошад бо пайвандакҳои тобеъкунанда ё ибораи пайвандакдор ба ҷумлаи асосӣ алоқаманд карда мешавад.

Намудҳои ҷумла:

1) ҷумлаҳои хабарӣ;
2) ҷумлаҳои саволӣ;
3) ҷумлаҳои хитобӣ;
4) ҷумлаҳои амрӣ.

Ҷумлаҳои хабарӣ, саволӣ ва амрӣ метавонанд инкорӣ ё тасдиқӣ бошанд [3, с.76].

Ҷумлаҳои сода тафсилӣ ва ғайри тафсилӣ мешаванд. Ҷумлаҳои соддаи ғайритафсилӣ танҳо аз сараъзоҳои ҷумла –мубтадо (1) ва хабар (2) иборат аст: Thecar (1) stopped (2) – автомобил истод! Thesun (1) isshining (2) – офтоб медурахшад.

Ба таркиби ҷумлаҳои содаи тафсилӣ бошад, ғайр аз сараъзоҳои ҷумла, аъзоҳои пайрави ҷумла –муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол дохил мешаванд. Theblue (a) car (1) stopped (2) atthegate (4) – автомобили кабуд дар назди дарвоза истод [2, с.43].

Мубтадое, ки бо аъзоҳои пайрави ҷумла алоқа дорад, гурӯҳи мубтадоро ташкил мекунад (мубтадои тафсилӣ). Ва хабаре, ки бо аъзоҳои пайрави ҷумла алоқа дорад (пуркунанда, ҳол, муайянкунанда хабарро (хабари тафсилӣ) ташкил мекунад.

Гурӯҳи мубтадо Гурӯҳи хабар
The blue car stepped at the gate
Автомобили кабуд дар назди дарвоза истод.
A pretty young woman came up to me
Зани зебои ҷавон Ба назди ман омад [6, с.32].

Ҷумлаҳои нопурра. Истилоҳи ҷумлаҳои нопурра асосан ба сохтори он дахл дорад, зеро аксар ин гуна ҷумлаҳо аз ҷиҳати мундариҷа ноқис нестанд. Агар ҷумла матлабро пурра ифода накунад, онро на гӯянда истифода мебарад ва на нависанда. Масалан, ҷумлаи амрие, ки мубтадо надорад.

Openthewindow – Тирезарокушоед.

Goonreading – Хонданроидомадиҳед

Noamsking – Сигорнакашед

Ҷумлаҳои хитобие, ки исм ё сифат доранд (бо алоқаи ибораҳо):

What fine whether!

Чӣ хел ҳавои хуб!

How wonderful

Чӣ хел олӣ/наҳз!

Ҷумлаи яктаркибаи мухталифе, ки сараъзои ҷумла метавонад бо исм, инфинитив ва герундия ифода ёбад:

Midnight -Нима шаб!

To see her again – Ӯро дубора дидан!

Swimminginthaticy water – Дар ин оби яхбаста бисёр хунук оббозӣ кардан!

Ҷумлаҳои нопурра – ин хислати хосси нутқи гуфтугӯй мебошад:

Ҷумлаҳои пурра:

It seems difficult – Ин ба назар хело душвор мерасад.

Are you going home? – Ту ба хона меравӣ?

It is nice to see you – Аз дидоратон шодам [5, с. 35].

Ҷумлаҳои нопурра:

Seems difficult.Мубтадо надорад.

Going home? (мубтадо ва қисме аз хабарро надорад)

Nicetoseeyou (мубтадо ва қисме аз хабарро надорад)

Ҷумлаҳои хабарӣ. Ҷумлаҳои хабарӣ дар хусуси предметҳо ва воқеаву ҳодисаҳои ҳақиқати объективӣ маълумот медиҳанд ва инчунин гӯянда бо ёрии он фикру ақида ва андешаи худро баён мекунад, фикри ҳамсуҳбаташро тасдиқ ё ин кор мекунад.

Ҷобаҷогузории калимаҳо дар ҷумлаҳои хабарӣ.

Гарчанде калима ҷойи худро дар ҷумла муайян мекунад, онро мебоист, ки ботартиби муайяни қатъи дар вақти сохтани ҷумлаҳои англисӣ ҷобаҷо кард.

Тартиби ин калимаҳо барои ҷумлаҳои одии хабарии англисӣ:

1	2	3	4
мубтадо	Хабар	пуркунанда	ҳол
The man – мард	Sent – фиристод	A telegram – телеграммаро	Yesterday – дирӯз
He – ӯ	Read – хонд	The text – матнро	Well – хуб
students	Face	problems	

Шурӯъ мекунем ба тарҷумаи ҷумлаи охирон. Он аз се калима иборат буда, бо ягон пешоянд пайваст нашудааст, аз ҳамин сабаб калимаи аввал бояд – мубтадо, дуввум – хабар, сеюм – пуркунанда бошад. Калимаи аввал – students – мубтадои ифокунандаи исм дар шакли ҷамъ – донишҷӯён. Баъд аз мубтадо бояд хабар ояд, яъне face – феъл, face, яъне рӯй дар маънои исм наомадааст ва дар ин ҳолат маънои дучор шудан рӯ ба рӯ шудан – ро нишон медиҳад. Баъди хабар пуркунанда problems меояд. Яъне, ҷумларо бояд чунин тарҷума кард: «Донишҷӯён бо мушкилиҳо/масъалаҳо дучор шуданд» [6, с.76].

Ҳоли макону замон метавонад пеш аз мубтадо дар ҷойи нолум (0) истад. Масалан:

0	1	2	3	4
ҳол	мубтадо	хабар	пуркунанда	Ҳол
Yesterday	he	read	the text	well
Дирӯз	ӯ	Хонд	Матнро	хуб

Барои ҳамин дар ҷумла бояд термини «ҷойи аввал»-ро бо термини «сараввал» ҷудо кард.

Муайянкунанда метавонад пеш аз ҳар аъзои ҷумла ва ибораи исм ояд ва ӯ ҷойи муқаррарӣ надорад ва тарҳи ҷумлаи ҳатмиро иваз мекунад, масалан:

a	1	2	A	3	4
муайянкунанда	мубтадо	Хабар	Муайянкуанда	пуркунанда	Ҳол
The old	man	Sent	A long	telegram	Yesterday
Пир	мард	фиристод	Дароз	телеграмма	дурӯз

Ҳарчанд дар ин нақша мувофиқати ҷобаҷогузории ҷумлаҳои забони тоҷикӣ бо забони англисӣ дида мешавад, вале мо ҷумлаи забони англисиро таҳлил карда истодаем.

Дар зарурат ҳар як аъзои ҷумла ғайр аз хабар (2) метавонад ду муайянкунанда дошта бошад:

Муайянкунандаи чап (а) – аз тарафи чапи калимае, ки ба ӯ тааллуқ дорад, ҷойгир аст.

Муайянкунандаи рост (а) ва ибораҳои муайянкунанда – аз тарафи рости калимаҳое, ки ба ӯ тааллуқ доранд, ҷойгиранд.

Мубтадо (1) дар ҷойи аввал

Хабар (2) дар ҷойи дувум

Пуркунанда (3) дар ҷойи сеюм

Ҳол (4) дар ҷойи чорум ё пеш аз мубтадо (0)

Истифодашавии муайянкунанда (а) дар ҳама ҳолат (пеш аз ҳар аъзои ҷумла ва ибораҳои исмӣ) [1,с.75].

Тартиби баръакси калимаҳо. Тартиби баръакси калимаҳо ё инверсия – чунин тартиби калимаҳое мебошад, ки хабар ё қисме аз он пеш аз мубтадо меистад.

Инверсияи пурра - комил баъзан мушоҳида карда мешавад, масалан дар ҷумлаҳои саволӣ бо хабар ва ибораҳои феълӣ – tobe (am/is/are.

Инверсияи нопурра бошад зуд – зуд ба назар мерасад, вақте ки танҳо як қисми хабар – феълҳои ёридиҳанда пеш аз мубтадо гузошта шавад.

Инверсияи асосӣ дар ҷумлаҳои асосӣ ва ҳамчунин дар дигар ҳолатҳо ҳам истифода бурда мешавад.

1. Дар ҳамаи ҷумлаҳои саволӣ (ғайр аз саволҳои махсус ба ҷумлаҳои мубтадо):

Are you coming tomorrow? Ту фардо меойи?

2. Дарҷумлаҳоибораиthere is/are:

There is a new book on the table – Дар болои миз китоби нав ҳаст.

3. Он ҷумлаҳое бо зарфи here шурӯъ мешаванд, ки мубтадо ҳамчун исм ифода ёфтааст:

Here **is** your pen! Ана қалами шумо!

Here **comes** my brother! Ана бародари манн омад!

Here he**comes!** Ана ӯ меояд!

4. Ҷумлаҳое, ки бо калимаҳои so, either, neither шурӯъ мешаванд, ин намуди ҷумлаҳо нишон медиҳанд, ки мубтадои ҷумлаи дуюм кори мубтадои аввалро иҷро карда метавонад.

Намудҳои ҷумла: SodoI.Манниз (ҳа) ваNeitherdoI. Ман ҳам (не):

«I can read French» «So can I» Ман бо забони фаронсавӣ хонда метавонам. Ман ҳам.

«She didn't see him yesterday» «Neither did I»-Ӯ дирӯз вайро надид. Ман ҳам.

5. Ҷумлаҳое, ки бо зарфҳо ё пайвандакҳои never (ҳеҷ гоҳ), hardly (начандон, кам), seldom (баъзан), neither, nor (инчунин, низ) ва дигарон шурӯъ мешаванд: Neverdidhecomeintime. Ӯ ҳеҷгоҳ дар вақташ намеомад.

6. Ба он калимаҳое нутқи айнан нақлшуда илова карда мешавад, ки агар онҳо баъди нутқи айнан нақлшуда истанд:

«I am glad to see you,» said the man. «Аз дидоратон шодам», гуфт пирамард.

АДАБИЁТ

1. Лекант П.А. Современный русский язык: 3 – е изд / П.А. Лекант. - М.: Дрофа, 2002. – 560 с.
2. Пешковский А.М. Лингвистика. Поэтика. Стилистика / А.М. Пешковский. – М., 2007. – 800 с.
3. Почепцев Г.Г. Конструктивный анализ структури предложения/ Г.Г. Почепцев. – М., 2001. - 650 с.
4. Розенталь Д.Э. Справочник по русскому языку. Практическая стилистика / Д.Э. Розенталь. – М., 2006. – 384 с.
5. Русский язык: учебник. для. студ. сред. Проф / Под ред. Герасименко Н. А. – 3- е изд./ Н.А. Герасименко. – М., 2006. – 496 с.
6. Садриддин Айнӣ. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам // Куллиёт. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – Ҷ. 1. - 99 с.
7. Sadriddin Aini. Pages from my own story / Sadriddin Aini // Foreign languages publishing house. – Moscow, 1958. – 126 p.
8. Шелякин М.А. Справочник по русской грамматике/ М.А. Шелякин. - М.: Дрофа, 2006. – 355 с.

МУҚОИСАИ ТАСНИФОТИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба моҳият, мазмун ва ташаккули муқоисаи ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ ва англисӣ, ҳамчун як бахши мустақили илми забоншиносӣ, мулоҳиза ронда шудааст. Мақола фарогири масъалаи баррасӣ ва корбасти ҷумлаҳои сода буда, дар он ҷанбаҳои забонӣ, муайян кардани сохту таркиб, маъно ва истеъмоли онҳо дар забони тоҷикӣ сухан меравад. Дар ин таълифот дар заминаи омӯзиши сарчашмаву маъхазҳои бурҳони илмию таърихӣ ҷанбаҳои забонию зуҳури таърихии ҷумлаҳои сода муайян карда шудааст. Дар мақола моҳият, мазмун ва раванди ташаккули ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Чуноне ки муаллиф мулоҳиза меронад, агар вижагиҳои иҷтимоӣ ба эътибор гирифта шаванд, пас бояд он далел дар мавриди диққат қарор дода шавад, ки дар асрҳои миёнаи классикӣ то имрӯз оид ба ҷумлаҳои сода як қатор тағйиротҳо ба миён омадаанд. Аз

ҷумла муаллиф қайд мекунад, ки: “Ифодаи ҷумлаҳои содаи забони англисӣ қариб ба ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ ё аз ҷиҳати сермаъноӣ, ҳаммаъноӣ, маъноҳои грамматикӣ ва ё дар тарҷума монандӣ доранд. Дар забони муосири англисӣ баъзе ҳолатҳои забоние вуҷуд дорад, ки аксари забоншиносонро дар ҳайрат гузоштааст. Яке аз ин масоил, ки кори мо ба он марбут аст, ин ҳам бошад, таҳқиқи ҷумлаҳои сода аст.

Калидвожаҳо: омӯзиш, ҷумла, ҷумлаҳои сода, таҳлили забонӣ, корбасти ҷумлаҳои сода, муқоиса, замони муосир ва қабати забонӣ.

СРАВНЕНИЕ КЛАССИФИКАЦИИ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья охватывает проблемы представления и использования простых предложений, в ней говорится о соответствии языковых сторон, определении строения и конструкций, значения и использование их в таджикском языке. В данной статье на основе историческогоанализа определено появление простых предложений. В статье приводятся способы анализа простых предложений таджикского и английского языков. Как отмечает автор, хотя простые однородные предложения существуют и в других науках, но, по мнению языковедов в таджикском языке они совершенно не изучены. Целью написания этой статьи является именно анализ данных простых пердложений. В статье автор исследует некоторые особенности простых предложений таджикского и английского языков. По мнению исследователя сложности в описании данных предложении в их недостаточной изученности. Таким образом, история сравнительно-типологического анализа простых предложений таджикского и английского языков не до конца еще изучена

Ключевые слова: обучение, предложения, простой и языковой разбор, применение простых предложений, языковой слой, отечественные и зарубежные учёные, молодые исследователи, разборы и разработки.

COMPARISON OF THE CLASSIFICATION OF SIMPLE OFFERS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article covers the problems of presentation and use of simple sentences, it speaks about the conformity of linguistic aspects, definition of structure and constructions, meanings and their use in the Tajik language. In this article, based on historical analysis, the emergence of simple sentences. In the article methods of the analysis of simple sentences of the Tajik and English languages are given. As the author notes, although simple homogeneous sentences exist in other sciences, but, in the opinion of linguists in the Tajik language, they have not been studied at all. The purpose of writing this article is precisely the analysis of data of simple perdlozheniy. In the article the author investigates some features of simple sentences of Tajik and English languages. According to the researcher, the difficulty in describing these proposals in their insufficient knowledge. Thus, the history of the comparative-typological analysis of simple sentences of Tajik and English is not fully understood.

Key words: training, proposals, simple and linguistic analysis, application of simple sentences, linguistic layer, domestic and foreign scientists, young researchers, analysis and development.

Сведения об авторе: ***Бобоев Аъзам*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, ассистент кафедры английского языка. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафаров, 16.
E-mail: **Azamboboev@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-89-08-60**

Information about the author: ***Boboev Azam*** – Kulob State University named after A. Rudaki, assistant of the English language department. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan Kulob, street S. Safarov, 16.
E-mail: **Azamboboev @mail.ru**. Tel.: **(+992) 985-89-08-60**

УДК: 491.550

КАЛИМА – МАНБАИ ТАШАККУЛЁБИИ НУТҚИ КӮДАК

Саидалиева М.Х
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон аз ҷониби кӯдакон ноаён ва ғайричашмдошт ташаккул меёбад. Омӯхтани забон ва батадриҷ дар натиҷаи мушоҳида ва таваҷҷуҳ кардан ба нутқи калонсолон заминаҳои омӯхтани забони модарӣ барои кӯдакон оғоз меёбад, ки ин раванд ба солимии ҷисмонию шунавоӣ ва равонии онҳо алоқаманд аст. “Маълум аст, ки ҳама гуна амалиёти тафаккур тавассути калимаҳо анҷом меёбад” [5, с.32]. Вобаста ба таҷрибаҳои гузаронидашуда, мушоҳида ва маводе, ки мо доир ба нутқи кӯдак гирд овардем, калимаҳои нутқи кӯдаконро метавон ба чунин гурӯҳҳо тасниф кард:

1. Калимасозӣ;
2. Қаринасозӣ (хатоҳои кӯдакона дар сохтани калимаҳо);
3. Этимология кӯдакона.

Яке аз зинаҳои нахустини ташаккули луғавии калимаҳо дар нутқи кӯдак бештар ба зинаи калимасозӣ алоқаманд буда, таркиби луғавии нутқи ӯ аз ҳисоби калимаҳои сохтаи худаш такмил меёбад. “Механизми калимасозии кӯдак ба ташаккули ҷанбаҳои гуногуни забон ва ба мавҷудияти низоми асосии (генерализатсия) калимасозӣ алоқамандӣ дорад” [1, с.24].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар зинаҳои аввали инкишофи нутқ кӯдакон ҳангоми калимасозӣ ба мушкилиҳои зиёде мувоҷеҳ мешаванд. Давра ба давра дар кӯдакон маҳорати ташаккули нутқ такмил меёбад ва онҳо таҷрибаи калимасозиро бо роҳҳои

пешвандию пасвандӣ оғоз менамоянд. Дар асоси назарияҳои маълум доир ба раванди калимасозӣ дар нутқи кӯдак метавон принсипҳои зерро ба асос гирифт, ки дар заминаи онҳо кӯдакон ба калимасозӣ шурӯъ мекунанд:

1. Як ҷузъи калима (бештар ҳиҷои аввал ё охири калима) чун калимаи пурра истеъмол мешавад, ки тавассути онҳо кӯдак фикрашро ба атрофиён баён кардан мехоҳад. Агар ба сохтори калимаҳои сохтаи нутқи кӯдак таваҷҷуҳ кунем, мебинем, ки дар нутқи кӯдакон калимаҳо дар шакли шикаста (ё пора-пора) истеъмол мешаванд. Ин раванд хеле ҷолиб аст.

нутқи кӯдак	шакли дурусти калима	тафзияи ҳиҷо
Гин	Нигин	ҳиҷои бастаи дуюм
Қот	Авқот	ҳиҷои бастаи дуюм
Газ	Газид	ҳиҷои бастаи якум

Сабаби асосии чунин тарзи ифода дар нутқи кӯдакон он аст, ки кӯдакон ба раванди талаффузи нутқи калонсолон таваҷҷуҳ мекунанд ва қисмати зададори калима бештар ба хотираи онҳо таъсир мекунад, яъне кӯдакро ҳиҷои зададор бештар мувоҷеҳ месозад, ки ин боиси то як давраи муайян дар хотир нигоҳ доштани калима дар нутқи онҳо мегардад. Дар баробари инкишоф ёфтани дастгоҳи нутқ калимаҳо низ батадриҷ дар нутқи кӯдак ба шакл медароянд ва ноқисиҳои талаффузи кӯдакона зина ба зина бартараф мегарданд.

2. Кӯдакон дар раванди ташаккули нутқ барои баёни фикри худ ва ба дигарон расонидани ягон иттилоот дар нутқи худ бештар аз феълҳо истифода менамоянд. Азбаски ҷанбаҳои муайяни низоми морфологии феъл ҳанӯз дар нутқи онҳо инкишоф наёфтааст, кӯдакон вобаста ба мушоҳида ва таваҷҷуҳи худ ба нутқи калонсолон мехоҳанд, ки ибрози андеша намоянд. Ин раванд бештар ба талаботҳои равонию ҷисмонии кӯдак иртибот дорад. Яъне барои он ки сер ё гурусна будан, ташна будан ё хоб доштан ва монанди ин барин талаботҳоро дошта бошад, аз як қатор феълҳо истифода мекунад, ки дар натиҷа низоми сохтории феъл ва бандакҳои феълӣ ба тағйирот дучор мешавад. Дар як сохтори феълӣ ифода ёфтани нутқи кӯдак бештар ба баёни ҷумла далолат мекунад. Масалан:

нутқи кӯдак	тафзияи феъл дар нутқи кӯдак	шакли дурусти феъл
Мехуравам	ме-хур-ав-ам	Мехӯрам
Бандидам	банд-ид-ам	Бастам
Омадидем	омад-ид-ам	Омадем

3. Дар нутқи кӯдакон як калима аз ду қисмати синтаксисӣ иборат аст:

нутқи кӯдак	ҷузъҳои синтаксисӣ	шакли дуруст
Месоршавам	ме-сор-шав-ам	савор+мешавам
Мехуравам	ме-хӯрав-ам	мехӯрам+рафтан
Намитиядос	на-ме-тияд-ос	надода-истодааст
Иқа	и-қа	ин қадар (каме)

Дар ин замина, В. П. Белянин чунин таъкид кардааст: “Калимасозӣ зинаест, ки аксарияти кӯдакон барои аз худ кардани забони модарӣ ин зинаро мегузаранд. Дар натиҷаи дарк ва истифодаи калимаҳои бисёр, ки дорои решаи умумӣ ва элементҳои пасвандӣ мебошанд, дар майнаи сари кӯдак раванди аналитикии тақсимоти истифодаи калимаҳо дар шакли алоҳидагӣ пайдо мешавад, ки дар лингвистика онро морфема мегӯянд” [2, с. 53]. Дар нутқи кӯдакон морфемаҳо низ нақши хеле муҳим дошта, барои сохтани калимаҳо ва ифодаи муносибатҳои гуногун хизмат менамоянд.

Яке аз психологҳои амрикои Съзен Эрвин Трип қайд мекунад: “Барои он ки забондон шавӣ бояд қоидаҳоро донӣ. Яъне худро чунон вонамуд кун, ки гӯё онҳоро медонӣ” [2, с.54]. Кӯдакон якчанд калимаро ҳам ки донанд, худро донандаи забон мегиранд. Калимасозӣ дар нутқи кӯдакон ба мисли калимаҳои дигар низ дар асоси мушоҳида ва таҷриба ба нутқи калонсолон ба вуҷуд меояд. Онҳо баъзе аз шаклҳои забониро аз худ карда, кӯшиш менамоянд, ки истифодаи дурусти пешоянду пасоянд ва дигар унсурҳои калимасозиро тезтар аз худ намоянд ва тавассути онҳо худашон моҳияти ашё ё ҳодисаеро дарк карда, калимаи нав созанд. Калимаҳои зерро кӯдакон дар асоси мушоҳида ва муқоисаи моҳияти ашёҳо дар пайравӣ ба нутқи калонсолон сохтаанд, ки инро як навъ “неологизм (навгонӣ)-и нутқи кӯдакона” номидан мумкин аст:

Гулкака – шарбати зардолу, оби хушрӯй
Ов кака – оби ранга (юпи)
Блибли - мӯйқапак (заколка)
Баф – абри сафед
Ширкака - шавла (каша)
Вава - сақич (звачка)

Қуға - мошин (ба хотири овози тормоз)

Муҳаммад Ризо Ботанӣ қайд мекунад, падару модар ва атрофиён ҳангоми тамос бо кӯдак бо ӯ ҳарф мезананд. Албата, дар оғоз кӯдак маънии онҳоро намефаҳмад, вале падару модар ва атрофиён ба ин амр таваҷҷуҳ намекунанд, ки оё кӯдак маънии гуфтаҳои ононро мефаҳмад ё на, балки онон ҳамчунон ба суҳбат кардан бо ӯ идома медиҳанд. "Ҳарчи рушди асаби кӯдак комилтар шавад, ин асвот (савтҳо) рӯйи дастгоҳи асабии ӯ таъсири бештаре мегузорад ва рафта-рафта байни падидаҳои ҷаҳони берун ва асвоти забони бузургон дар зеҳни ӯ пайванде барқарор мешавад ва таҷарруби ӯ густурдатар ва тамоси ӯ бо забон бештар мешавад. Ин пайвандҳо решадортар мешаванд" [7, с.147]. Бо андешаи ин муҳаққиқ фоли неки ин амал дар он аст, ки атрофиён ҳангоми суҳбат, ба он ки кӯдак калонсолонро намефаҳмад, аҳамият ё диққат намедиҳанд. Чаро? Агар ба он диққат медоданд ва бо ӯ чун "кӯдак намефаҳмад" гуфта ҳамроҳаш сухан намекарданд, ҳеҷ гоҳ кӯдак забонро аз худ наменамуд. Яъне, кӯдак ҳамвора овозҳои забонии атрофиёнро бо роҳи шунавоӣ ва таҷрибаҳои худ дарк мекунад. Ҳар калимае, ки кӯдак дар аввал истифода мебарад, садоҳои нокомиле монанд ба садоҳои забонро доранд ва барои кӯдак ба унвони як ҷумла хизмат менамоянд. Масалан, "кӯдак метавонад гӯяд, ки "бобоям омад", вале ин ҷумла, ки барои бузургсолон лоақал аз ду ҷузъ таркиб шудааст, барои кӯдак таҷзиянопазир нест. Кам-кам кӯдак шурӯъ ба таҷзия ва таркиби маводи аввалияе мекунад, ки қаблан омӯхта аст ва бар асоси (алагӯйиҳо) садоҳои содалавҳӣ, ки ёд гирифта буд, таркиботи тоза ба вуҷуд меоварад. Ин падида қаринасозӣ ном дорад ва зуҳури он ҷаҳиши бузурге дар забономӯзии кӯдак оғоз мекунад" [7, с.150]. Масалан, кӯдаке чанд маротиба дид, ки хилатсафеде ба дасти бибиаш сӯзандору кард ва ба ӯ гуфтанд, ки бибиатро "увва" карданд, чун баъди чанде дар беморхона хилатсафедро дида "увва" гуфта ишора намуд. Яъне, кӯдак барои худ калимасозӣ намуд. Агар мегуфт, ки "уколкунак" ё "уввакунак" қаринасозӣ" мешуд.

Заминаҳои муайян кардани қаринасозӣ дар нутқи кӯдак кори хеле душвор аст. Мо маълум карда наметавонем, ки кадом вақт ва чи тарз ба қаринасозӣ кӯдак машғул мешавад, вале олимон ба он андешаанд, ки аз рӯйи садоҳои кӯдакона, ки дар равоншиносии эронӣ онро ба номи "алагӯйӣ, содалавҳона" истифода кардаанд, калимаҳои шунидаашро мувофиқи қолаби дар оғоз ёдгирифтааш месозад. "Масалан, шунида шуда, ки кӯдаке ба қассобе мегуфт "гуштвоӣ" он чи муссалам аст, ки кӯдак ин калимаро аз ҳеҷ кас нашунида, ки онро тақлид кунад, балки онро аз худ сохтааст. Дар ҳақиқат, кӯдак калимаи "гуштвоӣ"-ро аз рӯйи алагӯйи "нонвоӣ" сохтааст. Кӯдаки дигаре мегуфт: "сухидам" ба ҷойи " сӯхтам" ва "момон ғизо мепухд" ба ҷойи "момон ғизо мепазад" [7, с.151].

Дар байни кӯдакони тоҷик низ мо мушоҳидаҳои қаринасозии зиёдеро ба қайд гирифтаем, ки онҳо вобаста ба забони гуфтугӯӣ ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ шакл гирифтаанд. Дар оилае, ки калонсолон бо лаҳҷа сухан кунанд, кӯдакон то 3-4 солагӣ бо он қаринасозӣ мекунанд: ая нон пухонда те!, ба ҷойи он ки "ая нонро гарм карда те" ва шояд ин калимаро аз калимаи "пухтан" қаринасозӣ намудааст; Ман себ мехуравам, ба ҷойи "ман себ мехӯрам" ва маълум аст, ки аз калимаи "меравам" шакл гирифтааст; Дада, света гиретон, ба ҷойи "даргиронетон"; Велик-ба месоршавам, ба ҷойи "савор мешавам" қаринасозӣ намудааст, вале дар ин ҳолат сабаб он аст, ки ба кӯдакон калонсолон якчанд калимаро якҷоя мегӯянд ва дар майнаи онҳо яке аз онҳо қабул мешавад, яъне дар хотираш нигоҳ дошта наметавонад. Аз ин сабаб ҳам мешавад, ки ҷумлаи "Велик-ба савор мешавам"- ро "месоршавам" низ мегӯяд.

Ба ин тартиб кӯдак рафта-рафта аломатҳои дастурии забони худро истиноҷ мекунад ва аз рӯйи онҳо ҷумлаҳои тозае ва ҳар чизи нашунидае месозад ва ба кор мебарад. Дар ин ҷараён кӯдак дар нутқи худ ҳангоми сохтани забон иштибоҳоти (дуруст) зиёде мекунад. Албатта, волидон нақши бузургеро барои дурустии нутқи кӯдакон ва раҳнамоӣ барои омӯхтани забони хеш доранд. Агар кӯдак гӯяд, ки "месоршавам" калонсолон ба ӯ нишон медиҳанд, ки "савор мешавам" гӯяд.

Чунонки таъкид намуда будем, амали калимасозии кӯдакон яке аз ҷолибтарин амале аст, ки аз ҷониби онҳо аз синни 3 то 6-7 солагӣ давом мекунад. Агар аз як ҷиҳат сохтани калимаҳо нишонаи ташаккули грамматика дар нутқи кӯдакон бошад, аз ҷиҳати дигар ба андешаҳои он, ки номи ашё ба моҳияти предмет вобастагӣ дорад, то андозае ҳам кӯдаконро ба он наздик мекунад. Аммо аз чӣ сабаб бошад, ки кӯдакон ба синни 6-7 расида маҳорати калимасозиро пурра аз хотир мебароранд. Дар ин ҷо мо метавонем андешаҳои Арасту, Гермаген ва Кратилро оид ба номгузории ашё ба ёд оварем. Яке ба он андеша буд, ки номи ашё ба моҳияти он номгузорӣ шудааст, дигаре ба он ақида устувор буд, ки ном ба ашё ҳеҷ вобастагӣ дошта наметавонад. Аммо муҳаққиқи сеюм мегуфт, ки ҳарду ақида ҳам ба таври ду қисмати баробар дуруст мебошанд, яъне ҳангоми номгузорӣ ҳам моҳият каме ба назар гирифта мешавад ва қисман баръакс.

Калимаҳои кӯдакона дар ҳама забонҳои дунё ба таври анъанавӣ вуҷуд доранд. Калимаи кӯдаконае, ки дар чандин забонҳо ба маънии “хӯрок” истифода мешавад: “мама” ё “мама”. Дар забони тоҷикӣ, русӣ (ням-ням), арабӣ, маратхӣ (меме) ба ҳамин шакл ва ба маънии хӯрок истифода мешавад. Калимаи дигаре, ки дар забони тоҷикӣ, арабӣ ба маънии “кӯдак, лухтак” истифода мешавад: “нини”. Нисфи мардуми дунё ин калимаро ба маънии модар ва қисмати дигар ба хӯрок ва ғайра қабул намудаанд [9, с.425]. “Дар ин мавриди археологи забонро фақат лозим меояд, ки дар асоси дастовардҳои забоншиносии имрӯза қабатҳои хеле чуқур хобидаи онро ба тариқи саҳеҳ таҳқиқ намояд ва ҳақиқати азалиро рӯйи об оварад [6, с.3].

Калимаи “уввa ё уффа”, ки пайдоиши онро метавон ба лат хӯрдани ягон қисмати бадан, ки ҳар касе набошад садое ба монанди “уфф” мебарорад ва кӯдакон калимаро қабул намудаанд. Чунки кӯдакон маҳорати талаффузи овози ф-ро надоранд ва ба ҷойи “уфа”“ува” гуфта қабул шудааст. Ба калимаҳои кӯдакона мисоли чунин калимаҳо дохил мешаванд:

Баба - падар, бобо, мард; мошин.
Уф //уфа - дард
Тити – курта, либос
Туту – паранда.
Ких – чиркин.
Баба – саг.
Бӯъ - гов.
Тити- либос, бозӣ, ба берун.
Ди-дид, був – мошин.

Ба хатоҳои кӯдакона калимаҳое дар назар дошта мешавад, ки бо сабаби комил инкишоф наёфтани дастгоҳи нутққунии ягон садо ва ё ҳиҷо ба садоҳои дигар иваз мешавад. Ба ин қабил калимаҳо метавонем як қатор калимаҳоеро мисол оварда, ба мисли: Мосин –мошин. Калол – қарор. Шуша – ҷуҷа. Коно –кино. Панпан – памперс. Болон – борон. Бабай - лабай. Дояд - дорад. Син - шин. Балата - барача. Таба – Табассум.

Хулоса, мо калимаҳои кӯдаконро “хато” не, балки бо истилоҳи “қаринасозӣ” дурусттар мавриди истифода қарор додаем. Калимаҳои кӯдакона ба мисли забонҳои пиҷинӣ ҳастанд, ки ҳар ҷамъият аз забони кӯдакон онҳоро ҷамъоварӣ менамоянд ва ҳар кӯдаке, ки ба воя мерасад аз мадди назари онҳо дур намемонад.

Як гурӯҳи дигари калимаҳоро ба этимологияи кӯдакона мансуб медонанд. “Этимологияи кӯдакона аз қолабшиканӣ (конструирование) фарқ надорад, зеро кӯдакон калимаи наву маънии нав намесозанд, балки садои ягон қисмати калимаро дигар карда, дар он маънии доштаро нигоҳ медоранд: “мазелин” – вазелин” [10, с.178]. Чунин амалро дар кӯдакон дар ҳама синну сол дидан мумкин аст. Бо чунин роҳ калимаҳо аз ҷониби кӯдакон тезтар аз худ карда мешаванд:

Лабсурккунак (губношка) - лабнушка
Оби газдор - обгаз
Бибии падарӣ (модарӣ) - дадабибӣ (очабибӣ)

Омили асосие, ки тафаккури эҷодии кӯдакро муайян мекунад, ин таҷрибаи ӯ мебошад. Фаъолияти эҷодӣ ва тахайюлот бо ғановат ва гуногунии таҷрибаи пештараи инсон робитаи мустақим доранд [4, с.178]. Зери мафҳуми навгонӣ ё инноватсия ар гуна далели забоне, ки дар нутқи кӯдак собит шудааст, фаҳмида мешавад ва дар нутқи умум ҷоиз нест, навгонии нутқи кӯдакон фаҳмида мешавад [10, с.164].

Барои ёдгирии калимаҳо ва ташаккули нутқи кӯдакон диққати бештаре бояд дод, то ки инкишоф ва азхудкардани нутқи кӯдакон дар муҳити забони тоҷикӣ ба қадом роҳҳо ва воситаҳои бою рангин сурат мегирад, муайян карда шавад. Зеро, ёдгирии забон бо вуҷуди муъҷизаи ирсӣ будаташ, инчунин ҷамъият ва оила барои омӯхтани он нақши калидиро мебозанд. “Нутқ ба забон чун ҳодисаи хусусиву индивидуалӣ, чун ҳодисаи ҷамъиятиву ичтимоӣ тааллуқ дорад” [8, с.149]. Аз ҳар зинае, ки кӯдак барои аз худ кардани забон мегузарад, набояд, ки қафо монад. Ҳамон ангу унгҳо ва садоҳои кӯдаконае, ки дар назари мо ночиз ҳастанд, бо қадом як сабабе дар кӯдак дида нашаванд, кӯдакон забонро аз худ карда наметавонанд. Кӯдакон дар муҳити калимаҳои зебо ва ширину гуворо бояд ба воя расанд, то дар ҷамъият забони миллии тоҷикӣ дилнишинтар гардад. Ҷаҳони маънавии онҳо бой шуда ва калимаҳои нав ба навро омӯзанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бельтюков В.И. Взаимодействие анализаторов в процессе восприятия и усвоения устной речи / В.И. Бельтюков. - М.: Педагогика, 1977. – 176 с.
2. Белянин В.П. Психолингвистика. Учебник / В.П. Белянин. - М.: Флинта: Московский психолого-социальный институт, 2004. - 232 с.
3. Дорофеева М.В. Детское словотворчество как потенциал развития речи у дошкольников [электронный ресурс]. URL: http://akadem-tver.ru (дата обращения: 01.01.2018 г.)

4. Илҳомов М.И. Мафҳуми тафаккури эҷодӣ дар адабиёти педагогию психологӣ ва методӣ / И.М. Илҳомов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. - №3/4(205). - С. 176-179.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1 / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе: Анҷумани Деваштич, 2007. - 242 с.
6. Маҷидов Ҳ. Унсурҳои архаистӣ дар сохтори калима ва таркибҳои рехтаи забони тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/1. – С. 3-12.
7. Муҳаммад Р.Б. Ёдгирӣ ва рушди забон дар кӯдак // Маҷолоти Забоншиносӣ "Забон ва тафаккур". – Теҳрон: Тус, 1390. – С.132-151.
8. Норматов М. Забоншиносии умумӣ. Воситаи таълимӣ / М.Норматов, Ф.Қ. Зикриёев. - Душанбе: Матбуот, 2006. - 258 с.
9. Фергюсон. Ч. Автаномная детская речь в шести языках / Ч. Фергюсон // Новое в лингвистике. Вып. VII. Социолингвистика. – М: 1975. – №7. – С. 422-440.
10. Цейтлин С.Н. Язык и ребенок: Лингвистика детской речи. Учебное пособие / С.Н.Цейтлин. - М: Гумани. изд. центр ВЛАДОС, 2000. – 240 с.

КАЛИМА – МАНБАИ ТАШАККУЛЁБИИ НУТҚИ КӮДАК

Дар мақолаи мазкур оид ба чанд навъи бой гардидани фонди луғавии кӯдак маълумот дода шудааст: калимасозӣ, хатоҳои кӯдакона, этимологияи кӯдакона. Яке аз роҳҳои ғанӣ шудани нутқи кӯдак ба зинаи калимасозӣ алоқаманд буда, он ба маҳорати тасаввуротии кӯдак вобаста аст. Амали калимасозӣ дар нутқи кӯдакон аз синни 3 то 6-7 солагӣ давом мекунад. Муҳиммияти калимасозии кӯдакон дар он аст, ки калонсолон ҳеҷ гоҳ тасаввури бавуҷудории чунин калимаҳоро баҳри ибрози андеша надоранд. Калимасозӣ нишонаи ташаккули грамматика дар нутқи кӯдакон бошад, аз чиҳати дигар дар кӯдакон дарки муносибати номи ашё ба моҳияти предметро ба вуҷуд меоварад. Хатоҳои кӯдакона аз ин хусусятҳо орӣ буда, нишонаи фарқкунандаи онҳо аз номукаммалии ташаккули таҷҳизотҳои нутққунӣ дида мешавад. Кӯдакон ба ҷойи баъзе овозҳо садоҳои дигар ва дар баъзе калимаҳо пешванду пасвандҳои мухталифро дар калимаҳо ворид менамоянд, ки хатоҳои кӯдаконаро ташкил медиҳанд. Бештари олимон ба истилоҳи "хатоҳои кӯдакона" эрод гирифтаанд. Ба қавле, кӯдакон хато намекунанд. Кӯдакон калимаҳоро ба роҳи аналогӣ (монандкунӣ) месозад. Гурӯҳи дигари калимаҳо, ки дар мақола бо мисолҳои зиёд натиҷагирӣ шудаанд, калимаҳои кӯдакона мебошанд. Калимаҳои кӯдакона як қисмати ҷолиби нутқи кӯдаконро ташкил дода, онҳоро дар тамоми забонҳои дунё вохӯрдан мумкин мебошад. Ин гурӯҳи калимаҳо аз садои предмету ҳодисаҳо ва баҳри осонбаёнии нутқи кӯдакон дар тӯли таърих сохтаю рехта шудаанд. Калимаҳои кӯдаконаи як забонро дар дигар забонҳо низ вохӯрдан мумкин аст. Дар мақола оиди этимологияи кӯдакона мисолҳо оварда шудаанд. Этимологияи кӯдакона аз қабили калимаҳое мебошанд, ки камтар дучор мешаванд, аммо хусусияту маҳорати хуби дарк ва кунҷковии кӯдаконро нишон медиҳанд. Ин воситаҳо нишондиҳандаи фарқияти аз худ кардани забон аз ҷониби кӯдакон ва калонсолон мебошанд. Онҳо ҳама вақт мекӯшанд ҳама садоҳои нутққардаашонро ба маъно пайваст намоянд.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, қаринасозӣ, калимаҳои кӯдакона, хатоҳои кӯдакона, этимологияи кӯдакона.

СЛОВА – ИСТОЧНИК РАЗВИТИЯ РЕЧИ ДЕТЕЙ

В данной статье широко рассмотрены некоторые способы и методы путей обогащения лексикона детей: словотворчество, детские ошибки, детская этимология. Один из самых простых способов развития речи ребёнка связана со словотворчеством. Словотворчество зависит от умения и способности ребёнка, и этот период продолжается от 3 до 6-7 лет. Особенности словотворчества у детей заключается в том, что замысел детей создавать слова не приходили бы взрослым в голову. Слово, которые они выбирают вместо нужного слова, как бы члены одной парадигмы. Словотворчество - это знак формирования грамматики, а с другой стороны, отношение имени предмета к смыслу. В ошибках детей эти характеристики не встречаются, их идентификационный знак является недостаточным для развития органов речи. В детских ошибках дети вместо одних фонем приводят другие фонемы, а в некоторых словах связывают разные суффиксов и префиксов. Многие авторы не согласны с термином «ошибки». Считается, что недостаток слов в речи детей появляется в аналогичном образе, подобные детские слова в статье приведено многов. Детские слова можно встретить во всех языках мира, и это их специфический знак. Детские слова появляются в течение долгое времени с помощью подражания звукам окружающих предметов и явлений, они создаются для детей, чтобы дети легко и быстро усваивали слова. Детские слава одного языка можно встретить и в других языках. В статье еще говорится о детской этимологии. Детская этимология в речи детей зафиксирована мало, но она показывает умение восприятия и любопытство детей. Эти способы показывают разницу между усвоением языка у детей и взрослых. Дети всегда стараются усваиваемые звуки соединять со смыслом.

Ключевие слова: словотворчество, подражание (по аналогии), детские слова, детские ошибки, детская этимология.

WORDS - THE SOURCE OF THE DEVELOPMENT OF CHILDREN

In this article, some ways and methods of enriching the lexicon of children are widely considered: word-making, childish mistakes, child etymology. One of the simplest ways of developing a child's speech is related to word-making. SlovoTvorchestvo depends on the ability and ability of the child, and this period lasts from 3 to 6-7 years. Features of word-making in children is that the idea of children to create words would not come to the head in adults. The word they choose instead of the desired word, as if members of the same paradigm. Word-making is a sign of the formation of grammar, and on the other hand, the relation of the name of the object to the meaning. In the mistakes of children these characteristics are not found, their identification mark is insufficient for the development of the organs of speech. In children's mistakes children instead of some phonemes lead other phonemes, and in some words connect different suffixes and prefixes. Many authors disagree with the term "mistakes". It is believed that the lack of words in the speech of children appears in a similar manner, similar to the children's words in the article is given many. Children's words can be found in all the languages of the world, and this is their specific sign. Children's words appear for a long time by imitating the sounds of surrounding objects and phenomena, they are created for children so that children easily and quickly learn words. Children's fame of one language can be found in other languages. The article still speaks of child etymology. Children's etymology in the speech of children

is fixed little, but it shows the perception and curiosity of children. These methods show the difference between the acquisition of language in children and adults. Children always try to combine learned sounds with meaning.

Key word: word-making, imitation (by analogy), children's words, childhood mistakes, child etymology.

Сведения об афторе: ***Саидалиева Мухайё Хостихудоевна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **muhaio1989@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-20-19-03**

Information about the author: ***Saidalieva Muhaio Khostikhudoevna*** - Tajik National University, Doctoral Ph.D of the Chair of the History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **muhaio1989@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-20-19-03**

УДК: 42+491.550

МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ (СУФФИКСАЛЬНЫЙ) СПОСОБ ОБРАЗОВАНИЯ ДЕМОГРАФИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Дададжанова И.Б., Мирзоева Г.Х.
Таджикский национальный университет,
Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали Ибн Сино

Под общим названием словообразования объединяются достаточно продуктивные способы обогащения словарного состава сопоставляемых языков. В языкознании термин «словообразование» имеет два значения: в первом значении данный термин употребляется для выражения постоянного процесса образования новых слов в языке. И во втором значении термин «словообразование» обозначает раздел науки, который занимается изучением процесса образования лексических единиц [3, с.8]. Словообразование как самостоятельный раздел науки о языке неразрывно связано с другими его разделами: морфологией, синтаксисом и лексикологией.

Английский язык обладает всего несколькими словоизменительными окончаниями, и поэтому большинство слов являются односложными. В системе английского языка в процесс словообразования вовлечены все части речи, однако наиболее широко – имя существительное. Важнейшим способом словообразования является морфологический, при котором новые слова создаются путём сочетания морфем.

Морфологический способ словообразования подразделяется на несколько подтипов. При анализе словообразовательной структуры производных слов по их соотношению с производящими и использованными для их образования словообразовательными средствами, прежде всего, выделяются две стороны – структурная и семантическая. Формирование значения и структуры производного слова на основе данного производящего слова или словосочетания и данного словообразовательного средства, т.е. единства формы и содержания происходит в единстве со структурной и семантической сторонами этого соотношения.

Рассматривая простые слова, нет необходимости вводить дефиницию данного типа, но необходимо отметить, что существуют разновидности простых слов в сопоставляемых языках. Прибавление словообразовательного аффикса усложняет структуру английского слова, но, тем не менее, оно сохраняет свою относительную простоту, так как аффиксация, точнее суффиксация, не указывает на морфологические признаки, кроме указания частей речи [5, с.26].

Простые непроизводные слова, то есть простые корневые слова составляют так называемый «центр словарного гнезда» (то есть группы родственных слов) и являются базой для образования новых слов.

Приведем примеры простой непроизводной демографической лексики:

- в английском языке: *family - оила (семья); alien - муҳоҷир (иностранец); group - гурӯҳ (группа); age - синну сол (возраст); couple - зану шавҳар (супружеская пара); boom - инкишофи тез (бум, быстрое повышение); kin - хеш (родня, родственники); control - идоракунӣ, батартибандозӣ, тафтиш, назораткунӣ (контроль); branch - хат, шохаи хешутаборӣ (род, семья, ветвь);*

- в таджикском языке: *бахт - happiness (счастье); шахс - person (личность); никоҳ - marriage (брак); синнусол - age (возраст); ҷинс - sex (пол); оила - family (семья); фарзанд - child (ребёнок); зан - woman (женщина); мард - man (мужчина); писар - boy, son (мальчик, сын); духтар - girl,daughter (девочка, дочь); хона - house (дом); қад - height (рост); умр - life (жизнь); ҷуфт - couple (супружеская пара); ёр - beloved, friend (возлюбленный человек, друг); шавҳар (шӯ) - husband (муж); хеш - relative (родственник); кӯдак - child (ребёнок); падар - father (отец); модар - mother (мать).*

Словообразовательные суффиксы классифицируют слова на: категориальные, разрядные, коннотативные. Основная масса суффиксов являются категориальными, то есть служат для образования какой-либо части речи от другой части речи.

При анализе демографической лексики в английском языке были выявлены следующие суффиксы:

1) суффиксы, которые образуют существительные: ***-or (-er):*** *doctor - духтур (врач); teacher - муаллим (учитель);* ***-ee:*** *trustee - шахси муътамад (доверенное лицо);* ***-ity:*** *conjugality - заношӯӣ, ақди никоҳ доштан (супружество);* ***-ing:*** *ageing - пиршавӣ (старение);* ***-tion (-sion, -ation):*** *migration - муҳоҷират (миграция);* ***-ent/-ant:*** *descendant - меросхӯр (наследник);* ***-ist:*** *colonist - мустамликадор, муҳоҷир (колонист, поселенец);* ***-cy:*** *aristocracy - табақаи ашрофҳо (аристократия);* ***-ency/ancy:*** *residency - ҷойи истиқомат (местожительство);* ***-ment:*** *abandonment - аз зану кӯдак дасткашӣ (оставление жены, ребенка);* ***-man:*** *spokesman - намоянда (представитель);* ***-age:*** *orphanage - ятимӣ (сиротство);* ***-hood:*** *motherhood - модар (материнство);* ***-ress:*** *actress - ҳунарманди театру кино (актриса);* ***-ry:*** *dentistry - духтури дандон (стоматолог);* ***-ship:*** *friendship - дӯстӣ (дружба);*

2) суффиксы, которые образуют прилагательные: ***-ive:*** *native - таҳҷоӣ (местный, родной);* ***-ic:*** *demographic - демографӣ (демографический);* ***-less:*** *childless - бефарзанд (бездетный);* ***-ous:*** *consanguineous - ҳамхунӣ, хешу таборӣ (родственный, единокровный);* ***-able (-ible):*** *reliable - шахси эътиборнок - (надежный человек);* ***-ed:*** *divorced - талоқшуда (разведенный);* ***-al:*** *national - миллӣ (национальный);* ***-il (-ile):*** *sterile - бенасл, безурёт (бесплодный);*

3) суффиксы, которые образуют глаголы: ***-ize:*** *finalize - танзим кардан (урфу одат) (урегулировать (обычай);* ***-ate:*** *populate - аҳолинишин кардан (населять);*

В таджикском языке наиболее продуктивными при образовании демографической лексики являются:

1) суффиксы, которые образуют существительные от существительных:

-ӣ: *хушбахтӣ - happiness (счастье);* ***-гар:*** *савдогар - merchant (торговец);*

-чӣ: *шикорчӣ - hunter (охотник);* ***-а:*** *шоира - poet (поэтесса);* ***-гоҳ:*** *иқоматгоҳ - residence (местожительство);*

2) суффиксы, которые образуют прилагательные от существительных, прилагательных: ***-ӣ(-гӣ, -вӣ):*** *оилавӣ - family (семейный);* ***-нок:*** *саводнок - educated (образованный).*

При суффиксальном словообразовании в сопоставляемых языках суффикс может присоединиться либо:

а) непосредственно к корневой морфеме:

- в английском языке:

contraction - ақди никоҳ бастан (заключение брачного контракта); consanguinity - хешутаборӣ (кровное родство, единокровность); conjugality - заношӯӣ, издивоҷ, ақди никоҳ доштан (супружество) и др.;

- в таджикском языке:

пир+она - aged (старческий); мард+ӣ - manliness, manhood (мужественность); кӯдак+ӣ - childhood (детство); бача+гона - children's (детский); ёрдам+чӣ - assistant (помощник, ассистент); чарм+гар - leather-dresser (кожевник); оҳан+гар - blacksmith (кузнец); маслиҳат+гар - adviser (советник, консультант); мадад+гор - helpmate (помощник); хизмат+гор - servant (прислуга); харид+ор - customer (покупатель) и др.;

б) либо образовывать определенные последовательности двух или более суффиксов:

- в английском языке:

tradition - traditional - traditionalism - пайравӣ ба урфу одат (приверженность к традициям); home - homeless - homelessness - бехонумонӣ (бездомность, беспризорность); child - childless - childlessness - бефарзандӣ (бездетность) и др.

- в таджикском языке:

маҳал+чи+гӣ - group interests (местничество); нигаҳ+бон+ӣ - care, nursing (уход); чинак+чӣ - picker (сборщик (хлопка); савдо+гар+ӣ - trade, shopkeeping (торговля) и др.

Характер присоединения суффиксов может быть различным и в английском и в таджикском языках:

- в английском языке:

а) присоединение к основе, которая имеет самостоятельное употребление, например, основы от разных частей речи с суффиксом ***-age*** в английском языке:

marriage - ақди никоҳ (брак) (от глагольной основы to marry - хонадор шудан, издивоҷ кардан (выйти замуж, жениться); bondage - гуломӣ, мӯҳтоҷӣ (рабство)(от существительного bond - қарз, ӯҳдадорӣ (долг, обязательство); baronage - табақаи баронҳо (баронство) (от существительного baron - барон (унвони дворянӣ (титул барона); brigandage - роҳзанӣ, горатгарӣ (разбой) (от существительного brigand - роҳзан, горатгар (бандит, разбойник); orphanage - ятимӣ (сиротство) (от существительного orphan - ятим (сирота); pilgrimage - зиёрат, сафари тӯлонӣ (паломничество) (от существительного pilgrim - ҳоҷӣ (паломник) и др.

- в таджикском языке суффиксы, присоединяясь к основе слов, также образуют другие понятия, например, суфиксы: *-вар, -гор (-гар)*: *шино+вар (от существительного шино - swimming (плавание) - swimmer (пловец); омӯзгор (от основы глагола настоящего времени омӯз - teach (учи) - teacher (учитель); хостгор (от основы глагола прошедшего времени хост - wanted (хотел) - matchmaker (сват);*

б) присоединение к основе, не употребляющейся самостоятельно в современном состоянии языка:

- в английском языке:

father - падар (father); mother - модар (mother); beloved - маъшуқа, дӯстдошта (возлюбленный, желанный); celibacy - безанӣ (обет безбрачия); infant - кӯдак (младенец); doctor - духтур, табиб (врач); marital - никоҳӣ, заношӯӣ (брачный); funeral - ҷаноза (похороны); survive - зинда мондан (пережить); certificate - шаҳодатнома.

В таджикском языке такие случаи употребления не встречаются с демографической лексикой.

В последнем случае отнесение слова к суффиксальному способу производится на основании специально разработанных процедур и правил.

Суффиксальная система английского языка имеет такую важную особенность, что суффиксы могут свободно присоединяться к основам по определённым моделям, без ограничения обходя описательные словосочетания:

childless family - оилаи бефарзанд (бездетная семья); relatively fecund - таваллуди нисбӣ (относительная плодовитость); expected deaths - миқдори фавти эҳтимолӣ (ожидаемое количество смертей); postenumeration check - назорати барӯйхатгирии аҳолӣ (контроль переписи населения).

Поскольку суффикс не только создаёт новое слово, но и оформляет соответствующую часть речи, основная классификация суффиксов предусматривает их деление по частям речи. Соответственно, суффиксы делятся на именные, т.е. суффиксы, которые образуют имена существительные от разных основ *(population - аҳолӣ (население); marriage - хонадоршавӣ (брак, супружество; замужество; женитьба)*, адъективные, т.е. суффиксы, которые образуют имена прилагательных от разных основ *(national - миллӣ (национальный); sterility - бенаслӣ,бефарзандӣ (бесплодие)*, глагольные, т.е. суффиксы, которые образуют глаголы от разных основ *(broken family - оилаи нопурра (бе як падару модар) (неполная семья); forced emigration - муҳоҷирати иҷборӣ (вынужденная эмиграция); detailed fertility - барӯйхатгирии пурра (подробная перепись).*

Суффиксальная схема показывает, какие части речи вовлечены в словообразовательный акт и какая из них является производящей, а какая – производной.

При анализе демографической лексики в английском языке были выявлены следующие суффиксы:

а) суффиксы существительных: (*-or (-er), -ness, -ee, -ity, -tion (-sion, -ation), -age, - ent/-ant-, - ist, -ency/ancy, - ment, -man, -age, -hood, -ress, -ry, -ship, -ism и др.*);

б) суффиксы прилагательных: *-ive, -less, -ous, -able (-ible), -ed, -al,-il(-ile);*

в) суффиксы, которые образуют глаголы: *-ize, -ate* и др.

В таджикском языке наиболее продуктивными при образовании демографической лексики являются:

а) суффиксы, которые образуют существительные от существительных: *-ӣ, -гар, -чӣ, -а, -гоҳ;*

б) суффиксы, которые образуют прилагательные от существительных, прилагательных: *-ӣ (-гӣ, -вӣ), -нок* и др.

При исследовании суффиксальной системы исследуемых языков большое внимание было уделено анализу их происхождения, выяснению продуктивности-непродуктивности, выявлению трансформационных моделей. Имя существительное в английском языке наиболее продуктивное в словообразовательном отношении, особенно с помощью суффиксов от основ различных частей речи. Около 50% слов образуются посредством суффиксации и были выявлены наиболее продуктивные суффиксы в системе английского имени существительного.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. – М., 1986. – 296 с.
2. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. - М., 1966. – 607 с.
3. Каращук П.М. Словообразование английского языка / П.М. Каращук. – М., 1977. – 302 с.
4. Кубрякова Е.С. Что такое словообразование / Е.С. Кубрякова. – М.,1965. – 78 с.
5. Мешков О.Д. Словообразование современного английского языка / О.Д. Мешков. – М., 1976. - 248 с.
6. Рустамов Ш. Исм / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 218 с.
7. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 77 с.
8. Смирницкий А.И. Морфология английского языка / А.И. Смирницкий. - М., 1959. – 321 с.
9. Смирницкий А.И. Лексикология английского языка / А.И. Смирницкий. - М., 1956. – 260 с.

10. Структура английского имени существительного. – М.: Высшая школа, 1975. – 168 с.
11. Хаскина Е.М. Продуктивные способы словообразования в современном английском языке / Е.М. Хаскина. ИЯШБ, №6. – М., 1953. – С. 23-25.
12. Большой толковый социологический словарь. В 2-х томах. – М.: Вече. АСТ, 1999. – Ч.I. – 544 с.
13. Большой толковый социологический словарь. В 2-х томах. – М.: Вече. АСТ, 1999. – Ч.II. – 528 с.
14. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / П.Ҷ. Ҷамшедов, Толиби Розӣ. – Душанбе: Пайванд, 2005. – 1202 с.
15. Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ / П.Ҷ. Ҷамшедов. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 978 с.
16. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. - Душанбе, 2015.

РОҲҲОИ МОРФОЛОГИИ (СУФФИКСИИ) СОХТА ШУДАНИ ВОЖАҲОИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар ин мақола роҳи асоситарини калимасозӣ – роҳи морфологӣ, ки бо ёрии он вожаҳои нав бо роҳи якҷошавии морфемаҳо сохта мешаванд, дида баромада шудааст. Аз ҷумла, сохтани истилоҳоти демографӣ бо ёрии суффиксҳо (пасвандҳо) ва ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тақсимшавии онҳо зери таҳқиқ гирифта шудаанд. Роҳи морфологии калимасозӣ ба якчанд зергурӯҳҳо ҷудо мешаван. Ҳангоми таҳлили сохтори калимасозӣ дар муқоиса бо калимаи сохта ва усулҳои дар калимасозӣ истифодашуда, пеш аз ҳама, ду ҷиҳати он: сохтор ва маънои он ҷудо карда мешавад. Калимаҳои сода, яъне калимаҳои сода ва ё решагӣ, ки бо номи «маркази лонавии луғат», яъне гурӯҳи калимаҳои ба ҳам наздик маълум аст, асоси сохтори калимаҳои нав мебошанд. Мисолҳои калимаҳои сода ва ё решагии вожаҳои демографӣ дар забони англисӣ *family - оила (семья); alien - муҳоҷир (иностранец); group - гурӯҳ (группа);* ва забони тоҷикӣ: *бахт - happiness (счастье); шахс - person (личность); никоҳ - marriage (брак); синнусол - age (возраст); ҷинс - sex (пол)*. Суффиксҳо (пасвандҳо)-и сермаҳсултарине, ки бо ёрии онҳо вожаҳои демографӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сохта мешаванд, муайян карда шуданд. Ҳангоми таҳқиқи пайдоиши системаи суффиксҳо (пасвандҳо)-и забонҳои тадқиқшаванда, муайян намудани сермаҳсулӣ ва каммаҳсулии онҳо, нишон додани қолабҳои трансформатсионӣ (шаклдигаркунанда)-и ин суффиксҳо (пасвандҳо) аҳамияти калон дода шуд. Исм дар забони англисӣ аз ҷиҳати калимасозӣ, махсусан бо ёрии суффиксҳо (пасвандҳо) аз асоси ҳиссаҳои гуногуни нутқ, хеле сермаҳсул мебошад. Қариб 50% калимаҳо бо ёрии суффиксҳо (пасвандҳо) сохта мешаванд ва суффиксҳо (пасвандҳо)-и исмсози сермаҳсултарин дар системаи забони англисӣ муайян карда шуданд.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, суффиксатсия, калимаҳо, сифатҳо, исмҳо, системаи суффиксҳо (пасвандҳо), забонҳои тадқиқшаванда, пайвастшавӣ, суффиксҳо (пасвандҳо)-и исмсози сермаҳсултарин.

МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ (СУФФИКСАЛЬНЫЙ) СПОСОБ ОБРАЗОВАНИЯ ДЕМОГРАФИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается важнейший способ словообразования – морфологический, при помощи которого новые слова создаются путём сочетания морфем. В частности анализируется суффиксальный способ образования терминов демографии и их деление по частям речи. Морфологический способ словообразования подразделяется на несколько подтипов. При анализе словообразовательной структуры производных слов по их соотношению с производящими и использованными для их образования словообразовательными средствами, прежде всего, выделяются две стороны – структурная и семантическая. Простые непроизводные слова, то есть простые корневые слова составляют так называемый «центр словарного гнезда» (то есть группы родственных слов) и являются базой для образования новых слов. Примеры простой непроизводной демографической лексики: в английском языке: *family - оила (семья); alien - муҳоҷир (иностранец); group - гурӯҳ (группа);* в таджикском языке: *бахт - happiness (счастье); шахс - person (личность); никоҳ - marriage (брак); синнусол - age (возраст); ҷинс - sex (пол).* Были выявлены наиболее продуктивные суффиксы с помощью которых образуются демографическая лексика в английском и таджикском языках. При исследовании суффиксальной системы исследуемых языков большое внимание было уделено анализу их происхождения, выяснению продуктивности-непродуктивности, выявлению трансформационных моделей. Имя существительное в английском языке наиболее продуктивное в словообразовательном отношении, особенно с помощью суффиксов от основ различных частей речи. Около 50% слов образуются посредством суффиксации и были выявлены наиболее продуктивные суффиксы в системе английского имени существительного.

Ключевые слова: словообразование, суффиксация, слова, прилагательные, существительные, система суффиксов, исследуемые языки, соединение, наиболее продуктивные суффиксы существительных.

MORPHOLOGICAL (SUFFIXAL) WAYS OF WORD BUILDING OF THE DEMOGRAPHIC LEXICON IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article takes into consideration the most important way of word-building in English and Tajik languages - morphological way, in which new words will build with the help of morphemes. Particularly suffixal way of building of the demographic terms and their distribution into the Parts of Speech. Morphological way divides into several subgroups. By analyzing word-forming structure derivative words regarding with the productive and using for this purpose word-forming means, first of all are distinguished two sides: structural and semantic sides. Simple non-derivative words, i.e. simple root words compile so-called “the centre of the word family” (i.e. the word family group) and they are the basis of the forming of the new words. The examples of the simple non-derivative demographic words: in English language: *family - оила (семья); alien - муҳоҷир (иностранец); group - гурӯҳ (группа);* in Tajik language: *бахт - happiness (счастье); шахс - person (личность); никоҳ - marriage (брак); синнусол - age (возраст); ҷинс - sex (пол).* The most productive suffixes were revealed which build the demographic lexicon in English and Tajik languages. In the research of the suffix system of these two compared languages a lot of attention were paid to the analysis of their etymology, productiveness – unproductiveness, transformational models. Regarding the word-building in English language noun is the most productive, especially with the help of suffixes from the roots of various Parts of Speech. About 50% of words form by means of suffixes and the most productive suffixes found out in the system of the English Noun.

Key words: word building, suffixation, words, adjectives, nouns, suffix system, compared languages, combination, the most productive suffixes of the Noun.

Сведения об авторе: ***Дададжанова И.Б.*** - Таджикский национальный университет, к.ф.н., доцент кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **ahmedovainoyat_61@mail.ru.**
Телефон: **(+992) 904-58-44-59**
Мирзоева Г.Х. – Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали Ибн Сино, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 139.
Тел.: **(+992) 900-17-98-98**

Information about the author: ***Dadadzhanova I.B.*** - Tajik National University, Candidate of the Philological Sciences, Associate Professor of the English Chair and omparative Typology, the Faculty of Asian and Europian Languages. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki street, 17. E-mail: **ahmedovainoyat_61@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 904-58-44-59**
Mirzoeva G.Kh. - Tajik State Medical University named after Abuali Ibn Sino, Assistant of the Foreign Languages Chair. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki street 139. Tel.: **(+992) 900-17-98-98**

УДК: 42+491.550

ТАСНИФОТИ ОМОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Собирова У.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омонимҳоро баъзан калимаҳое меноманд, ки якчанд маъно доранд. Одамон ҳамеша онҳоро бо муродифҳо омехта мекунанд, ҳарчанд ин мафҳумҳо комилан муқобили якдигаранд. Муродифҳо калимаҳои гуногуне ҳастанд, ки навишт ва талаффузи гуногун дошта, худи ҳамон маъно ё маънои монандро доранд. Бар хилофи ин, омонимҳо ба омофонҳо хеле монанд ҳастанд, онҳо калимаҳое мебошанд, ки навишт ва талаффузи якхела, вале пурра маънои гуногун доранд. Масалан, **bark** [ba:k] пӯста, пӯсти дарахт: Don't scrape the bark off the tree. Пӯсти дарахтро наканед. **bark** [ba:k] 1) аккос; ав-ав: We heard a dog's bark. Мо ав-ави сагро шунидем; 2) овози тир, тирпаронӣ; **bat** [bæt] кӯршапарак; have bats in the belfry; **bat** [bæt] 1) чӯбдаст, чӯб, чамоғ, каданг; 2) чавгон барои бозии крикет ва бейсбол; 3) навбати чавгонзанӣ; 3) қадам, рабт; **bat** [bæt] **1**. чашмак; **2**. v чашмак задан [5, с.83, 85].

Дар аксар ҳолатҳо, омонимҳо – ин калимаҳое мебошанд, ки пайдоиши гуногун доранд (яъне аз калимаҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд). Аз рӯйи таърифе, ки ин ё он луғат ба калимаи "homonym" (ва таърифи калимаи "homonym" метавонад фарқ кунад) медиҳад, баъзе калимаҳои дар зер додашуда, масалан, "chord, cord; discreet, discrete; plain, plane; toast, toast; train, train; trunk, trunk", метавонанд омоним ҳисобида шаванд ё не, чунки онҳо аз худи як калима пайдо шуда буданд. Масалан, "plain" ва "plane" аз калимаи лотинии "planus" (рост, тахт); "trunk" аз калимаи лотинии "truncus" (бурида кӯтоҳкарда шуда, мухтасар) пайдо шудаанд.

Забоншиноси рус Г.Б. Антрушина омонимҳоро калимаҳое номидааст, ки аз ҷиҳати овоз ва талаффуз, ё бо яке аз ин хусусиятҳо, ба ҳам монанд буда, аз ҷиҳати маъно гуногун мебошанд. Масалан, калимаи *bank* ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дорад, вале ду маънои гуногунро ифода мекунад:

bank, n. – a shore – соҳил (дарё, баҳр, кӯл).
bank, n. – an institution for receiving, lending, exchanging, and
safeguarding money – банк [1, с.82].

Барои таҳқиқи пурраи омонимҳо ҷудо кардани вожаҳои ҳамреша муҳим буда, мафҳумҳои алоқаманд ва ҷудогонаи ин калимаҳо аз рӯйи баромади таърихии худ муайян карда мешаванд. Аз таҳлили тадқиқотҳои забоншиносони тоҷику хориҷӣ чунин бармеояд, ки таснифоти омонимҳо ба хусусиятҳои ҳар як забон, хусусан, роҳу усулҳои калимасозии он, сахт алоқаманд аст. Ин аст, ки дар таснифоти омонимҳо ихтилофи назар ба мушоҳида мерасад.

Аз рӯйи андешаҳои умумии олимон Ахманова О.С., Виноградов В.В., Маслов Ю.С., Байзоев А.М., Норматов М. ва дигарон се гурӯҳи омонимҳоро қайд кардан мумкин аст:

1) омонимҳои лексикӣ;
2) омонимҳои грамматикӣ ё морфологӣ;
3) омонимҳои лексикӣ-грамматикӣ [2, с.154; 3, с.87; 4, с.159; 8, с.220; 9, с.276].

Қобили қайд аст, ки дар шарҳи ҳар яке аз ин гурӯҳҳо, номгузорӣ ва ҷудо кардани онҳо ба зергурӯҳҳо ақидаҳои гуногун мушоҳида мегардад.

Омонимҳои лексикӣ ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, дар натиҷаи тасодуфан ба ҳам мувофиқат кардани овозҳои калима, иқтибоси калимаҳо ва баъзан аз ҳам дур шудани маъноҳои калимаҳои сермаъно ба вуҷуд меоянд. Масалан, вожаи **ballI** [bɔ:l] *n* кура; **ball II**

[bɔ:l] *n* шаби рақс, балл, маҳфили рақс [12, с.80] дар натиҷаи тасодуфан ба ҳам мувофиқат кардани овозҳо ба вуҷуд омадааст.

Вожаи **air** бошад дар заминаи аз ҳам дур шудани маъноҳои калимаи сермаъно ба вуҷуд омадааст: **air I** [ɛə] *n* ҳаво; **air II** [ɛə] *n* намуд, зоҳир, намо, муҳит, намуди зоҳирӣ, зоҳир ё тарҳи рӯй (шахс); **air III** [ɛə] n суруд, оҳанг [9, с.44].

Бо роҳи сермаъноӣ ба вуҷуд омадани омонимҳоро дар мисоли калимаи **bar** [ba:] низ мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, **bar** [ba:] дар маънои аввал *пора, порча* - a wooden bar - *чӯбпора,* дар маънои дуюм *галақа*: the bar of a door - *галақаи дар*; 3) *маҷ. монеа, ҷилавгир*: a bar to economic development - *монеа барои рушди иқтисодӣ; 4) навораи нур, борика, хати паҳн, нур, шуо, партав*: the bar of sunlight - *шуои нури хуршед; 5) садди роҳ, бандоб, сел, роҳбанд* [9, с.82].

Омонимҳои морфологӣ омонимҳое мебошанд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд ва як гурӯҳ муҳаққиқон, ба монанди В.А.Кочергина, Ю.С.Маслов, М.Норматов бар ин ақидаанд ва як зумраи дигар ин гуна омонимҳоро омонимҳои грамматикӣ номидаанд [7, с.439; 8, с.131; 12, с.42].

Зикр бояд кард, ки масъалаи ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доштани амонимҳои забони англисӣ ба хусусияти морфологии ин забон вобаста аст, яъне феълҳои номии ин забон гоҳе аз исмҳо бе тағйир ёфтани шакли он сохта мешаванд: **act I** [ækt] *n* 1) *кор, амал, кирдор;* 2) *қонун, қарор; 3) парда;* **to act II** [ækt] *v* 1) *амал кардан:* 2) *рафтор кардан;* 3) *бозидани нақш;* **fast I** [fa:st] *мустаҳкам, сахт, қавӣ (сифат): сахт, комилан* (зарф): **fast II** [fa:st] *тезгард* (сифат): **fast III** [fa:st] *рӯза, парҳез, айёми рӯза, айёми сиём, камхӯрӣ* (исм). **2**. *рӯза доштан/гирифтан* (феъл): Muslims fast during the month of Ramadan - Мусалмонон дар моҳи рамазон рӯза мегиранд [8, с.314].

Омонимҳои лексикӣ-грамматикӣ, ки хусусиятҳои ду гурӯҳи аввалро дар бар мегиранд, аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ бе ягон тағйири шаклӣ мегузаранд, яъне ин ҳодиса дар натиҷаи конверсия рух медиҳад. Намунаҳои ин қабил омонимҳо чунинанд: дар забони англисӣ: **hide I** [haid] *пӯст, чарм* –исм; **hide II** [haid] (**hid; hid, hidden**) *пинҳон кардан/шудан, ниҳон кардан/шудан, махфӣ кардан/* - феъл: [8, с.402]; дар забони тоҷикӣ: **ҷабр** I *зӯрӣ, ситам, ҷавр*, *зулм* (исм); **ҷабр** II *устухонбандӣ кардан*; 2. *дуруст кардан, ба ҳоли аввала овардан* (феъл) [6, с.236]; дар забони русӣ: **мол I** *защитное сооружение в виде вала у входа в порт* -исм. англ. *pier, breakwater*. **мол II** -ҳиссача (от молвить) [2, с.138].

Аз мисолҳои боло бармеояд, ки дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ як зумра омонимҳо, агар бо баъзе маъноҳо ба яке аз гурӯҳҳои номбаршуда шомил бошанд, бо маъноҳои иловагиашон ба гурӯҳи дигар мансуб буда метавонанд. Аз он ҷумла, вожаи **beetle** бо маънои I, II исм буда, бо маънои III феъл аст:

beetle I [′bi:tl] n шиббакунӣ, шиббазанӣ; заминкӯб, шиббакунак, шиббазанак;

beetle II [′bi:tl] 1. n гамбусак; black beetle гамбусаки сиёҳ;

between the beetle and blck-дар байни сундон ва болға, дар вазъи ногувор; blind as a beetle-комилан нобино;

beetle III [′bi:tl] v баромадан, пеш баромадан, берун баромадан, овезон будан/шудан.

Калимаи **beetle** бо маъноҳои I, II омонимҳои лексикӣ буда, бо маъноҳои II, III омоними морфологиро ташкил медиҳад. Муҳаққиқ М.Ахмедова ин гуна омонимҳоро омонимҳои омехта номидааст [3, с.54].

Вобаста ба дараҷаи мувофиқати шаклӣ омонимҳоро ба омонимҳои пурра ва нопурра ҷудо мекунанд. Омонимҳои пурра шаклан ба ҳама парадигмаҳо мувофиқат мекунанд - lighter-device; lighter-boat, *pl.* lighters. Омонимҳои нопурра танҳо дар баъзе шакл бо ҳам мувофиқат мекунанд - rose-flower, past form of ‘rise’. Шаклҳои дигари калимаҳои омонимӣ, хусусан шумораи ҷамъи исмҳо ва масдари феъл омоним нестанд, ба монанди шакли калимаи saw (замони гузаштаи феъли to see ва шумораи танҳои исми saw). Омонимҳои нопурра (ба андешаи забоншиноси рус В.В.Виноградов- «омонимҳои морфологӣ»), ки онҳоро аксар вақт «омоформҳо» меноманд, ба забонҳои флективӣ хос буда, дар натиҷаи калимасозӣ ба вуҷуд меоянд ва дар забони англисӣ зиёд мушоҳида мешаванд.

Омонимҳои лексикӣ аз рӯйи хусусияти грамматикиашон якхелаанд, вале аз ҷиҳати маъно гуногунанд. Чунончи, омоними match-contest ва match-person ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд, вале маънои гуногун доранд. Шакли овозӣ ва аломатҳои грамматикӣ имкон медиҳад, ки онҳоро омоним номем, аммо фарқияти маъногӣ онҳоро ба омонимҳои лексикӣ дохил мекунанд. Дар омонимҳои грамматикӣ маъноҳо монанданд, вале ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд, ба мисли match-contest (noun) ва match –smth in competition (verb). Омонимҳои мазкур на танҳо бо талаффуз, балки бо маънои умумии compete алоқаманданд, вале фарқияти гуруҳӣ онҳоро ба омонимҳои грамматикӣ табдил медиҳанд.

Аз рӯйи шакл омонимҳо ба омофонҳо, омографҳо ва омонимҳои мутлақ ё комил ҷудо мешаванд.

Омофонҳо (homophones - gk homos-same, phone-sound) овози якхела дошта, аз рӯйи навишт ё маъно фарқ мекунанд. Масалан, *night-knight, piece-peace, scent-cent, rite-write-right, sea-see.*

Омографҳо (homographs - gk homos-same, grapho-write) баръакс дар навишт якхелаанд, вале гуногун хонда мешаванд: *to bow [bau]-bow [bou], lead [li:d]-lead [led], read [ri:d]-read [red]* ва ғ. Омонимҳои мутлақ ё комил ҳам дар овоз ва ҳам дар навишт якхелаанд, вале аз ҷиҳати маъно ва баъзан аз рӯйи ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунанд [13, с.124].

arm - *даст;*
arm(s) - *яроқ, силоҳ;*
bay - *халиҷ, дастаи арғамчин;*
bay - *фосила, миён, масоҳа;*
bay - *аккас, ав-ав;*
bay - *туруқ, якрон;*
bay-*дарахти ғор;*
bay-*банди об, даргот;*

Перомуни масъалаи омонимия дар забоншиносии тоҷик тадқиқоти яклухт ва бунёдӣ гузаронида нашудааст. Муҳаққиқон асосан ба ягон ҷиҳати ин мавзӯъ рӯ оварда, назари худро дар доираи мақолаҳои илмӣ баён кардаанду халос. Вале луғатшинос М.Муҳаммадиев дар кушоиши проблемаҳои шинохти омонимҳо, тафовути онҳо аз вожаҳои сермаъно, манбаъҳои пайдоиш ва таснифоти омонимҳо аз ҷиҳати сохт, шакли зуҳур ва роҳҳои нашъунамо нисбатан ҷиддитар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Бори нахуст дар забоншиносӣ дар заминаи маводи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» Ш.Кабиров «Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ»-ро (1992) мураттаб сохтанд.

М.Муҳаммадиев омонимҳоро аз рӯйи роҳҳои сохта шуданашон ба лексикӣ, морфологӣ ва лексикӣ-морфологӣ гурӯҳбандӣ кардааст.

а) омонимҳои лексикӣ гуфта калимаҳои шаклан якхеларо меноманд, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дорад. Ин омонимҳо дар натиҷаи ба ҳам мувофиқат кардани овозҳои калима (миқдори фонемаҳо дар забон маҳдуд аст, бинобар он, бо гузашти ҳазорсолаҳо шакли калимаҳо бо ҳам мувофиқат мекунад), дар натиҷаи иқтибоси калимаҳо ва ҳатто дар натиҷаи аз ҳам дур шудани полисемияҳои пешина (най-вай) ба амал меоянд: масалан, туман – тирагии ҳаво, туман – уезд ва ё пул дар Бухорои амирӣ; тор – асбоби мусиқӣ, тори хона; даста – гурӯҳ, дастаи бел ё арра; ток – токи ангур, ток – ҷараёни барқ.

б) омонимҳои морфологӣ чунин омонимҳоеанд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд. Ин гуна омонимҳо хеле зиёд дучор мешаванд: масалан, бар – исм, феъл ва пешоянд; барор – исм ва феъл; бахш – исм ва феъл, гард – исм ва феъл, зан – исм ва феъл, дур – исм ва зарф, ман – исм ва ҷонишин.

в) омонимҳои лексикӣ-грамматикӣ ҳам хусусияти гурӯҳи якум ва ҳам дуюмро доранд. Ин омонимҳо миқдоран кам буда, дар натиҷаи конверсия ба амал меоянд. Конверсия гуфта аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар бе тағйири шаклӣ гузаштани калимаҳоро меноманд. Масалан: калимаи «дида» аз рӯйи шакл ва тарзи калимасозӣ ба сифати феълӣ тааллуқ дорад, вале онро дар исм ҳам дучор мекунем:

Тамоми халқи олам дида ба умед сӯят кард (Ансорӣ) [6, с.120].

А Д А Б И Ё Т

1. Антрушина Г.Б. Лексикология английского языка. Учебник / Г.Б Антрушина, Н.Н. Морозова. - М., 2001. - 482 с.
2. Ахманова О.С. Словарь омонимов, омографов русского языка / О.С. Ахманова. – 3-е изд. - М.: Русский язык, 1986. – 448 с.
3. Ахмедова М.Н. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии омонимҳои забони форсӣ. Рисолаи номзадӣ / М.Н. Ахмедова. – Душанбе, 2010. - 163 с.
4. Виноградов В.В. О грамматической омонимии в современном русском языке / В.В. Виноградов. – М., 1940. - 493 с.
5. Виноградов В.В. Об омонимии и смежных явлениях / В.В. Виноградов. – М., 1960. - 236 с.
6. Кабиров Ш. Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ / Ш.Кабиров. - Душанбе, 1992. – 240 с.
7. Кочергина В.А. Введение в языкознание. (Материалы к курсу для востоковедов) / В.А. Кочергина. - М.: Изд. Московского университета, 1970. - 526 с.
8. Маслов Ю.С. Введение в языкознание. Учебник для филологических специалных ВУЗов / Ю.С.Маслов. 2-е изд. - М.: Высшая школа, 1987. - 272 с.
9. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 1015 с.
10. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 1 / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. - 1015 с.
11. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ Китоби дарсӣ. Ҷилди 1 / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе: Эр-граф, 2015. - 1015 с.
12. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. Китоби дарсӣ / М.Норматов. - Душанбе: Маориф, 1995. - 176 с.
13. Шевченко В.Д. Основы теории английского языка / В.Д. Шевченко. - Самара: Сам ТАПС, 2004. - 72 с.

ТАСНИФОТИ ОМОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи таснифоти омонимҳо ба гурӯҳҳо дар ду забон, яъне забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, бахшида шудааст. Инчунин доир ба намудҳои омонимҳо, омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ равшанӣ андохта шудааст. Сараввал оиди омоним ва таърифи он нуқтаи назари баъзе аз муҳаққиқон оварда шудааст. Аз рӯйи ақидаи аксари онҳо омоним гуфта калимаҳоеро меноманд, ки як хел навишта шуда, як хел хонда шуда, вале маъноҳои гуногунро медиҳанд. Барои тасдиқи ин фикрҳо дар мақола аз фарҳангҳои омонимии фарҳангнигорон О.С.Ахманова, Ш.Кабиров, А.Мамадназаров ва дигарон мисолҳо оварда шудаанд. Оиди таснифоти омонимҳо андешаҳои муҳаққиқон оварда шудааст, ки онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд: 1. Омонимҳои лексикӣ. 2. Омонимҳои грамматикӣ ё морфологӣ. 3. Омонимҳои лексикӣ-грамматикӣ. Аз рӯйи кадом хусусиятҳо фарқ кардани онҳо аз ҳамдигар бо мисолҳо нишон дода шуда, шарҳи пурраи онҳо оварда шудааст. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ як зумра омонимҳо, агар бо баъзе маъноҳо ба яке аз гурӯҳҳои номбаршуда шомил бошанд, бо маъноҳои иловагиашон ба гурӯҳи дигар мансуб буда метавонанд, ки доир ба онҳо мисол оварда шудааст. Вобаста ба дараҷаи мувофиқати шаклӣ омонимҳоро ба омонимҳои пурра ва нопурра ҷудо мекунанд. Омонимҳои пурра шаклан ба ҳама парадигмаҳо мувофиқат мекунанд - lighter-device; lighter-boat, pl. lighters. Омонимҳои нопурра танҳо дар баъзе шакл бо ҳам мувофиқат мекунанд - rose-flower, past form of ‘rise’.

Калидвожаҳо: омонимҳо, лексикӣ, грамматикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, омофонҳо, омографҳо, шаб, баҳодур, порча, сулҳ, омонимҳои пурра, омонимҳои нопурра, парадигма, мувофиқат.

РАЗДЕЛЕНИЕ ОМОНИМОВ ПО ВИДАМ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье говорится о разделение омонимов в лексических, грамматических и лексико-грамматических видах в английском и таджикском языках. В начале статьи проводятся точки зрения некоторых ученых об омонимии. По мнению большинства из них омонимы – это такие слова, которые пишутся одинаково, читаются одинаково, но дают различные значения. Примеры приводятся из омонимические словарей О.С. Ахмановой, Ш. Кабирова, А. Мамадназарова, которые подтверждают их точку зрения. О группировке омонимов по их значению ученные высказывают различные мнения и разделяют их на: 1. Лексические омонимы. 2. Грамматико-морфологические омонимы. 3. Лексико-грамматические омонимы. Приведены примеры их раличительных признаков и их полное значение. В английском и таджикском языках есть такие омонимы, которые если по каким-то значениям совпадают с одной группой, то по дополнительному значению совпадают с другой и приведены примеры. По совпадению форм омонимов их разделяют на полные и неполные омонимы. Полные омонимы совпадают по всем парадигмам- lighter-device; lighter-boat, pl. lighters. Неполные омонимы только по каким-то некоторым формам - rose-flower, past form of ‘rise’.

Ключевые слова: омонимы, лексические, грамматические, лексико-грамматические, омофоны, омографы, ночь, рыцарь, кусок, мир, полные омонимы, неполные омонимы, парадигма, совпадать.

KINDS OF HOMONYMS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article is devoted to the dividing of homonyms into groups in two languages i.e. English and Tajik. It also touches upon its kinds as lexical, grammatical and lexico-grammatical homonyms. First about homonyms and the rule of it some scientists’ opinion is given. According to the opinion of most of them homonyms are words with the same spelling and reading but different meaning. Many examples are given from the homonym dictionaries of O.S. Akhmanova, Sh. Kabirov and A. Mamadnazarov which show the truth of their opinion. About dividing homonyms into groups according to their meaning, some opinion of scientists is given and they divide them into three groups: 1. Lexical. 2. Grammar-morphological. 3. Lexico-grammatical. According which features homonyms are divided into these groups, examples are given in this article. In English language there are some homonyms which belong to one group according to some of their meanings but with their additional meanings they belong to the other group and also examples are given. According to their form coincidence homonyms are divided into full and partial. Full homonyms are the same in all paradigms - lighter-device; lighter-boat, pl. lighters. Partial homonyms only in some forms are the same in others they are different - rose-flower, past form of ‘rise’.

Key words: homonyms, lexical, grammatical, lexico-grammatical, homophones, homographs, night, knight, piece, peace, full homonyms, partial homonyms, paradigm, coincidence.

Сведения об авторе: ***Собирова Угулби Садулоевна*** – Таджикский национальный университет, ст.преп. кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 985-77-38-48**

Information about the author: ***Sobirova Ugulbi Saduloevna*** - Tajik National University, st.prep. Department of English and Comparative Typology of the Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: **(+992) 985-77-38-48**

УДК: 491.550+891.550+8

ТАСНИФИ СОХТОРӢ-ТАРКИБИИ АНТРОПОНИМҲОИ «ҚАСАС-УЛ-АНБИЁ»

Давлатов Э.А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Антропонимика (юнонии. ἄνθρωπος - инсон ва ὄνομα - ном) – яке аз бахшҳои ономастика мебошад, ки ба омӯзиши асмои одамон мансубият дорад ва таркибҳои алоҳидаи онҳоро (номи шахс, насаб, лақаб, тахаллус, куният ва ғайра; баромади онҳо, таҳаввул, қонунмандиҳои амалкарди онҳоро) меомӯзад.

Антропонимика аз ономастика солҳои 60-70-уми асри XX ҷудо шуда, то солҳои 60-70-ум ба ҷойи истилоҳи «антропонимика» истилоҳи «ономастика» истифода мешуд. Ин илм маълумотҳоеро меомӯзад, ки ном дар худ фаро гирифтааст: тавсифи сифатҳои инсонӣ, робитаи инсон бо волидайн, оила, ниёкон, миллат, касбу кор, мансубият ба ягон макону маҳал, шаҷара ва ғайра. Антропонимика вазифаҳои антропонимро дар нутқ – номгузорӣ (номинатсия), таъйиноту ташхисот (идентификатсия), тафриқа (дифференсиатсия), табодули ном вобаста ба синусол, тағйиротҳои иҷтимоӣ ва хонаводагӣ, зисту зиндагӣ ва сукунат дар байни одамони мансуб ба дигар миллатҳо, қабули дигар дину ойинҳо, тағйир додани эътиқодот ва ғайра, муайян мекунад.

Файласуф ва илоҳиётшиноси машҳури рус П.А. Флоренскийро ҳамасрон «Леонардо да Винчии асри XX» меномиданд ва ба ӯ асаре таҳти унвони «Номҳо» тааллуқ дорад, ки ибтидои асри XX таълиф ва нашр шуда буд. Моҳияти номҳо аз мавқеъ ва нуктаи назари таърихӣ, адабӣ ва метафизикӣ кушода, муайян карда буд. П.А.Флоренский тасвири муфассали 16 номи асосии мардонаю занонаро овардааст.

Ба коркарди масъалаҳои асосии антропонимика дар забоншиносии рус В.Д. Бондалетов, Н А. Баскаков, С.И. Зинин, Ю.А. Карпенко, В.Н. Михайлов, А.А. Реформатский, В.П. Морошкин, Н.А. Петровский, А.М. Селищев, А.В. Суперанская, О.Н. Трубачёв, Н.М. Тупиков, В.К. Чичагов, Л.В. Успенский машғул шудаанд. Антропонимикаи Россия солҳои 80-90-уми асри XX бо корҳои илмӣ-таҳқиқотии И.М. Ганжина, М.В. Горбаневский, Ю.А. Карпенко, И.А. Королёв, Т.Н. Кондратева, В.А. Никонов, Н.Н. Парфёнова, Н.В. Подолская, Б.О. Унбегаун, Н.К. Фролов ғанитар гашт. Даҳсолаҳои охир олимону муҳаққиқони забоншиноси рус масъалаҳои ташаккул ва таҳаввули антропонимикаи минтақавиро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.

Тасниф ва таҳлили номвожаҳо аз нигоҳи сохту таркиб дар илми номшиносӣ таҷрибаи нахуст набуда, аз ҷониби олимону муҳаққиқони зиёди хориҷию ватанӣ таҳқиқотҳои зиёде анҷом пазируфта шудааст. Маҳз ба воситаи ин таҳлил ва боз намудани моҳияти илмии ҳар як ном ҷустуҷӯйҳои пайгиронаи илмиро аз қаъри асрҳо рӯйи кор оварда, инчунин барои дигар илмҳо низ маводи пурқимати илмиро аз жарфтарин нукта, ки дар тӯли қарнҳои зиёд аз хотираҳо зудуда шуданд, ба миён меоварад.

Ин таҳқиқот ба таснифи антропонимҳои асар аз нигоҳи сохту таркиб бахшида шудааст ва он дар асоси таҳқиқоти олимону донишмандон ва муҳаққиқони топонимшиноси тоҷику мамолики хориҷ сурат мегирад.

«Қасас-ул-анбиё» чун дигар асарҳои насрӣ-ривоятӣ дар олам соҳиби мақому манзалати хосса буда, ҳаводори сатрҳои он дар тамоми мамолики ҷаҳон мавҷуданд. Зимни омӯзиш дар «Қасас-ул-анбиё» 432 антропоним (номи одамон) мушоҳида гардид, ки онҳо аз нигоҳи сохту таркиб якранг нестанд. Антропонимҳо чун дигар калимаҳои маъмули забон аз нигоҳи сохт сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мебошанд, ки омӯзиши ҷудогонаи онҳо захираи пургановати асар ва анвори (фонди) луғавии забонро бою рангин месозанд.

Зимнан ёдовар бояд шуд, ки таснифи маводи «Қасас-ул-анбиё» аз нигоҳи сохтори калимасозӣ тибқи қолаби маъмулии таснифоти сохтории калимасозии забон дар асоси талаботи зерин: антропонимҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ амалӣ карда шуд.

Антропонимҳои сода. Қабати антропонимҳои содаи асар дар қиёс ба дигар қабати он шумораашон бештар буда, аз инҳо иборат мебошанд: Авд [Abd], Валид [Valid], Буроқ [Burāg], Ғолиб [Ğālid], Довуд [Dāvud], Ёфис [Yāfis], Зағр [Zağr], Имод [Imād], Каёнӣ [Kayāni], Қиён [Giyān], Лут [Lut], Мазид [Mazid] [7].

Зимнан бояд иброз дошт, ин қабати антропонимҳоро аз мавқеи имрӯзаи забони адабӣ ба гурӯҳи номҳои аз лиҳози сохт сода тасниф намудем, аммо бобати воқеан сода будани онҳо хулосаи амиқ баровардан душвор аст, зеро ин калимаҳо таърихи баромади ниҳоят қадима дошта, дар гузашти солиёни зиёд шояд бештари онҳо ба тағйиротҳои шаклию мазмунӣ дучор шуда бошанд ва ё дар зоҳир баъзе аз онҳо сода намояд ҳам, шояд дар забони аслиашон сохта ва ё мураккаб бошанд.

Антропонимҳои сохта. Дар забоншиносӣ калимаҳои сохта бо усули морфологии калимасозӣ бо ёрии формантҳои калимасоз сурат гирифта, дар асоси илова гардидани аффиксҳо бо асоси калима сохта мешаванд. Бо чунин тарзи калимасозӣ дар “Қасас-ул-анбиё” теъдоди муайяни антропонимҳо ба қайд гирифта шудаанд, ки онҳо дар қиёс ба антропонимҳои сода шумораашон кам аст. Тавре гуфтем, созмон ёфтани калимаҳои аз нигоҳи сохт сохта бо илова гардидани формантҳо ба асоси калима ташкил меёбанд. Дар “Қасас-ул-анбиё” дар эҷоди антропонимҳои сохта формантҳои **- а, - ӣ, - ат, - о, - ус, - ун** истифода гардидаанд:

Форманти – а. Ин формант бо исм ва калимаҳои баромадашон номаълум якҷо шуда, антропонимҳои мардонаю занона сохтааст: Амима [Amima], Завбаа [Zabbaa], Маймуна [Maymuna], Малика [Malika], Муаззама [Muazzama], Мурра [Murra], Насима [Nasima],

Нотиқа [Nātiga], Омина [Āmina], Сайфура [Sayfura], Сағира [Sağira], Убайда [Ubayda], Ҳафиза [Hafiza], Ҳалима [Halima], Ҳанзала [Hanzala], Ҳоҷара [Hāĵara], Ямина [Yamina] [7].

Форманти - ӣ. Дар “Қасас-ул-анбиё” бо воситаи ин формант антропонимҳои мардонаи Ансорӣ [Ansāri], Саъдӣ [Saʹdi], Сомирӣ [Sāmiri], Суҳайлӣ [Suhaili], Фирдавсӣ [Firdavsi], Шофеӣ [Šāfei] созмон ёфтаанд.

Форманти - ат. Антропонимҳои мардонаи Ғайрат [Ğayrat], Заҳрат [Zahrat] ба воситаи ин формант сохта шудаанд. Тавре маълум аст, ин қабати антропонимҳо, ки аслан бо илова гардидани форманти **-ат** бо калимаҳои гуногун пайдо гардидаанд, ду номгӯй ба қайд гирифта шудааст.

Форманти - о. Дар “Қасас-ул-анбиё” ба воситаи ин формант исми занонаи Иқлимо [Iglimā] сохта шудааст. Ин формант бо решаи калима “Иқлим” (исм) якҷо шуда, антропоними мазкур ташкил ёфтааст.

Форманти - ус. Ин формант таърихи куҳан дошта, аслан хосси адабиёти пешин (классик) аст. Ба воситаи ин формант бештар номҳои мардонаи Қотус [Gātus], Малус [Malus], Кайнус [Kaynus] ва амсоли инҳо созмон ёфтаанд. Дар “Қасас-ул-анбиё” низ ба воситаи ин формант ташкил ёфтани калимаҳои аз нигоҳи сохт сохта ба назар мерасад. Форманти мазкур ба исмҳои “Туғён” ва “Фармон” пайваст шуда, исмҳои мардонаи Туғёнус [Tuğyānus], Фармонус [Farmānus] ташкил намудааст.

Форманти - ун. Ба воситаи ин формант дар “Қасас-ул-анбиё” номи мардонаи Шамъун [Šamʹun] созмон ёфтааст.

Антропонимҳои мураккаб. Антропонимҳои ин бахш миқдоран 6 адад буда, бо роҳи калимасозии синтаксисӣ - морфологӣ сохта шудаанд. Илёс [Ilyās], Исроил [Isrāil], Бахтнаср [Baxtnasr], Ҷумҷума [Ĵumĵuma], Кашфитут [Kašfitut], Майсара [Maysara] [7].



Антропоним – ибораҳо. Дар “Қасас-ул-анбиё” антропонимҳое мушоҳида мешаванд, ки аз ду ва зиёда ҷузъҳо иборат буда, алоқаи онҳо тавассути алоқаи изофӣ сурат гирифтаанд ва дар ин навъи антропонимҳо ҷойи тобеъшавандаю тобеъкунанда (муайянкунандаву муайяншаванда) устувор мебошад. Дар ин навъи калимасозӣ ҷузъҳои таркиби антропонимҳо аз рӯйи муносибат ба ҳиссаҳои нутқ якранг нест. Ин гуна антропонимҳо метавонанд аз исму исм, исму сифат, сифату сифат, сифату исм ва амсоли инҳо ташкил ёбанд.

а) аз исму исм ба воситаи алоқаи изофӣ: Балъами Боъур [Bal'ami Bā'ur], Иброҳими Халилуллоҳ [Ibrāhimi Xalilullāh], Муҳаммад Мустафо [Muhamadi Mustafā], Мӯсои Калимуллоҳ [Musāi Kalimullāh], Ҷаъфари Содиқ [Ĵa'fari Sādig], Муҳаммади Расул [Muhamadi Rasul], Ҳазрати Луқмон [Hazrati Lugmān], Исмоили Забеҳуллоҳ [Ismāili Zabehullāh], Луқмони Ҳаким [Lugmāni Hakim] [7].

б) аз исму сифат бо роҳи алоқаи изофӣ: Билоли Ҳабашӣ [Bilāli Habaši], Искандари Румӣ [Iskandari Rumi], Ҳабиби Қурайшӣ [Habibi Qurayši], Юсуфи Канъонӣ [Usufi Kan'āni]. Антропонимҳои ин қабат дар асар дар шаклҳои дигар низ истифода шудаанд.

в) аз исму исм ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ: Сайф Зиззамон [Sayf Zizzamān], Одам Сафиюллоҳ [Ādam Safiyullāh], Имом Шофеӣ [Imām Šāfei], Имом Маҳдӣ [Imām Mahdi]. Антропонимҳои Сайф Зиззамон [Saif Zizzamān], Имом Шофеӣ [Imām Šāfei] ва Имом Маҳдӣ [Imām Mahdi] дар “Қасас-ул-анбиё” танҳо дар шакли таркибӣ ва ҳамагӣ як маротибагӣ истифода гардидаанд. Антропоними Одам Сафиюллоҳ [Ādam Safiyullāh] дар асар дар шаклҳои дигари таркибӣ, аз қабилӣ “Одам алайҳиссалом” [Ādam alayhissalām],

“Ҳазрати Одам” [Hazrati Ādam], “Падари башар” [Padari bašar], дар шакли сода “Одам” [Ādam] ва дар шакли мураккаби “Абулбашар” истифодаи фаровон дорад.

Қабати аз ҳама мураккаб ва аз диди илмӣ мушкилтаҳлили антропонимҳои “Қасас-ул-анбиё”-ро номҳое созмон медиҳанд, ки таркиби онҳо аз се ва зиёда ҷузъҳо иборат буда, аз ном, куният ва номи падар созмон ёфтаанд: Абдуллоҳ ибни Аббос [Abdullāh ibni Abās], Муҳаммад ибни Исмоил [Muhammad ibni Ismāil], Исмоил ибни Иброҳим [Ismāil ibni Ibrāhim], Абдуллоҳ ибни Салом [Abdulllāh ibni Salām] ва амсоли инҳо, ки теъдодашон 42 номгӯйро ташкил медиҳанд. Ин тарзи номгузорӣ таърихи ниҳоят куҳанро соҳиб буда, роиҷ гардидани онро баъзе ривоятҳо ба давраи зуҳури ислом ба Осиёи Миёна асоснок мекунанд. Аммо ин андеша асоси роиҷ гардидани чунин санъати номгузориро аз дидгоҳи илмӣ равшан сохта наметавонад. Вобаста ба ин муҳаққиқи тоҷик О.Ғафуров бобати илова гардидани куният дар асмои одамон чунин изҳори ақида намудааст: “Дар ҷамъияти сернуфуз номҳо ҳам бояд сершумору гуногун мешуданд, чунки вазифаи асосии исм як шахсро аз шахси дигар фарқ кардан аст. Барои ҳамин дар ҷамъияти олӣ лақабҳои махсус, яъне куният, истеъмол мешуданд” [1, с. 12]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки роиҷ гардидани санъати номгузории мутазакир на ба зуҳури араб ба Осиёи Миёна, балки аз зиёд гардидани аҳолӣ ва бештар истеъмол намудани гурӯҳи муайяни номҳо (мардум аз рӯйи эътиқод ба Худо, пайғамбарон ва олу асҳоби эшон бештар як қабил номҳоро истифода менамуданд) ва гузоштани онҳо ба фарзандҳояшон пайдо гардид. “Дар ҳақиқат мусулмонони Осиёи Миёна фарзандони худро пеш аз ҳама ба шарафи пайғамбарамон - Муҳаммад [Muhamad], Иброҳим [Ibrāhim], Исо [Isā], Мӯсо [Musā], Яъқуб [Ĵagub//Ĵa'gub], ба шарафи номи Худованд (Оллоҳ) [Āllāh] – Абдуллоҳ [Abdullāh], Абдурраҳим [Abdurahim], Абдурраҳмон [Abdurahmān], Абдулмалик [Abdulmalik], Абдулазиз [Abdulaziz], ба шарафи хешовандони Муҳаммад [Muhammad] – Аббос [Abās], Абдулмуталиб [Abdulmutalib], Алӣ [Ali], Ҳамза [Hamza], Ҳошим [Hāšim]” меномиданд” [1, с.12].

Ҳамин тариқ, баррасӣ ва таҷзияи антропонимҳо аз лиҳози сохту таркиб дар таълифоти муҳаққиқони мамолики хориҷ падидаи нав набуда, таърихи тӯлониро молик мебошад. Дар Тоҷикистон асосан аз солҳои 60-уми асри гузашта манша мегирад ва дар ин муддати начандон тӯлонӣ дар маҷрои муайяни худ ворид шудааст ва таҳқиқотҳои вижае анҷом ёфтаанд. Аммо то кунун зиёданд паҳлуҳои ҳанӯз ҳам омӯхтанашуда дар ин самт, ки дар рушду таҳаввули паҳлуҳои дигари масъалаи мазкур манфиатманд бошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Гафуров А.Г. Рассказы об именах / А.Г.Гафуров. - Душанбе, 1968. -140 с.
2. Давлатов Э. Анализ некоторых антропонимов «Касас-ул-анбиё» / Э.Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филология. - Душанбе: Сино, 2015. - №4/2 (163). - С.21-24.
3. Давлатов Э. Номгузорӣ – омили пешрафт дар ҷомеа (ё худ номҳо ҷузъи таъриханд) / Э. Давлатов // Суннати номгузорӣ ва номҳои ҷуғрофӣ (Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ). – Душанбе, 2016. – С. 73-77.
4. Давлатов Э. Таҳлили забонӣ ва чандомади номи пайғамбарон дар «Бӯстон»-и Саъдӣ Шерозӣ / Э.Давлатов // Забон - рукни тоат (Язык - столп поклонения). Маҷаллаи илмӣ - назариявӣ. Китоби нуҳум. - Душанбе: Балоғат, 2017. - С. 164-71.
5. Давлатов Э. Таҳлили забонӣ ва корбасти лақаб, тахаллус ва номҳои ифтихорӣ дар «Қасас-ул-анбиё» / Э. Давлатов // Забон - рукни тоат (Язык - столп поклонения). – Маҷаллаи илмӣ - назариявӣ. Китоби даҳум. - Душанбе: Балоғат, 2017. - С. 108-116.
6. Давлатов Э.А. Лингвистическое исследование ономастики «Касас-ул-анбиё» / Э.А. Давлатов. – Душанбе: Континент ТҶ, 2017. – 132 с.

7. Давлатов Э.А. «Қасас-ул-анбиё» ва баъзе масъалаҳои ономастикаи он (мавҳмӯаи мақолаҳои илмии ономастикӣ) / Э.А. Давлатов. – Душанбе: Континент ТҶ, 2017. – 85 с.
8. Маҳмадуллоҳ С. Қасас-ул-анбиё / Маҳмадуллоҳ С., Абдусаттор А.М., Аҳрор С.И., Ҷалол А. - Душанбе: Ориёно, 1991. - 370 с.

ТАСНИФИ СОХТОРӢ-ТАРКИБИИ АНТРОПОНИМҲОИ «ҚАСАС-УЛ-АНБИЁ»

Мақола ба масъалаи таснифи сохтори калимасозии антропонимҳои «Қасас-ул-анбиё» - асари таърихӣ-ривоятӣ, динӣ, ки фарогири қиссаҳо аз пайдоиши дунё ва аввалин паёмбар Одам (а) то паёмбари мурсал Муҳаммад ибни Абдуллоҳ мебошад, бахшида шудааст. Дар ин таълифот антропонимҳо аз рӯйи ба инобат гирифтани таркиби калимасозии сохториашон ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ тасниф гардидаанд. Дар баробари ин, бо нишондоди 2 дар шакли диограмма теъдоди антропонимҳо вобаста ба сохторашон нишон дода шуда, бо номгӯи умумии антропонимҳои «Қасас-ул-анбиё» муқоиса шудаанд. Дар мақола зимни таснифи қабати сохтаи антропонимҳо дар заминаи формантҳои **-а, -ӣ, -ат, -о, -ус, -ун** номгӯи алоҳидаи онҳо вобаста **ба** иштироки формантҳо гурӯҳбандӣ гардида, дар нишондоди 1 дар шакли васеъ ҷой гардидаанд. Инчунин, ҳамаи маводи дар мақола истифодагардида шакли транскрипсияи онҳо низ оварда шудаанд. Дар мақола маводи таснифшаванда дар шакли транскрипсионӣ ифода гардида, мувофиқи талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотии дар ин самт арзёбишаванда таҳия ва таълиф гардидаанд. Масалан: Муҳаммад [Muhamad], Иброҳим [Ibrāhim], Исо [Isā], Мӯсо [Musā], Яъқуб [Ĵagub//Ĵa'gub], Абдуллоҳ [Abdullāh], Абдурраҳим [Abdurahim] ва амсоли инҳо. Дар баробари ин, зимни таҷзияи мавод аз усулҳои муқоисавӣ ва таҳлилӣ-сохтории формантӣ истифода гардидааст. Инчунин, қабати номҳое, ки таркиби онҳо аз се ва зиёда ҷузъҳо иборат мебошанд (Абдуллоҳ ибни Аббос [Abdullāh ibni Abās], Муҳаммад ибни Исмоил [Muhammad ibni Ismāil], Исмоил ибни Иброҳим [Ismāil ibni Ibrāhim], Абдуллоҳ ибни Салом [Abdulllāh ibni Salām]), аз ном, куният ва номи падар созмон ёфтаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Калидвожаҳо: таҳқиқоти забоншиносӣ, антропонимҳо, номгӯи онимҳо, сохтори калимасозӣ, қабати забонӣ, вижагиҳои калимасозӣ, таснифи сохторӣ-таркибӣ.

СТРУКТУРНО-КОМПОНЕНТНАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ АНТРОПОНИМОВ «КАСАС-УЛ-АНБИЁ»

Статья посвящена вопросу классификации структурного словообразования антропонимов «Касас-ул-анбиё» - историко-легендного, религиозного произведения, включающего предания о сотворении мира и от первого пророка Эдема до последнего пророка Мухаммада ибн Абдуллох. В этой статье, с точки зрения учета структурного словообразования, антропонимы по составу классифицированы на простые, производные, сложные и составные. Наряду с этим согласно инструкции в форме диаграммы показано число антропонимов в зависимости от структуры, произведено их сравнение под общим названием «Касас-ул-анбиё». В статье при классификации производного пласта антропонимов на основе формантов**-а, -ӣ, -ат, -о, -ус, -ун** сгруппирован раздельный их перечень, в широкой форме приведены в инструкции. Весь использованный в статье материал также дан в форме транскрипции. Классифицированный в статье материал выражен в форме транскрипции и оформлен согласно требованиям научно-исследовательских работ в данной области. Например: Муҳаммад [Muhamad], Иброҳим [Ibrāhim], Исо [Isā], Мӯсо [Musā], Яъќуб [Ĵagub//Ĵa'gub], Абдуллоҳ [Abdullāh], Абдурраҳим [Abdurahim] и им подобные. Наряду с этим, при анализе материала использованы метод сравнения и структурный анализ формантов. Подвергнут рассмотрению пласт имен, которые состоят из двух и более компонентов (Абдуллоҳ ибни Аббос [Abdullāh ibni Abās], Муҳаммад ибни Исмоил [Muhammad ibni Ismāil], Исмоил ибни Иброҳим [Ismāil ibni Ibrāhim], Абдуллоҳ ибни Салом [Abdulllāh ibni Salām]), образованные от имени, куния (уважительное обращение, прибавляемое к именам собственным арабских слов) и имени отца (фамилии).

Ключевые слова: лингвистическое исследование, антропонимы,онимический перечень, словообразовательная структура, языковой пласт, особенности словообразования, структурно-компонентная классификация.

STRUCTURAL-COMPONENT CLASSIFICATION OF ANTHROPONYMS IN «KASAS-UL-ANBIYO”

The article is dedicated to the classification of the structural word formation of the anthroponyms in «Kasas-ul-anbiyo»–in a historical and legendary religious work, including the traditions of the creation of the world and the first prophet of Eden to the last prophet Muhammad ibn Abdullah. In this article, from the point of view of taking account of structural word formation, anthroponomists are classified by composition into simple, derivative, complex and composite. In addition, according to the instruction in the form of a diagram [Nishondodi No. 2], as the number of anthroponyms is shown depending on the structure, and their comparison is made under the general name of «Kasas-ul-anbiyo». In the article, when classification of the derivative layer of anthroponyms on the basis of formants -a, -ī, -āt, -o, -ūs, -un is grouped separately, list, in a broad form given in the instruction [Nishondodi No. 1]. The material used in the article is also shown in the form of transcription. The material classified in the article is expressed in the form of transcription and is made out in accordance with the requirements of scientific research in this field. For example: Muhammād, Ibrāhim, Isā, Musā, Yaqub, Abdullah, Abdurahim and other. Along with this, in the analysis of the material, the methods of comparison and the structural analysis of the formants were used. A group of names that consist of two or more components (AbdullāhibnīAbbās, Muhammadibni Ismāil), Ismoil ibn Ibrohim (IsmāilibniIbrāhim), Abdullo ibni Salām), formed on behalf of kuniya (respectful treatment, added to the names of their own Arabic words) and the name of the father (surname).

Key words: linguistic research, anthroponyms, onimic list, word-formation structure, language layer, features of word-formation, structural-component classification.

Сведения об авторе: ***Давлатов Эрадж Абдусамадович*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С.Сафарова, 16. E-mail: **erajjon-1988@mail.ru.**
Телефон: **(+992) 918-13-99-68**

Information about the author: ***Davlatov Eradzh Abdusamadovich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Candidate of Philology, senior lecturer of the Tajik language department. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova, Street 16. E-mail: **erajjon-1988@mail.ru**. Tel.: **(+992) 918-13-99-68**

УДК:491.550+80/81+891.550

ТОПОФОРМАНТИ «ĀBĀD» ДАР «МУЪҶАМ-УЛ-БУЛДОН»-И ЁҚУТИ ҲАМАВӢ

Ҳайбулоев Ш. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи номвожаҳои ҷуғрофӣ яке аз масъалаҳои умдаи илми забоншиносии муосир ба шумор меравад, зеро номвожаҳо ҷузъи таърихи миллат ва баёнгари давраҳои гуногуни инкишофи забону фарҳанги он мебошанд. Бояд қайд кард, ки дар илми забоншиносӣ номвожаҳои ҷуғрофиро илми топонимика меомӯзад. Топонимика ҳамчун бахши мустақили илми забоншиносӣ асосан аз нимаи дувуми асри XX оғоз гардида, диққати олимони хориҷиву ватаниро ба худ ҷалб намудааст. Ин ҷо метавон аз таҳқиқотҳои донишмандоне, ба монанди С. Роспонд, В.В. Бартолд, В.А. Никонов, А.В. Суперанская, Ю.А. Карпенко, А.И. Попов ном бурд. Дар ҳамин раванд топонимика ва микротопонимикаи манотиқи мухталифи Тоҷикистон низ дар шакли мақолаҳо ва рисолаҳои номзадиву докторӣ мавриди таҳқиқи лингвистӣ қарор гирифтааст, ки дар ин ҷода нақши муҳаққиқон А.Л. Хромов, С. Сулаймонов, Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, А.А. Абдунабиев, О. Маҳмадҷонов назаррас аст.

Гузашта аз ин, топонимикаи тоҷикӣ заминаи қавии илмӣ дорад ва дар тӯли асрҳо таҳаввул ёфта, дар ин ҷода осори гуногунмавзӯъ таълиф ёфтааст. Аз ҷумлаи чунин сарчашмаҳо осори ҷуғрофии арабизабон аст, ки дар онҳо маълумотҳои арзишманди топонимӣ дар мавриди номвожаҳои тоҷикӣ, ҷамъоварӣ шудаанд. Намунаи чунин асарҳо ҳанӯз аз асри X оғоз ёфта, дар асрҳои баъдӣ донишмандон онро инкишоф ва тараққӣ додаанд.

Яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти ҷуғрофии араб дар асри XII Ёқути Ҳамавӣ аст, ки давомдиҳандаи кори намояндагони силсилаасарҳои “ал-Масолик ва ал-мамолик”* мебошад. Ёқути Ҳамавӣ бо асари энсиклопедии ҷуғрофии худ “Муъҷам-ул-булдон” машҳур аст. Ин асари бузургҳаҷми ӯ дарбаргирандаи зиёда аз 12 ҳазор номи ҷуғрофӣ буда [11, с. 57], ганҷинаест муназзам, ки на танҳо шомили маълумотҳои фаровони ҷуғрофӣ мебошад, балки ҳар муҳаққиқ метавонад хостаҳои вижаи худро дар мавриди шарҳи этимологию таърихии вожаҳо, инчунин дигар шарҳу тафсирҳои муфиди илмиро дар он пайдо намояд.

Бояд қайд намуд, ки дар мавриди баъзе нишонаҳои формантии “Муъҷам-ул-булдон” профессор С. Сулаймонов соли 1976 мақолае таҳти унвони “Нишонаҳои методи формантӣ дар асари ҷуғрофияшиноси араб Ёқут ал-Ҳамавӣ” ба табъ расонидааст [11, с.57-63], ки дар бораи форманти “ābād” маълумоти умумие додааст.

Ин методро дар адабиёти илмии топонимика бо номҳои мухталиф вохӯрдан мумкин аст, аз қабили «методи формантӣ», «методи калимасозӣ ва сохторию сарфу наҳвӣ», «методи таҳлили сохторию сарфу наҳвӣ», «методи тадқиқи калимасозӣ», «методи сохторӣ» [1, с.177; 2, с.13-25].

Формант аз калимаи лотинии “*farmans*” ба маънои *бавуҷудоваранда* гирифта шудааст, ки онро метавон пасванд ё суффикс номид. Ба андешаи топонимшинос А.Л.Хромов, *“формантҳо пасвандҳои ёвареанд, ки ҳамчун воситаи калимасози топонимӣ истифода мешаванд. Топоасоси дилхоҳ, морфемаи луғавиест, ки дар асоси он топоним ва ба воситаи топоформант сохта мешавад”* [13, с. 4].

Мавриди тазаккур аст, ки яке аз методҳои муҳим дар таҳқиқи лингвистии топонимика, ин таҳлили сохторию калимасозӣ аст, ки нақши калидиро дар он *формантҳо* мебозанд. Муҳаққиқони номшинос роҷеъ ба ин бахш ва аҳамияти он дар омӯзиши номҳои ҷуғрофӣ андешаҳои муфиде ироа намудаанд.

Дар илми забоншиносӣ тавассути формантҳо сохта шудани номвожаҳои ҷуғрофӣ падидаи маъмулӣ ба шумор меравад. Дар бораи ин метод топонимист Бондарчук Г.П. менависад: *«формантный метод топонимического анализа позволяет исследователю выявить в топонимах массово - повторяющиеся элементы; топоосновы, топонимические суффиксы, а также топонимические префиксы»* [2, с.19].

Маҳз дар “Муъҷам-ул-булдон”-и Ёқути Ҳамавӣ ҳамин формантҳои такроршавандаро метавон пайдо кард. Ӯ топоформантҳоро на танҳо дар дохили луғат, балки қисме аз онро дар муқаддимаи китоб шарҳ медиҳад, аз қабили форманти “ābād”:

"وأما أباذ: فيكثر مجيئه في أسماءِ بُلدان وقرى ورساتيق في هذا الكتاب كقولهم أسداباذ ورستماباذ وحصناباذ فأسد اسم رجل وأباذ اسم العمارة بالفارسية فمعناه عمارةُ أسد وكذلك كل ما يجيء في معناه وهو كثير جدا."

*Бештари донишмандони ҷуғрофиядони араби асрҳои миёна китобҳои худро «ал-Масолик ва ал-мамолик» («Роҳҳо ва кишварҳо») унвонгузорӣ менамуданд.

Тарҷума:

Аммо "ābād" дар номи кишварҳо, деҳаҳо ва рустоҳо дар ин китоб зиёд зикр мешавад. Монанди Асадобод, Рустамобод, Ҳиснобод ва ғайра. Пас, масалан Асад исми хос (ном) буда, "ābād" дар забони форсӣ ба маънои "иморат", "ободкардашуда" мебошад, пас, маънои Асадобод-ҷойи ободнамудаи Асад мешавад. Ҳамчунин, дар ин китоб номҳои зиёде ба ин маъно такрор мешаванд [3, с.49].

Чӣ тавре дида мешавад, ин топоформант чизи бемақсад набуда, балки воситаи такроршаванда ва маънодорест, ки дар охири номҳо омадааст.

Ин топоформант асосан дар забонҳои эронӣ маъмул буда, Ёқути Ҳамавӣ маҳз ба забони форсӣ дахл доштани онро қайд кардааст ва онро дар номҳое овардааст, ки дар он ҷо мардуми эронинажод истиқомат доштаанд. Донишманди номшинос А.Л. Хромов низ ба ҳамин маъно ишора карда, менависад: *"Топонимҳо ба шакли "ābād" дар форсии миёна "āpat", дар форсии қадим "āpata", дар заминаи шакли эронии ғарбӣ: форсӣ-тоҷикии "ābād" ба вуҷуд омадааст"* [11, с.57].

Дар баъзе этимологияҳои мардумӣ, ки бар пояи ривоёту достонҳои куҳани асотирӣ устувор гардидаанд, вожаи "*ābād*"-ро номи аввалин пайғамбари Аҷам медонанд ва мазҳаби ӯро "ābādān" мехонанд. Аммо чунин ба назар мерасад, ки дар бештари маврид чунин ривоятҳо ҷанбаи асотирӣ доранд [9, с.17-19].

Илова бар ин, бо далели шабоҳати вожаи "ābād" бо "об" ва аз он ҷо, ки об мояи ободонӣ аст, бархе бар ин бовaранд, ки вожаи мазкур аз калимаи "об" сохта шудааст. Ин нуқтаи назар бори дигар ифодакунандаи арзиш ва эҳтиромест, ки мардуми ориёинажод аз дер боз нисбат ба об қоиланд. Дар ҳама сарчашмаҳои илмӣ ва фарҳангномаҳо дар бораи ин формант маълумот дода шудааст, ки дар умум баёнгари ҳамон маониеанд, ки Ҳамавӣ-чи тавре дар боло оварда шуд, ба он ишора намудааст.

Мавриди зикр аст, ки топоформантҳо дар ин асари Ҳамавӣ на ба таври алоҳида, балки дар таркиби калимаҳо омадааст ва аз ин миён форманти "ābād" берун аст. Аз ҷумла:

- خالداباذ: من قرى سَرخس أيضاً منسوبة إلى خالد وهذه آباذ معناه عمارة خالد..

Тарҷума:

Холидобод: Яке аз деҳаҳои Сарахс[**] буда, ба Холид мансуб мебошад, ки бо ёрии пасванди "ābād" маънояш иморати Холид мешавад[3, Ҷ.2, с.422].

– دِينارإباذ: بلفظ الدينار الذي هو المثقال مضاف إليه آباذ من قرى همذان قرب أسدإباذ...

Тарҷума:

Диноробод: Ба лафзи "динор", ки он мисқол (ченаки вазн, 4.25г) аст пасванди "ābād" илова шудааст. Диноробод яке аз деҳаҳои Ҳамадон (-и Эрон) мебошад, ки дар наздикии Асадобод воқеъ аст [3, Ҷ.2, с.674].

- سعيد أباذ: أما مدن الجبل فمنها مدينة صغيرة يقال لها: سعيد أباذ..

Тарҷума:

Саидобод[***]: Аммо аз ҷумлаи шаҳрҳои кӯҳӣ шаҳри хурдест, ки онро Саидобод гуфта мешавад[3, Ҷ.3, с.280].

- مُوَالقاباذ: بالقاف والباء الموحدة وآخره ذال معجمة هي محلة كبيرة بنيسابور ومعنى أباذ العمارة

Тарҷума:

Муволиқобод: Бо ҳарфи"қоф", "бо", ва дар охираш "зол"-и муъҷама (ғайри арабӣ). Он маҳаллаи бузурге дар Нишопур мебошад ва маънои "ābād" иморат аст [3, Ҷ.5, с.279].

Топоформанти "ābād" дар мавориди зиёди ин китоб, аз ҷумла дар мавридҳои зер зикр гардидааст:

Баҳиробод [3, Ҷ.1, с.246], Буҳайраобод [3, Ҷ.1, с.246], Аҳмадобод [3, Ҷ.2, с.377], Балособод [3, Ҷ.2, с.413], Собуробод [3, Ҷ.2, с.414], Саидобод [3, Ҷ.2, с.455], Тизанобод [3, Ҷ.3, с.180], Муҳаммадобод [3, Ҷ.4, с.55], Маҳдиобод [3, Ҷ.4, с.56], Норинобод [3, Ҷ.4, с.203] ва ғ.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки дар ин асари Ёқути Ҳамавӣ форманти «ābād» на бо ҳарфи «д» (дол), балки бо ҳарфи «з» (зол) навишта шудааст, ки ин, пеш аз ҳама, аз тафовути овоии забонҳои арабиву тоҷикӣ шаҳодат медиҳад.

Ба мисли гузашта суннати номгузорӣ бо ин формант (ābād) дар Тоҷикистон низ зиёд ба назар мерасад, монанди Муъминобод, Навобод, Нуробод, Тоҷикобод, Файзобод ва ғайра. Ҳатто дар солҳои Шӯравӣ ин суннат риоя мешудааст, монанди: Колхозобод, Кировобод, Комсомолобод ва ғ.

Аз таҳлили мисолҳои боло дида мешавад, ки нишонаҳои методи формантӣ бо қонуниятҳои худ дар "Муъҷам-ул-булдон"-и Ёқути Ҳамавӣ намоён аст. Форманти "ābād"

[**]Шаҳристони Сарахс бо паҳноии беш аз 5000км^2 дар шимоли истони Хуросон дар канори марзи Эрон ва Туркманистон дар 180 км шарқи Машҳад қарор дорад.

[***]Имрӯза Марзанободи Эрон.

ба қатори формантҳои топонимсози дорои маънои луғавии аслан тоҷикӣ дохил шуда, аз замонҳои пешин**** дар ташаккули номвожаҳои ҷуғрофӣ***** саҳми назаррасе доштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ Ҷ. Технологияи ономастика. Дастури методӣ / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017. - 240 с.
2. Бондарчук Г.П. История формантного методов в топонимике / Г.П. Бондарчук // Развитие - методов топонимических исследований. - М., 1970. - С.13-25.
3. Ёқут ал-Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-булдон. Ҷ. I-V / Ёқут ал-Ҳамавӣ. - Бейрут - Лубнон, 2014. - 3141 с.
4. Караев С. Древние топонимы Средней Азии в согдийских документах с горы Муг. / С. Караев // Ономастика Средней Азии. - Фрунзе: Илим, 1980. - С.141-148.
5. Матробиён С.Қ. Мавқеи формантҳои иқтибосии номсоз дар забони вахонӣ / С.Қ. Матробиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. - Душанбе: Сино, 2016. - №4/1(195). - С.26-29.
6. Никонов В.А. Введение в топонимику / В.А. Никонов. - М., 1965. - 179 с.
7. Ҳомидов Д.Р. Топонимияи водии Кешруд (таҳқиқоти забоншиносӣ) / Д.Р. Ҳомидов. - Душанбе, 2002. - 104 с.
8. Расторгуева В.С. Сравнительно-историческая грамматика Западноиранских языков / В.С. Расторгуева // Филология. - М.: Наука, 1990. - 253 с.
9. Саймиддинов Д. Ривоятҳо дар маънии номи Бухоро / Д. Саймиддинов // Маърифати омӯзгор. - 2015. - №7-8. - С.17-19.
10. Сулаймонов С. Лингвистические основы топонимики в трудах арабского средневекового автора Йакута ал-Хамави (XII в.) / С. Сулаймонов // АКД. - М., 1979. - 20 с.
11. Сулаймонов С. Нишонаҳои методи формантӣ дар асарҳои ҷуғрофияшиноси араб Ёқут ал-Ҳамавӣ / С. Сулаймонов // Восточная филология. Вып. IV. - Душанбе, 1976. - С.7-63.
12. Суперанская А.В. Историческая ономастика / А.В. Суперанская. - М.: Наука, 1977. - 307 с.
13. Хромов А.Л. Согдийская топонимия верховьев Зеравшана / А.Л. Хромов // Топонимика Востока. - М., 1969. - С.57-99.
14. Хромов А.Л. Языковая ситуация Хутталя в древности и раннем средневековье / А.Л. Хромов // История и культура Куляба. - Кулоб, 1988. - С.10-12.
15. Эдельман Д.И. Основные вопросы лингвистической географии. На материале индоиранских языков / Д.И. Эдельман. - М., 1968. - 112 с.

ТОПОФОРМАНТИ «ĀBĀD» ДАР “МУЪҶАМ-УЛ-БУЛДОН”-И ЁҚУТИ ҲАМАВӢ

Мақола ба мавзӯи яке аз методҳои муҳим дар таҳқиқи лингвистии топонимика, яъне методи таҳлили сохторию калимасозӣ дар асоси асари машҳури “Муъҷам-ул-булдон”-и ҷуғрофияшиноси араб Ёқути Ҳамавӣ бахшида шудааст. Ин асари бузургҳаҷми ӯ дарбаргирандаи зиёда аз 12 ҳазор номи ҷуғрофӣ буда, ганҷинаест муназзам, ки на танҳо шомили маълумотҳои фаровони ҷуғрофӣ мебошад, балки ҳар муҳаққиқ метавонад хостаҳои вижаи худ дар мавриди шарҳи этимологӣ ва таърихии вожаҳо ва шарҳу тафсирҳои муфиди илмиро дар он пайдо намояд. Дар мақола такя ба сарчашмаҳои илмӣ нишонаи таҳлили сохторию калимасозӣ ё худ методи формантӣ, махсусан форманти “ābād”, дар асари мазкур нишон дода шудааст. Яке аз методҳои муҳим дар таҳқиқи лингвистии топонимика, ин таҳлили сохторию калимасозӣ аст, ки нақши калидиро дар он формантҳо мебозанд. Ҳамзамон, дар мақола дар баробари баёни маонии луғавии топоформанти “ābād” боз истифодаи густардаи он дар номсозӣ, чи дар замони гузашта ва чи ҳозира, баррасӣ гаштааст, монанди Муъминобод, Навобод, Нуробод, Файзобод. Дар мақола махсусан таъкид гардидааст, ки топоформанти “ābād” ба қатори формантҳои топонимсози дорои маънои луғавии аслан тоҷикӣ дохил шуда, дар ташаккули номвожаҳои ҷуғрофӣ аз ҷойгоҳи назаррас бархӯрдор аст.

Калидвожаҳо: топонимика, формант, “Муъҷам-ул-булдон”, Ёқути Ҳамавӣ, топоформанти “ābād”, методи формантӣ, забоншиносӣ.

ТОПОФОРМАНТ «ĀBĀD» В КНИГЕ “ МУ'ДЖАМ АЛ-БУЛДАН ” ЙАКУТА АЛ-ХАМАВИ

Статья посвящена одному из важных методов лингвистического изучения топонимики – формантному методу на основе известной книги арабского географа Йакута ал-Хамави «Му'джам ал-булдан». В этой книге Йакут ал-Хамави приводит более 12 тысяч географических названий, что делает ценной это произведение не только как кладезь по географии эпохи автора, но и делает ее значимой для лингвистов как ценный научный источник по этимологии и истории топонимов, а также других научных терминов. В статье, опираясь на научные источники, показано структурное словообразование, особенно при помощи формантного метода на примере форманта «ābād». Одним из важных методов лингвистического анализа топонимики является структурное словообразование, ключевая роль в котором отводится формантам. Автор, раскрывая смысловое значение топоформанта «ābād», показывает широкое ее применение как в прошлом, так и в настоящее время, например: Муъминобод, Навобод, Нуробод, Файзобод. В статье особо указывается, что топоформант «ābād» является чисто таджикским словом и играет важную роль в формировании географических названий.

Ключевые слова: топонимика, формант, Йакута ал-Хамави, «Му'джам ал-булдан», топоформант «ābād», формантный метод, лингвистика.

TOPOFORMANT «ĀBĀD» IN "MU'JAM AL-BULDAN" YAKUT AL-HAMAVI

The article is devoted to one of the important methods of linguistic study of toponymy - the formative method based on the well-known book of the Arabic geographer Yaqut al-Hamavi "Mu'jam al-Buldan". In this book, Yaqut al-Hamavi gives more than 12 thousand geographical names, which makes this work valuable not only as a depository in the

****Мақсад аз замонҳои пешин даврони хилофати исломӣ мебошад, зеро дар сарчашмаҳо бо ин формант номи ягон шаҳре дар даврони пешазисломӣ дарёфт карда нашуд. Бинобар ин баъзе донишмандон иддао намудаанд, ки асли ин формант аз шакли ҷамъи вожаи أبد (abad)-и арабӣ ба маънои «*иқомат кардан дар ҷойе*» гирифта шуда аст.

*****Махсусан дар охири номҳои шаҳрҳои Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон, Ироқ ва ғ.

geography of the author's epoch, but also makes it significant for linguists as a valuable scientific source on the etymology and history of place names, as well as other scientific terms. In his large geography, the “Mu'jam al-Buldan” the places mentioned in the literature or the stories of the Arabs are given in alphabetical order, with the correct vocalization of the names, an indication whether they are Arabic or foreign and their locality. The article is based on scientific sources and shows the structure of structural word formation, especially with the help of the formant method, with the example of the formant "ābād". One of the important methods of linguistic analysis of toponymy is the structure of word formation, the key role in which the formants play. The author, revealing the semantic meaning of the topforma "ābād", shows its wide application both in the past and today, for example, Muminobod, Navobod, Nurobod, Faizobod. The article specifically states that the topform "ābād" is a purely Tajik word and plays an important role in the formation of geographical names.

Key words: toponymy, formant, Yaquta al-Hamavi, "Mu'jam al-buldan",topform"ābād", formant method, linguistics.

Сведения об авторе: ***Хайбулоев Шамсидин Ахлидинович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры арабской филологии **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
E-mail: **shams—92@mail.ru.** Телефон: **(+992) 98-850-90-98**

Information about the author: ***Haibuloev Shamsidin Ahlidinovich*** – Tajik National University, Aspirant of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Av. 17.
E-mail: **shams—92@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-50-90-98**

УДК 491.550+ 42

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ СИФАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ ДАР АСОСИ МАВОДИ «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Бобоева М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон гӯё аз ҷиҳати моҳияти мантиқӣ барои ҳамаи халқҳо умумӣ аст, танҳо аз рӯйи шакл ва хусусиятҳои овозӣ фарқ мекунаду бас. ҳамин ақида баъдтар (асри XVII) асоси пайдоиши грамматикаи универсалӣ гардид. Баробари пайдоиши дини насронӣ бисёр халқҳо соҳиби хат гардиданд ва дар калисоҳо забонҳои ҷудогона омӯхта мешудагӣ шуд ва асарҳои динӣ аз лотинӣ ба он забонҳо тарҷума шуданд [5, с.11].

Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар панохи якдигаранд (Эмомалӣ Рахмон).

Дуруст аст, ки ҳастии ҳар як халку миллат ба забони ӯ марбут аст. ҳар як шаҳрванди Точикистон низ вазифадор аст, ки забони хешро гиромӣ дошта, дигаронро низ баҳри фарогирии он талқин намояд. Татбиқи ҳамаҷонибаи қонуни забон дар ҳаёт ба нангу номуси ҳар яки мо вобаста аст. Ҳифзи ин сарвати беназири миллат барои донистани дигар забонҳо ҳамаҷониба мусоидат мекунад.

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ махсусан забонҳои русӣ, англисӣ, арабӣ ва хитоӣ, дар ҳамбастагӣ бо забони модарӣ аз синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбад ва тамоми марҳилаи таҳсилотро дар бар мегирад. Зарурати омӯзиши забони хориҷӣ ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё прогресси илмӣ-техникӣ ва воситаи муошрати байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифта шавад.

Забон дар байни дигар ходисаҳои ҷамъиятӣ мавқеи махсусеро ишғол карда ба гурӯҳи ҳодисаҳои мураккабтарин ва серасрортарини ҷамъиятӣ дохил мешавад. Шояд бо ҳамин сабаб бошад, ки ҳанӯз дар давраи ташаккулёбии забоншиносӣ методи муқоисавии омӯхтани забонҳо чун яке методҳои асосии таҳлили илмӣ ба вуҷуд омада буд, ташаккул ёфт ва ҳоло ба муваффақиятҳои калони илмӣ ноил гардидааст. Ҳақиқатан ҳам, маҳз методи таҳлили муқоисавии забонҳо имконият медиҳад, ки на танҳо барҷастатарин хусусияти забонҳо балки хусусиятҳои баъзан назарногири онҳо низ пурратар ва амиктар муайян гарданд. Ин бошад, ҳам барои омӯхтани забонҳои хориҷӣ ва хам барои омӯхтани забонҳои модарӣ аҳамияти махсусе пайдо мекунад [6, с.3].

Аз ин ҷиҳат омӯхтани забонҳои хориҷӣ ки яке аз мухимтарин воситаҳои додугирифти кашфиётҳои илму маданияти ҷахонӣ мебошад, дар мадди аввал меистад. Маҳз дар ин бора дар яке аз сексияҳои махсуси маҷлиси машваратии Европа оид ба бехатарӣ ва ҳамкорӣ (Хельсинки августи соли 1975), ки ‘’Забонҳои хориҷӣ ва тамаддун’’ ном дорад, диққати махсус дода шуда, дар он гуфта шуда буд: «Омӯхтани забонҳои хориҷӣ ва тамаддуни пешқадам чун воситаи мухим барои вусъати ҳамкории маданӣ, байнихалқҳо, ба мақсади беҳтар шинос шудан ба тамаддуни мамолики тарафайн ва ҳамчунин чиҳати мустаҳкам намудани муносибатҳои байналхалқӣ, ташвиқу тарғиб карда шавад».

Баъзан ҳодисаҳоеро дучор мешавем, ки калимаҳои забонҳои гуногун аз ҷиҳати таркиби овозиашон якхелаанд, вале чунин ҳодиса ҳодисаи тасодуфан ба ҳамдигар монанд шудани калимаҳо буда ҳечгоҳ дараҷаи хешигарии забонҳоро нишон намедихад. Масалан, калимаҳои зерини тоҷикӣ: дом, бой, хор, пир, мир ва калимаҳои русӣ: дом, бой, хор, пир, мир, ки тамоман маъноҳои дигар доранд, аз ҷиҳати шакл ва таркиби овозиашон ба ҳам монанданд. Мисол дар забони тоҷикӣ ва англисӣ door дар забони русӣ двер, ё ин ки калимаи модар дар забони англисӣ Mother, mom дар русӣ мам, мама ҳатто ҳодисаҳоеро ҳам дучор мешавем, ки ин ё он калима дар забонҳои гуногун ҳам аз ҷиҳати овозу шакл ва ҳам аз чиҳати маъно яканд. Вале чунин монандшавии калимаҳо низ маънои онро надорад, ки ин забонҳо таърихан ба ҳамдигар муносибати хешигарӣ доранд. Масалан таркиби овозии «бад» чи дар забони тоҷикӣ ва чи дар забони англисӣ маънои якхела дорад. Ҳол он ки «бад»-и тоҷикӣ ва “bad”-и англисӣ бо ҳам ҳеҷ гуна муносибати таърихӣ надоранд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки забоншиносии типологӣ дар мамлакати мо низ ба баъзе муваффакиятҳо ноил гардидааст. Дар соҳаи муқоисаи забонҳои русӣ, тоҷикӣ, англисӣ корҳои тадқиқотии олимон сазовори таҳсинанд. П.И. Ортиқов, Б.Н Мошеев, Р.М. Убайдуллоев, Н. Ҳамроалиев, Х. Яҳёев, Г.Б. Баракаева, А.Р. Камолова, Парвона Ҷамшедов, М.Н. Қосимова, А. Мирбобоев, Норматов, Х. Саидов ва дигарон дар соҳаи муқоисаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Сифати аслӣ. Сифати аслӣ аломату хосияти бевоситаи ашё ва олами зиндаро ифода мекунад ва аз ҷиҳати маънои луғавиаш гуногун мешавад чунончи: ранг, бӯй, маза ва лаззат, аломат ва хосияти ҷисмонии одамон ва ҳайвонот, ҳаҷм масоҳа ва ғайраҳо. Дар забони англисӣ низ айнан мисли тоҷикӣ ифода меёбад. Чунончи:

ранг: сурх-red, сиёҳ-black,сабз-green… The fine red send… [12, p.51] реги сурхи шаффоф… [8, с.29].

• Таъм:талх, ширин, хӯрданибоб, заҳролуд… Taste: bitter, testy, edible, poisonous…

• Бӯй:хуш, нохуш, хушбӯй.

• Бӯйи хуш - fragrance delicate.

• ҳавои нохуш, вайрон, тундбод-gusting

• Зинати хуб-brighten

• Нарм, мулоим- quilt

Ба рӯйи курпачаи нарм нақора дуруст садо намебарорад [8, с.18].

The drum want sound right placed on a soft quilt [13, p.41].

• Боду ҳаво, ҳарорат: гарм, сард

Weather, temperature: warm, cold

Соф-clear, ором-calm, яхбаста- frozen

• Вазну ҳаҷму микдор: сабук, гарон, бузург, хурд, бисёр.

I. Мисолҳо; рангҳо - colours

• Майсаҳои ҷаву гандуми тирамоҳ кишташуда замини сиёҳро пӯшонида сабзу хуррам карда буданд [8, с.28].

The young stalks of wheat and barley sown in autumn covered the black earth with fresh green [13, p.51].

• Дар барам курталозимии сафеди суфта буд [8, с.15].

A smooth white tunic and matching pants. His teeth were white and even his lips were moist and red [13, p.38].

• Дандонҳояш сафед ва рост ва лабҳояш тар ва сурх буданд.

• He was a blond a Cight shabe of unobtrusive yellow and befinitely not pale [12, p.9].

II. Таъм-taste.

Ана инҳо хӯрданишуданӣ ва бомазаанд-гуфт ва гарданборикҳоро нишон дода, сухани худро давом кунонид. - Инҳо талх ва заҳр доранд, инҳоро хӯрдан мумкин нест [8, с.30].

"These ones are edible and very tasty. “Then he pointed out the ones with thin stalks: - These are bitter and poisonous you mustn t eat them [13, p.52].

• Ҳамаш занбӯруғҳои хуби хӯрданбоб… [8, с.31].

They are all good edible ones… [13, p.53].

Бӯй:

Боди сабуке мевазид ва ба димоғи касс як буйи хуши нозукеро меоварад [8, с.30].

Дар забони англисӣ ба чунин маъно омад.

III. Alight breeze blew bringing to the nostrils a delicate.fragrance [13, p.50].

• Дар ҳамин вақт шамол хеста ҳаво вайрон шудан гирифт, то ба лаби рӯд омадани мо вазиши бод шиддат карда, ҳаворо гарду ғубор фаро гирифт [8, с.30].

By the time we reached the canal it was gusting strongly and the air was thick with swirling dust [13, p.52].

• Зардолуҳои рӯйидаричаи мо гул карда бо шукуфаҳои худ дар боғча зинати хубе дода буданд [8, с. 27].

The apricot trees in our forecourt were in bloom brightening up the whole garden [13, p.52].

IV. Ҳарорат, боду хаво: - weather:

• Ман аз ҷой хеста баромадам, ҳаво соф ва ором буд, боди сабуке мевазид… [8, p.31].

I got up and went outside. The weather was calm and cleare… [13,p.53].

• Дар вақте, ки мо ба он ҷо расидем, дар ҷӯйи осиё ҳеҷ об набуд ва дар даруни рӯд ҷо-ҷо обҳои кӯлмаки яхбаста менамуд [8, с.25].

When we reached that point there was no running water in the stream, only frozen patches [13, p.53].

V. ҳаҷму миқдор:

Модарам замбӯруғҳоро дид: Эҳе! Ин бисёр ба ҳамаамон мерасад-гуфт [8, с.31].

Mother looked at the mushrooms and exclaimed, “Oh what a lot! There is enough for all of us" [13, p.53].

Як одами миёнасоли гандумгуни ришкалон, ки қади баланд дошт, ба дигарон корфармоӣ мекард ва роҳи корро нишон медод [8, с.26].

Atall, bark,middle-aged man with a long beard was giving orders to everybody and showing them what to do [13, p.48].

Ғайр аз ин, сифатҳои аслӣ чигунагии характер ва хислатро ифода мекунанд: доно, ақлнок, ҷасур, хасис, хуб, бад.

• Сиёҳдили бадботин – гуфт падарам худ ба худ ғур-ғуркунон [8, с.33].

“Miserable blackguard”, my father muttered to himself [13, p.54].

• Язнамулло! Ман шумо барин бағайрат шуданро мехоҳам [8, с.35].

Brother-in-law, Iwish I had you your energy and efficiency! [13, p.54].

3. Назар ба қавли Тӯтапошо, будааст-набудааст як бойи фиребгар будааст [8, с.40].

Tuta-posho told us that once upan a time thrre was a deceitful rich land lord [13, p.62].

4. Ӯ соҳиби хату савод буд ва ба мардум забони хуш ва муомилаи нек дошт [8, с.39].

He was literate had a sense of humor, and got on well with people [13, p.62].

Ниҳоят сифати аслӣ чигунагии претметро ба воситаи муайян кардани маза, бомаза ё талх ифода карда метавонад. Фоиданок, зарарнок, аҳамиятнок, беаҳамият буданро мефаҳмонад.

Ана инҳо хурдашуданӣ ва бомазанд,- гуфт ва гарданборикҳоро нишон дода, сухани худро давом кунонид: инҳо талх ва заҳрдоранд, инҳоро хӯрдан мумкин нест [8, с.30].

These ones are edible and very tasty. “Then he pointed out the ones with thin stalks: -These are bitter and poisonous you mustn t eat them [13, p.52].

Сифатҳои нисбӣ - аломат ва хосияти предметро дар асоси муносибатҳои гуногуни бо предметҳои дигар доштаи он ифода мекунанд. Чунончи, аз кадом предмет сохта шудани он:

Бели чӯбин - wooden paddle.

Лаъличаи биринҷӣ – bronze plate,

Қалами фӯлодин [8, с.28] - Spike [13, p.50].

Ду каси дигар бо ду бели чӯбин он қиёмро лат медоданд [8, с.25].

Two others were mixing this syrup with wooden paddles [13, p.48].

Факат як касс, ки ҷавони хурдсоле менамуд, бели оҳанини новашаклро гирифта ба пеши қуттии орд рост меистод [8, с.26].

One young worker remained standing by the flour bin with a big metal shovel [13, p.49].

Ба тарафи хонаи занон рафта аз он ҷо як лаъличаи биринҷӣ гирифт... [8, с.17].

He went off to the womens oruaters and returned with a small bronze plate... [13, p.40].

Нисбат ба вақт ва ҳангом:

Баҳорон буд, зардолуҳои рӯйидаричаи мо гул карда бо шукуфаҳои худ дар боғча зиннати хубе дода буданд [8, с.27].

It was spring. The apricot trees in our forecourt were in bloom brightening up the whole garden [13, p.50].

Бошандагони ин ду хона дар айёми тобистон дар он ҷо менишастанд [8, с.14].

...was along sufa where the foruly wpuld sit outside on Summer evenings [13, p.37].

Нисбат ба маҳал ва ҷинс:

Дар рӯзе, ки ман аввалин бор ин ҳавлиро ба ёди худ гирифтам, хонаи ҷанубӣ ва рӯйи суфа пур аз меҳмони мардина буда хонаи шимолӣ пур аз меҳмони занон буд [8, с.14].

The first memory I have of this yord was on a day when the south building and Sufa building was full ofwoman [13, p.38].

Сифатҳо дар нутқ одатан бо исмҳо омада, исмҳоро муайян мекунанд (бинои баланд, бино баланд аст, роҳ рост аст) [9, p.33].

Мисол: Дар тарафи ғарби рӯйи ҳавлӣ дар пушти оғил ва собот ва пайваста ба онҳо як суфаи дароз буд [8, с.14].

At the west and of the inner yard behind the barn and stable and adjoining them? Was a long sufa where the family would sit outside on summer evenings [13, p.37].

Фарқи байни сифатҳои аслӣ ва нисбӣ дар он аст, ки сифатҳои аслӣ дараҷа доранд (д. муқоисавӣ, олӣ): хуб-хубтар-хубтарин, бузург-бузургтар-бузургтарин, доно-донотар-донотарин, баланд-баландтар-балантарин, хушбахт-хушбахтар-хушбахтарин [9, с.33]. Good-better-the best.

Сифатҳои нисбӣ дараҷа надоранд. Онҳо танҳо дар ҳамон вақт дараҷа дошта метавонанд, ки ин сифатҳо ба сифати аслӣ баргашта бошанд ва ё дар нутқ ба маънои сифати аслӣ омада бошанд: Бинои сангин (сифати нисбӣ дараҷа надорад). Ӯ одами хеле сангин аст (сифати нисбӣ ба маънои сифати аслӣ омадааст, ки дар ин ҳол дараҷа дошта метавонад) [9, с.33].

Дараҷаҳои сифати аслӣ. Дараҷаи одии сифат аломат ва хосияти предметро бо чунин аломат ва хосияти предмети дигар муқоиса накарда ифода мекунад: Бинои баланд- High building; ҷойи хушҳаво; роҳи дур.

Сифатҳои аслӣ дар дараҷаи муқоисавӣ. Предмет ба аломат ва ё хосияте нисбат ба предмети дигар зиёдтар молик аст ва ё предмет ба аломат ва хосияти худ нисбат ба оне, ки дар вақт ва ё шароити дигар дошта метавонад, зиёдтар доро аст. Номи предмети дигар, ки аломат ва хосияти предмет ба он муқоиса мегардад, муайян карда мешавад. Дар ҷумла ба шакли пуркунандаи бавосита меояд: Карим аз Шариф калонтар аст (аз Шариф дида, нисбат ба Шариф) [9, с.33].

Мисол: Дар назари одами пир аз ҷавонон дида пул ширинтар аст [8, с. 21]. Money is more dear to on older person than a young one [13, с.45].

Сифати дараҷаи олӣ. Аломат ва хосияти предмет ва ё дар ҳамин аломат ва хосият нисбат ба гурӯҳи предметҳои дигар бартарӣ доштани предметро фаҳмонад, дараҷаи олии сифат номида мешавад. «Китоб манбаи дониш, аслиҳаи асоситарин ва пуркувваттарини маданияти сотсиалистӣ мебошад»- Крупская [9, с.33].

Дар забони тоҷикӣ тарзҳои дигари ифодаи дараҷаи каму беш будани сифати предмет низ ҳастанд, ки онҳо дараҷаи зиёдӣ ва ё ками сифати предметро бо предмети дигар муқоиса накарда, ифода мекунанд. Бинобар ин, чунин роҳи ифодаи андозаи сифат ба гурӯҳи дараҷаҳои муқоисавӣ ва ё олии сифат, ки дараҷаи сифатро ба воситаи муқоиса ба сифати предмети дигар ифода мекунанд. Шаклҳои ифодаи андозаи сифат гуногун мебошанд:

• Ифодаи камии сифат ба воситаи суффикси –ча:

«Рӯйи замини даҳлез аз резаҳои чизҳои зардча ва сафедча пур буд», «Донаҳои кабуд, сурхча ва сиёҳ буданд», «Дар тарафи дасти рости он қаторкӯҳҳои кабудчаранг, зардчахоли сурхчатоб сар ба фалак мекашид», «Абри сиёҳи сурхтоб дар рӯйи ҳаво сайр мекунад» [8, с.34].

• Ифодаи зиёдии сифат ба воситаи овардани калимаҳои: хеле, ниҳоят, ҷудо, беҳад, бағоят.

• Назди хирмани пахта духтари миёнақади сафедрӯйи беҳад зебо, ки дар миён пешдомани пур аз пахта дошт, меистод.

• "Соҳиби иззату эҳтироми бағоят калон давлату неъмати фаровон мешавад [9, с.34].

Ҳаво на сард буду на гарм ва бағоят форам буд [8, с.28].

The air was neither cold not hot, just perfect [13, p.51].

Бо таъсири борони дирӯза дар регзор чунон бисёр забӯруғ рӯйидааст... [8, с.29].

Well, with all rain we had yesterday, there senough mushrooms spryng up in the sand to gather by the sockfyl! [13, p.40].

Дар хона аз кӯрпачаҳо як сӯфаи бисёр хуб сохтем, - гуфт тағоям [8, с.18].

We ve mad you a very nice sufa out of quilts, he said… [13, p.40].

Ман гумон мекунам, ки баъд аз тӯй аҳволи зиндагонии хонадони мо хеле тан гшуда буд [8, с.19].

It seems that after the circumcision our familys financial situation became very tight [13, p42].

Дар тарафи дигари ин хона як суфаи васеи баланд буд ва бар рӯи вай як лаълии тахтагини бисёр васеъ, ки қутриш кундалангиаш тахминан ду метр меомад ниҳода шуда буд [8, с. 26].

" At the other end of the building was a broad, high sufa and on it was a large wooden strauy, a good two yards across" surrounded by a layer of sheepskins [13, p.49].

Ба вуҷуди ин дар ёдам мондани он вокеаҳо шояд барои аз ҳам зиёд аламовар будани он ҳодиса бисёр завқбахшо будани нағмасарой ва гуворо будани интикомгирӣ бошад, ки хамаи онҳо дар якчо авалинбор ба сари манн ҷамъ шуда будан [8, с.19].

The memory of this episode stayed with me,perhaps because the experience was so extremely painful the music so sensatians for the first time took hold me all at once [13, p.42].

У ро хобби сахт рабудааст [8, с. 22].

I thought that he was fast asleep [13, p.45].

• Ба воситаи такрор: а) такрори ҳиҷои якуми калима, ки дар такрор ин ҳиҷо бо ҳамсадои п ва ё б тамом мешавад: Одатан пеш аз ҳамсадои ҷарангдор б, заб-зард ва пеш аз ҳамсадои бе ҷаранг п-суп-сурх. сап-сафед меояд.

• "Вай чеҳрахандон, сап-сафед-чун бохти авлоди совет Абрӯвонаш бошад сип-сиёҳ, борик ва камтар хамидагӣ буданд [9, с.34].

Акаам ба ин савол ҷавоб ёфта натавониста суп- сурх шуд [8, с.23].

My brother had no answer for this, and turned beet red [13, p.47].

б) ба воситаи такрори калима: калон-калон, хурд-хурд.

" У қадамҳои калон-калон гузошт. Лавҳаҳои хурд-хурдро овехтаанд, "Каримбой аз ҷоҳои ғуч-ғуч ниҳолҳои алоҳидаро мегирифт. "Маҳмуд як гунҷишкро дар даруни куртаи ямоқ-ямоқаш андохта овардабуд.

Аз боғатон тараф сафед-сафед лентаҳои роҳҳо намоёнанд [9, с.34].

Мо давон-давон ба тарафи хона равон шудем, ки руз хеле бевақт шуда буд [8, с. 27].

We set of fhomeward atarun, for it was already very late [13, p50].

Як қисми занбӯруғҳо калон—калон ва кӯтоҳ гардан буданд ва қисми дигарашон дароз ва бориқгардан буда,сарҳошон монанди пулакча пахн ва тунук будан [8, с.30].

Дар забони англисӣ шакли такрор калон-калон ба маънои хеле калон омадааст:

On pile cobsisted of very big mushrooms with short stalks, while others had long thin stalks and heads like broad, thin fish scales [13, p.52].

Дар як деги калони кач шинондашуда касе орди бирёнро кам-кам ба қиём мерехт… [8, с.25].

One man was pouring flour that had been browned, a little at time into one of the large tilted pots… [13, p. 48].

Дар забони англисӣ калимаҳо такрор нашуда, балки як маротиба истифода шудаанд.

Сабза ва себаргаҳои лаби ҷӯй ва дигар алафҳои худрӯ ба назари кас ҳамин-ҳамин тофта чашми одамро мебурданд [8, с. 28].

The young grass, clover and other wild plantes on the river bank glistened wit a dazzling intensitu [13, p51].

Ман химчаҳоро ба лаълича зада садои дангар-дангар мебаровардам, ӯ ҳам гӯё ки сурнай менавохта бошад, хуштак мекашид [8, с. 17].

Калимаҳои дангар-дангар дар забони англисӣ дар ҳақиқат такрор омадааст:

I beat the plate with the sticks, tat-tat-tat, and he whistled as though plaing the surnay… [13, p.40].

Бо таъсири борони дирӯза дар регзор чунон бисёр занбӯруғ рӯидааст, ки ҷувол-ҷувол чиндан мумкинаст [8, с.29].

Well, with all the rain we had yesterday, there is enough mushrooms sprung up in the sand to gather by the sackful! [13, p.52].

Ростӣ, бо вуҷуди ин ки аз шиддати дард худро аз гиря боздошта наметавонистам, худамҳам дарун-дарун механдидам [8, с.199].

Although I was crying with pain, inside I was laughing too [13, p.41].

Ба сифатҳои аслӣ баргаштани сифатҳои нисбӣ. Баъзе сифатҳои нисбӣ ҳамчун сифати аслӣ омада метавонанд: сифатҳои нисбӣ баробари маънои муносибати предметии худ дар нутқ дорои маънои сифати аслӣ низ мешаванд ва дар ин ҳол сифати нисбӣ аз чи сохта шудани предметро нафаҳмонда, балки ба чи гуна аломат ва хосият доро будани онро ифода мекунад. Ин ҳолат ба вазифа ва шароити дар нутҳ кор фармуда шудани онҳо вобаста аст, яъне дар нутқ вобаста ба шароити кор фармуда шудани худ сифат гоҳо ҳамчун сифати нисби ва гоҳо ҳамчун сифати аслӣ зоҳир мегардад, чунончи, кӯпруки оҳанин (оҳанин-сифати нисбӣ). Ин одам ба иродаи оҳанин молик аст.Дар ин таркиб сифати нисби ба маънои сифати аслӣ омадааст ва мефаҳмонад ки предмет дорои иродаи мустаҳкамии оҳанин аст: саломи оташин, интизоми оханин, дастхои пулодин ва ғайраҳо [9, с.35].

Сифатҳои нисбӣ, ки ба маънои сифати аслӣ кор фармуда шудаанд, метавонанд ба хусусиятҳои грамматикии сифати аслӣ соҳиб шаванд: яъне а) дараҷаҳои муқоисавӣ ва олӣ дошта метавонанд (ҷангҳо боз ҳам хунинтар рӯй дода буд): б) бо калимаҳои зарф, ки андоза ва миқдори каму бешии сифатро нишон медиҳанд, омада метавонанд: одами хеле сангин [9, с.35].

Дар ҳар ду забон сифатҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: сифатҳои аслӣ ва нисбӣ. Гурӯҳи якуми сифатҳо се дараҷа: 1) одӣ (the Positive Degree), 2) муқоисавӣ (the Comperative Degree) ва 3) олӣ (the superlative Degree) дорад.

Мисол: Оре ҳолу аҳволаш андак сабуктар аст.

It is a little better forus [10, p.103].

Ақди никоҳӣ занушӯйӣ байни одамони миллатҳои гуногун хоҳ байни сафедпӯстон бошад ва хоҳ байни сурхпӯстону гулгунпӯстон, далели сараввали баландтарин шакли муносибатҳои ҳамдигарии миллатҳо аст, ки дарон одамизод ҳақиқатан озод аст [10, с.141].

The national Intermarriage whether it is between white and black or between pink and red, is a mirror of this highest form of world nationalism when man will really be free [10, p.38].

Дар ҳарду забон сифат суффиксҳо ва префиксҳои махсуси калимасоз дорад, ки дар сохтани дигар гурӯҳи калимаҳо (ҳиссаҳои нутқ) истифода бурда намешаванд. Дар забони тоҷикӣ аффиксҳои -гун, -ин, гин, -нок ва ғайраҳо аз қабили чунин воситаҳои грамматикӣ мебошанд. Дарзабони англисӣ ба гурӯҳи аффиксҳои номбурда: -er, -ess, -ly ва ғайраҳоро дохил кардан мумкин аст.

Аз ҷиҳати хусусияти синтаксисӣ сифат дар ҳар ду забон, пеш аз ҳама, муайянкунанда шуда меояд.

Мисол: Баъд аз соате нонҳои гарми сафеди сурхрӯй бӯйи диловези иштиҳокушои худро ба тамоми ҳавлӣ паҳн карданд.

Ин гуна муайянкунандаҳо пасоянди -ро қабул кунанд ҳам, моҳияти синтаксии худро аз даст намедиҳанд, чунки пасоянди -ро гирифтани онҳо танҳо ҷиҳати шаклии масъала буда, он на ба муайянкунанда, балки ба исми муайяншаванда мансуб аст: Мо писарбачаҳо дар миёни худамон мегуфтем, ки ин хел духтараки хушрӯйро дар умрамон надидаем.

Сифат дар ҷумла инчунин ба вазифаи хабар ва ҳиссаи номии он омада метавонад.

Дар айёми ҷавонии ман ин кор осонтар буд, ба овози паст гуфт [10, с.172]. In my day it was easier she said softly [10, p.131].

Сифатҳо ба вазифаи ҳоли тарзи амал низ меоянд. Мисол: Вай торафт тезтар парвоз намуда, бештар ба рӯшноӣ наздиктар мешуд, баъд якбора ҳиссиёти эҳтиёткориро гум карда бар сӯрохии шишаи лампа расид [9, с.129].

A moth flew into the room and danced a crazy circle round the lamp springing faster and faster in an even smeller ring till it finally inset all sense off caution and flattened ever of caution top of the long bull [10, p.89].

Чунонки зикр ёфт, ҳарду забони муқоисашаванда ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил мешаванд. Бинобар ин, дар ҳарду забон, ҳамчун ҳиссаи нутқ аз як тараф ба исм ва аз тарафи дигар ба зарф зоҳиран монанд шуда мемонад. Масалан, дар забони англисӣ калимаҳоеро, ки бо – ly сохта мешаванд, одатан ба зарф дохил мекунанд [6, с.39].

Дар забони тоҷикӣ калимаҳои мазкур (тез, нағз ва амсоли онҳо), пеш аз ҳама, ҳамчун сифат маънидод карда мешаванд, вале ҳамин ки дар ҷумла ба феъл вобаста гардида, ҳол шуда меоянд, ба гуруҳи зарфҳо дохил карда мешаванд. Яке аз хусусиятҳои анатомияи сифат дар ҳамин зоҳир мегардад. А.И. Смиринский хусусияти мазкури сифатро махсусан кайд карда, онро хусусияти объективи (fluent speak) ва адвербали (to speak fluently) – и сифат номидааст.

Дар масъалаи фарқияти исму сифат чи дар забони англисӣ ва чи дар забони тоҷикӣ фикри ягона мавҷуд нест. Масалан, Смиринский А.И. сифатҳое, ки артикли муайянии the-ро қабул кардаанд, ҳамоно сифат маънидод мекунад. Ба ҳар ҳол хусусияти лексикӣ – семантикӣ ва грамматикии онҳоро ба инобат гирем, фарқияти исму сифат бештар ба назар мерасад. Фарқият дар байни забонҳои муқоисашаванда дар масъалаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар забони англисӣ барои ба исм гузаштани сифат ба ғайр аз маънои калима воситаи махсуси грамматикӣ артикли муайянии the-ро касб мекунад: the poor, the rich.

Дар забони тоҷикӣ ҳодисаи ба исм гузаштани сифат танҳо дар заминаи маънои калима ба амал меояд. Чунонки мебинем, дар масъалаи мазкур дар байни забони тоҷикӣ ва англисӣ мувофиқат дида мешавад. Мисолҳои зеринро дида мебароем.

Perhaps not quite a side case but rather sight than grave.

Бемори он кадар сабук нест, лекин ба хар ҳол назар ба бемории вазнин сабуктар мебошад.

The true mistery of the world is visible.

Сирру асрори ҷаҳон диданашаванда аст [6, с.40].

Дараҷаҳои сифат. Сифат дар ҳарду забон се дараҷа дорад:

• Одӣ (the positiv Degree)

• Муқоисавӣ (the comparative Degree)

• Олӣ (Superlative Degree).

Категорияи мазкур дар ҳарду забони муқоисашаванда аз ҷиҳати тарзи ифодаёбӣ ва истифодаи воситаҳои грамматикӣ бо ҳам мувофиқат мекунад. Дар ҳар ду забон дараҷаҳои муқоисавӣ ва олӣ бо ду роҳ: бо роҳи морфологӣ ва бо роҳи синтаксисӣ ифода меёбанд. Дар ифодаи тарзи морфологӣ суффиксҳои махсуси дараҷасоз истифода бурда мешаванд. Суффиксҳои дараҷасози забони тоҷикӣ суффиксҳои –тар (дараҷаи муқоисави) ва –тарин (дараҷаи олӣ) мебошанд, ки дар забони англисӣ мутобиқан суффиксҳои –er ва –est истифода бурда мешаванд. Дар ифодаи тарзи синтаксисӣ дар забони англисӣ калимаҳои махсус: барои ифодаи дараҷаи олӣ калимаи most истифода бурда мешавад. Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи дараҷаи муқоисавӣ танҳо суффикси – тар истифода бурда мешавад, ки ба ин муносибат эквиваленти он дар забони англисӣ суффикси er ва калимаи more шуда метавонад.

Дар масъалаи мазкур яке аз хусусиятҳои фарккунандаи забонҳои мукоисашаванда он аст ки дар забони англисӣ ин ё он воситаи грамматикӣ вобаста ба ҳиҷои калима истифода бурда мешавад.

Дараҷаи олӣ ва қиёсии сифатҳои якҳиҷогӣ инчунин сифатҳое, ки дар охирашон – er, -y, -ly, -ow доранд, мутобиқан ба воситаи суффиксҳои er (дараҷаи қиёсӣ) ва est (дараҷаи олӣ) ифода меёбанд. Ҳол он ки дараҷаи қиёсӣ ва олии қисми зиёди сифатҳои духиҷогӣ ва ҳиҷои сифатҳои бисёрҳиҷогӣ ба воситаи калимаҳои more (дараҷаи қиёсӣ ва most(дараҷаи олӣ) сурат мегирад. Дар забони точикӣ чунин хусусият дида намешавад: ҳиҷои калима дар суратёбии дараҷаҳои сифат нақше намебозад. Дараҷаи олӣ: дараҷаи одӣ асос ва сарчашмаи баромади дараҷаҳои қиёсӣ ва олӣ мебошад [6, с.41].

Дараҷаи олии сифат дар ҳарду забон аломат ва чигунагии предметро бе мукоисаи он бо предмети дигар ифода мекунад:

His lips seemed perpetually to smile but there was no laughter in his bright eyes [10, p.40].

Лабонаш гӯё ҳамеша хандон аммо чашмони сиёҳи нурониаш ҷиддӣ менамуд [10, с.56].

Дараҷаи қиёсӣ. Сифат дар дараҷаи қиёсӣ дар ҳарду забон мефаҳмонад, ки аломати хоси як предмет нисбат ба предмети дигар аз аломати мавҷудаи худи ҳамон предмет ба андозае зиёд ё кам аст. Дарачаи қиёсӣ дар забони точикӣ ба воситаи ба дарачаи одӣ илова гаштани суффикси –тар сохта мешавад, ки эквиваленти англисии он суффикси er мебошад.

Калонтар-bigger; баландтар-higher; хубтар-better; хурдтар-smaller

Рости гап ин гулхани Стиллевелд аз ҳар кадом аз гулханҳои майда майда калонтар менамуд, ҳатто аз ҷамъи он гулханҳо бузургтар буд [10, с.70].

And the fire at Stilleved was very much bigger than any one of those down there [10, p.49].

They will say the whites are no better than thay are and that will bring them trouble [10, p.61].

АммоЛенин азМако қоматбаландтар аст [10, с.13]. Not lenin is taller than Mako [10, p.90]

Дар забони тоҷикӣ дараҷаи қиёсӣ инчунин ба пешояндҳои номиитаркибии «нисбат ба», «назар ба», ифода карда мешавад, дар ин сурат ҳам зикр намудани предмети қиёсшаванда дар ҷумла ҳатмист:

Заминҳои корами мо назар ба шумо бисёртар аст [10, с.146].

Сифати қиёсӣ бо ибораи «боз ҳам» мазмуни таъкидӣ пайдо карда, аз дараҷаи қиёсӣ зиёдтар будан ва бадарачаи олӣ нарасидани аломату хусусияти худи якпредметро мефаҳмонад ва ин аломат на дар мукоиса бо предметҳои дигар, балки нисбат ба аломати худи ҳамон предмет ба назар гирифта мешавад.

The best thing not see her [10, p.138]. The best thing to do was to get home and get some sleep [10, p.71]. Бо вай во нахӯрдан беҳтар аст [10, с.198]. The best thing not to see her [10, p.138]. Вайро фаромӯш кардан беҳтар аст [10, с.196]. Best to forgat all about her [10, p.198].

Дараҷаи олӣ. Дараҷаи олии сифат баландтарин дараҷаи аломати предметро нисбат ба дараҷаи қиёсии доштаи он ифода мекунад.

Дараҷаи олии сифат чи дар забони англисӣ ва чи дар забони тоҷикӣ бо 3 роҳ ифода мегардад.

• Дараҷаи олии сифат дар забони тоҷикӣ бо ёрии суффикси « -тарин» дар забони англисӣ бо ёрии калимаҳои ёридиҳандаи more ва (the) most ифода меёбад: More quite than quite itself [10, p.78].

Дар масъалаи мазкур баъзе фарқиятҳои дигари забонҳои муқоисашаванда чунинанд: дар забони англисӣ дараҷаҳои сифат бо роҳи суплетивизм – бо роҳи лексикӣ ифода меёбанд, ки дар забони тоҷикӣ чунин ҳодиса мушоҳида намешавад: good-хуб, better-хубтар, the best-хубтарин, беҳтарин; bad-бад, worse-бадтар, worst-бадтарин; little-хурд, less-хурдтар, least-хурдтарин; much, many-бисёр, беш, more-бисёртар, бештар, most-бисёртарин, бештарин ва ғайра.

• Дар забони англисӣ дар ҳангоми муқоиса пайвандаки than истифода бурда мешавад, ки ба забони тоҷикӣ бо пешояндҳои таркибии нисбат ба, ба, аз… дида, тарҷума карда мешавад. Дар чунин ҳолат ба мақсади такрор наёфтани исм калима - ҷонишини one (ones-шакли ҷамъ) истифода бурда мешавад: A small lamp has a higher resistance than a large one. Аз лампаи хурд дида лампаи калон муқовимати бештар дорад.

• Дар забони англисӣ шаклҳои калимаи elder ва eldest дар давраи муайяни таърихӣ чун шаклҳои дараҷаи муқоисавӣ ва олии сифати old-older- баромад мекарданд, ки ҳоло бо калимаҳои аз ҷиҳати маъно мустақил табдил ёфтанд: older- oldest - маънои «куҳна» ва elder-eldest-маънои калонро дорад. Чунин ҳодиса дар забони тоҷикӣ дида намешавад [6, с.44].

А Д А Б И Ё Т

1. В.В. Виноградов. Русский язык / В.В. Виноградов. - М.-Л.: Учпедгиз, 1947. – 48 с.

2. В.С. Расторгуева. Очерки по таджикской диалектологии. Выпуск 1 / В.С. Расторгуева. - Москва, 1952. – 42 с.
3. В.Л. Каушанская, Р. Л. Ковнер, О. Н. Кожевникова, З. М. Райнес, С. Е. Свирская, Ф. Я. Цырлина. Сборник упражнений по грамматике английсского языка / В.Л. Каушанская [и др.]. – Ленинград: Издательство "Просвешение" Ленинградское отделение, 1968. – 214 с.
4. М.Н. Косимова. Таърихи забони адабии тоҷик. Қисми 1 / М.Н. Косимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.
5. М. Норматов. Забоншиносии умумӣ / М. Норматов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.
6. П. Ҷамшедов. Типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / П. Ҷамшедов. – Душанбе, 1978. – 126 с.
7. П. Ҷамшедов. Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ / П. Ҷамшедов, Толиби Розӣ. - Душанбе: Чопхонаи Пайванд, 2005. – 1202 с.
8. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо. Қисми 1,2. / Садриддин Айнӣ. - Душанбе: Адиб, 1990. – 350 с.
9. Ш. Ниёзӣ. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. Ҷузъи 7 / Ш. Ниёзӣ. – Сталинобод: Нашриёти академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1954. – 48 с.
10. Abrahams P. The Path of Tunder.-M. Higher school Publ. House, 1971.-336p.
11. Abrahams, P. Exercises in Home-reading. First year of Studies / P.Abrahams. - Tar-tu, 1972. – 86 p.
12. John Lee Weldon Memory Touches memory. – London, 1989. – 171 p.
13. The Sands of Oxus: Boyhood Reminiscences of Sadriddin Aini / Translated from the Tajik Persian with an introduction and notes by John R.Perry and Rechel L.; translation of Yoddoshtho pt.1.- Mazda publishers, 1998. - 275 p.
14. London Memories S K Bhuyan publication Board, Assam Gauhati First Published August, 1979. - Printed by Sreeguru Press Maligaon Cauhati - 781011. - 155 p.
15. In Memory of Angel Clare. Cristopher Bram, first published in the U S A in 1989 by Donald I fine, Inc. This edition published in England in 1991 by G M P publishers ltd PO Box 247. - London N17 NQR. - 288 p.

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ СИФАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ ДАР АСОСИ МАВОДИ «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Забони англисӣ яке аз забонҳои ғарбии гурӯҳи забонҳои германӣ мебошад, ки имрӯз дар Британияи Кабир, Ирландия, Амрикои Шимолӣ, Австралия, Зеландияи нав, хамчунин дар як қатор кишварҳои Осиё ва Африқо мустаъмал буда, бештар аз 500 миллион сокинони сайёраи мо ҳоло ба ин забон такаллум менамоянд. Ҳоло ин забон дар як қатор давлатҳои ҷаҳон ҳамчун забони давлатӣ ба кор рафта, яке аз забонҳои кории СММ ба ҳисоб меравад. Сарчашмаи пайдоиши забони англисӣ лаҳҷаҳои англисҳо, саксонҳо ва ютҳо ном қабилаҳои германии қадим мебошад, ки дар асрҳои V-VI дар Британия маскун гардиданд. Аз асри XVIII сар карда, нуфузи Британия ва сипас ИМА, дар рушди сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ афзоиш ёфт, ки боиси густариши забони англисӣ дар саросари олам гардид ва ин забон имрӯз чун забони муоширати байналхалқӣ роиҷ аст. Дар ин равандҳо забони англисӣ воситаи асосии робита ва муошират дар байни мардумони гуногунмиллати рӯйи Замин гардид. Чунин вазъият тақозо дорад, ки сокинони Тоҷикистон барои ҳамқадам бо равандҳои инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ будан, бо забони англисӣ ошно бошанд. Дар солҳои охир омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар кишварамон ба дараҷаи баланд бардошта шудааст. Бо усули муқоисавӣ ва мутаносибӣ омӯхтани забонҳо на танҳо барои аз худ кардани ҳодисаҳои грамматикии забонҳои хориҷӣ, балки барои боз ҳам беҳтар ва чуқуртар аз худ намудани забонҳои модарӣ кумак мерасонад. Ба ин тариқ, ҳамчун методи муқоисашаванда материалеро интихоб кардан лозим аст, ки таърихан ба давраи «мадҳали забон» мансуб буда, бо мурури замон ба тағйироте дучор гардида бошад. Ин гуна тағйиротҳо одатан аз рӯйи қонунҳои муайяни фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ ба вуҷуд меоянд ва аз ин рӯ, дар асоси материали забонҳои ҳамоила бо роҳҳо ва тарзҳои гуногун онҳоро барқарор кардан комилан мумкин аст.

Калидвожаҳо: маълумот, гурӯҳбандӣ, сохтор, забон, грамматика, морфология, хусусият.

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ НА ОСНОВЕ МАТЕРИАЛОВ «ВОСПОМИНАНИЙ» САДРИДДИНА АЙНИ

Английский язык относится к западным языкам из германской группы, который очень широко распространен в Великобритании, Ирландии. Северной Америке, Австралии, Новой Зеландии, а также в ряде государств Азии и Африки, и более 500 миллионов человек на планете говорят на этом языке. На сегодняшний день в ряде государств мира английский язык используется как государственный язык и является одним из рабочих языков Организации Объединённых наций. Источником появления английского языка являются диалекты германских племён, таких как английский, саксонский и юитский диалекты, которые проживали в Британии в V-VI веках. Начиная с XVIII века, возросло влияние Британии и США на политическое и экономическое развитие мирового сообщества, это тоже стало причиной развития английского языка в мире, и этот язык сегодня является языком международного общения. В этих процессах английский язык стал основным средством связи и общения среди разных национальностей. Такое положение делает необходимым изучение английского языка и для таджикистанского общества для того, чтобы быть участвовать в процессах развития мирового сообщества. В последние годы изучение иностранных языков в нашей республике поднято на высокий уровень. Сравнительные методы изучения языков помогают не только в изучении грамматических особенностей иностранных языков, также они служат и для углубленного изучения родного языка. Таким образом, как сравнительный метод нужно выбрать такой материал, который исторически относится к периоду «введения в языкознание»и с течением времени подвергнут изменениям. Такие изменения обычно формируются по определённым фонетическим, грамматическим и лексическим законам и на основе языкового материала одной семьи можно их восстановить различными путями и способами.

Ключевыеслова: информация, классификация, структура, язык, грамматика, морфология, особенности.

THE STRUCTURAL ANALYSIS OF ADJECTIVES IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES ON THE BASIS OF MATERIALS OF "MEMOIRS" SADRIDDIN THE AINU

English is one of the western languages of group of the German languages which is very widely applied in Great Britain, Ireland. To North America, Australia, and New Zealand and also in a number of the states of Asia and Africa and more than 500 million people on the planet speak this language. Today in a number of the states of the world English is

used as a state language and is one of working languages of the United Nations. Source of emergence of English are dialects of the German tribes, such as English, Saxon and guts dialects which lived in Britain in the 5-6th centuries. Beginning with the 18th century, influence of Britain has increased and the USA on political and economic development world communities it became the reason of development of English in the world too and this language is language of the international communication today. In these processes English became the main means of communication and communication among different nationalities. Such situation does necessary studying of English and for the Tajik society to be in a stream of developments of the world community. In recent years the learning of foreign languages in our republic is lifted to high level. Harmonious and comparative methods of studying of languages help not only with studying of grammatical features of foreign languages, they serve also for profound studying of the native language. Thus, as the comparative method needs to be chosen such material which historically belongs to the period of «introduction to linguistics» and eventually will subject to changes? Such changes are usually formed under certain phonetic, grammatical and lexical laws and on the basis of language material of one family it is possible to restore them in various ways and in the ways.

Key words: information, classifca, stryturetion, language, grammar, morphollology, peculiarities.

Сведения об авторе: ***Бобоева Мадина*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, республика Таджикистан, г. Душанбе, пр Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-94-94-36**

Information about the author: ***Boboeva Madina*** - Tajik national university, Ph.D of the English deportment. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 907-94-94-36**

УДК: 491.71+491.550

ОСОБЕННОСТИ СУБСТРАТНОЙ ГИДРОНИМИИ ЮЖНОГО ТАДЖИКИСТАНА

Шералиева С.М.
Кулябский государственный университет им. А.Рудаки

Как известно, исследование топонимического субстратного материала отдельных регионов имеет некоторые трудности. Вопросы лингвистического исследования субстратной топонимии и использования различных способов исследования значения топонимов рассмотрены в научных исследованиях П. Дульзона [1959], А.К. Матвеева [1965], А.С. Серебрянникова [1969], Г.В. Глинских [1983], Н.К. Фролова [1963], М.Э. Рута [1983] и других.

А.К. Матвеев подчеркивает, что «результат исследования во многих отношениях зависит от реальных особенностей самого топонимического материала, то есть от всех тех особенностей, которые связаны с последователем и методами исследования. Таким образом, во-первых, насколько ясны формы географических названий, настолько они могут быть классифицированы и комментированы» [3, с.7].

Большинство исследователей придерживаются мнения, что первое рассмотрение субстратной топонимии должно начинаться с определения общих элементов – топонимических формантов. Топоформант же может быть определен на основе многочисленного материала посредством обширных полевых записей.

Следует напомнить, что в гидронимическом материале Хатлонской области часть лексических детерминативов определяются в сравнении с географическими терминами других регионов и материалов иранских языков, даже неиранских: деҳа [deha]- қишлоқ [qišlāq] /село, деревня/, чашма [čašma]-хо[xā] - конӣ [kāni]-булоқ[bulāq], об[āb] /вода/, дарё [daryā]-су[su] /река/, сурх[surx]-қизил [qizil] /красный/, сафед [safed]-оқ[āq] /белый/, хокистариранг [xākistarirang]-хинг [xing] /серый/, сиёҳ [siyāh]-қара [qara] /черный/, лӣ [li]-фаровон [farāvān] /обильно/ (li-ğaram, в некоторых памирских языках (в том числе и ишкашимском), шаҳрак [šahrak]-посёлок, ноҳия [nāhiya]-район, маҳалла [mahalla] - микрорайон, шӯрои деҳот [šōrāyi dehāt] - сельсовет и т. д.

Одним из важных положений, которое «во многих отношениях определяет результат исследования, является количество зафиксированных аргументов одного порядка» [3, с.8]. Гидронимический материал области показывает, что на этой территории есть определенная совокупность гидронимов, которые формированы при помощи топоформантов –ing, -hā, -kāni, -kān, -kent, -āni, -ān, -li (I), -li (2) и т. д. Если эти форманты в гидронимическом метериале других регионов республики встречаются часто, часть из них (-hā, -kāni, -ing, -li) в некоторых регионах они встречаются редко или же вообще не участвуют в формировании топонимов, особенно гидронимов.

Установление основ гидронимов и гидронимообразующих формантов субстрата (подслои) региона также имеет трудности. Особенно по той причине, что их этимологию невозможно определить на основе существующего материала таджикского языка и местных диалектов. Одним из способов определения таких гидронимов и микрогидронимов является фиксирование и определение различных гидронимических лексем с одинаковыми формантами. Например,

Ховал-инг [Xāvaling], Ваш-инг [Vašing], Амр-инг [Amring], Пъш-инг [P‘šing], Фърз-инг [F‘rzing], Тъхач-инг [T‘xačing], Зардча-хо [Zardčaxā], Кас-хо [Kasxā], Шълка-хо [Š‘lkaxā], Върі-хо [V‘rixā], Урси-хо [Ursixā], Мурса-хо [Mursaxā], Наврухо [Navruxā], Ти-хо [Tixā], Чанги-хо [Čangixā], Съмбъл-хо [S‘mb‘lxā], Кула-хо [Kulaxā], Дъздра-хо [D‘zdraxā], Чордара-хо [Čārdaraxā], Ҷари-хо [Ĵarixā], Ангора-хо [Angāraxā], Ди-хо [Dixā], Тъхач-хо [T‘xačxā], Барса-хо [Barsaxā], Гълҳоҷи-хо [G‘lhājixā], Даштакъл-хо [Daštak‘lxā], Мълка-хо [M‘lkaxā], Санграма-хо [Sangramaxā], Тут-хо [Tutxā], Чъшма-хо [Č‘šmaxā], Шур-хо [Šurxā], Бед-хо [Bedxā], Майда-хо [Maydaxā], Ҳило-хо [Hilāxā], Аҳмад-конӣ [Ahmadkāni], Зранг-конӣ [Z‘rangkāni], Кълох-конӣ [K‘lāxkāni], Лал-конӣ [Lalkāni], Мъло-конӣ [M‘lākāni], Маҳмад-конӣ [Mahmadkāni], Тут-конӣ [Tutkāni], Хара-конӣ [Xarakāni], Ҷавли-конӣ [Ĵavlikāni], Бадр-инг [Badring], Лангурихо [Langurixā], Тира-конӣ [Tirakāni], Тур-конӣ [Turkāni], Туш-конӣ [Tuškāni], Уғун-инг [Uğuning], Харанг-конӣ [Xarangkāni], Хайра-конӣ [Xayrakāni], Ҷо-конӣ [Ĵākāni], Шинга-хо [Šingaxā], Ғър-инг [G‘ring], Сайл-он [Saylān], Шағм-он [Šağmān], Лағм-он [Lağmān], Болд-он [Bāldān], Иғр-он [Iğrān], Лаг-онӣ [Lagāni], Си-онӣ [Siāni], Съмча-кон [S‘mčakān], Бича-кон [Bičakān], Лалми-кон [Lalmikān], Ҷармиш-кон [Jarmiškān], Ти-кон [Tikān].

Приведем группу гидронимов, которые на основе их форманта, лексемы или же основы можно включить в субстратную гидронимию:

Формант –а: Бурма [Burma], Кушка [Kuška], Вира [Vira], Хайдака [Khaydaka], Шурка [Šurka]…

Формант –ак[ak]: Буғдоҳак [Buğdāhak], Пастезак [Pastezak], Йоғъзак [Yāğ‘zak], Сизорак [Sizārak], Барманак [Barmanak], Вахинак [Baxinak]…

формант – инг[ing]: Амринг [Amring], Пъшинг [P‘šing], Вашинг [Vašing], Фързинг [F‘rzing], Тъхачинг [T‘xačing], Самринг [Samring], Ховалинг [Xāvaling], Уғунинг [Uğuning], Йуғлинг [Uyğling]…

формант - о[ā]: Даштаро [Daštarā], Зъварох [Z‘varāx], Йахшо [Uaxšā], Делоло [Delālā]…

формант – хо[хā]: Шълкахо [Š‘lkaxā], Варихо [Varixā], Мърсахо [M‘rsaxā], Тихо [Tixā], Ҷангихо [Jangixā], Съмбълхо [S‘mb‘lxā]…

формант – конӣ[kāni]: Кълохконӣ [K‘lāxkāni], Лалконӣ [Lalkāni], Харконӣ [Xarkāni], Ҷоконӣ [Jākāni], Ҷавликонӣ [Javlikāni]…

формант – онӣ[āni]: Бойлонӣ [Bāylāni], Сионӣ [Siāni], Лагонӣ [Lagāni], Чавгонӣ [Čavgāni]…

формант –ӣ[i]: Ҷиргайӣ [Jirgayi], Бодрӣ [Bādri], Булғурӣ [Bulğuri], Дунгайӣ [Dungayi], Дивонӣ [Divāni]…

формант –он[ān]: Бузайон [Buzayān], Балҷъвон [Balj‘vān], Болдон [Bāldān], Вийон [Biyān], Иғрон [Iğrān], Соғрон [Sāğrān], Лъшийон [L‘šiyān]…

формант –кон[kān]: Анҷиркон [Anjirkān], Съмчакон [S‘mčakān], Тикон [Tikān], Бичакон [Bičakān]…

формант –обӣ (овӣ)[ābi(āvi)]: Лархобӣ [Larxābi], Балховӣ [Balxāvi].

Формант –от[āt]: Ғелот [Ğelāt], Калот [Kalāt].

Следует упоминать, что не все гидронимы - субстраты, а в их составе существуют субстратные элементы. Эти элементы могут быть гидроформантами, гидролексемами или гидроосновой. Рассмотрим некоторые из них. На территории области существуют гидронимы Балхийон [Balxiyān] и Балховӣ [Balxāvi], которые, безусловно, связаны с тем самым названием древней территории – Бохтар [Bāxtar] /Бактрия/, которое имело формы Бохтар [Bāxtar]-Бактриана [Baktriana]-Баѓдис [Bağdis]-Баҳқис [Bahqis]-Бактр [Baktr]-Бохтар [Bāxtar]-Балх [Balx].

Гидроним Сарихосор [Sarixāsār] имеет следующее происхождение: часть «хо[хā]» является древнеиранским словом и имеет значение «об [āb]» /вода/, «чашма [čašma]» /родник/ и кӯл [kul]» (њавз-havz) /озеро/. Несколько слов в отношении элемента «сор[sār]»: он наблюдается в словах «чашмасор [čašmasār]» /место богатое родниками/, «кӯњсор [kōhsār]» /гористая местность/, «сангзор [sangzār]» /каменистое место/ и некоторых других, существовал в древнеиранском в формах sarah ва sara (Абаев, 1969, с.125-127). Но со значением «ҷой [jāy]» /место/, «самт [samt]» /направление/, «сӯй [sōy]» /сторона/, которое сохраняется в комониме и

гидрониме Сарихосор, возможно, имеется связь. В иранских языках существует и в форме послелога, что означает «самт [samt]» /направление/ и «сӯй [suy]», «тараф[taraf]» /сторона/: согдийский - sar (sor), ягнобский - sa, хорезмский -sor, пашту - sara, вахонский - sar, сариколский - sar. Иногда это слово относят к авестийскому слову «сор» (sor), которое имело следующие значения: «якљоя [yakjāya]» /совместно, вместе/, «иттиҳод [ittihād]» /союз/, «тӯда [tuda]» /толпа, масса/ и «гурӯҳ [gurōh]» /группа/. Таким образом, одно из толкований значения данного комонима и гидронима - «место или местность, где существуют много родников: чашмасор».

Группу гидронимов,которая и имеет формант субстрата, можно объяснить на основе материала различных диалектов и говоров Хатлонской области. Например, Мълкахо [Mʿlkaxā]-«Мулкак [Mulkak]» (мълка-mʿlka) – разновидность сельскоозяйственной культуры (мушунг [mušung] /сорт гороха/) и «хā» в значении «чашма [čašma]» (родник,вокруг которого обильно растет мушунг). Қълохконӣ [Qʿlāxkāni]- «конӣ [kāni]» - чашма [čašma] /родник/ и «кълох-кʿlāx» (кулох-kulāx) разновидность груши (нашпотӣ), которая в большом количестве растет в этой местности. отсюда Кълохконӣ [Kʿlāxkāni] - чашмайи нашпотизор /родник, вокруг которого растет много деревьев груши/, Тулохзорак [Tulāxzārak]-«тулох[tulāx]», «тилох-tilāx», «тълох-tʿlāx» - название кустарника. Алғунзордара [Alğunzārdara] – искаженная форма «алғанҷир [alğangir]», «алғанҷор [alğangār]» - вид сливы, растущей в этой местности. Лалконӣ [Lalkāni]-«лал-lal», «лаъл-laʿl» - в северной части Хатлонской области используется для выражения помёта животных в качестве горючего материала. Ахтерак-[Axterak] (Охтерак-Axterak) –«āx (āq) – тюркско-узбекское слово в значении «сафед [safed]» /белый/ и «тирак» (терак), «сафедор [safedār]» (серебристый тополь с большими листьями), Кайкӣ [Kayki], Кайкидашт [Kaykidašt]-«кайкӣ [kayki]», «какӣ [kaki]» разновидность проса, которое выращивается в этих местах. «Какӣ [Kaki]» на территории области также используется в значении «арзандон [arzandān]» /зерно проса/. Чъшмайи Къруш [Čʿšmayi Kʿruš]-«куруш [kuruš]» (къруш-kʿruš) – название горного растения. В народной этимологии этот топоним и гидроним считают связанным с именем короля Куруша, однако, «kuruš» на самом деле разновидность растения, которое также произносится и в форме «kurušak». Бъшолак [Bʿšālak] (Бушолак-Bušālak)-«бъшол-bʿšāl», «бушол-bušāl» является разновидностью горного растения. Камолӣ [Kamāli] – название деревни. Этот комоним люди связывают с именем человека, что неверно. «Kamāl», «kamālak» /ферула, дягель/ название растения с высоким и толстым стволом. Лавак [Lavak] – деревня, село, которое появилось от названия большой хурмы, называемой народом «lavak» (labak). Чъшмайи Мастак[Čʿšmayi Mastak]- [mastak] на территории горной местности название куропатки-самца. Название чашма /родник/ также взято от названия такой разновидности куропаток, которых тут множество. Куйи Съмч[Kuyi Sʿmč] (Сумч-sumč)-«съмч-sʿmč» (sumč) в отдельных диалектах области известно в значении «ğār» /пещера/ и «kāni tillā» /рудник, месторождение золота/. Как известно, на территории северных мест области также расположен золотой рудник (Шъгнов, Шугнов). Отсюда можно заключить, что «sʿmč» использован для выражения значения слово «tillā» /золото/. Также известен и другой топоним-гидроним- Кули Суфийон [Kuli Sufiyān] (Кулисуфийон-Kulisufiyān). Однако следует упоминать, что это название есть искаженная форма «кълисофийон [kʿlisāfiyān]», который пользуется в значении «болґа [bālğa]» /молоток/ и другие инструменты труда и плотничества. Возможно, что название связано с инструментом - молоток. Чъшмайи Хингбед [Čʿšmayi Xingbed] – известно, что «хинг-xing» используется в значениях «лой [lāy]» /грязь/, «ифлос [iflās]» /грязный/ и также в Хатлонской области в значении «пӯсти гӯсфанд [pōsti gōsfand]» /овчина/, которая наполнена воздухом. На территории области также употребляется в значении «ранги хокистарї [rangi xākistari]» /серый цвет, «хокистариранг [xākistarirang]» /серый/. Этот топоним-гидроним образован так, потому что в окрестностях растет много серых ив: Хиргодара [Xirgādara], Хиргодарайи Абдолондара [Xirgādarayi Ablāndara] - «хирго-xirgā» (хиргоњ-xirgāh) /шатёр, палатка/ в этом случае в значении «хонањои намадин[xānahāyi namadain]» /войлочные дома/ // Может быть, когда-то в этом ущелье по неизвестным нам причинам были построены войлочные дома. Вторая часть топонима может быть связана с древним этномимом «њайтол-haytāl» (abdāl, xaptāl, eftalithā, haftālān) /эфтал, эфталиты/, которые, возможно, в далеком прошлом проживали в этих местах. Также зафиксирован другой комоним-гидроним Хољаабдолон [Xāĵaabdālān], вторая часть которого может быть связана с «њафтолон-haftālān». Однако из опросов населения и других источников (документы, этнографические и исторические источники) для выяснения вопроса проживания какого - нибудь из этих этносов на территории данной местностей не смогли выяснить что-либо определенное. Њилохо [Hilāxā]- вторая часть гидронима известна в значении «чашма-čašma» /родник/, часть первая слова «њилол-hilāl» приведена в значении «кабки модина-kabki mādina» /куропатка –самка/. В настоящее время последний согласный (л) при наименование местности отпал, что является

распространенным фонетическим явлением. Отсюда Hilāhā- это родник, вокруг которого много куропаток.

Другой особенностью ойконимов-гидронимов области является то, что роль топоформанта –li в формировании географических названий значительна. Преимущественно этот топоформант как тюркско-узбекский множительный суффикс (-лӣ, -лы) наблюдается для выражения значений «фаровонӣ [farāvāni]» /обилие/ и «бисёрӣ [bisyāri]» /множество/. Однако следует отметить, что этот топоформант не во всех случаях имеет такое значение, а в разных диалектах области данное слово существует в форме «лӣ-li» имеет значение «ǧaram», «шола [šāla]» ва «хаф-xaf»- /копна, стог, скирда/, также имеет несколько синонимов в формах «ǧanaq», «ǧan», «ǧang», «xav», «xaf», «amuna». Последняя форма слова по происхождению таджикская и в шугнанском языке зафиксирована в этом значении.Ойконимы-гидронимы, которые формированы этим формантом, с учетом форманта или по происхождению является таджикским словом –лӣ (Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, /Южный диалект таджикского языка/, 1979) можно разделить на две отдельные группы: 1. Тюрко-узбекский топоформант –лӣ в значении «фаровонӣ» /обилие/ ва «бисёрӣ» /множество/ (Преимущественно наблюдается в составе тюрко-узбекских слов и образует топоним) – Ҷантоқлӣ [Ĵantāqli]: местность, где много воробьев, Кавраклӣ [Kavrakli]: место, где изобилуют «kavar», «ḳavrak» /каперсы/. Саримсоқлӣ [Sarimsāqli] - место где изобилует чеснок, Ҷайралӣ [Ǧayrali]: место,где в изобилии дикообразы.

2. Таджикский топоформант –лӣ [li]. Выразитель значений «ѓарам [ǧaram]», «шола [šāla]», «хаф [xaf]» /скирда, стог, копна/ (а/ складывать в копны; б) складывать в стога; сметать в стога; г) складывать в кучу растения зерновых, траву для скота, дрова и т.д.): Ҷавлӣ [Ĵavli] - хаф, шола, тӯпҳои /сложенные в кучу стебли ячмена для дальнейшего пользования/.

Ҷавликонӣ [Ĵavlikāni]- состоит из трех частей (ҷав-jav, li, kāni), выражает родник, находящийся вблизи стога ячменя. Ҷахлӣ [Ĵaxli]- часть первая неизвестная, но, может быть, здесь имеется в виду сложенные в кучу растения или кусты, полезные для людей или животных...

Таким образом, данная группа ойконимов-гидронимов, значение которых непонятно не только для населения других регионов, то есть местностей вне территории Хатлонской области, но и для местного населения. Рассмотренные нами особенности также считаются особыми, специфическими топонимам и гидронимами субстрата и диалектов области.

Отдельные особенности субстратных элементов, которые в формировании географических названий области участвовали в разной степени, с учетом семантических особенностей, истории и источников появления, рассматриваются в разделе, относящемся к топоформантам.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Алими Дж. Топонимия Кулябского региона: (историко-лингвистическое исследование) / Дж.Алими. - Душанбе: Андалеб, 2015. - 450 с.
2. Глинских Г.В. О принципах и методах исследования субстратной топонимии / Г.В. Глинских // Методы топонимических исследований. - Свердловск, 1983. - С.322.
3. Матвеев А.К. Некоторые вопросы лингвистического анализа субстратной топонимии / А.К. Матвеев // Вопр. языкознания. – 1965. - Вып.6. - С.3-15.
4. Махмаджонов О. Исследования по таджикской ономастике / О.Махмаджонов. - Душанбе: Деваштич, 2004. - 101 с.
5. Махмаджонов О. Топонимия и микротопонимия северных частей Гиссарской долины / О.Махмадджонов. - Душанбе: Шуджоиён, 2010. - 226 с.
6. Офаридаев, Н.Секреты мира названий / Н.Офаридаев // Голос Востока. - 1985. - XI. - С.131-133.
7. Южные говоры таджикского языка. Ч.1. - Душанбе: Дониш, 1979. - 330 с.
8. Южные говоры таджикского языка. Ч.2. - Душанбе: Дониш, 1979. - 251с.
9. Южные говоры таджикского языка. Ч.3. - Душанбе: Дониш, 1980. - 271с.
10. Южные говоры таджикского языка. Ч.4. - Душанбе: Дониш, 1984. - 250 с.
11. Южные говоры таджикского языка. Ч.5. - Душанбе: Дониш, 1982. - 231 с.

ВИЖАГИҲОИ ГИДРОНИМИЯИ СУБСТРАТИ ҶАНУБИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола вижагиҳои лингвистии гидронимияи ҷанубии Тоҷикистон, яъне вилояти Хатлон фаро гирифта шудааст. Ба ақидаи муаллиф, тадқиқи маводи ономастикии субстрати минтақаҳои алоҳида баъзе мушкилиҳо дорад. Масъалаҳои тадқиқи лингвистии топонимияи субстрат ва истифодаи воситаҳои баррасии маънии топонимҳо дар таълифоти илмии П.Дулзон [1959], А.К. Матвеева [1965], А.С. Серебрянникова, [1969], Г.В. Глинских [1983], Н.К. Фролова [1963], М.Э. Рута [1983] ба роҳ монда шудаанд. Чуноне муаллиф зикр мекунад, аксари муҳаққиқон андеша доранд, ки ибтидои баррасии топонимияи субстрат бояд аз муайян кардани унсурҳои умумӣ - анҷомаҳои (формантҳои) топонимӣ оғоз ёбад. Топоформант метавонад дар асосу заминаи маводи фаровон тавассути қайду сабтҳои васеи саҳроӣ муқаррар карда шавад. Муаллиф таъйид мекунад, ки дар маводи гидронимии вилояти Хатлон қисмате аз детерминантҳои луғавӣ дар муқоиса бо истилоҳоти ҷуғрофии дигар минтақаҳо ва маводи забонҳои эронӣ, ҳатто ғайриэронӣ муайян карда мешаванд: деҳа [deha]- қишлоқ [qišlāq], чашма [čašma]-хо [xā]-конӣ [kāni]-булоқ [bulāq], об [āb], дарё [daryā]-су [su], сурх [surx]-қизил [qizil], сафед [safed]-оқ [āq], хокистариранг [xākistarirang]-хинг [xing], сиёҳ [siyāh]-қара [qara], лӣ [li]-фаровон [farāvān], (li-ǧaram), дар баъзе забонҳои помирӣ (аз ҷумла ишкошимӣ), шаҳрак [šahrak],

ноҳия [nāhiya], маҳалла [mahalla], шӯрои деҳот [šōrāyi dehāt] ва ғайра. Мулоҳизаҳои худро ҷамъбаст намуда, муаллиф хулоса мебарорад, ки гурӯҳи ойконим-гидронимҳо, ки маънии онҳо на фақат барои аҳолии дигар ҳудудҳо, яъне минтақаҳои берун аз вилояти Хатлон, балки барои худи сокинони маҳаллӣ ҳам номафҳум боқӣ мемонанд. Вижагиҳои баррасишуда топонимҳои хосса ва субстрати гидронимҳо ва лаҳҷаю шеваҳои вилоят дониста мешаванд. Вижагиҳои алоҳидаи унсурҳои субстрат дар дараҷаҳои гуногун иштирок кардаанд, бо назардошти вижагиҳои маъноӣ, таърих ва сарчашмаҳои пайдоиш зимни баррасии топоформантҳо бояд баррасӣ ва арзёбӣ гарданд.

Калидвожаҳо: гидронимия, лингвистика, тадқиқот, гурӯҳ, вижагиҳо, мавод, ойконимия, ҳудуд, Тоҷикистони Ҷанубӣ, вилояти Хатлон, таъйид, субтрат, топонимия, ономастика.

ОСОБЕННОСТИ СУБСТРАТНОЙ ГИДРОНИМИИ ЮЖНОГО ТАДЖИКИСТАНА

Статья охватывает лингвистические особенности гидронимии Южного Таджикистана, т.е. территорию Хатлонской области. По мнению автора статьи, исследование ономастического субстратного материала отдельных регионов имеет некоторые трудности. Вопросы лингвистического исследования субстратной топонимии и использования различных способов исследования значения топонимов рассмотрены в научных исследованиях П.Дульзона (1959), А.К.Матвеева (1965), А.С. Серебрянникова, (1969), Г.В.Глинских (1983), Н.К.Фролова (1963), М.Э.Рута (1983) и других. Как считает автор, большинство исследователей придерживаются мнения, что первое рассмотрение субстратной топонимии должно начинаться с определения общих элементов – топонимические форманты. Топоформант же может быть определен на основе многочисленного материала посредством обширных полевых записей. Автор констатирует, что в гидронимическом материале Хатлонской области часть лексических детерминативов определяются в сравнении с географическими терминами других регионов и материалов иранских языков, даже неиранских: деҳа [deha]- қишлоқ [qišlāq] / село, деревня/, чашма [čašma]-хо[xā]-конӣ [kāni]-булоқ [bulāq], об[āb] /вода/, дарё [daryā]-су[su] /река/, сурх [surx]-қизил [qizil] /красный/, сафед [safed]-оқ[āq] /белый/, хокистарианг [xākistarirang]-хинг [xing] /серый/, сиёҳ [siyāh]-қара [qara] /черный/, лӣ[li]-фаровон [farāvān] /обильно/ (li-ğaram, в некоторых памирских языках (в том числе и ишкашимском), шаҳрак [šahrak]-посёлок, ноҳия [nāhiya]-район, маҳалла [mahalla]-микрорайон, шӯрои деҳот [šōrāyi dehāt]-сельсовет и т. д. Подводя итоги проделанной работы, автор заключает, что существует группа ойконимов-гидронимов, значение которых непонятно не только для населения других регионов, то есть местностей вне территории Хатлонской области, но и для местного населения. Рассмотренные нами особенности также считаются особыми, специфическими топонимами и гидронимами субстрата и диалектов области. Отдельные особенности субстратных элементов, которые в формировании географических названий области участвовали в разной степени, с учетом семантических особенностей, истории и источников появления, рассматриваются в разделе, относящемся к топоформантам.

Ключевые слова: гидронимия, лингвистика, исследование, группа, особенности, материал, ойконимия, территория, Южный Таджикистан, Хатлонская область, констатация, субтрат, топонимия, ономастика.

FEATURES OF SUBSTRATE HYDRONYMY SOUTHERN TAJIKISTAN

The article covers the linguistic features of the hydronymy of Southern Tajikistan, i.e. territory of Khatlon region. According to the author of the article, the study of the onomastic substrate material of individual regions has some difficulties. Questions of the linguistic study of substrate toponymy and the use of various methods for studying the significance of toponyms were examined in the scientific studies of P. Dulzon (1959), A.K.Matveeva (1965), A.S. Serebryannikov, (1969), G.V. Glinsky (1983), N.K. Frolov (1963), M.E. Rut (1983) and others. According to the author, most researchers are of the opinion that the first consideration of substrate toponymy should begin with the definition of common elements - toponymic formants. Topoformant can also be determined on the basis of numerous materials through extensive field records. The author states that in the hydronomic material of the Khatlon region, some of the lexical determinatives are determined in comparison with the geographical terms of other regions and materials of Iranian languages, even non-Iranian ones: deha [qišlāq] / village, village /, chashma [čašma] -ho [xā] -coni [kāni] -bulo [bulāq], about [āb] / water /, gift [daryā] -su [su] / river /, surch [surx] -isil [qizil] / red /, safed [safed] -oќ [āq] / white /, khokistarirang [xākistarirang] -ching [xing] / gray /, siyњ [siyāh] -ќara [qara] / black /, li [li] -faravon [farāvān] / plentiful / (li -ğaram, in some Pamir languages (including Ishkashim), sha'rak [šahrak] is a village, the [nāhiya] -area district, the mallala [mahalla] -the micro district, the shiroi deҳot [šōrāyi dehāt] -seloviet, etc. Summing up the results of the work done, the author concludes that the group of oikonyms-hydronyms whose meaning is not clear not only for the population of other regions, that is, the areas outside the Khatlon region, but also for the local population. The features considered by us are also considered special, specific toponyms and hydronyms of the region's substrata and dialects. Separate features of the substrate elements, which participated in the formation of geographical names of the region in different degrees, taking into account the semantic features, history and sources of appearance, are considered in the section dealing with topoforms.

Key words: hydronymy, linguistics, research, group, features, material, oikonymy, territory, Southern Tajikistan, Khatlon region, statement, subtitle, toponymy, onomastics.

Сведения об авторе: ***Шералиева Садбар Маджидовна*** – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат филологических наук, старший преподаватель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. E-mail: **alimi-62@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-97-17-27**

Information about the author: ***Shelalieva Sadbar Madzhidovna*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Candidate of Philology, senior lecturer. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov St.-16. E-mail: **alimi-62@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-97-17-27**

УДК: 491.550+42

СОХТИ ФЕЪЛҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳусайнова Ф.Б.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Забони дувум ба забоне итлоқ мешавад, ки забономӯз пас аз забони аввал, онро меомӯзад. Забони англисӣ, аз забонҳои байналмилалӣ аст, ки барои барқарории иртибот миёни милали ҷаҳон маҳсуб мешавад. Забономӯзон бар асоси аҳдоф ва ангезаҳои гуногун ва равишҳои мухталиф забонро ёд мегиранд. Ҷурҷ Юул, забоншиноси маъруф мегӯяд: «Мутолиаи забон равишест, ки чигунагии истифода аз забон ва нақши он дар зиндагии инсонро баррасӣ мекунад». Дар ҷойи дигар мегӯяд, ки: «Забоншиносон бештар забонро тавсиф кардаанд, дар ҳоле ки фарди бумӣ забони модарии худро бидуни омӯхтан ва ба таври нохудогоҳ ба даст овардааст» [10, с.65].

Тобишҳои маънавию грамматикии феълҳо вобаста ба сохту таркибҳои грамматикӣ ва услубӣ дар феълҳои монда ва гузаранда бевосита мушоҳида карда мешаванд. Пас, мақсад аз сохти феълҳо муайян кардани шаклҳои феъл, тарзу воситаҳои калимасозии феълҳо мебошад, ки ифодаи маъниҳои феълӣ ба онҳо вобастааст. Дар ҳақиқат, маънои феъли «гирифтан» дигар асту «нагирифтан» дигар. Ҳамин тариқ, вобаста ба сохти феълҳо маъноҳои лозимаи луғавӣ, грамматикӣ ва тобишҳои услубии онҳо ифода меёбанд.

Сохти феълҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз тарафи забоншиносони дохилию хориҷӣ: Шарофиддин Рустамов, Ҳалимов С., Сиёев Б., Розенфельд А.З., Барабаш Т.А., Ильиш Б.А., В.Л.Каушанская, Р.Л.Ковнер ва дигарон хеле барвақт, мавриди тадқиқот қарор гирифта бошанд ҳам, вале онҳо мавриди муқоиса қарор нагирифтаанд. Албатта, бо як мақола наметавон дар мавриди муқоисаи ин мавзӯъ маълумоти пурра дод, аммо то ҷое, ки имкон дорад, дар ин хусус маълумоти лозимиро пешниҳод мекунем. Забоншиносон намудҳои феълро дар забони тоҷикӣ аз рӯйи сохт ба се қисм ҷудо кардаанд: феълҳои сода, сохта ва таркибии ҳамёвар. Дар забони англисӣ бошад, онҳо ба чаҳор қисм: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо мешаванд. Феълҳои сода дар забони тоҷикӣ аз як реша иборатанд: бурдан, хӯрдан, гуфтан, овардан, шунидан, вазидан, сохтан, тохтан, давидан, паридан ва ғ. *“Бо Муниса ҷону ҷигар шудем, ки* ***мондан*** *гиред!” [5, с.38].*

Забоншиноси тоҷик Шарофиддин Рустамов доир ба сохти феълҳои забони тоҷикӣ дар китоби «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [6, с.227] маълумот дода, феълҳоро аз ҷиҳати сохт ба 3 гурӯҳ ҷудо намудааст: феълҳои сода, сохта ва таркибӣ [6, с.227]. Дар забони англисӣ бошад, забоншинос В.Л. Каушанская [2, с.91] феълҳои забони англисиро аз рӯйи сохташон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардааст: Феълҳои «сода» (simple): read, live, hide, speak; «сохта» (derived) бо аффикс (он қисми калимае, ки маънои мустақил надорад, лекин ба решаи калима ҳамроҳ шуда, маънои онро дигар карда метавонад) magnify, fertilize, captivate, undo, decompose; «мураккаб» (compound) аз ду асос (реша) сохта мешавад: daydream, browbeat ва «таркибӣ» (composite) аз феъле, ки мавқеи баъдинаи он ки бо зарфҳо сар мешавад, ташкил ёфтаанд: sit down, go away, give up ва ғ. [2, с.91].

Феълҳое, ки танҳо аз як реша (бе префиксу суффиксҳо) иборатанд, феълҳои сода номида мешаванд. Мисол: «fall» (афтид), «cut» (бурид), «read» (хонд), «build» (сохт), «see» (дид), «pass» (гузашт), «run» (давид), «said» (гуфт), «eat» (хӯрд) ва монанди инҳо. Феълҳои сода аслан нисбат ба шахси сеюми танҳои замони гузаштаи феълии наздик (гузаштаи одӣ), истифода бурда мешаванд. Мисол*: «”I* ***can*** *remember it,” the old man* ***said****. I’ll waken you in time». (Ман инро ба инобат мегирам,* ***гуфт*** *пирамард.-Туро дар вақташ бедор мекунам)* [10, с.26-27].

Феълҳои содаи забони тоҷикӣ низ аз як калимаи бе пешванду пасванд сохта шудаанд. Ин калимаҳо дар замони гузашта аз амали иҷронамудаи шахси сеюми танҳо иборат мебошанд: «бурд, хӯрд, гуфт, овард, шунид, вазид, сохт, тохт, давид, пухт, кард, дошт, буд, парид» ва ғ. Феълҳои «омадан», «пазируфтан», «пайваст» таърихан ба феълҳои сода дохил шудаанд. Мисол: *Аммо касе хабар* ***овард****, ки онҳо дар рӯйи дарича бар болои дарахти зардолу баромада, «пинҳон шудаанд» [8, с.17].*

Забоншинос Ф. Сангинов [5, с.588] қайд кардааст, ки феълҳои сохтаи забони англисӣ ба воситаи пасванду пешванд сохта мешаванд, ки ин пасванду пешванд ба баъзе исмҳо, сифатҳо, зарфҳо ҳамроҳ шуда, феъл месозанд, ё бо худи феъл ҳамроҳ шуда феъли нав месозанд. Мисол: special (махсус)-specialize (махсус гардонидан), fright (тарс)-frighten (тарсонидан), short (кӯтоҳ)-shorten (кӯтоҳ кардан), pure (тоза)-purify (тоза кардан), memory (ёд, ҳофиза, хотира)-memorize (дар хотир нигоҳ доштан), tell (нақл кардан)-retell (дубора нақл кардан), take (гирифтан)-retake (аз нав гирифтан), take (гирифтан)-mistake (иштибоҳ кардан), read (хондан)-misread (нодуруст хондан), appear (ҳозир шудан)-disappear (гум

шудан), just (ҳозир)-justify (тасдиқ кардан). *“Can’t you find it, carino?- Don’t trouble, I shall* ***rewrite*** *it”[13, с.5]. (Пайдо накардӣ, азизам? Мон, накоб. Аз нав навишта мондан лозим меояд) [1, с.10].* Феълҳои сохтаи забони тоҷикӣ, калимаҳое мебошанд, ки онҳо аз феълҳои сода бо илова намудани пешванд (префикс) ва пасванд (суфикс) сохта шудаанд: бар+омад, дар+омад, фур+омад, во+хӯрд, дар+монд, фур+овард, боз+гашт, дар+гирифт, дар+монд, дар+афтод ва ғ. Дар ин вақт яке аз ҷавонон: *“Дар охири сол ман ба дарси абҷад* ***даромадам****, аммо ин дарсро ҳеҷ хуш накардам”[7, с.38].*

Дар забони тоҷикӣ феълҳои мураккаб вуҷуд надоранд, аммо дар забони англисӣ мушоҳида карда мешаванд. Мисол: «outbid», «outdo», «outnumber», «outsmart», «outwear», «overcome», «overdo», «overeat», «overflow», «overhear», «override», «underestimate», «underline», «undermine», «underrate», «uphold», «uproot», «upset» ва ғ. *The Gadfly spread his arms on the table, and laid his face upon them, like a man* ***overcome*** *with fatigue or wine [13, с. 157].*

Феълҳое, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва феълҳои ёридиҳанда таркиб ёфта, ҳамчун воҳидҳои ҷудогонаи лексикаи феълӣ маъниҳои алоҳида ва баъзе тобишҳои грамматикию услубиро ифода мекунанд, феълҳои таркибӣ номида мешаванд. Масалан: “кор кардан”, “тайёр шудан”, “ба ҳисоб гирифтан”, “зӯр омадан”, “гуфта додан”, “навишта гирифтан”, “чашида дидан” ва ғ [6, с. 231]. Аз ин ҷиҳат ҳам феълҳои таркибӣ аз шаклҳои таркибии намуд, сиға ва замонҳои феъл фарқ мекунанд. Азбаски шаклҳои таркибии категорияҳои номбурда маънию мафҳумҳои грамматикӣ доранд, масдарҳои онҳо одатан на аз шакли пурраи таркиби феълӣ, балки аз ҷузъи асосии он ташкил меёбад. Чунончи, масдари феъли “хоҳам рафт” -рафтан; “хонда истодаам”, “хонда истода будам”-“хондан;” “гирифта истода будам”- “гирифтан;” “тайёр шуда меистод”-“тайёр шудан” ва ғ. Забоншиноси дигар Рустамов Ш. шакли масдарӣ гирифтани як қисми чунин таркибҳои феълии намуд, сиға ва замонро низ мумкин меҳисобад, аммо дар онҳо на ба маънои луғавӣ, балки ба маънои грамматикии категорияҳои феъл бештар давомнокиро ғолиб ҳисобидааст [6, с.231]. Масалан феъли “будан” умуман ба таркиби масдарии феълҳо дохил намешавад: Мисол: “навишта истодаам”-“навишта истодан” (давомнокии амал); “фикр карда гашта будам” “фикр карда гаштан” (давомнокии амал) ва ғ. Назаре ба феълҳои мураккаби забони англисӣ намуда, мушоҳида намудем, ки феълҳои мураккаби забони англисӣ иборат аз ду калима мебошанд: **“***white” (сафед)+”wash” (шустан)=”whitewash” (сафед кардан, шустагарӣ кардан). “Baby” (кӯдак)+”sit” (нишастан)=”babysit” (кӯдакро нигоҳ кардан(ҳангоми набудани падару модар)). “Sit down»-(шинед), «go away»-(равед), «give up»-(монед): “I had to* ***go away*** *from the town». «Everything reminded me of mother there...” [13, с.6]. (Ман аз шаҳр рафтам. Онҷо ҳама чиз маро ба ёди модарам меандозад). “Arthur* ***stood up*** *and answered slowly: “To* ***give up*** *my life to Italy, to make her a free republic.””[13, с.8] (Артур аз ҷояш бархоста, оҳиста ҷавоб дод: тамоми ҳаётамро барои Италия фидо мекунам, то ки республикаи озод шавад).*

Феълҳои таркибӣ калимаҳое мебошанд, ки аз феълу исм, феълу сифат, феълу пешоянд, феълу шумора (аз ҳиссаҳои номии нутқ) ва феълҳои ёвар сохта шудаанд: «call up» (занг задан), «come in» (дароед), «go out» (бароед), «lie down» (дароз кашед), «plug in» (васл кардан), «sweech on» (фурӯзон кардан), «have breakfast» (наҳорӣ хӯрдан), «be angry» (хашмгин шудан), «look at look» (нигоҳ доштан), «wait for» (интизор шудан) ва ғ. “He led her into the other room and made her sit down and tell him where things were” [12, с.34]. (Ленни модарро ба хонаи берун бурда шинонду пурсид, ки чою, қошуқу пиёлаҳо куҷост?) [3, с.42]. Дар забони тоҷикӣ бештари феълҳои таркибӣ аз феълҳои амсоли “кардан” ва “шудан” мушоҳида мешаванд: “ғалаба кардан”, “тамом кардан”, “хушнуд шудан”, “бедор кардан”, “тамошо кардан” ва ғ. Мисол: *“Ман ҳам ин тавсияи модарамро, ки дар он вақтҳо ба ман хеле хуб* ***таъсир карда буд****, мехостам ба амал оварам ва ҳар чӣ зудтар сабақ омӯхта бо ҳамсолонам баробар шавам, ҳатто аз онҳо гузарам” [7, с.3].*

Феълҳои таркибӣ дар навбати худ ба феълҳои таркибии номӣ ва феълӣ ҷудо мешаванд. “Ҳар як феъли таркибии номӣ як воҳиди луғавӣ, ҳиссаи нутқ ва як яъзои ҷумла ҳисоб меёбад. Аз ин ҷиҳат байни ҷузъҳои феълҳои таркибии номӣ на алоқаи синтаксисӣ, балки таносуби маъноӣ ва мувофиқати морфологӣ мавҷуд аст” [4, с.90]. Феълҳое, ки таркибашон аз ҳиссаҳои номии нутқ ва феълҳои ёридиҳанда иборат аст, феълҳои таркибии номӣ номида мешаванд. Ҳар як феъли таркибии номӣ як воҳиди луғавӣ, як ҳиссаи нутқ, ки ҷузъҳои ибора алоқаи синтаксисии ду ҳиссаи нутқ (зарф ва феъл) ва таркибии номӣ на алоқаи синтаксисӣ, балки таносуби маъноӣ ва мувофиқати морфологист, ҳисоб меёбад. Ба ин маънӣ байни ибораи “тоза чидам” ва таркиби “тоза кардам” фарқи куллӣ дида мешавад: дар байни ҷузъҳои ибора алоқаи синтаксисии ду ҳиссаи нутқ (зарф ва феъл) ё ду аъзои ҷумла (ҳол ва хабар) мавҷуд асту байни ҷузъҳои таркибии сонӣ мувофиқати шаклию маъноии ифодакунандаи маънии як воҳиди луғавӣ дида мешавад. Муносибати ҷузъҳои таркибии “ёрӣ талабидам” ва “ёрӣ додам” низ монанди ду таркиби аввала мебошад.

Инчунин дар сохтани феълҳои таркибӣ ду гурӯҳи феълҳо иштирок мекунанд: а) феълҳои ёвар: «надодан», «шудан», «намудан», «гаштан» ва ғ. (ду феъли охир ҳамчун муродифи феълҳои кардан ва шудан): «кор кардан», «қабул кардан», «тамом кардан», «пайдо шудан», «ором шудан», «машғул шудан», «тамом намудан», «маълум намудан», «шуғл намудан», «ҳалок гаштан», «безор гаштан», «овора гаштан» ва ғ. Мисол*: "Аммо вай маккортарини ҷонварони баҳрӣ аст ва вақте ки сангпуштҳои калони баҳрӣ онро мехӯрданд, пирамард* ***тамошо карда****, лаззат мебурд" (But they were the falsest thing in the sea and the old man loved to see the big sea turtles eating them) [10, с.44,45].*

б) гурӯҳи дуюми феълҳои мустақилмаъно, ки ба вазифаи феъли ёвар меоянд ва феълҳои таркибии номӣ месозанд, инҳо мебошанд: «додан», «сохтан», «задан», «бурдан», «андохтан», «ёд додан», «фарёд задан», «назар андохтан», «шеҳа кашидан», «фоида бурдан», «сармо хӯрдан», «ёд гирифтан», «рӯ овардан», «заҳмат кашидан», «анҷом додан». Ба ин феълҳои мустақил феълҳои таркибии пешояндор низ дохил мешаванд: «ба шумор рафтан», «ба итмом расондан», «ба даст даровардан», «ба тартиб даровардан», «ба дод омадан», «аз сар рафтан», «ба роҳ даромадан», «ба охир расондан», «ба фикр фурӯ рафтан», «дар хаёл ғарқ шудан». Аз феълҳои мустақиле, ки ба вазифаи феъли ёвар омада калима месозанд, вожаҳои «додан», «гирифтан», «хӯрдан», «задан» сермаҳсул мебошанд: задан-таъна задан, ҳаллос задан, аррос задан, наъра задан, чашмак задан, зарба задан, тосак задан, (сахт ташнагӣ кашидан), бонг задан, гап задан. Мисол: *«****Гап задан*** *ӯро рӯҳбаланд мекард, зеро тахтапушташ шабона карахт шуда буд ва акнун воқеан ӯро азият медод». (It encouraged him to talk because his back stiffened in the night and it hurt truly now.) [10, с. 68-69].*

Додан: "ёд додан", "ҷавоб додан", "фиреб додан", "заҳмат додан", "ҷазо додан", "фишор додан", "анҷом додан", "қарз додан", "тағйир додан", "дарс додан", "маслиҳат додан", "бой додан", "танбеҳ додан", "идома додан", "гап додан" ва ғ. Мисол: *"-Янкиҳо набояд* ***бой диҳанд****" (The Yankees cannot lose) [10, с.16, 17].* «Гирифтан»: "ёд гирифтан", "ҷавоб гирифтан", "қарор гирифтан", "ором гирифтан", "канора гирифтан", "тарбия гирифтан", "хӯ гирифтан", "унс гирифтан", "бӯ гирифтан", "мотам (азо) гирифтан", "ҷо гирифтан", "об гирифтан" ва ғ. Мисол: *"Ӯ беруни кулба баромада, шошид ва* ***роҳ пеш гирифт****, ки писаракро бедор кунад" (He urinated outside the shack and then went up the road to wake the boy) [10, с.16, 17].* «Хӯрдан»: "сармо хӯрдан", "лат хӯрдан", "афсус хӯрдан", "ғам хӯрдан", "шатта хӯрдан", "савганд (қасам) хӯрдан", "хунук хӯрдан", "хӯрок хӯрдан", "ғам хӯрдан", "пош хӯрдан" ва ғ. Мисол: *"Ӯ ҳеҷ* ***лат нахӯрда буд****"[12, с.7] (Alice was not a bit hurt) [1, с.5].* «Ёфтан»: халосӣ ёфтан, имкон ёфтан, таваллуд ёфтан, анҷом ёфтан, наҷот ёфтан, дард ёфтан. Мисол: *"...онҳо рост ба чашми пирамард мехӯрданду чашмони ӯ* ***дард меёфтанд****, бинобар ин, пирамард ба сатҳи об назар карда бел мезад" (…the flat sea sent it back at his eyes so that it hurt sharply and he rowed without looking into it) [10, с. 38, 39].* Гурӯҳи дигари феълҳои таркибӣ аз «пешоянду исм» ва феъли «гирифтан» сохта шудаанд. «Гирифтан»: "ба ӯҳда гирифтан", "ба гардан гирифтан", "ба назар гирифтан" ва ғ. «Даровардан»: "ба даст даровардан", "ба кор даровардан", "ба роҳ даровардан", "ба гап даровардан" ва ғ. «Омадан»: "ба ҷунбиш омадан", "ба дод омадан", "ба фарёд омадан", "ба шавқ омадан". «Даромадан»: «ба гап даромадан», «ба чойнӯшӣ даромадан», «ба роҳ даромадан», «ба кор даромадан», «ба хӯрдан даромадан». Баъзе феълҳои таркибӣ аз пешоянди «ба» ва феъли мустақили ба вазифаи феъли ёвар омада, сохта шудаанд: ба хондан даромадан, ба хӯрдан даромадан.

Хулоса, мо дар бораи сохти феълҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълумотҳои дастрасшударо аз назар гузаронида ба хулосае омадем, ки ин гурӯҳи феълҳо дар нутқи ҳаррӯзаамон васеъ мавриди истифода қарор меёбанд. Дар забони тоҷикӣ феълҳо аз рӯйи сохт ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: феълҳои сода, сохта ва таркибӣ. Феъли таркибӣ хеле васеъ буда, дар мавриди худ боз ба қисмҳои гуногун ҷудо мешавад, ки маълумот додан дар бораи ҳар яки он чандин мақолаи дигарро талаб мекунад. Вале мо дар ин мақола дар бораи онҳо маълумоти мухтасар бо мисолҳо овардаем. Ёдовар мешавем, ки дар забони тоҷикӣ феълҳои таркиби ба чунин зермавзӯъҳо ҷудо мешаванд: 1.Феълҳои таркибӣ. 2. Феълҳои таркибии номӣ. 3.Таркиби морфологии феълҳои таркибии номӣ. 4. Ҷузъи номӣ. 5. Ҷузъи феълӣ. 6. Феълҳои таркибии феълӣ. Мутаассифона, дар забони англисӣ маълумотҳо нисбати ин категорияи феълӣ хеле кам буда, танҳо гуфта шудааст, ки феълҳо аз ҷиҳати сохт ба чор қисм ҷудо мешаванд: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ (бо якчанд калимаҳо ба ҳайси мисол).

А Д А Б И Ё Т

1. Войнич Э.Л. "Ғурмагас" / Э.Л. Войнич; тарҷ. аз русӣ С.Улуғзода. - Душанбе: Маориф, 1982. - 320 с.
2. Каушанская В.Л. «A grammar of the English language» (Грамматика английского языка) / В.Л. Каушанская, Р.Л.Ковнер. – М.: Айрис пресс, 2014. – 720 с.

3. Питер Абраҳам. “Аз раҳи раъди ғуррон” / Абраҳам Питер. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. - Душанбе, 1962. - 312 с.
4. Кенҷаева О. Ҳамнишинии ҷузъи номӣ ва феълии феълҳои таркибии номӣ (аз рӯйи маводи романи «Фирдавсӣ» - и Сотим Улуғзода) О. Кенҷаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2013. - №4/3(113). - С.90.
5. Рашод Нури Гултегин. “Чаманоро” / Рашод Нури Гултегин. – Душанбе: Ирфон, 1965. - 420 с.
6. Рустамов Ш. Грамматикаи «Забони адабии ҳозираи тоҷик» / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1985. - Ҷилди 1. - 435 с.
7. Абдурахимов С. Ибораҳои ҷонишинӣ / С. Абдурахимов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 74 с.
8. Арзуманов С.Ҷ. Ҷонишин / С.Ҷ. Арзуманов // Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ. 1. - Сталинобод, 1956. - 232 с.
9. Арзуманов С.Ҷ. Ҷонишин/ С. Ҷ. Арзуманов// Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ. 1. - Душанбе, 1982. – 446 с.
10. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016. – 428 с.
11. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ. 1. – Сталинобод, 1956. – 232 с.

СОХТИ ФЕЪЛҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур таҳлили грамматикии муқоисавии таркиби феълҳоро, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода, дар асоси мисолҳо аз адабиёти бадеӣ мувофиқат ва фарқияти сохти феълҳоро нишон додааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки тадқиқотҳои аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ, дар мавзӯи “сохти феълҳо” бударо муайян карда, онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст. Аз ҷумла, сохти феълҳои забони тоҷикиро ба се қисм ва сохти феълҳои забони англисиро ба чаҳор қисм ҷудо намуда, феълҳое, ки танҳо аз як реша, (бе префиксу суффиксҳо) иборатанд, феълҳои сода номидааст. Истифода бурдани феълҳои содаро аслан дар шахси сеюми шумораи танҳои замони гузаштаи феъли наздик (гузаштаи одӣ), дарҷ намуда, бо мисолҳо возеҳ намудааст. Феълҳои содаи забони тоҷикиро, ки аз замони ҳозираи гузаштаи амали иҷронамудаи шахси сеюми шумораи танҳо иборат мебошанд, нишон додааст. Феълҳои сохтаи забони тоҷикиро бошад, бо калимаҳое, ки онҳо аз феълҳои сода бо илова намудани пешванд (префикс) ва пасванд (суфикс) сохта шудаанд, нишон додааст. Дар бораи феълҳои сохтаи забони англисӣ, ки ба воситаи пасванду пешванд сохта шудаанд ва онҳо бо баъзе исмҳою сифатҳо, зарфҳо ё бо худи феъл ҳамроҳ шуда, феъли нав месозанд, маълумоти пурра додааст. Муаллиф дар мавриди феълҳои мураккаб танҳо дар забони англисӣ маълумот дода, дар забони тоҷикӣ мавҷуд набудани чунин феълҳоро исбот намудааст. Инчунин феълҳое, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва феълҳои ёридиҳанда таркиб ёфта, ҳамчун воҳидҳои ҷудогонаи лексикаи феълӣ маъниҳои алоҳида ва баъзе тобишҳои грамматикию услубиро ифода мекунанд, феълҳои таркибӣ номида, фарқи феълҳои таркибиро аз шаклҳои таркибии намуд, сиға ва замонҳои феъл муайян намудааст. Азбаски шаклҳои таркибии категорияҳои номбурда маънию мафҳумҳои грамматикӣ доранд, масдари онҳо одатан на аз шакли пурраи таркиби феълӣ, балки ташкилёбии онҳоро аз ҷузъи асосии он ҳисобидааст. Чунончи, масдари феъли “хоҳам рафт”- рафтан; хонда истодаам, хонда истода будам - “хондан”; гирифта истода будам - “гирифтам”; тайёр шуда меистод - “тайёр шудан” ва ғ. мисолҳо овардааст.

Калидвожаҳо: категория, сиға, замонҳои феъл, таркиби феълӣ, категория, феълҳои сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, таркиби феълӣ, инфинитив, намуд, сиға, феълҳои ёридиҳанда.

СТРУКТУРА (СТРОЕНИЕ) ГЛАГОЛОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Автор в данной статье, рассматривая грамматический анализ сравнения строения глаголов в таджикском и английском языках, на основе примеров из художественной литературы показывает сходство и сопоставление строений глаголов таджикского и английского языков. Автор старался уточнить исследования, проведенные таджикскими и иностранными учеными по теме «строение глаголов», дает их краткий обзор. А также разделил глаголы таджикского языка по строению на три группы, а строение глаголов английского языка - на четыре группы. Те глаголы, которые образованы только из одного корня, без префикса и суффикса, автор назвал простыми глаголами, включая обычное употребление простых глаголов третьего лица единственного числа простой формы прошедшего времени, и подкрепляет свой анализ примерами. А также показывает образование простых глаголов таджикского языка от одного слова без участия префиксов и суффиксов, которые в настоящем прошедшем времени обозначают действие третьего лица единственного числа. В статье дается полное разъяснение с примерами образования производных глаголов таджикского языка от слов, от которых они образованы с прибавлением префиксов и суффиксов, образование производных глаголов английского языка с помощью префиксов и суффиксов, эти суффиксы и префиксы вместе с некоторыми существительными, прилагательными, наречиями и самим глаголом могут образовывать новые глаголы. Автор дает сведения о сложных глаголах только в английском языке, доказывает отсутствие таких глаголов в таджикском языке. А также называет составными глаголами те глаголы, которые образованы от разных частей речи, вспомогательных глаголов и выражают отдельную единицу глагольной лексики, отдельные значения и некоторые грамматические оттенки и стили, разъясняет разницу составных глаголов от других составных форм, наклонений и времени. Поскольку составные формы названных категорий имеют грамматические значения, то образование их инфинитива считает не от полной формы глагольного состава, а от их основных частей. Например, инфинитив глагола буду идти «идти», читаю, читав - «читать», взяв- «взять», готовясь- «готовиться», и т.д.

Ключевые слова: наклонение, времена глагола, глагольный состав, категория, простые глаголы, составные, производные, сложные, инфинитив, вид, вспомогательные глаголы.

THE STRUCTURE OF VERBS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The author, in this article, examining the grammatical analysis of comparison of verb structures in Tajik and English languages, based on examples from fiction scientists, shows the similarity and comparison of the structures of verbs from Tajik and English languages. The author tried to clarify the research conducted by Tajik and foreign scholars on the theme "the structure of verbs", gives a brief information. He also divided the structure of the verbs of the Tajik language into three parts and the structure of the verbs of the English language into four parts. Those verbs that are formed only from one root, without the prefix and suffix, called simple verbs. The author includes the usual use of simple verbs of the third person of the singular number of a simple form of past tense, expresses their clarity by examples. And also shows educated simple

verbs of the Tajik language from one word without the participation of prefixes and suffixes, which in the present past tense performs the action of a third person singular. Gives a full explanation with examples of the derivation of derivatives of the verbs of the Tajik language from the words they are formed with the addition of prefixes and suffixes, the derivation of derivatives of English verbs with the help of prefixes and suffixes, these suffixes and prefixes, together with some noun, adjective, adverb and verb itself, can form new verbs. The author gives information on complex verbs only in English proves that there are no such verbs in the Tajik language. And also calls verbs that are formed from different parts of speech, auxiliary verbs express a separate unit of verbal lexicon, separate meanings and express some grammatical nuances and styles, explain the difference of compound verbs from other compound forms, moods and time. Since the compound forms of these categories have grammatical meanings, the formation of their infinitive does not count from the full form of the verbal composition, but from their main parts. For example, the infinitive of the verb will go "go", read, read - "read", take "take", preparing to "prepare", etc.

Key words: inclination, verb tenses, verbal composition, category, simple verbs, compound, derivative, complex, infinitive, view, auxiliary verbs.

Сведения об авторе: ***Хусайнова Фарида Бозоровна*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, докторант Ph.D кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафаров 16. E-mail: **fkhusainova@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-80-94-93**

Information about the author: ***Husainova Farida Bozorovna*** – Kulob State University named after A. Rudaki, Ph.D student of the third year of the Tajik language department. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulob, street S. Safarov 16. E-mail: **fkhusainova@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-80-94-93**

УДК: 42+491.550+32

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ ВА ХУСУСИЯТИ ТАРҶУМАИ РЕАЛИЯҲОИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА ОНОМАСТИКАИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Бобоҷонова М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Оид ба моҳияти лингвистии реалияҳо зиёд гуфта ва навишта шудааст. Худи калимаи «реалия» аз калимаи лотинии «realis» бармеояд ва маънояш “моддӣ”, “воқеӣ” мебошад. Чунонки дар фарҳанги луғоти С.И. Ожегов мебинем, «реалияҳо ҳамчун маводҳои фарҳанги моддӣ, зуҳуроти олами объективӣ, предмети ягона, ашё маҳсуб меёбанд» [3, с.671].

Реалияҳо бо фарҳанг ва вижагиҳои нотакрори фарҳангии як миллат дар иртиботи мустақим қарор доранд. Метавон гуфт, ки оинаи хусусияти фарҳангӣ, урфӣ ва расму оини ин ё он халқ ба шумор меоянд.

Дар «Луғати истилоҳоти лингвистӣ»-и О.С. Ахманова, истилоҳи «реалия» ба тариқи зер маънидод шудааст: «реалия (лат. «realia» - моддӣ, воқеӣ) 1. Омилҳои гуногуне, ки аз нигоҳи инъикоси онҳо дар забони мушаххас, дар заминаи низоми давлатдорӣ, таърих, фарҳанг ва робитаҳои забонии миллати воҳид ва ғайра омӯхта мешаванд. 2. Маводи фарҳанги моддӣ» [1, с.381].

Калимаи «реалия» ба гурӯҳи истилоҳоти асосии илмҳои тарҷумашиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, луғатнигорӣ, кишваршиносии лингвистӣ, методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дохил мешавад» [2, с.52].

Дар кишварҳое, ки забонҳои мавриди назари мо амал мекунанд, сохторҳои ба худ хосси ҷамъиятию сиёсие ба мушоҳида мерасанд, ки дар онҳо муассисаҳо ва мафҳумҳои марбут ба онҳо аз ҳамдигар тафовут доранд. Реалияҳои ҷамъиятию сиёсӣ гурӯҳи калимаҳои фароҳамомада, ки бо хусусияти миллии мардуми соҳиби забон тавъаманд. «Агар дар номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо), ҳайвоноту наботот махсусияти муҳити табиию ҷуғрофии иҳотакунандаи як гурӯҳи мардум - соҳиби забон инъикос ёбанд, дар номҳои муассисаҳо, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои гуногуни давлативу ҷамъиятӣ хусусияти сохтори давлатию сиёсии ҷомеаи кишваре, ки ин забон дар он хидмат мекунад, таҷассум мегардад» [4, с.111]. Лексикаи гурӯҳи мазкур доираи васеи калимаҳоеро дар бар мегирад, ки ниҳодҳо ва мафҳумҳои сиёсӣ, тақсимоти маъмурию ҳудудӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо, касбу кор, унвонҳои гуногун, номҳои рӯзномаҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ширкатҳои бузург, лексикаи соҳаи ҳарбӣ ва ғайраро ифода мекунад. Дар назар бояд дошт, ки дар заминаи равандҳои муштараки сиёсиву таърихӣ, хоссатан дар фазои муассири ҷаҳонигардонӣ, пешрафтҳои азими технологиву фановарӣ, як силсила калимареалияҳои байналмилалӣ ба ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии халқу миллатҳо бо суръати бесобиқа ворид мегарданд. Бештари истилоҳоти мазкур дар фосилаи тӯлонии таърихӣ дар баробари такмил ва тараққии ниҳодҳои маъмуриву идорӣ, афкору ақида ва созмонҳои сиёсӣ шакл гирифтаанд, яъне зодаву парвардаи равандҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ бар пояи вижагиҳои зиндагӣ ва тафаккури миллӣ маҳсуб мешаванд. Дар ин робита баррасӣ ва

таҳлили калима-реалияҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсӣ аз рӯйи гурӯҳбандии зерин ба мақсад мувофиқ аст:

1. **Калима-реалияҳои ифодакунандаи сохтор ва мафҳумҳои сиёсӣ Англия ва ИМА:**

monarchy	- монархия
cabinet	- девон, ҳукумат
prince	- шоҳзода
Westminster	- Вестминистер, парлумони Англия
House of Lords	- Палатаи Лордҳо;
House of Commons	- Палатаи Обшинаҳо
Speaker	- спикер, раиси палатаи обшинаҳо дар Англия, раиси палатаи намояндагон дар ИМА
Shadow cabinet	- “ҳукумати эҳтимолӣ”
Constitution	- Конститутсия, Сарқонун
Attorney General’s Office	- Вазорати адлияи ИМА
Cabinet Office	- Котиботи девони вазирон дар Британияи Кабир
Home Office	- Вазорати корҳои дохилӣ
Congress	- Конгресс
Senate	- Сенат
House of Representatives	- Палатаи намояндагон, ИМА
congressman	- узви конгресс
The White House	- Кохи сафед
National Security Council	- Шӯрои амнияти миллӣ
Central Intelligence Agency, CIA	- Раёсати марказии иктишоф (разведка), ИМА
NASA (National Aeronautics and Space Administration)	- Раёсати миллӣ оид ба аэронавтика ва таҳқиқоти фазои кайҳонӣ, ИМА
US Marshal	- Иҷрочии судӣ, ИМА (судебный исполнитель, США)
Federal Bureau of Investigation (FBI)	- Бюрои Федералии тафтишот, ИМА
Secret Service	- муҳофизони шахсии президент, ҷонишини ӯ ва аъзои оилаи ӯ, ИМА
State Department	- Департаменти давлатӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, ИМА
state	- иёлот (штат)

Қайд кардан лозим аст, ки ҳамаи вазоратҳои ҳукумати ИМА, ва қисман Британияи Кабир, Departments – Департаментҳо ном доранд. Бинобар ин, дар номи вазоратхонаҳои асосӣ ин калима ҳамеша дида мешавад. Department of State, Department of Defense, Department of Justice, Department of Interior ва ғ. Бо дарназардошти далели мазкур ҳангоми ном гирифтани Вазорати корҳои хориҷии ИМА, ба назари мо, бо забони тоҷикӣ истифода намудани шакли *Департаменти давлатии ИМА* ба мақсад мувофиқтар аст, зеро он ба кишвар ва хусусияти маҳаллии мафҳумҳои сиёсии он ишора мекунад ва дар тарҷума ё истифода низ ин обуранг нигоҳ дошта мешавад.

Ба таври махсус ёдовар шудани баъзе мафҳумҳои хосси умури сиёсии ИМА ба монанди **primaries** амри мантиқиву табиист. Ин мафҳум бо интихоботи президенти ИМА иртибот дорад ва баргузории интихоботи пешакиро дар дохили ҳизбҳо, ду ҳизби асосӣ – ҷумҳурихоҳон ва демократҳо – оид ба муайян намудани номзад аз ҳисоби аъзои ҳизб дар назар дорад. Дар забони тоҷикӣ ин калимаро бо таркиби зерин шарҳ додан мумкин аст: марҳилаи ибтидоии интихобот барои муайян намудани номзадҳо ба мақоми президентӣ ва ҷонишини ӯ дар дохили ҳизб.

Калима-реалияҳои ифодакунандаи сохтор ва муассисаҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон:

Маҷлиси олӣ	- Majlisi Oli, the parliament
Маҷлиси миллӣ	- Majlisi milli, the upper house of the parliament
Маҷлиси намояндагон	- Majlisi namoyandagon, the lower house of the parliament
Дастгоҳи иҷроияи Президент	- The Executive Office of the President
Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ	- State authorities executive bodies
Маҷлиси шаҳрӣ	- City majlis (parliament)
Маҷлиси ноҳиявӣ	- District majlis

2. Тақсимоти маъмурию сиёсӣ:

county	- округ
downtown	- маркази шаҳр; маркази робитаҳои корӣ;
town hall	идораи шаҳрдорӣ;
states	- иёлот
district	- ноҳия

Royal Society	- Ҷомеаи шоҳона, Академияи илмҳои Британияи Кабир;
Royal Exchange	- Бозори коғазҳои қиматноки (биржаи) ш.Лондон;
chancery	- суди конслерӣ;
supermarket	- супермаркет;
boarding school	- мактаб-интернат;
pantheon	- пантеон, мавзеи дафни шахсони бузург ;
Primary/elementary school	- мактаби ибтидоӣ;
college	- колеҷ;
public school	- мактаби давлатӣ дар ИМА, мактаби миёнаи хусусии пӯшида дар Англия;
grammar school	- мактаби миёнаи классикӣ дар Англия, синфҳои 5-8 мактаби миёна дар ИМА;
board of education	- шуъбаи маориф;
preparatory school	- мактаби хусусии тайёрӣ;
high school	- синфҳои болоии мактаби миёна;
junior school	- мактаби ибтидоӣ дар Англия ва Уэлс;
junior high school	- мактаби миёнаи нопурра;
senior high school	- мактаби миёнаи пурра;
undergraduate school	- факултет бо таҳсилоти чорсола барои дарёфти дараҷаи бакалавр;
technical school	- омӯзишгоҳи техникӣ;
higher education	- таҳсилоти олӣ;
campus	- кампус, ҳудуди таълимгоҳ;
dropout	- хонандае, ки тарки мактаби миёна кардааст;
Parent-teacher association	- ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон;
nursery school	- боғчаи бачагона;
Peace Corps	- Корпуси сулҳ, ИМА.

. Муассиса, ташкилотҳо ва муассисаҳои таълимии Англия ва ИМА:

Дар муҳити истифодаи забони тоҷикӣ низ калима-реалияҳои ифодакунандаи муассиса, яъне мафҳумҳои хосси сиёсиро дарёфтан мумкин аст, ки дар забони англисӣ муодилҳои худро надоранд ва ҳангоми тарҷума ё истифодаи ин гуна калимаҳо дар забони англисӣ бояд калимаҳои наздикмаъно корбурд шаванд ва калимаҳо транскрипсия/транслитератсия карда шаванд:

хонавода	- household;
кӯча	- street;
маҳалла	- mahalla;
деҳа	- village;
ҷамоат	- jamoat;
ноҳия	- district;
вилоят	- province;
ҷумҳурӣ	- republic;
Вилояти Хатлон	- Khatlon Province;
Вилояти Суғд	- Sughd Province;
ноҳияҳои тобеи марказ	- districts subordinate to the central government;
Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон	- Badakhshon Autonomous Mountainous Province;
мактаби миёна	- middle school;
мактаб-интернат	- boarding school;
устод	- ustod, professor;
номзади илм	- candidate of sciences;
доктори илм	- doctor of sciences
Рӯзномаи “Ҷумҳурият”	- “Jumhuriyat” newspaper;
Рӯзномаи “Садои мардум”	- “Sadoi Mardum” newspaper;
Озодагон	- Ozodagon.

4. Унвонҳо ва номҳои касбу кор дар Англия ва ИМА:

back-bencher	- узви қатории парлумон;
undergraduate	- донишҷӯйи хатмкунанда;
bachelor of arts	- бакалаври санъат;
master of science	- магистри илмҳо;
bachelor of science	- бакалаври илмҳо (бакалавр наук);
junior	- донишҷӯйи курсҳои поёнӣ;
senior	- донишҷӯйи курсҳои болоӣ;

graduate student	- аспирант;
doctor of philosophy (PhD)	- доктори фалсафа;
duke	- гертсог;
count	- граф;
cowboy	- ковбой;
constable	- констебл, полис
barman	- бармен;
alderman	- олдермен;
sheriff	- шериф.

5. Номҳои ҳизбҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ ва ширкатҳо дар Англия ва ИМА:

Democratic Party	- Ҳизби демократӣ, ИМА;
Republican Party	- Ҳизби ҷумҳурихоҳон, ИМА;
The New York Times	- Ню-Йорк Таймс;
The Washington Post	- Вашингтон Пост (рӯзнома);
The Guardian	- Гардиан (рӯзнома);
The Financial Times	- Файнэншл Таймс (рӯзнома);
General Motors	- Ҷенерал Моторз (ширкат)
Bank of America	- Бэнк оф Америка
General Electric Company	- Ҷенерал Электрик Компани (Британияи Кабир)

6. Калима-реалияҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҳарбӣ:

general	- генерал;
lieutenant	- лейтенант;
subaltern	- афсари хурд;
generalissimo	- герелалисимус;
legion	- легион, созмони ветеранҳои ҷанг;

Дар доираи таҳлили муқоисавии калима-реалияҳои сиёсию иҷтимоии забонҳои англисию тоҷикӣ баррасӣ намудани як гурӯҳ калимаҳои ифодакунандаи номҳои шаҳру ноҳияҳо ва ашхос – топонимҳо ва антропонимҳо ба мақсад мувофиқ аст, зеро онҳо ба гурӯҳи калимаҳои серистифодатарин дохил шуда, хусусияти миллӣ доранд ва ҳангоми муошират бо истифода аз забонҳои англисию тоҷикӣ барои фаҳмидан ё тарҷума кардани онҳо маълумоти иловагӣ ва истифодаи роҳҳои ғайримуқаррарии маънидод ё тарҷума лозим меояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар қатори калима-реалияҳои сиёсӣ барои тарҷумаи ин гурӯҳи калимаҳо низ транскрипсия/транслитератсия ва шарҳу эзоҳҳои иловагӣ лозим аст.

Қобили зикр аст, ки дар забоншиносӣ оид ба антропонимҳо таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидаанд. Мо дар мақолаи худ танҳо ба он ҷанбаҳои ин гурӯҳи калимаҳои забони англисӣ ишора хоҳем кард, ки ба назари хонандаи тоҷик ғайриодӣ метобанд ва шарҳу эзоҳи иловагӣ тақозо мекунанд. Масалан, яке аз хусусияти барҷастаи антропонимҳо - исмҳои шахс, ин илова шудани Jr. (= Junior 'хурдӣ') ба номи писаре мебошад, ки ном ва насаби падари худро дорад; ба таври васеъ истифода гардидани номҳои Инҷилӣ (Joseph, Samuel, Benjamin, David, Joel, Ezra, Adam); истифодаи шаклҳои ихтисоршудаи исмҳо - Jeffery – Jeff; Joseph – Jo; James – Jim…; тамоюл ба истифодаи сарҳарфҳои номҳои президентон: F.D.R.-Franklin Delano Roosevelt; J.F.K.-John Fitzgerald Kennedy; L.B.J.-Lyndon Baines Johnson [4, с. 202].

Бар хилофи номҳои ашхоси англиснажод ба номҳои тоҷикӣ илова шудани суффиксҳои навозишӣ хос аст – **ҷон** барои номҳои мардона – Фирдавсҷон, Акмалҷон ва ғ. ва-**хон** маъмулан нисбат ба номҳои занона, ҳарчанд дар даврони муосир ба таври омехта истифода шудани ин суффиксҳо ба мушоҳида мерасад.

1. Реалияҳои ҷуғрофӣ ва топонимҳои англисӣ ва амрикоӣ:

jungle	-	ҷангал;
fiord	-	фиорд, халиҷҳо;
prairie	-	прерия, дашт;
London	-	Лондон;
Nottingham	-	Ноттингем, шаҳр;
Cambridge	-	Кембрич;
Avon	-	Эйвон, дарё;
Glasgow	-	Глазго, шаҳр;
Cardiff	-	Кардифф, шаҳр;
Douglas	-	Дуглас, шаҳр;
Liverpool	-	Ливерпул, шаҳр;

Oxford	-	Оксфорд;
Washington	-	Вашингтон;
New York	-	Ню Йорк;
Scotland Yard	-	Скотлэнд Ярд;
Hyde Park	-	Гайд-Парк (дар Лондон);
Broadway	-	Бродвей;

Топонимҳои ҷамъиятии тоҷикӣ:

Душанбе	-	Dushanbe
Хуҷанд	-	Khujand
Кӯлоб	-	Kulob
Кӯрғонтеппа	-	Qurghonteppa
Ҳисор	-	Hisor
Файзобод	-	Fayzobod

Хулоса, калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ономастика дар ду забон гурӯҳи махсусеро ташкил медиҳанд. Таҳқиқ ва таҳлили муқоисавии онҳо ба раванди омӯзиши забонҳо ва тарҷума мусоидат мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахманова, О. С. Словарь лингвистических терминов / О. С. Ахманова. – М., 1966. – 401 с.
2. Иванова, Н.А. Сопоставительно-типологический анализ безэквивалентной лексики (на материале русского, немецкого и французского языков): дисс… канд. филол. наук: 10.02.20 – сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание / Н.А. Иванова. - М., 2004. - 238 с.
3. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М.: Азбуковник, 2000. – С.671.
4. Томахин, Г.Д. Реалии – американизмы. Учеб. пособие для институтов и фак. иностр. яз. / Г.Д. Томахин. - М.: Высшая шк., 1988. - 239 с. (Пособие по страноведению).

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ ВА ХУСУСИЯТИ ТАРҶУМАИ РЕАЛИЯҲОИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА ОНОМАСТИКАИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар доираи таҳлили муқоисавии калима-реалияҳои сиёсию иҷтимоии забонҳои англисию тоҷикӣ баррасӣ намудани як гуруҳ калимаҳои ифодакунандаи номҳои шаҳру ноҳияҳо ва ашхос – топонимҳо ва антропонимҳо ба мақсад мувофиқ аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳангоми тарҷумаи калима-реалияҳои сиёсӣ усулҳои транскрипсия/ транслитератсия ва шарҳу эзоҳҳои иловагӣ истифода бурдан зарур аст. Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ономастика дар ду забон гуруҳи махсусеро ташкил медиҳанд. Таҳқиқ ва таҳлили муқоисавии онҳо ба раванди омӯзиши забонҳо ва тарҷума мусоидат мекунад. Дар кишварҳое, ки забонҳои мавриди назари мо амал мекунанд, сохторҳои ба худ хосси ҷамъиятию сиёсие ба мушоҳида мерасанд, ки дар онҳо муассисаҳо ва мафҳумҳои марбут ба онҳо аз ҳамдигар тафовут доранд. Қобили зикр аст, ки дар забоншиносӣ оид ба антропонимҳо таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидаанд. Мо дар мақолаи худ танҳо ба он ҷанбаҳои ин гурӯҳи калимаҳои забони англисӣ ишора хоҳем кард, ки ба назари хонандаи тоҷик ғайриодӣ метобанд ва шарҳу эзоҳи иловагӣ тақозо мекунанд. Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ономастика дар ду забон гурӯҳи махсусеро ташкил медиҳанд. Таҳқиқ ва таҳлили муқоисавии онҳо ба раванди омӯзиши забонҳо ва тарҷума мусоидат менамоянд.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, антропонимҳо, таҳлили муқоисавии калима-реалияҳои сиёсию иҷтимоии забонҳои англисию тоҷикӣ, раванди омӯзиши забонҳо ва тарҷума, таҳқиқ ва таҳлили муқоисавӣ.

КОМПАРАЦИОННЫЙ АНАЛИЗ И ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИХ РЕАЛИЙ И ОНОМАСТИКИ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье проведен сравнительный анализ социально-политических реалий, выражающих имена районов и лиц - топонимов и антромимов в английском и таджикском языках. Следует отметить, что при переводе слов-реалий необходимо использовать транскрипцию/транслитерацию и дополнительное определение и комментирование. Слова-реалии выражающие политические и социальные понятия и ономастика - это особая группа слов в обоих языках. В странах, в которых действуют рассматриваемые нами языки, наблюдаются специфические общественно- политические структуры, в которых учреждения и понятия относящиеся к ним, отличаются друг от друга. Следует отметить, что в языкознании относительно антропонимов проведено очень много исследований. Мы в данной статье будем указывать только на те аспекты данной группы слов английского языка, которые на взгляд таджикского читателя кажутся необычными и требуют дополнительного толкования и разъяснения. Слова выражающие общественно-политические понятия и ономастику в обоих языках составляют специальную группу. Их исследование и сравнительный анализ способствуют процессу изучения языков и их переводу.

Ключевые слова: языкознание, антропонимы, сравнительный анализ социально-политических реалий английского и таджикского языков, процесс изучения языков и перевод, исследование и сравнительный анализ.

COMPARATIVE ANALYSIS AND PECULIARITIES OF TRANSLATION OF SOCIO-POLITICAL REALITIES AND ONOMASTICS OF THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

In this article, a comparative analysis of socio-political realities expressing the names of districts and persons - toponyms and anthromims in English and Tajik languages - is conducted. It should be noted that when translating words-realities, it is necessary to use transcription / transliteration and additional definition and commenting. Words-realities expressing political and social concepts and onomastics are a special group of words in both languages. In countries where

the languages we are dealing with, specific socio-political structures are observed in which institutions and concepts related to them differ from each other. It should be noted that a lot of research has been carried out in linguistics concerning anthroponyms. In this article we will point only to those aspects of this group of words of the English language, which in the opinion of the Tajik reader seem unusual and require additional interpretation and explanation. Words expressing social and political concepts and onomastics in both languages constitute a special group. Their research and comparative analysis contribute to the process of learning languages and their translation.

Key words: linguistics, anthroponyms, comparative analysis of socio-political realities of English and Tajik languages, the process of language learning and translation, research and comparative analysis.

Сведение об авторе: ***Бободжонова Махина*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, аспирант кафедры фонетики и лексикологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21

Information about the author: ***Bobojonova Mahina*** - Khujand State University named after academician B. Ghafurov, postgraduate student in the department Phonetics and Lexicology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 21

УДК: 491.550

ЛУҒАТИ ШЕВА ҲАМЧУН МАНБАИ ЗАБОНШИНОСӢ
(дар асоси маводи «Ҳудуд-ул-олам»)

Ишонова Д.Т.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки тадқиқи муқоисавии забони сарчашмаҳои таърихиву адабӣ бо маводи шеваҳо барои равшану возеҳ гаштани манзараи ҳақиқии забон дар даврaҳои гуногуни таърихӣ кӯмак мерасонад, зеро чунин тарзи таҳлил аз муҳаққиқ тақозо мекунад, ки тарзи пайдоиши ин ё он ҳодисаи забонро таърихан нишон дода, чӣ гуна роҳи пурпечутоб ва кадом даврaҳои асосиро тай кардани он муайян карда шавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки маводи таърихии забон танҳо осори хаттии гузаштагон набуда, балки лафзи шевагӣ низ дар кушода гаштани гиреҳи муаммоҳои он ёрии калон мерасонад. Аз ин рӯ, ба таъбири олими шинохтаи Эрон Хонларӣ П. Н. унсурҳои шевагиро пасту беарзиш набояд шумурд ва бо чашми беэътиноӣ ба онҳо набояд нигарист, зеро онҳо низ суратҳои дигаре аз ҳамон забони аслии куҳан ё муншаиб аз асли бостонии ҷудогонае ҳастанд [1].

Муқоисаи воҳидҳои луғавии баъзе шеваҳои забони тоҷикӣ бо бархе аз вожаҳои рисолаи ҷуғрофии Сомониён «Ҳудуд–ул–олам» бар он гувоҳӣ медиҳанд, ки аксари калимаҳои классикӣ имрӯз тамоман аз байн нарафта, балки дар гурӯҳи шеваҳои забонамон маҳфуз мондаанд ва тадқиқи ин масъала дорои аҳамияти илмиву амалист.

Маҳфузии чанде аз унсурҳои лексикии асри Х, аз ҷумла «Ҳудуд–ул–олам» боз як маротиба чунин пешгӯии устод Садриддин Айниро исбот менамояд, ки гуфта буд: «Хазинаи забони халқ ҳанӯз дарбаста ва дастнорасида аст. Аввалин вазифаҳои ташкилотҳое, ки дар ин соҳа кор мекунанд, ин хазинаро кушодан ва луғатҳои зиндаро аз байни халқ ғун карда бо як таҳқиқи илмӣ онҳоро чоп намудан ва ба ин восита забонро васеъ намудан аст» [4].

Зуҳури воҳидҳои луғавии «Ҳудуд–ул–олам» дар шеваҳо як хел нест. Агар як гурӯҳи онҳо бо ҳамон шаклу маъное, ки дар асари зикргардида мустаъмаланд, дучор оянд, пас қисми дигарашон аз ваҷҳи овозӣ аз забони осори асри Х, аз ҷумла рисолаи номбурда фарқ мекунанд. Дар ин ҷо мо танҳо аз хусуси як навъи онҳо, яъне роҷеъ ба калимаҳои классикӣ, ки дар шеваҳо бе тағйири овозиву маъно дучор меоянд, баҳс менамоем.

Муносибати маводи «Ҳудуд–ул–олам» бо баъзе унсурҳои шевагӣ собит менамояд, ки калимаҳои классикӣ имрӯз дар аксари ноҳияҳои тоҷикнишин бе тағйири овозу маъно ё бо андаке тағйироти маъноӣ маҳфуз ҳастанд.

Ба ин қабил унсурҳои луғавӣ калимаҳои **гилем, тарф, хинг, бозургон, бора, эшон, қаз, сипоҳ, бодия, марз, када, динор** ва монанди инҳоро мисол овардан мувофиқи мақсад аст.

Бояд гуфт, ки калимаҳои номбурда имрӯз аз лиҳози ҷилоҳои маъноӣ андаке тағйир ёфта, мафҳуми васеътарро ифода менамояд. Аз ин рӯ, таҳлили маънои баъзеи онҳо айни маврид аст.

Гилем: Дар асар калимаи мазкур ба маънои ***чакман*** мустаъмал гардидааст ва имрӯз маънии номбурдаи ин калима дар забони мардуми Хуф маҳфуз мондааст: Ва аз вай пайтоба хезад ва ***гилемҳо.*** Ва аз вай ***гилеми*** сапедгӯш ва ***гилеми*** дайламии зарбофт хезад.

Аз хусуси калимаи ***тарф*** муаллифи «Фарҳанги онанд роҷ » изҳори ақида карда овардааст, ки «тарф ҳамон кашк, ки аз дӯғи турш ҳосил кунанд ва ба туркӣ қурут хонанд» [4].

Ба маънии зикргардида ин калима дар асари номбурда фаровон ба кор рафтааст: Ва аз вай ***тарф*** ба рахбин хезад.

Дар шеваҳои Дарвоз ва Вахъё барои ифодаи қурут ё панири хушк ҳамин калимаро истифода мекунанд.

Хинг: Ба маънои асп истифода гардидани ин унсури луғавӣ дар фарҳангҳо зикр гардидааст, вале аломату рангро ифода намудани он ба назари мо нарасид.

Маводи гирдовардаи мо шоҳиди онанд, ки ***хинг*** дар асри Х калимаи сермаъно буда, ҳам предмет ва ҳам аломату хусусиятро мефаҳмонд. Дар ин байти устод Рӯдакӣ ин воҳиди луғавӣ маънои предметӣ дорад;

Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,
Хинги *моро то миён ояд ҳаме.*

Вале айни ҳамин калима дар «Ҳудуд–ул–олам» ба маънои ранг мустаъмал шудааст: Ва андар вай ду бути сангин аст: якеро сурхбут хонанд ва якеро **хингбут.**

Муаллифи «Бурҳони қотеъ» овардааст, ки **хингбут «**маъшуқи сурхбут аст ва инҳо ду бути азиманд ба миқдори 52 газ баландӣ аз санг тарошида дар мавзеи Бомиён, ки аз музофоти Қобул аст» [4]. Аммо дар фарҳанги номбурда ба маънои аломату ранг омадани ин калима вонахӯрд.

Таъкидаш айни маврид аст, ки дар муайян намудани семантикаи чанде аз воҳидҳои лексикии асар маъноҳои дар шеваҳои ҳозира маҳфузмондаи онҳо кӯмаки калон расонида метавонад.

Аз ин рӯ, барои ба маънии кадом ранг истифода гардидани ин калимаро ошкор кардан мо ба баъзе шеваҳои ҳозира мурочиат менамоем.

Бино ба маълумоти муҳаққиқони шева дар чанде аз махалҳои тоҷикнишин дар ду маънии калимаи зикрёфта (ҳам маънои предметӣ ва ҳам маънои аломатро ифода кардани он) дар истеъмол будааст. Чунончи. дар шеваи Ҳардурӣ ин калима щайр аз маъноҳои: 1) замини аз кор монда ё хоки кабуддор; 2) пӯст ё машки равғани зағир ва ё шиннӣ нигоҳдоранда, инчунин дар таркиби хару хингила ба маъноҳои хару хӯтук, хару асп истифода мешудааст.

Ба ҷуз ин **хинг** дар шеваҳои дигар дар ифодаи аломату хусусияти предмет ба кор бурда мешавад. Чунончи, дар лаҳҷаи Ёхсу ин калима маънои хираро дорад.

Р.Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев ишора намудаанд, ки «чанде калимаҳои сифатӣ дар ифодаи ранг меоянд, ки яке аз онҳо хинг мебошад.

С. Атобуллоев маънои конкретии ин калимаро ба таври зайл ба қалам додааст: «як навъ ранги кабуд ё сафеди хиратоб, ки майл ба кабудӣ дорад».

Пас, чунин бармеояд, ки ин калима дар «Ҳудуд – ул – олам» айни ҳамин маъноро ифода намудааст. Маълум мегардад, ки он дар шеваҳои имрӯза бе ягон тағйироти маъноӣ мустаъмал будааст.

Воқеан, хотирнишон карданием, ки ба маънои ранги сафеди хиратоб ин моддаи луғавӣ дар эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ дучор меояд:

Тани ***хингбед*** *арчи бошад* ***сафед,***
Ба сабзиву нармӣ набошад чу бед.

Имрӯз **хинг** дар таркиби гидроними **Хингов** ҳам ба сифати об далолат менамояд: оби ин дарё як андоза рангомехта мебошад.

Қазз: Ҷолиби диққат, аст, ки калимаи номбурда ҳанӯз дар даврахои қадим вориди забонҳои дигар гаштааст [4].

Макс Фасмер роҷеъ ба ин унсури луғавӣ мулоҳиза баён намуда қайд менамояд, ки **қазз** дар забони русӣ дар шакли **газ** дучор омада навъи матоъро ифода менамояд.

Ӯ муътақидаст, ки **қазз** тавассути калимаи фаронсавии қейз, ки маънои «пардаи тӯрин» - ро дорад, ба забони русӣ дохил гаштааст. Сипас ӯ арабӣ будани ин калимаро зикр мекунад.

Хотиррасон бояд кард, ки дар забони паҳлавӣ калимаи кач дар ифодаи навъи матоъ истифода мешуд.

Дар адабиёти классикӣ **кач, качоганд** маълум аст. Пас **қазз** арабӣ набуда, балки муарраби калимаи **кач** аст.

Качро муаллифи «Бурҳони Қотеъ» «қисме аз абрешими фурӯмоя ва камқимат» гӯён шарх додааст: Ба бештарин хостаи эшон **қазз** аст. Ва рӯйи мухадда ва **қазоганд** ва карбос хезад.

Имрӯз дар Исфара калимаи номбурда ба маънои «абрешими пастсифат, ки аз боқимандаи пила тайёр мекунанд», мустаъмал аст.

Бозаргон: Ин калима маънои савдогар, тоҷирро дошта, имрӯз доираи истеъмолаш танг шудааст, вале дар асари зикршуда хеле серистеъмол аст: Хушмикан шаҳракест ҷои **бозаргон** он ва хостаи бисёр аст.

Ҷузъи аввали ин калима (бозар) луғати қадимтарини тоҷикист. Дар порсии миёна дар шаклҳои вочор, возор ба маънои «бозор» дучор меояд. Ҳоло ин калима дар шевааҳои

ҷанубӣ – шарқӣ дар шакли бозургон ва дар аксари шеваҳои ҷанубӣ дар намуди бозаргон вомехӯрад.

Эшон дар рисолаи номбурда хеле бисёр истифода шудааст. Доираи маъноии ин калима дар асри X фарох буда, ҳам нисбат ба предметҳои ҷондор ва ҳам беҷон ба кор мерафтааст:

а) дар ифодаи одамон: Расми эшон чунон аст, ки ҳар рӯзе се бор таомбаранд.

б) ба ҷойи номи шаҳр: Эшонро яке хушкрӯд аст.

в) ба ҷойи номи кӯҳ: Аз **эшон** шохаҳои бисёр барояд

Калимаи номбурда аз ваҷҳи маъно имрӯз танг шуда, танҳо нисбат ба шахс истифода бурда мешавад.

Агар ба маънои «онҳо» ин калима дар Исфара дар шакли **ишон** вохӯрад, пас дар Варзоб намуди **эшонро** дорад.

Баъзе воҳидҳои луғавии ифодакунандаи ченаку андозаи пул, ки аслан моли забони бегонаанд, низ имрӯз дар маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин мустаъмаланд. Чунончи, унсури лексикии **динор** дар «Ҳудуд–ул–олам» чун воситаи муомилоти молию пулӣ вомехӯрад ва айни ҳамин маъно имрӯз дар Самарқанд маҳфуз мондааст: Ва он ҷо дар ҳар соле як рӯз бозор бувад, ки гӯянд он рӯз дар он бозор афзун аз сад ҳазор **динор** бозоргонӣ кунанд.

Тақдири таърихӣ доштани чанд вожаи шевагӣ баёнгари он аст, ки мо онҳоро ҳодисаи тасодуфан пайдошуда наҳисобида, балки зарур аст, ки сарнавишти ҳамаи онҳоро муайян намоем ва дар дохили дурдонаҳои гаронбаҳои шеваю лаҳҷа ба забони адабӣ кӯмак расонида, таркиби луғавии забонро тавоноиву неруи нав бахшем.

А Д А Б И Ё Т

1. Хонларӣ П.Н. Забоншиносӣ ва забони форсӣ. - Теҳрон, 1347. – 348 с.
2. Айнӣ С. Луғати нимтафсилии забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 564 с.
3. Зеҳнӣ Т. Чанд сухани судманд. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 157 с.
4. Ҳасанов А. Лексические особенности «Ҳудуд-ал-алам»: авто. дис... канд. филол. наук / А. Ҳасанов. - Душанбе, 1986. - 22 с.

ЛУҒАТИ ШЕВА ҲАМЧУН МАНБАИ ЗАБОНШИНОСӢ

(дар асоси маводи «Ҳудуд-ул-олам»)

Мусаллам аст, ки тадқиқи муқоисавии забони сарчашмаҳои таърихиву адабӣ бо маводи шеваҳо барои равшану возеҳ гаштани манзараи ҳақиқии забон дар даврaҳои гуногуни таърихӣ кӯмак мерасонад, зеро чунин тарзи таҳлил аз муҳаққиқ тақозо мекунад, ки тарзи пайдоиши ин ё он ҳодисаи забонро таърихан нишон дода, чӣ гуна роҳи пурпечутоб ва кадом даврaҳои асосиро тай кардани он муайян карда шавад. Зикр кардан бамаврид аст, ки маводи таърихии забон танҳо осори хаттии гузаштагон набуда, балки лафзи шевагӣ низ дар кушода гаштани гиреҳи муаммоҳои он ёрии калон мерасонад. Муқоисаи воҳидҳои луғавии баъзе шеваҳои забони тоҷикӣ бо бархе аз вожаҳои рисолаи ҷуғрофии Сомониён «Ҳудуд–ул–олам» бар он гувоҳӣ медиҳанд, ки аксари калимаҳои классикӣ имрӯз тамоман аз байн нарафта, балки дар гурӯҳи шеваҳои забонамон маҳфуз мондаанд ва тадқиқи ин масъала дорои аҳамияти илмиву амалист. Зуҳури воҳидҳои луғавии «Ҳудуд–ул–олам» дар шеваҳо як хел нест. Агар як гурӯҳи онҳо бо ҳамон шаклу маъное, ки дар асари зикргардида мустаъмаланд, дучор оянд, пас қисми дигарашон аз ваҷҳи овозӣ аз забони осори асри X, аз ҷумла рисолаи номбурда фарқ мекунанд. Дар ин ҷо мо танҳо аз хусуси як навъи онҳо, яъне роҷеъ ба калимаҳои классикӣ, ки дар шеваҳо бе тағйири овозиву маъно дучор меоянд, баҳс менамоем. Муносибати маводи «Ҳудуд–ул–олам» бо баъзе унсурҳои шевагӣ собит менамояд, ки калимаҳои классикӣ имрӯз дар аксари ноҳияҳои тоҷикнишин бе тағйири овозу маъно ё бо андаке тағйироти маъноӣ маҳфуз ҳастанд.

Калидвожаҳо: тадқиқи муқоисавии забони сарчашмаҳои таърихиву адабӣ, манзараи ҳақиқии забон, даврaҳои гуногуни таърихӣ, муқоисаи воҳидҳои луғавии баъзе шеваҳои забони тоҷикӣ, зуҳури воҳидҳои луғавии «Ҳудуд–ул–олам».

СЛОВАРЬ ДИАЛЕКТОВ КАК ИСТОЧНИК ЯЗЫКОЗНАНИЯ

(на основе материала книги «Пределы мира (Худуд-ул-олам»))

Несомненно, сравнительное исследование языка исторических и литературных первоисточников с материалом диалектов помогают в изучении естественной картины языка в различных исторических периодах, так как такой способ анализа требует от исследователя исторически показать то или иное языковое событие, определить его извилистий исторический путь и основные периоды его прохождения. Следует отметить, что исторический языковой материал является не только письменным наследием предков, но и языковой диалект вносит большую помощь в раскрытии узелков его проблем. Сранение словарных единиц некоторых диалектов таджикского языка с некоторыми словами географической рукописи Саманидов «Пределы мира (Худуд-ул-олам)» свидетельствует о том, что некоторые классические слова не исчезли из обихода, а наоборот сохранились в группе диалектов нашего языка и исследование данного вопроса имеет важное научное и практическое значение. Появление словарных единиц книги «Пределы мира (Худуд-ул-олам)» неодинаков в диалектах. Если некоторые из них встречаются в той форме и значении, которые они имеют в произведении, то другая их часть с фонетической точки зрения отличается от языка произведения X века. В данной статье мы будем дискутировать только об одном их виде, то есть относительно классических слов, которые встречаются в диалектах без фонетических и смысловых изменений. Отношение материала книги Пределы мира (Худуд-ул-олам)» с некоторыми диалектическими элементами доказывает, что классические слова сохранились сегодня в некоторых районах населенных коренными таджиками без фонетических и смысловых изменений с некоторыми смысловыми изменениями.

Ключевые слова: сравнительное исследование языка исторических и литературных первоисточников, естественная картина языка, различные исторические эпохи, сравнение словарных единиц некоторых диалектов таджикского языка, выявление словарных единиц книги «Пределы мира (Худуд-ул-олам)».

DICTIONARY OF DIALECTS AS A SOURCE OF LANGUAGE
(on the basis of the material of the book "Limits of peace (Khudud-ul-olam)")

Undoubtedly, a comparative study of the language of historical and literary primary sources with the material of dialects helps in the study of the natural picture of the language in various historical periods, since this method of analysis requires the historian to show historically a particular linguistic event, to determine its tortuosity the historical path and the main periods of its passage. It should be noted that the historical language material is not only the written heritage of ancestors, but also the linguistic dialect is of great help in uncovering the knots of its problems. The fading of the vocabulary units of some dialects of the Tajik language with some words of the Samanid geographical manuscript "The Limits of the World (Khudud-ul-olam)" indicates that some classical words have not disappeared from everyday life, but rather persisted in the dialect group of our language and the study of this issue has an important scientific and practical value. The appearance of the dictionary units of the book The Limits of the World (Khudud-ul-olam) is not the same in dialects. If some of them occur in the form and meaning that they have in the work, then another part of them differs from the phonetic point of view from the language of the product of the 10th century. In this article, we will discuss only one of their forms, that is, relatively classical words that occur in dialects without phonetic and semantic changes. The relation of the material of the book Limits of the World (Khudud-ul-olam) with some dialectical elements proves that classical words were preserved today in some regions inhabited by indigenous Tajiks without phonetic and semantic changes with some semantic changes.

Key words: comparative study of the language of historical and literary sources, the natural picture of the language, different historical epochs, comparison of the dictionary units of some dialects of the Tajik language, the identification of the dictionary units of the book "Limits of the World (Khudud-ul-olam)".

Сведения об авторе: ***Ишонова Дилором Турсунхоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанд, кандидат филологических наук, старший преподаватель. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан г. Ходжент, ул. Ленина, 169.
Телефон: **(+992) 92-842-25-56**

Information about the author: ***Ishonova Dilorom Tursunhonovna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, PhD in Philology, senior lecturer. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khojent, ul. Lenina, 169. Tel.: **(+992) 92-842-25-56**

УДК: 42+491.550: 491.550+42(03)

АЗ ТАЪРИХУ ТАДВИНИ ФАРҲАНГҲОИ ДУЗАБОНАИ АНГЛИСӢ-ТОҶИКӢ ВА ТОҶИКӢ АНГЛИСӢ

Маликова У.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳияи фарҳангҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ дар таърихи фарҳангнигории забони тоҷикӣ нақши муҳим дорад. Умуман, таҳриру тадвини фарҳангҳои дузабона, сезабона ва ё чандзабона дар таърихи забони мо анъанаи дерина дошта, он ба умқи таърих мерасад. Масалан, дар даврaҳои миёнаи рушди забони эронӣ чандин луғатномаҳои дузабонаи суғди-форсӣ, хуталонӣ-суғдӣ-бохтарӣ таҳия шуда, баъзеи онҳо то ба даврaҳои мо расидаанд. Аз таърихи забони тоҷикӣ дар давраи нав чунин маълум мешавад, ки ҳанӯз дар марҳилаи оғози рушди забони тоҷикӣ луғатномаҳои тоҷикӣ-арабӣ ва арабӣ-тоҷикӣ дар бобати истифодаи вожаҳои махсуси истилоҳӣ пайдо шуда буданд.

Аслан фарҳангҳо аз рӯйи хусусиятҳои хоссашон ба ду намуд ҷудо карда мешаванд:

- фарҳангҳои забоншиносӣ;
- фарҳангҳои энсиклопедӣ.

Фарҳангҳои забоншиносӣ - яке аз сарчашмаҳои асосии омӯзиши ин ё он забон ва инчунин нишондиҳандаи ҷой ва нақши он дар таъриху фарҳанг мебошанд.

Дар асоси омӯзиши фарҳангҳои ҷамъулҷамъи фарҳангҳои қарни гузашта ва фарҳангҳои муосир роҷеъ ба ташакули таркиби луғавии забонҳо метавон маълумот ба даст овард ва атрофи масоили гуногуни он мулоҳизаҳо ронд.

Таркиби луғавии ҳар як забон ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти халқиятҳои муайянро дар тӯли таърих дар бар мегирад. Яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини тадқиқоти таърихию забоншиносӣ, фарҳангҳои дузабона мебошанд.

Дар ҳамҷоягӣ онҳо мавқеъ ва ё нақши ин ё он забонро дар таърихи фарҳанг дар даврaҳои муайяни таърихӣ ва робита бо забонҳо тасдиқ мекунанд. Фарҳангҳо ҳолати забонро дар даврaҳои муайяни ташаккулёбии таърихии ин ё он забон сабт мекунанд.

Агар фарҳангҳои умумӣ қисми асосии фарҳанги давраи муайянро инъикос кунанд, ки ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт ҳамчун сарчашмаҳои таърихии забон (рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, адабиёти бадеӣ, ҳуҷҷатҳои расмии мутааллиқ ба мафҳумҳои ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёт) мансубанд, пас фарҳангҳои дузабона бошанд маҷмӯи муайяни қоидаҳои сабтшудаи

ҷузъҳои фарҳанг (морфемаҳо, калимаҳо, ибораҳо, ҷумлаҳо) – и як забонро бо унсурҳои мувофиқи забони дигар пешниҳод мекунад.

Фарҳангҳои дузабонаи тоҷикӣ - англисӣ ва англисӣ- тоҷикӣ ҳам истисно аз ин гуфтаҳо нестанд. Таҳлилу тадвини фарҳангҳои дузабонаи англиси-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ дар таърихи фарҳангнигории забони тоҷикӣ нақши муҳим дорад.

Дар ибтидои қарни XX низ фарҳангҳои дузабонаи зиёде пайдо шуданд, ки дар онҳо хусусиятҳои хосси забони тоҷикӣ инъикос ёфтаанд. Масалан, таҳия ва тадвини луғатҳои дузабонаи тоҷикӣ-англисӣ ва англисӣ-тоҷикӣ бештар ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ иртибот дошт ва бештар хусусияти таълимӣ ба худ касб карда буд. Аввалин намуди ин луғатҳо дар шакли пайваст ба китобхонаҳои дарсӣ пайдо шуданд. Дар ин гуна фарҳангномаҳо калимаву ибораҳои душворфаҳми забони англисӣ ба забони тоҷикӣ шарҳ дода мешуданд.

Фарҳангнигории дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ–англисӣ таърихи худро аз охири қарни гузашта оғоз намудааст. Луғати аввалини англисӣ-тоҷикӣ зери таҳрири Г.Б. Баркаева соли 1970 ба чоп расидааст, ки қариб се ҳазор калимаи тоҷикиро шарҳ додааст. Ин луғат ҳамчун луғати таълимӣ барои донишҷӯёни макотибҳои олӣ дар заминаи луғатҳои англисӣ, русӣ таҳрир шудааст. Калимаҳои дар луғат овардашуда аз лиҳози ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб буданашон ишорат шудаанд, вале аз ҷиҳати услубиву грамматикӣ ягон ишорае нашудааст. Барои истифодабарандагон рӯйхати феълҳое, ки аз рӯйи қоидаи умумӣ тасриф намешаванд, оварда шудааст ва ҷадвалҳои грамматикии зарурӣ ба он замима шудааст.

Луғати дигари англисӣ - тоҷикӣ ба калами М.Б. Шаҳобова тааллуқ дорад, ки нахустин бор соли 1972 бо номи «Луғати хурди англисӣ - тоҷикӣ» ва баъдан бо илова намудани қисмати форсӣ бо номи луғати мухтасари англисӣ – тоҷикӣ - форсӣ аз чоп баромадааст. Дар ин луғат калимаҳои байналхалқӣ низ оварда шудаанд.

Фарҳанги дигари англисӣ - тоҷикӣ, ки соли 2000 нашр гардида, ба қалами профессор А. Мамадназаров тааллуқ дорад, аввалин фарҳанги дузабонаи калонҳаҷме аст, ки ҳудуди 13000 ибораву калимаҳоро дар бар мегирад. Дар ин фарҳанг бори аввал рӯйхати калимаҳои ихтисоршудаи англисиву амрикои, руйхати номҳои маъмул, ченакҳои метрӣ ва дигар маводҳои зарурӣ замима гардидааст. Аз ҳама хусусияти фарқкунандаи ин фарҳанг дар он аст, ки дар он бори аввал зарбулмасалу мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ, калима ва ибораҳои англисӣ бо муродифоти зиед оварда шудаанд. Дар соли 2007 бошад нашри дувуми фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ аз тарафи профессор А. Мамадназаров ба чоп расидааст, ки дар он зиёда аз 25 ҳазор калима ва ибораҳо оварда шудаанд. Дар ин нашр калимаҳои забони англисӣ бо чор, панҷ ва ҳатто зиёда аз он муродифхо дода шудаанд. Барои шарҳи ин вожаҳо бошад зиёда аз 500 ҳазор зарбулмасал ва мақолҳо ба забони англисиву тоҷикӣ оварда шудаанд.

Фарҳанги англисӣ - тоҷикии Парвона Ҷамшедов ва Т. Розӣ бошад, соли 2005 чоп шуда яке аз фарҳангҳои мукаммалтарини дузабона мебошад. Ин фарҳанг 26 ҳазор калимаҳову ибораҳои луғавиро дар бар гирифтааст. Хусусияти фарқкунандаи ин фарҳанг дар он аст, ки дар он аввалин бор вожаҳову истилоҳоти компютерӣ оварда шудаанд. Ҳамчунин дар ин фарҳанг муҳимтарин воҳидҳои луғавӣ, истилоҳоти тахассусӣ ва ибораҳои тоҷикиро фаровон истифода кардаанд, ки барои истифодабарандагон ва тарҷумонҳо ҳамчун дастури муфиде дониста шудааст.

Дар соли 1968 бошад, луғати аввалини тоҷикӣ - англисӣ, ки ба қалами Г.Б.Баркаева тааллуқ дорад, дар ду ҷилд зери таҳрири А.Бертельс дар нашриёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Фарҳанги нисбатан комилтари англисӣ - тоҷикӣ бошад, бо номи STANDART TAJIK-ENGLISH DICTIONARY дар нашриёти Ал-Салами ш. Бишкек соли 2001 чоп шудааст, ки муаллифони он Рондал ва Рошел Олсонҳо мебошанд, ки дар Тоҷикистон дар яке аз созмонҳои байналмилалӣ фаъолият мекарданд. Хусусияти фарқкунандаи ин фарҳанг дар он аст, ки калимаҳои тоҷикӣ бо хатти арабиасоси тоҷикӣ низ оварда шудаанд. Азбаски фарҳанг дар заминаи фарҳанги тоҷикӣ-русии Я.Н. Калонтаров оварда шудааст, калимаҳои русиро ба рӯйхати калимаҳои тоҷикӣ дароварда, ба англисӣ тарҷума кардааст ва он аз руйи тартиби имлои пешинаи забони тоҷикӣ сурат гирифтааст.

Соли 2005 нашриёти дар Иёлоти Муттаҳида будаи Данвуди Пресс фарҳанги хеле мукаммал ва калонҳаҷми тоҷикӣ - англисиро ба нашр расондааст, ки зиёда аз 29 ҳазор калимаро дар бар мегирад. Ин фарҳанг аз рӯйи вожаҳои рӯзномаҳои муосири тоҷикӣ - Неруйи Сухан, Чароғи рӯз, Минбари Халк рӯзи Нав, Оламу Одам, Тоҷикистон, Ҷумҳурият интихоб шудаанд. Аз илми луғатнигорӣ ин фарҳанг аҳамияти амалӣ ва назариявӣ дорад ва он намунаи беҳтарини фарҳангнигории тоҷикӣ- англисӣ мебошад.

Ниҳоят соли 2008 дар Душанбе фарҳанги нисбатан калонҳаҷми тоҷикӣ англисии Парвона Ҷамшедов ба табъ расид, ки дар оғози фарҳанг сарсухани муҳаррир А.Мирбобоев доир ба таърихи кӯтоҳи ташаккул ва инкишофи забони тоҷикӣ аз даврахои

қадим то имрӯз ҷой дода шудааст. Ин фарҳанг барои донишҷӯёни макотиби олӣ, устодону тарҷумонҳо ва ҳамаи хоҳишмандоне, ки забони хориҷиро меомӯзанд, таълиф шудааст.

Хулоса, таҳияи фарҳанг кори басо пурмашаққат буда, он илова бар аҳамияти фарҳангиву маърифати боз аҳамияти бузурги тарбиявӣ ва таълими низ дорад. Аз ин рӯ, фарҳангҳои англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ барои тоҷиконе, ки забони англисиро меомӯзанд ва инчунин барои британиҳову амрикоиҳое, ки забони моро омӯхтан мехоҳанд, баробар зарур аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Баракаева Г.Б. Луғати тоҷикӣ-англисӣ. Ҷ.1-2 / Г.Б. Баракаева; зери таҳрири А. Бертелс. - Душанбе: Университети давлатии Тоҷикистон, 1970. - 173 с.
2. Мамадназаров М.А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / М.А. Мамадназаров. - Душанбе: Нодир, 2003. - 492 с.
3. Мамадназаров М.А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / М.А. Мамадназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2015. - 1016 с.
4. П.Ҷамшедов. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / П.Ҷамшедов. Т.Розӣ. - Душанбе: Пайванд, 2005. - 1202 с.
5. Шаҳобова М.Б. Луғати хурди англисӣ-тоҷикӣ / М.Б. Шаҳобова. - Душанбе: Дониш, 1972. - 204 с.

АЗ ТАЪРИХУ ТАДВИНИ ФАРҲАНГҲОИ ДУЗАБОНАИ АНГЛИСӢ-ТОҶИКӢ ВА ТОҶИКӢ - АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур дар бораи таърих ва пайдоиши аввалин луғатҳои дузабонаи тоҷикӣ - англисӣ ва англисӣ-тоҷикӣ бахшида шудааст. Инчунин, маълумотҳои муфассал оид ба илми луғатнигорӣ ва аҳамияти амали ва назариявии он ва намунаҳои беҳтарини фарҳангнигории тоҷикӣ - англисӣ дода шудааст. Дар ибтидои қарни ХХ-ум низ фарҳангҳои дузабонаи зиёде пайдо шуданд, ки дар онҳо хусусиятҳои хосси забони тоҷикӣ инъикос ёфтааст. Масалан таҳия ва тадвини луғатҳои дузабонаи тоҷикӣ-англисӣ ва англисӣ-тоҷикӣ бештар ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ иртибот дошт ва бештар хусусияти таълимӣ ба худ касб карда буд. Аввалин намуди ин луғатҳо дар шакли пайваст ба китобхонаҳои дарсӣ пайдо шуданд. Дар ин гуна фарҳангномаҳо калимаву ибораҳои душворфаҳми забони англисӣ ба забони тоҷикӣ шарҳ дода мешуданд. Фарҳангнигории дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ таърихи худро аз охири қарни гузашта оғоз намудааст.Луғати аввалини англисӣ-тоҷикӣ зери таҳрири Г.Б. Баркаева соли 1970 ба чоп расидааст, ки қариб се ҳазор калимаи тоҷикиро шарҳ додаст. Ин луғат ҳамчун луғати таълими барои донишҷӯёни макотиби олӣ дар заминаи луғатҳои англисӣ, русӣ таҳрир шудааст. Калимаҳои дар луғат овардашуда аз лиҳози ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб буданашон ишорат шудаанд вале аз ҷиҳати услубиву грамматикӣ ягон ишорае нашудааст. Барои истифодабарандагон рӯйхати феълҳое, ки аз рӯйи қоидаи умумӣ тасриф намешаванд, оварда шудааст ва ҷадвалҳои грамматики зарурӣ ба он замима шудааст.

Калидвожаҳо: фарҳанг, дузабона, якчандзабона, ташаккул, луғатнигорӣ.

ИЗ ИСТОРИИ ПОЯВЛЕНИЯ АНГЛО-ТАДЖИКСКИХ И ТАДЖИКСКО-АНГЛИЙСКИХ СЛОВАРЕЙ

Данная статья посвящается истории формирования двуязычных таджикско-английских и англо-таджикских словарей. А также в ней даны подробные сведения о лексикографии и ее практической и теоретической актуальности. В начале ХХ-го века появился ряд двуязычных словарей, в которых рассматривались некоторые особенности таджикского языка. Например, разработка и создание двуязычных англо-таджикских и таджикско-английских словарей больше всего предназначалась для общеобразовательных школ и высших учебных заведений. Первые такие словари издавались вместе со школьными учебниками. В этих словарях труднопонимаемые слова и словосочетания переводились с английского языка на таджикский язык. Создание и разработка англо-таджикских и таджикско-английских двуязычных словарей берёт своё начало с прошлого века. Первый двуязычный англо-таджикский словарь выпускался под редакцией Г.Б. Баракаевой в 1970 году, который включал в себя 3000 слов. Этот словарь был создан на основе англо-русских словарей для студентов высшего учебного заведения. В этом словаре указывалось, к какой части речи относятся, но стилистические и грамматические пометы не делались. А также в этом словаре была создана таблица неправильных глаголов и несколько необходимых грамматических правил в таблицах.

Ключевые слова: словарь, двуязычный, многоязычный, формирование, лексикография.

FROM THE HISTORY OF DERIVATION OF ENGLISH-TAJIK AND TAJIK-ENGLISH DICTIONARIES

The article considered the history and formation of Tajik-English and English-Tajik bilingual dictionaries and also detailed information about lexicography and its practical and theoretical relevance. At the beginning of 20th century there were produced some bilingual dictionaries which considered some important features of English and Tajik languages. For instance production and elaboration of bilingual dictionaries most of all were dedicated for the secondary schools and high schools and it has educated features. The first bilingual English-Tajik and Tajik-English dictionaries were produced in addition to school text-books. These bilingual dictionaries included some complex words and word combination which were translated from English into Tajik and from Tajik into English languages. Production and elaboration of bilingual Tajik-English and English dictionaries took its base from the beginning of the last century. The first bilingual English-Tajik dictionary was established under the production of G.B. Barakaeva in 1970 which included 3000 words and words combination. This bilingual dictionary was produced on the base of English-Russian dictionaries for the students of high schools. The words were shown to which part of speech they belong to. But they were not shown from grammatical stylistic features. And there also were given the list of irregular verbs and some grammatical rules.

Key words: Dictionary, bilingual, monolingual, formation, lexicography

Сведения об авторе: ***Маликова Умеда*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 93-988-89-98**

Information about the author: ***Malikova Umeda*** - Tajik National University, assistant of the English language department and comparative typology of the faculty of languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 93-988-89-98**

УДК: 800.92.(575.3) 82. (802.0)

ИНЪИКОСИ МАФҲУМИ «ТАРС» ВА «ДАЛЕРӢ» БО ҶУЗЪИ «ДИЛ/HEART» ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Маҳмудзода М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Тамоми нозуктарин ҷузъиёти фарҳанги халқ дар забони он инъикос ёфтааст, аз ин рӯ, он инсон ва дунёи иҳоташудаи ӯро ба таври гуногун муайян менамояд.

Забон сарчашмаи муҳимтарини ташаккули ҳувияи миллии халқ ба шумор рафта, дар фарҳанг ҳифз мешавад ва аз як насл ба насли дигар таҳвил дода мешавад.

Ба ақидаи Бердяев Н.А.: «Фарҳанг – ин хотираи таърихии халқ мебошад. Забон бошад, тавассути кори кумулиятивии фарҳанг онро ҳифз намуда, мусоҳибаи наслҳои на танҳо гузаштаро бо ҳозира, балки ҳозираро бо оянда таъмин менамояд» [1, с.96].

Дар мақолаи мазкур ҳиссиёти мутазод – тарс ва далерӣ, ки бо воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ифода ёфтаанд, таҳлил гардидаанд. Воҳидҳои фразеологӣ ҳикматноктарин, равшантарин, саҳеҳтарин, фасеҳтарин ва таъсирбахштарин умумиятҳои забонӣ ба шумор рафта, дониш, фарҳанг, урфу одат ва воқеияти чандинасраро дар бар мегиранд ва аз наслҳои гузашта ба ҳозира ва аз ҳозира ба оянда мерос гузошта мешаванд.

Чӣ тавре ки маълум аст, тарс дар натиҷаи омилҳои таҳдидомезу хатарнок ба вуқӯъ меояд. Тарс – ин ҳолати нохуш ва таъсирбахшест, ки инсон онро таҳаммул менамояд.

Ҳама гуна ҳиссиёту эҳсосотро инсон тавассути дил ҳис намуда, онро дар қалби худ ҷо менамояд. Аз ҷумла, эҳсос намудани тарс ба дил алоқаманд аст ва бо роҳ додани ваҳму ҳарос дар дил инсон гирифтори тарсу ҳарос мегардад. Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ин ҳолат бо воҳиди фразеологии **«ваҳму ҳаросро ба дил роҳ додан», «дар дил тарс доштан», «ба дили касе воҳима андохтан»** ифода ёфтааст: *Агар дар сари шумо шавқу ҳаваси тамошои аҷоиботи кӯҳсор бошад,* ***ваҳму ҳаросро ба дили худ роҳ надиҳед****, аз воҳимадории ин роҳи борики торик натарсед ва далерона ба пеш нигоҳ карда қадам партоед, тамошо сар мешавад [7, с.4]. Ҳайфо, ки ҳоло хурд ҳастам ва* ***дар дилам тарс ҳам бисёр аст*** *[8, с.15]. Байни ману Худованди якто, як робитаи сиррӣ вуҷуд дошт ва то ҳоло ба худ меболидам, ки монанди шумо мардони ҷавон ва неруманд ва аз сулолаи анбиё бародароне дорам, ки агар душмане маро таҳдид кунад, ман бо вуҷуди чунин пуштибононе ҳаргиз* ***ҳарос ба дили худ раҳ нахоҳам дод****, ….[4, с.29]. Агар ҳамин васвасаҳо* ***ба дили ман воҳима намеандохт****, кайҳо худам ариза бардошта, ба ноҳия мерафтам [14, с.234]* ***Ба дили Шодигул ваҳме афтод****. Падараш ҳеҷ вақт бо вай ин тавр муомила накарда буд [11, с.187].*

Инчунин дар низоми воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологие ба назар мерасанд, ки онҳо ҷузъан бо лексемаи «дил» ва синонимҳои феъли «тарсидан» таркиб ёфтаанд. Аз ҷумла, воҳиди фразеологии **«дили касе ҳавл кардан»** қисман аз лексемаи «дил» ва феъли таркибии «ҳавл кардан», ки синоними феъли «ҳаросидан» мебошад, таркиб ёфта, ифодакунандаи тарсу ҳарос мебошад: *Чӣ шуд, ки ин қадар дер мондӣ? – гуфт вай,* ***- дилам ҳавл карда****, чӣ кор карданамро надониста будам [14, с.276].*

Бо таҳаммул намудани тарс дар бадани инсон тағйиротҳои физиологӣ ба амал меояд, ки ин ҳолат дар низоми воҳидҳои фразеологии забони англисӣ бо воҳидҳои фразеологии **«heart skips a beat», «heart stands still», «bring smb's heart into his mouth»** ва дар забони тоҷикӣ бо воҳидҳои фразеологии **«дил ларзидан», «дил ҷиғғос задан», «дил ба тапиш афтидан», «дил зиррас кардан»** ва **«дил шуввӣ кардан»** ифода ёфтааст. Воҳидҳои фразеологии мазкур тарси шадид ва тапиши дили сахтро нишон медиҳанд, ки ҳиссиёти манфӣ боиси он гардидааст:

Дар забони англисӣ: **Heart skips a beat** – **таҳтул**. дил аз як тапиш мегузарад, яъне дил аз тапиш мемонад, ки дар фарҳанги воҳидҳои фразеологии Кунин А. В. ҳамчун тарси шадид ва ногаҳонӣ тафсир шудааст [3, с.374]: *"I mean it", Sally stuck to her guns though* ***her heart sank****, "I won't have this sort of business transacted in my house" [3, с.375]. –* [**таҳтул**. ***дили ӯ афтида буд***]. *– «Ман маҳз ҳаминро гуфтан мехоҳам», новобаста аз оне ки* ***Сэлли сахт тарсида буд****, ӯ қатъиян истодагарӣ мекард, «Ман чунин ҳолатро дар хонаи худам таҳаммул намекунам».*

Heart stands still – **таҳтул**. дил ором меистад, яъне дил аз тапиш мемонад, ки Кунин А. В. дар «Фарҳанги воҳидҳои фразеологӣ» воҳиди фразеологии мазкурро «ҳамчун сахт ва ногаҳонӣ тарсидан» таъриф намудааст [3, с.374]: ***Johnny's heart stood still*** *when he saw his dog run into the street in front of the car –* [**таҳтул**. ***Дили Ҷонни ором истод] Ҷонни хеле сахт тарсид****, вақте ки сагаш ба кӯча ба пеши мошин давида рафт.*

Bring smb's heart into his mouth – **таҳтул**. дили касеро ба даҳонаш овардан, яъне, касеро сахт тарсонидан: *When he showed his nose in a shop, they talked about the beadle – which* ***brought Oliver's heart into his mouth*** *[19, с.83].* – [**таҳтул.** ***дили Оливерро ба даҳонаш овард****]Вақте ки ӯ ба мағоза омад, онҳо дар бораи посбони маҳаллӣ гап мезаданд, ки дили Оливерро ҷиғгос занонд.*

Дар забони тоҷикӣ: **Дил ларзидан** – ин воҳиди фразеологӣ дар фарҳангномаи Фозилов М. ҳамчун тарсидан, сахт ҳаросидан тафсир шудааст [13, с.374]. Воҳиди фразеологии мазкур бо ҳодисаҳои физиологии дар бадан рухдиҳанда, далелнок шудааст: *Бозор пас аз шунидани гапҳои арбоб қадре ором гирифт, лекин боз* ***сухани Зуфар аз «ин корро накун»-ҳои занаш ба ёдаш омада, дилаш ларзид*** *[7, с.53].* ***Аз ин сухани бой дили Бозор ларзид****, зеро пас аз набудани барзагов, аз замин – аз деҳқонӣ фоида нахоҳад гирифт [7, с.56].*

Дил ҷиғгос задан – ин воҳиди фразеологӣ хосси мардуми Хуҷанд буда, ҳолати тарсу ваҳмро ифода менамояд ва дар «Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд», ҳамчун тарсидан ва ҳаросидан тавсиф шудааст [2, с.107]. Воҳиди фразеологии «дил ҷиғгос задан» аз феъли таркибии «ҷиғгос задан», яъне «дод задан» ва лексемаи «дил» иборат мебошад ва ин воҳиди фразеологӣ дорои маънои маҷозӣ-метафорӣ мебошад. Баъд аз таҳлили тарси шадид дили инсон ба тапиши сахт мубтало мегардад ва овози он тапиш баланд шунида мешавад. Сабаби чунин алоқамандкунӣ маҳз дар ҳамин мебошад: *Ҳамин ки чашмам ба рӯяш, ба чашмаҳои аз оби дида пураш афтид,* ***дилам якбора ҷиггос зада,*** *гӯё аз ҷояш беҷо шуд. Дилам сахт сахт мезад [5, с.32].*

Дил тапидан – яъне, тарсидан, ҳаросидан. Бо таҳаммули тарси шадиду ногаҳонӣ дили инсон аз меъёр тезтар ва босуръаттар мезанад, ки ин ҳолат дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон бо воҳиди фразеологии мазкур ифода ёфта, дар асарҳои бадеӣ ба таври зайл истифода мешавад: *Ҳарчанд аз рӯйи гуфтаҳои бой ғайр аз «як парча хатти қозӣ» чизи зиёдатӣ аз соли гузашта ба зарари худ намедид, боз* ***дилаш дар тапиш афтода буд****, аз ҳамин рӯз сар карда гӯё ки беватан, безамин ва бехонумон шуда истода буд [7, с.48].*

Дил зиррас задан – ин воҳиди фразеологӣ ҷузъан аз лексемаи «дил» ва феъли таркибии «зиррас задан» ташкил ёфтааст. Феъли таркибии «зиррас задан» феъли лаҳҷавӣ ба шумор рафта, он аслан ба шеваи ҷанубӣ Тоҷикистон хос аст ва маъноияш «ларзидан, сахт такон ёфтан» мебошад. «Дил зиррас задан», яъне, «дил ларзидан» дорои маънои маҷозӣ-метафорӣ буда, он ифодакунандаи тарси шадиду ногаҳонӣ мебошад. Сабаби чунин шабеҳкунӣ аслан дар он мебошад, ки дар вақти таҳаммули тарси шадид тапиши дили инсон дучанд мегардад ва ин раванд дар тафаккури тоҷикзабонони ҷанубӣ Тоҷикистон бо «ларзидани дил» таҷассум ёфта, дар тасвири забонии ҷаҳони онҳо бо воҳиди фразеологии **«дил зиррас задан»** ифода ёфтааст. Ин воҳиди фразеологӣ аслан дар ҷанубӣ Тоҷикистон маъмул буда, дар дигар минтақаҳои кишвар дар истеъмол нест, аз ин рӯ, феъли таркибии «зиррас задан» феъли шевагӣ ба шумор рафта, дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба назар мерасад ва дар «Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд» ҳамчун ниҳоят тарсидан, дар тарсу ларз будан ифода ёфтааст [2, с.131]: ***Дилам зиррас мезанад****, ки нон хорузор нашавад, ношукрӣ нашавад. Ҳукумати совет аз Нӯширавони одил ҳам гузаронд [12, с.260].*

Дили касе шуввӣ кардан – ин воҳиди фразеологӣ ҷузъан аз лексемаи «дил» ва феъли таркибии «шуввӣ кардан» таркиб ёфта, дар «Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд», ҳамчун ногоҳ аз овозе ё ҳодисаи тасодуфӣ тарсидан тасниф шудааст [2, с.107]: ***Дили Иброҳимҷон шуввӣ карда рафт****. Дар чашмони Қамар оташаки айёронае медурахшид [12, с.74].*

Инчунин дар тафаккури тоҷикзабонон ваҳм ҳамчун ҷисми дорои соя буда, таҷассум ёфтааст. Сабаби чунин таҷассумёбии ҳисси тарс дар он мебошад, ки дар ҳолати гирифтор шудан ба тарси шадид дили инсон ба ҳиссиёти нохуш гирифтор шуда, он тангӣ меорад, аз ин рӯ, дар низоми воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ воҳиди фразеологии **«сояи ваҳм дар дили касе ҷо шудан»** ба назар мерасад: *Ҳарчанд, ки воқеаи Савсан ба вай ва ба шавҳари вай алоқае надошт ва намечаспид, - онҳо зану шӯйи қадрдон ва ҳоло синну солашон ҳам гузаштагӣ, дар байн бачаҳо ҳастанд, …. – лекин, чӣ як* ***сояи ваҳм ба дили ӯ ҷо шуда****, нашъаи баҳор ва дақиқаҳои хушбахтии ӯро халалдор мекард [16, с.10].*

Нишонаҳои ҷойгиршавии дил дар ҷисми инсон ва ҷойивазкунии он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баръало намудор мегардад. Хусусан тасаввуроти умумии соҳибзабонон доир ба ҷойҳои асосӣ ва доимии дил («миёнҷой», «қафаси сина», «дар дарун») бо ҳам алоқаманд мебошанд. Дар забони англисӣ дил аз тарс ба пойҳо ё пойафзол ва ё ба даҳон ва гулӯ меравад: **have one's heart in one's mouth or throat** – **таҳтул**. дили касе дар даҳон ё гулӯяш будан ё **have one's heart in one's boots** – **таҳтул**. дили касе дар пойафзолаш будан: *In ten years more the well dried up; and now if you lower the bucket ….and let out nearly all the cord, you'll hear it of a sudden clanking and rattling on the ground below, with the sound of being so deep and so far down, that* ***your heart leaps into your mouth*** *and you start away as if you were falling in [18, с.270]. – Баъд аз дах сол чоҳ ба пуррагӣ хушк шуд. Акнун агар шумо танобро ба пуррагӣ*

*кушоед, сатил ҷаррангос зада, ба қаъри хушк меафтад, ба чунон чуқурие, ки [***таҳтул***. ***дилатон ба даҳонатон мепарад] дилатон якбора таҳ кашида****, худро ба канор мегиред, то ба он ҷо наафтед.*

Дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон бошад, дил аз тарс ба таҳ меравад ё ба пушт мекашад ё дур мешавад: **дили касе ба пушт кашидан**, яъне тарсидан; **дили касе ба так (таҳ) кашидан**, **дили касе ба тахтапушташ рафта часпидан**, **дили касе рамидан,** ки дар «Фарҳанги воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ»-и Фозилов М. ҳамчун сахт ҳаросидан тафсир шудааст [13, с.358-360, 385] ва дар матни бадеӣ ба таври зайл истифода шудааст: ... *вақте ки чӯби мактабдорро дар ҳолате ки ба поям расида истодааст, ба хотир меовардам, кафи пойҳоям хоришкунон сӯзиш мекард,* ***дилам ба пушт мекашид*** *ва нафасам тангӣ мекард [8, с.22]. Ӯ бародарони ягонаашро хайёлан рӯйи бистари марг ё миёни гулу гулчанбарҳо, тасмаҳои шоҳии сурху сиёҳи мотамосор дида,* ***дилаш таг кашида мерафт*** *[12, с.110].* ***Дилам так кашида меравад****, ки мабодо чашм расад… Калоншавандаҳо, хондагиҳо аз радиё нона эҳтиёт кунед гуфта, насиҳат мекунанд [12, с.260]. Чархи ақиб аз лаби ҷарӣ нагз гузашт, вале чархи рости пеш ба хоки мулоими лаби ҷар даромад.* ***Дили Амон ба так кашида рафт*** *[12, с.324]. Инро дида дили ман каме рамида монд [6, с.254].*

Дар ин ҷо ҳисси тарс маҷозан **«бо рафтани дил ба поён»**, яъне, иваз намудани мавқеи муқаррарии «дил», ифода ёфтааст.

Инчунин, дар низоми воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чунин воҳидҳои фразеологие ба назар мерасанд, ки дар онҳо «дил» ба номгӯи ҳайвонот ва парандаҳо қиёс шудааст, ки ҳайвонҳои заиф бо ҳисси тарс ва ҳайвонҳои қавӣ бо ҳиссӣ далерӣ алоқаманд карда мешаванд. Дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ҳисси тарс ба образи буз қиёс карда мешавад. Дар тафаккури тоҷикзабонон «буз» ҳамчун як ҳайвони лоғару тарсу таҷассум ёфтааст ва он таҷассумгари тарсу ҳарос мебошад. Аз ин рӯ, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон дили инсони тарсончак ба «буз» шабеҳ дода мешавад: **«буздил будан»** – яъне, тарсончак будан: *Ба қасди* ***буздилон*** *заврақи худро «Шаккок» ном дода буд. Гуруснагиро бо гӯшти моҳӣ, ташнагиро бо оби борон рафъ менамуд [12, с.212].*

Дар забони англисӣ бошад, дили инсони тарсончак ба чӯҷа монанд карда мешавад, сабаби чунин шабеҳият дар ҳаҷму заифии он мебошад: **be chicken- hearted** – **таҳтул**. чӯҷа-дил будан, яъне тарсончак будан: *Yes, I am a* ***chicken-hearted*** *softie. I never try anything too risky [22, с.98]. –Ман ҳеҷ гоҳ кӯшиши иҷрои ягон чизи хатарнокро намекунам). Бале, ман эркаи [***таҳтул***. ***чӯҷа-дилам] тарсончак*** *ҳастам. Ман ҳеҷ гоҳ кӯшиши иҷрои ягон чизи хатарнокро намекунам.*

Ҳамин тавр, таҳлили воҳидҳои фразеологӣ нишон дод, ки воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи дил, ки инъикоскунандаи «тарс» мебошанд, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон бештар бо лексемаҳои **«пушт»** ва **«буз»** ва дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бо лексемаҳои **«boots», «mouth», «throat»** ва **«chicken»** ифода меёбад.

Далерӣ – корнамоии бошуурона буда, амалишавии он аз инсон бартарафнамоии тарсу ваҳмро талаб менамояд.

Сарчашмаи ҳама гуна қувваю тавоноӣ «дил» мебошад, зеро маҳз дар «дил» инсон ҳиссиёти гуногуни худро нигоҳ медорад. Аз ин рӯ, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ воҳидҳои фразеологие, ки ҳисси «далерӣ»-ро ифода менамоянд, қисман аз ҷузъи «дил» таркиб ёфтаанд:

Дили касеро қавӣ кардан – яъне, ҷуръат бахшидан, далер намудан. Ин воҳиди фразеологӣ қисман аз лексемаи «дил» ва феъли таркибии «қавӣ кардан» иборат мебошад, яъне, дили касеро боқувват ва тавоно кардан, ки дар натиҷа инсон барои иҷрои коре ҷуръат ва ҷасорат пайдо менамояд: *Баъд аз навмедии аз рафтани кӯҳистон, ин абар, ки ғалабаи Ёдгорро бар Азимшоҳ «ба шарофати сарбозӣ» нишон медод,* ***дили ӯро хеле қавӣ кард*** *ва бо дили кушода ба машқ ва қаровулии муқаррарӣ давом кардан гирифт [7, с.165].*

Ба дили касе ҷасорат овардан – яъне, ба касе ҷасорат бахшидан, касеро далер намудан: *«Гир гургата», - гуфтани як одам ва ба сухани вай қоҳ-қоҳзанон ханда карда ҳамроҳ шудани дигарон,* ***ба дили Ёдгор қадре ҷасорат овард*** *ва чашми худро кушода ба атроф як нигарист [7, с.198].*

Ба коре дил кардан – яъне, барои иҷрои коре ҷуръат кардан: *- Ҳамон рӯзҳо мурда буд, - гуфт Фармон, - дар вақти аз зиндон гурехтани шумоён* ***ман ба гурехтан дил накарда монда будам****: ба ҷое, ки барои ин вафодории ман маро озод кунанд маро ба «канахона» бурда андохтанд [7, с.233].*

Дил маҳкам доштан – яъне, далер, устувор шудан, наҳаросидан. Дар воҳиди фразеологии номбурда, «дил» маҷозан ҳисси далерӣ ва ҷасуриро ифода намуда, феъли таркибии «маҳкам доштан» дар худ пайдо намудани ин ҳиссиётро таҷассум менамояд:

*«****Дилатро маҳкам дор****, писарам, - мегӯяд боз бобоям ба падарам. Туро меғалтондагӣ полвон ҳоло набаромадааст» [11, с.115].*

Инчунин, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон «дил» ба «ҷасурӣ» алоқаманд карда мешавад, ки бо доштани он инсон ҷасуру нотарс мегардад. Аз ҷумла, дар воҳиди фразеологии **«дилу гурда доштан»** - яъне, далер будан, ҷасорат доштан, лексемаи «дил» дорои хусусияти маҷозӣ-метафорӣ буда, «дилу гурда» маҷозан ҷасурӣ ва далериро ифода менамоянд: *Писарам он **дилу гурдаро надорад**, ки дар айни замон, ки ҳамаи ёбонҳо холианд, ба чор санг рафта омада тавонад [9, с.117].*

- Канӣ, кулак мекадагиҳо дилу гурда дошта бошанд, биёянд [5, с.84].

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон барои инъикоси инсони ҷасур, далер образи «шер» истифода мешавад: **шердил будан** – яъне, нотарс, ҷасур будан: дар тафаккури тоҷикзабонон «шер» ҳамчун шоҳи ҳайвонот, ки хеле пурқувват, нотарс ва ҷасур мебошад, тасвир ёфтааст, аз ин рӯ, дили инсони ҷасур ва далер маҳз ба ин ҳайвон шабеҳ дода мешавад: *Ака Маҷид рост мегӯяд, **шердилтарини** мо ҳамин буд, ба худатон маълум аст, ки дар ҳафт тумани Бухоро «Маҷиди каҳкашонӣ» гуфта ном баровардааст, ин ки аз уҳдаи ин кор намебароям мегӯяд, дигарон, албатта, наметавонанд [7, с.199].*

Инчунин, дар низоми воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ воҳиди фразеологии «соҳибдил будан» ба назар мерасад, ки он киноя аз инсони ҷасур ва нотарс мебошад. «Дил» дар фарҳанги забони тоҷикӣ маҷозан ҳамчун «ҷасорат», «ҷуръат» ва «далерӣ» таъриф шудааст ва «соҳибдил» инсонест, ки соҳиб, яъне молики ҷасорату далерӣ мебошад: *Аз он ҷиҳат таскин мебахшид, ки Хиромон зани бовафо, содиқ ва **соҳибдил будааст** [12, с.252].*

Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон дили инсони ҷасур на ба ҳайвон, балки ба дарахти «булут» шабеҳ дода мешавад. Дар тафаккури англисзабонон дарахти булут ҳамчун ашёи мустаҳкам, боқувват ва устувор таҷассум ёфтааст. Аз ин рӯ, дар низоми воҳидҳои фразеологии забони англисӣ ҳисси «мардонагӣ» бо воҳиди фразеологии **«heart of oak»** – **таҳтул**. дили аз булут, ки дар фарҳанги воҳидҳои фразеологии Кунин А. В. ҳамчун инсони ҷасур ва нотарс тафсир шудааст, ифода меёбад [3, с.37]: *Come back on Monday week; it's not good coming before that…… . **Heart of oak,** dear lady, said Mr. Bithem, **'heart of oak!'** [20, с.148]. — Дар хусуси кор рӯзи Душанбе биёед. Пеш аз он омаданатон маънис надорад. [**таҳтул**. **Дили аз булут**] Боҷуръат бошед, хонуми азиз, гуфт Ҷаноби Бизем, [**таҳтул**. **«дили аз булут»**] «боҷуръат бошед!».*

Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон ягона узве, ки ба инсон далерию ҷасорат мебахшад, «дил» мебошад. Аз ин рӯ, дар забони англисӣ воҳиди фразеологии **«hearten»** – **таҳтул**. дилдор намудан, яъне ҷуръату ҷасорат бахшидан, мушоҳида мегардад: *I am **heartened** by the quality of our people and feel confident of meeting any future challenges. – [**таҳтул**. **дилдор шудам]**. – Рафтори одамонамон **ба ман ҷуръат бахшиданд** ва ман барои рӯ ба рӯ шудан ба вазифаҳои мушкили дар пеш истода далеру шуҷоъ шудам.*

Дар тафаккури тоҷикзабонон ва англисзабонон интиқоли «далерӣ» ва «мардонагӣ» аз як инсон ба инсони дигар таҷассум ёфтааст, ки он ба воситаи додани «дил» амалӣ мегардад. Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон бо воҳиди фразеологии **«дилдорӣ додан»** –яъне, далерию ҷасорат бахшидан ва дар забони англисӣ бо воҳиди фразеологии **«give heart to smb»** – **таҳтул**. дил додан, яъне рӯҳан ба касе қувват додан, инъикос ёфтааст:

Дар забони тоҷикӣ: *Аммо ман ӯро **дилдорӣ додам**, ки натарсад ва аз паси ман омадан гирад ва худам аз пеши девори ҳавлӣ оҳиста-оҳиста нотарсона қадам партофта рафтан гирифтам [9, с. 47]. Ман ҳатто дар хотир дорам, ки худро **дилдорӣ дода**, ба худ ҷасорат бахшида, барои зудтар гаштан ташвиқ мекардам [14, с.174].*

Дар забони англисӣ: *It **gave me heart** to see one thug get what he deserves. — Дидани одамкуше, ки он чизи сазовор будаи худро дид, [**таҳтул**. **ба ман дил медод] ба ман қувват дод.***

Дар тасвири забонии англисзабонон «ҷасорат бахшидан» бо гузоштани дил ба касе инъикос ёфтааст: **«put heart in smb.» - таҳтул**. ба касе дил гузоштан, яъне, ҷасорат бахшидан: *Men coming in from the bush told terrible stories of thirst and death in the grey interminable scrubs... A thunder-storm in December **put everybody in good heart** [21, с.334]. - Мардоне, ки ба иктишоф рафта буданд, доир ба фавтидагоне, ки аз ташнагӣ дар байни буттазори беинтиҳою мудҳиши буттаи хокӣ нақл карданд. Дар моҳи декабр якбора раъду барқ сар шуд ва [**таҳтул**. **ҳама ба хубӣ дил гузоштанд] ҳама ҷуръат пайдо намуданд.***

Бо гирифтани дил дар тасвири забонии англисзабонон инсон нотарс, далер, шуҷоъ ва бо ҷуръат мегардад: **«take heart» - таҳтул.** дил гирифтан, ки дар фарҳанги воҳидҳои фразеологии Кунин А. В. ҳамчун далер будан, бошуҷоат шудан, ҷуръат кардан тафсир шудааст: *I am better here than at Castello. Here I am at the centre of things and I **will take heart** [22, с.87]. - Ман назар ба Кастелло беҳтараш ин ҷо мемонам. Ин ҷо ман дар маркази воқеот ҳастам ва [**таҳтул**. **дил хоҳам гирифт] бошуҷоат хоҳам шуд**.*

Инчунин, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон номҳои инсонҳо бо лексемаи «дил» таркиб ёфтаанд, ки онҳо далерӣ ва мардонагиро ифода менамоянд:

*- Рав писарам, **Диловар**! Ба Фотима апаат гӯй ба ман як чой дам карда биёрад [7, с.25].*

Ҳамин тавр, таҳлили воҳидҳои фразеологӣ нишон дод, ки дар ифодаи ҳисси «далерӣ» дар воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ҷузъи «дил» хусусиятҳои ба ҳам монанд ва фарқкунанда мушоҳида мегарданд. Агар дар забони тоҷикӣ дили инсони далеру нотарс ба ҳайвонот монанд карда шавад, дар забони англисӣ он ба парандаю дарахтон ва ҳайвонот шабеҳ дода мешавад. Инчунин, дар тасвири забонии ҷаҳони халқиятҳои мазкур ҳисси «далерӣ», ба мисли қувва аз инсон ба инсони дигар, такмил дода мешавад. Чунин монандиҳо ва фарқиятҳо дар низоми воҳидҳои фразеологии забонҳои муқоисашаванда ва дарки эҳсосоти «тарс» ва «далерӣ» аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон ва ифодаи он дар забонҳои мазкур дар мақола зикр шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бердяев Н.А. Истоки и смысл русского коммунизма / Н.А. Бердяев. – М., 1990. – 96 с.
2. Зоҳидов А. Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд / А. Зоҳидов, Б. Осимова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2013. – 392 с.
3. Кунин А.В. Англо-русский фразеологический словарь / А.В. Кунин. – М., 1984. – 945с.
4. Муҳаммади Тамаддун. Юсуф ва Зулайхо. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 249 с.
5. Раҳим Ҷалил. Ҳамида. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961. - 157 с.
6. Раҳим Ҷалил. Духтари оташ. – Душанбе: Адиб, 2014. - 560 с.
7. Садриддин Айнӣ. Дохунда. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 415 с.
8. Садриддин Айнӣ. Мактаби куҳна. – Душанбе: Ношир, 2010. – 56 с.
9. Садриддин Айнӣ. Марги судхӯр. – Душанбе: Истиқбол, 2011. – 156 с.
10. Сотим Улуғзода. Навобод. - Душанбе: Ирфон, 1976. – 368 с.
11. Сотим Улуғзода. Субҳи ҷавонии мо. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 377 с.
12. Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, – 1974. - 367 с.
13. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик, Ҷилди 1/ М. Фозилов. – Душанбе, 1963. - 952 с.
14. Ҷалол Икромӣ. Шодӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. - 420 с.
15. Ҷалол Икромӣ. Духтари оташ. – Душанбе: Адиб, 2009. - 560 с.
16. Ҷалол Икромӣ. Ман гунаҳкорам. – Душанбе, 1991. - 190 с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1, 2; зери таҳрири М. Шукуров, В. Капранов, Р. Ҳошим, Н. Масъумӣ. – 1969. – 1905 с.
18. Ch. Dickens. The old curiosity shop / Ch. Dickens. - http: // en.wikisource.org, 1841. - 379 p.
19. Ch. Dickens. Oliver Twist / Ch. Dickens. – London, 1867. – 641 p.
20. K.S. Richard. Golden Miles / K.S.Richard. – Australia, 2012. – 386 p.
21. K.S. Prichard. The Roaring Nineties / K.S. Prichard. – London, 1955. – 535 p.
22. McGraw-Hill's dictionary of American idioms and phrasal verbs / A. Richard. – USA, 2005 – 1080 p.
23. W.S. Waugham. The making of Saint / W.S. Waugham. – London, 1998. – 213 p.

ИНЪИКОСИ МАФҲУМИ «ТАРС» ВА «ДАЛЕРӢ» БО ҶУЗЪИ «ДИЛ/HEART» ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола мафҳуми «тарс» ва «далерӣ» дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон бо таҳлили воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ҷузъи «дил» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар қисмати муқаддимавии мақола маълумоти мухтасар доир ба забон, воҳидҳои фразеологӣ ва фарҳанг дода шудааст. Инчунин, дар ин қисмат муаллиф таҷассуми мафҳуми «тарс» ва «далерӣ»-ро дар тафаккури инсонҳо дарҷ намуда, сипас доир ба дараҷаи истифодаи вожаҳо ё истилоҳҳо бо ҷузъи «дил» дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ маълумот медиҳад. Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи «дил» дар забонҳои муқоисашаванда таҳлил гардида, силсилаи синонимӣ ё тобишҳои маъноии онҳо шаҳр дода шудааст. Барои тақвияти фикр мисолу намунаҳоро истифода бурда, онҳоро бо далелҳои илмӣ мустаҳкам намудааст. Таҳлили воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки мафҳуми «дил» дар тафаккури тоҷикзабонон ва англисзабонон ҳамчун махзани ҳиссиёту эҳсосоти гуногун, аз ҷумла, меҳру муҳаббат, тарсу ҳарос, ҷасорату далерӣ ва инчунин фикру андеша, сирру асрор таҷассум ёфтааст. Тарс – ин ҳолати нохуш ва таъсирбахшест, ки инсон онро таҳаммул менамояд. Таҳлили воҳидҳои фразеологӣ нишон дод, ки воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи дил, ки инъикоскунандаи «тарс» мебошанд, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон бештар бо лексемаҳои **«пушт»** ва **«буз»** ва дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бо лексемаҳои **«boots», «mouth», «throat»** ва **«chicken»** ифода меёбад. Дар ифодаи ҳисси «далерӣ» дар воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ҷузъи «дил» хусусиятҳои ба ҳам монанд ва фарқкунанда мушоҳида мегарданд. Агар дар забони тоҷикӣ дили инсони далеру нотарс ба ҳайвонот монанд карда шавад, дар забони англисӣ он ба парандаю дарахтон ва ҳайвонот шабеҳ дода мешавад.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, мафҳум, воҳидҳои фразеологӣ, фарҳанг, тафаккур, тафсир, тасвири забонии ҷаҳон, хусусиятҳои фарқкунанда, дил, тавсифи махсуси эҳсосотӣ, тарс, далерӣ.

РЕПРЕЗЕНТАЦИЯ КОНЦЕПТОВ «СТРАХ» И «МУЖЕСТВО» С КОМПОНЕНТОМ «СЕРДЦЕ/HEART» ВО ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦАХ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В статье автор исследует концепт «страх» и «мужество» в языковой картине мира таджикоязычных и англоязычных народов, анализируя фразеологические единицы в таджикском и английском языках. Объектом исследования в данной работе выступают таджикские и английские фразеологизмы, содержащие компонент «сердце». Содержательная часть статьи включает краткие сведения о языке, фразеологических единицах и культуре, а также репрезентации концепта «любовь» в сознании людей. В этой части также даются сведения о степени использования слова и термины с компонентом «сердце» во фразеологических единицах таджикского языка, сопоставляя их с английским языком. В статье анализируются фразеологические единицы с компонентом «сердце», в сопоставляемых языках и определяется их синонимический ряд или смысловой оттенок значения. Для усиления мысли использованы примеры и образцы, и они закреплены научными доводами. Анализ

фразеологических единиц таджикского и английского языков, которые выражают концепт «сердце», показывает, что сердце в сознании таджиков и англичан репрезентированно как вместилище разных чувств и эмоции, включая любовь, ненависть, трусливость, мужество, а также мысли и секреты. Страх – неприятное и впечатляющее состояние, которое испытывает человек. Анализ фразеологических единиц показал, что фразеологические единицы с компонентом сердце, которые репрезентируют «страх» в языковой картине мира таджиков, выражаются лексемами «пушт (спина)» и «буз (коза)», а в языковой картине мира англичан выражено лексемами **«boots», «mouth», «throat»** и **«chicken»**. При выражении чувства «мужество» в фразеологических единицах таджикского и английского языков наблюдается сходства и различия. Сердце мужественного человека в таджикском языке уподобляется образам животных, а в английском языке оно уподобляется образам птиц, деревьев и животных.

Ключевые слова: лингвистика, фразеологические единицы, концепт, когниция, культура, специфические отличия, сердце, эмоциональные специфические характеристики, срах и мужество

REPRESENTATION OF CONCEPT OF "FEAR" AND "COURAGE" WITH THE COMPONENT "ДИЛ/HEART" IN THE PHRASEOLOGICAL UNITS OF TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The author examines the concept of "fear" and "courage" in the language pictutre of the world by analyzing the phraseological units of Tajik and English languages with the component of "heart" in the article. The descriptive part of the article includes the representation of concept "love" in the cognition of people, and also it includes the information about the degree of using words and terms in the pharseological units of Tajik language comparing to English language. The pharseological units with the component of "heart" in the named languages is analysed in the article and their synonymous range and meaningful tint of their meaning are revealed. For intesifing the idea examples are used and they are consolidated by scientific proofs. The analysis of phraseological units of Tajik and English languages shows that the concept of "heart" is represented as a place of different feelings, especially love, fear, bravery and also thoughts and secrets in the cognition of Tajik and English people. Fear is an unlpleasnt and impressive estate, which a person expreiences. The analysis of the phraseological units with a component of "heart" shows that the phraseological units which represent "fear" in the language picture of the world of Tajik are expressed by the lexemes «пушт (back)» and «буз (goat)», and in the language picture of the world of English by the lexemes of **«boots», «mouth», «throat»** and **«chicken»**. Similarities and differences are observed in expressing the feelinings of "courage" the phraseological units of Tajik and English languages. The heart of brave person is liken to animals in Tajik's cognition, but in English people's cognition it's liken to birds, trees and animals.

Key words: linguistics, concept, phraseological units, culture, cognition, language picture of the world, heart, description of specific emotion, fear, courage.

Сведения об авторе: ***Махмудзода Миджгона*** – Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде, докторант Ph.D кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **oisha-90@bk.ru.** Телефон: **(+992) 908-55-65-01**

Information about the author: ***Mahmudzoda Mijgona*** – Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, doctor Ph.D Comparative Typology Department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Fazliddin Muhammadiev Street 17/6. E-mail: **oisha-90@bk.ru.** Tel.: **(+992) 908-55-65-01**

УДК: 491.550+34 (575.3)

ПАСВАНДҲОИ ҶАМЪБАНДИИ ИСМ ДАР МАТНИ ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРИИ СОҲАИ ҲУҚУҚ

Нуралиева Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ корбурди қариб ҳама ҳиссаҳои нутқ мисли дигар маводҳои забонӣ сурат гирифта, бештар исм, сифат, шумора ва феъл мавқеи вижа доранд. Исм ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ дар тадқиқоти забоншиносони тоҷик ва русу Аврупо дар асоси маводҳои гуногун, махсусан асарҳои бадеӣ, мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, вале исм бо вижагиҳои худ, дар матни ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ бори аввал тадқиқ карда мешавад. Маводҳои тадқиқотии мо тақозо мекунанд, ки мо андешаҳои илмии муҳаққиқони қаблиро такрор накарда, ба исм ва категорияҳои грамматикии он таваҷҷуҳ намоем. Доир ба ҷамъбандии исм дар забоншиносии тоҷик асарҳои зиёде рӯйи кор омадаанд ва дар ин тадқиқотҳо бисёр проблемаҳои илмӣ роҳи ҳалли худро ёфтаанд. Вижагиҳои исм ҳамчун ҳиссаи нутқ дар тадқиқотҳои аксар олимон бо як андеша ва ҷонибдорӣ аз як фикр корбаст шудааст, ки он ҳам бошад аксарият категорияи ҷамъбандиро дар исм тавассути пасвандҳои ҷамъбандии – ҳо ва – он пешниҳод мекунанд [4, с.94]. Дар матни ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ исмҳои бо ин пасвандҳо ҷамъбандишуда хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд. Маводи тадқикӣ бозгӯи он аст, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ исмҳои ифодакунандаи номи аслии одамону ҷонварон ва дигар ашёҳо дар шакли танҳо ифода гардидаанд: **зан, шавҳар, суд, адвокат, танзим, даъво, никоҳ, протокол, даъвогар, миллат, оила, амвол, алимент ва ғ.**

Мисол: **зану шавҳар** вазифадоранд, ки муносибатҳои худро дар оила дар асоси эҳтирому кумаки якдигар ба роҳ монанд, барои таҳкими оила мусоидат намоянд, ба некуаҳволӣ ва

рушду камоли фарзандонашон ғамхорӣ кунанд [4, с.80]. **Суд** метавонад амволеро, ки ҳар кадоме аз зану шавҳар ҳангоми ҷудо зиндагӣ карданашон ҷамъ овардаанд, дар сурати воқеан қатъ гардидани ақди никоҳ моликияти ҳар кадоми онҳоро эътироф намояд [4, с.80]. Мисолҳои зикршуда далели он мебошанд, ки шумораи танҳо на танҳо категорияи грамматикии мансуб ба исм, балки дар ин матнҳои ҳуқуқӣ дар нақши субъекти грамматикӣ зоҳир гардидааст. Дар ҷумлаи дуюм исми танҳои «суд» фоили ҷумла, яъне шахс дар назар аст ва дар шумораи танҳо ифода шудааст.

Категорияи ҷамъбандӣ дар исм муҳимтарин бахши грамматикаи забони тоҷикӣ буда, собиқаи таърихии он то имрӯз ҳифз шудааст. Новобаста аз он ки борҳо таркиби луғавии забони тоҷикӣ тағйир пазируфтааст ва забонҳои бегона ба он таъсиргузор будаанд, вале асолати забони тоҷикӣ ва устувории низоми грамматикии он то ҳол коромад аст. Маводҳои тадқиқшуда моро ба натиҷае оварданд, ки асосан дар матнҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ истифодаи пасвандҳои ҷамъбандии –ҳо ва - он бештар буда, вале дигар пасвандҳои ҷамъбандии исм низ мушоҳида мешаванд.

Пасвандҳои ҷамъбандии -ҳо ва -он. Пасвандҳои ҷамъбандии – ҳо ва – он дар забони тоҷикӣ аз маъмултарин пасвандҳо буда, дар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ серистеъмоланд. Ба андешаи аксар забоншиносон пасванди –ҳо ва – он дар забони тоҷикӣ таърихи қадима дошта, то имрӯз мавқеи худро устувор нигоҳ доштаанд. **«Аксарияти мутахассисон доир ба ҷамъбандии исм таваққуф карда, тасдиқ мекунанд, ки исмҳо дар забони тоҷикӣ ва форсӣ бо суффикси – ҳо ва – он ҷамъ баста мешаванд** [10, с. 94]. Тадқиқоти мо нишон дод, ки ин пасвандҳо дар матни ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ васеъ марвиди истифода қарор гирифтаанд. Мисол: Қонунгузор муқаррар кардааст, ки таъминоти **бародарону хоҳарони** ноболиғ ва болиғи корношоям, **набераҳо**, бобою бибӣ (модаркалон), падарандар ва модарандар ба таври ихтиёрӣ дар асоси созишномаи тарафайн бо муайян кардани андоза ва тартиби пардохти он анҷом дода шуданаш мумкин аст [4, с.233]. **Шахсони** қобилияти амалашон маҳдуд созишномаи пардохти алиментро бо розигии намояндагони қонуниашон имзо мекунанд [4, с.234]. **Хурдсолони** аз даҳ то чордаҳсола ҳуқуқи мустақилона бастани аҳдҳои зайлро доранд [4, с.145]. **Фарзандон** омили мустаҳкамкунандаи ҳар оила мебошанд [4, с.82]. Ҳуқуқ ва у**ҳдадориҳо**и пешбининамудаи аҳднома метавонад бо муҳлатҳои муайян маҳдуд карда шавад ё бо шарти фаро расидан ё фаро нарасидани шароити алоҳида вобаста карда шавад [4, с.100]. Мисолҳои боло далели онанд, ки пасвандҳои ҷамъбандии – ҳо ва – он дар муқоиса бо матнҳои адабиёти классикӣ, натанҳо предметҳои беҷон, балки дар исмҳои ҷондор низ вазифаи ҷамъбандиро анҷом медиҳад. Мисол: **набераҳо,** ки дар мисоли боло оварда шуд.

Пасвандҳои ҷамъбандии - гон ва - ён. Пасвандҳои - гон, -вон ва – ён дар муқоиса бо пасвандҳои -ҳо ва -он камистеъмол буда, бештар хосси забони классикианд. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин гурӯҳи пасвандҳои ҷамъбандӣ хеле кам дучор меоянд. Пасвандҳои – гон ва –ён гунаи пасванди – он буда, дар матни ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Пасвандҳои – вон, - ён собиқаи таърихӣ дошта, ҳанӯз дар замони ҳамсарони Рӯдакӣ мавриди истеъмол қарор доштаанд:

Туро агар малики чиниён бидидӣ рӯй,
Намоз бурдиё динор барпарокандӣ [6, с.32].

Ба андешаи Б. Ниёзмаҳмадов пасванди – ён қадимӣ буда, бо мурури замон доираи истеъмоли он васеъ гардида истодааст. Ӯ барои тасдиқи андешаи худ мисраъҳои устод Мирзо Турсунзодаро меорад:

Мо – хаволингиён дар ин исён,
Пеш бояд равем дар майдон [6, с.33].

Воқеан, доираи истифодаи ин пасванди ҷамъбандӣ тавсеа ёфта истодааст, ки онро дар мисоли ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ мушоҳида мекунем. Мисол: Истиқоматгоҳи ноболиғони то чордаҳсола ё шаҳрвандоне, ки таҳти васоят қарор доранд, истиқоматгоҳи намояндагони қонунӣ ё **васиёни** онҳо эътироф мегардад [9, с.73]. Барои ҳамин ҳам **иҷрочиёни** суд ва ҳам маъмурияти корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки тарафи ҷавобгар кор мекунад, нафақа мегирад, вазифадоранд, ки нисбати созишномаи пардохти алимент ҳамчун ҳуҷҷати варақаи иҷро муносибат намоянд [4, с.235]. Мисолҳои фавқ далели онанд, ки пасванди – ён бештар шумораи ҷамъи исмҳои ҷондор сохтааст. Албатта, истифодаи ин пасванд ҳамзамон ба ҳарфи охири калимаи дар шумораи ҷамъ меомада вобаста аст. Инчунин дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ ҷамъбандии арабии исмҳо мушоҳида мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳимов С. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2 / С. Абдураҳимов [ва диг.]… - Душанбе: Дониш, 1986. - 371 с.
2. Виноградов В.В. Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов. - М., 1977. - 310 с.

3. Забони адабии ҳозираи тоҷикКит. дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Қ.1. / Б. Ниёзмаҳмадов, С.Ҷ. Арзуманов, Ҳ. Рауфов, Ҳ. Каримов ва дигарон. - Душанбе: Маориф, 1982. Нашри 2. - 462 с.
4. Маҳмудов М. Тафсири кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Маҳмудов, С. Ҷ. Худоёров. - Душанбе: Эр-граф, 2011. - Нашри 4 бо иловаҳо. - 431 с.
5. Назарова М.О. Категорияи шумора дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар асоси романи «Духтари оташ»- и Ҷ. Икромӣ) / М.О. Назарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2012. - № 4/5 (94). - С. 25-28.
6. Ниёзмаҳмадов Б. Забоншиносии тоҷик / Б.Ниёзмаҳмадов. - Душанбе: Маориф, 1970. - 385 с.
7. Бозидов Назаршоҳ. Забони адабии тоҷик. Китоби дарсӣ Ҷ.2. Синтаксис / Назаршоҳ Бозидов, Фарҳод Зикриёев, Муҳаммадӣ Исматуллоев ва диг … - Душанбе: Маориф, 1984. - 323 с.
8. Саймуддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймуддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001. - 307 с.
9. Тафсири кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Маҳмудов [ва диг.]. - Душанбе: Эр - граф, 2010. – Нашри 4 бо иловаҳо. - 462 с.
10. Ҳоҷиев С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри ХХ / С. Ҳоҷиев. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 166 с.

ПАСВАНДҲОИ ҶАМЪБАНДИИ ИСМ ДАР МАТНИ ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРИИ СОҲАИ ҲУҚУҚ

Дар мақола пасвандҳои ҷамъбандии исм дар матни ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ бо назардошти вижагиҳои морфологии матнҳои ҳуқуқӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар заминаи тадқиқотҳои анҷомшуда, мавқеи пасвандҳои ҷамъбандии исмро дар матнҳои соҳаи ҳуқуқ мавриди тадқиқ қарор додааст. Собиқаи таърихии пасвандҳои ҷамъбандӣ дар исм ба ҳисоб гирифта шуда, ба андешаи муҳаққиқ дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ бештар пасвандҳои – ҳо ва –он ва дар аксар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ пасванди ҷамъбандии арабии – от серистеъмоланд. Дар мақола инчунин бо овардани мисолҳо аз осори классикон мавқеи корбурди пасвандҳои ҷамъбандии исм дар гузашта нишон дода шудааст. Ҳангоми баррасии масъалаҳои тадқиқшаванда муҳаққиқ кӯшидааст, ки бештар назари муҳаққиқони ватаниро ба назар гирифта, сипас бо овардани андешаҳои олимони муосири соҳаи забон андешаҳои худро тақвият диҳад. Баррасии масъалаҳои тадқиқшаванда дар асоси корҳои илмии олимони варзидаи муосири тоҷик В. В. Виноградов, С. Додихудоев анҷом дода шудааст. Дастоварди муаллиф дар ин мақола он аст, ки ӯ бори аввал дар асоси маводи ҳуқуқӣ пасвандҳои ҷамъбандии исмро мавриди тадқиқ қарор додааст. Инчунин дар заминаи маводҳои ҳуқуқӣ ва осори илмии забоншиносони варзида хулосаҳои зарурӣ баровардааст. Вижагиҳои сарфии матнҳои соҳаи ҳуқуқ бо истифодаи пасвандҳои ҷамъбандии исм баррасӣ гардидаанд. Ҳамин тавр, дар мақола вижагиҳои усулуби илмӣ ва расмӣ- коргузорӣ ба назар гирифта шудааст. Хулосаҳои дақиқи илмӣ бароварда шуда, услуби илмӣ дар баёни масъалаҳои тадқиқшаванда риоя гардидааст.

Калидвожаҳо: пасванд, тафсири кодекси оилаи ҶТ, тафсири кодекси граждании ҶТ, пасвандҳои ҷамъбандии - ҳо, - он, - ён, - гон, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, протокол, даъвогар, миллат, оила.

СУФФИКСЫ ОБРАЗУЮЩИЕ МНОЖЕСТВЕННОЕ ЧИСЛО СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В ТЕКСТЕ НОРМАТИВНО-ПРАВОВЫХ ДОКУМЕНТОВ

В статье автором подвергнуты исследованию суффиксы образующие множественное число в нормативно-правовых документах с учетом морфологических особенностей правовых текстов. Исследователь на основе рассмотрения завершенных исследований подверг изучению место суффиксов образующих множественное число существительных в правовых текстах. Рассчитан исторический стаж суффиксов образующих множественное число существительных, по мнению автора в нормативных документах юридической отрасли многоупотребительны суффиксы *– ҳо* и *–он*, а в некоторых нормативных документах арабский суффикс образующий множественное число– *от*. Также в статье с приведением примеров из классических произведений показаны позиции использования суффиксов образующих множественное число существительных в прошлом. Во время рассмотрения исследуюмых проблем автор постарался, прислушаться к мнению отечественных исследователей и с приведением рассуждений современных ученых – лингвистов сферы языкознания подкрепляет свои размышления. Рассмотрение исследуюмых проблем завершен на основе научных работ выдных таджикских ученых современности В. В. Виноградова, С. Додихудоева. Достижением автора в данной статье является то что он впервые на основе правового материала подверг исследованию суффиксы образующие множественное число существительных. Также автором сделаны необходимые выводы на основе изучения юридического материала и научного наследия выдных языковедов. Рассмотрены морфологические особенности текстов правовой сферы с использованием суффиксов образующих множественное число существительных. Таким образом, в статье приняты к вниманию особенности научного и официально-делового стиля. Сделаны точные научные выводы и соблюдена научнаяметодика в изложении исследуюмых проблем.

Ключевые слова: суффиксы, толкование Семейного кодекса Республики Таджикистан, толкование Гражданского кодекса Республики Таджикистан, суффиксы образующие множественное число, нормативно-правовые документы, протокол, истец, нация, семья.

SUFFIXES FORMING A MULTIPLE NUMBER OF EXISTING TEXTS IN NORMATIVE AND LEGAL INSTRUMENTS

In the article the author subjected to investigation the suffixes forming the plural in normative legal documents taking into account the morphological features of legal texts. The researcher, on the basis of examining completed studies, examined the place of the suffixes of plural nouns in legal texts. The historical experience of suffixes of plural nouns is calculated, according to the author in the regulatory documents of the legal branch, the suffixes are often used *– ҳо* и *–он*, and in some normative documents, the Arabic suffix is a plural - *от*. Also in the article with examples from classical works, the positions of using suffixes of plural nouns in the past are shown. During the study of research problems, the author tried, to listen to the opinion of domestic researchers and to bring the reasoning of modern scholars - linguists in the field of linguistics reinforces their reflections. Consideration of research problems is completed on the basis of scientific works of outstanding Tajik scientists of our time, V. V. Vinogradov, S. Dodihudoev. The author's achievement in this article is that for the first time on the basis of legal material he subjected the suffixes forming the plural of nouns to research. The author also made the necessary conclusions on the basis of studying the legal material and scientific heritage

of outstanding linguists. Morphological features of the texts of the legal sphere are considered with the use of suffixes of plural nouns. Thus, the article takes into account the features of the scientific and official-business style. Accurate scientific conclusions are made and the scientific method is observed in the presentation of investigative problems.

Key words: suffixes, interpretation of the Family Code of the Republic of Tajikistan, interpretation of the Civil Code of the Republic of Tajikistan, suffixes forming the plural, normative legal documents, protocol, plaintiff, nation, family.

Сведения об авторе: ***Нуралиева Дилором*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры методики преподавания таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 907-88-42-17**

Information about author: ***Nuralieva Dilorom*** - Tajik national University, assistant of the Department of methodology of teaching the Tajik language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
Tel.: **(+992) 907-88-42-17**

УДК: 491.550+42

МУҚОИСАИ МАЪНОИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ВАХОНӢ ВА АНГЛИСӢ

Парвоева Н.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муносибати байни одамон, ки муқарраршаванда дар раванди фаъолияти амаливу маънави (рӯҳи)-и онҳост, ҳамчун муносибати ҷамъиятӣ муайян мешаванд.

Ин категорияи басо васеи муносибатҳои равоншиносӣ, истеҳсолӣ, сиёсӣ ва ахлоқиро дарбаргиранда, ки метавонад расмӣ (яъне аз тарафи ҷомеа иҷозатдодашуда ва ҳуҷҷатан вобастагардида), ғайрирасмӣ (яъне ҳуҷҷатан ба танзим дароварда намешавад), хизматӣ (яъне ба фаъолияти муштараки таълимию меҳнатӣ алоқаманд) ва шахсӣ (байнишахсӣ) бошанд.

Охиринашон метавонад баҳодиҳӣ (шавқмандкунӣ ва шуҳратмандӣ) ва фаъолиятнокӣ (ба фаъолияти баҳодиҳӣ алоқаманд) бошад.

Дар сохтори муошират одамон олимон таъсири байниҳамдигарии таълими онҳоро ба ҷузъҳои ахлоқӣ, ҳаяҷонӣ ва шинохтнигарӣ (когнитивӣ) ҷудо мекунанд.

Ҷузъи ахлоқӣ натиҷаҳои фаъолият ва рафтор, қиёфабозӣ, имову ишорат, лолбозӣ (пантомимика) ва охиран нуткро дар бар мегирад. Яъне ҳар чизе ки дар шахсияти инсон зоҳир мешавад, метавонад аз ҷониби дигар одамон мушоҳида карда шавад.

Ҷузъи ҳаяҷонӣ, пеш аз ҳама, ҳолатҳои ҳаяҷонии мусбат ва манфӣ, эҳсосоти ҳаяҷонӣ, аз худ, кор ва шарики иртиботдошта қонеъ буданро дар бар мегирад. Ҷузъи шинохтнигарии (когнитивӣ) шахсияти инсони байни ҳам фаъолиятбаранда тамоми равандҳои равонии бо маърифати фарогиранда (муҳит) ва худи кас алоқамандро дар бар мегирад.

Ин эҳсосот, тасаввурот, хотира, хаёлот ва тафаккур мебошад. Ба ғайр аз ин, ҷузъи мазкур аз ҳамаи хусусиятҳои фаҳмиши байниҳамдигарии шарикон, аз таносубият ва ҳаммонандӣ фарқ мекунад.

А.А. Леонтев дар кори хеш «Равоншиносии муносибат» аз он сухан мекунад, ки фаъолияти ҳадафмандонаи инсон бе иртиботот имконнопазир аст. Инсон, аз рӯйи табиати худ, мавҷуди иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, ба қатори махсуси муносибатҳои ба ном иртиботдошта дохил мешавад [7, с.110].

Қайд кардан зарур аст, ки муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар раванди муошират пайдо шудаву инкишоф меёбанд. Муошират ва муносибати бефосила ба якдигар иртибот доранд. Танҳо ҳангоми муошират ҳамчун шакли олии фаъолияти якҷоя амалкунӣ, мубодилоти байниҳамдигарии донишҳо, маҳорат, шавқу завқ, мавқеъгирии баҳогириҳо ногузир аст.

Ҳамин мубодилот, хусусан, сермаҳсул маҳсуб мешавад, агар ки миёни одамон муносибатҳои байнишахсӣ бо дарназардошти чунин ҷузъҳо, аз қабили идроку фаҳмиши одамон ба якдигар, ҷалбкунандагии байнишахсӣ, таъсири байниҳамдигарӣ ва ахлоқ муқаррар карда шаванд.

Амсоли шавқовар барои омӯзиши муошират байнишахсӣ аҳли корхона ва фазои равонӣ-иҷтимоӣ дар онҳо, инчунин, хонавода мебошад. Омодашавии субъектҳо нисбати фаъолияти байниҳамдигарӣ муносибати байнишахсии тимсоли муайян - ошногарӣ, рафиқона, дӯстона, ҳамсарона мебошад.

А.А. Леонтев сохти сабабноки тимсоли муносибати байнишахсиро баррасӣ мекунад. Ҳамин тариқ, ҳангоми пайдошавии сабабҳои муносибатҳои ошногарӣ (дӯстона)-и

воридшавӣ ба робита талабот дар муошират ҳангоми имкониятҳои иҷрои он бо шахси ҷалбкунанда маҳсуб меёбад [7, с.112].

Пайдоиш ва рушди минбаъдаи муносибатҳои байнишахсии рафиқона бо мақсадҳои ҳамкориҳо муайян мегарданд. Муносибатҳои шахсии рафиқона, аллакай, дар тимсоли робитаву муошираткунӣ (ассотсиатсия) ва мушорикат (кооператсия) (таълимӣ, истеҳсолӣ, варзишӣ ва ғ.) ташаккул меёбад.

Сохти боэътимоди ин навъи муносибат шахсияти барои ҳар як иштирокдори фаъолияти байни ҳамдигар марбут ба фаъолияти муштаракдоштаро муайян мекунад.

Муносибатҳои байнишахсии дӯстона ва ҳамсарона мисли ошногароёна пайдо мешавад, вале дар рушди минбаъдаи онҳо бо гузариш аз ҷалбкунандагӣ ба дилбастагии дутарафа фарқ мекунад.

Махфӣ нест, ки воситаи муҳимми ҳар як навъи муносибат - ин дилбастагӣ аст. Аз ин рӯ, муҳимтарини он муносибати нутқӣ (иртибот) маҳсуб мешавад.

Мақсади иртиботнома идоракунии рафтори шарик дар муошират мебошад ва барои ҳамин, иттилооти аз ҳамсуҳбат гирифташаванда бояд, ки ба вай оқилона ва муассир бошад.

Барои ноил гардидан ба чунин самара назарияи иртиботи нутқӣ бояд, ки на танҳо ба равоншинохтии шахсият мавқеъгир бошад, балки ба равоншиносии иҷтимоӣ низ мавқеъ бигирад.

Дар муносибати байнигурӯҳӣ нутқ ҳамчун василаи пайванди гурӯҳ ва ё фард ва ҳамчун воситаи канорагирии иҷтимоӣ ва муқобилгузорӣ корбурд мешавад.

Ҳамчун роҳи пайвандкунӣ нишонаҳои забонӣ метавонад барои ифодае мақсаднок баромад намояд, яъне калимаи умумиистеъмолӣ ва ё ниҳонвожаеро корбурд намояд, ки онро узви гурӯҳ бо истифода аз тааллуқ доштани худ ба ин гурӯҳи мазкур ироа мекунад [7, с.123].

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар зарбулмасалу мақолҳо муносибатҳои байнишахсӣ хеле равшан инъикос карда мешаванд, зеро онҳо ниҳоят дар худ «оина»-и фарҳангро ифода мекунанд, ки дар онҳо худогоҳии мардумон, зеҳният ва ҷаҳонбинии онҳо мураккаб ва бештар инъикос меёбад ва ин маҳсули нутқи зинда, эҷодиёти фарҳангии халқ, ифодаҳое ҳастанд, ки аз чаҳорчӯбаи нуқтаҳои хусусияти пандомездошта бармеоянд.

Дар зарбулмасалҳо афкору назари амалӣ, фалсафӣ ва эҷодӣ ба олами ҳастӣ дида мешаванд, ки онҳоро василаи арзишманди фаҳмиш намудаанд.

Агар фарҳанг воситаи маъвои хиради инсонӣ бошад, пас зарбулмасал – ин маҳсули худогоҳии амиқи фарҳангист, ки аз дугонаи ҳастии инсонӣ – забон офарида шудааст.

а) фразеология – ин илмест, ки ибораҳои устуворро меомӯзад;

б) системаи фразеологии ҳар як забон, аз ҷумла, англисӣ ва вахонӣ, ҳадди дақиқ надоранд, зеро андешаи муаллифон дар бораи тафриқаи ибораҳои озод ва устувор мухолифат мекунад;

в) воҳиди фразеологӣ – ин ибораи устувори бо маънои пурра ва сатҳии бознигарона мебошад;

г) аломатҳои асосии воҳидҳои англисӣ инҳоянд: устуворӣ, алоқаи байниҳамдигарии ифодаи маъноҳои дигарро тартибдиҳанда, худ ба худ пайдошавӣ, яъне воҳиди мазкур дар нутқ ба роҳ монда мешаванд;

д) таснифоти воҳидҳои фразеологӣ аз сохти таркиб ва вазифаҳои онҳо вобастагӣ доранд;

е) зарбулмасал ва мақолҳо – ин матали кӯтоҳакак, панду андарз, аммо мақолҳо дар тафовут бо зарбулмасал, беш аз ҳама арзиши таъсирбахшу тунду тез доранд;

ё) паремияҳо бештар бо ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва амрӣ (водоркунӣ) баён мешаванд;

з) дар тафовут аз воҳидҳои фразеологӣ зарбулмасалу мақолҳо дар навбати худ воҳидҳои сохташон сарбастаро ифода карда, онҳо хулосаи маъноиву оҳангӣ ва категорияҳои хабарӣ ва модалӣ доранд.

Зарбулмасалу мақолҳо инъикоскунандаи муносибатҳои байнишахсии одамон маҳсуб ёфта, ҳангоми фаъолияти муштараки онҳо эҷод мешаванд.

Дар мақола ҷанбаи аслии фразеологияи муосири забони англисӣ ва масъалаҳои истеъмоли зарбулмасалу мақолҳо дар соҳаҳои гуногуни муошират одамон пешниҳод шудааст.

Дар рафти таҳқиқот мо ба хулосае омадем, ки фразеологизмҳо дар системаи луғавӣ-фразеологии забони англисӣ мақоми муҳимро ишғол мекунанд. Онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт, аз қабили ҷомеаи муосир, аҳли меҳнат, хонаводаро инъикос менамоянд.

Худи мафҳуми “фразеология” бошад, воҳиди муайяне надорад, вале бештари забоншиносон бар он ақидаанд, ки фразеология – ин бахши забоншиносӣ аст, ки он таркиби фразеологии забонро дар вазъияти муосир ва инкишофи таърихӣ меомӯзад. Яке аз бахшҳои фразеология зарбулмасалшиносӣ (паремиология) маҳсуб мешавад, ки объекти

омӯзиши он зарбулмасалу мақолҳо ба ҳисоб мераванд. Таърифу тавсифоти мазкур дар худ ибораҳои устувори инъикоскунандаи тасвири оламро таҷассум мекунанд. Онҳо ба мақоми коммуникативӣ ҷудо гардидаанд, зеро равшан аст, ки паремияҳо (зарбулмасалу мақолҳо) имконоти иртиботӣ надошта, наметавонанд, ки онҳо истифодаи зарбулмасалу мақолҳоро дар қатори вожаву ибораҳо ба сифати маънои андешаҳои эҷодшуда муайян кунанд.

Он чи ки ба пайдоиши паремияҳо (зарбулмасалу мақолҳо) дахл дорад, ҳамонест, ки онҳо аз гузаштаи дур маншаъ мегиранд. В. Аникин чунин меҳисобад, ки «Яке аз сарчашмаҳои пайдошавии зарбулмасалу мақолҳо эҷодиёти даҳанакии халқ маҳсуб меёбад» [3, с.25].

Бо таҳқиқи таърифу тавсифоти мазкур дар нақшаи пурмазмун, мо ба хулосае омадем, ки мавзӯи онҳо беҳудуд аст. Онҳо ба ҳамаи зуҳуроти ҳаққонӣ таваҷҷуҳ намуда, ҳаёт ва ҷаҳонбинии мардумро бо кулли гуногунрангиаш инъикос мекунанд ва назари мардумии зебоипарастии маишӣ, иҷтимоӣ, динӣ (мазҳабӣ)-ро нишон медиҳанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нақши зарбулмасалу мақолҳо дар функсияҳои асосии офариниш ва хусусиятҳои муассирӣ ва арзишӣ дар амалҳои иртиботтидошта муҳим аст.

Онҳо қобилияти огоҳонидан дар бораи вазъият ва ё муносибати байни чизҳоро доранд.

Истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар гуфтор қодир аст, ки афкори фардиро фаҳмонад, тасвир намояд, ягон хел объекти нуткро баҳо диҳад, андешаҳоро муассиртару равшантар созад ва таъсири онро баландтар кунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алпатов С. Русский фольклор. Литература / С. Алпатов. - Москва, 2000. – 366 с.
2. Алефиренко Н.Ф. Фразеологическое знание и концепт / Н.Ф Алефиренко // Когнитивная семантика: Материалы Второй Международ.шк. – Семинара по когнитивной лингвистики. - Москва, 2009. – 272 с.
3. Аникин В.П. О русских песнях, сказках, пословицах, загадках, народном языке / В.П. Аникин. - Москва,1988. – 240 с.
4. Бережан С.Г. К Вопросу о диапазоне варьирования фразеологизмов / С.Г. Бережан. - Уфа,1988. – 24 с.
5. Дементьева М.Ю. Номинативно-когнитивный аспект семантики фразеологизма и слова / М.Ю. Дементьева. - Москва, 2002. – 230 с.
6. Кунин А.В. Англо-русский фразеологический словарь / А.В. Кунин. - Москва,1984. – 944 с.
7. Матробиён. С.К. Вух Диёр Ганч / С.К. Матробиён. - Душанбе, 2015. – 158 с.
8. Кунин А.В. Фразеология современного английского языка / А.В. Кунин // Опыт систематизированного отношения. - М.,1972. – 344 с.
9. Пахалина Т.Н. Сравнительно - историческая морфология памирских языков / Т.Н. Пахалина. – Масква,1989. – 264 с.

МУҚОИСАИ МАЪНОИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ВАХОНӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи самтҳои асосии забоншиносӣ, мафҳуми воҳидҳои фразеологӣ меравад. Аз ҷумла мисолҳо аз корҳои илмии якчанд забоншиносони машҳур оварда шудааст, ки дар ин самт кор кардаанд. Муаллифи мақола дар асоси маводҳои бисёр таҳлили муқоисаи маъноии воҳидҳои фразеологии зарбулмасалу маколхои вахонӣ ва англисиро таҳлил менамояд. Дар ин мақола муқоисаи маъноии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ таҳқиқ гардида, муаллиф ба хулосае меояд, ки ин воҳидҳои фразеологӣ дар ин самт нақши бисёр муҳим мебозанд. Дар рафти таҳқиқот, муалифи макола ба хулосае меояд, ки фразеологизмҳо дар системаи луғавӣ-фразеологии забони англисӣ мақоми муҳимро ишғол мекунанд. Онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт, аз қабили ҷомеаи муосир, аҳли меҳнат, хонаводаро инъикос менамоянд. Ҳамин тариқ, дар зарбулмасалу мақолҳо муносибатҳои байнишахсӣ хеле равшан инъикос карда мешаванд, зеро онҳо ниҳоят дар худ «оина»-и фарҳангро ифода мекунанд, ки дар онҳо худогоҳии мардумон, зеҳният ва ҷаҳонбинии онҳо мураккаб ва бештар инъикос меёбад ва ин маҳсули нутқи зинда, эҷодиёти фарҳангии халқ, ифодаҳое ҳастанд, ки аз ҷаҳорчӯбаи нуктаҳои хусусияти пандомездошта бармеоянд. Муаллифи мақола дар асоси фикрҳои илмӣ ба хулосае меояд, ки амсоли шавқовар барои омӯзиши муошрати байнишахсӣ, аҳли корхона ва фазои равонӣ-иҷтимоӣ дар онҳо, инчунин хонавода зарур мебошанд. Омодашавии субъектҳо нисбати фаъолияти байниҳамдигарӣ ин муносибати байнишахсии тимсоли муайян - ошногарӣ, рафиқона, дӯстона, ҳамсарона мебошад.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, устуворӣ, фарҳанг, мафҳум, таҳқиқ ва ақоиди забоншиносон.

СМЫСЛОВОЕ ЗНАЧЕНИЕ ФРАЗЕОЛОГОЧЕСКИХ ЕДИНИЦ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК В ВАХАНСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается одно из основных направлений в лингвистике, понятие фразеологической единицы. В статье приведены примеры из некоторых работ лингвистов рассмотревших данный вопрос. Автор статьи на основе рассмотрения многочисленных материалов анализирует сравнительную разницу фразеологических единиц пословиц и поговорок в ваханском и английском языках. В данной статье сравнивая сравнительную разницу фразеологических единиц пословиц и поговорок в ваханском и английском языках автор приходит к выводу о том, что данная проблема фразеологических единиц очень актуальна. Во время исследования, автор статьи приходит к мнению о том, что фразеогизмы в системе словарно-фразеологических единиц английского языка занимают особое место.Они показывают различные вопросы жизни, в том числе современный мир, трудовой народ, семью. Таким образом, в пословицах и поговорках межличностные отношения очень четко отражаются в этих формах, поскольку в конечном итоге они заканчиваются «зеркалом» культуры и выражают, что самооценка людей более сложна и отражает их сложность, и это живое повествование, культурное наследие людей и выражение особенностей разговорной поэзии. Автор статьи на основе научного мнения, делает вывод о том, что

интерес для изучения межличностного общения является актуальным на предприятии и в психосоциальной среде, а также в семье. Подготовка лиц к взаимозависимости межличностных отношений - это чувственность, дружба и взаимное уважение.

Ключевые слова: фразеологическая единица, устойчивость и взгляды лингвистов.

CONCEPTUAL MEANINGS AND PHRASEOLOGICAL UNITS OF PROVERB AND SAYINGS IN WHAKHAN AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, one of the main directions in linguistics is considered. The concept of a phraseological unit. The article gives examples from the works of several linguists who considered this issue. The author of the article on the basis of numerous materials analyzes the comparative difference between phraseological units of proverbs and sayings in Wakhan and English. In this article, comparing the comparative difference between phraseological units of proverbs and sayings in Wakhan and English, comes to the conclusion that this is a problem of phraseological units is very relevant. During the study, the author of the article comes to the conclusion that the phraseology in the system of vocabulary and phraseological English occupies a special place. They show various questions of life, including the modern world, the working people, the family. Thus, in proverbs and sayings, interpersonal relationships are very clearly reflected in these forms, because in the end they end in a "mirror" culture and expresses that people's self-esteem is more complex and reflects their complexity, and this living narrative, the cultural heritage of people and expressions of features conversational poetry. The author of the article on the basis of scientific opinion concludes that interest in the study of interpersonal communication is relevant in the enterprise and in the psychosocial environment, as well as in the family. Training individuals for the interdependence of interpersonal relationships is sensuality, friendship and mutual respect.

Key words: phraseological unit, stability and views of linguists, proverbs and sayings, culture, thoughts, research, culture and the structure of people's communication.

Сведения об авторе: ***Парвоева Нурджахон*** – Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде, докторант Ph.D кафедры сопоставительный типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E–mail: **nurjahon-0591@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-464-00-91**

Information about the author: ***Parvoyeva Nurdzhahon*** - Tajik State Institute of Languages. S. Ulugzade, doctoral student of Ph.D chair comparative typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Mukhammadiyeva 17/6. E-mail: **nurjahon-0591@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-464-00-91**

УДК: 491.71

ТЕРМИН И ЕГО СУЩЕСТВЕННЫЕ ПРИЗНАКИ

Диловаров М.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Термин - один из видов лексических, шире - номинативных, называющих и обозначающих единиц языка. Терминологическое значение — один из типов словесных значений.

Синтаксические позиции, в которых стоят термины и высказывания, ничем, по-видимому, не отличаются от синтаксических позиций остальных слов языка.

Под терминологическим полем понимается та терминология, в пределах которой термин однозначен [1, с.4].О независимости термина от контекста пишет Р.А. Будагов [3, с.6].

Одной из особенностей терминов родства в языке является широкое использование родовой лексики.

А.М. Кузнецов, пишет, что "слова, обозначающие родственные отношения между людьми..., широко использовались в литературе, уже начиная с работ основоположников сравнительно-исторического метода для доказательства родства индоевропейских языков, поскольку из всего языкового наследства про-индоевропейской эпохи эти термины... претерпели наименьшие изменения" [7, с.269].

В последние годы в изучение терминов родства в таджикском языке и его говорах имеются работы А. Керимовой, К. Таировой, а также таджикских ученых таких, как академика АН Таджикистана Б. Ниязмухаммедова, члены-корр. АН Таджикистана Р. Гаффарова и М. Рахматуллозаде, Л. Бузургзода, О. Джалолова и др.

Так, между терминами «грамматика», «морфология», «синтаксис» нет ни словообразовательных, ни дериватологических зависимостей, однако есть зависимости понятийные. Вероятно, не бывает обратного, т. е. не бывает, чтобы термины, связанные на основе словообразования или дериватологии, оказались бы не связанными на понятийном уровне.

«Морфема», «морфематика», «морфология» - связаны словообразованием, связаны они и понятийно, хотя понятийные связи не являются аналогом словообразовательных.

«Грамматика», «грамматическое значение», «грамматическая категория», «грамматическая форма», «показатели грамматического значения», «грамматическое значение категории модальности», «формальные показатели грамматического значения категории

модальности» - все эти термины и многие другие связаны дериватологически, однако это не означает, что дериватология терминов вполне изоморфна от их понятийной соотнесенности. В большинство случаев связь между объектами внешней действительности обусловлена четко выраженной иерархией структурой составляющих их оппонентов как понятия, выражающие отношение родства. Имеются такие случаи, когда ни положение объектов в пространстве или во времени, ни компонентная структура их понятийного содержания не обусловливают какой-либо строгой объективной упорядоченности этих объектов во внешнем мире.

Определение «термин» считается закономерной категорией и относится к знакомому типу закономерность определений.

Соответственно, в терминоведении основная масса языковедов считают, что в систематизации терминологии лексико-семантические отношения, а также словообразовательные на грамматическом и семантическомуровнях, предполагают, собой значительную частьсовместного языка и считаются неотделимыми от него [11, с.76].

Терминология, как широкий пласт лексического состава языка, неразрывно связана с единицами общенационального языка, и, в соответствии с этим, исследованиетермина и терминологии надлежит реализоваться в рамках совместного абстрактного и прикладного языкознания.

Термин состоит из единицы лексической системы языка, владеющую особенными чертами, которые и дают возможность различать термин от не термина и, в целях анализа внутренних качеств термина, исследовать его в рамках возможно имеющих место, состоящие из общих единиц, терминологических систем, обслуживающих отдельные разделы познаний.

Исследование термина родства ведётся на уровне структуры и семантики. На данной базе можно обозначить глубинное и поверхностное единство избранной категории. Таким образом, сила связи между объектами (предметами, признаками, явлениями и т. д.) внешнего мира имеет градуированный характер и может колебаться от некоторого «абсолюта». Когда релевантной, существенной оказывается объективно обусловленная связь между предметами и явлениями внешнего мира, упорядочение отношений в лексической системе языка происходит, прежде всего, на основе внеязыковых факторов. Так, для семантического статуса слова **отец** релевантным является его отношение к словам мать, дочь, сын и т. д., а не связи этого слова с его стилистическими синонимами **ота, падар - farther- папа**, контекстуальным, синонимом глава семьи и идеографическими синонимами **родоначальник, основоположник.**

Терминология, как широкий пласт лексического состава языка, неразрывно связана с единицами общенационального языка, и, в соответствии с этим, исследование термина и терминологии надлежит реализоваться в рамках совместного абстрактного и прикладного языкознания.

Термин состоит из единицы лексической системы языка, владеющую особенными чертами, которые и дают возможность различать термин от не термина и, в целях анализа внутренних качеств термина, исследовать его в рамках возможно имеющих место, состоящие из общих единиц, терминологических систем, обслуживающих отдельные разделы познаний.

Термин родства содержит отношение ко всем уровням языковой иерархии, ведущими уровнями, в большинство случаев связь между объектами внешней действительности обусловлена четко выраженной иерархией структурой составляющих их оппонентов как понятия, выражающие отношение родства. Имеются такие случаи, когда ни положение объектов в пространстве или во времени, ни компонентная структура их понятийного содержания не обусловливают какой-либо строгой объективной упорядоченности этих объектов во внешнем мире [11, с.43].

Терминология-это дисциплина, связанная с пониманием и управлением терминами. На протяжении многих лет данная дисциплина разработала теории и методы, которые отличаются от наиболее связанных с ней дисциплин, лексикологии.

Терминология касается понятий и их обозначений, а лексикология слов и их значений. Терминология создает концептуально-ориентированные ресурсы, обычно в форме базы данных, в то время как лексикология создает словари. Эти две диаметрально противоположные точки зрения требуют одинаково различных методологий.

Слово “терминология” по своей сути неоднозначно, оно может относиться к дисциплине (связанной с лексикологией и лингвистикой), набору теорий и методологий (например, общей теории терминологии).

В последние десятилетия филологическая наука занимается преимущественно семантическими исследованиями. Обращение к содержательной стороне языковых единиц и процессов, составляющее своеобразие современного этапа развития лингвистики, является, действительно, ее значительным достижением. Перемены, происходящие в языкознании, вызваны не простой сменой его интересов и не выдвижением на первый план новой тематики. Они связаны, прежде всего, с признанием определяющей роли семантики для существования и

функционирования языка, а, следовательно, и с необходимостью изучения семантических аспектов любых языковых явлений. Очевидно, поэтому ведущие лингвисты подчеркивают важность учета семантики и для эффективного описания отдельных языков, и для теории языка как такового.

Под лексической микросистемой понимается группа лексем, объединенных структурно-семантическими отношениями. К лексическим микросистемам относятся, например, лексико-семантические группы, синонимические ряды, семантические поля и другие группировки лексики.

Предпринятое в последние годы в языкознании широкомасштабное изучение различных лексических микросистем проводилось без должного теоретического осмысления и четкого определения таких исходных, базовых понятий, необходимых для системного изучения лексики, как «семантическое поле», «лексико-семантическая группа», «синонимический ряд», «тематический ряд» и т. п.

Термин отличается от других лексических единиц (слов, словосочетаний, идиом и т. д.) и является предметом широких обсуждений,

“Термин”, как правило, понимается как “лексическая единица”, относящаяся к “языку для специальных целей”. Термины являются языком, используемым в конкретных предметных областях.

Таким образом, термины и терминология обычно считаются предметно-полевыми лексическими единицами, например, в различных областях науки, техники, гуманитарных наук, торговли и так далее.

Большинство терминов, проникших в таджикский язык и заполнивших понятийные лакуны в терминосистеме родства юго-восточных говоров таджикского в сопоставлении с английским языком, ранее не исследовались. Нам известно работа С. Хоркашева (С. Рахматуллозода) “Лексико-семантический и морфологический анализ предметной лексики в южных и юго-восточных говорах таджикского языка” где отмечается, что на основе слов в различных моделях образуются новые термины, которые используются носителями южных говоров для выражения различных понятий, а также слова в южных говорах используется как омоним в статье «Место суффикса -акӣ в юго-восточных говорах таджикского языка» Мы также изучили диссертационную работу Х.Х. Эгамназарова «Термины родства и их функционально-семантические микросистемы в узбекском и английском языках», в котором рассматриваются принципы и способы формирования терминологии, ее структурно-семантические особенности, специфика идентификации, и «Сопоставительный анализ терминов брачного родства в таджикском и английском языках» З.М. Мухамадиевой, где рассматривается лексика семантические оссобенности терминов брачного родства в таджикском и английском языках.

Изучение таджикского языка и его диалектов началось еще в прошлом столетии, и уже тогда исследователями были отмечены различия в языке равнинных и горных таджиков. Как показывало этнографическое изучение таджиков, существенные отличия между жителями равнин и гор наблюдались не только в языке, но и в быту, в материальной и духовной культуре. В процессе своего развития таджикская диалектология проходит несколько этапов, с течением времени задачи ее все более усложняются, а методы исследования все более усовершенствуются.

Начальный этап диалектологических исследований характеризуется монографическим описанием диалектов. Именно таким методом были изучены диалекты таджиков и ряда таджикских этнических групп.

К терминам родства таджикского языка относится "модар" и является наиболее популярным в обращении сыновей и дочерей к матери в семье. Еще одна ценность, в данном обращении "модар“, или “мать” относится к пожилым женщинам.

Существуют также формы обращения в диалектах различных регионов Таджикистана и т. д.

В таджикском литературном разговорном языке наиболее распространенным является слово "оча". На юго-восточных диалектах Таджикистана мать называют "**бъби //бъви, ави//ви? // би.**В Дарвазе и Ванджe говорят **ума**. В английском языке обращение к пожилой женщине выражается в виде "mother, **mum, mummyma- мама, мам**".

Слово "падар"- отецв таджикском языке помимо обозначения "падар" имеет несколько других значений. При обращении к отцу, дети говорят **"падар", "падарҷон" “ота”, “боба”, “бво”, “во”father, dad- “отец”, “папа”, "дорогой папа",**абрат – **бъйор//бийар,//бийорак**(обращение к младшему брату)**, -brother -брат.**и т. д.Обращение к отцу, когда говорят **"падар"** - редкость. Это обращение встречается в книжной речи, в художественной литературе, в постановках (спектаклях).

В устной литературной речи говорящие используют слово **"падар",** но в диалектах таджикского языка жители разных регионов Таджикистана, обращаются к отцу по-разному. Общим словом является "ота"(есть также форма"ата"). В Дарвазском районе говорят“**боба”,** “**бъбо**”или ”**бво** ".

В первую группу активной терминологии X века входят слова, обозначающие родство. В литературный язык всех веков, в памятниках литературы, в произведениях поэтов и писателей, в исторических книгах и других источниках, встречаются термины родства, которые сохранились до наших дней. Такие слова включают в себя: падар – отец, модар – мать, писар – сын, духтар – дочь, бародар – брат, додар – младший брат, набера – внук падарандар – отчим, модарандар - мачеха и т. д.

Некоторые слова в современном таджикском языке встречаются нечасто. Например, в литературном языке в первом полугодии – Хв. в значении сын – писарбыло использовано слово пур, а в смысле дочь было использовано слово духт.

Слово **ам** (в настоящее время используется в виде **амак**) был назначен **дядя**- брат отца. В современном таджикском языке эта форма не используется. Слово **хола** используется, что означает **тетя**- сестра матери.

Слово **набера-внук** использовался в виде **навда-навада**, что в современном таджикском языке встречается в говорах таджикского языка (**нъваса**).

Ниже мы приводим примеры из стихотворений из"Шахнаме" Фирдоуси, в которых используются слова, обозначающие родство:

Ба ман, эй писар, дили нарм кун,
Гузашта макун ёду дил гарм кун [14, с.159].

«Маро, — гуфт,— чун духтар омад паст,
Бибоисташ андар замон сар бурид.
Накуштам, бигаштам зи рохи ниё,
Кунун сохт бар ман чунин кимиё,
Писар, к-ӯзи роҳипадар бигзарад,
Далераш зи пушти падар нашмарад» [14, с.158].

В одном стихотворном фрагменте заметно, что слова мама употребляют в значении матери, отсюда можно сделать вывод, что эта форма слова тоже была в употреблении.

Ба модар чунингуфт, к-«Эй пурхирад,
Ҳаме меҳр ҷони маро бишкарад...
Сипаҳдор Дастон ба Кобул бимонд,
Чунин меҳри ӯям бар оташ нишонд.
Чунон танг шуд бар дилам бар ҷаҳон,
Ки гирён шудам ошкору ниҳон.
Нахоҳам будан зинда берӯйи ӯ,
Ҷаҳонам наярзад ба як мӯйи ӯ.
Бидон к-ар маро диду бо ман нишаст,
Ба паймон гирифтем дасташ ба даст.
Ба дасти ҳамин зан, ки кандиш мӯй,
Задӣ бар замину кашидӣ ба рӯй [14, с.160].

«Маро корзор аст,-гуфт, - орзуй,
Падар бониё ҳамчунин дошт хӯй» [14, 158].

Из всего сказанного следует вывод о том, что терминология, любого языка находится в неизменном процессе зарождения, образования и усовершенствования и тем самым представляет собой единую систему термин образовательного процесса, хотя и различающуюся своими особенностями с точки зрения терминобразовательного потенциала. Неправильно было бы сделать вывод о том, что значения корней остаются неизменными в течение тысячелетий. На самом деле изменения происходят. Все корни слов, означающие родства, и их соответствия в ряде языков свойственны фонетически близким корням. Но нередко получается так, что семантически более близкое слово оказывается фонетически более далеким.

При сопоставительном, изыскании группы близкородственных языков, с одной стороны,прежде всего, зарождается проблема хранения или возникновения изначально совместных компонентов словаря в разных языках, асдругой сторонывыявляются разнородности или различиясемантического разделения и семантической структуры сохранившейся общей лексики. Иными словами, можно сказать, что выявляется проблема устойчивости и изменчивости словаря, его отдельных элементов и подсистем.

Процесс замены слова должен, по-видимому, протекать своеобразно в родственных языках, развивавшихся в особых исторических условиях, а также в зависимости от характера предметно-понятийной отнесенности слова.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Будагов Р.А. История слов в истории общества.-2-е издание. – М.: Добросовет, 2004. – 256 с.
2. Балъамӣ Абӯалӣ. Таърихи Табарӣ. “Аз силсилаи халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ”. – Дуашнбе: Ирфон, 1992. - Ҷ.1. – 656 с.
3. Будагов Р.А. Введение в науку о языке: учебное пособие для студентов филолог. фак. ун-тов и пед. ин-тов / Р. А. Будагов. - М.: Учпедгиз, 1958. - 435 с.
4. Гак В.Г. К проблеме семантической синтагматики [Текст] / В.В. Гак // Проблемы структурной лингвистики. - М., 1972. – 229 с.
5. Гак В.Г. Языковые преобразования / В.Г. Гак. - М.: Языки русской культуры, 1998. - 736 с.
6. Джураев, Г. Южные говоры таджикского языка. Т.1. [Текст] / Г. Джураев., Р.Л. Неменова., Дж. Мурватов. - Душанбе: Дониш, 2013. – 370 с.
7. Кузнецов А.М. Сопоставительно-типологический анализ терминов родства английского, датского, французского и испанского языков / А.М. Кузнецов // Синхронно-сопоставительный анализ языков разных систем. - М.: Наука, 1971. – 432 с.
8. Ломтев, Т.П. Принцип отражения и его значение для лингвистической семантики / Т.П. Ломтев // Научные доклады высшей школы. Филологические науки. - 1970. - № 1. – 370 с.
9. Реформатский, А.А. Введение в языкознание / А.А. Реформатский. - М.: Аспект Пресс, 2005. - 536 с.
10. Реформатский, А.А. Термин как член лексической системы языка / А.А. Реформатский // Проблемы структурной лингвистики. - М.: Наука, 1968. - 412 с.
11. Термин и слово: предметная отнесенность и функционирование терминов: межвузовский сборник. - Горький: ГГУ, 1983. - 139 с.
12. Ярцева В.Н. История английского литературного языка IX-XV вв. / В.Н. Ярцева. - М.: Наука, 1985. - 248 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд: дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Хошим, Н.А. Маъсумӣ. – Москва: Нашриёти «Советская Энсиклопедия», 1969.
14. Шарифзода Х. Шоҳнома ва шеъри замони Фирдавсӣ. – Душанбе, 2014. – 399 с.

ИСТИЛОҲ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Дар ин мақола муаллиф истилоҳро чун яке намудҳои луғавии воҳидҳои забон мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар он дар хусуси маъноҳои истилоҳ, калимасозиҳои истилоҳ, инчунин хусусиятҳои сарфии (морфологии) истилоҳ сухан меравад. Оид ба хусусиятҳои сарфии истилоҳ ибрози ақида намуда, муаллиф тазаккур менамояд, ки мавқеъҳои наҳвӣ (синтаксисӣ), ки истилоҳот дар онҳо қарор мегиранд, аз мавқеъҳои наҳвии калимаҳои дигари забон ҳеч гуна фарқ намекунанд. Аз ин рӯ, истилоҳотро чун забони ҷудо аз забон наметавон гуфт, он қабати ниҳоят мустаҳками луғавӣ-фразеологии забон аст ва эҳтиёҷоти касбии ҳомилони забонро таъмин менамояд. Муаллиф хулосаи забоншиноси рус А.А. Реформатскийро дар бораи он ки истилоҳ ба матн эҳтиёҷ надорад, чунки он на ба матн, балки ба заминаи истилоҳотӣ марбут аст, маҳаки гуфтор дар мақола қарор додааст. Заминаи истилоҳотӣ ҳамон аст, ки истилоҳ дар он якмаъно мебошад. Дар ин бобат муаллиф хулосаҳои забоншинос С.М. Бурдиновро оид ба вобаста набудани истилоҳ аз матн, якмаъно будани онҳо берун аз матн ва бо ин ҷиҳаташон фарқ карданашон аз калимаҳои одӣ овардааст ва фикри худро таҳким бахшидааст. Дар мақола инчунин аз хешӣ ва хешовандӣ сухан рафтааст. Ба ақидаи муаллиф, хешовандӣ падидаест, ки дар пойдевори он ҷиҳатҳои иҷтимоию фарҳангии шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бунёд гардидаанд. Дар шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ барои ифодаи мафҳумҳои хешовандӣ истилоҳоти тахассусӣ ва тавсифӣ мавҷуданд, ки ба тавассути онҳо дараҷаи хешовандӣ ва мақоми гурӯҳи хешовандон дар низоми хешовандии тоҷикон таъйин карда мешавад. Истилоҳоти хешовандӣ яке аз муҳимтарин истилоҳот дар захираи асосии луғавии забонанд. Истилоҳоти мазкур инъикосгари муҳимтарин равандҳои таърихӣ-иҷтимоӣ дар зиндагии ҳомилони ин ё он забон мебошанд. Дар охири мақола муаллиф аз донишмандони кишварҳои Ғарб - Крёбер, У. Риверс, Р. Лоуи, П. Кирхгоф, Дж. Мёрдок, Г. Доул, Л. Я. Штернберг, А. М. Золотарёв, Д. А. Олдерогге, Н. А. Бутинов, В. А. Попов, В. Р. Арсенев, М. В. Крюков ва диг., донишмандони рус – шарқшиносони дар Тоҷикистон фаъолиятнамуда ва ё сокини Тоҷикистон буда - А.А. Семенов, И.И. Зарубин, М.С. Андреев, Н.А. Кисляков, А.З. Розенфелд, Р.Л. Неменова, Л.В. Успенская, А.Л. Хромов ва инчунин забоншиносони тоҷик академики Академияи илмҳои Тоҷикистон Б. Ниёзмуҳаммадов, аъзоёни вобастаи АИ Тоҷикистон Р. Ғаффоров ва М. Раҳматуллозода, Л. Бузургзода, Ғ. Ҷӯраев, О.Ҷалолов, Н. Беҳбудӣ, Х. Ҳамроқулов, М. Эшниёзов, Ҷ. Мурватов, М. Маҳмудов, М. Зайниддинова, Б. Саъдулаев ва диг., ки дар омӯзиши масъалаи мазкур саҳми арзанда доранд, ёдовар шудааст.

Калидвожаҳо: истилоҳ, истилохшиносӣ, низоми истилоҳотӣ, калимасозии истилоҳот, хешовандӣ, истилоҳоти хешовандӣ, шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, забоншиносии мардумшиносӣ, методи муқоисавӣ-таърихӣ, захираи асосии луғавии забон, низоми хешовандӣ.

ТЕРМИН И ЕГО СУЩЕСТВЕННЫЕ ПРИЗНАКИ

В данной статье автор рассматривает термин как один из видов лексических единиц языка. Приводятся значения термина, словообразование терминов, а также морфологические свойства терминов. Высказывая свое мнение о морфологических свойствах терминов, автор отмечает, что синтаксические позиции, в которых стоят термины и высказывании, ничем, по-видимому, не отличаются от синтаксических позиций остальных слов языка. Так что терминология это не язык в языке, а особый, очень сильный лексико-фразеологический слой языка, обслуживающий профессионально-трудовые нужды людей. Автор отмечает умозаключения А. А. Реформатского о том, что термин не нуждается в контексте, т. к. термин связан не с контекстом; а с терминологическим полем. Под терминологическим полем понимается та терминология, в пределах которой термин однозначен. Также автор приводит выводы, сделанные С. М. Бурдиновым о независимости термина от контекста, в котором заявляет, что в

научном языке слова-термины вне контекста обладают однозначностью, в отличие от обычных слов, которые реализуют одно из присущих им значений в контексте. В статье также говорится о родстве. По мнению автора, родство - это тот феномен, на фундаменте которого строились социальные институты традиционной культуры южных говоров таджикского языка. В терминологии южных говоров таджикского языка имеются термины родства квалификационного и описательного характера, определяющие степень родства и статус каждого члена родственной группы в системе родства и свойства таджиков. Термины родства является одной из важнейших лексических групп в основном словарном фонде языка. В ней отражаются важнейшие социально-исторические процессы в жизни народа – носителя того или иного языка. В конце статьи автор упоминает зарубежных ученых, таких как Крёбер, У. Риверс, Р. Лоуи, П. Кирхгоф, Дж. Мёрдок, Г. Доул, Л. Я. Штернберг, А. М. Золотарёв, Д. А. Ольдерогге, Н. А. Бутинов, В. А. Попов, В. Р. Арсеньев, М. В. Крюков и др., русских ученых - востоковедов, работавших в Таджикистане - А. А. Семенова, И. И. Зарубина, М. С. Андреева, Н. А. Кислякова, А. З. Розенфельд, Р. Л. Неменову, Л. В. Успенскую, А. Л. Хромова, а также таджикских ученых академика АН Таджикистана Б. Ниязмухаммедова,членов-корр. АН Таджикистана Р. Гаффарова и М. Рахматуллозаде, Л. Бузургзода, Г. Джураева, О. Джалолова, Н. Бегбуди, Х. Хамрокулоева, М. Эшниязова, Дж. Мурватова, М. Махмудова, М. Зайниддинову, Б. Саъдулаева и др., которые внесли весомый вклад в разработке данной темы.

Ключевые слова: термин, терминология, терминологическая система,
словообразование терминов, родство, термины родства, южные говоры таджикского языка, этнолингвистика, сравнительно-исторический метод, основной словарный фонд языка, система родства.

THE TERM AND ITS ESSENTIAL FEATURES

In the article the author considers the term as one of the types of lexical units of the language. It is adduced the meanings of the term, word formation of terms, as well as morphological properties of terms. The author notes about the morphological properties of the terms that the syntactic positions in which the terms and statements stand do not seem to differ from the syntactic positions of the other words of the language. Therefore the terminology is not a language in the language, but a special, very strong lexical-phraseological layer of the language that serves the professional and labor needs of people. The author notes the conclusion of A. A. Reformatskiy that the term needs no context, as the term is not associated with the context; but with the terminological field. A terminological field refers to the terminology within which the term is unambiguous. The author also cites the conclusions of S. M. Burdin on the independence of the term and the context in which claims that in the scientific language the terms, out of the context, have uniqueness, unlike ordinary words, which implement one of the inherent meaning in the context. The article also refers to kinship. According to the opinion of the author, the kinship is the phenomenon on the basis of which social institutions of the traditional culture of the Southern dialects of the Tajik language were built. In the terminology of the Southern dialects of the Tajik language there are terms of relationship of qualification and descriptive nature, determining the degree of kinship and the status of each member of the related group in the system of kinship and properties of Tajik people. Kinship terms are one of the most important lexical groups in the main vocabulary of the language. It reflects the most important socio – historical processes in the life of the native people. At the end of the article the author mentions foreign scientists such as Kreber, W. Rivers, R. Louie, P. Kirchhoff, J. Murdock, Dole, L. Y. Sternberg, A. M. Zolotarev, D. A. Olderogge, N. A. Butinov, V. A. Popov, P. V. Arsen'ev, M. V. Kryukov, and others, Russian scientists - orientalists who worked in Tajikistan - A. A. Semenov, I. I. Zarubin, M. S. Andreev, N. A. Kislyakov, A. Z. Rozenfeld, R. L. Nemenov, L. V. Uspenskaya, A. L. Khromov, as well as Tajik scientists Academician od Academy of Sciences of Tajikistan B.Niyazmuhamedov, Correspondent-members of Academy of Sciences of Tajikistan R. Gafarov and M. Rahmatullozoda, L.Buzurgzoda, G. Juraev, O. Jalolov, N. Behbudi, X. Hamroqulov, M. Eshniyozov, J. Murvatov, M. Makhmudov, M. Zainetdinova, B. Saydulaevand others that have made a significant contribution to the development of the topic.

Key words: term, terminology, terminological system, word formation of the terms, kinships, kinship terms, Southern dialects of the Tajik language,ethnolinguistics, comparative-historical method, basic dictionary fund of the language, kinship system.

Сведения об авторе: ***Диловаров Манучехр Мазамович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: **mdilovarm@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-61-87-93**

Information about the author: ***Dilovarov Manuchehr Mazamovich*** - Tajik State Finance and Economics University, Senior Teacher of the Foreign Languages Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Str., 64/14. E-mail: **mdilovarm@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-61-87-93**

УДК: 81'373.6

ШАРҲИ РЕШАШИНОСӢ ВА ТАБДИЛИ ОВОИИ ЧАНД НОМИ ҶУҒРОФӢ

Шодиев Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаққиқон номҳои таърихии ҷуғрофиро яке аз муҳимтарин манбаъ дар шинохти нажодӣ ё этникии мардумони ҳар кишвар дар тӯли таърих донистаанд, ки ин андеша бар асоси пажӯҳишҳои дар ин самт анҷомёфта, бинобар номҳои фаровони куҳани таърихӣ тибқи осори хаттӣ таъйид мегардад. Номҳои ҷуғрофии Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи он манобеи нодири забонҳо ва гӯйишҳои минтақа буда, онҳо на танҳо барои шинохти забонҳои мухталифи эронӣ ва ғайриэронӣ, балки барои ҳайати нажодии бошандагони ин сарзамин ва нақши забонҳову гӯйишҳо дар ташаккули этникии мардуми он ва таъсирпазирии суннатҳо ва фарҳангҳои мухталиф дониста мешаванд.

Номҳои таърихӣ, ки дар манобеи хаттии суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ, арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ маълуманд, осоре аз забонҳои роиҷ ва бумии ин манотиқ ба шумор меоянд. Дар номҳои суғдӣ - ин кишвари ҳамчавори Бохтар, унсурҳо ва вижагиҳои овоии суғдӣ ҳифз гардида, аз рӯйи аломатҳои забонӣ ва таҳқиқи этимологӣ топонимҳои сарзамини Суғд то ҳол дар ҳамин равиш омӯхта мешаванд, ки чунин шеваи таҳқиқи забоншиносӣ дар омӯзиши номҳои ҷуғрофии Бохтар ва Хатлон низ муҳим аст. Яке аз мушкилот дар таҳқиқи забоншиносии номҳои ҷуғрофии суғдӣ ва бохтарӣ ташхиси забонии ин номҳо аз нигоҳи таърихӣ мебошад. Осор ва ёдгориҳои дигари хаттии бохтарӣ, ки аз сарзамини Бохтар дар корбурди пажӯҳишгарони забони бохтарӣ қарор доранд, барои ташхиси вижагиҳои овоӣ, дастурӣ ва вожашиносии ин забон ва таҳаввули баъдии он дар мисоли луғати номҳои ҷуғрофии марбут ба бохтарӣ, ки замоне дар минтақаи Хуттал аз забонҳои асосии бумӣ маҳсуб мешуд, кофӣ нест.

Номҳои таърихии ҷуғрофии минтақаи Хуттал ё Хатлон бояд дар муқоиса бо номҳои таърихии сарзаминҳои Бохтар ва Суғд, ҳамчунин манотиқи дигари густариши забонҳои шарқӣ ва ғарбии эронӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Такрори номҳо ба даврaҳои гуногуни таърих марбут буда, далели чигунагии вазъи забониро дар манотиқи таърихии шарқи Ориё собит месозад. Барои намуна аз ин чанд номҳои ҷуғрофӣ, ки дар манотиқи гуногун такрор мешаванд, метавон ёд кард: *Шайнак*, *Соктаре*, *Нъсай* (Nəsay), *Ромит* ва даҳҳо номи ҷуғрофии дигар. Дар ин ҷо шарҳи мухтасари таърихӣ ва этимологиро дар иртибот бо номи Шайнак дар минтақаи Кӯлоб ва Ҳисор замима менамоем.

Бунёди номи Шайнак ба решаи эронии бостон šay- «зиндагӣ кардан, сукунат доштан», ҳиндии бостон kseti, эронии бостон šayana-(šay- ana) «макони сукунат, ҷойи зист», авестоӣ- airyō. šayanəm- «макони ориёиҳо, ҷойи зисти ориёиҳо», авестоӣ hušayanəm- он, ки ҷойи хуб барои зиндагӣ фароҳам меоварад, яъне бахшандаи ҷойи хуб барои зиндагӣ, авестоӣ-rāma. šayanəm- бахшандаи зиндагии ором, бо вожаи gava- дар Авесто яке аз сифоти Суғд: gava- šayanəm [5, с.323, 347]; Дар Гардезӣ ин сифати Суғд бо номи «Суғди ҳафт ошиён» ёд мешавад.

Дар номи Šaynak (Шайнак) ин решаи эронии бостон дар сохтани номҳои ҷуғрофӣ дар шакли šayna+ ak (=Šaynak) маҳфуз мондааст.

Бунёди ин вожа дар номҳои Афшин (افشین- ноҳияе дар Хуросон) ва Афшина (افشینه) (дар Мовароуннаҳр, Бухоро) ҳифз шудааст. Бад-ин далел зодгоҳи Ибни Сино на Афшана, ҳамчунонки дар манобеъ ба забони тоҷикӣ дар алифбои кириллӣ омадааст, балки Афшина (افشینه) бояд хонда шавад. Дар мавриди افشین ва افشینه ба «Луғатнома»-и Деҳхудо [8, с.3080] муроҷиат шавад.

Инчунин номи љуѓрофии Нисо (Nisā), ки дар Авесто ва форсии бостон баробар ба кор рафтааст, дар матни авестоии Видевдод (фаргарди 1) дар ҷуғрофияи кишварҳо Нисайа (Nisāya) панҷумин кишвар дар миёни Марву Балх ёд мешавад. Ин кишвар баъдан пойтахти портҳо дар Хуросон, дар наздики Ашқобод (аслан Ашкобод) қарор доштааст, ки ковишҳои бостоншиносӣ инро собит менамоянд [1,с.50-51]. Дар сангнабиштаи Дориюш дар Беҳистун (DBI, 58) вилояте дар Мод зикр шудааст [10, с.194; 6, с.135].

Ҳамчунонки медонем, чандин шаҳрҳои Эронзамин бо ин ном хонда шудаанд. Ба таври мисол 1) Нисо (نسا) дар Мод; 2) Нисо – дар наздикии Ашқобод; 3) Нисо дар Бам; 4) Нисо дар Кирмон; 5) Нисо дар Форс (шаҳри Байзои аҳди исломӣ); 6) Нисо дар Хуросон [2, с.2136]. Дар осори ҷуғрофӣ, аз ҷумла «Ҳудуд-ул-олам» ва «Муъҷам-ул-булдон», дар бораи ин шаҳр маълумот оварда шудааст. Дар Эрон чанд деҳ бо номи Нисо (نسا) маълум аст [Луғатнома, ҷ.14, с.22449 бо истинод ба «Фарҳанги ҷуғрофиёии Эрон ҷ.10»]. Бархе деҳи Нусай / Нəсай (Nəsay)-ро дар ноҳияи Дарвоз бо ҳамин ном як медонанд, ки ин аз нигоҳи решашиносӣ аз воқеият дур нест. Этимологияи ин номро аз пешванди эронии бостон ni-фурӯд, поин ва бунёди saya -, авестоӣ ni-say- «воқеъ шудан, оромидан, қарор гирифтан» донистаанд [10, с.194].

Ба таври умум ин номро ҳамчун «нишастгоҳ, зистгоҳ, ҷойи зист, ободӣ» маънӣ кардаанд [2, с.2136].

Бо овардани ин чанд далоили таърихии такрори номҳо дар манотиқ ва ҳавзаҳои гуногуни забонӣ зарурати таҳияи вожаномаи номҳои ҷуғрофӣ дар Осиёи Миёна дар сарзаминҳои таърихии Суғду Бохтар ва манотиқи дигари ҳамҷавор пеш меояд. Ин номҳо мероси гаронбаҳо аз забонҳо ва лаҳҷаҳои бумии ин сарзамини таърихии будубоши мардумони эронитабор маҳсуб мешаванд.

Ин ҳама номҳои ҷуғрофии Хатлон (Хутталон) ҳамчун мероси луғавии забонҳову лаҳҷаҳои куҳани ин манотиқ буда, имрӯз бо доштани вижагиҳои овоӣ ва қолабҳои вожасозии хеш дар радифи вожаҳои мансухи забонҳои матрукшудаи ин сарзамин шомиланд. Аммо чунин номҳо дар макони таърихии хеш дар ҳавзаи нави забонӣ дар

шинохти маъно ва муҳтаво дорои бархе аз мушкилот мебошанд, ки он ба пажӯҳишу омӯзиши дақиқ ва ҳамаҷонибаи забоншиносӣ ва этимологӣ ниёз дорад.

Номҳои таърихии ҷуғрофии Хатлон (Кӯлоб) ҳамчун маводи забонӣ намунае аз луғати забонҳои ин сарзамин бояд бар асоси вижагиҳои овоӣ ва табаддулоти таърихии забонҳои бумӣ ё маҳаллии қабл аз даврони исломӣ, ки дар ин марзу бум ривоҷ доштаанд, мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд. Яке аз чунин вижагиҳои овоии муштарак дар забонҳои миёнаи шарқии эронӣ ба ду забони дорои осори хаттӣ – суғдӣ ва бохтарӣ табдили ҳамсадои *d эронии бостон ба ð мебошад, ки ин табаддулоти овоӣ дар расмулхати ин забонҳо дарҷ шудааст. В.Б. Ҳеннинг бори нахуст теъдоде аз вожаҳои суғдиро бар пояи табаддулоти овоии ð>l аз суғдӣ ба форсии нав мавриди таҳқиқ қарор дода, чунин як вижагии савтиёти забони суғдиро тибқи 11 иқтибоси суғдӣ дар форсии нав ошкор кардааст [9, с.93-106]. Пас аз мақолаи В.Б.Ҳеннинг таҳқиқоти арзишманди дигар аз ҷониби В.А.Лившитс таҳти унвони «Вожаҳои суғдӣ дар забони тоҷикӣ» анҷом дода шуд, ки он дар такмили қонунияти таърихии табдили d – эронии бостон (=ð дар забонҳои шарқии эронӣ) дар иқтибосҳои суғдӣ ба l анҷом дода шуд [3, с.31-43].

Ин табдили овоӣ дар чанде аз номҳои ҷуғрофии Афғонистон, бавижа минтақаи Бохтар мушоҳида мешавад. Ба таври намуна: Balaxšān <Baðaxšān <Badaxšān – Бадахшон дар «ал-Булдон» (с. 66, поварақи 6) Balaxšān (дар забони омма бо «лом» гӯянд), Hilmand <Hēlmand <Haētumand [9,с.93; 11, с.146]; бохтарӣ Baxlo< *Bāxðri, авестоӣ Bāxði, форсии бостон Bāxtri, форсии миёна Baxl [7, с.175]; Baγlān, бохтарӣ bagolaggo «ибодатгоҳ» <эронии бостон *baga-dāna -, суғдӣ Bɤðʻnny [7, с.172]. Табдили d/ð ба l дар як номи ҷуғрофии бохтарӣ –Lrafo< *drafša – (бо ихтисори š дар гурӯҳҳои сомитӣ) дида мешавад [12, с.363]. Табдили ин вижагии овоӣ дар мисоли вожаҳои суғдӣ ва бохтарии иқтибос дар форсии нав дар чанде аз фарҳангҳои форсии дарӣ бо овардани шоҳид аз шуарои ин манотиқ дарҷ шудааст, ки номҳои ҷуғрофӣ низ ба он шомиланд.

А Д А Б И Ё Т

1. Брагинский И.С. Из истории персидской и таджикской литератур. Избранные работы / И.С. Брагинский. - М.: Наука, 1972. - 523 с.
2. Бурҳони қотеъ / Таълифи Муҳаммад Ҳусайн бини Халафи Табрезӣ, мутахаллис ба Бурҳон; бо эҳтимоми М.Муин. Ҷ.2. - Теҳрон, 1342/1963. - 1216 с.; Ҷ.3. - Теҳрон, 1342/1963. – 1923 с. – Теҳрон, 1361/1982 с. – 2136 с.
3. Лившиц В.А. Согдийские слова в таджикском языке / В.А. Лившиц // Известия отделения общественных наук АН Тадж. ССР. – 1957. – № 12. – С.31-43.
4. Саймиддинов Д. Як нишонаи овоии вожаҳои иқтибосии суғдӣ дар форсии дарӣ ва гӯйишҳои тоҷикӣ / Д. Саймиддинов // Номаи пажӯҳишгоҳ. – 2003. – №3. – С.5-22.
5. Соколов С.Н. Язык Авесты / С.Н. Соколов. – Л., 1964. – 359 с.
6. Brandenstein W. und Mayrhofer M. Handbuch des Altpersischen. – Wiesbaden, 1964. - 160 p.
7. Davari G.Dj. Baktrisch. EinWörterbuch auf Grund der Inschriften, Handschriften, Münzen und Siegelsteine / G.Dj. Davari. - Heidelberd, Julius CroosVerlad, 1982. - 306 p.
8. Dehxudā. Lughatnāma. J. 13, 14, 15. – Tehran. Tehran University Publications, 1998.
9. Henning W.B. Sogdian Loan-words in New Persian / W.B. Henning // BSOS. – 1939. – P.93-106.
10. Kent R. Old Persian (Grammar, Texts, Lexion) / R.Kent – New Haven, 1950 (2 nd., 1953). – 219 p.
11. Lazard G. La langue des plus anciens monuments de la prose Persane / G.Lazard. - Paris, 1963. - 536 p.
12. Sims-Williams N. Balxī // Compendium LinguarumIranicarum. Edited by Rüdiger Schmitt. – Wiesbaden, 1989. – 450 p.

ШАРҲИ РЕШАШИНОСӢ ВА ТАБДИЛИ ОВОИИ ЧАНД НОМИ ҶУҒРОФӢ

Дар мақолаи мазкур баъзе номвожаҳои ҷуғрофӣ мавриди таҳлили таърихӣ ва лингвистӣ қарор гирифта, табдили вижагиҳои овоӣ оварда шудааст. Яке аз марҳилаҳои мушкил дар таҳлил ва шинохти номвожаҳои ҷуғрофӣ, бавижа номҳои таърихӣ таҳқиқи этимологӣ ва ё решашиносии номҳо ба шумор меравад. Ин марҳила метавонад аз роҳи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ бо истифода аз манобеи хаттии осори даврaҳои гуногуни таърихӣ ва муқоисаи номвожаҳо бо забонҳо ва лаҳҷаҳои минтақаҳои гуногун ё сарзаминҳои таърихии будубоши мардумони эронинажод анҷом дода шавад. Номҳои таърихии ҷуғрофӣ ҳамчун маводи забонӣ бар асоси вижагиҳои овоӣ ва табаддулоти таърихии забонҳои бумӣ ё маҳаллии қабл аз даврони исломӣ, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Номвожаҳои таърихӣ дар баробари далели муҳимми лингвистӣ дорои арзиши этнолингвистӣ низ мебошанд. Пайдоиши номҳои ҷуғрофӣ, бахусус номҳои рӯдҳо ва шаҳрҳо, ба даврони дури таърих иртибот дорад, бидуни шубҳа ва гумон ин номҳо далели воқеии вазъи забонӣ дар сарзаминҳои муайян дониста мешаванд. Ҳамчунонки аз баррасӣ ва таҳқиқи номҳои ҷуғрофии таърихии Хуросон ва Мовароуннаҳр бармеояд, дар миёни номҳои эронибунёд, бавижа суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва ғайра, номҳои таърихии ғайриэрониро низ метавон мушоҳида кард, ки онҳо ба мардумон ё гурӯҳҳои дигари этникӣ марбут мебошанд.

Калидвожаҳо: номҳои ҷуғрофӣ, табдили овоӣ, таҳлили лингвистӣ, шаклҳои таърихӣ, решаи эронии бостон, решашиносӣ, вижагиҳои овоӣ, забони суғдӣ, забони бохтарӣ.

ОПИСАНИЕ ЭТИМОЛОГИИ И ФОНЕТИЧЕСКОЙ КОНВЕРСИИ НЕКОТОРЫХ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ИМЁН

В этой статье говорится о конверсии фонетических особенностей и некоторые географические имена анализируются с точки зрения истории и лингвистики. Во время анализа и определения географических имён, особенно исторических, одиим из самых сложных этапов является этимологическое исследование. Это исследование может быть проведено с помощью сравнительно-исторического метода языкознания, письменных источников произведений разных исторических периодов и сравнения имён с языками и диалектами разных регионов или исторических территорий иранского происхождения. Географические исторические имена как языковой материал изучались на основании фонетического свойства и исторической эволюции местных языков доисламского периода. Географические имена наряду с важными лингвистическими фактами также имеют этнолингвистическую ценность. Происхождение географических имён, в особенности названий рек и городов, датируются древним историческим периодом. Без сомнения, эти имена считаются реальными фактами языкового положения. В ходе изучения и анализа исторических географических имён Хорезма и Мовараннахра можно прийти к выводу, что среди слов иранского происхождения, в особенности, согдийских, бактрийских, хорезмийских имён и т.д., обнаруживаются неиранские исторические имена, которые относятся к другим народам и другим этническим группам.

Ключевые слова: исторические имена, фонетическая конверсия, лингвистический анализ, исторические формы,древнеиранские корни, этимология, фонетические особенности, согдийский язык, бактрийский язык.

DESCRIPTION OF ETYMOLOGY AND PHONETICAL CONVERTION OF SOME OF THE GEOGRAPHICAL NAMES

This article deals with converting of phonetically features as well as with some geographical names being historically and linguistically analyzed. One of the difficult stages in analyzing and identifying of geographical names, particularly, historical names is etymological research. This research may be carried out by using comparative-historic method of linguistics, written sources of diverse historical epochs' works and comparing names with languages and dialects from different regions or historical territories of people of Iranian lineage. Geographical historical names as lingual materials have been studied based on the phonetically characteristics and historical evolution of the pre-Islam's local languages. Apart from being significant lingual indication, historical names have also ethnolinguistic value. The rise of geographical names, the names of rivers and towns in particular date back to the ancient times of history. There is no doubt these names are thought to be an actual evidence of lingual state in certain areas. As it can be summed up from analyze and research of historical geographical names of Khorasan and Transoxiana among the names of Iranian origins especially Sogdian, Bactrian, Kwarazmian and etc, non-Iranian historical names are also seen that belong to a different ethnic group of people.

Key words: historical names, phonetically converting, linguistic analyze, historical forms, ancient Iran's root, etymology, phonetically features, Sogdian language, Bactrian language

Сведения об авторе: ***Шодиев Рустам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Телефон: **(+992) 919-27-07-91**

Information about the author: ***Shodiev Rustam*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, the docent of the department of Iranian philology of the faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-27-07-91**

УДК 821.222.8 = 512.133

ФИЛОЛОГИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ АЛИШЕРА НАВОИ В КОНТЕКСТЕ ТАДЖИКСКО-УЗБЕКСКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ

Имомзода М.С., Рахманов Б.Р.
Таджикский национальный университет,
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Низамаддин Алишер Навои (1441-1501) является незаурядной личностью XV века. Ученый, поэт-новатор и покровитель искусств совмещал свой талант с общественный деятельностью, чем и привлекает внимание исследователей.

На рубеже XVI - XVII вв. в Европе появляются книги путешественников о Востоке. Дипломаты и ученые, путешественники и торговцы изучали историю, быт и нравы, религию и культуру восточных народов. Научной работой, знакомящей с восточной литературой, является опубликованная в № 9 журнала «Вестник Европы»1815 г. статья[2] ориенталиста А. Журдена[3] «О языке Персидском и словесности», которая была переведена с французского языка (*«La Perse ou Tableau de gouvernement, de la religion et de la littérature de cet empire»*, 1814– «Персия, или Описание управления, верований и литературы этой империи). Из исследования Журдена европейцы узнали о Алишере Навои.

Журден отметил, что Навои совместил в себе плоды хорошего воспитания и добродетельные наклонности, помноженные на талант: «…вступил в свет с добродетельнейшими склонностями и счастливыми дарованиями, украшенными всеми прелестями учения» [1, с.170]. Знания приводят его во дворец[4], где он служит как поэт и ученый, впоследствии султан доверит ему пост министра. Этот период жизни Навои достоин похвалы современников и подражания потомков, говорится в исследовании. Наука и искусства, добродетель и образование были попутчиками трона.

Государственная деятельность не мешала литературному творчеству Алишера Навои. Журден приводит в пример общеизвестность его литературныхвечеров: «Дни посвящал он делам государственным, а вечера проводил с первыми по уму и дарованиям людьми во всей Персии; которых обыкновенно приглашал в свои чертоги; одушевлял беседой своею замысловатостию; восхищал собрание остроумными своими сочинениями…» [1, с.170]. Деятельность Навои способствовала развитию науки и искусства: «Назначение на высокую государственную должность он использовал для многих культурных начинаний» [2, с.7]. Общеизвестны его указания о строительстве больниц и учебных заведений (медресе).Навои на благие дела не жалел личных средств, что отмечено французским востоковедом: «…возбуждал соревнования, назначал награды талантам, и будучи достойным ревнителем Мецената, покровительством своим приближал науки и словесность к их совершенству» [1, с.170].

Подтверждают меценатство поэта и помощь неимущим записи самого Навои. Делясь с современниками мыслью о том, что мудрый правитель должен заботиться о благе народа, Алишер Навои воплощал их в жизни: «Из средств своих я брал себе на жизнь лишь то, что необходимо простому человеку… Остальное же я тратил на общение с народом, на питание служителей и домочадцев..., представлял на благотворительные дела» [2, с.7].

Таким образом, в статье Журдена, посвященной персидской словесности, Алишеру Навои отдана дань уважения как ученому, поэту и государственному деятелю.

Высокая оценка, данная французским ориенталистом поэтическому таланту Алишера Навои, обусловлена рядом его работ. Один из таких трудов – тазкира[5]«Собрание избранных» (Маҷолис-ун-нафаис). «Со страниц «Собрания избранных» встает интересная картина литературной и культурной жизни государства Тимуридов XV века» [3, IX, с.219]. В антологию поэтов Алишер Навои включил информацию о собратьях по перу – предшественниках и

[2]Сама статья не является полным переводом научного труда Журдена, в ней в основном даны сведения, посвященные классикам восточной литературы. Отметим, что в названии труда А. Журдена говорится о содержании исследования – государственное управление, религия и литература, но для статьи переводчики отобрали только литературоведческий материал.
[3]Амабль Луи Мария Мишель Журден (*Amable Jourdain*, 1788 -1818) - французский востоковед.
[4] Служба при дворе правителя Герата султана Хусейна Байкара.
[5]Тазкир – «свод жизнеописаний поэтов с приведением наиболее характерных и ярких образцов их творчества».

современниках, особенности их творчества, описал литературный процесс эпохи. «Собрание избранных» было написано в 1491-1492 гг. и дорабатывалось в 1498-1499 гг., состоит из 8 собраний (бесед) о творчестве 459 поэтов. Навои рассмотрел 46 авторов, которые писали в середине XV в., но их автор не знал; вторая группа представлена 91 поэтом, которых Навои знал, но к периоду написания исследования они уже покинули бренный мир; третья группа состоит из здравствующих 174 поэтов-друзей; четвертое собрание состоит из 70 современников, которые были любителями литературы и отводившие редкие мгновения жизни поэтическому творчеству; отдельная группа состоит из 20 благородных и знатных хорасанцев, писавших стихи; шестая группа представлена 31 поэтом, живущим за пределами Хорасана; отдельно представил читателям 21 поэта-тимурида; в заключении ознакомил с творческим наследием Хусейна Байкары, жизнеописание Саида Хасана Ардашера и Пахлавана Мухаммада [3, IX, с.218]. Этот труд представляет собой своеобразную классификацию, характеризуется объективность и беспристрастность автора; анализ стихотворений позволяет увидеть положительные стороны и недостатки творчества поэтов. «Анализируя образцы творчества поэтов, Алишер Навои уделяет большое внимание особенностям содержания и формы стихов, он сопровождает свой анализ критическими замечаниями по поводу цитируемых двустиший и высказывает свое мнение о том, как можно было улучшить тот или иной стих» [3, IX, с.218]. Оценка поэтического дара современников совмещена с личностными характеристиками (благородство, ум, красноречие, преданность и искренность или заносчивость, необузданность, злобность). Современное литературоведение не имеет сведений о произведениях этих поэтов и писателей, информация об особенностях их творчества сохранилась благодаря Алишеру Навои. О большом научном значении этого исследования говорит Раҳим Ҳошим[6]: «Дар тазкираи бисьёр пуразиши худ «Маҷолис-ун-нафоис» бисьёр шоирони форсӣ-тоҷикигӯи замони худро ёд карда, аз осори онҳо намунаҳое медиҳад, ки аксари онҳо адиб ва шоирони гумномшуда ва осорашон аз байнрафтааст ва мо фақат ба шарофати ҳамин ёддоштҳои ҳомии бузурги адабиёт дар бораи вуҷуд доштан ва кӣ будани онҳо тасаввуроте ба даст оварда метавонем» [5, с.152].

Особое внимание уделено Алишером Навои трем персидско-таджикским классикам– *Низами, Хосрову Дехлеви и Джами,* которых он считал своими учителями:

Желание вслед великим трем идти –
Хоть шага три пройти по их пути….
Коль сути первых двух мне свет открыл,
То будет третий мне и вождь и щит [3, III, с.12-13].

Закономерно, что первая поэма «Пятерицы» – «Смятение праведных»– начинается с упоминания имен этих великих поэтов. Пять произведений под общим названием (Хамса) написаны *Низами Генджеви, Эмиром Хосровом Дехлеви и Абдурахманом Джами.*

О Низами сказано как о царе поэтов, отмечены его благородство и совершенство мыслей:

Он мысли на престоле красоты
Явил в словах, что как алмаз чисты…
Шейх Низами –он перлами словес
Наполнил мир и сундуки небес [3, III, с.6].

Эмир Хосров Дехлеви прошел его путь:

С его калама сыпался огонь,
Как пламя был его крылатый конь…
Его с индийским я сравню царем,–
Ведь Хинд прославил он своим пером.
Все пять его волшебных повестей
Живут, как пять индийских областей [3, III, с.6-7].

Джами и Навои – тема, достойная отдельного исследования о таджикско-узбекских литературных связях. О творчестве персидско-таджикского классика Навои сказал:

Он, как звезда полярная в пути,
К познанью призван избранных вести.
Он клады перлов истины открыл,
В зерцале сердца тайну отразил [3, III, с.9].

Знающему цену дружбы, «живущему в цветнике» и «охраняемому небесными ангелами», Джами подвластно представить читателю непознанное– «страницыкниги бытия и тайны времени»:

[6]В своем драгоценном тазкире«Маҷолис-ун-нафоис» упоминает многих персоязычных поэтов своего времени и приводит примеры из их произведений, большинство этих ученых и поэтов забыты, а произведения утеряны, и благодаря этим воспоминаниям, которые восхваляют литературу, нам представлена информация о ее существовании.

Стихом он все иклимы[7] *покорил,*
А прозою новый мир сердцам открыл [3, III, с.10].
Один – средь певчих птиц в тени ветвей,
Шах соловей над розою своей [3, III, с.11].

Поэтический талант Джами, говорится в поэме «Смятение праведных», достоен признания и поклонения:

Им пленены дервиши и цари,
Ему верны дервиши и цари.
Но преданности в круге бытия
Столь твердой нет, как преданность моя! [3, III, с.10].

Оценка творчества персидско-таджикских классиков дана и в философско-дидактическом трактате «Возлюбленный сердец» (1500 г.). Во втором разделе «О свойствах добрых деяний…» в «Главе 10 – о любви» Алишер Навои раскрывает читателю мир любви. Любовь подобна солнцу, дарует красоту, способно печаль обратить в цветник и лишить разума, это языки огня пылающих сердец. «Она в душе возлюбленного страсть к возлюбленной вызывает, одним сиянием своим его душу отнимает» [3, X, с.65]. Испытали жар любви и поделились своими чувствами, говорит Алишер Навои, прославленные и чудесные персидские поэты.

Автор трактата выделяет три вида любви. О первом, цель которого узы брака, сказано кратко в бытовом плане.

Второй вид - чувства избранных людей, испытать и передать которое по плечу достойнейшим людям. Эти чувства поражают и поглощают разум человека ангельской красотой, растворяя в небесном своде вселенной. «Это означает – невинным взором невинных очей невинный лик созерцать, под действием этого невинного лика невинное сердце возбуждать и путем этого невинного созерцания наслаждаться невинной красотой истинного возлюбленного» [3, X, с.67]. Познать естественность красоты и невинность чувств способны стихотворцы, представители божественного таланта в мире людей, такие как *Хосров Делийский,* «невинной любовью плененный». Навои называет Хосрова Дехлеви львом леса поэзии, саламандрой в огне любви, путником в долине страсти чувств и наслаждений; произведения которого вызывают гамму чувств: «Его непорочные речения, блестящие и содержательные стихотворения вызвали смятение среди влюбленных и подняли вопль на собрании людей восторгом плененных» [3, X, с.67]. Или рында и искатель истины Хафиз, объявший в газелях чувства небесные и земные: «…следует упомянуть невинного игрока любви, который, делая один только ход, попадает сразу в два мира, поверенного тайн гуляк, опьяненных вином истины в питейном доме любви, солнце нации и веры *Ходжу Хафиза Ширазского*….» [3, X, с.67]. Упомянул Навои и своего наставника Джами (*его святейшество шейх-уль-ислам Мавлана Нуриддин Абдуррахман Джами*), «вождя непорочных влюбленных, одним огненным вздохом сжигающего этот свет». Автор, давая оценку этим представителям персидско-таджикской классики, в своем труде переходит на рифмованную прозу, поскольку прозанедостойнаповествовать о гениальных поэтах:

«Хотя их достоинства и выше чисто поэтических, но они и поэзией всех жанров вселенную пленяли, любовным огнем своих стихов весь мир сжигали, от каждого их бейта душа и сердце мужей любовью пылали» [3, X, с.67].

Следующего вида любви достойны праведники на пути познания божественного – поэты суфии, погруженные в созерцание и познание красоты. «Их мечта – воочию красоту возлюбленного созерцать, их занятие – ее искусство и совершенство осознавать» [3, с.69]. Им чуждо бренное земное, их чувства поглощены красотой небес, они баловни судьбы, познавшие любовь и истину. Навои пишет: «Их можно назвать влюбленными в бога и возлюбленными его, их можно считать желающими господа и желанными для него» [3, X, с.69]. В заключении рассуждения Навои приводит рубаи:

Если на раба с небес высоких снизойдет такая благодать,
То любой, в ком ясный разум, может это дело до конца понять:
Нет на свете сущего иного, кроме бога, что превыше всех,
Этот человек достиг спасенья, бога сердцем он сумел познать [3, X, с.69].

Таким образом, можно сделать вывод, что Алишер Навои хорошо знал персидско-таджикскую классику и творчество писателей-современников. В подтверждение этих мыслей обратимся к трактату «Суждение о двух языках» – «Муҳокамат-ул-луғатайн» (1499). Навои перечисляет имена поэтов, своим творчеством прославивших персидскую словесность. «Таковы Хакани, Анвари, Камал Исмаил, Захир и Салман, создававшие касыды; прославившийся в жанре месневи – наставник наук Фирдоуси и избранник времени Шейх Низами, и индийский

[7] Стороны света, климатические пояса.

чародей Мир-Хосров; творившие газели – провидец времен Шейх Муслихиддин Саади; неповторимый в веках Ходжа Хафиз Ширази…»[3, X, с.134].

Плененный изяществом и красотой персидского стиха, Навои конкретизирует особенности творчества своих кумиров. Мир-Хосров Дехлеви, наставник и попечитель влюбленных и вдумчивых, «…расчистил путь печали, смирения и пламенных чувств в любви» [3, X, с.127] и огнем любви осветил мир. Изящество слов и сокровенность мысли предводителя людей истины Ходжи Хафиза Ширази «напоминают дыхание высшей благодати» и увенчаны божественным вдохновением. Автор трактата отмечает животворные и возвышенные речи благовестника людей веры Мавлана Абдуррахман Джами: «И ему были дарованы сладость и проникновенность, совершенство и высшая мудрость благословенных творений обоих мужей, упомянутых выше, и это поистине поразительно!» [3, X, с.127].

Знания и талант Навои в персидской и узбекской словесности были признаны литературоведами: «…известность, дарованная мне, недостойному, столь сильными доказательствами и великими свидетельствами, и искусность моя утвердилась и засверкала в персидской и тюркской поэзии» [3, X, с.134]. На мнение автора трактата полагались поэты-современники, которые учитывали мастерство и поэтическое дарование Навои.В трактате написано, что поэты представляют ему свои произведения для редактирования и исправления «…ипросят, чтобы я отделал и улучшил их; и те тонкие замечания, которые бывали высказаны мною, они по справедливости принимали..» [3, X, с.132]. С мнением Навои считались литературоведы, знатоки и ценители мыслей и тонкостей поэзии, при своих разногласиях в познании безграничного моря тонкости творчества Анвари, Салмана, Мир Шахи, Мавлана Катиби, Низами, Дехлеви и других поэтов.

«Безграничное доверие» высказывал Алишеру Навои и Джами, знакомя с новыми произведениями и говоря: «Прими листы эти и просмотри от начала до конца, и все, что придет на душу тебе, скажи» [3, X, с.132].

Подведя итог рассуждениям, скажем, что талант Алишера Навои, совместивший в своем творчестве духовный опыт и поэтическое наследие персидско-таджикской и узбекской литературы, объединил культуру двух близких и неразрывно существующих народов и служит ярким примером для потомков.

Заслуженная слава Навои связана с новаторскими замыслами (литературоведческие трактаты «Суждение о двух языках» и «Весы стихотворных размеров»[8]) в становление узбекского литературного языка:

Я одинок! Поэтов тюркских нет.
Найду ль в сердце сочувственный ответ?...
Иль не было предтеч моих в былом,
Владевших тюркским словом и стихом? [3, III, с.23].

Причину написания произведений на тюркском языке Навои объясняет в лингвистическом труде «Суждение о двух языках». «В каждом селении люди говорят по-своему, у них есть свои обороты речи и выражения, которых нет у других» [3, X, с.108]. Богатство слова тюркского народа и особенности выражения мысли, считает Навои, должным образом войдут в мировую кладовую словесности. В подтверждение своих мыслей автор приводит в примеры глаголы «для обозначения удивительных намерений» и оттенковвыражений, рассматривает лексическое богатство тюркского языка и многозначность слов.

Эти примеры свидетельствуют о тонкостях тюркского языка и поэтических возможностях, считает Навои: «Из всего сказанного становится ясно, что в тюркском языке много изумительных слов и выражений» [3, X, с.123]. И в помощь поэтам, желавшим слагать стихи на тюркском языке, Алишер Навои создает «Весы стихотворных размеров» – «трактат о стихосложении, отражающий глубокое понимание Навои задач применения арабо-персидской метрики к стихосложению на узбекском языке» [2, с.14].

Склонность к постижению необыкновенного и понимание тонких и сложных вещей, знание богатства персидского языка и его изъянов подтолкнули Алишера Навои задуматься о тюркской речи и создать шедевры поэзии на родном языке. «И действительно, если человек проявит доброе разумение и рассудительность, то в этих словах обнаружится столь широты, а в распространении их столь простора, что в них, наверное, легче было бы найти богатства словоречений, красноречия, стихосложения и повествования, и это поистине легче!» [3, X, с.122].

[8]Мезонул-авзон

Известность ему принесцикл поэм «Пятерица», утвердивший Алишера Навои в качестве основоположника узбекской литературы. Знакомство с поэтическим наследием *Низами, Хосрова Дехлеви, Ашрафа и Джами* подтолкнулоего на творческий подвиг.

Решил: писали на фарси они,
А ты на тюркском языке начни!
Хоть на фарси их подвиг был велик,
Но пусть и тюркский славится язык [3, X, с.12-13].

Приступив к сочинению «Пятерицы» (1483-1485), цикле поэм сложившимся как жанр персидско-таджикской поэзии,на родном языке Алишер Навои использует сокровищницу «благоухающих роз и жасминов» цветника поэтов-предшественников. Поэт отмечает, что когда он раскрывал цветы поэтического дара в «Смятении праведных» («Хайратул-аброр»), был осыпан жемчугом «Сокровищницы тайн» («Махзанул-асрор») шейха Низами. «Тьма очарованного сказания» «Фархад и Ширин» («Фарходва Ширин») озарилась «от огня сказания «Ширин и Хосров» («Ширин ва Хосров»), созданного дыханием Мир-Хосрова» [3, X, с.125]. «Взор сердца» поэта на поэму «Семь планет» («Сабъаи-Сайера») был связан с семью гуриями из «Семи красавиц» («Хафтпайкар») Ашрафа. «…Возгремел барабан помощи и содействия, дошедших до меня из «Книги мудрости» («Хироднома») высокочтимого Джами» [3, X, с.125] при обращении Навои к основе «Стены Искандера» («Садди Сикандарӣ»).

Со своим творческим замыслом изложения на родном языке популярных среди любителей поэзии традиционных персидско-таджикских сюжетов Алишер Навои блестяще справился, заложив основы узбекского литературного языка и узбекской литературы. Оригинальность и величие узбекского языка утвердилось в мировой литературе, а его достоинства оценены любителями культурных достижений человечества.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Журден, А. О языке Персидском и словесности / А. Журден // Вестник Европы. – 82 часть. – № 15. – август 1815 г. – С.168.-174.
2. Иванов, С.И. Алишер Навои / С.И. Иванов // Избранное. Вступ. статья, составл. и примеч. С.И. Иванова. – Ташкент: Ўқитувчи, 1978. – 247 с.
3. Навои, А. Соч.: в X т. – Ташкент: Фан, 1968-1970. – Т. III. – 271 с.; – Т. IX. – 219 с.; – Т. X. – 198 с.
4. Нуралиев, А. Адабиети ҳалқҳои Осиёи Марказӣ (Литература народов Центральной Азии (Узбекская литература)) / А.Нуралиев. - Душанбе: Сино, 1994. - Китоби I. - 84 с.
5. Ҳошим, Р. Ҳамкории пурфайзи дӯстон // Солҳо дар саҳифаҳо. – Душанбе. - 320 с.

АҚИДАҲОИ ФИЛОЛОГИИ АЛИШЕР НАВОӢ ДАР ҲОШИЯИ РОБИТАҲОИ АДАБИИИ ТОҶИКУ УЗБЕК

Мақола ба омӯзиши мероси адабии асосгузори адабиёти ӯзбек Алишер Навоӣ бахшида шудааст. Эҷодиёти нависанда ва ходими ҷамъиятӣ аз ҷониби шарқшинос А. Журден баҳогузорӣ шудааст. Дар мақолаи мазкур ақоиди Алишери Навоӣ оиди эҷодиёти шоирони ҳамзамонаш дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» ва баҳогузориии классикони форсу тоҷик (Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Ҷомӣ) дар рисолаи «Муҳокамат-ул-луғатайн» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ишорат мегардад, ки донишу истеъдоди Навоӣ дар забоншиносии форсу тоҷик аз ҷониби олимону адибони замонаш эътироф гардидааст. Дарки ҳаводиси мураккабу ҷолиби диққат ва дониши бойигарии забони форсӣ ва норасоиҳои он Алишери Навоиро водор намудаанд то ки дар бораи забонишиносии туркӣ ба фикр рафта ва шоҳасарҳои назмро бо забони модарӣ эҷод созад. Нияти навиштани асарҳо бо забони туркӣ дар шеърҳои лирикӣ (девонҳо) ва силсилаи достонҳои «Панҷгона» таҷассум ёфтааст.

Калидвожаҳо: А. Журден «Дар бораи забони форсӣ ва забоншиносӣ», баҳогузории классикони форсу тоҷик аз ҷониби Алишер Навоӣ, Маҷолис-ун-нафаис, «Муҳокамат-ул-луғатайн», силсилаи достонҳои «Панҷгона».

ФИЛОЛОГИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ АЛИШЕРА НАВОИ В КОНТЕКСТЕ ТАДЖИКСКО-УЗБЕКСКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ

Статья посвящена творческому наследию основоположника узбекской литературы Алишера Навои. Дана оценка творчества писателя и общественного деятеля востоковедом А. Журденом. В работе рассматриваются взгляды Алишера Навои на творчество поэтов-современников в антологии «Собрание избранных» (Маҷолис-ун-нафаис) и оценка персидско-таджикских классиков (Низами, Хосрова Дехлеви, Хафиза Ширази, Джами) в трактате «Суждение о двух языках» (Муҳокамат-ул-луғатайн). Указывается, что знания и талант Навои в персидской и узбекской словесности были признаны современниками - учеными и литературоведами. Понимание сложных вещей и знание богатства персидского языка и его изъянов подтолкнули Алишера Навои задуматься о тюркской словесности и создать шедевры поэзии на родном языке.Замысел написать произведения на тюркском языке воплотился в лирических стихотворениях (диванах) и цикле поэм «Пятерица».

Ключевые слова: А. Журден «О языке Персидском и словесности», оценка Алишером Навои персидско-таджикских классиков,«Собрание избранных» (Маджалис-ан-нафаис), «Суждение о двух языках» (Муҳокамат-ул-луғатайн), цикл поэм «Пятерица».

PHILOLOGICAL VEWS OF ALISHER NAVOI IN CONTTEX OF TAJIK-UZBEK LITERARY TIES

The article is devoted to creative heritage of the founder of the Uzbek literature AlisherNavoi. An assessment of works of the writer and public figure is given by the orientalist A. Zhurden. In the article AlisherNavoiy views on the works of contemporaries poets in the anthology "Meeting of the Elite" (Madzhalis-an-nafais) and assessment of the

Persian-Tajik classics (Nizami, Khosrow Dekhlevi, Hafez Shirazi, Dzhami) in the treatise "Judgment of Two Languages" are considered. Knowledge and Navoi talent in the Persian and Uzbek literature have been recognized by scientists and literary critics. The understanding of difficult things and knowledge of richness of Persian and her defects have pushed AlisherNavoiy to think about Turkish literature and to create poetry masterpieces in the native language. A plan to write works in Turkishlanguage was embodied in lyrics (Divans) and a cycle of poems "Hamsa".

Key words: A. Zhurden "About Persian and literature", assessment by AlisherNavoiy of the Persian-Tajik classics, "A meeting of the elite" (Madzhalis-an-nafais), "Judgment of two languages" (Mukokamatullugatain), a cycle of poems "Hamsa".

Сведения об авторах: ***Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали*** - Таджикский национальный университет, академик АН РТ, ректор Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

Рахманов Бахтиёр Рузикулович – Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры мировой литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30. E-mail: **rbrregar@mail.ru**. Телефон: **(+992) 446-20-42-10**

Information about the author: ***Imomzoda Muhammadyusuf Saydali*** – Tajik National University, rector of Tajik National University, academician. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17

Rakhmanov Bakhtiyer Ruzikulovich - Russian-Tajik (Slavic) University, Candidate of Philology, Associate Professor of the world literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzoda St. 30. E-mail: **rbrregar@mail.ru**. Tel.: **(+992) 446-20-42-10**

УДК: 891.550

МУЛОҲИЗАҲОИ ИЛМИЮ АДАБӢ ДАР НОМАҲОИ С.АЙНӢ

(дар асоси мактубҳо ба М. Турсунзода)

Маҳмадаминов А., Л. Шарифзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мукотиба ё гуфтугӯҳои хаттии С. Айнӣ дар фаъолияти номанигории ӯ аз дигар нигорандагон, ба қавле муншиён, ба чанд чиҳати ба худ хос фарқ мекунанд. Муҳимтарин махсусияти мактубҳои устод Айнӣ он аст, ки ӯ номаро ҳам ба василаи ниёзи иҷтимоӣ ва ҳам воситаи баёни афкори илмӣ, адабӣ ва нақдӣ мавриди корбаст қарор додааст. Гузашта аз ин, килки сеҳрофарини устод Айнӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти эҷодӣ осори мондагор ва омӯзандаро тавлид намудааст. Аз ин рӯ, номаҳои С. Айнӣ фарогири афкори назарии фаъолияти илмии ӯ ба ҳисоб рафта, як соҳаи муҳимми фаъолияти адабиётшиносии ӯро ташкил медиҳанд. Мулоҳизаҳои илмию адабии устод Айнӣ дар номаҳо, ки оид ба шеъру шоирӣ, образу характер, типу персонаж, ҷузъиёти бадеӣ, маҳорати адабӣ, тарҷумаи бадеӣ, коргоҳи эҷодӣ, таҷрибаомӯзӣ, ҳунари нигорандагӣ, масъалаҳои нақди адабӣ ва назариёти адабӣ, анъана ва навоварӣ, омӯзиши мероси адабӣ, забон ва услуби асари бадеӣ, масъала ва муаммоҳои таърихи адабиёт, равобити адабӣ, арӯзи тоҷикӣ, нав кардани вазни арӯзии шеъри тоҷикӣ, нақш, аҳамият ва мавқеи «Ёддоштҳо», назар ва баҳои муаллиф ба осори худ, аз ҷумла мулоҳизаҳо дар бораи охирин шоҳкории ӯ – «Ёддоштҳо» ва ғайра баён шудаанд, арзиши илмию адабиро молик мебошанд. Албатта, фаро гирифтани ҳамаи ин мулоҳизаҳо аз баррасии доираи ин мақола берун буда, ҳоло мо танҳо роҷеъ ба андешаҳои устод Айнӣ, ки дар ду мактубаш ба М. Турсунзода доир ба «Ёддоштҳо» баён кардааст, таваққуф хоҳем кард.

Охирин шоҳкории устод Айнӣ «Ёддоштҳо» (1948-1954) аз вақти ба майдон омаданаш мавриди таваҷҷуҳи аҳли илму адаб қарор гирифт ва шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Ин асари оригиналии адабӣ то кунун ҳам аз тарафи донишмандони ватанӣ ва ҳам аз ҷониби олимони хориҷӣ сазовори баҳои баланд гардида меояд. Дар баробари ин, мулоҳизаҳои устод Айнӣ оид ба «Ёддоштҳо», ки дар номаҳои фиристодааш ба М. Турсунзода омадааст, аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст. Ва, албатта, барои таҳқиқи эҷодиёти ҳар як нависанда, барои маърифати хусусиятҳои мундариҷавӣ, ғоявӣ ва бадеии ин ё он асари ҷудогонаи вай омӯхтани коргоҳи эҷодӣ ва донистани фикру ақидаи худи мусанниф дар бораи он асарҳо аҳамияти фавқулода дорад. Муҳимтарин масъала дар баҳси адабиётшиносӣ низ назари мусанниф ба осори офаридаи худ мебошад, чунки онҳо агар, аз як тараф, раҳнамои асосӣ барои муҳаққиқони ин осор гарданд, аз ҷониби дигар, бевосита ба шахсияти адиб рабт мегиранд. Хусусан, агар офарандаи он осор шахсияте чун С. Айнӣ бошад, масъала боз бештар аҳамият пайдо мекунад.

Аз ҳамин ҷиҳат, мулоҳиза ва ё қиматсанҷиҳои илмию адабии устод Айнӣ, ки дар ду номаи ӯ (14 декабри соли 1948 ва 27 декабри соли 1948) ба М. Турсунзода оид ба арзиши таърихӣ ва адабиётшиносии «Ёддоштҳо» баён гардидаанд, аз ҳар ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Аз мазмун ва муҳтавои ин номаҳо, ки ба унвони «Ба Мирзо Турсунзода» ёд мегарданд, маълум мегардад, ки устод Айнӣ нисбат ба ин шоҳкории худ, ҳар як персонаж

ва образи он муносибати ҷиддӣ ва назари амиқ дорад. Ин номаҳо ба мавзӯъҳои истифода аз маводи ёддоштӣ дар офаридани асар, арзиши таърихӣ, адабиётшиносӣ ва ҳамчун сабақи эҷодӣ ба эҷодкорони навқалам хизмат намудани «Ёддоштҳо» бахшида шудаанд. Ин номаҳоро ба ҳукми номаҳои комилу муфассал метавон шинохт, зеро ин номаҳо аз ҷиҳати ҳалли мавзӯъ (аниқтараш масъала) бисёр пурра ва муфассал ҳастанд. Ин ҷиҳатҳоро ба назар гирифта, номаҳои мазкурро ҳамчун мақолаҳои илмии эпистолӣ номидан айни муддаост.

Номаҳои зикршудаи устод Айнӣ оид ба якчанд масъалаҳои адабию эстетикӣ, аз ҷумла нависанда ва замон, муносибати нависанда ба мавзӯъ, тасвири адолат ва ноадолатии қозиҳо, тасвири воқеаҳои ҳаётӣ, ҳақиқати ҳаёт ва хаёлоти бадеӣ, образ, характер ва монанди инҳо нуқтаи назари нависандаро муайян мекунанд. Ҳамин тавр, нақш ва мавқеи ин номаҳо барои муайян кардани чандин соҳаҳои афкори адабиётшиносӣ ва ҷаҳонбинии нависанда хеле калон аст. Аммо аз сабаби он ки дар онҳо бисёр муаммоҳои адабиёти тоҷикӣ (махсусан арӯзи тоҷикӣ) ба миён гузошта шудаанд, дар ин мақола танҳо ба таҳлили баъзе мулоҳизаҳои нависанда доир ба арзиши адабиётшиносию таърихии «Ёддоштҳо», баёни таҷрибаи эҷодӣ ва аҳамияти «Ёддоштҳо» барои сабақомӯзии адибони ҷавон иктифо намуда, дахолат ба дигар андешаҳоро ба вақти дигар вомегузорем.

Ба ҳамин муносибат устод Айнӣ мулоҳизаҳои илмию адабии худро дар номаҳои фиристодааш ба М. Турсунзода дар бораи тарҷумаи ғалат, иловаҳо, усули (принсипи) корӣ дар асарҳояш баён доштааст. Аз ҷумла, чанд мулоҳизаи устод Айнӣ дар хусуси арзиши таърихӣ ва адабиётшиносии «Ёддоштҳо» ифода шудааст, ки аз ҳар ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Чунонки аз тадқиқот ва хулосаи адабиётшиносон дармеёбем, «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ на танҳо асари бадеист, балки як асари бузурги энсиклопедӣ (қомусӣ) низ буда, дар он паҳлуҳои гуногуни ҳаёти халқи тоҷик дар охирҳои асри XIX ва оғози садаи XX, аз ҷумла афкори иҷтимоию таърихӣ, шароиту имконоти мардум, этнография, илму фан, хосса раванди тадриҷан дигар шудани ҳаёти иҷтимоию маънавӣ, фоҷиаи фарҳангиёни замони амирӣ, зулму истибдоди зимомдорон ба таври барҷаста инъикос гардидаанд. Ба ин маънӣ, ки «Ёддоштҳо» сарчашмаи пурқимате дар омӯхтани адабиёти нимаи дуюми асри XIX низ ба шумор меравад. Яъне «Ёддоштҳо» дар баробари асари бадеӣ будан боз аҳаммияти адабиётшиносӣ низ дорад. Ин асар чи гунае ки ба як хонандаи одӣ завқи бадеӣ мебахшад, ба ҳар як муҳаққиқи адабиёт ҳам ҳамон қадар маълумоти пурқимат ва ҷаҳонбинии пурвусъат медиҳад ва ӯро дар таҳқиқи масоили гуногуни таърихи адабиёт бо дарку биниши тоза ҳидоят мекунад.

Арзиши адабиётшиносии «Ёддоштҳо» боз дар он зоҳир мегардад, ки дар он тамоми ҷараёнҳои адабии нимаи дувуми асри XIX, шаклҳои гуногуни ин ҷараёнҳо, ҳаракати дохилии адабиёти пешқадам, ҷаҳонбинӣ, мутамоилият ва мавқеи иҷтимоии ҷеҳраҳои бузургу хурди адабӣ ва тадриҷан инкишоф ёфтани шуури мардум бо камоли маҳорат ва нуктасанҷӣ инъикос гардидаанд. Ин, аз як тараф, ба истеъдоди нависандагии устод Айнӣ бастагӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, дар ҷараёни тағйирёбии адабиёт иштироки худи нависанда нақши асосӣ бозидааст.

Вале ин ҳанӯз як тарафи масъала аст. Тарафи дигари масъала аз он иборат аст, ки «Ёддоштҳо» дар баробари асари бадеӣ будан, инчунин «камбудии таърихи адабиёти тоҷик» [1, с.108]-ро рафъ мекунад. Устод Айнӣ дер боз мехостааст, давраи амириро, ки норавшан мондааст, ба насли нав шиносонад. Ба ин васила он кореро, ки Аҳмади Дониш оғоз карда буд, идома бидиҳад ва ба ин восита як давраи норавшани таърихи халқи тоҷикро, ки мардуми Осиёи Миёна, хосса сокинони аслии он – тоҷикон, дар зери истибдоди қабилаи Манғит монда буданд ва аз одитарин ҳуқуқи худ дифоъ карда наметавонистанд, равшан кунад. Ва инчунин матлаби дигари С.Айнӣ, ки аз муҳтавои таҳтонии асар бармеояд, дар асл огоҳ намудани насли нави адибону фардони пайрави сиёсати шӯравӣ ба гузаштаи миллати худ, ки ин насл бар асари даргириҳои сахту маъюскунандаи солҳои бистуму сиюми садаи XX андаке аз гузаштаи худ дур гашта буданд ва то ҷое вуҷуди худро аз ҳамаи онҳо берун медонистанд ва дидаю зеҳни худро ба масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаи шӯравӣ, ки барои ҳар фард шакли нави ҳаёт дониста мешуд, ошно намуда буданд ва онро бо ҳар гуна васила месутуданд, низ буд.

Устод Айнӣ дар номаи фиристодааш ба М.Турсунзода, аз 27-уми декабри соли 1948 доир ба ин масъала менависад: «Маълум аст, ки нависандагони ҷаҳоншумули халқи рус дар асри X1X чунон асарҳои пурра доданд, ки баъд аз Инқилоб ба гардани нависандагони советии рус фақат равшан кардани зиндагонии советӣ монд. Аммо дар мо дар асри X1X ва то револютсия (Инқилоби Октябр – Л.Ш.) чизе ба майдон наомад. Танҳо дар майдон асарҳои Аҳмадмахдум аст, ки онҳо, аз як тараф, ба танқиди дарбор маҳдуд буда, аз тарафи дигар, то ҳол чоп нашудаанд ва ба сабаби усули таҳрирашон дар замони мо айнан чоп кардани онҳо ҳам мумкин нест. Бинобар ин, ман дер боз орзу доштам, ки ҳаёти замони амирро то метавонам фош кунам, ки ҷавонони мо чӣ будани он ҳаётро донанд» [1, с. 108].

Дар идома устод Айнӣ менависад: «Ҳарчанд дар «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» як қисми он аҳволро акс карда бошам ҳам, басанда нест.

«Ёддоштҳо» ана ҳамин камбудии таърихи адабиёти моро қисман пур хоҳад кард» [1, с.108].

Ин мулоҳизаҳои С. Айнӣ қиматсанҷии нозукест, ки дар сурати дарки нодурусти он мо ба гӯшаи иштибоҳ меафтем. Бинобар ин, ин мулоҳиза, ки бар мабнои камбуди таърих, фарҳанг ва адабиёти мо дар замони Шӯравӣ асос ёфтааст, тааммул ва андешаи таҷаддудӣ мехоҳад. Албатта, барои С. Айнӣ, ки огоҳ аз тамаддуни гузаштаи тоҷик буд ва барои аз байн нарафтани унсурҳои он кӯшишҳо мекард ва насли нав, ки аз он тиҳӣ шудан дошт, зарурат пеш омад то гузаштаро ба замони нав бипайвандад. Вале гузаштаро ба замони нав айнан кӯчондан барои ӯ имкон надошт. Бисёре аз суннатҳои пазируфтаи ҷомеаи тоҷикии гузашта на фақат қобили зиндашавӣ набуданд, балки барои зеҳн ва таомули насли нав, ки худро дар мақоми волои фарҳангӣ медиданду пайрави маданияти русию аврупоӣ буданд, номумкин буд. Бо вуҷуди ин гуна камбуди фазои фарҳангӣ устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» маънавият, ахлоқ, фазилату фаросат, ҳунармандию косибӣ, маърифати ботинӣ ва зоҳирӣ ва аҳёнан рӯҳонияти миллати тоҷикро равшанӣ бахшидааст. Албатта, инъикоси фарҳанги миллӣ бо заминаҳои моддӣ ва маънавӣ дар «Ёддоштҳо» лоиқи назари дигар аст.

Аз тарафи дигар, маълум аст, ки баъд аз Аҳмади Дониш пайравон ва ҳамсуҳбатони ӯ, гарчанде тарафдори усули Аҳмади Дониш буданд, чизе ба миён оварда натавонистаанд. Дар робита ба ин масъала Х. Мирзозода менависад: «Як қатор бедилчиёни тенденсияи халқӣ, монанди Абдулвоҳиди Садри Сарир, Сирати Балхӣ, Исомахдум бо тарғиби Аҳмади Дониш аз услуби бедилӣ даст кашида ба тарафи услуби танқидӣ-реалистӣ меомаданд, ҳарчанд ки онҳо дар ин равия осори ҷиддие дода натавонистанд» [17, с.22]. Ана устод Айнӣ ин камбудиро пурра кардааст.

Аз як тараф, ба миён наомадани осоре, ки битавонад ин холигиро пур кунад, пурзӯр шудани истисмор ва истибдоди феодалӣ, таназзули завқи адабию эстетикии табақаи ҳукмрон, ҳаёти қашшоқона ва пурфоҷиа ба сар бурдани аҳли адаб боиси паст ва беқадр гаштани касби шоирӣ сабаб шуда бошад, аз тарафи дигар, вобаста ба қувват гирифтани эътирозу норозигии зиддифеодалӣ, ки ин вазъият дар ҳаёти иҷтимоӣ пайваста воқеаҳои мудҳиш, бархӯрди қувваҳои мухталифи ҷамъиятро ба амал меовард (чунончи, ин ҳолатҳоро дар «Ёддоштҳо» ба тафсил мебинем), боис гардид. Акнун дар адабиёти бадеӣ, ки сурати зиндаи ҳаёти инсон аст, талаботи нави ғоявӣ ба миён омада буд ва шаклҳои нави эҷодро талаб мекард. Вале ин талабот, табиист, ки яку якбора ба амал омада наметавонад ва дар он муҳити истибдодӣ бунёди шакли тозаи эҷоди бадеъ кори осоне набуд, балки он тааммул ва омӯзиш, фурсат ва шароит мехост. Ин буд, ки устод Айнӣ дер боз орзуи ин амалро дар дил мепарваридааст.

Қимат ва арзиши «Ёддоштҳо»-ро аз ин ҳам муайян метавон кард, ки аз рӯзи чопи нахустин то имрӯз дар бораи он таҳқиқотҳо, натиҷаҳо ва баҳодиҳиҳои баланди илмӣ аз ҷониби чи донишмандони дохилӣ ва чи берунӣ дода шудааст. Ва ин ҳеҷ гоҳ охири кор нест. Чунин менамояд, ки ҳар чи қадар мо аз замони устод Айнӣ дур меравем, ҳамон андоза андешаи ӯ моро ғавр мекунад ва диди навро тақозо менамояд.

Маълум аст, ки фоида ва арзиши «Ёддоштҳо» дар таърихи адабиёти тоҷику форс аз он чи гуфта шудааст, зиёд аст ва мо иҷмолан чанде аз онро, ки устод Айнӣ худаш низ дар мактубҳои фиристодааш ба М. Турсунзода қоил шудааст, ҳамчун андешаи мусанниф мешуморем:

1. Фоидаи аввали «Ёддоштҳо», пеш аз ҳама, ҳамчун осори адабӣбадеӣ дар хазинаи адабиёт ҷой доштан аст;
2. Он ҳамчун пуле миёни адабиёти классикӣ ва муосир меистад. «Ёддоштҳо» дар аслу моҳияти худ бо ифодаи устод Айнӣ «камбудии таърихи адабиёти моро қисман пур хоҳад кард» [1, с. 108];
3. Аз нигоҳи категорияи фазо ва вақт ва дар худ фарогирии воқеоти иҷтимоӣ инъикоскунандаи як давраи ҳаёти пурмашаққати мардуми Шарқ мебошад;
4. «Ёддоштҳо» ҳамчун манбаи пурқимату дарбаргирандаи маълумотҳои нав ва нодири ҳаёти адибони як марҳалаи ҳассоси таърихи адабиёти тоҷик аз ҳар ҷиҳат арзишманд аст;
5. «Ёддоштҳо» ҳамчун таҷрибаи бузурги эҷодӣ ва сабақомӯзӣ барои «ҷавонони ҳавасгори нависандагӣ» [1, с.106] хизмат мекунад;
6. «Ёддоштҳо» ба сифати сарчашмаи асосӣ барои таҳқиқи эҷодиёти С. Айнӣ ва зиндагиномаи нависанда манбаи муътамад ба шумор меравад.

Устод Айнӣ ба муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ҳаваси таҳқиқи асарҳои ӯро доранд ва мехоҳанд донанд, ки устод Айнӣ воқеаҳои асарҳояшро «аз куҷо ва аз кадом китоб» гирифтааст, мегӯяд: «Ин гуна тадқиқотчиён ва танқидчиён, вақте ки «Ёддоштҳо»-ро хонанд ва асарҳоямро ба ҷойҳои дахлдори вай андоза карда бинанд, ман ҳам аз ин гуна

пурсишҳои дардисаркунанда ва назар ба қавли худам хандаовар халос мешавам ва танқидчиҳо ҳам бе заҳмати ин ки дар майнаи худ дар бораи шарҳи асарҳои ман хаёлот бофанд, аз «Ёддоштҳо» омӯхта бо осонӣ танқид, таҳлил ва тадқиқ кардан мегиранд» [1, с.107].

Аз ин мулоҳизаҳо маълум мегардад, ки «Ёддоштҳо» ба сифати як сарчашмаи муътамад дар масъалаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ мавқеи муҳимро ишғол мекардааст. Бинобар ин, ҳангоми таҳқиқ ва таҳлили эҷодиёти ӯ ба назар гирифтани ин таъкиди С. Айнӣ аҳамияти калони назарӣ ва амалӣ дорад.

Ҳамин тавр, «Ёддоштҳо» дорои арзиши бузурги адабӣ, бадеӣ, илмӣ ва таърихӣ мебошад.

Ин як тарафи масъала аст. Тарафи дигари масъала ин аҳамияти сабақомӯзии адибони ҷавон аз «Ёддоштҳо» мебошад, ки масъала аз ин ҷиҳат низ ҷолиби диққат аст. Устод Айнӣ дар баробари фоидаҳои «Ёддоштҳо» аҳамияти сабақдиҳии онро низ қайд мекунад. Чунонки аз дунболаи андешаҳои муаллиф маълум шуд, яке аз мақсадҳои аслии ӯ дар офаридани «Ёддоштҳо», фоида расондан ба «ҷавонони ҳавасгори нависандагӣ» [1, с.106] будааст.

Устод Айнӣ дар номаи зикршуда, фоидаҳои асарро баён карда, дар зимни он ин таъкиди худро, ки барои М. Турсунзода ҳатмӣ донистааст ва дар фаъолияти нависандагии худ кашф кардааст, баён мекунад. Ба андешаи С. Айнӣ, адиби ҷавон бояд аз таҷрибаи рӯзгор бисёр омӯзад, то он таҷрибаро ба дигарон омӯзонда тавонад. Устод Айнӣ ба М. Турсунзода ва дар асл ба «эътирозчиён» ҳатто чунин як таъкиди адабиро раво мебинад: «Фоидаи ин («Ёддоштҳо» – Л.Ш.) ба ҷавонон ин аст, ки онҳо вақте ки «Ёддоштҳо»-ро хонанд ва дар кадом асари ман чӣ навъ акс кардани вайро омӯхтанд, мефаҳманд, ки барои нависанда шудан ба воқеаҳои «майда-чуйда»-и зиндагӣ чӣ гуна аҳамият додан ва он воқеаҳои «майда- чуйда»-ро ба ҳикояҳои хос (типичнӣ) чӣ навъ умумӣ карда гузарондан даркор будааст ва роҳи фоида бурдан аз зиндагӣ дар эҷоди асари калон чӣ гуна мешудааст» [1, с.106-107].

Маълум аст, ки «Ёддоштҳо» дар адабиёти нави тоҷик сабақи бисёр арзишманд барои адибон гардид. Нахустин шуда нависандаи мутафаккири тоҷик Сотим Улуғзода бо эҷоди қиссаи тарҷумаиҳолии «Субҳи ҷавонии мо» (1954) дар адабиёти тоҷик анъанаи ёддоштнависии устод Айниро идома дод.

С. Улуғзода, воқеан, ба сифати шогирди асили устод Айнӣ аз «Ёддоштҳо»-и ӯ илҳом гирифтааст ва он чизеро, ки С. Айнӣ, ба сабаби даргузаштан, ба ниҳоят нарасонидааст, С. Улуғзода онро аз нигоҳи мантиқӣ давом ва инкишоф додааст. Ин андешаро дарёфт ва хулосаи адабпажӯҳон низ собит месозад. Чунончи, ба гуфти академик М. Шукуров, агар дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ «роҳи ҳаёти халқи тоҷик ва зиёиёни ӯ аз давраи феодализм ба сӯйи революцияи сотсиалистӣ» [22, с.137] матраҳ шуда бошад, дар «Субҳи ҷавонии мо» ба ифодаи профессор Р. Мусулмонқулов, «ҳаёти ҳамин халқ, дар солҳои инқилоб ва марҳалаи аввали баъдиинқилобӣ инъикос ёфтааст» [14, с.145].

Мавзӯи саҳми устод Айнӣ дар эҷоди асари тарҷумаиҳолӣ дар Тоҷикистон ва адабиёти дигар халқҳои Осиёи Миёна як масъалаи ба субутрасида аст, вале дар ин ҷо зикри як нукта бамаврид аст. Манзур ин аст, ки «Ёддоштҳо» метавонад ҳамчун вуҷуди зиндаи маънавӣ ва маърифатӣ, барои эҷодкорон ва ба ифодаи С. Айнӣ барои «ҷавонони ҳавасгори нависандагӣ» [1, с.106] дар ин ё он замон, ҳамчун сарчашмаи пурқимати омӯзиши эҷодӣ хизмат намояд.

Андешаҳои устод Айнӣ дар қисмати поёнии ин номааш ба М.Турсунзода низ бисёр ҷолиб ва муҳим аст, ки наметавон онҳоро сарфи назар намуд. Мақсад ин аст, ки устод Айнӣ дар бахши хотимавии нома эътирозчиёнро бовар мекунонад, ки ӯ аз танқид на метарсад ва на мегурезад, балки эродҳои лоиқи ислоҳ бошанд, ислоҳ мекунад (Чунонки медонем, дар қисми аввали «Ёддоштҳо», боби «Аҳволи тумани Шофирком баъд аз ҷорӣ шудани рӯди нав» илова шудааст). Аммо устод Айнӣ аз оне ки чанде аз хотироти ӯро чизҳои майда-чуйда гуфтаанд, афсӯс мехӯрад. «Ин афсӯс хӯрданам, – менависад С. Айнӣ, – на барои он аст, ки маро танқид кардаанд, балки аз он ҷиҳат аст, ки ҷавонони мо ҳанӯз аз чизҳои «майда-чуйда» чӣ навъ омӯхтанро наомӯхтаанд» [1, с.107].

Инчунин устод Айнӣ М. Турсунзодаро ҳамчун адиби қобилиятнок шинохта мақсади худро аз иншои ин нома муфассал баён мекунад: «Ин мактуби муфассалро ба ду мақсад ба Шумо навиштам: мақсади аввалам ин аст, ки Шумо ҷавонед ва қобилияти калон доред, ҳанӯз ҳамаи қобилияти Шумо инкишоф наёфтааст. Аз ман, ки пир шудаам ва дароз дар дунё монданам маълум нест, як ёдгорӣ монад; дуюм ин мактубро ба ҷавонон хонда диҳед, то ки роҳи фоида бурданашон аз «Ёддоштҳо» бо татбиқ кардани инҳо ба асарҳои дигарам – ба онҳо осон шавад» [1, с.107].

Аз ин суханони устод Айнӣ пайдост, ки мақсади ӯ тамоюл ба омӯзиш аз рӯзгор дорад. Устод Айнӣ дар симои М. Турсунзода ҳамаи адибонро ба омӯхтани ҳаёт ва истифодаи воқеаҳои ҳаёт, ки ҳақиқати воқеӣ мебошанд, раҳнамо месозад.

Ҳамин тавр, мулоҳизаҳои илмию адабии устод Айнӣ оид ба арзиши таърихӣ ва адабиётшиносии «Ёддоштҳо», ки дар мукотибаи эшон бо М. Турсунзода омадааст, дорои аҳамияти бузурги илмӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ ва адабӣ мебошад. Ин мулоҳизаҳо баёнгари онанд, ки устод Айнӣ дар ҳама гуна ҳолат мекӯшидааст, ки ба насли ҷавони ҳаваскори адабиёт маслиҳатҳо диҳад ва ба ин восита онҳоро барои омӯзиш аз рӯзгори иҷтимоӣ омода намояд, то онҳо таърихи дирӯз ва имрӯзи худро бо дидаи ҳақиқати таърих ба риштаи тасвир бикашанд. Мактаби номанигории устод Айнӣ аз ҳар ҷиҳат омӯзанда буда, хонандагон, хусусан аҳли адабу фарҳангро ба роҳи ҳақиқатнигорӣ ва тарғиби адолати таърихӣ раҳнамун месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ба рафиқ Турсунзода // Шарқи сурх. – 1956.– №4. – С. 105-110.
2. Айнӣ С. Рафиқ Турсунзода! // Ҷумҳурият. – 2001. – 12 апрел. – №36. – С. 3.
3. Айнӣ С. Мунтахаби асарҳои илмӣ . Осори илмӣ. Таҳия ва танзими Абдухолиқи Набавӣ ва Фирӯз Набиев. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 2008. – 256 с.
4. Айнӣ С. Ёддоштҳо (Чаҳор қисм дар як китоб). Асари бадеӣ // Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.
5. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Асари илмӣ. Аз хатти форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
6. Амирқулов С. «Ёддоштҳо» ва таҳқиқи ҷараёни адабӣ / С. Амирқулов // Садои Шарқ. – 1976. – № 12. – С. 112-119.
7. Амирқулов С. Мулоҳизаҳо доир ба афкори адабию эстетикии устод Айнӣ / С. Амирқулов // Садои Шарқ. – 1982. – № 4. – С. 114-117.
8. Бечка И. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон. Асари таҳқиқӣ / И. Бечка. Мутарҷимон: Саид Абонажоди Ҳичрондӯст, доктор Маҳмуди Ибодиён. – Теҳрон: Чопхонаи Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1372. – 253 с. - 27 с.
9. Bechka J. Sadriddin Aini of Modern Tajik Culture. Monography / J. Bechka. – Neples, 1980. – 111p.
10. Бобоев Ю. Қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Ю. Бобоев // Шарқи сурх. – 1951. – №1. – С. 102-109.
11. Брагинский И. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. Монография / И. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 196 с.
12. Маҳмадаминов А. Садриддини Айнӣ – олим. Воситаи таълимӣ / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 64 с.
13. Маҳмадаминов А. Шеъри нав аз назари устод Айнӣ / А. Маҳмадаминов, Л. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. - №4/6. – С. 158-165.
14. Мусулмонқулов Р. Нигоҳе ба роҳи паймудаи С. Улуғзода. Эъҷози ҳунар. Монография / Р.Мусулмонқулов, Б.Худойдодов ва диг. – Душанбе: Адиб, 1992. – С. 142-291.
15. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 456 с.
16. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Равшангари бузург. Монография. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
17. Мирзозода Х. Шамсиддини Шоҳин. Монография / Х. Мирзозода. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1956. - 258 с.
18. Раҳмонов Ш. Эътибори як мактуб / Ш. Раҳмонов // Садои Шарқ. – 1987. – №6. – С. 126-129.
19. Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. Мулоҳизаҳо / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 316 с.
20. Табаров С. Дар бораи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / С. Табаров // Газетаи муаллимон. – 1949. – 6 сентябр. – С. 3.
21. Шеърдӯст А. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ / А. Шеърдӯст. – Теҳрон: Катиба, 1390. – 758 с.
22. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. Монография / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 260 с.

МУЛОҲИЗАҲОИ ИЛМИЮ АДАБӢ ДАР НОМАҲОИ С. АЙНӢ

(Дар асоси мактубҳо ба М. Турсунзода)

Маълум аст, ки аз рӯзи чопи нахустини «Ёддоштҳо» то имрӯз дар бораи қимат ва арзиши он тадқиқотҳо, натиҷаҳо ва баҳодиҳиҳои баланди илмӣ аз ҷониби чи донишмандони дохилӣ ва чи берунӣ дода шудааст. Вале дар баробаи ин гуфтаҳо мулоҳизаҳои худи С. Айнӣ оид ба асар харахтернок буда, муносибати адибро ба «Ёддоштҳо» бозгӯ менамояд. Аз ин дидгоҳ дар мақола мулоҳизаҳои илмию адабии С. Айнӣ оид ба «Ёддоштҳо», ки дар номаҳои фиристодааш ба М. Турсунзода омадааст, таҳлил гардида, таъкид мегардад, ки С. Айнӣ ба «Ёддоштҳо» ва ҳар як персонажу образҳои он муносибати ҷиддӣ ва назари амиқ дорад. Аз ин нуктаи назар, дар мақола мулоҳизаҳои С. Айнӣ оид ба арзиши таърихӣ ва адабиётшиносии «Ёддоштҳо», ки дар мукотибаи С. Айнӣ ва М. Турсунзода омадааст, мавриди тадқиқ қарор гирифта, бо мисолҳои мушаххас таҳлил гардидаанд. Дар ҳамин замина таъкид мегардад, ки «Ёддоштҳо» метавонад ҳамчун манбаи арзишманду муътамади адабӣ, илмӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, маънавӣ ва маърифатӣ, барои эҷодкорон ва ба ифодаи С. Айнӣ, махсусан барои «ҷавонони ҳавасгори нависандагӣ» ҳамчун сарчашмаи пурқимати омӯзиши эҷодӣ хизмат намояд. Ҳамчунин дар мақола бар ососи ин хидмати таърихии С. Айнӣ таъкид мешавад, ки мулоҳизаҳои С. Айнӣ оид ба «Ёддоштҳо» дарёфтҳои илмие ҳастанд, ки «Ёддоштҳо»-ро ҳамчун асаре, ки камбудии таърихи адабиёти тоҷикро пурра намудааст, муайян сохтааст.

Калидвожаҳо: «Ёддоштҳо», С. Айнӣ, М. Турсунзода, номаҳо, мулоҳиза, ҳақиқати ҳаёт, хаёлоти бадеӣ, маҳорати адабӣ, шакли нави ҳаёт, таърихи адабиёт, маънавият.

ЛИТЕРАТУРНО-КРИТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ С. АЙНИ В ЕГО ПИСЬМАХ К М. ТУРСУНЗАДЕ

В статье отражены литературные взгляды и размышления Айни об историческом и литературоведческом значении «Воспоминаний». Автор приходит к выводу о том, что «Воспоминания» Айни могут служить в качестве ценного литературного, культурного, исторического и нравственно-познавательного источника для молодых литераторов в их начинаниях в сфере художественного творчества. В литературной критике Таджикистана было

опубликовано множество статей, монографий, отдельных исследований, посвященных литературно-художественным достоинствам «Воспоминаний», однако весьма характерными являются отношение и оценка самого автора своего произведения. Айни в письмах к Мирзо Турсунзаде отражает свои мысли и рассуждения касательно как общего содержания произведения, так и каждого персонажа и образа «Воспоминаний». Автор оценивает художественное произведение как единое целое, не пропустив ни одной его детали. Литературно-критические высказывания Айни, отраженные в его письмах к Мирзе Турсунзаде, касаются вопросов исторического и литературоведческого значения данного произведения и в этой связи приводится много конкретных образцов. В статье также автором анализируются те мысли и соображения Айни, которые до настоящего времени не были предметом разбора в литературоведческих статьях исследователей Айни. Автор уверенно говорит о том, что некоторые научные достижения Айни, отражённые в «Воспоминаниях», восполнят имеющиеся до сих пор пробелы в истории литературы. В статье также исследуются мнения Айни относительно отдельных сущностных характеристик художественных произведений, таких как соотношение художественной правды и вымысла, литературного мастерства, отношение писателя к социальной действительности.

Ключевые слова: «Воспоминания», письма, размышления, взгляд, художественная правда, художественный вымысел, литературное мастерство, история литературы, нравственность.

LITERARY-CRITICAL THOUGHTS OF S. AYNI IN HIS LETTERS TO M. TURSUNZODA

The article reflects Ayni's literary views and thoughts on the historical and literary significance of «Reminiscences". The author comes to the conclusion that «Reminiscences» of Ayni can serve as a valuable literary, cultural, historical and moral-cognitive source for young writers in their endeavors in the field of artistic creativity. In the literary criticism of Tajikistan, many articles, monographs, and individual studies devoted to the literary and artistic merits of "Reminiscences" were published, however, the attitude and evaluation of the author to his work are very characteristical. Ayni in his letters to Mirzo Tursunzoda reflects his thoughts and reasoning regarding both the general content of the work, and each character and the image of "Reminiscences". The author estimates the work of art as a whole, without missing any of its details. Ayni's literary-critical remarks, reflected in his letters to Mirzo Tursunzoda, concern the historical and literary significance of this work, and in this connection many specific examples are cited. The author also analyzes those thoughts and considerations of Ayni, which until now have not been the subject of analysis in the literary articles of Ayni's researchers. The author confidently says that some of Ayni's scientific achievements, reflected in the "Reminiscences", will fill the gaps that have been available so far in the history of literature. The article also examines Ayni's opinions on certain essential characteristics of artistic works, such as the ratio of artistic truth and fiction, literary mastery, the writer's attitude to social reality.

Key words: "Reminiscences", letters, reflection, view, artistic truth, artistic fiction, literary mastery, history of literature, morality.

Сведения об авторе: ***Шарифзода Лутфуллои Абдулло*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-86-86-46**

Information about the author: ***Sharifzoda Lutfullo Abdullo*** – Tajik national university, the aspirant of chair theory and the latest Tajik-Persian. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Av. 17. E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-86-86-46**

УДК: 891.550-1

“ОЛУФТАГОН” ИДОМАИ ҶАВОНМАРДОН

Қурбон Восеъ, Восиева Р.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Оини ҷавонмардӣ ва адабиёти ҳамноми он яке аз он ҷузъиётҳои бисёр муҳимми таърихи тамаддуни мардумамон мебошад, ки инъикоси худро дар осори асосгузори адабиёти муосири тоҷик – устод Айнӣ бо ҳама ҷузъиётҳояш дарёфтааст. Сайри таърихии он оини ниёгон бисёр рангоранг буда, то замони айёми ҷавонии Айнӣ ному истилоҳҳои мухталифро ба худ қабул карда будааст. Аз ин рӯ, дар тасвири устод Айнӣ унвони ин ҷунбиши азими мардонаро мо таҳти лақаби “Олуфтагон” дармеёбем.

Ҳанӯз дар замонҳои пеш аз омадани арабҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, дар ҳама шаҳрҳои ободу зебо монанди Самарканду Бухоро, Марву Нишопур, Истаравшану Хуҷанд ва Хатлону Ҳирот, дар миёни табақаи аҳли касаба – пешавару санъатгар одобу мақомоти хоссе вуҷуд дошт. Эшон шуҷоату меҳмоннавозӣ ва ёрирасонӣ ба бани одамиро асоси зиндагии худ медонистанд. Дар китоби Авесто ин маънӣ хеле хуб акс ёфтааст: “Шаҳриёрӣ аз он касест, ки ба бародарони нотавони худ кумак кунад” [1]. Падидаҳои дигари оини ҷавонмардиро дар ҷумбишҳои иҷтимоии Маздак мушоҳида менамоем. Бояд гуфт, ки ҳаракати маздакия низ ба рушду басти шаҳрҳо ва камолоти ҳунармандӣ вобастагии муқаввӣ дорад. Маздакиён таъкид мекарданд: “Ҳеҷ чизро набояд аз меҳмон дареғ дошт, аз ҳар тоифа ва миллате, ки бошад, ҳатто нисбат ба душман ҳам боистӣ бо меҳрубонӣ ва утуфат рафтор кард”. Ба назари маздакиён нобаробарӣ дар байни одамон ва умуман дар байни ҷамъият аз решаи кину рашк ва хашму ҷанг аст. Ҳамоно ин сабабест, ки зиндагии

башариро тира сохтааст. Агар нобаробарӣ дар истифода аз неъматҳои моддӣ аз миён бардошта шавад, пояи моддӣ ва иҷтимоии ин ҷунбиши азим низ аз миён хоҳад рафт. Онҳо мегуфтанд: “Неъматҳои моддиро Аҳурамаздо яксон дастраси мардум қарор додааст. Нобаробарӣ ва зиддияту душманӣ аз он ҷо ба вуҷуд омадааст, ки гурӯҳе аз тариқи қаҳру ҷабр хостаанд амволи тааллуқдоштаи дигаронро зери тасарруфи худ кунанд” [4, с.402]. Бояд гуфт, ки бахшандагиву саховат ва инсофу мардумии тарғибшудаи оини маздак писанди ҳамагон шуда, дар равиши олуфтагони тасвиркардаи устод Айнӣ низ бетаъсир намондааст: “Мол бахшидаест миёни мардумон, ки ҳама бандагони Худоянд ва фарзандони одаманд ва ба чӣ ҳоҷат манд кардан бояд. Бигузор аз моли якдигар харҷ кунанд, то ҳеҷ касро беборагӣ набошад”[4, с.408].

Далели дигаре, ки мавҷудияти оини ҷавонмардиро ба даврaҳои пеш аз ислом дар Мовароуннаҳру Хуросон ба исбот мерасонад, як қатор истилоҳоти хосси он мебошад. Зимнан бояд гуфт, ки истилоҳи “ҷавонмардӣ”- “айёрӣ” дар асрҳои миёна муродифҳои комили худро дорад, ки “ахӣ” ва “фатӣ” ё худ “ футувват” буда, решаи забони арабӣ доранд. Ҳамин тавр, мо як қатор истилоҳҳои хосси оини ҷавонмардиро мебинем, ки баромади онҳо ба забони форсӣ-тоҷикӣ тааллуқ доранд: “пешбанд”, “камарбанд” (фута ва ё маҳзам), ки ба камари довталаб баста мешуд, “шалвор” (саровил), ки ҷавонмардон бояд онро пӯшанд. “Ин худ, -менависад, Франс Ташнар, - мерасонад, ки поя ва маншаи футуввати (ҷавонмардӣ) иҷтимоӣ аз Эрон аст, зеро ки шалвор махсуси ин даста ва қавмҳои Мовароуннаҳру Хуросон аст, ки саворакорӣ аз одот ва синони онон ба шумор мерафтааст”. Ва шалвор дар Мовароуннаҳру Хуросон ақаллан аз замони оғози фармонравии Хаҳоманишӣ мутадовул будааст. Дар сурате, ки аъроб ба он эҳтиёҷе надоштанд. Илова бар ин дар ҳалқаи фатиён ҳангоми қабул кардани аъзои нав ба ин ташкилот аз “кос-ал-футувват”, ки дар дохили он обу намак маҳлул аст, истифода мебурданд [5, с.294].

Баъд аз ғалабаи ислом дар Мовароуннаҳру Хуросон Олуфтагон, ки узви оини ҷавонмардианд аз, байн нарафт, балки ба замми хусусиятҳои ахлоқию иҷтимоии худ ҷиҳати иҷтимоиаш боз ҳам камолот ёфта, пайравони он дар гирди раисони хеш андар шаҳристонҳои бузург ҳарчи бештар муттаҳид гардидаанд. Пайравони оини ҷавонмардӣ дар афкорашон чизи аз ҳама муҳим ва муқаддас озодӣ ва ободии Ватанро медонистанд. Ин буд, ки дар шаҳри Марв Абӯмуслим ба хуруҷи зидди уммавиҳо сар бардошта, тамоми ҷавонмардони ин сарзаминро дар атрофи худ ҷамъ намуд. Абӯмуслим, ки ба табақаи поёнии ҷамъият мансуб аст ва обҳои ногувори овардаи бегонагонро ба чашмони худ дида, ба ойини бостонии ҷавонмардӣ сахт гаравид, бо шуҷоату саховат обрӯ пайдо кард. Насри Сайёр – амири уммавӣ дар Хуросон дар мактуби худ ба Марвон, ки охирин халифаи уммавиҳост, дар бораи хуруҷи Абӯмуслим менависад: “Марди дигаре берун омадааст аз писарони сарроҷон” [6, с.408].

Маълум мегардад, ҷавонмардӣ ҳанӯз қабл аз омадани арабҳо ба Мовароуннаҳру Хуросон аз лиҳози маънавию ахлоқӣ ташаккул ёфта, аз фардҳои алоҳида ба ташкилоти оппозитсионии зидди феодалӣ суратгирифта будааст. Дар рафтори шахсии Абӯмуслим мо беҳтарину комилтарин хислатҳои аҳли ин оинро, аз қабили сабру ёрирасонӣ ба бечорагону дар роҳ мондагон ва роздорию мардумиро, мебинем. Дар “Равзат-ус-сафо” оид ба кордории ҷавонмардонаи Абӯмуслим чунин нуқтае зикр шудааст: “Сабрро шиори худ кардам ва рози худро ба касе нагуфтам”. Устод Айнӣ барҳақ мегӯяд: “Рози худро пинҳон доштани Абӯмуслим ба дараҷае маълум буд ва аз касоне буд, ки ба кори ӯ эҳтимоли халал расонидан доранд ва ё ин ки рози ӯро фош мекунанд" [2, с.76].

Дар ибтидои асри VIII давомдиҳандаи кори Абӯмуслим - Муқаннаъро дар сарзамини Мовароуннаҳр мебинем, ки ӯ низ барои пешбарии ақидаи сиёсии худ ба ҷавонмардони як қатор шаҳрҳои Кешу Самарқанд, Марву Бухоро ва дигар мавзеъҳо такя намуда, бо номи расмии “Сафедҷомагон” ба исёни зидди феодалӣ бархост. Шабоҳати дигари Олуфтагонро дар ҳаракати Сафедҷомагон мебинем.

Устод Айнӣ мегӯяд: “Натиҷаи аввалини исёни Муқаннаъ ҳамин шуд, ки тухми умеди истиқлоли миллиро дар дили оммаи мардуми Хуросон ва Мовароуннаҳр кошт ва онҳоро ба ҳамин андӯхт, ки ҳар вақт, ки фурсати муносиб ёбанд ва баҳонае ба даст дароваранд, ба муқобили арабҳои истилогар хуруҷ намоянд ва дар роҳи ба даст овардани истиқлоли миллӣ ҷангу ҷидол кунанд” [2, с.71].

Таъсиси давлати Саффориҳо, ки аз ҷониби Яъқуби Лайс ба вуҷуд омад, намунаи мушаххаси давлати ҷавонмардон буд. Ҷамоаи ҷавонмардон дар охирҳои асри XIII, ки дар Осиёи Хурд “ ахӣ “ хонда мешуданд, давраи камолоти худро дарёфта, дар ҳама шаҳрҳои хурду бузурги Осиёи Хурд ҳамчун мояи “дарди сар” бар феодалони мамлакати Рум амал мекарданд. Дар ин хусус Ибни Батута навиштааст: “Ман дар тамоми дунё мардуми накукортар аз онон (ҷавонмардон – В.Қ.) надидаам, гарчи аҳли Шероз ва Исфаҳон ҳам ба

равиши ҷавонмардон ташбеҳ меҷӯянд, лекин эшон дар ғарибнавозӣ ва меҳмонӣ бештар ва пештаранд [3, с.238].

Шиори аз закот надодагон чизу мол ситонидани Ҷамол худ возеҳ бар он аст, ки ӯ ба сармоядорони аср пайваста дар рақобат буда, ёрирасони беваю бечорагон аст..." ...Онҳоро дар Ироқ шотир, дар Хуросон сарбадорон ва дар Мағриб суқра меноманд" [3, с.235]. Инчунин сарчашмаи асосии давлати Сарбадорони Хуросонро дар иттиҳодияи ҳамин ҷавонмардони сарбадор дониста, Ибни Батута менависад: "Ойини адолат чунон дар қаламрави онҳо равнақ гирифт, сиккаҳои тиллову нуқра дар урдугоҳҳои эшон рӯйи хок мерехт, то соҳиби он пайдо намешуд, касе даст ба сӯйи он дароз намекард [3, с.210].

Ҳамин тавр, ҷамоаи оппозитсионии ҷавонмардон баъд аз асри XIV дар ҳар ҷо – ҳар ҷо арзи ҳастӣ дошт, ки таваҷҷуҳи шоиру нависандагонро ба худ мекашид. Мисоли барҷастаи ин андешаро Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар "Футувватномаи султонӣ", Восифӣ дар "Бадоеъ-ул- вақоеъ", Аҳмади Дониш дар "Наводир-ул-вақоеъ" ва устод Айнӣ дар "Ёддоштҳо" ба исбот мерасониданд. И.С. Брагинский ба ин масъала диққат дода, навишта буд: "Боқимондаи ҷамъиятро (ҷавонмардонро-В.Қ.) ба номи "Олуфтагон", ки дар "Ёддоштҳо"-яш С. Айнӣ ёд кардааст, дидан мумкин аст.

Устод С. Айнӣ ҳанӯз ба иттиҳодияи ҷавонмардон ҳангоми навиштани очеркҳои таърихии худ "Исёни Муқаннаъ" ва "Чингизи асри XX" ба бузургиву нерумандӣ, ватандӯстиву халқпарварӣ ва саховату шуҷоати шахсони таърихӣ, монанди Абӯмуслиму Муқаннаъ ва Темурмалик, такя карда, як силсила ҷиҳатҳои мусбати ин ташкилоти мардонаро қаламдод кардааст. Ӯ ҳангоме ки "Ёддоштҳо"-и худро менавишт, ин масъала бештар диққати ӯро ба худ кашида, боби махсусеро таҳти унвони "Олуфтаҳои Бухоро" бахши ин ташкилоти мардона карда менависад: "Бештарини инҳо (Олуфтаҳо–В.Қ.) косиб, саис, аробакаш, машкоб, гилкор, дуредгар ва монанди инҳо буданд". Чунин сифати изҳоркардаи Айнӣ заминаи таърихии худро дорад, зеро мо аз сайри таърихии оини ҷавонмардӣ мебинем, ки ин ташкилот асосан аз миёни табақаи аҳли ҳунар ба вуҷуд омада, диққати сайёҳону муаррихон ва донишмандонро ба худ кашидааст. Барои исботи ин андеша ахбори "Таърихи Систон", "Зайнулахбор"-и Гардезӣ, "Қобуснома"-и Кайковус, "Сафарнома"-ҳои Ибни Батута ва Ибни Ҷузиву Ибни Ҳавқалин, ҳамчунин романҳои бисёрҷилдаи "Самаки айёр", "Доробнома", "Абӯмуслимнома" шавоҳиди хубанд.

Устод Айнӣ дар сифати олуфтаҳо чунин нигоштаанд: "Инҳо дар мардонагӣ хеле олиҷаноб буданд. Агар дар базмҳояшон аз гузарҳои дурдаст ягон ҷавони бегона омада бошад, дар охири базм ӯро ба хонааш мерасонданд, ки аз одамони миршаб ё аз дуздон ба ӯ зараре нарасад. Дар дӯстӣ то қурбон кардани ҷонашон тайёр ва дар душманӣ ҳам беамон, валекин мардона буданд... ". Ин тасвири адиби забардаст заминаҳои таърихии худро молик буда, аз бостонӣ будани чунин ахлоқи ҳамидаи мардумони Осиёи Марказӣ огаҳӣ медиҳад: "Воқеан, ки чи гуна мардуми каримурод мард ва ғарибнавозу хушрӯй ва меҳрубону меҳмондӯст ҳастанд. Чун ғарибе вориди зовияи онон мешавад, ангоре ки ба хонаи наздиктарин ва меҳрубонтарин хешовандони худ омадааст. Ӯро пешвоз мегиранд. Воқеан, он чи дар гуфтори сайёҳи шуҳратманд ба зуҳур омадааст аз мавҷудияти созмони нимнизомии асримиёнагии мардумонамон, ки асоси мавҷудияти хешро дар саховатпешагиву одамият ва башардӯстиву меҳрубонӣ гумоштаанд, гувоҳӣ медиҳад.

Марҳилаҳои изҳоркардаи устод Айнӣ барои "Олуфтагон" низ аз бисёр ҷиҳатҳои расму русуми худ ба марҳилаҳои "қавливу", "сайфӣ" шабоҳати мантиқӣ доранд. Олуфтагони Бухоро барои ба камол расидан аз се марҳила: аввал "нимтайёр", дуюм "тайёр" ва зинаи камолот "мард"-ро бояд тай намоянд. Айнӣ ин зинаҳоро бисёр возеҳ нишон дода, менависад: "Лақаби умумии ин қисми одамон "олуфта" буда, фарқи мартабаи онҳо аз пӯшокашон маълум мешуд: ҷавонони наврас, ки дар мартабаи шогирдӣ бошанд, кафши пошнабаланди бемасҳӣ мепӯшиданд ва фашҳояшонро кӯтоҳ (думимушӣ) монда, саллаҳошонро суфта мебастанд ва миёнашонро бо рӯпочка баста, дар вай як ҷуфт корди на он қадар калон меовехтанд. Куртаи ин гуна ҷавонон пешбаста ва зеҳдор мешуд. Унвони инҳо "нимтайёр" буд. Ҳар гоҳ ки инҳо ҳунарҳои каллазанӣ, лингзанӣ ва зонузаниро омӯзанд ва умуман дар зӯроварӣ ҳунарҳо пайдо кунанд, ки аз ҳаммонанди худҳошон пешқадам шаванд, ба инҳо унвони "тайёр" дода мешуд... унвони мартабаи охирин "мардимардон" буд. Ин дар ҳар давру замона аз як нафар беш намешуд. Мардимардон кафши бепошнаи нӯгтезеро, ки аз чарми зарди паст дӯхта мешуд ва дар Бухоро бо номи "кафшиолак" машҳур буд, бе масҳӣ мепӯшид. Саллаашро хурд мебаст ва монанди афғонон фашашро дароз мегузошт. Дар тобистон ва зимистон яктаякаҳ курта пӯшида, гиребонашро ҳамеша баста мемонд ва аз рӯйи вай бо рӯпокчаи содаи арзонбаҳо миёнашро баста, дар вай як қаламтарошро бо ғилоф овехта мегашт" [2, с.71]. Аз ин нақли устод Айнӣ, пеш аз ҳама, ба назари мо як ҷиҳати бисёр характерноки пайравони ин ҷамъият, чи дар асрҳои аввал ва чи дар замони асри XX, монандии шаклии худро нигоҳ

доштаанд. Ҷавонмардон ё худ ахиҳои ёдоварикардаи Ибни Батута ва олуфтагони зикркардаи Садриддин Айнӣ дар камарбандашон корд ва либосҳояшон тунуку сабуканд. Ин ҳолати зоҳирӣ ба назари мо аз он шаҳодат медиҳад, ки пайравони ин ҷамъият мардони амалӣ буда, доимо дар баробари нобаробариҳои рӯзгор муқобилият нишон медиҳанд.

Ҷиҳати дигаре, ки ҳаммонандии табақаи ҷавонмардони асрҳои аввалро ба олуфтагон шабеҳ месозад, масъулиятнокӣ дар иҷрои вазифа ва ёд кардани қасам мебошад. Олими эронӣ- Парвизи Нотили Хонларӣ, ки яке аз донандагони бисёр муътабари ҳаракатҳои иҷтимоии халқҳои эроннажод шинохта шудааст, ҳангоми тадқиқи ҳаёти айёрону ҷавонмардон ба хулосаи бисёр муҳимме омада буд, ки дар ёд кардани қасами ҷавонмардон ҳеҷ монандиеро ба қисмҳои давраи исломӣ дидан мумкин нест ва ӯ боварӣ ҳосил карда “ин бар он мерасонад, ки ойини ҷавонмардӣ ҳанӯз қабл аз ислом дар Хуросон мавҷуд будааст” [16], гуфтанаш далели ҳамин фикр мебошад. Айнан ҳамин гуфтаи Хонлариро дар ёд кардани қасами Олуфтагон мебинем. Онҳо дар ёд кардани қасам аз қасаму номаҳои исломӣ ҳарфе бар забон набурдаанд. Муҳимтарин қасами эшон “саттор” аст. Айнӣ менависанд: “Қасами олуфтаҳо “саттор” буд. Агар як олуфта “Саттор, ки фалон корро мекунам гӯяд, сараш равад ҳам, бояд он корро мекард. Агар накунад ва қасамашро шиканад, аз миёни олуфтаҳо ронда шуда, ба “номардӣ” машҳур мегардад”. Чунини ҳолатро мо дар муносибати Махдуми Гав бо Рӯзи–Бадбурут мебинем: “Вақте ки Махдум гулӯи Рӯзиро андаке суст кард, ӯ овоз бароварда, садо дод: - Саттор, ки шаҳрамро додам,- гуфт ӯ, ғурунгосзанон... Маҳдуми Гав гулӯи Рӯзӣ- Бадбурутро сар дода аз сари синаи ӯ хества аз бозувонаш гирифта барои рост хестани ӯ ёрӣ дод”.

Бояд изҳор кард, ки олуфтагон дар ахлоқу одоб ва тарзи марҳилаҳои камолоти худ, асосан давоми мантиқии иттиҳодияҳои ҷавонмардии асрҳои аввалро бо номгузориву табдили шакли зоҳирии худ комилан нигоҳ доштаанд. Чуноне ки дар дастурномаҳои оини ҷавонмардӣ мебинем, аъзоёни ин иттиҳодияҳо мардони бисёр бозаковату пурҳунар ва донишманду ҷасурро, ки монанди Яъқуби Лайс, Муқаннаъ ва Муҳаммад (раиси ҷавонмардони билоди Рум) буданд, раиси худ меҳисобанд ва дар зери фармони ӯ ҷонбозӣ менамуданд. Олуфтагони Бухоро низ чунин хислатҳои нек доштани “тайёрон”- ро тарафдорӣ карда, барои “мардимард” шудан дар чунин рӯҳия тарбият меёфтанд. Айнӣ дар ин хусус менависад: “Тайёрон гӯё номзадони “Мардимардон” буданд. Агар мардимардон бимирад ва ягон кори хилофи мардӣ карда аз миёна ронда шавад, аз тайёрон якеро, ки дар мардӣ мумтоз, дар зӯрӣ беҳамто, ба дуздӣ ва шӯрапуштӣ туҳматзада нашуда бошад, интихоб мекарданд” [2, с.69]. Ҷузъиёти бисёр муҳимме, ки пайравони оини ҷавонмардии асрҳои аввали асримиёнагиро ба олуфтагони зикркардаи Айнӣ монанд месозад, зинҳордорӣ ва ёрирасонӣ ба бечорагону дарроҳмондагон мебошад. Дар романи “Самаки айёр” ва “Хусравнома”-и Аттор ин ҷиҳат рукни мустаҳкам буда, Хуршедшоҳ (дар “Самаки айёр”) ба дастаи ҷавонмардони Самаки айёр ва устоди ӯ Шаъоли Пилзӯр ва Хусрав (“Хусравнома”) ба дастаи ҷавонмардони Нишопур Фаррухрӯзу Фирӯз зинҳор меоранд, ки барои ба мақсад расидани Хуршедшоҳу Хусрав борҳо ҷавонмардон ҷонро ба каф ниҳода, силсилаи воқеаҳоюро ҳодисаҳои ҳайратовар паси сар менамоянд. Самаку Фаррухрӯз ва ҳаммаслакони онҳо нисори ҷонро барои ба даст даровардани мақсади асосӣ қарзи виҷдон медонанд. Ҳамин ҷиҳатро, гарчи шогирдона бошад ҳам, дар рафтори мардимардон – Муҳаммадӣ, ки пешаи аслии ӯ шоҳибофист ва Рустам – Ашкӣ пайдо кардан мумкин аст. Айнӣ менависад: “Рустам – Ашкӣ дар ҳамон вақтҳо яке аз олуфтагони машҳури Ғиҷдувон буда, дар роҳи муҳофизат кардани номуси одамоне, ки ба худаш илтиҷо бурдаанд, ҷони худро дареғ намедошт”. Халосии Маҳмудҷон ва гурехта рафтани амири Бухоро аз Ғиҷдувон ба хираду ҷасурӣ ва ҷавонмардии Рустам – Ашкӣ барин олуфтагон тааллуқ дорад. Ё худ сабаби ҷанги тан ба тани Махдуми Муҳаммадӣ ва Барно-тайёр аз барои нигаҳдорӣ ва пуштибонии номуси ба зинор омадагон рӯй додааст. Баъд аз он ки Барно-тайёр дар муборизаи тан ба тан шикаст мехӯрад ва бо ёрии ҳамдастони авбошаш мунофиқона бо корд ба махдуми Муҳаммадӣ аз чор тараф ҳуҷум оварда, ба андоми мардимардон зарбаҳои ҳалокатовар зада, зуд ғоиб мегарданд, махдуми Муҳаммадӣ баъд аз чанде вафот мекунад. Айнӣ сифати мардиву ҷавонмардии махдуми Муҳаммадиро аз забони олуфтаи дигар – Ҷалили вартишбози регистонӣ, ки тайёри машҳур буд, нақл менамояд: “- Махдуми Муҳаммадӣ мард буд, дар кӯчаи мардонагӣ ҳамеша ба одамон некӣ мекард ва фоида мерасонд. Ӯ пешхезӣ карда, ба касе ҷанг накардааст. То ба сараш мушт расидан сабр мекард ва баъд аз он ҷазои душмани худро медод. Худо раҳмат кунад ва дар рӯзи қиёмат дар қатори мардони рӯйсурх сар бардорад! – гӯён даст бар рӯ кашид ва аз ҷояш хеста, ба оқсаққоли гузар нигоҳ карда, - ман рафта бачаҳоро (олуфтаҳоро) барои мурдабардорӣ ғундошта меорам, - гуфту равон шуд. “Тайёр” – Ҷалили вартишбоз дар роҳ ба нависанда – Айнӣ аз сайру сулук ва аслу мақсади роҳи пешгирифтаи олуфтаҳои ҳақиқӣ нақл намуда мегӯяд: “- Одам танҳо ба зӯри бозу одам намешаванд, -гуфт дар ҷавоб Ҷалил,- Одам бояд дили одамият ҳам дошта бошад ва

ба одамон зарар расониданро раво набинад. Аз ҳама бештар одам бояд хоксор бошад, ки дигарон ӯро ҳурмат кунанд ва ӯро ба худ сардор бардоранд, на ин ки худи ӯ барои ҳурмат ва мартабаи баланд ёфтан талош кунад” [2, с.75].

Инчунин нависанда дар симои Шукурбеки дузд низ ба ҳаёти олуфтаҳои Бухоро боз ҳам возеҳу ошкоро андеша ронда, ҳаёти онрӯзаи пурфоҷиаи шаҳру деҳоти Бухорои феодалиро фош сохтааст.

Шукурбег ҷавонии худро дар миёни олуфтагони Вобканд гузаронида, дар ин пешаи мардона ҳунарманди комил гардида буд. Ноомадҳои рӯзгори феодалӣ, таъқибу озорҳои бераҳмонаи ҳокимон, ки ӯро аз зану фарзанд ва хонаву ҷой маҳрум карда будаанд ба “дуздиву шабгардӣ” ва қасосситонӣ роҳнамун сохт.

Айнӣ менависад: “Аммо ӯ (Шукур-В.Қ.) монанди дуздони одӣ ҳар моли ба ҳар ҷо рост омадаро дуздидан нагирифт, дар дуздии худ ҳам як мазмуни интиқом аз золимонро дод. Бинобар ин, ӯ моли арбоби ҳукумат, бойҳои калон ва судхӯронро рост оварда медуздид ва аз молҳои ба дастдаровардааш ҳар чизе, ки аз хӯроку пӯшокааш зиёдатӣ кунад, ба камбағалтарин одамон, ки ба онҳо дилаш пур шавад, тақсим карда медод... инчунин ӯ одамкушӣ намекард. “Одамони бадкирдорро ба куштан тамом кардан мумкин нест, мегуфт” [2, с.75].

Чунин амалиёти Шукурбег низ заминаи таърихии худро дорад. Масалан, бахшандагиву айёрӣ ва ҷавонмардии Яқуби Лайсу, Сунбод ба муқобили золимони араб: дуздии Фузайли Аёз (“Тазкират-ул-авлиё”-и Атор), ки аз тавонгарон рабуда ба бечорагон мебахшад, инчунин роҳзаниву дуздии Ҷамоли Лукш Систонӣ (аз“Сафарнома”-и Ибни Батута) Доштоколи Содиқ Ҳидоят, “Коко Шеру Коко Қадир”-и Берешно, ба адабиёти олам назар андозем “Робин Гуд”, “Ричарди дили Шердор”-и англиси асри XV, “Гусман де алфраче”-и Матео Алмени Испании асри XVI, “Ласарило аз Термес”-и Испании охири асри XV ва дар рӯзгори мо зиндагии Муслими Қандаҳорӣ, Ғании Темурии Ҳиротӣ ва як идда дошҳову машдиён, пойлучҳову ҷавонмардон айнияти худро дар рафтору амалиёт ва коргузории Шукур бори дигар таҷаллӣ сохтаанд.

Аз ин рӯ, ҳамин ҷиҳати масъала, яъне заминаи таърихӣ доштани чунин ҷунбишҳои стихиявии мардонаи халқӣ, ки дар образи Шукур акси худро дарёфтааст, аз назари адабиётшинос А. Сайфуллоев шояд пинҳон мондааст, ки ӯ Муборизаи Шукурбегро намуди нави муборизаи меҳнаткашон ва образи ӯро одами нав қаламдод кардааст. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби академик М. Шукуров аст, ки сари вақт оид ба заминаи таърихӣ доштани чунин муборизаҳо амиқан аниқ карда навишта буданд: “Бинобар ин, муборизаи Шукурбекро намуди нави муборизаи синфи меҳнаткашон ва образи ӯро образи одами наве ҳисоб кардан мумкин нест [8, с.54]. Аз ин ҷиҳат, ақидаеро, ки А. Сайфуллоев дар мақолаи мазкур (образи одами нав дар “Ёддоштҳо”- В.Қ.). баён кардааст, аз нав санҷидан лозим меояд. Дар шароити асри XIX ва ибтидои асри XX ҳар шахсе, ки ба роҳи муборизаи ошкорои зидди зулм қадам гузоштааст, одами нав ба шумор намеравад, балки танҳо касе, ки мувофиқи талаботи замон роҳҳои нави муборизаро ҷустуҷӯ менамояд ва афкори наве пайдо мекунад ”ҳақиқатан одами нав” аст. Шуури иҷтимоии Шукурбек ҳанӯз ба он дараҷа нарасида буд, ки муборизаи бошуурона барад. Муборизаи ӯ як шакли ҳамон муборизаи стихиявии халқ аст, ки асрҳо боз вуҷуд дошт.

Азбаски эҳтиром ва обрӯи олуфтагон дар байни аҳли меҳнат намунаи ибрат тасаввур мешуд, бештари дуздону авбошон худро зоҳиран ба ҳалқаи олуфтагон мезаданд. Барнотайёр ва кушандаи Рустамча Азими Деҳчагӣ, инчунин Рӯзӣ-Бадбурут, аз қабили чунин авбошон дар “Ёддоштҳо” ба шарҳои залили номардонаи худро дарёфтаанд.

Дар охир бояд гуфт, ки устод Айнӣ олуфтаҳои ҳақиқиро бо самимияти хос ёдоварӣ намуда, дар симои Шукурбеку Махдуми Гав, Махдуми Муҳаммадиву Ҷалили Вартишбоз, Рустам-Ашкӣ ва сӯзонандаи корхонаи шайхи рехтагар Мурод – луччак ростиву родӣ, мардуміву зоҳирдорӣ ва саховату шуҷоати оини бостонии ҷавонмардиро тасвир кардааст. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳаматарафаи “Ёддоштҳо”-и устод ба ҳаёти иҷтимоии ибтидои асри XX далелҳои муътамадеро дастраси ҳаводорону пажӯҳишгарон ва сиёсатмадорону адибон мегардонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авесто. Готҳо. Китоби 1. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 839 с.
2. Айнӣ, С. Олуфтаҳои Бухоро // Ёддоштҳо. Ҷ. 7. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. - С. 67-78.
3. Сафарномаи Ибни Батута; тарҷумаи Муҳаммад Алии Муҳид. – Теҳрон, 1338. - С. 210-235.
4. Табарӣ, Эҳсон. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳои иҷтимоӣ дар Эрон. -Теҳрон, 1348. -С. 406-422 с.
5. Ташнер Франс. Гурӯҳи футуввати кишварҳои исломӣ ва навъи зуҳури онҳо дар Эрон // Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт. - Теҳрон, 1335. - Қисми 3. - Соли 4. - С. 76-94.
6. Таърихи Сиистон; бо тасҳеҳи Маликушшуаро Баҳор. - Теҳрон, 1314. – 464 с.
7. Хонлари, Парвиз Нотил. Ойини айёрӣ // Сухан. - Давраи 28. - Шумораи 2. - С. 1072-1089.

8. Шукуров, М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ / М. Шукуров. - Душанбе, 1958. – 162 с.

«ОЛУФТАГОН» ИДОМАИ ҶАВОНМАРДОН

Садриддин Айнӣ бо асарҳои илмии худ доир ба таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун адабиётшинос ва муҳаққиқи мушикофу забардаст машҳуру маълум буда, фаъолияти илмӣ ва адабиаш хеле васеъ ва доманадор аст. Ӯ аз нахустин даврaҳои эҷодиёташ ба омӯзиши наср таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Оини ҷавонмардӣ яке аз он ҷузъиётҳои бисёр муҳимми таърихи тамаддуни мардумамон мебошад, ки инъикоси худро дар осори асосгузори адабиёти муосири тоҷик – устод Айнӣ бо ҳама ҷузъиётҳояш дар симои “Олуфтагон”дарёфтааст. Устод С. Айнӣ ба бузургиву нерумандӣ, ватандӯстиву халқпарварӣ ва саховату шуҷоати шахсони таърихӣ, монанди Абӯмуслиму Муқаннаъ ва Темурмалик такя карда, ҳангоми навиштани очеркҳои таърихии худ “Исёни Муқаннаъ” ва “Чингизи асри ХХ” як силсила ҷиҳатҳои мусбати ин ташкилоти мардонаро қаламдод кардааст. Махсусан, ҳангоме ки ӯ “Ёддоштҳо”-и худро менавишт, ин масъала бештар диққати ӯро ба худ кашида буд ва ӯ боби махсусеро таҳти унвони “Олуфтаҳои Бухоро” ба ин ташкилоти мардона мебахшад.

Калидвожаҳо: Садриддин Айнӣ, мерос, илм, адабиётшинос, хусусият, роман, назми афсонавӣ, фолклор, адабиёт, муҳаққиқ, асарҳо, «олуфтагон», олиҳиммат.

"ОЛУФТАГОН" ЯВЛЯЕТСЯ ПРОДОЛЖЕНИЕМ БЛАГОРОДНЫХ ЛЮДЕЙ

Садриддин Айни своими научными трудами по истории таджикской литературы известен и знаменит как литературовед и тонкий исследователь, научная и литературная деятельность которого охватывают обширные сферы. Еще в начальном периоде своей деятельности он обращал особое внимание на исследование прозы. Традиция благородства является одним из самых важных компонентов истории цивилизации наших людей, который отражается в деталях в работах Айни посредством "Олуфтагон". С. Айни, опираясь на величие, гуманизм и щедрость исторических личностей, таких, как Абумуслим Муканна и Темермалик, ещё тогда, когда писал свои исторические очерки «Восстание Муканна» и «Чингиз XX века», изображал ряд положительных особенностей данного общества. Особенно, когда он писал свою работу «Воспоминания», данная проблема привлекала его внимание больше, в результате чего данному обществу он посвящает особую главу под названием «Олуфтахои Бухоро».

Ключевые слова: Садриддин Айни, творчество, наука, литературовед, особенность, роман, сказочная проза, фольклор, литература, исследователь, произведение, «олуфтагон», благородство.

"OLUFTAGON" IS THE CONTINUATION OF NOBLEMEN

Sadriddin Ayni is famous for his scientific works on Tajik Literature History as a theorist of literature and great researcher and has a wide scientific and literary background. He had been paying special attention to the study of prose since the very beginning of his creative works. The tradition of nobleness is one of the most important components of the civilization history of our people which is reflected in the works of Sadriddin Ayni in details through "Oluftagon". When writing his historical novels, Sadriddin Ayni leaning on association of young people in “Mukanna’s uprising” and “Chingiz of XX century” and on the respect of the magnificent, patriotic, patriotism and generosity of historical personalities such as Abumuslim, Muqanna` and Temurmalik, who have been holding a series of positive aspects of this organization. In particular, when writing his "Reminstemcies", this issue focuses more on the issue, and the specialty title "Oluftagoni Bukhoro" (Bukhara's White-collars)to this patriotic organization.

Key words: Sadriddin Ayni, activity, science, theorist of literature, feature, novel, legendary prose, folklore, literature, researcher, work, "Oluftagon", nobleness.

Сведения об авторе: ***Курбон Восеъ*** **–** Технологический университет Таджикистана, доктор филологических наук, профессор кафедры гуманитарных наук. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Карабаева 63/3
Восиева Рухшона **-** Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухамадиев 17/6

Information about the author: ***Qurbon Vose`*** - Technological University of Tajikistan, Doctor of Philology, Professor of the Humanities Department. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Karabaeva 63/3
Vosieva Rukhshona - Tajik State Institute of Languages. S. Ulugzoda, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Mukhamadiev 17/6

УДК: 891.550-1

ШЕЪР, ШОИР ВА БАЁНИ ШОИРОНА

Умар Сафар
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар гоҳ сухан аз шеъру шахси шоир дар миён меафтад, зеҳни инсон беихтиёр саршори пурсишҳову суолҳои гуногун мегардад. Нахустин суоле, ки аз гӯшаи як навъ ҳасодати беғубору беолоиш ва ҳаваси дур афтода, ба зуҳур мерасад, ин аст, ки шоир кист, миёни ӯ ва мардуми маъмулӣ чӣ тафовутҳоест, чаро ҳама наметавонанд шоир бошанд?

Аслан Худованд тамоми имконоту шароити лозимро барои инсонҳо фароҳам намуда, то зиндагии хешро дар домани ҳастӣ бизиянд. Рисолати инсон будану инсонвор зистанро ба ҷо биёваранд. Дар таҳаққуқи ин амр барои ҳеҷ касе садду монеае нест. Магар

хуршед ё моҳ ё осмону ситорагон мутааллиқ ба ҳама нест? Магар обу хок, ҳавои танаффус моли ашхоси алоҳида аст? Оё дарёҳои хурӯшон, чашмасорон, гулҳои шукуфтаи атрофи моро метавон моли мардуми хосса донист? Посух ба ҳамаи ин суолҳо кӯтоҳу равшан аст. Ин ҳама неъмати Илоҳӣ ҳаққи муштараки бани башар аст. Ҳеҷ касе наметавонад онҳоро танҳо мансуб ба хеш бидонад.

Вале дар ин миён нукоти дигарест, ки вобастаи худии мост ва маҳз дар ҳамин замина пойи шоир вориди марзи зеҳни мо мегардад. Шоир мардум дунёро бо тамоми мазоҳираш бо диди дигар, бо чашми дил мебинад, зеҳнаш ба сарзаминҳое мерасад, ки на ҳар кас қодир ба дидани он аст. Қалами шоир қудрати ёбандагиву зояндагӣ дорад. Шоир дар ҷаҳону коргоҳи эҷоди хеш ҳамроҳ бо вожагони забон ба сар мебарад. Танҳо ӯ метавонад бо обу гили ин калимот зебоӣ бисозад, деворҳои нақшини рӯзгори моро бино кунад. Аксар мо пас аз он ки чакидаҳои зеҳни ин ё он адибро мехонем, зеҳну ҳуши мо барқвор як натиҷаи ҳасратолуде мегирад. Ба ин маънӣ, ки мо ҳам метавонистем ин манзараро бубинем ё чунин бигӯем.

Ба андешаи мо, чунин натиҷагирие ҳамзамон марзро миёни шоиру ношоир ҷудо мекунад. Зеро маззияти шоир ҳам дар он аст, ки чашми ҳамабини ӯ қабл аз ҳар каси дигаре лаҳзаҳои зебои ҳастии моро ламс мекунад, мешунавад, тасвир месозад, ҳатто ба ашёи пешипоафтода ҳаққи зист қоил мешавад ва шояд яке аз рисолатҳои бузурги шоиру ҳунарманд будан ҳам ҳаққи зистхоҳӣ ба ҳама мавҷудоти хурду бузург аст. Шоир мардум ба ҳеч чизе бетафовут нест. Вазиши бод, ларзиши баргҳои як дарахт, бориши борон, садои номарғуби як ҳайвон ва садҳо саҳнаҳои дигари зиндагӣ, ки мо, мардуми одӣ вуҷудашонро эҳсос намекунем, доим зеҳни шоирро ба худ во медоранд. Вай ҳамрадифи онҳо зиндагӣ мекунад. Дарду ранҷи онҳо ӯро низ побанд месозад. Шоир бо онҳо сари як суфра менишинад, қиссаҳои онҳоро мешунавад ва баъд дар либоси шеър аз зиндагии онҳо ба мо қисса мегӯяд. Қиссаи зистан, қиссаи талош варзидан, қиссаи мондан ва пирӯз гаштан дар набарде, ки номаш «зиндагист» ва ҳама ширкаткунандаи ин набарданд.

Аз шоир сухан гуфтем ва зикр шуд, ки дар ин майдони пуртакопӯ ӯро шеър ҳамроҳӣ мекунад. Пас суоли дигаре ба зуҳур мерасад, ки шеърро дар ин набардгоҳи бекарона чӣ зарфияту чӣ тавоне бояд бошад, то қобилияти поёӣ ва мондагорӣ пайдо кунад. Ба гумони ғолиб, барои пойдорӣ ва идомати вуҷуди шеър аносири пуршуморе лозим аст, ки шинохти амиқу дақиқи онҳо печидатар аз долонҳои дарун ба даруни ҳарими шеър аст. Метавон ба осонӣ бо гомҳои тезгарди дидагон вориди ин ҳарим гашт ва хушку берӯҳ, бе эҳсоси атру бӯйи шеър аз даричаи он берун шуд. Ин мушкили бузургест, ки дар ҳама давру замонҳо будаву шоҳид дошта ва сабабу иллати вуҷудиаш бештар ба холиқи шеър ё шахси шоир бастагӣ дорад.

Ҳар шеъре дар ниҳоят иборат аз маҷмӯи вожагону калимоте аст, ки дар чаҳорчӯби муайян канори ҳам омадаву пайванду иттиҳод эҷод намудаанд то паёмеро ба мухотибон бирасонанд ё мисли бозигарони театр саҳнаеро аз зиндагии инсонӣ ба намоиш бигузоранд. Дар ин миён муҳим шеваи расонандагӣ ва сабки бозигарист, ки ба ҳунару истеъдод доман мезанад. Шеър бозӣ бо вожагон аст ва ин бозӣ бояд ба гунае сурат бигирад, ки эҷоди шигифтӣ, дилчаспӣ, ҷаззобият намояд, таъсирбарангез бошад.

Шояд суоле пайдо шавад, ки ҳуд ҳунару истеъдод дар чӣ заминае зоҳир мешавад ва ё нишонии онро чӣ гуна метавон дарёфт?

Ба ақидаи мо, барои як шеър унсури бунёдӣ андеша аст, ки баёнаш созу барги муносиб, абзори шоиста мехоҳад. Ин андеша ниёз ба иттиҳоди вожагон дорад, то бозтоб гардад. Маҳз дар чунин лаҳазоте андешаи баландро мисли хиштрезӣ, калимарезӣ, ё ҳамнишиниву ҳамдӯшии калимот лозим меояд, ки вобастаи ҳунар аст. Ба дигар сухан, ҳунарманди асил ё шахси шоир зимни баёни паёми хеш ҳамзамон нақши як восил, пайвандгар ё муслеҳро мебозад. Ӯ вожагонеро бо ҳам хонадор месозад, ки дар имтидоди ҳастии хеш шояд ҳаргиз канори ҳам набудаанд. Ҳамин тозаошноӣ эҷоди ғаробату аҷобат мекунад, андешасоз мегардад. Гузашта аз он, ин гуна ҳамҷаворӣ боиси зуҳури калимоту таркиботи тоза дар забон мегардад. Пас, муносиб аст аз унсури дувуми шеър - забон низ зикри ном кард. Забони шеър ойинаи сирату сиришти шеър аст. Зулолу ҷилои ин ойина низ баста ба истеъдоду нубуғи офаринандагӣ ва созандагии шахси шоир аст. Ба дигар сухан, асари ин ҷило бояд эҳсосоти моро барангезад, ниҳоди моро равшанӣ бахшад.

Шоири англис Алфред Эдвард дар мавриди чигунагии банду басти шеър чунин менависад: «Шинохти мо аз мавзӯъ (шеър - У. С.) аз рӯйи осоре аст, ки муҷиби барангехта шудани эҳсосоти мо мешавад. Яке аз ин осор дар робита ба мавзӯи дигарест, ки Элифаз Тимонайт онро чунин тавсиф кардааст, «рӯҳ аз баробарам гузашт. Мӯй бар андомам рост шуд»[7, с.37]. Ин иборoти фразеологӣ худ гувоҳи таъсири ангезише аст, ки шеър дар ниҳоди мо эҷод мекунад.

Перомуни шеър ва таърифи он дар адабиётшиносии классику муосир дидгоҳҳои пуршуморе мавҷуданд, ки ҳадафи мо зикри онҳо нест. Ба таври умум, ҳамагӣ ба ҷанбаи барангезанда, таконбахш ва таъсирдори шеър таъкид варзидаанд. Дар иртибот бо ин

мавзӯъ муносиб аст, боз ҳам ба нақшу рисолати пайванди туғёнгар ё ангезандаи вожагон ишорат намуд.

Неруи ин пайванд ба андозаест, ки сабки фардии ҳунарманду адибро фароҳам меоварад, ба қалами ӯ сурату ташаххус мебахшад. Ҳатто дар қаламрави фунуни суннатӣ, ки чаҳордевори рахнанопазире доранд, сояи ин сабку шеваҳои инфиродиро мо эҳсос мекунем.

Барои шарҳи бештари мавзӯъ шавоҳиде аз корномаи шоири гаронмоя Фарзона интихоб намудаем ва ин бесабаб нест. Зеро дар ашъори эшон мо инсиҷому истеҳкоми бешабеҳи вожагонро мебинем.

Воқеан, Фарзона аз зумраи шоиронест, ки дар ду-се даҳаи ахир шеъраш, каломаш, беш аз ҳар каси дигаре бар тору пуди ҷомеи адабии мо, бар хонадони ҳар як тоҷик нуфуз карда ва ҷойгоҳи муътабару муҷаллалу шоиста пайдо намуда. Шояд навиштаҳои Фарзонаро аз нигоҳи мавзӯӣ ҳаргиз натавон тақсимбандӣ намуд. Вуруд ба девони ашъори ӯ ворид шудан ба маҷрои дарёи хурӯшони зиндагист. Дар паҳндашти шеъри ӯ мо бо ҳазор гуна саҳнаву мазҳари рӯзгори хеш рӯбарӯ ҳастем.

Гоҳо дар домани шеъри ӯ эҳсос мекунем, ки то чӣ қадр ғафлатзадаву чашмугӯшбастаем. Шеъри ӯ моро гоҳо ҳидоятгарӣ мекунад, ҳушдор медиҳад, то маънии «саодати ҳол»-ро эҳсос кунем, маҷзубу фирефтаи хостаҳои ҳастисӯз набошем ва, қабл аз ҳама, ба умқи моҳияти ҳастии хеш дар домани замин бирасем, пушти ҷоҳу мансабу ҷоизаву мартаба набошем. Зеро Худованд баҳри инсон қабл аз он ки ӯ пиромуни ин хостаҳо андеша кунад, тамоми хостаҳояшро амалӣ намудааст. Магар чашм боз кардану дидани рухсори субҳ, дидани баҳору домани гулпӯши он ҷоиза нест? Магар дурахшиши пайкари симгунаи шабнам дар кафи дасти барг ҷоиза нест? Ё замоне ки «аз галуи нилии об», «садои атсаи нилуфар» ба гӯш мерасад, мо бо ҷоиза сару кор надорем?:

Ту намедонӣ эй дили ношукр// Ки субҳ ҷоиза аст// Баҳор ҷоиза аст// Бирлиони шабнам// Ангубини маҳтоб// Атсаи нилуфар аз галуи нилии об// Ҳама иноятӣ Парвардигор ҷоиза аст [5, с.6].

Гоҳо фалсафаи миёни гулу шабнам, рози зиндагии онҳо зеҳни шоирро ба худ мекашад. Саҳнае, ки қарнҳо мавриди таваҷҷуҳи хоссу ом буда, манзарае, ки барои ҳама хурду бузург метавонад ибратомӯз бошад.

Шабнам ин меҳмони камфурсат дар хонаи гул чиҳо мекунад? Гуле, ки бо камоли майл шабнамро мепазирад ва то субҳ аз ӯ чун як тифли маъсум парастории мекунад ва чӣ лаҳзаҳои пурнишоту зеборези зиндагиро ба сар мебарад. Вале бо расидани субҳ як зиндагӣ ба поён мерасад ва ба қавли шоир субҳ барои шабнам тобут мешавад. Пас мо бояд ба қадри зиндагии хеш дар домани дунё, ки мисли гулзорест, бирасем. Зиндагии софу зулолу шабнамгунае дошта бошем.

Гул барои шабнам
Нимашаб гаҳвора асту
субҳ тобут аст.
Пой бар хок наметонаду
бармегардад,
Шабнам аз олами поки
малакут аст.
Андар ин қуфркада шабнамаки нинимарг
Чӣ қадар фурсати будан дорад,
Баски шаб тифлу субҳ фартут аст.
Инчунин омадану рафтани омӯзанда
Рози лоҳут аст [5, с.26].

Ҳар ҳунарманду адибе бояд имтиёзот ё дақиқтараш бордӯше дар ниҳодаш дошта бошад, то сурудааш барҷастагӣ, инсиҷом, лаззати рӯҳу чашм пайдо кунад. Ин бордӯш дар натиҷаи мутолиоти фаровону шинохти амиқи фарҳангу адаби башарӣ ҳосил мегардад ва барои як шоиру ҳунарманд забони хос, баёни вижаи шоиронаро фароҳам месозад. Ҳунарманде, ки чунин баёнеро доро бошад, бидуни шак шеъраш замзамаи забонҳову тарҷеъбанди гуфторҳо мегардад. Фарзона забону баёни вижае дорад, ки дар маҷмӯъ сурудаҳои эшонро шохис месозад. Ба навиштаи муҳаққиқ Муҳаммадризо Сангарӣ «як суруда сохтмоне аст, ки бар аркону такягоҳҳое чанд чанд меистад, тазалзул дар ҳар рукну пояе дар шикасту сукут ва нокомиву маргу заволи он муассир аст» [3, с.43].

Бархӯрд дар ин замина ба ашъори Фарзона ба ин натиҷа мерасонад, ки сурудаҳои ӯ истеҳкому инсиҷоми вижае доранд, ки ҷудосозии ҷузъе аз онҳо имконнопазир аст. Аз сӯйи дигар, як шеър ё қитъа замоне сохтор ва банду басти комил пайдо менамояд, ки офарида шавад. Ба дигар сухан, аз қабл наметавон барои он қолабе муайян кард. Шеваи баёни андеша, паём аст, ки сохтор ё қолаби пазиришро эҷод мекунад.

Замоне ки андеша дар қолаби хеш рехта шуду пойдор гардид, зода шудани шеър равшан мешавад. «Аксиома» намунае аз шеърҳои дилнишини устод аст. Дар шеъри

мазкур мавзӯъ тозагӣ надорад. Як нигоҳи хафифи ҳунармандона ба зиндагии инсон дар паҳнаи ҳаёт. Қиёси мухтасаре аз адвори умри инсон. Масире, ки оғозу анҷоме дорад ва миёни ин оғозу анҷом як чизе аст, ки андешабарангез аст. Ҳунари шоир маҳз дар ин ҷо зоҳир мегардад, ки мавзӯи ошноро бо диду бофти дигаргуна пешниҳод менамояд:

Кӯдакӣ// бо чаҳор по// аввалин гом мениҳад// дар остонаи дунё// Навҷавонӣ парастувона// мужда меорад// бо пару боли заминтасхир чун чатри само// Аз ҳама дер ва ё аз ҳама зуд// Бо се пойи кашола меояд// Пирии хамзада// бо пушти дуто [5, с.69].

Эдвард, ки қаблан аз ӯ зикри ном шуд, мегӯяд: «Шеър ҳамон чизе нест, ки гуфта шуда, бал шеваи баёни он аст. Бинобар ин, оё метавон шеърро мунтазеъ сохт ва ҷудогона ва муҷаррад мавриди баррасӣ қарор дод? Ба далели таркиби забон бо муҳтавои равшангаронааш мафҳуми забон то ҳадди қобили тасаввуре ба ягонагӣ наздик аст. Оё чизе ба унвони шеъри ноби холис, шеъри ҷудо аз маънӣ вуҷуд дорад» [7, с.30].

Мазкур дар идомаи мақолаи хеш ба гунае ба пурсишҳои хеш посух медиҳад ва изҳор медорад, ки як шеър замоне лаззату ҷозибаи шоиста дорад, ки доштаҳояш ба таври комил дарк нашавад. Яъне, аз маҷмӯи зебоиҳои он бахше дидаву фаҳмида шавад.

Дар миёни сурудаҳои Фарзона мо ба мазомину маонии пуршуморе бармехӯрем, ки дар ҳофизаи мо ҷойгоҳи ошно доранд. Бо онҳо зиёд бархӯрд намудаем, вале шоираи арҷманд он мазомини абадиро ба гунае баён медорад, ки вазъи равонии хонандаро дигаргун месозад. Баёни бикр эҷоди таҳайюр, кашандагӣ мекунад. Аносири як баёни тозаи шоирона шояд бар асари тасвирҳои тоза сурат бигирад. Дар ашъори Фарзона мо нахуст ба симои худи ӯ, умқу жарфои огоҳиву мутолиоташ, ҷӯшишу туғёни сиришти шоиронааш, мизону доманаи ҷаҳоннигарӣ ва ниҳоят ҷаҳони рангини тахайюлаш рӯ ба рӯ ҳастем.

Бархе аз қитъаҳои шоир саршори саҳнаҳои содаву маъмулии рӯзгори мост. Шеъре, ки бо вожагони сода, манзараҳои маъмулӣ шурӯъ мешавад, дар мисраъҳои поёнӣ гӯё даври камолу боландагии хешро мепаймояд ва ба намунаи ибрату нишони пайравӣ табдил мешавад. Қиёсу муқобилагузорӣ дар батни як суруда аз шеваҳои дӯстдоштаи ҳунари шоирии Фарзона аст.

Ба ҳайси намуна аз шеъри «Аз паси парда» пораеро нақл мекунем. Дар ин шеър сухан аз марди девонаавзоест, ки миёни мо мардум зиндагӣ мекунад, маҷзуби ҳолу ҳавои худ аст:

Ҳама ороста будану ӯ жандақабо,
Ҳама беҳавсала будему як ӯ пурҳайюҳо.
Мерафту кафзанон
Ханда бар мантиқи дунё мекард.
Зоҳираш хандахариши ҳама буду аслан
Мазҳакаи зиндагонии ҳамаи моро
Аз паси парда тамошо мекард [5, с.52].

Чунин сурудаҳое, ки инсонро маҷбур ба андешидан дар атрофи зиндагӣ ва рози ҳастӣ бинамоянд, миёни девони шоир зиёданд. Ҳамзамон бо ин муносиб ба зикр аст, ки Фарзона дилбастагии зиёде ба қолаби ғазал дорад ва андешаи тағаззулии ӯ давоми мантиқии ғазали форсист. Он чи, ки дар ғазалиёти ӯ беш аз ҳама ҷалби назар мекунад, таркибҳои тоза ва вожагонест, ки барсохтаи зеҳну хуши ӯянд. Барои мисол метавон чанд намуна оварда:

Хуршедҷабидаӣ, ки дар дахмаи дай
Ҳар як нафасат шамомаи хуршед аст [5, с.172].

Таъбироту калимоти зер низ ибдоъомезу тоза ба назар мерасанд:

саҳарнампӯш, кафанбарф, уфуқбӯс, саодаткӯш, чаҳ-чайи хуршед, қаҳ-қаҳи борон, атсаи ғунча, дақиқаи савсанӣ, сонияи ёсуманӣ, овезаи табассум, зангӯлаи таранун, ноширибаҳор, нашри зебоӣ, ҳарири насим, хандаи меҳрпано, қаноати гӯё, саодати хоно, ҷаридаи гули садбарг, сафари хидматии борон, тапишнома, сурханбони лахт, соядасти обии шабнам, маҳкамаҳои офтоб ва ғайра.

Яке аз ҷанбаҳои пураҳамият дар осори ҳунарманд, инъикосу бозтоби мазоҳири замон аст. Бояд фазои замони ҳоким бар шоир дар сурудаҳои ӯ ҳузур пайдо кунад. Дар акси ҳол шеър наметавонад комилан имрӯзин бошад. Чунин қитъаҳое, ки комилан инъикосгари фазову ҳолу ҳавои имрӯзӣ бошанд, дар сурудаҳои Фарзона зиёданд, ки мо бо нақли порае ин мухтасарро ба поён мерасонем.

Бод чун мошини партовкашон, // Меравад кӯча ба кӯча // Шаҳр ба шаҳр… // Ман дар ин мошина меафканам // Тамоми куҳнаколаи худро. // Нигаҳи зангзада, // ҳавсалаи мурда // баста бастаи анборишу ҳазёнамро // Ҳазор қофилаи шак, // Ҳазор як гунаҳи бе тавба, // Тӯда-тӯда ғуборҳои ошкору ниҳонамро [5, с.155].

Дар поён бояд таъкид намуд, ки нақши замон ва рухдодҳои пуршитоби он дар ашъори охири солҳои 90-ум қарни гузашта ва ибтидои ҳазораи сеюм бештар мегардад. Ҳузури замон, махсусан дар ғазалиёти шоир, ки аз нигоҳи тарҳи мавзӯъ ба шеваи диду

талаққӣ аз дигар шоирон комилан мутафовитанд, маҳсус аст ва таҳқиқу баррасии амиқро тақозо мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳромпур Умрон Аҳмадризо. Дар тамоми тӯли шаб (баррасии орои Нимо Юшиҷ). – Теҳрон: Интишороти «Марворид», 1369. – 441 с.
2. Кадканӣ М. Ш. Мусиқии шеър. - Порис: Интишороти «Ховар», 1367. - 680 с.
3. Муҳаммадризо С. Вожа дар шеър // «Шеър». - Теҳрон, 1382. - Соли даҳум. - № 31.
4. Нимо Юшиҷ. Ҳарфҳои ҳамсоя. - Теҳрон: Нашриёти «Нил», 1972. - 184 с.
5. Фарзона. Себарга. - Ҳуҷанд: Нашриёти «Ношир». 2011. - 395 с.
6. Фарзона. Девон. Панҷсад ғазали дилангез. - Хуҷанд: Хуросон, 2014. - 540 с.
7. Эдвард А. Ном ва сиришти шеър // «Китоби субҳ». - Теҳрон: 1369. № 8. – С. 29-39.

ШЕЪР, ШОИР ВА БАЁНИ ШОИРОНА

Мақолаи мазкур ба таҳлилу баррасии шеър, шоир ва муносибати шоир ба шеъру баёни шоирона бахшида шудааст. Ҳамон гуна ки маълум аст, ҳар матни адабӣ, қабл аз ҳама, такявар ба вижагиҳои бадеӣ ва дарунмояҳои он аст. Ҳамзамон дигар ҷанбаҳои он, аз қабили заминаҳои ҳиссӣ-равонӣ, густураи зебоишинохтӣ ва маншаи назарӣ-маъноии он, мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Бо назардошти ин ки ҳар ҳунарманде шомили диду низоми хосси бадеӣ ва ҷаҳони фардии шоирона аст, асари ӯ махсусан осори ғиноӣ, таҳлили ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Зимни таҳлили фарогири матни шеър аҷзои зиёде, аз қабили таърихи эҷоди шеър, санаи таълиф, заминаҳои зуҳури матни асари бадеӣ, ҷойгоҳи суруда дар зиндагии эҷодии муаллиф ва иртиботи он бо дарунмояҳои шеърӣ, ҳузур доранд. Гузашта аз ин, худ гуногунии анвои шеъри ғиноӣ таъйини навъи шеъри ғиноиро тақозо мекунад. Дар адабиётшиносӣ анвои зиёди шеъри ғиноӣ, аз қабили шеъри ғиноии фалсафӣ, ғиноӣ-тасвирӣ, ғиноӣ - таҷассумӣ ва ғ. шинохта шудаанд. Ин ҳама анвоъ дорои вижагиҳои хос мебошанд. Зимни таҳқиқи ашъори ғиноӣ, таъйини мухотаб ва қаҳрамони шеър ва вижагиҳои каломи шоирона ниҳоят арзишманд аст. Ҷанбаҳои мазкур дар мисоли ашъори шоираи муосири тоҷик Фарзонаи Хуҷандӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Калимаҳои калидӣ: адабиёт, шоир, таҳлил, ғиноӣ, баёни шоирона, каломи шоирона, навъ, бадеӣ.

ПОЭЗИЯ, ПОЭТ И ПОЭТИЧЕСКИЙ ЗАМЫСЕЛ

Статья посвящена анализу проблем поэзии, отношения поэта к поэзии и поэтического замысла. Как известно, анализ любого поэтического текста диктуется его идейно-художественными особенностями. Одновременно, исследуются другие его аспекты, такие как интуитивно-иррациональный, поэтическое постижение и теоретико-лексическое начало. Поскольку у каждого автора своя художественная система с индивидуальным поэтическим миром, его произведения, особенно в лирике, требуют многоаспектного анализа. При целостном анализе лирического текста присутствуют многие компоненты, такие как: творческая история стихотворения, дата написания, предпосылки возникновения и судьба текста художественного произведения, место стихотворения в творческой жизни поэта, заглавие стиха и его связи с идейным содержанием произведения. Кроме этого, с учетом разновидности типов лирического стихотворения необходимо определить использованный поэтом тип лирического жанра. В литературоведении различают разные типы лирической поэзии: медиативная философская поэзия, медиативно - изобразительная, изобразительная лирика. Все эти типы имеют свои специфические особенности. Важным аспектом при изучении лирической поэзии является выявление адресата лирики, определение лирического героя и особенности поэтической лексики. Вышеуказанные вопросы рассматриваются на примере поэзии современной поэтессы таджикской литературы Фарзане Худжанди.

Ключевые слова: литература, поэт, анализ, лирика, поэтический замысел, поэтическая лексика, тип, художественный.

POETRY, POET, AND POETIC INTENTION

The article analysis, the issues of poetry, the poet's relationship to poetry and poetic design. As you know, the analysis of any poetic text is dictated by its ideological and artistic features. At the same time, the other aspects of it had been explored as intuitive-irrational poetic comprehension and the theoretical lexical principle. Each author has his own art system with an individual poetic world and his works are especially in the lyrics, which requires a multidimensional analysis. Incomplete analysis of the lyrical text, many components exist: the creative history of the poem, the date of writing, the background of the origin and fate of the text of artwork, the place of the poem in the creative life of the poet, the title of the poem and its connection with the ideological content of the work. Besides, given the various types of lyric poem, it is necessary to define the type of lyric genre used by the poet. There are different types of lyrical poetry in the introduction of literature, such as meditative philosophical poetry, meditative-figurative, pictorial lyrics. All these types have their own specific features. An important aspect of the study of lyrical poetry is the identification of the lyric poet, the definition of the lyric hero and the characteristics of the poetic vocabulary. The above issues are considered on the example of the contemporary poetess of Tajik literature Farzan Khujandi.

Key words: literature, poet, analysis, lyrics, poetic design, poetic vocabulary, type, artistic.

Сведение об авторе: ***Умар Сафар*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the author: ***Umar Safar*** - Tajik national University, doctor of Philology, Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17

УДК: 491.143.2+891.550

ҲУНАРИ ҲИКОЯНАВИСИИ УША ПРИЯМВАДА

Раҳматуллоева З.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баъди соҳибистиқлол (1947) шудани Ҷумҳурии Ҳиндустон як зумра адибони ҷавон бо асарҳои ҷолиби худ ба майдони адабиёт қадам гузоштанд. Бахусус, ба ин муҳити баҳсу мунозира, ибрози андеша ва илму адаб ворид шудани бонувони қаламкаш, ки ҳар кадоме ба қадри маҳорату қобилият, ҷаҳонбинӣ ва заҳмату талошҳои хеш ба фатҳи қуллаи мурод расидаанд, барои ҷомеаи Ҳинд муваффақияти беназирест. Асарҳои пурмазмуни адибаҳо кайҳо аз тарафи ҷомеаи адабӣ пазируфтаву эътироф шудаанд ва асарҳои насриву назмии онҳо дар роҳи кушода додани сирру асрори зан ва ҳал намудани масоили мухталифи зиндагӣ дар адабиёти муосири ҳиндӣ саҳми босазо гузоштанд ва мегузоранд.

Бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар, ки мақоми иҷтимоии занонро тағйир дод, бо пайдо шудани масоили гендерӣ (феминизм ба Ҳиндустон солҳои 70-уми асри ХХ ворид шуд) ва бо нашри як қатор асарҳои бадеии бонувони насрнавис, дар адабиёти ҳиндӣ боз як равияи нав - «асари занона» «महीला लेखन» («mahilaa lekhan») ё «номаи занона» «स्त्री लेखन» («stri lekhan») ва дар радифи ин истилоҳ боз истилоҳи дигар «танқиди занона» «महीला विमर्श» («mahilaa vimarsh») пайдо шуд ва муддате миёни адабиётшиносону мунаққидон, ба монанди Намвар Синҳ, Инду Пракаш Пандей, нависанда ва публитсист Раҷендра Ядав, Ҷай Дев, Шобҳа Нинбалкар ва дигарон оид ба ин истилоҳот ва офаридаҳои адибаҳо баҳсу мунозираҳои гарму ҷолиб сурат гирифтанд. Дар яке аз китобҳои охирини худ Раҷендра Ядав, ки дар он мақолаҳои дар солҳои гуногун (аз солҳои 1960 то 2000) навишташударо гирд овардааст ва ҳамаи мақолаҳо бевосита ба вазъияти занон ва қобилияту маҳорати нависандагии онҳо бахшида шудаанд. Ин китоби «Зан аз нигоҳи мард» (2001) («Aadmi ki nigaah men aurat») мебошад, ки лоиқи таваҷҷуҳ аст. Дар ин китоб, муаллиф аз миёни дигар нависандаҳо чор намояндаи равияи «асари занона» Кришна Собатӣ, Манну Бҳандарӣ, Мамта Калия, Уша Приямвадаро интихоб намуда, эҷодиёти онҳоро баҳогузорӣ мекунад. Раҷендра Ядав бо далелҳои мушаххас собит менамояд, ки «баъди садсолаҳои дар ҳолати канизӣ қарор доштан ва дар мавқеи нобаробари иҷтимоӣ бо мардон будан, зери фишору таҳқир тарбият ёфтан, беэътиноӣ зоҳир намудан нисбат ба ҳуқуқи занон, дар онҳо (занон) эҳсоси боварӣ, эътимод ба худ доштанро ба пуррагӣ нест кардаанд. То ҳадде, ки «шудан»-аш ва ё дар ҷойе «мавқеъ» пайдо кардани зан ҳатман аз дастгирии мард вобаста аст. Агар дар баъзе мавридҳо мард ба ӯ озодии амал диҳад ҳам, пасон таҳқираш хоҳад кард, ки «зӯри ту ба ин намерасад» ё «ин кори ту нест» ва амсоли ин» [9, с.112]. Дар ҷойи дигар Р. Ядав изҳор медорад, ки «Зан нисбат ба мард дар ҷараёни зиндагии худ бештар дорои маҳдудиятҳо буд. Агар гоҳо вай (зан) ҷинс ва хислатҳои латифонаи худро фаромӯш кардан хоҳад ҳам, дар ин маврид, на табиат ва на ҷомеа ба ӯ ин имкониятро медиҳанд, аммо бо мурури замон пайдо шуданд занони боҷуръате, ки он ҳама фикру ақоиди куҳна ва низоми бадбахтиоварандаро шикастанд. Дар муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа зиндагӣ карда истода, зани имондор қудрате пайдо намуд, қалам ба даст гирифт ва ба навиштан шурӯъ кард» [9, с.229]. Бештари адибаҳо аз хонаводаҳои табақаи миёнаи шаҳрӣ ва ё миёнаи боло баромадаанд, зеро вазъияти иқтисодии онҳо барои маърифатнок шудан имконияти бештаре дошт ва доранд. Таҳсил дар макотибу коллеҷҳои намунавӣ, мутолиа ва шиносоӣ бо асарҳои ватаниву хориҷӣ шавқу рағбати эшонро ба навиштан, эҷод кардан рӯз ба рӯз бедор мекард. Дар маҷаллаҳои адабӣ дар қатори нависандагони мард минбаъд офаридаҳои бонувон низ чоп мешуданд. Мавзӯи ҳикояву романҳои адибаҳо, асосан дар бораи зиндагии мушкили занон, беҳуқуқӣ, қисмат ва мавқеи ҷамъиятии онҳо ва амсоли инро фарогир буданд. Маҳз аз ҳамин вақт сар карда истилоҳи «асари занона» «स्त्री लेखन» («stri lekhan») пайдо шуд. Гарчанде «Борҳо адибаҳо бо исрор таъкид мекарданд, ки офаридаҳои онҳоро ба “асари занона” ва ё “мардона” набояд ҷудо кард. Нависанда-танҳо нависанда мешавад» [9, с.111]. Вазъияти воқеии занонро инчунин бисёр нависандагони номии Ҳиндустон аз муншӣ Премчанд сар карда, то адибони муосир дар асарҳои худ тасвир кардаанд.

Дар адабиёти ҳиндӣ асарҳои адибаҳо аз нимаи дувуми асри ХХ рӯйи чоп омаданд ва қобили зикр аст, ки тасвири дунёи занро онҳо дар аввал бештар тариқи назм ва баъдтар ба воситаи наср ифода мекарданд. Яке аз маъруфтарин адибаҳои ҳиндӣ Маҳадевӣ Варма, ки маҷмӯаи ашъораш аз солҳои 30-ум нашр мешуданд, шоираи инқилобӣ Субҳадра Кумарӣ Чауҳан бо достони эпикии худ «Маликаи Ҷҳансӣ Лакшмӣ Бай» (« Jhansi ki Rani Lakshmi Baai»), шахси таърихӣ - маликаи шоҳигарии Ҷҳансӣ-Лакшмӣ Бай дар Шӯриши Сипоҳиён (1857-59) барои ҳимояи сарзамини худ алайҳи истилогарони англис ҷангида қаҳрамонона

ҳалок шудааст) ва шоираи англисзабон Сароҷини Найду ба ин раванд таҳкурсии мустаҳкам гузоштаанд.

«Дар солҳои 60-уми асри гузашта якчанд бонувони насрнавис ба воситаи офаридаҳои худ барои ҳимояи шаъну шарафи занон садои худро баланд намуда, дар эҷодиёти худ паҳлуҳои гуногуни зиндагии занонро инъикос кардаанд. Манну Бҳандарӣ, Кришна Собатӣ, Уша Приямвада, Мринал Панде, Мридула Гарг, Рачӣ Сетҳ, Сурявала, Мамта Калия, Читра Мудгал, Намита Синҳ, Судҳа Арора, Носира Шарма, Кусум Ансал, Майтрейи Пушпа, Алка Сарвгӣ, Ҷая Ҷадванӣ ва дигарон маҳз ҳамин гуна нависандагоне мебошанд, ки тавассути (“танқиди занона”«नारी विमर्श»-“nari vimarsh”) асарҳои занонаи худ имзо гузоштаанд» [11].

Насли баъдӣ, бавижа носирони мумтоз Манну Бҳандарӣ, Кришна Собатӣ, Уша Приямвада, Мридула Гарг, Судҳа Арора, Носира Шарма ва дигарон бо сабку салиқаи хосси худ дар майдони суханварон ҷову мақоми худро пайдо намуда, собит намуданд, ки қалами зан ҳам метавонад тезу буро бошад. Мавзӯи асарҳои онҳо берун аз доираи зиндагии занон баромада, илова бар ин дар эҷодиёти худ мавзӯоти мухталифи ҳаёти ҷомеаро тасвир мекунад. Моҳияти башардӯстонаи осори занҳо кайҳо аз тарафи ҷомеаи адабӣ эътироф шуда, садҳо асарҳои эшон ба забонҳои мухталифи дунё тарҷума ва нашр шудаанд.

Сарнавишти ҳар як зан худ як мавзӯи алоҳида, як қиссаи зиндагист, бавижа агар зани қаламкаш бошад. Аксари адибаҳои ҳиндӣ дар баробари эҷод кардан, боз дар корҳои ҷамъиятии ҷомеа фаъол буда, дар муассисаҳои таълимӣ ба ҳайси омӯзгор, рӯзноманигор ва ғайра кор мекунанд. Дар тақвияти гуфтаҳои боло метавон яке аз адибаҳои шинохтаи адабиёти муосири ҳиндӣ-Уша Приямвадаро мисол оварад.

Уша Приямвада аввали солҳои 60-ум ба майдони адабиёт омад ва дар муҳити адабии он ҳамчун нависанда ташаккул ёфт. Аз оғози фаъолияти эҷодӣ пайгирона дар талош ва муайян кардани пайроҳаи хосси эҷодӣ шуд. Уша Приямвада замоне ба дунё омад, ки дар Ҳиндустон муборизаҳои озодихоҳӣ мерафтанд. Мардуми заҳматкашу ҷафокаши ҳинду бо ҷидду ҷаҳд баҳри озод шудани кишвари худ аз зери асорати ғосибони аҷнабӣ ҷонфидоёна мубориза мебурданд ва дар ин муборизаҳо бародарони Уша Приямвада низ саҳми босазои худро гузоштаанд. Уша Приямвада дар соли 1931 дар шаҳри Канпур таваллуд шудааст. Маълумоти ибтидоӣ ва миёнаро дар зодгоҳаш мегирад. Баъди вафоти падар даврони бачагии ӯ гоҳо дар танҳоӣ ва гоҳо дар муҳити хонаводагӣ якҷоя бо бародаронаш гузаштааст. Аъзоёни хонаводаи адиба ҳама аз аҳли маърифат буда, дар корҳои ҳукуматӣ адои вазифа мекарданд. Нисбат ба ҷинси латиф эҳтироми хосса доштанд ва Ушаи ҷавон ҳам бо меҳру муҳаббат дар миёни бародарон калон мешуд. Дар чунин хонадони солим тарбият ёфтан, боиси он гашт, ки дар замири духтари ҷавону хушзеҳн меҳри инсондӯстӣ ва дар баробари ин, шавқу рағбат ба адабиёт ба забони ҳиндӣ ва англисӣ тавлид ёбад. Уша Приямвада зиёд мутолиа мекард, бо адабиёти Ғарб ва намояндагони он ошноӣ пайдо кард. Бо сабаби дар корҳои ҳукуматӣ кор кардани бародаронаш аҳли оилаи онҳоро лозим меомад, ки дар шаҳрҳои Канпур, Лакҳнав, Аллоҳобод, Ҳаридвар зиндагӣ ва фаъолият кунанд. Билохира, дар соли 1948 онҳо ба пойтахти Ҳиндустон шаҳри Деҳлӣ кӯч бастанд. Ин сафарҳо ба Ушаи ҷавон таҷрибаи хуб фароҳам оварда буданд, зеро ӯ бо шаҳрҳои мухталифи кишвараш ва ҳаёти мардум аз наздик шинос мешавад. Уша Приямвада дар соҳаи адабиёти англис бакалавриатро хатм намуда ва баъдан дар донишгоҳи Аллоҳобод рисолаи докториро (पी.एच.डी) дифоъ мекунад. Муддате дар коллеҷи Леди Шрирам ба ҳайси омӯзгор кор карда, дар соли 1961 Уша Приямвада барои омӯзиш ва пажӯҳиши адабиёти амрикоӣ ва англис ба Амрико сафар мекунад. Дар он ҷо, дар ҷараёни пажӯҳиш бо забоншиноси шинохта Ким Нилсон шинос мешавад, ки дертар ин ошноӣ онҳоро ба ҳам наздик карда, барои хонадоршавӣ мусоидат мекунад. Уша Приямвада дар донишгоҳи Висконсин, дар шуъбаи Осиёи ҷанубӣ ба сифати омӯзгор, то ба нафақа баромаданаш фаъолият намуд. Бо гузашти солҳо, нависанда ангезаҳои ҳаётро беҳтар, амиқтар дарк мекардагӣ шуд. Яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеа дар тамоми ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти адабии Уша Приямвада маҳз мақом ва манзалати зани ҳинду дар ҷомеа мешавад. Ӯ бо камоли майл барои филмҳои ҳиндӣ ва барномаҳои телевизион сенарияҳо менависад, ки дар онҳо ҳаёт ва тақдири занон тасвир ёфтаанд.

Уша Приямвада дар давоми умри пурбаракати хеш ба қатори маҳбубтарин ва шинохтатарин нависандагоне шомил аст, ки дар талоши беҳбудӣ бахшидан ба рӯзгори мардум, бахусус занон, тамоми ақли зеҳнӣ, истеъдоду маҳорати қалами худро ба кор мебарад. Ба истеъдоди нависандагии Уша Приямвада бисёр адабиётшиносон ва мунаққидони ҳиндӣ ва хориҷӣ, баҳои арзанда додаанд. Яке аз мунаққидони шинохтаи ҳиндӣ Намвар Синҳ дар китоби худ «Ҳикоя, хикояи нав» ба эҷодиёти Уша Приямвада баҳои арзанда дода, дар баробари ин, дар бораи ҳикояи «Бозгашт» («Vaapasi»)–и адиба ибрози ақида мекунад. Адабиётшинос Баччан Синҳ дар китоби «Таърихи дигари адабиёти

ҳиндӣ» («Hindi saahitya kaa dusraa itihaas») менависад, ки «Уша Приямвада бо эҷодиёти худ дар адабиёти муосири ҳиндӣ як пайроҳаи хосси худро кушод. Насри ӯ бағоят ҷолиб ва муассир мебошад. Ҳикояи «Бозгашт» («Vaapasi») Уша Приямвадаро ҳамчун хикоянависи бомаҳорат машҳур кард» [10, с.497].

Адабиётшинос ва мунаққид Виҷаендр Снатак, ки солҳои зиёд ба пажӯҳишу омӯхтани адабиёт машғул аст, дар китоби «Таърихи адабиёти ҳиндӣ» («Hindi saahitya kaa itihaas»), дар қисмати адабиёти муосир оид ба истеъдоди Уша Приямвада менависад, ки «Уша Приямвада ба тасвири воқеаҳои хурд-хурди ҳаётӣ дар миёни адибаҳои ҳиндӣ машҳур аст. Офаридаҳои ӯ (хоҳ ҳикоя ё роман) бо содаравонӣ ва нозукбаёниашон хонандагони бешуморро ҷамъ кардаанд. Адиба собит менамояд, ки воқеаҳои назарногир тақдири инсонро метавонанд дигаргун созанд. «Панҷоҳу панҷ сутунҳои деворҳои сурх» («Pacpan khambhe laal divaaren») ва «Радҳика нахоҳад бозистод» («Rukogi nahin Raadhikaa») беҳтарин таълифоти Уша Приямвада мебошанд» [10, с.380].

Нависанда Раҷендра Ядав, ки яке аз саромадони ҷараёни «ҳикояи нав» маҳсуб меёбад, Уша Приямвадаро дар як сатҳ бо адибаҳои хушсалиқаву бомаҳорат Манну Бҳандарӣ, Кришна Собатӣ, Мамта Калия мегузорад. Шоир ва мунаққиди шинохтаи адабиёти ҳиндӣ Ҳардаял ба маҳорати нависандагии Уша Приямвада баҳои сазовор дода номи ӯро дар радифи ҳикоянависони варзидаи ҳиндӣ Моҳан Ракеш, Камлешвар, Манну Бҳандарӣ, Нирмал Варма, Шанӣ мегузорад. Илова бар ин, роҷеъ ба эҷодиёти адабии нависанда пажӯҳишгари англисзабон Бриҷет Ҷозеф рисолаи илмӣ навишта, онро дар соли 1993 бомуваффақият дифоъ мекунад.

Дар ҳиндшиносии рус ба ҳикояҳои Уша Приямвада низ таваҷҷуҳи хосса медиҳанд. Аз ҷумла, мақолае, ки дар соли 2013 аз тарафи унвончӯ Парусова Мария Юрева бо унвони «Муаммои муносибатҳои байниҳамдигарии наслҳо дар асарҳои нависандаи ҳиндӣ Уша Приямвада» пешкаш гаштааст, ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Якчанд ҳикояҳои адиба ба забони русӣ тарҷума ва чоп шудаанд.

Ҳиндшиноси маъруфи тоҷик Ҳ. Раҷабов дар рисолаи илмии «Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ» дар боби сеюм, ки «Ҳикояи ҳиндӣ пас аз озодшавии Ҳиндустон» номгузорӣ шудааст, дар қатори адибаҳои номдори ҳиндӣ Манну Бҳандарӣ, Шиванӣ инчунин Уша Приямвадаро низ ном мебарад. Ин адибаҳо: « … ба хотири шаъну шарафи зан мубориза бурда, образи модарону хоҳарони зери бори гарони нобаробариҳои зиндагӣ мондаро тасвир менамуданд. Баробари ин, кӯшиши зан барои мустаҳкам намудани оила, нишон додани шахсият ва худмуҳофизаткунӣ, дар осори ин адибаҳо акси худро меёфт, ки ҳамаи ин ифодаи дигаргуншавии фикру андешаҳои зани ҳинду буд» [1, с.110].

Уша Приямвада аз зумраи адибаҳои баркамоли ботаҷриба ва пурмаҳсул аст. Ҳикояҳои сершумори ҷаззоб навиштааст, ки дорои мавзӯоти мубрами на танҳо ҷомеаи ҳиндӣ, балки фарогири ҷомеаи башар ҳам маҳсуб мешавад. Маҳз ҷолибияти мавзӯоти ҳикояҳои адиба моро водор намуд, ки сухане чанд перомуни маҳорати ҳикоянависии Уша Приямвада иброз дошта бошем.

Яке аз вижагиҳои ҳикояҳои Уша Приямвада дар он зоҳир мегардад, ки гарчанде адиба солиёни зиёд дар Америка зиндагӣ мекард, аммо ҳикояҳои худро ба забони ҳиндӣ менавишт. Нависанда бо эҷодиёти худ, дар адабиёти муосири ҳиндӣ як пайраҳаи хосси худро кушодааст. Дар ҳикояҳои худ кӯшидааст, мансубияти миллӣ, забон ва фарҳанги халқи худро пос дорад. Ӯ ҳикояҳояшро дар маҷмӯаҳои «Зиндагӣ ва гулҳои садбарг» («ज़िन्दगी और गुलाब के फूल»), «Чӣ қадар фиреби калон?», «Ҳикояҳои дӯстдоштаи ман» («मेरी प्रिया कहानियां»), «Як нафари дигар» («एक कोई दूसरा») гулчин намудааст. Беҳтарин ҳикояҳои ӯ ба забони русӣ ва англисӣ тарҷума шудаанд ва бо ин тариқа дастраси хонандагони сершумор гаштаанд.

Ҳикояҳои Уша Приямвада ба замони нави ҷомеа, солҳои бозсозӣ ва тозагӯӣ, ба солҳои ошкорбаёнии зиндагии воқеии мардуми заҳматкаш ва бахусус тақдири занони ҳинду, рост омад.

Падидаҳои насри солҳои 60-уми ҳиндӣ (ва минбаъд), аз ҳар паҳлу агар назар андозем, ба тозакориҳои Уша Приямвада ва нависандагони ҳамзамони ӯ алоқаманд аст. Адабиёти ин давраи ҳиндӣ чеҳраҳоеро муаррифӣ кард, ки бунёдаш ба тасвиргарии бисёр нозук асос ёфтааст. Яъне насри ин давра насри реалистӣ, тоза ном гирифт ва Уша Приямвада бо эҷодиёти худ ба ин адабиёт ворид шуда, адабиёти муосири ҳиндиро дар радифи ҳикояҳои Моҳан Ракеш, Камлешвар, Раҷендра Ядав, Манну Бҳандарӣ, Нирмал Варма ва дигар адибони пешқадам ғанӣ гардонд.

Уша Приямвада дар ҳикояҳои худ кӯшидааст, ки ҳама гуна лаҳзаҳои зиндагии ҷомеаро ба таҳқиқ гирад. Ӯ мушоҳидакори нозук аст, ки дар як ҳикоя тавонистааст чанд масъалаи мубрамро мавриди таҳлил қарор диҳад. Чунончи, дар ҳикояи «Моҳиҳо» («Machliyan») муаллиф дар образи Виҷӣ ва тасвири эҳсосоти рӯҳафтодагиву ноумедӣ аз тақдири носозгораш, тавонист боз масъалаҳои марбут ба бесаводии занон, вобастагӣ ба

иқтисодиёт, таъсири фарҳанги бегона, хиёнаткорӣ, бечуръатӣ ва амсоли инро мавриди муҳокима қарор диҳад. Моҳияти ҳикояи «Моҳиҳо» дар он зоҳир мегардад, ки муҳаббату садоқати инсонҳо нисбат ба ҳамдигар бисёр нисбист ва бо мурури замон, дар пайроҳаҳои гуногуни рӯзгор ин муносибатҳои гарм ба зудӣ сард мешаванд. Виҷии (қаҳрамони ҳикоя) таҳқиршуда ба чунин зарбаҳо тоб наоварда, қадами эътироз пеш бурд, ки дар ин набард ҳам нафаре ғолиб наомад. Дигар масъалае, ки Уша Приямвадаро бисёр ба ташвиш меоварад, дар аксар мавридҳо фаромӯш шудан ё риоя накардани одитарин сифатҳои ҳамидаи инсонӣ, расму оини ниёгон мебошад. Дар ҳикояи мазкур нависанда бесабаб ду кишвари аз лиҳози фарҳанг ва анъанаҳо гуногунро интихоб нанамудааст. Қаҳрамонҳои ҳикоя- Натрачан, Маниш, Мукӣ бо тарк кардани зодгоҳ ва кӯч бастан ба Амрико бегонапараст шуданд. Маниш мунтазам ба Виҷӣ ба Ҳиндустон мактуб навишта омадани ӯро ба Амрико хоҳиш мекард, аммо чун духтари ҷавон ба Амрико омад, муносибати онҳо оҳиста-оҳиста вайрон шудан гирифт. Акнун ба ҷавони дӯстдоштаи Виҷӣ на ӯ, балки Мукӣ ном ҳиндудухтаре, ки солиёни зиёд дар ин кишвари бегона бо фарҳанги бегона камол ёфта буд, бештар писанд меомад. Муносибати дилсардона ва беписандонаи Маниши булҳавас нисбат ба Виҷӣ дар хулқу атвори ӯ бетаъсир намонд. Баъди канда шудани ришtаи муҳаббат, Виҷӣ аз бозгашт ба зодгоҳаш Ҳиндустон тарс дорад, зеро арӯсиаш барпо нагашт, ӯро ҷавони дӯстдоштааш Маниш тарк кард ва акнун ин боиси таънаву маломати ҳамватанонаш хоҳад шуд. Азоби рӯҳӣ ва виҷдонӣ мекашид, зеро аз пешомади тақдираш дар ҳарос аст. «Моҳиҳо» ном гузоштани ҳикоя ҳадафи нависандаро ошкор мекунад. Дар ҷое Виҷа ба дӯсташ Маниш мегӯяд: «वाशिंगटन में मैं ने एक नाटक देखा था, जो बहुत पसन्द आया I «छोटी मछली, बड़ी मछली», जिस में बड़ी मछली छोटी मछलियों को निगलती रहती है I तब से कभी-कभी सोचती हूं कि क्या छोटी मछली उलटकर वार भी नहीं कर सकती?». «Дар Варшигатан ман як намоишнома бо номи «Моҳии хурд-моҳии калон» дида будам, ки хеле маъқулам шуд. Дар он, моҳии калон як гурӯҳи зиёди моҳичаҳоро фурӯ мебарад. Аз он вақт, баъзан фикр мекунам, ки чаро моҳичаҳо ба ҳам намеоянду ба моҳии калон зарба намезананд?» [8, с.95]. Муаллиф дар образи моҳичаҳо ҳамон афродеро дар назар дорад, ки ба кишварҳои абарқудрат, ба монанди Амрико, муҳоҷир мешаванд (қаҳрамонҳои ҳикоя-Натрачан, Муку, Маниш) ва бо гузашти вақт фарҳанги бегона онҳоро ба пуррагӣ ба доми худ фурӯ мебарад, аз расму оинҳои хеш дур мешаванд. Маҳз ана ҳамин рангбадалшавиҳоро Уша Приямвада дар ҳикояҳои худ бисёр воқеӣ ва табиӣ тасвир намудааст. Тамоми воситаҳои тасвир ба сабки лирикии ҳикоя мувофиқ афтодаанд. Қисса бо як услуби сода ва равон таълиф гашта, муаллиф дар ҳаллу фасл намудани ҳадафи хеш муваффақ гаштааст. Ҳикояи «Моҳиҳо»-ро адиби шинохтаи ҳиндӣ Рачендра Ядав ҳамчун яке аз ҳикояҳои беҳтарини Уша Приямвада дар китоби худ «Як дунёи мувозӣ» («एक दुनिया समनंतर») дар радифи ҳикояҳои баргузидаи нависандагони машҳури ҳиндӣ, ба монанди Амаркант, Кришна Собатӣ, Камлешвар, Нирмал Варма, Пҳанишварнатҳ Рену, Бҳишма Саҳнӣ, Манну Бҳандарӣ, Моҳан Ракеш ва дигарон, ҷой додааст.

Қобили зикр аст, ки дар ҳикояҳои худ Уша Приямвада масоили иҷтимоии ҷомеаи Ҳиндро бо як маҳорати баланд ҳаллу фасл карда, ҳама гуна лаҳзаҳои зиндагиро нависанда ба таҳқиқ мегирад, яъне асоси ҳикояҳои Уша Приямвада ба мушоҳидаҳои нозуки паҳлуҳои зиндагӣ асос ёфтаанд. Рӯзгор паҳлуҳои гуногун ва тағйирёбанда дорад ва ин дигаргуниҳо ҳам аз чашми мушоҳидакори адиба дур намондаанд. Уша Приямвада ба бисёр масъалаҳои хонаводагӣ ва дар он ҷое, ки аз эҳтиром доштани суннатҳои миллӣ сухан меравад, нозукона ва бомулоҳиза ибрози ақида меронад. Дили нарму нозуки нависанда дар эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмӣ, бавижа дар оила ва муносибатҳои нозуки хонаводагӣ кушода мешавад. Чунончи, дар яке аз ҳикояҳои муассиртарини нависанда, ки «Бозгашт» («वापसी») ном дорад, муносибати аҳли оила ба соҳиби ин хонадон Гачадҳар бабу дар ниҳояти беписандӣ ва бефарқӣ зоҳир мегардад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки омилҳои сар задани чунин муносибати сарди пайвандонро ошкор намояд. Оид ба ҳикояи «Бозгашт», андешаҳои мунаққидон мухталиф буданд. Нафаре андеша дошт, ки «ин як ҳикояи бемаънӣ ва асоси воқеӣ надошта мебошад, ки дар фазои ҳиндустонӣ кӯшиши ворид намудани мавзӯи «танҳоӣ»-и хосси хориҷиро ворид кардан аст. Дувумин чунин меҳисобид, ки ин ҳикоя («Бозгашт») пештар бо номи «Ғуломӣ» нашр шуда, ба қалами Рачендра Синҳ Бедӣ тааллуқ дорад» [6, с.187]. Бар хилофи андешаҳои боло мунаққиди варзида Намвар Синҳ нисбат ба ҳикояи «Бозгашт» фикру ақидаи ҷолиб ва таҳлилии худро хеле мушаххас ва дақиқназарона иброз намудааст. Чунончӣ, «Дар дасти мо ду ҳикоя «Ғуломӣ» («ग़ुलामी») ва «Бозгашт» ҳаст. Дуруст аст, ки дар ҳар ду ҳикоя қаҳрамонҳо баъди солиёни зиёд кор кардан, ба нафақа мебароянд. Баъди бозгашт ба хона, дар миёни якчанд рӯз қаҳрамонҳо танҳоиро эҳсос карда, барои раҳоӣ ёфтан боз ба кор бармегарданд. Аммо ин монандӣ сатҳӣ аст. Дар бунёди муҳтавои ҳикояҳо фарқ назаррас аст. Сабаби ба кору хизмат баргаштани қаҳрамонҳо мухталифанд. Дар ҳикояи «Ғуломӣ» қаҳрамон шуури

ғуломӣ дорад, яъне ӯ (мард) аз кор кардан ҳаловат мебарад, кору хизмат кардан ақлу ҳуши ӯро, то ҳадде ғулом кардааст, ки осоиштагӣ ва хушҳолии оилавӣ ин ҳаловатро ба ӯ бахшида натавонист. Бо гузашти вақт, тану ҷисмаш заифу пир шуда бошад ҳам, вале ӯ дубора ба кор бармегардад, ки аз кори аввалааш сангинтару пасттар аст. Баръакси ӯ, қаҳрамони ҳикояи «Бозгашт» Гаҷадҳар бабу мехоҳад дар оилааш бо ҳамсар ва фарзандонаш хушҳолона зиндагӣ кунад. Оила ва фарзандонашро бисёр пазмон шуда буд, вале дар муҳити оила меҳрубонӣ ва осоиштагиро пайдо накард. Ба кор баргаштани ӯ як «баҳона» буд, аз он «танҳоӣ»-е, ки солиёни зиёд гурехтан мехост, боз ба ҳамон «танҳоӣ» баргаштанаш лозим омад» [6, с.187].

Мазмуни ҳикояи «Бозгашт» басо одӣ ва воқеӣ нақл мешавад ва Уша Приямвада ҳолатҳои рӯҳию равонии қаҳрамони ҳикоя парешонӣ, изтироб, тарс ва ноумед шудани Гаҷадҳар бабуро бағоят моҳирона ба тасвир меорад. Илова бар ин, дар ҳикоя боз мавзӯи муносибат ва нофаҳмиҳо миёни наслҳо дар мисоли муошырати падару фарзандон дар оилаи Гаҷадҳар бабу низ хеле рӯшан инъикос ёфтааст. Нависанда дар изтироб аст, ки бо гузашти солҳо ва бо сабаби як қатор дигаргуниҳои рухдода, дар ҷомеаи Ҳинд баъзе арзишҳои анъанавӣ ва фарҳангӣ, аз қабили эҳтироми волидайн, ҳамдигарфаҳмӣ дар оилаҳо аз байн рафта истодаанд. Тақвияти ин андешаҳоро мо дар муносибати Гаҷадҳар бабу ва фарзандонаш Амар, Нарендру Басантӣ мушоҳида карда метавонем. Солҳои зиёд падар дур аз хона кор мекард ва бо пули ёфтааш писаронашро хононд, оиладор намуд, духтари қадрасаш Басантӣ дар коллеҷ мехонад, хонаи обод бунёд кард, вале фарзандони носипосаш аз баргаштани падари худ шод нестанд. Аз суҳбат кардан бо Гаҷадҳар бабу бо ҳар баҳона мегурезанд. Амар акнун соҳиби оилаи худаш ҳаст ва намехоҳад, ки «**марди дигар**» дар ҳузури ҳамсараш ӯро тарбият кунад. Басантӣ ҳам дар охир бо падараш қаҳрӣ мешавад. Бо баргаштани падар ӯ аз «озодӣ» маҳрум шуда буд. Ӯро лозим омад, ки ба модар дар кори хона ёрдам кунад, хӯроки шом пазад, аз мулоқотҳои шомгоҳӣ бо дугонаҳояш ба пуррагӣ бо таҳдиди падар даст кашиданаш лозим омад. Фазои хона ноором гашт. Тамоми аъзоёни оила оҳиста-оҳиста аз ӯ канорачӯӣ мекардагӣ шуданд. Ҳатто ҳамсари Гаҷадҳар бабу низ мудом бо вай муноқиша мекарду тарафи фарзандонашро мегирифт. Билохира, Гаҷадҳар бабу фаҳмид, ки бо гузашти вақт ӯ барои аҳли байташ ба як воситаи пулёбӣ табдил ёфта буду халос. Вақте ки ӯ дар истгоҳи қатораҳо кор мекард, бо вуҷуди он ки дар он ҷо ӯро ҳамкоронаш эҳтиром мекарданд, худро бе фарзандону ҳамсари дӯстдоштааш бениҳоят танҳо маҳсус мекард. Мудом дар тасаввуроташ оилаи сарҷамъи худ, суҳбатҳои гарми саримизиро медид. Гаҷадҳар бабу ба хона баргашт, вале он пазироии гарму самимиеро, ки солиёни зиёд интизор буд, надид. Танҳоии воқеиро маҳз дар хонаи худаш эҳсос кард. Беэътиноӣ ва беписандии фарзандонаш ӯро рӯз ба рӯз асабонӣ мекарданд. Аз он дар таҳлуқа афтода буд, ки барои наздиконаш ӯ бегона шудааст, то ҳадде, ки ба зиндагии онҳо халал мерасонад. Ягона халосӣ аз ин «танҳоӣ», бозгашт ба кор буд. Андешае пешорӯ омаданаш мумкин аст, ки чӣ боис гардидааст, ки дар оила падарро хуш қабул нанамуданд? Омилҳо зиёданд. Масалан, солҳои зиёд падар бо сабаби дур аз хона кор кардан, имконияти бо фарзандонаш ҳамсуҳбат шудан надошт, аз тарбияти онҳо дур буд. Дигар, модар, ки бештар бо корҳои рӯзгор машғул буд ва барои ӯ муҳим он буд, ки шиками фарзандонро сер кунад, вақте пайдо накард, ки дар замири бачаҳояш меҳр ва эҳтиром ба падарро ҷой кунад. Омили севум, ки бештар ба воқеият наздик аст, ин иқтисодиёти заифи ҷомеа мебошад, ки аз он бекорӣ, қашшоқӣ, нобаробарии иҷтимоӣ дар оилаҳо сар мезананд. Пайи дарёфти маблағ мардҳо маҷбур мешаванд, ки хонаи худро тарк карда, дар ҷойҳои дур кор кунанд, то ҳадди ақал аҳли байташонро таъмин кунанд ва маҳз барои ҳамин фаъолияти онҳо, пайвандону наздиконашон бояд ба қадри меҳнати падару бародаронашон бирасанд, ки ҳадафи нависанда ҳам дар зикри ҳамин арзиши суннатӣ аст. Уша Приямвада рафтори ношоистаи персонажҳои ҳикояро, чун беэҳтиромии Амару Нарендра, беписандии Басантӣ ва беэътиноии ҳамсар нисбат ба падар ва шавҳар-Гаҷадҳар бабу маҳкум мекунад.

Саропои ҳикояи «Бозгашт» асари равонист, паёми ҳасрати рӯҳи маъюсиву ноумедӣ ва танҳоиро дорад. Адабиётшиноси ҳиндӣ Ҳаришанкар Парсаӣ ба ҳикояи «Бозгашт» баҳои арзанда дода таъкид намудааст, ки адиба як мавзӯи навро нигоштааст ва он воқеӣ буда, « … дар ин, як паҳлуи нави муаммои ҳаёт кушода мешавад» («... इस में जीवन की समस्य का एक नवीन पक्ष खुलता है ») [6, с.190].

Уша Приямвада ба умқи ҷомеаи худ назари ҷиддӣ ва тоза меандозад ва масъалаҳоеро пешорӯ меоварад, ки мавриди баррасӣ ва таҳқиқ мебошанд. Симо ва хулқу атворе пайдо мекунад, ки маҳсули замон ба шумор мераванд. Бахусус, дар офаридаҳои нависанда яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва бисёр нозук, ки дар ҷомеаи Ҳинд мубрамтарин масоил ба ҳисоб меравад, ин мақом ва манзалати зан мебошад.

Заминаҳои нобаробарии иҷтимоии зан аз ҳамон даврони тифлии ӯ, аз муносибати ноадолатона ва ё нобаробари волидайн ба фарзандон оғоз меёбад, ки таҷассуми онро дар

осори адиба мушоҳида кардан мумкин аст. Баъди соҳибистиқлол шудани Ҳиндустон ба занҳо имконияти соҳибмаълумот шудан, насиб гашт. Зани бомаърифату соҳибмаълумоти ҳинду дар замони нав, то ҳадде дар кору пайкори худ озод гаштааст. Тақвияти ин гуфтаҳоро мо дар ҳикояи «Зиндагӣ ва гулҳои садбарг» дида метавонем. Ҳикояи мазкур яке аз ҳикояҳои аввалини Уша Приямвада мебошад ва он дар соли 1958 дар маҷаллаи адабии "Каҳанӣ" ("Ҳикоя","कहानी") рӯйи чоп омадааст.

Ҳикояи «Зиндагӣ ва гулҳои садбарг» («ज़िन्दगी और गुलाब के फूल») ҳаёти ҷавонмардеро дар муҳити оила ва ҷомеа тасвир мекунад, ки он ба як давраи мушкили ҳаёт, ки вазъи ногувори иқтисодиёти кишвар дар ҳар кучо дида мешуд, рост омадааст. Дар он замон занон дар ҳаёти иҷтимоии кишвар дар мақоми паст буданд. Азбаски мардҳо тибқи анъанот тӯли садсолаҳо сардор ва таъмингари оила буданд, вазифаҳои рӯзгордориро дар хонавода занон ба ҷо меоварданд. Бо мурури тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа занонро ҳам лозим омад, ки ба кор бароянд ва дар пеш бурдани рӯзгор саҳмгузор шаванд. Дар ҳикояи «Зиндагӣ ва гулҳои садбарг» маҳз ҳамин дигаргунӣ боис гашт, ки дар оилае баъди бекор мондани марди хонавода, хоҳараш Вринда соҳиби кор мешавад ва рӯзгори хонаводаро пеш бурда мақоми худро дар оила мустаҳкам менамояд. Аз чунин ранг гирифтани кор мард бисёр ғамгин ва ноумед шуда, оҳиста-оҳиста ҷой ва мақоми азалии худро аз даст медиҳад. Меҳри модару эҳтироми хоҳарӣ ва муҳаббати дӯстдухтараш бо номи Шобҳа –маҳз ҳаминҳоянд гулҳои садбарг, ки замоне аз накҳати онҳо лаззат мебурд, аммо ин эҳсосот то он вақте идома дошт, ки мард кор мекард. Аз рӯзе, ки бекор монд меҳру муҳаббати ҳамаи онҳо ба таҳқиру маломат табдил ёфт. Он ҳукмронии мардсолорие, ки ҳазорсолаҳо дар ҷомеа амал дошт, заиф гашт ва акнун занҳо такя ба неруи худ метавонанд худро таъмин кунанд ва дигар ниёз ба мард надоранд. Мавзӯи ҳикояи «Зиндагӣ ва гулҳои садбарг» дар адабиёти муосири ҳиндӣ дар солҳои баъди соҳибистиқлолӣ нав буд. «Ҳикояи «Зиндагӣ ва гулҳои садбарг» -ро метавон ба сифати як намунаи «ҳикояи нав» («नई कहानी») пешниҳод кард ва бо суханҳои Ашк барин ҳикоянавис, ки ба ҳикояи мазкур баҳои "ҳам нав асту ҳам хуб" додааст, розӣ шавем", навиштааст Намвар Синҳ [10, с.198].

Ҳикояҳои Уша Приямвада бисёр масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро, аз қабили тақсимоти табақавӣ, бекорӣ, камбағалӣ, нобаробарӣ, танҳоӣ ва ғайраро, инъикос мекунад.

Мавзӯи «танҳоӣ» яке аз мавзӯъҳои мубрами ҳаёти шаҳрӣ мебошад. Дар ҳикояи «Рӯзи истироҳат» («छुट्टी का दिन») қаҳрамони марказӣ Мая дар коллеҷ ба ҳайси омӯзгор фаъолият дорад. Ӯ аз хона дур зиндагӣ ва кор мекунад. Эҳсоси танҳоӣ мудом ӯро думболагир аст. Ҳатто рӯзи истироҳат, ки ҳама дар хонаҳояшон бо аҳли байт ва ё дар ҳалқаи дӯстон рӯзгузаронӣ мекунанд, барояш нофорам аст. Бо ҳамкоронаш ба таври кушода муносибат надорад, канораҷӯӣ ӯро то ҳадде хаста намудааст, ки пешаи интихобнамудааш ҳам ба вай дигар илҳом намебахшид. Мая пушаймон аст, ки чаро бо баҳонаи дурии роҳ ва серкорӣ ҳама гуна алоқаро аз оила ва хешовандон кандааст. Ӯ ба хубӣ эҳсос мекунад, ки маҳз танҳоӣ ӯро ба беҳадафӣ мебарад, аммо дар худ ҷуръати дигар кардани зиндагии худро надорад. Идомадиҳандаи мавзӯи «танҳоӣ»-ро мо дар ҳикояҳои «Баррасӣ», («पूर्ति»), «Иштибоҳ» («मोहबन्ध») низ дида метавонем. Дар ҳикояи «Баррасӣ» қаҳрамони марказӣ зани ҷавони бомаърифат Тара, ки дар коллеҷе ба ҳайси муаллима фаъолият дошт, ба ҷавони дӯстдоштааш ба шавҳар баромада ба ин восита аз танҳоӣ раҳоӣ меёбад, аммо дар ҳикояи «Иштибоҳ» қаҳрамони марказӣ донишҷӯ Ачла хиёнати дӯстдоштааш Девендрро бахшида натавонист ва дар банди танҳоӣ дармонд.

Ҳамин тариқ, хикояҳои Уша Приямвада бо сабку услуби лирикӣ таълиф ёфтаанд. Ӯ дар баробари таҳлил намудани равандҳои ҳаёти ҷомеа, ба дунёи ботинии зиндагии афроди мухталиф назар мекунад. Дар бисёри ҳикояҳои худ "Моҳ мерафт" ("चांद चलता रहा"), "Дҳогиҳои хом" ("कच्चे धोगे"), "Назарфиреб" ("दृष्टदोष "), "Дом" (" जाले "),"Ду торикӣ" (" दो अंधेरे"), "Касе нест" (" कोई नहीं ") ва ғайра, Уша Приямвада ба масъалаҳое даст задааст, ки дар адабиёти ҳиндӣ мавзӯи нав нестанд, вале ҳатман дар онҳо фикр ё сухани тоза гуфтааст. Воқеаҳои ҳикояҳо одӣ, мубрам ҳастанд, вале моҳиятан масоили муҳимро дар бар мегиранд, ки кушодани гиреҳи онҳо баъзан номумкин аст ва сабаби онҳоро муаллиф дар касодии иқтисодиёт, маънавиёти пасти баъзе афрод, ҳомиёни расму оини куҳна ва ғайра мебинад. Уша Приямвада кӯшидааст, ки тавассути воқеоти ҳикояҳояш бар зидди он нуқсонҳое, ки садди роҳи пешравии ҷомеа ҳастанд, мубориза бурда, ҷамъиятро аз ин варта раҳоӣ созад. Дар офаридаҳои ӯ хонанда назари иҷтимоии нависандаро пайхас мекунад. Дар тамоми ҳикояҳои мутолиашуда Уша Приямвада мавзӯъҳои басо нозукро мавриди таҳлил қарор додааст, ки дар миёни онҳо масъалаҳои ҷиддии ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва

бавижа мақому манзалат ва маърифатнокии занон дар ҷойи аввал мебошанд. Уша Приямвада дар ҳикояҳои худ бештар ба таҳқиқи тақдири инсон таваҷҷуҳ медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Раҷабов Ҳ. Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ: рисола барои шарқшиносон ва филологҳо / Раҷабов Ҳ. - Душанбе: Пайк, 1998. - 176 с.
2. Раҳматуллоева З.А. Бонувони насрнависи адабиёти ҳиндӣ / З.А. Раҳматуллоева // Паёми Осиё. – Душанбе, 2016. - С. 158.
3. Раҳматуллоева З.А. Нирмал Варма ва ҳикояи ӯ "Парандаҳо" / З.А. Раҳматуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2016. - № 4/4 (206). - С. 238.
4. Раҳматуллоева З.А. Ҳикояҳои хурди Манҷу Лата Тиварӣ / З.А. Раҳматуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2017.-№ 4/2. -С. 206.
5. गोपाल राय. छायावादोत्तर काल/ राय गोपाल.- नगेन्द्र, हिन्दी साहित्य का इतिहास.-नयी दिल्ली: 1984. -С. 693.
6. नामवार सिंह.कहानी नयी कहानी / सिंह नामवार.--कहानी नयी कहानी. इलाहाबाद: 1982. -С.187.
7. बच्चन सिंह.स्त्री-लेखन की समानांतर दुनिया/ सिंह बच्चन.- हिन्दी साहित्य का दूसरा इतिहास.- नई दिल्ली: 2009. -С. 497.
8. राजेन्द्र यादव. उषा प्रियंवदा / यादव राजेन्द्र .-एक दुनिया समानांकर.- नयी दिल्ली: 1985.-С. 93.
9. राजेन्द्र यादव.आदमी की निगाह में औरत/ यादव राजेन्द्र.-नई दिल्ली: 2006.-С.229.
10. 10.विजयेन्द्र स्नातक. प्रगतिवाद से वर्तमान युग तक / स्नातक विजयेन्द्र.--हिन्दी साहित्य का इतिहास. नई दिल्ली: 2015. -С. 380.
11. Шобҳа Нинбалкар. Ҳикояҳои бонувони ҳикоянависи ду даҳсолаи охир ва асари занон / Шобҳа Нинбалкар. - «Гагананчал», 2008. - С. 362.

ҲУНАРИ ҲИКОЯНАВИСИИ УША ПРИЯМВАДА

Ҳикояҳои нависанда Уша Приямвада дорои мавзӯъ ва масъалаҳои ҳаётан муҳим мебошанд. Масъалаҳои мухталиф, аз қабили тарбияву ахлоқ, маънавиёт, савияи маърифат ва оиладорӣ, бемеҳриву бевафоӣ, мағрурию худписандӣ, фиребу қаллобӣ, кӯтоҳандешӣ, муносибати тарафайни волидону фарзандон ва нотавонию тангдастии инсон дар ҷомеа ва амсоли ин дар офаридаҳои нависанда муфассал ба тасвир расидаанд. Уша Приямвада вобаста ба тасвири ҷараёни ҳаёти қаҳрамонони марказии ҳикояҳояш зиндагии мураккаб ва таъсири фарҳанги бегона ба тақдири онҳо, дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маънавиёти кишварро, ки дар солҳои баъдисоҳибистиқлолӣ ба вуқӯъ омадаанд, дар маркази ҳикояҳои худ гузоштааст. Вуҷуди аксари қаҳрамонҳоро рӯҳи маъюсӣ, эҳсоси танҳоӣ фаро гирифтааст, ки аз ин доира берун баромадан барои баъзеашон имконнопазир мегардад. Сабаби ҳамаи ин носозгориҳоро Уша Приямвада дар маънавиёти пасти баъзе афрод, иқтисодиёти коста, кӯтоҳандешӣ, нофаҳмӣ, бегонапарастӣ ва муносибати сардшудаи волидайну фарзандон мебинад. Дигар масъалае, ки тамоми фаъолияти эҷодии Уша Приямвадаро аз ибтидо то имрӯз фаро гирифта адибаро ҳамчун зан ба ташвиш овардааст, ин мавзӯи занон мебошад. Нависанда дар ағлаби офаридаҳои хеш ба муқобили поймолкунандагони ҳуқуқҳои занону духтарон эътирози ҷиддӣ карда, ғалат будани ин андешаву амалҳоро тавассути навиштаҳояш ошкоро баён менамояд. Образи занҳоеро, ки Уша Приямвада дар ҳикояҳои худ офаридааст, соҳибмаърифат ҳастанд ва гоҳо дар худ ҷуръат ва тавоноӣ пайдо карда, барои шаъну шарафи худ мубориза мебаранд. Уша Приямвада ҳикоянависи моҳир аст. Дар таълифоти ӯ ҳақиқати воқеӣ бо тамоми ҷузъиёташ инъикос ёфтааст, ки хонандаро ба андеша кардан водор месозад. Адиба омилҳои иҷтимоии рӯйдодҳои зиндагиро, ки сади роҳи ҳаёти хушу гуворо ҳастанд, ошкоро баён карда, онҳоро маҳкум мекунад.

Калидвожаҳо: эҷодиёт, Уша Приямвада, нависандаи бомаҳорат,воқеият,ҳикоя, тақдири зан,ноумедӣ, танҳоӣ,масоили иҷтимоӣ, фарҳанг, оила, қисмати инсон.

ТАЛАНТЛИВАЯ ПИСАТЕЛЬНИЦА УША ПРИЯМВАДА

В рассказах талантливой индийской писательницы Уши Приямвады уделено большое внимание таким проблемам, как воспитание, духовность человека, степень образованности, взаимоотношения поколений, мечта и роль человека в обществе, семейно-бытовая тематика, неприязненность и вероломство, высокомерие и эгоизм, роль и место женщины в обществе и в семье, а также проблеме одиночества в больших городах и влияния западной культуры на индийскую культуру. Посредством показа процессов жизни своих героев писательница Уша Приямвада рассказывает о тяжёлой жизни своих героев. Изображает влияние западной культуры на дальнейшую судьбу индийцев, живуших в Америке. В рассказах Уши Приямвады нашли свое отражение те политические и социальные перемены в индийской жизни, которые происходили на почве преобразования и развития страны после преобретения независимости, а также духовное настроение народа. Рассказы Ушы Приямвады являются реалистическими индийскими рассказами, посвященными изображению повседневной жизни людей среднего класса и обыкновенных людей. Некоторых геров рассказа писательницы охватывает чувство одиночества и отчаяния до такой степени, что порой кажется выйти из этого положения невозможно. По мнению Уши Приямвады, причиной всего этого пессимистического настроя является, прежде всего, низкое духовное воспитание, бедность, необразованность, социальные проблемы, оторванность от семейных уз и традиций. В своём творчестве Уша Приямвада очень остро затрагивает вопрос о правах и положении женщины. В рассказах этот вопрос освещен в применении к судьбам работающих и образованных женщин, которые порою самостоятельно выбирают свой путь в жизни, что даётся им нелегко в патриархальном строе индийского общества.

Ключевые слова: творчество, Уша Приямвада, талантливая писательница, реальность, рассказ, судьба женщины, отчаяние,одиночество, социальное проблемы, культура, семья, судьба человека.

WRITER USHA PRIAMVADA

The greatest attention was paid in the stories of the talented Indian writer Ushi Priyamvada. The main issues are: the upbringing of a person's spirituality, the degree of education, the interrelations of generations, the dream and role of a person in society, family-household themes, hostility and perfidy, arrogance and selfishness, the role and place of women in society and the family, as well as the issues of loneliness in large cities and the influence of Western culture on Indian

culture. By means of the processes of life of their heroes, the writer Usha Priamvada talks about the hard life of the heroes. Also illustrates the influence of Western culture on the further fate of Indians living in America. In the stories, the ears of Priyamvada reflected the political and social changes in Indian life that occurred on the basis of the transformation and development of the country after independence, as well as the spiritual mood of the people. The stories of Usha Priyamvada are realistic Indian stories devoted to depicting the everyday life of middle class people and ordinary people. Some of the heroes of the writer's story embrace a sense of loneliness and despair to such an extent that it seems impossible to get out of this circle. In the opinion of Usha Prymvady, the reason for all these pessimistic relations is primarily low spiritual education, poverty, lack of education, social problems, isolation from family ties and tradition. Usha Pryamvada very seriously affects the issue of the rights and position of women in his work. In the stories, this issue is highlighted in the application to the destinies of working and educated women, who sometimes choose their own way in life, which is not easy for them in the patriarchal system of Indian society.

Key words: creativity,Usha Priamvada, talented writer, reality, story, woman's destiny, despair, loneliness, social problems, culture, family, human destiny.

Сведения об авторе: ***Рахматуллаева З.*** - Таджикский национальный унверситет, доцент кафедры индийской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 907-90-70-56**

Information about the author: ***Rakhmatullaeva Z.*** - Tajik National University, associate professor of the Department of Indian Philology of the Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Av. 17. Tel.: **(+992) 907-90-70-56**

УДК: 891.550-1

УМУМИЯТ ВА ФАРҚИ УСУЛӢ ДАР «АЛ-МУЪҶАМ»-И МУҲАММАД ШАМС ҚАЙСИ РОЗӢ ВА «МЕЪЁР-УЛ-АШЪОР»-И ХОҶА НАСИРИДДИНИ ТӮСӢ

Одинаев Н.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

«Меъёр-ул-ашъор» аз асарҳои муҳимтарин дар улуми сегонаи шеър ба ҳисоб рафта, соли 1253 аз ҷониби донишманди бузурги тоҷику форс Хоҷа Насириддини Тӯсӣ таълиф гардидааст. Ин асари гаронқадр чун рисолаи «Ал-муъҷам-фӣ-маъойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамс Қайси Розӣ дар илми адабиётшиносии тоҷик шуҳрати безаволеро касб кардааст.

«Меъёр-ул-ашъор» аз муқаддима ва ду фан иборат аст, ки истилоҳи фан дар таснифи масъалаҳои рисола, ба вожаи «боб»-и имрӯз муродиф аст. Муқаддимаи рисола дорои се фасл буда, Хоҷаи Тӯсӣ дар он оид ба моҳияти шеъру шоирӣ, санъатҳои шеърӣ, ҳадду ҳудуди шеър, ихтилофи фикр дар шинохт ва эътирофи вазну қофия сухан меронад.

Ин асар бори аввал бо эҳтимоми Саъдуллоҳи Муродободӣ бо номи «Мизон-ул-афкор» соли 1300 ҳичрӣ [1883] дар Ҳиндустон ва бори дувум соли 1323 [1906] бо забони урду бо шарҳу тавзеҳоти Музаффаралии Асир бо номи «Зари комилиёр» дар Ҳиндустон, соли 1325 [1908] дар Теҳрон бо шарҳу тавзеҳоти Наҷмуддавла ва соли 1403 [1984] бо номи «Меъёр-ул-ашъор» дар илми арӯз ва қавофӣ" таснифи Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ба эҳтимоми Муҳаммад Фишоракӣ ва Ҷамшеди Мазоҳирӣ дар Исфаҳон ба табъ расид. Ниҳоят, соли 1380 [1921] матни комили «Меъёр-ул-ашъор» дар маҷмӯаи «Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ» [11, с.422] бо кӯшиши Муаззама Иқболӣ ба чоп расид. Соли 1992 рисолаи «Меъёр-ул-ашъор» бо таҳия ва тавзеҳоти муфассали адабиётшинос Урватулло Тоиров бори аввал ба хатти сирилик ба дасти хонандаи тоҷик расид. Мавриди истифода ва омӯзиши муҳаққиқони тоҷик нашри Муаззамаи Иқболӣ қарор доштан аз чанд ҷиҳат муҳим ва зарур мебошад, зеро дар он ҳам шакли дастнависи рисола ва ҳам шакли чопии он хеле равшан ва хоно буда, барои муқоисаи матни рисола ва тавзеҳоти баъзе истилоҳи дохилӣ мувофиқ мебошад.

Муаззама Иқболӣ дар муқаддимаи китоб оид ба нусхаҳои гуногун ва дастрасбудаи ин рисола маълумоти мухтасар медиҳад.

Мураттиби маҷмӯаи «Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ» [11, с.422] дар муқаддимаи «Меъёр-ул-ашъор», пеш аз ҳама, масъалаи ба Хоҷаи Тӯсӣ мутааллиқ будани рисолаи мазкурро ба зери шубҳа мегузорад ва аз номи мураттибони нусхаҳои дигар ин мубоҳисаро мавриди таҳлили амиқ қарор медиҳад. Зикр кардан бамаврид аст, ки чунин гузориши масъаларо муҳаққиқи дигари осори Хоҷаи Тӯсӣ Мударриси Разавӣ низ дар асари машҳури худ «Аҳвол ва осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ" дар боби «Меъёр-ул-ашъор» ба миён мегузорад [12, с.145].

Муаззама Иқболӣ пеш аз он ки ба таҳлили «Меъёр-ул-ашъор» оғоз намояд, аз тавзеҳоти марҳум устод Мударриси Разавӣ чунин иқтибос меорад: «Касоне, ки шарҳи аҳволи Хоҷаро навишта фехрасте аз таълифот ва осори вай мураттаб кардаанд, рисолае дар илми арӯз ба форсӣ ба ӯ нисбат додаанд. Валекин исми «Меъёр-ул-ашъор»-ро ҷуз баъзе аз мутааххирин, монанди соҳиби «Равзат-ул-ҷаннот» ва Абуҳасан Фароҳонӣ дар

шарҳи ашъори мушкилаи девони Анварӣ ва дигарон зикр накардаанд. Ва ба ҳамин ҷиҳат, ки исми «Меъёр-ул-ашъор» дар таълифоти Хоҷа ёд нашуда ва ба номи рисолае дар арӯз ҳама ҷо оварда шуда, марҳум Аллома Қазвинӣ дар муқаддимаи «Ал-муъҷам фӣ меъёр-ул-Ачам» интисоби ин китобро ба Хоҷаи Тӯсӣ тардид карда ва марқум доштаанд.

«Китоби марғуби «Меъёр-ул-ашъор» дар илми арӯз ва қавофӣ” дар санаи 649 таълиф шуда, мусаннифи он маълум нест. Ва муфтӣ Муҳаммад Саъдуллоҳи Муродободӣ ин китобро шарҳнавис ва мумтозӣ намуда, мавсум ба «Мизон-ул-афкор фӣ шарҳ Меъёр-ул-ашъор” ва онро дар санаи 1282 дар Лакҳнав аз билоди Ҳиндустон ба табъ расонда, матни онро таҳқиқ ва шарҳ додааст. Вай таълифи китобро ба Хоҷа Насириддини маъруф, мутаваффӣ 672 нисбат додааст, вале маълум нест аз рӯйи чӣ маъхазе ин маълумот дар китоби «Аҳвол ва осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ» [12, с.532] айнан оварда шудааст.

Чунин муносибати шубҳаомез дар нисбати муаллифи рисолаи «Меъёр-ул-ашъор» аз ҷониби мураттиби феҳрасти кутуби форсии китобхонаи миллии Порис низ мебошад. Зоҳиран чун муаллиф нусхаи аслии рисолаи мазкурро таҷдиди назар накарда ва дар ҳақиқат покнавис нанамуда ва мунаққаҳ намуда буда, лиҳозо маҷҳул мондааст. Ва мисли соири китобҳои вай шуҳрат наёфта ба ҳар ҳол маълум нагардид, ки мадорик ва санади лутфи Муҳаммад Саъдуллоҳи Муродободӣ чист то он ки номи чунин китобе дар сурати муфассал таълифи Тӯсӣ нест» [12, с.532].

Яке аз сабабҳои ба тардид афтодани ин рисола ба номи Хоҷаи Тӯсӣ, пеш аз ҳама, набудани исми ин асар дар феҳристи китобҳои Хоҷа Насириддини Тӯсӣ мебошад. Мутаассифона, на ҷонибдорони Хоҷаи Тӯсӣ ва на муқобилони ӯ ягон саҳифаи рисолаи мазкурро бо «Асос-ул-иқтибос» муқоиса накардаанд, дар ҳоле ки дар ин ду асар нуктаҳое вомехӯранд, ки дар таҳлилу баррасии онҳо ҳамоҳангию мушобеҳати нуктаҳои илмӣ ба назар мерасад. Аз ҳамин ҷиҳат, Муаззама Иқболӣ ба хулоса меояд, ки монандии ақидаҳои илмӣ дар осори илмии Тӯсӣ чунин фарзу гумонҳоро барканор мекунад ва фарзияи моро як қадар тасдиқ менамояд. «Вале иморот ва қаробате, дар ин кутуб (осори Тӯсӣ дар назар аст - О.Н.) дар назар ҳаст, ки мусаллам медорад, ки аз таълифоти Хоҷаи Тӯсӣ аст» [11, с.154].

Ҳамчунин Абуҳасан Фароҳонӣ дар шарҳи ашъори «Девони Анварӣ» муқаррар аз «Меъёр-ул-ашъор»-и Хоҷа нақл карда, дар ҷое чунин таъкид кардааст: «Аммо устод-ул-муҳаққиқин Хоҷа Насириддини Тӯсӣ алайҳ-ар-раҳма дар рисолае, ки дар арӯз ва қофия навишта, мусаммӣ ба «Меъёр-ул-ашъор» оварда» [11, с.154].

Муфтӣ Муҳаммад ва дигар муҳаққиқон ин рисоларо бидуни ягон тардид ба Хоҷаи Тӯсӣ нисбат додаанд. Нусхаҳои ин шарҳҳои мусаррифони осори Хоҷа дар китобхонаи миллии Мулк дида мешавад. Аз ин рӯ, рисолаи “Меъёр-ул-ашъор”-ро дар феҳрасти осори илмии Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ҷой дода, онро маҳсули қалами ӯ ҳисобидан дуруст мебошад.

Аз рӯйи иттилои Мударриси Разавӣ нусхаи комили «Меъёр-ул-ашъор» дар Теҳрон ба саъйи марҳум Наҷмуддавла ба табъ расидааст. Матни нусхае, ки Муаззама Иқболӣ фароҳам овардааст, дар асоси се нусхаи комил мураттаб шудааст.

1. Нусхаи 702 ба хатти Муҳаммад бинни Мутаввах, мутааллиқ ба яке аз китобхонаҳои Туркия, ки нусхаи аксии он дар китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон мавҷуд аст.

2. Бо ташаббуси муҳаққиқи осори Хоҷаи Тӯсӣ Наҷмуддавла дар соли 1320 [1994] ин нусха дар Теҳрон ба чоп расидааст.

3. Шарҳи «Меъёр-ул-ашъор» бо номи «Мизон-ул-афкор» соли 1330 [1952] дар Ҳинд бо саъйи Муфтӣ Саъдуллоҳи Муродободӣ ба чоп расидааст.

Ҳамин тариқ, зимни омӯзиш ва баррасии рисолаи «Меъёр-ул-ашъор» нусхаи муфтӣ Саъдуллоҳи Муродободӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

«Меъёр-ул-ашъор» ба илми арӯз қофия ва истилоҳоти соҳаи арӯз бахшида шуда, баъд аз «Ал-муъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ идомабахши суннати рисоланависӣ дар илми сегонаи шеър мебошад. Оид ба илми мусиқӣ Хоҷа Насириддини Тӯсӣ рисола ё бобе аз «Меъёр-ул-ашъор» ҷудо накарда бошад ҳам, баъзе заминаҳои омӯзиши илми мусиқиро дар осори худ ба миён гузоштааст. Ин рисола соли 1253 баъд аз «Ал-муъҷам фӣ мағойири ашъор-ил-Ачам»-и Шамси Қайси Розӣ аз нуқтаи назари аҳли мантиқ дар шинохти шеър ва қофия ба вуҷуд омадааст.

«Меъёр-ул-ашъор» аз муқаддима ва ду фан иборат аст. Муқаддима дорои се фасл буда, муаллиф дар он оид ба моҳияти шеъру шоирӣ, санъатҳои шеърӣ, ҳадду ҳудуди шеър, ихтилофи вазну қофия сухан мекунад.

Профессор Абдунабӣ Сатторзода зимни таҳқиқи «Меъёр-ул-ашъор» дар рисолаи «Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ» [7, с.144] чунин масъалагузорӣ мекунад: «Мувофиқи маълумоти Муҳаммад Қазвинӣ соли 649 ҳичрӣ [1254], яъне пас аз 21 соли таълифи «Ал-муъҷам», рисолаи «Меъёр-ул-ашъор» навишта шуд, ки дар ин замон Хоҷа Насириддини Тӯсӣ 52 сола буд. Воқеан кадом зарурат боис гардид, ки Хоҷаи Тӯсиро ба

таълифи рисолаи «Меъёр-ул-ашъор» водор сохт, дар ҳолате ки «Ал-муъҷам» дар байни аҳли илму адаб маълуму машҳур гашта буд.

Ба андешаи мо «Ал-муъҷам фӣ-маъойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамс Қайси Розӣ асарест, ки дар илми адабиётшиносии асримиёнагии тоҷик дар нисбати шинохти илми шеър ва шоирӣ дигаргуниҳои азимеро ба вуҷуд оварда, барои ташаккули минбаъдаи шеъри тоҷикӣ ва назарияи он заминаи мусоидро фароҳам овард.

Ин асарро метавон дар шинохти шеър ва меъёру қонуниятҳои зотӣ ва иловагии он аз муҳимтарин сарчашмаи боэътимод ҳисобид. Вале дар замони Хоҷаи Тӯсӣ назари аҳли мантиқ дар шинохти шеър аҳамияти бештар пайдо карда, илми адабиётшиносӣ аз назари мантиқиён бештар ба афкори илмии юнониён, аз ҷумла Арасту, майл намуд. Аз ҳамин сабаб, Хоҷаи Тӯсӣ дар фасли «Дар ҳадди шеър ва таҳқиқи он» дар таърифи шеър аҳамияти тахайюлро хеле барҷаста нишон медиҳад. Дар ҳамин замина мубоҳисаи мантиқиён ва урфи ҷумҳурро дар эътирофи тахайюл таъкид менамояд. Ҳамчунин ақидаҳои ҳукамои Юнон ва шоирони Аҷамро дар эътирофи асбоби моҳияти шеър оварда, бартариятро бештар ба афкори ҳукамои Юнон медиҳад.

Дар муҳити асримиёнагии тоҷик эътибор пайдо намудани афкори адабӣ ва эстетикии ҳукамои Юнон ва араб Хоҷаи Тӯсиро водор намуд, ки баҳри шинохти назариёти адабии онҳо рисолаи «Меъёр-ул-ашъор»-ро таълиф намояд.

Дар «Меъёр-ул-ашъор» бештар арӯз ва вижагиҳои қофия дар шеъри араб ва асосгузорони он Халил ибни Аҳмад ва Заҷоҷ мавриди таъкид ва эътибор қарор гирифтаанд. Абёте, ки Хоҷаи Тӯсӣ барои собит намудани андешаҳои худ шоҳид овардааст, ба забони порсӣ ва арабӣ мансуб буда, аз ҷиҳати миқдор баробар мебошанд. Масалан, барои баҳри мадид, ки аз баҳрҳои сирф арӯзи тоҷикӣ аст, аз шоҳид байтҳои овардашуда танҳо се байти он ба забони форсӣ мансуб мебошанд.

Вале муаллифи «Ал-муъҷам» асосан такя ба адабиёти форсӣ менамояд ва барои собит намудан ва нишон додани хусусиятҳои ҳар баҳр қасидаҳоро дар шакли пурра меорад.

Дар «Меъёр-ул-ашъор» асосан баҳрҳои арабӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, дар мавридҳои зарурӣ хусусиятҳои баҳрҳои арабӣ дар абёти форсӣ мавриди татбиқ қарор мегиранд. Аз чунин муносибат ва тадқиқот бармеомад, ки Хоҷаи Тӯсӣ ё чун пешиниёни аҳли мантиқ исбот кардан мехоҳад, ки вазн ва қофия хосси шеъри араб аст ва ё ҳамчун муҳаққиқи арӯзи арабӣ бартариятро ба шеъри араб дода, ба шеъри порсӣ камтар таваҷҷуҳ менамояд. Тӯсӣ абётеро аз шоироне, меорад, ки аксари онҳо дар шеъри порсӣ он қадар соҳибном нестанд.

Шамс Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам» ҳар як ҷузъиёти илми арӯзу қофияро хеле муфассал шарҳ додааст. Насириддини Тӯсӣ бошад, вижагиҳои арӯз ва қофияро дар асоси қоидаҳои шеъри араб тавзеҳ медиҳад.

Ҳатто се баҳри ихтироъкардаи аҷамиёнро Хоҷа Насир «наздики мутааххирон ҳам матрук аст» [3, с.422] гуфтааст, ки аксари муҳаққиқон, аз ҷумла Сайфии Бухороӣ ва Мавлоно Ҷомӣ, ин даъвои Тӯсиро пазируфтанд.

Шамс Қайси Розӣ маънои луғавии ҳар баҳрро бо шарҳи маънии истилоҳии онҳо меорад, вале Тӯсӣ зимни баррасӣ бештар ба маънои истилоҳии баҳрҳо аҳамият дода, ба кадом забон мансуб будани ҳар як баҳрро таъкид менамояд. Тӯсӣ тавзеҳи маънои луғавии истилоҳоти арӯзро дар боби алоҳида меорад. Аҳамияти илмии фасли «Дар маънои баъзе ақлоби мазкур ба порсӣ» дар он аст, ки Хоҷаи Тӯсӣ дар тавзеҳи луғавӣ муносибати маъноӣ ва луғавии баъзе истилоҳотро нишон додааст. Масалан, «Ва ғарибро аз ҷиҳати қиллати истеъмол ва ракзухайл [рондани асб бошад ба пой, ки бар паҳлуи ӯ бичунбонад]. Ва ин баҳрро ба он сабаб ба он ном хонда, ки равонии ӯ ба такаллуф аст» [3, с.256].

Хоҷа Насириддини Тӯсӣ бори аввал дар «Меъёр-ул-ашъор» вазнро ҳамчун унсури муҳимтарини шеър таъриф додааст, ки он чунин аст: «Вазн ҳайатест тобеъи низоми тартиби ҳаракот ва сукут ва таносуби он дар адад ва миқдор, ки нафс аз идроки он ҳайат лаззати махсус ёбад, ки онро дар ин мавзӯъ “вазн” хонанд» [3, с.120]. Тавре ки мебинем, Тӯсӣ вазнро бо инобати вижагиҳои забонӣ амиқтар тавзеҳ ва тафсир намуда, назари пешиниёнро нодида мегирад. Ба назари профессор Абдунабӣ Сатторзода бо ин таърифе, ки Тӯсӣ баён кардааст, вазнро на фақат аз зумраи асбоби тахайюл, балки аз фусули зотии он медонад. Бо ин нукта Тӯсӣ фаҳмиши мантиқии вазнро бештар таъкид менамояд ва аҳамияти онро дар сохтори шеър ва бунёди тахайюл таъкид месозад. Зеро вазн санҷиши калом буда, барои ба вуҷуд омадани тахайюл таъсир мерасонад. Ҳатто мавзунии суханро Хоҷаи Тӯсӣ тобеи вазн таъкид медорад, чунонки Сайфии Бухороӣ меорад: «Пас, ҳар чи ба мизони баҳре аз буҳур рост бошад, он мавзун аст ва он чи ба мизони ҳеч баҳре рост набошад, номавзун аст» [13, с.26].

Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар нисбати баҳрҳои ихтироънамудаи мардуми Аҷам назари некбинона надорад ва онҳоро аз вазнҳои нофаъоли арӯз меҳисобад. Яке аз баҳрҳои маъмули ихтироънамудаи арӯзиёни форсҳо баҳри қариб буда, ин баҳр аз ҷумлаи буҳури

мустаҳдас [навбунёд] аст ва баъд аз дусад соли Халил ибни Аҳмад ихтироъ шудааст. Ва мегӯянд, ки Мавлоно Арӯзии Нишобурӣ аввал касе аст, ки дар форсӣ ба илми арӯз ворид кардааст. Аксари арӯзиён бар онанд, ки аркони ин баҳр ба аркони баҳри ҳазаҷ ва музореъ қарибӣ дорад, аз ин ҷиҳат ин баҳрро қариб гуфтаанд. Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» ин баҳрро аз ҷумлаи баҳрҳои порсӣ медонад ва абёти шоҳидро низ аз шоирони номаълуми тоҷик оварда, таъкид мекунад, ки «… ва ин баҳр наздики мутааххирон ҳам матрук аст». Яъне, рисолаи «Меъёр-ул-ашъор» бештар ба тадқиқи арӯзи тозӣ бахшида шуда, дар бораи арӯзи порсиён аз рӯйи зарурат сухан мекунад.

Ба вуҷуд омадани баҳрҳои ҷадид ва кӯшиши сохтани доираҳои нав бар он далолат мекунад, ки системаи арӯзи Халил ибни Аҳмад ба шеъри форсии тоҷикӣ ба шакли тайёр интиқол нашуда, балки шоирон ва муҳаққиқони илми шеър ин арӯзро ба табиати шеъри форсии тоҷикӣ мутобиқ сохта, дар мавридҳои мувофиқ баҳрҳои хосси тоҷикиро ихтироъ намудаанд.

Маълум аст, ки дар арӯзи арабӣ доирае, ки худи Халил ибни Аҳмад тартиб дода буд, устувор мебошад. Шамс Қайси Розӣ барои вазни шеъри форсии тоҷикӣ чор доира-Муъталифа [ҳазаҷ, рамал, ва рамал], Мухталифа [мунсареҳ, музореъ, муқтазаб, муҷтасс], Мунтазиа [сареъ, хафиф, қариб, ҷадид, мушокил], Муттафиқа [мутақориб, мутадорик] –ро мураттаб сохта буд.

Насириддини Тӯсӣ вазнҳои шеъри форсии тоҷикиро дар панҷ доира нишон додааст:

1. Муҷталибаи солима [ҳазаҷ, раҷаз ва рамал].
2. Муҷталибаи музоҳафа [ҳазаҷи макфуф, раҷази матвӣ, рамали махбун].
3. Муштабиҳаи мусаммана [мунсареҳи матвӣ, музореъи макфуф, муҷтасси махбун].
4. Муштабиҳаи мусаддаса [сареъи матвӣ, қариби макфуф, хафифи махбун, муқтазаб].
5. Муттафиқа.

Албатта, ин доира танҳо барои шинохт ва татбиқи арӯзи форсӣ набуда, балки ин доира барои осонтар фаҳмидан ва татбиқи арӯз дар шеъри арабӣ низ тартиб дода шудааст. Ин тартибот дар «Ал-муъҷам»-и Шамс Қайс ва рисолаи «Арӯз»-и Мавлоно Ҷомӣ ва Сайфии Бухороӣ бо эътибори шеъри форсӣ таҳия шудаанд. Вале дар замони Тӯсӣ дасти аъроб ҳанӯз аз сари мардум дур нашуда буд ва нуфузи илму фарҳанги араб аз болои тамаддуни аҷамиён бор дошт. Аз ин рӯ, ҳар асари илмӣ ё фарҳангӣ бидуни фарҳанги араб таҳия намегардид. Аҳамияти илмӣ ва усулии «Меъёр-ул-ашъор»-и Тӯсӣ дар он аст, ки баҳрҳои шеъри аҷамиёнро дар радифи баҳрҳои шеъри араб татбиқ намуд ва усулҳои татбиқи баҳрҳои Халил ибни Аҳмадро дар шеъри форсии тоҷикӣ нишон дода, чун дастури омӯзиш татбиқи арӯзи пешиниёнро дар шеъри асримиёнагии форсии тоҷикӣ ба мерос гузошт.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва пажӯҳиши рисолаи «Меъёр-ул-ашъор»-ро ба чунин хулосаҳо метавон ҷамъбаст намуд:

1. Рисолаи “Меъёр-ул-ашъор» яке аз сарчашмаҳои муҳимми илмӣ барои омӯхтани арӯзи форсии тоҷикӣ ва арабӣ мебошад.

2. Рисолаи «Ал-муъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ аз бузургтарин сарчашмаҳои омӯзиши илми сегонаи шеър: арӯз, қофия ва саноати бадеӣ буда, ҳамчун асари комил ва муфассал ба омӯзиш ва пажӯҳиши шеъри форсии тоҷикӣ бахшида шудааст. Ҳамзамон ин рисолаи муҳимми илмӣ на фақат барои ба вуҷуд омадани рисолаи «Меъёр-ул-ашъор» хизмат кардааст, балки дар асрҳои баъдӣ дар таҳияи рисолаҳои илмии шеър мавриди эътироф ва истифодаи муҳаққиқони илми бадеъ ва арӯз қарор дода шудааст.

3. Рисолаи «Меъёр-ул-ашъор» аз назари аҳли таҳқиқ масъалаҳои муҳимми шеър, арӯз ва қофияро фаро гирифта бошад ҳам, Хоҷаи Тӯсӣ бо ин рисола вазифаи худро дар шарҳу тафсири масъалаҳои шеъру фарҳанги араб мебинад.

4. Насириддини Тӯсӣ чун Ибни Сино ва Форобӣ дар ин рисола ва дар «Асос-ул-иқтибос» вазн ва қофияро хосси шеъри араб донистааст.

5. Насириддини Тӯсӣ ҳам дар рисолаи «Асос-ул-иқтибос» ва ҳам дар «Меъёр-ул-ашъор» дастовардҳои илму адаби форсии тоҷикиро ба афкори файласуфони юнонӣ ё араб вобаста медонад.

6. Тӯсӣ дар ин рисола аввалин бор таърифи вазнро дода, онро тобеи низому тартиби ҳаракот ва сукунот ва таносуб дар адад ва миқдор ҳисобид.

7. Насириддини Тӯсӣ дар ин асар аввалин бор вазнро асбоби тахайюл ва аз фусули зотии он мешуморад.

8. «Меъёр-ул-ашъор» мавриди эътибори аҳли илми арӯз гашта, тамоми арӯзиён, шеършиносон ва аҳли адаб дар таълифи рисолаҳои илмии хеш ба он мурочиат кардаанд.

9. «Меъёр-ул-ашъор»-и Тӯсӣ барои омӯзиш ва шинохти низоми арӯзи Халил ибни Аҳмад мадад мерасонад.

10. Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар тавзеҳи қоидаҳои арӯз ва қофияи шеъри форсӣ усули муқоисаро татбиқ менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Шеъри бедурӯғ, шеъри бефурӯғ.-Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳудо,1372. -588 с. [бо ҳуруфоти форсӣ].
2. Ибни Сино. Фанни шеър: тарҷумаи Муҳаммад Тақии Донишпажӯҳ; таҳияи Абдунабӣ Сатторов // Садои Шарқ, №8, 1980. -С. 65-74.
3. «Меъёр-ул-ашъор»-и Хоҷа Насириддини Тӯсӣ // «Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ»; бо инзимоми маҷмӯаи ашъори форсии Хоҷа Насир ва матни комили «Меъёр-ул-ашъор». -Теҳрон, 1370. -422 с.
4. Мусулмониён Раҳим. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ.-Теҳрон, 1377. - 256 с. [ба ҳуруфоти форсӣ].
5. Сатторзода Абдунабӣ. Куҳна ва нав.- Душанбе: Адиб, 2004. -253 саҳ.
6. Сатторов А. Шеъри Рӯдакӣ ва муаммои таҳлили каломи манзум // Садои Шарқ, 1989. №9. -С. 95-104.
7. Сатторзода А. Таърихчаи назариёти адабии форси тоҷикӣ. –Душанбе: Адиб, 2001.-144 с.
8. Рисолаҳои шеърии файласуфони мусулмон.- Теҳрон, 1392. -292 с.
9. Фанни шеър [Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ]. -Душанбе, 1977. - 232 с.
10. Хоҷа Насириддини Тӯсӣ. Асос-ул-иқтибос; тасҳеҳи Азизуллоҳ Ализода.- Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1389. -559 с.
11. شعر و شاعری در آثار خواجه نصیرالدّین طوسی.-بیانضمام مجموعة اشعار فارسی خواجه نصیر و متن کامل «معیار ال اشعار» ، تهران، 1370، 422 ص.
12. رضوی، محمّد تقی مدرّس. احوال و آثار خواجه نصیرالدّین طوسی/محمّد تقی مدرّس رضوی، تهران، اساطیر، سادات تهران، 1336. 145 ص
13. رسالة «عروض» سیفی و «قافیه» جامی، به تصحیح بلاخمان، به اهتمام محمّد قشارکی. تهران،1372. 145 ص

УМУМИЯТ ВА ФАРҚИ УСУЛӢ ДАР «АЛ-МУЪҶАМ»-И МУҲАММАД ШАМС ҚАЙСИ РОЗӢ ВА «МЕЪЁР-УЛ-АШЪОР»-И ХОҶА НАСИРИДДИНИ ТӮСӢ

«Меъёр-ул-ашъор» аз асарҳои муҳимтарин дар улуми сегонаи шеър ба ҳисоб рафта, соли 1253 аз ҷониби донишманди бузурги тоҷику форс Хоҷа Насириддини Тӯсӣ таълиф гардидааст. Ин асари гаронқадр чун рисолаи «Ал-муъҷам-фӣ-маъойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамс Қайси Розӣ дар илми адабиётшиносии тоҷик шуҳрати безаволеро касб кардааст. «Меъёр-ул-ашъор» аз муқаддима ва ду фан иборат аст, ки истилоҳи фан дар таснифи масъалаҳои рисола, ба вожаи «боб»-и имрӯз муродиф аст. Муқаддимаи рисола дорои се фасл буда, Хоҷаи Тӯсӣ дар он оид ба моҳияти шеъру шоирӣ, санъатҳои шеърӣ, ҳадду ҳудуди шеър, ихтилофи фикр дар шинохт ва эътирофи вазну қофия сухан меронад. «Меъёр-ул-ашъор» ба илми арӯз, қофия ва истилоҳоти соҳаи арӯз бахшида шуда, баъд аз «Ал-муъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ идомабахши суннати рисоланависӣ дар илми сегонаи шеър мебошад. Оид ба илми мусиқӣ Хоҷа Насириддини Тӯсӣ рисола ё бобе аз «Меъёр-ул-ашъор» ҷудо накарда бошад ҳам, баъзе заминаҳои омӯзиши илми мусиқиро дар осори худ ба миён гузоштааст. Ин рисола соли 1253 баъд аз «Ал-муъҷам фӣ мағойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ аз нуқтаи назари аҳли мантиқ дар шинохти шеър ва қофия ба вуҷуд омадааст.

Калидвожаҳо: андоза, назм, арӯз, шеър, қофия, вазн, мушкилот, забон.

ПРИНЦИПИАЛЬНАЯ ОБЩНОСТЬ И РАЗЛИЧИЯ “АЛ-МУЪДЖАМ” МУХАММАДА ШАМСА КАЙСИ РАЗИ И “МЕЪЁР АЛ-АШЪОР” ХОДЖИ НАСИРИДДИНА ТУСИ

“Меъёр ал-ашъор” посвящен наукам о метрике, рифме и терминологии в области метрики и после “Ал-муъджам” Шамса Кайса Рази продолжает традиции написания трактатов по тройственной поэтике. Несмотря на то, что Ходжи Насириддин Туси и не выделял трактат или какую-либо главу из “Меъёр ал-ашъор” науке о музыке, тем не менее, некоторые основы изучения науки о музыке он приводит в своих трудах. Этот трактат возник после “Ал-муъљам фї маґойири ашъор-ил-Аљам” с точки зрения представителей логики в познании поэзии и рифмы. “Меъёр- ал-ашъор”, состоит из введения и двух глав. Введение содержит три раздела, в которых автор рассматривает сущность поэзии и стихотворства, поэтические искусства, предел и границы поэзии, противоречие ритма и рифмы. Большинство исследователей аруза придерживаются такого мнения, что стопы этого размера близки стопам размеров “њазаљ” и “музореъ”, поэтому этот размер назвали “ќариб”. Ходжа Насириддин Туси в «Меъёр ал-ашъор» относит этот размер к числу персидских размеров аруза и, приводя в доказательство двустишия неизвестных таджикских поэтов, указывает, что “... и этот размер также является поставленным перед последователями”. Это означает, что «Меъёр-ал-ашъор», прежде всего, посвящен исследованию арабского аруза, а об арузе персов здесь говорится по необходимости.

Ключевые слова: размер, поэзия, аруз, стихи, ритма, метрика, проблема, язык.

PRINCIPLINARY MONITORING AND RELEASE "ALLEGED" SHELTERED TO RECEIVE ASSOCIATION OF "ASSOCIATION OF ASSOCIATION" MOST KNOWLEDGE

"Al-Mukhtour" Al-Mukalla is one of the most important ingredients in the meteorology, recycling and terminology of the metallurgical and meteorological "Al-mujeram" Shamsa Kassa Razzi is a native of the Tragedy of Trinidad and Tobacco. No, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no, no? This is the first of its kind in "Al-Faqih Fasting", the Hadith of the Prophet (peace and blessings of Allaah be upon him) in the poetry and poetry. "Libra-al-mu'moor", as you can see, the structure of the day and the moon. We offer a wide range of reviews, a great collection of poetry, poetry, poetry, poetry, rhythm and rhythm. The value of the calculator is based on the size of the image, the size of the image, the size of the image, the "clock" and the "clock", the pointer horizontal "almost". Hodja Nassirudi Tussi "Alzaq al-Ataor" is a member of the Board of Directors of the Department of Transportation, Inc., and is a member of the Board of Directors of the National Bank of Turkey. In the long run, the "Al-Aqsa Mosque", the capital of the Arabian Peninsula and the Arabian Peninsula, will be the focus of the Arab Spring.

Key words: Dance, Poetry, Poetry, Poetry, Rhythm, Metric, Problem, Word.

Сведения об авторе: ***Одинаев Нурмухаммад Сафарович*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки, научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **odinaievn@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-445-33-44**

Information about the author: ***Odinayev Nurmukhammad Safarovych*** - Institute of Language and Literature A.Rudaki, research associate. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 21. E-mail: **odinaievn@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-445-33-44**

УДК: 891.550

ВАСФИ ВАТАН ДАР АШЪОРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Шафтолиев А.Д.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Масъалаи Ватан ва ақидаҳои ватандӯстию ватанпарварӣ яке аз мавзӯоти муҳимму аҳамиятнок буда, дер боз таваҷҷуҳи доираи адабиётшиносонро ба худ ҷалб намудааст. Бархе аз донишмандони соҳаи адабиёт дар мавзуи тасвиру васфи Ватан тадқиқотҳои арзишнок гузаронида асару мақолаҳои илмии зиёдро ба табъ расонидаанд, аммо сарфи назар аз ин мавзуи мазкур, қисматҳои бисёре дорад, ки ҳанӯз ҳам ба таври пурраю комил таҳқиқ нагашта, муаммоҳои нокушуда ва паҳлуҳои норавшане дар ин бахш то кунун боқӣ мондааст. «Вожаи ватан маодули форсии меҳан аст ва аз «Меҳан» (mihan) гирифта шуда, вожаи авастоии он «маисан» (maethana) аз решаи маис (maeth) - ҷойи гузидан ва мондан ва вожаи «меҳмон» низ аз ҳамин реша аст. Ин вожа дар Авасто бисёр омада ва дар гӯишҳои блоки гуногуни эронӣ бо дигаргунӣ гуфта шудааст» [5, с.150].

Ватан барои ҳар як фард муқаддас буда, мисли модар азизу гиромӣ аст. Чаро аҳли хирад Ватанро ба модар баробар кардаанд, зеро ки Ватан низ мисли модар яктост. Кушодани чашми ҳастӣ дар канори модар ва Ватан ба вуқӯъ мепайвандад ва инсон дар канори ин ду муқаддасот ба воя мерасад ва дар канори як модар бедор гашта, охируламр дар канори модари дигар абад хоб меравад. Ҷамъбасти шарҳи калимаи «ватан» дар луғатҳо ва фарҳангҳо чунин омадааст: «Ватани қавмӣ ё ҷуғрофиёӣ ҳамон меҳан ё шаҳр ва диёр ва кишваре аст, ки шахс дар он зиста ва бо ҳамнавои худ манофеи муштарак ва таърих ва забон ва фарҳанги воҳид доранд» [1, с.210].

Аниқ маълум аст, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик кам адибе пайдо мегардад, ки Ватанро насутудааст, ё дар ашъораш аз он канорачӯӣ намудааст. Адибони адабиёти классикии форсу тоҷик дар ҳамин ҷода маҳорати хешро нишон дода тасвири Ватан, ватандӯстию ватанпарвариро муҳимтарин мавзӯи ашъори худ дониста, тавассути он наслҳои минбаъдаро ба адолатхоҳию саховатмандӣ ва таҳаммулу ҳақиқатнигорӣ раҳнамоӣ менамоянд ва аз қалбашон ҷоҳилию фитнаандӯзиро берун мекунанд. Мавзӯи ватан ва ватандорӣ аз нахустин мавзӯоти адабиёти шифоҳӣ буда, маълум мешавад, ки ситоишу меҳру муҳаббати одамон нисбати ватану табиат барвақт оғоз ёфта буд. Муҳаббати Ватан дар ашъори тамоми шоирони адабиёти классикии форсу тоҷик мавқеи хосса дорад ва онҳо арзиши ватанро аз ҷон ҳам қиматтару гаронтар меҳисобиданд. Ба як сухан, васфи ватан аз мавзӯъҳои ҷовидонаи адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб мешавад.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки дар баробари дигар шоирон, Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004 - 1088) низ ба Ватани худ муҳаббати беохир доштааст, ки мо инро аз қасидаҳои худи шоир ва асарҳои илмии донишмандон пайдо мекунем. Аммо чизи ҷоизи қайд дар масъалаи ватандории Носири Хусрав ин аст, ки барои ӯ мусаввараи ватан дар ҳар шакл баромад кардааст ва аксар он бо фаъолияташ тавъам будааст. Ҳадафи ин мақола маҳз шарҳи мафҳуми ватану ватандорӣ аз нигоҳи Носири Хусрав ва нишон додани арзиши ин мусаввара дар ашъори ӯ мебошад.

Муаллифони китоби «Ҳакими суханвар» дар масъалаи муносибати Носири Хусрав ба ватани аҷдодиаш чунин қайд мекунанд: «Шоири мутафаккир аз он ғусса мехӯрад, ки кишвари ободу маъмури Хуросон, ки замоне маркази илму ҳикмат буд, ба макони деви малъун мубаддал шуда ва мардум ба ҷаҳлу нодонӣ, худхоҳиву шикампарварӣ ва балои нафси ҳайвонӣ гирифтор шудаанд. Акнун дар Хуросон осоишу рафоҳият фақат насиби фосиқону майхорагон, риёкорону зоҳирпарастон ва тамаллуққорону масхарабозон гардида, ҷӯяндагони ҳақиқат, мардумони донову пайравони дини пок дар зери фишору таъқиб ва ранҷу озор қарор доранд» [4, с.42].

Аз таҳлили боло бармеояд, ки мусаввари ватан барои шоир ҳамчун нишондиҳандаи вазъи ногувори замон баромад кардааст. Дар қасидаҳои пурсӯзу гудози бахшида ба ғарибии худ Носири Хусрав ҳар лаҳза ёди сарзамини хеш ва ҳисси баланди меҳру муҳаббаташро ба ватан баён намудааст. Шоир солҳои охири умраш, дар Юмгони Бадахшон ҳаёт ба сар мебурд ва дар байни ин мардуми некдил зиндагии осуда дошта буд. Мардуми Бадахшон ӯро бисёр ҳурмату эҳтиром менамуданд, вале Носири Хусрав ватанаш Хуросон ва хешону пайвандонашро фаромӯш накарда, доимо онҳоро ёд намудааст. Чунончи:

Салом кун зи ман, эй бод, мар-Хуросонро,
Мар-аҳли фазлу хирадро, на оми нодонро.
Хабар биёвар аз эшон ба ман, чу дода бувӣ,
Зи ҳоли ман, ба ҳақиқат, хабар мар эшонро [2, с.48].

Аз ин порча низ маълум аст, ки ватани шоир он ватан аст, ки аҳли илму фарҳангро иззату ҳурмат дорад, на он Хуросоне, ки парварандаи деву дад, нодону ом аст. Чуноне ки мебинем, дар худи ҳамин як пораи шеърӣ шоир ду тасвири ватан дорад, ки яке Хуросони макони аҳли фазлу ҳунар ва дигаре Хуросони макони аҷнабиёни бедонишу дин.

Бояд зикр намуд, ки чунин тасаввур гардидани ватан аз тарафи Носири Хусрав дар замони ҳукмронии хонадони туркон хеле тавсеа ёфт. Аз ҳаёти шоир мо хуб огоҳ ҳастем, ки ӯ фаъолияти худро аз дарбори шоҳон шуруъ намуд ва чун яқин кард, ки подшоҳони он вақт нисбати мардум зулму истибдодро раво медиданд, донишманди боиффат номуси озодазодагонии худро поймол накарда, яку якбора аз кори дарбор даст мекашад:

Туркон раҳиву бандаи ман буданд,
Ман тан чӣ гуна бандаи туркон кунам [2, с.629].

Носири Хусрав дар замоне ҳаёт ба сар бурд, ки сарзамини ӯ дар зери асорати душманон буда, аз рафтору амали шоистаю ҷавонмардонагии шоир маълум мегардад, ки ӯ аз молу манол дида, ватану миллати худро афзалтару бартар шумурдааст. Аз ин лиҳоз, вай аз вазифаи худ даст мекашад ва салҷуқиёнро султони шайтон гуфта, таъкид намудааст, ки «ман шайтонро ба султонӣ қабул надорам».

Зи ман маъзул шуд султони шайтон,
Надорам низ шайтонро ба султон [3, с.36].

Дар заминаи масъалаи ватан ва ватанпарастии Носири Хусрав ду образи дигар арзи ҳастӣ менамоянд, ки яке аҷнабиёни ба ватани шоир соҳибшуда ва дигаре ҳамватанони беномус ва лаганбардори шоир. Носири Хусрав шояд дуюмин шоири тоҷик баъд аз Ҳаким Фирдавсӣ буд, ки нисбати душманони ватану миллаташ ошкоро шӯриш бардошта, онҳоро разилу паст ҳисобид. Маълум аст, дар адабиёти форсу тоҷик ду суханвар яке Ҳакими Тӯс ва дигараш Ҳакими Қубодиёнӣ, ки дареғогӯи харобшавии ватан ва таҳсингӯӣ пешравии он будаанд. [7, с.147]. Носири Хусрав пайваста дар қасидаҳояш нисбати ин меҳмонони нохонда эътироз карда афсӯс мехӯрад, ки ҳамватанонаш бо туркон забон як карда, туркон дар хонаи эшон хонахудо шуданд.

Хуросон ҷойи дунон гашт, гунҷад,
Ба як хона дарун озода бо дун [3, с.47].

Дар ин байти қасида ҳамон мусаввараи Хуросон аст, ки ҷойи дунон гаштааст ва шоир чунин Хуросонро қабул надорад. Садоқатмандӣ, меҳру муҳаббат ва ҳисси ватандӯстии шоир ҳамеша маълум буда, ӯ пайваста дар нисфи зиёди қасидаҳояш онро навиштааст. Шоир дар ақидаи худ ба масъалаи ватандӯстӣ эътибори махсус додааст. Чунки муҳаббат ба ватан муҳимтарин ҳиссиёти инсон аст. Меҳру муҳаббат нисбат ба ватан дар сиришти одам ҳамеша вуҷуд дошта, алалхусус дар он мавриде, ки агар ватан дар зери хатар бошад, ё шахс аз ватан дур бувад. Носири Хусрав яку якбора ба ҳамин ду ҳолати номатлуб дучор гардид, ки ҳам Ватан зери хатар буд ва ҳам ӯ аз Ватан дур монд. Шоир оиди ин ду масоил чунин хитоб кардааст:

Азеро ту ба Балхи чун биҳиштӣ,
В-аз инам ман ба Юмгон монда масҷун [3, с.49].

Истисмор шудани халқ ва харобию ақибмонии ватан аз дасти сулолаи туркнажодон боиси ҷигарсӯзӣ ва нолаю фиғони шоир мегардад. Носири Хусрав бо як садоқати ба худ хос дар бораи ватанаш чунин сухан меронад.

Кунун-к Хуросонро ба ҷумла вайрон кард,
Аз ӯ чӣ гуна ситонам замини вайронро [2, с.52].

Новобаста аз он, ки зодгоҳи шоирро вайрону валангор намудаанд, ӯ дар фикри боз гардондани ин сарзамин аст. Аммо шоир нисбат ба кулли олам назари дигар дорад ва дар баъзе ҷойҳои қасидаҳояш таъкид мекунад, ки ба дунё сахт дил мабандед, зеро он фиребанда аст. Муаллифи китоби «Рози ҷаҳон» роҷеъ ба ин масъала чунин андешаронӣ кардааст: «Тасвири ин ҷаҳон, аксаран, дар нақши манфӣ ва гоҳе ҳам мунаввари фиребанда як навъ муқаддимаест барои муносибат ба он аз лиҳози суду зиён ва ахлоқ ва манфиати абадии инсонӣ. Ин гунбади пирӯзагуни беравзану гардон- чарх ё фалак дар як ҳол нест, гаҳе чун бӯстону гаҳе чу биёбон аст, яъне ин ҳолатҳо натиҷаи ҳамон хосияти аслии ӯ мебошанд» [9, с.120]. Шоир оиди ин дар як қасидааш чунин мегӯяд:

Ин гунбади пирӯзаи беравзани гардон,
Чун аст чу бӯстон гаҳу гоҳе чу биёбон?
Ман хона надидам, нашунидам ба ҷуз ин низ,
Як нима биёбону дигар нима гулистон [3, с.89].

Бояд ба таъкид гирифт, ки олами ба чашми Носири Хусрав пурфиреб ва умрро рабоянда аз сарзамини дар он инсон мутаваллид гашта тафриқа дорад. Ин яке сарчашмаи

фисқу фасод ва он дигаре сарчашмаи муҳаббат аст. Ватандӯстии Носири Хусрав ва тасвироти он дар ашъораш ошкорост; ӯ қариб дар бештари қасоидаш фикри худро дар ин мавзӯъ хеле асоснок баён намудааст. Ин шикваю ғаму ҳасратхӯрии шоир аз сабаби заифии ӯ набуда, балки аз диловарию номуси ҷавонмардонаи шоир дарак медиҳад. Аз ҳаёти вай кас хуб огоҳӣ дорад, ки Носири Хусрав фаъолияти худро аз дарбори шоҳон шурӯъ намуда дар дарбор обрӯю эътибори калон пайдо кард ва онро борҳо ба таъкид низ гирифтааст:

Дастам расида бар Маҳ, азеро ки ҳеҷ вақт,
Бе ман қадаҳ ба даст нагирад ҳаме амир,
Пеши вазир бо хатару ҳашматам бад-он-к,
Мирам ҳаме хитоб кунад: «хоҷаи хатир» [2, с.335].

Ва чун дид, подшоҳони он вақт нисбати мардум зулму истибдодро раво медиданд, шоир тарки кори дарбор карда нисбати онҳо нафрат мехонад. Ӯ наметавонад нисбат ба тақдири ватан ва ҳамватан бетафовут бошад, дар ҳоле, ки ватану ҳамвatани ӯ зери зулму истибдод қарор доранд ва ӯ ба айшу маишат машғул аст.

Мураттибони «Девони ашъор»-и шоир қайд кардаанд: «Шоири ватандӯст ва қавмгаро аз чунин вазъи номатлубу зишт изҳори норозигӣ менамояд, ки бо вуҷуди ҳамаи табоҳкориҳо ҳамеша хатибону рӯҳониёни тамаллуқкор ба номи султони бегонатабори аҷнабӣ хутба хонда ва бар ӯ таҳсину офарин мехонанд.

Ба макру ғадр мирад, ҳар ки дилро,
Ба макру ғадр дорад карда маъҷун.
Ҳамехонанд бар минбар зи мастӣ,
Хатибо офарин бар деви малъун» [2, с.11].

Муҳаққиқ Ҷ. Саидзода дар мақолаи «Сиголиш ва рӯҳиёти миллӣ дар ашъори Носири Хусрав» низ дар бораи ватандӯстии шоир ишораи хуб кардааст: «Дар ҳақиқат Носири Хусрав баъд аз Фирдавсӣ, падидаи ҳайратангези афкору орои ватандӯстонаву миллӣ буд, ки дар арсаи адабу фарҳанги мо қомат афрохт. Маҳз ӯ буд, ки ватандӯстӣ ва башардӯстии хештанро, ки шеваи зиндагию кори ниёгони мо буд, буруз дод ва барои пасояндагон ғурури ифтихори миллию озодагӣ ва ватандӯстиро ба мерос гузошт» [6, с.6-8].

Худи Носири Хусрав дар ин бора росто навиштааст, ки аз бадбинии душманон, аз насли Қубодиён ҷудо шуда бо Юмгон пайваст. Ин афсӯсхӯрии шоир аз он мебошад, ки ӯ ба ғарибии бебозгашт дучор гардид ва тамоми умедашро аз наздикону пайвандон ва ватани модариаш канда буд.

Пайваста насаб шудам ба Юмгон,
К-аз насли Қубодиён гусастам [2, с.614].

Бо вуҷуди ин, Носири Хусрав Юмгонро макони амн ва мардуми Бадахшонро аҳли илму ҳунар дарёфт ва ба ин ватани дуюмаш низ дил баст. Умуман, ватан дар ашъори Носири Хусрав дар ҳар шакл ҷилвагар мешавад ва ин мусаввара яке аз рукнҳо ё заминаҳои асосии муайян намудани самти мавзӯъ ва мундариҷаи қасидаҳояш мегардад. Ғурури ватандӯстии шоир боло мегирад ва вай аз тасвири хубии ватан ба тасвири ғасби он аз тарафи аҷнабиён, шикояти ҳамватанони тамаллуқкор ва ғайра мегузарад. Аксари шикояти шоир аз он мебошад, ки ӯ ҳеҷ гоҳ намехост туркон мардуми форсро пайваста зери шиканҷаи худ қарор диҳанд ва истисмор кунанд. Вай нисбати ин гуна зулму истибдод бетарафӣ карда наметавонист ва бо онҳо мубориза мебурд. Носири Хусрав мисли баъзе шоирони дарбор барои моли дунё ватану халқи худро фурӯхта наметавонист.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиакбари Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷ 49. - Теҳрон, 1968. - 368 с.
2. Алимардонов А. Девони ашъори Носири Хусрав. Ҷ.1. / А.Алимардонов, А. Нурмуҳаммад. - Душанбе: Шуҷоиён, 2009. – 640 с.
3. Алимардонов А. Девони ашъори Носири Хусрав. Ҷ.2. / А.Алимардонов, А. Нурмуҳаммад. - Душанбе: Шуҷоиён, 2009. – 648 с.
4. Маниёзов А. Ҳакими суханвар. Монография / А. Маниёзов, Х. Шарифов. - Душанбе: Деваштич, 2003. – 232 с.
5. Пошанг Мустафо. Фарҳанги форсӣ ва решаёбии вожагон. - Теҳрон: Меҳвар, 1377. - Чопи аввал. - 860 с.
6. Саидзода Ҷ. Сиголиш ва рӯҳиёти миллӣ дар ашъори Носири Хусрав // Ҷавонони Тоҷикистон, 2003. – 6 июн. - № 19.
7. Тоҳирӣ Қ. Ҳикматсарои Хуросон. Монография. - Душанбе, 2016. - 160 с.
8. Ҷаъфар Шиор. Гузидаи қасоиди Носири Хусрав / Ш. Ҷаъфар. - Теҳрон, 1370ҳ. – Шумораи 2. - Китоби дарсӣ. - 227 с.
9. Шарифов Х. Рози ҷаҳон. Моногарафия / Х. Шарифов. - Душанбе: Нодир, 2004. - 352 с.
10. Шарифов Х. Шоҳнома ва шеъри замони Фирдавсӣ. Монография / Х. Шарифов. - Душанбе, 2014. - 400 с.

ВАСФИ ВАТАН ДАР АШЪОРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Дар мақолаи “Васфи Ватан дар ашъори Носири Хусрав” истеъдоди шоирии Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар инъикоси ғояҳои беҳтарин насли башар-ҳисси ватандориву ватандӯстӣ, бо маҷмӯи эҳсосоти ба он таалуқдошта, бо истифода аз тарзу усул ва услубҳои мухталифи бадеӣ таҳлилу тасниф

гаштааст.Нахустин маротиба муаллифи мақола мавзӯи ватанро дар ашъори Носири Хусрав ҳамчун яке аз сарчашмаҳои пайдоиши мавзӯъ ва мундариҷаи қасоиди шоир ба миён гузоштааст ва онро бо мисолҳои мушаххас инъикос намудааст. Мақола саҳми алоҳида дар масъалаи шинохти ватан ва ватандорӣ аз тарафи бузургтарин намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ дар мисоли эҷодиёти Носири Хусрав, ки баландтарин эҳсоси инсонӣ – эҳсоси муҳаббат ба ватан, эҳсоси алоқамандӣ бо макони таваллудро ташвиқ мекунад, дорад. Андешаи худро дар бораи дарки ватан ва ватанпарварӣ аз тарафи Носири Хусрав ва инъикоси он дар ашъораш хулоса карда, муаллифи мақола нақш ва неруи муҳаббат ба ватанро ҳамчун муҳаррики пешбурди ҷомеа ба таъкид мегирад. Маҳз ватандор қудрати муқобилият ба ҳаракатҳои тартиби ҷомеаҳоро халалдоркунанда дошта, алайҳи ифротгарой истодагарӣ карда метавонад. Дар мақола инчунин таъкид шудааст, ки Носири Хусрав аз зумраи он фарзандонаи ватан буд, ки барои ояндаи он ташвиши зиёде мекашид. Ӯ на танҳо аз табиати зебои ватан лаззат мебурд ва зебоии онро ба тасвир мекашид, балки аз сахтиҳое, ки ба сари ватанаш омада буданд, дар канор истода наметавонист. Осори Носири Хусрав намунаи олитарини адабиёти форсии тоҷикӣ дар тарбияи ҳисси ватандӯстии насли оянда маҳсуб мешавад.

Калидвожаҳо: ватан, ватандорӣ, ҳамватан, олам, Хуросон, Юмгон, Балх, қасида, меҳр, зулм.

ИЗОБРАЖЕНИЕ РОДИНЫ В ТВОРЧЕСТВЕ НОСИРА ХУСРАВА

В статье “Изображение Родины в творчестве Носира Хусрава” отражены поэтическое мастерство Носира Хусрава Кубодиёни в воспевании величайших гуманистических идей человечества-чувства патриотизма, с применением различных методов и художественных средств. Автором статьи впервые ставится вопрос изучения темы Родины как одной из основополагающих тем касыд поэта. В статье приведены определённые образцы из творчества Носира Хусрава в качестве доказательства мнения автора. Статья вносит свой вклад в решение вопроса понимания родины и отчизны великими таджикскими поэтами на примере поэзии Носира Хусрава, в которой пропагандируется одно из высших человеческих чувств – любовь к родине, привязанность к родным местам. Резюмируя свои мысли об эпизодах, касающихся вопросов отчизны и её понимания в творчестве Носира Хусрава, автор статьи подчёркивает роль и силу любви к Родине как генератор развития общества; именно патриот может и должен противостоять силам, стремящимся к разрушению общественного порядка, и предотвратить радикализацию общества. В статье подчёркивается, что Носири Хусрав был сыном своей Родины, и переживал за её будущее. Он не только восхищался красотой своей родины и не только изображал свою любовь к ней, но и не мог оставаться в стороне от тех бед, которые постигли его Родину. Творчество Носира Хусрава считается одним из примеров таджикско-персидской литературы в сфере патриотического воспитания поколения.

Ключевые слова: родина, соотечественник, мир, вселенная, Хорасан, Юмган, Балх, касыда, любовь, жестокость.

HOMELAND DESCRIPTION IN THE WORKS OF NOSIR KHUSRAW

There has been analyzed and classified by implementation of various artistic methods the talent of Nosiri Khusrawi Kubodiyoni among best ideas of human kind together with a patriotic feeling and sequence of related emotions in the article “Homeland description in the works of Nosiri Khusraw”. The author of article brings a new idea on learning of the theme of homeland image in Nosiri Khusraw poetry which serves as one of the fundamental questions for the other topics for qasidas of the Poet. There are given some examples from the poetry of Nosiri Khusraw in the article as the evidence for the author idea. The article contributes to a question of understanding of the native land and fatherland from great Tajik poets on an example of poetry Nosiri Khusraw, which propagandizes one of the highest and sensitive human feelings – love to the native land, devotion to the native seats. Summarizing the ideas on episodes concerning to questions of fatherland and its understanding in work Nosiri Khusraw, the author of article emphasizes the role and power of love to the native land as the generator of a society; it is a patriot who can and should be able to fight the spoilers of peace and prevent the society from radicalization. It is indicated that Nosiri Khusraw was among those citizens who were concerned very much about the future of their country. He was delighted of the beauty of his native land, regularly represented his love to it and at the same time he could not remain on a side from those troubles, which have comprehended its Native land. The poetry of Nosiri Khusraw is considered one of those examples of the Persian-Tajik literature, which highly propaganda the patriotic upbringing of the generations.

Key words: homeland, fellow countryman, world, universal, Khuroson, Yumgon, Balkh, qasida, love, cruelty.

Сведения об авторе: ***Шафтолиев Атохуджа Давлатович*** - Хорогский государственный университет им. М.Назаршоева, старший преподаватель кафедры литературы и искусство. **Адрес:** 736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, улица Ш. Шотемур 28. E-mail: **atokhuja-1973@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-130-33-85**

Information about the author: ***Shaftoliev Atokhuja Davlatovich*** – Khorog state University. M. Nazarshoev, A Senior Tutor of the Literature and Culture Department. **Address:** 736000, Republic of Tajikistan, Khorog, Shohtemur Street, 28. E-mail: **atokhuja-1973@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-130-33-85**

УДК: 8 тоҷик 82+1/14

ТАЛМЕҲ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ

Баёнов М. Б.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рудакии АИ ҶТ

Абӯсаид Камолиддин Ҳасан бинни Муҳаммади Астарободии Наҷафии Шуштарӣ, мутахаллис ба Саҳобӣ, шоир ва орифи хушсаликаи садаи XVI-XVII аст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо, саҳми ӯ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII хеле назаррас буда, дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мақоми хос дорад. Аз ин сабаб, таҳқиқи осори Саҳобӣ барои амиқ омӯхтани адабиёти тоҷику форс муҳим мебошад. Шоир агарчи рубоӣ, ғазал ва маснавӣ

сурудааст, аммо асосан бо рубоиёташ машҳуру маъруф гардидааст. Дар ин мавриd Соиби Табрезӣ мегӯяд:

Ғазалгӯӣ ба Соиб хатм шуд аз нуктапардозон,
Рубоӣ гар мусаллам шуд зи мавзунон Саҳобиро [5, с.164].

Ашъори Саҳобӣ, ки адибе борикбин ва нуктасанҷ будааст, бо сабку услуби хоссае таълиф шуда, саршор аз маъниҳои наву тоза мебошад. Ҳаёту фаъолияти Саҳобии Астарободӣ дар мақолаҳои қаблии инҷониб низ мавриди баррасӣ қарор гирифта буд [2, с.163], аммо мо дар ин мақола доир ба санъати талмеҳ дар ғазалиёти шоир сухан мегӯем.

Саҳобӣ дар эҷодиёти худ қариб аз ҳама анвои санъатҳои бадеӣ истифода кардааст, алалхусус, аз санъати талмеҳ. Шоир тавонистааст, ки дар баробари дигар санъатҳои бадеӣ аз талмеҳ низ моҳирона истифода барад. Пеш аз он ки ба зикри талмеҳоти ашъори Саҳобӣ бипардозем, лозим аст, ки доир ба ин санъат чанд сухан бигӯем.

Доир ба санъати талмеҳ аввалин бор дар китоби «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, ки дар асри XIII милодӣ иншо намудааст, маълумот дода шудааст. Дар асари мазкур омадааст: «Талмеҳ он аст, ки алфози андак бар маънии бисёр далолат кунад ва ламҳ ҷастани барқ бошад ва ламҳа (лаҳза, дам) як назар бувад. Ва чун шоир чунон созад, ки алфози андаки ӯ бар маънии бисёр далолат кунад, онро талмеҳ хонанд» [4, с.301]. Муҳаққиқи тоҷик Т. Зеҳнӣ дар китоби “Санъати сухан” чунин нигоштааст, ки «талмеҳ нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизест. Агар “талмеҳ”-ро қалбан “тамлеҳ” қарор диҳем, ба маънои милҳ кардан - намакин кардан меояд, ки ин ҳам дуруст аст» [3, с.92]. Дар «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» гуфта мешавад, ки талмеҳ «аз санъатҳои маънавист ва он иборат аз ин аст, ки шоир бо як ишора маънии чуқур ва баландро ифода мекунад» [7, с. 108]. Ҳамчунин, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маънои ишора, нигоҳи сабук ба сӯйи чизе, ишора кардани шоир дар шеъри худ ба қисса ё масали маъруфе ташреҳ шудааст [6, с. 300]. Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» низ талмеҳ ба маънои назар андохтан, нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизе ва як навъ санъати бадеие зикр шудааст, ки зимни он шоир ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ ва қиссаву афсонаҳо ишора мекунад [8, с.165].

Лозим ба ёдоварист, ки шоир санъати талмеҳро ҳам дар рубоиёт ва ҳам дар ғазалиёти худ фаровон истифода бурдааст. Аммо дар ин мақола сухан дар бораи талмеҳоти ғазалиёти шоир меравад. Албатта, талмеҳоти рубоиёти шоир таҳқиқоти вижаро талаб мекунад, зеро дар рубоиёти ӯ нисбат ба ғазалиёташ бештар ба қиссаҳо ва оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавию рӯзгори паёмбарон ишора шудааст. Дар ғазалиёти ӯ аслан ба ривоятҳои динӣ, қаҳрамонҳои осори адабию асотирӣ ва паёмбарон ишора шуда, ба ояҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ хеле кам истинод шудааст.

Қобили зикр аст, ки адабиётшиносон талмеҳоти адабиёти классикии тоҷикро аз нигоҳи пайдоиш ба чанд гурӯҳ ҷудо кардаанд. Аз ҷумла:

1. Қиссаву ривоятҳо ва шахсони асотирӣ;
2. Тасаввури гузаштагон дар бораи пайдоиш, сохти кайҳону ситораҳо;
3. Афсонаву ривоятҳои динӣ;
4. Рӯйдодҳо ва шахсони таърихӣ;
5. Воқеаҳои фарҳангӣ, аҳли илму адаб ва осори онҳо;
6. Қаҳрамонҳои асарҳои адабӣ;
7. Маконҳои ҷуғрофӣ, ки воқеаҳои асотирӣ ва ё таърихие, ки он ҷо рӯй додаанд ва ғайра.

Аз санъати талмеҳ шоирони муосир низ зиёд истифода мебаранд. Масалан, Шоири халқии Тоҷикистон Назри Яздонӣ дар шеъри «Ифтихор» аз ин санъат хеле зебо ва бамаврид истифода кардааст.

Аз ҷанги замона сарфароз омадаам,
Солор чу Сайҳуни Тироз омадаам.
Бо фахру шаҳомати Шаҳи Тирандоз,
Аз тегу туфанг бениёз омадаам [9, с.8].

Истифодаи талмеҳ дар шеър аз он далолат мекунад, ки шоир ҳамон асотир, қисса ё ривояту достонро хуб медонад ва талмеҳан дар шеъри худ ба он ишора мекунад. Яъне метавон гуфт, ки истифодаи талмеҳ дар шеър, то андозае аз дониши таърихӣ, асотирӣ, динӣ, адабӣ ва фалсафии ҳамон шоир дарак медиҳад. Масалан, аз байтҳои зерин маълум мешавад, ки Саҳобӣ аз қисса ё достонҳои зикршуда огоҳии комил доштааст.

Ишқро гар рутбаи олӣ бувад, Фарҳодро
Ҳамсарӣ бо Хусрави Парвиз кардан мушкил аст [1, с. 137].

Ё ки:

Ғанӣ шудам чу Саҳобӣ зи ишқу дар сари ман
Ҳавои тоҷи Кайю афсари Сулаймон нест [1, с.170].

Саҳобии Астарободӣ дар ғазалиёти худ санъати талмеҳро хеле фаровон ва бамаврид истифода карда, метавон гуфт, ки дар адабиёти классикӣ яке аз шоирон мебошад, ки аз

санъати талмеҳ зиёд истифода кардааст. Ҳатто дар як ғазал дар чанд маврид ба ягон қисса ва ин ё он шахсиятҳои динию таърихӣ ишора кардааст.

Чунончи:

Гар наӣ воқифи маънӣ, чӣ асар даъвиро,
Ҳеҷ сурат набувад даъвии бемаъниро.
Ёр то аз лаби ҷонбахш даромад ба сухан,
Дод бар бод дами ӯ нафаси Исиро.
Ҳуштар аз хоки дари дӯст мақоме нашинохт,
Бо вуҷуде, ки сабо гашт ҳама дунёро.
Бар дари майкада май бо дафу най чун нахӯрам,
Ман, ки сад чок задам пираҳани тақвиро.
Гарчи Маҷнун накунад ёди худ аз ишқ, вале
Нест мумкин, ки фаромӯш кунад Лайлиро.
Ошиқон бок надоранд зи афсуни рақиб,
Чӣ гам аз ҷодуи Фиръавн бувад Мусиро.
Баски кардӣ ба раҳи ишқ Саҳобӣ афгон,
Сохтӣ бохабар аз ҳолати худ халқеро [1, с. 40].

Ё ки:

Биафкан соябони сурату бигзор даъвиро,
Ки афтад бар ту партав офтоби авҷ маъниро.
Ба тӯри ишқ рав оинаи дилро ҷилое деҳ,
Ки дарёбӣ чу Мусӣ партави нури таҷаллиро.
Маро мақсуд аз чашми ҷаҳонбин дидани ёр аст,
Нахоҳад дид Маҷнун, гар набинад рӯйи Лайлиро.
Зи ҳарфи лаъли ӯ ҳар дам тани фарсуда ҷон ёбад,
Бале, бошад асар дар мурдагон анфоси Исиро.
Саҳобӣ, гар ҳадиси ишқ гӯйӣ дард пайдо кун,
Ки набвад эътиборе бе гувоҳи қавл даъвиро [1, с. 55].

Шоир дар ғазалҳои зикршуда ҳам ба қиссаҳои маъруфи адабиёт ва ҳам ба қиссаҳои динӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст ва суннати талмеҳгароии адибони орифро густариш бахшидааст. Тавре ки гуфтем, талмеҳоти истифодакардаи Саҳобии Астарободиро аз нигоҳи пайдоиш метавон чунин тақсимбандӣ намуд:

1. Талмеҳоти динӣ, ки ба қиссаҳои қуръонӣ ва паёмбарон мансуб мебошанд;
2. Ишора ба достонҳо ва қаҳрамонҳои осори адабӣ;
3. Ишора ба маконҳои ҷуғрофӣ, ки воқеаҳои динӣ, асотирӣ ва ё таърихӣ дар он ҷойҳо рӯй додаанд.

Дар ин қисмати мақола мо доир ба талмеҳоти динӣ, ки ба қиссаҳои қуръонӣ ва паёмбарон мансуб мебошанд, суҳбат менамоем. Бояд қайд намуд, ки талмеҳоти ҳар як қисса дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Ишораҳо ба «Қиссаи Юсуф». Дар байти зерин шоир маъшуқа ё мамдуҳи худро ба Юсуф ташбеҳ дода, талмеҳан ишора мекунад, ки аз он рӯзе, ки аз рӯйи ту дур шудем, ҳамчун Яъқуб, ки аз фироқи Юсуф дар “Кулбаи эҳзон” ранҷ мекашид ва месӯхт, мо низ дар фироқи ту месӯзем ва кунҷи танҳоию малол ихтиёр кардаем.

Эй Юсуф, аз ҷамоли ту то дур мондаем,
Яъқубвор кунҷи малол аст ҷойи мо [1, с. 36].

Дар ҷойи дигар шоир ба маъшуқаи худ хитобан мегӯяд, ки рухи зебои худро ба ман нишон додӣ ва ҳамчун Юсуф бозори маро гарм намудӣ ва ман боз харидори ту гаштам. Шоир дар ин байт талмеҳан ба қиссаи ҳазрати Юсуф ба он лаҳзае, ки аз ҷониби Молик ибни Зағр фурӯхта мешавад, ишора кардааст.

Рух намудӣ ҳамчу хуршед аз сипеҳри дилбарӣ,
Юсуфи ман гарм кардӣ боз бозори маро [1, с. 67].

Дар байти зерин бошад шоир занахдони маҳбубаи худро, ки қисмати зеботарини чеҳраи занон аст, тавсиф намуда ба маҳбубаи худ хитобан мегӯяд, ки Юсуф зеботарин махлуқи рӯйи замин, гирифтори зебоии ту аст. Яъне Саҳобӣ барои тақвияти сухани худ ба қиссаи Юсуф ишора намуда, сухани худро пуробуранг баён намудааст.

Эй он ки асири зақанат моҳвашонанд,
Сад Юсуфи мисрист дарафтода ба чоҳат [1, с. 119].

Ба ҳамин монанд Саҳобӣ дар байтҳои зерин маҳбубаи худро тавсиф намуда, талмеҳан ба Юсуф ишора карда, мегӯяд:

Ҳаст моҳу рӯйи ӯро ҳар тараф сад муштарӣ,
Рафт даври хубии Юсуф кунун бозори ӯст [1, с. 127].

Рафт даври ҳусни Юсуф, моҳи ман акнун туӣ,
Бар сари бозори хубӣ фитнаю гавгои туст [1, с. 132].

То ҳамчу Юсуф аз сари бозор рух намуд,
Бозори гул аз он бути гулпираҳан шикаст [1, с. 129].

Дар “Қиссаи Юсуф” пурсӯзтарин лаҳзаҳо нобино гаштани Яъқуб ва шифо бахшидани пироҳани меросмонда аз Иброҳим (а) ҷадди Юсуф (а) мебошад, ки чашмони заъифгаштаи Яъқубро бино мегардонад. Яъқуб агарчи аз Юсуф фарсаххо дур буд, аммо гоҳ-гоҳ бӯйи хуше аз фарзандаш истишмом мекард. Хусусан баъди он ҳама ҳичрон, ҳангоме ки Юсуф Азизи Миср мешавад ва пироҳанашро аз Миср барои бино гардонидани чашмони падараш Яъқуб сӯйи Канъон мефиристад, дар Канъон бӯйи пироҳан ба машоми Яъқуб мерасад. Шоир ба ҳамин нуктаи қисса, ишораҳои зиёде дорад, ки чанде аз онҳоро ин ҷо меоварем:

Яъқубсифат дидаи ҷон рӯшанӣ андохт,
Дар боди сабо бӯйи гули пираҳани кист? [1, с. 96].

Боз шуд чун дидаи Яъқуб чашми ҷони ман,
То аз он Юсуф насиме дар машоми ман вазид [1, с. 357].

Ҳар диле, к-аз Юсуфи худ бӯйи пироҳан шунид,
Ғунчасон сар дар гиребон, пой дар доман кашид [1, с. 357].

Сабо бӯйе зи ҷайби Юсуфи ман сӯйи бог овард,
Ки чун Яъқуб чоки ҷомаи гул то ба домон шуд [1, с. 280].

Ишорот ба «Саргузашти Исои Масеҳ». Агарчи талмеҳоти Саҳобӣ ба саргузашти Исои Масеҳ нисбат ба саргузашти Юсуф камтар бошанд ҳам, аммо хеле ҷолиб ва моҳирона оварда шудаанд.

Мурдаеро гар Масеҳо зинда мекард аз дуо,
Зинда месозад ба дашноме лабат сад мурдаро [1, с. 30].

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои динӣ, Исои Масеҳ ҳамчунон қудрате дошт, ки мурдаро зинда кунад. Аксари талмеҳоти шоир низ ба ҳамин нукта равона шудаанд, агарчи бо шаклҳои гуногун гуфта шудаанд.

Шукри Аллоҳ, ки табиб аст масеҳои лабат,
Наргиси масти ту гар сохта бемор маро [1, с.2].

Дар байти боло шоир наргиси маъшуқаашро беморкунанда хонда, аммо лаби ёри худро чун Масеҳ табибу ҷонбахш медонад.

Сар баровардам чу Исӣ аз гиребони фалак,
Ишқ то аз гарди тан афшонд домони маро [1, с.26].

Ба он исинафас дарди дили худ сар ба сар гуфтам,
Ки бемор аз табиб аҳволи худро кам ниҳон дорад [1, с. 246].

Ҳамчун Масеҳ боз тавонад баланд сохт,
Моро касе, ки ҷой дар ин хоки паст дод [1, с. 293].

То ба он хуршед дар оинаи ҷон нозирам,
Гар Масеҳо дам занад, бошад губори хотирам [1, с. 461].

Чун Саҳобӣ мешавад ҷони наве рӯзӣ маро,
Гар масеҳои лабаш як дам табиби ман шавад [1, с. 348].

Зи хоки роҳи он исинафас гарде, ки бархезад,
Шавад абреву оби зиндагӣ бар мурдагон резад [1, с. 267].

Ишораҳо ба «Қиссаи Сулаймон (а)»:

Ғайри он кас, ки ёфт мантиқи тайр,
Воқифи ин забон намедонам [1, с.425].

Байти боло ишора ба Ҳазрати Сулаймон аст, ки тибқи қиссаву ривоятҳои динӣ тамоми ҳайвоноту парандаҳо, деву парӣ тобеи ӯ буд ва вай бо онҳо сухан мегуфт.

Дар байти зерин ишора ба суҳбати Сулаймон (а) бо подшоҳи мурон аст, ки ӯ худро дар сарварӣ аз Сулаймон кам намепиндорад.

Овардаем раҳ чу Саҳобӣ ба мулки дӯст,
Монанди мӯр назди Сулаймон расидаем [1, с. 434].

Ҳамин тариқ, зимни пажӯҳиш мо ба хулосае омадем, ки аксари талмеҳоти Саҳобӣ ишора ба паёмбарону орифон ва ривояту қиссаҳои динию адабӣ мебошанд. Ин як ҳолати табиист, зеро дар замони Саҳобӣ ва пеш аз ӯ рӯҳи мазҳабӣ ва афкору орои ирфонӣ дар ҷомеа нуфузи зиёд пайдо карда буд ва аксари адибон ба осори динӣ, асотирӣ, образу

персонажҳои қиссаҳои мазҳабӣ муроҷиат мекарданд ва бад-ин васила фикрашонро тасдиқ ва тазйин мебахшиданд. Воқеан Саҳобӣ яке аз орифони маъруфи замони худ ба ҳисоб мерафт. Инро мо аз талмеҳоти ӯ низ бармало дида метавонем.

Бояд зикр намуд, ки шоир аз қиссаҳои Қуръонӣ бештар ба қиссаҳои “Ҳазрати Юсуф”, “Исои Масеҳ”, “Ҳазрати Сулаймон” , “Мусои Калимуллоҳ”, “Ҳазрати Хизр”, “Ҳазрати Одам”, “Ҷабраил”, “Ҳазрати Алӣ”, “Ҳазрати Иброҳим”, “Имом Маҳдӣ”, фариштa “Ҳорут” таваҷҷуҳ доштааст. Масалан, дар “Девони ғазалиёт”-и Саҳобии Астарободӣ 44 маротиба талмеҳан ба “Қиссаи Ҳазрати Юсуф” ишора шудааст. Аз ин метавон хулоса кард, ки ӯ аз ҳама бештар ба “Қиссаи Ҳазрати Юсуф” таваҷҷуҳ ва дилбастагӣ доштааст.

Албатта, талмеҳоти вобаста ба достонҳо ва қаҳрамонҳои осори адабӣ ва ба маконҳои ҷуғрофӣ, ки воқеаҳои динӣ, асотирӣ ва ё таърихӣ дар он ҷойҳо рӯй додаанд, дар осори Саҳобӣ хеле зиёд ба чашм мехӯранд. Дар ин замина метавон ба ишораҳои ӯ аз қиссаҳои “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Хусраву Ширин” “Маҳмуд ва Айёз” ва ғайра сухан гуфт, ки ба мақсадҳои гуногун, аз ҷумла ибрози ишқ, офаридани зебоӣ, мазмунофаринӣ ва ғайра, истифода шудаанд. Хулоса, санъати талмеҳ дар ғазалиёти Саҳобӣ вазифаҳои гуногун доранд. Аз ин рӯ, наметавон дар як мақола доир ба ин мавзӯъ ҳамаҷониба изҳори андеша намуд. Аз ин сабаб, мо талмеҳоти ашъори шоирро дар навиштаҳои дигари худ низ дар оянда мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

А Д А Б И Ё Т

1. Астарободӣ Саҳобӣ. Девони ғазалиёт (Бо кӯшиши Акбари Беҳдорванд) / Астарободӣ Саҳобӣ. -Теҳрон: Заввор, 1387. -602 с.
2. Баёнов М. Б. Саҳобии Астарободӣ-шоир ва орифи тоҷику форс / М. Б. Баёнов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон». –Душанбе, 2016. -№2 (242). -С. 163-168.
3. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. -Душанбе: Маориф, 1992. -304 с.
4. Розӣ Шамс Қайс. Ал-муъҷам. (Муаллиф ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров).-Душанбе: Адиб, 1991. -464 с.
5. Соиб Мирзо Муҳаммадалӣ. Мунтахабот / Соиб Мирзо Муҳаммадалӣ; Мураттибон: Аҳрорӣ З. Лоиқ Ш.- Душанбе: Ирфон, 1980 - 704 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. -Душанбе, 2008. -944 с.
7. Ҳодизода Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т.Абдуҷабборов. - Душанбе: Ирфон, 1966.-187 с.
8. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3. -Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2004. -518 с.
9. Яздонӣ Н. Ифтихор / Н.Яздонӣ // «Адабиёт ва санъат». –Душанбе, 2014. №7. –С. 8.

ТАЛМЕҲ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ

Дар ин мақола доир ба санъати талмеҳ дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ сухан меравад. Талмеҳ аз санъатҳои маънавӣ буда, дар ашъори шоирони классик ва муосири форсу тоҷик ҷойгоҳи махсус дорад. Ин санъат барои таъсирнок ва маънии баландро ифода кардан дар шеър истифода карда мешавад. Саҳобии Астарободӣ шоир ва орифи асри XVI-XVII дар баробари дигар санъатҳои бадеӣ аз санъати талмеҳ дар ашъори худ моҳирона истифода намудааст. Аз пажӯҳиш дар ғазалиёти шоир маълум гардид, ки ӯ талмеҳан ба қиссаҳои динӣ, қиссаҳои адибони гузаштаи адабиёти форс-тоҷик ишора намудааст. Маврид ба зикр аст, ки мақолаи мазкур аввалин пажӯҳиш дар шеъри Саҳобии Астарободӣ буда, дар он аз мақом ва ҷойгоҳи санъати талмеҳ дар ғазалиёти шоир изҳори назар мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки шоир санъати талмеҳро ҳам дар рубоиёт ва ҳам дар ғазалиёти худ фаровон истифода бурдааст. Аммо дар ин мақола сухан дар бораи талмеҳоти ғазалиёти шоир меравад. Албатта, талмеҳоти рубоиёти шоир таҳқиқоти вижаро талаб мекунад, зеро дар рубоиёти ӯ нисбат ба ғазалиёташ бештар ба қиссаҳо ва оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавию рӯзгори паёмбарон ишора шудааст. Дар ғазалиёти ӯ аслан ба ривоятҳои динӣ, қаҳрамонҳои осори адабию асотирӣ ва паёмбарон ишора шуда, ба ояҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ хеле кам истинод шудааст. Истифодаи талмеҳ дар шеър аз он далолат мекунад, ки шоир ҳамон асотир, қисса ё ривояту достонро хуб медонад ва талмеҳан дар шеъри худ ба он ишора мекунад. Яъне метавон гуфт, ки истифодаи талмеҳ дар шеър, то андозае аз дониши таърихӣ, асотирӣ, динӣ, адабӣ ва фалсафии ҳамон шоир дарак медиҳад. Саҳобӣ дар эҷодиёти худ қариб аз ҳама анвои санъатҳои бадеӣ истифода кардааст, алалхусус, аз санъати талмеҳ. Шоир тавонистааст, ки дар баробари дигар санъатҳои бадеӣ аз талмеҳ низ моҳирона истифода барад.

Калидвожаҳо: Абӯсаид Камолиддин Наҷафии Астарободӣ, Шуштарӣ, Саҳобӣ, талмеҳ, рубоиёт, ғазалиёт, қисса, шоир, ориф, ривоят, дин, адабиёт, асотир, достон.

ТАЛМЕХ В ГАЗЕЛЯХ САХОБИ АСТАРАБАДИ

В данной статье исследуется искусство талмех в газелях Сахаби Астарабади. Талмех считается духовным искусством, занимающим важное место в стихах классических и современных персидско-таджикских поэтов. Это искусство используется для эффективности выражения высших чувств в стихах. Сахобии Астарабади - поэт и мистик XVI-XVII вв., наряду с другими художественными приемамы, широко использовал искусство талмех в своих стихах. В результате исследования выявилось, что поэт отметил высокую значимость религиозных рассказов, предшествующих ему поэтов персидско-таджикской литературы. Стоит отметить, что данная статья является первым исследованием стихотворений Сахабии Астарабади, где рассматривается место искусства талмеха в стихах поэта. Нужно напомнить, что поэт широко использовал искусство талмех в стихах, а также в четверостишиях. Но здесь нами проанализировано искусство талмех в стихах. Конечно, талмехат в четверостишиях поэта требует глубокого изучения, так как в четверостишиях он больше отмечает аяты Корана, хадисы, жизнедеятельность посланников и рассказы. В стихах он в основном, отмечает религиозные рассказы, мифических и литературных героев, посланников и частично опирается на аяты Корана и хадисы посланника. Использование талмеха в стихах свидетельствует о том, что поэт хорошо знает тот мифический рассказ, сказку или

сказание и, используя искусство талмеха, выражает их в форме стиха. То есть, можно сказать, что использование талмеха в стихах в определенной мере показывает мифические, религиозные, исторические, литературные и философские знания поэта. Сахаби в своем творчестве использовал почти все виды художественного искусства, в основном талмех. Поэт смог, наравне с другими художественными методами, умело использовать талмех.

Ключевые слова: Абусаид Камолиддин Наджафи Астарабади, Шуштар, Сахаби, талмех, четверостишие, газели, сказка, рассказ, поэт, мистик, религия, литература, миф, сказание, художественное творчество, стих, источники, аят, хадис.

PAINTING IN THE COLLECTION (TALMEH) OF GAZALS

This article is about art of painting in the collection of gazals Sahobi Astrobodi. Painting is art of national, it has special please in the Persian and Tajik classic and new poems. This art use in the poem for effective and high meaning. Sahobi Astarobodi was the poet and mystic XVI-XVII century. He used competently artistic of the art painting. We know from research, his collection of gazals, that he marked to legend of the past of the pen of the Persian and tajik poems. This article is the first searching in the poem of Sahobi Astarobodi. In this article talk about status and place art of painting at the collection of gazals. It need to remember that the poet used more the art of painting in his all gazals. But in this article the word talking about the painting of poem in his gazals. Of course the painting of quatrain of poet requires special studies because in his requires the art of painting relative to mystic's religious and the life of prophets. In his gazals looked up to the mystic's religious, the heroes of mythology and prophets but it is very rare to mention the verses of the Quran and hadith of prophets. Use of painting poem point out that the poet well knew those mythologies, legend and tales and the painting mention in his poets. So we can say using of painting in his poems reported that the poet had historical, mythological, religious and philosophical knowledge. Almost Sahobi in his creativity used all artistic art especially the painting of art. The poet could use the art of painting like other artistic art.

Key words: Abusaid Kamoliddin Astarobodi, Shushtari, Sahobi, painting, quatrain, collection of gazal, legend, poet, mystic, religious, Literature, mythology and tale, artistic art, poem, verses, hadith.

Сведения об авторе: ***Баёнов Махмаднаби Бачаджонович*** - Институт языка *и* литературы им. Рудаки АН РТ, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. Телефон: **(+992) 918-26-80-92**

Information about the author: ***Bayonov Mahmadnabi Bachadzhonovich*** - Institute of Language and Literature. Rudaki AN RT, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 21. Tel.: **(+992) 918-26-80-92**

УДК 891. 550 (757.3)

МУҚОИСАИ МАВЗӮЪ ВА МАЗМУНИ НОВЕЛЛАҲОИ ҲАКИМ КАРИМ ВА МАҲМУД ТЕМУР

Додихудоев Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо густариши марзҳои чуғрофӣ ва афзоиши ҷамъияти ҷаҳон, бисёре аз донишмандон бар ин назар буданд, ки дар баробари хилқати муштараки халқҳо оё мумкин аст андеша, тафаккур ва бовариҳои инсонҳо низ дар шароити гуногуни чуғрофӣ, шабоҳатҳои ба ҳам наздик дошта бошанд ва чӣ иллати муштараке сабаб мешавад, ки инчунин ҳамандешиҳо ҳосил гардад? Ин гурӯҳ андешамандони адаб бо мутолиа ва пажӯҳишҳои худ адабиётеро бино ниҳоданд, ки ба таври расмӣ дар қарни XIX аз Фаронса сарчашма гирифта буд ва номи онро адабиёти татбиқӣ ё муқоисавӣ ниҳоданд.

Истилоҳи «татбиқӣ» бори нахуст аз ҷониби муҳаққиқони фаронсавӣ дар илми адабиётшиносӣ пайдо шудааст. Соли 1828 дар дарси таърихи адабиёти Фаронса дар Донишгоҳи Сорбон аз тарафи мунаққиди фаронсавӣ Вилмайн сухан аз таъсири адабиёти мутақобилаи Англия ва Италия мерафт ва ин ҷо аввалин маротиба истилоҳи адабиёти татбиқӣ истифода шудааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ ва адабиётшиноси фаронсавӣ Вилмайнро метавон асосгузори ин бахши адабиётшиносӣ номид.

Дар мавриди шарҳу тавзеҳи адабиёти муқоисавӣ аз ҷониби адабиётшиносони ҷаҳон андешаҳои гуногун баён шудааст. Муҳаққиқи фаронсавӣ Франсуа Юуст дар асари арзишманди худ «Фалсафа ва назарияи ҷадид дар адабиёт» оид ба адабиёти татбиқӣ чунин фикр баён кардааст: «Адабиёти татбиқӣ фалсафаи нав дар адабиёт ва назарияи ҷадид дар улуми инсонӣ аст, ки он бо шакле бар асоси падидаи адабӣ бо унвони як маҷмӯаи муайян ба фарҳанге устувор аст» [5, с.49].

Адабиётшиноси америкоӣ Ренак Ҳенри дар асари худ «Literaturecompare» («Адабиёти муқоисавӣ») чунин овардааст: «Бар асоси таърифи америкоӣ, адабиёти татбиқӣ аз як сӯ, мутолиаи адабиёти марзҳо, кишварҳо ва аз сӯйи дигар, маълумот оид ба иртибот миёни адабиёт ва дигар ҳавзаҳои дониши башарӣ аст» [4, с.19].

Мунаққид ва адабиётшиноси араб Муҳаммад Ҳилол Ғонимӣ адабиёти татбиқиро дар асари худ «Адаб-ул-муқоран» («Адабиётшиносии муқоисавӣ») чунин шарҳ додааст: «Адабиёти татбиқӣ адабиётеро меноманд, ки дар он оид ба равобити адабиёти як кишвар ба адабиёти кишвари дигар сухан меравад». Дар ин мавриди муҳаққиқ ва адабиётшиноси маъруфи эронӣ Ҷамол Мирсодиқӣ дар асари «Зили адабиёти татбиқӣ» перомуни адабиёти

муқоисавӣ чунин нигоштааст: «Адабиёти татбиқӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми мутолиоти адабиёт аст, ки ба баррасӣ, таҷзия, таҳлилу иртибот, шабоҳатҳои байни адабиёт ва забонҳои миллатҳои мухталиф мепардозад» [6, с.18].

Дар мавриди адабиёти муқоисавӣ адабиётшиноси тоҷик С. Табаров низ дахл намуда, дар мақолаи «Адабиётшиносии муқоисавӣ – яке аз қисмҳои муҳимми адабиётшиносии ояндаи олам», ки рӯйи чоп овардааст, чунин иброз медорад: «Адабиётшиносии муқоисавӣ ҳамчун яке аз қисмҳо ва тарзу усулҳои навтарини адабиётшиносии олам, адабиёти давраҳои гуногун, ҳодисаҳои сершумори таърихиву адабӣ ва маданиву эстетикии адабиёти умумиҷаҳониро бо тавассути муқоисаҳо, монандиву «қиёсҳо», алоқаву робитаҳо, таъсири мутақобила, пайравӣ ва монандии онҳо дар рушду камолот ва ё таназзулу инқироз меомӯзад» [2, с.10].

Аз таърифу андешаҳои адабиётшиносон метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки адабиёти татбиқӣ муқоисаи як адабиёт ба адабиёти дигар, як жанри адабӣ бо дигар жанрҳои адабӣ, осори адиби як мамлакат бо осори адиби кишвари дигар буда, дарку фаҳмиш ва муайяну мушаххас намудани арзиши бадеии як асар бар асари дигар ва хусусиятҳову персонажҳои мусбату манфии асарҳо, забону услуб, сабки нигориш ва санъати сухани онҳо мебошад.

Равиши асосӣ ва ягонагии адабиёти татбиқӣ ин муқоисаи як адабиёт ба адабиёти кишварҳои бегона буда, мақсад ва ҳадаф муайяну мушаххаснамоии иртибот, шабоҳатҳо ва қиёси қаҳрамонҳои асар баҳри таҳқиқу пажӯҳиш ва баррасӣ намудани онҳо мебошад.

Дар илми адабиётшиносии тоҷик омӯзиш ва баррасии равобити адабиву маданӣ ва фарҳангӣ байни миллатҳои дигар низ ба роҳ монда шудааст. То ба рӯзҳои наздик нисбат ба ин риштаи адабиёт таваҷҷуҳи зиёде дида намешуд. Чуноне ки устод С. Табаров ҳам зикр мекунад: «Агар имрӯзҳо аксар халқу миллатҳо оид ба таърихи маданият, аз ҷумла роҷеъ ба таърихи адабиёту санъати миллати худ, тасаввуроти нисбатан пурраву мукаммал ва ҳатто системаноку пай дар пай дошта бошанд, қариб ҳеҷ як халқи дунё оид ба умумият, наздикиву қаробат ва муносибати байнимаданӣ, байниадабӣ ва байнибадеӣ, роҷеъ ба алоқаву робитаи маданияти халқҳои ҷаҳон тасаввури мукаммал ва пурра надоранд. Сабаби ҳамин аст, ки бисёр адабиётшинос ва санъатшинос, аз ҷумла муҳаққиқони Тоҷикистон, ба алоқаву муносибати диалектикии ягонагӣ ва умумияти адабиву бадеӣ ва маданиву эстетикӣ кам эътибор медиҳанд. Онҳо ба омӯзиши чи адабиёти миллӣ ва чи адабиёти умумиҷаҳонӣ ё ба таври эмпирикӣ, ё соддалавҳона ё нигилистона ва имрӯзҳо ҳатто неонигилистона менигаранд ва ба ҳодисаҳои адабиву бадеӣ дар асоси қонунҳо, принсипҳо, шаклҳо ва хелҳои адабиётшиносии муқоисавӣ қариб назар намеафкананд» [2, с.9].

Шоёни зикр аст, ки адабиёти тоҷик аз давраҳои қадим ба адабиёти араб робитаҳои устувори адабӣ ва фарҳангӣ дошт, ки аз нигоҳи илмӣ баррасӣ кардани онҳо дар шароити нави таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол басо муҳим аст. Аз ин рӯ, дар ин бахш мо хостем таҳлил ва баррасии новеллаҳои ду адиби навпардоз – Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темурро, ки дар як даврони таърихӣ (садаи ХХ) ва дар ҷомеаҳои мухталиф яке дар Тоҷикистон ва дигаре дар Миср умр ба сар бурдаанд, мавриди таҳқиқ қарор бидиҳем.

Хонандагони солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ тоҷику араб дар симои бисёр образҳои адабӣ шахсони шиноси худ, яъне ҳамзамону ҳамдиёронашонро ба осонӣ мешинохтанд. Шиносоии персонаж на фақат бо кору бор ва бо шабоҳати қиёфааш, балки бевосита бо номи воқеии худи персонаж ҳам ба амал меояд. Таҳлили қиёсии ҳикояҳои Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур собит менамоянд, ки ин ду адиби новелланавис дар интихоби унвони новеллаҳо ҳам ба ҳам қаробат доранд. Дар унвони новеллаҳои Ҳаким Карим - «Латиф Қутил», «Марги Коваленко», «Бибианзурат», «Моҳтобхола», «Гулбону», «Муҳаббат» ва ҳамчунин дар новеллаҳои Маҳмуд Темур - «Шайх Ҷумъа», «Амми Мутаваллӣ», «Шайх Наим», «Шайх Афоллоҳ», «Умми Ноҷиса» ва ғайра, ки номи ҳақиқии шахсони воқеӣ зикр шудаанд ва ин ҳолат ҳаётӣ будани воқеаи тасвиршавандаро амиқу дақиқ таъкид мекунанд.

Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур кӣ будани ин образҳо ва дараҷаи шиносоии худашонро бо онҳо шарҳ медиҳанд, ин имконият медиҳад, ки образҳои воқеӣ ҳатман аз тарафи умум шинохта шаванд. Ҳаким Карим дар новеллаи «Латиф Қутил» ба Ғарм ҳуҷум овардани дастаи Фузайл Махсум ва ҳалок гардидани командири сурх Латиф Қутилро дақиққорона ва бо тамоми ҷузъиёташ тасвир кардааст. Нависанда ҳар як ҳаракати қаҳрамон, суханон ва фикру андешаҳои ӯро ба қалам овардааст. Ҳангоми мутолиаи ин новелла тамоман маълум мешавад, ки муаллиф аз худи воқеа хабар доштааст, эҳтимол баъзе ҳолатҳои ҷудогонаи онро ҳам медониста бошад, аммо тафсилоти боқимондааш, хусусан он қисме, ки ба ҷиҳати равонии рафтори Латиф Қутил тааллуқ дорад, ба тафаккури бадеии нависанда мансуб аст. Ҷараёни воқеа дар новелла чунон тасвир ёфтааст, ки хонанда гумон мебарад, ки нависанда дар ҳама амалиётҳои ҳарбии қаҳрамон ҳузур дошта, ба фикру зикри ӯ шарик будааст.

Иштирок доштани Ҳаким Карим дар ҷараёни воқеа дар зерсарлавҳаи новелла («Хотира») ва хусусан дар интиҳои он таъкид гардидааст: «Бале, яке аз он фармондеҳони майдае, ки дар тирамоҳи соли 1927, аввалин бор ба ман ва ба ҳамсолонам алифбои арабиро ёд дода буданд, ҳамин Латиф Қутил буд, ки имрӯз барои Ғарми Советӣ сарафрозона ҷон дод» [1, с. 48].

Ҳамчунин ширкати бевоситаи адиби мисрӣ Маҳмуд Темур дар ҷараёни воқеаҳои бисёр новеллаҳои ӯ ба чашм мерасанд. Хусусан дар ибтидои новеллаи «Шайх Афоллоҳ» таъкид гардидааст:

«Бист сол муқаддам ман дар Дарби Саъд, ки маҳаллаи қадимаи кӯчаҳояш танг ва хонаҳояш зич аст, зиндагонӣ мекардам.

Ман нуздаҳсола будам ва ба имтиҳони хатми мактаб тадорук доштам. Дар соатҳои фароғат ғолибан дар назди дар нишаста, роҳгузаронро тамошо мекардам. Ҳар замон дар назди ҳавлии ман шайхи лоғарандом ва сафедриш, ки дар тан пироҳани одӣ дошт, пайдо мешуд. Ӯ ҳама вақт муътабарона саршро хам карда, бо най оҳангҳои ҳазин навохта мегузашт. Гоҳо ман ӯро нигоҳ дошта, хоҳиш менамудам, ки оҳангеро навозад» [7, с.13].

Дар таҳқиқу баррасии новеллаҳои Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур чизи дигаре, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ин ду нависанда дар асарҳои худ аксар шахсони хоксору содаро ба тасвир мегиранд, то хонанда дарк намояд, ки қаҳрамонҳои асарҳояшон аз одамони алоҳидаи омма фарқкунанда ва як сару гардан боло набудаанд, балки оммаи меҳнаткаш мебошанд. Қаҳрамони новеллаҳои ин ду адиб аз ҷиҳати симо, либос ва рафтору гуфтор хеле сода ва одӣ ба назар мерасанд.

Чунин тарзи тасвири реалистӣ махсусан дар потретҳо бараъло намудор аст. Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур аз дурахши романтикии рангҳо ҳазар доранд ва ба ҷузъиёт намепардозанд, балки онҳо қиёфати қаҳрамонҳои худро хеле мухтасар ва табиӣ баён мекунанд. Дар новеллаҳои Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур потретҳои васеъ ва ҳаматарафа тасвирёфта дида намешаванд, зеро назари ин ду нависанда танҳо ба баъзе ҷузъиёти қиёфат ва либоси шахс нигаронида мешавад, вале ҳар яке аз ин ҷузъиёти зоҳири қаҳрамон вазифаи мушаххаси бадеӣ доранд. Ин ду нависанда дар қиёфати қаҳрамон фақат ҷиҳати асосии барои худашон характернокро қайд мекунанд. Ҳаким Карим дар новеллаи «Бегуш» қиёфати Қосимро чунин тасвир кардааст: «Дар танаш куртаи чити сафеди чиғӣ, шалвори сандуфи сиёҳ, дар пояш мӯзаи калони аскарӣ, миёнаш бо камари ғафс сахт бастагӣ, дар сараш калапӯши тошкандӣ, дар дасташ чӯбчае бозикунон, сараш хам, Қосим ба миёнаи қишлоқ сӯйи хонааш мерафт» [1, с. 32].

Маҳмуд Темур қиёфаи Амаки Мутаваллиро дар новеллаи «Амми Мутаваллӣ» чунин тасвир кардааст: «Амаки Мутаваллӣ тоҷири кӯчагии судониест, ки лӯбиёи маҳаллӣ ва ҳалвою ширинихои гуногун мефурӯшад. Ӯро тамоми сокинони маҳаллаи ал-Ҳилмия ва кӯчаҳои ҳамсоягии он хуб мешиносанд. Ӯ бо саллаи баланди сафеду дар тан куртаи дарози остинкушод ва дар пушт сабади куҳнае дар ин кӯчаҳо пайдо шуда, бо овози хаставу шеваи судонии худ садо бароварда, молҳои хешро муаррифӣ ва кӯдаконро барои харидорӣ ташвиқ мекард» [8, с.31].

Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур танҳо либоси қаҳрамонро ба хонанда маълум мекунанд, на чеҳраи онҳоро ва ҳар як ҷузъиёти ин ду тасвир як вазифаи маъноӣ дорад ва ҳатман бо рафтору кирдори ояндаи Қосим ва Амаки Мутаваллӣ алоқаманд мебошад. Куртаи чити сафед ва шалвори сафеди сандуфи сиёҳ либоси муқаррарии деҳқонони онрӯзаи тоҷик мебошад. Қосим як деҳқони одӣ аст. Аммо мӯзаи калони аскарӣ ва камарбанди сербари чармӣ чизҳои ғайриодӣ мебошанд ва нависанда ба ҳамин восита моҳиятан нав будани симои Қосим, яъне деҳқони муқаррарӣ не, ҷанговари разведкачӣ будани ӯро таъкид мекунад.

Ҳамин тариқ, саллаи баланди сафеди Амаки Мутаваллӣ ва куртаи дарози остинкушоди ӯ аз либоси муқаррарии рӯҳониёни ҳамонвақтаи мисрӣ шаҳодат медиҳад. Сабади куҳна ҳам чизи одие мебошад, ки нависанда тавассути он табиати хоксорона ва одии Амаки Мутаваллиро ба хонанда бозгӯ менамояд.

Инчунин, Ҳаким Карим дар тасвири портрет одатан як – ду аломати шахсро, ки дар мадди аввал ба назар менамояд, зикр кардааст. Ин хусусият дар эҷодиёти Маҳмуд Темур ҳам дида мешавад. Ҳаким Карим дар характеристикаи маънавии Сайфуллобатрак дар новеллаи «Хаппак» танҳо хислати камгапии ӯро баён мекунад: «Ҳамагӣ ҳайрон будем. Тааҷҷуб мекардем. Ҳар кас ҳам бошад, «ин кулӯх» мегуфт. Гӯё вай ном надошт. Ҳама вайро фақат «хаппак» меномиданд. Гӯё вай кар буд, ки гапҳоро намешунид. Гӯё вай кӯр буд, ки ҳеҷ чизеро намедид. Ба ҳар гуна савол, ба ҳар гапи маъқул ва номаъқул бо инҷ намудани даҳон, - нишон додани зардии дандон ҷавоб медоду халос» [1, с.77]. Маҳмуд Темур ҳам дар тасвири шакли зоҳирии персонажҳои новеллаи «Шайх Сайид ноқисулақл» як ду нуқсони ҷисмонии ӯро нишон медиҳаду бас: «Вақте ки ҷароҳат ба ҳам омад ва таб

гузашт, маълум шуд, ки Сайид Абӯ Аллам он марди пештара нест: маъюб шуда монда, қувваи ҳофизаашро гум карда буд ва акнун ба ҳеҷ як кори деҳқонӣ кор намеомад».

Бояд қайд намуд, ки чунин навъи тасвир таъсирпазирии ин ду нависандаро аз нависандаи рус А.П.Чехов дарак медиҳад. Дар адабиёти рус бо ин равия баён намудани аломатҳои қаҳрамон, пеш аз ҳама, дар эҷодиёти А.П. Чехов характернок аст.

Умуман тасвири портрет дар офаридаҳои Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур шабоҳатҳо ва муштаракоти бисёре доранд. Ин ду нависанда ба воқеият ва дурустии навиштаҳои худ не, балки бештар бо содагии реалистона ва дурустии ҷузъиёти симои қаҳрамонҳояшон ба хонанда таъсир мерасонанд.

Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур барои зинда баён кардани қиёфаи зоҳирии қаҳрамон тарзҳои гуногуни тасвирро ба кор бурдаанд. Онҳо портрети қаҳрамонҳои худро ё якбора ва яклухт ва ё ин ки чудогона, бо баёни ҷузъиёти алоҳида, ба вуҷуд меоваранд. Дар ин сурат Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур симои персонажҳоро бо нуктаҳои нави кӯтоҳ такмил медиҳанд.

Ҳар як тавсифи қиёфаи зоҳирии қаҳрамон воситаест барои нуфуз пайдо кардани хислату характери тасвиршаванда. Дар навиштаҳои Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур характеристикаи зоҳирии одамон бо характеристикаи ботинии онҳо узван алоқаманд аст.

Муштаракоти дигари адабию бадеии эҷодиёти Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур нақли воқеа аз забони қаҳрамонҳо мебошад. Ҳамчунин ин ду адиб барои офаридани образ аз монолог хеле васеъ истифода намудаанд.

Бояд қайд намуд, ки аз ин усул кор гирифтан ба нависанда имкониятҳои зиёд медиҳад. Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур ба тарзи одӣ ва хеле табиӣ тарзи афкор, ҳолати рӯҳӣ ва забони қаҳрамононашонро ба вуҷуд меоваранд. Ин хусусияти услуби нигориш дар новеллаҳои Ҳаким Карим «Одам дар халта», «Туҳфа», «Бегӯш», «Марги Коваленко», «Вохӯрӣ», «Ҳикояи «устоди Мисриён» ва ғайра ва ҳамчунин дар новеллаҳои Маҳмуд Темур «Ишқи сард», «Валиюл-Лоҳ», «Саги Асъадбек», «Бегона» ва «Ҷавонмард» равшан намудор мегардад.

Ба тарзи монолог баён доштани нақли қаҳрамонҳо ва ошкор гардидани воқеа бисёр хислатҳои наҷиби онҳоро маълум мекунад. Ва бартарии услуби баёни Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур ҳам дар ин аст, ки ба воситаи худи қаҳрамон хислат, характер, ҷаҳонбинии ғоявӣ, рӯҳия ва хулқу одоби ӯро равшан тасвир менамоянд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми услуби эҷодии Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур, ки ҳангоми қиёси новеллаҳояшон ба назар мерасад, майли кӯтоҳбаёнӣ, нигоҳ доштани ҳусни табиии забони зинда дар нутқи қаҳрамону персонажҳо, нафосат ва салосати забони миллии қавмҳояшон дар нутқи тасвирии нависандагон мебошад.

Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур, инчунин новеллаҳои бо ҳам наздику қаробате доранд, ки дар онҳо ба қувваи хеле калон олами аз байнраванда фош карда мешавад. Симоҳои бо рангомезӣ ва барҷаста тасвиршудаи мухолифон, раҳнамоён ва илҳомдиҳандагони онҳо, ба монанди бой ва муштзӯрҳо, ки дар новеллаҳои Ҳаким Карим (Остонқул-қурбошӣ дар «Тӯҳфа», кӯри Ортиқ дар «Атака», Солеҳ-пансад дар «Вохурӣ», Фузайл Махсум дар «Латиф Қутил» ва босмачиҳои номбарношуда дар ҳикояҳои «Марги Коваленко», «Оқшуда» ва ғайра) ва Маҳмуд Темур (Наҷибек -каҳрамони новеллаи «Сайёҳ», Шалабӣ дар «ал-Ҳаҷ Шалабӣ», Шайх Саъдавӣ дар «Ноҷиса» ва ғайра), ба тасвир омаданд, бозгӯи шароити тоқатфарсои давр мебошанд. Дар новеллаҳои Ҳаким Карим манзараҳои аз тарафи намояндагони боёну муштзӯрон азоб дода куштани камбағалон, аскарони сурх ва кормандони шӯравӣ бо ҳақиқати талху дилозори худ касро сахт ба ҳаяҷон меоварад. Новеллаҳои Маҳуд Темур бошанд, бо ҳаҷву тамасхур ва истеҳзо, тарзи зиндагӣ ва манзараҳои воқеии ҳаёти мустамликадорон ва амалдорони Мисрро бераҳмона фош мекунанд.

Аз мазмуну муҳтавои ин қабил новеллаҳо мушоҳида мешавад, ки нависандагони мавриди назар роҳи сахту душвори муборизаи табақотиро паймуда, бо сӯзиши дил ва эҳсосоти амиқи ватанхоҳию халқпарварӣ ба тасвири ҳақиқати воқеӣ пардохтаанд. Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур дар бораи хунрезиҳо, беадолатихо, азобҳо ва ҷаҳлу бесаводӣ қалам бар даст гирифта, ба ҳаққоният ва сароҳати том эҷод намудаанд.

Ба назари мо, ин ду нависанда дар эҷоди чунин новеллаҳо усулеро риоя кардаанд, ки онро нависандаи рус А.П. Чехов баён кардааст: «Сардтар қалам рондан гӯё барои ғаму андуҳи дигарон муҳите фароҳам меорад ва он ғаму андуҳ дар ин муҳит барҷастатар намоён мегардад» Чехов дар ҷойи дигар чунин таъкид кардааст: «Дар сари ҳикояҳо ҳам гиристан ва ҳам нолидан мумкин аст, баробари қаҳрамонҳо худ азоб кашидан ҳам мумкин аст, вале ба фикрам онро ба тавре кардан лозим аст, ки хонанда пай набарад. Ҳар чи обективӣ бошем, таассурот пурқувваттар хоҳад буд» [3, с.375].

Аз таҳқиқоти мавзӯъ ва мазмуни новеллаҳои ин ду адиби навовар метавон ба чунин натиҷа расид:

1. Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур сюжету сабк ва мавзӯю образҳои адабии асарҳои нависандаи рус А.П. Чеховро бо мароқ омӯхта, дар эҷодиёти хеш вобаста ба шароити замон, муҳити зиндагӣ ва қобилияти эҷодияшон барои мақсадҳояшон васеъ истифода бурдаанд.

2. Усули реалистӣ ва воқеъбинонаи тасвир, ки аз ибтидои садаи XX дар эҷодиёти нависандагони тоҷик ва Мисри араб мавқеъ пайдо намуда буд, боиси қувват гирифтани ҷанбаи таърихӣ ва халқии новеллаҳои Ҳаким Карим ва Маҳуд Темур гардид.

А Д А Б И Ё Т

1. Каримзода, Ҳ. Оқшуда / Ҳ. Каримзода. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 370 с.
2. Табаров, С. Адабиётшиносии муқоисавӣ яке аз қисмҳои муҳимми адабиётшиносии ояндаи олам // Ҳақиқати ҳаёт ва ҷустуҷӯҳои адабӣ / С. Табаров. – Душанбе, 1994. – С.5 - 18.
3. Чехов, А.П. Полное собрание сочинений и писем / А.П. Чехов. Т. 15, М., Гослитиздат, 1949. – 687 с.
4. Remak Henry. Literature comparee / Henry Remak. America, 1961. – 37 с.
5. رانسوا يوست. فلسفه و نظريه جديد در ادبيات. ادبيات تطبقي. ترجمه علی رضی انشيروانی. تهران، ۱۳۸۸ ، ۵۶ ص.
6. محمد غانمي حلال. أدب المقارن. بيروت ، دار الأدب ، ۱۹۸۷، ۳۱۲ ص.
7. محمود تيمور. الشيخ افالله. القاهرة، ۱۹۲۶. ۱۹۷ ص.
8. محمود تيمور. الوثبة الأولى ، دار النشر الحديث ،۷ ۱۹۳. ۱۸۹ ص.

МУҚОИСАИ МАВЗӮЪ ВА МАЗМУНИ НОВЕЛЛАҲОИ ҲАКИМ КАРИМ ВА МАҲМУД ТЕМУР

Дар ин мақола, новеллаҳои нависандаи тоҷик Ҳаким Карим ва нависандаи мисрӣ Маҳмуд Темур мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Қаробати муҳими эҷодии Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур дар он мушоҳида мешавад, ки ин ду адиби ҳикоянавис дар баробари таъсирпазирӣ аз насри русию аврупоӣ ба суннатҳои адабии халқҳои худ содиқ буданд. Онҳо бештар дар сабки баёни қолабҳои адабии тасвири шахсиятҳои достонӣ (қаҳрамон) ба суннатҳои адабии русию аврупоӣ пайравӣ намуданд, вале дар ҷанбаҳои эстетикии тасвири бадеӣ, забон ва услуби баён, риояти меъёрҳои ахлоқию маънавӣ ба фарҳанги миллии халқҳои худ вафодор буданд, ки ин барои ин қабил адибони навгаро ва муассири адабиёт ногузир аст. Бо вуҷуди он ки маданияти ин ду халқият аз ҳам фарқ доранд, дар мазмуни новеллаҳои Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур шабоҳатҳои зиёди воқеӣ дида мешаванд. Ҷаҳонбинии ахлоқии Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур бо ҳам шабоҳати зиёд доранд, ки ин афзалияти эҷодиёти онҳоро дар раванди инъикоси манзараи аслии ҳаёти душвори қавмияти худ, аёният ва дақиқ тавсиф кардани мардумро, ки дар ду ҷомеа гуногун зистаанд, кам намесозад. Инчунин, дар таҳқиқоти мазкур тафовути эҷодиёти Ҳаким Карим ва Маҳмуд Темур ва хусусияти махсуси новеллаҳои онҳо, ки аз тафаккури гуфтугӯии нависандагон дар ин мавзӯъ ва сохтани образҳо вобастагӣ доранд, оварда шудааст.

Калидвожаҳо: Ҳаким Карим, Маҳмуд Темур, адабиёти муқоисавӣ, новелла, таҳлил, образ, сюжет, усул, воқеънигорӣ, персонаж.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КОМПОЗИЦИОННОГО И СЮЖЕТНОГО ПОСТРОЕНИЯ НОВЕЛЛ ХАКИМА КАРИМА И МАХМУДА ТЕМУРА

В статье проанализированы новеллы таджикского писателя Хакима Каримаи и египетского писателя Махмуда Темура. Новаторство Хакима Карима и Махмуда Темура в развитии таджикской и арабской новеллистики непосредственно связано с усилением переводческой деятельности, а именно: с переводами образцов реалистической прозы знаменитых русских и европейских новеллистов. С развитием переводческой деятельности переводились не только отдельные произведения на таджикский и арабский языки. Вместе с тем литература этих двух народов обогащалась также новыми формами, жанрами, новыми художественными образами и стилями, которых можно назвать важнейшими факторами развития художественной прозы как в таджикской, так и в арабской литературе. Особенность новелл этих писателей заключается в насыщенности сложных ситуаций, через которые писатели раскрывают реальность, и нечто необыкновенное, общее несмотря на различные культурные традиции этих народов, что привело к сходству реаллистики Хакима Карима и Махмуда Темура. Тем не менее удивительно похожи эстетические взгляды Хакима Карима и Махмуда Темура, но эта схожесть не помешала оригинальности в изображении истинных картин суровой жизни народа, ярких и точных характеристик людей, живущих в разных странах. Также приведены различия в творчестве писателей, особенность новелл Хакима Карима и Махмуда Темура, мысленные диалоги в тематике и создании образов.

Ключевые слова: Хаким Карим, Махмуд Темур, сопоставительний литература, сравнительный, новелл.

COMPARATIVE ANALYSIS OF COMPOSITIONAL AND PLOT CONSTRUCTION OF SHORT STORIES BY HAKIM KARIM AND MAHMUD TEMUR

The article analyzes the creative activity of the Tajik writer Hakim Karim, Egyptian writer Mahmud Temur. The innovation of Hakim Karim and Mahmoud Temur in the development of Tajik and Arabic short stories is directly connected with the strengthening of translation activity, namely with translations of realistic prose samples of famous Russian and European novelists. At the same time, the literature of these two peoples was also enriched with new forms, genres, new artistic images and styles, which can be called the most important factors in the development of fiction in both Tajik and Arabic literature. In their novels, the authors express the real situation of the surrounding life, taking place in reality. However, the aesthetic views of Khakim Karim and Mahmud Temur are surprisingly similar, but this similarity did not prevent the originality in depicting the true pictures of the harsh life of the people, the vivid and exact characteristics of people living in different countries. Also the differences in the writings of writers, the feature of the novels of Hakim Karim and Mahmud Temur created mental dialogues in themes and creation and images.

Key words: Hakim Karim, Mahmud Temur, Literature compare, compare, novella

Сведения об авторе: ***Додихудоев Раджабали*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17

Information about the author: ***Dodihudoev Rajabali*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Prospect Rudaki 17

УДК: 891.550+82

НИГОҲЕ БА ЗИНДАГИНОМА ВА МЕРОСИ АЙН-УЛ-ҚУЗЗОТИ ҲАМАДОНӢ

Каримов И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қабл аз он ки вориди масъалаи аслӣ гардем, муносиб аст зикр гардад, ки мавзӯи таҳқиқи мо асари «Калимоти қисор»-и Бобо Тоҳири Урён аст, ки ба забони арабӣ таълиф шудааст. Шарҳи ин китоб бо забони форсӣ тибқи иттилооти сарчашмаҳо тавассути бузургмарде бо номи Айн-ул-қуззоти ҳамадонӣ сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, дар мақола перомуни зиндагӣ ва рӯзгори ин орифу сӯфии шофеимазҳаби ибтидои асри XI мелодӣ сухан меравад.

Номи аслии Айн-ул-қуззот дар аксари тазкираҳои муътабар Абдулло ва номи падараш Муҳаммад зикр шудааст. Соҳибони тазкираҳо лақаби ӯро Айн-ул-қуззот қайд кардаанд.

Айн-ул-қуззот соли 1098 мелодӣ дар Ҳамадон по ба арсаи вуҷуд мегузорад ва падараш Муҳаммад бини Алӣ низ аз Ҳамадон будааст. Номбурда соли 1131 дар зодгоҳаш вафот мекунад.

Перомуни даврони кӯдакӣ ва таҳсилоти ибтидоии вай маълумоти қобили мулоҳизае дар даст нест, вале аз баррасии осору таълифоташ маълум мегардад, ки вай дар тамоми фунуни адабӣ маҳорати том дошта ва ба дигар риштаҳои илм мисли риёзӣ, фалсафа, мантиқ иҳотаи комил доштааст. Гузашта аз ин, ба ҳама аз бахшҳои тасаввуф огоҳ буда ва бо басирати хоссе дар мароҳили ирфонии илмӣ ва амалӣ гом бардоштааст.

Тавре ки зикр шуд, дар бисёре аз сарчашмаҳову маъхазҳо ва китобҳои муътабар аз ҷойгоҳу нақши ӯ дар илму таҳқиқ сухан рафтааст.

Ба сифати мисол метавон аз Амин Аҳмади Розӣ муаллифи тазкираи «Ҳафт иқлим» ном бурд. Мазкур дар асари худ роҷеъ ба Айн-ул-қуззот чунин менависад: «Куният ва номи вай Абулфазоил Абдулло Муҳаммад ал-Миёнҷӣ аст ва Айн-ул-қуззот лақаби ӯст. Фазоил ва камолоти сувариву маънавии вай аз мусаннифонаш зоҳир аст. Он қадар кашфи ҳақоиқ ва дақоиқ, ки вай карда, кам касе кардааст» [1, с.1122].

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар китоби «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазорат-ил-қудс» перомуни ҷанбаҳои мухталифи рӯзгори ӯ бо иттико ба гуфтаҳои худаш иттилооти ҷомеъеро баён доштааст. Тибқи маълумоти ӯ Айн-ул-қуззот бо Шайх Муҳаммад ибни Ҳаммуния ва Шайх Имом Аҳмади Ғазолӣ ошноии наздик дошта, аз суҳбати онҳо баҳраҳо бурдааст: «Ва аз вай хориқи одат чун-эҳё ва иботат ба зуҳур омадаву миёни вай ва Шайх Аҳмад мукотибот ва муросилоти бисёр аст. Ва аз он ҷумла «Рисолаи айния» аст, ки Шайх ба вай навиштааст, ки дар фасоҳат ва балоғат равонӣ ва салосат тавон гуфт, ки онро назире нест» [3, с.14].

Ҳамон гуна ки дар идомаи матн Мавлоно Ҷомӣ аз забони худи Айн-ул-қуззот нақл намуда, махсусан дидор бо Шайх Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Ғазолӣ ҷараёни зиндагии ӯро комилан дигаргун сохтааст: «Ногоҳ… Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Ғазолӣ раҳматуллоҳу таъоло, ба Ҳамадон, ки мавтини ман буд, ташриф овард. Ва дар суҳбати вай дар бист рӯз бар ман чизе ҳозир шуд, ки аз ман ва талаби ман ғайри худ ҳеҷ боқӣ нагузошт, илло мошоаллоҳ ва моро акнун шуғле нест, ҷуз талаби фано дар он чиз ва агар чунончи умри Нӯҳ ёбам фонӣ созам ҳеҷ накарда бошадам. В он чиз ҳама оламро фурӯ гирифтааст, чашми ман бар ҳеҷ чиз наафтад, ки рӯйи вайро дар он набинам ва ҳар нафасе, ки дар иститроқи ман дар он биафзояд, бар ман муборак мабод» [3, с.514].

Бар асоси навиштаи муҳаққиқ Айн-ул-қуззот ба воситаи донишу иттилооти васеи фиқҳии худ ва ҳушу зеҳни саршораш дар Ҳамадон ба мансаби қозӣ мерасад. Мутаассифона, дар бораи таъриху санаи даврони кориаш ва ҷузъиёти он маълумоте дастрас нест. Танҳо дар навиштаҳояш аз худ ҳамчун қозии ҳамадонӣ ном мебарад.

Ҷолиби диққат аст, ки қисмати зиёди осори Айн-ул-қуззот чи форсиву чи арабӣ, шомили дастуроти ахлоқиву ақидаҳои ирфонӣ аст, ки бо сабки содаву шеваи равон таълиф шудаанд. Аз ин миён танҳо рисолаи «Лавоиҳ»-и ӯ бо насри мусаҷҷаъ ва санъатҳои лафзиву истиорот ба сабки «Савонеҳ»-и Шайх Аҳмад Ғазолӣ тасниф шуда.

Забеҳулло Сафо дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон» зимни арзёбии ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти адабӣ-таҳқиқии Айн-ул-қуззот хотирнишон месозад, ки «агарчӣ ӯ дар ҷавонӣ ба дасти мутаассибон кушта шуд, вале дар ҷавонӣ ҷомеи камолот ва аз навобиғи рӯзгор буда ва назди имом Умар Хайём ва шайх Аҳмади Ғазолӣ таламиз кард ва

дар калому ҳикмату ирфон ва адаби порсиву арабӣ соҳиби иттилои вофӣ буд ва назар ба касрати мутолиа дар кутуби Имом Аҳмади Ғазолӣ бояд онро шогирди бавоситаи он бузург шумурд» [2, с.937].

Нуктаи дигаре, ки таъкидаш муносиб аст, ин аст, ки дар бархе аз сарчашмаҳо ӯро шогирди Бобо Тоҳири Урён хондаанд. Вале ба андешаи Забеҳулло Сафо ин андешаи дурусте нест. Зеро Бобо Тоҳир то охири қарни XI зинда набудааст, то битавонад устоди Айн-ул-қуззот бошад.

Бояд қайд намуд, ки Айн-ул-қуззот бештари донишу маълумоти худро аз роҳи омӯзишу мутолиоти шахсӣ фароҳам овардааст. Маҳз ҳамин амр сабаб шудааст, ки ӯ дар ҷавонӣ ба дараҷаи камолу шуҳрат бирасад.

Айн-ул-қуззот бо гурӯҳи бисёре аз олимону бузургони замони худ робитаи наздик ва мукотиба доштааст. Вале ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Айн-ул-қуззот дар суханони хеш аз Аҳмади Ғазолӣ ва Муҳаммад Ҳумия бисёр нақл карда ва махсусан суҳбати бистрӯзаи худро бо Аҳмади Ғазолӣ дар Ҳамадон муҷиби таваҷҷуҳи ғойии хеш ба камолот донистааст.

Шайх Аҳмади Ғазолӣ низ бо ҳамаи «ҷалолати қадр чандон ӯро дӯст медошт, ки дар мактубҳои худ ӯро «қурат-ул-айн» хитоб мекард, бо он ки муддати таламизи Айн-ул-қуззот дар назди ӯ чандон тӯл накашида буд» [2, с.937].

Айн-ул-қуззот дар бисёре аз рисолаҳои хеш андешаву дидгоҳҳои хешро перомуни роҳу равиши илмомӯзӣ, нақши донишу илм дар камоли инсонӣ, гурӯҳбандии илмҳо ва дигар мавзӯот баён доштааст. Ба ақидаи ӯ, инсон бояд дар зиндагӣ саъю талош варзад то ба илмҳои судманд даст ёбад. Зеро дар ҷаҳон илмҳои зиёде мавҷуд аст, ки одамӣ дар умри кӯтоҳи хеш наметавонад ба ҳамаи онҳо дастрасӣ дошта бошад.

Айн-ул-қуззот масири донишандӯзии хешро махсусан дар китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ниҳоят батафсил ва бо сабки содаву дилчасп баён намудааст. Дар рисола ӯ таассуроти худро перомуни даврони донишандӯзиву мутолиоташ ва махсусан нақши Имом Аҳмади Ғазолӣ дар камолу боландагии маънавияш бисёр муассиру ҷаззоб тасвир карда, ки порае аз онро нақл мекунем: «Ба даврони чаҳорсола дар асари мутолиаи кутуби Ғазолӣ чашми басиратам кам-кам гушуда мешуд ва дар ин асно бар мавонеъ огоҳ мешудам, ки наздик буд роҳи ҷустуҷӯи мовароулумро бар ман қатъ кунад ва қариб яксар дар ин ҳолат бимондам ва натавонистам ҳақиқати воқеиро, ки дар ин сол ба ман рӯй намуда буд, дарёбам, то ин сарвару муллоям ва пешвои арҷмандам подшоҳи тариқату роҳнамои тариқаи Аҳмад бини Муҳаммад бини Муҳаммад Ғазолиро (ки Худованд аҳли исломро ба бақои ӯ баҳраманд гардонад ва дар мукобили эҳсоне, ки ба ман намудааст, ӯро ҷазои хайр диҳад) тақдир ба Ҳамадон, ки зодгоҳи ман аст, кашонид (ва ман ӯро мулоқот кардам ва ба муддати камтар аз бист рӯз дар хидмати ӯ барои ман кашфи ҳақиқат гардид ва ҳиҷоби саргаштагии воқеаи мазкур бартараф гардид ва ҳақиқати амрро дар ин ҳол мушоҳида кардам). Он гоҳ ба ҳақиқате иттилоъ ёфтам, ки дар баробари он аз ман ва хостаҳои дигарам чизе боқӣ намонд, магар он чиро ки Худо хоста буд ва акнун солҳост, ки ман коре ҷуз орзуи фано шудан дар ин ҳақиқатро надорам» [4, с.192-193].

Яке аз вижагиҳои ахлоқии Айн-ул-қуззот аз он иборат буд, ки зимни шӯру шавқу туғёни эҳсосоти сӯфиёнаи худ бидуни мулоҳизаву бепарво сирру асрори сӯфиёнро фош мекард. Ӯ мазҳаби худро, ки пайравӣ аз ваҳдати вуҷудиён буд, бидуни тарсу бим изҳор менамуд ва бо мутаассибони қавми хеш, ки ба ӯ душманӣ доштанд, доимо баҳсу ҷадал менамуд.

Қобили қайд аст, ки ихтилофоту нофаҳмиҳо миёни динфурӯшон нисбати Айн-ул-қуззот ҷанбаҳои гуногун дошт. Иллати нахустин ин буд, ки ӯро барои ҷонибдориву пайравӣ аз андешаву ақидаҳои файласуфон гунаҳгор меҳисобиданд, ки ӯ ба қидами олам эътиқод дорад.

Заминаи дигари ихтилоф ҳасади уламои шаҳру диёр буд, ки ин ҷавони тезҳушу борикандешаву донишмандро таҳаммул карда наметавонистанд. Гузашта аз ин, манбаи дигари ихтилофоту душманӣ баёни бисёр аз ҳақоиқи тасаввуф, ки барои мардуми одӣ қобили дарк набуд, дар осори арабӣ ва форсии Айн-ул-қуззот буд.

Ба ҷуз ин Айн-ул-қуззот ба Ҳусейн ибни Мансури Ҳаллоҷ ишқ меварзид ва суханони ӯро, ки худ боиси қатли гӯянда шуда буд, бо шаклҳои гуногун тафсиру ташреҳ менамуд. Ин амр низ як санади коргар барои душманони мутаассиби ӯ буд.

Хотирнишон гардид, ки Айн-ул-қуззот бо донишу фазле, ки дошт, хеле зуд ба шуҳрат расид ва мусаллам аст, ки шогирдону муридони зиёде миёни бузургону гурӯҳи касире аз мардум дошт, ки ба ӯ ишқу иродат меварзиданд. Яке аз вазирони дасисабоз Абулқосими Даргузинӣ, ки бисёре аз олимону фарҳангиёни номдорро бо ҳиллаву тазвир аз байн бурда буд, дар андешаи нобуд сохтани Айн-ул-қуззот афтод. Ӯ барои амалӣ сохтани ин нияти худ олимони мутаассибу ҳасудон ва дастае мардуми авомро ба кор гирифт ва аз миёни навиштаҳои ӯ калимаеро барои исботи мулҳиду кофир будани вай интихоб карданд ва ҷамоате аз фақеҳон барои куштани ӯ фатво доданд. Ҷолиби қайд аст, ки бо мушоҳидаи

авзову аҳволи сиёсиву динии худ истинбод мекард, ки фарҷоми кори ӯ ба куҷо хоҳад анҷомид.

Ӯ дар яке аз мактубҳояш чунин менависад: «ва гурӯҳи дигар маст омаданд. Зуннор низ барбастанд ва суханҳои мастӣ оғоз карданд, баъзеро бикуштанд ва баъзеро мубталои ғайрати ӯ карданд. Чунончи ин бечораро хоҳад будан. Вале надонам, ки кай хоҳад будан. Ҳанӯз дур аст. Эй азиз! Рӯзгоре бар мани сӯхта мегузарад, ки аз вуҷуди худ низ нанг медорам ва ҷуз нолаву сӯхтан суде на…» [2, с.927].

Айн-ул-қуззот дар асари дигараш «Тамҳидот» роҷеъ ба иттилои қатли худ чунин менависад: «Дар шаҳр мегӯянд, ки Айн-ул-қуззот даъвои худоӣ мекунад ва ба қатли ман фатво медиҳанд… Ман худ ин қатл ба дуо мехоҳам. Дареғо ҳанӯз дур аст, кай бувад» [4, с.227].

Ҳамин тавр, пас аз фатво додан ӯро дастгир мекунанд ва ба Бағдод мебаранд ва чанде дар зиндон нигоҳ медоранд. Сипас дубора ба Ҳамадон боз гардонида ӯро ба дор мекашанд.

Мероси Айн-ул-қуззоти ҳамадонӣ. Замоне ки Айн-ул-қуззоти ҳамадонӣ ба қатл расонида шуд 33 сол беш надошт, вале ба ин нигоҳ накарда, мероси арзишманде аз худ ба ёдгор гузошт. Осори ӯ ба забони арабӣ ва форсӣ таълиф шудааст ва аз нигоҳи муҳтаво шомили ақоиду дидгоҳҳои ӯ дар бораи тасаввуф ва масъалаҳои имону эътиқод аст.

Муҳимтарин асари ӯ «Яздоншинохт» мебошад, ки аз китобҳои форсии ӯст. Рисолаи мазкур фарогири масъалаҳои илоҳӣ ва ҳикмату улуми табиӣ аст. Боби аввали «Яздоншинохт» дар баёни маърифати Худованд ва шинохтани баъзе аз сифоти ӯст. Боби дуюм дар маърифати нафси инсонӣ ва ҳоли чигунагии ӯ мебошад. Боби сеюм иборат аз тавсифи нубувват ва муъҷизоту каромот аст.

«Рисолаи ҷамолӣ» асари дигарест, ки муаллиф онро ба Ҷамолиддин Шарофуддавла, ки аз подшоҳони муосири ӯ буда, ихтисос додааст.

«Тамҳидот ё зубтад-ул-ҳақоиқ» яке аз асарҳои бисёр муҳимми муаллиф аст, ки дар солҳои поёни умри ӯ нигошта шудааст.

Мавзӯи баҳси китоб ба таври умум зоти Худованд ва сифоти уву нубуввату меъод мебошад.

Миёни осори ӯ «Мактубот» ҷойгоҳи хоссеро ташкил медиҳад, ки бо забони форсӣ навишта шудааст.

Мактуботи номбурда фарогири номаҳоест, ки ба муридони хеш навиштааст. Мавзӯъ ва матолиби ин номаҳо аксар марбут ба масоили ирфонӣ, монанди ишқу фано ва сидқу сафо, мабоҳиси фалсафӣ, мумкину воҷиб, ҳодису қадим ва ғ. мебошад.

Мавзӯи дигаре, ки дар ин замина зикраш бамаврид аст, ақидаву дидгоҳҳои Айн-ул-қуззот аст, ки таҳқиқаш аз ҳавсалаи ин мақола берун аст. Танҳо ногуфта намонад, ки афкору андешаҳои ӯ такявар ба дидгоҳҳои ирфонии Имом Муҳаммад ва Шайх Аҳмади Ғазолӣ аст, вале ӯ дар изҳороту баёниҳои худ бештар ба назару орои Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ пайравӣ намудааст. Масалан дар як ҷо марги мансурворро хостор шуда, ки андешааш дар рисолаи «Тамҳидот» чунин омада: «баъзе аз соликони ин роҳ дар мақоми беҳушӣ гумон бурдаанд, ки мусовиултарафайн шудаанд, чун сафари ағолиб буд зуннор бастанд ва «аналҳақ гӯён» ба дори фано баромаданд. Баъзе туъмаи шамшер шудаанд ва баъзеро сӯхтанд ва бо фақир низ ҳамин ош дар коса аст ва ман худ аз Худо хостаам. Дареғо ҳанӯз дур аст ва кай бошаду кай» [4, с. 213].

Дар поён ҷойи таъкид аст, ки осори Айн-ул-қуззоти ҳамадонӣ ва махсусан шарҳи ӯ бар «Калимоти қисор-и Бобо Тоҳири Урён ба таври шоиста омӯхта нашудааст. Омӯзиши осори ин бузургмард аҳамияти зиёди илмӣ- таҳқиқӣ ва фарҳангӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Амин Аҳмад Розӣ. Ҳафт иқлим. (Тасҳеҳ, таълиқот ва ҳавошии Саид Муҳаммадризо Тоҳирӣ). - Теҳрон, 1378.- Ҷ. II. -1443 с.
2. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. - Теҳрон, 1373. - Ҷ.II. - 1267 с.
3. Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс. - Душанбе, 2013. - 865 с.
4. Шарҳи аҳвол ва осору дубайтиҳои Бобо Тоҳири Урён; бо инзимоми «Калимоти қисор»-и вай мансуб ба Айн-ул-қуззоти ҳамадонӣ; бо кӯшиши доктор Мансур Ҷавод. – Теҳрон, 1379. - 916 с.

НИГОҲЕ БА ЗИНДАГИНОМА ВА МЕРОСИ АЙН-УЛ-ҚУЗЗОТИ ҲАМАДОНӢ

Мақолаи мазкур бо омӯзиши зиндагӣ ва осори орифу шоири номвари асри XI Айн-ул-қуззоти ҳамадонӣ бахшида шудааст. Ҳарчанд дар бораи даврони бачагӣ ва таҳсилоти ибтидоии ӯ маълумоте дар даст нест, вале ӯро дар ҷомеаи илмии замони ҳукмронии салҷуқиҳо чеҳраи дурахшон мешуморанд. Дар бораи Айн-ул-қуззот дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳулло Сафо ва китоби Мансур Ҷавод «Шарҳи аҳвол ва осору дубайтиҳои Бобо Тоҳири Урён» метавон иттилооти зиёд пайдо намуд. Ба ақидаи муҳаққиқони адабиётшинос асри XI, махсусан замони ҳокимияти салҷуқиҳо, даврони буғранҷу ошуфтае буд. Дар ин давра аксари намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа рӯ ба тасаввуф меоварданд. Мактабҳои зиёде тасаввуфӣ ба зуҳур расиданд, ки яке аз онҳо мактаби Имом Абуҳамид Муҳаммад ибн Муҳаммад Ғазолӣ буд. Айн-ул-қуззот шогирди Муҳаммад Ғазолӣ маҳсуб мешавад. Тавре ки худи ӯ қайд мекунад, мулоқот бо Ғазолӣ ва дидгоҳҳои ӯ зиндагии ӯро тағйир медиҳад. Айн-ул-қуззот ҳамчунин таълимоти Мансури

Ҳаллочро пайравӣ мекунад ва соли 1139 зери фишори мутаассибони мазҳабӣ ӯро ба дор мекашанд. Мазкур рисолаҳои зиёде навишта, ки хусусияти ирфонӣ доранд ва ба забони арабӣ ва форсӣ таълиф шудаанд. Ба ҷуз ин вай китоби Бобо Тоҳири Урён «Каламоти қисор»-ро тарҷума намуда, ба он шарҳ навиштааст. Муҳтавои китоб нишон медиҳад, ки муаллифи он бо таҳқиқоти бунёдии замони худ дар риштаи тасаввуф ошно будааст.

Калидвожаҳо: Айн-ул-куззот, рисола, тасаввуф, ирфон, адабиёт, шарҳ.

БЕГЛЫЙ ВЗГЛЯД НА ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО АЙН-УЛ-КУЗЗОТА ХАМАДОНИ

Статья посвящена изучению жизни и наследия великого мистика, теолога и поэта XI-го века Айн-ул-куззота Хамадони. Хотя о раннем возрасте и начальном образовании ученого нам ничего не известно, но его считают яркой фигурой в научном обществе времени правления сельджукидов. Более подробную информацию об Айн-ул-куззоте можно найти в книге Забехулла Сафа «История литературы в Иране» и книгу Мансура Джавода «Жизнь и наследие Баба Тахира Урйана». По мнению ученых литературоведов, XI век, особенно время правления сельджукидов, было достаточно сложным и тревожным. В этот период большое число представителей самых различных слоев населения приходит к суфизму. Появились мистические школы, одной из которых является школа знаменитого Имама Абухамида Мухаммада ибн Мухаммада Газали. Айн-ул-куззот является учеником Газали. Как отмечает сам Айн-ул-куззот, встреча с Газали и знакомство с его идеями перевернула его жизнь. Айн-ул-куззот также увлекается учениями Мансура Халаджа и под давлением религиозных фанатиков в 1139 его повесят. Айн-ул-куззату принадлежат многочисленные трактаты мистического и теологического характера. Его книги написаны на арабском и персидском языках. Кроме этого он перевел и написал комментарии к книге Баба Тахира Урйана «Каламоти кисар (краткие словеса)». Книга Баба Тахира написана на арабском языке. Содержание книги показывает, что автор был знаком с фундаментальными теоретическими работами своего века по суфизму.

Ключевые слова: Айн-ул-куззот, мистика, трактат, литература, комментарии.

A QUICK LOOK AT LIFE AND CREATIVITY AIN-UL-CUZZOT HAMADONI

The article is devoted to the study of the life and heritage of the great mystic, theologian of XI century Ain-ul-cuzzot Hamadoni. So, we don't have much information about the early age and primary education of a scientist but he is considered a bright figure in the scientific society of the time of the Seljukid rule. For more information about Ain-ul-Cuzzot, its possible to find from the book of Zebehullah Safa "The History of Literature in Iran" and the book of Mansur Javod "Life and Heritage of Bab Tahir Urayn". According to scientists of literary scholars of the XI century, especially the reign of the Seljukids, it was rather complicated and troubling. In this period, a greater number of representatives of the most diverse strata of the population comes to Sufism. The mystical school shad been established, which one of them is the school of the famous Imam Abuhamid Muhammad ibn Muhammad Ghazal. Ain-ul-kuzzot is a student of Ghazal. As Ayn-ul-kuzzot notes, the meeting with Ghazali and getting to know his ideas brought his life back. Ain-ul-kuzzot also takes a great interest in the teachings of Mansur Khalladzha and under the pressure of religiously-minded fanatics in 1139 he had been hanged. Ayn-ul-cuzzot has numerous mystical and theological tracts. His books were written in Arabic and Persian. In addition, he translated and wrote comments on the book of Bab Tahir Orian «Kalimoti kisar (Idioms)». Baba Tahir's book was written in Arabic. The contents of the book show that the author was familiar with the fundamental theoretical works of his century on Sufism.

Keywords: Ain-ul-cuzzot Hamadoni, mystic, tracts, literature, comment.

Сведения об авторе: ***Каримов Иноятулло Рахимович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры иранской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудакї 17. E-mail: **enoyat@mail.ru.** Телефон: **(+992) 98-790-66-66**

Information about the author: ***Karimov Inoyatullo Rahimovich*** - Tajik National University, the doctoral Ph.D researcher at the Department of Iranian philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: **enoyat@mail.ru.** Tel.: **(+992) 987-90-66-66**

УДК: 891.550+891.5

ПУТЕШЕСТВИЕ «КИТАЙСКОЙ ПРИНЦЕССЫ» ИЗ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ЧЕРЕЗ ЕВРОПУ НА РОССИЙСКУЮ СЦЕНУ

Махмудов Д.О.
Таджикский национальный университет

Изучение проблемы литературных связей и культурного воздействия, как высшей формы этих связей, должно, с нашей точки зрения, рассматриваться исследователями строго в историческом плане. В истории европейской цивилизации можно увидеть моменты, когда «восточный ветер» оказывается наиболее ощутимым, когда влияние восточной традиции затрагивало наиболее существенные стороны культуры и духовной жизни Европы. М. Л. Дюфренуа в исследовании, посвященном Востоку во французской литературе, отмечает: «Мы увидели, какое глубокое влияние оказал Восток на движение идей с XVIII века. Новые понятия, почерпнутые у египтян, индусов, китайцев, у персов и даже у дикарей, столкнулись с принципами, которые составляли саму основу нашего общества, как будто бы для того, чтобы их поколебать» [10, с.24].

В отличие от переведенной с арабского на французский язык А. Галланом «Тысячи и одной ночи», которой посвящено огромное количество исследований, «Тысяча и один день»

Пети де ла Круа (Pétis de la Croix 1653-1713), к сожалению, упоминается только фрагментарно в обзорах французской литературы и остается незаслуженно забытым трудом в рамках истории таджикской литературы. Между тем, в работах французского ориенталиста мы обнаруживаем реальное отражение таджикско-персидской сказочной традиции, которая не в меньшей мере, а скорее наоборот, оказала значительное воздействие на всю европейскую культуру в целом.

Какова была судьба таджикско-персидских идей, сюжетов и образов «1001 дня» на французской и вообще европейской почве? Например, в исследованиях театра Карло Гоцци обращение к «1001 дню» открывает нам возможность совершено по-новому взглянуть на творчество этого выдающегося итальянского драматурга. Нам представляется весьма показательным, что таджикско-персидскими сказками «1001 дня» вдохновлялись на протяжении XVIII-XIX вв. многие крупные представители европейской культуры.

В исследовательской литературе неоднократно отмечался тот факт, что «при идентичности исходных форм развитие фольклорных сюжетов может в дальнейшем под влиянием различающихся условий принимать в разных культурных регионах весьма своеобразный вид» [3, с.21]. Классическим образцом такого рода сюжетов является история всемирно известной «Принцессы Турандот» по сказке Карло Гоцци - визитной карточке Вахтанговского театра. «Принцесса Турандот» - старинная сказка, появившаяся изначально на территории Центральной Азии, а затем благодаря стараниям Пети де ла Круа и других известных деятелей европейской культуры перекочевавшая во Францию, Италию и далее по всему миру, никакого отношения к Китаю не имеет, хотя речь в ней идет о жестокой китайской принцессе, которая задавала своим женихам неразрешимые задачи, а тех, кто не прошёл этот интеллектуальный тест, отправляла на казнь.

По нашему мнению, бесспорным является тот факт, что итальянец Карло Гоцци был знаком с творчеством французского ориенталиста Пети де ла Круа, и в том числе с «Повестью о принце Калафе и китайской принцессе», которая была включена в его сборник персидских сказок в Париже в 1712 г., а потом перепечатана в сборниках «1001 день» и «Кабинет фей». Многие исследователи считают, что фабулу этой сказки Гоцци использовал напрямую, основываясь на повести великого азербайджанского поэта XII в. Низами, писавшего на персидском языке, однако следует возразить, что Гоцци также заимствовал у Пети де ла Круа иные сюжеты для своих фьяб, например «Король-олень» или «Счастливый нищий», которые впоследствии неоднократно использовались в европейской литературе. Между тем, в литературе также неоднократно высказывалось мнение о связи «Повести о принце Калафе и китайской принцессе» с поэмой Низами «Семь красавиц» (Хафтпайкар). Предположение, что некоторые мотивы рассматриваемой повести близки к сказочной новелле «Красного дворца» из поэмы Низами, все же сомнительно, так как сюжет и персонажи «Повести о принце Калафе и китайской принцессе» несравненно ближе к текстам «Сказочной энциклопедии», чем к поэме Низами. Надо полагать, что и новелла «Красного двора», и «Повесть о принце Калафе» восходят в конечном счете к одному таджикско-персидскому исходному тексту, однако нет никаких оснований для того, чтобы связывать сюжет повести Пети де ла Круа непосредственно с поэмой Низами.

Сюжет «Повести о принце Калафе» ведет две сюжетные линии, независимые друг от друга. Первая из них связана с злоключениями принца Карафа (Калафа) и его семьи, вторая же представляет собой широко известный в восточном фольклоре мотив необходимости решения трудных задач соискателями руки принцессы. Подобное объединение довольно распространенно на таджикско-персидской почве; в «Рассказе о царевиче, который продал мать и отца и вступил в спор с принцессой страны Чин» (китайской принцессой). Этот рассказ встречается во многих таджикско-персидских сборниках и в большинстве сказочных энциклопедий: «Обрадовавшись рождению долгожданного сына, некий шах пренебрегает делами государства, и его изгоняют из города. В пути на шаха и его семейство нападают разбойники, герои переживают различные приключения. В конце Шахзаде вынужден продать своих родителей и на вырученные деньги продолжает путешествие один. В стране Чин он узнает, что дочь падишаха обещана в жены тому, кто правильно ответит на все ее вопросы. Царевич выдерживает испытание, женится на принцессе страны Чин, выкупает родителей, возвращается с ними на родину и после смерти отца вступает на престол» [7, с. 16].

В рукописи ИВ АН СССР (шифр С 1502) имеется «Рассказ о румской царевне»: «Румская царевна объявляет, что согласится выйти замуж лишь за того, кто правильно ответит на все ее вопросы. По ее приказу вешают семьдесят тысяч мудрецов, которые не в силах выполнить это условие. Молодой человек из Центральной Азии по имени Абд ал-Алим является к царевне, верно решает поставленные задачи и … отказывается взять в жены принцессу». В этом сюжете, как впрочем, и в партитуре «Турандот» Пучини, подчёркивается жестокость принцессы, которая подвергается моральному осуждению со стороны героя и повествователя. В повести Пети де ла Круа герой, ответив на вопросы принцессы, также предоставляет ей возможность

избегнуть брака с ним, но эта двусмысленность мотивирована не критикой китайской принцессы, а нежеланием героя быть нелюбимым женихом.

В таджикско-персидской сказочной повести «Семь приключений Хатема» («Саргузашти Ҳотам»), называемой также «Рассказ о Хатеме, Хуснбону и царевиче Мунире и о том, как Хатем нашел ответы на семь ее вопросов» [7, с. 122] шахская дочь находится во власти злого джинна, который понуждает ее изводить всех влюбленных в нее юношей. «Во время приступов безумия желающим получить ее руку странникам она задает три вопроса. Те же не могут на них ответить и по ее приказу лишаются жизни»[2]. Хатем не только отвечает на вопросы принцессы, но и побеждает джинна в единоборстве. Злое колдовство рушится, и принцесса опять становится доброй и застенчивой. Сборник «Иранская сказочная энциклопедия», вышедший под редакцией И.С. Брагинского в 1977 г. включает в себя некоторые тексты рукописи №167, однако большую часть книги занимает именно повесть «Семь приключений Хатема», не включавшаяся обычно в иранские сказочные энциклопедии [1].

Принц Калаф у Пети де ла Круа влюбился в китайскую принцессу, увидев ее портрет. Этот мотив присутствует во многих произведениях таджикско-персидской сказочной литературы, например в «Рассказе об Аршаде, Рашиде и Ашрафе», в «Повести о царевиче Сейф-эль-Мулюке».

Не располагая рукописями, которыми пользовался в своей работе французский ориенталист, мы можем тем не менее с достаточной определенностью отождествить его сказки с произведениями, сохранившимися в таджикско-персидской письменной традиции. Судя по всему, в распоряжении французского писателя была одна из тех рукописей, которые в современной иранистике определяются как «иранские сказочные энциклопедии» («Джавоме-ул-хикоет»). Начало изучению этого типа письменных памятников в Таджикистане положил И. С. Брагинский, а в 1971 г. была опубликована монография Ю. Салимова, специально посвященная иранским сказочным энциклопедиям [5].

Переводя пьесу Гоцци на немецкий язык (1801), Ф. Шиллер усилил ее драматизм, «укрупнил» характеры героев и заново написал сцену загадок Турандот. Опера в трех действиях Джакомо Пуччини на либретто (по-итальянски) Джузеппе Адами и Ренато Симони, еще больше подчеркивает драматическую атмосферу действия: Принц Калаф прибыл в Пекин с намерением поступить на службу к императору Альтоуму. Но сперва он хочет посмотреть на празднество, приготовления к которому, похоже, идут в городе.

Однако это готовится не празднество, а казнь очередного потерпевшего неудачу претендента на руку принцессы Турандот- царевича Самаркандского. Дело в том, что тщеславная жестокосердечная принцесса вынудила отца издать такой указ: всякий принц может свататься к Турандот, но с тем, что в заседании Дивана мудрецов она загадает ему три загадки; разгадавший их станет её мужем, неразгадавший — будет обезглавлен. С тех пор головы многих славных принцев украсили стены Пекина. Счастливая развязка оперы, в отличие от пьесы, омрачена жертвенной смертью Лю. Этот трогательный образ создан Пуччини, отказавшимся от героини Гоцци — пленной принцессы, энергичной и коварной, тайной соперницы Турандот, которая хитростью выведывает тайну героя и предает его. Пуччини противопоставил два контрастных женских образа: холодную, жестокую, не знающую человеческих чувств принцессу Турандот и хрупкую, нежную рабыню Лю; в их духовном поединке победа остается за Лю, своей смертью утверждающей непобедимую силу любви...

Сегодня знаменитая «китайская принцесса» некогда рожденная в Центральной Азии покорила весь Мир и стала визитной карточкой Вахтанговского театра в Москве.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Брагинский И.С. Иранская сказочная энциклопедия / И.С. Брагинский. - М.: Наука, 1977. - 168 с.
2. Образцы художественной персидско-таджикской прозы. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 300 с. (на тадж. языке); текст составлен Дж. Азизкуловым и С. Давроновым на основе двух бухарских рукописей середины XIX в. и одного индийского литографированного издания 1894 г.
3. Рифтин Б.Д. Типология взаимосвязи средневековых литератур // Типология взаимосвязи средневековых литератур Востока и Запада / Б.Д. Рифтин. - М.: Наука, 1974. – 21 с.
4. Рипка Я.Н. История персидской и таджикской литературы / Я.Н. Рипка. - М.: Прогресс, 1970. – 244 с.
5. Салимов Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик / Ю. Салимов. - Душанбе: Дониш, 1971. – 223 с.
6. Сидорченко Л.В. К вопросу о жанре восточной повести и европейской литературе ХУШ века / Л.В. Сидорченко // Проблемы жанра в зарубежной литературе. - Свердловский пединститут, 1976. – 311 с.
7. Туманович Н.Н. Описание персидских и таджикских рукописей Института востоковедения АН СССР. Вып. 6. / Н. Н. Туманович. - М.: Наука, 1981. – 284 с.
8. Тысяча и одна ночь. Художественная литература, 1959. [Электронный ресурс]. URL: http://www.litres.ru/pages/biblio_book/?art=139295 (дата обращения: 28.10. 2017).
9. Baronian J.B. Panorama de la literature fantastique de langue Iranyaise. - Paris, 1978.
10. Dufrenoy M-Z. L'Orient Romanesque en France. 1704-1789 / M-Z. Dufrenoy // Montréal, 1946. – 24 с.

САЙРИ «ШОҲДУХТАРИ ЧИНӢ» АЗ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ТАВАССУТИ АВРУПО ТО САҲНАИ РУСИЯ

Дар ин мақола сухан дар бораи таъсири адабиёт ва фарҳанги форсу тоҷик ба ҳаёти фарҳангӣ ва маънавии Аврупои асрҳои XVII-XIX меравад. Муаллиф дар мақолааш дар бораи афсонаҳои «Ҳазору як шаб», ки тавассути тарҷумаҳои шарқшиносони фаронсавӣ А. Галлан ва П. де ла Круа дар Аврупо машҳур шуд, қисса мекунад. Инъикоси реалии анъанаҳои афсонавии форсу тоҷик ба тамоми маданияти аврупоӣ таъсири зиёде расонд. Қайд карда мешавад, ки аз афсонаҳои форсӣ-тоҷикии «Ҳазору як рӯз» дар ҷараёни асрҳои XVIII-XIX бисёр намояндагони бузурги фарҳанги аврупоӣ илҳом мегирифтанд. «Шоҳдухтар Турандод» - афсонаи қадимае мебошад, ки аввал дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадааст ва сипас, ба шарофати кӯшишҳои Пети де ла Круа ва дигар фаъолони машҳури фарҳанги аврупоӣ аввал ба Фаронса, Италиё ва баъд тамоми ҷаҳон паҳн шуда, бо Чин ягон муносибат надорад. Дар мақола сухан дар бораи драматурги машҳури италиявӣ Карло Готсӣ ва намоишномаи вай «Шоҳдухтар Турандод» меравад, ки солҳои дароз дар театрҳои Аврупо ва Русия намоиш дода мешуд. К. Готсӣ инчунин аз Пети де ла Круа дигар сужаҳоро барои намоишномаҳои худ иқтибос овардааст. Масалан, «Шоҳ-гавазн» ё «Камбағали хушбахт» чандин маротиба дар адабиёти аврупоӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Афсонаи «Шоҳдухтар Турандод (Турондухт)» ҳамчун намоишномаи театрӣ то имрӯз дар тамоми театрҳои Аврупо ва Русия ба намоиш гузошта мешавад.

Калидвожаҳо: адабиёт, фарҳанг, форсу тоҷик, тарҷума, афсона, намоишнома, шарқшинос, фарҳанги афрупоӣ, сужа.

ПУТЕШЕСТВИЕ «КИТАЙСКОЙ ПРИНЦЕССЫ» ИЗ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ЧЕРЕЗ ЕВРОПУ НА РОССИЙСКУЮ СЦЕНУ

В данной статье речь идёт о таджикско-персидской литературе и культуре и её влиянии на культурную и духовную жизнь Европы XVII-XIX вв. Автор повествует о сказках «Тысяча и одна ночь» и её переводе со стороны французских ориенталистов А. Галлан и П. де ла Круа. Показывается реальное отражение таджикско-персидской сказочной традиции, которая оказала значительное воздействие на всю европейскую культуру. Отмечается, что таджикско-персидскими сказками «1001 дня» вдохновлялись на протяжении XVIII-XIX вв. многие крупные представители европейской культуры. «Принцесса Турандот» - старинная сказка, появившаяся изначально на территории Центральной Азии, а затем благодаря стараниям Пети де ла Круа и других известных деятелей европейской культуры перекочевавшая во Францию, Италию и далее по всему миру, никакого отношения к Китаю не имеет. Рассказывается об известном итальянском драматурге Карло Гоцци и его пьесе «Принцесса Турандот», которые на протяжения долгих лет показывали в театрах Европы и России. К. Гоцци также заимствовал у Пети де ла Круа иные сюжеты для своих фьяб, например «Король-олень» или «Счастливый нищий», которые впоследствии неоднократно использовались в европейской литературе. Сказка «Принцесса Турандот» как театральная пьеса до сих пор идёт в театрах Европы и России.

Ключевые слова: таджикско-персидский, литература, культура, перевод, сказка, ориенталист, театральная пьеса, европейская культура, сюжет.

“THE CHINESE PRINCESS’S” TRIP FROM CENTRAL ASIA THROUGH EUROPE TO THE RUSSIAN THEORETICAL SCENE

The article considers the Persian and Tajik literature and culture and their influence upon the European literature and culture during XVII-XIX centures. The author notes about the stories of “Thousand and a night” which had been translated by French orientalists A. Galland and P. de la Croix in Europe. The real reflection of the Tajik-Persian fairy-tale tradition is shown, which had a significant impact on the entire European culture. It is noted that, many major representatives of European culture were inspired by Tajik-Persian fairytales "1001 days" throughout the 18th-19th centuries. "Princess Turandot" is an ancient fairy tale that appeared initially on the territory of Central Asia, and then, through the efforts of Petit de la Croix and other famous figures of European culture, migrating initially to France, Italy and further all over the world and has no relevance to China. It tells about the famous Italian playwright Carlo Gozzi and his play "The Princess Turandot", which for many years have been shown in theaters in Europe. Nowadays the story of “Princess Turandod” as a theatrical play is performed in the all theatres of Europe and Russia.

Key words: literature, culture, Persian, Tajik, translation, story, orientalist, performance.

Сведения об авторе: ***Махмудов Давлатхуджа Орифович*** – Таджикский национальный университета, старший преподаватель кафедры иностранных языков факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 93-448-84-39**

Information about the author: ***Makhmudov Davlatkuudja Orifovich*** – Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Foreign Languages, Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. Tel.: **(+992) 93-448-84-39**

УДК: 891.550-1

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МУКОТИБОТИ С. АЙНӢ ВА А. ЛОҲУТӢ

Наимова Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Номаҳои С. Айнӣ аз нигоҳи мавзӯъ мухталиф буда, дар онҳо масъалаҳои гуногуни забони тоҷикӣ аз ҷумлаи қисмҳои таркибӣ ва муҳимми он мебошанд. Устод Айнӣ ба мисли оне ки дар мақолаҳои илмӣ, асарҳои бадеӣ пуштибони забони адабии тоҷикӣ буд, дар номаҳо низ пуштибони он аст. Тарафи ҷолибияти номаҳо дар он зоҳир мегардад, ки

устод Айнӣ бо мисолҳои мушаххас ва таҳлилҳои илмӣ собит менамояд, ки сарчашмаи ҳар як забони адабӣ, пеш аз ҳама, забони зиндаи ҳамон халқ аст. Маҳз адибон метавонанд, ки дар кашфи онҳо саҳм гиранд. Албатта, маълум аст, ки устод Айнӣ ин андешаашро дар осори бадеӣ амалӣ намудааст, ки имрӯз яке аз бунёдгузорони забони адабии тоҷикӣ шинохта мешавад. Устод Айнӣ дар номаҳои худ, хусусан дар номаҳои фиристодааш ба А. Лоҳутӣ, масъалаҳои муҳимми забонӣ ва роҳҳои тараққии онро дар шароити нави таърихӣ муайян ва мушаххас мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили онҳо дар замони муосир бо дастовардҳои навтарини забонӣ арзиши илмӣ пайдо намуда, бузургии ин устоди суханро бори дигар бозгӯ мекунад.

Бояд қайд кард, ки ҳар як номаи С. Айнӣ аз нигоҳи мавзӯъ ва масъалагузорӣ ба ҳукми як асари ҷудогонае мебошад, ки бо мақсади муайян ва барои тавзеҳи як нуктаи муҳим, ба миён омадааст. Устод Айнӣ доир ба масъалаҳои гуногуни забон ва баромади калимаҳои гуногуни тоҷикӣ – форсӣ дар чанд номааш бо адибон, аз ҷумла дар мукотиботаш ба А. Лоҳутӣ, сухан рондааст, ки аз ҳар ҷиҳат бағоят арзишманд мебошад.

Ба осори гаронарзиши ин нависандаи бузургамон, устод Айнӣ, таваҷҷуҳ намуда дарёфтем, ки дар тамоми асарҳои ин донишманди забардаст, хусусан мактубҳояш, баррасии масъалаи забон мавқеи муайян дошта, устод барои рушд ва тозагии забони тоҷикӣ муборизаи ҷиддӣ бурдааст. Ин муборизаҳо дар шакл ва намудҳои мухталиф сурат гирифтаанд. Як соҳаи фаъолияти С. Айнӣ муборизаи ӯ ба воситаи номаҳо ин исбот намудани баромади таърихии калимаҳои тоҷикист. Аз сӯйи дигар, масъалаи омӯхтани забони халқ, истифода аз захираи лаҳҷаҳо дар забони адабӣ, фаро гирифтани забони осори классикии адабиёти тоҷик ва дурусту бамавқеъ истифода бурдани калимаҳо, нигоҳ доштани тозагӣ ва риояти табиати миллии забони тоҷикӣ ва ба қоидаҳои он таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан, муборизаи устод Айниро дар роҳи рушд ва тозагии забони адабии тоҷикӣ муайян менамояд.

Мукотибаи С. Айнӣ барои омӯхтани ҳаёти шахсӣ, ақидаҳои адабию забоншиносии ӯ, ки дар рӯҳияи баланди ватандӯстиву ифтихори миллӣ офарида шудаанд, ҷолиби диққат мебошад. Ӯ дар номаҳояш ба адибони тоҷик барои пешгирӣ ва муҳофизати забони адабии тоҷик аз нуқсу хатоҳои ҷиддӣ ва таъйин намудани рафти инкишофи минбаъдаи он маслиҳатҳои судманди амалӣ додааст. «Яке аз соҳаҳои хеле муҳимми фаъолияти илмии устод Айниро, – қайд мекунад адабиётшинос А. Маҳмадаминов,-тадқиқи забони адабии ҳозираи тоҷик ташкил медиҳад. Муборизаи ӯ барои инкишофи забони тоҷикӣ ва демократӣ кунонидани он ба дигаргуниҳои азиме, ки баъди революотсияи Октябр дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании халқи тоҷик ба вуҷуд омадаанд, сахт алоқаманд мебошанд» [5, с.36].

Устод Айнӣ чун сухансарои забардаст ва пурзаковат на танҳо дороии забони модариашро бо ҳама қабатҳои услубиаш тибқи меъёри ҷорӣ донишмандона ба кор бурд, балки бо мактубҳои сершумор ва навиштаҳои бадеию илмӣ, публитсистии намунавори худ равиши минбаъдаи инкишофи онро бузургворона инкишоф ва муқаррар сохт.

Ҳунари нависандагии устод Айнӣ аз осори гаронбаҳо, аз ҷумла аз мактубҳои ӯ, ба хубӣ маълум аст. “Дониши мукаммал, таҷрибаи кофӣ, фикрҳои нав ба нав, табъи равшан, завқи латиф ва тахайюлоти ҷолибро дар ҳар як мактуби ӯ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар номаҳое, ки дар ин боб таҳлил хоҳем кард, устод Айнӣ дар масъалаи забон ба А. Лоҳутӣ бисёр мулоҳизаҳои ҷолиб баён намудааст. Адабиётшинос Х. Отахонова қайд мекунад, ки: «Мутолиаи мактубҳои устод Айнӣ нишон медиҳанд, ки ӯ дар номанависӣ низ бо ҳамон ҳисси масъулиятшиносӣ, ки дар асарҳои илмӣ ва адабиаш мушоҳида мекунем, машғул шудааст» [7, с.150].

Номаҳои устод Айнӣ оид ба бисёр масъалаҳои адабию фарҳангӣ ва доир ба пешрафти адабиёт маълумоти нодир медиҳанд. Аммо дар онҳо масъалаҳои марбут ба забон мавқеи махсусеро ишғол менамоянд. Нависанда дар мактубҳои худ масъалаҳои забонро бо роҳҳои гуногун баррасӣ намудааст ва бо адибон дар бораи забони асарҳои онҳо сухан рондааст.

Устод Айнӣ барои инкишоф ва ташаккули забони миллии тоҷик аҳамияти калон додааст. Ӯ ҳамчун асосгузори адабиёти муосири тоҷик бо эҷодиёти гаронмояи худ дар инкишофи забони адабӣ ва адабиёт хидмати аввалиндараҷа намудааст. Дар ин бора дар китоби забоншинос С. Ҳалимов маълумот пайдо кардем, ки муаллиф муборизаи устод Айниро дар бораи роҳҳои инкишофи забони адабии тоҷик таъкид карда чунин менависад: «Фаъолияти илмӣ, адабӣ ва ҷамъиятии асосгузори адабиёти советии тоҷик дар замони советӣ хеле гуногун ва ҳаматарафа буда, барои инкишоф ва ташаккули забони миллии тоҷик аҳамияти калон дошт. Вай дар замони мо бо эҷодиёти худ дар инкишофи забони адабӣ ва адабиёти тоҷик роли бузург бозидааст. Давраи фаъолияти Айнӣ давраи гузориши проблемаҳои гуногуну мураккаби забони адабии тоҷик ва ҳалли онҳо мебошад, ки худи вай дар ҳалли онҳо бевосита иштирок кардааст» [9, с.26].

Қайдҳои устод Айнӣ доир ба ҳамаи паҳлуҳои забон, умуман масъалаҳои назариявии забоншиносӣ, хеле хуб ба назар мерасанд. Ӯро дар адабиёти муосир ҳамчун забоншиноси беҳамто муаррифӣ намудаанд. Фаъолияти суханварӣ, суханофаринӣ ва забоншиносии С. Айниро муҳаққиқон борҳо мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додаанд. Дар ин хусус як гурӯҳ олимону нависандагон ва мутарҷимони соҳаи забону адабиёт изҳори ақида кардаанд, ки дар байни онҳо мақолаҳои М. С. Осимӣ, М. Турсунзода, Б. Н. Ниёзмуҳаммадов, И. С. Брагинский, С. Ш. Табаров, Р. А. Амонов, М. Ш. Шукуров, В. А. Асрорӣ, Р. Ҳошим, А. Сайфуллоев, Р. Ғаффоров, Х. Отахонова, А. Маҳмадаминов, Ш. Рустамов ва дигарон аҳамияти махсус доранд, чунки дар онҳо ба хидматҳои таърихии С. Айнӣ дар соҳаи забон баҳои сазовор дода шудааст. Рисолаи Н. Маъсумӣ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» (1959) ва С. Ҳалимов «Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик» (1974) асарҳои яклухти монографӣ мебошанд, ки афкори илмӣ дар онҳо як навъ ҷамъбаст шуда, қариб ҳамаи соҳаҳои фаъолияти Айниро доир ба инкишофи забону услуби бадеӣ ва забоншиносӣ дар бар гирифтаанд.

Дар мактубҳои устод Айнӣ доир ба забон бисёр ҷиддӣ ва ба мавқеъ сухан рафтааст. Масъалаҳои забонро устод Айнӣ дар номаҳояш бо адибон ба се меъёр таъкид намудааст, ки дар онҳо бо чӣ роҳ такя намудану дуруст истифода бурдан, ҳусну қубҳи забонро ба хубӣ дарк намудан андешаашро хеле муфид баён намудааст. Ӯ хотиррасон мекунад, ки адибон бояд аввал забони халқро омӯзанд ва ба захираи лаҳҷаҳо дар забони адабӣ диққат диҳанд, гузашта аз ин, забони асарҳои классикони тоҷикро аз бар намоянд.

Муҳимтарин хусусияти номаҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ низ дар ҳамин аст, ки мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи масъалаҳои забон аҳамияти хосса доранд. Устод Айнӣ ба масъалаи омӯхтани забони халқ, истифода аз захираи лаҳҷаҳо дар забони адабӣ, фаро гирифтани забони осори классикии адабиёти тоҷик ва дурусту бамавқеъ истифода бурдани калимаҳо, нигоҳ доштани тозагӣ ва риояти табиати миллии забони тоҷикӣ ва ба қоидаҳои он таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Ӯ дар яке аз номаҳояш ба А. Лоҳутӣ аз забоншиносоне, ки ба навиштаҳои устод Айнӣ эродҳои беасос гирифтаанд, шикоят карда, онҳоро ба зери танқиди сахт мегирад ва аз ҷумла менависад: «... Дар радифи эътирозҳои сиёсии беасосаш эътирози забонӣ ҳам кардааст ва ба ин далел овардааст, ки муаллиф дар 72 саҳифа, 124 тавзеҳ додааст. Ва ҳол он ки он эзоҳҳои ман бештар дар бораи калимаҳое мисли нешбанд, навбар, поёноб ва рағбанд барин калимаҳо буданд, ки онҳоро деҳқонони бесавод медонанд, аммо ҷавонони «саводи сиёсинок» намедонанд. (Таҳрири забонӣ карда чанд мисраъро вайрон ҳам кардааст) » [6, с.123].

Дар идомаи ҳамин нома сухан дар бораи калимаи «даҳанмард» меравад ва устод шарҳ медиҳад, ки: «...Ин калима ҳам мисли калимаҳои боло дар ҳеҷ луғат набуда, танҳо дар даҳони мардум ҳаст, яъне тамоман халқӣ аст, пеш аз ин навиштаҳои ман дар адабиёт нагузаштааст ва маънияш: «даҳанмард – одаме аст, ки касони дар атрофаш буда ба гапи вай медароянд ва дар вақти лузум ӯ аз тарафи онҳо монанди як вакили расмӣ гап задан мегирад. «Даҳанмард» аз «даҳанкалон» фарқнок аст. Даҳанкалон ҳамеша сифати салбии одамро баён мекунад, аммо даҳанмард гоҳо дар маънии салбӣ ва гоҳе дар маънии эҷобӣ меояд. Акнун намедонам, ки ман бо ин раҳбарони забони тоҷик чӣ кор кунам. Инҳо забони адабии классикро надонанд ва забони зиндаи халқиро надонанд ва маҷбур кунанд, ки «чизе навис, ки ман фаҳмам», дар ин сурат вой бар ҳоли ман ва монанди ман» [6, с.123].

Устод Айнӣ бар муқобили афкору ақидаи баъзе забоншиносон баромада ба ин восита ба А. Лоҳутӣ ҳушдор медиҳад, ки забони адабии классикӣ ва дар баробари он, забони зиндаи халқро аз худ кардан зарур аст. Ӯ бо баҳсу мунозираҳо ҳамчун ҷамъиятчии фаъол, муборизи мумтоз, донандаву ҳимояткунандаи забони миллӣ буд, ки дар номаҳояш доир ба ин масъала бо адибони тоҷик мулоҳизаҳои ҷиддӣ баён кардааст. «Яке аз нависандагоне, ки дар ибтидои асри XX, - қайд мекунад адабиётшиноси муосир Муҳаммадҷони Шакурӣ,-дар пеш бурдани ин протсесси муҳимми таърихӣ фаъолона иштирок кардаанд, устод Айнӣ буд. Айнӣ бо он асарҳои назмию насрии давраи аввали эҷодиёташ, ки як қисмашонро дар охири асри XIX ва аксарашонро дар ибтидои асри XX таълиф кардааст, аз шоҳроҳи ҳамин протсесси таърихӣ қадам задааст.

Дар ин асарҳои ӯ, аз як тараф, кӯшиши то ҳадди имкон сода кардани забону услуб дида шавад, аз тарафи дигар, истифодаи бисёр калимаю ибораҳои одии гуфтугӯӣ, таркибҳои забони зинда, таъбиру маҷозҳои халқӣ мушоҳида мегардад. Дар байни он шеърҳои Айнӣ, ки то имрӯз чоп шудаанд, ягон шеъре, ки услубан мураккаб ё тумтароқе дошта бошад, нест. Ҳамаи шеърҳои ӯ хеле содаву табиӣ ва самимӣ буда, аз баъзеи онҳо ҳатто оҳанги гуфтугӯи муқаррарӣ ба гӯш мерасад» [10, с.124].

Оре, ҳақ ба ҷониби устод М. Шакурӣ аст, ки забони тамоми асарҳои адабӣ, илмӣ ва публитсистии устод Айнӣ дар равияи сода ва оммафаҳм навишта шудаанду дар инкишофи забони миллии тоҷик роли калон бозидаанд, ки дар байни онҳо дар мактубҳояш низ доир ба ин масъала мулоҳизаҳои судманд баён намудааст.

Тамоми номаҳои устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ иттилоот ва андешаҳои бисёр ҷолиб дар боби адабиёт, таҷрибаҳо ва корҳои адабии нависанда, таърихи эҷоди асарҳои ӯ мебошанд, вале дар миёни онҳо масъалаҳои марбут ба забон бисёр ҷиддӣ ва ҷойгоҳи махсусе доранд. Адабиётшинос Х. Отахонова зикр мекунад, ки: «Аз номаҳои устод Садриддин Айнӣ садои дили инсонӣ шунида мешавад, ки лаҳзаҳои аз ғами миллат, пешрафту фарҳанг ва маданият фориғ набудааст. Ин садо гоҳе хашмгин ва музтариб ба гӯш мерасад ва гоҳе ризояти нависандаро ифода мекунад» [7, с.150].

С. Айнӣ ҳамчун сарвари аҳли илму адаб дар мавридҳои мувофиқ доир ба масъалаҳои ҷудогонаи луғатшиносӣ, овозшиносӣ ва сарфу наҳв, услубшиносӣ ва забони нависандагони ҷудогона, муносибати забони адабӣ ва шева, тозагии забон ва маданияти нутқ, мақоми забони адабӣ дар ҷамъият фикрҳои пурқимат гуфтааст.

Устод Айнӣ ба навқаламон тавсия медиҳад, ки забони адабии классикиро омӯзанд ва дар баробари ин, забони халқро аз худ намоянд. Ӯ ҳамеша ғамхору фидокори ҷавонон ва умуман мардум буд. Аз ҳамин сабаб, китобе тартиб доданӣ мешавад ва устод дар вақти тартиб додани ин китоб, яъне «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» мактубе ба А. Лоҳутӣ фиристода, қайдҳои худро барои омодасозии ин кор чунин менависад: «Медонед, ки дар дасти тоҷикони Осиёи Миёна ду - се луғат ҳаст, машҳуртарини онҳо «Ғиёс» ва «Бурҳони қотеъ» аст. Аммо ҷавонон, ҳатто арабидонҳои онҳо ҳам аз ин луғатҳо фоида бурдан наметавонанд, зеро тартиб бисёр куҳна ва луғатҳо бо чизҳое, ки ҳаргиз даркор намешаванд, пуранд. Бинобар ин, барои кофта ёфтани як луғати матлуб варақҳоро гардонидан ва саҳифаҳоро хондан лозим меояд, аммо ҷавононе, ки дар замони охир саводнок шудаанд ва арабиро намедонанд, аз он луғатҳо ҳеҷ фоида бурда наметавонанд. Бинобар ин, хостам, ки ба асоси ҳамон луғатҳои куҳна як луғати тоҷикӣ ба тоҷикӣ бо усули замонӣ тартиб диҳам. Корро ба ин тартиб пеш гирифтам: Аз луғатҳои куҳна ҳар чизеро, ки мурда буд ва ба забони мо даркор намешавад, партофтам, чизҳои даркориро гирифтам. Чизҳои даркорӣ ҳам ду қисманд: як қисми онҳо барои таҳрир ва мутолиаи адабиёти имрӯза ба кор мераванд ва қисми дигарашон барои мутолиа ва фоида бурдан аз адабиёти классикӣ. Медонед, ки ба ин сабаб хеле луғатҳои арабӣ ва форсии қадим, ки дар адабиёти классикӣ ҳастанд, гирифта мешавад ва манбаи дигари ман халқ аст. Ҳар кадом бобро ба забони халқ, ки то ҳол дар ягон луғат дида нашудааст, аммо миёнаи мардум зинда ва дар гуфтушунид аст, пур мекунам.

Дар тафсили луғатҳои куҳна ҳам маънии куҳнаашро, ки дар адабиёти классикӣ ва дар забони имрӯза нест, партофтам ва он маъниҳояшро, ки имрӯз зинда аст, гирифта истодам» [6, с.30 -31].

Устод Айнӣ ҳамчун донандаи беҳамтои забони адабиёти классикӣ ва забони зиндаи халқ буд, ки дар луғати худ калимаҳоро бо тамоми нозукиҳояш маънидод кардаасту ба А. Лоҳутӣ дар номаи мазкур изҳор намудааст. Ӯ ҳамеша бо адибон доир ба масъалаҳои забон сухан ронда, онҳоро огоҳ менамуд. Ба А. Деҳотӣ низ дар мактуби худ аз 24 июли соли 1940 роҳҳои омӯхтани забонро ба тафсил нишон додааст ва бо таъкид фармудааст, ки барои омӯхтани забон ва тадқиқи классикҳо танҳо китобҳои луғат кифоя намекунанд, аввал забони оммаи халқро, дувум ҳамаи классикҳоро (ҳеҷ набошад бештаринашро) омӯхтан ва аз худ кардан даркор ва чунин менависад, ки: «Барои муваффақиятнок шудани ин кор (яъне омӯхтани забон) дар вақти хондани классикҳо на танҳо ба фаҳмидани онҳо қаноат кардан кифоя аст, балки ҷумлаҳои ҷудогонаи онҳоро (ба қадри имкон ба забони зинда татбиқ карда) омӯхтан даркор аст.

Барои омӯхтани забони зинда, бояд дар даруни мардуми гуногун гардед. Ҳар чӣ шунавед, дар хотираи худ нигаҳ доред ва кӯшиш кунед, ки ин кор ба шумо одат шавад» [1, с.94].

Фаъолияти устод Айнӣ доир ба масъалаи забон нисбати навқаламон бисёр ҷиддӣ аст. Ӯ ба онҳо тавсия менамояд, ки забони классикиро бо нозукиҳояш омӯзанд. Дар хусуси назариёти устод Айнӣ доир ба забони асарҳои классикҳо дар мақолаи Р. Ғаффоров «Устод Айнӣ ва забони осори классикӣ» чунин гуфта шудааст: «Забони осори классикӣ чи дар замони мубоҳисаи солҳои бист ва чи дар даврaҳои минбаъда, ҳамеша дар маркази диққати устод Айнӣ будааст. Вай дар мақолаҳои илмию публитсистӣ ва асарҳои монографияш, ки ба тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти чанде аз сухансароёни пешинаи тоҷику форс бахшида шудаанд, забони классикиро чун асос, ҷавҳари забони адабии миллӣ ба қалам гирифта, бо ҳамияти олӣ ва ғамхории бузург онро аз ҳуҷуми туҳматкорон ҳимоят кард. Барои донистан, дуруст ҳимоя кардан аз ин хазинаи гаронбаҳо дар шароити нав маслиҳатҳои муфид дод» [2, с. 4].

Мо бештар қайдҳои устодро дар мактубҳое, ки ба А. Лоҳутӣ ирсол намудааст, мушоҳида мекунем. Махсусан устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ масъалаи забони осори классикҳоро ҷиддӣ ба миён гузоштааст.

Аз як номаи С. Айнӣ (21 июли соли 1946) ба А. Лоҳутӣ маълум мешавад, ки байни Лоҳутӣ ва бархе аз эрониёни муқими Маскав бар сари калимаи «ҷангара» мубоҳиса ба

амал омадааст. Онҳо калимаи мазкурро сирф тоҷикӣ шуморида ва исрор доштанд, ки ин вожа ҳеҷ иртиботе ба форсии Эрон надорад. С. Айнӣ дар як номаи якунимсаҳифагӣ ба А. Лоҳутӣ чунин қайд мекунад: «Фақир ин гуна эътирози он касонро шунида тааҷҷуб кардам. Ҳарчанд дар «Шоҳнома» ва дар дигар ашъори шоирон ва устодони форсизабон диданам, ин калимаро дар ёдам нест, аммо бо далелҳои раднопазир исбот карда метавонам, ки ин калима моли холиси умуми форсизабонон аст.

Далели ман ба тарзи зерин аст: ҷойи инкор нест, ки калимаи «ҷанг», ки решаи калимаи мазкур аст, аз рӯзи баромадани форсии ҷадид то имрӯз ҳам дар Эрон ва ҳам дар Тӯрон кор фармуда шуда омадааст. Инчунин муштақоти ин калима, масалан «ҷанговар», ки исми сифатии мусбати ин калима аст, инчунин «ҷанггоҳ», ки исми макон аст ва инчунин «ҷангҷӯй», ки исми сифатии манфии ин калима аст, умумианд.

Акнун мо калимаи «ҷангара» - ро таҳлил карда мебинем: «ҷангара» монанди коргар исми сифатии умумии ин калима аст, ки тамоман ба қоидаи забони форсӣ мувофиқ аст ва ҳар касеро, ки ҷанг мекунад, «ҷанггар» гуфтан мумкин аст.

Қоидаи дигаре дар забони форсӣ ҳаст, ки мувофиқи он ҳар гоҳ исм ё сифати умумиро ба як чиз ё ба ягон гурӯҳ махсус кардан хоҳанд, дар охири он калима часпаки «а» ё «ак» - ро мечаспонанд. Чунончи, «девор», ки маънии маълум дорад, вақте ки вайро ба асотираи даруни чоҳ ё ба давродаври кӯҳ махсус кардан хостанд, «девора» гуфтанд, ки мо ҳеҷ гоҳ аз ин калима маънии «девор» - и маълумро намефаҳмем ё ин ки калимаи «оташгир» ба ҳар чизу ба ҳар касе, ки қобилияти оташро гирифтан дошта бошад, содиқ меояд. Вақте ки хостанд ин калимаро ба олати оҳанини маълуми оташбардор махсус кунанд, бо иловаи «ак» «оташгирак» гуфтаанд. Инчунин, калимаи «тар» ба ҳар чизе, ки тарӣ обият дошта бошад, рост меояд. Вақте ки мардум хостаанд ин калимаро ба сабзавоти махсус хос кунанд, «тара» гуфтанд.

Монанди ин калимаи «ҷангара», ки маънии умумии «ҷангкунанда» дошт, хостанд ба касе, ки бебоист (ё бо сабабҳои сохта) бо одамон ҷанг мекунад ва ҳамеша барои ҷанг сабабҳо омода менамояд, хос гардонданд, ба ин калима часпаки «а» илова намуда «ҷангара – ҷанг - гара» гуфтанд.

Мувофиқи қоидаи дигари забони форсӣ, ки ҳар гоҳ дар калимаҳои мураккаб ду ҳарф аз як ҷинс ё ҳарфи қариб алмахраҷ дар як ҷо ояд, яке аз онҳоро ҳазф мекунанд. (Чунончи, сафедор ба маънои дарахти маълум, ки дар асл сафеддор буд, ё ин ки «ягона», ки дар асл «як - гона» буд), яке аз ҳарфҳои «г» - ро ҳазф карда «ҷангара» гуфтанд ва аз ин калима маънии ҷангкунандаи манфӣ – бадро ифода намуданд (тоҷикон ин калимаро чунонки ба одами ҷангҷӯй ба маънои манфиаш кор мефармудаанд, инчунин ба хурӯс, ба тагал (қӯч) ва монанди ин гуна паррандагон ва ҳайвонот ҳам, ки зиёда ҷангдӯст бошанд, кор мефармоянд).

Дар ҳар ҳол, ин гуна калимаҳоро, ки ҳеҷ набошад ҳамаи муштоқоташ дар адабиёт ва гуфтугузори ҳамаи форсизабонон кор фармуда мешаванд ва сохташ тамоман мувофиқи қоидаи забони форсӣ аст, аз оилаи забони форсӣ бароварда партофтан – дониста ё надониста, забони худро танг кардан аст.

Ман дар тааҷҷуб мондам, ки шумо то ҳол китобчаи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» - и ӯ» навиштаи маро надидаед. Ман дар охири ин китобча як қисм луғатҳоеро, ки баъзе эрониён луғатҳои махсуси тоҷикӣ медонанд, аз «Шоҳнома» ёфта дарҷ кардаам, ки аз назар гузарониданаш бефоида нест. Ба ин муносибат ба ин китобча як нусха ва инчунин аз «Муқаннаъ» ва «Темурмалик» ном китобчаҳое, ки дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ чоп шуда буданд, як нусхагӣ бо бандерол ба хидмат фиристодам. Умед аст, ки қабул фармоед» [6, с.117-119].

Устод Айнӣ дар ин номааш ба Лоҳутӣ исбот намудааст, ки забони тоҷикӣ аз забони форсӣ дида содатар аст. Ӯ калимаҳоро ҷудо - ҷудо оварда маъноятонро шарҳ додааст ва дар охир китобҳои офаридаи худро, ки дар анҷоми онҳо якчанд луғати форсӣ ва тоҷикиро шарҳ додааст, ба А. Лоҳутӣ тавсия намудааст.

Устод Айнӣ масъалаи сода кардани забони адабиро ба миён гузошта, дар айни замон таъкид намуд, ки «адои ин вазифа басо душвор аст». Ӯ кӯшиш менамуд, ки бо адибон ба тариқи нома содагию оммафаҳмии забон ва ба ин мақсад истифода намудани лаҳҷаҳои халқиро талқин намояд.

Устод Айнӣ дар тамоми асарҳояш, махсусан асарҳое, ки доир ба забон таълиф намудааст, аз ҷиҳати мазмуну моҳияти худ дарбаргирандаи доираи васеи масъалаҳост, ки дар ҳалли мушкилиҳои асосии забони адабии тоҷик ҳамчун дастури боэътимоди назариявӣ ва амалӣ хидмат намудаанд ва онҳо ба арзиши баланди илмӣ соҳиб мебошанд.

Дар мактубҳое, ки устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ, Ҷ. Икромӣ, П. Толис ва А. Деҳотӣ фиристодааст, доир ба масъалаҳои забон сухан рондааст, аммо баҳсҳои ӯ доир ба забон ба А. Лоҳутӣ бештар ба назар мерасанд. Мо ин ҷо мухтасар аз мактубе, ки устод Айнӣ ба А. Деҳотӣ фиристодааст, меоварем. Масалан, А. Деҳотӣ соли 1940 - ум, ҳангоми ба чоп

омода кардани «Баҳром ва ҳафт пайкар» - и Низомӣ дар фаҳмиши баъзе байтҳо ба мушкилиҳо дучор мегардад. Пас ба мадади устод такя карда, ба як мактуби тақрибан якунимсаҳифагӣ ба ӯ муроҷиат намуда, эзоҳи якчанд байт ва таъбирро хоҳиш мекунад. А. Деҳотӣ менависад: «Пас аз як ҳафта, аз ӯ ҷавоби муфассале гирифтам, ки он ба нуҳу ним саҳифа, дар сатрҳои зич бо ҳуруфи арабӣ, дастӣ навишта шуда буд» [3, с.49].

Дар ҳақиқат, вақте ки ба номаи ҷавобии устод Айнӣ менигарем, ягон сухани зиёдеро намебинем. Нома чунин оғоз мешавад: «Рафиқ Деҳотӣ! Мактуби 17 июл фиристодаатон расид. Инак, ба ҷавобҳои пурсишҳоятон медароям... саҳм, чунонки дар луғати форсию русӣ дидаед, ба маънои тарс ҳам меояд. Саъдӣ мегӯяд:

Саҳмгин обе, ки мурғобӣ дар ӯ эмин набудӣ,
Камтарин мавҷ осиёсанг аз канораш даррабудӣ.

(саҳмгин - пурбим, хавфангез). «Саҳм задан» монанди «тарс хӯрдан» ба маънои «саҳмидан» мешавад, ки «тарсидан» гуфтан аст» [3, с.50].

Устод Айнӣ ба забони осори классикони барҷастаи адабиёти тоҷик баҳо медод ва истифодаи онҳоро барои тараққӣ ва инкишоф додани забони имрӯзаи адабии тоҷик хеле зарур медонист ва ба навқаламон баҳри исботи фикр мисоле аз адибон оварда, ҳар як ҳодисаи забониро, инчунин бо қоидаву қонунҳои илмӣ, месанҷад ва аз заминаи илми забоншиносӣ исбот менамояду ба навқаламон дасти ёрӣ мерасонад. Чуноне ки забоншинос С. Ҳалимов менависад: «Айнӣ аҳамияти осори шоирони гузашта ва забони адабии пешазреволютсиониро барои инкишофи минбаъдаи забони ягонаи умумимиллии тоҷик қайд мекард ва мегуфт, ки омӯхтани мероси адабӣ барои ин мақсад ёрии бебаҳо мерасонад» [9, с.46].

Хулоса, мактубҳои ба устод Лоҳутӣ навиштаи устод Айнӣ дар баробари он ки масъала ва муаммоҳои муҳимми забони адабии тоҷикро дар худ фароҳам овардаанд, инчунин барои аҳли адабу фарҳанг аз ҳар ҷиҳат арзишманд мебошанд. Масъалаҳое, ки устод Айнӣ дар мукотибаи худ бо А. Лоҳутӣ ба миён гузоштааст, барои замони мо низ дархӯр аст. Хусусан зинда гардонидани калимаю таркибҳои халқӣ, ки онҳо низ моли забони давраҳои гуногуни таърихии забони тоҷикианд ва инъикоскунандаи табиати забони тоҷикӣ дар офаридани калимаю таркибҳои нав дар таркиби луғавии забон ҳастанд. Инчунин андешаҳои устод Айнӣ дар мавриди забони адабии тоҷикӣ ва эронӣ ҷолиб буда, таҳқиқи вижа мехоҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ба А. Деҳотӣ // Шарқи сурх. - 1962. - №12. - С. 94 - 100.
2. Ғаффоров Р. Устод Айнӣ ва забони осори классикӣ / Р.Ғаффоров // Маориф ва маданият. - 1978.-1 апрел.- С. 4-6.
3. Деҳотӣ А. Як мактуби пурқимат // Шарқи сурх. - 1958. - №4. - С. 49 - 50.
4. Мактуби С. Айнӣ Ба Ҷ. Икромӣ // Садои Шарқ. – 1976. - №4.-28 - 29.
5. Маҳмадаминов А. Андешаҳои С. Айнӣ доир ба забони тоҷикӣ / А.Маҳмадаминов // Садриддини Айнӣ – олим. – Душанбе: Истеъдод, 2010. - 64 с.
6. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ; бо сарсухани М. Осимӣ, ба чоп тайёркунанда ва муллифи тавзеҳот Х. Отахонова. - Душанбе: Деваштич, 2003. – 140 с.
7. Отахонова Х. Чанд масъалаи забон дар мактубҳои устод Айнӣ / Х.Отахонова // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди IX. - Душанбе: Дониш, 2002. - С. 150 - 161.
8. Рустамов Ш. Сабақҳои Айнӣ доир ба забон / Ш.Рустамов // Забон ва замон. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 160 с.
9. Ҳалимов С. Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик / С.Ҳалимов. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 136 с.
10. Шукуров М. Айнӣ ва забони халқ / М.Шукуров // Садои Шарқ. - 1967. - №5. - С. 124 - 135.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МУКОТИБОТИ С. АЙНӢ ВА А. ЛОҲУТӢ

Дар мукотиботи С. Айнӣ, аз ҷумла дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ масъалаҳои забони тоҷикӣ мақоми меҳварӣ дорад. Дар мақола фикру мулоҳизаҳои арзишманди С. Айнӣ оид ба талабот ва меъёрҳои забони асари бадеӣ, хусусият ва назокати забони тоҷикӣ, содабаёнӣ, фонди луғавӣ, таркиби луғавӣ, этимологияи калима ва ибораҳо, сермаъноии вожаҳо, маҳорати адиб дар корбасти забони адабӣ ва забони гуфтугӯйӣ, зарурати тартиб додани луғатҳои тафсирӣ ва тоза нигоҳ доштани забони адабӣ, аз худ кардани забони гуфтугӯйии халқ ва забони адабии классикӣ аз тарафи ҷавонон ва роҳбарону соҳибони асили забон ва монанди инҳо мавриди таҳлилу тадқиқ қарор гирифтааст, ки аҳамияти калони илмию амалӣ доранд. С. Айнӣ ҳамчун сарвари аҳли илму адаб дар мавридҳои мувофиқ доир ба масъалаҳои ҷудогонаи луғатшиносӣ, овозшиносӣ ва сарфу наҳв, услубшиносӣ ва забони нависандагони ҷудогона, муносибати забони адабӣ ва шева, тозагии забон ва маданияти нутқ, мақоми забони адабӣ дар ҷамъият фикрҳои пурқимат гуфтааст. Тамоми номаҳои устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ иттилоот ва андешаҳои бисёр ҷолиб дар боби адабиёт, таҷрибаҳо ва корҳои адабии нависанда, таърихи эҷоди асарҳои ӯ мебошанд, вале дар миёни онҳо масъалаҳои марбут ба забон ҷойгоҳи махсусе доранд.

Калидвожаҳо: С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, мактубҳо, забони тоҷикӣ, ҳунари нависандагӣ, адабиёти классикӣ, забони адабии тоҷик.

НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В ПЕРЕПИСКЕ С.АЙНИ И А.ЛАХУТИ

Во многих письмах С. Айни к А. Лахути важное место занимает обсуждение вопросов таджикского языка. В статье подвергаются филологическому разбору рассуждения Айни о норме языка художественного произведения,

особенностях художественной речи, языкового фонда, этимологии слов и словосочетаний, полисемантичности слов, мастерстве художника слова в отношении литературного языка и его сочетания с разговорным языком, необходимости составления толковых словарей, бережном отношении к традиционной культуре народа, к классическому литературному языку. По мнению автора статьи, подробное исследование перечисленных вопросов касательно языка художественных произведений имеет большое научно-теоретическое и практическое значение для литературоведческой науки. Садриддин Айни, будучи главою литераторов и художников слова, обращает их внимание на глубокое изучение лексикологии, фонетики и морфологии, стилистики языка и культуры речи. Наставления и рекомендации Айни о литературном языке имеют актуальное значение и в наши дни.

Ключевые слова: письмо, художественная речь, литературный язык, мастерство писателя, классическая литература, стиль, подражание, форма, содержание, традиция, культура.

AINI'S REFLECTIONS ON THE ETYMOLOGY AND TAJIK LANGUAGE FEATURES VOCOBULARIESTAJIK LANGUGE (BASED ON AINI'S LETTERS TO LAHUTI)

An many letters from S. Aini to A. Lahuti an important place taks on discussion of the issues of the Tajik languge. The article is focusec on stonconrts philological analysis of the Aini's reasoning about the language standarts of the work art, the features of artistic speech, the linguistic foundation , the etymology of words and word combinotions, polysemontic word, in the artistic words relation to the literary language and its combination with the speaking language, importance for of compiling explanatory dictionaries, and carefulattitude to the traditional culture of the people, and to the classical literary language. According to othor's opinion, a detailed study of the selected questions concerning the lanuage of art works, have great scientific, theoretical and practical significance for literary scholarship.

Sadriddin Aini, as the head of writers and words artists, pays their attention to a profound study of lexicology, phonetics and morphology, language stylistics and speech culture. The instructions and recommendations of Aini about the literary language is actual in our days.

Key words: Writing, artistic speech, literary language, writer's skill, classical literature, style, imitation, form, content, tradition, culture.

Сведения об авторе: ***Наимова Фарзона*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 901-09-21-00**

Information about author: ***Naimova Farzona*** - Tajik national University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: **(+992) 901-09-21-00**

УДК: 891. 550-1

НИГОҲЕ ИНТИҚОДӢ БА ТАЗКИРАИ МӮСАВИИ ГАРМОРӮДӢ "АЗ САДР ТО СОҚА"

Олимов Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тавре маълум аст, баъд аз касби истиқлоли Тоҷикистон кишвари Эрон нахустин шуда мухторияти давлати моро расман эътироф кард ва сафорати худро дар маркази кишвар шаҳри Душанбе ифтитоҳ намуд. Ҳарчанд дар даврони ҳокимияти шӯравӣ муносиботи ду кишвар ба таври маснӯӣ аз ҳам гусаста буд, аммо баъди истиқлол ин раванд вусъати тоза пайдо кард. "Баъд аз марзбандиҳои маснӯӣ миёни кишвари форсизабон Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон равобити фарҳангӣ ва адабии гусаста, ҳалқаҳое, ки қарнҳо мутамодии ин мардумонро ба ҳам васл мекарданд, аз ҳам пошид. Ин ҷудоӣ ва дур монданҳо бар равобити адабии ин кишварҳо асари манфӣ ҷуброннопазир гузошт. То ҷое, ки бархе муҳаққиқони ин фарҳангҳоро ҷудо аз ҳам ва забони онҳоро ба се забони мутафовит форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ тақсим карданд. Бе тардид забон, адабиёт ва фарҳанги сарзаминҳои форсизабон бо таваҷҷуҳ ба обишхӯри муштараки фарҳангӣ ва адабӣ ва бунёнҳои муштараки маънавӣ ва харосбон ва таърихӣ ҳамвора бар якдигар таъсир доштаву хоҳанд дошт" [1, с. 3].

Равобити дӯстонаи Тоҷикистону Эрон дар самтҳои гуногун, аз ҷумла сиёсат, иқтисод, иҷтимоиёт ва бавижа фарҳанг, таҳкими бештар ёфт. Албатта, ин ҷо манзури мо баррасии муносиботи муштарак нест ва ёдраси ин нукта амри табиист, ки пеш аз ҳар таҳқиқе марбут ба муносиботи дӯстона аз муносиботи гуногунҷабҳа зикр бикунем, зеро ҳамеша муҳити сиёсию иҷтимоӣ бозгӯкунандаи алоқаҳои дигар аст.

Чун равобити фарҳангӣ аз ҷумлаи асоситарин поя ҷиҳати тавсеаи муносиботи дигар аст, мутаваққиф шудан ба ин самт ҳадаф аз ин гуфтор аст. Дар ҷаҳони муосир муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба ё алоқаҳои мустақими қавмӣ ҳарчанд бисёр аст, аммо дар ин миён пайвандиҳои фарҳангии кишварҳои Тоҷикистон ва Эрон беназиранд. Ин ду кишвар, ки фарҳанги ягонаи бумӣ доранд, мудом иртиботи густурдаи онҳо дар маҷмӯъ дар ҳама самтҳо пойбарҷост. Муҳаққиқ Муҳсини Маликиён дар мақолаи худ бо унвони "Равобити фарҳангии Эрон ва Тоҷикистон" зикр мекунад: "Дар торихи башар аз

алоқаи афрод ба якдигар намунаҳои фаровон вуҷуд дорад, аммо муҳаббату меҳрварзӣ ва алоқаи як қавм ба қавми дигар дар ҷаҳони муосир кам дида намешавад. Алоқаи мардуми тоҷик ба Эрон (манзур Эрони қадим аст. - Ш. О.), сарзамини аҷдодии хеш васфнопазир аст" [4, с. 4].

Равобити фарҳангии ду кишвар дар даврони истиқлол беш аз андоза такомул ёфт. Аз ҷумла чопи осори шоирону нависандагони тоҷик бо ҳуруфи форсӣ ва нашри осори шоирону нависандагони Эрон ба хатти кириллӣ дар маҷмӯаҳои алоҳида ва муштарак аз муваффақиятҳои истиқлоли фарҳангии кишвари мо аст.

Маҳз ҳамин буд, ки маҷмӯаҳои шеъри шоирони тоҷик дар бонуфузтарин интишороти кишвари Эрон нашр мешуданд ва шеъри тоҷикро муаррифӣ мекарданд. Баробари ин, маҷмӯаҳои муштараки шеърӣ низ, бо кӯшиши донишмандони тоҷик ва эронӣ рӯйи чоп омаданд. Албатта, дар ин самт на ҳама асарҳои рӯйикоромада ба таври мутлақ пазируфтанӣ ҳастанд, зеро ҳастанд китобҳое, ки баррасии ҳусну қубҳи онҳо айни муддаост, то ҳадафу мақосиди онҳо матраҳ шавад. Аз гузашта то имрӯз дар муаррифии ашъори шоирони ин ё он минтақа нақши тазкираҳо назаррас буд ва ҳаст. Аз ин ҷост, ки дар муаррифии адабиёти муосири тоҷик дар муҳити адабии Эрон низ тазкираҳои "Хуршедҳои гумшуда"-и Алиризо Қазва ва "Аз садр то соқа"-и Сайид Алӣ Мӯсавии Гарморӯдӣ нисбат ба кутуби дигар бештар мавриди таваҷҷуҳи аҳли адабу таҳқиқ қарор гирифтаанд ва дар мавриди онҳо (махсусан атрофи китоби Қазва, ки дар зимн ба он таваҷҷуҳ хоҳем кард) назароти мухталиф ҳаст.

Мавриди назари мо ин ҷо тазкираи "Аз садр то соқа"-и Сайид Алӣ Мӯсавии Гарморӯдӣ аст, ки ба таври муфассал онро баррасӣ хоҳем кард. Тазкираи мазкур аз ду ҷилд (ҷилди аввал: даргузаштагон, ҷилди дувум зиндагон) иборат буда, шоиру нависанда ва олиму донишмандони тоҷикро фарогир аст. Шояд тааҷҷуб шавад, ки чаро олиму донишманд? Ба он хотир, ки Гарморӯдӣ дар тазкира якчанд олимону донишмандонро низ ворид кардааст, ки гоҳе-гоҳе дар шеър табъозмоӣ кардаанд ва кӯшида намунаи шеърҳои онҳоро ба нудрат биёрад. Аммо гумони ғолиб он аст, ки беҳтар буд, аз овардани он номҳо парҳез менамуд. Ба он хотир, ки онҳо асосан дар муҳити адабӣ ва илмии Тоҷикистон ҳамчун олим, мунаққид, нависанда шинохта шудаанд, на шоир ё шеъргӯ. Масалан, Карокатулло Олимов [6, с. 505] академик, Юнус Юсуфӣ [6, с. 635] нависанда ва Мубашшир Акбарзод [6, с. 740] мунаққид эътироф шудаанд ва бештари донишмандону шоирон маҳз ба онҳо аз ин дидгоҳ эҳтиромро қоиланд.

Ҳарчанд Гарморӯдӣ мурод аз иншои китобро "дидани зебоиҳо, ҷустуҷӯ барои ёфтани қариҳаҳои баланд ё рагаҳои қароиҳи баланд дар шеъри муосири тоҷикон..." [6, с. 4] маънидод мекунад, аммо дар асл дар баробари "ҷустуҷӯ барои ёфтани қариҳаҳои баланд" дунболи шоироне низ рафта, ки аслан шуҳрат ё мақоми онҳо танҳо ба минтақа ё маҳал маҳдуд аст, ки иддае аз шоирон ва ҳаводорони калом онҳоро намешиносанд ё иттилое аз мавҷудияти онҳо надоранд. Ин дар ҳолест, ки дар ҳама кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон, дар тавозуни мизони шоирони шаҳир эҷодкорони маҳаллии ношинохта (аксар мардуми форсизабон сириштан шоир ҳастанд ва суханашон шеър аст) вуҷуд доранд. Ин ҳолро Салими Зарафшонфар дар мақолааш бо номи "Магзар чу боди сар-сар" тасдиқ намуда буд: "Ашъори сараву носара бошад, дар адабиёти ҳама ақвоми дунё вомехӯрад. Кулли (ашъори - Ш. О.) бузургшоирони дунёро варақ бизанед, мебинед, ки шеъри ағлаби онон якдаст нестанд. Кӣ гуфта метавонад, ки шоирони Эрону Афғонистон танҳо шеъри хубу олиҷаноб менависанд?..." [8, с. 6]

Дарвоқеъ, ҳақ ба ҷониби С. Зарафшонфар аст. Агар фаразан дар шабакаи ҷаҳонии интернет калима ё шеъреро бизанед, ҳатман байтҳое аз шоирони шуҳратёр ва чанд шоири ношинохта пайдо мешавад (хосса агар ба хатти форсӣ бинависед). Чунончӣ, дар тазкира шоироне, чун Ҳамроқули Даврон [6, с. 465], Шариф Исматӣ [6, с. 466], Сиддиқ Нилобеков [6, с. 767], Сулҳия Назарова [6, с. 768], Рустами Сомонфар [6, с. 769], Беҳрӯзи Муҳаммадҳоҷа [6, с. 738] ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Албатта, боз метавон номҳои бештареро ин ҷо овард, аммо мушт худ намунаи хирвор аст. Дар ин хусус Гарморӯдӣ бояд шеъри тоҷикро дар муҳити худаш меомӯхт ва сипас беҳтарин ва марғубтарин шоиру шеърҳоро дар китоби худ ҷой медод, зеро, пеш аз ҳама, муҳит дар шинохти адабиёт нақши муҳим ва калидӣ дорад. Аз ин ҷост, ки ҳанӯз устод Лоиқ дар як мусоҳибаи худ бо Ҳокими Азиз гуфта буданд: "шеъри тоҷикиро дар муҳити худаш бояд омӯхт" [10, с. 18].

Муаллифи тазкира дар асар аз услуби тазкиранигории классикон истифода намуда, дар он бо овардани ном ва акси шоир (бидуни акс низ), солу моҳи таваллуд (дар ҷилди аввал фавт низ), шарҳи мухтасари зиндагинома ва як-ду то се намунаи шеърӣ (аз ашъори иддае аз шоирон бештар аз ин) қаноат кардааст. Дар ин маврид чизи боиси зикр ин аст, ки агар муаллиф бо шоире қаробат дошт, ҳатман гуфторча ё даричаи шиносоии он бо шоир зикр шуда, бо овардани шеърҳои бештар ба он авлавият дода шудааст, (махсусан ба

шоироне, ки ӯро авсоф карда) новобаста аз он ки он шоир дар миёни аҳли адабу таҳқиқ дар кадом сатҳ қарор дорад ва ин ҳол метавонад мақоми шоирони дигарро зери суол барад.

Дар тазкира зимни овардани номи шоиру нависанда ва донишмандон тартиби алифбои форсӣ (манзур баъзе тазкираҳое ҳастанд, ки дар замони мозӣ бо тартиби алифбоӣ мураттаб шудаанд) риоя нашудааст. Агар аз рӯйи инсоф бингарем, китоби Гарморӯдӣ аз нигоҳи жанрӣ дигаргунии ҷиддие надорад, ки қобили зикри махсус бошад, ҷуз он ки дар он аксҳои шоирон (албатта, бо талаботи замони муосир) ҷой дода шудааст ва унвони маҷмӯаҳои шеърӣ, мақолот ва осори мансури шоирону нависандагон бо риояи соли таълифот ҷойгузин шудааст. Илова бар ин, шарҳе мухтасар аз рӯзгори онон оварда. Муаллиф он чӣ устод Айнӣ дар сохтори “Намунаи адабиёти тоҷик” (“Адиб”, 2010) кор гирифтаанд, айнан аз он истифода намудааст. Дар мавриди камбудоти вазн, қофия ва маъонӣ устод Айнӣ баробари гуфтани нуқсон баъзе аз фикру мулоҳизаҳои худро дар поварақ оварда, агар ин гуна мегуфт ва ё он калимаро ба ҷойи дигарӣ меовард, муносибтар буд ва монанди инро мегӯянд. Аммо муҳаққиқ Гарморӯдӣ дар мавриди ин масъалаи матраҳ умумигӯӣ мекунад ва эроди мушаххасе аз ин ё он шоир наовардааст. Фаразан, устод Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” дар мавриди шоир Пайрав Сулаймонӣ менависанд: “Отаҷон Пайрав Сулаймонии Бухороӣ. Таваллуд 15 апрели 1889 милодӣ дар Бухоро. Зиндагонияш низ дар Бухорост. Аз дастхатти худи Пайрав, ки ба илтимоси фақир навишта фиристода буд:

Гар ту дар пайванд бошӣ, аз ҷаҳонам бок нест,
Зарра бо хуршед пайвандад, ғаме аз хок нест...
Нест як ҷоме, ки бо ёди туаш лабрез нест,
*Нест пироҳан, ки аз ишқи туаш сад чок нест...**

(Як ғазал ва порчае аз ӯ низ оварда)

*Ба ҷойи ин мисроъ агар “Нест як ҷайбе, ки аз ишқи туаш сад чок нест” мебуд, ҳароина ба иборати “сад” ҳам ба мисроъи аввал муносибтар меафтод.

Пайрав ошиқ аст, шеърҳои ошиқонаро аз мағзи ҷон месарояд, билхосса, порчаи охирӣ (порчае, ки дар китоб оварда, аммо имкони ҷой додани он ин ҷо нест) бағоят пурсӯзу гудоз аст. Пайрав ашъори инқилобӣ низ иншод кардааст... ” [7, с. 163-65].

Донишманди эронӣ Гарморӯдӣ дар тазкирааш “Аз садр то соқа” дар хусуси шоир Муҳаммадалии Аҷамӣ менависад: “Муҳаммадалии Аҷамӣ. Таваллуд: 1954 дар Вахш. Фориғуттаҳсили Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, факултаи забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ, 1981. Муддате дар Кумитаи радио дар Қӯрғонтеппа ба кор пардохт. Сипас сафаре ба Эрон кард ва ҳудуди 5 сол дар “Ҳавзаи ҳунарӣ” ҳамдами адибони инқилобии Эрон чун Ҳасан Ҳусейнӣ, доктор Қайсар Аминпур, Муртазо Амирии Исфандақа ва дигарон буд, ки дар парвариши шеъри ӯ асари амиқ ниҳод ва ба ҳамин рӯй забон ва баёни шеъри ӯ аз баъзе лағзишҳои вазн ва қофия, ки дар бархе аз шоирони тоҷик гоҳе ба чашм мехӯрад, ҳеч намебинам. Аҷамиро бояд аз беҳтарин шоирони имрӯзи Тоҷикистон бидонем...” Илова бар ин, унвони маҷмӯаҳои шеърӣ ва осору мақолот бо соли таълиф ва чанд намуна аз ғазалҳои шоир Аҷамӣ оварда шудааст [6, с. 625-27].

Чизи дигаре, ки боиси таваҷҷуҳ аст, ин дар муқаддимаи китоб овардани нуктае аз китоби “Хуршедҳои гумшуда”-и Алиризо Қазва аст. Чунончӣ: “... дардноктар он ки ҳатто бисёре аз шоирони тоҷик намедонанд, ки Ҳофизро бо кадом “з” (дар хатти форсӣ. - Ш. О.) менависанд. Дар рӯзгори Айнӣ ва ҳамраҳонаш Савдо, Шоҳин, Ҳайрат ва баъдҳо Пайрав Сулаймонӣ ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ ҳаргиз шоири бузурге зуҳур накарда ва агар дар сад соли охир, ҷудо аз Нимо Юшиҷ, Эрон як Суҳроби Сипеҳрӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ кард, (ки шеъраш дар ҳар ҷо ки тарҷума шуд, бо тавфиқи чашмгир рӯ ба рӯ буд) ва агар дар Покистон як Муҳаммад Иқболи порсигӯ зуҳур кард, дар шеъри тоҷик ҳанӯз касе зуҳур накардааст, ки аз ҳафт хони нақди рӯзгор ба саломат бигзарад. Ҳанӯз ҳамон Сайидо ва Шавкати Бухороӣ рафиътарин қуллаҳои адабии тоҷикон дар чанд қарни гузаштаанд” [6, с. 3].

Такрори ин гуфтор аз ҷониби муаллиф маънои онро дорад, ки ҷонибдори ин назар аст. Албатта, ҳанӯз моҳи март ва апрели соли 1999 баъди чопи мақолаи Алиризо Қазва дар ҳафтавори “Адабиёт ва санъат” № 9-13 бо унвони “Хуршедҳои гумшуда” баҳси шадиде миёни донишмандон сурат гирифт. Аз ҷумла, чопи мақолаи “Дӯст мегӯяд табарвор”-и Низом Қосим, “Дӯст гирёнда гап мезанад”-и Муҳаммадҷон Шакурӣ, “Роҳи эҳёи шеъри тоҷик”-и Муъмин Қаноат, “Хуршед ҳамон монад”-и Абдувалӣ Давронов, “Ҷавобия, аммо на лаббайк”-и Сайёфи Мизроб, “Магзар чу боди сар-сар”-и Салими Зарафшонфар ва “Суханро вазну тамкини замин бояд, ё чаро баъди нашри мақолаи “Хуршедҳои гумшуда”-и Алиризои Қазва ҳангомаҳо рух дод?”-и аҳли эҷоди ҳафтаномаи “Адабиёт ва санъат” пайи ҳам нашр шудаанд. Албатта, ин ҷо баррасии ин мавзӯъро, ки

бахши дигари кори мо аст, ба вақти дигар мегузорем ва меравем дунболи он ки дар мавриди нуктаи манзур инҳо чӣ дидгоҳе ироа кардаанд ва ба кадом самт мавқеъ гирифтаанд.

Атрофи ҷумлаи нахусти гуфтори матраҳ шоир Низом Қосим иқрор варзида мегӯяд: “Чӣ ҷойи тардид, ки гоҳе воқеан надонистаем “Ҳофиз”-ро бо кадом “з” менависанду муродифҳои (калимаи. – Ш. О.) “Хазар” бо ҳам қофия нестанд ва агар инро шадид гуфтааст, шиддаташ бештар бар онҳоест, ки моро ба ин ҳол расониданд” [5, с. 3]. Дар ин маврид мо ҷонибдори гуфтори Низом Қосим ҳастем, яъне ҳароина агар чунин авзоъ дар муҳити кишварҳои ҳамзабони мо Эрон ва Афғонистон низ рух медод, ҳатман шоирони ин кишварҳо моил ба чунин раҳгумиҳо буданд. Аз ин рӯ, ин як амри табиист, ки ҳеҷ аз он раҳойӣ нест ва “шиддаташ бештар бар онҳоест, ки моро ба ин ҳол расониданд” [5, с. 3]. Мутаассифона, ин ҳолро муҳаққиқон Гарморӯдӣ ва Қазва қоил нестанд. Чунончи Гарморӯдӣ дар фаҳм ва навишти баъзе калимаҳои тоҷикӣ ҳам оҷизӣ мекашад, надонистани хатти форсӣ низ шоирони тоҷикро ба ин ҳол оварда, ки ин масъала марбут ба авзои сиёсии давр аст.

Масалан, Гарморӯдӣ дар тазкирааш надониста, ки калимаи “махсум” аз “махдум” (махдум (а) مخدوم он ки дигарон ба вай хидмат мекунанд; хӯҷаин, хоҷа: Ту махдумию ман камин бандаат, Ту фармондеҳу ман сарафкандаат (Хоҷу) [9, с. 658], падид омада, махлутшудаи он дар гуфтори маҳаллии мардуми тоҷик аст. Ӯ ба ҷойи он ки номи шоир Махсум Олимиро Махдум Олимӣ бинависад, “дардноктар он ки...” [2, с. 19] Мақсум Олимӣ [6, с. 318] навиштааст. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, ҷилди якум калимаи “мақсум” чунин маънидод шуда, мақсум (а) مقسوم тақсим кардашуда, ба пораҳои муайян ҷудо кардашуда, қисмат кардашуда, тақдир кардашуда [9, с. 672]**.** Пас, ин ҷо беихтиёр масъала рӯшан ва қазоват мешавад, ки аз надонистан ҳар гуна иштибоҳ сар мезанад ва боиси ҳангомаи бисёр ё сархати ағлоти шадид нест.

Агар Гарморӯдӣ ба феҳристи “Намунаи адабиёти тоҷик” фаротар назар мекард, шояд ба чунин ғалате рӯ ба рӯ намешуд, зеро дар феҳрист дар номҳои якчанд шоир (ба таври изофа) махдум ҳаст (ҳол он ки дар китоб ин калима (лақаб) фаровон ба назар мерасад). Фаразан, Аҳмад-махдуми Дониш, Исо-махдум муфтии Бухороӣ ва Шамсиддин-махдум Шоҳини Бухороӣ...

Чизи дигари мавриди назар он аст, ки муҳаққиқ Гарморӯди дар тазкира бештар гуфтугӯ (диалог) бо худ дорад ва фикреро матраҳ намуда, боз пайи инкори он мекӯшад. Ва гоҳе шуда, ки чанд маротиб ин ҳолро такрор кардааст, ки ин падида дар таҳқиқи илмӣ қобили қабул буда наметавонад. Масалан, баъди эродгирии ду гуфтори дар боло зикршуда ба шеъри тоҷик менигорад: “Агарчи ин суханҳо бегумон аз сари камоли дилсӯзӣ аст ва Саъдӣ дар “Бӯстон” фармудааст”:

Насиҳат, ки холӣ буд аз ғараз,
Чу доруи талх аст, дафъи мараз.

Ва боз дар идома инкор мекунаду ба қиёс рӯ меораду хоксорӣ меварзад: “Аммо аз такрори ин насиҳатҳо чӣ фоида? Бигзарам аз ин ки дар Эрони мо ҳам (Эрони муосир. - Ш. О), агар меъёри шеъри баланд ғазали Ҳофиз бошад, пас аз Ҳофиз, шоире дар абъоди ӯ надоштем” [6, с. 4]**.**

Яъне, дар муқаддимаи китоби Гарморӯдӣ тадқиқи таҳлилӣ ба нудрат аст ва бештар муаллиф ба “баррасии ҳиссӣ” [3, с. 2] пардохтааст. Равоншод Муҳаммадҷон Шакурӣ ҳанӯз дар мақолаи худ “Дӯст гирёнда гап мезанад” дар мавриди китоби Қазва гуфта буданд, ки бидуни тардид он ҷавоби муносибе ба Гарморӯдӣ ҳам буда метавонад: “Мутаассифона, Алиризои Қазва дар ин мақола (Хуршедҳои гумшуда, ки дар ҳафтавори “Адабиёт ва санъат” нашр шудааст. – Ш. О.) на ба тадқиқи таҳлилӣ, балки бар баррасии ҳиссӣ пардохтааст. Ӯ на ба таҳлили танқидӣ, балки ба тарзи ҳукми ҳиссӣ сухан рондааст” [3, с. 3]**.**

Хулоса метавон гуфт, ки китоби мазкур бо вуҷуди нуқсон ва уюби зиёди матраҳшуда барои муаррифии адабиёти тоҷик дар кишвари Эрон ва Афғонистон метавонад даричаеро боз кунад, аммо дар Тоҷикистон дорои аҳамияти вижа буда наметавонад. Аз он хотир, ки ин ҳама “якнавохтиву такрор” -анд [2, с. 25]. Танҳо шоирони маҳаллиеро метавон дар он шинохт, ки Гарморӯдӣ аз осору рӯзгори онҳо зикр кардааст. Боқӣ он ҳама шоирон, ки дар китоб оварда шудаанд, олимону донишмандони тоҷик низ дар китобҳои худ зикри шарҳи ҳолу аҳвол ва ашъори онҳоро кардаанд. Аз ин рӯ, бояд ба таври ҳатмӣ аз он осор зикри ном мерафт, ки мутаассифона, нарафта. Ин ҷо суоле пайдо мешавад, ки чаро муаллиф зикри китоби “Хуршедҳои гумшуда”-ро кардаву аз кутуби донишмандони тоҷик ишорате накарда? Дар ҳоле ки аксари маводи китоби Гарморӯдӣ (ба таври мухтасар ва муъҷаз) аз осори донишмандони тоҷик бознашр шудаанд. Фаразан, ҳар нафаре, ки аз рисолаи “Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик”-и Соҳиб Табаров (Сталинобод,

1949) ва аз китобҳои “Советские писатели Таджикистана (маълумотҳои биографӣ, Сталинобод. 1949), “Очерки таърихи адабиёти тоҷик” (Ҷилди якум. Сталинобод, 1956 ва ҷилди дуюм 1957) “Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ”-и Худойназар Асозода (Душанбе, 1999) огоҳ аст, пас беихтиёр ба ин “якнавохтиву такрор” [2, с. 25] рӯ ба рӯ шудааст. Мутаассифона, дар тазкираи Гарморӯдӣ аз китобҳои болозикр ёдрас нашуда, то шиддати ин камтар падидор бишавад. Далели возеҳи собит намудани гуфтори зикршуда, ин аст, ки агар китоби Гарморӯдӣ соли 2003 таълиф шуда, китобҳои мазбур солҳои 1949, 1956 ва 1999 нашр шудаанд ва ба қавли Ҳофиз “Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо...”. Ё ба қавли Низом Қосим “он аст, ки бояд пайи пайванди бештару вазъи беҳтари ҳунару фарҳангамон бошем, аз таъриф (барҷо ҳам бошад) беш наболему эродҳои барҷоро (ҳарчанд талх ҳам бошад, зеро “дӯст мегӯяд табарвор”) таҳаммул кунем ва қазоватҳои мутлақро бар уҳдаи доваре бузургтар - гузашти айём бигузорем” [5, с. 3].

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулмаҷид Арҷмандӣ. Тааммуле дар шеъри муосири Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ] http://tajikmedia.com/index.php/1390-01-03-19-53-33/329-1390-11-21-00-53-41 (санаи истифодабарӣ: 8. 05. 2017).
2. Алиризо Қазва. Хуршедҳои гумшуда. - Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ, 1376. - 322 с.
3. Муҳаммадҷон Шакурӣ. “Дӯст гирёнда гап мезанад” / Муҳаммадҷон Шакурӣ // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 1999. - 20 май. - №17-18.
4. Муҳсин Маликиён. Равобити фарҳангии Эрон ва Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ] http://elmnet.ir/Article/948843-22102/ (санаи истифодабарӣ: 14. 07. 2017).
5. Низом Қосим. Дӯст мегӯяд табарвор / Низом Қосим // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 1999. - Моҳи май. - №16.
6. Сайид Алӣ Мусавии Гарморӯдӣ. Аз садр то соқа. - Душанбе: Пайванд, 2003. - 790 с.
7. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. - Душанбе: Адиб, 2010. – 447 с.
8. Салими Зарафшонфар. Магзар чу боди сар-сар // Ҷавонони Тоҷикистон. – Душанбе, 1999. - 17 июн. - №25 (8583).
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Москва: Советская энсиклопедия, 1969. - Ҷ. 1. – 951 с.
10. Ҳокими Азиз. Гуфтугӯ бо Лоиқ. – Душанбе: Олами китоб, 2006. - 93 с.

НИГОҲЕ ИНТИҚОДӢ БА ТАЗКИРАИ МӮСАВИИ ГАРМОРӮДӢ “АЗ САДР ТО СОҚА”

Дар мақолаи мазкур тазкираи “Аз садр то соқа”-и Сайид Алӣ Мӯсавии Гарморӯдӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф зикр мекунад, ки донишманди эронӣ дар китоб намунаи осори шоирони қарни бисти Тоҷикистонро оварда, дар мавриди шеъри онҳо андешаҳои мухталиф баён кардааст, ки бархе боиси қабул ва иддае муҷиби интиқод ҳастанд. Муаллиф дар мақолаи мазкур ба таҳлилу баррасии масъалаи воқеан мубрами муносибатҳои адабӣ ва назари адибон ва донишмандони ҳамзабон ба шеъру адаби тоҷик пардохтааст. Дар мақола дар баробари ҷанбаҳои мусбати ин тазкираи Мӯсавии Гарморӯдӣ нигоҳ ва мавқеи иштибоҳӣ низ мавриди баррасӣ ва интиқод қарор гирифтааст. Мубрам будани мавзӯи мазкур дар он хулоса мешавад, ки то ҳол аксаран аз тарафи муҳаққиқони ҳамзабони хориҷӣ ба шеъру адаби тоҷик назарҳои иҷмолӣ, мавридӣ ва завқӣ сурат гирифта, дар хеле аз мавридҳо муҳаққиқон ё шароит ва муҳити адабиро сарфи назар намуда ва ё бидуни ошноӣ ба вижагиҳои ин адабиёт сухан рондаанд. Ҳамчунин, дар интихоби намунаҳои адабӣ низ на ҳамеша сатҳу дараҷа ва эътибори намояндагони адабиёт дар назар гирифта шудааст. Мақолаи мазкур шурӯи як раванди муҳимми таҳлили мутақобил ва мунозараи илмӣ бо аҳли илму адаби ҳамзабон мебошад.

Калидвожаҳо: тазкира, шеъри тоҷик, равобити фарҳангӣ, осори шоирони қарни бисти Тоҷикистон, маҷмӯаҳои муштараки шеърӣ, адабиёти Тоҷикистон ва Эрон, муносибати адабӣ.

КРИТИЧЕСКИЙ ВЗГЛЯД НА АНТОЛОГИЯ САИДА АЛИ ГАРМОРУДИ “ОТ ВЫСОТ ДО НИЗИН”

В данной статье предметом разбирательства является антология Саида Али Гарморуди «От высот до низин». Автор утверждает, что иранский исследователь, приводя образцы творчества поэтов XX века, толкует их противоречиво, в итоге его мнения представляются не только неприемлемыми, и но заслуживают обоснованной критики. Автор в данной статье обращает внимание на вопросы, связанные с точкой зрения исследователей Ирана и Афганистана на современную таджикскую литературу. В данной статье наряду с тем, что дана положительная оценка выводам, отражённым в работе Мусави Гарморуди, подвергнуты обоснованной критике и некоторые его замечания. Проблема заключается в том, что до этого времени исследователи несколько поверхностно относились к этой теме. Автор с сожалением отмечает, что исследователи в какой-то степени не учитывали историческую ситуацию той или иной литературной эпохи, игнорировали особенности литературного процесса того или иного периода. В то же время не принимались во внимание уровень значения и влияния того или другого поэта и писателя. Данная статья может послужить хорошим импульсом для продолжения обоюдно выгодных дискуссий на эту тему.

Ключевые слова: антология, таджикская поэзия, культурные связи, творчество поэтов XX века Таджикистана, совместные поэтические сборники.

CRITICALLY A LOOK THE ANTHOLOGY BY SAID ALI GARMORUDI “FROM HEIGHTS TO LOWLANDS”

In this article a subject of trial is the anthology by Said Ali Garmorudi “From heights to lowlands”. The author claims that the Iranian researcher giving models of works of poets of the XX century, interprets them is contradictory, to total opinions of which are presented not only unacceptable but deserve also reasonable criticism. The author in this article pays attention to the guestions connected on the point of view of researchersof Iran and Afganistan about modem tajik literature. In this article along with the fact than a positive assessm ent is given to the conclusi ons reflected in Musavi Garmorudi’s work also some of his remarks are subjekte to reason able criticism. At the same time the level of value and

influence ofthis or that poet and writer weren't taken into account. This article can serve as a good impulse for continuation of mutually favorabl e discuss ions on this subject.

Key words: anthology, tajik poetry, cultural ties, works of poets of the XX century of Tajikistan, joint poetic collections, literatures Tajikistan and Iran, more coherently literature.

Сведения об авторе: ***Олимов Шахриёр Махсумович*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **olimi1956@mail.ru**.
Телефон: **(+992) 985-25-55-45**

Information about the author: ***Olimov Shakhriyor Makhsumovich*** - Tajik national university, graduate student to department new theory tajik literature tajik philological faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. E-mail: **olimi1956@mail.ru.** Tel.**: (+992) 985-25-55-45**

УДК: 82.37 (575.3)

МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯВӢ-АХЛОҚӢ ДАР «МАТЛАЪ-УЛ-АНВОР»-И АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

Ширинов А.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тибқи таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Мо мероси гузаштаи маънавӣ ва шахсиятҳои барӯманди илмӣ, динӣ, адабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии халқи худро бояд хуб шиносем ва бо истифода аз осори ғанӣ ва бо арзиши онҳо ҷомеаи имрӯзаро дар рӯҳияи эҳтиром ба гузаштагон тарбия карда, ба ин васила як давлати озод, обод, орӣ аз таассубу ихтилоф эҷод намоем. Ҷаҳони маънавии ҷавонони худро ғанӣ созем, зеро ояндаи кишвару давлат ба шахсият, дониш, ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллии онҳо сахт вобаста мебошад» [1].

Дунёи маънавии миллати фарҳангофари моро дар ҳар давру замон шахсиятҳои фарзонае, чун ситораҳои пурҷилову тобнок бо нури хираду андешаи худ мунаввар кардаанд. Ном ва осори гаронбаҳои ин бузургон на танҳо дар қаламрави фарҳангу тамаддуни тоҷикону форсизабонон шуҳрат пайдо кардаанд, балки аз онҳо тамоми мардуми равшанфикри дунё файзёб гардидаанд.

Аз ин рӯ, пос доштани ном ва мероси бузургони миллат ва ба ин васила арҷ гузоштан ба таърих, фарҳанг ва тамаддуни гузашта, аз як тараф, барои камолоти маънавию ахлоқии ҷомеаи мо ва густариши худшиносии миллӣ хизмат намояд, аз ҷониби дигар, дар марҳилаи вусъати рӯзафзуни раванди ҷаҳонишавӣ имкон фароҳам меоварад, ки миллати мо бо ҳифзи симоҳои маънавӣ ва арзишҳои ахлоқии худ ба воқеияти ҷаҳони муосир пайванд гардад. Дар робита ба ин осори яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти классики форсу тоҷик Амир Хусрави Деҳлавӣ барои имрӯзи миллати мо ва истеҳкоми пояҳои маънавии истиқлолияти кишвар аҳамият ва арзиши хосса касб мекунад. Дар воқеъ, шинохти аҳволу осори Амир Хусрави Деҳлавӣ моро водор месозад, ки собиқаи таърихии худро хубтару беҳтар омӯзем ва ба таъриху фарҳанги оламшумули гузаштаи худ арҷ гузорем.

Ҳамон навъе, ки аз осори худи Амир Хусрави Деҳлавӣ, тазкираҳо, рисолаҳои илмӣ-тадқиқотии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба аҳвол ва осори эшон маълум аст, Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳаёт ва эҷодиёти худро дар дарбори бисёри ҳокимони вақти Ҳиндустон гузаронида, шоҳиди бевоситаи рӯйдодҳо, аз ҷумла равандҳои сиёсию иҷтимоии замони худ гардидааст. Новобаста аз он, ки қисмати бештари осори хешро Амир Хусрави Деҳлавӣ бо хоҳиши ҳокимони даври хеш эҷод кардааст, аммо афкори тарбиявӣ ва ахлоқӣ тамоми осори ӯро фарогир аст.

Бояд қайд намуд, ки нахустин мақола доир ба афкори иҷтимоӣ ва тарбиявӣ-ахлоқии Амир Хусрави Деҳлавӣ дар адабиётшиносии тоҷик аз тарафи муҳаққиқ Муҳаммадвафо Бақоев таълиф гардидааст.

Чунончи, Зоҳир Аҳрорӣ дар пешгуфтори рисолаи Муҳаммадвафо Бақоев « Ҳаёт ва эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ» қайд мекунад: « Дар ҷараёни ба нашр ҳозир намудани рисолаи «Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ» дар миёни маълумоти оид ба Хусрави Деҳлавӣ ҷамъовардаи муаллиф ду мақолаи тайёр: «Афкори иҷтимоӣ ва тарбиявӣ-ахлоқии Хусрав», «Амир Хусрави Деҳлавӣ дар боби шеъру шоирӣ» ба даст омад, ки дар охири ин рисола илова карда шудани онҳо муносиб ва мувофиқ дониста шуд» [5, с.4].

Дар мақолаи мазкур Муҳаммадвафо Бақоев дар пояи 24 байти бевосита аз «Матлаъ-ул анвор» оварда, масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқиро аз нигоҳи Амир Хусрави Деҳлавӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Бояд қайд намуд, ки масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ тамоми осори Амир Хусрави Деҳлавиро фарогир аст, ба қавли Муҳаммадвафо Бақоев:

«Хусрав дар достонҳои худ, пеш аз ҳама, дар муқаддимаҳо, дар руҷуъҳои лирикӣ, панду андарз ба фарзандони худ бисёр фикрҳои инсондӯстӣ, халқпарварӣ ва амсоли инҳоро баён мекунад» [5, с.228].

Аслан ахлоқ ё афкори тарбиявӣ дар асрҳои миёна фалсафаи амалии таълимоти тарбиявӣ-ахлоқии эҷодкоронро фаро гирифтааст. Аз ин хотир, афкори ахлоқӣ, андарзию мавъизатӣ ва пандунасиҳатӣ яке аз мавзӯъҳои меҳварӣ ва бунёдии каломи ҳунарӣ ё худ адабиёти бадеӣ аст.

Тибқи таълимоти Абӯлахлоқ Шайх Саъдии Шерозӣ тарбияи инсон вазифаи аввалиндараҷаи каломи ҳунарист, ки ӯ мегӯяд:

Муроди мо насиҳат буду гуфтем,
Ҳаволат бар Худо кардему рафтем [10, с.370].

Хусрави Деҳлавӣ муосири Саъдист. Таълимоти ахлоқии Саъдӣ ҳанӯз дар замони ӯ оламгир шуда буд:

Ҳафт кишвар намекунад имрӯз,
Бе мақолоти Саъдӣ анҷумане.

Вале ин масъала роҳи ҳалли дигар дорад ва мо ҳамчун руҷӯъ танҳо як назар ба он андохтему бас.

Ахлоқ ифодагари сатҳи маънавии ҷомеа аст ва фасодии он инҳитоти кулли савоҳии ҳаёт аст. Он ифодакунандаи дараҷаи маданият, нишондиҳандаи сулҳу суботи ҷомеа, тарзи зиндагӣ ва эътиқодоти мардуми ин ва ё он кишвар мебошад. Чи қадар ахлоқи ҳамида дар ҷомеа зиёд мавқеъ дошта бошад, ба ҳамон андоза оромӣ ва пешрафт таъмин мешавад. Тибқи таълимоти Ҳофизи Шерозӣ: «Набувад файз дар он хона, исмат набуват». Аз ин ҷост, ки ба масъалаҳои ахлоқ Амир Хусрави Деҳлавӣ чун дигар мутафаккирон таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намудааст.

Вале хусусияти фарқкунандаи афкори тарбиявӣ-ахлоқии Амир Хусрави Деҳлавӣ аз муосиронаш ва шуарои минбаъда дар он аст, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ бештар вазъи ахлоқии замони худро ба таври воқеӣ инъикос намудааст. Ба қавли М.Бақоев : «Дар достони «Матлаъ-ул-анвор» дар зимни масъалаҳои динӣ, бисёр фикрҳои тарбиявӣ ва ахлоқии замони Хусрав мунъакис гардидаанд» [5, с.123].

«Матлаъ-ул-анвор» асари ахлоқӣ-фалсафӣ буда, дар он афкори динӣ-тасаввуфӣ низ фаровон матраҳ гардидааст. Ин асар соли 1299 эҷод шуда, шомили 3310 байт аст ва дар зарфи ду ҳафта дар баҳри сареъи мусаддаси матвии мавқуф ё макшуф эҷод шудааст, ки шакли афоъилии он чунин аст:

– VV – I – VV –I – V –
– VV – I – VV –I – V –

ва хонда мешавад: Муфтаъилун, муфтаъилун, фоъилун ё фоъилон.

Асар аз 20-боб ё мақола иборат аст. Чунонки арз шуд, масоили меҳварии тарбиявӣ-ахлоқӣ мавзӯи асосии маснавист ва ин аст, ки 80 нафар адибон дар таълифи чунин асар (манзур «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ) табъ имтиҳон кардаанд, ки манбаи адабӣ-ирфонии онҳо ҳамоно «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ул-тариқат»-и Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ аст.

Амир Хусрави Деҳлавӣ дар қатори муосирони хеш ва мутафаккирони адабиёти форстоҷик ба масъалаи илмомӯзӣ, мақому мартабаи илм, шахсияти олим, рисолат ва мартабаи олим, истифодабарии илм ба нафъи ҷомеа, донишу донишварон диққати махсусе додааст, агарчи дар афкори тарбиявӣ ва ахлоқии шоир дар ин самти масъала умумият, шабоҳату якрангиҳо дар байни афкори тарбиявию ахлоқии мутафаккирони пешинаи даврони шоир дида мешавад, вале ҷузъиёти мутафарриқ зиёд аст. Чунончи:

Об, ки майлаш ҳама дар пастӣ аст,
Аз париши лофи забардастӣ аст.
Мавҷ занад сина, ки то лаб бувад,
Кӯза бирезад, чу лаболаб бувад [2, с.380-381].

Дар абёти фавқ ҳадаф аз ифодаи ба пастӣ майл доштани об-сифати об нест, балки ситоишу васфи об аст, ки аз фурӯтанӣ, шикастанафсӣ, камтаринӣ, хоксорӣ маншаъ мегирад. Зеро об-ҳастии мавҷудот ва сабаби бақо бошад ҳам, барӣ аз кибру ғурур, худписандиву манманӣ аст. Яъне, об аз забардастии худ лоф намезанад, балки сафои ҳама чиз низ тавассути об қобили сурат хоҳад гашт.

Аммо, махсусияти дигари афкори тарбиявию ахлоқии шоир, бахусус дар «Матлаъ-ул-анвор» дар қисмати тарғиби илмомӯзӣ, рисолату шахсияти олим дар он аст, ки шоир, ки бештари умри худро дар дарбор гузаронида, иштирокчии бевоситаи маҳфилҳои адабию илмии давр буда, мушоҳидаҳои хешро аз рафтору гуфтори аҳли илму адаб ба қалам додааст. Масалан, шоир дар мавриди истифодаи илму дониш ва корбаст намудани он дар зиндагӣ чунин ибрози андеша намудааст:

Илми ту нур аст, сиёҳаш макун, *Ҳаст чу болиш талабидан ба хоб.*

Шамъи сиёҳ хонаи чоҳаш макун.
Машъалаи каъба ба гулхан масӯз,
Далқи хар аз сӯзани Йсо мадӯз.
Мард, ки дониш зи пайи об ҷуст,
Даст зи дониш ҳама з-он об шуст…
Олими гофил ба саволу ҷавоб,
Гуфта, ки беҳуда, либад бар сарир,
Деви мусаллат бувадаш сухрагир,
Илм, ки он хоби сиголон бувад,
Илм на к-афсонаи золон бувад.
Илм чунон хон, ки паси бандагӣ,
Хоби ту бошад шарафи зиндагӣ [2, с.387].

Дар таълимоти ахлоқии фалсафаи амалии Хусрави Деҳлавӣ илм-такаддус маърифат карда мешавад. Аз ин хотир, илм шабеҳи нур ва зиёи каъба ё машъалаи каъба аст. Аз ин сабаб, инсон илмро тарзе фаро бояд бигирад, ки пас аз сараш зикри хайри ӯ, шарафи ӯ, эътибору обрӯи ӯ шавад. Фалсафаи амалии Хусрав олими ғофилро дар ҳукми болишти зери сар маърифат мекунад, ки манзури адиб даст кашидан аз ҳама гуна фаъолият аст. Зеро адиб илмро шамъ медонад ва мурод аз шамъ зиё маърифат мешавад, на зулмоту адами ҳастӣ!

Амир Хусрави Деҳлавӣ дар мавриди гуфтани мавъиза ва ё панд аз мушоҳидаҳои рӯзмарраи даврони хеш мисолҳои мушаххасро овардааст. Чунончи, худ дар байни қаламкашон қарор дошт ва ба аҳли қалам низ хитоб менамояд, қаламу хомаро ҳаргиз ба хотири ғаразу кина ва олоти тазвир набояд қаламкаш истифода барад:

Хома мазан сӯхтани омаро,
Олати тазвир макун хомаро.
Ризқ неҳу рухсати раҳмон бидеҳ,
Зери малак байзаи шайтон манеҳ.
Байзаи қалмурғ ба зери ҳумой,
Аз насаби хеш бувад баччазой... [2, с.387].

Ҳикмати қазовати адиб коргирӣ аз гавҳар ё гуҳару ҷавҳари сарнавишт аст, ки он на аз роҳи хоҳишҳои нафсонӣ сурат мегирад, балки майлу хоҳишҳои нафсонӣ дар қиёс бо қудратҳои он ҳадди ниҳони нотавониро дорад.

Дар таълимоти ахлоқии Хусрав мурод аз илм амалро тавъам ифода мекунад ва агар дар ин ҷода амал сарфи назар шавад, он гоҳ колбуди беравон мегардад, ки касиф маърифат карда мешавад.

Дар афкори тарбиявии Амир Хусрави Деҳлавӣ мазаммати олими беамал васеъ дида мешавад, масалан шоир олими бекор, яъне беамалро ба сӯзани беришта тасвир намудааст зеро ҳар як амали олими беамал ҳар лаҳза хатареро ба миён меоварад.

Илм ҳамон аст ба таҳқиқу баҳс
Кӯзаи тавфиқ барорад нафас…
Эй, зи пайи фитна камар карда чуст,
В-аз пайи таҳқиқи амал пой суст.
Илм, к-аз аъмол нишонеш нест,
Колбуде дорад ҷонеш нест.
Колбуд аз баҳри кулаҳ беш хоҳ,
Кунда бувад колбуди бекулоҳ.
Он кӣ сабақ хонд, сияҳнома шуд,
Хаткашаш, ар худ ҳама аллома шуд.
Олими бекор надорад баре,
Гарчи ба сад ҳила барорад саре.
Сӯзани беришта қаламдӯз агар,
Сад раҳ сар зер кунад ё забар…[2, с.388].

Танқид ва мазаммати қозиёни давр дар «Матлаъ-ул-анвор» низ дида мешавад, ва шоир таъкид менамояд, ки қозиёни беадлу ситампеша қобили пазироӣ ва эътироф надоранд, зеро онҳо дар баровардани адлу адолат ҳилагариро пеша менамоянд.

Қозии беилм наярзад пашиз,
К-ӯ на амал дорад на илм низ.
На амале баҳри худои худаш,
Омили шаҳ карда қазои бадаш….
Ҳилагароне, ки мазолим кунанд,
Шаръи набӣ сурхаи золим кунанд… [2, с.388].

Ба ақидаи М.Бақоев: «Хусрав дар бисёр қитъаҳои худ қозиёни бесаводу ришвахорро сахт танқид ва мазаммат менамояд. Шоир қозиёнро барои бесаводӣ ва ба халқ зулм карданашон дар зери танқиди сахт гирифта, зулми ба халқ кардаи онҳоро ба зулми муғулҳои чингизӣ баробар медонад…» [5, с.233].

Ҳамин тавр, «Матлаъ-ул- анвор» тамоми паҳлуҳои тарбияро дар худ фаро гирифтааст, чунончи аз мундариҷаи достон бармеояд, шоир дар мавриди бевафоӣ ва накуҳиши дунё, накуҳиш ва мазаммати ғафлат, фазилати одамӣ ба ҳайвонот, чобукравӣ, накуҳиши рашкбарону дурӯён, дӯстию рафоқат, раъиятпарварӣ сухан гуфтааст ва барои ҳар як ин паҳлуи тарбия ва ахлоқ дар достони худ, бобҳои алоҳидаеро бахшидааст.

Мероси манзуми Амир Хусрави Деҳлавӣ ганҷинаи бузурги маънавии таърихи гузаштаи мо мебошад. Мо бояд ин мероси пурарҷро таҳқиқ кунем, сирру асрори эъҷози сухани Амир Хусравро барои дигарон бозгӯ намоем.

Аслан яке аз мушкилоти ҷиддие, ки дар таърихи адабиёти мо вуҷуд дорад ва бояд бо ниҳояти диққат ва назокат ҳал шавад, ин масъалаи саҳми тоҷикони Ҳиндустон дар зинда нигоҳ доштан ва парвариши забону адабиёти тоҷику форс аст. Ин ганҷинаи нодир ва саршор, бидуни шак сарвати миллии тамоми форсизабонон аст. Гузашта аз ин, шоирони

бузурги мо, аз қабили Амир Хусрави Деҳлавӣ ва дигарон, ба тамоми инсоният тааллуқ доранд ва дар саросари олами мутамаддин соҳиби барҳақи шуҳрат ва маҳбубиятанд.

Ҳамин тавр, Амир Хусрави Деҳлавӣ, дарвоқеъ, вассоф ва тараннумгари беҳамтои арзишҳои воло ва абадии маънавӣ- ватанпарастӣ, одамият, адолатхоҳӣ, дӯстиву рафоқат, саховат ва накукориву хайрандешӣ буд. Аз ин лиҳоз, агар гӯем, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ шоири ҳамаи давру замонҳо буда, шеъри оламгири ӯ ҷавобгӯи ниёзмандиҳои ҳамаи наслҳои инсоният аст, камоли ҳақиқат хоҳад буд.

Афкори тарбиявӣ ва ахлоқии Амир Хусрави Деҳлавӣ барои кишвари соҳибистиқлоли мо, ки рӯ ба ҷомеаи ҳуқуқбунёди дунявӣ ниҳодааст, хеле муҳим ва зарурӣ мебошад. Зеро бунёди ҷомеаи нав аз инсонҳо худшиносиву худогоҳӣ ва дорои ахлоқи неку маънавиёти баланд буданро тақозо менамояд. Ва хушбахтона, осори адабии Амир Хусрави Деҳлавӣ саршори андешаҳои волои ахлоқиву башардӯстӣ буда, дар тарбияи эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва ваҳдату ҳамбастагии мардум нақши бағоят муҳим мебозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва ҳуввияти миллӣ [Манбаи электронӣ]. URL: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=614 (санаи истифода 24.01.2018).
2. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб. Ҷилд якум. - Душанбе: Ирфон, 1971. - 490 с.
3. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Хамса; матни интиқодӣ (Маснавии аввал. Матлаъ-ул-анвор); бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Тоҳир Аҳмад-ӯғлӣ Муҳаррамов. – М.: Ховар, 1975. - 357 с.
4. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Расоил-ул-эъҷоз маъруф ба эъҷози Хусравӣ; матни илмӣ-интиқодӣ дар асоси чаҳор нусха; бо муқаддима, тасҳеҳи матн, мавзеҳот ва шарҳи луғоту таркибот Мисбоҳиддини Нарзиқул. – Душанбе:Дониш, 2013. – 470 с.
5. Бақоев М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ / М. Бақоев. – Душанбе: Дониш, 1975. – 130 с.
6. Солеҳов М. Арӯз ва омӯзиши он / М.Солеҳов. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 271 с.
7. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми 2. – Душанбе: Дониш, 1983. – 229 с.
8. Шарифов Х. Суннатҳои адабӣ. Маҷмӯи мақолаҳо / Х.Шарифов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 259 с.
9. Шарифов Х. Шоир ва шеър. Маҷмӯи мақолаҳо / Х.Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 216 с.
10. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам. Иборат аз панҷ ҷилд. Китоби I ва II. – Душанбе: ДДОТ, 2016. – 544 с.

МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯВӢ-АХЛОҚӢ ДАР «МАТЛАЪ-УЛ-АНВОР»-И АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ дар «Матлаъ-ул-анвор»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ баррасӣ мегардад. Маълум аст, ки дар «Матлаъ-ул-анвор» Амир Хусрави Деҳлавӣ тамоми паҳлуҳои тарбияро фаро гирифтааст, чунончи аз мундариҷаи достон бармеояд, шоир дар мавриди бевафоӣ ва накуҳиши дунё, накуҳиш ва мазаммати ғафлат, фазилати одамӣ ба ҳайвонот, чобукравӣ, накуҳиши рашкбарону дурӯён, дӯстию рафоқат, раъиятпарварӣ сухан гуфтааст ва барои ҳар як ин паҳлуи тарбия ва ахлоқ дар достони худ, бобҳои алоҳидаеро бахшидааст. Инчунин, дар мақола муаллиф масъалагузорӣ намудааст, ки яке аз мушкилоти ҷиддие, ки дар таърихи адабиёти мо вуҷуд дорад ва бояд бо ниҳояти диққат ва назокат ҳал шавад, ин масъалаи саҳми тоҷикони Ҳиндустон дар зинда нигоҳ доштан ва парвариши забону адабиёти тоҷику форс аст. Ин ганҷинаи нодир ва саршор, бидуни шак сарвати миллии тамоми форсизабонон аст. Гузашта аз ин, шоирони бузурги мо, аз қабили Амир Хусрави Деҳлавӣ ва дигарон, ба тамоми инсоният тааллуқ доранд ва дар саросари олами мутамаддин соҳиби барҳақи шуҳрат ва маҳбубиятанд. Дар мақола масъалагузорӣ гардидааст, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ, дарвоқеъ вассоф ва тараннумгари беҳамтои арзишҳои воло ва абадии маънавӣ-ватанпарастӣ, одамият, адолатхоҳӣ, дӯстиву рафоқат, саховат ва накукориву хайрандешӣ буд. Аз ин лиҳоз, агар гӯем, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ шоири ҳамаи давру замонҳо буда, шеъри оламгири ӯ ҷавобгӯи ниёзмандиҳои ҳамаи наслҳои инсоният аст, камоли ҳақиқат хоҳад буд. Дар мақола таъкид гардидааст. ки афкори тарбиявӣ ва ахлоқии Амир Хусрави Деҳлавӣ барои кишвари соҳибистиқлоли мо, ки рӯ ба ҷомеаи ҳуқуқбунёди дунявӣ ниҳодааст, хеле муҳим ва зарурӣ мебошад. Зеро бунёди ҷомеаи нав аз инсонҳо худшиносиву худогоҳӣ ва дорои ахлоқи неку маънавиёти баланд буданро тақозо менамояд. Ва хушбахтона, осори адабии Амир Хусрави Деҳлавӣ саршори андешаҳои волои ахлоқиву башардӯстӣ буда, дар тарбияи эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва ваҳдату ҳамбастагии мардум нақши бағоят муҳим мебозад.

Калидвожаҳо: афкори тарбиявӣ, адабиёти классикӣ, маънавӣ- ватанпарастӣ, одамият, адолатхоҳӣ, дӯстиву рафоқат.

ВОСПИТАТЕЛЬНО-НРАВСТВЕННЫЕ ПРОБЛЕМЫ В «МАТЛАЪ-УЛ-АНВОР» АМИР ХОСРОВА ДЕХЛАВИ

В данной статье рассмотрены воспитательно - нравственные проблемы в «Матлаъ-ул-анвор» Амир Хосрова Дехлави. Известно, что «Матлаъ-ул-анвор» Амир Хосрова Дехлави охватывает все стороны воспитания, как видно из содержания поэмы поэт говорит о вероломстве и порицании мира, порицании и осуждении беззаботности, человеческом превосходстве над животными, подвижности, порицании завистников и двуличных людей, о дружбе и товариществе, и каждому из разделов этих сторон воспитания и нравственности посвящены отдельные главы. Также в статье автор рассматривает одну из серьезных трудностей, который существует в истории таджикской литературы и нужно его решать очень внимательно и тактично, это проблема вклада таджиков Индии в сохранении и развитии персидско - таджикского языка и литературы. Это редкая и полная сокровищница без преувеличения является национальным богатством всех персоязычных народов. Также наши великие поэты как , Амир ХосровДехлави и другие, принадлежат всему человечеству и известны и любимы во все мире. В статье также рассмотрено, что Амир ХосровДехлави воистину является воспевателем и восхвалителем высоких и вечных духовно-патриотических ценностей – справедливости, человечности, дружбы и товарищества, великодушия и благодеяния. С этой точки зрения, не ошибемся, если скажем, что наследие Амир Хосрова Дехлави отвечает требованиям всего человечества. В статье подчеркивается, что воспитательно - нравственные

мысли Амир Хосрова Дехлави очень важны для нашей независимой республики , которая строит правовое светское государство. Так как основание нового общества требует от людей самопознания и самосознания, высокой нравственности. К счастью, литературное наследие Амир Хосрова Дехлави польна высоконравственных и гуманных мыслей и играет важную роль в единстве и сплоченности народа.

Ключевые слова: воспитательные идеи, классическая литература, духовно-патриотический, человестность, добиться справедливости, дружба и товарищество.

PROBLEMS OF MORAL-EDUCATIONAL WORK IN "MATLAH-UL-ANVOR"BY AMIR KHOSROW DEHLAVEE

A problem of moral-educational work in "Matlah-ul-anvor"by Amir Khosrow Dehlavee is considered in this article. It is clear that all sides of education are studied in "Matlah-ul-anvor"by Amir Khosrow Dehlavee, as it is seen from the contents ,the poet talked about perfidy and reproach of world ,condemn of ignorance ,virtue of human to animals, adroit , condemn of jealousy, duplicity, friendship and dedicated separate units for every sides of morality and education. Besides, in the article, the author has risen the most serious problem existing in history of literature -the contribution of Indian Tajik s in the matter of keeping alive and training Tajik-Persian language and literature and which should be solved with maximum attention. This unique free of doubt treasure is a wealth of Persian language speaking people. In addition to this our great poets like Amir Khosrow and many others belong to all human and have their merit all over civilization. It is also stated in the article that Amir Khosrow Dehlavee was a real panegyrist and a unique singer of the honorable worthiness and literary moral-patriotic, humanity, supporter of justice, friendship, generosity, good deed, charity. Therefore, no doubt if we say that Amir Khosrow Dehlavee has been a poet of all ages and his poems can meet the requirement of all human generation. It is also stressed in the article that the moral-educational thought of Amir Khosrow Dehlavee is very important for our directed to independent, secular development country, because construction of a new society requires, self - recognized and self conscious person having a good behavior and high intellectual world .Fortunately,the literary legacy of Amir Khosrow Dehlavee is full of honorable moral and humanitarian thoughts, which have a key role in the upbringing of the sense of patriotism ,national pride and unity of people.

Key-words: educational thoughts, classical literature, moral-patriotic, humanity, justice, friendship.

Сведения об авторе: ***Ширинов Ахлидин Асомадинович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры история таджикской литературы факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Shirinzoda87@mail.ru**

Information about the author: ***Shirinov Ahlidin Asomadinovich*** - Tajik National University, post graduator of the correspondence history of Tajik literature's department, faculty of Tajik philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. E-mail: **Shirinzoda87@mail.ru**

УДК: 821.222.8

ПЕРЕВОДЫ ЛИРИЧЕСКИХ СТИХОТВОРЕНИЙ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ ПОЭТЕСС

(Зебуниссо, Гулрухсор, Зулфия)

Ахтамова М.У.

Российско-Таджикский (Славянский) университет

Статья посвящена проблемам перевода на русский язык лирических стихотворений классических и современных таджикских поэтесс: Зебуниссо, Гулрухсор и Зулфии. При сопоставлении строк оригиналов произведений и переводов известных мастеров слова выявляются различные виды переводов поэтического текста. Автор уделяет внимание таким важным проблемам в переводоведении, как: художественная адекватность, эквивалентность, авторизированный перевод и др.

В произведениях Зебуниссо переводчики стремились сохранить традиции и мотивы персидско-таджикской классической поэзии, особенности строфики и рифмический рисунок.

Стихи Гулрухсор требуют от переводчиков создания собственных изобразительно-выразительных средств для сохранения эмоциональной нагрузки, с этой целью переводчики нередко прибегают к авторизированному переводу.

Перевод стихотворений Зулфии основывается на создании оригинальных строк для сохранения выразительности и эмоциональности звучания. При переводе стихов поэтессы переводчик использует различного рода трансформации, которые производятся без ущерба для содержащейся в тексте семантической информации.

Опорные слова: художественная адекватность, эквивалентность, авторизированный перевод, газель, рифма, строфа

Перевод поэтического текста занимает важное место в современной теории перевода. Данный вид перевода многие исследователи рассматривают как сугубо личностный продукт переводческой деятельности, а также как отдельное литературное произведение.

Перевод поэзии является одним из самых сложных видов перевода, есть основания полагать, что он труднее самого поэтического творчества.

Перевод поэтического текста выполняет сложный коммуникативный процесс: он сближает автора с читателями, для которых язык оригинала не является родным, и они далеки от культурных традиций, отраженных в поэтическом тексте. Переводчик пытается сблизить автора оригинального текста с читателем.

Перед переводчиком всегда стоит нелегкая задача. Он может переводить текст, закрывая глаза на некоторые национально-культурные особенности, стараться при этом, чтобы читатель не отвлекался на незнакомые ему реалии, которых при чтении не замечает читатель оригинала, так как они ему известны. При таком переводе читатель не получит достоверного представления о той культуре, которой принадлежит автор поэтического текста.

Е. Эткинд считал, что «понять поэзию другого народа - значит понять другой национальный характер, эмоциональный мир другой культуры» [6, с.3].

Переводчик может выбрать иной путь и переводить текст, сохраняя всеми имеющимися способами особенности той культуры, в рамках которой создано произведение, но не всегда такой перевод будет создавать то впечатление, на которое рассчитывал автор. От мастерства переводчика зависит, переведет он поэтический текст или создаст новое произведение.

Духовному общению русских читателей с поэтическим миром персидско-таджикских поэтесс способствовали художественные переводы, они помогли им погрузиться в загадочный мир восточной женщины, понять ее стремления и чаяния, ощутить яркость и многокрасочность созданных поэтессами образов.

Женская поэзия в Таджикистане представлена именами талантливых, одаренных поэтесс, каждая из которых внутренне своеобразна и индивидуальна.

Это и средневековые персидско-таджикские поэтессы, имена которых дошли до нас из глубины веков, и современные поэтессы, продолжающие традиции классической поэзии.

Большой интерес для переводчиков представляет творчество Зебуниссо (писала под псевдонимом «Махфи», «Скрытая»). Зебуниссо (1628-1701, Дели) – блестящий мастер изящного слова. Стихи ее, подобно тому, как это сделано в отношении стихов ее великих предшественников, положены на музыку. Зебуннисо считается одной из сильнейших мастеров стиха своего времени, в особенности газелей.

Литературное наследие поэтессы не так велико: она оставила один диван, содержащий около восьми тысяч строк. Основную часть этого дивана составляют написанные с исключительным мастерством газели, полные глубоких переживаний.

Гарчӣ ман Лайлиасосам дил чу Маҷнун дар ҳавост, а
Сар ба саҳро мезанам лекин ҳаё занҷири пост. а
Булбул аз шогирдиам шуд ҳамнишини гул ба бог. б
Дар муҳаббат комилам парвона ҳам шогирди мост. а
Дар ниҳон хунем зоҳир гарчи ранги нозанин, в
Ранги ман дар ман ниҳон чун ранги сурх андар ҳиност. а
Баски бори гам бурун андохтам бар рӯзгор, г
Ҷома нилӣ кард инак бин, ки пушти мо дутост. а
Духтари шоҳам валекин рӯ ба фақр овардаам, д
Зебу зинат бас ҳаминам: номи ман Зебуннисост. а

В переводе эта газель звучит так:

Мой облик на Лейли похож, а в сердце пыл Меджнуна скрыт, а
но как в пустынный дол уйдешь: сильнее пут, увы, мой стыд. а
Над розой соловей шальной поет – мой робкий ученик, б
и мотылек, обучен мной, огнем моей любви горит. а
На лике – лишь румянца след, а в сердце пышет кровь, - в
не так ли до поры свой цвет и хна, как я мой пыл, таит? а
Всю тяжесть бедствий и утрат взвалила я на небосвод, - г
от тяжкой ноши крив-горбат, завесой скорби он закрыт. а
Дочь шаха я, но уж давно я к долу бедности бреду: д
я именем красна – оно не зря «Зебуннисо» звучит! а (пер.С.Иванова).

Страсть, как Меджнуном и Лейли, повелевает мною снова. а
Нет сил у неба и земли, чтобы разбить ее оковы. а
Я научила соловья влюбляться в розу. б
Это я послала мотылька, шутя, сжигать себя в огне багровом.
Я только с виду так бледна, кровь у меня краснее вина, в
Никто не знает, что она испепелить меня готова. а
Мне трудный груз дала судьба, и я согбенна, как раба, г
Тяжел мой сон, еда груба, одежда траурно-лилова. а
Я шаха дочь, но в нищете. Что мне в моей же красоте? д

Зовут меня Зебуннисо - все объясняет это. е (пер. Т.Стрешневой).

Из приведенных двух переводов самой известной газели Зебуннисо перевод С. Иванова является более близким оригиналу, и это не текстуальное соответствие, а скорее, так называемая «художественная адекватность». Переводчики не всегда слово в слово передают содержание газели, перевод Т. Стрешневой менее близок к оригиналу, чем перевод С. Иванова. Переводчица создает собственные изобразительно-выразительные средства. К примеру, в первом бейте Зебуннисо, который является главным в газели, называется матлаъ и задает тон произведению, ключевым словом является слово «стыд» (хае). Лирическая героиня, обликом похожая на Лейли, а в душе, испытывающая страсть Меджнуна, с сожалением говорит о том, что стыдится этой страсти, стыд сковывает ей ноги. Гендерные стереотипы не позволяют молодой девушке, женщине открыто говорить о своей любви или страсти. Однако в переводе ключевым словом является слово «страсть», и именно оковы страсти сильны: «Страсть, как Меджнуном и Лейли, повелевает мною снова. // Нет сил у неба и земли, чтобы разбить ее оковы.

Красивое олицетворение «я научила соловья влюбляться в розу», образ, несомненно, взятый из восточной поэзии, принадлежит переводчице, ближе к оригиналу звучит перевод С. Иванова «над розой соловей шальной поет – мой робкий ученик». Следующее олицетворение «это я послала мотылька, шутя, сжигать себя в огне багровом», эпитет «огонь багровый» также принадлежат Т. Стрешневой.

Третий бейт газели: «Дар нихон хунем зохир гарчи ранги нозанин. // Ранги ман дар ман нихон чун ранги сурх андар хиност // содержит развернутое сравнение, с виду лирическая героиня нежная, с бледным румянцем на щеках, а в сердце ее пышет кровь, цвет крови сравнивается с цветом хны, которая проявляется все ярче и ярче. В переводе Т. Стрешневой кровь сравнивается с вином, подобное сравнение часто встречается в таджикско-персидской поэзии.

Основное мастерство переводчика проявляется при сохранении рифмического рисунка газели. В газели непременно рифмуются два первых стиха, т.е первый бейт **аа,** далее идет: **ба; ва; га; да;** и т.д. при этом любой отдельно взятый бейт представляет собой нечто законченное по смыслу. Законченность смысла бейтов удалось передать обоим переводчикам. Переводчик С. Иванов полностью сохранил рифмический рисунок газели Зебуннисо, переводчице Т. Стрешневой, также удалось сохранить рифму, за исключением последнего стиха, который должен рифмоваться с 1, 2, 4, 6, 8 стихами, у переводчицы последний стих остается без рифмы.

Творчество известной современной поэтессы Гулрухсор Сафиевой (р.1947) представляет огромный интерес для переводчиков. Именно благодаря переводам ее лирические стихотворения дошли до сердец и душ русскоязычных читателей.

Из многих книг Гулрухсор, переведенных разными поэтами, наиболее приближены к сердцевине лирического характера переводы Татьяны Кузовлевой. Они более адекватны первоначальному замыслу поэтессы. Сама Т.Кузовлева говорит о переводах следующее: «Переводы – это то, что с момента разрушения Вавилонской башни и смешения языков объединяет культуры» [7]. Переводчик согласна с мнением Пастернака о непереводимости художественных произведений и в своем интервью «Независимой газете» приводит его слова: «Переводы неосуществимы, потому что главная прелесть художественного произведения в его неповторимости… Переводы мыслимы: потому что… при общности текста становятся вровень с оригиналами своей собственной неповторимостью» [7]. Эти слова отчасти объясняют особенности перевода Т. Кузовлевой стихов таджикской поэтессы. В стихах Гулрухсор переводчик отмечает порыв, внутреннюю энергию, обостренную чувственность.

Подлинная искренность, импульсивность, присущие лиризму Гулрухсор, избыточность эмоций в стремлении высказать себя отнюдь не порождают многословия: стихи ее компактны, кратки, слово насыщено энергией.

Стихотворение «Ман барои ту ба дуне омадам» в переводе звучит «Ради тебя я в этот мир пришла». Если перевести дословно первый стих, по которому названо стихотворение, а он является рефреном, несет эмоциональную нагрузку стихотворения, то будет звучать так: «Для тебя я в этот мир пришла». В выражении «ради тебя» больше пафоса, оно более эмоционально окрашено, несет оттенок самопожертвования, однако, читая стихотворение в оригинале, мы понимаем, что здесь не говорится о самопожертвовании, лирическая героиня пришла в этот мир для любимого и считает свой приход неким даром для него. Отсюда различный эмоциональный настрой: в переводе мотив самопожертвования, в оригинале мотив самоутверждения. Знаки препинания являются тому подтверждением, в оригинале после «Для тебя я в этот мир пришла» в конце каждой строфы стоит восклицательный знак, в переводе «Ради тебя я в этот мир пришла» знак не сохранен. Первый стих и последний стих обрамляют строфу, в оригинале у поэтессы первый стих утвердительный, а последний восклицательный, так как к концу строфы стихотворение достигает своего эмоционального накала.

У Гулрухсор каждое слово или фраза несут большую эмоциональную нагрузку. Оригинал отличается от перевода, осуществленного Т.Кузовлевой, силой чувств, бушующим морем страстей, что характерно для поэзии Гулрухсор. Переводчиком не сохранены авторские метафоры и эпитеты, они заменены собственными изобразительно-выразительными средствами.

Ради тебя я в этот мир пришла

Строфа 1.

Оригинал	**Перевод**	**Подстрочный перевод здесь и далее автора статьи – А.М.**
Ман барои ту ба дунё омадам,	Ради тебя я в этот мир пришла.	Для тебя я в этот мир пришла
То ба рузи сахт дамсозат шавам.	Ради тебя – чтоб быть с тобою рядом.	Чтобы в трудные дни быть тебе опорой.
Гамбару ғамеру ғамхорат шавам,	Чтоб излечить твои недуги взглядом,	Заботиться о тебе, забирать твои печали
Ними бахти хешро бахшам	Спасти тебя и уберечь от зла,	Подарить половину своего счастья тебе
Дар дами анчом оғозат шавам,	И в горький час твоею быть отрадой	В момент твоей кончины возродить тебя
Ман барои ту ба дунё омадам!	Ради тебя я в этот мир пришла.	Для тебя я в этот мир пришла!

Строфа 2.

Оригинал	**Перевод**	**Подстрочный перевод**
Ман барои ту ба дунё омадам,	Ради тебя я в этот мир пришла.	Для тебя я в этот мир пришла.
Варна кай аз ман касеро ёд буд?	Меня окликнул ты – я появилась.	Иначе кто бы ведал о моем существовании?
Ишқ буду бевафоиву вафо,	Благодарю за все, что мне открылось;	Была любовь, и верность, и неверность были,
Ханда буду нолаву фарёд буд,	За свет, за боль, которыми жила,	Был смех, страдания, крики были,
Базми ишқ ободу нообод буд,	За ту любовь, внезапную, как милость.	Пиршество любви прекрасным было и печальным
Ман барои ту ба дунё омадам,	Ради тебя я в этот мир пришла.	Для тебя я в этот мир пришла!

Е. Эткинд в книге «Поэзия и перевод» писал: «В статьях о стихотворном переводе критики порой поступают весьма нехитрым способом. Они дают свой подстрочник, сопоставляют его с переводом и, обнаружив значительные расхождения, восклицают: «Далеко! Неточно!» Этого оказывается достаточно, чтобы с порога осудить поэтический перевод, объявить его неудачным, искажающим оригинал» [6, с.39].

Приведенная нами таблица с оригиналом, переводом и подстрочным переводом, не является доказательством неудачного перевода осуществленного Т. Кузовлевой, а скорее показывает, что переводчик создала очень талантливое стихотворение на основе оригинального текста.

Если переводчиков-женщин привлекает любовная лирика Гулрухсор, то в центре внимания переводчиков-мужчин - гражданская и пейзажная лирика поэтессы. Сборник стихотворений «Радужный цветок», в переводе Гарольда Регистана (настоящая фамилия Уреклян, поэт, переводчик) включает в себя стихи о Родине, природе, детстве.

Перевод Гарольда Регистана является авторизированным. Такой вид перевода предполагает, что переводчик получает статус автора полученного текста. Переводчик вносит собственные коррективы в саму художественную структуру оригинала, применяет индивидуальные творческие приемы. Участие автора обычно сводится к тому, что он дает согласие на определенные изменения своего текста. Однако следует отметить, что в переводах Гарольда Регистана творческая индивидуальность Гулрухсор, ее эмоциональность сохраняются.

Стихотворение «Яхш» посвящено «малой родине» поэтессы, где прошли ее детские годы. В русской версии сохранена основная сюжетная линия стихотворения, где лирическая героиня вспоминает родное село Яхш, в котором прошли детские годы, где похоронена мать и где отец ждет возвращения дочери. В стихотворении воспета природа и жители этого горного края. Но поскольку это авторизированный перевод, переводчик смело вводит собственные изобразительно-выразительные средства.

Яхш

Оригинал	**Перевод**	**Подстрочный перевод**
Маро шабҳои бехобӣ хумори Яхч мегирад,	О, как я по Яхчу скучаю в бессонные ночи!	Я в бессонные ночи скучаю по Яхчу.
Ки дар як гӯшаи хоки Ватан аз чашмҳо дур аст.	Грущу по кусочку земли, что от глаз далеко!	Грущу по кусочку Родины, что от глаз далеко
Надорад қасру ҳайкалҳои шуҳратери юнонӣ,	Пусть он не прославлен твореньями пышными зодчих,	Нет в нем дворцов и знаменитых греческих изваяний,
Барои ман вале ҳар пуштааш як қасри машҳур аст.	Людьми он простыми зато вознесен высоко.	Однако для меня каждый кусочек этой земли сравним

		с прославленным дворцом

Первый стих переводчик украсил восклицательной частицей междометного происхождения, что придало ему восклицательную интонацию и эмоциональную окрашенность. В оригинале эмоциональная окрашенность передана существительным хумор, выражающим и любовь к родному краю, и желание оказаться в Яхче, и тоску. Здесь уместно сказать, что большинство слов в различных языках никогда не совпадает не только по смыслу, но и по стилистическому тону.

Внося свои изменения в третий стих, переводчик придал ему некую возвышенность.

Пусть он не прославлен твореньями пышными зодчих (пер.).

Нет в нем прославленных греческих дворцов и изваяний (под.пер.).

В последнем стихе в оригинале присутствует личное «я» лирической героини, в переводе оно не передано.

Людьми он простыми зато вознесен высоко (пер.)

Однако для меня каждый клочок сравним с прославленным дворцом (под.пер.).

В третьем стихе второй строфы не сохранена авторская антитеза «жизнь и смерть» в стихе:

Гумонам, ки аҷал бо зиндагӣ оштӣ гашта,
Бубинам байни гандумзор мавҷи парчами лола.
Кажется мне, что мирятся здесь с жизнью смерть,
И за морем пшеницы тюльпанов алеет рассвет (под. пер.)

Необходимо отметить яркое сравнение, введенное переводчиком, которое не только не портит эмоциональную тональность стихотворения, но напротив, обогащает ее образом очень распространенным в восточной поэзии: цветущий миндаль сравнивается с щеками смущенной невесты:

Миндаль бледно-розов, как щеки невесты смущенной.

На языке цветов в восточной поэзии миндаль означает девственность. Таким образом, авторизированный перевод позволяет переводчику свободно творить, создавая на основе оригинального текста свое собственное произведение, следовательно, у художественного перевода есть свой творец, свой языковой материал и своя жизнь в поэтической среде.

Творчество другой одаренной таджикской поэтессы - Зулфии Атои также известно русскоязычным читателям благодаря переводам. Ее сборник под названием «Весенняя птица» переведен поэтессой Татьяной Смертиной.

Сборник открывается стихотворением «Мятеж». И это, на наш взгляд, не случайно. Героиня Зулфии не просто женщина, и как принято на Востоке, покорная женщина. Она – мятежница. Красивая и свободная, взбунтовалась, посмела «лик запрокинув к небу», обратиться к Аллаху и высказать, что у нее на душе. Она не побоялась спорить с самим богом:

«Ты слышишь ли грешницу,
Мудрый Аллах?
Ошибки прости
И наивность в речах.
Но нынче желаю я
Спорить с тобой,
Как спорит беспечно
Ребенок порой

Героиня уверена, что если бы хоть раз женщина была бы избрана в пророки, то мир стал бы другим. Не было бы войн, не лилась бы понапрасну кровь, из всех религий и вер на земле осталась бы только любовь. Мудрый Аллах не ответил на обращение женщины, небо осталось безмолвным и невозмутимым, но она вдруг услышала «внутренний голос, как будто Вселенной // Таинственный глас», и это было ответом на ее мятеж:

«Эй женщина! Кайся!
Что хочешь от мира?
Что требуешь ты
От Аллаха, гневясь?
Все в мире пророки –
Твои были дети,
Учились ходить,
За подол твой держась!
И вновь к материнским ногам,
Как в святыне,
Склонился пророк,
Ты весь путь его знаешь!
Воспета пророком и прежде и ныне,
О, женщина,
Что еще ты желаешь?..».

В оригинале стихотворение названо «Зане бархоста», т.е «Женщина восстала». Зулфия предваряет стихотворение эпиграфом «Зане бархоста буд ва даъвои пайгамбари кард» из сборника персидско-таджикской литературы «Мачмаъ-ул-ансоб», с помощью которого обозначена тема восставшей женщины, претендующей на роль пророка. Вероятно, переводчик сочла нецелесообразным при переводе сохранить эпиграф, так как русскоязычному читателю названное произведение мало знакомо. Первая строфа стихотворения в оригинале звучит так:

Зане бархост
Зане бархост исёнгар,
Парешонмӯ,
парешонхӯ,
парипайкар.

В ней рифмуются 2-ой стих с заключительным словом строфы: исьегар-парипайкар. Необычно, лесенкой расположены слова-определения. В первом и втором стихе наблюдается повтор.

В переводе строфа звучит так:

Восстала женщина
И взбунтовалась,
С распущенными волосами:
Красивая:
Как яблонь алость!

В переводе повтор не сохранен, особая выразительность и эмоциональность передана при помощи введенного переводчиком сравнения и восклицания, которые отсутствуют в оригинале. Сравнение «Красивая://Как яблонь алость, вводится переводчиком вместо ряда авторских определений, из которых сохранено только одно - «с распущенными волосами» - «парешонму».

В переводе не сохранена рифма оригинала. Переводчик употребляет неточную рифму «взбунтовалась – алость», рифмуются 2-ой стих с 5-ым. Остальные стихи первой строфы не рифмуются.

Необычна строфика стихотворения. Строфы состоят из неодинакового количества стихов, стихи в них разной длины, причем как в оригинале, так и в переводе, так как переводчик пыталась частично сохранить оригинальность строфики.

Переводчик без ущерба для содержания свободно вводит свои собственные изобразительно-выразительные средства. В первом стихе второй строфы авторское метафорическое сравнение «нигоҳаш шуълаи сузон» заменено эпитетом «с горячим взглядом». Во втором стихе метафорическое сравнение «вучудаш қатраи ларзон» передается при помощи сравнительного оборота «словно капля вся дрожа», имеющего также метафорический смысл.

Во второй строфе, как и далее во всем стихотворении, рифма не сохраняется. В оригинале в некоторых стихах наблюдается парная рифма, но в большинстве случаев стихи не рифмуются, это характерно для восточного стихосложения. В переводе чаще всего встречается перекрестная рифма, характерная для русского стихосложения.

Как было сказано выше, иногда в переводе наблюдается неследование знакам пунктуации оригинала, т.е. переводчик вводит собственные восклицательные знаки, заменяет восклицательные знаки на вопросительные.

В ряде случаев применение полного лексического соответствия сопровождается грамматической трансформацией. Это проявляется в замене частей речи. При переводе Т. Смертина не только опускает те или иные лексические единицы, но изменяет структуру последних, не нарушая общего смысла и поэтического звучания. Однако все эти изменения не меняют смысла стихотворения и его общей выразительности.

Т. Смертина при переводе стихотворений сборника «Весенняя птица» вносит много нового, использует собственные выразительные средства, меняет пунктуацию оригинала, часто использует вариантные соответствия, но все это не мешает адекватной передаче содержания. На наш взгляд, в этом проявляется искусство переводчика. Различного рода трансформации производятся там, где этого требуют нормы русского языка или стихосложения, однако все это производится без ущерба для содержащейся в тексте семантической информации.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гулрухсор (Г. Сафӣ). Девон. – Душанбе, 2004. - 958 с. (на тадж.яз).
2. Зулфия Атои. Весенняя птица; пер. Т. Смертиной. – Душанбе, 2004. - 174 с.
3. Сафиева Г. Пульс моей любви/ Г.Сафиева; пер. Т. Кузавлева. – М., 1988. - 125 с.
4. Сафиева Г. Радужный цветок / Г.Сафиева; пер. Гарольда Регистана. – М., 1978. - 98 с.
5. Точи Усмон. Двадцать три поэтессы. – Сталинобад, 1957. - 122 с. (на тадж.яз).
6. Эткинд Е. Поэзия и перевод / Е.Эткинд. – М., 1963. - 431 с.
7. Подстрочник листвы // Независимая газета. [Электронный ресурс] ng.ru›ng_exlibris/2014-11-27/2_persona.htm (16.04.2018)

ТАРҶУМАҲОИ ШЕЪРҲОИ ЛИРИКИИ ШОИРАҲОИ ФОРСУ ТОҶИК

(Зебуниссо, Гулрухсор, Зулфия)

Мақола ба масоилҳои тарҷумаҳои шеърҳои лирикии шоираҳои классику муосири тоҷик бахшида шудааст: Зебуниссо, Гулрухсор ва Зулфия. Хангоми муқоисаи сатрҳои матни аслии асарҳо ва тарҷумаҳои устодони варзидаи сухан намудҳои гуногуни тарҷумаи матни шеърӣ ба чашм мерасанд. Муаллиф ба чунин масоилҳои муҳим дар тарҷумашиносӣ ба монанди: ҳаммаъноии бадеӣ, эквивалентнокӣ, тарҷумаи муаллифӣ ва ғайра

аҳамияти хосса медиҳад. Дар асарҳои Зебуниссо тарҷумонҳо кӯшидаанд то анъанаву мавзӯоти назми классикии форсу тоҷик, махсусиятҳои қитъабандӣ ва расми қофиябандиро нигоҳ доранд. Шеърҳои Гулрухсор аз тарҷумонҳо офариниши воситаҳои худии тасвирӣ – пурмаъноро барои нигоҳдории сарбории муассир талаб менамоянд ва бо ин мақсад тарҷумонҳо ба тарҷумаи муаллифӣ рӯ меоранд. Тарҷумаи шеърҳои Зулфия аз офариниши сатрҳои аслӣ барои нигоҳдории ифоданокӣ ва муассирии савт асос меёбад. Ҳангоми тарҷумаи шеърҳои шоира тарҷумон шакливазкуниҳои гуногунро истифода мебарад, ки бе расонидани зарар ба иттилоти семантикии дар матн вуҷуддошта амалӣ карда мешавад.

Калидвожаҳо: ҳаммаъноии бадеӣ, эквивалентнокӣ, тарҷумаи муаллифӣ, ғазал, қофия, қитъа.

ПЕРЕВОДЫ ЛИРИЧЕСКИХ СТИХОТВОРЕНИЙ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ ПОЭТЕСС

(Зебуниссо, Гулрухсор, Зулфия)

Статья посвящена проблемам перевода на русский язык лирических стихотворений классических и современных таджикских поэтесс: Зебуниссо, Гулрухсор и Зулфии. При сопоставлении строк оригиналов произведений и переводов известных мастеров слова выявляются различные виды переводов поэтического текста. Автор уделяет внимание таким важным проблемам в переводоведении, как: художественная адекватность, эквивалентность, авторизированный перевод и др. В произведениях Зебуниссо переводчики стремились сохранить традиции и мотивы персидско-таджикской классической поэзии, особенности строфики и рифмический рисунок. Стихи Гулрухсор требуют от переводчиков создания собственных изобразительно-выразительных средств для сохранения эмоциональной нагрузки, с этой целью переводчики нередко прибегают к авторизированному переводу. Перевод стихотворений Зулфии основывается на создании оригинальных строк для сохранения выразительности и эмоциональности звучания. При переводе стихов поэтессы переводчик использует различного рода трансформации, которые производятся без ущерба для содержащейся в тексте семантической информации.

Ключевые слова: художественная адекватность, эквивалентность, авторизированный перевод, газель, рифма, строфа.

TRANSLATIONS OF THE LYRICAL PERSONS OF THE PERSIAN-TAJIK POETESS

(Zebunisso, Gulrukhsor, Zulfiya)

The article is devoted to translations into the Russian language of lyric poetry of Persian-Tajik poems: Zebunisso, Gulrukhsor, Zulfii. The study focused on different types of the study – different types of poetry translation. The author pays attention to such important issues in translation studies such as: artistic adequacy, equivalence, authorized translation, etc. In Zebunisso's works interpreters tried to preserve the traditions and motifs of Persian-Tajik classical poetry, the features the stanza and the rhyme, pattern. Gulrukhsor's poems require interpreters to create their own expressive and expressive means to preserve the emotional load, for this purpose, interpreters often resort to an authorized translation. The translation of Zulfiya's poems is based on the creation of original lines to preserve the expressiveness and emotionality of the sound. In the translation of the poems of the poetess the interpreter uses various kinds of transformations that are carried out without detriment to the semantic information contained the text.

Key words: artistic adequacy, equivalence, authorized translation, gazelle, rhyme, stanza.

Сведения об авторе: ***Ахтамова Мунира Усмановна*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры мировой литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М.Турсунзаде 30

Information about the author: ***Akhtamova Munira Usmanovna*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of World Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. M.Tursunzadeh 30

УДК: 82.34

ТАҲЛИЛИ СИМОИ ТАЪРИХИИ ИБНИ СИНО

Ниёзова М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АИ ҶТ

Номи Абӯалӣ ибни Сино дар саҳифаҳои заррини таъриху тамаддун ҳамчун шахсияти таърихӣ сабт гардида, аз замони зиндагии худи ӯ сар карда, дар ҳама давру замон симои ӯ ҳамчун ҳакими бузургу фарзона тасвир гардидааст. Дар ин бора муҳаққиқи дурдонаҳои мардумӣ Д.Обидов баъди омӯзиши зиндагинома ва фаъолияти илмии ӯ ва муҳтавои нақлу ривоятҳои дар бораи ӯ эҷодгардида, ба чунин хулоса омадааст: “Абӯалӣ ибни Сино, ки дар Машриқзамин бо лақаби «Шайхурраис», дар мамолики Араб бо номи «Амирултабъ» ва дар кишварҳои Аврупо бо унвони «Авитсена» низ ёд шудааст, аз зумраи дурахшонтарин ситораҳои фазои тамаддуни умумиҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ӯ на фақат ба ҳайси зубдатарин донишманд, азимтарин файласуф ва мутафаккири забардаст, мумтозтарин ҳакиму табиб, балки ҳамчун тавонотарин равоншинос, риёзидон, беҳтарин омӯзгори мантиқ, назарияпардози беҳамтои ирфон ва тасаввуф, мусиқидони асил, ситорашинос ва ниҳоят шоир ва қаламкаши ҳунарманд шинохта шуда аст” [5, с.85].

Ин фарзонаи бузург дар давоми панҷоҳу ҳафт соли ҳаёташ, ки зиндагии бесукуне дошта аксаран басе ноҳамвор, пурвоқеа ва бо зиндонӣ шудану саргардониҳо гузаштааст, дар соҳаҳои гуногуни дониш тавонистааст теъдоди 120 ҷилд китоб таълиф намояд. Собит шудааст, ки дар тамоми ин китобҳо андешаҳояш олимона, ҳақиқатҷӯёна, муассир,

нирӯманд ва ҷуръатмандона мебошанд. Ӯ дар китоби худ «Ал-қонун-фит-тиб» ба наҳви камол муҳтавои тамоми тибби асрҳои миёнаи Шарқро матраҳ сохта, натиҷаҳои рушди ин илми бостониро ҷамъбаст ва бисёре аз дастовардҳои пизишкии асрҳои баъдиро пешбинӣ ва муайян намудааст. Беҳуда нест, ки эҷодиёти доманадори ин абармард ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш донишмандони маъруфи Шарқро ба ҳайрат оварда буд. Асарҳои илмии ӯ баъдтар тамоми мамлакатҳои Ғарбро низ тасхир карданд ва «Ал қонун-фит-тиб»-и ӯ тайи шашсад сол китоби рӯйимизии табибони Осиё ва Аврупо шуда, то охири асри XVII ба сифати китоби асосии дарсӣ дар тибби Урупо ҳукумат меронд.

Ба замми ин ҳама истеъдоду қобилияти илмии фавқулода ва ақлу заковати ҳайратангез, Абӯалӣ ибни Сино ба маънои пурраяш инсони комиле буд, ки номаш бо раиятпарварӣ ва адолатпешагӣ машҳур шуд. Ҳеҷ гуна такаббурӣ ва худситоиро намедонист, балки табиатан шахси мутавозеъ, хоксор, бо нангу номус, боҳаё, муаддаб ва марди саховатманду ҳиммatбаланде буд, ҳарчӣ бештар мутолиа мекард, ба печидагиҳои масоили илмӣ ва маҳдудиятҳои яъсовари ақли одамӣ зиёдтар пай мебурд. Яқинан, ба эътибори ин гуна хислатҳои ҳамида ва ба шарофати ақлу хираду оламгираш аст, ки ҳамватанону ҳаммиллатонаш обрӯю эътибори Шайхурраисро арҷ гузоштаанд, шахсияташро бузург доштаанд ва дар бораи рӯзгор ва фаъолиятҳои ҷашмгири ҳамаҷонибааш нақлу ривоятҳои рангину ҳотирнишин гуфтаанд.

Нақлу ривоятҳое, ки дар бораи Ибни Сино баҳс мекунанд, на фақат дар фолклори мардумони кишварҳои ҳамзабон-Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон, балки дар байни сокинони мамолики туркзабон: Туркия, Озорбойҷон, Ӯзбекистон, Тотористон ва Туркманистон низ маълуму машҳуранд. Мумкин аст, ки ин асарҳо дар мамлакатҳои Араб, Ҳиндустон ва Покистон низ густариши зиёде дошта бошанд. Роиҷ будани нақлу ривоятҳои мавриди назар дар адабиёти шифоҳии бошандагони кишварҳои Аврупо низ аз эҳтимол дур нахоҳад буд. Далели ин гуфтаҳо бо забонҳои гуногун тарҷума шуда ва дар шабакаи Интернет паҳн гаштани матни ин ривоятҳо низ шуда метавонад.

Хушбахтона, имрӯз дар ганҷинаи шуъбаи фолклори Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоде аз ин қабил нақлу ривоятҳо нигоҳдорӣ мешаванд, ки онҳоро кормандони илмии шуъба дар давоми солҳои тӯлонӣ аз шаҳру ноҳия ва деҳоти гуногуни Тоҷикистон ва маҳалҳои тоҷикнишини Ҷумҳурии Ӯзбекистон - шаҳрҳои Тошканд, Самарқанду Бухоро ва вилоятҳои Сурхандарёву Қашқадарё, инчунин аз нашрияҳои мухталифи Эрону Афғонистон гирд овардаанд. Ва қобили ёдоварист, ки аксарияти маводи дар Ганҷинаи фолклори тоҷик гирдомада тайи ду-се даҳсолаи охир тавассути чанд маҷмӯаи хурду калони фолклорӣ, аз қабили «Ҳакими мумтоз» (1980), «Ҳафт аллома» (1994), «Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан» (бо алифбои форсӣ, Машҳад Эрон,1382 ҳиҷрӣ), «Ҳакими мумтоз дар қиссаҳои дилнавоз» (2005), рӯзномаҳои «Адабиёт ва санъат» ва «Авитсенна» ва ғайра ба табъ расидаанд. Гирдоварӣ ва нашру табъи миқдоре аз ин асарҳо бо саъю кӯшиши устод С.Айнӣ, М.С.Андреев, В.Асрорӣ, Амриддон Алимардонов, Ҷобулшо Додалишоев ва дигарон низ ба вуқуъ пайвастааст.

Вале аз гуфтаҳои боло набояд чунин хулоса баровард, ки нақлу ривоятҳои оид ба Ибни Сино эҷодшуда дар гузаштаҳо гирдоварӣ ва нашр нашуда буданд. Аз далелҳо пайдост, ки намунаи бисёри ин осор дар давру замонҳои гузашта низ, аз ҷониби ашхоси алоҳида, адибон, муаррихон, тазкиранависон, фолклоршиносон ва мухлисони эҷодиёти даҳанакии халқ ҷамъоварӣ шуда, ба воситаи тазкираҳо, маҷмӯаҳои фолклорӣ ва асарҳои илмию бадеӣ чи дар ватани худи Ибни Сино ва чи берун аз ҳудуди он рӯйи чоп омадаанд.

Барои исботи ин гуфтаҳо дар ин бора аз хотирот ва мушоҳидаҳои сафари ҳафтсолаи шоир ва мутафаккири барҷастаи форсу тоҷик Носири Хусрав, ки дар асри XI дар асари худ «Сафарнома» (1063) дар бораи Ибни Сино низ маълумот додааст, мисол меоварем: «*Ғурраи зилҳиҷҷаи санаи сабъу саласин ва арбаъмоя ба роҳи Обхӯрӣ ва Чоштхорон ба Симнон омадам ва он ҷо муддате мақом кардам ва талаби аҳли илм кардам. Марде нишон доданд, ки ӯро устод Алии Нисоӣ мегуфтанд. Наздики вай шудам, марде буд сухан ба забони форсӣ ҳамегуфт ба забони аҳли дайлам ва майкушуда ҷамъе пеши вай ҳозир. Дар аснои сухан мегуфт, ки бар устод Абӯалӣ Сино раҳматуллоҳ алайҳи чунин хондам ва аз вай чунин шунидам. Ҳамоно гарази вай он буд, то ман бидонам, ки ӯ шогирди Абӯалӣ Синост*» [2, с.27].

Ё ин ки якчанд ҳикояте, ки дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XII), ки дар мавзӯъҳои ҳакимӣ ва табибии Ибни Сино сухан меравад. Инчунин лозим донистен ривоятеро, ки дар он бартарӣ доштани «Қонун»-и Ибни Сино аз «Фусул»-и Букрот[9], «Масоил»-и Ҳунайни Исҳоқ[10], «Муршид»-и Закариёи Розӣ[11] ва *«Шарҳ»-и*

---

[9] Абулқосим Довудӣ - яке аз наздикони султон Масъуди Ғазнавӣ (1030-1041) будааст.

[10] Асари табиби машҳури асри Ҳусайни бинни Исҳоқ (вафоташ соли 873) мебошад.

[11] Асари тиббии ҳаким ва донишманди маъруфи форсу тоҷик Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ (854-932 м) мебошад. Соли 1500 милодӣ дар Венеция бо забони лотинӣ тарҷума ва нашр шудааст.

Нилӣ[12] қайд шудааст ба таври мухтасар қайд менамоем: «*Дар санаи асно ашра ва хамсамия (512 ҳ - 1118-19 м) дар бозори аттторони Нишопур бар дӯкони Муҳаммади Мунаҷҷими табиб аз Хоҷа Имом Абӯбакри Даққоқ шунидам, ки ӯ гуфт: «Дар санаи иснатин ва хамсамия (502 ҳ - 1118-19 м) яке аз машоҳири Нишопурро кулинҷ бигирифт ва моро бихонд ва бидидам ва ба муолиҷат машғул шудам ва он чи дар он боб фароз омад, ба ҷой овардам, албатта, шифо рӯй нанамуд ва се рӯз бар он баромад. Намози шом баргаштам ноумед бар он ки ними шаб бемор даргузарад. Дар ин ранҷ бихуфтам, субҳдам бедор гаштам ва шак накардам, ки даргузашта бувад. Ба бом шудам ва рӯй бад-он ҷониб овардам, ҳеҷ овозе нашунидам, ки бар гузаштани ӯ далел будӣ…*

Яке дари сарой бизад. Нигоҳ кардам каси ӯ буд, башорат, ки бикшой.

- Гуфтам: - Чӣ шуд?

Гуфт: - Ин соат раҳо ёфт.

Донистам, ки аз баракоти фотиҳат-ул-китоб будааст…

Пас табиб бояд, ки некуэътиқод бувад… ва аз илми тиб бояд, ки «Фусул»-и Буқрот ва «Масоил»-и Ҳусайни Исҳоқ ва «Муршид»-и Муҳаммад Закариёи Розӣ ва «Шарҳ»-и Нилӣ, ки ин муҷмалотро кардааст, ба даст орад, мутолиат ҳамекунад… Ва агар хоҳад, ки аз ин ҳама мустағнӣ бошад, ба «Қонун», кифоят кунад…» [2, с.29].

Ҳамчунин дар асари мазкур ривояти машҳури «Ҷавони ошиқ» низ ҷой дода шудааст. Дар ин ривоят Сино аз тариқи ба даст гирифтани набзи ҷавони бемор муайян кардааст, ки ӯ ошиқ аст. Усуле, ки Сино дар табобати ин навъи беморӣ истифода намудааст, хеле сода ба назар мерасад, вале чи тавре ки аз сарчашмаҳо пайдост, ин усули табобатро аввалин бор Сино кашф ва барои табобати беморон тавсия ва истифода намудааст. Инчунин ривояти дигар, ки бо унвони «Шахси говшуда» машҳур аст, дар ин асар ҷой дода шудааст. Дар ривояти мазкур низ усули хоссе ба кор бурда шудааст, ки ба назари кас хеле сода ва осон менамояд, вале чунин усулу тарзи табобатро танҳо шахсе метавонад истифода намояд, ки дорои илму фазл ва ҳунари қавии пизишкӣ бошад.

Чеҳраи таърихии Синои табиб инчунин аз гурӯҳи ривоятҳое пайдост, ки дар онҳо ҳаким ба табобати худии худ пардохтааст. Ин намуди гуфтаҳо аксаран бар воқеаҳои зинда ва таърихии ҳаёти Сино асос ёфтаанд. Масалан, Абулҳасани Байҳақӣ (асри XII) дар китоби худ «Татимаи сивон-ул-ҳикмат» [7], ки асари таърихӣ аст, ҳикоятҳоеро дар бораи Ибни Сино ҷой додааст, ки яке аз онҳо маҳз дар бораи табобати дарди сари худ аз тарафи Сино ривоят мекунад: «*Рӯзе судое сахт бо Абӯалӣ Сино рӯй намуд ва чанд рӯзе ба он ҳолат буд. Бидонист, ки моддаи ин сардард дар сар аст. Дастур дод то барфи зиёд оварданд, онҳоро дар ҳирқаи катоне печида ва сарро дар миёни он бипӯшонид. Муддате сарро дар миёни он нигоҳ дошт то мавзӯи сар қавӣ шуд ва ин корро муқаррар кард то он маҳал неру гирифт ва аз қабули модда мутанеъ шуд ва аз он сардард халосӣ ёфт*» [2, с.40].

Он ки Абӯалӣ Сино табобати шоҳону маликзодагонро анҷом дода буд, куллан воқеъият дошт ва ин амалҳо барои ҷилвагар сохтани симои ҳам таърихӣ ва ҳам ривоятии ӯ хизмати калоне намудаанд.

Ғараз аз овардани ин ривояту ҳикоятҳо он аст, ки ҳанӯз аз замони ҳаёташ сар карда, ин марди ҳунар ва илм машҳурияти зиёдеро касб кардааст ва ривояту нақлҳои овардашуда заррае муболиға нестанд ва бар воқеияти таърихӣ асос доранд. Ба сухани дигар, ривояту нақлҳои мутазаккира симои таърихии ибни Синоро дар назари хонанда ва шунаванда ҷилвагар месозанд. Силсилаи ривоятҳое мавҷуданд, ки маҳз симои таърихии Синоро чун табиби ҳозиқ муаррифӣ мекунанд ва дар аксари онҳо гуфта мешавад, ки маҷлисҳое, ки Сино дар онҳо ҳузур дошт, сухан бар қонуни ҳикмат мепечид.

Рашидаддуни Ватвот (асри XI) дар асари худ «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» [10] ҳикояҳоро дар бораи Ибни Сино ҷой додааст, ки яке аз онҳо чунин аст: «*Абӯалӣ Сино рӯзе дар бозор нишаста буд, рустоие бигузашт, баррабаҳое бар дӯш гирифта буд.*

Бӯалӣ пурсид, ки: Барра ба чанд?

Гуфт: - Ба диноре.

Бӯалӣ гуфт: - Барра ин ҷо бигузор ва соате дигар боз ой, то баҳо бидиҳам?

Рустоӣ ӯро мешинохт гуфт:

- Ту ҳакими оламӣ, чаро бояд ин қадар нодонӣ, ки барра дар муқобили тарозу бошад, то барра насанҷӣ, барра ба хона набарӣ.

Бӯалиро аз он аҷаб омад ва ӯро изъофи баҳои барра бидод» [2, с.37].

Ҳатто дар ҳамин ҳикоят ҳам, агарчи ҳарфе дурушт аз даҳони рустоӣ нисбат ба Сино гуфта шуда бошад ("нодон"), аммо он ба маънои "Ҳакими олам" набояд чунин бехабар бошад, омадааст. Яъне эътирофи ҳакими олам будани Сино нишонгари чеҳра ва намоди таърихии ӯст.

[12] Асари тиббии шоир ва табиби номии охири асри X ва аввали асри XI Абӯсаҳл Саъид ибни Абдулазизи Нилӣ буда, шарҳи мухтасари китобҳои Ҷолинус, Ҳусайн бинни Исҳоқ ва Закариёи Розиро дар бар мегирад.

Бар ҳакимӣ ва ҳикмати Сино ин гуфтаҳо аз китоби «Асрор-ут-тавҳид»[13]-и Муҳаммад ибни Мунаввар (асри XI) низ гувоҳанд, ки суханон ва гуфторҳои шайх Абӯсаидро роҷеъ ба ҳолот ва истилоҳоти тасаввуф дар бар мегиранд: «*Баъд аз он ки миёни Бӯалӣ Сино ва Шайх Абӯсаид Абулхайр мукотибот ва муросилот буда буд, Абӯалӣ Синоро орзу буд, ки мусоҳибати Шайхро дарёбад ва аз мусофаҳати ӯ баҳраманд гардад.*

Чун ба Маҳина расид, Шайх дар маҷлис буд. Бӯалӣ мутаннакирвор даромад ва дар кунҷе бинишаст, чунонки кас вайро нашинохт. Чун Шайх гарм шуд, гуфт: - Магар Абӯалӣ Сино имрӯз дар маҷлиси мо ҳозир аст, ки сухани мо ҳама бар қонуни ҳикмат меравад? Боре чун осмондон ба маҷлиси осмонбин ояд, ҳар оина бар ин тарз бояд гуфт. Чун ин маънӣ бар лафзи Шайх бирафт, Абӯалӣ бар пой хост ва салом гуфт. Шайх бар вай дуо гуфт ва сано.

Чун аз маҷлис фориғ шуд қурби як ҳафта ҳар ду дар сарои Шайх дар савмиаи Шайх бинишастанд, ки кас ба наздики эшон дарнаёмад...»

Аз муҳтавои ривояти мазкур ба осонӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳанӯз аз замони зиндагии худи Ибни Сино бузургон ва оммаи мардум ӯро ҳамчун ҳаким мешинохтанд ва ба ҳакимӣ ва бузургии ӯ арҷ мегузоштанд. Аз забони сӯфие чун Абӯсаиди Абулхайр чунин суханҳоро дар ҳаққи ҳар кас шунидан муяссар набуд ва ӯ исми Синоро муродифи ҳикмат қарор дода буд.

Нақлу ривоятҳое дар бораи Сино мавҷуданд, ки ба ҳақталошӣ ва ҳақпазирии ӯ далолат мекунанд. Ин навъи ривоёт шахсеро барои хонанда муаррифӣ мекунанд, ки ӯ, новобаста аз вазъ ва муҳит, макону шароит амал ва сухани ҳақро думболагирӣ мекунад ва мепазирад. Ҳатто вазъҳое рух медиҳанд, ки Синои Ҳаким, ба бузургӣ ва илми қавии худ нигоҳ накарда, ба сухани ҳақ таслим мешавад. Масалан, дар китоби «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ (асри XIII) қаринаи ривояте мавҷуд аст, ки дар он сухан аз мулзам шудани Шайхурраис аз ҷавоби як каннос меравад ба ин тарз: «*Шайх-ур-раис, бо вуҷуди он ки устоди уламои ҷаҳон буд, канносе дар сухан ӯро мулзам гардонид. Ва он чунон буд, ки каннос дар ҳолати нақли матои худ мегуфт. Байт:*

Гиромӣ доштам, эй нафс аз онат,

Ки бар дил бигзарад осон ҷаҳонат.

Шайх-ур-раис бо кавкабаи вазорат даргузар буд, бишнид бар сабили истеҳзо гуфт: - Куҷо гиромиш доштӣ, ки мазаллати канносӣ гирифтораш кардӣ?

- Гуфт: - Аз он ки ба назди ҳиммати мардӣ нон аз канносӣ хӯрдан беҳтар, аз чун туе ҷустан. Дигар он ки ба вақти раҳил канносеро аз ҳиммати канносӣ мурдан нек осон бувад, аммо дунёдорро аз муҳаббати худшиносӣ ва кавкабаву тантанаи носипосӣ мурдан сахт душвор бошад.

Шайхурраис ҷавоби рост ва ҳақ ёфт, сокит шуд» [2, с.42-43].

Чеҳраи Абӯалӣ ибни Сино дар бисёре аз осори тазкиравӣ ҳамчун фозил, шоир ва олим қайд шудааст. Дар бузургтарин тазкираҳои орифону фозилон ва шоирон ному фаъолияти Сино дар қатори дигар бузургони тамаддуни машриқ зикр шудааст ва ин гувоҳи эҳтироми ояндагон ба ҳунари фозилию шоирии ӯ мебошад. Чунончи, дар асари машҳуре бо номи «Равзат-ул-ҷаннот», ки аз ҷониби Муҳаммадбоқири Хонсорӣ (асри XVIII) таълиф гардидааст, дар миёни 742 нафар орифон ва фозилону шоирони асрҳои пешин номи Ибни Сино ҳам ҷой дода шудааст. Ҳикояте, ки дар ин асар қайд гардидааст, аз забони шогирди Сино Баҳманёр нақл мешавад. Дар ривояти мазкур аз беҳуда зоеъ намудани вақт ва сабаби нороҳатии Сино гаштани ин рафтори шогирдон сухан меравад. Ривояти мазкур дар боби дуюм пурра оварда шуда, мавриди омӯзишу таҳлили дақиқ қарор дода шудааст. Танҳо зикр кардан раво аст, ки ин ривоят ва соири ривоятҳое, ки ба тарбияву таълими шогирдон далолат мекунанд боз як тарафи намод ва чеҳраи Синоро ошкор месозанд. Дар ин қабил ривоятҳо Сино чун омӯзгор ва таълимгари олӣ намудор мешавад.

Ҳамчунин «Қисас-ул-уламо»-и Муҳаммад ибни Сулаймони Тунакобунӣ (вафоташ солҳои 1890-91) аз ҷумлаи маъхазҳоест, ки доир ба 153 уламои мазҳаби шеӣ (асри X-XIX) маълумот медиҳад. Муаллифи он дар қатори дигар олимону шоирон, доир ба Абӯалӣ Сино низ маълумот дода, ҳикоятҳои меҳмон шудани дарвеш ба хонаи падари Абӯалӣ, Шайхурраис унвон гирифтани Сино, мусоҳибаи Сино бо Абӯсаид Абулхайр, ҳикояти охунд ва Абӯалӣ Сино ва ғайраҳоро ҳамчун мисол аз фаъолияти ин марди ҳунар дар он ҷой додааст.

Инчунин аз «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XII), «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддини Восифӣ (асри XVI) ва «Афсонаҳои Бӯалӣ»-и Муқтадӣ Субҳӣ (китоби аввал, ибтидои нимаи дуюми асри XIX) метавон ном бурд, ки Синоро дар қатори бузургони илму ахлоқ гузоштаанд.

[13] Китоб дар байни солҳои 1158-59-1203 м аз тарафи Муҳаммад ибни Мунаввар ҷамъоварӣ ва мураттаб гардидааст.

Бояд гуфт, ки қисми зиёди нақлу ривоятҳое, ки дар гузаштаҳои дуру наздик дар тазкираҳо, таърихномаҳо, маҷмӯаҳои фолклорӣ, асарҳои илмию бадеӣ ва ғайра ба таври инфиродӣ аз тарафи ашхоси гуногун чоп шудаанд, дар маҷмӯае, ки таҳти унвони «Сурат ва сирати Ибни Сино» ба муносибати ҷашни ҳазораи Абӯалӣ Ибни Сино бо салоҳдиди олимони Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон (соли 1980) ба дасти хонандагон расида буд, шомил гардидаанд. Ин нахустин маҷмӯаи нисбатан мукаммали нақлу ривоятҳо оид ба Ибни Сино мебошад, ки мураттибон ҳангоми таҳияи он аз беҳтарин нусхаҳои нақлу ривоятҳои мавриди назар, ки аксаран манбаи китобӣ доранд, кор гирифтаанд, ки ин амр арзиши маҷмӯаро ба маротиб афзудааст.

Дар баробари гирдоварӣ ва табъу нашри нақлу ривоятҳои дар бораи Ибни Сино гуфташуда, дар бобати шинохти вижагиҳои жанрии ин асарҳо баъзе навиштаҳо, ёдовариҳо ва ишораҳои судманде низ рӯйи кор омадаанд, ки онҳоро дар роҳи тадқиқу ковишҳои жарфи нақлу ривоятҳои мазкур ба сифати гомҳои нахустин қабул кардан ва арзёбӣ намудан мумкин аст. Дар ин замина хусусан асари илмии Абдулғанӣ Мирзоев «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» (1953) ва мақолаҳои А.Алимардонов ва Ҷ. Додалишоев «Ибни Сино аз назари мардум» (Ахбороти АИ Тоҷикистон, шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, 1980, шумораи 3) ва «Машҳури асрҳо ва маҳбуби наслҳо» (дар маҷмӯаи «Сират ва сурати Ибни Сино»), нақши бештаре доранд.

Як қисм афсонаю ҳикоятҳое, ки дар «Афсонаҳои Бӯалӣ Сино» ном маҷмӯаи мураттабсохтаи Субҳӣ (асри ХХ) ҷамъоварӣ карда шудаанд: “Зеҳни Абӯалӣ Сино”, “Қувваи чашми Абӯалӣ Сино”, “Қувваи ҳофизаи Абӯалӣ”, “Дар роҳ”, “Гурбаи бемор” ва ғайраҳо аз ҷумлаи онҳоянд. Мувофиқи маълумоти қисмати аввали ин асар як миқдор ҳикоятҳо аз маъхазҳои даврагои пеш навишта шуда ва таҳрир гардидаанд, аммо дар қисмати дуюми асар гӯё муаллиф ривоятҳоро шахсан худ аз забони халқ ҷамъоварӣ намуда, қайд намудааст, ки ин ривоятҳо то кунун дар ҳеҷ асаре дарҷ нагардидаанд. Дар ривоятҳои мазкур Ибни Сино ҳамчун соҳир ва муъҷизакор тасвир ёфтааст. Мутобиқи маълумоти А.Алимардонов ин ривоятҳо бо ривоятҳои дар китоби «Ганҷинаи ҳикмат» дарҷгардида, ки аз ҷониби Зиёуддин ибни Саидяҳё дар соли 1873 нашр гардидааст, як умумият доранд. Ӯ мегӯяд мумкин аст, ки ин ривоятҳо зери таъсири ҳамин китоб ба вуҷуд омада бошанд [2, с.8]. Аммо чи тавре, ки дар боло зикр намудем, дар китоби «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ низ дар бораи аз илми сеҳру соҳирӣ бохабар будани Сино сухан рафтааст. Вале дар ин ҳикоят гуфта мешавад, ки Сино бо вуҷуди донистани илми сеҳр соҳир набуд ва аз ин илм барои манфиати хеш дар ҷодаи расидан ба ин бузургӣ истифода накардааст.

Ҳамин тариқ, тасвири симо ва рафтори Сино тавассути ҷамъоварӣ таҳқиқ ва табъу нашри ривоятҳои вобаста ба Абӯалӣ ибни Сино эҷодшуда, аз ҷониби тазкиранависон ва пажӯҳишгарон аз замони зиндагонии худи ӯ, яъне аз асрҳои X-XI, шурӯъ шуда, дар солҳои замони Шӯравӣ низ идома ёфтааст. Дар бораи паҳлуҳои гуногуни фаъолияти Ибни Сино олимон, фолклоршиносон ва пажӯҳишгарони тоҷик Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Бобоҷон Ғафуров, Амриядон Алимардонов, Додоҷон Обидов ва инчунин, шарқшиноси варзидаи рус Е.Э. Бертелс, ва дигарон тавассути асару мақола ва рисолаҳои илмӣ ба хотири миёни мардум тарғибу талқин намудани бузургии шахсияти Ибни Сино ва нишон додани садоқати халқ нисбат ба ӯ, корҳое анҷом додаанд.

Шарқшиноси маъруфи рус Е.Э. Бертельс аз натиҷаи таҳқиқотҳои илмии худ дар бобати рӯзгор ва осори Ибни Сино ба хулоса омада, Синоро ба оташи зеризаминие шабоҳат медиҳад ва ин шабоҳатдиҳӣ ҳашамати шахсият ва образи Шайхурраисро ба назарҳо ҷилва медиҳад: «*Абӯалӣ ибни Сино дар таърихи адабиёти халқҳои Шарқи мусулмон эпизод нест, ҳодисаи тасодуфӣ нест, муаллифе нест, ки дар аснои нақл чанд саҳифаро ба ӯ набахшида бошад. Абӯалӣ Сино манбаи намоёни оташи зеризаминиест, ки ба силсилаи қуллаҳои оташбор ғизо медиҳад*» [6, с.70].

Ин ташбеҳ гувоҳи он аст, ки шахсияти Абӯалӣ ибни Сино на танҳо дар мамлакатҳои Шарқ, балки дар Ғарб низ мақому манзалати баланд дошта, нотакрор будани ин нобиғаро дар ҷаҳон тасдиқ менамояд.

Сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ на танҳо дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмию адабии Ибни Сино яке аз аввалинҳо шуда таҳқиқоте навиштааст, балки дар бобати омӯхтан ва муайян намудани хусусиятҳои нақлу ривоятҳои халқӣ, ки бо номи Абӯалӣ ибни Сино вобастаанд, яке аз муҳаққиқони аввалини асри ХХ-и тоҷик ба шумор меравад.

С.Айнӣ дар бораи нақлу ривоятҳои Ибни Сино асари алоҳида ва ё мақолаи махсуси илмӣ нанавиштааст, вале ӯ дар бораи ин ривоятҳо дар китоби худ «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» (соли 1941), ки ба таҳқиқи ҷараёни зиндагӣ ва мероси илмию адабии ин марди хирадманд бахшидааст, танҳо баъзе фикру мулоҳизаҳо дорад. Аммо ҳарчанд, ки ин фикру мулоҳизаҳо хеле кӯтоҳу мухтасаранд ва ҳамагӣ дар 5-6 ҷумла ифода ёфтаанд, моҳиятан аҳамияти илмӣ доранд.

Устод Айнӣ дар ин китоби худ чанд ишора дорад, ки онҳо дар бобати омӯзиши ривоятҳо оид ба Ибни Сино, тасвири шахсият ва намоди ӯ, дарки ақида ва муносибати нисбат ба ин асарҳо доштаи устод Айнӣ аз аҳамият холӣ намебошанд. Яке аз чунин ишораҳо ба масъалаи омилҳои асосии ба вуҷуд омадани нақлу ривоятҳо оид ба Ибни Сино ва дар байни халқ ба таври васеъ густариш ёфтани онҳо иртибот дорад. Устод Айнӣ дар ин бора навиштааст: «Шояд аз ҷиҳати аз одат берун олими бузург буданаш ва ба муносибати пешааш-табобат ба халқ наздик буданаш бошад, дар бораи Абӯалӣ ибни Сино дар миёни омма афсонаҳои бисёре паҳн шудааст» [1, с.55].

Чунонки дида мешавад, С.Айнӣ сабаби ба вуҷуд омадан ва дар байни мардум васеъ паҳн гардидани нақлу ривоятҳо оид ба Ибни Синоро аз донишманди беназир ва ҳамчун табиб ба дили халқ роҳ ёфтани худи ӯ медонад, ки ба ҳақиқат наздик будани ин ақидаро нақлу ривоятҳои сершуморе, ки дар тӯли солҳои зиёд аз замони зиндагии худи ӯ сар карда то ба имрӯз ҷамъоварӣ шуда, қисман дастраси хонандагон гардидаанд, комилан ба тасдиқ мерасонанд.

Гуфтан мумкин аст, ки дар замони Шӯравӣ низ нест олиме, ки дар бораи зиндагӣ, рӯзгор ва осори Ибни Сино асаре ва ё мақолае нанавишта бошад. Дар ин қатор олимони тоҷик ҳам шомиланд, ки яке аз онҳо академик Бобоҷон Ғафуров мебошад.

Бобоҷон Ғафуров низ баъди омӯхтани осору рӯзгори Сино ӯро бузургтарин олими тиб, беҳтарин файласуф ва нобиғаи нотакрор номида чунин мегӯяд: «*Ибни Сино бузургтарин олими тиб, беҳтарин файласуф, ҳайвонотшиноси дараҷаи аввал, беҳтарин донишманди соҳаи биология, шоир, устоди наср, илова бар ин, бузургтарин донишманди санъати мусиқӣ ҳисоб мешуд. Ҳеҷ як соҳаи дониши он замон мавҷуд набуд, ки энсиклопедисти асрҳои X-XI тоҷик онро наомӯхта бошад*» [6, с.70].

Инчунин дар ин қатор маҷмӯае, ки таҳти унвони «Сурат ва сирати Ибни Сино» ба муносибати ҷашни 1000-солагии таваллуди Абӯали ибни Сино аз ҷониби олимони Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон (соли 1980) ба дасти хонандагон расида буд, шомил мегардад. Ин нахустин маҷмӯаи нисбатан мукаммали нақлу ривоятҳо оид ба Ибни Сино буд, ки мураттибон ҳангоми таҳияи он аз беҳтарин нусхаҳои нақлу ривоятҳои мавриди назар, ки аксаран манбаи китобӣ доранд, истифода намудаанд.

Ҳамзамон олими дигари мо А.Алимардонов дар мақолаи худ, ки «Машҳури асрҳо ва маҳбуби наслҳо» унвон дорад, рӯзгору осори Синоро хеле дақиқ таҳлил намуда, чунин менависад: «Замони давлатдории Сомониён (873-999) дар таърихи то инқилобии халқи тоҷик дурахшонтарин ва мусоидтарин даврааи равнақи забон, адабиёт, маданият ва соҳаҳои гуногуни илму дониш ҳисоб меёбад. Дар ин давра як гурӯҳ адибон ва донишмандони соҳибистеъдод зуҳур кардаанд, ки ба воситаи осори адабӣ ва илмии гаронбаҳояшон дар роҳи инкишофи соҳаҳои мухталифи илму адаб ва тавсиаи тафаккури илмӣ ва адабӣ хизмати бузургро анҷом дода, ба ганҷинаи фарҳанги башарӣ дурдонаҳои тоза зам намудаанд. Аз миёни ин нобиғагони илму адаб бузургтарин ва машҳуртаринашон Шайх-ур-раис Абӯалӣ ибни Сино мебошад, ки ҳазор сол пеш аз ин дар осмони илму ҳикмати халқи соҳибифтихори мо чун офтоби дурахшон тулӯъ карда, бо мурури замон шуҳрати оламгир пайдо намуд ва дар давоми асрҳо ба нури маърифати худ илму дониши халққои гуногуни Шарқу Ғарбро мунаввар сохт» [2, с. 3].

Ҳамчунин фолклоршиноси тоҷик Додоҷон Обидов як қисми нақлу ривоёти дар Ганҷинаи фолклори тоҷик тайи ду-се даҳсолаи охир гирдомадаро тавассути чанд маҷмӯаи хурду калони фолклорӣ, аз қабили «Ҳакими мумтоз» (1980), инчунин китоби «Ҳафт аллома» (1994), «Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан» (2009) чоп намудааст.

Яке аз маҷмӯаҳои тартибдодаи устод Д.Обидов «Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо (дар мисоли нақлу ривоятҳои тоҷикӣ)» (2010) ном дорад, ки дар он муҳаққиқ дар қатори ривоятҳои халқие, ки нисбат ба шоиру нависандагони классики форсу тоҷик, аз қабили Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ гирдоварӣ ва таҳқиқ шудаанд, ривоятҳо оид ба Абӯалӣ Синоро низ ҷой додааст. Устод дар ин китоб ба таври мухтасар дараҷаи омӯхта шудани ривоятҳо ва мундариҷаи ғоявии ин ривоятҳоро таҳлил намудааст. Инчунин Д.Обидов илова ба нашри маҷмӯаву китобҳо, боз тавассути мақолаҳои илмӣ дар баъзе рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ намунаҳои ривоятҳоро дар бораи Абӯалӣ Ибни Сино ба табъ расонидааст.

Ҳамин тариқ, аз маълумоти сарчашмаҳои муътабар муайян мешавад, ки фаъолият ва зиндагиномаи Ибни Сино ҳанӯз аз замони зиндагии худи ӯ оғоз гардида, тӯли асрҳо, инчунин дар замони шӯравӣ то ба имрӯз, аз ҷониби олимони адабиётшинос ва шарқшиносони чи ватаниву чи хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамин омӯзишу таҳқиқотҳо ва маълумоту сарчашмаҳо сабаб гардидааст, ки дар саҳифаҳои таърих Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун шахсияти таърихӣ шинохта шавад.

Аз шарҳи ҳол ва сарчашмаҳои истифоданамудаи мо ба хулосае омадан мумкин аст, ки воқеан Сино олиму донишманди фозил будааст. Зеро таърих на ҳама шахсони

тасодуфиро дар саҳфаи заррини худ сабт менамояд. Ба андешаи мо, маҳз орифиву оқилӣ ва симои аслии худи Сино ӯро то ба ин дараҷа шуҳратманд намудаву то кунун тадқиқотҳо дар бораи ӯ идома доранд.

Ривоятҳое, ки аз тарафи уламои дигар ва таърихшиносон дар осори илмию таърихӣ сабт шудаанд, маҳз симои таърихии Синоро нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, мо дар ин қисмати таҳлил такя бар чунин нақлҳо ва ривоятҳо намудем.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Шайхурраис Абӯалӣ Сино. – Сталинобод - Ленинград: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1941. – 82 с.
2. Алимардонов А. Сурат ва сирати Ибни Сино / А. Алимардонов, Дж. Додалишоев. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 118 с.
3. Восифӣ З.М. Бадоеъулвақоеъ / З.М. Восифӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 199 с.
4. Мирзоев А. Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ / А.Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1953. – 140 с.
5. Обидов Д. Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо / Д. Обидов. – Душанбе, 2010. – 238 с.
6. Султонов, М. Пионери Тоҷикистон / М. Султонов. – №70. 21 сентябри соли 1980.
7. Татимаи сивон-ул-ҳикмат - ба қалами донишманд ва муаррихи Хуросонӣ Абулҳасани Байҳақӣ (вафоташ соли 1169-70 м) тааллуқ дошта, дар асри XII ба забони арабӣ навишта шудааст. Ин асар дар асри XIII ба забони тоҷикӣ бо номи «Дуррат-ут-тоҷ» тарҷума карда шудааст.
8. Улуғзода С. Пири ҳакимони машриқзамин / С.Улуғзода. – Душанбе, 1980. - 138 с.
9. Носири Хусрав. Сафарнома. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 120 с.
10. Рашидуддин Ватвот. Ҳадоиқ-ус-сеҳр (номи пурраи ин асар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш шеър» буда, дар байни солҳои 1156-1172 м. аз ҷониби Рашидуддин Ватвот таълиф гардидааст. Китоби мазкур яке аз асарҳои маъруфи назарияи адабиёти форсу тоҷик буда, таҳлилу баёни илми бадеъ ва саноеи шеърӣ барин соҳаҳои адабиётшиносии гузаштаро дар бар мегирад).
11. Ҳусейнзода Ш. Мушкилоти Ибни Сино / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: 1980. – 183 с.

ТАҲЛИЛИ СИМОИ ТАЪРИХИИ ИБНИ СИНО

Дар мақолаи мазкур фаъолият ва зиндагиномаи Ибни Сино, ки аз замони зиндагиаш оғоз гардидааст, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Нақлу ривоятҳое, ки аз тарафи олимон ва таърихшиносон дар осори илмию таърихӣ сабт шудаанд, маҳз симои таърихии Синоро нишон медиҳанд. Аз ин рӯ мо дар ин мақола такя бар чунин нақлу ривоятҳо намудем. Инчунин дар муайян намудани шахсияти таърихии Ибни Сино шарҳи ҳол ва сарчашмаҳои адабӣ нақши муассир доранд. Аз таҳлили ин сарчашмаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки воқеан Сино олиму донишманди фозил будааст. Зеро таърих на ҳама шахсони тасодуфиро дар саҳфаи заррини худ сабт менамояд. Ба андешаи мо, маҳз орифиву оқилӣ ва симои аслии худи Сино ӯро то ба ин дараҷа шуҳратманд намудааст, ки то кунун тадқиқотҳо дар бораи ӯ идома доранд. Хулоса, аз таҳлили нақлу ривоятҳо ва сарчашмаҳои мавҷуда муайян гардид, ки фаъолият ва зиндагиномаи Ибни Сино тӯли асрҳо, инчунин дар замони шӯравӣ то ба имрӯз, аз ҷониби олимони адабиётшинос ва шарқшиносони чи ватаниву чи хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамин омӯзишу таҳқиқотҳо ва маълумоту сарчашмаҳо сабаб гардидааст, ки дар саҳифаҳои таърих Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун шахсияти таърихӣ шинохта шавад.

Калидвожаҳо: Абӯалӣ ибни Сино, нақл, ривоят, сарчашма, адабиёт, таърих, образ, портрет.

АНАЛИЗ ИСТОРИЧЕСКОГО ОБРАЗА АВИЦЕНЫ

В данной статье изучается деятельность и автобиография Авиценны с начала его жизни. По приданиям, написанным учеными и историками показано именно историческая личность Авиценны. Ввиду этого в статье автор опирается исключительно на подобные придания. Также в определении исторической личности Авиценны большую роль сыграли автобиография и литературные источники. При анализе данных источников обнаружилось, что действительно, Авиценна как личность был ученым и мудрым человеком. По мнению автора, мудрость и знания стали основой его известности способствующие тому, что по сей день о нём продолжаются исследования. Таким образом, анализ существующих преданий и источников показал, что деятельность и автобиография Авиценны также в советский период до сегодняшнего дня подверглась исследованию со стороны как зарубежных учёных, так и отечественных. Данные исследования и сведения источников стали основой того, что на исторических страницах Авиценна был признан исторической личностью.

Ключевые слова: Абуали ибн Сино, предания, легенда, литература, история, образ, портрет.

ANALYSIS OF THE HISTORICAL IMAGE OF AVICEN

This article examines the activities and autobiography of Avicenna from the first period of his life. According to the writings written by scientists and historians in scientific and historical heritage, it is precisely the historical personality of Avicenna that is shown. In view of this, the author relies solely on such assignments in the article. Also in the definition of the historical personality of Avicenna, an important role was played by autobiography and literary sources. When analyzing these sources, it was found that indeed, Avicenna as a person was a scientist and wise. According to the author, wisdom and knowledge have become the basis of his fame, contributing to the fact that to this day it continues research. Thus, an analysis of existing legends and sources showed that the activities and autobiography of Avicenna, also in the Soviet period until today, has been subjected to research by foreign scholars and by domestic ones. These studies and information sources became the basis for the fact that on historical pages Avicenna was recognized as a historical personality.

Key words: Abuali ibn Sino, legends, legend, literature, history, image, portrait.

Сведения об авторе: ***Ниязова Махина*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ, младший научный сотрудник отдела фольклора. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **mahin_n@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-511-91-51**

Information about the author: ***Niyazova Mahina*** – Institute of language and literature Rudaki Academy of Sciences of Tajikistan, is senior researcher at the Department of Folklore. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 21. E-mail: **mahin_n@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-511-91-51**

УДК: 891.550+82

ФАКТОРЫ СТАНОВЛЕНИЯ ХУДОЖЕСТВЕННОГО БИЛИНГВИЗМА В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Абдурахманов У.
Таджикский национальный университет

Влияние одной литературы на другуюпроисходит различными путями, одним из этих путей является двуязычие(билингвизм), которое было свойственно преимущественному количеству таджикско – персидских поэтов, в особенности поэтам XI–XIIвв., и даже средневековья.

«Двуязычием следует признать одинаково свободное владение двумя языками. Иначе говоря, двуязычие начинается тогда, когда степень знания второго языка приближается вплотную к степени знания первого» [3, с.53].«Некоторые думают, что достигнуть совершенства литературной формы автор может лишь на родном языке, хотя существовали целые эпохи, когда творить на родном языке не было принято вообще» [5, с.208], и здесь подразумевается период латинского языка правления. Кроме последнего роль международных также играли испанский, арабский, древнегреческий, вэньянь, французский, немецкий, русский и начиная с конца XX в. английский, преимущественно за счет бывших колоний, приобрел статус глобального.

За последние десятилетия большое количество научных работ, посвященных данной проблеме, но почти все они носят так называемый «проевропейский» уклон, а работ, посвященных изучению этой проблемы относительно восточных литератур, в которых длительное время господствовала арабизация, информация очень скупа. Правда,есть исключение – арабская Испания.

Целью данной статьи является исследование билингвальной ситуации в таджикской литературе, ее роли в развитии таджикско – арабских, таджикско-узбекских и таджикско – русских литературных связей и тех или иных факторов, способствующих образованию последнего явления.

«Билингвизм представляет собой сложное социально-историческое явление, проявление которого можно выявить исходя из нескольких факторов. Таковыми факторами являются совместное проживание в одном регионе или пространстве нескольких наций, захват территории одного народа другим и введение в обиход, в качестве государственного, титульного языка, социальная атмосфера и литературно-культурные взаимосвязи, а также обучение иностранным языкам» [1, с.15].

Художественный билингвизм - это наивысшая степень освоения иного языка, когда билингв может не только понимать и воспроизводить чужой язык, но и создавать на последнем художественные произведения.

Термин «билингвизм» был сформулирован В. Леопольдом в 1939 году. Эта проблема, в основном, была связана с такими многонациональными на тот период, государствами, как США и Канада. Причина возникновения – эмиграция и адаптация эмигрантов в чужой стране.

Что касается таджикско – персидской литературы, то, помимо Мардони Т., который в основном исследует влияние арабской литературы на таджикско – персидскую, в этом направлении конкретно и полномасштабно никто не занимался, кроме отдельной работы Абдуллаевой У. относительно билингвальной деятельности С.Айни.

Что было причиной обращения таджикско – персидских писателей и поэтов к арабскому, узбекскому или же к русскому языкам, с которыми, в основном, и связан этот вопрос в таджикской литературе, или иному языку, носили ли они политический или же социально–экономический характер? Как их называть: арабскими, узбекскими или русскими поэтами и писателями, или же таджикскими, но творившими на арабском, узбекском и русском - для арабов, узбеков или русских. Однако следует знать, что в данном случае язык не столь важен как важна сама структура и содержание произведений, т.е. то, о чём они писали, какие темы и проблемы затрагивали в своем творчестве, а писали они о своем народе, о своем быте, сохраняя, при этом свое национальное своеобразие, правда, на ином языке. Все же, в некой мере, они были пронизаны влиянием арабской культуры, которая воплотилась в таджикско – персидскую, в основном посредством религии.

Многие исследования, посвященные билингвизму того или иного писателя, поэта, затрагивают проблемы связанные с исследованием жизни и анализом творчества последних, а касательно билингвизации их творчества, то данный вопрос здесь затрагивается поверхностно.

Что касается узбекского и русского языков влияния, то это, как и в случае с арабским, происходило посредством политики и жесткой идеологии. В противном случае можно поставить под сомнение оригинальность не только таджикско–персидской, но и всей «латинизированной» западноевропейской литературы. В качестве факта приведем случай из жизни С.Айни, когда в 1937 узбекские националисты обвиняли его в национализме, то последний, можно сказать, был вынужден печататься на узбекском, чем и связана его билингвальная популярность, хотя его роман «Рабы» первоначально был написан писателем на узбекском.

Некоторые критики, в свете существования билингвальных авторов, которые творили свободно, без принуждения на ином языке, будучи в своей стране, склоны утверждать, что обращение к билингвизму обосновано лишь социально–историческими факторами, однако для некоторых из них эта ориентация обусловлена еще и их талантом.

Арабизация, к примеру, в монографиях, хрестоматиях, дисциплинах и учебниках по литературе того периода объясняется «вводом» арабских слов в родной язык. Касательно влияния арабской литературы на них, то об этом традиционно умалчивают. Например, говоря на неуниверситетском уровне о том или ином значительном писателе или же поэте, то затрагивается, в основном, его «родное», творчество, и ни слова о его творчестве на арабском языке, которое есть особенность его творчества. Видимо, здесь имеет место попытка «отградиться» от «иноязычности». Это, в свою очередь, приводит к неполной изученности литературы того времени, представителями которой были такие писатели, как Аббас Марвази, ал – Джунайди, ал – Агаджи, Абул – фатх ал Бусти, Камалуддина Рази, О. Хаям, А.Сино, А. Дониш и многие другие.

«Если известно, что отдельные средневековые таджикско – персидские поэты являлись двуязычными и кроме поэтических произведений на родном фарси – дари языке оставили нам немалое количество арабских стихов, которые в силу ряда объективных причин до сих пор не изучены, то сегодняшним их потомкам – это сохранившееся арабоязычное наследие до сих пор недоступно» [7, с.11].

Влияние арабского языка и его попытка вытеснить местные языки прослеживалась и на Западе: «для литературы средневековой Испании характерно взаимодействие арабской и романской языковых культур» [6, с.13], то же самое можно сказать и о русской и другой литературах. Аналогичный пример можно привести в отношении английского и испанского языков, носивших уже глобальный характер. Совсем в других масштабах распространилась в свое время латиница, но здесь мы сталкиваемся уже с историей.

Нередко это влияние доходит до такой степени, что некоторые нации, имеющие древнюю культуру «ломаются» под воздействием господствующей нации, теряя самобытность своей культуры. Происходит своеобразный «лом» в культуре того или иного народа, наглядным примером того является Египет, тот – же Ирак, Сирия и ряд арабоязычных стран Аравийского полуострова и стран северной Африки, потерявших свой язык и использующих в данный момент арабский как родной.

Есть эпоха, протяженностью в два века, когда иранские народы начали творить на арабском языке. Появилось мнение, будто их литературное развитие остановилось, «однако, несмотря на смену трёх основополагающих стержней культуры – религии, языка и письменности, иранские народы сохранили свою национальную самобытность, древнюю иранскую культуру и, при этом, приняли активное участие в создании арабо – мусульманской культуры, что спасло их от участи «стать арабами» [7, с.16].

«Литература некоторых народов, в тот или иной период, начинает развиваться в двух исторических потоках. При этом писатель–билингв не может забывать о двух путях, открывающихся перед ним: а) полностью положиться на «иждивение» высокоразвитого языка, перейдя на его услуги; б) путь сосуществования, т.е.параллельного развития национального языка с использованием передового» [2, с.189].

Во все века «люди слова» старались писать для более обширной аудитории, чтоб быть известными и понятными не в одном округе или малой стране, и порой этим и определялся выбор того или иного языка, как языка творчества. Данный вид художественного билингвизма «свободный», в отличие от «принудительного», в условиях которого литератору необходимо творить на языке «власти»,исключения составляют «настольные» произведения.

История таджикской литературы знает три исторических периода, когда приходилось писать не на родном языке:

1. Это период арабского правления и последующие несколько веков, вплоть до XIX в., когда арабский язык всё ещё занимал немаловажное место в культуре и науке таджикского народа. Чисто «таджикские» литературные и научные произведения, в которых допускалась минимальная арабская лексика, вероятно, создавались только тогда, когда эта«тема» была актуальна, а именно: во времена шуубитского движения и возможно «джаъфаровской» эпохи.

К примеру, есть поэзия под названием «муламмаъ»–когда одно стихотворное произведение создаётся сразу на двух, а то и на трёх языках и, конечно, будет довольно проблематично поднять вопрос о том, как называть произведения прозы, в которой определенную, а порой и большую часть составляет арабская (относительно таджикской классической литературы) или же иная лексика. Произведения такого рода в таджикской литературе и науке тех времен встречаются довольно часто: к примеру «Ал–Конун фит-тиб» Авиценны, «Љоме-ул-воќеот» Дониша, однако охват данной проблемы не ограничивается только таджикской литературой, вспомним хотя бы толстовскую «Войну….», где, бесспорно, большая часть «аристократических»диалогов составлена писателем на французском языке.

2. Понятие таджикско – тюркский, или узбекский билингвизм также свойственная черта нашей литературы: еще в XVв., М. Салех служивший при дворе Байкаро, творил на персидском, а после трагедии, связанной с его отцом, в знак протеста перейдя к Шайбонидам, перешел на турецкий язык, и там написал своё знаменитое «Шайбонинаме». Аналогичный случай можно привести с Бинои.

Это время, когда писатели обратились к узбекскому языку, что в свою очередь связано с некоторыми фактами: период усиления тюркского, узбекского языков, изоляция таджикского в учебных заведениях, госструктурах, печати–это касается интеллигенции проживающей на территории Узбекской ССР. Это порой приводило к тому, что воспитанники средних школ считали себя узбеками, доказательством чего «Утро…» С.Улугзаде.

В данный исторический промежуток неофициально преподавание велось на двух языках. Пишущих же на таджикском языке объявляли антипартийными, приходилось печататься на языке власти, переводить свои произведения на этот язык, в результате чего они становились билингвами. И даже после получения в 1929 году относительного суверенитета, некоторые литераторы продолжали печататься на двух языках. Можно сказать, сама историческая действительность сделала их билингвами.

«В одних обществах двуязычие находится под подозрением, в других окружено уважением. В одних обществах переключение с языка на язык допускается, в других – осуждается» [8, с.41].

Таджики и узбеки давно уже совместно проживают рядом и это еще одна причина появления билингвизма. Данный вид билингвизма начался с эпохи А. Навои, который, относительно данной проблемы, имеет даже целый трактат. Процесс таджикско – узбекской билингвизации начался в XI в., а прогрессировал лишь в XVII – XIX в.в.

Следующие узбекские поэты, такие как, Адо, Нозил, Хиджлат, Машраб, Турди, Амири Нодира, Хиджлат, Нола, Гази, Махмур, Гулхани, Анбар Хотиф, Халис, Рамзи, и Гулхани, Дилшоди Барно, Камбархон Худжанди, Пари, Касрат Муаттархон, Ринди, Отин были двуязычными мастерами своей эпохи. Их мастерство было столь оригинально, что решение о принадлежности последних к конкретному народу довольно проблематично.

В XIX-XX в.в. известными поэтами-билингвистами были Аминхуджа Мукими (1860-1903), Фуркат (1868-1909), Юсуф Сарёми (1840-1912), Завки (1863-1921). Во времена Просвещения(таджикского) также имели место билингвы, такие как Возех (1864-1893), Савдо (1823-1873), Кошиф (1825-1888), Саидахмад Аджзи (1864-1927), Махмудходжа Бехбуди (1875-1919), С.Айни (1878-1954), Абдурауф Фитрат (1886-1937), Хамза Хакимзаде Ниязи (1889-1929) Асири (1864-1915), Карим Девана (1878-1916), З.Джавхари (1860-1945), Фаёз (147-1934), Садри Зиё (1867-1932) и др.

В конце 20-х и начале 30-х гг. XX в. вместе с С.Айни и Х.Х. Ниязи, билингвами были еще и Дж. Икрами, С.Улугзаде, А.Дехоти, Г.Гулям, А.Каххар, А.Алимджан, П. Сулеймани, Роджи, Гани Абдулло, Бахриддин Азизи, Самад Гани, Ф.Ниязи, которые, кроме как на родном, создавали произведения и на узбекском языке.

3. Это период «русского» или советского правления, когда творить на русском или переводить на русский язык произведения таджикской литературы, и наоборот, было весьма актуально. В центрально азиатских станах и в Прибалтике появился новый вид литературы – литературы на русском языке, который повлиял на развитие не только русской, но и на национальные литературы. Вообще внедрение русского элемента в жизнь С. Азии началось еще со времен присоединения последней к России, однако оно не затрагивало тогда культурный аспект.

Различаются 2 фактора, в результате которых билингвизм распространился в то время: 1. Общее взаимодействие национальных литератур народов СССР; 2.Значение русского языка как средства межнационального общения [18, с.338] – и с этой точкой зрения нельзя не согласиться.

В свою очередь, на наш взгляд, Гачев Г. высказал весьма сомнительное предположение: «Писатели на своем родном языке не имеют такой развитой системы, и потому родной язык их сковывает» [4, с.145] – получается, что писать иначе как не на русском - нельзя? Или писатели не могли творить на родном языке вообще, или многовековой опыт «создания» всемирно известных произведений уже не учитывался литератур (говоря о таджикско – персидской), которые вдруг после XX в. научились писать только на русском? Вспомним хотя бы влияние восточной литературы на творчество Пушкина, Бунина и др.

Туксаитова Р. ограничилась предположением: «они часто переходят на русский, пусть даже и владея им хуже, чем родным» [10, с.203], однако данная тенденция характерна для народов, у которых в прошлом русский язык являлся основным, но не для тех, которым он служил лишь средством межнационального общения.

Размышляя о данной проблеме Туксаитова Р.продолжает:«одной из причин, побуждающих писателей разных национальностей обращаться к русскому языку, является влияние русской культуры на их мировоззрение» [10, с.201], однако нам кажется, что эта точка зрения не характерна для всех народов бывшего СССР: если говорить о народностях самой Федерации – то это возможно приемлемо, но совсем иная ситуация относительно союзных республик, в которых творить могли на русском не все: относительно таджикской литературы того времени, следует отметить, что писатели, создававшие произведения на русском языке – немногочисленны.

За последние десятилетия языковая ситуация - отношение к русскому языку в стране резко изменилась. Нет больше Советов, писать необходимо уже не по – русски, хотя официально русский как второй родной, т.е. язык, на котором можно не просто свободно говорить, но и писать, еще никто не отменял. То русскоязычное население, которое жило и работало у нас, в основном – люди науки и разного рода специалисты, или же те бывшие выпускники русфаков, которых занесло к нам ветром коммунизма на интернациональной почве. Произошел резкий отток русскоязычного населения, статус национального приобретает таджикский язык, но все же в Таджикистане, в определенной степени, сохраняется билингвизм, но своего рода: люди по – прежнему, в основном в крупных центрах страны, все еще говорят на русском.

Проблема билингвизма все еще не утратила своей актуальности, но это уже не касается художественного билингвизма. Если раньше С.Айни писал на узбекском, т.к. в стране не было достаточно научной аудитории, чтоб его услышали сородичи в соседнем Узбекистане, то в данный момент в этом нет необходимости. Если тогда на русском творить и говорить было необходимо, то сейчас «надо» все это делать на таджикском языке. На данный момент в нашем обществе наблюдается склонность к английскому языку: почти все таблички на входах в госструктуры написаны на родном и английском языках, результатом чего стало образование определенного количества филиалов российских вузов, фондов, но основная ставка делается на РТСУ.

На данный момент русский язык сохраняет свои позиции в основном в публицистике и в науке. Но все же осталась плеяда отечественных писателей – билингвов, продолжающих сохранять традиции прошлого столетия, к их числу можно отнести Дж. Тошматова, У. Джамола, М. Суруша, Гулрухсор, А. Зуњура и др. Есть единичные случаи обращения к английскому языку, но о таджикско – английском билингвизме в нашей стране говорить еще рано.

Билингвизм, особенно художественный, явление в таджикской литературе хоть и не новое, однако на практическом уровне – не полностью исследованное. Появлению данного явления, как отмечалось, служит сама история. Двуязычное творчество сегодня-не отъемлемая часть нашей литературы, поднимающая ее на новый уровень развития, иметь билингвальных творцов прошлого и изучать их большая роскошь, однако доставшаяся не простой ценой. При определении данного понятия мало кто думает о вытеснениях, угнетении, подавлении и уничтожении целых языков, письменностей, народов и культур в целом. Лишь немногим удалось сохранить свое национальное своеобразие в творчестве, своей языка и письменность.

Рассмотрение вышеприведенного доказательства того, что двуязычие (художественное) – комплексная проблема и требует много аспектного анализа. Учитывая тот факт, что билингвизм развивается в местах, где соприкасаются различные культуры, то, соответственно, это приводит к поликультурному развитию населявших данный регион

людей. Необходимо иметь в виду, что у представителей названного региона могут образоваться на почве культуры разногласия, т.к. разные народы на один объект или явление, в силу своего мировоззрения, смотрят по – разному.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абдуллоева У. Фаъолияти зуллисонайни Садриддин Айни: дис. кан. фил. наук / У. Абдуллоева. - Душанбе, 2014. - 230 с.
2. Айтматов Ч. Статьи, выступления, диалоги, интервью / Ч.Айтматов. – М., 1988. - 265 с.
3. Вайнрайх У. Одноязычие и многоязычие / У. Вайнрайх. - М., 1972. - С. 25-60.
4. Гачев Г. Национальные образы мира. Общие вопросы / Г.Гачев. - М.: Советский писатель, 1988. – 233 с.
5. Зоҳидов Н. Арабоязычная проза персидско–таджикской литературы VII–IX вв: автореф кан. фил.наук / Н. Зоҳидов. – Худжанд, 2004. - 25 с.
6. Конрад Н.И. Литературы народов Востока и вопросы общего литературоведения. Взаимосвязи и взаимодействие национальных литератур: Материалы дискуссии, 11–15 янв. 1960 г / Н.И. Конрад. - М., 1961. - С. 158-173.
7. Мардони Т. Возникновение и развитие традиции двуязычия в персидско–таджикской поэзии IX–X вв. 1986, и Арабско–таджикское двуязычие в поэзии IX–X вв.: автореф. канд. фил. наук. - Душанбе, 1993. - 25 с.
8. Михайловская Н.Л. Многоязычие и литературное творчество / Н.Л. Михайловская. – М.: Наука, 1981. – С. 338.
9. Сулейменов О.О. АЗ и Я / О.О. Сулейменов. – Алма-Ата, 1975. - 304 с.
10. Туксаитова Р.О. Художественный билингвизм: к определению понятия / Р.О. Туксаитова. - 2005. - № 39. - С.198-206.

ОМИЛҲОИ БУНЁДИ БИЛИНГВИЗМИ БАДЕӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур омилҳои ба вуҷудоӣ ва рушди чунин омили паҳнгашта ба мисли дузабонагӣ мухтасар омӯхта мешавад. Қайд мегардад, ки дузабонагӣ дар зуллисонайнҳо нақши барҷастаеро соҳиб буда, худи нависандагону шоирони дузабона бошад дар адабиёти миллии халқҳои мухталиф шохаи хосро ба вуҷуд меоваранд. Мақола, аслан, ба дузабонагии тоҷикӣ–арабӣ, тоҷикӣ–узбекӣ ва тоҷикӣ–русӣ бахшида шуда, фарогири масъалаҳои алоқаманд бо падидаи мазкур мебошад. Хусусияти тадқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки дар мақола ҳамаи даврaҳо (арабӣ, узбекӣ ва русӣ)-и ҳаёти фарҳангии тоҷикон ва ҷойи билингвизми бадеӣ дар онҳо, нақши он дар рушди робитаҳои фарҳангии тоҷикону арабҳо, узбекҳо ва русҳо ва ин ё он омилҳое, ки ба пайдошавии он боис мегарданд, дида баромада мешаванд. Бо назардошти он омил дузабонагӣ дар ҷойҳое рушд мекунад, ки фарҳангҳои мухталиф ба ҳам меоянд ва боиси нумуи бисёрфарҳангии аҳолии дар ин минтақа маскангирифта мегардад. Мебоист дар назар дошт, ки дар намояндагони минтақаи мазкур метавонад ихтилофоти фарҳангӣ ба вуҷуд ояд, зеро халқиятҳои гуногун ба як чиз ва ё ҳодиса, бо назардошти ҷаҳонбинии хеш, назари мухталиф доранд. Дар марҳилаи кунунӣ забони русӣ мевқеъҳои хешро, асосан, дар самти публитсистика ва илм нигаҳ дошта истодааст. Аммо бархе аз нависандагони тоҷик боқӣ мондаанд, ки анъанаи деринаро дар ин самт нигоҳ медоранд, ба мисли Ҷ. Тошматов, У. Ҷамол, М. Суруш, Гулрухсор, А. Зуҳур ва дигарон. Ҳаст ҳолатҳои алоҳидаи муроҷиат бо забони англисӣ, аммо оиди дузабонагии тоҷикӣ-англисӣ суҳбат рондан ҳоло барвақт аст.

Калидвожаҳо: билингвизм (дузабонагӣ), адабиёти тоҷик, билингвизми озод, насру назми дузабонагӣ, нависандаи дузабона, навъҳои дузабонагӣ, анъанаи билингвизм.

ФАКТОРЫ СТАНОВЛЕНИЯ ХУДОЖЕСТВЕННОГО БИЛИНГВИЗМА В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В настоящей статье кратко исследуются факторы появления и развития столь распространенного явления как билингвизм. Отмечается, что билингвизм занимает важное место в творчестве билингвов, и сами билингвальные писатели и поэты создают своеобразную ветвь в национальных литературах каждого народа. Статья в основном посвящена таджикско – арабскому, таджикско – узбекскому и таджикско – русскому билингвизму и затрагивает проблемы, связанные с данным явлением. Особенностью данного исследования является то, что в статье затрагиваются все исторические эпохи (арабской, узбекской и русской (советской) культурной жизни таджикского народа и места художественного билингвизма в них, его роли в развитии таджикско – арабских, таджикско-узбекских и таджикско – русских литературных связях и тех или иных факторах способствующих образованию последнего явления. Учитывая тот факт, что билингвизм развивается в местах, где соприкасаются различные культуры, то соответственно это приводит к поликультурному развитию населявших данный регион людей. Необходимо иметь в виду, что у представителей названного региона могут образоваться на почве культуры разногласия, т.к. разные народы на один объект или явление, в силу своего мировоззрения, смотрят по – своему. На данный момент русский язык сохраняет свои позиции в основном в публицистике и в науке. Но все же осталась плеяда отечественных писателей – билингвов, продолжающих сохранять традиции прошлого столетия, к их числу можно отнести Дж. Тошматова, У. Джамола, М. Суруша, Гулрухсор, А. Зуњура и др. Есть единичные случаи обращения к английскому языку, но о таджикско – английском билингвизме в нашей стране говорить еще рано.

Ключевые слова: билингвизм(двуязычие), таджикская литература, свободный билингвизм, двуязычная проза и поэзия, двуязычный писатель, виды двуязычия, традиция билингвизма.

FACTORS OF THE FORMATION OF THE ARTISTIC BILINGUISM IN THE TAJIK LITERATURE

In this article researches factors of appearance and progress of such factor like a bilinguism. It should be noted, that bilinguismhas an importance for bilinguists, and bilinguist poets and writers create a specific branch in national literatury of different nations. Article is about tajik-arabic, tajik-uzbek and tajik-russianbilinguism and covers the problems having connection with this phenomenon. Peculiarity of this research is thatin this article researches all ofperiods oftajik cultural life (arabic, uzbek and russian) and the place of fiction bilinguism in these periods, the role of bilinguism in prosperity of cultural relations between tajik, arab, uzbek and russiannations and factors that causes in it'sappearance. Taking into consideration this fact that bilinguism develops in places that different cultures join together

then commensuratelyit gives to multicultural develop of citizens of this region.We must remember that there maybe appears cultural contradiction between the representatives of these region because they may have a different opinion about one thing or phenomenon. Nowadays Russian language keeps it's positions basically on publicistic and science. But there remains some oftajik writers that keeps old tradition of bilinguism, like J.Toshmatov, U.Jamol, M.Surush, Gulrukhsor, A.Zuhur and others. There are particular moments applying to English but it is early to speak about tajik-englishbilinguism.

Key words: bilinguism, tajik literature, free bilinguism, bilinguistic prose and poetry, bilinguist writer, bilinguism sorts, bilinguism tradition.

Сведение об авторе: ***Абдурахманов У.*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры всемирной литературы факультета русского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **disantura_1989@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-565-25-55**

Information about the author: ***Abdurahmonov U.*** - Tajik National University, graduate student of World literature chair, Russian philology faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
E-mail: **disantura_1989@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-565-25-55**

УДК: 891. 550

СУЛТОНИЁТ ВА ИХВОНИЁТИ РАШИДАДДИНИ ВАТВОТ

Гадозода М.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти эпистолярӣ, ки таҳти ин истилоҳ адабиёти дар қолаби нома офаридашуда фаҳмида мешавад, яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои адабиёти аҳди қадим ва асримиёнагии мардумони ориёинажод, аз ҷумла тоҷиконро ташкил медиҳад. Жанри ягонаи ин адабиёт нома буда, ин навъи адабӣ аз махсусиятҳои жанрии махсусе бархӯрдор аст, ки аз ҷумлаи жанрҳои насри адабии ҳунарӣ ба ҳисоб меравад. Адабиёти эпистолографии форсу тоҷик намояндагони бузурге дорад, ки онҳо дар даврaҳои гуногуни таърихӣ зуҳур карда, дар ташаккулу таҳаввули он саҳм гузоштаанд [3, с.24-114]. Аз ҷумла, яке аз бузургтарин намояндагони адабиёти эпистолярӣ дар асрҳои миёна Амир Имом Рашидаддин Саъдулмулк Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абдулҷалил Умари котиб маъруф ба Хоҷа Рашидаддини Ватвот (1081-1178) ба ҳисоб меояд. Саҳми ин донишманд, дабир ва нависандаи машҳур дар ташаккули адабиёти эпистолярӣ бо забони форсии тоҷикӣ бениҳоят бузург аст.

Рашидаддини Ватвот шахсияти адабии тавоно ва сермаҳсул буда, дар радифи дигар фаъолиятҳои адабӣ бо номанигории ҳунармандонаи худ ҳам машҳур аст. Мактубҳои ӯ асосан дар ду қолаби жанрии адабиёти номанигорӣ: номаҳои султониёт ва номаҳои ихвониёт навишта шудаанд. Мақсади мо дар ин мақола баррасӣ ва таҳқиқи султониёт ва ихвониёти Ватвот бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои сохтору муҳтаво ва аҳамияти адабиашон мебошад. Ҳар кадомро ҷудогона мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

«Маҷмӯаи номаҳо»-и форсие, ки дар ин баррасӣ мавриди таҳқиқи мо қарор дорад, ду рисолаи номаҳои Ватвотро фаро мегирад, ки бо номҳои «Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир» [9, с.5] ва «Абкору-л-афкор фӣ-р-расоил ва-л-ашъор» [9, с.4] маълуманд. Ҳар яке аз ин маҷмӯаи номаҳо дар алоҳидагӣ номаҳои форсии тоҷикӣ ва арабиро фаро гирифтаанд [6; 8, с.9-114]. Сарчашмаи асоси мавриди назари мо номаҳои форсии Рашидаддини Ватвот мебошад, ки дар маҷмӯаи ҷудогона чоп шуда ва дастрас мебошад [6].

Султониёт. Таҳти ин мафҳум номаҳое фаҳмида мешаванд, ки моҳияти расмӣ дошта, давлатӣ ё девонӣ (давлатӣ) мебошанд, ки онҳоро дар истилоҳи муншиён «султониёт» меномиданд.

Номаҳои давлатӣ, ё худ «султониёт», ки ба шахсони расмӣ, аз ҷумла, подшоҳон, вазирон, риҷоли машҳури замон навишта мешуданд, сохтори қолабӣ доштанд. Масалан, номаи аввали «Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир», ки аз номи худованди малики азим, Хоразмшоҳи Мозӣ (қаддаса-л- Лоҳу руҳаҳу) ба маҷлиси аълои худойгони банӣ Одам Абулҳарис Санҷар ибни Маликшоҳ, дар таҳнияти берун омадани ӯ аз миёни лашкари Ғуз оғоз мешавад, чунин аст: «Зиндагонии худованди олам, султони аъзам, худойгони банӣ Одам, фармондеҳи Шарқ ва Ғарб, Ғиёсуддин ваддунё ваддин дар низоми мамлакат ва давоми салтанат дароз бод ҳазорон сол. Ҷаҳон ба кому фалак ғулом, ва авлиё мансур ва аъдо маҳҳур ва Эзид, азза ва ҷалла ҳофизу муайяду муъин» [6, с.89].

Дар ин муқаддимот пас аз калимаи «зиндагонӣ» унвони мухотаб бо эҳтиром ёд мешавад, ки ин унвонҳо барои ҳамаи гурӯҳи подшоҳону вазирони берун аз тобеи Хоразмшоҳ тақрибан собит ва якнавохт будааст. Чунончи, барои Султон Санҷар ё подшоҳони бузурге, ки баъд аз ӯ будаанд, ба мисли "худованди олам, Султон банӣ Одам,

фармондеҳи Шарқ ва Ғарб” ё “худованди олам, Султон банӣ Одам, подшоҳи рӯйи замин” оғоз гардидаанд.

Номаҳое, ки ба подшоҳон ва вазирони тобеи ҳукумати Хоразмшоҳиён, ба мисли Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Буғрохон (ҷонишини Султон Санҷар) ва Наср ибни Халаф, подшоҳи Нимрӯз ва Рустам ибни Шаҳрёр, ҳокими Мозандарон ва дигарон аз ин қабиланд, ки оғози ин гуна номаҳо бо унвонҳои зерин, ба мисли “маҷлиси олии хоқони азим”, “подшоҳи ислом”, “муаззам”, “маҷлиси шарифи малики аҷал”, “одил” ва ғайраро фаро мегиранд.

Баъд аз унвонҳои эҳтиромӣ дуо оғоз мешавад ва то чанд калима ва гоҳе ҷумла пас аз калимаи «дароз бод» идома меёбад ва дар баъзе номаҳое, ки ба подшоҳони бузург, ба мисли Султон Санҷар навишта мешуд, тағйир меёфтааст, ки аз ҷумла, чунин аст: «Дар подшоҳӣ ва қудрату ҷаҳондорӣ ва нусрат дароз бод ҳазорон сол, авлиё мансур ва саодат ҳосил ва каромат восил..., ҳофизу носиру муъин» ва ё барои Абӯшуҷоъ ибни Исҳоқ, ҳокими Ғозон чунин аст: «Дар давоми иқбол ва низоми аҳвол дароз бод фаровон сол ва Эзид, азза ва ҷалла ҳофизу носиру муин».

Баъд аз унвонҳои мухотаб дар ин бахш мақсади аслии навиштани нома зикр мешавад, ки аз ҷумла, маъмултарин қолаби он чунин шакл дорад: «Пас, Худои азза ва ҷалла баъд аз он ки қудрат намуда буд, раҳмат намуд ва худованди оламро ба ҳарими ҷалол ва қасри иқболи хеш бозрасонид ва атрофу акнофи оламро ба анвори маъдалат ва осори марҳамати ӯ ояти нав арзонӣ дошт ва мақсуд аз ин таъбияҳои илоҳӣ он бувад, то халоиқ ҳаққи ин давлат беҳтар бидонанд ва шукри ин неъмат ба воҷибтар гузоранд» [6, с.89].

Дар поёни ин гуна номаҳо низ, монанди оғози он, сабки махсус ба кор бурда шудааст, ки тақрибан ҳамаи онҳо ба як шакл ба охир мерасанд, чунончи: «…ва хотири ҷаҳониён фориғ шуда, бандаро фармон чист, ба хидмат шитобад ё боз гардад, ё дар хиттаи Хуросон муқим бошад…, ҳар фармон, ки содир гардад, банда инқиёт ва имтисол хоҳад намуд…, иншоа-л-Лоҳу таъоло» [6, с.90].

Дар баъзе аз фармонҳо қисмати аввали номаҳо, яъне таҷлили мансаб зикр нашуда, бевосита сухан аз ёдоварии лаёқати маъмури нав оғоз мешавад. Аммо дар баъзе номаҳо пас аз тасреҳ ба интисоб маъмурро ба вазифаи муайян низ ёд мекунад ва дар он боб тазаккуроти судманд ба вай медиҳад. Ба мисли номаи понздаҳуми «Ароис-ул-хавотир», ки дар бораи ҳукми хитобат (имоми ҷамоат) ва ҳамчунин номаи дуюми “Абкор-ул-афкор», ки роҷеъ ба тақлиди қузои Хоразм ва ғайра зикр шудаанд.

Фармонҳое, ки барои таъйин кардани қозиҳо ва мутаваллиҳои ҷамоат ва соири арбоби муносиб содир шуда, бинобар он ки ба навъи номаҳои султониёт шомил ҳастанд, низ ҳама як равиши умумӣ ва муштарак доранд.

Маъмулан, дар китобҳои назарии баъд аз Ватвот, ки оид ба назарияи номанигорӣ таълиф шудаанд, сохтори нома ба сурати зерин муайян шудааст: ифтитоҳ, баёни сифоти мухотаб, алқоб, адъия, зикри котиб, арзи таҳийёт, изҳори ихлос, шарҳи шавқу иштиёқ, зикри замони китобат, макони китобат, ихтитом, ановин. Маҷмӯи бахшҳои мазкур ба дувоздаҳ баробар аст, ки пасупеш, гоҳе кам ва гоҳе зиёд ҳам шуданашон имкон дошт. Қолабҳои мазкур дар султониёт, яъне номаҳои расмӣ, аксар риоят мешуданд, аммо дар ихвониёт, яъне номаҳои дӯстона ва ё ғайрирасмӣ риояти онҳо ҳатмӣ нест. Чунин навъи номаҳо сохтори озод доранд.

Табақабандии муназзами сохтори нома бо зикри мухтассоти назарӣ ва овардани намунаҳои амалӣ бори аввал дар китоби “Расоил-ул-эъҷоз”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ матраҳ шудааст [1]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки аз имтидоди замонии миёни Рашидаддини Ватвот то замони Амир Хусрави Деҳлавӣ сохтори нома такмил ёфта, қолаби назарии он дар замони муаллифи дуюм ва бо кӯшиши бевоситаи худи вай ҳосил шудааст. Рашидаддини Ватвот, чунонки дар оғоз гуфтем, дар оғози шаклгирии нома ба забони порсии дарӣ қарор дорад.

Аз нуқтаи назари мухотаб, муҳтаво ва мақсади нигориш султониёти Рашидаддини Ватвотро ба таври зерин табақабандӣ кардан мумкин аст: нома ба зимомдорони вақт, ба монанди Санҷар, малики Нимрӯз, малики Мозандарон, подшоҳи Ҷибол Алоуддин; нома ба риҷоли машҳури замон, ба мисли номаҳои навишташуда ба Имодуддини Абулфатҳ, Ҷалолиддин Маҳмуд, Тӯтӣ ибни Исҳоқ, ба яке уммоли атроф; ба уҳдаи касе гузоштани коре, амсоли номаҳо дар тақлиди амале, ҳамчун тақлиди вилоят, амали қузо, тақлиди хитобат, тақлиди истифо; вогузор кардан, мисли нома дар тафвизи мадраса ва авқот,маълумотрасонӣ ва ғайра.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки мухотаби номаҳои султониёти Ватвот аксар подшоҳон, шахсиятҳои маъруфи замон, аз ҷумлаи давлатмандон, коргузорон ва масъулини касбу кори гуногуне мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба навъе ба подшоҳи замон вобастагӣ дорад. Мувофиқи муҳтаво ва мақсади нигориш номаҳои султониёт шомили маълумотҳои

иртиботии миёни давлат ва масъулини коргузор буда, дар маъниҳои гуногун навишта шудаанд.

Ихвониёт. Таҳти мафҳуми “ихвониёт” номаҳое фаҳмида мешаванд, ки мухотабони онҳо шахсиятҳои наздик ба нависандаи нома, аз ҷумлаи дӯстону алоқамандони вай мебошанд. Аз ин ҷост, ки чунин навиштаҳоро номаҳои дӯстона ҳам меноманд. Навъи мазкури нома дар таърихи фарҳанг ва тамаддуни мо, тоҷикон, таърихи қадима дорад.

Барои баёни андеша, майлу хоҳиш, алоқа ва дигар иртибототи шахсии нависандаи нома бо дӯстон ва ҳамзамонону соири алоқамандон ихвониёт, яъне номаҳои дӯстона, василаи бисёр хуб ва дар тӯли таърих санҷидашудае мебошад. Бинобар ин, навиштани чунин навъи нома дар таърихи умумибашарӣ собиқаи хеле қадима дошта, то имрӯз ҳам идома дорад. Агарчи аз нигоҳи сохтор ва сабки баён миёни номаҳои нависандагони асримиёнагӣ ва муосир тафовутҳои назаррас мушоҳида мешавад, вале аз назари ифодаи эҳсосоти шахсӣ, ироаи озоди матлаби мавриди назар ва ғарази аслӣ онҳо ҳамгуниҳои зиёде доранд. Аз ҷумла, яке ин, ки мухотабон дар ихвониёт нафарони шинос ҳастанд, суроғаи муайян доранд, нависанда бо онҳо ҳамеша дар иртибот аст, ба касбу кори гуногун машғуланд, савияи маърифатиашон ҳамгун нест ва нависанда ба таври мушаххас медонад, ки бо кӣ иртиботи хаттӣ барқарор карда истодааст ва бояд чӣ гуна матлабро таҳрир кунад. Муҳимтар аз ҳама ин нукта аст, ки нависанда дар навиштани номаҳои дӯстона озод ва комилихтиёр аст. Баръакси ин, дар номаҳои султониёт иродаи нависанда ба фармоишгари нома бастагӣ дорад.

Ихтиёри озод доштани нависандаро дар номаҳои дӯстона дар иқтибоси зерин, ки дар муқаддимаи китоби Д. С. Лихачёв “Письма о добром” тавзеҳ ёфтааст, ба хубӣ дарёфтан мумкин аст: “Для своих бесед с читательям я избрал форму писем. Это, конечно, условная форма. В читательях моим писем я представляю себе друзей. Письма к друзьям позволяют мне писат просто” [2, с.7].

Дар давоми ҳамин нақли қавл, сабаби дар суҳбат бо хонандааш шакли номаро интихоб намудан, Д. С. Лихачев чунин тавзеҳи равшан дорад: “Сперва я пишу в своих письмах о целы и смысли жизни, о красоте поведения, а потом перехожу к красоте окружающего нас мира, к красоте, открывающейся нам в произведениях искусства. Я делаю это потому, что для восприятия красоты окружающего человек сам дольжен быть душевно красив, глубок, стоять на правильных жизненных позициях. Попробуйте держать бинокль в дрожающих руках – ничего не увидите” [2, с.8].

Манзури муаллифи қавли мазкур аз мафҳуми “нома” 46 номаи мундариҷ дар китоби дар боло ёдшуда аст, ки дар мавзӯъҳои гуногун навишта шудаанд. Нуктаи умумие, ки мо дар андешаҳои мазкур дар назар дорем, ихтиёри комили нависандаи номаҳои дӯстона дар баёни андешаи шахсӣ, доираи озоди мавзӯъҳо дар чунин шакли нома ва риояти анъанае мебошад, ки аз оғози ба миён омадани номаи дӯстона то замони мо идома дорад.

Дар номаҳои ихвониёти Рашидаддини Ватвот ҳам мушаххасоти номаҳои дӯстона ошкор аст. Вақте номаи Ватвотро ба Адиб Собир пеши назар меоварем, аз он бармеояд, ки, дарвоқеъ, вобаста ба мухотаб ва мақсади аслии нависанда дар иншои нома равиши нигориш дар номаи дӯстона мушаххас мешавад.

Номаҳои дигари хусусие ҳам, ки ба шахсони ҷудогона навишта шуда ва ба бахши «ихвониёт» шомиланд, сохтори озод дошта, бидуни қайду банди махсусанд. Онҳо ҳар кадом ба тариқи гуногун ва гоҳе мухталиф сурат мегиранд, ки оғозу анҷомашон ба мисли номаҳои «султониёт» шакли махсус надорад. Рашидаддини Ватвот дар ин гуна номаҳо шеваҳои гуногунро ба кор бурда, ки гоҳе бо шеъри муносиб аз асари табъи хеш ҳам оғоз мекунад. Масалан, намунаи чунин равиш дар номаи бисту чаҳоруми «Ароис-ул-хавотир», ки ба Хоҷа Имом Адиб Собир тааллуқ дорад, зикр шудааст [6, с.57-61].

Дар баъзе мавридҳои дигар ба гирандаи нома ва унвони мухотаб бо эҳтиром ё бародарона шурӯъ мекунад ва дар баъзе аз номаҳои хусусӣ, ё худ ихвониёт, ҳамон равиши номаҳои давлатӣ, ё худ султониётро дар оғози нома ба кор бурдааст.

Номаҳои ихвониёти Рашидаддини Ватвотро мувофиқи муҳтавояшон ба навъҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: таъриф, таҳният, таъзият, иродати шахсӣ, иштиёқу орзумандӣ ва ғайра.

Дар маҷмӯъ, номаҳои султониёт ва ихвониёти Рашидаддини Ватвот аҳамияти калони тарҷумаиҳолӣ, адабӣ ва таърихӣ дошта, барои равшан сохтани бисёр лаҳзаҳои ҳаёти шоир ва муносибату робитаи ӯ бо адибону шахсони таърихии замонаш кумак мерасонанд. Аз маҷмӯаҳои номаҳои дастраси адиб бармеояд, ки нахустин номаҳои Ватвот ба мақоми хилофат навишта шуда, сипас ба вазири халифа, пас аз он ба бузургтарин подшоҳи аср Султон Санҷар, баъд аз он ба бисёре аз амирону вазирон ва дар поёни онҳо фармонҳо ва баъдан номаҳои хусусии худи нависанда дарҷ шудаанд.

Аз мабоҳиси мазкур ва масъалаҳое, ки ба тариқи ишора дар ҳар ду бахши мабҳаси аслӣ дарҷ шудаанд, натиҷаҳои зерин ба даст меоянд:

Намунаҳои боқимондаи султониёт ва ихвониёти Рашидаддини Ватвот навиштаҳое мебошанд, ки аз рӯйи зарурати таърихӣ, бо супориши зимомдорони замон, давлатмандони сиёсӣ (навъи аввал) ва ё иродати нависандаи номаҳои хусусӣ (навъи дувум) иншо шудаанд.

Султониёт ва ихвониёти Рашидаддини Ватвот аз назари равиши нигоришу сохтор аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Номаҳои давлатӣ (султониёт), ки ба подшоҳон ва вазирон навишта шудаанд, сохтори қолабӣ дошта, аз ин ҷиҳат ҳамгунанд, вале аз назари истифодаи алқоб, адъия ва дигар мушаххасот аз ҳам мутамойизанд. Номаҳои хусусӣ (ихвониёт), ки аз тарафи худи Рашидаддини Ватвот содир шудаанд, сохтори озод дошта, бидуни қайду банди махсусанд. Онҳо ҳар кадом ба тариқи мухталиф сурат мегиранд ва оғозу анҷомашон ба мисли номаҳои сутониёт шакли махсус надорад.

Номаҳои расмӣ ва дӯстонаи Рашидаддини Ватвот, бинобар дар оғози шаклгирии жанри нома дар адабиёти эпистолярии форс тоҷик ба забони порсии дарӣ навишта шуданашон, барои таъйини хусусиятҳои асосии жанрии султониёт ва ихвониёт дар даврааи аввали ташаккули жанри нома дар адабиёти форсу тоҷики баъд аз аҳди исломӣ дорои қимати баланди адабӣ мебошанд.

Аз сохтор, муҳтаво, ҷузъиёти таркибии султониёти Рашидаддини Ватвот ва муқоисаи онҳо бо навиштаҳои ҳамгуни адибону дабирони ҳамзамони нависанда ва нависандагони давраҳои баъдӣ бармеояд, ки аз таҷзия, таркиб ва таҳлили онҳо, дар маҷмӯъ, қонунмандии навиштани нома дар асрҳои миёна муайян шудааст. Масъалаи асосӣ дар ин қонунмандӣ чигунагии навиштани нома мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба маводи аз маҷмӯаҳои номаҳои Ватвот фароҳамовардаамон масъалаи чӣ гуна навиштани номаро, аз рӯйи қолаби муайяни жанрӣ, ба миён гузоштан ба назар дуруст наменамояд. Вале барои такмили масъалаҳои назарии таъйини мухтассоти жанрии нома ба таври умум аз сохтори номаҳои Рашидаддини Ватвот, махсусан навъи султониёт, истифода кардан мумкин аст, ки ҳамин ҷиҳат қимати адабии номаҳои адибро дучанд меафзояд.

Таъйини мухтассоти жанрии нома дар адабиёти эпистолярии форсу тоҷик масъалаи илмии ҷудогона ва мавзӯи таҳқиқи дигаре мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Расоил-ул-эъҷоз, маъруф ба Эъҷози Хусравӣ: матни илмӣ-интиқодӣ бар асоси чаҳор нусха; бо муқаддима, тасҳеҳи матн, тавзеҳот ва шарҳи луғоту таркибот М. Нарзиқул. – Душанбе: Дониш, 2013. – 470 с.
2. Лихачев, Д.С. Письма о добром / Д.С. Лихачев. – Спб, 2007. – 254 с.
3. М. Нарзиқул. Таърих ва назарияи номанигорӣ. – Душанбе: Сино, 2009. – 140 с.
4. М. Нарзиқул. Абкор-ул-афкор фӣ-р-расоил ва-л-ашъор // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭМТ, 2011. – Ҷ. 1. – 607 с.
5. М.Нарзиқул. Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭМТ, 2011. - Ҷ. 1. - 607 с.
6. رشید وطواط، محمد بن محمد. نامه های رشیدالدین وطواط با مقدمه ای در بارهٔ شرح حال و نقد آثار رشیدالدین و خاتمه ای در تعرفهٔ رجالی که نام ایشان در آثار رشید آمده است / محمد بن محمد رشید وطواط، به قلم قاسم تویسرکانی. – تهران: دانشگاه تهران، مؤسسهٔ انتشارات و چاپ، 1383، 262 + ن.
7. رشید وطواط، محمد بن محمد. حدایق السحر فی دقایق الشعر / محمد بن محمد رشید وطواط ؛ با مقدمه و تعلیقات عباس اقبال آشتیانی. —تهران، 1308. 150 صح.
8. وطواط، رشیدالدین، منشآت تازی رشید وطواط، به کوشش محمد فهمی، مصر، 1315. 220 c.
9. وطواط، رشیدالدین. مجموعهٔ رسائل رشیدالدین الوطواط / رشیدالدین وطواط ؛ به اهتمام محمد افندی فهمی، 2 جلد، چاپ دوم. – قاهره: مکتبهٔ الاداب، 1358.506 c.
10. وطواط رشید ، محمد بن محمد. دیوان / محمد بن محمد رشید وطواط ؛ با تصحیح و مقدمه سعید نفیسی. تهران: شاهاباد، 1338. 784 صح.

СУЛТОНИЁТ ВА ИХВОНИЁТИ РАШИДАДДИНИ ВАТВОТ

Рашидаддини Ватвот аз ҷумлаи дабирони касбӣ ва донишмандону нависандагони машҳуре ҳисобида мешавад, ки дар оғози ташаккули адабиёти эпистолярии форс тоҷик ба забони порсии дарӣ қарор дорад. Ин шахсияти адабии тавоно сермаҳсул буда, дар радифи дигар фаъолиятҳои адабӣ бо номанигории ҳунармандонаи худ ҳам машҳур мебошад. Мактубҳои ӯ асосан дар ду қолаби жанрии адабиёти номанигорӣ: номаҳои султониёт ва номаҳои ихвониёт навишта шудаанд. Дар ин мақола султониёт ва ихвониёти Ватвот бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои сохтору муҳтаво ва аҳамияти адабиашон мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар таърихи адабиёти эпистолярии форсу тоҷик, аз даврааи оғози ташаккули жанри нома ба забони порсии дарӣ, яъне аз асри X, то оғози асри XIII агарчи ишораҳои назаригунае оид ба масъалаҳои алоқаманд ба хусусияти жанрии номаро дарёфтан мумкин аст, вале дар ин имтидоди таърихӣ, ки даврааи ташаккул ва таҳаввули жанрҳои аосии адабиёти классикӣ маҳсуб мешавад, баҳси назарии мақсаднок ҳанӯз ба миён гузошта нашуда буд. Намунаҳои боқимондаи ҳар ду навъи асосии нома: султониёт ва ихвониёт, дар ин марҳалаи замонӣ навиштаҳое мебошанд, ки аз рӯйи зарурати таърихӣ, бо супориши зимомдорони замон, давлатмандони сиёсӣ (навъи аввал) ва ё иродати нависандагони номаҳои хусусӣ (навъи дувум) иншо шудаанд. Султониёт ва ихвониёти Рашидаддини Ватвот ба ҳамин навъи номаҳо дохил мешаванд. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба маводи аз маҷмӯаҳои номаҳои Ватвот фароҳамовардаамон масъалаи чӣ гуна навиштани номаро, аз рӯйи қолаби муайяни жанрӣ, ба миён гузоштан ба назар дуруст наменамояд. Вале барои такмили масъалаҳои назарии таъйини мухтассоти жанрии нома дар марҳалаи мавриди назар аз сохтори номаҳои Рашидаддини Ватвот, махсусан навъи султониёт, истифода кардан мумкин аст, ки ҳамин ҷиҳат қимати адабии номаҳои адибро дучанд меафзояд.

Калидвожаҳо: Рашидаддини Ватвот, адабиёти эпистолярӣ, султониёт, ихвониёт, сохтор, муҳтаво, аҳамияти адабӣ.

СУЛТАНИЯТ И ИХВАНИЯТ РАШИДАДДИНА ВАТВАТ

Рашидаддин Ватват является известным профессиональным дабиром (письмоводителем), ученым и писателем времени начала ставновлния таджикско-персидской эпистолярной литературы на языке фарси-дари.Этот незаурядный литературный деятель, наряду с другими литературными произведениями,известнен своими мастерски составленными письмами. Его письма в основном составлены в двух жанровых формах эпистоляроной литературы: письма султаният (дворцовые письма) и письма ихваният (письма друзьям).В предлагаемой статье султаният и ихваният Ватват рассмотрены с акцентом на вопросы их структуры, содержания и литературной значимости. В истории эпистолярной персидско-таджикской литературы со времени начала становления жанра писем на языке фарси-дари, то есть с X века до начала XIII века, хотя и встречаются теоретические предпосылки по вопросам, связанным с особенностями жанра писем, но на этом отрезке времени, считающемся периодом становления и развития основных жанров классической литературы, все же отсутствовало целенаправленное теоретическое осмысление этого жанра. Сохранившиеся образцы двух основных видов писем: султаният и ихваният в этом временном отрезке составлены ввиду исторической необходимости по велению правителей эпохи и политических деятелей (султаният) или, исходя из желания авторов личных писем (ихваният). Султаният и ихваният Рашидаддина Ватвата относятся к этой разновидности писем. В этой связи, с учётом материала, собранного нами со сборников писем Ватват, представляется целесообразным поставить вопрос, исходя из определенной жанровой формы. Однако для уточнения теоретических вопросов жанровой особенности письма рассматриваемого периода следовало бы использовать структуру писем Рашидаддина Ватват, в особенности разновидности султаният, что удвоило бы литературную значимость писем литератора.

Ключевые слова: Рашидаддин Ватват, эпистолярная литература, султоният, ихвоният, структура, содержание, литературная значимость.

STATE AND FRIENDLY LETTERS OF RASHIDDIN VATVAT

Rashidaddin Vatvat is a well-known professional dabir (writer), scholar and writer of the time of the beginning of the statute of Tajik-Persian epistolary literature in Farsi-dari language. This outstanding literary figure, along with other literary works, is known for his masterfully composed letters. His letters are mostly made up of two genre forms of epistolary literature: letters of sultanate (palace letters) and letters of theirs (letters to friends). In the proposed article, the sultanate and ikhvaniyat Vatvat are examined with an emphasis on the issues of their structure, content and significance of the literature. In the history of epistolary Persian-Tajik literature since the beginning of the genre of letters in Farsi-dari, that is, from the 10th century to the beginning of the 13th century, although there are theoretical premises on issues related to the peculiarities of the genre of letters, but in this period of time considered a period formation and development of the main genres of classical literature, nevertheless there was no purposeful theoretical comprehension of this genre. The surviving samples of the two main types of letters: the sultanate and ikhvaniyat in this time interval are made up due to historical necessity at the behest of the rulers of the era and political figures (sultanate) or, on the basis of the desire of the authors of personal letters (ikhvaniyat). The sultanate and ikhvaniyat of Rashidaddin Vatvat refer to this variety of letters. In this regard, taking into account the material collected by us from the collections of letters of Vatvat, it seems expedient to postulate the issue on the basis of a certain genre form. However, to clarify the theoretical issues of the genre features of the letter of the period under consideration, we should use the structure of the letters of Rashidaddin Vatvat, in the singularity of the variety of sultanate, which would double the literary significance of the letters of the writer.

Key words: Rashidaddin Vatvat, epistolary literature, sultonium, ikhvaniyat, structure, content, literary significance.

Сведения об авторе: ***Гадозода М.Д.*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
Телефон: **(+992) 934-46-10-45**

Information about the author: ***Gadozoda M.D.*** - Tajik National University, post-graduate student of the department of the history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
Tel.: **(+992) 934-46-10-45**

УДК: 8 ТОҶ Қ 93

САЛИМИ ТЕҲРОНӢ ВА КАЛИМИ КОШОНӢ: ТАЪСИР ВА ТАЪСИРПАЗИРӢ

Қурбонзода Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи. Б.Ғафуров

Ҳазорҳо шуарои форсизабон бо баъзе сабабҳо ба Ҳинд рӯ оварданд ва онроба пойтахти илму фарҳанг табдил доданд. Дар ин сарзамин адабиёти форсу тоҷик рушду нуму ёфт ва ғанитару бурдбор шуд. Даҳҳо чеҳраҳои барҷастаи адаб чун Бедили Деҳлавӣ, Урфии Шерозӣ, Салими Теҳронӣ, Калими Кошонӣ, Толиби Омӯлӣ, Соиби Табрезӣ… дар ин сарзамин умр ба сар бурдаанд. Мушоираҳо, ҳамнишинӣ, базми шеъру суруд, якҷоя сафар кардан бо подшоҳон ба ин ё он диёр ва огоҳӣ ёфтан аз навиштаҳои якдигар сабаби пайвандие дар байни шеъри навиштаҳои ин адибон гардид. Аз ин сабаб, мазмуну ақидаҳои муштарак, таъсир ва таъсирпазирӣ дар байни шеъри Соиби Табрезӣ, Салими Теҳронӣ, Калими Кошонӣ, Бедили Деҳлавӣ, Толиби Омӯлӣ, Қудсии Машҳадӣ, Ғании Кашмирӣ… дида мешавад.

Калими Кошонӣ, ки яке аз шуарои маъруфи давр буд, бо Салими Теҳронӣ ошноӣ дошт. Муаллифи тазкираи «Наштари ишқ» менависад, ки:

Чӣ кунам шоире фаҳим бирафт,
Ҳамдами Қудсию Калим бирафт [1, с.719].

Аз ин байт бармеояд, ки Салими Теҳронӣ ва Калими Кошонӣ бо ҳам дӯст ва ҳамдам будаанд. Ё ин ки шоири машҳур Ғании Кашмирӣ дар моддаи таърихи вафоти Калим менависад:

Умрҳо дар ёди ӯ зери замин,
Хок бар сар кард Қудсию Салим,
Оқибат аз иштиёқи якдигар,
Гаштаанд ин ҳар се дар як ҷо муқим [2, с.12].

Ҳатто дар зери замин бо ёди якдигар ва бо иштиёқ будани шуаро ба якдигар сухани болоро қувват медиҳад.

Дар бораи аввалин маротиба сафари Салим ба Ҳинд ва дидори ӯ бо Калими Кошонӣ Ҳусайнқулихони Азимободӣ чунин менависад: «Алқисса Салим ба замони салтанатхидеви замон Шоҳҷаҳон вориди Ҳиндустон шуда, ба ҳузури шоҳӣ борёби маҷро гардида, қасоиди ғарро ба ҷаноби аъло гузаронид. Лекин аз боиси Мирзо Абӯтолиби Калим, ки дар он аср аз назари тафаззулоти шоҳ маликушшуарои пояи тахт буд, намуде ва рифъате пайдо карда натавонист, чӣ подшоҳ аҳволи ӯ аз Абӯтолиб истифсор фармудӣ арз кардӣ, ки шоири хуб аст, лекин каммоя маснавӣ, ки дар таърифи Гелон гуфта буд, дар ин ҷо ба исми Кашмир иштиҳор дода. Агар соҳибмоя будӣ, маснавии дигаре иншо намудӣ. Лиҳозо, подшоҳ тафаққуде, ки боист, ба ӯ маъъо нафармуд [1, с.718-719].

Волаи Доғистонӣ ба ақидаи боло чанд сухани дигаре зам намуда, чунин гуфта аст: «…табъи Салим аз ҳаракоти Калим ранҷида чунонки дар ғазале киноя ба Абӯтолиб гуфтааст:

Бурида бод аз он Тур пойи ҳиммати ман,
Ки гар уруҷ кунад кори ман Калим шавам [5, с.572-573].

Калими Кошонӣ бо вуҷуди он ҳама иқрор шудааст, ки Салим «шоири хуб» аст. Худи ҳамин нукта кофист, ки Калими Кошонӣ ба осори Салими Теҳронӣ эҳтиром доштааст. Номи ҳар ду шоир пуровоза шуд ва адибоне ба миён омаданд, ки Салим ва Калим тахаллус мекарданд [3, с.16].

Камоли дӯстӣ ва ҳамнишинӣ ба шеъри ду шоир бетаъсир намонда диққати тазкиранависонро ба худ ҷалб кардааст. Озоди Балгиромӣ дар «Сарви озод» пиромуни таъсир ва таъсирпазирии Салими Теҳронӣ ва Калими Кошонӣ сухан карда чанд намуна аз девони ин ду шоир меоварад ки як намунаашро ин ҷо меоварем:

Салим:

Шавқи рӯяш ҳама касро ба гарибӣ дорад,
Сабаб ин аст ҷилои ватани оинаро

Калим:

Чанд дар хонааш оташ фитад аз партави ту?
З – ин ситам оина дар фикри ҷилои ватан аст [5, с.574].

Гарчанд баъзе шуаро ва донишмандон Салимро «куҳнадузди шоирон» номидаанд ва ӯро дар бурдани мазмуни ашъори дигарон муттаҳам меноманд, Озоди Балгиромӣ бошад бар акси он, дигаронро чошнибари осори Салим меномад. Ба он далел, ки Соиб ва Калим ҷавонтар аз Салиманд, дар тазкира аввал исми Салимро оварда сипас исми шуарои дигарро.

Забеҳулло Сафо низ ин ақидаро дастгирӣ намудааст [7, с.1162-1163]. Аммо ҷое дигар шубҳа намудааст, ки ҳарду дар як замон зистаанд ва Салим аз дигарон мазмун бардоштааст, ё баръакс, вале ҳамчун шавоҳид мисолҳои Озоди Балгиромиро меоварад [6, с.467-568].

Муҳаммад Қаҳрамон – мураттиби девони Салими Теҳронӣ ва Калими Кошонӣ, ки аз осори ин ду суханвар ба хубӣ огаҳ буд, дар девони Салими Теҳронӣ менависад, ки байти зерини Калими Кошонӣ:

Ханда бадмастист дар айёми мо, ҳушёр бош,
Муҳтасиб бӯ мекунад ин ҷо даҳони бастаро [8, с.507].

ба байти мазкур, ки аз Салими Теҳронист, монанд аст:

Хандаи мастона ҳадди кист дар боғи ҷаҳон?
Муҳтасиб ин ҷо даҳони бастаро бӯ мекунад [8, с.191].

Аз сабабе ки адибон дар як кишвар ва паҳлуи ҳам мезистанд, чанд асари эшон ба якдигар бисёр монанд аст. Минҷумла дар васфи Кашмир ва обу ҳавои он.

Ғазале, кибо радифи «бевуқуф» гуфта шудааст, дар девони ин ду шоир дидан мумкин аст. Дар девони Салими Теҳронӣ ба ин тарз аст:

Оҳам асар наёфт зи фарёди бевуқуф,
Шогирдро чӣ баҳра зи устоди бевуқуф.

Нохун ба панҷа дораду дар банди теша аст,
Оҳ аз накардакории Фарҳоди бевуқуф.
Мушкил, ки ин шикор дарояд ба доми ту,
Дил мурғи зирак асту ту сайёди бевуқуф.
Он кас, ки бад нагуфта, битарс аз забони ӯ,
Парҳез кун зи наштари фассоди бевуқуф.
Шеърам ба мӯшикофии идроки муддаӣ
Хандад чу наварӯс ба домоди бевуқуф.
Бингар, Салим, чун фалакам зор мекушад,
Кофар мабод куштаи ҷаллоди бевуқуф [8, с.260].

Дар девони Калими Кошонӣ ба тарзи зерин аст:

Оҳам асар наёфт зи фарёди бевуқуф,
Шогирдро чӣ баҳра зи устоди бевуқуф.
Дар панҷа дошт нохуну дар банди теша буд,
Оҳ аз накардакории Фарҳоди бевуқуф.
Мушкил, ки ин шикор дарояд ба доми ту,
Дил мурғи зирак асту ту сайёди бевуқуф.
Шеърам ба мӯшикофии идроки муддаӣ
Хандад чу наварӯс ба домоди бевуқуф.
Бингар, Калим, чун фалакам зор мекушад,
Кофар мабод куштаи ҷаллоди бевуқуф [3, с.255].

Муайян кардани муаллифи аслии ғазал мушкиласт. Зеро ҳарду суханвар дар як замон ва дар як макон зистаанд. Инчунин ҳарду намояндаи як сабки адабианд. Ба назари мо чунин воқеъ шудани ғазалҳо чанд сабаб дорад:

1. Иштибоҳи котибон
2. Монанд будани тахаллуси онон, ки ҳамагӣ як ҳарфи аввали тахаллус тафовут дорад.

Аммо ғазал моли Калими Кошонӣ нест, балки муаллифи аслии он Салими Теҳронист. Гарчанде ғазали зикршуда дар нусхаи хаттии девони Салими Теҳронӣ [9, с.556], дар девони Калим [4, с.29] низ дида шавад, аммо сабки нигориши ғазал ба сурудаҳои Салим монанд аст. Аз он ҷиҳат, ки ашъори Салим нисбат ба сурудаҳои шуарои дигар амсоли Соиб, Ғанӣ, Толиб равонтару осонфаҳм аст. Чунки дар навиштаҳои Салим таъсири Ҳофиз, Урфӣ, Назирӣ зиёд аст. Аз дигар суханварон истифода карда бошад ҳам, аммо ба ду шоире, ки такя кардааст, Ҳофиз ва Назирӣ мебошанд, ки дар ғазали мавриди баҳс мусиқии ғазалҳои Назирӣдида мешавад. Инчунин мураттиби девони Салими Теҳронӣ ва Калими Кошонӣ ва чандин шуарои сабки ҳиндӣ – Муҳаммад Қаҳрамон, бар он аст, ки: «Ин ғазали Салим…ба иштибоҳ дар девони Калими Ҳамадонӣ (чопи китобфурӯшии Хайём) омада аст *[8, с.510]*.

Ба ҷуз девони чопии Салим (нашри Муҳаммад Қаҳрамон) дар девони хаттӣ ва чопии Калим (чопии китобфурӯшии Хайём), дар девони хаттии Салими Теҳронӣ ғазал дорои панҷ байт аст. Пас аз ошноӣ бо девони чопии Калими Кошонӣ, ки зикраш дар боло рафт, ғазали дорои панҷ байт аз дохили 585 ғазал танҳо се ғазали панҷбайта мавҷуд асту бас. Салими Теҳронӣ ғазали кӯтоҳро меписандид, ки дар рубоие ишораи зебое дорад:

Ҷамъанд дар анҷуман чу арбоби инод,
Хезад зи нафас дарозии хома фасод.
Аз панҷ фузун гашт чу абёти ғазал,
Бар панҷаи ӯ бувад чу ангушти зиёд [8, с.490].

Чуноне аз сухани муаллиф низ ҳувайдост, ғазали панҷбайтаро меписандид ва шумори онон дар девонаш хеле зиёд аст, ҳатто қариб ҳамаи ғазалҳои девон дорои панҷ байт мебошанд.

Муайян намудани он, ки кадоме аз суханвар аз суханвари дигар таъсир пазируфтааст, мушкил ва ҳатто номумкин аст. Зеро онон парвардаи як манотиқ ва замон мебошанд, илова бар ин, ду суханвар соҳибсухан буда дар адабиёт мақоми хешро пайдо намудаанд. Аз ин рӯ, наметавон гуфт, ки кадоме таъсиргузор аст, кадоме таъсирпазир. Саҳеҳ он аст, ки байни онҳо равобити муштараки адабӣ барқарор будааст. Он монандиҳоеро, ки дар девони Салими Теҳронӣ ва Калими Кошонӣ ба назар мерасад, тасодуфӣ набояд шумурд.

Салим навиштааст:

Зи шӯхчашми гулҳои ин чаман булбул,
Зи баски тар шуда парвоз аз ӯ намеояд [8, с.204].

Ё ин ки:

Нигоҳам аз сари мижгон намекунад парвоз,
Чунин бувад чу пару боли мурғ тар гардад [8, с.179].

Ба ҳамин мазмун Калим байте дорад:

Нигаҳ дар нимараҳ монад зи бас к-аз дида нам дорад,
Чӣ парвоз ояд аз мурге, ки ӯро болу пар тар шуд [3, с.221].

Шуарои сабки ҳиндӣ ниҳоят дақиқназар ва мушоҳидакор будаанд. Ба ҳар ҷузъиёт диққат медодаанд. Ҳама ҳодисаву саросари зиндагӣ барои суханварон пур зи мазмун аст.Маонии нав аз ин олами куҳан дарёфтан рисолати ин гурӯҳ ба шумор мерафтааст. Парандае, ки болу пари ӯ тар шудааст наметавонад ба хубӣ аз уҳдаи парвоз намудан барояд. Шоирон аз он мазмуни дилхоҳ барвардаанд, аммо навиштаи Калим нисбати абёти Салим ин ҷо шоиронатар аст. Зеро дар абёти Салим сактаи малеҳ мавҷуд аст.

Дар девони Салим омадааст:

Ҳазор тафриқа аз гиря дар дил аст маро,
Ҷу он деҳе, ки аз он ҷо сипоҳ мегузарад [8, с.230].

Калим низ чунин ақида дорад:

Аз дили ман дида вайрон шуд зи дастандози ашк,
Меравад ободӣ аз роҳе, ки лашкар меравад [3, с.201].

Салим аз вожаи «гиря» истифода намуд бошад, Калим мавҳуми «ашк» - ро корбаст намудааст, аммо мурод аз гиря ашк аст. Санъати ирсоли масал ва ташбеҳ дар абёти боло ба хубӣ мушоҳида мешавад. Мазмуни «ободӣ меравад аз роҳе, ки лашкар меравад» дар ду мисоли мазкур ба мушоҳида мерасад. Ба ҷуз чанд тафовути андак чизи дигаре дар миён нест. Санъатҳои бадеии мавриди истифода қарор додаи шуарои мазкур ягона аст.

Аз Салими Теҳронӣ:

Дарди дилро илоҷ нест, Салим,
Захми гулро руфӯ намебошад [8, с.143].

Аз Калими Кошонӣ:

Тоби талофии даҳр нозукдилон надоранд,
Бар захми лолаву гул марҳам наметавон баст [3, с.142].

Ин мисол ҳам ба гунаи мисоли болост. Санооти бадеие, ки адибон суд ҷустаанд санъати ташбеҳ, таносуби сухан ва тамсил аст. Ташбеҳи дил ба гул, таносуби сурхии гул ва дил, тамсили монандии гул ва дида. Танҳо Калими Кошонӣ калимаи «нозукдилон» - ро истифода намудааст. Ҳосили ду байт низ ягона аст: захми дил, ки чун захми гул аст, муолиҷа надорад.

Мисоле дигар аз Салим:

Подшоҳам ба мулки фақр, Салим,
Пӯст тахти ман асту аврангам [8, с.275].

Калим низ гуфта:

Лофи бебаргии фақр аз ту ҳаром аст, Калим,
Пӯст тахте чу ту дориву кӯлоҳи намадӣ [3, с.315].

Қаноат ва шукрона намудан ва ба чашми зебоӣ ҷаҳонро дидан дар мисолҳои боло ироа шудааст. Пӯсти баданро тахт ва кӯлоҳи намадиро тоҷи подшоҳӣ донистаанд. Диди эшон шоирона ва зебост.

Дар ҷое дигар Салим фармуда аст:

Биё, ки васли ту гулро баҳори дилхоҳ аст,
Чаман зи рахнаи девор чашм бар роҳ аст [8, с.83].

Ба гунаи дигар Калим чунин баён кардааст:

Ба даври ҳусни ту гул аз назар чунон афтод,
Ки чашми рахнаи девор бар гулистон нест [3, с.113].

Гӯяндагони сабки ҳиндӣ ба тасвир майли зиёд доштаанд. Аксар тасвири зебои шоирона дар девони онҳо дида мешавад, тозатар аз шеъри имрӯз аст. Ғараз аз нигоштани мисраҳои болоӣ тавсири муболиғаомези маъшуқ аст, ки ҳатто чаман борахнаи девораш онро тамошо дорад. Бо рахнаи девор нигоҳ кардани чаман бисёр шоирона ва табиӣ аст.

Илова бар истиқболи мазмун аз якдигар назирағазалҳо низ доранд, ки мисоли зерин намунаи он аст:

Аз Салими Теҳронӣ:

Равнақ зи Каъба баски харобот бурда аст,
Як бор ҳарки рафт дар он ҷо, дигар нарафт.
Роҳи адам чу оқибати кор рафтанист,
Осуда он касе, ки зи пушти падар нарафт [8, с.117].

Калим гуфтааст:

Оҳам зи саркашӣ ба талоши асар нарафт,
Ҳар ҷо надид рӯйи дил он чи дигар нарафт.
Ҳудро ба печу тоби ҳазор орзӯ надод,
Осуда он ки аз пайи тоби камар нарафт [3, с.131-132].

Ҳарду ғазал дар як радиф навишта шудааст. Илова бар ин пайвандҳои зиёди мазмунӣ дар он дида мешавад. Барои мисол осуда оне, ки зи пушти падар нарафтааст, қавофии

ягонае дар ду ғазал ба назар мерасанд монанди: «сар», «бештар», «дигар». Қофияи «сар» ду маротиба дар ғазалҳои мазкур дарҷ шудааст.

Таҳқиқи мавзӯи мазкур равобитаи шуарои як ҳавза ва манотиқ, эҳтиром ба сурудаҳои якдигар ва монанди онро бозгӯ менамояд. Маълум мешавад, ки монандӣ дар ашъори якдигар тасодуфӣ набуда заминаи воқеӣ доранд. Аз сабабе ки ҳарду суханвари бузург ба шумор мераванд, якеро таъсиргузор ва дигареро таъсирпазир гуфтан душвор аст.

Дар истифодаи мазмун, ҳунари шоирона аз якдигар камӣ надоранд, ҷое шуда, ки Салими Теҳронӣ ва ҷое шуда, ки Калими Кошонӣ зеботар гуфтаанд. Аммо дар сабку услуби фардии онон тафовут ба чашм бармеояд.

Ҳампоя будани Салими Теҳронӣ бо Калими Кошонӣ ва эътироф кардани Калими Кошонӣ Салими Теҳрониро ва аз якдигар таъсир пазируфтан пояи суханварии Салимро дар таърихи адабиёт нишон медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимободӣ, Ҳ. Наштари ишқ. Китоби 2; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғар Ҷонфидо. - Душанбе: Дониш, 1982. – 786 с.
2. К.Кошонӣ. Гули хуршед; мураттиб ва муаллифи сарсухан Шамсиддин Нуриддинов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 272 с.
3. К.Кошонӣ. Девон; тасҳеҳ ва муқаддимаи Партав Байзоӣ. Китобфурӯшии «Хайём». – 419 с (бидуни соли нашр).
4. К.Кошонӣ. Ғазалиёт ва рубоиёт. Китобхонаи Маҷлис. - № 129242.
5. Маонӣ, А. Г. Корвони Ҳинд. Ҷилди аввал. – Машҳад: Интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1369. – 822 с.
6. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Ҷилди 5. Китоби 1. - Теҳрон: Фирдавс, 1366. – 634 с.
7. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Ҷилди 5. Китоби 2.- Теҳрон: Фирдавс. 1366. – 786 с.
8. Теҳронӣ, С. Девон; бо муқаддима ва тасҳеҳи Муҳаммад Қаҳрамон. - Теҳрон: Интишороти «Нигоҳ», 1389. – 628 с.
9. Теҳронӣ, С. Девони хаттӣ. Китобхонаи Маҷлис. - № 87551.

САЛИМИ ТЕҲРОНӢ ВА КАЛИМИ КОШОНӢ: ТАЪСИР ВА ТАЪСИРПАЗИРӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии дӯстии байни шуарои маъруфи давр Салими Теҳронӣ ва Калими Кошонӣ бахшида шудааст. Ҳазорҳо шуарои форсизабон бо баъзе сабабҳо ба Ҳинд рӯ оварданд ва онро ба пойтахти илму фарҳанг табдил доданд. Дар ин сарзамин адабиёти форсу тоҷик рушду нуму ёфт ва ғанитару бурдбор шуд. Даҳҳо чеҳраҳои барҷастаи адаб чун Бедили Деҳлавӣ, Урфии Шерозӣ, Салими Теҳронӣ, Калими Кошонӣ, Толиби Омӯлӣ, Соиби Табрезӣ… дар ин сарзамин умр ба сар бурдаанд. Мушоираҳо, ҳамнишинӣ, базми шеъру суруд, якҷоя сафар кардан бо подшоҳон ба ин ё он диёр ва огоҳӣ ёфтан аз навиштаҳои якдигар сабаби пайвандие дар байни шеъри навиштаҳои ин адибон гардид. Аз ин сабаб, мазмуну ақидаҳои муштарак, таъсир ва таъсирпазирӣ дар байни шеъри Соиби Табрезӣ, Салими Теҳронӣ, Калими Кошонӣ, Бедили Деҳлавӣ, Толиби Омӯлӣ, Қудсии Машҳадӣ, Ғании Кашмирӣ… дида мешавад. Калими Кошонӣ, ки яке аз шуарои маъруфи давр буд, бо Салими Теҳронӣ ошноӣ дошт. Салими Теҳронӣ ва Калими Кошонӣ бо ҳам дӯст ва ҳамдам будаанд. Таҳқиқи мавзӯи мазкур равобитаи шуарои як ҳавза ва манотиқ, эҳтиром ба сурудаҳои якдигар ва монанди онро бозгӯ менамояд. Маълум мешавад, ки монандӣ дар ашъори якдигар тасодуфӣ набуда заминаи воқеӣ доранд. Аз сабабе ки ҳарду суханвари бузург ба шумор мераванд, якеро таъсиргузор ва дигареро таъсирпазир гуфтан душвор аст. Дар истифодаи мазмун, ҳунари шоирона аз якдигар камӣ надоранд, ҷое шуда, ки Салими Теҳронӣ ва ҷое шуда, ки Калими Кошонӣ зеботар гуфтаанд. Аммо дар сабку услуби фардии онон тафовут ба чашм бармеояд.

Калидвожаҳо: баррасии дӯстии байни шуарои маъруфи давр, Салими Теҳронӣ ва Калими Кошонӣ, шуарои форсизабон, адабиёти форсу тоҷик, эҳтиром ба сурудаҳои якдигар, таъсиргузор ва таъсирпазир.

САЛИМ ТЕХРАНИ И КАЛИМ КОШОНИ: ВЛИЯНИЕ И ВОСПРИИМЧИВОСТЬ

Данная статья посвящена рассмотрению дружбы между двумя известными поэтами своего времени Салимом Техрани и Калимом Кошони. Тысячи персоязычных поэтов из-за некоторых причин уехали жить в Индию и превратили эту страну в столицу науки и культуры. В этом крае расцвела и получила развитие персидско-таджикская литература и стала еще более богатой и выдержанной. Десятки выдающихся представителей литературы как Бедил Дехлави, Урфи Ширази, Салим Техрани, Калим Кошони, Толиб Омули, Соиб Табрези… проживали на этой земле. Поэтические турниры, общение, вечера поэзии и музыки, совместные путешествия с падишахами в различные страны и постоянный контакт друг с другом стали причиной связи между стихами и сочинениями данных литераторов. Поэтому, видны совместные темы и взгляды, влияние и восприимчивость среди поэтического наследия Соиба Табрези, Салима Техрани, Калима Кошони, Бедиля Дехлави, Толиба Омули, Кудси Машхади, Гани Кашмири. Калим Кошони, который был одним из известных поэтов своего времени, был знаком с Салимом Техрани. Салим Техрани и Калим Кошони были друзьями и собеседниками. Исследование данной темы раскрывает дружеские связи поэтов одного поэтического круга и региона, уважение к сочинениям и поэтическому наследию друг друга. Становится ясным то что сходства и аналогии в поэзии друг друга неслучайны, а имеют реальную почву. Так как оба считаются известными литераторами, назвать одного влиятельным, а другого восприимчивым очень трудно. В использовании тем и поэтическом мастерстве они не уступают друг другу, в одном случае Салим Техрани сочиняет очень великолепно, в другом случае Калим Кошони также великолепно воспевает. Но в их поэтическом стиле чувствуются отличия.

Ключевые слова: рассмотрение дружбы между великими поэтами времени, Салим Техрани и Калим Кошони, персоязычные поэты, персидско-таджикская литература, уважение к сочинениям друг друга, впечатлительность и восприимчивость.

SALIM TEHRANI AND KALIM KOSHONI: INFLUENCE AND SUSCEPTIBILITY

This article is devoted to the consideration of the friendship between two famous poets of the time, Salim Tehrani and Kalim Koshoni. Thousands of Persian-speaking poets, for some reason, left to live in India and turned this country into the capital of science and culture. In this region Persian-Tajik literature flourished and developed, and became even richer and more mature. Dozens of prominent representatives of literature like Bedil Dehlavi, Urfi Shirazi, Salim Tehrani, Kalim Koshoni, Tolib Omuli, Soib Tabrezi ... lived on this land. Poetic tournaments, communication, evenings of poetry and music, joint trips with the padishahs to different countries and constant contact with each other have become the reason for the connection between the poems and the writings of these writers. Therefore, we see joint themes and views, influence and receptivity among poetic legacies of Soib Tabresi, Salim Tehrani, Kalim Koshoni, Bedil Dehlavi, Tolib Omuli, Qudsi Mashhadi, Gani Kashmiri. Kalim Koshoni, who was one of the famous poets of his time, was familiar with Salim Tehrani. Salim Tehrani and Kalim Koshoni were friends and interlocutors. The study of this topic reveals the friendly ties of poets of one poetic circle and region, respect for the writings and poetic heritage of each other. It becomes clear that similarities and analogies in each other's poetry are not accidental, but have real ground. Since both are considered famous writers, it is very difficult to call one influential, and the other receptive. In the use of those and poetic mastery, they are not inferior to each other, in one case Salim Tehrani is very beautiful, in another case Kalim Koshoni also sings great. But in their poetic style there are differences.

Key words: consideration of friendship between the great poets of time, Salim Tehrani and Kalim Koshoni, Persian-Tajik literature, respect for one another's works, impressionability and receptivity.

Сведения об авторе: ***Насимбек Курбанзаде*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, докторант Ph.D кафедры классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **nasimi.91@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92-713-31-07**

Information about the author: ***Nasimbek Qurbonzoda*** – Khujand State University named after academician B. Gafurov, doctoral student Ph.D of the Department of classica lliterature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1. E-mail: **nasimi.91@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-713-31-07**

УДК: 891.550-1

НАҚШИ АБӮНАСРИ ФОРОБӢ ДАР ШАРҲИ РИСОЛАИ «ФАННИ ШЕЪР»-И АРАСТУ

Одинаев Н.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Аз рисолаҳои муҳимми Форобӣ, ки то ба замони мо расидааст, рисола дар шарҳи «Поэтика»-и Арасту ба унвони «Фӣ қавонин ус-санъатайн аш-шеър», яъне «Рисола дар бораи қонунҳои санъати шеър» [1, с.530-541] ном дошта, соли 1975 дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва соли 1980 дар Тоҷикистон ин рисола дар маҷмӯаи «Фанни шеър» чоп шудааст. Ин асари хеле маълум ва машҳури Форобӣ ҳамчунин дар ҳавзаҳои дигари илмӣ низ бо забонҳои гуногун чоп шуда, дастраси аҳли илм гаштааст. Аз рӯйи тадқиқоти профессор Абдунабӣ Сатторзода [6, с.264] маълум мегардад, ки ин рисола борҳо низ ба забонҳои дигари дунё тарҷума шуда, мавриди эътибори муҳаққиқон будааст.

Дар Тоҷикистон аввалин маротиба соли 1975 профессор Расул Ҳодизода дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мақолаи муфассале таҳти унвони «Ақидаҳои эстетикии Форобӣ» [11, с.137-144] дар асоси омӯзиш ва пажӯҳиши рисолаи «Эҳсоъ-ул-улум»-и Форобӣ таълиф намуда, дар он асосан масъалаҳои улуми бадеиро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Соли 1979 бошад, профессор Расул Ҳодизода бахшида ба ҳазораи Ибни Сино дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мақолаи «Сино ва илму адаб»-ро ба табъ расонда, аз нав ба фаъолияти илмию адабии Форобӣ таваҷҷуҳ менамояд ва масъалаҳои таснифоти улуми адабиро аз нигоҳи Форобӣ ва Ибни Сино ба тариқи муқоиса тадқиқ кардааст. Аз ҷумла, Расул Ҳодизода саҳми Форобиро дар тавзеҳ ва тарҷумаи фалсафа ва низоми илмии Арасту нишон дода, хидмати ӯро дар шарҳу тафсири илму адаби асримиёнагии тоҷик чунин арзёбӣ мекунад: «Дар фалсафа ва афкори Форобӣ системаи тақсимоти илмии Арасту боз ҳам такмил ёфт, шохаҳои он вобаста бо тараққиёти илми назариву амалӣ зиёдтар ва гуногунтар гардид. Форобӣ дар масъалаи тақсимоти илм рисолаи «Эҳсоъ-ул-улум»-ро таълиф кард, ки дар он табақабандии қисматҳои гуногуни илмро ба тарзи нав сохт ва доираи мавзӯи ҳар яке аз онҳоро муайян намуд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Форобӣ маҷмӯи дониш ва фанҳои гуногунро на бо номи фалсафа, балки ба истилоҳи "илм-улум" зикр кардааст» [11, с.105].

Донишманди қазоқ А.Х. Қосимҷонов дар рисолаи «Эстетические взгляды Фараби» [5, с.144] саҳми муҳаққиқон ва мутафаккирони тоҷик, хосса Форобӣ ва пайравони ӯро дар ташаккулу такомули фарҳанги халқҳои мусулмон боэҳтиром зикр намудааст. Чунин эҳтиром ва эътибори муҳаққиқ дар нисбати илму фарҳанги ниёгон боис гардид, ки соли 1990 рисолаи мазкур бевосита аз забони арабӣ ба тоҷикӣ тарҷума шуд ва аз тариқи

нашриёти «Ирфон» чоп гардида, таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷикро ба Форобӣ ва фаъолияти илмии ӯ афзун гардонид. А.Х. Қосимҷонов як боби рисолаи худро ба масъалаҳои шеъру шоирӣ аз нигоҳи Форобӣ бахшида, зикр менамояд, ки осори шеърӣ дар Шарқи мусулмон, хоссатан мардуми форсизабон, мавриди эътибори баланд қарор дорад. Дар ин рисола муҳаққиқ шеърро ҳамчун натиҷаи «тақлид» ба табиат ҳисобида, онро бо истилоҳи «мимезис»-и юнонӣ аз назари Арасту ва Афлотун ва таъсири он ба таълимоти Форобӣ таҳқиқ менамояд.

Донишманди эронӣ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар асари худ «Мусиқии шеър» [19, с.682] дар асоси асари ба мусиқӣ бахшидаи Форобӣ «Ал-мусиқӣ -ул- кабир»-ро баррасӣ намуда, дар ин замина назари Форобиро ба мусиқии шеър мавриди таҳқиқ қарор додааст. Форобӣ монанди ҳамаи файласуфоне, ки ба баҳс дар боби моҳияти шеър пардохтаанд, шеърро натиҷаи муҳокот медонад ва омили аслии таърифи онро тахайюл меҳисобад ва муътақид аст, ки ақовили шеър агар бо мусиқӣ ҳамроҳ шаванд, унсури тахайюл дар онҳо афзунтар хоҳад шуд ва мизони инфиъолоти нафс дар баробари асар меафзояд. Пас аз дидгоҳи Форобӣ вазн ва мусиқӣ аз омилҳои нахустини тахайюл ба шумор мераванд ва дар қисмати «Аснофи ақовил» дар боби аҳамияти вазн дар шеър чунин мегӯяд: «Мавзунии ақовил натиҷаи нуқтаи мантиқӣ аст, ки дорои фавосил бошад» [7, с.102].

Форобӣ монанди Ибни Сино андозаи байт, яъне кӯтоҳӣ ва баландии тӯли онро, амре марбут бо забонҳо медонад ва таърифе, ки аз байт медиҳад, ин аст: «Байт ҳар қавле ҳаст, ки маҳсур дар вазне тамом бошад» [15, с.103].

Таърифи сачъ, қофия ва собиқаи қофия дар шеъри миллатҳои гуногун таваҷҷуҳи Форобиро ба худ кашида, гуфтори ӯ ва лиҳози иттилое, ки аз набудани қофия дар забонҳои дигар, ҷуз арабӣ, медиҳад, дорои аҳамияти муҳимми илмӣ мебошад: “Агар аҷзои поёни ақовил айнан яке бошад ва ин ақовил ғайри мавзун бошанд, араб он ақовилро сачъ мехонад ва агар мавзун бошад, ақовил соҳиби қофия хонда мешавад, зеро онон ашёи воҳидеро, ки дар қисмати поёнии ақовили мавзуна меояд, қавофӣ мехонанд. Дар шеъри араб, чи дар қадим, чи дар ҷадидаш, қофия вуҷуд дорад, магар баъзе мавриди истисноӣ ва нодир ва аммо ашъори соири миллатҳое, ки мо ашъори эшонро шунидаем, ҳамагӣ беқофия аст, бавижа намунаҳои қадими онҳо, аммо дар намунаҳои ҷадиди онҳо, ҳастанд касоне, ки пайравӣ аз араб мекунанд ва шеърашон дорои қофия аст» [15, с.103].

Аксари муҳаққиқонро асосан рисолаи «Фӣ қавонин ус-санъатайн аш-шеър»-и Форобӣ ба худ ҷалб намудааст. Ин рисолаи начандон бузургро Форобӣ дар пайравӣ ва шарҳи ақидаҳои адабию эстетикии Арасту бахшида, мақсади таълифи рисоларо чунин иброз медорад: «Мақсади мо дар ин рисола иборат аз исботи гуфтор ва зикри маъониест, ки донистанашон касони ба онҳо маърифат доштаро ба фаҳми гуфторҳои ҳаким (Арасту), ки вазъи онҳоро дар баҳси худ доир ба санъати шеърӣ исбот карда буд, мерасонад» [1, с.530]. Ин ҷо ду масъала рӯшан мегардад; аввалан, рисола дар пайравӣ ва шарҳи гуфтаҳои ҳаким (Арасту) таълиф шуда, сониян, санъатҳои шеъриро дар асоси гуфтаҳо ва ақидаҳои Арасту ба исбот расонидан мехоҳад. Форобӣ дар масъалаи мавриди назар кӯшиш менамояд, ки аз доираи баҳсҳои Арасту оид ба санооти шеърӣ, аз ҷумла санъати муғолата, берун наравад ва ҳатто «мақсад надорем, ки риштаи баҳсамонро дар ҳама ҷиҳатҳои ин санъат кашол диҳем», гуфта ҳадафашро чунин арза медорад: «Ҳатто худи Ҳаким, на танҳо ин санъатро бо ҳама ҷиҳатҳои хос то ба охир таҳқиқ накардааст, балки баҳсашро дар бораи ***санъати муғолата*** низ нотамом мондааст» [1, с. 530]. Чунин ба назар мерасад, ки ҳадафи аслии муҳаққиқони асримиёнагӣ, аз ҷумла Форобӣ, шарҳи осори донишмандони Юнон ва араб ва ба фаҳми аҳли маъруф наздик овардани осори ин мутафаккирон ба ҳисоб равад, аз ҷониби дигар, ривоҷу вусъати фалсафа ва низоми илмии Арастуро ҳамбаста бо шароити таърихии замон ва орову андешаи халқҳои Моваруннаҳру Хуросон мутобиқ намудан аз масъалаҳои дигари илми ин замон ба ҳисоб мерафт.

Форобӣ дар осори худ таърифи шеър ва чугунагии онро таъкид намекунад. Аммо дидгоҳи ҳамзамонони худро баён мекунад ва ба гуфтаи ӯ ва соири ҳаммаслаконаш шеър гуфторе мебошад мавзун ва муташаккил аз калимоте, ки битавонад замонро қитъаоти мусовӣ тақсим кунад. Вазн ва калимоти мусовӣ дар ишораи ҳуруф ин назари муштараки ҳама касоне аст, ки ба таърифи шеър пардохтаанд. Форобӣ шакл ва муҳтаворо унсури аввалияи шеър ҳисобида, муҳокотро аз муҳимтарин муҳимоти шеър медонад. Бо вуҷуди ин, Форобӣ муҳокотро аз назари пешиниён пуштибонӣ мекунад ва онро дар бунёди шакли шеърӣ ҳам муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мекунад. Дар асоси тавзеҳоти Форобӣ таърифи шеърро аз назари ӯ чунин арзёбӣ кардан мумкин аст: Шеър маҷмӯаест аз алфози мавзун, ки аз як мавзӯъ муҳокот мекунанд, иборат аст.

Форобӣ нисбати муҳокот низ ақидаи худро изҳор менамояд. Ба назар ӯ муҳокот ҳақиқати маърифатшинохте аст, ки ба зеҳни инсон дар иртибот аст. Ҳуди вожаи “муҳокот”, ки Форобӣ борҳо онро ба кор мебарад, гувоҳи рӯшан ба ин муддао аст.

Форобӣ ба чунин хулоса меояд, ки шоир гуфторро далолатгар бар умуре қарор диҳад, ки он ашёро муҳокот мекунад.

Бо ин тавзеҳоте, ки Форобӣ нисбати муҳокот мекунад, онро дар пояи андешаҳои Форобӣ чунин тарз метавон шинохт: “Муҳокот эҷоди суратҳои хаёлии зеҳнӣ дар забон аст, аз тариқи абзорҳои ҳикоятгар (сувари хаёл)” [14, с. 45].

Ба андешаи Форобӣ муҳокот ба ду равиш анҷом мешавад: муҳокот аз тариқи рафтор(амал), яъне шахс рафторе аз худ нишон диҳад, ки бо он инсон чизи дигаре тадоӣ шавад. Ва муҳокот аз тариқи гуфтор чунин бувад, ки “Муҳокоти гуфтор он аст, ки гуфтори нависанда ё гӯянда умуреро гирд оварад, ҳикоятгар чизе, ки гуфтор дар бораи он аст. Бад – ин шева, ки гуфторро далолатгар чизе қарор диҳад, ки он ашёро муҳокот мекунад” [14, с. 43].

Устод Ш. Ҳусейнзода ва профессор Х. Шарифов соли 1985 дар рисолаи «Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик» [12, с.116] сабабҳои эътибори баланд пайдо кардани илмҳои юнониро чунин арзёбӣ мекунанд: «Аз замоне, ки илмҳои юнонӣ барои ӯ суннат шуда буд, Абӯалӣ ибни Сино таҳқиқи фалсафаро ба мушоҳидаи табиат пайваст ва камоли инсониро дар илм ва дар амал медонист» [12, с.92].

Абӯнасри Форобӣ рисолаи худро дар пайравӣ ва шарҳи ақидаҳои Ҳакими Юнонӣ бахшида, ҳатто шарҳи саноати шеъриро аз рӯйи нишондодҳои Арасту мавриди баррасӣ қарор дода, ин даъвои худро бо чунин андешаҳо тақвият медиҳад: «Ҳатто худи ҳаким, на танҳо ин санъатро ба ҳама ҷиҳатҳои хос то ба охир таҳқиқ накардааст, балки баҳсашро дар бораи ***санъати муғолата*** низ нотамом мондааст» [8, с.63]. Ин ҷо ду масъала метавонад мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад:

-таҳқиқи нотамом ва мухтасари саноати шеърӣ, аз ҷумла санъати **муғолата**;

-аз шарҳу тафсири муфассали саноати шеърӣ канорагирӣ кардани Форобӣ.

Ба назар чунин мерасад, ки асари «Андар ҳунари шеъру шоирӣ» [8, с.169] ё «Поэтика»-и Арасту ҳамчун сарчашмаи аввалин андар шинохти ҳунари шоирӣ бештар ба шеър ва масъалаҳои вобастаи он, ки дар Юнон роиҷ буд, бахшида шудааст. Ҳатто Арасту дар боби «Шеър ва тақлид»-и асари мазкур тақлидан моҳияти рисолаи худро чунин арзёбӣ мекунад: «Мо дар бораи санъати (ҳунарӣ) шеъру шоирӣ таври умумӣ гап мезанем ва ҳам дар бораи навъҳои гуногуни он, дар бораи он ҳам, ки дар кадоми онҳо фарзан чӣ маънӣ дорад» [2, с.9].

Ин асари Арасту бештар ҳунари шеъру шоириро аз нигоҳи мантиқӣ баррасӣ менамояд, бинобар ин, ба санъатҳои шеърӣ, ки хосси улуми адабӣ мебошанд, мухтасаран ва ба таври умумӣ таваҷҷуҳ менамояд. Ба назари мо, Форобӣ шояд аз сабаби нарасидани сарчашмаҳои илмӣ аз шарҳу тафсири баъзе масъалаҳои адабӣ канорачӯйӣ менамояд: «Чунонки ӯ дар охири суханаш доир ба ***санъати муғолата*** ёд кардааст, дар улуми адабӣ дар хусуси санъати шеърӣ аз қудамои хеш касеро наёфта, ки дар усул ва қоидаҳои он маълумоте баён карда бошад, то ба вай такя карда санъатро ба тартиб оварад ва дар онҳо илова намояд ва таҳқиқи худро бар он асос намояд» [2, с.62]. Аз ин андеша чунин бармеояд, ки модоме ки ягон адабиёт оид ба масоили шеъру шоирӣ ба муаллими аввал дастрас набуд, то масъалаҳои зикршударо мавриди баррасӣ қарор диҳад, пас маълум мегардад, ки муаллими сонӣ ҳам аз сабаби норасоии сарчашмаҳо баҳона пеш меорад, ки «Агар хоҳем ҳам санъатеро, ки худи ҳаким ба итмом расидани онро мақсад накарда (бо вуҷуди фазлу ҳунармандиаш), такмил диҳем, аз мо шоиста нест, ки онро ба камол расонем» [2, с.61].

Форобӣ аз санъати муғолата ёд мекунад ва аз шарҳи он ҳам худдорӣ кардан мехоҳад, вале борҳо дар мавридҳои гуногун кӯшиш менамояд, санъати муғолатаро дар қиёс бо муҳокот як навъ баррасӣ намуда, баъзе вижагиҳои онро нишон диҳад. «Бинобар он қавлҳо аз мақсади холӣ намебошанд ва ҳеҷ гоҳ гумон намеравад, ки муғолата ва муҳокот (мушобиҳот) як навъи сухан бошад, барои он ки ҳардуи онҳо ҷиҳатҳои гуногун доранд, чунки муғолатгӯйӣ ғайри мушобиҳатгуйӣ аст» [2, с.63] .

Ҷойи тазаккур аст, ки Форобӣ ин ду санъатро дар рисола хеле аниқ ва равшан кушода медиҳад ва хусусиятҳои фарқкунандаи онро бо мисолҳои воқеӣ нишон додааст, ки ин тарзи баёнро мо дар асари Арасту мушоҳида карда наметавонем: «Барои он ки муғолатагӯй он касест, ки ба таври ҷиддӣ шунавандаро ба ягон чиз дар ғалат меандозад, то ин ки вайро парешон созад, ки он мавҷуди ғайри мавҷуд аст» [1, с.63]. Ин гуна санъати бадеӣ дар аксари асари ба илми бадеъ ихтисосшуда, ба мушоҳида нарасид ва хусусияти он ҳам ба ягон санъати бадеӣ мувофиқ наомад. Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ дар «Латоиф-ул-тавоиф» ном асари худ дар боби «Дар аҷоиби санъатҳои шеърӣ ва ғароиби бадоеи фикрии шоирон» [5, с.125], аз санъати муғолата ёд карда, онро аз ҷумлаи санъати ташбеҳ медонад: «… ки яке аз ақсоми ***санъати ташбеҳ*** аст ва он чунон аст, ки шоир шеъре гӯяд ва чизеро ба чизе ташбеҳ кунад, ки дар урф акси он зоҳир бошад. Пас онро ба навъи тавҷеҳ кунад, ки он муғолата рафъ шавад» [5, с.128]. Вале аз рӯйи мушоҳидаи мо чунин

хулоса метавон кард, ки баъзе хусусиятҳои ***санъати иҳом*** ба ***муғолата*** ҳамоҳангӣ дорад. Албатта, муроди мо маънои истилоҳии санъати иҳом аст, на маънои луғавии он. Иҳом (ӣҳом) дар луғат ба ғалат андохтани хонанда, тарки тасреҳу тавзеҳ кардан, аз равшанбаёнӣ худдорӣ кардан аст: «Дар осори адабӣ лафзеро биёваранд, ки дорои ду ва ё зиёдат аз он маънии наздик (зоҳир, қариб) ва дур (хафӣ, ғариб) бошад ва онро тавре ба кор бибаранд, ки хонанда ва шунаванда аз маънии наздики он лафз маънии дури онро пай бибарад" [7, с.115].

Агар ба ин нукта мутаваҷҷеҳ шавем, мебинем, ки иҳом як навъ хонандаро ба нофаҳмиҳо задан аст. Шояд ҳамин хусусияти санъати иҳомро дар назар дошта, аҳли бадеъ онро аз мураккабтарин санъатҳои бадеӣ донистаанд. Шоирон онро барои бо парда баён кардани фикри худ, барои афзудани латофати каломи бадеӣ истифода менамоянд.

Вале ***санъати муғолата***ро дар фарҳангномаҳо аз истилоҳоти мантиқӣ донистаанд. Агар ба тарҷумаи русии рисолаи «Фӣ қавонайн саноат- уш-шеър» мутаваҷҷеҳ шавем, муғолатаро «***искусство софистики***» номидаанд. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар як қитъае пайравони ҳамин равияро танқид мекунад:

Суфистоӣ[14], ки аз хирад бехабар аст,
Гӯяд: олами хаёлӣ андар гузар аст.
Оре, ҳама олами хаёл аст, вале
Ҷовид дар ӯ ҳақиқате ҷилвагар аст» [16, с. 642].

Муғолата дар «Луғатномаи Деҳхудо» [10, с.286] аз истилоҳи мантиқӣ дониста шуда, ба муносибат ё мушобиҳоти он ба ягон санъати бадеӣ ишора нагардидааст. Вале Деҳхудо ин истилоҳро ба сифати воҳиди мантиқӣ баррасӣ намуда, хусусиятҳои мантиқии онро нишон медиҳад.

Муғолата аз назари Деҳхудо дар «Фарҳанги мутавассити Деҳхудо» марбут ба фасоди қиёсӣ дониста шуда, онро аз ҷиҳати сурат ва фасоди қиёсӣ ва аз ҷиҳати маъно баррасӣ менамояд. Аввалан, ӯ шарҳи қиёси фасодро оварда, онро чунин шарҳ медиҳад: «...қиёс фасоде аст, ки мунтаҷ ба натиҷаи саҳеҳ набошад ва фасоди он ё аз ҷиҳати модда аст ё аз ҷиҳати сурат ва ё аз ҷиҳати сурат ва модда, ё ҳарду"» [10, с.286].

Аз назари Форобӣ се ҳолати қиёси фасод дар фаҳмиши муғолата мавҷуд аст:

1) фасоди қиёс аз ҷиҳати сурат;
2) фасоди қиёс аз ҷиҳати модда;
3) фасоди қиёс аз ҳарду ҷиҳат.

"***Фасоди қиёс аз ҷиҳати сурат*** ба ин аст, ки шароити лозим, ки бо риояи он шароити қиёси мунтаҷ хохад буд, дар ҳайат ва моил риоят намуда бошад.

Фасоди қиёс аз ҷиҳати модда ба ин асл, ки масалан матлуб бо мундариҷоти қиёсат ё яке аз онҳо яке бошад, ки навъи мусодира бар матлуб аст.

Фасоди қиёс аз ҳар ду ҷиҳат ба ин аст, ки шароити мунтаҷ аз ҷиҳати ҳайат ва шакл риоят нашуда бошад ва матлуб аз он ҳам бо муқаддимот яке бошад" [10, с. 286]

Тавре ки мебинем, хусусиятҳои зикршуда ба шакл иртибот дорад, на ба мазмун. Бинобар ин, муғолатаро ба иҳом наздик ҳисобидан танҳо ба фасоди қиёси модда шояд мутобиқат пайдо менамояд. Дар акси ҳол дар бораи иртиботи ин ду истилоҳ сухан кардан ягон маъное надорад.

Форобӣ зимни тафсири истилоҳи муҳокот мекӯшад ва онро бештар чун санъати бадеӣ муаррифӣ менамояд: "Муҳокот ба чизе ҷиддӣ бурда намерасонад, балки ба назири он ва ташбеҳи он расонда метавонад, ки назири он дар ҳиссиёт пайдо мегардад, ин чунин аст, ки сокинро мафҳум месозад, ки гӯё мутаҳаррик аст" [8, с.63].

Муҳокот ва чигунагии он низ ҳанӯз дар байни муҳаққиқон амиқ ва саҳеҳ муайян нашудааст. Яъне, табиат ё ҷузъиёти он дар тахайюли эҷодкор тасвир мешавад, ки инро хусусияти образи бадеӣ ҳисобидан мумкин аст, ки дар пажӯҳишҳои минбаъда хоҳем дид.

Форобӣ дар ҷойи дигари рисола ба таснифоти қавлҳо мегузарад ва фарқи онҳоро дар нисбати қобили қиёс будани онҳо баррасӣ менамояд.

"Қавлҳоро ба шакли дигар низ метавон тақсим кард, яъне гӯем қавл холӣ аз ин нест, ки он ҷозим ё ғайри ҷозим бошад.

Қисме аз қавли ҷозим қиёсӣ ва қисме ғайриқиёсӣ аст. Баъзе қавли қиёсат билқувват ва баъзеяш билфеъл мешавад. Қавли қиёсии билқувват ё истиқроъ аст ё тамсил. Тамсил бештар истеъмол мешавад ва истеъмоли он дар шеър аст. Пас маълум шуд, ки қавли шеърӣ тамсил аст" [10, с.63] .

Ин ҷо ду мафҳум мавриди таваҷҷуҳ ва андеша мебошад: тамсил ва қавли шеърӣ. Аз рӯйи андешаи Форобӣ қавли қиёсии билқувват ё истиқроъ аст ё тамсил.

Дар фарҳангномаҳо калимаи ***истиқроъ*** бештар ба шарҳи маънои луғавӣ омадааст, ки онро дар баробари ҷинси адабӣ ё санъати шеърӣ ишорае ҳам намекунанд. Масъалаи

[14] **суфистҳо-**файласуфони суфистии қарни V-и пеш аз мелод дар Юнон

дар “Фарҳанги форсии Амид” [9, с.147]. ***истиқроъ-тафаҳҳус, татаббӯъ*** ва ҷустуҷӯ таҳқиқ ва кунҷковӣ кардан дар амре ё матлабе омадааст. Яъне қавли қиёсии билқуввa, яъне қавле, ки дар қувват ва имконият, ба ҳолати зуҳур ва вуқӯъ пайваста ва ё қавле, ки аз қувва ба феъл наомада метавонад истиқроъ бошад ё тамсилӣ.

Истилоҳи ***тамсил*** ҳамчун нишони асосии сухани шеърӣ аввалин маротиба дар осори Форобӣ омада, онро мутафаккири бузург “қавли шеърӣ” унвон медиҳад .

Форобӣ дар рисолаи дигари худ ***“Логические трактаты”*** [1, с.530] боз ба масъалаи санъати тамсил баргашта, чунин менигорад: “Тамсил умдатан дар ҳунари шеърӣ аз он истифода мешавад ва рӯшан аст, ки сухани шоирона тамсил мебошад» [1, с.530]. Вале дар “***аналогия-тамсил***”-ро дар тарҷумаи тоҷикӣ “ба маънои тасвири намоишӣ” маънидод менамоянд ва дар дунболаи ин ҷумла таъкид ба ин рисолаи Форобӣ намуда, тамсил “фарзи шоирона” номида шудааст.

Ба андешаи мо, модоме ки тамсил чун қавли шоирӣ шинохта шавад, пас онро бояд аз назари адабӣ баррасӣ намуд. Дар аксари осори ба илми бадеъ бахшидаи муҳаққиқони гузашта ва муосир тамсил ба сифати санъати бадеӣ омада, дар сужаи начандон калони он ҳар гуна махлуқот, наботот, ашё иштирок менамояд. Вале дар “Фарҳанги истилоҳоти адабӣ” [17, с.592] тамсил мавриди муҳокимаронихои зиёде қарор гирифта, он бештар ба сифати санъати шеърӣ муаррифӣ шудааст. “Тамсил дар истилоҳ он аст, ки иборатро дар назм ва наср ҷумлае, ки масал ё шабеҳи масал ва дарбаргирандаи матлабе ҳакимона аст, биёваранд. Ин санъат боиси ороиш ва тақвият ва қудрат бахшидан ба сухан мешавад [17, с.592]. Тамсил дар ин тавзеҳ аввалан ҷумлае, ки дарбаргирандаи матлаби ҳокимона аст, биёваранд “як матлаби ҳокимона ишора ба улуми фалсафӣ буда, вазифаҳои он чун санъат ороиш, тақвият ва қудратбахшандаи сухан” таъкид шудааст. Дар фаҳмиши имрӯз тамсил чун ҷинси адабӣ бо назари Форобӣ наздикӣ надорад. Форобӣ дар зери мафҳуми истилоҳоти адабӣ якчанд санъати шеъриро дар назар доштааст. Аз ҷумла истилоҳе, ки ӯ бештар мавриди баррасӣ қарор медиҳад, тамсил унвон дошта аз зумраи санъатҳои бадеиест, ки он қуввати суханро бештар нишонрас ва таъсирбахш месозад. Аз ҳамин нуқтаи назар мураттиби “***Фарҳанги истилоҳоти адабӣ***” [17, с.592] Симодод тамсилро чун санъати шеърӣ баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки “Тамсил аз ҷониби балоғиён ҳамвора мавриди тафсир қарор гирифтааст ва баҳс дар ин бора боз ҳам идома дорад. Баҳс дар бораи истилоҳи тамсил умуман бар меҳвари посух ба ду савол ҷараён дорад: Оё тамсил дар қаламрави истиора ҷой дорад, ё аз ҷумлаи танбеҳ аст?” [17, с.114].

Ин ҷо ду масъала матраҳ шудааст. Яъне, як гурӯҳ муҳаққиқон тамсилро чун санъати бадеии мутааллиқ ба санъатҳои шеърӣ дар қаламрави ду санъат, истиора ва ташбеҳ донистаанд, гурӯҳи дигар тамсилро ба ҷинси адабӣ марбут медонанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аввалин сарчашма оид ба тамсил ҳамчун санъати шеърӣ “Ал-муъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ мебошад. Ӯ дар боби шашум “Дар зикри маҳосини шеър ва тарзе аз саноати мустаҳсан, ки дар назму наср ба кор доранд” оид ба тамсил маълумот дода, чунин менигорад: “Тамсил ва он ҳам аз ҷумлаи истиорот аст, илло ки ин навъи истиорае аст ба тариқи мисол, яъне чун шоир хоҳад, ки ба маъние ишорате кунад, лафзе чанд, ки далолат бар маънии дигар кунад, биёраду онро мисоли маънии мақсуд созад. Ва аз маънии хеш бад он мисол иборат кунад...” [18, с.294-295].

Чунонки аз ин нигошта бармеояд, Шамс Қайс ба тамсил чунин хусусиятҳоро нисбат медиҳад: Тамсил аз ҷумлаи истиорот аст, чун маъние ишорат кунанд, лафзе чанд, ки далолат бар маъние дигар кунад, биёраду онро мисоли маънии мақсуд созад. Ҳамчунин Шамс Қайс ин санъатро хуштар аз истиораи муҷаррад меҳисобад. Барои рӯшантар фаҳмидани тамсил мебояд ҷустуҷӯ намуд, ки он аз рӯйи кадом хусусиятҳояш марбут ба истиора мебошад. Абдунабӣ Сатторзода дар “Такмилаи бадеии форсии тоҷик”-и истиораро иборат аст аз “истеъмоли лафз дар ғайри маънии ҳақиқӣ бар сабили орияӣ ва бар асоси алоқаи мушобиҳат байни маънии ҳақиқӣ ва маҷозии он” [7, с.180] медонад.

Чуноне ки мебинем, мавҷуд будани алоқаи мушоҳибат байни маънии ҳақиқӣ ва маҷозии лафз дар истиора аз хусусияти зотии он ба шумор меравад.

Аз назари Абдунабӣ Сатторзода ду масъала рӯшан мегардад, яке он, ки чаро тамсилро аз ҷумлаи истиорат гӯянд ва дигаре гурӯҳе бо кадом далел тамсилро аз ҷумлаи ташбеҳ ҳисобиданд.

Чун яке аз хусусиятҳои истиора ба ҷойи як калима истифодаи калимаи дигар бошад, тамсил ҳам ба хотири ишорат ба маъние намудан лафзе чанд, ки далолат ба маънии дигар кунад, биёраду онро мисоли маънии мақсуд созад, мебошад. Яъне ҳар ду санъат ҳам барои матлаброо баён сохтан калимаҳои дигареро, ки бар маънии дигар оварда, мақсади худро ироа доштан мебошад.

Акнун чаро тамсилро навъе аз ташбеҳ донистаанд ва аксари бадеъшиносон ба ин маънӣ ҳам ишора кардаанд. Бадеъшинос ва муаллифи “Санъати сухан”-Тӯрақул Зеҳнӣ зимни ироаи истиора яке аз хусусияти зотии истиораро ишора мекунад: “дар асоси монандии ду ҳодиса калима ба худ маънои маҷозӣ мегирад. Яъне истиора ба ташбеҳ хеле

наздик аст, дурусттараш он, ки дар асоси инкишофи минбаъдаи ташбеҳи пӯшида ҳосил шудааст” [3, с.66].

Модоме ки истиора аз ташбеҳи пӯшида ҳосил шуда бошад, пас тамсилро аз намудҳои ташбеҳ ҷустуҷӯ кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Абдуқодири Ҷурҷонӣ бар он аст, ки ҳар тамсил ташбеҳ аст, аммо ҳар ташбеҳе тамсил нест. Аз он сабаб чунин ақида роиҷ гашта, ки тамсил фақат ба ташбеҳи пӯшида иртибот дорад, ба дигар намудҳои ташбеҳ монанд шуда наметавонад.

Ниҳоят бисёре аз қолабҳои адабиро аз он ҷиҳат, ки баёнгари чунин шароит ҳастанд, метавон тамсил шумурд, мисли ҳикоёте, ки афсонаи тамсилӣ ном дорад. Гоҳ ин афсонаҳои тамсилӣ бо андак таъбир ба тамсил бадал мешаванд.

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ намунаҳои зиёди корбурди тамсилро метавон дар ҳикоятҳои “Калила ва Димна”, “Мантиқ-ут-тайр”-и Шайх Аттор, “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва монанди инҳо ҷустуҷӯ кард.

Чунонки Форобӣ дар асарҳои худ қайд менамояд, ӯ тамоми маълумоти вобастаи Арасту ва осори ӯро тавассути китобҳои Семистисос дастрас намудааст. Ва бар ҳасби он чӣ аз гуфторҳои мансуб ба Арасту дар боби шеър ва аз китобҳои Семистисос, дигар қудамо ва мутаохирон пайдо кардем, маълум мешавад, ки “Поэтика”-и Арасту дастраси Форобӣ набуда, балки ӯ афкори фалсафии Арастуро тавассути шарҳи “Поэтика”-и Арасту, ки аз ҷониби файласуфи юнон Семистисос таҳия шуда буд, дастрас намудааст.

Рисолаи дигари Форобӣ “Китоб-уш-шеър” ном дошта, тарҷумаи русии он аз нусхаи тасвирии дастнависи арабӣ таҳти унвони “Кутуб-ал-Форобӣ фӣ-л-мантиқ” сурат гирифтааст. Аз рӯйи иттилооти Ф. Қаддод нусхаи дигари ин рисола дар Истамбул мавҷуд буда, тарҷумаи он ба забонҳои дигар ҳанӯз дастрас нагардидааст.

Форобӣ дар ин рисола оид ба сохтор ва чигунагии шеъри араб баҳс намуда, дар асоси он 11 қоидаи шеъри арабро пешниҳод менамояд, ки аксари он ба шеъри тоҷикӣ созгор аст. Масалан, сохтори байт, мавҷудияти вазн, тақтеъ намудани калимаҳои дохили мисраҳо, таносуби сухани шеърӣ ва ғайра аз ҷумлаи хусусиятҳое мебошанд, ки минбаъд риояи онҳо барои шоирони аксари забонҳои дунё зарур шуморида мешавад. Ин талабот дар нисбати шеъру шоирӣ гарчи барои шеъри арабӣ таҳия шуда, минбаъд дар рисолаҳои ба шеъру шоирӣ бахшидаи ниёгони мо ба сифати дастур пазируфта шуд, шояд рисолаи “Ал- муъҷам”-и Шамс Қайси Розӣ ва “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ки аз аввалин рисолаҳо оид ба ҳунари шоирӣ мебошанд, асоси ҳунари шеъру шоириро аз ҳамин рисолаи Абӯнасри Форобӣ гирифта бошанд.

Ҳамин тариқ, назариёти адабии Абӯнасри Форобӣ як марҳилаи муҳимми инкишофи илму адабро ташкил дода, ӯ барои пажӯҳиши мантиқии шеъру шоирӣ бо осори илмии худ заминаи муҳиммеро асос гузошт. Хоссатан, Форобӣ доир ба таҳқиқи санъатҳои бадеӣ дар мисоли санъати муғолата ақидаҳои хеле ҷолиби аввалинро баён намуда, дар раванди таҳкими низоми тадқиқи санъатҳои лафзию маънавӣ ва шарҳи нуктаҳои асосии таълимоти Арасту андешаҳои боризи хешро иброз намуд, ки ҷолиберо баён карда, самти минбаъдаи шинохти фарҳанги Юнони бостонро нишон дод.

А Д А Б И Ё Т

1. Аль-Фараби. Трактат о канонах искусства поэзии / Пер. Б.Я. Ошерович, Е.Д. Харенко // Логические трактаты. - Алма-Ата: Наука, 1975. - С. 530-541.
2. Арасту. Андар шинохти шеър. - Душанбе: Адиб, 2007. - 169 с.
3. Зеҳнӣ, Турақул. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон, 1979. - 328 с.
4. Касымжанов А.Х. Эстетический взгляды Фараби / А.Х. Касымжанов. - Душанбе: Ирфон, 1990. - 144 с.
5. Сафӣ, Мавлоно Фахриддин Алӣ. Латоиф-ут-тавоиф. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 264 с.
6. Сатторзода, А. Аристотель и таджикско-персидская литературная мыслъ (IX-XVвв.). - Душанбе: Адиб, 2002. - 264 с.
7. Сатторзода, А. Такмилаи бадеии форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. - 380 с.
8. Фанни шеър; Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тӯсӣ. - Душанбе, 1985. - 132 с.
9. Фарҳанги форсии Амид.Ҷ.1-2. - Теҳрон, 1380. - 1820 с.
10. Фарҳанги мутавассити Деҳхудо.Ҷ 2. - Теҳрон, 1385. - 1050 с.
11. Ҳодизода Р. Ақидаҳои эстетики Форобӣ // Садои Шарқ. – Душанбе, 1975. - №9. - С.137-144.
12. Ҳусейнзода, Ш. Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик / Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов. - Душанбе: Маориф, 1985. - 116 с.
13. فارابی، ابونصر، الموسیقی الکبیر/فارابی، ابونصر. تحقیق و شرح غتّاس عبدالملک. قاهره، بدون تاریخ، ش 3.
14. فارابی، ابونصر. رساله‌های فارابی. در مج. رساله‌های شعری فیلسوفان مسلمان/ فارابی، ابونصر، ترجیمه، مقدّیمه و تعلیقات دوکتور سعید مهدی زرقانی و دوکتور محمّد حسن حسن‌زادة نیری. تهران، 1393. صح. 25 44.
15. **فارابی، ابونصر محمّد ابن محمّد. احصاء-العلوم/ترجمة حسین خدیف اجم. تهران: بنیاد فرهنگ ایران، 1345 ه 231** ص
16. کلیات دیوان جامی. با مقدّمة فرشید اقبال.-تهران: اقبال. 1385. 711ص
17. سیماداد. فرهنگ اصطلاحات ادبی/سیماداد.-تهران، 1382. 592
18. راضی، شمس‌الدّین قیس. المعجم فی مایر اشعار العجم/ ار راضی، شمس‌الدّین قیس: با تصحیح الامة فقید سعید محمّد عبدالوهاب قزوینی، با مقابله با شش نسخة خطّی قدیمی و تصحیح مدرّس رضوی، تهران. 1314.-360 صح
19. کدکنی، محمدرضا شفیعی. موسیقی شعر/محمدرضا شفیعی کدکنی. تهران، 1373، 682 ص.

НАҚШИ АБӮНАСРИ ФОРОБӢ ДАР ШАРҲИ РИСОЛАИ «ФАННИ ШЕЪР»-И АРАСТУ

Аз рисолаҳои муҳимми Форобӣ, ки то ба замони мо расидааст, рисола дар шарҳи «Поэтика»-и Арасту ба унвони «Фӣ қавонин ус-санъатайн аш-шеър», яъне «Рисола дар бораи қонунҳои санъати шеър» мебошад. Ин рисолаи начандон бузургро Форобӣ дар пайравӣ ва шарҳи ақидаҳои адабию эстетикии Арасту бахшидааст. Форобӣ дар ин рисолаҳои худ оид ба сохтор ва чигунагии шеъри араб баҳс намуда, дар асоси он 11 қоидаи бунёдии шеъри арабро нишон дода, кӯшиши аксари онҳоро дар шеъри тоҷикӣ татбиқ намуданро мекунад. Масалан, сохтори байт, мавҷудияти вазн, тақтеъ намудани калимаҳои дохили мисраъҳо, таносуби сухани шеърӣ ва ғайра аз ҷумлаи вижагиҳое мебошанд, ки минбаъд риояи онҳо барои шоирони аксари забонҳои дунё зарур шуморида мешавад. Ин талабот дар нисбати шеъру шоирӣ гарчи барои шеъри арабӣ таҳия шуда, минбаъд дар рисолаҳои ба шеъру шоирӣ бахшидаи ниёгони мо ба сифати дастур пазируфта шуд. Форобӣ доир ба таҳқиқи санъатҳои бадеӣ дар мисоли санъати муғолата ақидаҳои хеле ҷолиби аввалинро баён намуда, дар раванди таҳкими низоми тадқиқи санъатҳои лафзию маънавӣ ва шарҳи нуктаҳои асосии таълимоти Арасту андешаҳои ҷолиберо баён карда, самти минбаъдаи шинохти фарҳанги Юнони бостонро нишон додааст.

Калидвожаҳо: рисола, тақлид, санъат, илм, афкор, фурсат, шеър.

АБУНАСР ФАРАБИ И КОММЕНТАРИЙ К ТРАКТАТУ “ПОЭТИКА” АРИСТОТЕЛЯ

К числу важнейших трактатов Фараби, дошедших до наших дней, относится трактат по комментарию “Поэтики” Аристотеля с названием «Фӣ ќавонин ус-санъатайн аш-шеър», что в переводе обозначает «Рисола дар бораи ќонунњои санъати шеър». В этом не очень объемном трактате, созданном в подражание и в качестве комментария литературно-эстетических взглядов Аристотеля. Как нам кажется, основной целью средневековых исследователей, в том числе и Фараби”, являлись комментарии к трудам греческих и арабских ученых и приближение трудов этих мыслителей к пониманию представителей просвещения; с другой стороны, приведение в соответствие развития и усовершенствования философии и научной системы Аристотеля в единстве с историческими условиями того времени, взглядов и мыслей народов Мавераннахра и Хорасана с другими проблемами науки той эпохи. Абунаср Фараби, излагая свой трактат в подражание и в качестве комментария к убеждениям греческого философа, рассматривает комментарии даже к поэтическим искусствам на основе указаний Аристотеля. Литературные взгляды Абунасра Фараби составляют важный этап в развитии науки о литературе; в своих научных трудах он заложил ценный фундамент в логическом исследовании поэзии и стихотворства. В частности, Фараби впервые излагает очень интересные мысли о процессе упрочения исследования словесных, духовных искусств и интерпретации основных моментов учения Аристотеля, указав тем самым последующее направление в изучении Древней Греции.

Ключевые слова: трактат, подражание, искусства, наука, мысль, момент, стих.

ABUNASER OF THE FARABY AND COMMENTARY ON THE TRACT OF THE "POETHIC" OF THE ARISTOTEL

Among the most important treatises of Farabi, which have survived to this day, is a treatise on the commentary of "Poetics" by Aristotle with the title "Fia ќavonin us-sanatain ash-shear", which means "Risola dar borai ќonunњoi san'ati sher". In this not very voluminous treatise, created in imitation and as a commentary of the literary and aesthetic views of Aristotle. It seems to us that the main goal of medieval researchers, including Farabi, was comments on the works of Greek and Arab scholars and the approach of the works of these thinkers to the understanding of representatives of education; on the other hand, aligning the development and improvement of Aristotle's philosophy and scientific system in unity with the historical conditions of that time, the views and thoughts of the peoples of Maverannahr and Khorasan with other problems of science of that era. Abunasr Farabi, expounding his treatise in imitation and as a commentary to the convictions of the Greek philosopher, considers the commentary even on poetic arts on the basis of Aristotle's instructions. Literary views of Abunasra Farabi constitute an important stage in the development of the science of literature; in his scientific works he laid a valuable foundation in the logical study of poetry and poetry. In particular, Farabi first presents very interesting thoughts on the process of strengthening the study of verbal and spiritual arts and the interpretation of the main points of Aristotle's teachings, thus indicating the subsequent direction in the study of ancient Greece.

Key words: treatise, imitation, art, science, thought, moment, verse.

Сведения об авторе: ***Одинаев Нурмухаммад Сафарович*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки, научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **odinaievn@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-445-33-44**

Information about the author: ***Odinayev Nurmukhammad Safarovych*** - Institute of Language and Literature A.Rudaki, research associate. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 21. E-mail: **odinaievn@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-445-33-44**

УДК: 492.7.09+891.550-1

БАРРАСИИ ТАРҶУМАҲОИ АРАБИИ РУБОИЁТИ ХАЙЁМ

Мирзоев У.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар қаламрави давлати Салҷуқиён теъдоди бузурги шоирону файласуфон ва олимони барҷастаи халқҳои эронӣ арзи ҳастӣ намуда буданд, ки Умари Хайём яке аз онҳост. Ӯ дар замони хеш байни хоссу ом ҳамчун як шахси ҳаким, мунаҷҷим ва риёзидон шуҳрат пайдо карда буд. Аммо дар замони мо ӯро бештар бо рубоиёти ҷаззобаш дар Шарқу Ғарб мешиносанд. Адабиётшиноси эронӣ Ризозода Шафақ мегӯяд: «Адабиёти

Эрон дар асри онон (Салҷуқиён) назҷ[15] гирифт ва ривоҷ ёфт. Шоирони номӣ ва фузалои маъруф монанди Носири Хусрав, Умари Хайём, Анварӣ, Муиззӣ, Қатрон, Саноӣ, Фаридаддини Аттор ва таърихнависон монанди Ровандӣ, донишмандону фуқаҳо ва машоих монанди Ғаззолӣ, Қушайрӣ, Наҷмиддини Кубро зуҳур карданд ва осори адабӣ, таърихӣ ва динии мансур ва манзум бештар аз дигар даврaҳои гузашта ба вуҷуд омад» [6, с.105].

Шоир ва мутарҷими ироқӣ Ҷалол Зангободӣ дар бораи Хайём мегӯяд: «Ягон шоири шарқӣ, хусусан шоирони машҳури рубоисарои эронӣ, ба монанди Абӯсаиди Абулхайр, Боботоҳири Ҳамадонӣ, Шайх Абдуллоҳи Ансорӣ, Маҳастии Ганҷавӣ, Бобоафзал Кошонӣ, Ҷамолиддин Салмони Совачӣ, шуҳратеро, ки ба Умари Хайём тӯли якуним аср насиб гаштаву мавриди таваҷҷуҳи мутарҷимон ва муҳаққиқон дар атрофи олам қарор дорад, ба даст наовардаанд. Ҳатто наздик буд, ки таваҷҷуҳи бузургони аврупо: Данте, Сервантес, Шекспир, Кавита, Нустер Адамсро рабояд» [2, с.21].

Чун ба мероси адабии қадимаи арабӣ, аз ҷумла «аз-Зоҷир ли-с-сиғор ан муоразат ал-кибор»-и Замахшарӣ, «Таърих ал-ҳукамо»-и Шаҳразурӣ ва ғайра назар афканем, мебинем, ки дар он Хайём мавриди назари хос қарор ёфта, аз ӯ таърифу тавсиф шудааст. Шояд аз он бошад, ки шоир аз ҷумлаи шоирони зуллисонайн (соҳиби ду забон; арабӣ ва форсӣ) буд. Шоир дар асри Салҷуқӣ умр ба сар бурда, яке аз олимони мусалмон ва файласуфони машҳури қарни панҷуми ҳиҷрӣ маҳсуб меёфт. Забони арабиро хуб аз худ намуда ва бо ин забон бештар таълифоти илмӣ ва фалсафӣ намуда буд. Ҳамчунин яке аз хутбаҳои Ибни Синоро, ки бо номи «Хутбаи Ғарро» машҳур аст, аз забони арабӣ ба забони форсӣ тарҷума намудааст [5, с.113]. Хайём ба арабӣ низ шеър навиштааст, ки 19 байтро ташкил медиҳад.

Дар сарчашмаҳои қадим зикр шудааст, ки Ҳуҷҷатулҳақ Умари Хайём бо ҳофизаи қавӣ, фазлу заковат ва матонати илмӣ дар байни хоссу оми давраи хеш аз дигарон фарқ менамуд. Аз ҷумла, ӯро ба Абӯали Ибни Сино дар улуми ҳикмат баробар кардаанд, ки мислаш дар замони худ набуда, аз тамоми анвои улуми ҳикмат ва хосса илми риёзиёт бархӯрдор будааст [8, с.324].

Ҳангоме ки аввалин бор адиби англис Фитсчералд рубоиёти Хайёмро дар соли 1859 мелодӣ аз забони форсии тоҷикӣ ба забони англисӣ тарҷума намуд, он аз ҷониби табақаи гуногуни мардум истиқбол ёфт, ки дар миёни онон адибони араб низ буданд. Ин амр боиси тарҷума намудани рубоиёти Хайём ба забони арабӣ гардид ва шоирону нависандагони араб батадриҷ ба тарҷума намудани рубоиёти шоир рӯй оварданд. Тарҷумаҳои рубоиёти арабии Хайём баъзан бавосита, яъне аз забонҳои аврупоӣ (англисӣ, фаронсавӣ ва ғайра) ва баъзан бевосита аз забони форсии тоҷикӣ ба арабӣ сурат гирифтаанд. Тарҷумаҳои арабии рубоиёти Хайём заминаи муносибе фароҳам овард, ки ҷаҳони араб ба адабиёти форсии тоҷикӣ ошно шавад ва фарҳангдӯстони арабзабонро барои робита баркарор намудан бо рубоиёти Хайём водошт. Рубоиёти Хайём на танҳо ба забони адабӣ, балки ба лаҳҷаҳои арабӣ низ тарҷума шудааст.

Ҳадафи ин таҳқиқот ба адабдӯстон пешниҳод кардани маълумоти умумӣ оид ба аввалин ва охирин мутарҷими рубоиёти Хайём ва ҳамзамон, теъдоди тарҷумаҳои арабии рубоиёти ин ҳакими беназир аст.

Қобили зикр аст, ки рубоиёти шоир ба ғайр аз забони арабӣ ба бештари забонҳои зиндаи дунё тарҷума шудааст, аз ҷумла: англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, итолиёӣ, туркӣ, русӣ, ҳиндӣ, арманӣ, чехӣ, маҷорӣ, испанӣ, шведӣ, курдӣ, булғорӣ, даниягӣ, полшагӣ, руминӣ, синдӣ, лотинӣ, норвегӣ, чинӣ ва ғайра.

Аммо аз миёни ин забонҳо рубоиёти Хайём бештар дар забони арабӣ ва англисӣ вусъат пайдо намудааст. Рубоиёти Хайёмро танҳо ба забони арабӣ ҳафтоду шаш маротиба тарҷума кардаанд ва ба забони англисӣ зиёда аз чил тарҷумаи он мавҷуд аст.

Нахустин касе, ки кӯшиши тарҷума кардани рубоиёти Хайёмро намудааст, Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Музаффар маъруф ба Қозӣ Низомиддини Исфаҳонӣ (ваф: 1281м.), мебошад. Ин кӯшиши ӯ дар асри VII-и ҳиҷрӣ сурат гирифта буд. Рубоии тарҷуманамудаи ӯ ин аст:

الصانع إذا أحسن في التركيب لم يخرج في نظمه عن الترتيب
إن ساء فمن أحق بالتثريب أو أحسن ما الحكمة في التخريب

[9, с.77].

Матни асли рубоии мазкур чунин аст:

Доранда чу таркиби табоеъ орост,
Боз аз чӣ сабаб фикандаш андар каму кост?
Гар нек наёмад ин бино, айб кирост?
В-ар нек омад, харобӣ аз баҳри чӣ хост?!

[10, с.329].

-

[15] Назҷ гирифтан: равнақ гирифтан, пухта расидан.

Шояд Баҳоуддин Муҳаммад Омилӣ, соҳиби Кашкул (1546-1662 мелодӣ), ки бо номи Шайх Баҳоӣ низ машҳур аст, яке аз нафарони таъсирпазируфта аз Хайём бошад, зеро рубоиеро, ки ибтидояш чунин аст: «Говест дар осмону номаш Парвин...» ба арабӣ тарҷума намудааст:

وثورين حاطا بهذا الورى
فثور الثُّريا وثور الثرى
ومن تحت هذا ومن فوق ذا
حَميرٌ مسرحةٌ في قرى

[2, с.63].

Пас аз гузашти шашу ним аср аз кӯшиши Низомиддини Исфаҳонӣ рубоиёти Хайём дар тарҷумаи адиби англис Эдуард Фитсчералд овозаи дубораву ҷаҳонгир касб кард. Сипас, тарҷумаи рубоиёт дар Ғарб ба шакли васеъ оғоз шуд. Арабзабонон низ дар қатори дигар миллатҳо ба тарҷумаи рубоиёт дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла бо забони адабиву лаҳҷаҳо ва насру назм, рӯй оварданд. Аз ин бармеояд, ки тарҷумаи арабии рубоиёт дар карни бистум пас аз тарҷумаи англисии он шурӯъ шудааст.

Миёни донишмандон дар масъалаи нахустин мутарҷими рубоиёти Хайём ба забони арабӣ дар ибтидои асри бист ихтилофи назар аст. Баъзеҳо Вадиъ ал-Бустониро аввалин мутарҷими рубоиёти Хайём мепиндоранд. Аммо ба андешаи муҳаққиқи араб Юсуф Ҳусайн Баккор нахустин касе, ки рубоиёти Хайёмро бар асоси тарҷумаи англисии Фитсчералд ба насри арабӣ тарҷума намуда буд, адиби мисрӣ Аҳмад Ҳофиз Иваз аст. Қобили зикр аст, ки ӯ 9 рубоиро аз забони англисӣ ба арабӣ дар шакли наср тарҷума намуда, онро бо номи «Шоирони форс» дар маҷаллаи мисрӣ соли 1901-и мелодӣ нашр кардааст. Пас аз тарҷумаи Аҳмад Ҳофиз Иваз тарҷумаҳои дигаре аз рубоиёти шоир пайдо шуданд, ки ба қалами Исо Искандари Маълуф тааллуқ доштанд. Ӯ соли 1904-и мелодӣ 6 рубоии Хайёмро аз забони англисӣ ба назми арабӣ дароварда, соли 1910-и мелодӣ дар маҷаллаи «ал-Ҳилол» нашр кардааст [3, с.133-134].

Аммо шоири машҳури араб Вадиъ ал-Бустонӣ рубоиётро аз забони англисӣ ба арабӣ тарҷума намуда, онро на ба шакли рубоӣ, балки дар шакли субоӣ, яъне шеъри ҳафтмисрагӣ даровардааст. Ӯ соли 1912 мелодӣ тарҷумаҳои худро нашр кардааст. Ба эътирофи худи шоир ӯ забони форсиро намедонист ва тарҷумаҳояш тибқи тарҷумаҳои фаронсавӣ ва англисӣ, хусусан тарҷумаи Эдуард Фитсчералд, асос ёфтаанд. Ӯ ҳамагӣ ҳаштод рубоиро тарҷума намуда, онро чилтоӣ ба ду қисм ҷудо карда, «нашиди якум» ва «нашиди дуюм» ном ниҳодааст. Ба ҳар як субоӣ мувофиқи мазмунаш номи махсус ниҳодааст. Тарзи қофиябандӣ низ дар субоиёт хеле ҷолиби диққат мебошад. Се мисраи аввали субоӣ бо як қофия ва дутои минбаъда бо дигар қофия омадаанд. Мисраи пеш аз охир бо ягон мисраи субоӣ ҳамқофия нест, вале мисраъҳои охирини субоӣ бо мисраъҳои охирини дигар субоиҳо ҳамқофиянд.

Пас аз Вадиъ ал-Бустонӣ дигар мутарҷимони рубоиёти Хайём низ зуҳур карданд, ки ададашон аз ҳафтод нафар бештар аст. Абдурраҳмон Шукрӣ, Абдуллатиф Нашшор, Муҳаммад Сибоӣ, Мустафо Ваҳбӣ ат-Тал, Аҳмад Ромӣ, Иброҳим Абдулқодир Мозинӣ, Ҷамил Сидқӣ Заҳовӣ, Аҳмад Закӣ Абушодӣ, Аҳмад Ҳомид Сарроф, Иброҳим Ариз, Тавфиқ Муфаррач, Абдулҳақ Фозил, Маҳдӣ Ҷосим, Муҳаммад Ғунайми Ҳилол, Абунаср Мубашшир Тирозӣ, Бадр Тавфиқ, Ҷорҷ Халил Морун ва дигарон аз зумраи мутарҷимони шинохтаи рубоиёти Хайём маҳсуб меёбанд.

Тамоми ин мутарҷимон аз як минтақа набуда, балки аз кишварҳои гуногуни арабӣ мебошанд. Аз ҷумла: Миср, Ироқ, Лубнон, Урдун, Сурия, Фаластин, Баҳрайн, Арабистони Саудӣ, Мағриб, Судон ва ғайра. Ба ғайр аз ин тарҷумонҳо нафарони дигаре низ ҳастанд, ки дар хусуси зодгоҳашон маълумоте дар даст надорем. Аз миёни тарҷумаҳои эшон 21 тарҷума аз забони аслии рубоиёт (форсӣ) ба забони арабӣ сурат гирифтаанд. 16 тарҷума бар асоси тарҷумаи Фитсчералд ва боқимондаи тарҷумаҳо аз забонҳои туркӣ, итолиёӣ, фаронсавӣ ва ғайра сурат гирифтаанд. Инчунин дар ин миён тарҷумаҳое низ ҳастанд, ки аз кадом забон тарҷума шуданашон мушаххас нест. Аз миёни ин тарҷумаҳо 40-тояшон манзум ва боқимонда ҳама мансуранд.

Баъзе мутарҷимон рубоиёти Хайёмро аз асли форсӣ ва баъзеашон аз дигар забонҳо, аз ҷумла англисӣ ва фаронсавӣ ба арабӣ тарҷума кардаанд, ки яке дар шакли назм тарҷума мекарду дигаре дар шакли наср.

Гуфта мешавад, ки охирин нафаре, ки рубоиёти Хайёмро ба забони арабӣ тарҷума кардааст як мутарҷими судонӣ мебошад, аммо мутаассифона, мо оид ба он тарҷума маълумоте пайдо накардем. Инчунин Муҳаммад Алоуддин Мансур аз Миср рубоиётро тарҷума кардааст, ки ҳеҷ маълумоте атрофи он мавҷуд нест. Аммо нафаре, ки кӯшиши тарҷумаи рубоиётро дар солҳои охир кардааст, Ҷорҷ Халил Морун аст. Ӯ 5 рубоиро дар шакли назм тарҷума намуда, дар муқобили он рубоиёти аслии форсиро оварда, онро дар китоби худ бо номи «ал-Форисия ва ашҳару аълом ал-адаб» ҷой дода, соли 2010-и мелодӣ

дар Лубнон ба чоп расонидааст. Дар ҳар сурат, Ҷорҷ Халил Морун охирин мутарҷими рубоиёти Хайём маҳсуб мешавад [3, с.133-134].

Мувофиқи андешаи умумии муҳаққиқону мунаққидони рубоиёти Хайём беҳтарин тарҷумаи рубоиётро ба забони арабӣ шоири ироқӣ Аҳмад Софӣ Наҷафӣ анҷом додааст. Чунки тарҷумаи ӯ дар муқоиса бо рубоиёти аслӣ аз рӯйи маъно монанд буда, аз асли маъно дур нарафтааст. Шоир ва адабиётшиноси эронӣ Маликушшуаро Баҳор дар хусуси тарҷумаи Наҷафӣ чунин гуфтааст: «Баъзе аз тарҷумаҳо илова бар мувофиқати том бо асл доштанашон аз нуқтаи назари балоғат ва услуб аз асл болотаранд» [2, с.64].

Пас аз тарҷумаи Наҷафӣ тарҷумаи Аҳмад Ромӣ беҳтарин тарҷумаи арабии рубоиёти Хайём дониста мешавад. Гарчанде Ромӣ дар баъзе ҳолатҳо аз маъно ва муҳтавои рубоӣ дур шуда бошад ҳам, тарҷумаи ӯ дар шакли шеърии олӣ иншо шудааст.

Шуҳрати рубоиёти Хайём ҷаҳони арабро чунон тасхир намуд, ки ҳатто бо лаҳҷаҳои арабӣ низ тарҷума намудаанд. Тоҷиддин Мардонӣ мегӯяд: «Шуҳрати рубоиёти Умари Хайём дар мамлакатҳои араб чунон паҳн шуд, ки баъзе шоирон ҳаракат карданд онро ба лаҳҷаҳои маҳалли кишварҳои гуногуни араб гардонанд. Аз қабили ин гуна кӯшишҳо тарҷумаҳои шоири мисрӣ Ҳусайн Мазлум Риёз ва шоири лубнонӣ Артур Зу ҷолиби диққатанд» [4, с.120].

Ба ғайр аз тарҷумонҳои рубоиёти Хайём, олимони бисёреро зикр кардан мумкин аст, ки дар бораи ҳаёту фаъолият, мероси илмӣ-адабӣ ва афкори фалсафии Хайём китобу рисолаҳои гуногун таълиф намудаанд. Яке аз онҳо адиби урдунӣ Юсуф Ҳусайн Баккор аст, ки ӯро «Ҷустуҷӯкунандаи Хайёми ҳақиқӣ» ном мебаранд. Ӯ 4 китоб ва зиёда аз 17 мақола оид ба Хайём ва рубоиёти ӯ навиштааст. Дар баробари Баккор метавон номи Абдулҳақ Фозилро, ки китоби «Саврат-ул-Хайём»-ро таълиф намудааст, ном бурд. Инчунин Мубашшир Тирозӣ бо китоби «Кашф-ул-лисом ан рубоиёт ал-Хайём»-и худ саҳми хешро дар баррасии муфассали рубоиёти Хайём гузоштааст.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқони эҷодиёти Хайём дар Шарқи Араб ба ҳамаи ин маҳдуд нашуда, асарҳои хайёмшиносони аврупоиро низ ба забони арабӣ тарҷума кардаанд. Аз ҳамин қабил асарҳо китоби «Қиссаи зиндагии Хайём»-и Гаролд Лемм ном нависанда ва адабиётшиноси англисро зикр кардан мумкин аст, ки аз тарафи Муҳаммад Тавфиқ Мустафо ба забони арабӣ гардонда шудааст [4, с.121].

Ин ҳама баёнгарӣ он аст, ки ҳунари шоиронаи Хайём дар адабиёти муосири араб таъсиргузор мебошад. Ин падидаро баъзе олимони эронӣ ҳамчун «Падидаи хайёмӣ» дар адабиёти муосири араб арзёбӣ кардаанд.

Ин таъсиргузориҳоро метавон дар ашъори баъзе шоирони муосири араб, ба монанди Ҷамил Сидқӣ аз-Заҳовӣ шоири ироқӣ, Илё Абумозӣ шоири лубнонӣ ва дигар шоирони муосири араб, дарёфт.

Шуҳрати рубоиёти Хайём на танҳо маҳфилҳои адабию фарҳангии дунёи арабро дар бар гирифтааст, балки он маҷлисҳои оммаи мардумро низ зинат бахшидааст. Ҳамаи ин мавридҳо ҷойгоҳи баланду арзишманди «Падидаи хайёмӣ»-ро дар адабиёти муосири араб нишон медиҳанд.

Дар ҷадвали зер рубоиёти тарҷумашуда, ки дар тӯли таърих ба ҷаҳониён муаррифӣ гардидаанд оварда мешавад. Дар ин ҷадвал номи мутарҷим, шумори рубоиёти тарҷумашудааш, аз кадом забон сурат гирифтани тарҷума, навъи тарҷума (назм ё наср), замон ва макони чоп мушаххас оварда шудааст:

Табл. 1. Тарҷумаҳои арабии рубоиёт
Tabl. 1. Arabic translations of rubaiyats

№	Номи мутарҷим	теъдоди рубоӣ	асли тарҷума	навъи тарҷума	соли тарҷума	макони тарҷума
1	Аҳмад Ҳофиз Иваз	9	англисӣ	наср	1901	Миср
2	Исо Искандар Маълуф	6	англисӣ	назм	1910	Лубнон
3	Вадиъ ал-Бустонӣ	80	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1912	Фаластин
4	Маълум нест	4	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1912	
5	Абдураҳмон Шукрӣ	3	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1912	Миср
6	Абдуллатиф Нашшор	28	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1917	Миср
7	Муҳаммад Сибоӣ	101	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1922	Миср
8	Мустафо Ваҳбӣ Тал (1)	155	туркӣ, форсӣ ва тарҷумаи Бустонӣ	наср (махтут)	1922	Урдун
9	Маҳмуд Манҷурӣ	16	тарҷумаи	наср	1923	Миср

			Фитсчералд			
10	Муҳаммад Ҳошимӣ	113	тарҷумаи Сарроф	назм	1923-1936	Ироқ
11	Аҳмад Ромӣ	168	форсӣ	назм	1924	Миср
12	Мозинӣ	13	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1924	Миср
13	Амин Нахла	12	тарҷумаи Фитсчералд	наср	1925	Лубнон
14	Мустафо Ваҳбӣ Тал (2)	32	аз тарҷумаи якуми хеш	наср		Урдун
15	Заҳовӣ	130	форсӣ	наср	1928	Ироқ
16	Аҳмад Ҳомид Сарроф	198	форсӣ	наср	1931	Ироқ
17	Аҳмад Закӣ Абушодӣ	130	тарҷумаи Заҳовӣ	назм	1931	Миср
18	Иброҳим Ариз	152	форсӣ ва тарҷумаи Фитсчералд	назм	1933-1934	Баҳрайн
19	Ҳумоюн	5	форсӣ	назм	1939	
20	Аббос Маҳмуд Аққод	1	тарҷумаи Фитсчералд		1942	Миср
21	Ҳусайн Мазлум Риёз	115	Тарҷумаи Сибоӣ ва Бустонӣ	лаҳҷавӣ	1944	Миср
22	Нуриддин Мустафо	3	форсӣ	назм	1922	Миср
23	Тавфиқ Муфаррағ	107	форсӣ ва Фитсчералд	назм	1947	Лубнон
24	Мустафо Ҷавод	18	тарҷумаи Сарроф	назм	1949	Ироқ
25	Фозил ибни Ҳамуд		тарҷумаи Наҷафӣ			Ироқ
26	Аббос Турҷумон		форсӣ	лаҳҷавӣ	1949	Ироқ
27	Толиб Ҳайдарӣ	159	форсӣ	назм	1950	Ироқ
28	Абдулҳақ Фозил	381	форсӣ	назм	1951	Ироқ
29	Аҳмад Закӣ Абушодӣ	108	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1952	Миср
30	Исо Ноавӣ	8	итолиёӣ	наср	1954	Урдун
31	Муҳаммад Ҳасан Аввод	6	тарҷумаи Сарроф	назм	1955	Саудӣ
32	Ҷамил Малоика	50	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1957	Ироқ
33	Нуел Абдулҳақ	75	тарҷумаи Фитсчералд	наср	1958	Сурия
34	Муҳаммад Абдуссалом Кифофӣ	8	форсӣ	наср	1959	Миср
35	Артур Зу	75	тарҷумаи Фитсчералд	лаҳҷавӣ	1962	Лубнон
36	Маҳдӣ Ҷосим	182	форсӣ	назм	1964	Ироқ
37	Ҳикмат Фарағ ал-Бадрӣ	110	форсӣ	назм	1964	Миср
38	Муҳаммад Ғунаймӣ Ҳилол	23	форсӣ	наср	1965	Миср
39	Ҷаъфар Халилӣ	1	форсӣ	назм	1965	Ироқ
40	Муҳаммад Маҳдӣ Кубба	11	форсӣ	назм	1965	ироқ
41	Аҳмад Абдуҷаббор	116	тарҷумаи Абушодӣ ва тарҷумаҳои арабии дигар	лаҳҷавӣ	1965-1966	Ироқ
42	Муҳамммад Ҷамил Ақилӣ	79	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1966	Сурия
43	Абунаср Мубашшир Тирозӣ	40	форсӣ	наср	1967	Миср
44	Қайсар Маълуф	86	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1968	Лубнон
45	Фуод Сайёд	5	форсӣ	наср	1969	Миср
46	Аҳмад Иброҳим Шариф	25	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1970	Миср
47	Аҳмад Сулаймон	181	тарҷумаи	лаҳҷавӣ	1975	Миср

	Ҳиҷоб		Ромӣ			
48	Исъод Қандил	12	форсӣ	наср	1975	Миср
49	Муҳаммад Рахо	106	тарҷумаи Тавфиқ Муфаррағ	лаҳҷавӣ	1975	Миср
50	Омир Буҳайрӣ	75	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1978	Миср
51	Муҳаммад ибни Товит	150	форсӣ	назм	1985	Мағриб
52	Марям Муҳаммад Зуҳайрӣ	21	Форсӣ	наср	1986	Миср
53	Солеҳ Ҳусайнӣ					
54	Муҳаммад Фуротӣ		форсӣ	махтут		Сурия
55	Бадр Тавфиқ	101	тарҷумаи Фитсчералд	назм	1989	Миср
56	Козим Камуна		форсӣ		1996	Ироқ
57	Д. Комил					Ироқ
58	Алӣ Ҳоирӣ				1999	Ироқ
59	Нуриддин Мустафо	3	форсӣ	назм	1929-1944	Миср
60	Муҳаммад Амин					Ироқ
61	Муҳаммад Мансур					Миср
62	Абдуллоҳ Холидӣ ва Таллол Маҷзуб	7	форсӣ	наср	2001	Лубнон
63	Муҳаммад Нуриддин	79		наср	2005	Миср
64	Нуриддин Сумуд	5		назм	2008	Миср
65	Ҷорҷ Халил Морун	5	форсӣ	назм	2010	Лубнон

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳақ Ф. Саврат ал-Хайём. Нашри аввал. – Бағдод – Бейрут, 2013. – 271с.
2. Зангободӣ Ҷ. Девон Умар ал-Хайём. Нашри аввал. – Бейрут, 2010. – 269 с.
3. Қурбонзода Б. Умар ал-Хайём байна дорисин ал-араб. – Бейрут, 2011. – 288 с.
4. Мардонӣ Т. Саҳифаҳое аз равобити адабии арабу ачам. - Душанбе: Ирфон, 2010. – 236 с.
5. Сулаймонов С. Расоили фалсафии Умари Хайём / С. Сулаймонов. - Душанбе: Ирфон, 2000. - 319 с.
6. Ризозода Ш. Таърихи адабиёти Эрон. - Теҳрон, 1341ҳ.ш. - 446 с.
7. Ҳумоюнфар Ф. Симои Хайём. Китобхонаи Маҳмуд Фурӯғӣ, 1363 ҳ.ш. – 183 с.
8. Шамсиддин Ш. Нузҳат ал-арвоҳ ва равзат ал-афроҳ (Таърих ал-ҳукамо); таҳқиқи Д.Абдулкарим Абушувайриб. нашри аввал. – Тароблус; 1988 м. – 472 с.
9. Нуриддинова Ш. Таърихи ташаккул ва таҳаввули жанри рубоӣ дар адабиёти араб / Ш. Нуриддинова. – Душанбе: СОНДТ, 2010. – 128 с.
10. Исмоил Я. Нодираи айём ҳаким Умари Хайём ва рубоиёти ӯ. – Теҳрон, 1342 ҳ.ш. – 416 с.

БАРРАСИИ ТАРҶУМАҲОИ АРАБИИ РУБОИЁТИ ХАЙЁМ

Яке аз абармардони адабиёти тоҷик, ки номаш оламшумул гаштаву эҷодиёти илмиву адабӣ, аз ҷумла рубоиёташ мавриди қабули ҳама ҷаҳониён аст, ҳаким Умари Хайём маҳсуб мешавад. Хайём бо рубоиёти ҷаззобу дилнишини худ, дили аксари мардуми оламро шефта гардонидааст. Ин буд, ки рубоиёти ӯ бо чандин забонҳои машҳури дунё, аз ҷумла арабӣ тарҷума гардид. Аммо аз миёни ин забонҳо тарҷумаи рубоиёти Хайём бештар дар забони арабӣ ва англисӣ вусъат пайдо намудааст. Рубоиёти Хайёмро танҳо ба забони арабӣ ҳафтоду шаш маротиба тарҷума кардаанд ва ба забони англисӣ зиёда аз чил тарҷумаи он мавҷуд аст. Тарҷумаҳои арабии рубоиёти Хайём заминаи муносибе фароҳам овард, ки ҷаҳони араб бо яке аз шоҳкориҳои адабиёти форсии тоҷикӣ ошноӣ пайдо намуда, фарҳангдӯстони араб ҳар яке ба гунаи хеш бо рубоиёти Хайём пайванд барқарор кунанд. Дар мақола саъй мешавад, то таҳқиқот атрофи аввалин ва охирин мутарҷими рубоиёти Хайём ва ҳамзамон, теъдоди тарҷумаҳои арабии рубоиёти ин ҳакими беназирро фаро гирад. Инчунин, дар бораи чигунагии вуруди рубоиёти Хайём ба адабиёти арабиро баррасӣ намуда, тарҷумаҳои рубоиётро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Рубоиёти тарҷумашуда, ки дар тӯли таърих ба ҷаҳониён муаррифӣ гардидаанд, дар шакли ҷадвалӣ оварда мешаванд. Дар он ҷадвал номи мутарҷим, шумори рубоиёти тарҷумашудааш, аз кадом забон сурат гирифтани тарҷума, навъи тарҷума (назм ё наср), замон ва макони чоп мушаххас оварда шудааст.

Калидвожаҳо: Умари Хайём, забони арабӣ, забони форсӣ, тарҷума, адиб, рубоиёти Хайём, шоир.

ИССЛЕДОВАНИЕ АРАБСКИХ ПЕРЕВОДОВ РУБАИ ХАЙЯМА

Одним из выдающихся представителей таджикской литературы, имя которого известно всему миру и его научное и литературное творчество и его рубаи признаны во всем мире, является поэт и ученый Умар Хайям. В настоящее время имя Хайяма связано в первую очередь с его рубаи, наполненными глубоким смыслом, которые переведены на многие известные языки мира. Но среди этих языков получило огромное развитие перевод его рубаи на арабский и английский языки. Рубаи Хайяма только на арабский язык переведены семьдесять шесть раз, на английском языке существует свыше сорока его вариантов. Арабские переводы рубаи Хайяма создали благоприятную почву для ознакомления арабского мира с одним из шедевров персидско-таджикской литературы и каждый арабский почитатель поэзии и культуры устанавливает свою связь с рубаи Хайяма. В статье делается попытка ознакомления читателя с первым и последнимм переводчиком рубаи Хайяма, а также даётся информация о количестве арабских переводов рубаи Хайяма. Также рассматриваются пути вхождения рубаи Хайяма в арабскую литературу и подвергаются анализу переводы рубаи. Переведенные рубаи, которые в исторический период представлены на суд читателей,

приведены в форме таблицы. В данной таблице приведены подробно имена переводчиков, количество переведенных рубаи, с какого языка переведены, вид перевода (поэзия или проза), место и время издания.
Кючевые слова: Умар Хаям, арабский язык, персидский язык, перевод, литератор, рубаи Хаяма, поэт.

REVIEW OF ARABIC TRANSLATIONS OF OMAR KHAYYAM'S RUBAIYATS

One of the eminent scholar and literalist of Tajik literature whose name is worldly known in the field of literary work especially of rubaiyats is no one else except Omar Khayyam. His heart touching rubaiyats has found place in the heart of many. This fact has become the reason that his rubaiyats has been translated into many worldly languages including Arabic language. Khayyam's rubaiyats in the Arabic and English has the made the list by first and second in the sense of propagation and fame to the extent that seventy six times it has been translated into Arabic and into English more than forty times. Khayyam's Arabic translation of his rubaiyats has been the reason for the Arab world to be introduced with a mastery of Persian work. Arab men of culture vulture have connected themselves with these rubaiyats through different dimensions. This article provides general information about the initial and late translators of this man of wisdom's rubaiyats alongside some of his Arabic rubaiyats to the man of literature. Meanwhile it will discuss the history of Khayyam's rubaiyats into Arabic literature happened with further analysis of its Arabic translations. This article includes investigations on the topic of first translator and last translator of Khayyam's rubaiyats with further examinations of number of his Arabic rubaiyats that will be put in the form of tables.
Key words: Omar Khayyam, Arabic language, Persian language, translation, literate, Khayyam's rubaiyats, poet.

Сведения об авторе: ***Мирзоев Умар Точиддинович*** - Таджикский национальный университет докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **umar-.-90@mail.ru** Телефон: **(+992) 918-20-72-08**

Information about the author: ***Mirzoev Umar Tajiddinovich*** – Tajik national University, doctor Ph.D. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **umar-.-90@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-20-72-08**

УДК: 82

ДРАМАТУРГИЯ С. УЛУГЗОДА: НА ПОДСТУПАХ К СОЗДАНИЮ ФИЛОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕМЫ

Мурувватиён Дж. Дж.
Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ

Исследование предпосылок становления филологического романа в таджикской литературе невозможно без анализа таджикской драматургии. Возникновение нового типа таджикской драмы, обладающей большой идейно-художественной ценностью, принято связывать с именем Сотима Улугзода. Учитывая разнообразие его творческих проявлений, Л. Демидчик отмечает своеобразие его драматургии: «…сохраняя верность историческим фактам в главном, драматург подверг их значительной художественной трансформации, в чем еще раз проявилась важнейшая особенность творческой лаборатории С. Улугзода, как драматурга» [2, с. 19].

К сожалению, несмотря на то, что кинофильмам и драматическим произведениям о Рудаки, Абуали ибн Сино, Восе, Донише, созданным по сценариям и пьесам Сотима Улугзода посвящено много публикаций и монографических исследований, все же, театральное наследие С. Улугзода остается до сих пор недостаточно изученным в работах, посвященных драматургии. Незаслуженно остается обойденным вниманием также и многоплановость, смысловая многозначность его пьес. Сегодняшние обращения к изучению пьес С. Улугзода носят отрывочный характер, нет специальных исследований, посвященных анализу драматургии писателя, его взглядов на искусство театра. В этом плане стоит отметить диссертацию кандидата филологических наук Чориева Али, где проанализированы лексика и терминология, которыми пользуется С. Улугзода при создании драматических произведений. Исследователь рассмотрел достаточное количество слов и образных изобразительных средств, отражающих дух и лексику исторической эпохи, манеры, которыми руководствовались представители различных слоев общества. В частности, им отмечается: «Как показало исследование, Рудаки больше говорит языком поэзии, Авиценна в основном обращается к научно-технической терминологии и медицинской лексике <...>. А в другом случае, когда речь идет об Алломе Адхаме, прототипом которого является Ахмади Дониш, главную роль в формировании языка и языковых средств играет соответствие документа и художественного вымысла, новая лексика XIX века. Однако художественный вымысел у Улугзода подчинен исторической действительности и потому принципиальных расхождений в историзме и вымысле не наблюдается. Русско-интернациональная лексика, историко-политическая терминология, звучащая из уст этого героя, достоверно воссоздается в соответствии с исторической правдой» [8].

В каждой из своих новаторских пьес Улугзода решал определенные художественные задачи: драматургические особенности его пьес, литературный стиль, лексика свидетельствуют

об эстетических и своеобразных взглядах драматурга, которые требуют более широкого и глубокого исследования и осмысления. За короткое время ему удалось охватить практически все известные жанры драматургии – от комического до исторического. В 1939 году вышла его пьеса о хлопкоробах «Шодмон», в 1940 году - героическая драма о борьбе с басмачеством «Краснопалочники» («Калтакдорони сурх»). Тема Великой Отечественной войны нашла отражение в драме «В огне» («Дар оташ»). В 1947 году увидела свет драма Улугзода «Благородные друзья» («Ёрони боҳиммат», в русском переводе — «Возвращение»). За ней последовала комедия «Искатели» («Ҷӯяндагон»). Улугзода также известен сценарием к фильму «Ибн-Сина» (Таджикская киностудия, 1956 год) и драмой «Рудаки», по которой в 1959 году был поставлен фильм «Судьба поэта», получивший в 1960 году первую премию и медаль «Золотой Орёл» на втором кинофестивале стран Азии и Африки в Каире.

В произведениях С. Улугзода о творческой личности вскрыта тайная подоплека – коллизия, отражающая зависимость творца от современной ему интеллектуальной, религиозной, социальной и нравственной обстановки. Этот подход в дальнейшем сформировал своеобразную парадигму исследования творческого процесса в его романе «Фирдоуси». Творческая личность в его драмах – это человек, способный переживать самый широкий диапазон состояний от одиночества до любви. Следовательно, судьба Адхама типична и для Рудаки и для Авиценны: «…Я одинок, я так одинок!» - восклицает ученый Адхам, но в то же время они не теряют веру в будущее: «Если удастся, то остаток жизни я посвящу написанию еще одного трактата, в котором опишу всё, что видел и узнал, чтобы потомки могли прочесть и воспользоваться им». Все компоненты художественной структуры этих произведений важны не сами по себе, а как отражение эстетической задумки автора о творце, исключительности творческой личности, но не через изображение процесса творчества, где раскрывается его особый психологический тип, скрытые возможности творческого дара в момент создания его детища, мотивацию творения, а через исторические события. В этих пьесах судьба творческой личности показана на фоне исторических событий, а не как историческое событие, исторические события в них преломляются в поступках художников, заставляя делать каждого свой нравственный выбор. Особое место в пьесах занимают рассуждения писателя о роли художника в истории, его общественная деятельность.

Историческая драма «Рудаки». Если разделить пьесы Сотима Улугзода на «драму положений» и «драму характеров», то пьеса «Рудаки» - о трагической судьбе и красивой, благородной любви можно отнести к «драме характеров», потому что наибольший интерес для драматурга представляет внутренний мир его героев. «Жизнь его похожа на эпическое предание», - пишет Улугзода о Рудаки [5, с.180]. Пьеса посвящена очень бурной и мучительной жизни поэта IX-X вв. Жизнь Рудаки, его судьба - основная тема пьесы, определяющая ее сюжетный стержень. И именно эта тема группирует вокруг себя все события, интересы, столкновения. Как и в пьесе «Ученый Адхам», каждый герой драмы связан с Рудаки определенными отношениями и помогает лучше раскрыть его характер.

Пьеса охватывает период правления Саманидов. Основной ведущей мыслью автора является идея централизованности, сплочения. Своеобразие композиционного строя пьесы состоит в том, что единство действия не связано с единством времени, т.е. драма охватывает не один период жизни героя. Это определяет одно из важных отличий драматургического биографического жанра: Улугзода за основу сюжета берет несколько отдельных моментов жизни своего героя, разделяя их большими временными промежутками. Следует отметить, что такой прием он использует и в романе «Фирдоуси». В пьесе между вторым и третьим актами проходит четыре года, между третьим и четвертым – много лет. Однако это не привело к нарушению единства действия, так как каждый эпизод из ткани поэта не замкнут в себе, а как бы вырастает один из другого, развивая сюжетно и идейно единую цепь событий. В драме нет лишних или повторных сцен. Драматическая направленность событий и острота столкновений возрастает от картины к картине. И любая из сценических ситуаций играет свою роль в развитии действия. Повествуя о жизни и деятельности Рудаки, драматург воссоздает черты той блестящей и смутной эпохи, которая дала миру немало бессмертных имен. Драматическая легенда о Рудаки звучит восторженным гимном национальной славы таджиков, великому поэту и мыслителю, сумевшему в своей поэзии создать мир гармонии и поэзии, мир мудрости и гуманизма.

Пьеса, обнажая темные стороны действительности эпохи средневековья, приводит читателя к трагической развязке и тем острее подчеркивает силу народного духа, развитое эстетическое чувство, стремление к красоте, выразителем которого выступает Рудаки. С. Улугзода словно использовал для сюжета излюбленную антитезу Рудаки - Любовь и Разум, за которой стоит противопоставление чувственного и разумного начал, известное в древней и средневековой таджикско-персидской философии. В 1958 году в статье «Рудаки» писатель пишет: «Того, что я узнал штудируя различные исторические сочинения, так называемые

тазкира, а также труды советских и иностранных авторов, было недостаточно для написания драматического произведения. Тут мне помог сам Рудаки, помогли его стихи, касыды…Читая и перечитывая сохранившиеся отрывки, я все больше убеждался в той истине, что любое подлинное произведение искусства носит в себе отпечаток личности своего создателя».

Историческая драма «Великий исцелитель» была написана в 1954 году. Как утверждает сам автор, «было бы неправильно рассматривать Сино как некий феномен и как «случайное» явление в истории культуры таджикского народа.

Он (Авиценна) является лишь представителем, - правда, самым выдающимся и ярким, - но все же, представителем научной и художественной интеллигенции Бухары X-X1 вв.» [6, с.125].

Построив свою драму, как восхождение от реальных фактов жизни мыслителя к широким обобщениям его наследия для мировой культуры, чтобы разобраться в отношении уровня интеллекта и креативности у такой личности, как Авиценна, писатель насыщает сцены научной полемикой, спорами, рассказами о духовных победах и житейских поражениях, преодолении противоречий в развитии философской мысли в познании сущего - движении мысли от низших понятий к высшим.

Пьеса состоит из двух частей и семи «картин» - сцен. Уже в первой картине пьесы обозначились некоторые черты ее поэтики. Речь идет о появлении Хайяма в первой картине сцены. Характерно, что появление этого компонента в пьесе подсказывалось непосредственно источником – исторической литературой, сказаниями, творчеством классиков. Но это отступление играет определенную роль в сюжете драмы, в связи с чем и несет большую эмоциональную нагрузку: оно затрагивает обычные человеческие проблемы. И, читатель, не знающий о Сино, как о величайшем враче, равных которому не было ни на современном ему мусульманском Востоке, ни в тогдашней Европе, и крупнейшем философе, вместе с тем прекрасно знающем математику, зоологию, геологию, астрономию, которому принадлежат труды по всем этим отраслям знаний, воспринимает его как обычного, земного человека.

Вся пьеса построена как бы на двух рубаи. По композиции - это как бы емкие два четверостишия. К такому выводу нас приводит классический образец рубаи, где первая строка является тезисом («Слово Хайма об ибн Сино» и сцена первая), вторая и третья строки (сцена вторая и третья) антитезис, и четвертая строка (сцена четвертая) – синтез. Это как две миниатюрные драмы в четверостишии.

Пожалуй, ни одна из пьес Улугзаде не сопровождалась таким лиризмом, как пьеса «Великий исцелитель». Уже только внешне эта пьеса выделяется среди современных таджикских драматических произведений.

Для понимания внутреннего устройства творца Улугзода раскрывает то, что очевидно: творческий акт не существует в художнике постоянно, он требует возможности обладать не одной формой существования, а сразу несколькими и это оставляет в сознании художника некий люфт, лабораторное пространство, в котором никогда не затихает процесс формирования новых образов. Таким образом, Улугзода пытается раскрыть особенности взаимодействия сознания и бессознательного, определяющие типологию творческих личностей и особенности их жизненного пути. Осмыслению этого вопроса посвящено фактически все творчество писателя во второй половине его жизни. В пьесе «Великий исцелитель», Улугзода умышленно вводит в пьесу Омара Хайяма, эта особенность начала и финала свидетельствует о том, что в самом авторе «не затихает процесс формирования новых образов» - моделирование, он постоянно в поиске. Мы видим писателя – исследователя, анализирующего личность, обладающую определенной мотивацией и чертами. Таким приемом писатель достигает своей цели, т.е. у писателя где-то на периферии сознания идет параллельный процесс нахождения и кристаллизации новой пластики, интонации, мимики для другой цели. Этот прием писателем использован для того, чтобы раскрыть внутренний мир, ценность, задачи одного мыслителя посредством отношения к нему другого мыслителя, он выводит С. Улугзода за пределы традиций и стереотипов. Возможно, причина такого хода мыслей автора кроется в философском труде Омара Хайяма «Трактат о бытии и долженствовании», где он, опираясь на сочинения Аристотеля и Платона, а также на учение древних пифагорейцев и изложение положений греческой философии Авиценной, обосновал неизбежность признания Творца как первопричины всех причин и назвал человека, созданного Творцом, самым близким созданием к Творцу, что ярко выражено в отношении к Авиценне в пьесе в парадигме «гений-творец». В этой пьесе, также как и в других, посвященных творческим личностям, Сотим Улугзода, решает вопрос о справедливости и несправедливости положения художника в обществе. Таким образом, как мы видим, появление в пьесе Омара Хайяма, посвятившего последние часы своей жизни чтению «Книги исцеления» Ибн Сино, не случайно. Такое совмещение представителей двух эпох не является новаторским решением автора, но здесь создается философский настрой, как намек на бесконечность – цепь времен, идей и поколений. Образ Хайяма в пьесе служит для автора как динамичная само подкрепляющаяся система, где бросается в глаза сходство

поведения этих творческих личностей. Поведение того и другого отличается отклонением от всего стереотипного, общепринятого. Но есть другая сторона этого приема, в контексте нашей темы это может трактоваться как непроизвольная активность автора – творца в процессе творческого акта.

Бесспорно, эти два эпизода – показатели трех субстанций Улугзода: ученого, писателя, литературоведа.

Говоря об Улугзода как об историке – исследователе, необходимо отметить его дотошность, которая проявляется в точности передачи каждого узора на стене дворца Саманидов и как литератора - в стремлении постичь мироощущение одного мыслителя посредством восприятия другого, близкого ему по духу. И этот факт, что Авиценну и Хайяма сближала философия гуманизма, ненавидящая и обличающая существующие порядки, религиозные догмы и пороки, царившие в обществе, писатель Улугзода непременно использует в своем художественном исследовании. При всех колоссальных различиях, обусловленных различными причинами, в судьбах художников, творцов есть одна общая точка соприкосновения. Как правило, она обнаруживается в широкой философско-этической сфере, в творческой и мировоззренческой позициях. Трагическая метафора Анны Ахматовой «Без палача и плахи поэту на земле не быть…» [«Даугана», 1987, № 9, с.124] запечатлевает крестный путь многих истинных и благородных устремлений творческой личности. Таким образом, она пытается раскрыть суть бренного мира, который считался временным и преходящим для Рудаки, Авиценны, Хайяма. Устами Омара Хайяма историк Улугзода ведет свои размышления о мировоззрении Авиценны, как об очень близком для себя мировосприятии, что не могло не найти своего отражения в творчестве писателя. Но писатель показывает и другие стороны из жизни этих гениев - несмотря на ненависть к существующим порядкам, непримиримость с религиозными догмами и пороками в обществе, его герои любили и реальную жизнь и, протестуя против её несовершенства, взывали наслаждаться каждым её мигом. Ученый Авиценна и поэт Омар Хайям, невзирая на существующие нравы и мракобесие, не разделяли консервативные взгляды на жизнь. Основываясь на словах драматурга о неслучайности такого явления, как Сино в истории культуры таджикского народа, мы можем утверждать, что основным мотивом пьес С. Улугзода был ***мотив креативности.***

В другой пьесе о художнике - ***«Аллома Адхам» («Ученый Адхам»)*** писатель, будучи верным, своим исследовательским принципам, с первых строк посредством диалога персонажей вводит нас в атмосферу и дух развития социально – политических процессов в Бухаре под российским протекторатом. В этой пьесе Улугзода использует более распространенный вид экспозиции – это показ отрезка обыденной жизни, течение которой будет прервано возникновением конфликта. Уже в начале пьесы разговор персонажей содержит всю необходимую информацию для понимания последующего действия (здесь сообщается о появлении интереса к русскому языку и отношении властей к деятельности Дониша). Этот момент также раскрывает перед нами писателя – исследователя, умеющего гибко варьировать исторической действительностью. Своеобразие пьесы «Ученый Адхам» - прежде всего в ее спаянности с предшествующими трудами самого автора и последующими работами, посвященными этой же теме в творчестве Расула Хади – заде - «Звезда в ночи», «То не звезды падают». Данная пьеса как бы замыкает исследование писателем литературного наследия и богатой истории Средней Азии, которая начиналась в его творчестве с X века и завершалась концом X1X века. Пьеса рассказывает об известном историческом факте, когда во второй половине XIX в. Бухарский эмират находился в состоянии упадка. Российский протекторат в значительной степени способствовал сохранению отсталости, потому что эмир сохранял широкие полномочия в сфере политики. Следовательно, XIX в. был ознаменован периодом заката благородной Бухары, некогда славившейся на весь исламский мир многочисленными медресе. Показателем этой атмосферы и выразителем духа времени становится тема русского языка, затронутая в начале пьесы двумя персонажами (Абдусалом, Рахим). В самом начале пьесы писатель посредством диалогической композиции эпизода дает возможность читателю почувствовать отношение персонажей к ожидаемому событию, к проблеме, друг к другу. Когда Улугзода в 1946 году писал свою монографию о Донише, ему приходилось пользоваться «Редкостными событиями» и «Краткой историей мангитских эмиров Бухары» Ахмада Дониша, хранящимися в Государственной публичной библиотеке им. Фирдоуси в городе Душанбе. Исследовательская наблюдательность помогает ему в пьесе правдиво передать картину упадка власти, ее безнравственность, жестокость. Предельно обнажилась антинародная сущность эмирата.

Как и в других пьесах С. Улугзода на тему о выдающихся личностях, главный герой – лицо творческое, жившее в X1X веке, - ученый Адхам, прототипом которого является великий таджикский просветитель Ахмад Дониш. Материалом для работы послужила монография самого писателя «Ахмад Дониш», которая в то время являлась самой серьезной работой о

Донише, а также «Воспоминания» Садриддина Айни. Но это не говорит о том, что пьеса напоминает строгий исторический документ или информацию о жизни и деятельности ученого - просветителя, из уст которого таджики впервые услышали необычные для того времени слова симпатии к русскому народу, восхищение его культурой.

Итак, Сотим Улугзода во всех трех пьесах о творческих личностях использует маневр, который можно назвать кратким путем к анализу сюжетной, образной и идейной связи первого эпизода с другими эпизодами драмы. Умело соединяя вымысел и правду, он создает истории, моменты, далекие от правды. Например, история знакомства ученого с русским востоковедом Пашковым или образ Абдусалома – ученика Адхама, который напоминает образ Мулло Амона из «Воспоминаний» С. Айни.

Контексты этих пьес можно отнести как к историко-культурному, так и к творческому, и собственно-драматическому. Но нас в данной проблеме интересует изображение творческого процесса. Следовательно, отношение между Улугзода, историей и литературой гораздо более тесное, чем это может показаться. Оно, в первую очередь, основано на скрупулезном отношении к историческим деталям, что выявляется в его дотошности в отношении к сбору и проверке единичных фактов. Для него история – это поиски философского смысла в событиях прошлого. Однако этим задачи истории в его творчестве не ограничивались: сбор и проверка фактов составляли лишь предварительную стадию в работе писателя, искусство же писателя проверялось тем, как он умел эти факты использовать, обдумывая не что сказать, а как сказать, чтобы верно распределить события и наглядно их представить в своем художественном исследовании. В своей докторской диссертации «Роман в таджикской литературе XX века (на материале формирования жанра)» Салихов Ш. А. [4] отмечает, что обращение С. Улугзода к историческим личностям, в частности творческим, не случайно. Ученый считает, что это определяется, с одной стороны, его интересам к истории, с другой - эстетической сутью его творчества.

С. Улугзода — яркая творческая личность большого диапазона, у которого не только центральные герои его произведений - творческие личности — писатели, поэты – художники, но и персонажи второго плана предстают перед нами в процессе творчества, а само их творчество является объектом осмысления писателя – литературоведа.

Отличительным пафосом этих произведений является пафос познания тайного «я», сущности героя-творца. Однако вопрос о возможности такого познания решается в русле творческого миросозерцания - прежде всего самим Улугзода.

Если исходить из точки зрения Г. Малыхиной о том, что «автору филологического романа, редкого явления…, присущ теоретический склад мышления» [3, с. 139], то данный анализ позволяет нам утверждать, что в таджикской литературе некоторые черты рассматриваемого феномена налицо в творчестве таких известных таджикских писателей, как Рахим Хошим, Р. Хади-заде, Ю. Акобиров, А. Сидки («Дилшод»), У. Кухзод («Один длинный, очень длинный день») и др. Драматургия в творчестве С. Улугзода служит как бы подступом к разработке филологической темы в форме новой для таджикской литературы разновидности жанра романа, где поднимаются филологические проблемы, а главным героем является филолог [1].

Вывод. Исследование писателя путем совокупного художественного, литературоведческого и культурологического анализа решающего вопрос концепции творческой личности стало предтечей нового явления в таджикской литературе XX века - филологического романа, где главная мотивация – ***творчество,*** как стремление к самовыражению, самоактуализации, внутренней свободе художника.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гинзбург Л.Я. Записные книжки. Воспоминания. Эссе / Л.Я. Гинзбург. – СПб.: Искусство – СПб., 2002. – 768 с.
2. Демидчик Л.Н. Таджикская драматургия 1940-1950 годов / Л.Н. Демидчик. − Душанбе: Ирфон, 1965. — с.19.
3. Малыхина Г. В. Филологический роман / Г.В. Малыхина // Развитие жанра романа в последней трети XX века: Материалы республиканской научной конференции. – Ташкент, 2007. – С. 139.
4. Салехов Ш. Роман в таджикской литературе XX века (проблемы формирования жанра): дис. ... докт. филол. наук / Ш.Салехов. − Душанбе, 2011.
5. Улугзода С. О дружественном Афганистане. Единение. – Душанбе: Таджикгосиздат, 1963. - С.180.
6. Улугзода С. Рудаки. Единение. - Душанбе; Таджикгосиздат, 1963. -С. 125.
7. Улугзода С. Рудаки. Единение. − Душанбе; Таджикгосиздат,1963.- С.124.
8. Чориев Али. Драматургия Сотима Улуг-заде: дисс… канд. филол.наук / Чориев Али. − Душанбе, 2000. –С. 156.

ДРАМАТУРГИЯИ С. УЛУГЗОДА: ДАР ОСТОНАИ ОФАРИНИШИ МАВЗӮИ ФИЛОЛОГӢ

Дар мақола осори драматургии Сотим Улуғзода дар мавзӯи аҳли эҷод баррасӣ гардида, муаллиф назари хоссаи худро оид ба тафсири ин осор манзур намудааст. Таҳқиқи заминаҳои ташаккули романи филологӣ (умуман насри филологӣ) бидуни таҳлилу драматургияи тоҷик, ки ба эҷодкорон бахшида шудаанд, номумкин ба назар мерасад. Зеро дар драматургия таркиботе, ки асоси тасвири шахсият, хислатҳо ва хоссагиҳои рафтору кирдори ӯро ташкил медиҳанд, хеле биёранд. Пайдоиши гунаи нави драмаи тоҷикро,

ки арзиши баланди ғоявию бадеӣ дорад, бо номи С.Улуғзода вобаста медонанд. Тамоми мураккаботи сохтори бадеии осори драматургии ӯ ба сифати инъикосгари ҳадафҳои эстетикии муаллиф оид ба шахсияти эҷодкор дар манзараи воқеаҳои таърихӣ муҳимманд, на чун воқеаҳои таърихӣ.

Калидвожаҳо: драматургия, пиесаҳо дар бораи рассомон, пайдоиш, манзараи таърихӣ, ангеза, романи филологӣ.

ДРАМАТУРГИЯ С. УЛУГЗОДА: НА ПОДСТУПАХ К СОЗДАНИЮ ФИЛОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕМЫ

В статье рассмотрена драматургия Сотима Улугзода о художниках, а также автором представлена оригинальная трактовка проблемы в контексте заявленной темы. Исследование предпосылок становления филологического романа в таджикской литературе невозможно без анализа таджикской драматургии. Ибо в драматургии, достаточно много составляющих основу изображения личности, ее характера и манер. Таковыми являются описание сцены, диалоги и ремарки, которыми умело, пользуется С. Улугзода в романе «Фирдоуси». Возникновение нового типа таджикской драмы, обладающей большой идейно-художественной ценностью, принято связывать с именем Сотима Улугзода. Все компоненты художественной структуры этих произведений важны как отражение эстетической задумки автора о творце, исключительности творческой личности, но на фоне исторических событий, а не как историческое событие.

Ключевые слова: драматургия, пьесы о художниках, возникновение, исторический фон, мотивация, филологический роман.

ДРАМАТУРГИЯ С. УЛУГЗОДА: НА ПОДСТУПАХ К СОЗДАНИЮ ФИЛОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕМЫ

In the article the dramaturgy of Sotim Ulugzoda is considered from the declared position about the artists, and the author presents the original interpretation of the topic. The study of the preconditions for the formation of a philological novel in the Tajik literature is impossible without an analysis of Tajik dramaturgy. The emergence of a new type of Tajik drama, which has a great ideological and artistic value, is usually associated with the name of Sotim Ulugzoda. All components of the artistic structure of these works are important as a reflection of the author's aesthetic idea about the creator, the exceptionality of the creative personality, but against the background of historical events, and not as a historical event.

Key words: dramaturgy, appearance, historical background, motivation, philology.

Сведения об авторе: ***Мурувватиён Джамила Джамол*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ, научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **alika-xan@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92-770-22-33**

Information about the author: ***Muruvvatiyon Jamila Jamol*** - Institute of Language and Literature named after. A. Rudaki Academy of Science of the RT, research associate. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 21. E-mail: **alika-xan@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-770-22-33**

УДК: 891.550-1

ЛИРИКАИ ПЕЙЗАЖИИ АБДУРРАУФИ ФИТРАТ

Маҳмадаминов А., Саидов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи лирикаи пейзажӣ ё шеъри манзаранигорӣ дар ашъори тоҷикии Абдуррауфи Фитрат яке аз масоили асосии таҳқиқи ашъори лирикии ӯ ба шумор меравад. Аз омӯзиши ашъори лирикии А. Фитрат метавон дарёфт, ки ӯ дар тасвирҳои шоирона ҳамчун шоири ҷӯянда ва навовар буда, ҳунари шоирии хоссе дорад. Маълум аст, ки А.Фитрат бо вуҷуди ихтилофот ва гуногунназарии худ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва адабии нимаи аввали асри XX ширкат дошта, чун шоири андешапарвар соҳиби ҷойгоҳи муносиб буд. Ва ин ҳам маълум аст, ки А.Фитрат чун равшанфикрони дигари Бухоро фаъолияти эҷодиро аз шоирӣ оғоз кардааст. Истеъдод ва ҳунари волои шоирии ӯ, махсусан дар эҷоди ашъори лирикӣ, ба тамом ҳувайдо мегардад. Бинобар ин, мо дар ин мақола кӯшидем, то ҳунари шоирии ӯро дар манзаранигорӣ ё лирикаи пейзажӣ то ҷое арзёбӣ намоем ва ба ин восита ибтикороту навовариҳои ин шоир дар тасвирҳои ҳунарии табиат ва зебоиҳои муҳити мавҷуда, қофияву радиф ва саноеи бадеӣ муайян гардад. Чунонки таъкид рафт, Абдуррауфи Фитрати Бухороӣ фаъолияти адабии худро аз шеъргӯйӣ оғоз намуда, ба мисли ҳамаи шоирони давраи худ ба равияи шуарои ҳамон давру замонаш такя карда, дар аввал бештар бо тахаллуси «Мичмар» ғазалу қасидаҳояшро эҷод намудааст. Китоби шеърҳои А.Фитрат - «Сайҳа», ки соли 1911 дар Истамбул чоп шуда буд, дорои ҳиссиёти баланди шоирона буда, чӣ гуфтан ва чӣ тарз гуфтани шоирро хуб ифода намудааст. Ба гуфтаи устод Айнӣ «Сайҳа» дорои ҳиссиёти баланди миллию ватандӯстӣ буда, ба хонандагон чун қувваи электр таъсири сареъ ва қавӣ дошт» [4, с.23]. Вале ин маҷмӯа, ки ҳамагӣ аз 16 саҳифа иборат буду як таркиббанд ва панҷ ғазали А.Фитратро дар худ меғунҷонд, то кунун ба мо дар шакли пурра нарасидааст.

Бояд қайд кард, ки бо даст ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Истиқлолият маҳдудиятҳои сиёсӣ ва мафкуравӣ дар омӯзишу баррасии осори гузаштагон аз миён бардошта шуданд ва баҳри тадқиқи муфассали ҳаёт ва эҷодиёти адибони аҳди ҷадидия ва

хосса ҳаёт ва эҷодиёти А.Фитрати дар афкору ақида ва ҷаҳонбиниву мутамоилият пурихтилоф имконияти мусоид фароҳам омад. Дар мавриди омӯзиш ва таҳқиқи рӯзгор, осор ва шахсияти А.Фитрат дар адабиётшиносии мо чи дар даврони Шӯравӣ ва чи дар даврони Истиқлолият корҳои чашмрасе анҷом дода шудаанд, ки чанде аз онро ба таври иҷмолӣ зикр менамоем. Аввалин касе, ки ба эҷодиёти А. Фитрат баҳои баланд додааст, устод Айнӣ мебошад. С. Айнӣ чи дар «Таърихи Инқилоби Бухоро» («Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро») ва чи дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ба эҷодиёти А. Фитрат баҳои одилона додааст. Аз ҷумла дар «Намунаи адабиёти тоҷик» мегӯяд: «Ранги адабиёти нав гирифтани забони тоҷикӣ дар наср аз Абдуррауфи Фитрат оғоз меёбад» [3, с.531]. Баъдан адабиётшиносону муҳаққиқон Х. Мирзозода [14, с.3-31], В.Самад [21], И.Усмонов [25], П. Гулмуродзода [11], Н.Ғаффоров [10], С.Табаров [22, с.24], Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ [17; 18, с.167-210], Р.Ҳодизода [27], А. Набавӣ [19], А. Маҳмадаминов [13, с.3-56], М. Имомзода [2], Х.Асозода [5, с.93-107] ва дигарон арзиши баланди эҷодиёти А. Фитратро таъкид намудаанд. Вале бояд иқрор кард, ки ашъори А. Фитрат бо сабаби ҳанӯз ҳам ба таври комил дастнорас будан, ба таҳлили илмӣ-филологӣ фаро гирифта нашудааст. Бинобар ин, мо мақсад гузоштем, ки як бахши ашъори лирикии А. Фитратро, ки қисме аз эҷодиёти ӯст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Маълум аст, ки А.Фитрат яке аз намояндагони адабиёти марҳалаи аввали адабиёти давраи нав аст. Адабиёти давраи нав аз садаи ХХ, аз солҳои 1905-1917 оғоз гардида, бо номи давраи интибоҳ – бедорфикрӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ маъруфият дорад. Дар ин давра таъсири воқеаҳои иҷтимоиву сиёсӣ дар ҳаёти адабию фарҳангии халқи тоҷик зиёд ба мушоҳида мерасад, ки як қатор дигаргуниҳоро ба вуҷуд овардааст. Ҳамаи ин дигаргуниҳо дар ашъор ва осори адибон, ки оинаи таърихи ҳамин давр аст, инъикос ёфтаанд. А.Фитрат низ ҳамчун эҷодкор ниёзҳои маънавии ҷомеаи нав ва дигаргуниҳоро дарк намуда, чи дар осори насрӣ ва чи дар ашъори лирикии тоҷикӣ ин мавзӯъҳоро инъикос намудааст. Бояд қайд намуд, ки дар зери мафҳуми лирика тамоми осори манзум фаҳмида мешавад, аз он ҷумла шеър, ғазал, қасида, рубоӣ, дубайтӣ, таркиббанд, тарҷеъбанд ва монанди инҳо. Лирика дар ашъори адиб мақоми хосро дорад ва тамоми осори лирикии А.Фитрат фарогири ҷанбаҳои адабию ҳунарӣ мебошад. Аз ҷумла А.Фитрат низ мафҳумҳои Ватан ва миллатро, ки дар адабиёти нав моҳияти иҷтимоӣ касб карда буд, дар ашъори лирикии худ бо оҳанги махсуси гоҳе масарратомезу гоҳе ҳузнангез баён намудааст. Шеъри «Ватани ман», ки аз эҳсоси ватандӯстонаи шоир маншаъ гирифтааст, машҳури ҳамагон аст. Таҳлил ва баррасии мавзӯъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ашъори А. Фитратро ба корҳои оянда во гузошта, таваҷҷуҳи хонандаро ба **мавқеи лирикаи пейзажӣ дар ашъори тоҷикии шоир** ҷалб менамоем.

Лирикаи пейзажӣ яке аз анвои шеъри ғиноӣ мебошад, ки дар он унсурҳои олами ашё, манзараҳои табиат, тасвири зебоиҳои муҳити мавҷуда бо дигар аносири тасвирҳои шоирона дар ин навъи шеър мақоми муҳим дорад, ки ин ҷиҳатҳо бар сари худ дар мавзӯъ ва муҳтавои шеър қарор гирифта, дар мавқеи аввал ва ё зимнан ин ё он андешаю рӯҳияро ифода менамояд. Ба қавли дигар, «Дар пейзаж эҳсосу изтироби инсон тавассути тасвири табиат (намуди мавзеъҳо, марғзорҳо, бешаҳо, шаҳру деҳот ва ғ.) ифода меёбад» [20, с.535]. Ин навъи шеър ҳам бо ҳузур ва бе ҳузури фаъоли шахсияти шоир арзи вуҷуд карда метавонад. Агар дар лирикаи пейзажӣ ё шеъри манзаранигорӣ шахсияти шоир мавҷуд бошад ҳам, дар он унсурҳои олами ашёву табиат ва зебоиҳои олами мавҷуда мақоми бартаре дошта, ба воситаи тасвиру тавсифи онҳо фаъолии шоирро, ки моҳияти иҷтимоӣ ва ҳастии ӯро ҳамчун эҷодкор муайян менамояд, ошкор мегардонад. Яъне шоир унсурҳои олами ашёву табиат ва зебоиҳои олами мавҷударо дар алоқамандӣ, ҳамбастагии лавҳаҳои гуногуни табиат ва унсуру мотивҳои зебоии олами атроф ва муносибати пайвастаи одамро бо табиат нишон медиҳад. Мақсад аз тасвири пейзаж унсурҳои олами ашёву табиат ва зебоиҳои олами мавҷуда нест, балки «муносибати шоир ва қаҳрамонони мусбату манфии асари бадеӣ низ ба он ошкор мегардад» [23, с.149].

Дар лирикаи андеша ё шеъри андеша мақоми андеша муҳимтар аст ва аз унсурҳои олами ашё вобаста ба чигунагӣ ва баёни эҳсосот ва ҳамчун таассуроти шоир истифода карда мешавад. Дар лирикаи пейзажӣ ё шеъри манзаранигорӣ ин муносибат тағйир ёфта, мавқеи олами ашё ва зебоиҳои муҳити мавҷуда бо зуҳуроти гуногуни худ, хоҳ дар шакли манзараҳои табиат ва хоҳ воқеияти навофаридаи шоир, масалан, намои табиати зебои шоир муҳимтар гашта, хусусиятҳои лирикаи пейзажиро муайян мекунад. Унсурҳо ва падидаҳои гуногуни воқеияти мавҷуда, ки дар рӯ ба рӯйи олами ботинии шоир қарор мегиранд, сарчашмаи чигунагии идроки шоир аз олами ҳастӣ мебошанд, ки ин идроки зебоиҳои муҳити мавҷуда дар ашъори шоир бо рангу тобиши гуногун тасвир карда мешавад. Масалан, ба тарзи воқеӣ, хаёлпардозона, масарратомез ва ё ҳузнангез. Дар ин ҳолат олами ашёву зебоиҳои муҳити мавҷуда арзиши бадеӣ пайдо карда, маводи шоир ба

воситаи он ба маърифати зуҳуроти мухталифи ҷаҳони ҳастӣ ва зебоиҳои муҳити мавҷуда шарафёб мегардад.

Нигориши олами ашё ва зебоиҳои муҳити мавҷуда дар шеър аксаран дар шакли манзаранигорӣ сурат мегирад, ки на танҳо зуҳуроти алоҳидаи табиат, балки ҳамроҳи он тамоми намое, ки онро фаро гирифтааст, масалан, обу замин, осмону абр, моҳу ситора, набототу ҳайвонот, парандагону хазандагон, офтоб, хулоса, ҳамаи чизеро, ки ба назари шоир меояд, ба тасвир гирифтанаш мумкин аст. Аз ин ҷиҳат, шеъри «Зимистон»-и А.Фитрат ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Аз мазмуни шеър ҳам пайдост, ки доманаи тасвири он фарох буда, шоир аввал бо худ ҳамин гуна шароитро бар мабнои зебоиҳои муҳити мавҷуда муҳайё менамояд ва хаёлпардозона ба тасвири хунукию сармои зимистон, ки зебоиҳои фасли сармост мегузарад:

Зимистон расидаст, ҷон бародар,
Ҷаҳонро гирифтаст сармо саросар.
Ҳама дар таҳи барф гардида пинҳон,
Чи кӯҳу чи саҳро, чи девору дар.
Чунон сарду бебок гардида ин фасл,
Ки хуршед аз абр н-орад бурун сар.
Чи ёро, ки оҳу ба саҳро занад сум,
Чи ҳадде, ки пашша занад дар ҳаво пар [1, с.26].

Дар ин шеър нахуст сухан дар бораи манзараи сармои зимистон меравад, ки ҷузъе аз зебоии дунёст ва ба ин восита шоир хонандаи худро ба ин манзара ворид сохта, баъд ба воситаи зикри ҷузъиёт – кӯҳу саҳрои барфпӯш, абрҳои бузурги офтобпӯш, сарду бебокии зимистон манзараи лирикие офарида, хонандаро тамошобини он манзара қарор медиҳад. А.Фитрат аз эҳсоси баланди тасвирӣ кор гирифта, танҳо аз номбар кардани ҷузъиёте, ки дар манзараи зимистони зодбумаш мебинад, илҳом меёбад ва ин сардиро то ҳадде тасвир мекунад, ки оҳу ба саҳро ва пашша ба ҳаво баромада наметавонад. Тасвири пейзажиро шоир идома медиҳад ва пас аз ин тасвирҳо роҳат дар ин фаслро дар мактаб дониста, мегӯяд:

Бирав мактабу тан дар омӯхтан деҳ,
Дар ин фасл ҳаргиз макун кори дигар [1, 26].

Лирикаи пейзажӣ, ки сувари хаёл, яъне хаёлу тасвиркориро бо омезиш ба андешаву отифа дар худ дорад, хусусияти тасвирию ороишӣ дорад. Чунончи, дар ин порчаи шеъри «Баҳор»-и А.Фитрат мо тасвиркории шоирро тавассути корбасти моҳиронаи санъати ташхис дар шукуфтани гул, ки ҳамчун хандидани гул, сароидани булбул ҳамчун рақсидани ӯ ва аз ин манзараи зебо рамидани оҳуро, гӯё чун пейзажи воқеӣ дарк мекунем:

Пурханда шуд гул, хушбӯй сунбул,
Рақсид булбул, шодон газалхон.
Чашма давида, гулбун хамида,
Оҳу рамида, тозон гурезон [1, с.23].

Ё дар порчаи дигари ҳамин шеър ҳаракати тезу тунди абри баҳор ва аз он боридани борони яксон, раъди хурӯшону барқи дурахшон, намоёнии хуршеду боридани борон ва баромадани тиру камонро мисли як манзарае мушоҳида мекунем:

Абри гурезон, овард борон,
Раъди хурӯшон, бигрехт гуррон.
Хуршеду борон, хандону гирён,
Тиру камон шуд, з-ин ду намоён...

Абру гулистон, гирёну хандон,
Гаштанд рақсон, пуршавқу шодон.
Омад баҳорон, омад баҳорон,
Бо раъди гуррон, бо барқи паррон [1, с.23].

Аммо бояд гуфт, ки манзаранигорие, ки дар шеъри классикии тоҷикии форсӣ, масалан, дар қисмати тағаззули қасидаҳо, насибу ташбиб ва умуман қасидаҳои баҳория, ки ба тасвиру тавсифи манзараҳои баҳор ва ё фаслҳои дигари сол бахшида шудаанд, ҷой дорад, бар мафҳуми лирикаи пейзажӣ ё шеъри манзаранигорӣ, ки манзури мо он аст, мутафовит аст. Ин тафовут дар он зоҳир мегардад, ки шоир дар лирикаи пейзажӣ зебоиҳои муҳити мавҷударо ба ҷилва оварда, зебоиҳои ҷаҳони ҳастиро васф менамояд. Вале бояд гуфт, ки дар лирикаи пейзажӣ шоир мисли анъанаи гузашта ҷаҳони ҳастӣ ва зебоиҳои муҳити мавҷударо васила қарор медиҳад. Ҳангоме ки шеър на ба забони бадеъ – ташбеҳу истиораву рамзу маҷоз ва монанди инҳо, балки бо шеваи муҷаррад суҳбат мекунад, он куллӣ буда, дақиқан аз таҷрибаи зиндагии шоир барнамеояд ва аз ин рӯ, ҳамчунонки Ризо Бароҳанӣ менависад «… табиат мисли ҳар чизи дигаре васила қарор мегирад, ҳамон тавре ки дар ашъори гузаштаи мо, гоҳ-гоҳ табиат василаи мадҳи мамдуҳ, ё

ишқи маъшуқ бо парастиши маъбуд шудааст. Ба ҳамин далел шеъри гузаштаи мо, зиёд ҳам васфӣ набудааст, ҷуз дар баъзе аз ташбибҳову тағаззулҳо, баъзе ғазалҳо ва пораҳое аз маснавиҳо» [7, с.125]. Аммо манзара ё пейзаж дар шеърҳои А.Фитрат ҳам мисли анъана дар таркиби шеъре тасвир шудааст ва ҳам мустақиман шоир ба васфи зебоиҳои муҳити мавҷуда иқдом кардааст. Хусусан А. Фитрат ба воситаи манзаранигорӣ ё лирикаи пейзажӣ зебоӣ ва вижагиҳои хосси ҳар чор фасли сол – зимистон, баҳор, тобистон ва тирамоҳро бо унвонҳои аслии онҳо, яъне «Зимистон», «Баҳор», «Тобистон» ва «Тирамоҳ» офарида, ҳар як фасли солро мисли манзараи воқеӣ тасвир менамояд. Ҳоло ин ашъорро ба тафсил пешорӯйи хонанда мегузорем. А.Фитрат дар шеъри «Баҳор», чуноне ки дар порчаҳои боло мушоҳида намудем, бевосита хусусиятҳои фасли баҳор ва зебоиҳои онро тасвир намудааст. Дар яке аз бандҳои ҳамин шеър мехонем:

Омад баҳорон, омад баҳорон,
Бо абри гирён, бо барқи хандон.
Шуд кӯҳсорон, ҳам ҷӯйборон,
Аз гул гулистон, аз атр бӯстон [1, с.23].

Дар ин ҷо омадани баҳор бо гиряи абр ва хандидани барқ, ҳамагӣ бо таъбирҳои содаи аз ҷониби инсон таҷрибашуда, тасвир гардидааст, ки шояд барои зарурати қофия сурат гирифтааст. Ҳамчунонки ба назар мерасад, бо таъбирҳои «бо абри гирён», «бо барқи хандон» ва «шуд кӯҳсорон», «ҳам ҷӯйборон» манзараи фасли зебои баҳор пеши назари хонанда ҷилвагар мешавад, ки дар натиҷа баёни матлаб гармтару самимитар садо медиҳад. Қисмати дигари ин шеър шаклгирии ҳаёти инсонро бо он зебоиҳои муҳити мавҷуда нишон медиҳад:

Болову поин, бастанд ойин,
Аз лола аст ин, аз оташ аст он.
Дар абр лола, дар об ҳола,
Дар барг жола, ғалтону хезон [1, с.23].

Дар маҷмӯъ, манзараҳои табиат бо фаслҳои сол ва зебоиҳои муҳити мавҷуда дар ашъори лирикаи пейзажии А.Фитрат, ба масъалаҳои гуногун бахшида шуда, боз ҳам дар партави зебоиҳои муҳити мавҷуда дарк ва тасвир карда мешаванд. Ин гуна ашъор муҳтавои муайяни ғоявӣ доранд, вале аз нуқтаи назари мақсади шоир лирикаи пейзажианд. Аз ин ҷиҳат, шеъри «Баҳор» ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Аз мазмуни шеър ҳам пайдост, ки доманаи тасвири он фарох буда, шоир аввал бо худ ҳамин гуна шароитро бар мабнои зебоиҳои муҳити мавҷуда муҳайё менамояд ва хаёлпардозона ба тасвири зебоиҳои фасли баҳор мегузарад:

Баҳор аст дунёи зебост хуррам,
Биёед ёрон, ки имрӯз бо ҳам.
Бароем бозикунон сӯйи саҳро,
Ба ҳар сӯй кушоем чашми тамошо.
Бубинед ин кӯҳҳоро, ки як сар,
Чӣ сон дар бар афканда аз сабза чодар.
Дарахтон ба паҳлуи ҳам истода,
Ҳама гунча дода, шукуфа кушуда.
Зи як сӯй абри баҳорӣ шитобон,
Ки шӯяд губор аз рухи гул ба борон [1, с.24].

Дар ин шеър аввал сухан дар бораи манзараи зебои дунё дар баҳорон меравад ва ба ин восита шоир хонандаи худро ба ин манзара ворид сохта, баъд ба воситаи зикри ҷузъиёт – кӯҳҳо, сабза, абр, шукуфаи ғунча, рухи гул як манзараи лирикие офарида, хонандаро тамошобини он манзара қарор медиҳад. Шоир, ки эҳсоси баланди тасвирӣ дорад, танҳо аз номбар кардани ҷузъиёте, ки дар манзараи баҳори зодбумаш мебинад, лаззат мебарад ва ин зикрро то мисраи ёздаҳуми шеър давом медиҳад ва пас аз ин тасвирҳо сабаби аз нав ҷавон гардидани табиатро дар баҳор дониста, роҳати саҳроро дар ин рӯз дида мегӯяд:

Баҳор аст, аз сар ҷавон гашта дунё,
Чи хуш роҳате дорад имрӯз саҳро [1, с.24].

Аз ин ҷост, ки ҳар муроҷиати шоир барои тасвири ин ё он манзараи табиат ва ё зебоиҳои муҳити мавҷуда аз рӯйи ҷаҳонбинии ӯ сурат гирифта, дар зимн моҳияти эстетикӣ доранд. Ё А.Фитрат ҷойи дигар баъд аз баҳор омадани тобистонро тасвир намуда, манзараи боғеро акс мекунад, ки бо таъсири гармии офтоб меваҳои себу анору биҳию зардолу расидаанд ва хуб ҷойи тамошое шудааст:

Гузашт фасли баҳору расид тобистон,
Зи офтоб шуда синаи замин бирён.
Зи ранги себу анору биҳию зардолу,
Чи хуб ҷойи тамошост боғу ҳам бӯстон [1, с.25].

Даруни боғе, ки табиати зебою меваҳои пухта дорад, сайругашт намудан, чи зебову дилкаш аст ва ҳавои атрогини бо меваҳои расидаи боғ ба инсон ҳаловати дигар мебахшад.

Яъне, дар ин шеър шинохти беҳтари шахсияти худи инсон, дилбастагиҳо, рӯҳияи қаҳрамони лирикӣ, ки бо зебоиҳои муҳити мавҷуда, замину боғу гулу меваҳо маънӣ мебахшад, тасвир шудааст, вале дар ин тасвир ҳама зебоянду зиндаанд. Сипас тозагии фасли тобистон, зебоии он, ки аз гармии офтоб парвое ҳам надорад, бар сари дарахтон чун қандил шуълаборӣ кардани офтоб, гирди сараш чарх гардидани шамолакҳо, дар доманаш саҳроҳо ҳосилхез шудан ва расидани гандуму ҷави деҳқон тасвир карда мешавад:

Расид гандуму ҷав, пухт меваҳо яксар,
Ки музди меҳнати яксоларо барад деҳқон [1, с.25].

Ҳамин тариқ, баҳору тобистон ба рамзи зебоиҳои табиат, ки ҷузъе аз зебоиҳои муҳити мавҷуда аст, табдил мешавад. Ва дар охир шоир боз ба хонандаи худ ё рафиқи фарзӣ мурочиат мекунад ва шеърро хотима дода, мегӯяд:

Бирав ба домани кӯҳе канори оби равон,
Ба сояе биншину китоби хеш бихон [1, с.25].

Ё А.Фитрат ҷойи дигар баъд аз фасли тобистон омадани тирамоҳро тасвир намуда, манзараи зарду хазонеро акс мекунад, ки бо таъсири гарду ғубори моҳи хазон гулу сабза ва гулистони зебои баҳор аз миён рафтаасту мурғони хушилҳон аз гулзор:

Ин фасли хазон аст, дарахтон ҳама зарданд,
Ку сабза, куҷо лола, ба гулзор чӣ карданд?
Аз чангу губоре, ки бувад моҳи хазонро
Бечора дарахтон ҳама олудаи гарданд.
Мурғони газалхон, ки зи гулзор париданд,
То фасли баҳорони дигар ҳеҷ нагарданд.
Ҳар галлаву ҳар донаву ҳар мева, ки дидем,
Бурданд зи саҳрову ба анбор супурданд [1, с.26].

Ин шеър агарчи зоҳиран тасвири фасли тирамоҳ бошад, вале боз ҷанбаи қавии рамзӣ низ дорад. Шоири мушоҳидакор чор фасли сол – зимистонро бо сардию бебокияш, баҳорро бо таровату назокаташ, тобистонро бо гармию расидани меваҳояш ва тирамоҳро бо гарду ғубору зардии табиат тасвир менамояд ва гӯё ба ин шеърҳо мегӯяд, ки инсон ҷузъе аз зебоиҳои олами ашёст ва ӯ қодир аст, ки ин зебоиҳоро маърифат кунад. Аз ин ҷост, ки ҳар тасвири пейзажии шоир барои тасвири ин ё он манзараи табиат ва ё зебоиҳои муҳити мавҷуда аз диди эстетикии шоир сарчашма гирифта, дар зимн моҳияти адабию эстетикӣ пайдо мекунад. Бинобар ин, манзараҳои табиат на умуман, балки бо ҷиҳатҳои хосиятнокӣ ва зебоияшон диққати шоирро ҷалб намуда, барои ифодаи ғояи муайян ба тасвир гирифта мешаванд. Дар маҷмӯъ, дар ашъори А.Фитрат, аз ҷумла лирикаи пейзажии ӯ манзараҳои табиат ва зебоиҳои муҳити мавҷудаи замони ӯ бо хусусиятҳои худ, масалан, баҳор бо абри гурезону борони яксон, раъди хурӯшону офтоби хандон, оби софи ҷӯйбору рамидани оҳувон, тобистон бо расидани меваҳою пухтани онҳо аз офтоби тафсон, тирамоҳ бо зардии дарахтону паридани мурғон, зимистон бо сардию пинҳонии табиат дар зери барф тасвир мешавад, ки асосан завқи шоиронаи адибро ифода мекунанд.

Хулоса, лирикаи пейзажии А. Фитрат аз нигоҳи мавзӯъ ва хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ҷолиби диққат буда, арзиши маърифатӣ ва тарбиявию эстетикӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурауфи Фитрат (Ҳоҷӣ Абдурауфи Фитрати Бухороӣ). Ашъори мунтахаб; ба чоп тайёркунанда: А. Маҳмадаминов. – Душанбе, 2001. – 64 с. (мошиннавис).
2. Абдурауфи Фитрат. Тавофи ватан // Маҷмӯаи ашъор; бо пешгуфтор, таҳия, луғатнома ва тавзеҳи Муҳаммадюсуф Имомов ва Масрур Абдуллоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 48 с.
3. С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. – М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
4. С.Айнӣ. Таърихи инқилоби Бухоро; баргардонанда аз ӯзбакӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб Р.Ҳошим. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
5. Х.Асозода. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав). – Душанбе: Матбуот ва фарҳанг, 2014. – 720 с.
6. В.Асрорӣ. Халқ ва адабиёт. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 174 с.
7. Р.Бароҳанӣ. Тилло дар мис (Дар шеъру шоирӣ). –Теҳрон, 1371. – 624 с.
8. Белецкий А. Избранные труды по теории литературы / А. Белецкий. – М.: Просвещение, 1964. – 478 с.
9. Галанов Б.Е. Живопись словом: портрет, пейзаж, вещь / Б.Е.Галанов. – М.: Сов. писатель, 1974. – 343 с.
10. Гаффаров Н. История культурно-просветительской деятельности джадидов в Бухарском эмирате (Начало XX века) / Н. Гаффаров. – Худжанд: Государственное издательство имени Рахима Джалила, 2000. – 175 с.
11. П. Гулмуродзода. Фитрат ва масъалаҳои омӯзиши мероси адабии тоҷик // Адибони ноқид (маводи дувуми хонишҳои Варзоб. «Муаммоҳои нақди нависанда»). – Душанбе: Дониш, 1990. – С. 3-5.
12. Т.Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
13. Маҳмадаминов А. Раҳнамои саодату ваҳдати миллӣ ва умумибашарӣ / А.Маҳмадаминов // Раҳбари наҷот: бо сарсухан, таҳия, танзим, тавзеҳ, шарҳи луғот ва феҳрастҳои А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – С. 3-56.
14. Х. Мирзозода. Абдурауфи Фитрати Бухороӣ // Чанд мулоҳизаи адабӣ (Маҷмӯаи илмӣ. Ҷилди 92). – Душанбе, 1974. – С. 3-31.
15. Х.Мирзозода. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.

16. Р. Мусулмониён. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
17. Муҳаммадҷони Шакурии Бухоро̄й. Аз маорифпарвар̄и то ба чингизпарастӣ / // Авранг. – 2001. – №3. – С. 15-37.
18. Муҳаммадҷони Шакурии Бухоро̄й. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 480 с.
19. А. Набавӣ. Нақши Абдуррауфи Фитрат дар огоҳии шуури миллӣ // Рӯдакӣ. – 2009. – Соли даҳум. - № 23. – С. 203-218.
20. Пейзаж // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷ.II. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2004. - 560 с.
21. В. Самад Фазилату фоҷиаи Фитрат // Садои мардум. – 1992. – 3 ноябр. – №206 (456). – С.3-4.
22. Табаров С. Васфи Ватан дар ашъори Абдуррауфи Фитрат (Ҷузъи севум) / С.Табаров. – Душанбе, 2001. – 50 с.
23. Табаров С. Манзара / С. Табаров // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷ.II. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1989. – 560 с.
24. Табаров С. Ҷаҳони андешаҳои Абдуррауфи Фитрат / С.Табаров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 715 с.
25. И. Усмон. Сайёҳ дар Бухоро чӣ дид? // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1989 – 3 май. №53 (8080). – С. 4.
26. Фотеҳ А. Шеъри зиндагиофарин (Маҷмӯаи мақолаҳо) / А.Фотеҳ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 112 с.
27. Р. Ҳодизода. Фитрат // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. III . – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2004. – 523 с.
28. Щемелева Л.М. Пейзаж / Л.М. Щемелева // Литературный энсиклопедический словарь; под общей редакцией В.М. Кожевникова и П.А. Николаева. – М.: Советская энциклопедия, 1987. – 744 с.
29. Энциклопедический словарь юного литературоведа / Составитель: В.И. Новиков. – М.: Педагогика, 1988. – 416 с.

ЛИРИКАИ ПЕЙЗАЖИИ АБДУРРАУФИ ФИТРАТ

Дар мақола манзаранигориҳои А.Фитрат мавриди баррас̄и қарор гирифта, ҳунари шоирии А. Фитрат бо мисолҳои мушаххас таҳлил шудааст. Дар ҳамин замина таъкид мегардад, ки табиат ва зебоии олами атроф ва муносибати пайвастаи одамро бо табиат А. Фитрат бо диди шоирона тасвир намуда, ба ин восита шоир хонандаи худро ба манзара ворид сохта, баъд ба воситаи зикри ҷузъиёт - кӯҳу саҳро, абрҳои бузурги офтобпӯш, манзараи лирикие офарида, хонандаро тамошобини он манзара қарор медиҳад. Аз ин ҷост, ки ҳар тасвири пейзажии шоир барои тасвири ин ё он манзараи табиат ва ё зебоиҳои муҳити мавҷуда аз диди эстетикии шоир сарчашма гирифта, дар зимн моҳияти адабию эстетик̄и пайдо мекунад. Бинобар ин, манзараҳои табиат на умуман, балки бо ҷиҳатҳои хосиятнок̄и ва зебоияшон диққати шоирро ҷалб намуда, барои ифодаи ғояи муайян ба тасвир гирифта мешаванд. Дар маҷмӯъ, дар ашъори А.Фитрат, аз ҷумла лирикаи пейзажии ӯ манзараҳои табиат ва зебоиҳои муҳити мавҷудаи замони ӯ бо хусусиятҳои худ, масалан, баҳор бо абри гурезону борони яксон, раъди хурӯшону офтоби хандон, оби софи ҷӯйбору рамидани оҳувон, тобистон бо расидани меваҳою пухтани онҳо аз офтоби тафсон, тирамоҳ бо зардии дарахтону паридани мурғон, зимистон бо сардию пинҳонии табиат дар зери барф тасвир мешавад, ки асосан завқи шоиронаи адибро ифода мекунанд. Аз ин рӯ, лирикаи А. Фитрат арзиши маърифатӣ, аҳамияти ватандӯст̄и ва эстетик̄и дорад.

Калидвожаҳо: ашъори лирик̄и, лирикаи пейзаж̄и, тасвири пейзаж̄и, манзаранигор̄и, шеъри андеша, зебоиҳои муҳити мавҷуда, абри гирён, хандидани гул, барқи хандон, арзиши маърифатӣ ва эстетик̄и.

ПЕЙЗАЖНАЯ ЛИРИКА АБДУРРАУФА ФИТРАТА

В статье автором рассмотрены вопросы художественного мастерства Фитрата в пейзажной лирике на основе многочисленных примеров его поэтического творчества. Автор особое внимание в статье уделяет детальному и тщательному изображению природного ландшафта, тонкому и умелому использованию деталей природы для выявления душевного состояния лирического героя. Автор приходит к выводу, что эти творения Фитрата имеют патриотическую, познавательную и эстетическую значимость. Стихи Фитрата, по мнению автора, - это чистая поэзия, он не воспевал жарких чувств, отчаяния, восторга, он писал о самом простом - о картинах природы, о разнородных вещах, о горах, о звездах, о самых простых движениях души и минутных впечатлениях. Его поэзия радостна и светла, ей присуще чувство света и покоя. Красота, естественность, искренность его поэзии доходят до полного совершенства, стих его изумительно выразителен и образен. Фитрата можно назвать певцом природы. Природа у Фитрата всегда спокойная, притихшая, словно замерзшая. И в то же время она удивительно богата звуками и красками, живет своей жизнью, скрытой от невнимательного глаза. В пейзажной лирике Фитрата хорошо видна взаимопроницаемость компонентов, вещи органично соседствуют в пейзаже с явлениями природы. В вымышленном художественном мире поэта повторяется ситуация реальной жизни, где человек и природа находятся в постоянном взаимодействии. Пейзаж создает психологический настрой восприятия текста, помогает раскрыть внутреннее состояние героев, подготавливает читателя к изменениям в их жизни. Пейзаж, данный через восприятие героя, - знак его психологического состояния в момент действия. Он может говорить и об устойчивых чертах его мировосприятия, о его характере. Пейзаж в литературном творчестве Фитрата имеет национальное своеобразие. Описание природы в этом качестве становится выражением патриотических чувств.

Ключевые слова: лирические стихотворения, пейзажная лирика, пейзажное изображение, прекрасное, природные явления, эстетический вкус, познание.

LANDSCAPE LYRICS OF ABDURRAUF FITRATE

In the article the author considers Fitrat's artistic mastery in landscape lyric poetry based on numerous examples of his poetic creativity. Particular attention in the article is given to the detailed and careful depiction of the natural landscape, subtly and skillfully using the details of nature to reveal the spiritual state of the lyric hero. The author comes to the conclusion that these creations of Fitrat have a patriotic, cognitive and aesthetic significance. Poetry Fitrat, in the author's opinion, this is pure poetry, he did not sing of hot feelings, despair, ecstasy, he wrote about the most simple - about pictures of nature, about dissimilar things, about mountains, about stars, about the simplest movements of the soul and minute impressions. His poetry is joyful and bright, it has a sense of light and peace. The beauty, naturalness, sincerity of his poetry reach full perfection, his verse is amazingly expressive and imaginative. Fitrat can be called a singer of nature. The

nature of Fitrat is always calm, quiet, as if frozen. And at the same time, she is amazingly rich in sounds and colors, she lives her life, hidden from an inattentive eye. In the landscape lyrics of Fitrat, the mutual permeability of components is clearly visible, things organically coexist in the landscape with the phenomena of nature. In the artist's literary world of art, the situation of real life is repeated, where man and nature are in constant interaction. The landscape creates a psychological tone of perception of the text, helps reveal the inner state of the characters, prepares the reader for changes in their lives. Landscape, given through the perception of the hero, a sign of his psychological state at the time of action. He can talk about the stable features of his worldview, his character. The landscape in the literary work of Fitrat has a national originality. The description of nature in this capacity becomes an expression of patriotic feelings.

Key words: lyric poems, landscape lyrics, landscape image, beautiful, natural phenomena, aesthetic taste, cognition.

Сведения об авторах: ***Махмадаминов Абдулхай Саидович*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17,.
Саидов Фирдавс Бегалиевич – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 938-10-10-64**

Information about the authors: ***Mahmadaminov Abdulkhay Saidovich*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and Contemporary Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17
Saidov Firdavs Begalievich - Tajik National University, competitor of the department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 938-10-10-64**

УДК: 891.550-1

ЁДДОШТИ ВОҚЕӢ АЗ КОРНАМОИИ ЯК АФСАРИ ЗИНДАЁДИ ТОҶИК

Фарҳод Ҳусейнзода, Давлатов У.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Аз таҳқиқоти донишмандон бармеояд, ки ёддоштнависӣ дар адабиёти садаи XX-тоҷик аз устод Садриддин Айнӣ оғоз гардида дар эҷодиёти Ҷ. Икромӣ, Ф.Ниёзӣ, С.Улуғзода ва чанд нафари дигар мавқеи асосиро ишғол мекунад. Аз мутолиаи асарҳои насрии шоири зиндаёд Убайд Раҷаб бармеояд, ки ёддоштнависӣ дар асарҳои насрии ӯ аз зумраи “Дӯш будам ҳамнишин”, “Зинда ба ишқ”, “Марди майдони талош”, ҷойгоҳи махсус дорад.

Дар китоби “Марди майдони талош” дар бораи саргузашти инсони шарифе сухан меравад, ки шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта, ҳамчун сарсупурдаи кори Ватан қариб сӣ сол дар ҳайати мақомоти умури дохилии Тоҷикистон хизмат намуда, аз як нафар корманди муқаррарии милиса то мартабаи афсари баландрутба расидааст.

Милисаи Тоҷикистон, бешубҳа, дар таъмини тартибу қонуният, ҳимояти ҳуқуқу манофеи умум, муҳофизати моликияти давлатӣ ва мардум, мубориза алайҳи ҳар гуна ҷинояту қонуншиканиҳо қиссаи беназир гузоштааст. Аз соли 1925, аз ибтидои фаъолияти худ то кунун, ин ҳайат роҳи бозгунанавард ва ибратомӯзеро паймудааст, пайваста побарҷову уҳдабаро будааст ва барои беҳбудии рӯзгори мардум кӯшиши лозимӣ ба харҷ додааст.

Оре, таърихи милисаи Тоҷикистон лоиқи донистану омӯхтан аст. Беҳтарин дастпарварони он бар муқобили душманони синфӣ мубориза бурдаанд, ҳамвора ҳампою ҳамрави инсонҳои созанда будаанд. Дар замони ҶБВ ҳам бо фашизм ҷангиданду ҳам тартиботи ақибгоҳро таъмин доштанд. Донистани чунин саргузашти пур аз ҷонбозиҳо кори ҳар як корманди поктинати умури дохила аст. Корномаи гузаштагон дар ниҳоди имрӯзиён нисбати пешае, ки интихобаш кардаанд, ҳисси ифтихору сарбаландӣ мепарварад, барои бенуқс иҷро кардани вазифаашон кумак мерасонад.

Ёддоштҳое, ки дар бораи саргузашти Олмуҳаммади Раҷаб ифшо гардидааст, ҷанбаи воқеӣ дошта фаъолияти як родмарди соҳаи милисаи тоҷикро дар давоми сӣ сол дар бар мегирад. Муҳимаш он аст, ки ҳам нависанда ва ҳам қаҳрамони асар зимни вохӯрии хосса аз кору пайкори якдигар огоҳ гардидаанд.Нависанда далерию поквиҷдонӣ, садоқат ба Ватан, некию накукориро дар симои Олмуҳаммади Раҷаб хело хуб ба қалам додааст ва аз осори барои калонсолон навиштаи ӯ бармеояд, ки ба ҳар масъала ҷиддан назар афкандааст. Тавре дар мақолаҳои пешин қайд намуда будем:

“Ҳар як ҳунарманди асил дар адабиёт ва санъат кӯшиш бар он мекунад, ки офаридаҳои ӯ таъсирбахш ва пурмуҳтаво бошад. Устод Турсунзода ҳар як шеър ё асари калонҳаҷмашро се-чор бор таҳрир карда, баъд манзури хонанда мегардонид...

Аз таҳқиқ ва ковишҳои эҷоди Убайди Раҷаб низ маълум гардид, ки эшон ин анъанаро дар қатори Муъмин Қаноат, Ашӯр Сафар, Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукуҳӣ, Гулчеҳра Сулаймонӣ ва даҳҳо дигар идома додааст”[6, с.219-220].

Дар ин номаи зиндагии як тан “родмарди карими бехалал”, подполковники мустаъфии хадамоти дохила Олмуҳаммади Раҷаб, дар асл, ҳиссае аз воқеоти сӣ соли ҳаёти милисаи Тоҷикистон нақл шудааст. Ин шахсияте буд, ки бо Убайд Раҷаб алоқаи бародарӣ дошта, омадурафти хонаводагӣ доштаанд. Аз ин лиҳоз, санаду воқеаҳо барои ӯ шинос буданд.

Олмуҳаммади Раҷабро аз рӯзи нахустини ба кори милиса омаданаш ба кори ин даргоҳ содиқ монд ва то дами вопасини ҳаёт касби худро дӯст медошт. Олмуҳаммади Раҷаб аз он хурсанд буд, ки дар тамоми фаъолияташ ба савганди худ содиқ буда,ин савгандро нашикаст. Фидойӣ, ки буд, фидойӣ кард.

Фидойӣ надорад зи мақсуд чанг,
Агар бар сараш тир боранду санг.

Китоби “Марди майдони талош” зоҳиран, ёдномаест, аз далелу санадҳои таърихӣ, ёдкарди Олмуҳаммади Раҷабу дӯстонаш.

Олмуҳаммади Раҷаб яке аз шахсиятҳое буд, ки сӣ соли ҳаёти худро дар ин ҷода бахшидааст. Ҳаёти Олмуҳаммади Раҷаб дар ноҳияҳо сипарӣ гардида, аз як нафар корманди муқаррарӣ ба мартабаи афсари баландрутба расидааст.

Убайд Раҷаб адибе буд, ки бо қаҳрамони асари худ ҳамкорӣ намуда, қиссаеро аз ҳаёти як тан фидойӣ ба қалам диҳад. Ӯ тавонист лаҳзаҳои хотирмони ёддоштҳои худро нисбати ин марди фидойӣ-Олмуҳаммади Раҷаб, дар ин китоби худ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Дар ҳақиқат, Олмуҳаммади Раҷаб яке аз симоҳои фаромӯшнашавандаи умури дохила ба шумор меравад. Ӯ тавонист аз лаҳзаи аввали фаъолияташ худро ҳамчун ҷонсупори миллат нишон диҳад. Дар тӯли ин сӣ соли фаъолияташ борҳо ба таъқибҳои душманон рӯбарӯ шуд, аммо ӯ тан надода, барои адолат ва пойдории давлат содиқ монд.

Адиби номвар бо офаридани симои қаҳрамони худ, дар ниҳоди ҷавонон як пайроҳаи ҷовидонаеро замина гузошт, то дар оянда ҷавонон дар ин рӯҳия ба камол расида, ҳамчун фарзандони ҷонсупори миллати ба нангу ор ба воя расанд.

Яке аз хислатҳои наҷиби Олмуҳаммади Раҷаб ҳақиқатҷӯйӣ, некӣ ва накукорӣ, ростқавлию покиродагӣ мебошад. Олмуҳаммади Раҷаб, ки бармаҳал аз пирони хирад панд омӯхтану пешаи маҳорат андухтанро ёд гирифта буд, ҳамин дуои неки пирони хирад ӯро нигоҳбону шарафманд карданд. Дар даврони сӣ соли фаъолияташ Олмуҳаммади Раҷаб дар ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ адои вазифа кардааст.

Сабаби тез-тез ҷойи кор иваз кардани Олмуҳаммади Раҷаб маҳз дар он буд, ки ковиши ҳар масъаларо ҷиддӣ мебурд ва нишон медод, ки гунаҳгор кӣ асту, бегуноҳ кӣ. Хушбахтона, таҳти бисоти масъаларо хуб дарк, ки мекард, аз ин ивазу бадалшавиҳо чандон малӯл намегашт, ва доимо байте аз Ҳофиз мунтазам зери лаб дошт:

Ай, ки бар маҳ кашӣ аз анбари соро чавгон,
Музтарибҳол магардон мани саргардонро.

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, ҳаёти милисаи тоҷик он солҳо пур аз таҳдидҳою нокомиҳо буд. Баъзе аз ашхоси Вазорати умури дохилаи Тоҷикистон нисбати ҳақиқатҷӯён монеа мешуданд ва намегузоштанд, ки ҳақиқатро рӯйи об бароранд. Аммо Олмуҳаммади Раҷаб дар пеши чунин ашхос сар хам намекард, ҳақиқатро ҷустуҷӯ мекард.

Инак, яке аз саргузашти корманди умури дохила Олмуҳаммади Раҷаб, ки Убайд Раҷаб дар қиссаи “Таҳдид**”** овардааст:

“ Зери ситаму тазйиқи ду тан генерал монд Олмуҳаммади Раҷаб. Мушти зӯри ҷонишинони вазири умури дохила А.М.Иванов ва Б.Ф. Зубков сахт гулӯгиру нафасгираш карданд. Аммо наҳаросид, чунки ҳақ ба ҷониби ӯ буду хуб медонист, ки муомилаи генералҳо ва тарзи коргузориашон ба зӯрӣ ва тарсондани одамон қарор дорад, ки барҳақ нодурустанд.

Воқеа чунин сурат гирифтааст: Вазорати умури дохилаи Тоҷикистон аз рӯйи нақшаи пешакӣ тасдиқшуда дар ноҳияи Регар машқ гузаронидан хост. Ба машқ бояд вазир Нусратулло Абдулҳақов роҳбарӣ кунаду тарзе гузарад, ки қуввaҳои умури дохила дар шароити вазъияти фавқулода амалиёт баранд. Кори таъҷилие пеш омаду ба ҷойи вазир ҷонишини ӯ Б.Ф.Зубков роҳбари машқ таъйин гашт. Мувофиқи дастури ҳолати ҷанг, ки одатан чунин амалиёт гузаронида мешавад, агар вазир вафот кунад ва ё ба кори таъҷилие манъ шавад, фармонфармоиро сардори шуъбаи умури дохилае, ки машқ дар он мавзеъ мегузарад, ба уҳда бояд бигирад. Вале ин маротиба қоидаи маъруфро ба назари эътибор нагирифтанд.

Пеш аз оғози “машқи Регар” генерал Б.Ф.Зубков ба Регар омад. Дар шуъбаи умури дохилаи шаҳр маҷлис оросту бо иловаи қуввае, ки дар ихтиёр дошт, кормандони умури дохилаи Регарро низ ба ҳайати ихтиёриёнаш даровард. Олмуҳаммади Раҷаб нисбати ин кори ҷонишини вазир андешаи худро изҳор накарда натавонист.

-Регар шаҳри сарҳадист. Корхонаҳое дорад, ки маҳбусон кор мекунанд. Одамони ҳархела бисёранд. Бо нияти пуркувват кардани ҳайати машқгарон қувваи шуъбаи

дохиларо суст кардан матлуб нест, муҳтарам генерал! Дар ҷараёни машқ коре шавад дар ноҳия, кӣ ҷавоб медиҳад?

-Ҳеҷ гап нест. Ман, ҳамчун муовини вазири умури дохила, масъулиятро ба зиммаи худ мегирам, -гуфт Б.Ф. Зубков.

Ба дили нооромии Олмуҳаммади Раҷаб як олам гап омад. Ҳарчанд қарори ҷонишини вазирро написандид, муқобилияти сахт накард.

-Ихтиёр доред, шумо корро беҳтар медонед, - суханро кӯтоҳ кард.

"Машқи Регар", чунонки мегӯянд, бомуваффақият поён ёфт, аммо вазъи ҷиноии шабонгоҳӣ кормандони шуъбаи умури дохиларо хушҳол карда натавонист. Саҳар навбатдори шуъба иттилоъ дод, ки имшаб дувоздаҳ мағоза ғорат шудааст, пули кассаи амонатиро ба яғмо бурдаанд. Сангинтарин ҷиноят ин аст, ки бист қадам дуртар аз идораи шуъбаи умури дохилаи шаҳр Фёдоров ном шахсро куштаанд.

Генерал Б.Ф.Зубков ахборро шунида ба ғазаб омаду такроран суол кард:

-Чаро ин тавр шуд?

-Дирӯз вазъиятро гуфтам, ба гапи ман аҳамият надодеду масъулиятро ба зимма гирифтед. Акнун худатон медонед, муҳтарам генерал!

Генерал Б.Ф.Зубков қаҳр карду ҳарфи изофае назад ва бо ҳамон тундхашмӣ Душанбе рафт.

Баъди соате вазири умури дохила Нусратулло Абдулҳақов телефон карду вазъиятро саҳеҳ донистан хост.

-Чӣ гап шуд, Олмуҳаммад? Чаро дар як шаб ин қадар бетартибӣ? Ноҳияву шаҳри Регар боиси ибрат буд-ку?

Аз генерали муҳтарам Б.Ф.Зубков бипурсед, ташаббус нишон дода, моро ба вазъияти нобоб гузошт, -ҷавоб дод Олмуҳаммади Раҷаб, ки дар дил аз чунин ранг гирифтани вазъият ҳаргиз қонеъ набуд.

Худи ҳамон рӯз ҷонишини якуми вазири умури дохила генерал А.М. Иванов ва генерал Б.Ф.Зубков бо дастаи махсуси ашхоси машғули корҳои фаврӣ ба Регар омаданд ва пайи дарёфтани гунаҳкорон шуданд. Дере нагузашта Фатҳулини тотор, ки аз рӯйи моддаи одамкӯшӣ ба ҳабс афтода буду ҳоло ҳамчун шахси гунаҳкори гуноҳаш каме сабукшуда то ҷое озод мегашт, ба милисахона оварда шуду таҳти истинтоқ қарор гирифт. Сабаби гунаҳкор донистани Фатҳулин он аст, ки рӯзе пеш бо Фёдоров паси як миз нишаста арақ нӯшидаву мастӣ кардаасту ҳама дидаанд. Ду кас, ки ҳамроҳ арақ хӯрду маст шуд, албатта, ба гап меравад. Ба гап, рафтӣ, пасту баланд мегӯйӣ, асоси ҷанҷолро мегузорӣ ва маълум аст, ки хархашаи мастона чӣ анҷоме дорад. Пурсиши Фатҳулинро худи генералҳо А.М.Иванов ва Б.Ф.Зубков ба зимма гирифтанд. Онҳо назди Фатҳулине, ки ҳанӯз чандон хумори шароби дирӯза таркаш накарда буд, омаданду суол доданд.

-Ҳа безорӣ, боз одам куштӣ? Як бор бас набуд, ки ба чунин кор дубора даст задӣ?

Ранг аз рӯйи Фатҳулини нимҳушёр парид. Гап задан хост, вале имконияти лаб кушодан надоданд.

-Бале.

-Баъд ҳарду ҷанҷол кардед?

-Камтар гапамон гурехт.

-Баъд ту ӯро корд задӣ?

-Аз мурдан хабар дораму аз ин кор не. Мо маст будем, гапгузаронию мушткӯбӣ кардем, лекин ҳар кас ҳар тараф рафт.

-Гапро ман, генерал Иванов мегӯям!-дӯғ зад мавсуф.

-Ба номи Худо қасам мехӯрам, ки ман ӯро накуштаам.

-Агар ба хубӣ иқрор шавӣ, муҳлат мегирию саломат мемонӣ. Агар иқрор нашавӣ, иқрорат мекунему мукофоти амалат ҳукми паррон мешавад, -гуфт генерал Зубков. Ҳангоми шунидани ҳукми паррон Фатҳулин як қад париду мӯйи баданаш мурғак рафт, сари болояш хам гашт.

-Яъне Фёдровро ту куштӣ? –такрор карданд генералҳо.

-Ҳа, -гуфт сар набардоштаФатҳулин ва гуноҳро ба гардан гирифт.

Вақте ки Фатҳулинро аз дар мебаровардand ҳар ду генерал маънидорона ҷониби Олмуҳаммади Раҷаб нигаристанд:

-Дидӣ, чӣ хел тафтиш мебаранду гунаҳкор чӣ тавр иқрор мешавад.

Бо иҷозатномаи дотситони шаҳр Фатҳулин ҳабс карда шуд. Хушҳолии ҷонишинони вазир ҷонишинони вазири умури дохила ии умури дохила интиҳо надошт. Фахр мекарданду ҳавобаландӣ, ки сарриштаи як гуноҳи бузургро осон кушоданд. Аммо дили Олмуҳаммади Раҷаб гӯвоҳӣ медод, ки рафтори генералҳо дуруст нест. Фатҳулин гунаҳкор намебошад.

Аз миён даҳ рӯз гузашт Олмуҳаммади Раҷаб Фатҳулинро даъват кард ва бо одамоне, ки ҳамроҳаш дар ин муддат дар ҳабсхона буданд, сари гуфтугӯ нишаст. Одатан дар ҳабсхона маҳбусон аз саргузашти ҳамдигар ва корҳои ичрокардаашон зуд огоҳ мешаванд.

Олмуҳаммади Раҷабро бар он хулоса водор сохтанд, ки Фатҳулин гуноҳ надорад. Қотили Фёдоров шахси дигар аст, ки ӯро бояд ҷуст. Бинобар ин, Олмуҳаммади Раҷаб Фатҳулинро аз маҳбас озод кард.

Хабари аз ҳабсхона озод шудани Фатҳулин ба гӯши генералҳо А.М. Иванов ва Б.Ф. Зубков расид. Онҳо рафтори Олмуҳаммади Раҷабро як навъ худсарӣ ва барои сардори шуъбаи умури дохила ношоиста донистанду маломаташ карданд.

-Чаро қотилро озод кардӣ?-гуфтанду дӯғ заданд.

-Фатҳулин гунаҳкор нест! Қотил каси дигарест, ки дар давоми даҳ-понздаҳ рӯз дастгир хоҳад шуд,-қатъӣ ҷавоб дод Олмуҳаммади Раҷаб.

-Агар ба қавлам наистам, аз баҳри курсии сардори шуъбаи умури дохила хоҳам гузашт.

Генералҳо дар ҳайрат афтоданд.

Пайгирии қотил дуюним ҳафта давом кард. Дар шабонарӯзи бистуми ҷустуҷӯ Саид ном ҷавонеро ҳамроҳи панҷ нафар шариконаш даст гирифтанд. Ҳангоми кофтуков як миқдор силоҳу афзоре ба даст омад, ки ин даста ба воситаи он амалиёти ҷиноӣ мегузаронанд. Тафтиши дақиқу пухта аз ҷониби ҳамин даста кушта шудани Фёдоровро собит кунонид.

Матни пурсиши Саиду ҳамроҳонаш ва силоҳи аз онҳо ситонидашуда ба Вазорати умури дохилаи Тоҷикистон расиду ҷони Олмуҳаммади Раҷаб аз ситаму таҳдиди минбаъдаи ҷонишинони вазир генерал А.М. Иванов ва Б.Ф. Зубков раҳойӣ ёфт...”

Убайд Раҷаб бо офаридани чунин симоҳои барҷаста кӯшидааст, ки дар ниҳоди ҷавонон хислатҳои наҷибро ҷой дода, роҳи ҳақҷӯиро ба ҷавонон талқин намояд. Олмуҳаммади Раҷаб яке аз чунин ҷавононе буд, ки барои ба даст овардани ҳақиқат талош мекард. Дар роҳи ба мақсад расидан аз ҳеҷ чиз намеҳаросид.

Инсоне, ки устод Убайд Раҷаб мавриди ситоиш қарор додааст, орзуву омол, эҳсосу андеша ва ангезаҳои олами ботинии ӯро фаро гирифтааст. Ӯ дуруст дарк кардааст, ки саъю кӯшиш ва меҳнати ҳалол офаридгори бахти инсонанд. Аз ин рӯ қаҳрамони ӯ дорои чунин хислатҳои шоиста буда, баҳри пойдории давлату миллати хеш ҷонсупориҳо кардааст.

Убайд Раҷаб қаҳрамони худро дар зиндагӣ фориғбол нишон надода, балки пайваста дар кӯшишу ҳаракат буданашро нишон додааст.

Вақте ки корномаҳои Олмуҳаммади Раҷабро варақ мезанӣ, бо ҳисси боварӣ эҳсос мекунӣ, ки ҳамеша дар такопӯ ва иҷрои супоришҳои давлатӣ мебошад. Ҳамон лаҳза худро осудаву ором ҳис мекунад, ки аз уҳдаи кори ба дӯш гирифтааш сарбаландона барояд.

Аз ишораҳои адиб маълум мегардад, ки ғайр аз адои супоришҳои давлатӣ дар вақтҳои зарурӣ як шахси суҳбаторою дӯсти мушфиқ ҳам мебошад. Ишора намудааст, ки ҳар гоҳе ташдиду такопӯйи зиндагӣ дилгирам кунад, роҳи мулоқоти ӯро мепӯям, ҳамнишинияш дарди маро сабук мегардонад. Ӯ низ ҳамин тавр рафтор мекунад. Соате суҳбатбарор буданамон ва паҳлуи ҳам дар гӯшаи камодаме қадам кушоданамом ташвиши дунёро ба кӯйи фаромӯшӣ мебарад:

Ёр ба даст ор, ки бас бекас аст,
Ҳар ки мар-ӯро ба ҷаҳон ёр нест.
З-ин ҳама неъмат, ки дар ин олам аст,
Ҳеҷ беҳ аз ёри вафодор нест.

Олмуҳаммади Раҷаб бо ҳамин хислатҳои наҷиби худ дар дилу дидаи мардум ҷой гирифтааст. Дар ҳар кучо ва дар ҳар мақоме, ки хидмат дошт, дақиқназарӣ ва уҳдабароӣ зоҳир карда, гирехи риштаи сахттарин корҳои ҷиноиро оқилона кушодааст ва лоиқи эҳтирому эътиқод шудааст.

Азбаски Убайд Раҷаб борҳо дар сафарҳо Олмуҳаммади Раҷабро ҳамроҳӣ кардааст, яке аз ёдномаи хотирмонашро ба қалам дода, баён намудааст: “*Дафъае сафари Қайроқум доштем. Дар дафтари кори ҷонишини додситони шаҳр ду тан суҳбат мекарданд: соҳиби хона, ки либоси ғайри низомӣ дошт ва марде дар либоси тобистонаи афсари умури дохила. Аз ворид шудани ду марди ношинос ҳар ду чашми таҳайюр дӯхтанд. Ҳайрати онҳоро барҳам задан хоста, Олмуҳаммади Раҷаб лаб ба гап кушод:*

-Бубахшед, ки нороҳататон кардем, - ва маро шиносонидани шуда, -ошно шавед, ин кас шоир...

-Мешиносем, - сухани ӯро бурид ҷонишини додситон, - китобҳояшро хондаем.

-Ҳамроҳи ман подполковники мустаъфии хадамоти дохилаи Тоҷикистон Олмуҳаммади Раҷаб,- дар навбати худ шиносонидам ӯро.

-Вах! –гуфт афсари умури дохилаву чобук аз ҷой хест.

-Бовар намекунам! Наход ҳамон сардори овозадори шуъбаи милиса, ҳамон Олмуҳаммади Раҷаби номбардошта, ки на танҳо шаҳру ноҳия, балки вазиру Вазорати умури дохила аз мулоқоташ худро канора мегирифтанд ва қисса корҳояш аз даҳон ба даҳон рафта

намунаи ибрати милисаҳо шудааст, шумо бошед?! Боварам намеояд, ки рӯбарӯйи шумо истодаам...”

Чи тавре ки иборае дар байни халқ маъруф аст;

Овозаи Рустам, беҳ аз Рустам.

Ҳақиқатан, дар симои Олмуҳаммади Раҷаб ҳамон Рустами достон ҷилвагар мебошад, ки баҳри ҳимояи Ватан ва халқи маҳбуби худ ҷонсупориҳо кардааст ва номаш дар таърихи милисаи тоҷик бо хатти зарин сабт гардидааст.

Дар кадом ноҳияе, ки Олмуҳаммади Раҷабро дар курсии вазифае шинонданд, дар кори худ содиқ буд. Ба муқобили ҷиноятқорон муборизаи қатъӣ мебурд. Ҳунару ҷасорату мардонагиаш ӯро дар ин вазифаҳои масъул раҳнамун сохт. Одамро дониста дар курсии вазифавие шинондан ҳам ҳунар аст, равонии инсонро бояд шинохт, зеро:

Вуҷуди мардуми доно мисоли зарри тиллост,
Ки ҳар кӯҷо, ки равад, қадру қиматаш донанд.

Олмуҳаммади Раҷаб дар рафти фаъолияти худ ҳеҷ гоҳ саросема набуд, ботамкину хушмуомила рафтор мекард. Бо ҷиноятқор тарзе сухан меронд, ки бе ягон мамоният ҷиноятқор будани худро ошкор мекарданд. Ҳодисаҳои чандинсоларо тавонист дар муддати ниҳоят кӯтоҳ ошкор намояд. Ҳасудхӯроне, ки дар умури дохила ҳамроҳаш фаъолият доштанд, ба ӯ бо чашми нек нигоҳ намекарданд. Он муаммое, ки тайи ду сол инҷониб ҳалли худро наёфта буд дар муддати як ҳафта Олмуҳаммади Раҷаб ошкор намуд, ки дар қиссаи воқеии “**дарёфти қаттолон”** омадааст:

Муддате аз миён сипарӣ гашту боз ба роҳ баромад Олмуҳаммади Раҷаб. Ин дафъа бояд ба ноҳияи Мастчоҳ биравед.

Додари омӯзгор Исмати Ёр шикоят кардааст, ки ду сол инҷониб бародарашро меҷӯяд. Дар куҷост, касе намедонад. Мегӯянд, ки зиндааст. Гоҳ-гоҳ аз Тошканд, Ҷиззах, Самарқанду Бухоро ва ҷойҳои дигар барқия мерасад, ки сиҳату саломат аст, аммо хона намеояд. Чаро? Гурги шубҳа дилу ҷонашро тала мекунад.

Олмуҳаммади Раҷаб дар шаҳри Хуҷанд бо Музаффарови додситони вилоят вохӯрд. Баъд ба Масчоҳи Нав рафт. Гуфтугӯ бо мардум ва идораҳо водораш сохт, ки ҳатман аз кӯҳистони Мастчоҳ дидан бикунанд. Ду сол муқаддам Исмати Ёр ҳамчун намоянда ба Падроғи кӯҳистони Мастчоҳ рафтааст, ки боғҳои деҳаро нигоҳбонӣ кунад ва меваашро ғундораду хушконаду ба давлат супорад. Тирамоҳи ҳамон сол бедарак шудааст.

Вақти бозгашт аз Дилварзин Олмуҳаммади Раҷаб боз додситони вилоятро диду хоҳиш кард, ки ду ҳамраҳи санҷидакору сафардида диҳадаш. Мувофиқи хоҳиш додситони ноҳияи Мастчоҳ Собиров ва муфаттиши додситони ноҳияи Нов Ӯлмас Сангинов ба ӯ шарики роҳ гардиданд.

Олмуҳаммади Раҷаб бо ҳамроҳонаш ба шаҳри Панҷакекнт расиданду овозаи бо дастаи боқуввати мусаллаҳ ва гурӯҳи сагони ботаҷрибаи бӯгир ба кофтукови Исмати Ёр баромадани онҳо ба Мастчоҳ омад. Шояд асари ҳамин овоза бошад, ки онҳо ба деҳаи Шамтучи ноҳияи Айнӣ расиданду одамон мурдаи Исмати Ёрро аз оби Зарафшон баровардаанд.

Майитро муояна карданду кушта шуданаш муқаррар гашт. Саҳеҳтараш бо табар зада куштаанд. Саволҳо пеш омаданд; чаро ҷасади марди ду сол муқаддам гумшуда имрӯз ёфта шуд? Кӣ ӯро куштааст?

Ҳамсафарон дар деҳаи Ҳати Шар паноҳ гирифтаанду манзили зисташ қарор додаанд. Аз Ҳати Шар ҳамроҳи субҳ ба деҳоти Падроғи Витком мерафтанду бо одамон суҳбат мекарданд ва шомгоҳ бармегаштанд, ки шабро дар манзили Ҳаётхӯҷаи ҳатишарӣ рӯз кунанд.

Тафтиш сари чанд рӯзро хӯрду оқибати кор ба ҳузури чӯпони деҳа овард, ки дар пуштаи муқобили ғори Падроғ рама мечаронид. Рамабон ҳарфи зиёдатӣ назад. Тавсия дод, ки асли воқеаро аз Фаросат, духтари Исмати Ёр, пурсанд, ки пурра хабар дорад. Фаросат пурсишгаронро ба суҳбати модараш Зебо фиристод, ки ӯ ҳам аз воқеа хабар доштааст. Ҳикояти Фаросат кобишгаронро ба назди бобои Ёрак, писаронаш Бобову Нор ва домодаш Ҷумъа овард, ки ҳама хешу табори Исмати Ёр буданд. Ҳалқаи кобиш тангтар шуд ва шуъла ба рӯйи торикӣ пошид.

Исмати Ёр ба Падроғ меояду сахт монеи тороҷи ҳосили боғот мешавад; на ба хешон иҷозат медиҳаду на ба бегонагон, ки ҳосилро ба ғорат баранд. Ононе, ки дар ин чанд соли беодамӣ ва бесоҳибии боғҳо дастдароз буданд, малӯл мешаванд, рафтори Исмати Ёр барояшон хуш намеояд, барои аз миён бардоштанаш реҷа мекашанд.

Тобистони орому осуда мегузарад, тирамоҳ фаро мерасад. Ононе, зимистонро дар кӯҳистон гузаронидан мехостанд, ҳезум захира кардани мешаванд. Ҳамин даврараро барои куштани Исмати Ёр мувофиқ медонанд. Бобои Ёрак хатти амал мекашиду ба дигарон маъқул мекунонид, ҳатто ба духтараш – зани Исмат ҳам. Шарти ифшо нагардидани роз дар он будааст, ки ҳар касе дар ин хусус лаб во кунад, ҷояш қаъри оби Зарафшон мешавад.

Ба назди Исмати Ёр меояду маслиҳат мекунад, ки ӯ марди мутасаддӣ ва соҳибвазифа аст, нишон бидиҳад, ки кадом дарахтҳоро хушк бикунанд. Исмат аз қисмат бехабар Бобои Ёраку ҳаммасла-конашро ба боғи лаби ғор мебараду дарахтҳои хушкидаро нишон медиҳад ва худаш дастаи арраро мегираду ба буридани шохаи хушк мепардозад. Дар ҳамин ҳангом аз пушт бо табар ба китфу тахтапушту гардани ӯ мезананду ба қатл мерасонанд. Чӣ тавр кушта шудани падарро духтараш, ки дар самти рӯбарӯ меистод, баръало мебинад, аммо аз тарси ҷон ва таҳдиди бобо лаб ба хомӯшӣ мебандад.

Мурдаи Исматро ба лаби об, ба даруни ғори Падроғ, ба ҷойи шамолраҳа рӯйи санге мегузоранд. Ғори муътадилҳаво ва шамоли об ба вайрон шудани наъш имкон намедиҳад.

Аз овозаи дастаи мусаллаҳ ва сагони бӯйгир ва Мастчоҳ омадани Олмуҳаммади Раҷаб қотилон ба таҳлука меафтанд. Бинобар ин, мурдаро ба об меандозанд.

Таҷрибаи андӯхта ба маҳорати корбарӣ имкон фароҳам оварданд, ки сирри рӯпӯшидаи дусола дар давоми як ҳафта ифшо гардад. Додситони вилоят ба Вазорати умури дохила нома фиристода, изҳори миннатдорӣ мекунад ва хоҳише ба қалам медиҳад, ки Олмуҳаммади Раҷаб ба мукофот пешниҳод шавад. Аммо нома дар байни ҳуҷҷатҳо мемонад ва ба ҷойи даркорӣ намерасад.

Олмуҳаммади Раҷаб таърихи худро варақ мезаду зери лаб мехонд:

Ба яке чашм задан суҳбати ёр охир шуд,
Рӯйи гул сер надидему баҳор охир шуд.

Ӯ аз ин роҳи тайшудаи умри худ он қадар розӣ набуд, дар назараш накуиш камтар рух менамояд. Ӯ ба хаёл фурӯ меравад, ки метавонист бештар нафъ расонад, аммо натавонист.

Олмуҳаммади Раҷаб инсофу шарафу қонунро пуштибонӣ кард, ба ҳокимони қонуншикан сар нафароварда. Он найрангу фиреб ва маҳалбозию ришвахорияшон ба дилаш зад. Ҷониби мардумро на аз барои пораю чорае гирифт, балки барои эҳтироми шарофати инсонӣ ва ҳимояи қонун гирифт. Ӯ дуруст дарк карда буд, ки ягона "**ҷавҳари беҳамтое, ки башарро дар мадҳи офариниш то малакути аъло руҷҳон (афзалият) додааст, озодиву шарофати инсонист"** (Фаридуни Санҷарӣ). Озодии худу дигаронро азиз дошт, инсонро бар қонун гузошт, на қонунро бар инсон. Як андешаи файласуфи Юнони қадим Ситсеронро фаромӯш накард, ки гуфта буд: "Сахтгирии бениҳояти қонун ниҳояти беадолатист. Бузургтарин мукофоти ҷиноят бечазо гузоштани он аст". Олмуҳаммади Раҷаб фармудаи дилу виҷдонро ба ҷой оварда, дил ба фармони ӯ не, ӯ ба фармони дил буд.

Сахтгирии устодонаш комиссар Акбар Умаров, Бобо Маҳкамов, Мирзояҳё Аминов, Бӯрӣ Раҳимов, Мирзо Ҷонов, Абдуманнон Қодиров, Нусратулло Абдулҳақов, Мотилев Яков Семёнович ва дигаронро ёд меорад, ки онҳо дар саҳифаи таърихи мақомоти умури дохилаи Тоҷикистон номи неки худро боқӣ гузоштанд.

Баъзан Олмуҳаммади Раҷаб ба андеша фурӯ мераваду он хатоҳои содиркарда ӯро азият медиҳанд. Одам хато накарда пеш пой монда наметавонад. Аммо хаторо кас, агар оқилу ҳақҷӯ бошад, сари вақт ислоҳ накунад, бояд ислоҳашро ба фарзандонаш васият кунад.

Дуруст дарёфт. Чаҳор тан аз нуҳ дилбандаш Холмуҳаммад, Фарҳод, Баҳодур ва Шуҳрат бо амри дил ба хадамоти идораҳои маъмурии Тоҷикистон камар бастанд ва аз падари дар ин ҷода хидматнишондода фотиҳаи сафед гирифтанд. Олмуҳаммади Раҷаб ба писарони хеш ҳамчун устод ба шогирд менигараду тамкину ташаббус металабад ва таъкидаш ҳамаро бар он аст, ки покдил бошанд аз лавҳаи ёд набароранд, ки бо инсон сару кор доранд. Нисбати қисмати одам ҳаргиз бепарвою бетараф будан ва ноҳақ муносибат кардан нашояд. Ҳақшинос бояд буд.

Бисту чоруми декабри соли 1994, Олмуҳаммади Раҷаб ба остонаи мубораки шастсолагӣ қадам гузошт. Ҷумлаи дӯстони қадрдон ва ихлосмандонаш аз наздику дур ба муборакбодияш расиданд ва соате гирди хони пур аз нозу неъматаш нишастанд. Ҳар кас фармудаи дили худро нисбати Олмуҳаммади Раҷаб мегуфтанд.

Он рӯз Лоиқ Шералӣ китоби "Дасти дуои модар"-ро бо соядасте ба Олмуҳаммади Раҷаб тақдим кард, ки дар он омадааст:

Шасти Олмуҳаммад ҳаргиз нагардад.

Убайд Раҷаб дар он чашнвораи шастсолагии умри бобаракати дӯсташ иштирок карда, дар ҳузури дӯстон шеъреро, ки барояш иншо карда буд хондааст:

"Худододагонро худо додааст..."
Худои таъоло туро додааст,
Ки гӯям мани ёри ҷонипараст,
Ҷу Оли Муҳаммад маро ёр ҳаст.
Барам ёди танҳоиямро зи сар,
Ба сад шукр гирам ҷу додар ба бар.
Гаҳе аз раҳе бехабар даррасӣ,
Барандозам аз дил гами бекасӣ.

Ки бе кас ба беқадрӣ қадри хас аст,
Залили ду олам каси бекас аст.
“Худододагонро худо додааст...”
Худои таъоло туро додааст,
Ки монӣ дили гарми худ рӯйи каф,
Диле не, гуҳар андаруни садаф.
Диле огаҳидил, диле дилнавоз,
Диле ғони пурдардро чорасоз.
Диле ҳамзабони дили дӯсткор,
Диле дар вафои диле пойдор.
Диле барнавозад сари фарди мард,
Набинад дами сард, ҳам рӯйи дард.
“Худододагонро худо додааст...”
Худои таъоло туро додааст [5, с.189-190].

А Д А Б И Ё Т

1. Шарифов Х. Сухан ва адабиёти миллӣ / Х.Шарифов. - Душанбе: Пайванд, 2009. - 482 с.
2. Солиҳов Ш. Адабиёт ва шинохти он / Ш Солиҳов. - Душанбе: Ирфон, 2009. - 240 с.
3. Давронов А. Мушкилоти пайвандҳои адабӣ / А. Давронов // Маҷмӯаи мақолаҳо.-Душанбе, 1999.
4. Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. - Душанбе, 1988. - Ҷ.1. - 544.
5. Раҷаб У. Марди майдони талош. - Душанбе, 2009. - 181.
6. Ҳусейнзода Ф. Вижагиҳои коргоҳи адабии Убайд Раҷаб // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2014. - №4/6 (146). – С.219-220.

ЁДДОШТИ ВОҚЕӢ АЗ КОРНАМОИИ ЯК АФСАРИ ЗИНДАЁДИ ТОҶИК

Дар ин мақола дар бораи як инсони шариф, Олмуҳаммади Раҷаб, ки сӣ соли ҳаёти худро баҳри волоияти Қонун бахшидааст, маълумот дода шудааст. Ёддоштҳое, ки дар бораи Олмуҳаммади Раҷаб ифшо гардидааст дар таълиму тарбияи насли наврас аз аҳамият холӣ нест. Убайди Раҷаб далерию поквичдонӣ, садоқат ба Ватан, некию накӯкориро дар симои Олмуҳаммади Раҷаб хело хуб ба қалам додааст ва худи қаҳрамони асар ба ҳалли ҳар як масъала ҷиддан назар афкандааст. Олмуҳаммад Раҷаб дар кадом ноҳияву шаҳрҳое, ки фаъолият кардааст, дар адои вазифа содиқ будааст. Чунки ба он савганде, ки хӯрда буд, дар адои вазифаи бисёр пурмаҳсулу мушкил содиқ монд. Дар ин мақола он солҳои мудҳише, ки Олмуҳаммади Раҷаб фаъолият мекард ва ҳаёти милисаи тоҷик пур аз таҳдидҳою нокомиҳо буд, дар симои қаҳрамон мушоҳида карда шудааст. Убайди Раҷаб кӯшидааст, ки қаҳрамони худро дар зиндагӣ фориғбол нишон надиҳад, балки дар кӯшишу ҳаракат нишон диҳад. Дар симои Олмуҳаммади Раҷаб шахсе таҷассум ёфтааст, ки ҳамеша дар такопӯ ва иҷрои супоришҳои давлатӣ буда ва он вақт худро осудаву ором ҳис менамояд, ки аз уҳдаи кори ба дӯшаш супорида сарбаландона барояд. Убайд Раҷаб дар симои қаҳрамони худ инсонеро мавриди ситоиш қарор додааст, ки орзуву омол эҳсосу андеша ва ангезаҳои олами ботинии ӯро фаро гирифтааст. Каҳрамони аср дар рафти фаъолияташ эҳсос намудааст, ки саъю кӯшиш ва меҳнати ҳалол офаридгори бахти инсон аст. Адиб инчунин ғайр аз иҷрои супоришҳои давлатии қаҳрамони худ дар ниҳоди ӯ як шахси суҳбаторою дӯсти мушфикро ҳам тасвир намудааст. Инчунин дар ин мақола шахсиятҳои бонуфузи давр, ки нисбат ба кори давлат фориғболона назар мекарданд, мавриди баҳс қарор дода шудааст. Дар фарҷоми ин мақола ёдоварии дӯстони Олмуҳаммад Раҷаб дар остонаи шастсолагии зодрӯзаш ба қалам дода шудааст.

Калидвожаҳо: садоқат, ёддошт, поквичдонӣ мубориза, додситон, образ, закон, ситам, шоир, Ватан.

ВОСПОМИНАНИЕ О ПОДВИГЕ ОДНОГО ТАДЖИКСКОГО ОФИЦЕРА

В этой статье приведены сведения об одном славном человеке Олмухаммаде Раджабе который посвятил половину своей сознательной жизни (более 30 лет) делу превосходства Закона. Эти воспоминания, которые посвящены Олмухаммаду Раджабу, имеют грамотное значение в вопросах патриотического воспитания подрастающего поколения. У.Раджаб в образе своего героя (Олмухаммади Раджаб) показывает человека ни личного мужеством и героизмам, любви к Родине доброго и отзывчивого патриота, который к решению любого вопроса подходил очень серьёзно. О. Раджаб в к исполнению своих служебных обязанностей всегда подходил с точки зрения профессионализма и гуманности. Где бы он ни работал, он всегда был верен своего клятве служить закону и Отечеству по совести. В этой статье приводятся факты из трудовой деятельности. О. Раджаб в те суровые времена и сложный период таджикской милиции сумел показать своего героя только с лучшей стороны. Он описывает своего героя как человека энергичного, бесстрашного, одновременно вежливого и мягкого. В образе Олмухаммада Раджаба автор показывает личность, которая наряду с исполнением государственных задач умеет быть спокойным и умеющим выполнять все поручение, которые на него возлагалось. Убайд Раджаб в образе своего героя показывает человека, его богатый внутренний мир. Герой произведения в ходе исполнения своего профессионального долга чувствует, что служение закону и законности - это его счастье. Кроме того, автор показывает его как прекрасного собеседника и настоящего друга. Наряду с героем автор даёт характеристику и другим персонажам, которые к исполнению своих обязанностей относились халатно и высокомерно. В эпилоге статьи приведены воспоминания друзей Олмухаммада Раджаба в предверии его шестидесятилетия.

Ключевые слова: преданность, воспоминания, добросовестность, борьба, прокурор, образ, закон, насилие и несправедливость.

THE REAL MEMORIES ABOUT THE HEROIC ACTION OF DECEASED TAJIK OFFICER

This article is devoted about one noble person Olmuhammadi Rajab, who has devoted his 30 years of his life to Supremacy of law and it was given some other information. The memories, which are given about Olmuhammadi Rajab, it is not of significance on education of new generation. Ubaidi Rajab very skillfully has des cribbed dravery, honest, sincerity to Motherland, good deed in the person of Olmuhammadi Rajab and the hero of the novel seriously has casted a

glance himself to solution of each problem. Wherever, in any town or district Olmuhammadi Rajab had wokerd ,he has one of the devoted sons of his Motherland in paying his dept. Because that oath which he swore,honestly he fulifilled his productive difficult task. There is written about Olmuhammadi Rajab on that terrible yease in the article ,the life of tajik polisman was under the full of pressure and bitter lots,all these events it has observed in Olmuhammadi Rajabs deed.Ubaid Rajab has tried to show his hero not careless person,but he could show his hero as a person who always in slaughterand movement in his life and work, alwayse he was restless and ready to fulfill all government assignments and after discharging his duty then he felt calmly himself,that proudly he could fulfill the task which entrusted on him. In the person of his hero,Ubaidi Rajab has decided to praise the person,who embracedall his expectations,feeling, thought and stimulant of inside. The hero of novel has felt in his work, that try and honestly to work it is the creative fortune of person.Besides of fulfilling the government tasks of the hero,the author has also depicted the good conversation, sympathetic friend. There is also discussed in article about rhe authoritative persons of that time, who insignificantly looked to their work. In conclusion of the article the memory of Olmuhammad Rajabs friend has written on the threshold of sixty years of his anniversary.

Key word: sincerity, memory, honest, struggle, prosecutor, character, law, yoke, poet, Motherland.

Сведения об авторах: ***Хусейнзода Фарход*** – Дангаринский государственный университет, доктор филологических наук, заведующий кафедрой таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Телефон: **(+992) 92-753-87-65**
Давлатов Умарали - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Телефон: **(+992) 907-85-01-06**

Information about the authors: ***Husseinzoda Farhod*** - Dangara State University, Doctor of Philology, Head of the Tajik Language and Literature Department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara Str. Sharifova, 3.
Tel.: **(+992) 92-753-87-65**
Davlatov Umarali - Dangara State University, senior lecturer. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara Str. Sharifova, 3. Tel.: **(+992) 907-85-01-06**

УДК: 891.550-1+82

ВОҚЕИЯТ ВА ТАХАЙЮЛИ БАДЕӢ ДАР РОМАНИ “ХАТЛОН”-И ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Қодиров Т.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АИ ҶТ

Ҷалол Икромӣ яке аз нависандагони сермаҳсули адабиёти муосири тоҷик буда, дар инкишофи насри навини адабиёт хизмати босазоеро иҷро намудааст. Икромӣ дар замоне ба арсаи адабиёт қадам гузошт, ки тағйири сохтори давлатӣ ва таъсири адабиёти ҷадиди рус дар марзу буми кишвари мо бо як диди нав ворид гашта буд. Икромӣ, ки худ дар оилаи шахси зиёӣ ба воя мерасид, албатта, аз ин падидаҳои нав дар канор буда наметавонист.

Дар тарбияи илмию адабии Ҷалоли ҷавон таъсири шахсиятҳои алоҳида низ нуфузи муйяне дошта, ба нашъунамои савияи илмиаш кумаки беандозае расонидаанд. Тавре ки худи нависанда ишора мекунад:

“Ба сабзишу нашъунамои ман аз ҳар гуна мактаб дида тарбияи ака-Турсун роли калон бозид. Ака-Турсун хизматгори қадрдони падарам буд, лекин табиатан шоир ва дӯстдори санъату адабиёт буд” [3, с.194]. Аммо, пеш аз ҳама, дар ташаккули маҳорати нависандаги ва ифтоҳи эҷодии Ҷалол Икромӣ, нақши устод Айнӣ беандоза калон аст, ки онро ҳам худи нависанда ва ҳам муҳаққиқони эҷодиёти Ҷалол Икромӣ ёдовар шуданд.

Ҷалол Икромӣ дар эҷоди асарҳои эпикии худ дар адабиёти муосир сабки хос ва роҳу равиши хешро боз кардааст. Ба фарорасии мавҷи Инқилоб мундариҷа ва шакли насри тоҷик нав гардида, боиси ба майдон омадани реализми ҷадид дар адабиёт гардид, ки бевосита ба фароҳам омадани реализми сотсиалистӣ мусоидат кард.

Икромӣ дар чунин рӯҳияи адабӣ тарбия ёфта, минбаъд дар эҷодиёти худ ин анъанаро давом додааст. Нависанда як силсила асарҳои калонҳаҷм, ба мисли романҳои “Шодӣ” (1949), “Духтари оташ”, (1960), “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” (1970), “Тахти вожгун” (1974), “Хатлон” (1985), “Гули бодом” (2000) барин эҷод намудааст, ки ҳамаашон дар равияи методи реалистӣ ба майдон омада, воқеияти реалӣ зербинои онҳоро ташкил медиҳад.

“Романи реалистӣ, ки ҳаракати таърих, ҳаёти сирсоҳаи халқ, образу характерҳои типӣ ва алоқаи диалектикии байни онҳоро таҷассум додааст, бешубҳа ба роҳи ҷустуҷӯ ва омӯзиши таҷрибаи эстетикии адабиётҳои муқтадиру баркамол ба майдон омадааст” [3, с.208]. Барои ин ки умумигӯйи накарда бошем, метавонем дар мисоли як романи нависанда ин вижагии маҳорати нависандагии Ҷалол Икромиро чун муште аз намунаи хирвор нишон бидиҳем.

Асаре, ки мавриди баҳси асосии мо қарор мегирад, ин романи “Хатлон”-и ин нависандаи закитабъ маҳсуб мешавад, ки воқеияти зиндаги ва дарунмояи асарро ташкил дода, нависанда бо як маҳорати баланди эҷодии худ онро бо тахайюли бадеӣ сайқал додааст. Ҷалол Икромӣ пеш аз он ки ин асари худро эҷод намояд, ба ин гӯшаи

зебоманзара, ки дар ҷануби Тоҷикистон воқеъ аст, чандин бор сафар намуда, ба урфу одат, расму оин, тарзи гуфтори ин мардум аз наздик ошноӣ пайдо намуда, ҳамаи он чизҳои воқеиро, ки бо назари мушоҳидакории худ медид, бо услуби хосси бадеӣ дар асари худ дарҷ менамояд.

“Ҳақиқати воқеӣ он ҳодисаю ҳолат, ашёву махлуқот ва амсоли инҳост, ки воқеан ҳам мавҷуд будаанд ва ё мавҷуд хоҳанд буд. Ду нишонаи муҳимтарини ҳақиқати воқеӣ аз инҳо иборатанд: аввалан- мавҷудияти он, сониян-аз ихтиёри субъекти фоил берун будани вай” [1, с.78]. Романи “Хатлон” як асари иҷтимоист, зеро масоили ободонӣ, бунёдкорӣ, баланд бардоштани сатҳи зндагии мардум аз падидаҳои муҳим ва асосии асари номбурда ба шумор меравад. Бо вуҷуди ҷанбаи иҷтимоагароию публитсистиаш як асари муваффақи бадеист, зеро нависанда ба ҳадафи хеш, ки нишон додани муттаҳидии аҳли заҳмат, барпо намудани хоҷагиҳои коллективӣ, дар деҳот аз байн рафтани тарзи ҳазорсолаи суннати патриархалӣ мебошад, ноил гаштааст.

Меҳвари асосӣ ва симои марказии асари мазкур шахсияти барҷастаест, ки аз ибтидо дар ин гӯшаи сарзамини аҷдодӣ ба дунё омада, дар ин ҷо ба воя расида ва тамоми умри бобаракати худро сарфи ободонии ин гӯшаи мулки аҷдодии худ менамояд.

Оғози романи мазкур аз тасвири зебо, манзараҳои дилрабо ва биҳиштосоӣ ин диёр шурӯъ гардида, нависанда бо як маҳорати баланди эҷодӣ онхоро тасвир намудааст, ки хонанда, пас аз мутолиаи он мехоҳад ҳарчи зудтар вориди асари номбаршуда гардад.

“Баландиҳои Нозимтой” аз ҳамин қабил ҷойҳост. Ин баландиҳо ҳама иборат аз таллу теппаҳои хокӣ буда, дар байни ду водии васеи Тоҷикистон – водии Хатлон ва водии Ғалларал ҳоил афтодааст. Дарозии ин теппаҳоро ҳисоб кардан мушкил, фақат ҳаминро мегӯем, ки як сари онҳо то ба сарҳади мамлакат ва сари дигарашон ба тарафи шимол дароз шуда, ниҳоят ба силсилаи кӯҳҳои баланди Ҳисор рафта мепайвандад” [6, с.4].

Пас аз ин нависанда барои нишон додани симои асосии қаҳрамони марказӣ, бо як таваҷҷуҳи хос ба нишон додани хоксорию матиниродагии ӯ, яъне раиси кордону ботаҷриба, хирадманду меҳнатдӯст Мирҳайдар, мегузарад. Мирҳайдар, ки аз аввал то охир ҳамчун шахси кордону дурандеш ва ободкор аст, мекӯшад, ки тамоми корҳои мешудагиро бо тадбир ҳаллу фасл ва маслиҳатомез ба анҷом расонад.

“- Ман ба ту зӯрӣ кун нагуфтам-ку! - гуфт бо табассум раис. -Ту меҳнати якрӯзаи мардумро нобуд кардӣ.

- Хайр кори намешудагӣ шудааст, зарар надорад. Ин тарафи корро ман худам дуруст мекунам”[6, с.11].

Ҷалол Икромӣ, ки дар тӯли фаъолияти нависандагии худ реализм ва воқеиятро асоси эҷодиёти худ медонист, ин анъанаро то охири умр давом медиҳад. Асоси ин асари зикргардидаро, ки бунёди хоҷагиҳои коллективона дар шаҳру рустоҳо ва ободонии як гӯшаи асосии хоки аҷдодист, бо муҳаббати бепоён тарсиму тасвир мекунад.

Раиси колхоз, ки худ аз миёни мардуми одӣ баромадааст, гузаштаи ӯ низ бо машаққати зиёд, дар зери зулми золимони гузашта ва қурбони ноадолатиҳо гардидааст. Ӯ пайваста кӯшиш менамуд, ба мардум наздик бошад, тамоми қуввату дониши худро баҳри беҳбудии онҳо сарфа намояд. Ӯ пайваста дар фикри ободонӣ, дастгирии мардум, баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо мебошад, ва хонандаи дақиқназар, албатта, дарк мекунад, ки заминаи воқеии ин образ, шахсияти таърихӣ, қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, раиси колхози номдори Хатлонзамин Миралӣ Маҳмадалиев аст.

“Мирҳайдар чӣ қадаре, ки деҳқонӣ пахтакорӣ ва чорводорию боғдориро донад, ҳамон қадар одамҳоро медонист. Одамҳоро омӯхта, шинохта ва фаҳмида ба гирду атрофаш мегирифт ва баъд ба онҳо бовар мекард” [6, с.32].

Мирҳайдар ободкориро дӯст медорад, мехоҳад дар атрофаш нафаронеро гирд оварад, ки мисли худаш ободкору дилсӯз бошанд. Бахусус нисбати ҷавонони далеру меҳнатдӯст, донишманду кордон боэҳтиром аст. Тарбияи ин гуна ашхосро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонад. Назари ӯ ба ояндаи кишвараш дигар аст.

“Зулфия бошад механизатори пешқадам, қаҳрамон, баобрӯ ва боэътибор гашт. Албатта, ба пешрафти Зулфия, барои одам шуда расидани ӯ раис камтарак меҳнат накард. Хононд, маълумот дод, таҷриба омӯхт” [6, с.34].

Муносибати раис нисбати атрофиёнаш хеле хуб буда, манфиати ҷомеаро аз манфиати шахсиаш боло медонад, шахсиятҳои оқилу кордонро эҳтиром мекунад, аз онҳо маслиҳатҳо мепурсад. Ба илму маориф таваҷҷуҳи хосса дошта, роҳи пешрафту ташаккули ҷомеаро дар илму маърифат медонад. Омӯзгорони болаёқатро дастгирӣ ва ҷавонони боистеъдоду донишмандро раҳнамоӣ намуда, дар атрофи худ ҷамъ мекард.

“-Ман сараграном шуда наметавонам! - гуфт ба таври қатъӣ Асо.

-Муаллимиро дӯст дорӣ, бисёр нағз - гуфт раис - сараграном шуда истода, омада камтар дарс дода рафтан мегирӣ!” [6, с.87].

Ҷалол Икромӣ зиндагии мардуми одиро хуб медонад. Адиб инро ҳам дар мавридҳои мувофиқ дар ҳамон шакле, ки дидаасту шунидааст ва дар воқеӣ буданаш шак надорад, ба

қалам медиҳад. Зиндагонӣ пур аз тазодҳост, дар баробари шахсиятҳои меҳнатдӯсту ватанпарвар, ободкору созанда будан, дар ҷомеа ашхоси дигаре ҳастанд, ки ба ҳамаи ин чизҳо ба назари манфӣ менигаристанд. Аз ин рӯ, ҳамаи ин ҳолатҳо аз нигоҳи нависанда дар канор намондааст. Адиб, ки худ дар он ҷомеа зиндагӣ карда, ин ҳамаро бо чашми мушоҳидакорӣ медид, он нафароне, ки барои ҷамъият ҳар лаҳза халал эҷод мекарданд ва ҳатто тайёр буданд, ки барои манфиатҳои шахсии хеш чандин нафаронро бо макру ҳилла қурбони дасисаҳои худ созанд, хеле моҳирона тасвир кардааст.

“Ҷобир Билолов сардори участкаи боло. Ақлу ҳуши вай бештар ба мансабталошӣ буд. Мехост, ки калон шавад, ба ҳама фармонфармо шавад, мукофотҳо гирад, машҳур шавад... Аммо бо чӣ? Бо дӯғу ҷазабаю тӯдабозӣ!” [6, с.121].

Дар ҳама давру замон, ин зумра одамон муқобили пешрафт ва халалпазири ҷомеа буданд. “Хайрият ин тоифа дар байни ҷамъият обрӯю эътибори хоссаи худро пайдо карда натавониста, дар охир нест шуда мераванд. Халқ ҳамеша сараро аз сарқат, хубро аз бад ҷудо карда метавонад” [6, с.122].

Тавре ки ёдовар шудем, романи “Хатлон” як асари иҷтимоист, зеро масоили ободонӣ, бунёдкорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум аз падидаҳои муҳим ва асосии асари номбурда ба шумор меравад.

Бо вуҷуди ҷанбаи иҷтимоигароию публитсистиаш як асари муваффақи бадеист, зеро нависанда ба ҳадафи хеш, ки нишон додани муттаҳидии аҳли заҳмат, барпо намудани хоҷагиҳои коллективӣ дар деҳот, аз байн рафтани тарзи ҳазорсолаи суннати патриархалӣ дар рустоҳои кишвар мебошад, ноил гаштааст. Дигар вижагиҳои нависандагии Ҷалол Икромӣ дар он аст, ки нависанда дар баробари мардон ба занон низ дар ободонӣ ва бунёдсозӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

“Фикр намекунад, ки Зулфия духтари баобрӯ, ягона механизатори номӣ, фаъол... ӯро дар республика мешиносанд... Раис Мирҳайдар, ки ин духтаракро ба худаш муовин карда, дастгирӣ мекунад, албатта, ягон хосияташ будагист” [6, с.33].

Нависанда дар нишон додани ин саҳна батадриҷ дар дили хонанда як муҳаббати бузургеро бедор месозад. Ин лаҳзаҳоро нависанда, барои бедор сохтани худогоҳии миллӣ, даъват намудан ба илму маърифат ва созандагии зани тоҷик ба зеҳну дили хонанда ҷо медиҳад. Дар ин ҷо ҳақ ба ҷониби устод Хоҷамуродов Олимҷон аст, ки мегӯянд:

“Албатта, шарҳу тафсири нависанда доир ба ғояи асосӣ ва ҳадафи аслии асараш барои дарки беҳтари асари ӯ дорои аҳамияти бузургест, вале на ҳамеша барои хонандаи дақиқназар қонеъкунанда аст, зеро асари ҳунарӣ ҳамеша тафсирпазир аст. Ин вижагӣ аз табиати худи ҳунар, дарку диди фардӣ сарчашма мегирад.

Аз ин рӯ, дар маъниофаринӣ ва тафсири асари бадеӣ хонанда низ ширкат мекунад ва метавонад бардошти ғайр аз ҳадафи нависандаро дошта бошад” [4, с.147].

Икромӣ ба дарки ҳастии ҳаёту таърих тахайюли пурҷӯши хешро бо шарҳу тафсири рӯҳи мураккаби инсон бахшида, кӯшиш мекунад, ки ҳар як персонажи асарашро бо паҳлуҳои сифату хислаташ хеле моҳирона тасвир намояд. Адиб дар такопӯ ва кашфҳои нодираш кӯшиш кардааст, то асари худро аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа қавитар, аз ҷиҳати маводу санадҳо бовариноктар ва аз ҷиҳати зебу зинати бадеӣ баркамолтар намояд. Ин асари нависанда, ки дар нимаи дуюми асри гузашта, яъне соли 1985, эҷод шудааст, аз баландии донишу фаҳмиш ва салиқаи баланди носирии ин адиби нуктасанҷ дарак дода, жанри романи мустанадро дар адабиёти тоҷик ривоҷ дода, боиси рушди он гардидааст.

Ба қавли Ю. Бондарев: “Агар мо ҳама чизро дар хусуси инсон медонистем ҳоҷати китоб навиштан, ба илм машғул шудан ва ҳоҷати баҳсу мунозира кардан набуд” [2, с.5].

Ба ин робита метавон чунин натиҷагирӣ намуд: ба замми он ки Икромӣ дар насрнависӣ маҳорати бузургеро касб намуда буд, дар ин романи худ адиб саъй кардааст дар зеҳни хонанда андешаро нисбати ободонӣ, бунёдкорӣ, муттаҳидӣ, дӯст доштани марзу буми хеш ва дигар хислатҳои накуи инсонӣ бедор созад. Ба ин васила, маҳорати бузурги эҷодии нависанда, барои тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва рушди насри воқеъгаро саҳмгузор будааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. - Душанбе: Маориф, 1990. - 334 с.
2. Сорбон. Актёр. - Душанбе: Маориф, 1984. – 445 с.
3. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷилди 1. - Душанбе: Дониш, 1984. - Нашри II. - 280 с.
4. Хоҷамуродов О. Воқеият ва тахаюли бадеӣидар қиссаи “Нафрини замин”-и Ҷалол Оли Аҳмад / О. Хоҷамуродов // Ахбори Академияи илмҳои ҶТ (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). - 2015. - №3. - 142 с.
5. Ҷ. Икромӣ. Дар бораи баъзе хусусиятҳои насри тоҷик // “Шарқи сурх”. – 1958. - №11.
6. Ҷ. Икромӣ. “Хатлон”. (Роман). - Душанбе: Ирфон, 1985. - 270 с.

ВОҚЕИЯТ ВА ТАХАЙЮЛИ БАДЕӢ ДАР РОМАНИ “ХАТЛОН”-И ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Ҷалол Икромӣ ҳамчун нависандаи барҷаста дар инкишофи адабиёти муосири тоҷик саҳми босазо гузошт. Барои ташаккули насри навин хизмат намуда, як қатор асарҳои муҳташам вориди адабиёт намуд, ки аз таърихи як садсолаи рӯзгори мардуми тоҷик дарак додааст. Икромӣ ба мисли ҳаммаслакони худ як ҷазби

бузургро барои ояндагон фароҳам сохт, ки то имрӯз дар пешрафту нумуи адабиёт, шогирдону ҳаводоронаш ин анъанаро дар насри тоҷик давом дода истодаанд. Икромӣ ба дарки ҳастии ҳаёту таърих тахайюли пурҷӯши хешро бо шарҳу тафсири рӯҳи мураккаби инсон бахшида, кӯшиш мекунад, ки ҳар як персонажи асарашро бо паҳлуҳои сифату хислаташ хеле моҳирона тасвир намояд. Адиб дар такопӯ ва кашфҳои нодираш кӯшиш кардааст, то асари худро аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа қавитар, аз ҷиҳати маводу санадҳо бовариноктар ва аз ҷиҳати зебу зинати бадеӣ баркамолтар намояд. Ин асари нависанда, ки дар нимаи дуюми асри гузашта, яъне соли 1985, эҷод шудааст, аз баландии донишу фаҳмиш ва салиқаи баланди носирии ин адиби нуктасанҷ дарак дода, жанри романи мустанадро дар адабиёти тоҷик ривоҷ дода, боиси рушди он гардидааст. ба замми он ки Икромӣ дар насрнависӣ маҳорати бузургеро касб намуда буд, дар ин романи худ адиб саъй кардааст дар зеҳни хонанда андешаро нисбати ободонӣ, бунёдкорӣ, муттаҳидӣ, дӯст доштани марзу буми хеш ва дигар хислатҳои накуи инсонӣ бедор созад. Ба ин васила, маҳорати бузурги эҷодии нависанда, барои тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва рушди насри воқеъгаро саҳмгузор будааст.

Калидвожаҳо: Икромӣ, оғози фаъолият, реализм, воқеият, назари иҷтимоигароии нависанда, пейзаж, меҳвари асосии асар, ободонӣ аз нигоҳи нависанда, тасвири замон.

РЕАЛЬНОСТЬ И ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ВООБРЖЕНИЯ В РОМАНЕ “ХАТЛОН”ДЖАЛОЛА ИКРАМИ

Джалол Икрами как выдающийся писатель внес весомый вклад в развитие современной таджикской литературы. Он служил для формирования новой прозы и преподнес ряд великих произведений в которых повествуется о жизни целой эпохи в истории таджикского народа. Икрами как и его современники создал такую атомосферу для будущих поколений, которая служит и по сей день для продвижения и развития таджикской литературы, а его ученики и поклонники продолжают эту традицию в таджикской прозе. Икрами познавая вечность жизни и истории, включил свое богатое воображение для объяснения и толкования сложной человеческой натуры и старался, чтобы каждый персонаж его произведения с его характерными чертами очень искусно изображался. Писатель старался укрепить в своих уникальных изысканиях содержание и смысл, привести достоверную информацию и мастерски украсить художественное оформление произведения. Данное произведение писателя, которое было написано во второй половине прошлого века, то есть в 1985 году, свидетельствует о высоте знаний и понимании писателя, выдающейся способности творческого подхода. Он развил в таджикской прозе жанр документального романа и в нем постарался привлечь внимание читателя к благоустройству, созиданию, единству и сплоченности и другим благим деяниям. Таким образом, великое творческое мастерство писателя внесло огромный вклад в дело воспитания чувства патриотизма, самосознания и развития летописного жанра.

Ключевые слова: Икрами, начало деятельности, реализм, реальность, взгляд писателя на социальные проблемы, пейзаж, основной стержень произведения, благоустройство с точки зрения писателя, изображение времени.

REALITY AND ARTISTIC VISIONS IN THE ROMAN "KHATLON" OF JALOLA BY CRAFTS

Jalil Ikrami as an outstanding writer made a significant contribution to the development of modern Tajik literature. He served to form new prose and presented a number of great works in which the life of an era in the history of the Tajik people is narrated. Ikrami, like his contemporaries, created such an atomosphere for future generations, which serves to this day for the promotion and development of Tajik literature, and his pupils and fans continue this tradition in Tajik prose. Ikrami, learning the eternity of life and history, included his rich imagination to explain and interpret complex human nature and tried to ensure that every character of his work with its characteristic features is very skilfully portrayed. The writer tried to strengthen in his unique research content and meaning, to bring reliable information and masterfully decorate the artwork of the work. This work of the writer, which was written in the second half of the last century, that is, in 1985, indicates the height of knowledge and understanding of the writer, the outstanding ability of the creative approach. He developed the genre of a documentary novel in Tajik prose and in it he tried to draw the attention of the reader to landscaping, creation, unity and cohesion and other good deeds. Thus, the great creative skill of the writer has made a great contribution to the development of a sense of patriotism, self-consciousness and the development of the chronicle genre.

Key words: Ikrami, the beginning of activity, realism, reality, the writer's view on social problems, landscape, the main core of the work, improvement from the point of view of the writer, the image of time.

Сведения об автора: ***Кодиров Тоджиддин*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. Телефон: **(+992) 985-08-48-93**

Information about the author: ***Kodirov Tojiddin*** - Institute of Language and Literature named after. A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 21. Tel.: **(+992) 985-08-48-93**

УДК: 891.550+801.66

ҚОФИЯ ВА РАДИФ АЗ НАЗАРИ ҶОМӢ

Назар Баҳруло
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АИ ҶТ

Абдурраҳмони Ҷомӣ назариёти адабии хешро дар бораи шеъру шоирӣ, аз ҷумла қофия ва радиф ҳам дар осори бадеӣ ва ҳам дар рисолаҳои ҷудогонааш баён кардааст. Шоир дар баробари он ки дар шеъраш оид ба қофия ва радиф ва нақши онҳо дар сохтори шеър мулоҳиза рондааст, дар ин боб бо номи «Рисолаи қофия» таълифоти ҷудогонаеро

низ ба мерос гузоштааст, ки мутаассифона, то имрӯз ба тариқи ҷудогона тадқиқ ва арзёбӣ нашудааст.

Ҷомӣ дар осори манзумаш борҳо қофия ва радифро ҳамчун унсури муҳимми шеър ба шумор оварда, таъкид кардааст, ки агар вазн дар сохтори шеър «хилъати ноз» бошад, қофия нақшу нигори он буда, радиф «холхоли он аст» [7, с.2]. Назари куллии ӯ дар бораи қофия ва радиф дар «Туҳфат-ул-аҳрор» ба тариқи зер ифода шудааст:

Қофиясанҷон чу дари дил зананд,
Дар ба рухи тирадилон гил зананд,
Рӯй чу дар қофиясанҷӣ кунанд,
Пушт бар ин дайри сипанҷӣ кунанд [12, с.26].

Шоир дар маснавии «Сабҳат-ул-аброр» низ дар бораи «қадру қимати сухан ва душвориҳои шоирӣ» [11, с.100] сухан карда, нақш ва ҷойгоҳи қофия ва ранҷи шоирро дар эҷод ва интихобу корбасти он баён мекунад ва меафзояд.

Номаи умр ба тавқеъ расид,
Назми аҳвол ба тақтеъ кашид,
Танг шуд қофияи умри шариф,
Дам ба дам мешавад марг радиф.
Сар ба ҷайбӣ ҳама шаб қофияҷӯй,
Танат аз маънии борик чу мӯй [13, с.123].

Ҷомӣ дар ҳамин маснавӣ дар хитоб ба ҳосидоне, ки «ранҷи ин корро (қофиясанҷиву радифсозиро - Н. Б) надониста, ба осори шоирон- боғбонҳои гулҳои латифи рангорангу дарахтони пурмеваю лазиз қаҷназарӣ ва айбҷӯйӣ мекунанд» [11, с.100], ранҷи шоирро дар интихоб ва эҷоди қофия медонад. Эроди ин гурӯҳро бар қофияи маълул «хӯрдагирӣ зи таассуб» [13, с.129] дониста ва меафзояд:

Чун ту аз назми маонӣ дурӣ,
З-ин қибал ҳар чӣ кунӣ, маъзурӣ.
Ҳаргиз аз дил начаконди хуне,
Баҳри мавзунии номавзуне.
Мурғи ту қофияоҳанг нашуд,
Хотират қофиясон танг нашуд.
Паси зону нанишастӣ як шаб,
Дида аз хоб набастӣ як шаб [13, с.129].

Ҳамчунон ки профессор А. Сатторзода таъйид кардааст, шоир «қофияю вазнро аз ҷузъҳои аслии шеър» дониста, ба чигунагӣ ва тарзу шарти истифодаи онҳо бештар диққат додааст. Ӯ тарафдори истеъмоли қофияҳои камёбу хуб (Чун номбарӣ ҷунайдиёнро, Кун қофияшон убайдиёнро.- Дар шеър чу з-он сухан барояд, -З-ин қофия хубтар нашояд [8, с.115-116] ва радифҳои раво аст. Шоир корбурди саҳеҳи қофия ва радифро дар шеър мояи ифтихор дониста ва аз он болидааст. Аз ишораҳое, ки дар шеъри Ҷомӣ ҳаст, маълум мешавад, ки қофияи зебову хушоҳанг ва «халхоли радиф», ки «бар ҷабин холи хаёл афзояд» [8, с.114-115] дар шеър муроди ӯ будааст.

Ҷомӣ назариёти ҷомеашро дар бораи қофия ва радиф дар «Рисолаи қофия» ташаккул ва таҳаввул бахшидааст. Ин рисола, чунонки баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Б. Сирус ва А. Зуҳуриддинов, гумон кардаанд, танҳо дар пайравии «Қофия»-и (?) Шамсиддин Қайси Розӣ навишта нашуда, хусусиятҳои фарқкунандаи худро низ дорад [9, с.8; 3, с.136; 5, с.377], ки марбут мешавад ҳам «ба қавоиди вофӣ» [14, с.141] ва ҳам «сифати таҳқиқи назариявии ашъори форсӣ» [3, с.139].

Рисола аз панҷ фасл ва муқаддимаву хотима иборат буда, Ҷомӣ дар он «қавоиди қавофӣ»-ро «ба муҷиби ишорати баъзе аҷиллаи асҳоб ва аиззаи аҳбоб» [14, с.141] ба тарзи мухтасар ва фаҳмо шарҳу тафсир кардааст. Ӯ дар муқаддимаи рисола дар бораи илми қофия, моҳияти он ва радиф маълумот дода, нахуст таъриф ва ташреҳи ин ду унсури муҳимми шеърро меоварад. Сипас дар фасли аввал дар бораи ҳуруфи қофия (равӣ, ридф, қайд, таъсис, дахил, васл, мазид ва ноира), дар фасли дувум ҳаракати қофия (расс, ишбоъ, ҳазв, тавҷеҳ, маҷро ва нафоз), дар фасли савум навъҳои қофия (мутародиф, мутавотир, мутадорик, мутарокиб ва мутавокис), дар фасли чаҳорум анвои қофия вобаста ба ҳарфи равӣ (муқайяд, мутлақ ва муҷаррад), дар фасли панҷум уюби қофия (икво, икфо, синод ва айто) ва дар хотима қофияҳои маъмул ва ғайри маъмул андешаҳояшро баён медорад.

Назар ба мушоҳидаи Баҳром Сирус ҳарчанд Ҷомӣ «дар хусуси баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалнашудагии қофия тамоман фикр» [9, с.8] наронда бошад ҳам, андешаҳояш дар ин боб аввалан бисёр сода ва мафҳум аст, сониян комилан дар тобеияти дидгоҳҳои Шамси Қайси Розӣ қарор надорад, ниҳоят мустақилияташ дар шарҳу тафсири қофияву радиф ва масоили ба он вобаста назаррас аст.

Ҷомӣ дар муқаддимаи рисола қофия ва радифро ба тариқи зер таъриф кардааст: «Бидон, ки қофия дар урфи шуарои Аҷам иборат аст аз тамоми он чи такрори он дар охири ҷамеъи абёт воҷиб бошад ё мустаҳсан, ба шарти он ки мустақил набошад дар

талаффӯз, балки ҷузви калима бошад ё ба манзалаи ҷузв. Баъзе тамоми калимаи охирро қофия гуфтаанд ва баъзе ҳарфи равиро.

Радиф калимаеро гӯянд ё бештар, ки бар сабили истиқлол дар охири ҳама абёт биайниҳӣ мукаррар шавад. Ва шеъри муштамил бар радифро мурдаф хонанд ва ин хоссаи шуарои Аҷам аст» [14, с.141-142].

Ҷомӣ дар рисолааш аз Шамси Қайси Розӣ ва дигар муаллифоне, ки то ӯ дар ин боб сухан кардаанд, ёд накардааст, аммо таъсири назариёти муаллифи «Ал-муъҷам …» дар шаклгирии андешаву оройи ӯ назаррас аст. Аз ин ҷихат усули низоми қофияи Ҷомӣ намуде дигар ва мухтасару мушаххас аз ҳамон низоми Шамси Қайси Розӣ аст. Ба ҷуз Ҷомӣ донишмандони дигар, аз ҷумла Воҳиди Табрезӣ, Воизи Кошифӣ ва Атоуллоҳи Ҳусайнӣ низ аз Шамси Қайс пайравӣ кардаанд. Мактаби Шамси Қайс ва Ҷомӣ, пеш аз ҳама, барои баррасии ташаккул ва таҳаввули таърихии фанни қофия аҳамият дошта, миёни онҳо тафовут низ ҳаст, ки ҳам дар таърифи қофия ва ҳам зикри тағйироти таърихии он назаррас мебошад.

Аз таърифи Шамси Қайси Розӣ ва Ҷомӣ бармеояд, ки ҳарчи қабл аз радиф бувад қофия аст, хоҳ мушобиҳат дар баъзе аз ҳуруфи охир дар он бошад ва хоҳ набошад. Дар ин замина назари Ҷомӣ дар шинохт ва таърифи қофияву радиф дақиқ ва мушаххас аст.

Шамси Қайс ба сабаби муқайяд (пойбанд) набудан такрори қофияро дар шумори радиф меоварад. Ба ин далел, ки агар такрор шуд бояд ҳуруфи қабл аз он калимаи мукаррар бо якдигар шабоҳат дошта бошанд [4, с.55]. Таърифи Ҷомӣ аз қофия сода ва фаҳмо буда, назараш ба сохтори қофия мушаххас ва иборат аст аз такрори он дар охири байтҳо, зебоии он, мустақил набудан дар талаффӯз ва ҷузъи калима буданаш.

Радиф низ аз нигоҳи Ҷомӣ дар охири байт истиқлол дошта, муқаррар мешавад. Ба андешаи ӯ шеъре, ки радиф дорад, мурдаф номида мешавад, ки хосси шеъри Аҷам аст.

Ҷомӣ таҳлил ва арзёбии қофияро аз ҳуруф шуруъ мекунад ва такрори онро дар калимаҳои гуногун муҳим ва воҷиб дониста, онро унсури зарурии шеър мешиносад. Ӯ низ мисли Шамси Қайси Розӣ ҳуруфи қофияро аз нуҳ иборат медонад. Вале Насируддини Тусӣ миқдори онро шаш донистааст. Номи ҳарфҳо низ дар баёни Шамси Қайсу Ҷомӣ ягона буда [6, с.167], ба ифодаи Ҷомӣ аз «равиву ридфу дигар қайду баъд аз он таъсис, дахилу васлу хуруҷу мазиду ноира» [14, с.142] иборат мебошанд.

Ҷомӣ қофияро дар шеър воҷиб ва мустаҳсан медонад, ки таъкиди саҳеҳ ва мушаххас ба таъсири равоншинохтӣ ва зебошинохтии он аст. Дар тафсири ин матлаб метавон афзуд, ки «ҳамоҳангӣ ва ҳамнавоии калимаҳои қофия аз як воситаи таъсири ҳиссӣ фаротар рафта, ба воситаи мақбулияти завқӣ гӯё табдил ба як далели ақлӣ мешавад ва табъи моро барои пазируфтани як воқеият омода мекунанд» [2, с.120].

Назари зебошинохтии Ҷомӣ дар шинохти қофия дар шарҳи ридфи маъруф ва маҷҳул низ ошкор аст. Ӯ нигоштааст, ки «маъруф он аст, ки замма ва касраи моқабли «вов» ва «ё»-ро ишбоъ тамом накарда бошанд, чун «шур» ва «шер». Пас аҳсан, балки воҷиб аст, ки «маъруф ва маҷҳулро дар як шеър ҷамъ накунанд» [14, с.143]. Барои тасдиқи ин андеша шоир рубоии зерро аз Камоли Исмоил иқтибос кардааст:

Бо дил гуфтам, ту боре, эй дил, некӣ,
К-аз ман дурӣ, ба ёри ман наздикӣ.
Дил гуфт, ки бо даҳону зулфаш умрест,
То месозам ба тангиву торикӣ [14, с.143].

Камоли Исмоил дар ин рубоӣ дар мисоли вожаҳои ҳамқофияи некӣ, наздикӣ ва торикӣ маъруф ва маҷҳулро бо ҳам овардааст, ки ба ҳамоҳангии қофия халал ворид кардааст. Ин назар ба хусусияти мусиқиёии қофия низ таъкид дорад.

Андешаҳои Ҷомӣ дар бораи зинаҳои ташаккул ва таҳаввули қофия ҳам назарӣ ва ҳам таърихист. Мисоли дар боло зикршуда ва истеъмоли «ё»-и маҷҳул бо калимаҳои арабӣ дар шакли имола (яъне овозҳои «о» ва «а»-ро монанди «и» ва «ё», «е» талаффӯз кардан, мисли китоб-китеб, ҳисоб-ҳисеб, катеба-китеба ва ғайра) намунаи он аст. Ҷомӣ аз ҷиҳати назарӣ мухолифи ин тарзи қофиясозӣ аст, вале бо мисолҳо аз осори шоирон, аз ҷумла Камоли Исмоил ва Анварӣ сайри таърихии ин навъи қофиясозиро ёдрас менамояд.

Дар шеъри форсии тоҷикӣ мавқеъ ёфтани ин тарзи қофиясозӣ ҳодисаи ҳаммонандро дар шеъри русӣ ба ёд меоварад, ки Б.В. Томошевский бо номи «қофияи имлоӣ» («орфографический рифм») ва «қофия барои чашм» («рифм для глаз») зикр карда афзудааст, ки «барои назм на меъёрҳои умумии талаффуз, балки усули талаффузи ашъор муҳим аст» («для стихов важны не общие нормы произношения, а способ произношения стихов») [10, с.78]. Ин ҳолат дар таҷрибаи шоирони мо низ ба назар мерасад, ки намунаашро Ҷомӣ дар рисолааш зикр карда, вале номақбул ҳисобидааст.

Тавсифоти Ҷомӣ дар бораи ҳуруфи қофия на фақат хусусияти қайд- ҳо ва қонуниятҳои сохтории қофияро дар шеъри форсии тоҷикӣ баён медорад, балки равишҳои мақбул ва номақбули онро дар таҷрибаи шоирон ошкор месозад, ки арзиши назарӣ ва амалӣ дорад. Аз ҷумла назари ӯ дар мавриди риояти ҳарфи қайд дар ҳоли «бинои қофия

бар арабӣ» ва «риояти қайд дар ҷамеъи ҳуруф» [14, с.144], ҳамчунин бар хилофи шоирони Араб риоят кардани шоирони Аҷам таъсирро ҳамин гуна ҳодиса аст. Чунин тафовути таърихии савтӣ ва имлоиро Ҷомӣ ҳангоми мутаҳаррик будани ҳарфи васл дар шеъри форсӣ ва дар ашъори Аҷам наёмадани қофияи мутаковис низ ба мушоҳида гирифтааст.

Ҷомӣ ҳам дар шеъраш ва ҳам дар рисола қофияи маъюбу радифи нораворо «алами бедаво» ва «сифати шеъри бад» [8, с.116] дониста, чаҳор навъи уюби қофия, аз ҷумла иқво, икфо, синод ва айторо зикр мекунад. Ӯ ба таври мушаххас ҳар кадоме аз ин иллатҳои қофияро зикр карда, тавзеҳ медиҳад ва онҳоро дар шеър «бағоят нописандида» [14, с.148] таъбир мекунад.

Дар таҳлил ва тафсири иллатҳои қофия агар Шамси Қайси Розӣ ба мисолҳои мушаххас аз эҷодиёти шоирон такя карда бошад, Ҷомӣ фақат бо вожаҳои алоҳида мисол меорад ва таъкид мекунад, ки «нашояд, ки бинои қофия бар он ниҳанд» [14, с.149].

Дар хотимаи рисола шоир андешаҳояшро дар бораи қофия ва радиф ҷамъбаст карда, ишораи равшане ба сайри таърихии овоӣ ва ҳарфии қофия менамояд ва хусусиятҳои қофияи маъмул ва ғайри маъмулро мушаххас месозад, ки дар шинохти роҳи таърихии ташаккул ва таҳаввули қофия пуразиш аст.

Қофияи ғайри маъмул аз назари Ҷомӣ он аст, ки «бе он ки дар он тасарруфе кунанд, шоистаи он аст, ки қофия воқеъ шавад» [14, с.149]. Қофияи маъмул ба воситаи тасарруфе, ки шоистаи он гардад, воқеъ мешавад. Ба назари Ҷомӣ «он тасарруф гоҳ ба таркиби ду лафз бошад, чунонки лафзи «аст», масалан ба воситаи таркиб бо лафзи «пайдо» ва амсоли он пайдо кунад, ки бо лафзи «хост» ва «рост» дар як қофия ҷамъ шавад, чунонки дар ин байт:

Дар ойинаи рӯйи ту, гар гӯям рост,
Анвори таҷаллии илоҳӣ пайдост [14, с.149-150].

Ҷомӣ «таҷзияи як лафз»-ро низ қофияи маъмул дониста, дар мисоли лафзи «корд» даст ёфтани шоири огоҳ ва ҳунармандро ба қофиясандешӣ ва радифсозии маънидор ва ҳунармандона таъкид ва байти зеринро аз қасидаи Камоли Исмоил дар ин замина иқтибос мекунад:

Хасми шутур дилатро қурбон кунад ҳаме,
З-он рӯйи саъди зобеҳ оҳихта корд аст [14, с.150].

Агар дар матлаи қасидаи ёдшуда таркиби «ёр даст» қофия ва радиф бошанд, дар мисраи дувуми байти боло таҷзияи лафзи «корд» ба радиф эътибор додаст, ки нек ва писандидааст. Ин мушоҳидаи Ҷомӣ ҳам арзиши ҳунарӣ ва ҳам таълимӣ дошта, имкониятҳои зебоишинохтии забон ва ҳунарро менамояд.

Ҳамин тариқ, назариёти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф дар заминаи таҷрибаҳои назарӣ ва амалии воқеияти ҳунарии ҳаёти адабии замони зиндагии шоир ба вуҷуд омада, моҳияти афкори адабии ӯро муайян мекунад. Назариёти Ҷомӣ оид ба қофияву радиф мухтасар ва мушаххас буда, пеш аз ҳама, моҳияти ҳунарии масъала мавриди таваҷҷуҳи ӯ будааст. Албатта, шоири бузург дар он замон наметавонист қофия ва радифро аз рӯйи аломатҳои гуногунаш, аз ҷумла ҷойгоҳи он дар шеър, мавқеи мусиқиёӣ ва сохтори овозии он, дастабандӣ кунад. Вале ӯ тавонистааст муҳимтарин хусусиятҳои ин ду унсури шеъриятро ҳамчун омили шаклсозу маънисоз ба дурустӣ муайян ва мушаххас созад, ки имрӯз низ арзиши фаровони назариву таълимӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. А. Афсаҳзод. Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Дониш, 1980. - 223 с.
2. Ваҳҳобзода Р. Шеър ва дониш. - Душанбе: Адиб, 2017. - 188.
3. Зуҳуриддинов А. Рисолаи қофия / А. Зуҳуриддинов // Абдурраҳмони Ҷомӣ. Ҷилди 8. - Душанбе: Адиб, 1990. – 495 с.
4. Муҳаммад Шафеии Кадканӣ. Мусиқии шеър. – Теҳрон, 1370 ҳ. - 679 с.
5. Капранов В. «Рисолаи қофия» таълифи Абдурраҳмони Ҷомӣ / В. Капранов // Энсиклопедияи советии тоҷик. - Душанбе, 1986. – 456 с.
6. Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ. – Ал-муъҷам. - Душанбе: Адиб, 1991. - 464 с.
7. Сайфиев Н. Ҷомӣ дар бораи шеъру шоирӣ / Н. Сайфиев // Маориф ва маданият. - 1962. - 11 август. - 4 с.
8. Сатторзода А. Назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Дониш, 2014. - 163 с.
9. Сирус Б. Қофия дар назми тоҷик. - Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1955. - 181 с.
10. Томашевский, Б. В. Стих и язык: Филологические очерки / Б.В. Томошевский. - М. - Л., 1959. - 260 с.
11. Ш. Ҳусейнзода. Шеър ва шоирӣ аз назари Ҷомӣ // Шарқи сурх, 1965. - № 1. - С. 84 - 103.
12. Ҷомӣ. Осор: дар ҳашт ҷилд. Ҷилди 3. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 383 с.
13. Ҷомӣ. Осор: дар ҳашт ҷилд. Ҷилди 4. - Душанбе: Ирфон, 1988. - 382 с.
14. Ҷомӣ. Осор: дар ҳашт ҷилд. Ҷилди 8. - Душанбе: Адиб, 1990. – 495 с.

ҚОФИЯ ВА РАДИФ АЗ НАЗАРИ ҶОМӢ

Дар мақолаи мазкур назари Абдурраҳмони Ҷомӣ оид ба қофия ва радиф тадқиқ ва арзёбӣ шудааст. Ҷомӣ андешаҳои адабияшро оид ба қофия ва радиф дар осори манзум ва «Рисолаи қофия»- аш баён кардааст. Дар мақола дидгоҳҳои назарӣ ва амалии шоир қиёсан таҳқиқ шуда, аз ҷумла қайд гардидааст, ки аз нигоҳи Ҷомӣ қофия ва радиф ҳамчун унсури муҳимми шеър арзиши зебоишинохтӣ ва мусиқиёӣ дорад. Аз нигоҳи ӯ агар вазн дар сохтори шеър «хилъати ноз» бошад, қофия нақшу нигори он буда, радиф «халҳоли он

аст». Ҳамчунин, дар мақола дидгоҳҳои назарии Ҷомӣ оид ба қофияву радиф дар заминаи асарҳои ӯ «Туҳфат-ул-аҳрор», «Сабҳат-ул-аброр» ва «Рисолаи қофия» арзёбӣ шуда, аз ҷумла муайян гардидааст, ки қофия ва радиф унсури муҳимми сохтори шеър буда, дар такмили балоғати шеър нақши муассир дорад. Дар мақола афкори адабии шоир оид ба ин мақола қиёсан бо назари пешгузаштагони ӯ, аз ҷумла Шамси Қайси Розӣ, тадқиқ шуда, дар замина зинаҳои назарӣ ва таърихии ташаккули афкори ӯ нишон дода шудааст. Дар мақола моҳияти назари Ҷомӣ оид ба хусусиятҳои ҳуруфи қофия ва қонуниятҳои сохтории он дар шеъри форсии тоҷикӣ ва равишҳои мақбул ва номақбули он дар заминаи шеъри шоирон ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Собит шудааст, ки назари Ҷомӣ оид ба зинаҳои ташаккул ва таҳаввули қофияву радиф таърихӣ буда, ҳангоми муайян намудани ҳуруфи қофия, аз ҷумла мутаҳаррик будани ҳарфи васл, тафовути таърихии савтӣ ва имлоӣ ба эътибор гирифта шудааст, ки диди пешрави назарии ӯро нишон медиҳад. Қофия ва радиф аз нигоҳи шоир унсури муҳимми шаклсозу маънисоз буда, камоли шеър ба тарзи корбурди ҳунармандонаи он вобаста аст.

Калидвожаҳо: Абдурраҳмони Ҷомӣ, қофия, радиф, ҳуруфи қофия, ҳаракоти қофия, навъҳои қофия, уюби қофия, қофияи маъмул ва ғайри маъмул, воҷиб ва мустаҳсан.

РИФМА И РЕДИФ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ДЖАМИ

В этой статье были проанализированы и оценены взгляды Абдурахмана Джами на рифму и редиф. Он выражал свои взгляды на них в своём творчестве, а именно: в «Трактате о рифме». В статье были рассмотрены теоретические и практические взгляды поэта, в том числе было отмечено, что рифма и редиф, с точки зрения Джами, являются важными элементами стихосложения и имеют особую ценность в эстетике и музыке. С его точки зрения, если ритм в структуре поэзии является «блаженством халата», рифма считается ее “картиной”, а редиф перерисовывает ее «браслетом». Также в статье было определено, что рифма и редиф являются важной структурой стихотворения и играют важную роль в улучшении красноречия поэзии. В статье литературное мышление поэта изучено в сравнении с его предшественниками, в том числе Шамс Каис Рази, на этой основе показаны теоретические и исторические этапы формирования его идеи. В статье конкретно раскрывается сущность взглядов Джами на особенности рифмованных шрифтов и закономерности его структуры в персидско-таджикской поэзии и ее приемлемых и неприемлемых методах, основанных на произведениях поэтов. Доказано, что взгляды Джами на формирование и преобразование этапов рифмы и редифа являются историческими, в определении рифмованных шрифтов, в том числе в средней букве, также является движущей записью исторического звука и разницы в орфографии, которая показывает ход его взглядов. Рифм и редиф, с точки зрения поэта, - важный элемент смысла, формообразования и совершенства поэзии зависит от мастерства авторы.

Ключевые слова: Абдурахман Джами, рифма, редиф, буквенные рифмы, перемещение рифмы, виды рифмы, стиль рифмы, употребляемая и неупотребляемая рифма, необходимая (достойная) и одобренная.

JAMY’S VIEW ABOUT RHYME AND REDIF

This article has been reviewed and assessed the views of Abdurahman Jami rhyme and redif. Jami expressed his literary views on rhyme and redif in the poetic work in a "Tractate rhyme".The article deals with theoretical and practical views of the poet, including it was noted that the rhyme and redif terms of Jami as important elements of poetry are the values of aesthetics and music. From his point of view, if the rhythm in the structure of poetry is "bliss robe", the rhyme is its "picture" and redraws her "bracelet". In accordance with theoretical views Jami rhyme and redif evaluated on the basis of his works “Tuhfat-ul-Ahror”, “Subhat-ul-Abror” and “Monographs rhyme” , including, it was determined that rhyme and redif are an important structure of the poem and play an effective role in improving the eloquence of poetry.In the article the literary thinking of the poet about this article comparatively studied from the point of view of his predecessors, including Shams Qais Razi, on the basis of which the theoretical and historical stages of its generated ideas. The article specifically reveals the essence of the glance Jami on the characteristics of rhymed fonts and patterns of its structure in the Persian-Tajik poetry and its acceptable and unacceptable methods based on the poems of poets. It is proved that the glance Jami on the formation and transformation stages of the rhyme and redif is historical, in the definition of rhymed fonts, including the middle letter that is the driving record of historical sound and difference of spelling, which shows his views. Rhyme and redif from the point of view of the poet is important in the sense of form, the perfection of poetry depends on its master control.

Key words: Abdurahman Jamy, rhyme, redif, alphabets of rhyme, movements of rhyme, types of rhyme, styles of rhyme, common and uncommon rhyme, needed and approved rhyme.

Сведения об авторе: ***Назар Бохрулo*** – Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ, аспирант отдела классической литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **nazarbahrullo@gmail.com**. Телефон: **(+992) 937-74- 33-09**

Information about the author: ***Nazar Bohrulo*** **-** The Institute of Language and Literature named after. A. Rudaki AS RT, graduate student of the department of classical literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 21. E-mail: **nazarbahrullo@gmail.com.** Tel.: **(+992) 937-74- 33-09**

УДК: 398+891.550

ФОЛКЛОРШИНОСИИ РАҶАБ АМОНОВ АЗ НАЗАРИ ДОНИШМАНДОНИ ВАТАНӢ

Назиров М.Н.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Солҳои охир бобати таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши маводи адабӣ (махсусан фолклор) тадқиқотҳои густурда ва зиёд анҷом дода шудаанд, ки ин раванд то андозае дар рушди омӯзиш ва густариши маводи адабию фолклорӣ мавқеи асосиро доро мебошад. Таҳлилу

баррасии андешаҳои донишмандони ватанӣ дар шароити кунунӣ бо дарназардошти ҷанбаҳои адабӣ, забонӣ ва сиёсию фарҳангӣ хеле ҷолиби диққат аст.

Адабиёти тоҷик бо ниёгони худ дар байни дигар адабиёти ҷаҳон мавқеи устуворро касб намудааст. Бузургони адабиёти мо баъд аз худ меросе боқӣ мондаанд, ки ҷаҳони маъниро дар худ ҷой додаанд. Аз осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯали ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Низомии Ганҷавӣ, Умари Хаём, Камоли Хуҷандӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон сар карда, то Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Лоиқ Шералӣ дар ин радиф чандин чеҳраҳои шинохтаро метавон номбар кард, ки ашъори онҳо мавзӯъҳои ватану ватандӯстӣ, садоқат ба миллат, паҳлавонӣ, ҳифз намудани хоки муқаддаси ватан, ишқу муҳаббат, некиву накукорӣ, дӯстиву садоқат, зебогиҳои табиат, ҳурмати падару модар ва калонсолон ва дигар мавзӯъҳои ахлоқиву тарбиявиро дар бар гирифта, бар зидди корҳои ношоиста, фиребгариву хиёнат, дуруғгӯй, дуздӣ, зулму золимӣ, бадбинӣ, душманӣ муборизаи оштинопазир мебурданд [3, с. 54]. Осори ин бузургони адабиёти тоҷику форс бо забонҳои машҳури дунё тарҷума шуда, миллати тоҷик ва адабиёти онро дар сатҳи байналмилалӣ баланд бардоштанд. Рӯдакӣ бо ашъоре, ки ба насли оянда гузошт, барои боз аз сари нав зинда гаштани назми форсу тоҷик заминаи устувор гузошт. Фирдавсӣ бо китоби худ «Шоҳнома» дунёи адабро ба ларза даровард. Чун ба Саъдиву Хофиз назар афканем, чакидаҳои хомаи онҳо дар дилу ҷони ҳар як фарди шеърдӯст зарбаи сахт мезанад. Агар ин шахсиятҳо бо назми худ, оламро тасхир карда бошанд, пас Раҷаб Амонов бо осори пурғановати худ дар таълиму тарбияи насли ояндаи ин адабиёт хизмати ниҳоят калон гузоштааст, ки дар боло ҳамчун намуна зикрашон рафт, дар пешрафти адабиёти классики форсу тоҷик саҳми босазо доранд.

Мақолаи мазкур дар заминаи андешаи донишмандони барҷастаи ҷумҳурӣ оиди узви пайвастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, фолклоршиноси беназир ва нависандаи хушсалиқа Раҷаб Амонов бахшида мешавад.

Аҳли илму адаб Раҷаб Амоновро чун фолклоршинос ва адиби бузурги тоҷик мешиносанд ва қадр мекунанд. Раҷаб Амонов яке аз бузургтарин намояндагони фолклоршинос ба ҳисоб меравад. Ӯ на танҳо дар боби фолклор, инчунин роҷеъ ба адабиётшиносиву афсонаҳои халқӣ як қатор асарҳои нодир таълиф намудааст, ки онҳо то имрӯз ҳам қадру қимати худро гум накардаанд [9, с.231].

Қобили зикр аст, ки омӯзиши осори маданӣ – фарҳангии гузаштагони мо дар таълиму тарбияи насли наврас нақши ниҳоят муҳим ва созгор мебозанд. Олимон, шоирон, нависандагон ва равшанфикрон дар осори безаволи худ дар масъалаи худшиносиву худогоҳии насли наврас ҳамеша диққати ҷиддӣ медоданд. Асарҳои мутафаккирони адабиёти форсу тоҷик яке аз намунаи барҷастаи сифатҳои маънавӣ – фарҳангӣ ва иҷтимоии ташаккули тарбия буда, дар боигарии ҷаҳони маънавӣ ва ирфонии одамон таъсири амиқе расонида метавонанд [8, с.98].

Тадқиқу омӯзиш, ошкор сохтан ва ташаккулу таҳаввули доираи адабии гузаштагонамон аз ҷониби ниҳоят зиёди муҳаққиқони хориҷию ватанӣ мавриди омӯзиши таърихӣ, забонию адабӣ қарор гирифтаанд, лекин андешаҳо оид ба фолклоршинос Раҷаб Амонов то кунун на танҳо ҳамчун тадқиқоти вижа мавриди омӯзиши ягон муҳаққиқ қарор нагирифтааст, балки дар ҳаҷми як мақола низ нашр нагардидааст. Ин мақолаи мо низ дар партави ана ҳамин андешаҳои донишмандони ватанӣ созмон меёбад.

Дар ин тадқиқот, ки асосан вижагиҳои адабии Раҷаб Амонов тадқиқ мегарданд, дар заминаи омӯзиши сарчашмаву манобеи илмӣ ва маъхазҳои адабию ривоятҳо таҳлил анҷом хоҳем дод. Раҷаб Амоновро тамоми донишмандон ҳамчун рубоишиносу рубоисаро мешиносанд (алалхусус рубоёти халқӣ). Инро дар китобҳои худ бештари донишмандони мо дарҷ кардаанд. Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар як фишурдаи мақолааш дар бораи Раҷаб Амонов менависад: «онҳое, ки дар суҳбати Раҷаб Амонов нишастаанд, медонанд, ки мояи суҳбатороии вай рубоёти халқист. Ӯ дар ҳар маврид ба ҳар муносибат як ё якчанд рубоёти олиҷаноби халқӣ мехонад, ба воситаи онҳо матлаби худро эзоҳ медиҳад. Мо дар ин мавридшиносӣ, бо ин шарҳу эзоҳи вай маънои рубоиҳоро хубтар дарк мекунем. Аз мазмуни баланди он, аз нозукадоии халқ ба ҳайрат меоем ва ҳаловат мебарем» [1, с.11].

Инро низ бояд зикр намоем, ки «Раҷаб Амонов аз зумраи ҳамон инсонҳоест, ки умри худро сарфи илми адабиётшиносӣ кардааст» [7, с.87].

Раҷаб Амонов аз зумраи ҳамон олимоне аст, ки дар раванди илму ирфон, таълиму тарбияи насли наврас ва ватанпарастиву худогоҳӣ ва алалхусус, дар соҳаи адабиёту фолклор саҳми арзандае гузоштааст. Ин гуфтаи моро олимону мутафаккирони тоҷик исбот кардаанд. Академик Раҷаб Амонов ба сифати фолклоршинос, адабиётшинос,

мунаққид ва нависандаву омӯзгор дар соҳаи илму фарҳанги тоҷик хидматҳои барҷаста дорад. Беҳуда нест, ки соли 1960 ба ӯ унвони Аълочии маорифи халқ, соли 1968 доктори илми филологӣ, соли 1970 профессор, 1976 узви вобастаю соли 1981 узви пайвастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро сазовор дониста, бештар аз 30 сол узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд.

Аз ҷумла академик Т.Назаров менигорад: «Раҷаб Амонов таърихи пайдоишу ташаккули адабиёти бачагонаи тоҷикро ба таври мунтазам таҳқиқ намудааст, ки ҳамчун ҷилди шашуми таърихи адабиёти тоҷик (иборат аз 6 ҷилд) ба табъ расид» [2, с.47].

Тазаккур бояд дод, ки таҳлили андешаҳои адабии халқи тоҷик ва идеяҳои ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии равшанфикрони бузурги алоҳидаи он имконият медиҳад, ки, аз як тараф, хусусиятҳои миллии онҳо дар раванди таълиму тарбияи насли наврас истифода бурда шаванд, аз тарафи дигар, дар ин поя баланд бардоштани сифат ва самаранокии соҳаи адабиётшиносиро таъмин намоянд.

Дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва такмили ҷаҳони маънавӣ ва тарбияи наслҳои ояндаи халқи тоҷик асарҳои яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти асрҳои XX, адабиётшиноси машҳур Раҷаб Амонов, таъсир ва мақоми барҷастае дорад.

Раҷаб Амонов дар баробари дигар масъалаҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ба масъалаи таълиму тарбия, фолклор ва адабиёт аҳамияти ҷиддӣ дод. Аз ин ҷост, ки мутафаккир хусусиятҳои анъана, урфу одат, қимати минтақавӣ ва маънавии замони худро ба ҳисоб гирифта буд. Бештари умри худро Раҷаб Амонов пажӯҳиши фолклор сарф намудааст, ки аз дастовардҳояш баръало мушоҳида мешавад. «Ин навъи жанри фолклорӣ, ақида, ҷаҳонбинӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҷрибаҳои ҳаётӣ, заковат ва ахлоқи оммаи васеи мардумро ба таври хеле сода муъҷаз ва пурмазмуни бадеи ифода менамояд» [1, с.157].

Доктори илмҳои филологӣ Додоҷон Обидов Раҷаб Амоновро ҳамчун як поягузори илми фолклоршиносӣ унвон карда, оиди фолклоршиносии Раҷаб Амонов андешаи зайл дорад: «Бояд гуфт, ки Раҷаб Амонов дар гирдоварӣ ва таҳқиқи асарҳои фолклорӣ дар бобати таҳриру такмил ва бозгӯйии бадеии онҳо низ қувваозмоӣ карда, дар ин ҷода ҳам ба комёбиҳои чашмгире ноил гардидааст. Хизматҳои ӯ хусусан дар мавриди таҳриру такмил ва бозгӯии афсонаҳо хеле бузург аст» [3, с.47].

Фаъолияти эҷодии Раҷаб Амонов аз идеяҳои адабии як қатор намояндагони гузаштаи соҳаи адабиётшиносӣ, бо хусусиятҳои хосси худ фарқ мекунад.

Муҳимтарин таълифоти илмии Раҷаб Амонов маҳз дар заминаи фолклор навишта шудаанд. Гузашта аз ин, агар дурусттар мулоҳиза шавад, тамоми корҳое, ки академик Раҷаб Амонов ҳамчун муҳаққиқи адабиёти муосир, аз ҷумла дар адабиёти бачагона ва ҳамчун нависанда дар насри бадеӣ, иҷро намудааст, ба фаъолияти фолклоршиносии ӯ алоқаи бевосита дорад. Барои мисол мо андешаи профессор Абдунабӣ Сатторзодаро меорем, ки исботи ин гуфтаҳост: «Шодравон академик Раҷаб Амоновро, тавре ки дар мардум мегӯянд, Худо маҳз барои гирдоварӣ, нашр, таҳқиқ ва тарғиби фолклор офаридааст» [6, с.87]. «Ӯ дар хона, дар кӯча, дар ҷойи кор ҳамеша дар ёди рубоёту дубайтиву афсонаҳои халқӣ буд. Бо ҳамсуҳбатҳои хаёлию воқеии худ дар ин бора баҳсҳо мекард ва ба онҳо аз назокату нафосати фолклор ва асрори зебоиҳо ва рамзу маъниҳои амиқ, вале ба чашм зоҳиру ноаёни он бо шавқу завқи фавқулода сухан мегуфт» [3, с.60].

Имрӯз дар раванди сохти нави сиёсат, иқтисодӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимияти маънавӣ, ки дар асори анъанаҳои таърихӣ, баҳисобгирии шароитҳои ҳозиразамони инкишофи соҳаи маорифи мамлакат бунёд гардида истодааст, рӯ ба инкишоф аст [5, с.65].

Албатта, боиси таассуф аст, ки андешаҳои адабии бисёр донишмандони тоҷик коркард карда шудаанд, онҳоро дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти зиндагии мардум ба таври фаровон истифода мебаранд, аммо бо вуҷуди ин, баъзе паҳлуҳои онҳо ҳанӯз ҳам тадқиқ нагардидаанд. Аз ҷумла, осори Раҷаб Амонов аз ҷумлаи он ҳаст, ки ҳанӯз барои насли наврас, ҷавонони имрӯза ноаён боқӣ мондааст.

Умуман, дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти ин мутафаккир олимони ватанию хориҷӣ: Муҳаммадҷон Шакурӣ, «Размкушои шеърияти халқ», Осимӣ М.С.,Назаров Т, Сулаймонова Т, «Гар илм ба адаб ёр гардад», Назаров Т, Маниёзов А «Кашшофи ганҷи парешон», Хушреда Отахонова «Олим, нависанда ва омӯзгор», Додоҷон Обидов «Академик Раҷаб Амонов фолклоршиноси воқеӣ», Сатторзода А «Киссаи тоқии чоркул ва марди донишу илҳому ҳунар», Абдухолиқи Набавӣ, Мардон Неъматов «Муҳаққиқи пешкисвати илми суханшиносӣ», Абдулҳамид Самад «Фидоӣ», Низом Нурҷонов «Дӯсти қарину дерини шастсолаам», Маъруф Раҷабов «Таҷдиди назар дар довари «куҳан», Ҷӯрабек Назриев «Неъмате беҳтар аз рафиқ куҷост?», Бозори Тилавзод «Фолклоршиноси бузург», Равшан Раҳмонӣ «Академик Раҷаб Амонов ва масъалаҳои нашри афсонаҳои тоҷикӣ», Зоҳир Аҳрорӣ «Ёде аз адиб ва донишманди номвар», Нора Улугзода «Академик Амонов. Штрихи к портрету», Шакармадов Н «Дилдодаи заковати халқ», Салоҳ Солеҳ, Рӯзи Аҳмад «Ҷӯяндаи ганҷ», Мусавии Гарморудӣ «Устод Амонов донишманде бо ахлоқи

воло», Рауф Баротов «Дӯсти олимони табиатшинос», Қурбонов Восеъ «Пири хирад», Додхудо Карамшоев «Устод Раҷаб Амонов бо мост» ва ғайраҳо маълумот додаанд. Ҳамаи ин таҳлилҳои адабии дар боло зикргардида нишон доданд, ки ақидаҳои ахлоқиву адабии Раҷаб Амонов то ба имрӯз дар Тоҷикистон ва берун аз он ҳаматарафа омӯхта нашудааст. Ба ақидаи мо ақидаҳои адабию ахлоқӣ дар таълиму тарбияи насли навраси замони ҳозира ва дар рушду густариши онҳо кумаки хубе расонида метавонанд [4, с.65].

Бояд тазаккур дод, ки мақому мартабаи назарияҳои адабӣ дар раванди таълиму тарбияи насли наврас дар ҷамъияти ҳозира, алоқаманд кардани осори мутафаккир бо ҳаёт, таҷриба, таълим ва тарбия, ҳамзамон ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки истифодаи идеяҳои адабии ӯ дар соҳаи маориф ва илми Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Мо дар ин мақола нишондодҳои олимони тоҷик, адабиётшиносҳо, фолклоршиносҳо ва табрикоти Асосгузори сулҳу Ваҳдат – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бахшида ба 75 солагии зодрӯзи Раҷаб Амонов, истифода кардаем.

Аз чандин асарҳои бадеии устод метавон мушоҳида намуд, ки оид ба шахсиятҳои гуногуни ҷамъият, ки онҳо дар ҷустуҷӯи илм буданд, асарҳои бадеӣ офаридаанд [3, с.87].

Тавассути осори пургӯноваташ инсони имрӯза метавонад, ки бо баъзе аз ақидаҳои адабии ӯ, ки он на танҳо таҷассуми ҷаҳонбинии мутафаккир, инчунин ифодаи рушди ақоиди маънавии замони ӯст, шинос шавад. Осори ӯ хеле зуд дар байни хоссу ом машҳур шудааст.

Истеъдоди фавқулода ба Раҷаб Амонов имконият додааст, ки муҳимтарин масъалаҳои адабӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ ва ҷамъиятию фолклориро таҳқиқ намояд. Ақидаҳои донишмандон оид ба Раҷаб Амонов низ кам нестанд.

Дар шинохти Раҷаб Амонов андешаҳои мутафаккирону олимони муосир ҷой ва мавқеи махсусеро ишғол менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммадҷон Ш. Размкушои шеърияти халқ / Ш. Муҳаммадҷон Ёдномаи академик Р. Амонов; Аҳмад Р. ва Ш. Мирзоева. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 346с.
2. Исматуллоев М.Р. Зарбулмасал ва мақолҳои насри бачагонаи тоҷик / Исматуллоев М.Р. // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳо филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/5 (209). – С.157.
3. С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 6. Ёддоштҳо. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. - 414с.
4. Амонов Р. Афсонаҳои халқи тоҷик / Р.Амонов – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 34с.
5. Амонов Р. Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ / Р.Амонов, М.Шукуров. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – Нашри 2. – 252 с.
6. В. Асрорӣ. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В.Асрори, А.Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 304 с.
7. Қодиров Р. Афсонаҳои сеҳромез. Ҷ. 1. - Р.Қодиров. – Душанбе, 1998. – 244 с.
8. Қодиров Р. Фолклори тоҷикони води Қашқадарё. Ҷ.3. Афсонаҳо, достонҳо, ҳикоёт, нақл, ривоёт ва латифаҳо / Р.Қодиров, Р. Аҳмадов. – Душанбе, 1998. – 340 с.
9. Маҳдиев С. Фолклори Норак / С. Маҳдиев. Душанбе, 1963. – 278 с.
10. Муродӣ Ф. Дар бораи фонди фолклори тоҷик. Масъалаҳои фолклори кишварҳои форсизабон (Маҷмӯаи мақолот). Китоби аввал. - Душанбе: Райзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1998. - С. 123-130.

ФОЛКЛОРШИНОСИИ РАҶАБ АМОНОВ АЗ НАЗАРИ ДОНИШМАНДОНИ ВАТАНӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба моҳият, мазмун ва ташаккули фолклор ҳамчун як бахши мустақили адабиётшиносӣ мулоҳиза ронда шудааст. Муаллиф дар ин тадқиқот ҷанбаҳои адабии ақидаи донишмандонро оид ба Раҷаб Амонов мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода, дар заминаи тадқиқотҳои зиёди илмии муҳаққиқони дохилӣ мазмун, моҳият ва корбурди онҳоро ошкор сохтааст. Ба ақидаи муаллиф, дар тадқиқ ва коркарди ин мақола, фишурдаҳои мақола ва ё баромадҳои олимони тоҷик ба монанди Муҳаммадҷон Шакурӣ, Осимӣ М. С., Назаров Т., Сулаймонова Т., Маниёзов А., Хуршеда Отахонова, Додоҷон Обидов, Сатторзода А., Абдулхолиқи Набавӣ, Мардон Неъматов, Абдулҳамид Самад, Низом Нурҷонов, Маъруф Раҷабов, Ҷӯрабек Назриев, Бозори Тилавзод, Равшан Раҳмонӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, Нора Улугзода, Шакармадов Н., Салоҳ Солеҳ, Рӯзи Аҳмад, Мусавии Гармодӣ, Рауф Баротов, Қурбонов Восеъ, Додхудо Карамшоев нақш ва хидмати олимони маъруфи номшинос О. Ғафуров, Ш. Ҳайдарӣ, Ф. Абдулло, Д. Д. Мирзоева, А. Акрамов, М. Диловаров, С. Абдуллоева, М. Аюбова, Р. Х. Додихудоев, Ш. Рустамов, О. Қосимов, Д. Саймиддинов, Дасани Ёрзод, Н. Шарофов, Я. Калонтаров, Б. Бобохонов, Т. Ваҳҳобов, А. Ҳасанов ва дигарон шоистаи зикр мебошанд. Дар байни олимону муҳаққиқон дар омӯзиш, баррасӣ ва ба нашр омода намудани осори адабии Раҷаб Амонов, хидмати номшиноси маъруфи тоҷик О.Ғафуров басе калон аст. Ҳамин тариқ, муаллиф дар мақолаи худ то ҳадди имкон кӯшидааст, ки моҳият ва мазмуни андешаҳои мутафаккирони тоҷик оид ба Раҷаб Амоновро бо такя ба асарҳои илмӣ - тадқиқотии муҳаққиқони адабиётшинос кушода, равшан намояд.

Калидвожаҳо: Раҷаб Амонов, фолклор, ватан адабиёт, эҷодиёт, фолклоршинос, донишманд, тоҷик.

ФОЛЬКЛОР РАДЖАБА АМОНОВА В ОЦЕНКЕ МЕСТНЫХ УЧЕНЫХ

В данной статье рассказывается о сущности, содержании и развитии фольклора как самостоятельной части литературоведения. Автор в данном исследовании, изучая литературные аспекты воззрения мыслителей о Раджабе Амонове, на основе многих научных исследований характеризует их содержание и сущность. По мнению автора в изучении и разработке данной статьи важно отметить статьи и выступление таджикских учёных, таких, как Муњаммаджона Шакури, Осими М. С., Назарова Т., Сулаймоновой Т., Маниёзова А., Хушреда Отахонова, Дододжона Обидова, Сатторзода А., Абдулхолики Набави, Мардона Негматова, Абдулхамида Самад, Низома

Нурджонов, Маъруфа Раджабов, Джурабека Назриев, Бозори Тилавзод, Равшана Рахмони, Зохира Ахрори, Норы Улугзаде, Шакармадова Н., Салоха Солеха, Рузи Ахмад, Мусавии Гарморуд, Рауфа Баротова, Курбонова Восе, Додхудо Карамшоев, роль и заслуги знаменитых учёных ономастики О. Гафурова, Ш. Хайдари, Ф. Абдулло, Д. Д. Мирзоевой, А. Акрамова, М. Диловарова, С. Абдуллоевой, М. Аюбовой, Р. Х. Додихудоева, Ш. Рустамова, О. Косимова, Д. Саймиддинова, Дасани Ёрзод, Н. Шарофова, Я. Калонтарова, Б. Бобохонова, Т. Ваххобова, А. Хасанова и других. Среди учёных и исследователей в изучении, анализе и подготовке к печати литературных произведениях Раджаба Амонова велика заслуга знаменитого таджикского ономастика О. Гафурова. Таким образом, автор, по мере возможности, старался раскрыть сущность и содержание взглядов таджикских мыслителей о Раджабе Амонове на основе научно-исследовательских работ отечественных учёных.

Ключевые слова: Раджаб Амонова, фольклор, родина, литература, творчество, фольклорист, мудрый, таджик.

FOLKLORE OF RADZHAB AMONOV FROM THE POINT OF VIEW OF LOKAL SCIENTISTS

This article describes the essence, content and development of folklore as an independent part of literary criticism. The author in this study, studying the literary aspects of the views of thinkers about Rajab Amonov, uses the content and essence of their application on the basis of many scientific domestic researchers. In the opinion of the author in the study and development of this article, the condensed articles and speech of Tajik scientists such as Mukammadjon Shakuri, Osimi M. S, Nazarova T., Sulaimonova T., Maniezova A., Khushreda Otakhonova, Dodojon Obidova, Sattorzoda A., Abdulholiki Nabavi, Mardon Negmatova, Abdulhamid Samad, Nizom Nurdjonov, Maruf Rajabov, Jurabek Nazriyev, Bozori Tilavzod, Ravshan Raumoni, Zohir Ahrori, Nora Ulugzade, Shakarmadov N., Salokh Soleh, Ruzi Ahmad, Musavia Harmorud, Rauf Barotov, Kurbonov Vose, Dodhudo Karamshoev, the role and merits of famous scientists about O. Gafurov, Sh. Khaydari, F. Abdullo, D. Mirzoyeva, A. Akramov, M. Dilovarov, S. Abdulloeva, M. Ayubova, R. Kh. Dodihudoev, Sh. Rustamov, O. Kosimov, D. .Saimiddinova, Dasani Erzod, N. Sharofova, Y. Kalontarova, B. Bobokhonov, T. Vakhobov, A. Khasanov and others it is important to note. Among scholars and researchers in the study, analysis and preparation for publication of literary works of Radzhab Amonov, a merit of the famous Tajik Onomastika O. Gafurova.Therefore, the author, as far as possible, tried to reveal the essence and content of views Adjik thinkers about Rajab Amonov on the basis of research works of literarv scholars.

Key words: Rajab Amonova, folklore, homeland, literature, creativity, folklorist, wise, Tajik.

Сведения об авторе: ***Назиров Мадали Назарович*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, докторант кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова 16. E-mail**: nazirovmadali@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-16-40-71**

Information about the author: ***Nazirov Madali Nazarovich*** - Kulyab State University named after Abuabdulloch Rudaki, doctoral students of tne Tajik literature department. **Адрес:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, ul. S. Sakhov 16. E-mail: **nazirovmadali@mail.ru.** Телефон**: (+992) 988-16-40-71**

УДК: 491.550.+43+44

ЗОДГОҲИ МАВЛОНО АЗ ДИДГОҲИ ПАЖӮҲИШГАРОНИ ҒАРБ

Сафаров О.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар бораи зодгоҳи Мавлоно муҳаққиқони чи Шарқ ва чи Ғарб ақидаҳои гуногун доранд. Агар иддае зодгоҳи ӯро Балх (Афғонистони имрӯза) ҳисобанд, гурӯҳи дигар бар он бовараанд, ки Мавлоно дар шаҳраки Вахш (Тоҷикистони имрӯза),ки як гӯшаи Балхи Бузург ба ҳисоб мерафт, ба дунё омадааст.

Муҳаққиқи тоҷик Х.М. Зиёев дар асари худ "Мавлоно"- ҳанӯз аз солҳои сиюми қарни гузашта, аз ҷониби олими рус В.А.Гордлевский дар китоби "Государство сельджукидов Малой Азии" зикр шудани Осиёи Миёна ҳамчун зодгоҳи Мавлоно ёдовар шудааст [3, с.62]. Дар ҷойи дигари асари мазкур оварда шудааст: "Дар солҳои минбаъда низ муҳаққиқон ба масъалаи муайян сохтани зодгоҳи Мавлоно машғул гардиданд ва яке аз навтарин тадқиқот дар ин самт ба қалами муҳаққиқи амрикоӣ Франклин Люис таалуқ дорад. Ин муҳаққиқ ақидаи худро дар бораи зодгоҳи Мавлоно беғараз баён кардааст" [3, с.63]. Каме поёнтар аз ин, Зиёев бо далелҳои ҷолиб, бо такя ба асари Франклин Люис перомуни зодгоҳи Мавлоно-Вахш асноди зиёдеро меорад, ки мо низ ба ӯ комилан ҳамақида буда, баъзеи ин далелҳоро мисол меоварем.

Профессор Франклин Люис ду саҳифаи пурраи асари худ "Rumi. Past & present. East & West. The life teaching & poetry of Jalal al-Din Rumi" ("Румӣ. Гузашта ва имрӯз. Шарқ ва Ғарб. Зиндагӣ, таълимот ва назми Румӣ")-ро –(Oxford, 2000). ба мавзӯи Вахш бахшида, изҳор кардааст, ки «ин як шаҳракҳоест дар ҳудуди шаҳри Леваканди (Lewkand) асримиёнагӣ,ки дар масофати тахминан 65 километр аз ҷанубу шарқи Душанбе - пойтахти Тоҷикистон, ҷойгир аст» [6, с.47]. Ӯ илова менамояд, ки «ин мавзеъ дар соҳили дарёи Вахшоб (Vakhsâb), ки яке аз шохаҳои асоси дарёи Ому, ки бо номҳои Ҷайҳун ё Оксу (ба қавли юнониҳо Oxus) машҳур аст, ҷойгир аст» [6, с.49]. Ҷойи дигар Франклин Люис дар бораи дар Вахш таваллуд шудани Мавлоно чунин ишорат кардааст: "Баҳоуддин (падари Мавлоно), шояд дар Балх таваллуд шуда бошад, вале ҳадди ақал байни моҳҳои июни 1204

ва соли 1210 (шаввол 600ҳ. ва 607ҳ.) …дар давроне, ки Мавлоно таваллуд шудааст, Баҳоуддин дар Вахш иқомат дошт. Маҳз Вахш, на Балх, қароргоҳи доимии Баҳоуддин ва оилааш то даврони тақрибан панҷсолагии Румӣ буд" [6, с.49].

Хонум Аннемарӣ Шиммел пажӯҳишгари машҳури аврупоӣ, ки дар бораи рӯзгору осори Мавлоно таҳқиқот бурдаву асарҳои сершуморе навиштааст, низ бар он бовар аст, ки зодгоҳи Мавлоно маҳз Вахш мебошад. Ӯ дар асари худ бо такя ба таҳқиқоти муҳаққиқи суисӣ Фритс Мейеер овардааст: "Ҳаводорони афғонӣ ва эронии Ҷалолиддин то кунун беҳтар мешуморанд, то ӯро "Балхӣ" гӯянд, аз он сабаб ки то ҳичрат оилаи онҳо дар Балх зиндагӣ мекард. Илова бар ин, на дар маркази шаҳри Балх, ки аз аввалҳои асри VIII маркази фарҳангии мусулмонии Хуросон (имрӯза Афғонистон) ҳисоб меёфт, балки ба қавли олими суисӣ Фритс Мейер дар шимоли Балх бо номи Вахш, ки падари Ҷалолиддин-Баҳои Валад он ҷо ҳамчун фақеҳ ва воизи дорои ақоиди тасаввуфӣ кору зиндагӣ мекард" [9, с.2].

Яке аз бузургтарин муҳаққиқи амрикоии осори Мавлоно - Колман Баркс, низ дар ин ақида аст, ки зодгоҳи Мавлоно Вахш мебошад. Ӯ чунин менависад: "Форсҳо ва афғонҳо Румии бузургро - Ҷалолиддини Балхӣ меноманд. Вай 30 сентябри соли 1207 дар шаҳраки хурдакаки Вахш (Тоҷикистон), дар наздикии шаҳри Балхи бузурги он айём, ки яке аз марказҳои бузурги империяи Хоразмшоҳӣ буд, таваллуд шудааст" [2, с.5].

На танҳо муҳаққиқони Ғарб, балки пажӯҳишгарони Шарқ низ, дар асарҳои худ, дар бораи дар Вахш сукунат доштани Баҳои Валад ишоратҳо кардаанд. Яке аз бузургтарин муҳаққиқи эронии осори Мавлоно, доктор Абдулҳусайн Зарринкӯб, ки дар бораи ҳаёт ва осори Мавлоно асарҳои бисёре эҷод кардааст, дар асари машҳураш "Палла-палла то мулоқоти Худо", ки асари тарҷимаиҳолӣ оиди рӯзгори Мавлоно мебошад, борҳо аз Вахш (4, с.22, 29, 35, 36, 49, 56, 67) ёдовар шудааст.

Ин ҷо мо зарур мешуморем, то аз чанде ин иқтибосҳо ёдовар шавем. "Ӯ (Баҳои Валад-муаллиф) дар хоки Вахш, дар сарзамини Суғд ва дар диёри Хоразм сафар мекард. Ба ҳар ҷо мерафт дар муддати иқомат, дар масҷидҳо ба вазъ мепардохт ва дар мадрасаҳо ба тадрис менишаст" [4, с.22].

Ҷойи дигар доктор Зарринкӯб аз шаъну шуҳрате, ки Баҳои Валад дар тамоми қаламрави давлати Хоразмшоҳӣ ва бурун аз он дошт, ишорат карда мегӯяд: "Муридон, ки бо шавқ ва алоқа дар Балху Вахш ва Самарқанду дигар шаҳрҳо дар маҷлиси ӯ ҳозир мешуданд, ӯро ғайр аз як воизи номовар ба чашми як олими бемонанд ва як шайхи комил талқӣ мекарданд" [4, с.29].

Ишорати дигаре, ки дар он аз Вахш ёд шудааст, ин аз ҷониби табақаи рӯҳониён чун бухлу ҳасад қабул накардани унвони "Султон-ул-уламо", ки Баҳои Валад онро доро буд, мебошад: "Аммо ин унвон на дар Балх мавриди қабули доъиядорон ва уламои расмӣ буд, на дар Вахш ва Ғур ва Самарқанд қузот ва ҳуком онро таъйид мекарданд…Дар Вахш қозии маҳаллӣ ин унвонро аз ҳар санад ва тасдиқе, ки вай (Баҳои Валад-муаллиф) имзо карда буд, маҳв мекард"[4, с.35].

Дар Қуния иқомат намудан ва муҳити онро бо зодгоҳаш муқоиса намудани Мавлоноро доктор Зарринкӯб чунин тасвир намудааст: "Зиндагии он (Қуния-муаллиф) бо ин ки аз гузаштаи юнонӣ ва безонсии хеш нишонаҳо дошт, хеле беш аз Лорандаву Малтия ва Оқшаҳр ёдовари Балху Тирмиз ва Вахшу Самарқанд ба назар мерасид" [4, с.67].

Дигар пажӯҳишгари эронии осори Мавлоно доктор Абдурафеъ Ҳақиқат, ки бо тахаллуси "Рафеъ" низ машҳур аст, дар асари худ "Мавлоно- аз Балх то Қуния" низ, роҷеъ ба зиндагии Баҳои Валад дар Вахш чунин ишорат кардааст: "Баҳоуддин дар Вахш ва атрофии он - агар Балхро бино ба эҳтиёт канор бигзорем, комилан мавриди эҳтиром буд. Барои ӯ муҳим буд, ки пайваста ба камолоти худ бияфзояд ва ба хотири тасаллути худ дар кораш саршинос ҳам бошад" [7, с.35].

Тамоми манобее, ки зодгоҳи Мавлоноро Вахш қаламдод кардаанд, такя ба китоби "Маориф"-и падари Мавлоно - Баҳои Валад менамоянд, ки он ҷо борҳо аз Вахш ёд карда шудааст ("Маориф", Қ.1. с. 345, 355, 369; Қ.2. с. 61, 138).

Худи Мавлоно дар асари "Маснавӣ"-и безаволаш ҷое аз Вахш ёд карда мегӯяд:

Ақли ҷузвӣ ҳамчу барқ асту дурахш,
Дар дурахше кай тавон шуд сӯйи Вахш.

Ҳолномонависи Мавлоно –Аҳмад Афлокӣ дар асараш "Маноқиб-ул- орифин", ки асари тарҷимаиҳолӣ буда, тақрибан пас аз 70 соли вафоти Мавлоно навишта шудааст, аз Вахш ёдовар шуда чунин навиштааст: "…Шайх Ҳаҷҷоҷ нассоҷ раҳматуллоҳи алайҳ, ки аз ҷумлаи мақбули муқбили Ҳазрати Баҳои Валад буд, чунин ривоят кард,ки қозии Вахш марде буд муътабар ва аз уламои аълами замони худ, хост ки аз дебочаи китоби "Маориф" … лақаби султонулуламоии Баҳои Валадро манъ кунад" [1, с.33].

Дар баробари ин асноди зикргашта, дигар пажӯҳишгарони бузурги аврупоӣ амсоли Рейнолд Николсон, Артур Ҷон Арберӣ, Ева ду Витрей-Мейерович ва як иддаи дигар дар асарҳои худ зодгоҳи Мавлоноро Балх қаламдод кардаанд. Ин ақидаи онҳо, низ бинобар аз

он сабаб ки Вахш як қисмати Балхи Бузурги он замон ба ҳисоб мерафт, қобили қабул мебошад.

Далелҳои дигаре, ки мо ба он такя намуда зодгоҳи Мавлоноро Вахш мегӯем, ин гӯйиши тоҷиконаи забони тамоми эҷодиёти ӯ мебошад. Зеро аксарияти калимот ва вожаҳои дар осори Мавлоно истифодашуда, хосси мардуми тоҷик буда, дар гӯйиши дигар мардуми форсзабон истифода намешавад. Ба қавли муҳаққиқи тоҷик Нуралӣ Нуров "Забону андешаи тоҷиконаи Мавлоно худ оинаи таҷаллии ин ҳақиқат аст. Имрӯз бисёр калима ва вожаҳои дар Маснавӣ ва осори дигари Мавлоно бакоррафта, бештар дар гӯйиши мардуми Тоҷикистон маҳфуз мондаанд ва ҳанӯзам истифода мешаванд" [5, с.213].

Дар осори Мавлоно зуд-зуд вожаҳои "чоруқ, остин, потоба, дег, кафлез, пӯстин, бурут, нос, шишак, шолак, кампирак, гоҷ, охур, нордбон" ва амсоли инҳо вомехӯранд, ки соф вожаҳои гӯйиши халқи тоҷик мебошанд. Муҳаққиқи дигари тоҷик Х.Кабиров дар рисолаи номзадии худ таҳти унвони "Вижагиҳои хосси забони шеъри Ҷ. Румӣ" перомуни тоҷикона будани осори Мавлоно мисолҳои фаровон овардааст. Мо ба он иктифо мекунем,ки дар фароварди сухан якчанд абёти Мавлоноро аз ин рисола мисол оварем, ки дар он гӯйиши мардуми тоҷик равшан баён гардида, хулосаи ниҳоӣ баровардаанро ба хонандаи муҳтарам ҳаволат кунем:

Чоруқу потоба лоиқ мар турост,
Офтоберо чунинҳо кай равост [8, с.161].

Рустоӣ гов дар охур бубаст,
Шер говаш хӯрду бар ҷояш нишаст [8, с.132].

Рав ба пеши косалес, эй деглес,
Гӯ-ш Худованду валинеъмат навис [8, с.292].

Ух-ухе бардоштӣ, эй гиҷи гоҷ,
То ки колои бадат ёбад ривоҷ [8, с.395].

Кору боре, ки надорад пову сар,
Тарк кун, эй пирхар, эй пирхар [8, с.663].

А Д А Б И Ё Т

1. Афлокӣ А. Маноқиб-ул-орифин. – Теҳрон, 1362. - 280 с.
2. Баркс К. Суть Руми / К. Баркс. - Москва: Гаятри, 2007. - 668 с.
3. Зиёев Х.М. Мавлоно / Х.М. Зиёев. – Душанбе, 2007. - 196 с.
4. Зарринкӯб А. Палла-палла то мулоқоти Худо. – Теҳрон, 1389. - 394 с.
5. Нуров Н. Бозтоби чуғрофиёи таърихӣ ва фарҳанги тоҷикӣ дар осори Мавлоно / Н.Нуров // Эроннома. - Алма-ато, 2013. - №1.(25). - С.-213-219.
6. Франклин Л.. Румӣ. Гузашта ва имрӯз. Шарқ ва Ғарб. Зиндагӣ, таълимот ва назми Румӣ / Л. Франклин. – Oxford, 2000. - 686 с.
7. Ҳақиқат А. Мавлоно. Аз Балх то Қуния. - Теҳрон, 1384. - 368 с.
8. Ҷалолуддини Румӣ. Маснавии маънавӣ. - Теҳрон, 2001. - 990 с.
9. Шиммел А. Ҳаёт ва эҷодиёти Румӣ / А.Шиммел. – Бостон: Шамбали, 1992. - 600 с.

ЗОДГОҲИ МАВЛОНО АЗ ДИДИ ПАЖӮҲИШГАРОНИ ҒАРБ

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи зодгоҳи Мавлоно аз дидгоҳи муҳаққиқони Шарқ ва Ғарб сухан кардааст.Агар дар қарнҳои гузашта баъзе пажӯҳишгарони осори Мавлоно зодгоҳи ӯро Балх меҳисобиданд, дар рӯзгори мо аксарият бар он бовараанд,ки Мавлоно на дар Балх, балки дар шаҳраки Вахши Тоҷикистони имрӯза,ки он замонҳо як гӯшаи Балхи бостон ба ҳисоб мерафт, таваллуд шудааст.Муаллиф бо далелҳои ҷолиб аз асарҳои муҳаққиқони Мавлоно, амсоли Аннемари Шиммел, Колман Баркс, Фритс Мейер, Абулҳусайни Зарринкуб ва дигарҳо бар он бовар аст, ки зодгоҳи Мавлоно, маҳз шаҳраки Вахш мебошад. Тамоми пажӯҳишгароне, ки зодгоҳи Мавлоноро Вахш меҳисобанд, такя ба асари «Маориф» намудаанд, ки муаллифи он падари Малоно - Баҳои Валад мебошад. Маҳз дар ин асар Баҳои Валад дар бораи зиндагиаш дар Вахш ва ҳамчун мударрис дар мадрасаи он ҷо фаъолият намуданаш қиссаҳо намудааст. Асари дигаре,ки муҳаққиқон ба он такя намуда, зодгоҳи Мавлоноро Вахш меҳисобанд, ин осори тарҷимаиҳолии Мавлоно, ки бо қалами Аҳмади Афлокӣ навишта шуда, «Маноқиб-ул-орифин» ном дорад, мебошад. Ин асар тақрибан пас аз ҳафтод соли вафот Мавлоно навишта шуда, яке аз дақиқтарин ҳолномаи вай мебошад. Ногуфта намонад, ки тамоми муҳаққиқон ҳангоми рӯ овардан ба Мавлоно, маҳз аз ин асар истифода мебаранд. Илова бар ин, гӯйиши осори Мавлоно, ки хосси гӯиши тоҷикон мебошад, ба он далолат мекунад, ки Мавлоно зодаи Вахш мебошад.

Калидвожаҳо: Мавлоно, асар, зодгоҳ, Балх, Вахш, муҳаққиқ, пажӯҳишгар, мадраса, мударрис, ҳолнома, тоҷикон, гӯйиш, осор, муаллиф, қисса, дидгоҳ.

РОДИНА МАВЛОНО С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЗАПАДНЫХ УЧЕНЫХ

В настоящей статье автор рассматривает точки зрения западных и восточных ученых о родине Мавлоно Джалолиддина Руми. Если в прошлых веках некоторые ученые считали Балх родиной Мавлоно, то в наше время большинство считают, что он родился в городе Вахш, который находится в современном Таджикистане, а тогда еще принадлежащем одной из провинций античного Балха. Автор доказывает различными интересными фактами из произведений Аннемари Шиммель, Колман Баркс, Фритс Мейер, Абдулхусайн Зарринкуб и др., которые

работали над его произведениями, что Мавлоно родился именно в Вахше. Все ученые, которые считали Вахш местом рождения Мавлоно, опирались на произведение «Маориф», автором которого был отец Мавлоно – Бахои Валад. Именно в этой работе Бахои Валад рассказывал о том, как он жил и работал (примерно в 1202-1210гг.) как мударрис в медресе Вахша. Другое автобиографическое произведение про Мавлоно, доказывающее, что Вахш является местом рождения, является «Манокиб-ул-орифин», автором которого является Ахмад Афлоки. Это произведение было написано примерно через лет после смерти Мавлоно, и считается одним из достоверных его работ про жизнь и творчество Мавлоно Джалолиддина Руми. Следует отметить, что почти все ученые, которые пишут про Мавлоно, используют именно это произведение. Вдобавок к этому, стиль произведения Мавлоно, который характерен говорам таджикского народа, доказывает, что Мавлоно родился в городке Вахш современного Таджикистана.

Ключевые слова: Мавлоно, произведение, родина, Балх, Вахш, ученый, исследователь, медресе, мударрис, автобиография, таджики, говор, диалект, сочинение, автор, рассказ, идея.

HOMELAND MAVLONO FROM THE POINT OF VIEW OF WESTERN SCIENTIST

In this article, the author examines the views of Western and Eastern scholars about the birthplace of Mavlono Jaloliddin Rumi. While in the past centuries, some scholars considered Balkh as the birthplace of Mavlono, nowadays most believe that he was born in the city of Vakhsh, which is in Tajikistan, and then still belonging to one of the provinces of the ancient Balkh. The author proves that Mavlono was born in Vakhsh by various interesting facts from the works of Annemarie Schimmel, Colman Barks, Fritz Meyer, Abdulhusain Zarrinkub, and others who worked on his compositions. All the scientists who considered Vakhsh the birthplace of Mavlono, relied on the writing "Maorif", authored by Mavlono's father - Bahoi Valad. It was in this work that Bahoi Valad told about how he lived and worked (approximately 1202-1210) as a mudarris in the Vakhsh madrasah. Another autobiographical work about Mavlono, proving Vakhsh as his deposit, is "Manokib-ul-orifin", authored by Ahmad Afloki. This work was written about seventy years after the death of Mavlono, and is considered one of his authentic works about the life and work of Mavlono Jaloliddin Rumi. It should be noted that almost all scientists who write about Mavlono use this work. In addition, the style of the Mavlono's work, which is characteristic of the dialects of the Tajik people, proves that Mavlono was born in town of Vakhsh, in present Tajikistan.

Key words: Mavlono, composition, hometown, Balkh, Vakhsh, scholars, scientist, madrasah, mudarris, autobiography, Tajiks, dialect, speech, writings, author, stories, idea.

Сведения об авторе: ***Сафаров О.И.*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры немецкого и французского языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 938-36-74-22**

Information about the author: ***Safarov O.I.*** – Tajik national University, high teacher of the Department of German and French languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: **(+992) 938-36-74-22**

УДК: 891.550-1+82

ЧАНД ВИЖАГИИ РАСМУ ОИН ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ (Ба пешвози соли Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ)

Исматов С.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ян Рипка адиби чех дар бораи Фирдавсӣ менависад, ки: «Фирдавсӣ дар саросари арсаи адабиёти форсӣ чун таҳамтан қад барафрохтааст» [7, с.25]. Воқеан, рӯ овардан ба ин таҳамтан бояд бемақсад набошад. Яъне, дасти холӣ набояд ба боғистони «Шоҳнома» даромад. Сар фурӯ бурдан ба шоҳасар ва барои худ қарор додани мақсаде натиҷа он аст, ки ҳатман Фирдавсӣ он мақсадро бароварда мекунад. Ин муъҷизаи асар аст!

Мавзӯи расму оин чун бахши этнография – мардумшиносӣ яке аз паҳлуҳои тадқиқнашуда дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба шумор меравад. Дар «Шоҳнома» дар як замон ва дар як мисраъ ҳам тоҷ ва ҳам кулоҳ истифода мешавад. Ин кор на ба хотири қофия ё оҷизӣ дар шеър сурат гирифтааст, балки аз таҳлили минбаъдаи ашъор ва услуби шоир маълум мегардад, ки истифодаи муродифот ба чанд хотир корбаст шудааст.

Фаридун чу шуд бар ҷаҳон комгор,
Надонист ҷуз хештан шаҳрёр.
Ба расми каён ***тоҷ****у тахти меҳӣ*
Биёрост бо кохи шоҳаншаҳӣ.
Ба рӯзи хуҷаста сари меҳру моҳ
Ба сар барниҳод он каёнӣ ***кулоҳ****.*
Замона беандуҳ гашт аз бадӣ,
Гирифтанд ҳар як раҳи эзадӣ [1, Ҷ.1. с.123].

Чуноне ки аз мисраъҳои боло бармеояд, ин ҷо ҳам аз тоҷ бо расми каён ёд шудааст ва ҳам кулоҳи каёнӣ. Тоҷи аввал ҳамон тоҷи расмӣ ё давлатист, ки барои ороиши қаср ё боргоҳ бо занҷирҳои тилло меовехтанд ва он на ба андозаи сари шоҳ, балки бузургтару вазнинтар, бо сангҳои қиматбаҳо ороёфта буд. Кулоҳи дигар ҳамин сарпӯши шоҳ буд, ки он низ расмӣ буд, вале чун либос ё ороиши расмӣ ё ҷузъи давлатдорӣ мисли тахту нигину муҳр буд.

Пас суоле матраҳ мешавад, ки кай ё каён чӣ аст, ки саросари Шоҳнома пур аз кай ва каён аст? Бояд гуфт, ки сари шоҳони пешдодӣ ин Каюмарс аст, ки бисёр муҳаққиқон онро аз кай ё кая – ҳаёт ва марта – мард, яъне аввалин мард дар ҳаёт медонанд. Баъзеҳо онро ҳамин Одам (Абулбашар) донистаанд. Азбаски шоир мегӯяд, ки аввалин подшоҳ дар рӯйи замин ҳамин Каюмарс аст, пас то ин давра рӯйи замин аз одам пур шуда буд, ки зарурати шоҳу давлат ба миён омада. Аз ин рӯ, ҳама расму оини подшоҳӣ ибтидо аз ӯст. Яъне расми подшоҳӣ гуфта, ин ҷо пайдоиши аввалин давлат дар рӯйи замин дар назар аст. Вожаҳои «оин» ва «расм» дар истифодаи Фирдавсӣ гаронарзиш аст.

Пижӯҳандаи номаи бостон,
Ки аз паҳлавонон занад достон,
*Чунин гуфт, к-«**Оини тахту кулоҳ***
Каюмарс оварду ӯ буд шоҳ [1, Ҷ.1. с.44].

Ибтидои шоҳасар Фирдавсӣ суол мегузорад, ки аввалин подшоҳ кӣ буд? Ва боз ҷавоб медиҳад:

Сухангӯй деҳқон чӣ гӯяд нахуст,
*Ки **тоҷи бузургӣ** ба гетӣ кӣ ҷуст?*
*Кӣ буд он ки **дайҳим** бар сар ниҳод?*
Надорад кас аз рӯзгорон ба ёд [1, Ҷ.1. с.43].

Азбаски ин ҷо гап дар бораи расми давлатдорӣ меравад, шоир аз вожаи оин кор мегирад, ки «**Оини тахту кулоҳ**» ҳамин расми давлатдорӣ аст.

Иоҳан Волфганг Гёте – шоири олмонӣ «Шоҳнома»- ро зербинои миллӣ меномад [3, с.142]. Аз ин нуқтаи назар, ҳама гуна расму оин дар «Шоҳнома» ин аз мост ва ифтихори мост. Бояд гуфт, ки давлатдории эрониён ном дошт ва номаш ҳамин «каён» буд. Номи ин сулола дар «Шоҳнома» то охирин подшоҳ – Яздигурди Сосонӣ рафтааст. Рафта-рафта каён пасванди –ӣ гирифт, ки нисбатро мефаҳмонд ва мисли вожаи сомониён маротибаи дувум пасванди –он (-ён) гирифт. Мисли: Сом+он+ӣ+ён, кай+он+ӣ+ён. Дар зеҳни мардум кай, каён вожаи муқаддас ҳисобида мешуд ва ба он арҷ мегузоштанд. Касе ҳақ надошт ба тоҷу тахти каён соҳиб шавад, ило аз авлоди каён. Сари авлод ин Каюмарс буд, ки номи сулола аз ҳамин вожаи аввали номи ӯ Кай гирифта шуд. Минбаъд дар саросари «Шоҳнома» зи тухми каён гуфта шоир ҳаминро дар назар дорад. Ин меъёргузории давлатӣ, ки шакли монархияро доро буд, аз пайдоиши аввалин давлат низ гувоҳӣ медиҳад. Чунончи оиди шоҳ Ҷамшед:

Баромад бар он тахти фаррух падар,
*Ба **расми каён** бар сараш тоҷи зар [1, Ҷ.1. с.58].*

Агар ин оинро касе иҷро намекард ё саркашӣ мекард, сахт накуҳиш меёфт:

*Писар, к-ӯ раҳо кард **расми** падар,*
Ту бегона донаш, маконаш писар [1, Ҷ.1. с.70].

Дар худи ҳамин достони Каюмарс вожаи расми намоз, зикр шудааст, ки аҳамияти калон дорад:

*Ба **расми** намоз омадандиш пеш,*
Аз он ҷойгаҳ баргирифтанд кеш [1, Ҷ.1. с.45].

Ин ду мисраъ чунин маъно дорад, ки ба зиёрату тобеияти Каюмарс аз дуру наздик ҳама ҷонварону одамон барои гирифтани кеш ё дини Каюмарс ба расму оини намоз меомаданд. Пештар аз ин ду мисраъ шоир Каюмарсро сисола мегӯяд, ки фарри эзадӣ дошт ва ҳама ҷонварон – даду дом саҷдакунон – дуто шуда ба пеши ӯ меомаданд.

Ба гетӣ - дарун сол сӣ шоҳ буд,
Ба хубӣ чу хуршед бар гоҳ буд.
Ҳаметофт аз тахти шоҳаншаҳӣ
Чу моҳи дуҳафта зи сарви саҳӣ.
Даду дом ҳар ҷонвар, к-аш бидид,
Зи гетӣ ба наздики ӯ орамид.
Дуто мешудандӣ бари тахти ӯй,
Аз он баршуда фарраи бахти ӯй.

Яъне парастишкунанда ё намозгузор аз қадим расму оини худро дошт, ки аз дигар мардумон фарқ мекард ва аз мардум дур зиндагӣ мекард. Чуноне ки шоҳ Ҷамшед эшонро ҷудо кард:

Гурӯҳе, ки котузиён хонияш,
Ба расми парастандагон донияш.
Ҷудо кардашон аз миёни гурӯҳ,
Парастандаро ҷойгаҳ кард кӯҳ.
Бад-он, то парастиш бувад корашон,
Навон пеши равшан ҷаҳондорашон [1, Ҷ.1. с.60].

Аммо Заҳҳоки аждаҳобардӯш аз ин расм берун рафт ва ба бадкирдорӣ машҳур шуд, ӯ оини баде дошт:

Зи бедодгар шоҳу аз лашкараш,
*В-аз он **расмҳои бад** андарх(в)араш [1, Ҷ.1. с.78].*

Заҳҳок ҳама расму оини кайиро пушти по зад:

Парастанда кардиш бар пеши хеш,
*На **расми кай** буд, **на оин, на кеш** [1, Ҷ.1. с.81].*

Аммо чун Фаридун ба тахт барнишаст, он ҳама расму оини каёниро зинда кард:

*Ба **расми каён тоҷу тахти меҳӣ***
Биёрост бо кохи шоҳаншаҳӣ.
*Ба рӯзи хуҷаста **сари мехру** моҳ*
Ба сар барниҳод он каёнӣ кулоҳ [1, Ҷ.1. с.123].

Фаридун оини некӣ оварда ӯ идеали шоир аст. Замони ӯ замони тиллоии давлати каён аст. Фаридун баъди ҳазор соли подшоҳии бадӣ – Заҳҳок ба сари тахт омад ва дар панҷсад соли ҳукмрониаш ягон кори бад накард – мегӯяд шоир:

Дил аз довариҳо бипардохтанд,
*Ба **оини кай** ҷашни нав сохтанд [1, Ҷ.1. с.124].*
Варо буд ҷаҳон солиён понсад,
Ки нафканд як рӯз бунёди бад [1, Ҷ.1. с.124].

Ва афзуда медорад, ки ин оин чӣ гуна буд. Фаридун дар ҷашни Меҳргон бар сари тахт омад. Ин ҷашни ҳосилғундорист. Шоир таносониву хӯрдан гуфта, ҳамин ҳосилғундориро дар назар дорад, ки баъди машаққатҳо деҳқон ҳосилашро ҷамъ мекунад ва ба истироҳат мепардозад, аз ин рӯ, ин рӯзро рӯзи нек ва саъд меномад:

Нишастанд фарзонагон шодком,
Гирифтанд ҳар як зи ёқут ҷом,
Майи равшану чеҳраи шоҳи нав,
Ҷаҳон гашт равшан сари моҳи нав.
Бифармуд, то оташ афрӯхтанд,
Ҳама анбару заъфарон сӯхтанд.
Парастидани Меҳргон дини ӯст,
*Таносониву хӯрдан **оин**и ӯст.*
Кунун ёдгор аст аз ӯ моҳи Меҳр, [1, Ҷ.1. с.124].

Суоле пайдо мешавад, ки расму оин дар куҷо аён мешавад? Расму оин дар оини давлатдорӣ – дарбор ва дар ҷашну идҳо беҳтару хубтар аён мегардад. Дар «Шоҳнома» ҳеҷ як лаҳзае фурӯгузор нест. Фирдавсӣ ҳама ҷашну сурурро ба воқеаву ҳодиса ва шахсе нисбат медиҳад, ки ин табиист. Агар ҷашни Наврӯз ба Ҷамшеду Сада ба Ҳушангу Меҳргон ба Фаридун нисбат дода шуда бошад, ҳикмате дорад. Масалан, Сада чӣ маъно дорад? Аз ҷашни Меҳргон (ҳосили кишт) то Сада панҷоҳ рӯз ва аз ҷашни Сада то Наврӯз (оғози кишт) панҷоҳ рӯз, ки ҷамъ сад мешавад, пасванди –а дар сада беҳуда нест. Он ифодагари муҳите аст, ки садро фаро гирифтааст, яъне сада дар байни 2 панҷоҳ қарор дорад. Ва ин ду панҷоҳ натиҷаи ҳамин киштукор ва ҳосилғундорист, ки гузаштагони заковатманди мо ҳисоб мекарданд. Ин аст ба фикри мо маънии Сада. Гарчанде бисёр муҳаққиқон онро бо оташ пайванд додаанд, аммо рақам низ дар ҳаёти мардум хосиятҳои асроромезе дорад, ки сад яке аз онҳост.

Муҳаммадамини Риёҳӣ дар китобаш «Фирдавсӣ» менигорад, ки «Ормони Фирдавсӣ ормони як шахс ё як қавму қабила нест, ормони ӯ ормони як миллати бузург ва ормони инсоният аст» [8, с.26]. Мо меросбарони осори чунин гузаштагони пурифтихор, бояд ҳар сухани Фирдавсиро чун дурр аз дарёи шоҳасар берун биёрем ва ба ришгаи таҳқиқ бикашем. Зеро бо гузашти айём ҳар вожаи истифодакардаи Фирдавсӣ чун ашёи атиқа қиматаш гаронтару бештар мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд). - Душанбе: Адиб, 1987-1991. (Ҳамин нусха чопи электронӣ – 10 ҷилд).
2. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар Шоҳнома. - Душанбе: Маориф, 1990. - 120 с.
3. Гёте И.В. Девони ғарбӣ-шарқӣ. - Душанбе: Адиб, 2011. - 384 с.
4. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) Қ.1. - Душанбе, 2003. - 490 с.
5. Марям Неъмати Товусӣ. Фарҳанги намоишҳои суннатӣ ва оинии Эрон. - Теҳрон: Доира, 1392. - 272 с.
6. Маҳмуд Ранҷбар, Ҳидоятулло Сутуда. Мардумшиносӣ (такя бар фарҳанги мардуми Эрон). - Теҳрон: Донишофарин, 1380. - 217 с.
7. Мустафо Ҷайҳунӣ. Ҳамосаофаринони Шоҳнома. - Исфаҳон: Шоҳномапажӯҳӣ, 1381. - 549 с.
8. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ (Зиндагӣ ва андешаи шеъри ӯ). - Душанбе: Бухоро, 2012. - 338 с.
9. Саломов М. Ифодаҳои маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ / М.Саломов. - Душанбе, 2001. - 138 с.
10. Ҳеленбренд Роберт. Забони тасвирии «Шоҳнома» (маҷмӯа бо тасовир) / Роберт Ҳеленбренд. - Теҳрон: Баҳор, 1388. - 353 с.

ЧАНД ВИЖАГИИ РАСМУ ОИН ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

(ба пешвози соли Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ)

Мақолаи мазкур ба омӯзиши чанд вижагии расму ойин дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бахшида шудааст. Мавзӯи расму оин чун бахши этнография – мардумшиносӣ яке аз паҳлуҳои тадқиқнашуда дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба шумор меравад. Расму оин дар оини давлатдорӣ – дарбор ва дар ҷашну идҳо беҳтару хубтар аён мегардад. Дар «Шоҳнома» ҳеҷ як лаҳзае фурӯгузор нест. Фирдавсӣ ҳама ҷашну сурурро

ба воқеаву ҳодиса ва шахсе нисбат медиҳад, ки ин табиист. Агар ҷашни Наврӯз ба Ҷамшеду Сада ба Ҳушангу Меҳргон ба Фаридун нисбат дода шуда бошад, ҳикмате дорад. Дар «Шоҳнома» дар як замон ва дар як мисраъ ҳам тоҷ ва ҳам кулоҳ истифода мешавад. Ин кор на ба хотири қофия ё оҳизӣ дар шеър сурат гирифтааст, балки аз таҳлили минбаъдаи ашъор ва услуби шоир маълум мегардад, ки истифодаи муродифот ба чанд хотир корбаст шудааст. Ҳама гуна расму оин дар «Шоҳнома» ин аз мост ва ифтихори мост. Бояд гуфт, ки давлатдории эрониён ном дошт ва номаш ҳамин «каён» буд. Номи ин сулола дар «Шоҳнома» то охирин подшоҳ – Яздигурди Сосонӣ рафтааст. Рафта-рафта каён пасванди –ӣ гирифт, ки нисбатро мефаҳмонд ва мисли вожаи сомониён маротибаи дувум пасванди –он (-ён) гирифт. Мисли: Сом+он+ӣ+ён, кай+он+ӣ+ён. Дар зеҳни мардум кай, каён вожаи муқаддас ҳисобида мешуд ва ба он арҷ мегузоштанд. Касе ҳақ надошт ба тоҷу тахти каён соҳиб шавад, ило аз авлоди каён. Сари авлод ин Каюмарс буд, ки номи сулола аз ҳамин вожаи аввали номи ӯ Кай гирифта шуд. Минбаъд дар саросари «Шоҳнома» зи тухми каён гуфта шоир ҳаминро дар назар дорад. Ин меъёргузории давлатӣ, ки шакли монархияро доро буд, аз пайдоиши аввалин давлат низ гувоҳӣ медиҳад.

Калидвожа: расм, оин, вижагии расму ойин, «Шоҳнома»-Фирдавсӣ, кай, тоҷ, кулоҳ, меҳргон, сада, вожаи муқаддас.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ОБРЯДОВ И ТРАДИЦИЙ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

(посвящается Году развития туризма и народных промыслов)

Данная статья посвящена изучению и рассмотрению некоторых особенностей традиций и обрядов в произведении «Шахнаме» Фирдоуси. Тема традиций и обрядов как раздел этнографии является еще неизученным разделом в «Шахнаме» Фирдоуси. Традиции и обряды в традициях государственности очень наглядно рассматриваются в торжествах и празднествах при царском дворе. В «Шахнаме» Фирдоуси ни один из моментов не остается не в поле внимания автора. Фирдоуси все празднества и веселья относит к какому - нибудь событию или личности и это естественно. Если Праздник Навруз соотносится к Джамшеду и Саде (древнему празднику персоязычных народов) Хушангу и Мехргон (праздник осеннего равноденствия) и Фаридуну, то в этом есть какая-та сущность и мудрость. В «Шахнаме» Фирдоуси в одно время и в одной стихотворной строке используется и слово корона и слово головной убор (шапка). Это делается не ради рифмы или покрытия какого – нибудь недостатка, напротив при дальнейшем анализе наследия и поэтического стиля поэта становится понятным, что синонимы употреблены из –за нескольких обстоятельств. Все традиции и обряды «Шахнаме» это наше достояние и наша гордость. Нужно отметить, что иранская государственность имела свое название и она называлось «каён» (тиутл древнеиранских царей). Данная династия берет свое начало в «Шахнаме» Фирдоуси и доходит до его последнего правителя – Яздигурда Сасани. С течением времени к данному слову был прикреплен суффикс *–ӣ* ,который обозначает принадлежность и как слово саманиды (сомониён) во второй раз к данному слову был прикреплен суффикс *–он (-ён)*. Как: *Сом+он+ӣ+ён, кай+он+ӣ+ён*. В памяти народа слово *кай, каён* считался священным словом и они почитали данное слово. Никто не имел права завладеть короной и троном *каён* . Его предводителем был Каюмарс и название династии берет свое начало именно с его имени. Данное государственное нормативание, котрое имело форму монархии, также свидетельствует о появлении первого государства.

Ключевые слова: традиции , обряды, особенности традиций и обрядов, «Шахнаме» Фирдоуси, титуд древнеиранских царей, корона, головноу убор (шапка,), Мехргон (праздник осеннего равноденствия) Сада (древний празднику персоязычных народов), священное слово.

SOME FEATURES OF ORGANIZATIONS AND TRADITIONS IN SHAHNAMA FIRDOUSI

(dedicated to the Year of Tourism and Folk Crafts Development)

This article is devoted to the study and consideration of some features of traditions and rituals in the work "Shahname" by Firdousi. The theme of traditions and rituals as a section of ethnography is still an unexplored section in "Shahname" by Firdousi. Traditions and ceremonies in the traditions of statehood are very clearly seen in celebrations and festivities at the royal court. In "Shakhname" Firdousi, none of the moments does not remain in the author's field of attention. Firdousi refers all festivities and fun to an event or person and this is natural. If the holiday of Nowruz is related to Jamshed and Sade (the ancient holiday of Persian-speaking peoples) Hushangu and Mehrgon (the holiday of the autumn equinox) and Faridun, there is some essence and wisdom in it. In "Shakhname" Firdousi at one time and in one verse line is used and the word crown and the word headgear (cap). This is done not for the sake of rhyme or covering any shortcoming, on the contrary, when further analysis of the poet's heritage and poetic style becomes clear that the synonyms are used for several reasons. All traditions and ceremonies of "Shahname" are our property and our pride. It should be noted that the Iranian statehood had its name and it was called "kayon" (the tiutle of the ancient Iranian kings). This dynasty originates in the "Shahname" Firdousi and comes to his last ruler - Yazdigurd Sasani. Over time, a suffix was attached to this word *–ӣ*, which denotes belonging and as the word Samanid (somoniyon) for the second time to this word was attached a suffix *–он (-ён)*. How: *Сом+он+ӣ+ён, кай+он+ӣ+ён*. In the memory of the people, the word kai, kayan was considered a sacred word and they revered the word. No one had the right to seize the crown and throne *каён*. His leader was Kayumars and the name of the dynasty originates from his name. This state regulation, which took the form of a monarchy, also indicates the emergence of the first state.

Key words: traditions, rituals, features of traditions and rituals, Shahnameh Firdausi, the title of the ancient Iranian kings, the crown, the headdress (cap), Mehrgon (the autumn equinox) of the Garden (the ancient holiday of Persian-speaking peoples), the sacred word.

Сведения об авторе: ***Исматов Саъди*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры телевидение и радиовещание. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон: **(+992) 935-67-67-99**

Information about the author: ***Ismatov Saadi*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Television and Radio Broadcasting. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.
Tel.: **(+992) 935-67-67-99**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК: 621. 396 (575.3)

НАҚШИ РАДИОИ «ОЗОДӢ» ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ ТОҶИКИСТОН

Муқимов М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тибқи маълумоти Вазорати фарҳанги Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2017 дар ҷумҳурӣ 367 рӯзнома (107 адад давлатӣ ва 260 адад ғайридавлатӣ), 239 маҷалла (110 адад давлатӣ ва 129 адад ғайридавлатӣ), 11 оҷонсии иттилоотӣ (1 адад оҷонсии иттилоотии давлатӣ ва 10 адад ғайридавлатӣ) фаъолият доранд [1]. Ҳамчунин беш аз 25 телевизиони давлативу хусусӣ ба шумули 8 телевизиони давлатии умумимиллӣ ва ҳудуди 20 радиои давлативу хусусӣ дар кишвар барнома пахш мекунанд. Ба ғайр аз ин, дар фазои иттилоотии Тоҷикистон расонаҳои хориҷӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ барнома пахш мекунанд, ҷойгоҳи худро доранд. Аз ҷумла, Радиои «Озодӣ» дар байни шунавандаҳои тоҷик нуфузи зиёд дорад. Ҳоло 28 бахши Радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ» ба 21 кишвари олам барнома пахш мекунанд. Дар шаҳри Прага ва 19 шуъбаи он дар кишварҳои мухталиф 400 рӯзноманигори штатӣ ва 750 хабарнигори ғайриштатӣ ифои вазифа мекунанд. Радиои мазкур яке аз бузуртарин расонаи таблиғотии ИМА мебошад.

«Барномаҳои тоҷикии Радиои «Озодӣ»-ро ҳар шабонарӯз дар давоми нуҳ соат рӯйи мавҷи кӯтоҳ, интернет ва ҳамчунон тавассути телевизионҳое, ки ба антеннаи моҳвора пайваст мебошанд, метавон шунид. Ба ғайри ин, гузоришҳо дар шакли катбӣ, садо ва видео дар сомонаи Радиои «Озодӣ» пахш мешаванд»[12].

Бино ба маълумоти донишномаи AMD Радиои «Озодӣ» дар Тоҷикистон аз рӯйи рейтинг баъди Радиои «Садои Душанбе» дар ҷойи дуюм қарор дорад [13]. Дар ин донишнома дар бораи шумораи шунавандаҳои Радиои «Озодӣ» маълумот нест, вале дар зинаи сеюм бо беш аз 1 миллион нафар шунаванда Радиои «Азия Плюс» қарор дорад. Аз ин маълумот бармеояд, ки аудиторияи Радиои «Озодӣ» низ аз 1 миллион нафар зиёд аст.

Донишнома Радиои «Имрӯз»-ро дар зинаи чорум ва Радиои «Ватан»-ро дар зинаи панҷуми рейтинг қарор додааст.

Ба навиштаи ҳафтаномаи «Нигоҳ» Радиои «Озодӣ» «дар пахши бисёррасонаӣ муваффақтарин маҳсуб мешавад. Буҷаи солонаи "Озодӣ" (1 миллиону 603 ҳазор доллари ИМА дар соли 2014. М.М.) аз буҷаи умумии "Ховар", "Озодагон", Ожонси "Азия плюс", "Авеста" ва «Тоҷнюс» 4 маротиба (!) зиёдтар асту ба истилоҳи иқтисодӣ ин расона беш аз 70 дарсади бозори истеҳсолу паҳн кардани ахбори Тоҷикистонро зери контрол дорад»[3].

Бояд гуфт, ки ҳоло сомонаи Радиои «Озодӣ» - «www.ozodi.org» низ аз сернуфузтарин дар Тоҷикистон маҳсуб мешавад ва аксари онҳое, ки ба Интернет дастрасӣ доранд, маводи онро дар компютер, планшет ва телефонҳои мобилӣ мутолиа мекунанд.

Бино ба иттилои сомонаи «pr-cy.ru» ҳамарӯза ба сомонаи «www.ozodi.org» тақрибан 4 057 нафар ворид шуда, 16 226 боздид ба амал меоранд. Дар як моҳ бошад, ба сомонаи мазкур тақрибан 121 698 нафар ворид шуда, 486 780 маротиба боздид мекунанд. Нишондиҳандаи мазкур дар як сол тақрибан 1 480 657 нафарро ташкил дода, дар умум ба 5 922 490 боздиди сомона баробар аст[10].

Аз рӯи рейтинги сомонаи «pr-cy.ru» сомонаи «www.ozodi.org» дар Тоҷикистон баъди сомонаи ОИ «Азия плюс» - «www.news.tj» дар ҷои дуюм қарор дорад. Зеро

ҳамарӯза ба сомонаи «www.news.tj» тақрибан 5 693 нафар ворид гардида, 22 773 боздид ба амал меоранд. Дар як моҳ бошад, ба сомонаи номбурда тақрибан 170 801 нафар ворид шуда, 683 190 маротиба боздид мекунанд. Нишондиҳандаи мазкур дар як сол тақрибан 2 078 079 нафарро ташкил дода, дар умум ба 8 312 145 боздиди сомона баробар аст.

Ба назари ин ҷониб, аудиторияи сомонаи «www.news.tj» дар Тоҷикистон нисбат ба сомонаи Радиои «Озодӣ» камтар аст. Зеро имрӯз аксари ҷавонон ахборро аз сомонаҳои тоҷикӣ мехонанд ва бинобар мушкилоти донистани забони русӣ камтар ба сомонаи русзабон таваҷҷуҳ мекунанд. Аз ин рӯ, гумон меравад, ки бештари аудиторияи сомонаи ОИ «Азия плюс» берун аз Тоҷикистон аст. Ҳамчунин аз нигоҳи муҳтаво низ ахбори «www.news.tj» нисбат ба «www.ozodi.org» камранг буда, дар ҷолибият ва фаврият ақиб мемонад.

Дар ҳамин ҳол ҳамарӯза ба сомонаи АМИТ «Ховар» - «khovar.tj», ки расонаи расмии давлатӣ аст, тақрибан 1 602 нафар ворид шуда, 6 408 боздид ба амал меоранд. Дар як моҳ бошад, ба сомонаи мазкур тақрибан 48 059 нафар ворид шуда, 192 240 маротиба боздид

мекунанд. Нишондиҳандаи мазкур дар як сол тақрибан 584 718 нафарро ташкил дода, дар умум ба 2 338 920 бордиди сомона баробар аст. Ин рақам аз нишондиҳандаи аудиторияи сомонаи «www.ozodi.org» беш аз 2 маротиба камтар аст.

Сомонаи ОИ «Озодагон» - «www.ozodagon.com» то баста шуданаш дар охири моҳи октябри соли 2017 аз маъруфтарин сомонаи тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ маҳсуб мешуд. Ҳамарӯза ба сомонаи мазкур тақрибан 1 869 нафар ворид гардида, 7 477 бордид ба амал меоварданд. Дар як моҳ бошад, ба сомонаи номбурда тақрибан 56 078 нафар ворид шуда, 224 310 маротиба бордид мекарданд. Нишондиҳандаи мазкур дар як сол тақрибан 682 278 нафарро ташкил дода, дар умум ба 2 729 105 бордиди сомона баробар аст.

Қобили зикр аст, ки Радиои «Озодӣ» дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ маъруф аст. Масалан, худи ин расона менависад, ки «Соли 2017 видеои моро бо 23 забон дар Фейсбук ва Ютуб беш як миллиард бор диданд» [20].

13 сентябри соли 2017 теъдоди бинандаҳои видеои ин расона ба як миллиард нафар расид. Аз ҷумла, тамошобинони видеои бахши тоҷикӣ («Озодивидео») дар моҳҳои январ-августи соли 2017 дар Ютуб 59,392,884 нафарро ташкил дод.

Дар як суҳбати ихтисосӣ президенти вақти Радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ» Ҷеф Гедмин бо сармуҳаррири рӯзномаи «Миллат» Адолати Мирзо дар бораи ҳадафҳои ин расонаи америкоӣ чунин гуфта буд: «Бисёриҳо бар ин назаранд, ки Радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ» дар фурӯпошии низоми коммунистӣ дар Аврупои шарқиву Иттиҳоди Шӯравӣ кумаки калоне расондааст. Вале ман мехоҳам бигӯям, ки мо ҳозир ҳам ҳамон нақшеро мебозем, ки қаблан бозидаем. Он ҳам кумак ба расонаҳои озоду мустақил дар кишварҳоест, ки то ҳанӯз аз расонаҳои озоду мустақил баҳрабардории комил намекунанд. Бинобар ин, ҳанӯз ҳам вазифаи асосии мо кумак ба ҷараёни озоди маълумот, иттилоот, хабар, баҳси озодии назарҳо мебошад, яъне бигзор мардуми озод, имкони озоди интихоби ҳукуматро дошта бошад»[14].

Бояд гуфт, ки Радиои «Озодӣ» солҳои охир сиёсати пахши барномаҳояшро нисбати Тоҷикистон дигар намуда, камтар дар мавзӯъҳои сиёсӣ ҳангомаҷӯӣ мекунад. Вале мавзӯъҳоеро расонаӣ мекунад, ки ба вайрон кардани ахлоқи ҷомеа равона шудаанд. Масалан, расонаи мазкур солҳои охир мавзӯи ҳамҷинсгароёнро дар Тоҷикистон бардошта, онро як амали табиӣ ва маъмулӣ арзёбӣ мекунад. Аз ҷумла, танҳо дар моҳҳои октябру ноябри соли 2017 дар Радиои «Озодӣ» оид ба ин мавзӯъ 4 матлаб пахш шудааст.

17 октябри соли 2017 сомонаи «www.ozodi.org» маводеро бо номи «Ҳамҷинсгароён дар феҳристи "гурӯҳҳои осебпазир"-и Тоҷикистон» ба табъ расонид, ки дар он аз ҷумла гуфта мешавад:

«Вазорати корҳои дохилӣ ва Додситонии кулли Тоҷикистон феҳристи наздики 370 ҳамҷинсгароро дар кишвар таҳия кардаанд, ки ба қавли онҳо бино ба сабаби афроди шомили “гурӯҳи осебпазир” буданашон, ба қайди оперативӣ гузошта шудаанд» [18]. Дар ин бора маҷаллаи «Қонуният»-и чопи Додситонии кулл иттилоъ додааст. Ба навиштаи маҷалла соли 2016 гурӯҳҳои корӣ оид ба шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои осебпазири гомосексуалистон, лесбиянкаҳо, бисексуалҳо ва трансексуалҳо созмон дода шуд. Дар натиҷа 367 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки ба гурӯҳҳои осебпазир шомиланд, дастрас карда шудаанд. Аз ин миқдор 319 нафар ба ҳамҷинсгароии мард бо мард ва 48 нафари дигараш бо ҷимои зан бо зан мебошанд.

Сомонаи мазкур аз рӯйихат шудани ҳамҷинсгароён изҳори нигаронӣ карда, аз поймол шудани ҳуқуқи онҳо ҳарф мезанад ва аз азият дидани Шӯҳрат ном ҳамҷинсгаро қисса мекунад. Дар ҳамин ҳол аз қавли як нафар «масъули огоҳ аз ин рӯйихат» менависад, ки феҳрасти афроди осебпазир «ба хотири огоҳонидани онҳо аз нигоҳи амниятӣ ва солимӣ», таҳия мешавад.

Дар охири мавод сомонаи Радиои «Озодӣ» тахмин мезанад, ки мумкин аст дар саросари Тоҷикистон то 20 ҳазор нафар марду зани ҳамҷинсгаро ва афроди дуҷинса вуҷуд дошта бошад.

Баъди ду рӯзи пахши матлаби номбаршуда, 19 октябри соли 2017 сомонаи «www.ozodi.org» боз ба мавзӯи ҳамҷинсгароён баргашта, маводи дигареро нашр кард. Дар он аз ҷумла, гуфта мешавад, ки як созмони мудофеи ҳуқуқи инсон дар Вашингтон - Human Rights First (Ҳуқуқи инсон дар навбати аввал) бо пахши изҳороте дар робита бо рӯйихат шудани аққалиятҳои ҷинсӣ дар Тоҷикистон изҳори ташвиш кардааст. Вай аз вазири умури хориҷии ИМА Рекс Тиллерсон хостааст, ки дар ин замина иқдом кунад: «Департаменти давлатӣ бояд сареъ иқдом кунад ва нагузорад, ки Тоҷикистон ба Чеченистони дуюм табдил шавад» [19].

16 ноябри соли 2017 сомонаи «www.ozodi.org» маводи «Интиқоди Тоҷикистон барои таҳияи феҳрасти ҳамҷинсгароён»-ро нашр кард. Дар он гуфта мешавад, ки Шӯрои порлумонии Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо чаҳор кишвар, аз ҷумла

Тоҷикистонро барои барҳӯрди номуносиб бо ақаллиятҳои ҷинсӣ танқид кард ва хостори иқдомот барои муҳофизати ҳуқуқи онҳо шуд.

"Таассуб зидди ҳамҷинсгароён ва хуносо дар саросари кишварҳои узви Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо дида мешавад, аммо ҳафтаҳову моҳҳои гузашта мо шоҳиди ҳодиса ва ҳамлаҳои такондиҳанда ба зидди аққалиятҳои ҷинсӣ бахусус дар Озарбойҷон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон шудем"[4], - омадааст дар ин баёнияи Санчез Амор, раиси кумитаи демократия ва ҳуқуқи инсони Шӯрои Порлумони Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо.

Санчез Амор дар баёния аз ҳукуматҳои тамоми кишварҳои узви Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо даъват кардааст, ки ҳуқуқи ҳамҷинсгароёнро ҳимоят кунанд ва нафаронеро, ки нисбат ба онҳо вақтҳои ахир таҳаммулнопазирӣ нишон додаанд, ба ҷавобгарӣ бикашанд.

Чунин ба назар мерасад, ки ҳамҷинсгароӣ аз мавзӯъҳои дӯстдошта ва ё фармоишии Радиои «Озодӣ» маҳсуб мешавад. Рӯзи чоруми пахши маводи зикргардида сомона боз ба ин мавзӯъ баргашт ва дар бораи зиндагии Сапеда ном зани дуҷинса матлаб нашр кард, ки дар он аз ҷумла омадааст:

«Сапеда 28-сола аст ва зиндагие, ки ӯ дорад, аз зиндагии ҷавонзанҳои дигар дар Тоҷикистон доранд, фарқ мекунад. Ӯ дуҷинсгаро аст ва дар баробари мард, як занро ҳам дӯст медорад» [2].

Ба қавли Сапеда ҳама гуна талоши фишор ё назорат аз болои аққалиятҳои ҷинсӣ вазъи рӯҳиву равонии онҳоро бад мекунад ва онҳо ҳарчи бештар ба пинҳонкорӣ мегузаранд.

3 июли соли 2017 созмони IPHR - International Partnership for Human Rights (Ҳамкории байналмилалӣ барои ҳуқуқи инсон), ки дар Белгия ҷойгир аст, ҳисоботеро бо номи «Мо ҳамон касе будан мехоҳем, ки ҳастем» оид ба ҳаёти ҳамҷинсгароён чоп кард [5]. Моҳҳои октябр ва ноябри соли 2016 ҳомиёни ҳуқуқи IPHR барои маълум кардани вазъи ҳамҷинсгароён ба Тоҷикистон омаданд ва бо аққалиятҳи ҷинсӣ суҳбат карданд. Ҳисоботи номбурда, ки беш аз 60 саҳифа аст, натиҷаи ҳамин суҳбатҳо бо ҳамҷинсгароён мебошад.

30 июли соли 2017 Радиои «Озодӣ» дар такя ба гузориши мазкур маводеро пахш кард, ки аз зиндагии Хуршед ва Ҷонник ном ҳамҷинсгароён нақл мекунад [17]. Сомонаи «www.ozodi.org» баъзе нуктаҳои ҳисоботро чун мисол оварда, менависад, ки муаллифони он аз мақомоти Тоҷикистон хостаанд, пеши роҳи бадрафторӣ ва нақзи ҳуқуқи аққалиятҳои ҷинсӣ дар кишварро бигиранд, чун онҳо шаҳрванди комилҳуқуқ ҳастанд ва қонун ба онҳо тамоми ҳаққеро додааст, ки дигарон доранд. Ҳамчунин аз Вазорати умури дохилии Тоҷикистон хоста шудааст, то ба табъизу бадрафторӣ бо аққалиятҳои ҷинсӣ хотима дода, он афсарони милисаро, ки ин аққалиятҳоро озору шиканҷа медиҳанд, ба ҷавобгарӣ бикашанд.

Бояд гуфт, ки ҳанӯз 16 апрели соли 2015 Радиои «Озодӣ» аз қавли чанд нафар ҳамҷинсгаро матлаберо бо номи «Ҳамҷинсгароёни тоҷик мехоҳанд, дар хориҷа паноҳ ёбанд!», пахш кард. Дар лиди он гуфта шудааст, ки «чанде аз ҳамҷинсгароёни тоҷик бо назардошти вазъи сангини худ дар Тоҷикистон, мегӯянд, қасди дарёфти паноҳандагӣ дар кишварҳои ғарбиро доранд» [16]. Шаҳноза, як ҷавонзани 24-солаи ҳамҷинсгаро ба Радиои «Озодӣ» гуфтааст, ки дар Тоҷикистон ҳамеша худро зери хатар ҳис мекунад ва зиндагияш токатфарсост. Барои "як зиндагии озодона" Шаҳноза ба созмонҳои ҳомии ҳамҷинсгароён дар Швейтсария, Тайланд ва Олмон мурочиат карда, умедвор аст, ки яке аз онҳо барояш кумак хоҳад кард.

Рустам, як ҳамҷинсгарои 22-солаи дигар гуфтааст, ки чанд рафиқаш дар Канада ва Олмон паноҳандагӣ гирифтаанд ва ӯ низ ин тасмимро дорад. Талоши фирор аз Тоҷикистон ба гуфтаи ҳар ду як амри маҷбурист ва аз беилоҷӣ пеш омадааст.

Дар охири ин мавод Радиои «Озодӣ» гуфтааст, бино бар як пажӯҳиш миёни чандсад ҳамҷинсгаро дақиқ шудааст, ки 60 дарсади онҳо наврасону ҷавонони то синни 25-солаанд.

Бояд гуфт, ки дар Тоҷикистон аз соли 1998 ин ҷониб ҳамҷинсгароӣ (бачабозӣ, ҷимои зан бо зан) ҷиноят маҳсуб намешавад. Вале агар ин амал ба таври маҷбурӣ, зӯроварӣ, шантаж сурат гирифта бошад, он ҷиноят аст ва вобаста ба характери амали содиршуда ҷинояткор бо моддаҳои 139, 140 ва 141-уми Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то бист сол ҷазо дода мешавад.

Кормандони Радиои «Озодӣ» дар баробари пахши барномаҳо оид ба ҳамҷинсгароён дар Тоҷикистон ва тарғиби ин амали номатлуб дар ҷомеа, боз ба мавзӯъҳои дигаре даст мезананд, ки ба вайрон кардани ахлоқи наврасон равона шудааст. Аз ҷумла, моҳи январи соли 2013 сомонаи Радиои «Озодӣ» видеоеро пахш кард, ки гӯё дар телефонҳои мобилии наврасон гардон будааст. Дар ин навори 21-дақиқагӣ ду ҷавон бо муносибати маҳрамона машғуланд, ки гӯё дар ҳоҷатхонаи мактаби рақами № 44-и шаҳри Душанбе наворбардорӣ шудааст.

Баъди пахши ин навор маъмурият ва омӯзгорони мактаби рақами 44-и шаҳри Душанбе ба дафтари Радиои «Озодӣ» номае ирсол намуда, бӯҳтон будани онро баён намудаанд. Дар номаи мазкур аз ҷумла чунин омадааст:

«Пас аз муоинаи наворҳо муайян гардид, ки наворҳои сабтгардида на ба хонандагони мактабу сокинони маҳалла ва на ба хоҷатхонаи мактаби № 44 тааллуқ надорад ва нисбат додани ин амалҳои номатлуби бӯҳтонангез тӯҳмати маҳз мебошад ва асоси воқеӣ надоранд» [9].

Сафаралӣ Нуруллоев, директори мактаби мазкур дар суҳбат бо хабарнигори «Озодӣ» гуфтааст, ки нашри ин матлаб боиси он мегардад, ки волидайн пас аз хатми синфи 9 монеи идомаи таҳсили духтаронашон мешаванд.

Маъмурияти Радиои «Озодӣ» ин иштибоҳи худро дарк карда, аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони мактаби миёнаи рақами № 44 узр пурсид.

Бояд гуфт, ки кишварҳои абарқудрат вобаста ба манфиатҳои геополитикии худ ҷанги иттилоотӣ мебаранд. Ба вижа ИМА, ки қисми зиёди иттилооти олам дар ин кишвар таҳияву пахш мешавад, дар ин ҷода пешсаф аст. ИМА тавассути дастгоҳҳои тарғиботиаш ба мисли телевизион ва радиои «Садои Америка», Телевизиони «Ал-Ҳурра», Радиои «Сава» (барои кишварҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ), Радио ва телевизиони Мартӣ (барои Куба), Радиои «Аврупои озод»/«Озодӣ», Радиои «Осиёи озод» ба 61 забони миллӣ ва ба 125 кишвари дунё ҷанги иттилоотии густурда мебарад [7].

Дар ҳамин ҳол ИМА кӯшиш мекунад, ки дигар кишвар чунин амалро нисбати вай роҳандозӣ нанамояд. Аз ҷумла, моҳи сентябри соли 2017 Вазорати адлияи ИМА аз Телевизиони «RT America» (як бахши «Russia Today») талаб намуд, ҳамчун «агенти хориҷӣ» сабти ном шавад, вагарна фаъолияти он дар қаламрави кишвар қатъ карда мешавад.

Қонуни мазкур соли 1938 барои муқобилият ба тарғиботи фашистӣ ва пахши дурӯғ дар ИМА қабул шудааст. Он аз расонаҳои хориҷӣ талаб менамояд, ки худро ба ҳайси «агенти хориҷӣ» сабти ном кунанд.

Ҳамин иқдом буд, ки Телевизиони «Russia Today» (RT) маҷбур шуд, 13-уми ноябри соли 2017 худро дар Вазорати адлияи ИМА ба ҳайси «агенти хориҷӣ» сабти ном кунад.

Ҷониби Русия зидди ин рафтори ИМА аксуламал нишон дод. 25 ноябри соли 2017 президенти Федератсияи Россия Владимир Путин тағйироту иловаҳоро ба моддаҳои 10-4 ва 15-3-и Қонуни ФР «Дар бораи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот» ва моддаи 6-уми Қонуни ФР «Дар бораи васоити ахбори омма» имзо кард [15]. Тағйироти мазкур мақоми агенти хориҷиро барои ВАО муайян мекунад.

Акнун расонаҳои хориҷӣ бояд дар бораи сармоягузории худ ҳисоботи муфассал дода, ҳангоми нашри матлаб ишора кунанд, ки онро “агенти хориҷӣ” таҳия кардааст.

Қаблан Вазорати адлияи Федератсияи Русия расонаҳои америкоиро, аз қабили «Садои Амрико», «Радиои «Озодӣ», «Кавказ. Реалии», «Крым. Реалии», «Сибирь. Реалии», «IdeL. Реалии» ва Шабакаи телевизионии «Настоящее время»-ро огоҳ карда буд, ки онҳо агенти хориҷӣ хоҳанд шуд [11].

Дар ҳамин ҳол дар Тоҷикистон Радиои «Озодӣ» озодона ба ҷанги иттилоотӣ нисбати кишвари мо машғул аст. Имрӯз Радиои «Озодӣ» аз технологияҳои иттилоотии муосир васеъ истифода мебарад ва дар Тоҷикистон ҳамто ва рақиби арзанда надорад. Ба қавли мудири бахши тоҷикии Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» Соҷидаи Мирзо (С. Ҷаъфарова) миссия ё худ вазифаи аслии Радио дар тӯли шаст сол тағйир наёфтааст. Ӯ мегӯяд: «… мо ҳоло аз фанноварихои муосир бештар аз дигарон истифода мебарем ва метавонем миссияи худро тавасссути ин платформаҳо (Интернет, видео, телефонҳои мобил, телевизионҳои моҳворавӣ) низ анҷом бидиҳем. Вазъи мо имрӯз беҳтар аз дигар расонаҳои хабарии Тоҷикистон аст» [12].

Воқеан, нашрияи «Нигоҳ» аввали соли 2016 дар як нигоштааш аз ин яккатозии Радиои «Озодӣ» изҳори нигаронӣ карда навишта буд, ки он фазои иттилоотии Тоҷикистонро таҳти назорати худ дорад ва ин ба амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ хатарзо аст. Радиои «Озодӣ» «… беш аз 70 дарсади бозори истеҳсолу паҳн кардани ахбори Тоҷикистонро зери контрол дорад. Амалан, сухан аз зери по кардани Консепсияи амнияти иттилоотии Тоҷикистон ва қонунгузории зиддиинҳисории Тоҷикистону худи ИМА меравад, аммо Вазорати фарҳанг ва масъулини дигари ҳукумат инро нодида мегиранд ё донишу салоҳияташон барои дарки ин равандҳо кифоя нест» [3].

А Д А Б И Ё Т

1. Варақаи иттилоотӣ оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаш моҳи соли 2017:/ Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2014-2017.- URL: http://www.vfarhang.tj/index.php?view=press_service&link=varakahoi_ittilooti (Дата обращения: 16.10.2017).
2. Ду ҷинс дар як ҷисм – зиндагии дугонаи Сапеда:/ RFE/RL, Inc 2007-2017. - URL: https://www.ozodi.org/a/life-of-a-bisexual-in-tajikistan-/28864914.html (Дата обращения: 20.11.2017).

3. Зарба ба «чашму гӯши халқ»//Нигоҳ. - 2016 .- 27 январ. - №43 (476).
4. Интиқоди Тоҷикистон барои таҳияи феҳрасти ҳамҷинсгароён:/ RFE/RL, Inc 2007-2017. - URL: https://www.ozodi.org/a/28857565.html (Дата обращения: 16.11.2017).
5. “Мы просто хотим быть теми, кто мы есть!”:/ IPHR 2017. - URL: http://iphronline.org/wp-content/uploads/2017/06/LGBT-ru-for-web.pdf (Дата обращения: 27.11.2017).
6. Муким Дж. Радио «Свобода»: ложь и правда. Монография / Дж.Муким. - Душанбе, 2005. - 180 с.
7. Муқимов М. А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М.А. Муқимов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. - №4/2. - С. 266.-271.
8. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. Монография / Ҷовид Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2006. - 71 с.
9. Навори ҷанҷолбарангез ба мактаби 44-и Душанбе рабт надорад:/ RFE/RL, Inc 2007-2017. - URL: http://www.ozodi.org/articleprintview/24840603.html (Дата обращения: 17.01.2013).
10. Примерная статистика сайта www.ozodi.org (аналитические данные):/ PR-CY. 2006-2017. - URL: http://pr-cy.ru/site-statistics/ (Дата обращения: 21.11.2017).
11. Путин подписал поправки в закон о статусе иностранного агента для СМИ:/ МИА «Россия сегодня». - URL: https://ria.ru/society/20171125/1509591419.html?referrer_block=index_most_popular_1 (Дата обращения: 25.11.2017).
12. Радиои Озодӣ 60-сола шуд:/ RFE/RL, Inc 2007-2017.- URL: http://www.ozodi.org/content/tajik-service-of-rferl-celebrates-60-years-on-air/24932256.html (Дата обращения: 13.03.2013).
13. Радио Таджикистана - радиостанции и компании:/ Энциклопедия AMD. 2017. - URL: http://life.ansor.info/radio_tajikistan/ (Дата обращения: 26.10.2017).
14. Суҳбати ихтисосии Адолати Мирзо бо президенти Радиои Аврупои Озод - Радиои Озодӣ Ҷеф Гедмин //Миллат. - 2010.-14 апрел.
15. Федеральный закон от 25.11.2017 № 327-ФЗ "О внесении изменений в статьи 10-4 и 15-3 Федерального закона "Об информации, информационных технологиях и о защите информации" и статью 6 Закона Российской Федерации "О средствах массовой информации":/ Официальный интернет-портал правовой информации. 2005-2017. - URL: http://publication.pravo.gov.ru/Document/View/0001201711250002?index=0&rangeSize=1/ (Дата обращения: 28.11.2017).
16. Ҳамҷинсгароёни тоҷик мехоҳанд, дар хориҷа паноҳ ёбанд:/ RFE/RL, Inc 2007-2017. - URL: http://www.ozodi.tj/content/tajik-lgbt-want-to-find-ways-for-asylim-in-the-west/26961668.html (Дата обращения: 16.04.2015).
17. Ҳамҷинсгароён дар Тоҷикистон: Зиндагии дугуна ва пур аз озор:/ RFE/RL, Inc 2007-2017.- URL: https://www.ozodi.org/a/tajiks-homosexuals-rights-abuse-torture-asia/28648888.html (Дата обращения: 30.07.2017).
18. Ҳамҷинсгароён дар феҳристи "гурӯҳҳои осебпазир"-и Тоҷикистон:/ RFE/RL, Inc 2007-2017.- URL: https://www.ozodi.org/a/homosexual-in-tajikistan/28799575.html (Дата обращения: 17.10.2017).
19. Human Rights First: Тоҷикистон набояд ба Чеченистони дуюм табдил шавад:/ RFE/RL, Inc 2007-2017. - URL: https://www.ozodi.org/a/28803825.html (Дата обращения: 19.10.2017).
20. RFE/RL: One Billion Video Views In 2017 – And Counting.):/ RFE/RL, Inc 2007-2017. - URL: https://pressroom.rferl.org/a/28765102.html (Дата обращения: 24.10.2017).

НАҚШИ РАДИОИ «ОЗОДӢ» ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола нақши Радиои «Озодӣ» ва сомонаи он дар фазои иттилоотии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Бино ба маълумоти донишномаи AMD Радиои «Озодӣ» дар Тоҷикистон аз рӯйи рейтинг баъди Радиои «Садои Душанбе» дар ҷойи дуюм қарор дорад. Ба навиштаи рӯзномаи «Нигоҳ» Радиои «Озодӣ» 70 дарсади фазои иттилоотии ҷумҳуриро таҳти назорати худ дорад. Радиои «Озодӣ» дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ маъруф аст. 13 сентябри соли 2017 теъдоди бинандаҳои видеои ин расона ба як миллиард нафар расид. Аз ҷумла, тамошобинони видеои бахши тоҷикӣ («Озодивидео») дар моҳҳои январ-августи соли 2017 дар Ютуб 59,392,884 нафарро ташкил дод. Радиои «Озодӣ» солҳои охир сиёсати пахши барномаҳояшро нисбати Тоҷикистон дигар намуда, камтар дар мавзӯъҳои сиёсӣ ҳангомаҷӯй мекунад. Муаллиф бо мисолҳои мушаххас мегӯяд, ки баъзе барномаҳои радиои мазкур амалҳои номатлубро дар Тоҷикистон тарғиб менамояд, ки ба коҳиш додани ахлоқии суннатии ҷомеа равона шудаанд. Масалан, расонаи мазкур солҳои охир мавзӯи ҳамҷинсгароёнро дар Тоҷикистон бардошта, онро як амали табиӣ ва маъмулӣ арзёбӣ мекунад. Аз ҷумла, танҳо дар моҳҳои октябру ноябри соли 2017 дар Радиои «Озодӣ» оид ба ин мавзӯъ 4 матлаб пахш шудааст. Дар мақола суханони президенти собиқи Радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ» Ҷеф Гедмин ва мудири бахши тоҷикии Радиои «Озодӣ» Соҷидаи Мирзо оварда шудаанд, ки мегӯянд вазифаи аслии радио дар тӯли шаст сол тағйир наёфтааст. Аз ин мебарояд, ки Радиои «Озодӣ» ҳанӯз ҳам нисбати Тоҷикистон ҷанги иттилоотӣ мебарад.

Калидвожаҳо: «Радиои «Озодӣ», Радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ», «Нигоҳ», RT, ҷанги иттилоотӣ, ИМА, Тоҷикистон, Русия.

РОЛЬ РАДИО «СВОБОДА» В ИНФОРМАЦИОННОМ ПРОСТРАНСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА

В статье анализируется роль Радио «Свобода» и ее веб-сайта в информационном пространстве Таджикистана. По сведению энциклопедии, AMD Радио «Свобода» в Таджикистане по рейтингу популярности занимает второе место после Радио «Садои Душанбе». Как пишет газета «Нигох», Радио «Свобода» контролирует 70 процентов информационного пространства республики. Радио «Свобода2 также популярна в социальных сетях. Например, 13 сентября 2017 года количество зрителей ее видео достигло миллиарда человек. В том числе количество зрителей видео таджикской службы («Озодивидео») в январе-августе 2017 года в Ютубе составляло 59 392 884 человека. Радио «Свобода» в последние годы изменило свою политику вещания в отношении Таджикистана и меньше занимается сенсацией политических тем. Автор, ссылаясь на конкретные примеры, подчеркивает, что некоторые радиопрограммы направлены на разрушение традиционной морали в обществе. К примеру, радио в последние годы часто освещает тему гомосексуализма в Таджикистане. В том числе, только в октябре и ноябре 2017 года эта тема было освещена в таджикской службе Радио «Свобода» четыре раза. По словам бывшего президента Радио «Свободная Европа»/Радио «Свобода» Джеффа Гедмина и главы таджикской службы

Радио «Свобода» Соджидаи Мирзо основная задача радио за 60 лет существования не изменилась. Из этого следует, что Радио «Свобода» до сих пор ведет информационную войну против Таджикистана.
Ключевые слова: Радио «Свобода», Радио «Свободная Европа»/Радио «Свобода», «Нигох», RT, информационная война, США, Таджикистан, Россия.

THE ROLE OF RADIO "LIBERTY" IN THE INFORMATION SPACE OF TAJIKISTAN

The article analyzes the role of Radio Liberty and its website in the information space of Tajikistan. According to the encyclopedia AMD Radio "Freedom" in Tajikistan is ranked second by popularity rating after Radio "Sadoi Dushanbe". As the newspaper Nigoh writes, Radio Liberty controls 70 percent of the information space of the republic. Radio Liberty is also popular in social networks. For example, on September 13, 2017, the number of viewers of her video reached one billion people. Including the number of viewers of the video of the Tajik service ("Ozodivideo") in January-August of 2017 in Yutoub made 59,392,884 people. Radio Liberty has changed its broadcasting policy towards Tajikistan in recent years and is less concerned with the sensation of political topics. The author, referring to specific examples, emphasizes that some radio programs are aimed at the destruction of traditional morality in society. For example, the radio in recent years often highlights the topic of homosexuality in Tajikistan. Including, only in October and November 2017 this topic was covered four times in the Tajik service of Radio Liberty. According to former president of Radio Free Europe / Radio Liberty Jeff Gedmin and head of the Tajik service of Radio Liberty Sogidai Mirzo, the main task of radio for 60 years of existence has not changed. It follows that Radio Liberty is still conducting an information war against Tajikistan.
Key words: Radio Liberty, Radio Free Europe/ Radio Liberty, Nigoh, RT, Information Warfare, USA, Tajikistan, Russia.

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich*** - Tajik National University, Dr. of Science (Philology Science), Professor of the Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

УДК: 654.19 (075.8)

СВОЕОБРАЗИЕ ЖАНРОВ НА КЫРГЫЗСКОМ РАДИО (на примере радиопередач 1970-х годов)

Султанова Ж.О.
Кыргызско-Российский (Славянский) университет им. Б.Н. Ельцина

Кыргызское радио, особенно в советский период, не было столь уж разножанровым, но в рамках своего развития с каждым годом обретало всё новые формы, которые становились довольно устойчивыми. Одним из самых показательных этапов работы кыргызского радио в советский период были 1970-е годы, которые укрепили традиции кыргызского радио, обогатили его жанровый состав. Ведь «радио во всем богатстве и разнообразии его продукции, можно классифицировать по ряду устоявшихся формальных признаков, разделить по принадлежности к тому или иному жанру. Теория жанров постоянно находится в развитии, видоизменяясь, происходит становление, развитие новых и отмирание старых жанров, впрочем, это не означает, что жанровое деление творчества радиожурналиста есть бессмысленное теоретизирование. В адекватном понимании природы того или иного жанра заложен потенциал реализации творческого развития. Понимание же неразрывно связано со знанием» [1].

Мы считаем, что для исследования жанровых особенностей недостаточно ограничиться перечислением тех или иных жанров на радио, необходимо углубиться и привести конкретные примеры радиопрограмм, представляющих те или иные жанры.

Особенным статусом на радио в 1970-е годы пользовалась радиокомпозиция, так как она «…включает в себя разнофактурные компоненты: литературный материал, музыку, звуковые документы и другие, объединяемые темой, автором или ведущим» [10].

Документальная радиокомпозиция «Өчпөс оттор» («Вечные огни») [2] посвящена празднику Великой Победы в Великой Отечественной войне 1941-1945 гг. Данный тип радиокомпозиции близок к радиоочерку или радиорассказу, но его отличие состоит в том, что текст журналиста в нём занимает лишь незначительное место и время, сосредоточивая внимание аудитории не на словах автора передачи, а на документальных записях, из которых складывается ее своеобразный сюжет и композиция [2]. Документальная радиокомпозиция по своим структурным и художественным характеристикам может приближаться и к документальной драме в том случае, когда она включает документы или какие-либо литературные материалы, разыгрываемые актерами, стоит подчеркнуть, что речь идет не о подмене подлинных реалий жизни вымышленными сюжетами, а лишь о способе донесения их до аудитории [2]. В приведенном примере «Өчпөс оттор» ведущие представляют вниманию

аудитории яркие, радужные картины того, как женщины с детьми возлагают цветы к Вечному огню, к памятнику неизвестному солдату. Также медленно идут на костылях люди старшего поколения, ветераны, положившие свою молодость, силы на алтарь победы. И всё ради того, чтобы настал этот долгожданный день: день Победы. В качестве музыкальной иллюстрации событий тех дней выступает патриотическая песня периода Великой Отечественной войны поэта В.И. Лебедева-Кумача и руководителя Краснознаменного ансамбля песни и пляски Красной Армии СССР, композитора А.В. Александрова под названием «Священная война». Она стала гимном защиты Отечества от фашистских захватчиков. Материал выстроен блоками, которые отделяются друг от друга музыкальными перебивками. Так данная радиокомпозиция состоит как из отдаленных горьких философских рассуждений о войне, так и непосредственно из радостных повествований о праздничных традициях, сопровождающихся торжественными песнями, описывающими то, как народ не желает войны, стремясь к миру и свету, работая во благо большой страны. Воспитательный момент передается через конкретные образы, когда бабушка призывает своего внука почтить память дедушки, погибшего на поле боя. Памятники, как живые, демонстрируют решимость, смелость и смекалку советских солдат, которые они проявляли в сражениях. Подойдя к постаменту, мама в одной руке сжимает цветы, другой держит за руку своего маленького ребенка, который поражается грозному виду памятника. Эти яркие образы из жизни обычных людей послевоенного времени, которые не должны предавать забвению подвиг старшего поколения, дополняя друг друга, создают целостную картину данной передачи. По нашему мнению, правильно пишет В.В. Смирнов: «Основу радиокомпозиции составляет органичный сплав документального и художественного материала, его внутренняя архитектоническая соподчиненность всех фрагментов с целью наиболее полного, яркого раскрытия темы. Публицистичность и художественность в хорошей радиокомпозиции составляют целое. Документальные тексты несут частично и художественную нагрузку, а художественные – публицистическую» [7]. В этом контексте в следующем блоке программы ведущая ведёт речь о времени года, о весне, которая всегда и во всём приносит обновление. И подчёркивается особое значение 1977 года как года шестидесятой годовщины Великой Октябрьской революции и, в частности, его весны в качестве тридцать второй годовщины победы в ВОВ. Далее предлагается прослушать стихотворения, отрывки из произведений, песни, посвященные 9 мая, теме мира, свободы от зла, ненависти и войны. Очередной блок даёт небольшую историческую справку о переломных моментах войны, когда силы начали оказываться на стороне советской армии. Здесь факты подкрепляются воспоминаниями ветерана ВОВ, участника штурма Берлина, прошедшего всю войну с начала и до конца, являвшегося тогда командиром миномётной роты Аширбека Бейшекеева - Жигиталинова. Подытоживается радиокомпозиция тем, что молодые неопытные юноши и девушки со всех уголков СССР после короткой подготовки отправлялись на страшные бои с фашистскими оккупантами. Они сначала самозабвенно защищали свою родину, а по окончании войны искали своих боевых товарищей, с которыми их породнила война. Главный вывод, который должен сделать слушатель, – легко сейчас говорить о войне, когда над головой мирное небо, важно не забывать и с благодарностью чтить всё то, что сделали люди в своё время ради Победы.

Интервью является одним из самых характерных для радио жанров, поскольку диалог – это основополагающий элемент звучащей речи. При этом разговор может носить различный характер, быть посвящён различным темам, но принцип его построения остаётся неизменным – обмен информацией путём вступления в беседу. При этом «специфика радиоинтервью заключается в том, что корреспондент записывает материал на диктофон или передает его сразу в эфир. Это живой, звучащий разговор. <…>. Радиоинтервью, передающее живые голоса участников разговора, более документально, эмоционально. Журналист в нем – посредник между носителем информации и аудиторией. И посредник активный, творческий. Работа над радиоинтервью требует большой подготовки и профессионального мастерства, особенно если передача идет в прямом эфире. Структурно радиоинтервью состоит из трех частей: небольшого вступления, основной части и заключения» [6].

Портретное радиоинтервью аналитического характера под названием «Менин көрктүү кош канатым» («Мои красивые крылья») [4] посвящена творчеству народного артиста Кыргызской ССР композитора Жумамүдүна Шералиева. Ведёт эту беседу Тенти Орокчиев. Вначале передачи журналист вспоминает то, как и при каких обстоятельствах он видел композитора, кратко вводит слушателя в курс его творческой биографии, упоминая некоторые ключевые факты. Затем Т. Орокчиев поспешно просит аудиторию прослушать беседу, состоявшуюся между ним и героем данной передачи. И слово «беседа» здесь выступает скорее в обозначении разговора, а не жанра журналистики, поскольку журналиста и его визави нельзя назвать равноправными участниками коммуникативного процесса. Начав повествование с того,

как, где он вырос, начал учиться, поведав историю своей семьи, Ж. Шералиев переходит к рассказу о том, как в нём проснулся интерес к музыке, что дало толчок для развития его творческих способностей в этом направлении. Продолжая анализировать свою творческую жизнь, Ж. Шералиев вспоминает, как его просили написать музыку к стихам Токтогула Сатылганова. Говоря о своем произведении «Узатуу белегим» («Прощальный подарок»), герой подчёркивает, что в годы Великой Отечественной войны написал не только музыку, но и слова этой песни. В этот же момент без всяких словесных реверансов звучит песня, о которой велась речь. После музыкальной вставки журналист пытается направить ход интервью в новое русло, но Ж. Шералиев, перебивая его, говорит о том, что он не полностью ответил ещё на первый заданный вопрос. В этом моменте можно увидеть то, что в этом случае Т. Орокчиев не имеет контроля над интервью - прошло уже 26 минут интервью, а задан лишь один вопрос, и всё это время журналист лишь покорно слушал и поддакивал своему многословному герою. Ведь не зря говорят о том, что журналиста всегда «…подстерегает опасность попасть под воздействие авторитета, обаяние личности своего героя, и эта комплиментарная атмосфера общения может повлиять на содержание вопросов. Здесь от журналиста требуются некоторый психологический настрой, усилие, направленное на преодоление этого стереотипа. Ведь в конечном счете острота и глубина вопросов помогают лучше раскрыться личности, глубже проникнуть в существо проблемы. А главное – она будет с одобрением воспринята слушателями. Каждым вопросом журналист поворачивает разговор другой гранью» [7]. Именно в ловушке обаяния и авторитета Жумамүдүна Шералиева оказался Тенти Орокчиев. Его опыт и знания позволяют свернуть разговор в нужное ему русло, но глубокое уважение и почтение к композитору не дают пойти наперекор. В этом проявляется зависимость процесса общения, а как следствие, и конечного результата, то есть непосредственного журналистского произведения от национальных традиций. Ж. Шералиев является старшим товарищем Т. Орокчиева, они оба представители творческой братии, а поскольку разговор имел произвольную форму, то возразить что-то своему герою журналист не смел. Но впоследствии открыто сказав о том, что беседа сдвинулась с намеченной траектории, Т. Орокчиев всё же смог задать интересующие его вопросы. Дальше последовало исполнение ещё одной его песни в качестве музыкальной вставки. После этого журналист полностью берёт инициативу в свои руки, начинает описывать то, как Ж. Шералиев переходит от слов к действию - направляться к своему пианино. И радиоинтервью переход в радиозарисовку, которая содержит то, как выглядит комната композитора, какой там вид из окна. После этого в эфир пускают запись песни Шералиева. В завершении радиопередачи речь заходит об увлечениях героя, о том, какие книги он читает на досуге, что делает. Таким образом, портрет известного композитора перед слушателями оказывается написанным во всех красках, во всех подробностях.

Передача из литературного цикла народов СССР под названием «Улуу Дабан» («Великая гора») [3] посвящена жизни и творчеству, национальной гордости казахского народа, основоположника казахской советской литературы, видного государственного и общественного деятеля, автора первой революционной пьесы «Кызыл шумкарлар» («Красные соколы») Сакена Сейфулинна. Автор очерка Рахима Сыдыкова. Создатели передачи находят правильным начать портретный радиоочерк с характеристики, данной С. Сейфулинну, так как он являлся членом партии. Характеристика эта положительная, говорит о герое как об ответственном патриоте партии, ратующем за общее дело. Ведущий излагает основные вехи биографии писателя, начиная с истории его отца, который хоть и был потомком богатого рода, но сам богатством похвастаться не мог. Но был достаточно талантливым, музыкально одаренным. Рассказывая о том, как в детстве жил С. Сейфуллин, как был устроен его быт, ведущий делает акцент на вещах, которые формировали его как личность, просвещали и развивали юношу. Элемент живой картинки привносят вставки разговорной речи, к примеру, отца Сейфуллы со своим сыном Сакеном, обращение к окружающим. Подобные вставки представляют собой зарисовки из жизни С. Сейфулинна, они призваны отразить все нюансы жизни и формирования великого казахского поэта и писателя. И в этом случае доказывается утверждение о том, что «радиоочерк – синтетический жанр, он часто включает в себя элементы других жанров: интервью, зарисовки, репортажа. Это объясняется его полифункциональностью, использованием разных методов для решения сложной задачи. Но это не значит, что все элементы составляют агломерат, механическое соединение разнообразного материала. Напротив, они должны органично входить в радиоочерк, подчиняться его главной задаче, “облучаться” ею» [7]. Шумы, фон, на котором разворачиваются события из жизни С. Сейфуллина создают явный, неоспоримый «эффект присутствия», вносящий свежие краски в разносторонне подаваемый портрет великого писателя. В рамках биографической программы живут различные радиокомпозиции, состоящие из различных фрагментов. Ближе к середине передачи роль радиокомпозиции настолько возрастает, что структура материала на глазах меняется: если изначально композиционные этюды были вспомогательным элементом повествования

ведущего, то теперь, скорее, наоборот, – ведущий переходит к комментированию художественных фрагментов. Передаются мысли, которыми делился писатель, мнения других писателей о его жизни и творчестве. Среди них был современник, соратник, народный поэт Киргизии, Герой Социалистического труда Аалы Токомбаев. Жизненный путь Сейфуллина был непрост, перед ним не раз вставал нелегкий идеологический, и в то же время, практический судьбоносный выбор. С. Сейфуллин был в курсе чаяний народа, знал обо всех тяготах жизни. Не обходил стороной и соседние республики, любил воспевать в своих стихах природу Киргизии. С. Сейфулинна считают флагманом революционного движения в литературном мире. Но, однако, в 1938 году его арестовывают как «буржуазного националиста» и расстреливают 28 февраля 1939 года в застенках Алма-Атинского НКВД.

Создание звуковой «картинки», которая способна рассказать слушателям о человеке, каком-то месте «в действии», несколькими крупными штрихами показать всю палитру эмоциональных красок, носит название радиозарисовки. Это малый по форме, но ёмкий по содержанию документально-художественный жанр.

Радиопередача под названием «Кыргыз сахнасынын мастери, көркөм окуунун чебери, СССРдин эл артисткасы – биздин Даркүл» («Мастер кыргызской сцены, искусница художественного чтения, народная артистка СССР – наша Даркүл) [5] – это портретная радиозарисовка о великой актрисе Даркүл Күйүковой. Радиопередача сделана с элементами беседы с самой актрисой и приурочена к её юбилею. Эта сложная радиозарисовка также включает в себя фрагментарные радиокомпозиции. В ней приняли участие актёры Кыргызского драматического театра, режиссёром выступил Турсун Уралиев, звукорежиссёром, – Болот Насыров, редактором - Иман Алдеев. Передача начинается с нескольких коротких повествовательных штрихов, взятых из театральной жизни, ролей актрисы. Они способны дать слушателю первые представления о Д. Күйүковой. Ведь «радиозарисовку называют малой формой очерка. Это своего рода звуковой эскиз, небольшой набросок, этюд к очерку. Функция зарисовки – дать слушателям яркое представление о человеке, каком-нибудь городе, историческом месте. Предмет – отдельные страницы, характерный эпизод, ситуация, выбранные из многочисленных фактов о герое» [7]. Элемент очерковости проявляется в этой передаче за счёт стирания границ пространства и времени, вопросы героине задаются не напрямую, а с использованием ярких образов, с обращением к воспоминаниям и словам других великих людей. К примеру, затрагивая тему юбилея актрисы, журналист рассказывает о разговоре, состоявшемся когда-то между Великим манасчи Саякбаем Каралаевым и известным поэтом Райканом Шүкүрбековым. Р. Шүкүрбеков спросил у С. Каралаева: «Сколько помню, Вы всегда были бравым, всегда на коне, сейчас Вам шестьдесят. Как ни крути, Вы тоже постарели…». На это манасчи отвечает с юмором то, что есть ещё порох в пороховницах, а сил всегда будет придавать советский народ, говорит: «Райкан, человек, любящий свою работу, никогда не стареет». Таким образом, обращаясь к Д. Күйүковой, ведущий подчёркивает, что она большая труженица, без устали работавшая над созданием незабываемых образов кыргызского сценического искусства и кино. При этом журналисту важно эмоционально расположить к себе собеседницу, для этого он с прибаутками рассказывая ей короткие истории, старается её рассмешить, настроить на позитивную волну. Это обязательное условие для радиобеседы, которая является жанром «… живого разговорного общения. Она подразумевает особый психологический контакт восприятия текста на слух. И это определяет особенности речевого общения выступающего в студии - с микрофоном (с воображаемым слушателем), слушателя - с радиоприемником (условия прослушивания передач). Человек, сидящий в студии, должен хорошо представлять своих предполагаемых слушателей и обращаться именно к ним. Формы такого обращения могут быть самыми разными: от простого приветствия до вопросов, которые могли бы задать слушатели. Важны заинтересованный тон, эмоциональность изложения» [7]. А собственно беседу ведущий предлагает начать с разговора о первых шагах актрисы в театре. Здесь же даётся зарисовка, в которой от первого лица описывается то, как театральный режиссёр Отунчу Сарбагышев впервые видит в фойе театра совсем ещё молодую девочку Даркүл Күйүкову, которая не имеет ни малейшего представления о том, кто он такой и после непродолжительного разговора с ним выносит ему вердикт, что актёром ему не быть, напоследок выгнав его на улицу, прочь из театра. А он, в свою очередь, разглядел в ней безусловный талант и тут же обратился к директору театра с просьбой пригласить её для беседы на следующий день. В продолжении беседы Д. Күйүкова берёт бразды правления в свои руки, делясь своими собственными впечатлениями о театре, об огромной роли, которую сыграл в её жизни «выгнанный» ею режиссер О. Сарбагышев. В беседу гармонично вплетаются музыкально-театральные вставки, создающие многоплановые художественные образы, которыми радовала актриса своих почитателей. Все её роли, этапы творчества, различные случаи из жизни демонстрируются с помощью ярких зарисовок-мнений тех, кто с ней когда-

либо работал. И на эти «картинки», которые «видит» перед собой слушатель, ведущий хочет получить комментарии из первых уст. Завершая передачу круговым реверансом в сторону слов Саякбая Каралаева, которыми она начиналась, ведущий говорит, что там, где есть труд, есть молодость, а там, где молодость – там энергия. И все эти слова можно отнести к Д. Күйүковой.

Изучив все вышепредставленные радиопередачи, мы можем сделать вывод, что очерки, интервью, беседы, зарисовки, радиокомпозиции, относящиеся к развитию культурного направления, стали довольно мощным инструментом для манипулирования сознанием людей. Продиктованное благими намерениями стремление найти свои корни, потребность в национальной самоидентификации внутри своей республики, своего языка, стало основополагающим.

В случае с Кыргызстаном это послужило началом осуществления разнопланового «самоанализа» через исторические экскурсы в особенности устного народного творчества, литературы, театра, музыки, искусства в целом. Самым очевидным примером может служить то, что «Кыргыз Радиосу» сделала путеводной звездой этого направления, всемирно известный героический эпос «Манас» - «подлинно эпическое произведение, где в широком плане отображены не только история, но и все стороны жизни кыргызского народа: его этнический состав, хозяйство, быт, обычаи, нравы, эстетические вкусы, этические нормы, суждения о человеческих достоинствах и пороках, представления об окружающей природе, религиозные понятия, медицинские, географические и другие знания. В нем нашли яркое отражение поэтика и язык народа. “Манас” по праву называют “энциклопедией жизни кыргызского народа”» [9]. Плавно переходя от устного народного творчества к профессиональной письменной литературе, на радио начинают популяризировать художественные чтения и разного рода инсценировки, что, как уже отмечалось, служит слиянию литературы и театра. Подтверждением этого факта является то, что «…адаптация литературных текстов на радио во многих случаях включала в себя не только изменение их структуры для наилучшего восприятия на слух, но и придание им таких черт устной словесности, которые соответствуют речевому этикету трибунно-митингового обращения к аудитории; иначе говоря, переработка текстов шла с учётом не просто слухового, но коллективного восприятия радиосообщения» [8]. А познавательные беседы об искусстве и разговоры на околокультурные темы становятся флагманом нового этапа развития радио в этой сфере.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Жанры радиопередач. Studbooks.net [Электронный ресурс]. URL: http://studbooks.net/726502/zhurnalistika/zhanry_radioperedach (дата обращения 05. 12.2017)
2. Кыргыз Радиосу. – 1977. − №3995.
3. Кыргыз Радиосу. – 1978. − №4293.
4. Кыргыз Радиосу. – 1978. − №537.
5. Кыргыз Радиосу. – 1979. − №531.
6. Радиоинтервью. Помощничек [Электронный ресурс]. URL: http://mykonspekts.ru/1-74018.html (дата обращения 24. 10.2017)
7. Смирнов В.В. Жанры радиожурналистики [Электронный ресурс]. URL: http://evartist.narod.ru/text9/40.htm (дата обращения 09.09.2016)
8. Шерель А. А. Радиоискусство: Проблемы истории и теории 1922-1941 гг: автореф. … дис кандидата филол. наук. – М., 1995. Человек и наука [Электронный ресурс] URL: http://cheloveknauka.com/radioiskusstvo-problemy-istorii-i-teorii-1922-1941-gg#ixzz3dHvlWqOd (дата обращения 18. 02.2017)
9. FullHistoria. Эпос «Манас» - вершина устного народного творчества, энциклопедия жизни кыргызов. [Электронный ресурс]. URL: http://www.fullhistoria.ru/istorias-232-1.html (дата обращения 25.02.2017)
10. TextFighter [Электронный ресурс]. URL: http://www.textfighter.org/text5/49_veschaniya_zhanrov_formyi_19.php (дата обращения 09.12.2016)

ТАШАККУЛИ ЖАНРҲОИ РАДИОИИ КИРҒИЗИСТОН

(дар мисоли барномаҳои радиоии солҳои 70-ум)

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои хоссаи радиоҳои Қирғизистон дар солҳои 70-уми қарни XX мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муҳаққиқон ин даврароа замони рушди устувори радиои Қирғизистон унвон кардаанд. Дар мақола вазифаҳои радиои Қирғизистон дар даврони мавриди назар таҳлил шудааст. Муаллифи мақола мақмӯи барномаҳои пешрафтаи аввалин пахшҳои радиои Қирғизистон, раванди тағйирёбии онҳоро дар солҳои 70-ум баррасӣ менамояд. Тадқиқоти мазкур дар асоси омӯзиши жанрҳои мухталифи рӯзноманигорӣ дар мисоли барномаҳои махсуси радио ба анҷом расонида шудааст. Мавзӯи тадқиқоти ин мақола дар ин рӯзҳо хеле муҳим буда, он асосан ба таърих ва хусусиятҳои васоити ахбори оммаи Қирғизистон бахшида шуда, ба маводи воқеии таърихӣ вобаста карда шудааст. Дар ин мақола на танҳо ба масъалаҳои назарӣ ва илмии мавзӯъ, балки ба санадҳои воқеии мавзӯи тадқиқотӣ шинос хоҳед шуд. Ин мақола шуморо бо аввалин жанрҳои рӯзноманигорӣ, арзишҳои миллию фарҳангии одамон дар солҳои 60-70-уми қарни XX, ҷараёни ташаккули ҷомеа ва рӯзноманигорӣ дар солҳои 70-уми асри XX ва давраи таъсис ва қабули анъанаҳои радиои Қирғизистон шинос менамояд. Як равиши асосии мақола барои омӯзиши на танҳо нуқтаҳои радиои маҳаллӣ ба забони қирғизӣ, балки нақши онҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар, ҳамчун маркази дигари семантикии иловагӣ нишон медиҳад. Дар ин ҷо пайдоиши жанрҳои

гуногуни радиоҳои қирғизистон нишон дода шудааст. Натиҷаҳое, ки дар мақола зикр шудаанд, ба таври қатъӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: рӯзноманигорӣ, Радиои Қирғизистон, навъҳои радио, радиошунавонӣ, таърихи васоити ахбори омма, Қирғизистон.

СВОЕОБРАЗИЕ ЖАНРОВ НА КЫРГЫЗСКОМ РАДИО

(на примере радиопередач 1970-х годов)

Данная статья изучает особенности жанрового состава на кыргызском радио в 1970-е годы. Это период стабильного развития «Кыргыз радиосу». В ней анализируются формы работы кыргызскоязычного радио. Рассмотрены ведущие программы первой кыргызскоязычной радиостанции «Кыргыз радиосу», процесс их трансформации в 1970-е годы. В основе работы лежат исследования различных жанров журналистики на примере конкретных радиопрограмм. Тема, предмет исследования этой статьи являются актуальными, поскольку на сегодняшний день история и особенности кыргызскоязычных СМИ в общем и их жанров в частности малоизученны. Исследование полностью основано на реальном практическом материале. Немаловажно ознакомиться именно с конкретными материалами радио, а не только рассматривать теоретическую сторону вопроса. Благодаря этому можно не только изучить жанры журналистики, но и постараться узнать и понять, чем жили люди, как было устроено общество и журналистика в непонятные и далекие для молодого поколения 70-е годы XX века - эпоху становления и утверждения традиций кыргызского радио. Функциональный подход к изучению не только самих радиожанров на киргизском языке, но и роли, которую они выполняют в общественной и политической жизни страны, выявляет у данного исследования ещё один дополнительный смысловой центр. Работа демонстрирует истоки зарождения кыргызскоязычных радиожанров. Результаты, изложенные в статье, скрупулёзно выверены, будут иметь теоретическую и практическую значимость.

Ключевые слова: радиожурналистика; кыргызское радио; жанры на радио; радиопередачи; история СМИ; Кыргызстан; 1970-е годы.

THE SINGULARITY OF GENRES ON THE KYRGYZ RADIO

(on the example of radio programs of the 1970s)

This article examines the peculiarities of the genre composition on the Kyrgyz radio in the 1970s. This is the period of stable development of "the Kyrgyz radio". It analyzes the forms of work of the Kyrgyz-language radio. The leading programs of the first Kyrgyz-language radio station “the Kyrgyz Radio”, the process of their transformation in the 1970s, are considered. The work is based on studies of various genres of journalism on the example of specific radio programs. The subject of research of this article are topical, because today the history and features of Kyrgyz-language media in general, and their genres in particular, are poorly examined. The study is completely based on real practical material. It is important to get acquainted with the specific materials of the radio, and not just consider the theoretical side of the issue. Thanks to this, you can not only study the genres of journalism, but also try to learn and understand how people lived, how society and journalism were organized in the unrecognizable and distant 70s of the 20th century - the era of the establishment and adoption of the traditions of the Kyrgyz radio. A functional approach of studying not only the Kyrgyz language radio genres themselves, but also the role they perform in the public and political life of the country, reveals in this study one additional semantic center. The work demonstrates the origins of the Kyrgyz-speaking radio genres. The results stated in the article are scrupulously reconciled, will have theoretical and practical significance.

Key words: radio journalism; Kyrgyz radio; radio genres; radio programs; media history; Kyrgyzstan; 1970 s.

Сведения об авторе: ***Султанова Жыпар Оморовна*** - Кыргызско-Российский Славянский университет им. Б.Н. Ельцина, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 720000, Кыргызская Республика, г. Бишкек, ул. Киевская, 44. E-mail: **jeep502@inbox.ru.** Телефон: **(+996 312) 66-24-27; (+996) 702-33-22-63**

Information about the author: ***Sultanova Zhypar Omorovna*** - Kyrgyz-Russian Slavic University named after B. N. Yeltsin, Ph.D in Philology, assistant professor of “International journalism” department. **Address:** 720000, Kyrgyz Republic, Bishkek, Kievskaya str. 44. E-mail: **jeep502@inbox.ru.** Tel.: **(+996 312) 66-24-27; (+996) 702-33-22-63**

УДК: 07+891.550

МАЪРИФАТИ ЖУРНАЛИСТ – ГАРАВИ РИОЯИ ОДОБИ КАСБӢ

Рустамова Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маърифат, яъне илму дониш, дарки воқеият ба воситаи ақлу ҳис, шинохти чигунагии олам ва шуурнокӣ аз калимаи шуур – ҳис кардан, дарёфтан, идрок, фаросат, фаҳм сохта шуда, маънии шуурнок будан, шуур доштанро ифода мекунад. Ин ду вожа абзори муҳиммест, ки ҳар як инсон онро бояд ба кор бигирад. Инсони соҳибмаърифат ва бошуур дар ҳама давру замон мавриди ситоиш ва дорои ҷойгоҳу мақоми баланде будааст. Қалам ба даст гирифтан, масъулияти суханро ҳис кардан, бори онро бардоштан кори саҳлу содае нест. Имрӯз ҳар касе метавонад дар васоити ахбори омма чизе бинависад ё бигӯяд, аммо танҳо журналисти касбӣ аст, ки ин корро ба таври бояд анҷом медиҳад.

Бо маърифати замон мусаллаҳ будан, сиёҳро аз сафед фарқ кардан, ростро аз дурӯғ ҷудо карда тавонистан, ба ҳуқуқи инсонҳо эҳтиром гузоштан, ба иззати нафси касе нарасидан, шаъну шарафро паст назадан, ҳақиқатнигориро усули аслии кори худ қарор додан шеваи кори журналисти ҳирфаӣ мебошад. Чаро сари вожаи ҳирфаӣ таъкид

мешавад? Ҳирфаӣ будан, яъне ба кори худ мусаллат будан аст. Яъне журналисте, ки ҷойгоҳи худро медонад, аз назари ҳуқуқӣ низ мусаллаҳ аст, ҳеҷ гоҳ ба нақзи меъёрҳои ахлоқӣ роҳ намедиҳад, ҳақиқатнигорӣ пешаи ӯст. Маърифати касбӣ ба риояи меъёрҳои этикаи касбии журналист пайванди мантиқӣ дорад. Аз ин сабаб, журналистеро, ки меъёрҳои этикаи касбиро дар фаъолияташ риоя мекунад, бомаърифат меҳисобанд. Дар бораи мавзӯи мавриди назари мо муҳаққиқони тоҷик И. Усмонов, А. Саъдуллоев. М. Муродов. М. Мукимов, Ш. Муллоев, С. Гулов, Қ. Шарифзода баъзе ишораҳо доранд. Дар ин бобат муҳаққиқи ҷавон Хушдил Раҳимҷонов, ки бевосита масъалаҳои назария ва таърихи ташаккули меъёрҳои этикиро дар журналистикаи тоҷик мавриди пажуҳиш қарор додааст, андешаҳои ҷолиби илмиро дар монографияи худ бо номи «Этические нормы: теория и практика применения в таджикской журналистике» баён доштааст [4]. Монографияи Х. Раҳимҷонов аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки бори аввал дар журналистикаи тоҷик ин масъалаи муҳимми фаъолияти журналистӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқон Сангин Гулов ва Меҳроб Ҷумъаев дар китоби «Муқаддимаи журналистика» чунин масъулиятро аз назари этикӣ баррасӣ мекунанд: «*Журналист дар кори эҷодии худ озод аст. Бо вуҷуди ин, дар чунин ҳолат озодии касбии эҷоди журналист дараҷаи баланди масъулияти шахсӣ ва масъулияти ахлоқиро тақозо мекунад:*

- *дар назди ҷомеа;*
- *дар назди аудитория – хонандагон, шунавандагон ва бинандагон;*
- *дар назди қаҳрамонони асарҳои журналистӣ;*
- *дар назди ҳайати эҷодие, ки муаллиф аз онҳо намояндагӣ мекунад;*
- *дар назди худ*» [1, с.142-143].

Ин ҳадду меъёрҳои этикии зикршуда, албатта, ҳадди ниҳоӣ нестанд, вале унсурҳои муҳимтарин фаъолияти як журналисти ҳирфаиро бозгӯ мекунанд. Ҳар як инсон бояд, пеш аз ҳама, худро бишиносад, масъулияти худро донад. Ба ин маънӣ, дар назди худ ва ҷомеа масъул будан муҳимтарин ҷанбаи кори журналист аст.

Беэътиноӣ ба қонун, ба тақдири дигарон, туҳмату буҳтон бофтан, низоъ барангехтан ва монанди инҳо усули ғайриахлоқӣ буда, ҳама гуна марзноширосиҳои этикӣ боиси ноҷӯриҳо мегарданд. Бинобар ин, журналистонро зарур аст, ки ғаразҳои шахсӣ ва ё манфиатҳои гурӯҳии худро аз фаъолияти корӣ ҷудо намоянд. Ба хотири ғаразҳо касеро сиёҳ накунанду ба хотири манфиат сиёҳеро сафед нагӯянд.

Ҳар инсоне вобастагиҳои сиёсиву мазҳабӣ, милливу нажодӣ, побандиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дорад. Журналистон ҳам аз ин истисно нестанд. Онҳо пайрави дине, бовармандии сиёсате, намояндаи миллате ҳастанд. Ҳамчунин дар расонае кор мекунанд, ки ҷанбаи иқтисодии зиндагиашон аз он вобаста аст. Инҳо арзишҳое ҳастанд, ки баъзан дасту пойҳоро мебанданд, барои холисонаву мунсифона навиштани мавод пеши роҳро мегиранд. Аммо журналисти ҳирфаӣ, ки дар пеши худу дигарон масъулият ҳис мекунад, ҳеҷ гоҳ аз ҳадди инсоф намегузарад. Ба таври муғризона кореро анҷом додан маънои беэҳтиромӣ ба худро дорад, поймол кардани шаъну шарафи хеш аст. Албатта, журналист дар интихоб ва навиштани матн ва омода сохтани барномаҳои радиову телевизионӣ озод аст. Озодӣ ба он маъно нест, ки ҳар чизе хоҳад, бигӯяд ва ё нависад.

Мо дар кишваре хос, дар иқлим ва шароите хос, дар оғӯши фарҳанг, суннат ва боварҳои хос зиндагӣ мекунем. Ҳарчанд меъёрҳои ягонаи умумижурналистӣ дар дунё вуҷуд доранд, аммо арзишҳои суннативу фарҳангие низ ҳастанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо ногузир аст. Масалан, дунёи Ғарб бо тафаккур, боварҳо, суннатҳо аз мо фарқ доранд. Тарзи пешниҳод ва бозгӯи ин ё он масъала дар он ҷо нисбатан тафовут дорад. Барои намуна, онҳо метавонанд рӯҳониён, сиёсатмадорон, тоҷирон ва ҳар касеро, ки мехоҳанд, бепарда танқиду танз кунанд ва ҳатто мухотабашон аз онҳо наранҷаду боз даври як миз нишаста бо ҳам қаҳва бинӯшанд. Аммо одоб ва суннату фарҳанги мо аз онҳо фарқ дорад. Мо парвардаи дарахти тамаддуне ҳастем, ки рангу бӯ ва розу рамзҳои хосси худро дорост. Бинобар ин, дар соҳаи журналистика кӯр-кӯрона пайравӣ кардан аз ҷаҳони Ғарб қабул нест. «*Чаро онҳо мегӯянду мо не?! Мо аз онҳо чӣ камӣ дорем? Мо ҳам мисли онҳо метавонем*!..» Ин гуна афкор, ки дар зеҳни хосса журналистони навроҳ сар мезанад ва мо ҳам аз забони онҳо баъзан мешунавем, гувоҳи ноогоҳӣ мебошад. Яъне, ҳар қадар эҳсос баланд бошад, ҳамон қадар инсон ба хато роҳ медиҳад.

Сухан бузургтарин неру аст. Ҳеҷ силоҳе баробари сухан нест. Истифода аз ин абзор бояд аз рӯйи маърифат, идрок ва дониш бошад. Бинобар ин, масъулияти журналист дар баробари ҷомеа бениҳоят баланд аст. Масалан, вақте мо барномаҳои Радиои Тоҷикистонро мешунавем эҳсос мекунем, ки радиожурналистон ҳамеша мекӯшанд дар баррасии ин ё он мавзуъ ҳирфаӣ бошанд ва аз доираи меъёрҳои этикӣ берун наравванд. Намунаи барҷастаи чунин барномаҳо «Дафтари сабз», «Сафинаи сафед» - гуфторҳои мусиқӣ, «Масири мураккаб», «Ҳаёти деҳот», «Набзи сиёсат» - гуфторҳои таҳлилӣ,

«Ҳамзамон» - гуфтори ҷавонӣ, «Фариштa модарам» - гуфтори маърифатӣ ва амсоли инҳо мебошанд. Муаллифони ин барномаҳо ба таври ҳирфаӣ вазифаи худро анҷом медиҳанд. Масалан, дар гуфторҳои мусиқии «Дафтари сабз» ва «Сафинаи сафед» масъулин талош мекунанд, ки бо сухани пероста бо бадеият шунавандагонро ба шунидани барнома водор созанд. Агар ин гуфторҳо, аз як тараф, масъулиятшиносии муаллифонро бозгӯйӣ кунанд, аз тарафи дигар, донишу маърифат ва одоби касбии онҳоро нишон медиҳанд.

Ин нукта мусаллам аст, ки абзори журналист сухан аст. Маърифат ва шуурнокии муаллиф аз сухан ва қаламаш муайян мешавад. Профессор Иброҳим Усмонов чунин андеша дорад: «*Журналист дар айни замон бояд муайян карда тавонад, ки барои баёни фикраш чӣ навъ сухан муассиртар аст, кадом вақт гуфтан беҳтар аст, қадри суханашро набояд бирезонад, ҷойи суханашро донад ва бибинад, ки оё ӯро мешунаванд ё не. Вақте мешунаванд, ки агар ба андозаи ҷаҳонбинию идрокашон сухан гӯӣ. Суханпардозиҳои пурвалвалаю мутантан, пурлофу газоф, шарҳи худхоҳона ва таънаи мугризона ҳеҷ гоҳ писанди аҳли фаҳм нахоҳад шуд. Ҳамчунон ба гуфтаи Кайковус «то нахоҳанд касеро насиҳат макун ва панд мадеҳ, хосса он касеро, ки панд нашунавад». Аслан вазифаи нигоранда панд додану насиҳат кардан нест, балки воқеаҳоро тарзе навиштан, ки худ панд шаваду насиҳат, барои касе, ки онро мехоҳад*» [5, с.6].

Ин нуктаро бояд махсус таъкид созем, ки ҳатто газофнависию газофгӯӣ, алфози худхоҳонаву пурвалвала дар рӯзномаву ҳафтаномаҳо ва радиову телевизон боиси малоли хотири хонандаву шунаванда мешавад. Чунин тарзи кор ва пешниҳод кардани мавод низ ба аудитория аз этика берун аст. Дар ин маврид дар китоби «Муқаддимаи журналистика» дуруст қайд шудааст: «*Миш-мишу овозаҳоро ҳамчун хабар паҳн кардан аз рӯйи этикаи касбии журналистӣ нест. Ақидаи ягон шахс, хусусан ақидаи худро, ҳамчун факти воқеӣ вонамуд карда интишор намудан низ аз рӯйи одоби касбӣ нест. Албатта, ҳамаи ин меъёрҳои этикаи касбии журналистӣ ба масъалаи маҳорати касбии журналист низ алоқаи бевосита доранд. Тасодуфӣ нест, ки мегӯянд: Инсони хуб набояд бадхоҳ бошад. Ба монанди ҳамин журналисти дорои маҳорати баланди касбӣ набояд меъёрҳои ахлоқ (этика)-и касбиро вайрон намояд*» [1, с.143].

Дар давраи истиқлолият фаъолияти журналистони тоҷик ба пурвусъат гардида, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти воситаҳои ахбори омма поягузорӣ шуд, ҷанбаи молиявии фаъолияти онҳо тағйир ёфт. Муҳаққиқ Хушдил Раҳимҷонов дар ин замина қайд мекунад, ки «*…ба вуҷуд омадани низоми нави ҷамъиятӣ, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёт тағйирот ворид сохт, ҷомеаи журналистии Тоҷикистонро водор намуд, то самтҳои фаъолияти худро бознигарӣ кунанд ва ба хулосаи ниҳоӣ бирасанд; муносибат ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ низ яке аз он паҳлуҳое буд, ки дар давраи аввал мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифт*» [3, с.311].

Ҳанӯз аз охири солҳои 90-ум оид ба қабули санади махсус дар бораи меъёрҳои этикаи касбӣ дар ҷомеаи журналистии Тоҷикистон гуфтугузорҳо ва пешниҳодот сурат мегирифтанд. Аммо назарҳо яксон набуданд, гурӯҳе муқобили қабули чунин санаду гурӯҳи дигар тарафдор буданд. Муҳиммияти масъаларо ба инобат гирифта, «*журналистони тоҷик баъди муҳокимаву баррасиҳои тӯлонӣ соли 2009 «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон»-ро қабул карданд. Ҳарчанд муносибат ба қабули ин ҳуҷҷат яксон набуд, аммо аксарият онро қабул доштанд*» [2, с.259]. Қабули ин санад маънои онро надорад, ки дар ҷомеаи журналистони тоҷик меъёрҳои этикаи касбӣ ба тамом риоя мешаванд. Вале ба ҳар ҳол, дар фаъолияти журналистон, масъулин ва кормандони расонаҳо ин санад таъсир гузошта, барои баланд гардидани маърифати касбӣ ва масъулиятшиносии онҳо омили муҳимме мебошад.

Хулоса, ин нукот барои риояи меъёрҳои этикаи касбии журналистӣ ниҳоят муҳим ҳастанд:

- худшинос, яъне худро шинохтан;
- аз пайи туҳмату буҳтон нарафтан;
- касбиятро қурбони ғаразҳои шахсиву гурӯҳӣ накардан;
- воқеиятро беғаразона баён кардан;
- манфиатҳои ҷомеаро ба инобат гирифтан;
- масъулияти сухангустариву суханпироиро пазируфтан;
- ба шахсият ва шарофати инсонии дигарон арҷ гузоштан;
- бо иғво ба оташи ҷараёнҳои мазҳабиву нажодӣ равған нарехтан;
- фарҳанг ва суннатҳои миллиро ба инобат гирифтан…

Аз ҳамаи ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки гарави ахлоқи волои журналист ин маърифат ва шуурнокии ӯ маҳсуб мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулов С. Муқаддимаи журналистика / С.Гулов, М. Ҷумъаев. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 173 с.
2. Гулов С. Риояи этикаи касбӣ – шарти муҳимми фаъолияти журналистӣ / С. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2013. – №4/6 (122). – С. 259-263.

3. Раҳимҷонов Х. Ташаккули меъёрҳои этикаи касбии журналистон дар пасманзари Ваҳдати миллӣ / Х. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/6. – С. 309-312.
4. Раҳимҷонов Х. Этические нормы: теория и практика применения в таджикской журналистике / Х. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 176 с.
5. Усмонов И. Одоби сухан / И.Усмонов. – Душанбе: Сино, 2005. - 81 с.

МАЪРИФАТИ ЖУРНАЛИСТ – ГАРАВИ РИОЯИ ОДОБИ КАСБӢ

Дар ин мақола сухан дар бораи вобастагии риояи меъёрҳои этикаи касбӣ ба маърифати журналист меравад. Муаллиф зикр мекунад, ки журналистон низ чун дигар одамон вобастагиҳои сиёсиву мазҳабӣ, милливу нажодӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ доранд. Онҳо пайрави диневу сиёсате, намояндаи миллате ҳастанд. Инҳо арзишҳое ҳастанд, ки баъзан барои холисонаву мунсифона инъикос кардани рӯйдод ва навиштани мавод монеа мегарданд. Ҳамчунин дар расонае кор мекунанд, ки ҷанбаи иқтисодии зиндагиашон аз он вобаста аст. Журналисти ҳирфаӣ касест, ки дар пеши худу дигарон масъулият ҳис карда, ҳеҷ гоҳ аз ҳадди инсоф намегузарад. Ба таври муғризона кореро анҷом додан маънои беэҳтиромӣ ба худро дорад. Албатта, журналист дар интихоб ва навиштани матн, омода сохтани барномаҳои радиову телевизионӣ озод аст. Озодӣ ба он маъно нест, ки ҳар чизе хоҳад, бигӯяд ва ё нависад. Ба андешаи муаллиф, дар журналистикаи тоҷик кӯр-кӯрона пайравӣ кардан аз журналистикаи Ғарб қабул нест. «Чаро онҳо мегӯянду мо не?! Мо аз онҳо чӣ камӣ дорем? Мо ҳам мисли онҳо метавонем!..» Ин гуна афкор, ки дар зеҳни журналистони навроҳ сар мезанад, гувоҳи ноогоҳӣ мебошад. Яъне, ҳар қадар маърифат пасту эҳсос баланд бошад, ҳамон қадар журналист дар инъикоси холисонаи рӯйдодҳо ба хато роҳ медиҳад. Муаллиф дар асоси таҳлил ба хулосае мерасад, ки маърифат ва шуурнокии журналист гарави риояи меъёрҳои этикаи касбӣ аз ҷониби ӯ маҳсуб мешавад.

Калидвожаҳо: журналист, ҷомеаи журналистӣ, маърифат, одоби касбӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, барнома, аудитория, холисият.

КУЛЬТУРА ЖУРНАЛИСТА – ГАРАНТИЯ СОБЛЮДЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ЭТИКИ

В данной статье речь идет о зависимости соблюдения норм журналистской этики и культуры журналиста. Автор отмечает, что журналисты как и другие люди имеют политические, религиозные, национальные и расовые, экономические и социальные зависимости. Они являются последователями какой-то религии и политики, представителем какой-нибудь нации. Это те ценности, которые могут стать препятствием при написании и отражении достоверной и беспристрастной информации или события. Также они могут работать в тех СМИ, от которых они зависят материально. Профессиональный журналист – это тот журналист, который чувствует ответственность перед собой и другими и никогда не переступает через свою совесть. Завершить какую - нибудь работу в корыстных целях означает неуважение к самому себе в первую очередь. Конечно, журналист свободен в выборе и написании текста, подготовке передач на радио и телевидении. Свобода не означает того, что он имеет право писать и говорить все что он хочет. По мнению автора, в таджикской журналистике не принято вслепую последовать западной журналистике. «Почему они говорят, а мы не можем?! Чем мы хуже их? Мы также можем как они!..» Такие мнения, которые возникают у молодых журналистов, свидетельствует об их неосведомлённости. Следовательно, насколько низок культурный уровень и высока эмоциональность, настолько и допускает ошибок журналист в беспристрастном освещении событий. Автор на основе анализа приходит к такому выводу, что культура и сознательность журналиста является гарантией соблюдения норм профессиональной этики с его стороны.

Ключевые слова: журналист, журналистское сообщество, культура, профессиональная этика, этические нормы, программа, аудитория, объективность.

CULTURE OF THE JOURNALIST - GUARANTEE OF COMPLIANCE WITH PROFESSIONAL ETHICS

In this article we are talking about the dependence of compliance with the norms of journalistic ethics and journalist culture. The author notes that journalists like other people have political, religious, national and racial, economic and social dependencies. They are followers of some religion and politics, a representative of some nation. These are the values that can become an obstacle in writing and reflecting authentic and impartial information or events. They can also work in the media, on which they depend financially. A professional journalist is a journalist who feels responsibility to himself and others and never transcends his conscience. To complete any work for selfish ends means disrespect for yourself first. Of course, the journalist is free to choose and write the text, prepare broadcasts on radio and television. Freedom does not mean that he has the right to write and say whatever he wants. According to the author, in Tajik journalism it is not accepted to follow blindly Western journalism. "Why do they say, but we can not ?! Than we are worse than them? We can also like them! .. "Such opinions, which arise in young journalists, indicate their ignorance. Consequently, as far as the cultural level is low and emotionality is high, the journalist makes mistakes in an impartial coverage of events. The author on the basis of analysis comes to the conclusion that the culture and consciousness of the journalist is a guarantee of compliance with the norms of professional ethics on his part.

Key words: journalist, journalistic community, culture, professional ethics, ethical norms, program, audience, objectivity.

Сведения об авторе: ***Рустамова Д.А.*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры телевидения и радиовещания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
E-mail: **sievush.rustamov.00@mail.ru.** Телефон: **(+992) 919-70-70-23**

Information about the author: ***Rustamova D.A.*** - Tajik National University, competitor of the Department of Television and Radio Broadcasting. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
E-mail: **sievush.rustamov.00@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-70-70-23**

УДК: 07(091) (430)

ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ ШАБАКАИ “МАВҶИ ОЛМОН”

Анҷум М. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фаъолияти расонаи як кишвар дар кишвари дигар дар асоси созишномаҳои дутарафа бо риояи талаботи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва журналистика сурат мегирад. Дар ин замина муҳаққиқ С. Гулов чунин андеша дорад: “Дар баробари ВАО-и ватанӣ фаъолияти намояндагиҳои чандин расонаҳои хориҷӣ (*аз ҷумла «Озодӣ», BBC, «Мавҷи Олмон» ва ғайра*) дар Тоҷикистон нишонаи арҷгузории давлату ҳукумати мо ба арзишҳои умумибашарии озодии баён ва дастрасӣ ба иттилоот мебошад. Ҳамчунин ин амал бозгӯйи узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ устувор будани кишвари моро нишон медиҳад” [1, с.252]. Ҳамин аст, ки баъди соҳибистиқлол гардидан дар Тоҷикистон расонаҳои чанд кишвар, бо шумули Федератсияи Русия, ИМА, Британияи Кабир, Эрон ва ғайра ба фаъолияти расмӣ оғоз карданд. Ин аз як тараф як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, аз тарафи дигар, эҳтироми Тоҷикистон ба озодии сухан ва додани имконият ба ҷомеа дар гирифтани иттилоъ аз сарчашмаҳои гуногун мебошад. Профессор Иброҳим Усмон дар китоби худ «Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон» чунин менависад: “- Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи замони ҳозира ин аст, ки журналист бояд ба мавзӯъҳои беруна таваҷҷуҳ кунад. Дар замони Шӯравӣ матбуоти тоҷик, журналистикаи тоҷик мавзӯъҳои берунаро асосан дар иртико ба хабарнигорони марказии шӯравӣ, ба мисли ТАСС, АПН ва дигарҳо менавишт, яъне журналистикаи тоҷик моли худашро надошт. Имрӯз бошад, барои журналистони тоҷик навиштани материали худ ҳам дар мавзӯи хориҷӣ на фақат имкон дорад, балки аз заруриятҳои касбӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, тадқиқи ин соҳа аз ҷониби олимони ҷавон ҳам, яъне соҳаи донистани хориҷи кишвар, муҳити хориҷи кишвар, аз вазифаҳои муҳим аст” [4, с.627].

Дар шароити муосир расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии ҷаҳон нақши муассир дошта, торафт мавқеи худро дар ин самт таҳким мебахшанд. Аз ҷумлаи чунин васоити ахбори байналмилалӣ ширкати радиову телевизиони “Мавҷи Олмон” (Deutsche welle) мебошад. “Мавҷи Олмон” (Deutsche welle) яке аз 3 шабакаи иттилоотии Аврупо ба ҳисоб меравад. “Соли 1929 дар Вустерхаузен, наздикии Берлин, радиои “Мавҷи Олмон” фаъолияти худро оғоз кард, ки вазифааш омодасозии барномаҳо барои немисҳои хориҷ аз Олмон зиндагидошта буд” [3, с.408].

Таърихи таъсиси “Мавҷи Олмон” ба охири солҳои 20-уми асри 20 рост меояд. Яъне, 22-уми марти соли 1935 дар Берлин телевизиони Олмон таъсис дода шуд. Муддати барномаҳои ин телевизион дар як ҳафта се бор, ҳамагӣ 90 дақиқа буд. 11-уми июни соли 1953 “Мавҷи Олмон” бо консорсиуми АРД пайваст. Қароргоҳи “Мавҷи Олмон” аввал дар Олмони ғарбӣ, дар шаҳри Кёлн ҷойгир буд. Баъд аз муттаҳидшавии Олмони ғарбӣ ва Олмони шарқӣ қароргоҳ дар шаҳри Бонн муқаррар гардид. То соли 2018 “Мавҷи Олмон” 1500 корманд ва 1500 фриланссар (ҳамкорони ғайриштатӣ) дошта, дар 60 кишвари ҷаҳон намояндагӣ дорад. Дар шаҳрҳои Бонн ва Берлин маркази асосӣ ва студияҳои телевизион қарор доранд. Ба “Мавҷи Олмон” 157 миллион нафар ба воситаи радио, интернет ва телевизион дастрасӣ доранд. Тавассути сомонаи иттилоотӣ www.dw.com бо 30 забон, аз ҷумла англисӣ, испанӣ, португалӣ, франсузӣ, олмонӣ, юнонӣ, албанӣ, булғорӣ, босниягӣ, сербӣ, македонӣ, хорватӣ, полякӣ, руминӣ, русӣ, украинӣ, чинӣ, арабӣ, ҳиндӣ, индонезиягӣ, банғолӣ, дарӣ, пашту, урду, туркӣ, форсӣ ва ғайра иттилоот пахш карда мешавад. “Мавҷи Олмон” дар 4 кишвари хориҷӣ бунгоҳ (бюро) дорад. Ин бунгоҳҳо бо таҷҳизоти телевизонӣ ва студиявӣ таъмин буда, дар шаҳрҳои Брюссел (Белгия), Москва (Федератсияи Русия), Вашингтон (ИМА), Буэнос-Айрес (Аргентина) қарор доранд. Яъне ин бунгоҳҳо бо назардошти фарогирии минтақаҳои гуногуни олам таъсис дода шудаанд [6, с.12].

Дар ҷаҳони имрӯза ВАО-и байналмилилӣ аз чанд паҳлу таҳаввул дидаанд. Дар баробари буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ, ширкатҳои BBC (Би-Би-Си) ва “Мавҷи Олмон”низ, ки аз таъсирноктарин расонаҳои ҷаҳон ба ҳисоб мераванд, буҳрони молиявӣ доранд. Бо таъсири ин буҳрон дар соли 2011 масъулини “Мавҷи Олмон” дар фаъолияти худ ислоҳот ворид сохта, тағйироти назаррас карданд. Дар натиҷаи ислоҳот пахши мавҷҳои кӯтоҳи радио аз 260 соати ҳаррӯза то ба 55 соати ҳаррӯза кам гардид. Дар баробари ин, барномаҳои “Мавҷи Олмон” бо забонҳои англисӣ, испанӣ, арабӣ ва олмонӣ зиёд шуданд. Барои дохили кишвар дар сомонаи интернетӣ ахбор ва барномаҳои мустақим вобаста ба манотиқи Олмон интихобан равон карда мешавад.

Лоиҳаҳои асосии ширкати “Мавҷи Олмон” низ дар асоси нақша роҳандозӣ мегарданд. “Мавҷи Олмон” дар 3 лоиҳаи асосӣ барномаҳои радиову телевизионро омода сохта, гирди ин аҳдоф амалӣ мегардонад:

1. Тарғиби сиёсати Олмон.
2. Тарғиби муколамаи ҳамдигарӣ барои табаддули афкор дар байни фарҳангҳои гуногун.
3. Тарғиби забони олмонӣ [6, с.11].

Тавре маълум аст, расонаҳо ҳамеша талош мекунанд, ки хостаҳои аудиторияро дар фаъолияти хеш амалӣ созанд. Ба ин хотир, аудиторияи расонаҳои байналмилалӣ ба таври мунтазам мавриди пажӯҳиш қарор мегирад. Натиҷаҳои яке аз райъпурсиҳои афкори омма аз 3 ВАО-и аврупоӣ, ки дар як ҳафта аз тарафи бинандагон пазируфта мешаванд, чунин аст:

Мавҷи Олмон	*ВВС*	*АЕФ*
86 миллион	225 миллион	90 миллион

Забонҳои хориҷӣ

Мавҷи Олмон	ВВС	АЕФ
Англисӣ	Англисӣ	Франсузӣ
Испанӣ	Арабӣ	Англисӣ
Олмонӣ	Форсӣ	Арабӣ
Арабӣ		

Аудиторияи “Мавҷи Олмон” агарчи нисбат ба ВВС (British Broadcasting Corporation) маҳдуд аст, аммо “Мавҷи Олмон” барномаҳои худро ба забонҳои зиёд пахш мекунад. “Мавҷи Олмон” бо 30 забон, ВВС бо 28 забон ва АЕФ (France Medias Monde) бо 13 забон барномаҳои худро пахш мекунанд. “Мавҷи Олмон” ба воситаи телевизион, радио ва интернет барномаҳояшро пахш мекунад ва барои кишварҳои рушдкунанда академияи таълимӣ дорад. Дар ин академия рӯзноманигорон маҳорат ва касбиятро меомӯзанд.

Буҷети солонаи “Мавҷи Олмон” сол то сол бо сабабҳои буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ кам мешавад. Масалан, соли 2012 буҷеташ 273 миллион евро буд, ки нисбат ба соли 2011 хеле кам аст.

“Мавҷи Олмон” дар Аврупои шарқӣ нисбат ба шабакаи ВВС хеле фаъол аст. Хизматрасонии “Мавҷи Олмон” дар кишварҳои Аврупои шарқӣ ба забонҳои албанӣ, босниягӣ, булғорӣ, хорватӣ, македонӣ, полякӣ, руминӣ, русӣ, сербӣ ва украинӣ сурат мегирад. Ин, аз як тараф, ҷиддияти робитаҳои Олмон бо кишварҳои Аврупои шарқиро нишон диҳад, аз тарафи дигар, бозгӯйи он аст, ки Олмон таърихан бо ин кишварҳо муносибатҳои сиёсиву фарҳангӣ дорад.

Яке аз махсусиятҳои “Мавҷи Олмон” дар он аст, ки пахши барномаҳои “Мавҷи Олмон” дар кишварҳои исломӣ зиёд гардидааст. Масалан, барномаҳои “Мавҷи Олмон” бо забонҳои дарӣ, пашту, форсӣ, туркӣ, урду ва ғайра мавриди қабули аудиторияи васеъ мебошанд.

Стратегияи ояндаи “Мавҷи Олмон” низ бо назардошти талаботи ҷаҳони муосир тарҳрезӣ шудааст. Мисли ВВС, “Мавҷи Олмон” тағйироти хизматрасониро дар сатҳи олӣ баррасӣ кардааст. “Мавҷи Олмон” барои нуфузи оянда стратегияи дуқабатаро таҳия кардааст:

1. Таркиби глобалӣ.
2. Равиши минтақавӣ.

Мақсади ин тағйирот тарғиби имиҷи мусбати Олмон мебошад, ки аз интихоби забонҳои байналмилалӣ маълум аст. Ин забонҳо олмонӣ, англисӣ, испанӣ ва арабӣ мебошанд. Аз соли 1992 “Мавҷи Олмон” хизматрасонии телевизиониро бо забонҳои англисӣ, олмонӣ, испанӣ оғоз кард. Баъд аз фоҷеаи 9-уми сентябри соли 2001 дар ИМА дар соли 2002 барномаҳо бо забони арабӣ илова гардиданд. Солҳои 2000-ум хизматрасонии “Мавҷи Олмон” чунин буд, ки барномаҳои забонҳои хориҷӣ танҳо аз якчанд соат иборат буд, аммо тибқи стратегияи нав барномаҳо дар ҳар чор шабака бо забони худашон пахш карда мешаванд. Ҳадафи ин бо шабакаҳои ҷаҳоние, мисли ВВС ва СНН нишон додани рақобат мебошад. Мақсади шабакаи арабӣ тавассути барномаҳои махсус таваҷҷуҳи қавмҳои кишварҳои арабиро ҷалб кардан аст. Маводи ин барномаҳо иборат аз табаддули афкор, омезиши фарҳангҳои гуногун дар Олмон ва кишварҳои шарқии Аврупо мебошад. Дар ин барномаҳо озодии баён ва озодии дин дар кишварҳои демократӣ таблиғ мешавад ва тавассути ин гуна мавзӯъҳо кишварҳои арабизабонро ба сохти давлатдории ҷумҳуриявӣ тарғиб мекунанд [6, с.7].

Ҳадафи тағйирот дар сатҳи минтақавӣ он аст, ки Олмон дар Иттиҳоди Аврупо аз нуқтаи нигоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ бузургтарин кишвар буда, бо аъзои Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои собиқ шӯравӣ ҳамкори наздик мебошад. Барои ин кишварҳо, ки дар

минтақаҳои наздики Олмон ҷойгир ҳастанд, барномаҳоеро омода месозанд, ки тариқи ВАО-и ин гуна кишварҳо бо забони худашон пахш карда мешаванд. Бо истифода аз ин усулҳо муносибатҳои дуҷонибаро наздик месозанд.

“Мавҷи Олмон” соли 2012 дар лоиҳаи барномаҳои худ тағйироти зиёд ворид кард. Акнун “Мавҷи Олмон” чунин барномаҳоеро омода месозад, ки таваҷҷуҳи аудиторияро дар кишварҳои хориҷӣ ҷалб карда, ба он таъсир расонанд. Ҳадафи интихоби забонҳои хориҷӣ дар барномаҳои “Мавҷи Олмон” ин густариши тарғибот дар кишварҳои осиёӣ ва арабӣ мебошад. Зеро “Мавҷи Олмон” дар фазои иттилоотии Аврупо бо ВВС ва АЕФ дар рақобати сахт қарор дорад. Аммо бояд гуфт, ки дар барномаҳои “Мавҷи Олмон” риояи усулҳо ва этикаи касбии рӯзноманигорон нисбат ба дигар ВАО-и ҷаҳонӣ бартарӣ доранд. Яъне, дар барномаҳои “Мавҷи Олмон” ба касбият ва арзишҳои журналистӣ эҳтиром гузошта мешавад. Ин ҳама нишонаи он аст, ки расонаҳои байналмилалӣ дар муборизаҳои иттилоотӣ дар баробари иҷрои вазифаҳои аслии худ талош мекунанд, ки фаъолияти худашонро саривақт ба талаботи замон мувофиқ созанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулов С. Истиқлолият ва рушди журналистикаи тоҷик / С.Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2018, -№1. - С. 251 -256.
2. Нуралиев А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ / А. Нуралиев. - Душанбе: Сурушан, 2001. - 224 с.
3. Радиожурналистика. - МГУ, 2000. – 480 с.
4. Усмонов, И. К. Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2016. - 672 с.
5. Wikipedia «DW» // ЗАО «Wikipedia», 2018) – Retrieved from: [Захираи электронӣ] http://en.m.wikipedia.org/wiki/Deutch (Taken date: 28.02.2018)
6. [Захираи электронӣ] https://www.nhk.or.jp/bunken/english/reports/ pdf/ report14030101-2.pdf (28.03.2018)
7. Farrukh, Ahmad Awan. Mass communication / Ahmad AwanFarrukh. - Lahore: Caravan Press Lahore, 2015. – 322 с.
8. Imtiaz, M. Shahid. Mass communication / M. Imtiaz Shahid. - Lahore: Advanced Publishers, 2015. – 218 с.

ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ ШАБАКАИ “МАВҶИ ОЛМОН”

Дар ин мақола сухан дар бораи таърихи таъсис ва махсусияти фаъолияти шабакаи “Мавҷи Олмон” (Deutsche welle) меравад. “Мавҷи Олмон” (Deutsche welle) яке аз 3 шабакаи иттилоотии Аврупо мебошад. Таърихи таъсиси “Мавҷи Олмон” ба охири солҳои 20-уми асри 20 рост меояд. 11-уми июни соли 1953 “Мавҷи Олмон” ба консорсиуми АРД пайваст. Қароргоҳи “Мавҷи Олмон” аввал дар Олмони ғарбӣ, дар шаҳри Кёлн, ҷойгир буд. Баъд аз муттаҳидшавии Олмони ғарбӣ ва Олмони шарқӣ қароргоҳ ба шаҳри Бонн кӯчонида шуд. Ин шабака дар 60 кишвари ҷаҳон намояндагӣ дорад. Ба “Мавҷи Олмон” 157 млн нафар ба воситаи радио, интернет ва телевизион дастрасӣ доранд. Тавассути сомонаи иттилоотӣ www.dw.com бо 30 забон, аз ҷумла англисӣ, испанӣ, португалӣ, франсузӣ, олмонӣ, русӣ, украинӣ, чинӣ, арабӣ, ҳиндӣ, пашту, урду, туркӣ, форсӣ ва ғайра иттилоот пахш карда мешавад. “Мавҷи Олмон” дар 4 кишвари хориҷӣ бунгоҳ (бюро) дорад. Ин бунгоҳҳо дар шаҳрҳои Брюссел (Белгия), Москва (Федератсияи Русия), Вашингтон (ИМА), Буэнос-Айрес (Аргентина) қарор доранд. Яъне ин бунгоҳҳо бо назардошти фарогирии минтақаҳои гуногуни олам таъсис дода шудаанд. Бо таъсири буҳрони молиявии ҷаҳонӣ дар фаъолияти “Мавҷи Олмон” аз соли 2011 ислоҳот ворид гардида, пахши мавҷҳои кӯтоҳи радио аз 260 соат то ба 55 соати ҳаррӯза кам гардид. Дар баробари ин, барномаҳои “Мавҷи Олмон” бо забонҳои англисӣ, испанӣ, арабӣ ва олмонӣ зиёд шуданд. Аудиторияи “Мавҷи Олмон” агарчи нисбат ба ВВС маҳдуд аст, аммо “Мавҷи Олмон” барномаҳои худро бо 30 (ВВС бо 28 ва АЕФ бо 13) забон пахш мекунад. Яке аз махсусиятҳои “Мавҷи Олмон” дар он аст, ки пахши барномаҳо дар кишварҳои исломӣ зиёд гардидааст. “Мавҷи Олмон” дар фазои иттилоотии Аврупо бо ВВС ва АЕФ дар рақобати сахт қарор дорад. Аммо бояд гуфт, ки дар барномаҳои “Мавҷи Олмон” риояи усулҳо ва этикаи касбии рӯзноманигорон бартарӣ доранд. Яъне, дар барномаҳои “Мавҷи Олмон” ба касбият ва арзишҳои журналистӣ эҳтиром гузошта мешавад. Ин ҳама нишонаи он аст, ки расонаҳои байналмилалӣ дар муборизаҳои иттилоотӣ дар баробари иҷрои вазифаҳои аслии худ талош мекунанд, ки фаъолияти худашонро саривақт ба талаботи замон мувофиқ созанд.

Калидвожаҳо: журналистика, расонаҳои байналмилалӣ, радио, телевизион, аудитория, барнома, тарғибу ташвиқ, озодии сухан, фазои иттилоотӣ, рақобат.

УЧРЕЖДЕНИЕ И ФОРМИРОВАНИЕ ТЕЛЕРАДИОКОМПАНИИ «НЕМЕЦКАЯ ВОЛНА»

В данной статье речь идёт об истории образования и особенностях деятельности государственной немецкой международной телерадиокомпании «Немецкая волна» (Deutsche “Немецкая волна” (Deutsche welle), которая является одной из 3-х информационных сетей в Европе. История учреждения “Немецкой волны” приходится на 20-е годы прошлого столетия. 11 июня 1953 года “Немецкая волна” присоединилась к консорциуму АРД. Офис “Немецой волны” сначала находился в западной Германии, в городе Кёльн. После объединения западной и восточной Германии, офис был переведён в город Бонн. Эта сеть имеет своё предствительство в 60-ти странах мира. К “Немецкой волне” посредством радио, Интернета и телевидения доступ имеют 150 млн человек. Посредством информационного сайта www.dw.com материалы распространяются на 30 языках мира, в том числе на английском, испанском, португальском, французском, немецком, русском, украинском, китайском, арабском, хинди, пушту, урду, турецком, персидском и других. В 4-х зарубежных странах “Немецкая волна” имеет свои бюро. Они находятся в городах Брюссель (Бельгия), Москва (РФ), Вашингтон (США), Буэнос-Айрес (Аргентина). То есть эти бюро учреждены с учетом охвата различных регионов мира. В результате мирового финансового кризиса в деятельность “Немецкой волны” были внесены коррективы, вещание коротких радиоволн с 2060 часов сократилось до 55 часов ежедневно. Наряду с этим передачи “Немецкой волны” увеличились на английском, испанском, арабском и немецком языках. Хотя аудитория “Немецкой волны” ограничена по сравнению с ВВС, но “Немецкая волна” вещает свои передачи на 30 языках (ВВС на 28 языках и АЕФ на -13). Одна из особенностей “Немецкой волны” заключается в том, что вещание передач увеличилось в мусульманских странах. “Немецкая

волна” на информационном пространстве Европе находится в сильной конфронтации с ВВС и АЕФ. Вместе с тем следует отметить, что в передачах “Немецкой волны” превалирует соблюдение профессиональных принципов и этики. Другими словами, в передачах немецкой волны одтаётся предпочтение профессионализму и журналистским ценностям. Это ещё раз подтверждает, что международные средства информации в информационной борьбе, наряду с выполнением своих основных задач, стремятся к тому, чтобы своевременно привести в соответствие свою деятельность с требованиями времени.

Ключевые слова: журналистика, международные СМИ, радио, телевидение, аудитория, программа, агитация и пропаганда, свобода слова, информационное пространство, конкуриенция.

HISTORY AND ROLE OF DEUTCHE WELLE MEDIA NETWORK

This article deals with the history and the specifics of the German media Deutsche Welle (DW), one of the three famous media networks in Europe, the history of the Deutsche Welle 20-ies of the last century. On June 11, 1953, Deutsche Welle joined the consortium of ARD. The office of the Deutsche Welle was first located in western Germany, in the city of Cologne. After the unification of western and eastern Germany, the office was transferred to the city of Bonn. DW has its own representative office in 60 countries of the world. 150 million people access media content of DW by means of radio, internet and TV. Through the website www.dw.com, the materials are distributed in 30 languages of the world, including English, Spanish, Portuguese, French, German, Russian, Ukrainian, Chinese, Arabic, Hindi, Pashto, Urdu, Turkish, Persian and others. Deutsche Welle has its own bureau in four foreign countries. They are located in the cities of Brussels (Belgium), Moscow (Russian Federation), Washington (USA), Buenos Aires (Argentina). That is, these bureaus are established taking into account the coverage of various regions of the world. As a result of the global financial crisis, changes were made to the activities of the Deutsche Welle, the broadcasting of short radio waves from 2060 hours was reduced to 55 hours daily. Along with this, the programs of the Deutsche Welle have increased in English, Spanish, Arabic and German. Although the audience of the Deutsche Welle is limited in comparison with the AEF, Deutsche Welle broadcasts its broadcast in 30 languages (BBC in 28 languages and AEF in -13 languages). One of the new features of the "DW" is that the broadcasts increased in Muslim countries. DW on the information space Europe is in a strong confrontation with BBC and AEF. At the same time, it should be noted that in the programs of the Deutsche Welle, professional principles and ethics are prevalent. In other words, in the programs of the German DW, professionalism and journalistic values are preferred. This once again confirms that the international media in the information struggle, along with the fulfillment of their basic tasks, are striving to bring their activities in line with the demands of the time in a timely manner.

Key words: journalism, international mass media, radio, television, bureau, audience, program, agitation and propaganda, freedom of speech, information space, competing.

Сведения об авторе: ***Анджум Махмуд Ахмад*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D факультета журналистики. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: **maanjum27@gmail.com.** Телефон: **(+992) 985-34-91-25**

Information about the author: ***Anjum Mahmoud Ahmad*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D. Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.
E-mail: **maanjum27@gmail.com.** Tel.: **(+992) 985-34-91-25**

УДК: 07 (575.3)

НИГОҲЕ БА ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ МУСТАҚИЛ ДАР ТОҶИКИСТОН

Сипеҳри Карoматулло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вақте дар боби заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоиш ва ташаккули матбуоти мустақил меандешем, хоста ё нахоста ёди мо ба таърих меравад. Суоле, ки зеҳни моро таҳрик мебахшад ин аст: агар нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XX пайдо шуда бошад, пас зуҳури он чӣ заминаи таърихию фарҳангие дошт? Кадом омилҳо дар он рӯзгор метавонистанд ба ин раванд таъсиргузор бошанд?

Бисёре аз муҳаққиқон ҳаводиси инқилоби соли 1905 аввали Русияро заминаи таърихӣ ва омили муассири зуҳури наҳзати ҷадидия ва пайдоиши матбуоти бетараф, аз ҷумла “Бухорои шариф” донистаанд. Муҳаққиқ А. Набавӣ ин ақидаро рад карда, менависад, ки “раванди маънавӣ, бахусус идеявию сиёсӣ ва иҷтимоӣ, наметавонист аз як ҳодисаи беруна (хориҷӣ) ба зиндагии дохилӣ (маҳаллӣ) иртиботи қавӣ надошта, ибтидо гирад. Инқилоби аввали Русия метавонист ба равандҳои буда, пайдошуда таъсири мусбат ва манфӣ расонад, вале ба оғози як наҳзати тоза дар кишвари хориҷ сабаб шуданаш ба ҳақиқат мувофиқат намекунад [9, с.18].

Воқеият ин аст, ки шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухоро заминаи таърихиро барои зуҳури тамоюли таҷаддудхоҳӣ ба вуҷуд оварда. Наҳзати ҷадидия дар ҳамин вазъият аз худ дарак дода буд. Рӯшанфикрони ин давра бошанд сабақи худсозиро аз Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ гирифта буданд. Ҳамчунонки М. Шакурӣ таъйид кардааст: “Аҳмади Дониш ба чашми худ дида буд, ки “умури миллатию давлатӣ ихтилофи куллӣ ёфта, осудагӣ аз миёни фуқаро карон гирифт” ва ҳоли кишвар аз

“амирони ҷоҳил ва олимону сипоҳиёни гумроҳи ғофил” ба табоҳӣ кашид. Инсонпарварон наметавонистанд чунин воқеиятро қобили қабул, қобили муросо донанд” [3, с.87].

Ҳамин тариқ, нахуст воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоии охирҳои XIX ва ибтидои асри XX-и Осиёи Марказӣ, заминаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии зуҳури тамоюлоти навхоҳӣ ва рӯзноманигориро ба вуҷуд овард, сониян дар такмили ин раванд таъсири суннатҳои рӯшангарӣ ва рӯзноманигории форсиву туркӣ ва русии он рӯзгорро низ наметавон инкор кард. Аз таърих барои мо рӯшан аст, ки то нашри рӯзномаи “Бухорои Шариф”(11-уми марти соли 1912) дар ҳудуди ҷуғрофиёии забони форсӣ рӯзномаҳои “Ахбор” (1799), “Миръот-ул-ахбор” (1822), “Ҷоми ҷаҳоннамо” (1822), “Сироҷ-ул-ахбор” (1842), “Ҳаблулматин” (1893), “Ахтар” (1875), “Парвариш” (1899) ва “Чеҳранамо” (1904) нашр шуда ва баъзе онҳо дастраси рушанфикрони Бухоро будаанд. Ҳамчунин таъсири ислоҳотхоҳонаи матбуоти туркӣ ва русиро низ дар ин раванд наметавон нодида гирифт. Аз ҷумла дар фазои иттилоотии он рӯзгор таъсир доштани рӯзномаҳои “Тараққӣ” (1906), “Шӯҳрат” (1907), “Садои Фарғона” (1914), “Садои Туркистон” (1914) ва “Шарқӣ”-ро (1916), ки ба забонҳои туркиву ӯзбекӣ нашр мешуданд, муҳаққиқон иқрор кардаанд [14, с.43-46; 9, с.13]. Ҳамчунин муовизаи маводҳои муҳим миёни баъзе аз рӯзномаҳову ҳафтаномаҳои дар маҳдудаи ҷуғрофиёии форсиву туркии минтақа чопшуда низ далели таъсирпазирии рӯзноманигории тоҷикӣ аз суннатҳои матбуоти форсиву туркӣ ва ӯзбекӣ мебошад [5, с.136-137].

Дар ҳамин замина аввал рӯзномаи “Бухорои шариф”, баъд “Турон” ва “Самарқанд” ба чор расиданд. Ин рӯзномаҳо, на дар натиҷаи эҳтиёҷи ҳукумат, балки бар асари иқдомҳои ҷомеаи маҳаллӣ [8, с. 38] таъсис ёфта буданд, ки то ҷоет таъкид бар мустақилияти онҳо дорад.

Устод Айнӣ дар бахши даҳуми китоби “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” таҳти унвони “Таъсиси ҷаридаи “Бухорои шариф” ва “Турон” доир ба таърихи таъсис, ҳадафҳо, вазифаҳо ва хусусиятҳои касбии ин рӯзнома мақолаи муфассале навиштааст, ки дар шинохти типологияи нахустин рӯзномаи тоҷикӣ арзиши бунёдӣ дорад.

Устод Айнӣ дар ин мақола ишораи дақиқе ба мавқеияти рӯзнома карда, бо тааҷҷуб менависад, ки “чаро аввал маъмурони элчихона (элчихонаи Русия дар назар аст-шарҳи мо) аз ҳукумати Бухоро изн гирифта доданду чаро боз худашон бастанд”. Айнӣ сабаби асосии баста шудани рӯзномаро зикр мекунад. Ба назари маъмурони элчихона ва ҳукумати Бухоро “аввал гумон карда буданд, ки мисли “Туркистон вилоятининг газетӣ”, ки дар зери идораи Астроумуф дар Тошканд нашр мешавад, як ҷарида хоҳад шуд. Сонӣ, диданд, ки бархилофи маъмул, ин рӯзномаҳо (яъне, “Бухорои шариф” ва “Турон”-шарҳи мо) ба танвири афкори миллати ислом хидмат карданд. Маслаки ин маъмурон ағфоли мусалмонон буд. Ин маслакро аз тангчашмӣ, ки дар сиёсат доранд, пеша карда буданд, валлоҳ ба ҳама маълум аст, ки раъийати маданӣ ҳар вақт аз раъийати ваҳшӣ беҳтар ва нофеътар ба ҳукумат аст. Эҳтимоле вориди хотир мегардад, ки ҳукумати Бухоро тавқифи ҷаридаро хоҳиш карда бошад. Лекин ононе, ки ба умури Бухоро воқифанд, ба хубӣ медонанд, ки агар бастани ҷаридаҳо ба элчихона матлуб намебуд, хоҳиши ҳукумати Бухоро ба ҷое намерасид”[1, с.77].

Устод Айнӣ дар он рӯзгор воқеияти дахолати бевоситаи ҳукумати Русияро дар тавқифи рӯзнома ҳадс зада буд. Вале баъдтар муҳаққиқони соҳа собит карданд, ки “сиёсати худкомаи ҳукумат ҳамаҷиҳата ба тавқифи ҳама гуна нашрия, сарфи назар аз хусусияти он, нигаронида шуда буд. Махсусан, ҳукумат ба нашрияҳои миллӣ ва ҷамъиятиву адабӣ ҷиддан фишор меовард [11, с.35-36]. Албатта, иқдомҳои ҳадафманди “тараққихоҳон ва маорифпарварони Бухоро” [1, с.75], ки ислоҳоти иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар назар дошт ва рӯзномаи “Бухорои шариф” дар ин роҳ гомҳои аввалин ва қатъиро гузошта буд, на ба ҳукумати Бухоро писанд буд, на ба элчихонаи Русия.

Ин омилҳо дар ҳама давру замон монеи матбуоти мустақил буда, далолат бар он мекунанд, ки “Бухорои шариф” аз назорати ҳукумат озод набудааст. Ин омил таъкиди моро бар мустақилияти рӯзнома зери суол мебарад. Вале баъзе нуктаҳои муҳимме, ки Айнӣ дар боби таърихи таъсиси рӯзнома ва равиши фаъолияти он зикр кардааст, чеҳраи мустақили онро таъйид мекунанд. Нахуст ин ки рӯзнома дар асоси амр ё худ раҳнамоиҳои ҳукумат фаъолият намекард; дигар аз назари моликият низ ба ҳукумат тобеъият надошт; ниҳоят, он чи рӯзнома нашр мекард ифодагари гуногунандешӣ буд ва фарогири афкори ҷомеа буд. Ба ифодаи дақиқтар, рӯзнома аз эҳтимолияти “зери тасарруф мондан озод” [15, с.25].

Ҳамин тариқ, “Бухорои шариф” фарҳанги рӯзноманигории миллиро асос гузошт, ки эҷоди истилоҳоти хосси рӯзноманигорӣ, рӯзнома, ҳайати таҳририя, сармақола, мақола, муҳаррир, мубоҳиса, ахбор, ахбори дохила, ахбори ҷаҳон, ахбори маҳаллӣ, ношир, мухбири махсуси худамон, мухбири махсус, коргузори рӯзнома, тарҷумон, сарсутун, сарбанд, унвон, сарнома (унвни рӯзнома), филетун, матбуот, эълон (от),

ихтор, тасҳеҳ, ҳаққи қалам, клеша (клише) ва ғайра [9, с. 62] аз ҷумлаи он буда, баъд дар ин соҳа шоеъ шудаанд. Ин омил низ ифодагари чеҳра ва равиши хосси нахустин рӯзномаи миллии тоҷикон аст.

Дар солҳои 50-60 низ ҳамин гуна равишҳои бедоркунанда дар фаъолияти матбуоти тоҷикӣ ба назар мерасад, ки бешак, заминагузори тамоюли фарҳангӣ ҳамчун омили зуҳури равияҳои мусбату мустақил дар таърихи рӯзноманигории тоҷик мебошад. Дар ин замина метавон аз фаъолиятит Толис дар маҷаллаи "Садои шарқ" ёд кард, ки ба нашри як силсила мақолаҳои озодандешона, аз ҷумла мақолаи М. Шукуров дар бораи Аҷзӣ, иқдом намуд, ки баъдтар ҳамчун айбнома аз ҷониби А. Раҳмонов ва Т. Усмонов ба василаи мақолаи тавҳиномезе ("Маданияти Тоҷикистон") ба ӯ илҳоқ шуд. Мақолаи Ғ. Сафарзода, ки дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" ба чоп расид, низ ҳадафи хосси миллӣ ва бедоркунанда дошта буд ва барои муаллиф ва муҳаррири рӯзнома А. Ҳалимов гарон афтид. Ҳамчунонки Акбари Набипур ёдоварӣ мекунад, гуноҳи муҳаррир "ин буд, ки ба интишори мақолаи Ғ. Сафарзода роҳ додааст. Раҳматӣ Сафарзода журналисти ҳассос ва татандӯст дар мақолааш зарурати ба русӣ дуруст навиштани номҳои тоҷикиро пешниҳод кард, ки аз ҳар ҷиҳат айни муддао буд. Аммо пешниҳоди комилан саривақтии ӯ аз тарафи нозирони идеологӣ аломати "миллатчигӣ" хонда мешуд. Ва ҳол он ки мақсади Сафарзода айнан пешгирӣ кардани зуҳури худи ҳамон "миллатчигӣ" буд!" [10, с.22].

Вақте дар боби заминаҳои таърихии озодандешӣ дар матбуоти мустақили тоҷикӣ ҳарф мезанем, мебояд аз рӯзномаи "Маориф ва маданият" ("Омӯзгор") ба таври алоҳида ёд кард. Бо вуҷуди он ки сиёсати матбуотии Шӯравӣ ба муқобили дигарандешӣ нигаронида шуда буд ва нишонаҳои қарори КМ ВКП(б) "Дар бораи журналҳои "Звезда" ва "Ленинград" то октябри соли 1988 дар ҳудуди Шӯравии собиқ амал мекард, рӯзномаи "Маориф ва маданият" амалан идомабахши "анъанаи хубу марғуби матбуоти тоҷик дар ин самт дар солҳои сиюми садаи гузашта буд" [6, с.160]. Ҳамчунонки рӯзномаи миллии "Бухорои шариф", "Самарқанд", "Овози тоҷик" ва баъзе маҷаллаҳои солҳои сиюм дар атрофи худ рӯшанфикрони ҳушёр ва ба ормонҳои миллӣ собитқадамро гирд оварда буданд, "Маориф ва маданият" низ қаламкашони соҳибном ва фидокори миллатро гирди худ муттаҳид сохта, зери раҳбарии Б. Бердиева инъикоси муҳимтарин масъалаҳои фарҳангии замонро амалӣ сохт. Ҳеҷ кадоме аз кормандони рӯзнома "душмани давлати Шӯравӣ" (А. Турсон) набуданд, вале ҳақшиносу ислоҳотҷӯ буданд. Кормандони рӯзнома "Маориф ва маданият"-ро ба минбари озодандешон табдил дода, кори иҷтимоӣ ва фарҳангиеро анҷом доданд, ки "на фақат ягон муҳаррири онвақта, балки онҳое низ накардаанд, ки дар аҳди Горбачев худро кам не, ғам не "падар" ё "модари миллат" мехонданд" [10, с.15].

Рӯзнома дар ҳифзи шаъни инсонӣ ва ҷойгоҳи ҳунарии шоиру нависандагоне, мисли Сотим Улуғзода, Ҷумъа Одина ва Бозор Собир нақши муҳим ифо карда буд. С. Улуғзода ва Ҷ. Одинаро сиёсати расмӣ аз саҳна ронда, маҳдудиятҳое барояшон вазъ карда буд ва фақат ҳамин рӯзнома буд, ки эшонро дастгирӣ кард ва бо нашри мақолаҳо назари ҷомеаро ба онҳо тағйир дод.

Мурури кӯтоҳе дар заминаҳои навҷӯйиҳову озодандешиҳои матбуоти замони Шӯравӣ моро ба ин хулоса овард, ки бо вуҷуди маҳдудиятҳои зиёде, ки озодии амали рӯзноманигоронро нодида мегирифт, дар он солҳо буданд афроде, ки ба озодӣ ва мустақилият меандешиданд ва рисолати касбиашонро ҳифз мекарданд. Ин таҷриба, албатта, дар пайдоиш ва рушди матбуоти мустақил бетаъсир набуд.

Ҷараёни номураттаби инкишофи ҷомеаи Шӯравӣ, ки он замон Тоҷикистон низ ҷузъи он буд, шароитро барои пайдоиши матбуоти озоду мустақил тадриҷан муҳайё месохт. Вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои ҳаштоду навади сади бист заминагузори ашкорбаёнӣ ва тадриҷан ба зуҳур омадани рӯзномаҳои мустақил гардид. Омилҳои фарҳангие низ буданд, ки ин ҷараёнро дар Шӯравии собиқ тезониданд. Аз ҷумла, ба тасвиб расонидани як силсила қонунҳо дар бораи ташкилоти динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, матбуот ва низоми вуруд ва ҳиҷрат аз СССР дар солҳои 1985-1991 фазои маънавии ҷомеаро дигаргун кард.

Зери таъсири ҳамин раванди озодиҳои ҳуқуқии инсон 14-уми декабри соли 1990 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори умум" қабул гардид, ки яке аз омилҳои муҳим дар роҳи пайдоиш ва шаклгирии матбуоти мустақили тоҷик буд. Пеш аз қабули ин қонун дар миқёси Шӯравӣ аз 1-уми августи соли 1990 сензураи матбуот низ бекор карда шуд, ки ба равнақи матбуоти мустақил мусоидат намуд. Ин раванд барои Тоҷикистон низ муҳим ва таъсиргузор буд ва ба таъсиси аввалин намунаҳои матбуоти мустақил мусоидат кард.

Аз ҳамин давра сар карда, то ҷое "Аҳроми иттилоотии марказии агитпропи (Шуъбаи таблиғотии КМ-и ҳизби коммунист аз соли 1934-шарҳи мо) КМ дар гузашта монд. Марказ дигар наметавонист пахшкунандаи ҳақиқат ва директиваи мутлақе

бошад, ки дар ҷумҳуриҳо аҳолии таҳҷоӣ бо хашмгинии ошкоро қабул мекарданд. Барномаи “Время”, рӯзномаи “Советская Россия” ва монанди онҳо дар “ҷанги сард”-и марказу ҷумҳуриҳо нақши инфиҷоргарро бозиданд ва дар ин ҷабҳаи ношоиста то 22 августи соли 1991 бомуваффақият заҳмат кашиданд [4, с.16].

Чунин омилҳои таърихии сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар миқёси Шӯравии собиқ, таъсири он ба тафаккури табақаи муайяни ҷомеаи Тоҷикистон шароитро барои зуҳури тамоюлҳои демокративу озодихоҳ муҳайё сохт. Аз моҳҳои январу феврали соли 1989 омодагӣ ба ташкили наҳзати ҳаракати мардумӣ оғоз ёфт. Ба озодандешону ислоҳотхоҳон дар чунин шароит минбар лозим буд. Ба шаҳодати М. Мирраҳимов “дар зери қаноти Кумитаи Марказии комсомоли Тоҷикистон маҳфили сиёсии “Рӯ ба рӯ” таъсис ёфт” [7, с.176]. Пас аз таъсиси ин маҳфил дар сатҳи маҳаллӣ низ иттиҳодияҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла “Дирафши Ковиёнӣ” (Норак), “Ваҳдат” (Уротеппа), “Ошкоро” (Кӯлоб), “Эҳёи Хуҷанд” (Ленинобод), “Бохтар” (Ховалинг) ва дар Самарқанд ҷамъияти “Самарқанд”, дар Бухоро Созмони “Офтоби суғдиён” ба вуҷуд омаданд, ки аз ҳуқуқи тоҷикони Узбекистон ҳимоят мекарданд.

Маҳз дар ҳамин давра баъзе рӯзномаҳо новобаста ба тобеияти моливу идориашон ба нашри озодонаи иттилоот иқдом намуданд. Дар ин радиф метавон аз рӯзномаҳои “Тоҷикистони советӣ”, ки баъдан бо номҳои “Тоҷикистони Шӯравӣ”, “Ҷумҳурият”, “Комсомоли Тоҷикистон” ва “Ҷавонони Тоҷикистон”) ном гирифт ёд кард. Ин рӯзномаҳо дар замоне ба нашри афкори гуногун оғоз карданд, ки ҳанӯз Шӯравӣ барҷо буд ва ба матбуот ҳизби ҳоким ва давлати расмӣ назорат мекард. Мавқеияти нисбатан мустақили ин рӯзномаҳо, ки танҳо ба нашри озоди андешаҳои мардум пардохта буданд, на ба ҳама писанд буд. Аз ҷумла дар ин замина И. Усмонов навишта буд: “...дар шароити Тоҷикистон нашрияҳое чун “Тоҷикистони советӣ” (нашири афкори КМҲҚ Тоҷикистон, Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирони Тоҷикистон, “Комсомоли Тоҷикистон” (нашири афкори КМ комсомоли Тоҷикистон), “Сухан” (нашрияи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон) байрақбардори зидди сиёсати расмӣ, довиёни истиқлолияти динӣ ва миллӣ буданд” [13, с.216].

Вазъи сиёси, иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои навадуми садаи бист заминаи воқеиро барои пайдоиш ва ташаккули матбуоти мустақил ба вуҷуд овард, ки яке аз омилҳои муассири он, чунонки ишора кардем, зуҳури наҳзатҳои идеявиву сиёсӣ ва ҷамъиятҳои маҳаллӣ буд. Ҳамин омил ба ташкилшавӣ ва фаъолияти матбуоти мустақил заминаи воқеӣ ба вуҷуд овард ва рӯҳияи озодихоҳӣ ва озодандеширо дар ҷомеа инкишоф дод.

Ба ин тартиб, таваҷҷуҳ ба матбуот дар ҳама ҷо зиёд гардида, на фақат табақаи рӯшанфикри ҷомеаро ба худ ҷалб кард, балки табақаҳоеро низ таҳрик бахшид, ки вазъи иҷтимоиашон онҳоро бо чунин фазо мепайваст. Тадриҷан на фақат асоси ҷамъиятӣ, балки заминаҳои иқтисодии пайдоиш ва ташаккули матбуоти мустақил ба вуҷуд омад. Вале дар роҳи пайдоиш ва ташаккули матбуоти мустақили тоҷик вазъи сиёсиву иҷтимоии охирҳои садаи бист ва омили манфиатбахши ғоявию сиёсӣ нақши муҳим ва таъсиргузор дошт. Аз ин ҷиҳат, нахустин рӯзномаи мустақил дар заминаи ормонҳои муайяни ҷаҳоншиносӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва миллӣ ба вуҷуд омада, ҳамин тамоюли мусбат равишҳои асосии бавуҷудоӣ ва ташаккули матбуоти мустақилро дар даврахои баъд муайян кард.

Ба сабаби он ки дар ҷумҳурӣ “ҳанӯз барои чопи нашрияҳои мустақил имконият набуд, нахустин шумораи “Растохез” берун аз ҷумҳурӣ дар Вилнюс ва Бишкек нашр гардид ва пинҳонӣ ба Тоҷикистон оварда шуд” [7, с.176]. Ин рӯзномаро ташкилоти ҳизбиву давлатӣ хуш қабул накарданд ва муқовимати сахте ба муқобили ин рӯзнома оғоз ёфт, ки оқибат сабаби баста шудани он гардид. Минбаъд ин рӯзнома бо номи “Дунё” муддате нашр шуд.

Рӯзномаи “Растохез”-ро гурӯҳе аз муҳаққиқон, аз ҷумла К. Н. Салихов ва Ш.Б. Муллоев “нахустин рӯзномаи мустақил” [12, с.127] донистаанд. М. Миррахим низ бар ин назар аст [7, с. 176-184]. Вале И. Исмонов ва Д. Давронов “Растохез”-ро “рӯзномаи раёсати ҳаракати мардумии растохез” [14, с.250] донистаанд. Ҳарчанд ин рӯзнома баъди аз чоп боздоштан таҳти унвони “Дунё” чун рӯзномаи шахсии Т. Абдуҷаббор ва А. Комилов (14, с. 250) номнавис шудааст, ба ҳаракати мардумии “Растохез” тобеъ буд. Аммо ҳамчунонки Н. Н. Салихов ва Ш. Б. Муллоев низ иқрор шудаанд, ин рӯзнома “нахустин бор мушкилоти ҷумҳуриро на аз дидгоҳи ҳизбӣ” [12, с.126], балки озодонаву мустақилона матраҳ мекард.

Рӯзномаи дигар, ки аз нахустин рӯзҳои нашраш мехост “ҳамчун рӯзномаи мустақил” [11, с.241] дар Тоҷикистони замони Шӯравӣ арзи вуҷуд кунад, ки баъдан бо талоши сармуҳаррир ва гурӯҳи кормандон ба қайд гирифта шуд, ин “Паёми Душанбе” буда, аввалин шумораи он 21-уми декабри соли 1990 ба чоп расидааст. Дар ин шумора хитобаи сармуҳаррири он Додохон Эгамов чоп шудааст, ки хусусияти нашрияро таъйин мекунад. Аз ҷумла дар он хитоба омадааст: “Дар маҷлиси умумии коллектив

мувофиқи Оинномаи тасдиқшуда маро ба раъйи умум, ба муҳлати 5 сол сармуҳаррири “Паёми Душанбе” интихоб карданд. Аз сабаби он ки то ҳоло дахолати дағалона ва хурдагиронаи кормандони аппарати комитети партиявии шаҳри Душанбе ба фаъолияти редаксия давом дорад ва минбаъд “Паёми Душанбе” бояд ақидаи тамоми партияҳо ва гурӯҳҳои ҷомеаро холисона инъикос кунад, дигар худро узви Партияи Коммунистӣ, узви комитети партиявии шаҳри Душанбе ва бюрои он ҳисоб намекунам” [11]. Вокуниши кумитаи ҳизбӣ ба ин иқдоми Д. Эгамов қотеъона буд. Ӯро аз узвияти ҳизб ва сармуҳарририи нашрия озод намуданд ва рӯзнома минбаъд ҳам чун органи ҳизб бо имзои Ибод Файзуллоев чоп шуд.

Агарчи бархе муҳаққиқон ин рӯзномаро нахустин рӯзномаи мустақил [14, с.241] муаррифӣ кардаанд, аз рӯйи шакли моликият ва фаъолияти минбаъдааш он рӯзномаи мустақил нест. Фақат талошҳои сармуҳаррир ва ҳайати таҳририяи рӯзнома барои озод ва мустақил кардани рӯзномаро метавон ҳамчун аввалин кӯшишҳо барои таъсиси рӯзномаи мустақил маънидод кард.

Ҳафтаномаи “Ҷумҳурият” низ бо раҳбарии Мазҳабшо Муҳаббатшоев дар як давра эълон кард, ки нашрия аз тобеияти ҳукумат озод ва мустақил аст. Вале, баъдан ин рӯзнома ба ҳисоби рӯзномаи ҳукумат дохил ва ҳамчун органи ҳукумат қабул шуд. Роҳи пешгирифтаи рӯзномаҳои “Ҷумҳурият”, “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Паёми Душанбе”, “Растохез”, “Адолат”, “Сухан” ифодагари фаъолиятмандии сиёсии табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва болоравии худшиносии миллӣ буд, ки тағйироти ҷиддии дарунии матбуоти тоҷикро дар солҳои навадуми садаи гузашта нишон медиҳад. Ин равандро ҳукумати вақт дастгирӣ намекард, бинобар ин ҳам, сари вақт Мазҳабшо Муҳаббатшоев (сармуҳаррири “Ҷумҳурият”) ва Додохон Эгамов (сармуҳаррири “Паёми Душанбе”) саркӯб шуданд. Зери таъсири ин раванд фаъолиятмандии касбии рӯзномаҳои мустақил тақвият ёфт ва нашрияҳое аз қабили “Мизон”, “Азя плюс”, “Неруи сухан”, “Рӯзи нав”, “Зиндагӣ”, “Фараж”, “Миллат”, “Нигоҳ”, “Озодагон”, “СССР”, “Ҷомеа”, “Ҳафта”, “Факты и коментария” ҷиддан ба инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ва берун аз он пардохтанд. Ин давраи инкишофи матбуоти мустақилро И. Усмонов “давраи ороми инкишофи ВАО” [13, с.226] таъбир кардааст, ки воқеият дошта, заминасози он шароити мусоиди сиёсиву иҷтимоӣ ва омилҳои фарҳангию тиҷоратӣ мебошад, ки қонунҳои амалкунандаи Тоҷикистон замонат медод.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки заминаи таърихиро барои пайдоиш ва ташаккули матбуоти мустақил тағйироти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар сохтори давлати Шӯравии собиқ дар охирҳои солҳои навадум ба вуҷуд овард ва дар мабнои ин таҳаввулот дидгоҳҳо оид ба мавқеияти касбии матбуот то ҷое тағйир ёфта, ба пайдоиши аввалин намунаҳои матбуоти мустақил имконият фароҳам омад. Идеологияи ҳизбӣ ва вазъи сиёсиву иҷтимоии Шӯравии собиқ, аз ҷумла Тоҷикистон чеҳраи типологии рӯзномаҳоро тағйир дода, тадриҷан ба эҳёи матбуоти озод ё худ мустақил, ки тобеияти моливу маъмурӣ, идорӣ ва идеологӣ надошт, мусоидат намуд. Вазъ ва омилҳои муассири таърихӣ, ки муҳимтарини он тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва шароити нави иқтисодӣ буд, хусусияти ин навъи матбуотро муайян кард.

Тамоюли мундариҷавию ғоявӣ ва касбии аввалин намунаҳои матбуоти мустақил, ки таваҷҷуҳи доираҳои васеи мардумро ба худ ҷалб мекард низ аз заминаҳои мусоид ва омили таъсиргузори пайдоиш ва ташаккули ин навъи ВАО мебошад.

Дар ибтидои солҳои навади асри гузашта нахустин рӯзномаҳои озод ба вуҷуд омад, ки ҳадафи хосси ғоявию миллӣ дошта, ба демократӣ кардани мундариҷаи худ талош мекарданд. Аз ин ҷиҳат, пайдоиши ин навъи матбуотро дар навбати аввал “эҳтиёҷи иҷтимоиву таърихии ҷомеа” (“Социально-историческими потребностами общество” [2, с.8] муайян кард.

Истиқлоли Тоҷикистон, фарорасиии сулҳ ва оштии сартосарии миллӣ, то ҷое мусоидати ҳукумат ба тавсеаи фазои озоди иттилоотӣ, кафолатҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ дар мисолу қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти ВАО, таваҷҷуҳи мардум ба матбуот, беҳ шудани сифати рӯзномаҳо аз заминаҳои таърихӣ ва омилҳои фарҳангии муассире буданд, ки аз оғози садаи бисту як ба пайдоиш ва ташаккули матбуоти мустақил ёрии бевосита расониданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро; бо муқаддимаи Камолиддин Садриддинзода Айнӣ. - Теҳрон: Суруш (Интишороти Садо ва Симо), 1381. - 208 с.
2. Багиров Э. Г. Основы телевизионной журналистики / Э. Г. Багиров, Р. А Борецкий, А. Я. Юровский. – М.: Издательство Московского университета, 1987. - 238 с.
3. Бухороӣ Муҳаммадҷон Шакурӣ. Хуросон аст ин ҷо. Маънавиёт, забон ва эҳёи миллии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 2009. - 576 с.
4. Вачнадзе Г. Секреты прессы при Горбачёве и Ельцине / Г. Вачнадзе. - Москва; АО «Книга и Бизнес», 1992. - 424 с.

5. Гулмуродзода П. Қаламу алам // Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон. - Душанбе: Ирфон, 2006. - С. 135-146.
6. Гулмурод, А. Гурдофариди фарҳанги тоҷик // Бузургбонуи матбуоти тоҷик. Ёдномаи Буринисо Бердиева (Маҷмӯаи мақолаҳо ва аксҳо). - Душанбе: Адиб, 2012. - С. 160-165.
7. Мирраҳим М. То ба кай об аз таги ях меравад?. - Интишорот: Atlas, 1998. - 240 с.
8. Мондры Ю. Историческая типология местной прессы / Ю. Мондры // Типология местной прессы. - Ростов-на-Дону: Издательства Ростовекого университета, 1991. - С. 38-46.
9. Набавӣ А. “Бухорои шариф” сароғози матбуоти миллӣ. - Душанбе: Бухоро, 2012. - 182 с.
10. Набипур, А. Аз кӣ мепурсӣ, ки даври рӯзгоронро чӣ шуд? // Бузургбонуи матбуоти тоҷик. Ёдномаи Буринисо Бердиева (Маҷмӯаи мақолаҳо ва аксҳо). - Душанбе: Адиб, 2012. - С. 12-27.
11. Павлов В.А. Царизм противороста местной периодики / В.А. Павлов // Становиние и развитие местной печати Росии. - Воронеж: Издательство Воронежского университета, 1985. - С. 30-36
12. Салихов Н.Н. История таджикской журналистики / Н.Н. Салихов, Ш.Б. Муллоев. - Душанбе, 2014. - 136 с.
13. Усмонов И.К. Журналистика (қисми 3) / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2008. - 448 с.
14. Усмонов И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе, 2008. - 280 с.
15. Шарифзода Қ. Мушкилоти озодии сухан. - Душанбе: Деваштич, 2009. - 100 с.

НИГОҲЕ БА ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ МУСТАҚИЛ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоиш ва ташаккули матбуоти мустақил (ғайридавлатӣ) арзёбӣ мегардад. Воқеият ин аст, ки пайдоиш ва ташаккули матбуоти мустақил заминаҳои таърихӣ ва омилҳои фарҳангӣ дорад. Дар мақола бо қиёсот ва таҳлили таърихиву фарҳангӣ ин масъала равшан карда шудааст. Дар ин равиш қайд мегардад, ки шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухорои охирҳои садаи XIX ва аввали асри XX заминаи таърихӣ ва омилҳои таҷаддудхоҳӣ ба вуҷуд овард. Наҳзати ҷадидия дар ҳамин вазъият аз худ дарак дод ва талошҳои ислоҳотхоҳонааш аз ҷустуҷӯҳои рӯшангароёнаи Аҳмади Дониш маншаъ мегирифт. Дар мақола таъсири раванди рӯшангароӣ, таъсири суннатҳои он ва таҷрибаи рӯзноманигории форсиву туркӣ ва русии он рӯзгор ҳамчун замина ва омили созанда баррасӣ гардидааст. Муайян шудааст, ки то нашри “Бухорои шариф” (11.-уми марти соли 1912), дар ҳудуди қаламрави забони форсӣ рӯзномаҳои “Ахбор” (1799), “Миръот-ул-ахабор” (1822), “Ахтар” (1875), “Парвариш” (1899) ва “Чеҳранамо” (1904) нашр шуда ва баъзеи онҳо дастраси рушанфикрони Бухоро гардиданд. Ин омили фарҳангӣ ҳамчун ҳодисаи таъсиргузор дар пайдоиш ва ташаккули матбуоти мустақил таъбир шудааст. Дар мақола таъсири ислоҳотхоҳонаи матбуоти туркӣ ва русӣ низ ҳамчун омили муассир муайян карда шудааст. Ҳамчунин дар мақола собит шудааст, ки дар пайдоиш ва фаъолияти ин навъи матбуот нақши омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, таърихиву фарҳангӣ ва суннатҳои пешрафтаи рӯзноманигорӣ, дастгирии моддӣ ва маънавии рӯзнома аз тарафи шахсони ҳамиятхоҳ муассир буда, рӯҳи таҳлиливу интиқодии аҳли ҷомеа низ василаи ташаккул ва бақои он аст. Дар ҳамин равиш заминаҳои пайдоиш ва фаъолияти рӯзномаҳои мустақил аз оғози садаи бист то замони истиқлол таҳлил ва арзёбӣ шудааст.

Калидвожаҳо: матбуот, рӯзноманигорӣ, заминаҳои таърихӣ, омилҳои пайдоиш, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, фазои озоди иттилоотӣ,

ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ И ФАКТОРЫ ФОРМИРОВАНИЯ НЕЗАВИСИМОЙ ПРЕССЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье рассмотрены исторические предпосылки и этапы формирования независимых (неправительственных) СМИ. Проанализированы генезис и формирование независимых СМИ с исторической и культурной точек зрения. С помощью историко -сопоставительного анализа, автор проливает свет на существующие проблемы. Подчеркивается, что политическая, социальная и культурная ситуация в Бухаре в конце XIX и начала XX века создала необходимые условия для развития. Именно в этот период возникло просветительское движение, у истоков которого стоял Ахмади Дониш. Автор уделяет особое внимание влиянию персоязычной, турецкой и русской прессы. Определено, что задолго до появления газеты «Бухорои Шариф» в 1911 году, за рубежом на персидском языке печатались такие газеты, как “Ахбор” (1799), “Миръот-ул-ахабор” (1822), “Ахтар” (1875), “Парвариш” (1899) и “Чехранамо” (1904). Некоторые из них доходили до представителей бухарской интеллигенции. В статье показано, что в возникновении и развитии независимых СМИ в Бухарском эмирате в рассматриваемый период важную роль сыграли также общественно- политические и социально-экономические факторы. В данном контексте рассмотрены предпосылки возникновения и развития независимой печати с начала XX до принятия Декларации о государственном суверенитете.

Ключевые слова: печать, журналистика, исторические предпосылки, условия возникновения, политический, социальный, культурный, свободное информационное пространство.

REVIEW OF HISTORICAL BACKGROUNDS AND FACTORS INFLUENCING INDEPENDENT MEDIA DEVELOPMENT IN TAJIKISTAN

This article explores the historical background and factors of arrival and development of independent (non-governmental) Tajik (Persian) media in Central Asia. The fact is that the development of independent media is bound to certain historical and cultural circumstances. This issue is elaborated through comparisons and historical and cultural analysis. This method also implies that political, social and cultural circumstances in the 19th century and early 20th century Bukhara Emirate paved the way for reformist and modernization trends. It was in these circumstances that the Jadidyeh (modernization) movement came into existence and its reformist endeavors had been inspired by the famous 19th century Bukharan intellectual Ahmad Danish’s quest for enlightenment . The article judges the impact of enlightenment movement and its traditions as well as Bukharan intellectuals’ learning from the experience of their contemporary Persian, Turkish and Russian counterparts in constructive and positive light. Certainly, there were a number of newspapers, such as “Akhbar” (1799), “Mer’at-al-akhbar” (1822), “Akhtar” (1875), “Parvaresh” (1899) and “Chehrenema” (1904) which had been published before the advent of “Bukhara e Sharif” in 11 March 1912 and were circulated in the Persian-speaking world, to which Bukharan intellectuals had access. This cultural factor had certainly influenced in emergence of independent media (print press) in the early 20th century Central Asia. The article also

demonstrates how other factors, such as political, social, cultural and historical, progressive journalism traditions, moral and financial support of newspapers by zealous merchants as well as critical and analytical spirit of society was effective and helpful in independent media's survival and sustainability. In the same manner, the article also analyses the circumstances for the emergence and functioning of independent newspapers in the early 20th century.

Key words: newspapers, media, press, journalism, historical background, factors of development, political, cultural, social, free information space

Сведения об авторе: ***Сипехри Каромaтулло*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры печатных СМИ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **futuvvat91@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-517-17-73**

Information about the author: ***Sipehri Karomatullo*** - Tajik National University, postgraduate student of the department of printed mass media. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **futuvvat91@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-517-17-73**

УДК: 621.311 (575.3)

ИНЪИКОСИ МУШКИЛОТИ СОХТМОНИ НБО-И РОҒУН ДАР НАШРИЯИ "ФАРАЖ"

Баҳромзода М.З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Коршиносон муайян намудаанд, ки афзоиши босуръати талабот ба неруи барқ боиси он мегардад, ки дар миёнаи асри XXI тавозуни энергетикии ҷаҳонӣ 2,5 баробар афзоиш ёфта, дар охири аср - 4 маротиба зиёд мешавад [15, с.58]. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аз ҷиҳати дороии захираҳои об бойи минтақа ва ҷаҳон ба ҳисоб рафта, иқтидори гидроэнергетикии он 527 млрд. кВт. соатро ташкил медиҳад. Чунин афзалият имкон медиҳад, ки Тоҷикистон мушкилоти аксари кишварҳои минтақа бо неруи баркро аз байн барад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини худ ва кишварҳои минтақа бо неруи барқ азнавсозии НБО – и Роғунро ба роҳ монд. Сохтмони НБО – и Роғун ҳанӯз соли 1976 оғоз гардида, аз рӯйи нақша бояд соли 1993 анҷом меёфт [2, с. 41]. "Аммо бо сабаби сар задани ҳодисаҳои маълум, бахусус пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, сохтмони оғозгардидаи неругоҳи мазкур дар аввали солҳои 90 – ум тамоман боздошта шуд" [6, с.13].

Тағйироти бузурги сиёсӣ, яъне пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, дар амалӣ гаштани сиёсати энергетикии Тоҷикистон мушкилоти зиёдро эҷод намуд. Аз ҷумла, дар сохтмони неругоҳи мазкур кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан ҳукумати вақти Ҷумҳурии Ӯзбекистон изҳори норозигӣ намуда, иддао дошт, ки сохтмони "Роғун" метавонад аз ҷумла ба камшавии сатҳи рӯдхонаҳо оварда расонад. Аммо тавре коршиносон муайян намудаанд дар асл Тоҷикистон танҳо ба 12, 52% ва ё 14, 58 км³ - и ҳаҷми резиши ҳавзаи баҳри Арал ҳуқуқ дорад. Масалан, дар Ӯзбекистон агар резиши ҳавза 8,8 км³ - ро ташкил дода бошад, пас он 57, 18 км³ ё 49,13%- и онро аз дарё кашида мегирад [7, с.55]. Пас аз ин таҳлил бармеояд, ки даъвоҳои ҳукумати вақти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар мавриди камшавии оби рӯдхонаҳо пас аз ба истифода додани "Роғун" асоси воқеӣ надоранд.

Бояд қайд намуд, ки ҳадафи аслии сохтмони НБО – и Роғун мухолифати миёни кишварҳо набуда, балки бартараф намудани мушкилоти неруи барқ мебошад, зеро ба ақидаи коршиносон "проблемаи энергетика худ ҳамчун як проблемаи глобалӣ, метавонад танҳо ба воситаи ҳамкории кишварҳо ҳал шавад, на рақобати иттиҳодияҳо" [3, с.4]. Маҳз чунин муносибат доштани Тоҷикистон дар сохтмони НБО-и Роғун боис гардид, ки 9 марти соли 2018 бо ташаббуси Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сафари нахустини расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт ва дар натиҷа миёни ин ду кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ дар масъалаҳои муҳимми минтақавӣ музокироти судманд анҷом дода шуд, ки он ба ҳар гуна баҳсҳои миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон, махсусан масъалаи сохтмони НБО-и Роғун хотима гузошт.

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони НБО-и Роғун дубора эҳё шуда, дар муддати кӯтоҳ масъалаи азнавсозии сохтмони он ва баҳсҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар атрофи он сархати маводҳои ВАО – и дохил ва хориҷи кишвар гардид. Тавре профессори тоҷик Ҷовид Муқим гуфтааст: "... иттилоъ дар бораи инсон, ҷомеа ва ягон рӯйдод метавонад тасаввури мусбат ё манфиро ба вуҷуд орад..." [4, с.5]. Аз ин рӯ, баҳри инъикоси беғараз ва возеҳи вазъи сохтмони НБО – и Роғун "публитсистону журналистони Тоҷикистон имрӯзҳо дар маркази набардгоҳи кории

неругоҳи Роғун ҳузур дошта, рафти сохтмонро аз наздик дида... асарҳои публитсистӣ эҷод мекунанд”, - қайд намудааст муҳаққиқи тоҷик Аъзамҷон Азимов [1, с.108]. Воқеан ҳам, нақши матбуот дар тарғибу ташвиқи сиёсати энергетикии мамлакат, бахусус азнавсозии “Роғун”, ниҳоят бузург аст. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик, профессор Мурод Муродов ҳамаи он муаммоҳое, ки ҳаёт ба миён мегузорад, маҳз тавассути матбуот дар саҳифаи таърих мемонад [5, с.35]. Аз ин рӯ, нақши матбуот дар ташаккули афкори ҷомеа хеле назаррас аст.

Дар муддати кӯтоҳ масъалаи азнавсозии неругоҳи мазкур ва баҳсҳои бархе аз кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, бахусус Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар атрофи он, сархати маводҳои ВАО, хусусан матбуоти дохили кишвар гардид. Нашрияи “Фараж” аз ҷумлаи он нашрияҳои мустақили Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки ба мушкилоти сохтмони “Роғун” таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Таҳлили шумораҳои ҳафтаномаи “Фараж”, ки аз соли 2007 то 2018 – ро дар бар мегирад, нишон дод, ки маводҳои нашрнамудаи ҳафтанома оид ба масъалаи сохтмони “Роғун” асосан зери рубрикаҳои “Парадокс”, “Мушкили доимӣ”, “Мавзӯи рӯз”, “Акси садо”, “Вокуниш”, “Баҳси рӯз”, “Нигоҳи тоза”, “Мо ва шумо”, “Суоли рӯз”, “Сиёсати рӯз”, “7 - рӯзи як сол”, “Нигоҳи дигар”, “Мо ва ҳамсоя”, “Бозгашт ба мавзӯъ”, “Ҳамсоя”, “Суҳбати рӯз”, “Ҳангомаи рӯз”, “Дасисаи рӯз”, “Сиёсат”, “Иқтисод” ва маводҳои Радиои Аврупои Озод / Озодӣ зери рубрикаи “Радиои Озодӣ” ва ғайраҳо нашр гардидаанд. Ҳамчунин барои бештар ҷалб намудани таваҷҷуҳи хонандагон ва коршиносони соҳа ба масъалаи сохтмони “Роғун” нашрияи “Фараж” озмуни “Роғун-марзи номус”- ро эълон карда буд, ки дар зери ин рубрика низ назари коршиносони соҳа ва дар маҷмӯъ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он оид ба муҳим будани азнавсозии “Роғун” барои минтақаи Осиёи Марказӣ нашр шудааст.

Таҳлили матолиби нашрияи “Фараж” нишон медиҳад, ки барои ноил шудани Тоҷикистон ба сиёсати муваффақи энергетикӣ баъзе монеаҳо мавҷуд буданд, ки яке аз онҳоро норозигии ҳукумати вақти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар мавриди азнавсозии “Роғун” ташкил медод. Аз ҷумла, дар як матлаби нашрияи “Фараж”, ки 13 январи соли 2010 нашр шудааст, таҳлилгар Парвина Ҳамидова навиштааст, ки “ба ақидаи Ӯзбекистон...сохтани неругоҳҳо ба норасоии об барои обёрии заминҳо дар ин кишвар оварда мерасонад” [20, с.5]. Аз ин рӯ, ҳукумати вақти Ҷумҳурии Ӯзбекистон борҳо кӯшиш намудааст то садди роҳи азнавсозии “Роғун” гардад, ки ин масъала дар маводҳои “Фараж” ба монанди “Чангбоди Тошканд” [22, с.3], “Оби таги ях” [17, с.7], “Ҷанги об дар Осиёи Марказӣ” [16, с. 3] ва ғайраҳо ба таври муфассал аз ҷониби хабарнигорони нашрия ва коршиносони соҳа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Нашрияи “Фараж” маводи зиёдеро роҷеъ ба беасос будани баҳси Ӯзбекистон дар саҳифаҳояш нашр намуда, таваҷҷуҳи коршиносони соҳаро ба ин масъала ҷалб намудааст. Чунончи коршиноси соҳа Ҳомидҷон Орифов дар суҳбат бо Олимҷон Қурбонов, хабарнигори нашрияи “Бизнес и политика”, ки зери сарлавҳаи “Баҳси Ӯзбакистон дар масъалаи Роғун беасос аст!” дар 3 шумораи ҳафтаномаи “Фараж” бознашр шудааст, таъкид намудааст, ки “ҳанӯз дар оғози солҳои 70-и садаи гузашта дар шуъбаи илмӣ-тадқиқотии энергетикии тоҷик (Тадж НИОЭ) омӯзиши шароитҳои табиии гузоштани “трасса” аз НБО-и Роғун, оғоз гардид...Асло мумкин нест, ки сохтмони НБО-и Роғун анҷом ёбаду тавоноии он дар рустӣ, яъне бе пайвандӣ ба истеъмолкунанда монда бошад” [13, с.6]. Мақомоти тоҷик низ борҳо таъкид намудаанд, ки мутолиаи мукаммали тарҳи неругоҳи Роғун дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷониби пажӯҳишгоҳҳои муҳандисии Ӯзбекистон анҷом шуда, “Тошканд дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҳаводори асосии бунёди Роғун буд”, - омадааст дар яке аз маводҳои нашрияи “Фараж” [12, с.3]. Маҳз чунин ҷонибдории деринаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар сохтмони “Роғун” буд, ки имрӯз натиҷаи он ба мувофиқаи ниҳоӣ омадани роҳбарони ҳарду ҷониб, яъне Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, дар ҳалли мушкилоти азнавсозии “Роғун” мебошад.

Масъалаи дигаре, ки нашрияи “Фараж” дар саҳифаҳояш оид ба сохтмони НБО-и Роғун баррасӣ намудааст, ин саҳм гузоштани Ҳукумат ва аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтмони НБО-и Роғун мебошад. Ин масъала, махсусан баъд аз муроҷиати телевизионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳрвандони кишвар ҷиҳати саҳм гузоштан дар сохтмони “Роғун” тавассути харидории саҳмия, дар саҳифаҳои нашрияи “Фараж” мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар партави ҳамин муроҷиати Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, нашрияи “Фараж” барои бедор намудани ҳисси ватанпарастӣ ва масъулиятшиносии халқи тоҷик дар саҳм гузоштани сохтмони “Роғун” озмуни “Роғун-марзи номус” - ро эълон намуд, ки ба ин озмун матолиби зиёди шаҳрвандон, коршиносони соҳа ва худи рӯзноманигорон низ дохил мешаванд. Дар яке аз ин матолиб зери унвони “Роғунро агар ғорат намекарданд...” муҳаққиқ Ҳокими Сафар, оид ба таъсири пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба сохтмони “Роғун” маълумот дода, аз ҷумла, қайд намудааст, ки “бо барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ

алоқаи байни ҷумҳуриҳо канда шуданд. Бунёди нерӯгоҳ дар нимароҳ монд... Дар рӯзҳои воқеаҳои маълуми ҷумҳурӣ дуздону ғоратгарон садҳо мошинҳои боркаш, булдозерҳо, тасмачарххоро ба ғорат бурданд. Агар Роғун тарака намешуд, имрӯз навад фоизи корҳои сохтмонии неругоҳ ба охир мерасиданд” [19, с.15]. Ба воситаи чунин суханон муҳаққиқ Ҳ. Сафар муҳим будани харидории саҳмияи “Роғун” - ро барои барқарор намудани неругоҳи мазкур таъкид намудааст.

Хабарнигорони нашрияи “Фараж” дар ҳолатҳои зиёд кӯшиш намудаанд, ки бо коршиносони соҳа аз наздик суҳбат ороста, андешаи онҳоро нисбат ба ояндаи “Роғун” ва тавоноии миллати тоҷик дар анҷоми сохтмони ин иншооти муҳимми гидроэнергетикӣ пурсон шаванд. Бо ҳамин мақсад, хабарнигорони “Фараж” бо саволи “Оё мо метавонем бо қувваи худ НБО-и Роғунро бунёд кунем?” ба чанд коршиноси кишвар муроҷиат намуданд. Дар ин маводи “Фараж”, ки 5 июни соли 2008 зери рубрикаи “Мавзӯи рӯз” нашр гардидааст, сиёсатшиноси тоҷик Абдуғанӣ Маҳмадазимов нақши НБО-и Роғунро дар баланд бардоштани сатҳи иқтисодии мамлакат ва кишварҳои ҳамсоя муҳим арзёбӣ намуда, аз кушишҳои халқи тоҷик барои сохтмони “Роғун” ҷонибдорӣ намудааст. Коршиносон П. Орзуев ва Д. Уроқов бошанд, баръакс иброз доштаанд, ки Тоҷикистон танҳо наметавонад аз уҳдаи сохтмони “Роғун” ба пуррагӣ барояд, балки онҳо иброз доштаанд, ки “бе сармоягузории хориҷа мо наметавонем сохтмони ин неругоҳи бузургро дар солҳои наздик ба анҷом расонем. Дар ин ҳолат бояд сармоягузори холис ва беғаразеро ҷалб кард, ки манфиатҳои давлати моро низ ба инобат гирад” [18, с.4].

Аммо таҳқиқи мавзӯъ нишон медиҳад, ки баъд аз оне ки Тоҷикистон барои маблағгузории НБО-и Роғун бо Бонки ҷаҳонӣ ба созиш расид, монеаҳои зиёде, ба монанди вуҷуд надоштани шаффофияти сохтмони неругоҳи мазкур ва аз ҷиҳати экологиву техникӣ ба талабот ҷавобгӯ набудани он, ба миён гузошта шуд. Вобаста ба ин масъала Бонки ҷаҳонӣ бо дархости кишварҳои поёноби минтақа ташхиси “Роғун”-ро гузаронида, ба хулосаи амиқ омад. Аммо бо вуҷуди ин, кишварҳои поёноб, аз ҷумла ҳукумати вақти Ӯзбекистон, аз ташхиси бонки мазкур ба пуррагӣ розӣ набуда, иддао намудааст, ки Бонки ҷаҳонӣ аз неругоҳи “Роғун” ҷонибдорӣ намуда, ҳуқуқи кишварҳои поёнобро поймол мекунад. Дар ин хусус нашрияи “Фараж” маводеро зери унвони “Бонки ҷаҳонӣ шикояти Ӯзбекистонро дар бораи Роғун қабул накард” ба табъ расонидааст. Дар маводи мазкур таҳлилгарони нашрияи “Фараж” таваҷҷуҳи хонандагонро ба мавқеи беғарази Бонки ҷаҳонӣ дар сохтмони “Роғун” ҷалб намудаанд, ки дар он аз ҷумла, Бонки ҷаҳонӣ баъд аз баррасии номаи шикоятии кишварҳои поёноб чунин ҷавоб навиштааст: “...барномаи баррасии ҳамаи ҷанбаҳои бунёди неругоҳи барқи обии Роғун аз тарафи коршиносони Бонки ҷаҳонӣ маънии ҳимояти бонк аз ин тарҳро надорад ва ба он нигаронида шудааст, ки пайомадҳои манфии тарҳи Роғун, таъсири он ба муҳити зист ва ҳаёти кишварҳои поёноб ва ҳамчунин тарафҳои мусбати ин тарҳ, аз ҷумла таъмини мардум бо неруи барқ ва густариши иқтисодии минтақаро рӯшан кунад” [9, с.2].

“Ҳоло дар ҷаҳони муосир НБО-и Роғун аз камтарин иншоотҳое мебошад, ки тақдири он баъди сипарӣ шудани қариб чор даҳсола то ҳанӯз ҳам норавшан боқӣ мондааст” [11, с.8]. Ин суханонро таҳлилгари нашрияи “Фараж” Нуралӣ Давлат дар маводи нашрнамудааш “Ҳамтақдири Бушер” рӯзи 18 сентябри соли 2013 иброз доштааст, ки ҳадаф аз суханони мазкур ин тамдид ёфтани муҳлати сохтмони “Роғун” аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ мебошад. Яъне, ба воситаи матлаби мазкур нашрияи “Фараж” иттилоъ додааст, ки гарчанде комиссияи махсус аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ барои ташхиси НБО-и Роғун сафарбар гардида, онҳо аз вазъияти неругоҳ огоҳӣ пайдо кардаанд, аммо бо вуҷуди ин ҳанӯз ҳам ба оғози сохтмони “Роғун” иҷозат дода нашудааст. Аз ин рӯ, нашрияи “Фараж” барои равшанӣ андохтан ба чунин тасмими Бонки ҷаҳонӣ бо саволи “Бонки ҷаҳонӣ чӣ мехоҳад?” назари чанде аз коршиносонро пурсон шудааст. Дар ин пурсиш иқтисодшиноси тоҷик Зулфиқор Исмоилиён иброз доштааст, ки “ташхиси зистмуҳитии НОБ-“Роғун” барои “Бонки ҷаҳонӣ”..., пеш аз ҳама, як қартаи сиёсӣ аст, ки бозӣ карда мешавад дар саҳнаи байналмилалӣ...Ин аст, ки барои ҳар масъалаи сиёсӣ сохтмони он ба таъхир партофта мешавад ё тезонида хоҳад шуд” [8, с.3]. Вакили собиқи Парлумони Тоҷикистон Сӯҳроб Шарифов низ нисбат ба рафтори Бонки ҷаҳонӣ ибрози назар намуда, ба таъхир афтодани сохтмони “Роғун” – ро аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ дар гумроҳ шудани бонки мазкур аз ҷониби коршиносони интихобнамудааш вобаста намудааст. Тавре С. Шарипов гуфтааст: “Ҳамаи коршиносоне, ки Бонки ҷаҳонӣ ҷалб кардааст, ба як консепсия муттаҳид карда нашудаанд. Ҳар кас кӯрпаро ба сӯйи худ мекашад. Ширкате, ки бо мутолеоти фанниву иқтисодӣ машғул аст, ба рӯйи худ ва ширкате, ки бо масоили муҳити зист ва иҷтимоӣ машғул аст ба рӯйи худ. Ин вазъ Бонки ҷаҳониро гумроҳ мекунад” [8, с.3]. Ба воситаи ин матлаб нашрияи “Фараж” масъалаи норавшани тамдиди сохтмони НБО – и Роғунро аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ барои хонандагон возеҳ намудааст.

29 октябри соли 2016 баъд аз чанд соли кӯшишҳо ва интизориҳои зиёди Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди сарбанди “Роғун” оғоз ёфт. Нашрияи “Фараж” вобаста ба ин рӯйдоди

таърихӣ дар саҳифааш аз ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва як гурӯҳ аъзои Ҳукумат, вакилони Маҷлиси намояндагон, намояндагони корпуси дипломатии муқими Тоҷикистон, зиёиён ва як гурӯҳ ҷавонони кишвар ёдоварӣ намуда, амалӣ шудани ин тадбирро “ба хотири идомаи корҳои созандагию бунёдкорӣ дар иншооти стратегӣ-Неругоҳи барқӣ-обии “Роғун” ” номидааст [10, с.3]. Қайд кардан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохта ба истифода додани “Роғун” ният дорад, на танҳо мушкилоти худро бо неруи барқ ҳал намояд, балки манфиати дигар кишварҳои минтақаро низ ба инобат гирифта, дар ҳеҷ сурат ҳуқуқи онҳоро поймол карданӣ нест. Дар ин масъала вазири вақти корҳои хориҷии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ зимни маърӯза дар Маҷмаи умумии СММ 20 сентябри соли 2012 иброз дошта, таъкид намудааст, ки “Тоҷикистон зимни истифода аз зарфиятҳои гидроэнергетикии худ нияти пайгирӣ намудани танҳо манфиатҳои худ ба зиёни тараферо надорад. Баръакс, мо ҷонибдори самимии ҳамкории мутақобилан судманди минтақавӣ ҳастем” [21, с.4]. Ба воситаи маводи мазкур, нашрияи “Фараж” мавқеи муҳим доштани сиёсати “дарҳои боз”-и Тоҷикистонро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа нишон додааст. Иншооти муҳимми гидроэнергетикӣ будани “Роғун”, махсусан, дар маводи навбатии “Фараж”, ки 24 январи соли 2018 таҳти унвони “Вақте дигарон Тоҷикистонро эътироф мекунанд” нашр гардидааст, ба таври муфассал баён мегардад. Дар ин мавод, ки ба қалами Бахтиёри Қутбиддин мудири кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ тааллуқ дорад, муаллиф бардошти худро аз матни нашрнамудаи рӯзномаи “Минбари халқ” оид ба баҳои баланди публитсист ва рӯзноманигори рус Александр Проханов ба НБО-и Роғун ва талоши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва халқи тоҷик дар амалӣ шудани сохтмони иншооти мазкур рӯйи чоп овардааст. Б. Қутбиддин дар маводи мазкур таваҷҷуҳи хонандагонро махсусан ба баҳои беғаразона ва холисонаи таҳлилгари сиёсати байналхалқӣ А. Проханов нисбат ба “Роғун” ҷалб намудааст. Тавре муаллиф зикр намудааст, А. Проханов НБО-и Роғунро меваи нияти бузург номидааст, ки он қувваи бузурги ҳаётбахши сайёраро доро мебошад. “Ин кори умумии деринтизор аст, ки сарватманду камбизоат, ҷавону пир, эътиқодманду беэътиқодро муттаҳид мекунад”, - омадааст ба таври иқтибос суханони сиёсатмадор ва рӯзноманигори рус А. Проханов дар маводи нашрнамудаи “Фараж” [14, с.3].

Дар асоси суханони А. Проханов мо ба хулосае меоем, ки сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли НБО-и Роғун на танҳо ба манфиати ин кишвар, балки барои танзими захираҳои обӣ ва истеҳсоли неруи барқи босифати тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронида шуда, дар ҳаёти иқтисодии минтақа нақши созандаро доро мебошад. Дар ин ҷода нашрияи “Фараж”, ҳамчун ҳафтаномаи ҷамъиятӣ-сиёсӣ, тавонистааст тавассути маводҳои нашрнамудааш дар масъалаи азнавсозии “Роғун” сиёсати энергетикии Тоҷикистонро ба таври комил ҳифз намуда, ба ҳама гуна даъвоҳои беасоси кишварҳои поёноби минтақаи Осиёи Марказӣ дар мавриди хатари сохтмони ин неругоҳ барои минтақа ба воситаи маводҳояш ҷавобҳои мусбат гардонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Рӯзнома ва рисолати худшиносӣ / А. Азимов. - Душанбе: Шарқи озод, 2015. - 152 с.
2. Аҳмадов Р. Роғун - бахти рӯзафзун / Р. Аҳмадов. - Душанбе: Рӯшноӣ. – 2003. – 84 с.
3. Глобальная энергетическая проблема / отв. ред. И.Д. Иванов. - М: Мысль, 1985. - 239 с.
4. Муқим Ҷ. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз. - Душанбе: Деваштич, 2006. – 124 с.
5. Муродов М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публисистӣ. Маҷмуаи мақолаҳо / М. Муродов. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 122 с.
6. Самиев Ш. Истиқлолият ва энергетика: сиёсати энергетикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш. Самиев. - Душанбе: Эҷод, 2006. - 88 с.
7. Арифов, Х.О. Освоение гидроэнергетических ресурсов Таджикистана и некоторые правовые вопросы водопользования в бассейне Арала / Х.О. Арифов, П.Х. Арифова // Энергетическое право. - 2009. - №2(13). - С. 55 – 61.
8. Бонки Ҷаҳонӣ чӣ мехоҳад? // Фараж. – 2012. – 30 май. – № 22 (287).
9. Бонки Ҷаҳонӣ шикояти Ӯзбекистонро дар бораи Роғун қабул накард // Фараж. – 2011. – 9 феврал. – № 6 (216).
10. Бунёди сарбанди «Роғун» оғоз ёфт! // Фараж. – 2016. – 2 ноябр. – № 45 (518).
11. Давлат Н. Ҳамтақдири Бушер ва ё НБО Роғун кай сохта мешавад? / Н. Давлат // Фараж. – 2013. – 18 сентябр. – № 38 (355).
12. Ислом Каримов. Роғунро сохтанӣ бошед, барака ёбед, созед! / Ислом Каримов // Фараж. – 2009. – 19 феврал. – № 7 (114).
13. Қурбонов О. Баҳси Ӯзбакистон дар масъалаи Роғун беасос аст! (ва ман инро чун шоҳиди бевосита тасдиқ мекунам) / О. Қурбонов // Фараж. – 2010. – 10 феврал. - № 51 (205).
14. Қутбиддин Б. Вақте дигарон Тоҷикистонро эътироф мекунанд (дар ҳошияи мақолаи адиб ва публитсисти рус Александр Проханов - «Бунёди тамаддуни зеризаминӣ дар Тоҷикистон») / Б. Қутбиддин // Фараж. – 2018. – 24 январ. – № 4 (582).
15. Мазур И.И. Глобальная энергетическая безопасность / И.И. Мазур // Век глобализации. - 2008. - №1(1). - С. 57-69.
16. Муҳаббатов Х. Ҷанги об дар Осиёи Марказӣ / Х. Муҳаббатов // Фараж. – 2009. – 11 июн. – № 24 (131).

17. Оби таги ях (Ӯзбекистон дар асл чӣ мехоҳад?) // Фараж. - 2009. - 5 март. – № 9 (116).
18. Оё мо метавонем бо қувваи худ НБО-и Роғунро бунёд кунем? // Фараж. – 2008. – 5 июн. – № 23 (77).
19. Сафар Ҳ. Роғунро агар ғорат намекарданд… / Ҳ. Сафар. – Фараж. – 2010. – 27 январ. – № 4 (171).
20. Ҳамидова П. Симои ҷосуси ҳамсоя (ё баҳсҳои тоҷикону ӯзбекон атрофи парвандаҳои ҷосусӣ аз ихтилофоти сиёсӣ дарак медиҳанд) / П. Ҳамидова // Фараж. – 2010. – 13 январ. – № 2 (169).
21. Ҳамрохон Зарифӣ дар СММ: «Роғун ҳаққи комили мост» // Фараж. – 2012. – 3 октябр. – № 40 (305).
22. Ҷумъаев Х. Чангболи Тошканд / Х. Ҷумъаев // Фараж. – 2010. – 16 июн. – № 24 (191).

ИНЪИКОСИ МУШКИЛОТИ СОХТМОНИ НБО-И РОҒУН ДАР НАШРИЯИ “ФАРАЖ”

Дар мақолаи мазкур тарзи инъикоси масъалаи сохтмони НБО-и Роғун ҳамчун иншооти бузурги гидроэнергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ дар нашрияи “Фараж” мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асоси омӯзиши маводи нашрияи мазкур оид ба масъалаи сохтмони “Роғун”дар давоми солҳои 2007-2018, муаллиф муайян намудааст, ки нақши матбуот, махсусан нашрияи “Фараж”, дар баррасии мушкилоти “Роғун” ниҳоят муҳим мебошад. Ба воситаи пажӯҳиши матолиби “Фараж” оид ба сохтмони НБО-и Роғун, дар мақола ҷанбаҳои гуногуни вуҷуд доштани мушкилот дар сохтмони “Роғун” мушаххасан нишон дода шудааст. Дар мақола дар асоси маводҳои нашрнамудаи “Фараж” то замони ба вуқӯъ пайвастани сафари нахустини расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон, ки ба ҳар гуна баҳсҳои миёни ду кишвар дар атрофи “Роғун” хотима гузошт, аз ҷониби хабарнигорону таҳлилгарони нашрия ва коршиносони соҳа матолиби зиёди таҳлилӣ нашр гардидааст, ки онҳо ҳукумати собиқи Ӯзбекистонро монеаи асосии сохтмони “Роғун” нишон додаанд. Нишон дода мешавад, ки нашрияи “Фараж” масъалаи азнавсозии “Роғун”-ро якҷониба пайгирӣ накарда, маводҳои зиёдеро роҷеъ ба беасос будани баҳси Ӯзбекистон дар мавриди сохтмони “Роғун” низ дар саҳифаҳояш нашр намудааст. Муаллиф муайян намудааст, ки хабарнигорони нашрияи “Фараж” муҳим будани сохтмони НБО-и Роғунро барои Тоҷикистон дарк намуда, махсусан баъд аз муроҷиати телевизионии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саҳм гузоштан дар сохтмони “Роғун” тавассути харидории саҳмия, ба ин мавзӯъ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аз ҷумла, дар мақола қайд мегардад, ки нашрияи “Фараж” барои бедор намудани ҳисси ватандориву масъулиятшиносӣ ва саҳм гузоштан дар сохтмони “Роғун” озмуни “Роғун-марзи номус”-ро эълон кард, ки ин озмун имкон дод, то шаҳрвандони кишвар, коршиносони соҳа ва худи рӯзноманигорони нашрия оид ба аҳамияти муҳимми минтақавӣ доштани “Роғун” ва мушкилоти он ибрози назар намоянд. Дар хулосаи мақола муаллиф муҳим ва созанда арзёбӣ гардидани сиёсати энергетикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро аз ҷониби нашрияи “Фараж” нишон додааст.

Калидвожаҳо: матбуот, “Фараж”, энергетика, Тоҷикистон, НБО-и Роғун, Ӯзбекистон, Осиёи Марказӣ, минтақа, коршинос, Бонки ҷаҳонӣ.

ОСВЕЩЕНИЕ ПРОБЛЕМ СТРОИТЕЛЬСТВА РОГУНСКОЙ ГЭС В ИЗДАНИИ “ФАРАЖ”

В этой статье исследуется вопрос освещения проблем строительства Рогунской ГЭС, как гигантского гидроэнергетического сооружения Среднеазиатского региона в издании “Фараж”. На основе изучения материалов, представленных изданием о проблемах строительства “Рогун” в течение 2007-2018 гг., автор определил, что вклад прессы, особенно издания “Фараж” в представлении проблем строительств Рогунской ГЭС очень велик. Путём исследования материалов “Фараж” о строительстве Рогунской ГЭС, в статье говорится о разносторонних проблемах строительства ГЭС Рогун. В статье на основе материалов, опубликованных “Фараж”-ем до официального визита Президента Республики Узбекистана Шавката Мирзиеёва в Таджикистан 9 марта 2018 года, который решил много спорных вопросов между двумя странами вокруг “Рогун”-а, со стороны аналитиков, экспертов и журналистов были опубликованы многочисленные материалы по данному контексту, в которых говорится о тех препятствиях, которые представлялись бывшим правительством Узбекской республики. Также показано, что издание “Фараж” неодносторонное расскрывает проблему реконструкции ГЭС, и приводит многочисленные факты и материалы о бесмысленных споровах Узбекистана по поводу строительства “Рогун”. Автор определяет, что журналисты издания “Фараж”, осознавая важность строительства ГЭС “Рогун” для Таджикистана, особенно после обращения Президента страны Эмомали Рахмона к гражданам республики с целью внесения вклада в строительство этого сооружения путем покупки акций, обратили пристальное внимание на данный вопрос. В том числе в статье отмечается, что издание “Фараж” для пробуждения чувства патриотизма, ответственности и инициатив в строительстве “Рогун” объявлен конкурс “Рогун - граница совести” (“Роғун-марзи номус”), что этот конкурс дал возможность гражданам страны, экспертам и журналистам высказать свои взгляды и мнения о региональном значении строительства этого важного стратегического объекта. В конце статьи автор отмечает о важности и созидательности энергетической политики Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона со стороны издания “Фараж”.

Ключевые слова: печать, “Фараж”, энергетика, Таджикистан, Рогунская ГЭС, Узбекистан, Средняя Азия, регион, эксперт, Всемирный банк.

REFLECTING THE PROBLEMS OF CONSTRUCTION OF THE ROGUN HPP IN THE PUBLICATION “FARAZH”

This article examines the issue of reflecting the problems of the construction of the Rogun HPP, as a giant hydro environmental structure of the Central Asian region in the publication "Farazh". Based on the study of materials presented by the publication on the problems of “Rogun” construction during 2007-2018 years, the author determined that the contribution of the press, especially the publication “Farazh”, in presenting the problems of the “Rogun” hydroelectric power station construction is very large. By examining of the materials of “Faraj” about the construction of “Rogun” hydroelectric power station, the articles talks about the many-sides problems of the construction of the Rogun HPP. In the article on the basis of materials published by “Farazh” before the official visit of the President of the Republic of Uzbekistan Shavkat Mirziyoev to Tajikistan on March 9-th, 2018, which solved many controversial issues between the two countries around the “Rogun”, analysts, experts and journalists published numerous materials on this context in which they speak about those obstacles that were presented by the former government of the Uzbek Republic. It is also shown that the publication “Farazh” contains a multifaceted problem of reconstruction of the HPP, and cites numerous facts and materials about Uzbekistan's senseless disputes over the construction of “Rogun”. The author determines that the journalists of

“Faraz” newspaper, realizing the importance of the construction of the Rogun hydropower station for Tajikistan, especially after the request of the President of the country, Emomali Rahmon, to citizens of the republic to pay a contribution to the construction of this structure through the purchase of shares drew close attention to this issue. Especially, in the article it is noted that the publication “Farazh” for awakening the sense of patriotism and responsibility and initiatives in the structure of “Rogun” announced the contest “Rogun - the border of conscience” (“Rogun-marzi nomus”) that this contest gave the opportunity to citizens of the country, experts and journalists to put forward their views and opinions on the regional significance of the construction of this important strategic facility. At the end of the article, the author notes the importance and creativity of the energy policy of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon from the “Farazh” publication.

Key words: press, “Farazh”, energetic, Tajikistan, Rogun HPP, Uzbekistan, Central Asia, region, expert, The World Bank.

Сведения об авторе: ***Бахромзода Манижаи Зафаршодухт*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **bakhromzodam@mail.ru**. Телефон: **(+992) 93-465-06-04**

Information about the author: ***Bahromzoda Manizhai Zafarzhodukht*** - Tajik National University, Doctoral Ph.D of international journalism department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **bakhromzodam@mail.ru**. Tel.: **(+992) 93-465-06-04**

УДК: 07(575.3)

ОҲАНГИ ЗАМОН ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ БАДЕИИ АСАДУЛЛО САЪДУЛЛОЕВ

Исмоилзода Зинатулло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вақте сухан сари публитсистика меравад, эҷоде пеши назар меояд, ки ба воқеияти рӯз пайванди ногусастанӣ дорад. Зеро публитсистика «ҳамчун соҳаи алоҳидаи эҷод, бозгӯкунандаи рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа рисолати худро дорад» [3, с.294]. Асадулло Саъдуллоев публитсист ва нигорандае буд, ки оҳанги замонро амиқан дарк намуда, бо назардошти он публитсистикаи сиёсиву бадеии худро шакл мебахшид. Барои ин идрок ба муаллиф сатҳи баланди донишу ҷаҳонбиниҳо мусоидат кардааст. Муаллиф дар ҳудуди беш аз 500 мақолаи публитсистӣ, 12 асари илмиву адабӣ, 45 асари таълимӣ бо назардошти унсурҳои иҷтимоӣ соҳибмавқеъ мебошад. Дар ҳар кадом самт бо устуворию мавқеъ ва завқи баланд осореро ба мерос гузоштааст, ки моҳияти худро дар навбати аввал дар алоқамандӣ бо оҳанги рӯз пайдо менамояд. Махсусан публитсистикаи бадеии А.Саъдуллоев бо ҳамин таъйиноти худ аз авзоъ ва воқеияти мушаххаси замонҳо бо хонанда дар гуфтугӯ мебошад. Чун ҳамешагӣ қонунияти «…дар инкишофи насри мустанад мусоидат кардани заминаҳои иҷтимоӣ…» [8, с.23] ин адиби мушоҳидакорро водор менамуд, ки эҷоди якнавохт надошта бошад ва бо сатҳи маърифати шоиста дар шинохти таҳаввулоти зиндагӣ талош намояд.

Барои такомули эҷодии ин адиби муҳаққиқ фаъолият дар васоити ахбори умум боис гаштааст ва садҳо мақолаву хабару очерку лавҳаҳоро дар солҳои гуногун навиштааст. Ҳамаи ин заминаҳое буданд, ки рӯзе муаллиф чун як адиби насрнависи иҷтимоӣ камол ёбаду барои ҷомеа муаррифӣ шавад. Муаллиф ҳамчун як нависанда ва муҳаққиқ аз раванди эҷодӣ таъйиноти «тасвири дақиқи воқеӣ ё шабеҳи воқеият» [12, с.94]-ро, ки дар насри реалистии тоҷик чун талаботи муҳим пеш гузошта мешуд, хеле амиқ воқиф аст. Ин наср дар чандин шоха инкишоф меёфт, ки насри публитсистӣ ва публитсистикаи матбуотӣ аз ҷумлаи онҳо ба шумор мерафт. Махсусан публитсистикаи матбуотӣ насри «реалистӣ»-ро бештар инкишоф ва дар зери таъсир қарор медод. Зеро публитсистикаи матбуотӣ аввалин қадам дар роҳи бунёди асарҳои бузурги насрие ба ҳисоб мерафт, ки дар ҷавҳари онҳо воқеияти рӯз қарор мегирифт. Публитсистикаи матбуотӣ аз тавлиди минбаъдаи асарҳои насрии воқеъгароёна мужда медод. Махсусан, очерку қиссаҳои матбуотӣ дар гузашта ва имрӯз низ аз арзиши муайян барҳӯрдор буда, боиси ҷалби таваҷҷуҳи омма мебошанд. Ҳамин аст, ки публитсистикаи матбуотии муаллиф доманадору васеъ буда, як таҳқиқи бунёдиро талаб дорад, ки алҳол ин масъала ба самти таҳқиқи мо дахл надорад. Мо дар ин самт бештар ба китобҳои «Дарё равон аст», «Бозсозӣ – оини худсозӣ», «Дил ба ёдгор», «Афғонистон: инқилоби ғайриинтизор» таваҷҷуҳ кардаем. Ин асарҳо аз махсусиятҳои умда иборат гаштаанд. Зеро бадеияти ин асарҳо алоқамандии хосро бо воқеият нигоҳ дошта, дар самти таъсир ба афкори хонанда ҳар кадом бо услубу нигориши мутафовут таъсиргузор мебошанд. Дар ин самт китоби «Бомдоди шубоб» низ қобили зикр аст. Аммо бо назардошти костагии рӯҳи иҷтимоӣ ин асар бештар ба адабиёт майл пайдо менамояд. Албатта, онро асари соф бадеиву адабӣ номидан душвор аст ва дар он низ муаллиф соҳиби мавқеи мушаххаси худ мебошад. Танҳо рӯҳи бадеии ҳикояҳои публитсистии ин асар оҳангҳои иҷтимоиро дар маҳдудаи маълуме нигоҳ доштаанд.

Маҷмӯаи «Дарё равон аст» (соли 1985) аз 21 очерку лавҳаҳои хурду бузург иборат буда, тасвири воқеоти рӯз аст ва дар мазҳари онҳо инсони воқеӣ қарор мегирад. Дар асари мазкур ҳунари саҳнасозиву офариниши симо ба ҳам омада, гоҳо қатъӣ, гоҳо тариқи ишора ва гоҳо пардапӯшона ба раванди воқеоти рӯз баҳогузорӣ карда мешавад. Маълум аст, ки «…Публитсистика хосияти тарбиявию иҷтимоӣ дорад ва барои дарки оянда мусоидат мекунад» [7, с.116]. Дар ҳақиқат, ҷанбаи тарбиявии ин асар дар мадди аввал аст. Дар маркази он тарбияи инсони кору пайкор қарор гирифта, таҳаввулоти замонҳову сохтҳо ба заҳмати онҳо вобаста кунонида мешавад. Дар роҳи бунёдкориҳо қаҳрамонони асар ба хонанда намунаи ибратанд. Муаллиф дар симои Раҷаб ва Карим фидоиёнеро нишон додан мехоҳад, ки бо меҳнату садоқаташон ба мартабаҳои баланд роҳ ёфтаанд. Бародарон парвардаву садоқатмандони сохти нав мебошанд ва фаъолияти пурсамари роҳбарии онҳо одамонро ба зиндагии неки оянда бовар мебахшад. Махсусан, зиндагиву кор, пиндору рафтор ва муносибату фаъолияти Карим ҷанбаи муассирии як очерки бадеиро таъмин кардаанд. Зиндагии Карим дар ду сохт бо мантиқи маънодор ва қиёси равшан нишон дода мешавад. Дар асари «Дарё равон аст» нақли бадеӣ ғолиб бошад ҳам, вале масъалаҳои сиёсиву иҷтимоии замон бо оҳанги муассир ба назар мерасанд. Масалан, муносибати байни миллатҳо, ки дар замони навиштани асар бо истилоҳи интернатсионализм шинохта мешуд, бо шеваи ҳамоҳангӣ ба фазои рӯз ба миён гузошта мешавад. Чунончӣ, дар очерки «Имтиҳони вафодорӣ» вобаста ба баёни ин мавзӯъ муаллиф аз таззоди аҷиб истифода менамояд. Қолабҳои замонӣ, анъанаву хурофот ва расму русуми ҷомеа баррасӣ гашта, саҳнаи рӯзгори лӯлиҳо хонандаро амиқан мутаваҷҷеҳ менамояд. Издивоҷи духтари тоҷик бо ҷавони лӯлӣ дар замоне нишон дода мешавад, ки ин амалро одамон нанг мешуморианд. Муаллиф дар ин роҳ аз усуле кор мебарад, ки хеле осон ҳамоҳангии ҷараёни ҳаводиси рӯз тантана пайдо менамояд. Яъне муҳаббати онҳоро дар майдони меҳнат нишон дода, омилҳои маънавию фарҳангии майдони меҳнатро чун як нигорандаи мушоҳидакор ба қалам додааст.

Дар очерки «Яке бо миллионҳо», ки дар он муаллиф низ бо «ман»-и худ қаҳрамони маълуми асар мебошад, хосияти санадии матн боло меравад. Агар навишта саропо дар оғӯши факту рақамҳои зиёд қарор гирифта бошад ҳам, вале муаллиф аз услуби дӯстоштаи худ – намои хосси симои қаҳрамон канор намеравад. Муаллиф дар ҳамаи навиштаҳои худ, ки дар онҳо симоҳои кору пайкор пайгирӣ карда мешаванд, тақлиду пайравиро ба кор намебарад. Дар сохтани симоҳои воқеии ҳаётӣ ӯ сабку услуби хоссаи худро ба вуҷуд овардааст. Қаҳрамонони асарҳояш низ андак нестанд ва бо хислату характери фарқкунанда дар ҷомеа ангуштшумор мебошанд. Фаъолияти Раҳмон Сафаровро зимни муколамаву суҳбатҳо ва саҳнаҳои рӯзгор чун як симои кору пайкор нишон дода тавонистааст, ки барои хонанда хотирмон мешаванд. Муаллиф қаҳрамони худро чун як сарчашмаи махзани маълумотҳо дар бораи корнамоиҳои қурбониёни ҷанги ватанӣ нишон медиҳад.

Оҳангҳои замон дар нигоштаҳои бадеии А.Саъдулоев якнавохт нестанд. Муаллиф таъйиноту рисолати «публитсистон - отряди пешоҳанги кормандони идеологӣ» [6, с.49]-ро хеле хуб дарк менамуд ва ин масъала барояш ҳанӯз аз даргоҳи рӯзнома маълум буд. Ба назари мо, публитсистикаро танҳо бо «хосияти матбуотии он» [9, с.50] шинохтан чандон саҳеҳ нест**.** Аз ҷониби дигар, инкор низ карда наметавонем, ки публитсистика тавассути минбари ВАО бештар ба омма робита пайдо менамояд. Аммо дар баробари он, «инкишофи мустақилонаи он тавассути нашри китобҳои алоҳидаи публитсистӣ» [6, с.49] низ, аз ҷониби аксар муҳаққиқон зикр карда мешавад. Ба ин асос китобу асарҳои алоҳидаи публитсистӣ дар навбати аввал бозгӯи мавқеи иҷтимоии муаллиф мебошанд. Баъзан барои муаллифон майдони матбуот маҳдуд мешавад ва дар ин ҳангом онҳо ба асарҳои алоҳидаи публитсистӣ муроҷиат менамоянд. Асари публитсистӣ дар ин мавридҳо аз нигоҳи қолабу хусусиятҳои жанрӣ ба адабиёт майл пайдо менамояд. Зеро дар онҳо масъалаҳои банду баст, сужа, образ, бархӯрд ва моҷарои қобили таваҷҷуҳ пайдо мешаванд. Дар ин гуна асарҳо ҳунари офаринишу шинохт шакли махсус дорад ва хонанда замону макону афроди мушаххаси ҳаётиро шинохта мегирад. Асари «Бозсозӣ – оини худсозӣ»-и (соли 1990) Асадулло Саъдуллоев аз шумори ҳамин гуна асарҳо мебошад. Ин маҷмӯи очеркҳои адиб низ дар якҷоягӣ барои пайдоиши як очерки фарохдоман мусоидат кардаанд. Дар асари мазкур вакили халқии ИҶШС Ҳасан Маннонов чун образи марказӣ қарор мегирад. Чун анъана муаллиф боз ҳам дар чаҳорчӯбу қолаби маҳдуди нақли маълумотӣ қарор намегирад. Фазои як коргоҳро ба хонанда аз паҳлуҳои гуногун ошкор месозад. Садоқату вафодорӣ, меҳнати содиқона ва омилҳои манфии замони муайян тариқи саҳнаҳои бадеии ҷолиб баён мегарданд. Симои Ҳасан Маннонов на бо маълумоту нақлҳои обшуставу асноду маълумоти маҳфуз дар корхона, балки дар саҳнаву лавҳаҳои алоҳида, аз забони қаҳрамонони дигар баён карда мешавад. Муаллиф ноҷӯриҳову ноадолатиҳои замонро мебинад, дарк месозад ва бо истифода аз таҳлилу ҳукмҳои фардӣ раванду ҷараёнҳои маълумро ташхис менамояд. Манфиатҷӯёнро, ки боиси даҳшатҳову

нобудии сохти замон мебошанд, танқид менамояд. Хиёнаткорони ҳизб таъкид карда мешаванд ва маънодорона сиёсати бозсозӣ танқид ҳам карда мешавад. Бояд гуфт, ки дар ин асар мавқеи иҷтимоии муаллиф ва васфу оҳанги замон дар қиёс бо «Дарё равон аст» фарқ дорад.

Асари «Дил ба ёдгори адиб» аз ду самти муҳимми ифодаи ҳадаф иборат гаштааст. Нахуст дар он ҷилои чеҳра ба назар мерасад. Сониян муаллиф дар баёни оҳанги рӯз дар қиёс бо дигар асарҳои худ боҷуръаттар аст. Қонунияти маълуми «ҷавҳари публитсистика ин устувории мавқеъ, ҳадафмандӣ ва ҷуръатнокӣ аст» [9, с.166], ки дар шакгирии ин асар таъсири бештар дорад. Ноадолатиҳову даҳшатҳои замони ҷанги шаҳрвандӣ аз равзанаи диди адиб дар фосила қарор надорад. «Тинати нопоки соҳибзамононе»-ро, ки арзишҳои инсониро нобуд сохтан мехостанд, ошкоро баён мекунад. Хосияти публитсистии ин асар дар ҳамин ошкоргӯии муаллиф зоҳир мешавад. Дар ҳақиқат, мавқеи фардии муаллиф ба таври ҳамеша аввалин шинохти асари публитсистӣ ба шумор меравад. Танҳо публитсистика дар нишон додани мавқеи иҷтимоӣ имкони бештарро дар ихтиёр дошта метавонад: «Яке аз воситаҳои муҳимми муайян кардани мавқеи фардӣ ва эҷодӣ публитсистика ба ҳисоб меравад» [4, с.269]. Дар эҷоди публитсистӣ, мавқеъ гуфта мо дар навбати аввал ҷуръатро дар назар дорем, аммо на он ҷуръате, ки дар пояи ғарази фардӣ сурат гирифта бошад. Ҷуръат барои манфиати иҷтимоӣ ҳамеша чун як сабти мондагор боқӣ мемонад, ки ин ҷиҳат низ як шинохти муҳимми публитсистика аст. Муаллиф дар ин навиштаву асар ба гузашта баҳо намедиҳад, балки дар ҳамоҳангӣ ба ҷараёни вақт замони пурхавфи оғози солҳои навдумро бо ҷузъиёти маҳдуд ҳам бошад, пеш меорад ва нисбати онҳо нафрат доштани худро пинҳон намедорад. Дарди маҳалгароӣ, буҳрони маънавӣ, қадр надоштани инсон, гум шудани арзишҳои башарӣ ва амсоли онро чун падидаҳои манфии фанои миллат баҳогузорӣ менамояд. Як хусусияти асари мазкур он аст, ки вассофиҳои қаблие, ки дар дигар асарҳо дида мешуданд, қариб ба назар намерасанд. Ҳамзамон омӯзишу таҳқиқи гузаштаи таърихӣ низ боло меравад. Оғози асар аз ҳамин масъала шурӯъ мегардад ва ҷойи инкор нест, ки дар солҳои салтанати Ҳокимияти Шӯравӣ бинобар маҳдудияти баёни андеша муаллиф ин имкони баёнро надошт. Тамаллуқу маддоҳиҳои алоҳидаи солҳои сиюм, ки аз ҷониби як зумра адибон ба сабқат табдил ёфта буд, дар такя ба фаъолияти Набӣ Фахрӣ (падари Мукаррама) хеле возеҳу равшан мазаммату танқид карда мешаванд. Барҳам задани анъанаҳои неки баёну эҷоди классикӣ бо таассуфи маълум зикр мегардад. Асадулло Саъдуллоев дар интихоби қаҳрамонони худ ҳамеша муваффақ аст ва онҳо хотирмону мондагоранд. Дар симои қаҳрамонони ӯ ҳамеша тору пуди замонҳо таҷассум меёбанд. Аз ҷумла Набӣ Фахрӣ ва Мукаррама Набиева он шахсиятҳое мебошанд, ки онҳоро муаллиф аз корзори зиндагӣ дарёфтааст. Зиндагиву фаъолияти онҳо дар чандин даврaҳо ишораву таъкид гардида, пиндору рафтори онҳо барои хонанда ибратомӯз нишон дода мешаванд.

Яке аз асарҳои ҷолибу публитсистии адиб «Афғонистон: инқилоби ғайриинтизор» аст, ки 103 лавҳаву ҳикояву эссеро дар бар мегирад. А. Саъдуллоев бо иншои ин асар собит намудааст, ки «як мазмунро дар даҳ шакл баён карда тавонистан…» [1, с.79] ҳунар аст. Муаллиф дар ин асари худ чун як адиби баркамол ба назар мерасад ва ҳамзамон чунин эҳсос мешавад, ки муаллиф аз ташхису таҳлили оҳанги рӯз хастанамо аст. Ӯро акнун на падидаҳои замонӣ, балки бештар ботини афроди алоҳида азоби рӯҳӣ медиҳанд. Услубу сабки мутафовути дигарро истифода карда, ба он муваффақ шудааст, муҳити хосси маънавии шахсиятҳоро нишон диҳад. Тасвир ва бадеият дар ин асар дар дараҷаи баландтар қарор дошта бошад ҳам, вале муаллиф боз ҳам аз баёни оҳанги замон дур нест. Қолабҳои жанрии очерку эссеву репортажҳои бадеӣ дар асар махлут гаштаанд ва дар онҳо сарҳад нигоҳ дошта намешавад. Он нукта низ мавриди таъкид аст, ки «очерки тасвирӣ, ё эссеи маърифатӣ» [2, с.118] беҳтарин қолабу имкони баёни мавқеи муаллиф ба ҳисоб меравад. Ба ин манзур, муаллиф бештар хусусияти жанри эссеро нигоҳ дошта, хонандаи худро ба Афғонистони солҳои ҳаштодуми асри гузашта, ба донишгоҳи ин кишвари ҳамзабону ҳаммарз, ба доираи олимону адибон, ба олами ботинии одамон шинос менамояд. Маълум аст, ки эссе дар бештари маврид дар заминаи ҳаводиси гузашта, дар доираи хотираву ёддоштҳо навишта мешавад. Рисолату таъйиноти ёддошт низ дар аввалин шинохти зоҳирӣ аз мавҷудияти воқеияти маълуму мушаххас ҳикоят кардан аст. Дар назарияи адабиётшиносӣ дар шинохти ёддошт чунин шарт муҳим аст: «… он чиз баён мешавад, ки нависанда шоҳид ё сабабгору иштироккунандаи он чиз бошад, яъне предмети тасвир пурра бояд эътимоднок бошад» [5, с.34]. Дар ҳар як лавҳаву эссеи китоби мазкур муаллиф иштирокчии фаъол аст. Услуби нақли тасвирӣ боло меравад ва ин нақл ба вақҳи баланд бардоштани оҳанги иҷтимоии асар аз аввал то охир нигоҳ дошта мешавад. Муаллиф ноадолатиҳову падидаҳои манфии замонро дар мавҷудияти симоҳои мушаххаси ҳаётӣ нишон додан мехоҳад. Хосияти равонии асар дар робита ба оҳанги замон дар сатҳи махсус қарор гирифтааст. Хонанда бештар ба қазовату андеша водор мешавад. Муаллиф аз сафари худ ба Афғонистон мамнун нест ва ҷангу ҳадафи номаълуми ҳокимияти собиқро

номаълум танқид намуда, аз оқибатҳои ногувори забти ин кишвари мазлум таъкид менамояд. Дар марказу меҳвари ин асар шахс қарор мегирад. Қаҳрамононе чун Козим, Робиа, Сафарбег, Абдунабӣ, Раҳим, Сиёев, Худойқул, Азизамоҳ, Башир, Равшан, Абдунабӣ, Истад, Ҳабибулло, Аҳмадҷон, Саодат ва даҳҳои дигар симоҳоеанд, ки бо ҳаракату пиндору фаъолияти худ дар ифодаи оҳанги рӯз мусоидат менамоянд. Хосияти дигари ин асар он аст, ки дар он сиёсати замон таҷассум меёбад. Сиёсатсозону сиёсатбозоне, ки ба тақдири инсон бозӣ мекунанд, писханду мазаммат мешаванд. Ин шева боз ҳам моро муътақид менамояд, ки публитсистика аз оҳанги сиёсии замонҳо ҳеҷ гоҳ дар фосила қарор гирифта наметавонад. Тавре муҳаққиқон дар ин маврид таъкид кардаанд: «… ин ҳама боз ва боз моро маҷбур месозад имон орем, адабиётро берун аз замон, берун аз сиёсат, берун аз идеология дидаву омӯхта намешавад» [11, с.77].

Дар хулоса метавон гуфт, ки оҳанги иҷтимоӣ дар асарҳои бадеӣ-публитсистии А.Саъдуллоев ҳамеша таъсиргузор мебошад. Ҳақиқати комили замони муайян дар онҳо матраҳанд ва муаллиф бо назардошти талаботи рӯз суханороӣ менамояд. Мавқеи иҷтимоии муаллиф дар ҳамаи нигоштаҳои ӯ мушаххас аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Гавҳаршинос (маҷмӯи мақолаҳо). - Душанбе, 2001. – 137 с.
2. Гулов С. Махсусияти очерки муосир / С.Гулов. – Душанбе: Дониш, 2012. – 136 с.
3. Маҳкамова Д. Дар шинохти публитсистикаи сиёсӣ / Д. Маҳкамова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/5 (212). – С. 294-296.
4. Муллоев Ш. Жанрово–тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны (1941-1945) / Ш. Муллоев. - Душанбе, 2015. – 302 с.
5. Мусулмонқулов Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ / Р.Мусулмонқулов.-Душанбе: Маориф, 1987.-88 с.
6. Нуралиев А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов [ва диг]. - Душанбе, 1989. – 173 с.
7. Прохоров Е.П. Публицист и действительность / Е.П. Прохоров. - Москва, 1973. – 317 с.
8. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев. - Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
9. Садуллоев А. Горизонты публицистики / А.Садуллоев. - Душанбе, 2009. – 306 с.
10. Усмонов И.К. Назарияи публитсистика / И.К. Усмонов. - Душанбе, 1999. – 99 с.
11. Усмонов И.К. Мулк бе сиёсат / И.К. Усмонов. - Душанбе, 1996. – 116 с.
12. Шарифов Х. Суннатҳои адабӣ / Х.Шарифов. - Душанбе, 2007. – 260 с.

ОҲАНГИ ЗАМОН ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ БАДЕИИ АСАДУЛЛО САЪДУЛЛОЕВ

Дар ин мақола сухан дар бораи нақши замон дар публитсистикаи бадеии Асадулло Саъдуллоев меравад. Барои такомули эҷодии ин адиби муҳаққиқ фаъолият дар васоити ахбори умум, бахусус матбуот, боис гаштааст ва садҳо мақолаву хабару очерку лавҳаҳоро дар солҳои гуногун навиштааст. Ҳамаи ин заминаҳое буданд, ки А. Саъдуллоев чун як адиби насрнависи иҷтимоӣ камол ёфтааст. Махсусан публитсистикаи бадеии А. Саъдуллоев бо таъйиноти худ аз авзоъ ва воқеияти мушаххаси замонҳо бо хонанда дар гуфтугӯ мебошад. Таваҷҷуҳи муаллифи мақоларо дар ин самт бештар китобҳои «Дарё равон аст», «Бозсозӣ – оини худсозӣ», «Дил ба ёдгор», «Афғонистон: инқилоби ғайриинтизор» ҷалб кардаанд. Ба андешаи муаллифи мақола, ин асарҳо ҷиҳатҳои хос доранд. Бадеияти ин асарҳо алоқамандии махсусро бо воқеият нигоҳ дошта, дар самти таъсир ба афкори хонанда ҳар кадом бо услубу нигориши гуногун таъсиргузор мебошанд. Дар ҳар як лавҳаву эссеи китобҳои мазкур муаллиф иштирокчии фаъол аст. Услуби нақли тасвирӣ нақши муҳим дошта, ин услуб ба ваҷҳи баланд бардоштани оҳанги иҷтимоии асарҳо аз аввал то охир нигоҳ дошта мешавад. Муаллиф ноадолатиҳову падидаҳои манфии замонро дар мавҷудияти симоҳои мушаххаси ҳаётӣ нишон додан мехоҳад. Дар хулоса метавон гуфт, ки оҳанги иҷтимоӣ дар асарҳои бадеӣ-публитсистии А.Саъдуллоев ҳамеша таъсиргузор мебошад. Ҳақиқати комили замони муайян дар онҳо матраҳанд ва муаллиф бо назардошти талаботи рӯз суханороӣ менамояд. Мавқеи иҷтимоии муаллиф дар ҳамаи нигоштаҳои ӯ мушаххас аст.

Калидвожаҳо: публитсистика, публитсистикаи бадеӣ, оҳанги замон, мавқеи иҷтимоӣ, маҳорат, ҷаҳонбинӣ, мақсад, лавҳа, очерк, эссе, симои қаҳрамон.

ГОЛОС ВРЕМЕНИ В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПУБЛИЦИСТИКЕ АСАДУЛЛО САЪДУЛЛОЕВА

В статье речь идет о роли времени в художественной публицистике Асадулло Саъдуллоева. Для творческого усовершенствования этого литератора – исследователя деятельность в средствах массовой информации, в особенности в прессе, стало причиной написания более ста статей, сообщений, очерков и литературных эпизодов. Все это было фундаментом на котором А. Саъдуллоев состоялся как литератор. В особенности художественная публицистика А. Саъдуллоева своим предназначением говорит с читателем о состоянии и конкретных реалиях времени. Внимание автора статьи в этом направлении больше всего привлекают такие книги как “Течёт река”(«Дарё равон аст»), «Перестройка - зеркало самоусовершенствования” («Бозсозї – оини худсозї»), “Сердце на память”(«Дил ба ёдгор»), “Афганистан непредвиденная революция” («Афѓонистон: инќилоби ѓайриинтизор»). По мнению автора статьи эти произведения имеют особые качества. Художественность этих произведений показывает особую связь с реальностью, и в направлении воздействия на мнения читателя каждый действует с разной манерой изложения и написания. В каждом эпизоде и эссе данных книг автор принимает активное участие. Манера изложения описательного рассказа имеет важную роль и эта манера изложения с поднятием социальных отголосков в произведениях сохраняется до конца. Автор хочет показать несправедливость и отрицательные явления времени в существовании конкретных жизненных образов. В заключении можно констатировать, что социальный голос в художественно-публицистических произведениях А. Саъдуллоева всегда действенна. Абсолютные реалии определенного времени в них рассмотрены польностью и автор говорит о них с акцентом на требования времени. Социальная позиция автора конкретно выделена во всех его работах.

Ключевые слова: публицистика, художественная публицистика, голос времени, социальная позиция, мастерство, мировоззрение, цель, зарисовка, очерк, эссе, портрет героя.

VOICE OF TIME IN THE ARTISTIC PUBLICISM ASADULLO SADDULLOYEVA

The article deals with the role of time in art journalism by Asadullo Sadulloev. For the creative improvement of this writer - the researcher, the activity in the mass media, especially in the press, became the reason for writing more than one hundred articles, reports, essays and literary episodes. All this was the foundation on which A. Sadulloev took place as a writer. In particular, A. Sadulloeva's artistic journalism speaks with the reader about the state and specific realities of the time. The attention of the author of the article in this direction is most of all attracted by such books as "The river flows" ("Daro ravon ast"), "Perestroika is a mirror of self-improvement" ("Bozsozi-oini hudsozї"), "Heart for memory" ("Dil Baudgor"), "Afghanistan is an unforeseen revolution" (Afuniston: Inylobi Kairinistor). In the author's opinion, these works have special qualities. The artistry of these works shows a special connection with reality, and in the direction of influencing the opinions of the reader, everyone acts with a different manner of presentation and writing. In each episode and essay of these books the author takes an active part. The manner in which the narrative narrative is presented has an important role, and this manner of exposition with raising social echoes in works remains to the end. The author wants to show the injustice and negative phenomena of time in the existence of specific life forms. In conclusion, we can state that the social voice in the artistic and journalistic works of A. Sadulloyev is always effective. Absolute realities of a certain time in them are considered fully and the author talks about them with an emphasis on the requirements of the time. The author's social position is specifically identified in all his works.

Key words: Publicism, publicist, the law of publicistic creation, sketch, skill, outlook, aim, position, social environment, reality, personality.

Сведения об авторе: ***Исмоилзода Зинатулло Бурхон*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
E-mail: **zinatullo@mail.ru.** Телефон: **(+992) 919-32-34-02**

Information about the author: ***Ismoilzoda Zinatullo Burhon*** - Tajik National University, seeker of the International Journalism Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
E-mail: **zinatullo@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-32-34-02**

УДК: 07+891.550+372(575.3)

ИНЪИКОСИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР МУСОҲИБАҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН

(дар асоси маводи матбуоти араб)

Қаландаров С.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бурди аслӣ ва асосии кишвари мо дар барқарор намудани муносибатҳои густурда бо кишварҳои арабӣ «сиёсати дарҳои кушод»- ро пеш гирифтани Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Маҳз ҳамин сиёсати дарҳои боз инъикоскунандаи гуногунҷабҳагии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, «яке аз ғояҳои бунёдии консепсияи сиёсати хориҷии давлат ба шумор меравад» [5, с.3]. Ҳамон тавре ки Президенти Тоҷикистон дар паёми хеш ба Маҷлиси Миллӣ изҳор дошт: «Сиёсати «дарҳои кушода» чун меҳвари аслии муносибатҳои мо бо ҷаҳони муосир воқеӣ, дуруст ва судовар будани худро нишон дод» [9].

Дар ҳақиқат, тибқи ин сиёсат сарфи назар аз сохтори давлатии ин ё он кишвари арабӣ ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ байни Тоҷикистону кишварҳои арабӣ дар ҳоли рушд аст. Ёдовар бояд шуд, ки ҳокимият дар шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва салтанати Уммон монархияи мутлақ, дар Шоҳигарии Баҳрайн ва давлати Қувайт монархияи конститутсионӣ ва дар Аморати Муттаҳидаи Араб монархияи федералӣ аст. Новобаста аз вуҷуд доштани низоми подшоҳӣ пешрафти иқтисодӣ дар ин кишварҳо дар се даҳаи охир ба ҳадде расидааст, ки камтарин ҳаҷми даромади солонаи фард дар як сол беш аз 20 000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад [4, с.128].

Қобили тазаккур аст, ки солҳои охир ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб шакли тоза ба худ касб кардааст. Сафарҳои расмӣ баёнгари ҳусни нияти роҳбарияти олии кишварҳо дар ростои таҳкимбахшии муносибатҳои гуногунҷанба буда, ҳамзамон, заминаи қонунии ҳамкориҳои дуҷонибаро дар бахшҳои мухталиф фароҳам овард [3, с.310]**.** Айни ҳол Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи бештари кишварҳои араб, бахусус кишварҳои халиҷи Форс гардидааст, ки далели таҳкимёбии бештари равобити дӯстона ва ҳамкории судманди иқтисодӣ миёни ин кишварҳо мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳон дар роҳи пешрафти муносибату ҳамкориҳо бо кишварҳои араб бо қадамҳои устувор пеш меравад. Дар ин раванд нақши ВАО дар муаррифии Тоҷикистон ҷиҳати густариши ҳамкориҳо, ҷалби сармояҳои кишварҳои араб барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро “Воситаҳои ахбор неруи бузурги

сафарбаркунанда, иттилоъбахш ва парварандаи эҳсоси амиқи инсониро доро мебошанд” [6, с.15]. Тибқи татқиқотҳои сотсиологии ҷомеашиносон имрӯз зиёда аз 80 фоизи аҳолии ҷаҳон ба васоити ахбори омма таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳаёти ҷомеаро ҳаматарафа таҳлилу тарғиб менамоянд, ба он боварӣ доранд. Бешубҳа расонаҳо бо маводу нигоштаҳои худ дар инъикоси воқеиятҳои ҷомеа ва иртибот муассиранд ва дар ин замина нақши муҳимме доранд. Ҳамчунин дар таҳкими муносибатҳо, ҳалли мушкилот ва роҳҳои густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни кишварҳо саҳмгузор аст.

Мавзӯеро, ки мавриди таҳқиқ ва тадқиқ қарор медиҳем, ин бозтоби (баррасӣ) ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар такя ба мусоҳибаҳои Президенти Тоҷикистон дар матбуоти даврии давлатҳои арабзабон-ШАС, АМА, Қатар, Кувайт, Миср мебошад. Доираи мавзӯи мусоҳибаҳо гуногун буда, самтҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистонро дар бар мегирад, ки ифодагари саҳми матбуоти даврӣ дар таҳкими робитаҳои Тоҷикистону кишварҳои араб мебошад. Бояд қайд кард, ки ҳамаи расонаҳо ба таври худ фазои иттилоотии мамлакати хешро пур карда, дар инъикоси равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ҳиссаи хешро мегузоранд [1, с.5].

Яке аз иқдоми муҳимми роҳбарияти Тоҷикистон ҷиҳати густариши муносибатҳо бо кишварҳои араб кушодани сафоратхонаҳо дар ин давлатҳо аст. Айни ҳол панҷ сафорат ва як консулгарии Тоҷикистон дар давлатҳои араб фаъолият доранд: Аморати Муттаҳидаи Араб, Консулгарии генералӣ дар Дубай, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Миср, Кувайт ва Қатар [10].

Қобили тазаккур аст, ки муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни Тоҷикистон ва кишварҳои араб на он қадар зиёд аст, вале моил ба пешравист. Бо сармоягузории Қатар дар Душанбе оғоз ёфтани сохтмони маҷмааи манзили “Диёри Душанбе” ва калонтарин масҷиди ҷомеъ дар Осиёи Марказӣ яке аз дастовардҳои аввалин ва бомуваффақияти чунин ҳамкориҳо мебошад. Ин аз омодагии Тоҷикистон барои тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба бо ин кишварҳо шаҳодат дода, далели он аст, ки ҷумҳурӣ барои ҷалби таваҷҷуҳи онҳо ба ҳамкориҳои иқтисодӣ дорои имкониятҳои зиёд мебошад.

Ҳамзамон ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб (халиҷи Форс) дар ҳошияи муносибатҳо бо Бонки Исломии Рушд ва Фонди рушди Саудӣ низ дар густариш аст. Аз ҷумла, Бонки Исломии Рушд ба 57 лоиҳа ба миқдори 452,3 млн. долл. дар Тоҷикистон сармоягузорӣ кардааст [2, с.25]. Ҳамчунин сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаи Хумб, ки яке аз қитъаҳои шоҳроҳи байналмилалии Қулма-Қароқурум ба ҳисоб меравад, бо ҷалби маблағҳои сандуқҳои кишварҳои араб пешбинӣ шудааст. Вобаста ба ин самт Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи қарз миёни Тоҷикистон ва Бонки рушди исломӣ, Сандуқи рушди иқтисодии араб (Кувайт), Фонди рушди Саудӣ ва Сандуқи Абу-Дабиро роҷеъ ба амалӣ намудани сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаи Хумб ба тасвиб расонидааст. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фонди рушди Саудӣ 7 созишномаи қарзӣ ба имзо расонидааст, ки ин маблағҳо асосан барои рушди соҳаи маориф, тандурустӣ ва сохтмони роҳҳо равона карда шудаанд. Ҳамчунин аз ҷониби ин Фонд барои бунёди роҳи мошингарди Зиғар-Хостав-Шкев (6 млн.$) ва беморхонаи модару кӯдак (3 млн.$) қарзи дарозмуддат ҷудо карда шудааст [7, с.156]. Ҳанӯз 22 июли соли 2008 рӯзномаи расмии «ал-Риёз»-и Арабистони Саудӣ аз қавли Саад ал-Баддаҳ, раиси комиссияи миллӣ оид ба кортаъминкунии шаҳрвандони хориҷии Арабистони Саудӣ баъд аз сафари гурӯҳи кории комиссияи мазкур ба Осиёи Миёна навишта буд, ки ин кишвар нахустин давлати арабӣ хоҳад буд, ки неруҳои кориро аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ҷалб мекунад [11].

Таҳлили мусоҳибаҳои Президенти Тоҷикистон дар матбуоти даврии кишварҳои арабӣ нашршуда нишон медиҳад, ки онҳо вобаста аз мавқеъ ва манфиатҳои худ доир ба мавзӯи ҳамкориҳо бештар ба сатҳи муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб, самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо, пешниҳодоти лоиҳаҳои Тоҷикистон барои сармоягузорӣ, шароити сармоягузорӣ ва фазои амниятӣ таваҷҷуҳ кардаанд.

Чунончи 22.06. 2007 АИ “Ховар” мусоҳибаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро бо ҳайати хабарнигорони кувайтӣ, ки аз шабакаҳои маъруфи телевизионӣ, агентиҳои иттилоотӣ ва рӯзномаҳое, ки ин кишвари арабӣ намояндагӣ мекарданд, таҳти унвони “**حوار الرئيس إمام علي رحمان مع الوفد الإعلامي الكويتي عشية زيارته إلى دولة الكويت**” нашр кардааст, ки аз 6 савол иборат аст. Дар мусоҳиба хабарнигорон асосан дар бораи ҳадафҳои сафар, мақоми Кувайт дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон, пешниҳодоти Тоҷикистон ба сармоягузорони Кувайт, шароити ҳуқуқии сармоягузорӣ, фазои амниятӣ, имконоти рушди муносибатҳои ояндаи Тоҷикистону Кувайт ва ҳамчунин муносибати Тоҷикистон бо

давлатҳои ИДМ фаҳмидан хостаанд. Президенти Тоҷикистон ба саволҳои хабарнигорон посухҳои муфассалу густурда дода, аз ҷумла изҳор дошт, ки боздиди навбатии ӯ аз давлати Кувайт, ки мақоми давлатӣ дорад, “оғозбахши марҳилаи сифатан нав дар муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судбахши ду кишвар хоҳад буд” [12].

Ҳамзамон хабарнигорони кувайтӣ вобаста ба масъалаи мақоми Кувайт ва самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо бо чунин савол мурочиат кардаанд: “Ҷаноби Президент Шумо мақоми Кувайтро дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон чӣ гуна тавсиф мекунед ва соҳаҳое, ки дар барқароркунии ҳамкории дуҷониба бо Кувайт ба онҳо авлавият дода мешавад, кадомҳоянд?”. Президенти Тоҷикистон дар ҷавоб аз таърихи муносибатҳои халқи тоҷик ва араб сухан ронда, аз хизматҳои шоёни як гурӯҳ олимони машҳури тоҷик дар густариши тамаддуни исломӣ, ба мисли Имом Бухорӣ, фақеҳи муфассир Абу Лайси Самарқандӣ, асосгузори мазҳаби Ҳанафия – Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон, аллома Абурайҳон Берунӣ, табиб ва файласуф - Шайхураис Абӯали ибн Сино ва соҳиби «أحياء علوم الدين» - Абуҳомид Ғаззолӣ ёдовар шудааст [12]. Ҳамчунин изҳор медорад, ки имрӯз Тоҷикистон барои барқарор кардани ҳамкориҳои муфид бо давлатҳои араб, аз ҷумла бо давлати бародари Кувайт, аз ҳамин таърихи дур сарчашма мегирад. Таҳкими муносибатҳо бо Кувайт аз самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии мо ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон дар шароити ҳозира давлати Кувайтро дар таҳқиқи рушду пешравӣ шарики боэътимод меҳисобад ва ба густариши муносибатҳо бо Кувайт таваҷҷуҳи зиёд дорад [12]. Президент вобаста ба мақоми Кувайт дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мегӯяд: “Рости гап Кувайт аз давраи ба даст овардани истиқлолияти миллиаш барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари намунавии арзанда аст ва мо дар ҷараёни тараққиёту пешравӣ аз Кувайт пайравӣ мекунем. Ҳамчунин Кувайт аз зумраи давлатҳои арабие аст, ки барои барқарор кардани муносибатҳои дӯстона бо кишвари мо таваҷҷуҳ кард ва аввалин ҳайати намояндагони кишварҳои араб ба Тоҷикистон ҳайати ҳукуматии воломақомони Кувайт буданд. Ва ман низ ҳамчун президенти давлати Тоҷикистон Кувайтро аввалин таваққуф (истгоҳ) барои сафарҳои расмӣ ба олами араб интихоб кардам” [12].

Қобили зикр аст, ки хабарнигорони кувайтӣ донистан мехоҳанд, ки ҷониби Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби сармоягузорони Кувайт кадом пешниҳодот дорад? Аз ин рӯ, хабарнигор мепурсад “... бо мақсади густариши муносибатҳои тиҷоратӣ бо Кувайт Шумо ба сармоягузорони кувайтӣ чиро пешниҳод мекунед?” Сароғоз Президенти Тоҷикистон оид ба ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодии муфиди муштарак, ки сабаби мустаҳкам гардидани риштаҳои дӯстӣ ва бародарӣ мегардад, сухан ронда, сипас қайд мекунад, ки дар муносибатҳои Тоҷикистону Кувайт ба бахши ҳамкории иқтисодӣ таваҷҷуҳи хос лозим аст, чунки ҳамкорӣ дар ин соҳа имкониятҳои васеъ дорад. Инчунин анҷом додани ҳамкории иқтисодии густурда (бузург, калонҳаҷм)-ро аз муҳимтарин омилҳои таъсирбахш дар пешбурди муносибатҳои дӯстона меҳисобем. Ҳамчунин Президенти Тоҷикистон ба сармоягузорони кувайтӣ бисёр лоиҳаҳои ҷолиби мутақобилан судманд, аз ҷумла лоиҳаҳои обии гуногунҳаҷм барои тавлиди неруи барқ, лоиҳаҳои саноатӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (махсусан меваҷот, асал), ташкил кардани минтақаҳои сайёҳӣ ва табобатӣ бо истифода аз табиати мафтункунанда ва обҳои дармонбахшро пешниҳод кардааст [12]. Дар баробари ин, дар шароити ҳозира талабот ба оби ошомиданӣ зиёд шуда истодааст, аз ин рӯ, Президенти Тоҷикистон диққати сармоягузоронро ба истифодаи муштараки оби ошомидании зиёде, ки Тоҷикистон онро соҳиб аст, ҷалб кардааст. Ҳамчунин Президент изҳор медорад, ки барои навсозии (таҷдид) корхонаҳои саноатии амалкунанда ва даровардани технологияи муосири хориҷӣ ба ҷалби сармоягузорони кувайтӣ таваҷҷуҳ дорем. Сарвари давлат таваҷҷуҳи сармоягузоронро ба чор минтақаи озоди иқтисодии Тоҷикистон, ки аз шароити мусоид ва имтиёзнок бархӯрдоранд, ҷалб кардааст. Дар охири ҷавоб изҳор медорад, ки “ҳамаи ин лоиҳаҳо аҳамияти минтақавӣ ва байналмилалӣ доранд ва барои сармоягузори он фоидаҳои (манфиат) калон меоранд” [12]. Ба андешаи Президент самтҳои авлавиятноки ҳамкорӣ бо Давлати Кувайт - метавонад ташкили корхонаҳои муштараки саноатӣ, интиқоли оби нӯшокӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика, нафту газ, истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок, рушди ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, бонк, андоз, сармоягузорӣ ва муносибот дар соҳаҳои илм, фарҳанг ва маориф бошад.

Ҳамзамон хабарнигорони Кувайт ба шароити сармоягузорӣ ва фазои амниятии кишвар низ таваҷҷуҳ намуда, пурсидаанд: “Ҷаноби Президент шароити сармоягузориро дар кишваратон чӣ гуна арзёбӣ мекунед ва фазои амниятӣ дар он чӣ хел аст?” Дар ҷавоб Президенти кишвар аз пойдории амну суботи Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, онро асоси рушди ҳамкорӣ ва таъмини пешрафту шукуфоии кишварҳо номида, аз ҷумла мегӯяд: **“**Имрӯз дар Тоҷикистон тамоми шароити зарурӣ ва вазъи мусоиди амниятӣ барои

кор ва сармоягузорӣ дар иқтисод фароҳам оварда шудааст. Мо аз замони ба даст овардани истиқлолияти миллӣ барои эҷоди низоми нави иқтисодӣ, ки дар асоси манфиатҳои иқтисодии муштарак ва баҳрабардории тиҷоратии судманд асос ёфтааст, ҷидду ҷаҳд дорем. Имрӯз кишвари мо аз вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии босубот бархӯрдор аст, муҳимтарин далелҳои он муносибатҳои иқтисодии кушоду шаффоф ва фазои сармоявии имтиёзнок мебошад. ... Манфиатҳои сармоягузор пурра мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумат аст**".** Ҳамчунин дар фарҷоми мусоҳиба Президент ба хабарнигорони кувайтӣ изҳор мекунад, ки бозорҳои Тоҷикистон барои сармоягузори кувайтӣ кушода аст. Мо барои фароҳам овардани тамоми шароити мусоид ҷиҳати барқарор кардани ҳамкории мутақобилан судманд омодаем [12]**.**

Президенти кишвар вобаста ба сатҳи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) дар мусоҳибааш бо рӯзномаи "Албаён" (17.04.2007) ба саволи хабарнигор – "Ҳадафҳои сафаре, ки Шумо ба АМА доред?" аз сатҳи ҳамкориҳои тиҷоратӣ қаноат набудани хешро изҳор дошта, аз ҷумла мегӯяд: "ҳавасманди муносибатҳои хубу мустаҳкам бо давлатҳои арабӣ ва исломӣ ҳастем, аз ҷумла таваҷҷуҳи мо ба АМА ҷойи намоён дорад. ... Мо мебинем, ки муносибатҳои тиҷоратӣ бо АМА сол ба сол хуб мешавад, аммо ҳаҷми ин пешравӣ ва ҳаҷми табодули тиҷоратӣ моро қонеъ карда наметавонад ва ба сатҳе, ки мо интизораш ҳастем, намерасад. ... Бинобар ин, мо бо ин сафар омадем, ки ба афзоиши густариши муносибатҳо таконе диҳем, то ки роҳу равиши он олӣ бошад" [13]**.**

Ҳамчунин хабарнигори аморатӣ, ки аз ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон бохабар аст, ба масъалаи фазои амниятии минтақа таваҷҷуҳ карда, бо чунин савол ба Президенти Тоҷикистон мурочиат кардааст: "Сармоягузорон истиқрори сиёсӣ ва амниятиро мехоҳанд ва кишвари Шумо асри гузашта ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид. Шумо кадом кафолатҳоро пешниҳод мекунед, то ки истиқрори кунунӣ давом кунад?". Дар ҷавоб Президенти кишвар изҳор медорад, ки ҳақиқатан Тоҷикистон дар оғози истиқлолият ба хатари пора – пора шудани ватан ва халқ дучор гардид ва ин ҷанги дарднок 150 ҳазор нафарро кушта, зиёда аз 55 ҳазор ятим ва ҳамчунин зиёда аз 10 млрд $ зарари иқтисодӣ овард. Президенти Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро таҳмилӣ номидааст, чунончи мегӯяд: "Ин ҷанг аз берун таҳмил (бор) шуда буд. Ҳар ду тарафи даргири ҷанг инро медонистанд" [13]**.** Вобаста ба кафолати истиқрор ва сулҳу суботи кишвар Президенти Тоҷикистон бо боварии комил мегӯяд, ки вақте ки соли 1994 халқ маро ҳамчун Президент интихоб кард, ман дар қасами конститутсионӣ, ки онро фаромуш ва паймоншиканӣ намекунам, гуфтам: "Ман агар зарур шавад барои сулҳу субот, ваҳдати халқ ва якпорчагии сарзамини ватан худам ва ҳаётамро қурбонӣ хоҳам кард" [13]**.**

Рӯзномаи "Арриёз" – и Саудӣ дар мусоҳиба бо Президент вобаста ба мавзӯи мазкур чунин савол додааст: "Ҷаноби Президент айни ҳол вазъи муносибатҳои Саудиву Тоҷикистонро чӣ гуна арзёбӣ мекунед ва баҳои Шумо ба имкониятҳои ояндаи пешрафти ин муносибатҳо чӣ гуна аст? Президенти кишвар аз Созишномаи умумии ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, техникӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва варзишӣ, ки моҳи майи 2003 ба имзо расид, ёдовар шудааст, ки барои барқарор кардани ҳамкориҳои мутақобилан судманд замина гузошт. Ҳамзамон роҷеъ ба ҳамкориҳо иброз медорад, ки "Мо дар Тоҷикистон дар чорчӯбаи стратегияи дарозмуддат барои рушди кишвар ба иҷрои лоиҳаҳои калони иқтисодӣ шурӯъ кардем. Ва табиист, ки ин лоиҳаҳо бештар ба соҳаи тавлиди неруи барқ тааллуқ дорад. Аммо бомуваффақият дар амал татбиқ намудани лоиҳаҳо бидуни ҷалби сармояҳои хориҷӣ ғайри имкон аст. Арабистони Саудӣ имкониятҳои васеи молӣ ва низоми бонкии муосир дорад ва метавонад бо сармоягузории бевосита ва иштироки имтиёзнок дар рушди низоми бонкии Тоҷикистон саҳм гирад.

Дар кишвари мо ба қарибӣ минтақаҳои озоди иқтисодӣ кушода шуд, ки дар он ҷо барои фаъолияти сармоягузорон ва соҳибкорон шароити муфид фароҳам оварда шудааст. Мо умед дорем, ки ширкат ва муассисаҳои молию иқтисодии саудӣ соҳаҳоеро барои фаъолияташон дар ин минтақаҳои озод ба таври фаъол ва аниқ хоҳанд ёфт. Хулосаи гап, мо ба ояндаи муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ хушбин ҳастем" [14]**.**

Шабакаи "Алҷазира"-и Қатар бошад, қаноатмандии Президенти Тоҷикистонро роҷеъ ба ҳамкориҳо бо кишварҳои араб ва исломӣ пурсон шудааст: "... дар бораи ҳамкориҳои шумо бо давлатҳои арабӣ ва исломӣ ва қаноатмандии шумо доир ба сатҳи ин муносибатҳо чӣ гуна аст?" Президент вобаста ба ин масъала иброз медорад, ки "Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти миллӣ яке аз аввалин давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ки соли 1992 узви Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ) шуд. Аз ҳамон давра Тоҷикистон барои барқарор ва густариши муносибатҳои дуҷониба бо ҳамаи давлатҳои узви СКИ дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак ҳамаи кӯшишро ба харҷ

медиҳад. Мо ба таври махсус панҷ соли охир дар Тоҷикистон сиёсати дарҳои бозро пеш гирифтаем ва дар он барқароркунии муносибатҳо бо давлатҳои арабро авлавият додаем" [14].

Қобили зикр аст, ки бо назардошти имкониятҳои фаровони молии кишварҳои арабии содиркунандаи нафт, ҷалби сармояи онҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти хориҷии кишвари мо ба шумор меравад. Сарзамини ин кишварҳо дар якҷоягӣ 40,3%-и захираи нафт ва 23%-и захираи гази табиии ҷаҳонро доро мебошад. Боигарӣ, нуфуз ва эътиборе, ки баъзе аз кишварҳои арабӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ доранд, ҳамкории Тоҷикистонро бо ин кишварҳо аҳамиятнок менамояд.

Аз омӯзиш ва тадқиқи мусоҳибаҳо мушоҳида мешавад, ки кишварҳои араби халиҷи Форс ба масъалаи ҳамкорӣ бо Тоҷикистон таваҷҷуҳи хос дорад. Президенти Тоҷикистон барои ривоҷ додани ҳамкориҳо бо кишварҳои арабӣ таваҷҷуҳ доранд ва доир ба баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳо бо ҷавобҳои мушаххас ва пурмуҳтаво посух додааст. Гуфтан мумкин аст, ки иродаю кӯшиши ҷонибҳо метавонад ҳамкориҳоро дар ояндаи наздик ба сатҳи олӣ барорад.

Ҳамон гунае ки дида мешавад, кишварҳои араби халиҷи Форс дар муқоиса бо дигар кишварҳои араб аз лиҳози иқтисодӣ ба комёбиҳои назаррас ноил шуда, аз нигоҳи стратегӣ ҳам дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи сазовор доранд. Аз ҳамин рӯ, вусъати ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бо ин кишварҳо бар манфиати Тоҷикистон ва рушди иқтисодии он дар ояндаи наздик хоҳад буд.

Хулоса, ҳамаи гуфтаҳои Президенти кишвар дар мусоҳибаҳояш ба он далолат мекунад, ки барқарории иртиботи дипломатӣ бо кишварҳои пешқадами исломӣ барои Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон, барои ҳамкориҳои оянда бо кишварҳои мусулмонӣ умедворкунанда мебошад. Дар ҳоли ҳозир, ки Тоҷикистон ба сармоягузорӣ дар ҳама бахшҳои барои пешрафти иқтисодӣ муҳим ниёзмандиҳо дорад, ҷалби соҳибкорону тоҷирони кишварҳои пешрафтаи араб ҷиҳати сармоягузорӣ дар Тоҷикистон басо муҳимму ҳадафманд мебошад. Умедворем, ки ҳамкориҳо рушд меёбанд ва самараи он барои Тоҷикистони азиз хоҳад расид. Қобили зикр аст, ки Президенти Тоҷикистон барои ҳамкорӣ ва имкониятҳои васеи ҷалби сармояи ин кишварҳо ҳамаи заминаҳои қонунии созишномаҳои ҳамкории иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайраро бо кишварҳои зикршуда ба имзо расонидааст. Аммо раванди феълии муносибат ва ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби халиҷи Форс ҷавобгӯйи талабот нест ва бояд дипломатҳо ва ниҳодҳои дахлдори рушди иқтисодии кишвар фаъолияти бештар намуда, ҷиҳати ҷалби сармояҳои кишварҳои мазкур ва ба сатҳи баланд расонидани ҳамкориҳо саъю талоши бештар намоянд. Боқӣ сатҳи ҳамкориҳо ба фаъолияти дипломатҳои заковатманд вобаста аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Қаландаров С.Д. Инъикоси Тоҷикистон аз нигоҳи «Алҷазира» ва муқоиса бо сомонаи арабии «Би-Би-Си» / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2016. - №4/5 (209). - С. 248-252.
2. Қаландаров С.Д. Иттилоъ - сарчашмаи ҳамкориҳои судбахш / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2011. - №4 (68). - С. 364-367.
3. Джовид Муким. Радио "Свобода": ложь и правда (Текс). - Душанбе: Деваштич, 2005. - 180 с.
4. Ҷовид Муқим. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он. - Душанбе: Озар, 2013. - 160 с.
5. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А.Сатторзода. - Душанбе: Ирфон. 2006. - 184 с.
6. Полетаев Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ (Матн) / Э. Полетаев. - Душанбе, 2005. - 180 с.
7. Усмонов И.К. Жанрҳои публисистика / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2009. - 139 с.
8. [Захираи электронӣ] http://tajemb-eg.org/ar/2016-01-21-15-14-42/2016-01-21-15-16-63/272- حوار-للوئيس إمام علي رحمان-لـصحيفة «البيان» الإماراتية 17-4-2007م
9. [Захираи электронӣ] http://www.albayan.ae حوار الرئيس إمام علي رحمان لـصحيفة «البيان» الإمار اتية 2007/04/17 م
10. [Захираи электронӣ] http://www.aljazeera.net نإمام علي رحمن ... حصاد 10 سنوات لطاجيكستان الاثنين 1428/5/4 هـ 2007/5/21 م الساعة 14:43
11. [Захираи электронӣ] http://arabic.euronews.com/2012/03/30/president-emomali-rahmon امام علي رحمن: لدينا سياسة الأبواب الخارجية المفتوحة
12. [Захираи электронӣ] http://www.alriyadh.com الرئيس إمام علي يتحدث لـ"الرياض" شهر مارس /2008/03/25م، دوشنبه موفد "الرياض"، محمد السهلي

ИНЪИКОСИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР МУСОҲИБАҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба яке аз масъалаҳои актуалии имрӯза дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодию сиёсии Тоҷикистон, ки дар воситаҳои ахбори омма инъикос меёбанд, бахшида шудааст. Муаллиф чунин мешуморад, ки бурди аслӣ ва асосии кишвари мол дар барқарор намудани муносибатҳои густурда бо кишварҳои араб «сиёсати дарҳои кушод»- ро пеш гирифтани Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Дар ҳақиқат, тибқи ин сиёсат сарфи назар аз сохтори давлатии ин ё он кишвари араб, ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ байни Тоҷикистону кишварҳои араб дар ҳоли рушд аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳон дар роҳи пешрафти муносибату ҳамкориҳо бо кишварҳои араб бо қадамҳои устувор пеш

меравад. Дар ин раванд нақши ВАО дар муаррифии Тоҷикистон ҷиҳати густариши ҳамкориҳо, ҷалби сармояҳои кишварҳои араб барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Тибқи татқиқотҳои сотсиологии ҷомеашиносон имрӯз зиёда аз 80 фоизи аҳолии ҷаҳон ба васоити ахбори омма таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳаёти ҷомеаро ҳаматарафа таҳлилу тарғиб менамоянд, ба он боварӣ доранд. Бешубҳа, расонаҳо бо маводу нигоштаҳои худ дар инъикоси воқеиятҳои ҷомеа ва иртибот муассиранд ва дар ин замина нақши муҳимме доранд. Таҳлили маводи мусоҳибаҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳои арабии халиҷи Форс дар муқоиса бо дигар кишварҳои араб аз лиҳози иқтисодӣ ба комёбиҳои назаррас ноил шуда, аз нигоҳи стратегӣ ҳам дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи сазовор доранд. Аз ҳамин рӯ, вусъати ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бо ин кишварҳо бар манфиати Тоҷикистон ва рушди иқтисодии он дар ояндаи наздик хоҳад буд. Ба назари муаллиф ҳамаи гуфтаҳои Президенти кишвар дар мусоҳибаҳояш ба он далолат мекунад, ки барқарории иртиботи дипломатӣ бо кишварҳои пешқадами исломӣ барои Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон, барои ҳамкориҳои оянда бо кишварҳои мусулмонӣ умедворкунанда мебошад. Қобили зикр аст, ки Президенти Тоҷикистон барои ҳамкорӣ ва имкониятҳои васеи ҷалби сармояи ин кишварҳо ҳамаи заминаҳои қонунии созишномаҳои ҳамкории иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайраро бо кишварҳои зикршуда ба имзо расонидааст.

Калидвожаҳо: президент, инъикос, таҳлил, ҳамкорӣ, нақш, ВАО, кишварҳои арабӣ, мусоҳиба, рушд, Тоҷикистон, вазъ, сармоя ...

ОТОБРАЖЕНИЕ ВЗАИМОСОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ В ИНТЕРВЬЮ ПРЕЗИДЕНТА ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена одной из актуальных проблем на сегодняшний день политической и социально-экономической жизни Таджикистана, отражённой в средствах массовой информации. Автор считает, что основным выигрышем нашей страны на пути становления широкомасштабных отношений с арабскими странами является «политика открытых дверей» Правительства Таджикистана. Действительно, согласно данной политике, несмотря на государственный строй той или иной арабской страны, экономическое, социальное и культурное сотрудничество между Таджикистаном и арабскими странами находится на стадии развития. Несмотря на изменения мирового политического и экономического положения, Республика Таджикистан делает смелые шаги на пути развития и сотрудничества с арабскими странами. На этом пути очень важна роль СМИ в представлении Таджикистана с целью взаимосотрудничества и привлечения инвестиций арабских стран. Согласно социологическим исследованиям обществоведов, 80% населения мира доверяют средствам массовой информации. Анализ материалов показывает, что арабские страны Персидского залива среди других арабских стран, с экономической и стратегической точки зрения, занимают особое положение. Исходя из этого, развитие продуктивного экономического сотрудничества с этими странами, несомненно, пойдёт на пользу нашей страны. С точки зрения автора, всё сказанное Президентом страны в своих выступлениях свидетельствует о том, что становление дипломатических отношений с развитыми арабскими странами для Правительства Таджикистана и таджикского народа являются необходимым. На пути сотрудничества и привлечения инвестиций этих стран Президентом Таджикистана подписаны ряд соглашений в экономическом, политическом и культурном направлениях.

Ключевые слова: Президент, отображение, анализ, сотрудничество, роль, СМИ, арабские страны, интервью, развитие, Таджикистан, инвестиции.

REFLECTION OF COOPERATION OF TAJIKISTAN WITH ARAB COUNTRIES IN INTERVIEWS OF PRESIDENT OF THE REPUBLIC Of TAJIKISTAN

This article is devoted to one of the most urgent contemporary problems of the socio-economic and political life of Tajikistan, which are reflected in the Mass Media. The author considers that the basic achievement of our country is the establishment of wide-ranging relations with the Arab countries and implementation of open door policy by the Government of Tajikistan. Indeed, this type of policy is developing economic, social and cultural cooperation between Tajikistan and the Arab countries, despite their political system and state form. Tajikistan is making noticeable progress on diplomatic relations and cooperation with Arabic countries despite of the changes on political and economical conditions. In this process the role of the Mass Media in representing of the country on expansion of cooperation and attracting the investment of Arab countries for implementation of major projects is considered relevant. According to social analysis nowadays, about 80 percent of world population follow up the Mass Media and believe them examining and thinking over the entire social life. There is no doubt that the Mass Media have a huge impact on reflecting the social events and relations and their role is very high in this sphere. The analysis of the interviews shows that the Arab states of the Persian Gulf are economically more developed than other Arab countries, and from a strategic point of view, they occupy one of the most important places in the world. Therefore, the expansion of beneficial economic cooperation with these countries will contribute to Tajikistan and its economic development in the near future. According to the author, all the statements of the Emomali Rahmon in his interviews show that the restoration of diplomatic relations with developed Islamic countries and further cooperation with Muslim countries are hopeful for the government and people of the Republic of Tajikistan. It should be noted that the President of Tajikistan has signed all the main legal agreements on economic, political and cultural cooperation and broad opportunities for attracting foreign investments.

Key words: President, reflection, analyze, cooperation, role, Mass Media, Arab countries, interview, development, Tajikistan, investment …

Сведения об авторе: ***Каландаров С.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранных языков факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **ihson@mail.ru.**
Телефон: **(+992) 93-505-44-60**

Information about the author: ***Kalandarov S.*** - Tajik national University, candidate of Philology, associate Professor, head of the Department of foreign language of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-505-44-60**

УДК: 491.550+42

АНТОНИМЫ-ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ В ЗАГОЛОВКАХ ТАДЖИКСКОЙ И АНГЛИЙСКОЙ ПРЕССЫ (СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ)

Абдуллоева М.М.
Таджикский национальный университет

Как известно, газетные заголовки играют важную роль в жизни газет, так прежде чем прочитать материал, акцентируется внимание на его название. Если заголовок интересен и привлекателен, то читатель, без всяких сомнений, будет стремиться читать всю статью.

Исследователь И.В. Арнольд отмечает, что «для газеты специфична социальная ситуация общения». Газета, журнал как средство информирования и убеждения, рассчитаны на массовую и неоднородную аудиторию, внимание которой они должны удержать. «Газета является старшей формой в системе СМИ. Поэтому язык газеты составляет основу речевого стиля массовой коммуникации» [3, с.266].

Газетный текст, в первую очередь, привлекает внимание аудитории своим заглавием. Цель влияния и убеждения может быть точно достижима с помощью компонентов составленного заголовка.

Как известно, интерес к заголовкам привлек внимание многих лингвистов. Многие изучали и изучают содержание и структуру, функции и разделы заголовка. В частности, работы К.И. Симановской (Аттрактивная функция заголовков в газетном дискурсе (2013)), М.Н. Москавец (Классификация газетных заголовков по степени автономности семантики (2016)), М.Ю. Доценко (Синтаксис газетного заголовка: структура, семантика, прогнозирование смыслового развития текста (2009)), С.В. Ляпун (Лексико-семантические и стилистические особенности современного газетного заголовка (1999)), Х.О. Сафарова (Лексико-грамматические особенности заголовка в газете (2014)) и многие другие посвящены различным вопросам этой детали газеты.

Заголовок выполняет номинативную функцию, называет текст и даёт читателям выделить его из массы других. Это иной раз подтверждает ключевую роль заголовка в оформлении газеты.

З.Я. Тураева отмечает, что заголовок– это своего рода код, выражающий идейную основу текста. Иногда невозможно понять заголовок, не прочитав всего текста [14].

В.П. Вамперский выделяет у заглавий следующие четыре функции: а) коммуникативную, б) аппелятивную, в) экспрессивную, г) графически выделительную [7, с.144]. В.Т Костомаров выделяет а) рекламную и б) указательно - назывную функции заглавий [7, с.144].

С точки зрения В.С. Мужева, заголовки выполняют следующие основные функции: а) номинативную; б) информационную; в) экспрессивно - аппелятивную; г) рекламную ид)разделительную [7, с.145].

Р.С. Жажиева и А.В. Шишкинав своей работе «Газетный заголовок: рекламный аспект»пишет, что «заголовок, выполняя номинативную функцию, называет текст и дает возможность читателям выделить его из массы других. Существует две основные группы методов для выделения заголовка в тексте: языковые и внеязыковые. В языковые входит экспрессивная лексика, иноязычная лексика и другие, а в внеязыковые–шрифтовые выделения, использования цвета и т.д. [6, с.151].

Ю. А Белова в своей диссертации пишет, что «заголовок газеты является медиатором между данным медиа текстом, совокупностью предмет веющих текстов и человеком, его эмоционально ценностной средой, опытом и объемом имеющихся у него фоновых знаний» [4, с.794].

Газета по-прежнему остается одним из основных средств массовой информации, которая служит для развития событий текущей общественной и политической жизни [5, с.7]. Люди до сих пор читают и покупают газету. Газета - это ежедневное или еженедельное легкое чтение политической, экономической и жизненно важной информации. Она удобна тем, что её чаще всего читают во время перерыва, на работе, во время завтрака, в транспорте.

Однако необходимо отметить, что в эффектности и выраженности заголовков немаловажную роль играют языковые средства, в частности, семантические категории [2, с.230]: антонимы, синонимы, паронимы, многозначные слова, омонимы, фразеологические единицы, метафорические выражения и т.д. «Журналист всегда стремится пустить в ход весь свой талант и мастерство в создании заголовка, где главную роль играют семантические категории. Лексико-семантические особенностимногозначных слов, синонимови, в частности, антонимовпредоставляют журналистам возможность, употребив

выразительные средства языка, укрепить эффектную, логико-стилистическую основусвоих материалов» [11, с.61]. Релевантная выборка слов и уместное их употребление дает возможность точно и безошибочно выразить мысль не только в контексте, но и в его заглавии. Журналисты и авторы статей стремятся выбрать именно те языковые единицы, которые способствуют привлечению внимания аудитории. Поэтому в настоящей статье мы сделали попытку проанализировать антонимы имен прилагательных, употребленных в заголовках таджикской и английской прессы.

Одним из выразительных языковых средств, которое отчетливо выражает мысль, являются антонимы. Антонимы – слова с противоположным значением и относящиеся одной лексико-грамматической группе. Однако не все слова могут обозначать противоположные лексические значения. Такое свойство имеют слова, выражающие признаки, качества, свойства, действия, состояния и т.п.

Антонимы логически выполняют несколько функций: выражение единства противоположностей; представление всего класса предметов, явлений, признаков через указание на их противоположные сущности; противопоставление; указание на чередование явлений и на превращение сущности в свою противоположность.

Стилистические функции антонимов проявляется в том, что эта семантическая категория создаёт контраст – основу антитезы и служит для изобразительности и выразительности контекста. Для убеждения проанализируем ряд примеров из таджикской и английской прессы. В качестве объекта нашей работы мы выбрали англо-американские газеты, такие как: «Washington times», «New York Times», «Guardian», «Baltimor sun» и таджикские «Чархи гардун», «Минбари халқ», «Оила», «Ба қуллаҳои дониш» и многие другие.

Антонимы в таджикских и англо-американских газетах (особенно в заглавиях) являются частым явлением. Именно своей противоположностью они привлекают и удерживают внимание читателя.

Например, в заголовке этой американской газеты«The Washing tonpost» Grammy performances ranked, from **best to worst** (Выступление Греммы в 2018 году оценили от лучшего до худшего) [18].

Заголовок содержит антоним best (лучший) – worst (худший). Эти слова выражают признак предмета, т.е. являются качественными прилагательными. Эти антонимы вне текста также сохраняют своё противоположное значение. Читая заголовок, читатель заинтересуется содержанием статьи: что же в 2018 году было лучшего и худшего в Grammy.

В таджикских заголовках антонимы встречаются часто. К примеру:

Сурати **рӯҳнавозу** маънии **рӯҳхарош** (Приятная форма, но бессмысленное содержание) [13].

В статье под этим заголовком речь идёт о книге детских стихов, которая внешне привлекает внимание, однако, перелистав первые страницы, сталкиваться с бессмысленными стихами, лишенными всякой образности, выразительности и не соблюдены элементарные правила стихотворения (ритм, рифма и т. д.). Материал опубликован в жанре памфлета и идея содержания отчетливо выражена в заголовке посредством противоположных по значению слов рӯҳнавоз (приятный) и рӯҳхарош (неприятный). Благодаря антонимам, использованным в заголовке, подобный материал привлекает внимание широкой аудитории. Антонимы рӯҳнавоз (приятный) и рӯҳхарош (неприятный) образованы на базе вариантов фразеологических единиц рӯҳи касеро навохтан (поддержать кого-либо) и рӯҳи касеро харошидан (причинить обиду). Основная версия указанных выше фразеологизмов – это дили касеро навохтан и дили касеро харошидан.

Французский исследователь Сафия Аллаг считает, что создавая заголовок, журналисту необходимо делать акцент на то, что 1) важно, 2) ново и 3) непосредственно касается читателя [15].

В вышеуказанном заголовке читателю предоставляется новость о появлении на свет книги детских стихов. Если бы журналист напрямую написал «бессмысленные стихи для детей», то наверняка не столь привлек бы внимание читателей. Выбрав для выражения своих наблюдений антонимы, его цель было достигнута.

Антонимы всегда подразумевают сравнение. Большие и маленькие обозначают полярные степени одного и того же понятия, то есть комплементаторы - это слова, которые характеризуются только двоякой оппозицией, которая может иметь только два члена. Отказ одного члена оппозиции подразумевает утверждение другого. Например, «не мужчина» означает «женщину». Конверсивы (conversives – обратный)- это слова, обозначающие один и тот же референт, который рассматривается с разных точек зрения, как субъекта, так и объекта, например: купить-продать.

В английском языке имена прилагательные не изменяются ни по родам, ни по числам, ни по падежам. Они могут изменяться только по степени сравнения. Например: ‘er-ers’:long– длинный, longer – длительный, longest– самый длинный. А также имена прилагательные бывают **простые и производные.** Простые прилагательные употребляются без соединения с префиксами и суффиксами. Например, в следующем заголовке американских и британских газет употреблены простые прилагательные:

The seven **best bad** films ever made (Семь лучших и худших фильмов, которыеснимали) [23]. Прилагательные best– хороший, лучший, bad – плохой, на первый взгляд, служат в качестве первой степени сравнения. Однако, несмотря на то, что прилагательное **best** не соединено с суффиксами ‘er-ers’, в английском языке обозначает превосходную степень прилагательного, а **bad** начальную (ср.: **bad** (плохой) – worse (наихудший) – the worst (самый плохой)). В статье речь идет о киноиндустрии Америки.

Аналогичный пример в таджикском издании:

Се сенарияи **хуб, бад** ва **бадтарин** барои марзи Ому (Три хороших, плохих и наихудших сценариев для границы Амура) [12].

В этом заголовке журналист использовал антонимы **хуб** (хорошо), **бад** (плохой) и **бадтарин** (самый плохой). Первые два антонима - прилагательные первой степени и третье слово – превосходной. В таджикском языке грамматический показатель превосходной степени – это суффикс **-тарин.** Это грамматическое значение выражается также наречиями **хеле, ниҳоят, бағоят** (очень). В английском языке это значение обозначается при помощи суффикса «**est».** Статья посвящена политическим вопросам. Используя антонимы-прилагательные, журналист заинтересовал читателя.

Аналогичный пример из английской прессы:

The political backlash against tech: **good**, **bad** and **ugly** [20] -(Политическая реакция против технологий: хорошая, плохая и уродливая). В этом заголовке, где речь идет о политических явлениях, употреблены антонимыgood – хороший, bad – плохой,ugly – уродливая. Два последних выступают в качестве антонимagood, однако между собой проявляют синонимические отношения:bad – ugly. Они тоже являются простыми прилагательными.

В другом заголовке материала английской прессы использованы антонимы **sweet** (сладкое) и**sour** (кислое). Из заголовка можно определить содержание статьи. В статье речь идет о приготовлении кисло-сладкого тофи:

Saiphon Moore’srecipefor Rosa’s Thai**s weet** and **sour** tofu (Рецепт Сайфона Мура для Розы Тайской: **сладкое или кислое** тофи [22].

В другом материале под заголовком «Emotional support animals from dogs to peacocks, **real** or **fake** present challenges for businesses (Эмоциональная поддержка животных от собак до павлина, **реальные** или **поддельные**– это настоящие проблемы для бизнеса» («Baltimore sun» 11.02.2018.) Автор выдвигает проблему безопасности животных. В этом заголовке слова **real** и **fake**– это слова-антонимы, которые удерживают внимание читателя. В английском языке это относительные прилагательные. Посредством этой лексической категории журналист выражает основную проблему, освещаемую в материале.

Прилагательные в английском языке образуются при помощи следующих суффиксов: **able, al, ant, are, ed, en, ful, ible, ic, ish, ive, less, like, ly, aus, y.** Приставки (префиксы), образующие прилагательных в английском языке, не столь продуктивны, нежели суффиксы: **un, in, il, m**

Иногда слова с противоположным значением в заголовках принадлежат к различным частям речи:

Always needing to be **rights** is the **wrong** path [19] (Всегда быть правым –это неправильный путь). В этом американском заголовке наблюдается явление оксюморона: rights – прав, правые, a wrong – неправильно. В статье речь идет о правильных и неправильных ситуациях в жизни. Заголовок и текст соответствуют друг другу.

Следующий пример: **Right** and **left** react to the clash between Trump and Banon [17] (Правые и левые реагируют на столкновение между Трампом и Бананом). В этой статье говорится о политике Америки и сторонниках Президента Трампа и г-на Банана. Right – правый и Left –левый являются простыми прилагательными, однако в приведенном заголовке они выполняют роль существительного, т.е. субстантивированы.

В заголовке Every item on Toco Bell’s new $1 menu, ranked from **worst** to **best** [21] -(Каждый пункт в новом меню Талко Белл 1$ (доллар), оценивается от худшего до лучшего) антонимами являются worst – худший и best – лучший. Это первосходная степень прилагательного. Посредством антонимовзаголовка оценивается качество продукта (фастфуд), о котором идет речь в статье под этим названием. В материале также говорится о Талко Белл, который составил меню, на один доллар и этим привлек множество людей.

В таджикском языке имя прилагательное, как и в английском, имеют тесную связь с именем существительным, так как поясняют их по различным признакам и качествам. Таджикским именам прилагательным свойственна грамматическая категория сравнения, которая проявляется в трех степенях: простая, сравнительная, превосходная, которая образуется при помощи суффиксов-тар, -тарин и некоторыми наречиями.

Иногда в заголовках употребляются контекстуальные антонимы. К примеру:

Боғи **хуррам** шуд, ҳар куҷо **биёбон** буд...(Везде, где была пустыня, стал цветущий сад) [8].

В этом заголовке употреблены антонимы **хуррам** (цветущий) и **биёбон** (пустыня). **Хуррам** (цветущий) – качественное прилагательное первой степени, **биёбон** (пустыня) – имя существительное. В принципе они не соответствуют в лексико-грамматическом плане, однако в семантическом выражают противоположные значения. Выбор слов, противоположных по семантике, соответствует цели журналиста. Это заголовок-цитата статьи, в которой речь идет орасцветающем Таджикистане, о заслугах лидера нации Эмомали Рахмона в прекращении братоубийственной войны и восстановлении мира и единства в стране. В этом заголовке наблюдается логическое противоречие, и он обладает свойствами оксюморона. **Оксюморон** – это французский термин, обозначающий противоположное значение. Оксюморон отличается от антитезы тем, что парные слова, употребляемые в нем, принадлежат к различным частям речи, несмотря на то, что образованы от одного корня (молодая старость, старая молодость).

В следующем заголовке противоположные значения выражают слова, исходящие от одного корня. Противоположное значение выражается при помощи отрицательной приставки **но-**:

Нақди **солим** ва **носолим** [9] (Здоровая и нездоровая критика – букв).

Данный заголовок является оксюмороном, т.е. противоположные значения исходят от одного корня.

Антонимы в заголовках иногда выражают состояние людей. К примеру: Қонуни танзим: кӣ **хурсанд,** кӣ **ғамгин**? [1] (Закон о регулировании: кто рад, а кто опечален?)

В этом таджикском заголовке антонимы-прилагательные хурсанд – веселый, ғамгин– грустный передают противоположные эмоции человека. Материал имеет форму социального опроса. Журналист спрашивает мнение народа о принятом Законе об урегулировании свадеб и других мероприятий в РТ.

В другом материале под заголовком «Рақсҳои **мардона** ё ҷилвaҳои **занона**" [10] (Мужские танцы или женские красивые движения)речь идет о национальном мужском танце, разновидностях мужского танца. Мардона–мужской и занона – женской – это антонимы, выраженные относительными прилагательными. Материал под этим заголовкомнесёт проблемный характер. Последнее время постепенно забываются элементы мужского танца.

Таким образом, проведенное исследование показало, что в английском и таджикском газетном заголовке могут употребляться антонимы с разными частями речи, в частности, именем прилагательным. Антонимы в заголовке придают ему таинственность и вызывают интерес читателя. Они являются одним из выразительных средств языка и, по сравнению с другими эффективными лексико-грамматическими элементами, легко и продуктивно используются журналистами. Применяя антонимы, они выражают мысль метко, эффектно и своеобразно, достигая намеченной цели.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Азимӣ Рустам. Қонуни танзим: кӣ хурсанд, кӣ ғамгин? // Оила. - 2017. - 30 август. - №35 (916).
2. Апресян Ю.Д. Избранные труды. Т. I. Лексическая семантика. Синонимические средства языка. Учебник для школы «Языки русской культуры / Ю.Д. Апресян. – М.: Изд-во «Восточная литература», 1995. – 422 с.
3. Арнольд И.В. Стилистика современного английского языка. Учебное пособие для студентов педагогических институтов / И.В. Арнольд. – М.: Изд-во «Просвещение», 1990. – 301 с.
4. Белова Ю.А. Смысл газетного заголовка: Трудности интерпретации / Ю.А. Белова // Вестник Башкирского государственного университета. Серия филология и искусствоведение. - 2013. - Т.18. №3 – С. 794-796.
5. Доценко М.Ю. Синтаксис газетного заголовка: структура, семантика, прогнозирование смыслового развития текста (семантико- синтаксический анализ): автореф. дис. канд. фил. наук: 10.02.01 / М.Ю. Доценко. – СПб., 2009. – 24 с.
6. Жажиева, Р.С. Газетный заголовок: Рекламный аспект / Р.С. Жажиева, А.В. Шишкина // Рецензируемый, реферируемый научный журнал. Вестник Адыгейского государственного университета Серия Журналистика. - 2014- выпуск № 4 (149). – С. 150-154.
7. Иноземцева, Н.В. Функциональные особенности заголовков англоязычных газетных статей / Н.В. Иноземцева // Вестник Оренбургского государственного университета. Серия германские и романские языки. - 2015. – №11 (186). – С. 142-146.
8. Қурбонзода Хоналӣ. Боғи хуррам шуд, ҳар куҷо биёбон буд... / Х. Қурбонзода // Минбари халқ. - 2017. - 15 ноябр. - №46 (1130).
9. Нақди солим ва носолим //Адабиёт ва санъат - 2017. – 20 апрел, № 16 (1883).
10. Орифӣ Т. Рақсҳои мардона ё ҷилвaҳои занона // Минбари халқ. - 2017.-18 октябрь.- №42 (1126).

11. Сафаров Х.О. Лексико-грамматические особенности заголовка в газете: дисс. ….. канд. филолог. наук: 10.01.10 / Х.О. Сафаров. – Душанбе, 2014. – 178 с.
12. Се сенарияи хуб, бад ва бадтарин барои марзи Ому // Чархи гардун. - 2017. - 18 октябрь. - №42 (1103).
13. Сурати руҳнавозу маънии руххарош // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 20 апрел, № 16 (1883).
14. Рудницкая В.А. Заголовок и его словообразовательные связи с корпусом публицистичекого текста. [электронный ресурс]. URL:https://cyberleninka.ru/article/v/novye-slova-v-zagolovkah-anglo-amerikanskoy-pressy-i-ih-motivatsiya (дата обращения: 12.06.18)
15. Аллаг Сафия. [электронный ресурс]. URL:http:/www/jmarlec heri.net/ency/titre.htm] (дата обращения: 12.04.2018.)
16. Blomkamp Samantha. Emotional support animals [электронный ресурс]. URL: http://www.baltimoresun.com/business/ct-biz-emotional-support-animals-20180211-story.html (дата обращения: 11.02.2018.)
17. Dubenko Anna. Right and Left React to the Clash Between Trump and Bannon [электронный ресурс]. URL: http://updatily.com/right-and-left-react-to-the-clash-between-trump-and-bannon/ (дата обращения 04.01.2018)
18. IzadiE, Yahr E., Rao S. The 2018 Grammy performances ranked, from best to worst[электронный ресурс]. URL: https: / / www. washingtonpost. com / news/arts-and entertainment / wp / 2018 / 01 /28 /grammy – awards – 2018 – ranking – the – live – performances – from – best –to – worst / ?noredirect=on&utm_term=.2d0f1c1a84ae (дата обращения: 28.01.2018)
19. Inoue Alice. Always needing to be right is the wrong path [электронный ресурс]. URL:www.sraradvertiser.com/2018/03/13live-well/alwaysneeding to be rights is the wrong path (дата обрашения: 13.03.2018)
20. Ip Greg. The Political Backlash Against Tech: Good, Bad and Ugly [электронныйресурс]. URL:www.wsj.com/articles/the political-backlash-against-tech-good-badand-ugly-1522860360 (дата обращения: 04.04.2018)
21. Johnson Hollis. Every item on Taco Bell's new $1 menu ranked from worst to best [электронный ресурс]. URL: www.Chron.com./ technology bussiness insider larticleltaco-bell-dollar-menu-full-list-ranked--fast-food-12531800php(дата обращения: 29.01.2018.)
22. Moore Saiphin. Saiphin Moore's recipe for Rosa's Thai sweet-and-sourtofu [электронный ресурс]. URL: www.theguardian.com/lifeand – style/2018/mar /07/saiphin-moore-recipe-rosa-thai-sweet and soul tofu (дата обращения: 07.03.2018.)
23. The seven best bad films ever made [электронный ресурс]. URL:http://www.bbc.co.uk/programmes/artiles4SYrbXr2ct5S St3mvd995qt/the–seven-best-bad-films-ever-made(дата обращения 28.11.2017.)

СИФАТҲОИ ЗИДМАЪНО ДАР САРЛАВҲАҲОИ МАВОДИ МАТБУОТИ ТОҶИК ВА АНГЛИСЗАБОН

(таҳлилимуқоисавӣ)

Мақола мазкур ба сарлавҳаҳои матбуоти тоҷикзабон ва англисзабон бахшида шудааст. Ҳангоми таҳлили маводи амалӣ муаллиф мавқеи категорияҳои семантикӣ, аз ҷумла антонимҳоро, дар ташаккули сарлавҳа муайян намудааст. Дар мақола дар асоси маводи фаровони гирдовардашуда мақсад гузошта шудааст, ки махсусият ва нишонаҳои услубии сарлавҳаҳо дар матбуоти тоҷику англис ошкор карда шаванд. Таҳлили маводи амалӣ нишон дод, ки антонимҳо воситаи муассири забон буда, матлаби журналистро дақиқ ва муассир ифода мекунанд. Калимаҳои зидмаъно дар сарлавҳаи газета ба хонанда таъсир расонида, диққати ӯро бозмедорад. Омӯзиши адабиёт нишон дод, ки дар забон ҳодисаҳои ба антоним монанд низ вуҷуд доштааст. Масалан, оксюморон – калимаҳои зидмаъное, ки аз як реша ба вуҷуд омадаанд. Азбаски антонимҳо василаи нисбатан осон ва қулайи ифодаи матлаб ба ҳисоб меравад, онҳоро журналистон бештар дар маводи сиёсӣ истифода мебаранд. Ба истиснои баъзе аломатҳои услубии калимаҳои зидмаъно, ки дар адабиёти илмӣ ишора шудааст, дар сарлавҳаҳо онҳо вазифаҳои дигари услубиро низ иҷро мекардаанд. Антонимҳо бештар дар сарлавҳаҳои ҳамон маводе истифода мешаванд, ки характери проблемавӣ ва тавсифӣ доранд. Баъзе сарлавҳаҳо дар шакли пурсиш сохта шудаанд. Ҳамон сарлавҳаҳое, ки дар мақолаҳо чунин шакл доранд, дар шакли ҷумлаҳои саволӣ сурат гирифтаанд.

Калидвожаҳо: сарлавҳа, сифат, антоним, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, газета, хонанда, мақола.

АНТОНИМЫ-ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ В ЗАГОЛОВКАХ ТАДЖИКСКОЙ И АНГЛИЙСКОЙ ПРЕССЫ

(сравнительный анализ)

Данная статья посвящена заголовкам английской и таджикской прессы. Автор, проанализировав ряд примеров, определяет место семантических категорий, в частности антонимов, в создании заголовка. Изучив фактический материал, автор сделал попытку выявить специфику и отличительные стилистические признаки заголовка в англоязычной и таджикской прессе. Анализ примеров показал, что антонимы являются выразительным средством языка, четко и эффектно выражая мысль журналиста. При этом антонимы в заголовках газеты влияют на человека и удерживают его внимание. Существуют явления, похожие на антонимы. К примеру, оксюморон – слова с противоположным значением, образованные от одного корня. Поскольку антонимы являются более удобным и легким средством выражения мысли, они часто употребляются журналистами в политических статьях. За исключением некоторых стилистических признаков противоположных слов, указанных учеными в научной литературе, в заголовках они выполняют различные стилистические функции. Антонимы часто употребляются в заглавиях тех статей, которые несут проблемный, оценочный характер. Некоторые заголовки несут форму социального опроса. Те названия газетных материалов формированы в этой форме, которые по содержанию вопросительные.

Ключевые слова: заголовок, прилагательные, антоним, английский язык, таджикский язык, газета, читатель, статья.

ANTONYMS-ADJECTIVES IN THE HEADLINES OF THE TAJIK AND ENGLISH PRESS

(comparative analysis)

This article is devoted to the headlines of the English and Tajik press. The author, having analyzed a number of examples, determines the place of semantic categories, in particular antonyms, in the creation of the heading. Studying the actual material, the article makes an attempt to reveal the specifics and distinctive stylistic features of the title in the

English-language and Tajik presses. The analysis of the examples showed that the antonyms are an expressive tool of the language and clearly and effectively expressing the goal of the journalist. In this case, the antonyms in the headlines of the newspaper affect the person and keep his attention. There are phenomena similar to the antonym. For example, an oxymoron is a word with the opposite meaning, formed from one root. Since antonyms are a more convenient and easy means of expressing thoughts, they are often used by journalists in political articles. With the exception of some stylistic features of the opposite words given by scientists in the scientific literature, in the headings they perform various stylistic functions. Antonym often used in the titles of those articles that carry a problematic, evaluative nature. Some headlines are in the form of a social survey. Those names of newspaper materials are formed in this form, which by content are interrogative.

Key words: Headline, the adjective, antonyms, English language, Tajik language, newspaper, reader, article.

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Мехрангез Масруровна*** – Таджикский национальный университет, аспирант общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **a_mehrangez90@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-06-86-01**

Information about the author: ***Abdulloeva Mehrangez Masrurovna*** – Tajik national University, postgraduate student of the University Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **a_mehrangez90@mail.ru** Telephone **(+992) 988-06-86-01**

УДК: 491.550

ТАРҲИ ИБТИДОИИ МАТН ВА ХОСИЯТИ ХОССИ ОН

Ҳомидова М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Ин намуд нутқро дар адабиёт ва журналистика андешаи муаллифӣ низ мегӯянд. Мутаассифона, дар сарфу наҳви тоҷик тарҳи ибтидоии матн ҳанӯз таҳия нашудааст, яъне дар зеҳни муаллиф аст, ҳамчун истилоҳ қабул нагаштааст, аммо тибқи назари забоншиноси тоҷик Мухторов Зайниддин ин гуна номгузорӣ гаштааст ва ин, аллакай, дар кори доктории ин олими тоҷик мавриди истифода қарор гирифтааст [1, с. 334]. Ҳамзамон муаллиф ин шаклро дар китоби Долгова О.В. дарёб намуданашро иброз медорад. Дар асоси нутқи айнан нақлшуда ва мазмунан нақлшуда ин истилоҳро мо сохтем ва истифода намудем. Яке аз хосияти асосии ин намуди сабк ва сабки Фазлиддин Муҳаммадиев ин истифода бурдани тарҳи ибтидоии матн мебошад. Маълум аст, ки воридшавии дутарафаи нависанда ва қаҳрамон, дар нақшаи фардии сабки тарҳи ибтидоии матн иҷрошаванда аст. Ин шакл нақлро дохилан аз призмаи андеша ва ҳиссиёти симоҳои амалкунанда, саргармии онҳо, имконияти ҷойгирии зоҳирӣ дода метавонад. «Нақл ин намуди шакли баён, ки аз нуктаи назари персонаж омехта ва нақл карда мешавад. Ва ин ба монанди афсона назари иқтисодии дақиқ дар сухани шахси бегона дида мешавад. Дар ин ҳолат нақл вазъи барҷастаи худро аз даст медиҳад, нуктаи назаре, ки баёнгари нақл аст, моли персонаж буда, аз қиссакунанда нест». Аз ҳамин сабаб, ӯ дар марзи сабки бевосита ва бавосита ҷойгир аст, ки ин хосси насри мустанад буда, аз ин намуди наср ба насри бадеӣ вуруд намудааст.

Ҳамон қадаре, ки дар нақл ҳолати рӯҳонӣ, рафтору кирдори қаҳрамонҳо бевосита тасвир карда нашудааст, ҳамон қадар ҷолиб аз тарафи қиссакунанда, қисса пешкаши хонанда мегардад. Шакли тарҳи ибтидоии матн имконияти дунёи дохилӣ, рангорангии фикр ва ҳолати психологии қаҳрамонро рӯкушод карда, аз адиб баҳои баландро талаб мекунад, ки омехта бо ҳақиқати зиндагӣ аст.

Вазифаи тарҳи ибтидоии матн, аз он иборат аст, ки ба адиб имкон медиҳад, хосият ва аниқии ҳиссиёти персонажҳоро рӯшод намояд. Адиб аз нуктаи назари худ рӯй гардонда, ба нуктаи назари персонаж рӯ оварда, вазъиятро ҳаматарафа тасвир кунад.

Ҳамин гуна тарҳи ибтидоии матн, ботинан бо забони қиссакунанда муттасил шуда, ба фарҳанги асар таъсири худро расонидааст, инчунин нутқ моли хусусии симои амалкунанда мебошад.

Тарҳи ибтидоии матнро Ф. Муҳаммадиев бо маҳорат ба ҷойи воситаи изҳори дунёи дохилӣ ва ҳолномаи хусусии қаҳрамонҳо овардааст. Мисол: «Ин нукта ба Иброҳимҷон акнун яқин аст. Бале пеш вай дар ақидае буд, ки ҳамаи саъю кӯшиш, чидду ҷаҳд ва талоши Носир Аббос барин шахсон фақат зоҳиран, аммо дар асл ботил аст. Чунки ҷаҳду талоши онон ба хотири он аст, ки ҷамъият ба пояи камолоти олӣ ҳарчи зудтар бирасад. Лекин, охир, маълум, ки ҳеҷ чиз, ҳеҷ кас, ҳеҷ гоҳ ба камолоти мутлақ нахоҳад расид. «Мо ба нуктаи олии камолот расидем» гуфтанӣ гап маъние дорад, ки қонуни инкишоф аз амал боз монд, диалектикаи таҳаввулот дигар вуҷуд надорад. Пас саъйи одамон дар кӯйи такомулот ба ҳар ҳол бе суд ва ботил аст…» [2, с. 224].

Саъю кӯшиш бахшидан ба гуфтору андешаронии «лаҳн» - и қаҳрамонҳо ва ҳиссиёти онҳоро дар худ имтиҳон кардан, навиштаҳои Ф.Муҳаммадиевро ба доираи васеи нутқи айнан нақлношуда ворид кардааст. Ин нутқи айнан нақлношуда, аслан ба ривоятҳои психологии нависанда тааллуқ доранд, мисли: «… ҳоло дар ҳар ҷой, ки аз ин мавзӯъ ишорае шавад, дилам якбора танг шуда, фишор мехӯрад. Ва дар вуҷуди худ як хоҳиши рафънопазире ҳис мешавад, ки ба тамоми овоз фарёдкунон бигӯям: «Ҳой бас кунед! Бас аст! То кай ба шаклу шамоюли дуппа-дуруст дар лойхонаи худатон кофтагӣ беҳуда дасту по мезанед. Ва ҳол он ки даст ёзонед, онро ҳазорон хайрхоҳони шумо бо шодмонӣ мегиранд?!» [3, с.154].

Дар ин сатрҳо, соҳиби ҳиссиёт нависанда аст, феълан бошад қаҳрамони асосии асари аввал Иброҳимҷон ва дуюмӣ Қурбон, мебошанд. Дар асарҳо лаҳни рангоранг ба таассуроти андуҳгинонаи ӯ ба назар мерасад. Ин пораи асарҳо ҳам «бо рӯҳ» ҳам «бо лаҳн»-и қаҳрамонон роҳбар мешаванд. Дар навиштаҳои адиб парешонҳолии калимаҳо, саволҳо, хитоб ва ҳатто садои қаҳрамонҳо ба назари ҳар як хонанда мерасад. Аслан ин намуди баёни «ҳис» дар публитсистикаи нависанда, ҳикояҳои адиб ва баъдан дар асарҳои калонҳаҷми ӯ «Одамони куҳна», «Зайнаббибӣ», «Дар он Дунё», «Писари газета», «Варта», «Шоҳии япон» ва романи ӯ «Палатаи кунҷакӣ» мебошад, ки адиб овози дарунӣ ва андешаи қаҳрамононро ифода кардааст. Овардани порчаи зерин ҷавобгӯи гуфтаҳои болост: «… Якбора ҳама ҷо хомӯш шуд. Наход аҳли ин деҳа аз ҳамин вақт ба хоб рафтанӣ бошанд? Саид Амон ин мулоҳизаро ҳанӯз аз дил нагузаронида, аз куҷое садои тор баромад. Овози он ба танбӯр монанд буд. Меҳмон ҳама тану гӯш гардид. Садо аз боло, аз ҷониби хонаҳое меомад, ки мисли поғундаҳои зинаи бузурге, яке аз дигаре баланд ба фарози доманакӯҳ часпида мебаромаданд» [4, с. 140].

Дар ин қисми ҳикояи додашуда, «феъл», ки баёнгари «ҳис» аст ба назар намерасад, танҳо «ҳис» - и қаҳрамонзан тасвир карда шудааст.

Ба назар гирифтан зарур аст, ки тарҳи ибтидоии матни қаҳрамонзан аз баҳои хуби адиб маҳрум аст. Ва ин ба адиб қобилияти аз ҳиссиёт ва зиндагии дохилии персонажҳо дур гардиданро медиҳад, ки инчунин ба хонанда имкони қобилияти сухани хусусии худро шунидан ва шинохтанро фароҳам меорад.

Дар ин ҳикоя гоҳо сарҳади байни нақли зоҳирии адиб бо сухани қаҳрамонзан ҷудо мешавад. Нақли адиб баанҷомрасонида, пур аз қисмҳои ҳиссӣ ва фикрии қаҳрамон аст, ки нуқтаи назари адиб бо нуқтаи назари қаҳрамонзан бо ҳам мутобиқанд, монанди: «Мутриб сози худро ҳанӯз ҷӯр мекард. Садои тори ӯ монанди дирӯза хушу равшану возеҳ ба гӯш мерасид. Табиат домани ин кӯҳро ба шакли нимтанӯр, ба тарҳи амфитеатрҳои Юнони Қадим чунон боб карда сохтааст, ки садои одам дигар аз сар то канори деҳа бе ҳеҷ монеа сайр мекунад. Илова ба ин, ба овоз, хусусан ба садои торҳо як танини гуворо, як ғулғулаи нозуки мисли акси садо салобатноке мебахшад» [4, с.139].

Аз назари грамматикӣ дар ин ҷо тарҳи ибтидоии матн ба назар намерасад, лекин воқеаи дар бару гирди қаҳрамон тасвиршуда, аз кунҷи нуқтаи назар ва қобили қабули қаҳрамонзан тасвир карда шудааст. Инчунин нақл аз аввал аз нуктаи назари зоҳирӣ сар мешавад: «Саид Амон, дар канори гандумзор, рӯйи намадпорае такя ба тани тути пир дода менишаст. Қурси офтоб кайҳо аз назар пинҳон шуда буд, вале дар самти шарқии дарахт, кулоҳи барфини кӯҳ, аз шуоъҳои охирини он ҳанӯз чун тоҷи арӯсон заррин ва дурахшон буд». Нависанда дар ин ҷойи асари худ, тасвири худро аз нуқтаи назари қаҳрамонаш, аз нуктаи қобили қабули Мунавваршоҳ тасвир намудааст. Ва дар ин ҷо нуқтаи назари қаҳрамонзан Мунавварбегим бо адиб дар як мавқеъ ҷойгир мешаванд ва бо ҳам мутобиқат мекунанд. Ин намуди бофтани нақл бисёртар ҳангоми истифодабарии феъли шахсӣ ва ғайришахсӣ ба вуқӯъ меояд, ки ифодагари ҳолати ботинӣ мебошад. «Мунавваршоҳ ба навохтан даромад. Боз садои тор аз шӯриши эҳсосоти одам ба ривоят оғоз намуд. Боз фавворaҳои савтҳои махмуркунанда ба сари сомеон фурӯ мерехт. Меҳмон акнун аз қиссаи ғамангези мутриб, аз ишқи ноком, вале хомӯшнашавандаи он воқиф буд. Ва лаҳзае ба назари ӯ чунин намуд, ки маъшуқаи ӯ Мунавварбегимро низ хуб медонад ва мешиносад. Ӯ дар ҳақиқат, ба ин гуна муҳаббати беинтиҳо, ишқи беғаразу поки беанҷом меарзад. Охир ӯ аз қабили Лайло ва Ширин, Комде ва Ҷулетта буд. Хуб кардаст тақдир, ки ҳамон умри кӯтоҳи ӯро, ҳамон муддати кӯтоҳаки хонадории ӯро бо Мунавваршоҳ барин марде пайвастааст, хуб кардааст, ки поси хотири муборaки он духтарро маҳз ба дасти ҳамин одам супоридааст» [4, с. 139]. Дар ин ҷо андешаронӣ ва ҳолати рӯҳонии қаҳрамонзан бо лиризми адиб, фазои пуртаъсири шиддатнокро ба вуқӯъ овардааст ва диққати хонанда аз нақли зоҳирии ором дар як лаҳза ба он қисми нақл, ки ҳиссиёт ва ҳаяҷон тасвир шудааст, ҷалб мегардад.

Шарҳи ибтидоии матн бо ҳама гуногунрангиаш дар асарҳои хурду бузурги адиб васеъ истифода гаштааст, ин аст, ки насри баъди солҳои 1950, агар Ф. Муҳаммадиев намебуд ҳам ҳикоя, повест ва насри мустанади тоҷик ба ростӣ, ки беғановат мебуд. Ф. Муҳаммадиев чун як истеъдоди равшанзамире аввалтар аз ҳама ҳамчун як журналист

нумӯ кардааст. Эҷодиёти ин нависандаи инсонпарвари тоҷик дар ватанаш ва берун аз он, махсусан дар давлатҳои собиқ шӯравӣ ва блоки сотсиалистӣ, шуҳрати зиёд дошт. Шояд ҳамин буд, ки асарҳои ҷудогонаи ин нависанда, қариб ба тамоми забонҳои дар собиқ шӯравӣ амал мекарда ва ҳамчунин шарқу ғарби хориҷӣ тарҷума шудааст. Истеъдоди нотакрори нависанда, дар соҳаҳои гуногуни адабиёт, публитсистика ва санъату фарҳанг, ки он ҳам вобаста ба насри мустанад аст, ошкор карда шудааст. Вай ҳамчун ҳунарманди волои қиссагӯй, мусиқашиноси нозук ва дар баъзе ҷойҳо фолклоршиносу мардумшинос ва ҳамчунин мунаққиди хеле хуби адабиёт ба насри муосир, хоса насри охири асри ХХ, дастболо аст. Ф. Муҳаммадиев дар адабиёт ҳамчун суханвари бузург машҳур гашт, хусусан дар ташаккули жанрҳои ҳикоя, повест, очерк, репортаж, эссе, ва ғайра, ки адабиёти миллиро бой гардонидааст, ҳиссаи босазои худро гузоштааст. Дар ин жанрҳо Ф. Муҳаммадиев то ҳол ҷойи намоёнро ишғол мекунад ва аз рӯйи асарҳои вай ба хулоса омадан мумкин аст, ки нависанда хоҳони адолат, тараққиёт ва хушбахтии халқи худ буд. Ин аст, ки шавқу завқи одамон нисбат ба эҷодиёти Ф.Муҳаммадиев сол то сол зиёд мешавад. Тӯли солҳои зиёд, махсусан пас аз вафоти навсанда, дар соҳаи журналистикаю адабиётшиносӣ ва адабиёти тоҷик ва ҳамчунин эроншиносии шӯравӣ ва хориҷӣ мақолаҳои бешуморе ба навиштаҳои ӯ бахшида шуда, эҷодиёти нависанда дастраси хонандагон гардидааст. Аз ин рӯ, ҳамаи он навиштаҳои тадқиқотчиёни ватанию бурунмарзӣ, собиқ давлати шӯравӣ ва хориҷиёнродар қолаби як пажӯҳиши муқассир, ки ба эҷодиёти нависанда бахшида шудааст ёдрас карда наметавонем ва ба ин зарурат нест, чунки дар китоби донишмандони тоҷик М. Шукуров, С. Табаров, А. Саъдуллоев Х. Асозода, Ҷ. Бақозода, Н. Салимов, А. Набавӣ, Ш. Солеҳов навиштаҳои Н.К. Доризо, Ю. И. Суровцев, В.Д. Оскотский ва дигарон ин нуқта хеле хуб таҳлил ёфтааст.

Нақши Ф. Муҳаммадиев дар истифодаи забони гуфтугӯӣ дар насри охири асри ХХ-тоҷик, таҳаввул бо истифодаи забони гуфтугӯии Ф. Муҳаммадиев, нақши забони гуфтугӯӣ ба фардикунӣ ва услубияти забони қаҳрамонони асар, инчунин вожаҳои лаҳҷавӣ ва касбӣ дар асарҳои нависанда, мисоле аз очерки «Бедарди саре нишаста будам», ки ба насри мустанади нависанда тааллуқ дорад, гуфтаи болоиро ба исбот мерасонад: «Намедонанд, ки ӯ дар чорсолагӣ ба дасти модаркалони ӯгай, пиразани бешафқати бадзабон монда, маҷбур шуда буд, ки такрибан баробари роҳгардиву гапзанӣ - меҳнат кардан, ё бо ибораи ҳамон аҷуза, «ҳалол карда хӯрдани нони худро» ёд гирад.

-Гӯсоларо чарон, сағираи ғӯр!

- Об биёр ҷавонимаргзеб!

-Чаро ҳезум начидӣ, сархӯри шум?!»

Дар асоси ин мисолҳои гузошташуда, мо насри мустанад, повесту ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиевро муфассал дида баромадем ва ба хулосае омадем, ки Ф. Муҳаммадиев билохир ҳуқуқҳои забони гуфтугӯиро тасдиқ кардааст, дар омади кор тасвир кардааст, асоснок кардааст, оммафаҳм кардааст ва пояи услуби нави баёнро дар шакли забони тоҷикӣ дар насри охири асри ХХ-и тоҷик ҷомаи амал пӯшонидааст.

Дар кори муҳаққиқи дигари тоҷик А. Набавӣ дар қатори таҳқиқи хубаш дар хусуси истифодаи забони гуфтугӯии дар эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев баъзе камбудиҳо низ ба назар расид. Масалан, ин муаллиф дар як қатор ҳолатҳо «тасвири муаллиф»-иро ё ин ки «ҳикояти сарнавиштӣ»-и муаллифро аз «қаҳрамони ҳикоякунанда», яъне аз ҷониби шахси якум фарқ намекунад, ва ё байни онҳо фарқ намегузорад. Онҳоро ба ҳамдиигар шабоҳат додан ба назари мо хатои маҳз аст. Аммо муаллифи номбурда, яъне А. Набавӣ, чунин меҳисобад, ки дар ҳикояҳои «Роҳ», «Рӯзи марги Усто Оқил», «Сози Мунаввар» ва дар баъзе ҷойҳои насри мустанад, адиб бевосита образи худро тасвир мекунад. Инчунин, ноаёниҳо дар истифодаи истилоҳҳои адабиётшиносӣ ба назар мерасад. Дар ҳамин раванд адабиётшиноси тоҷик Носир Салимов дар китоби «Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти классикии форсу тоҷик» [5, с. 34) асрҳои IX – XIII дар он андеша аст, ки дар насри классикии форсу тоҷик, махсусан «Ҳазору як шаб» нақл аз ҷониби ноқил, яъне шаҳбонуи эронӣ, сурат мегирад ва ин гуфта ба назари мо аз он ҷиҳат дуруст аст, ки қаҳрамонҳои амалкунанда гуногунанд, аммо аз ҷониби як нафар қисса оғоз ва анҷом меёбад. Ин раванд дар адабиёти классикӣ роиҷ буда, имрӯз низ давом дораду лаёқати ғайриодии Ф.Муҳаммадиев дар мақолаҳо ва баромадҳои Шукуров М., Табаров С., Саъдуллоев А., Набавӣ А., Бақозода Ҷ., Асозода Х., Салимов Н., Солеҳов Ш. ва ғайра навиштаҳои зиёде вуҷуд дорад, ки ҳангоми баррасии мавзӯъ, аз онҳо истифода намуда, тавассути онҳо андешаҳои худро иброз намудем. Танҳо пас аз вафоти Ф. Муҳаммадиев, дар Тоҷикистон ва берун аз сарҳади он, мақола ва ҳикояҳои зиёде пайдо гаштаанд, ки мутаассифона, ба ғайр аз навиштаҳои русӣ, ки ба мо дастрас буд, дигар аз онҳо истифода бурда натавонистем ва он мақолаҳое, ки ба ёдбуди нависанда бахшида шудааст то имрӯз дар рӯзнома ва маҷаллаҳо, сипас пас аз чанде сарҷамъ, дар маҷмӯаи мақолаҳо бо номи «Тоҷи сари дӯстон», мулоҳизаҳо дар хусуси шахс ва эҷодиёти нависанда пас аз маргаш гирд оварда шудаанд.

Услуби адабии Ф. Муҳаммадиев бошад, дар адабиёти тоҷик пайравони зиёде пайдо намуд. Муҳобот намешавад, агар гӯем, ки насри тоҷики пас аз солҳои 60-ум дар таҳти таъсири эҷоди Ф. Муҳаммадиев ташаккул ёфтааст. Бисёре аз нависандагон мехостанд ба Ф.Муҳаммадиев пайравӣ намоянд. Кӯшиш мекарданд ба услуби ӯ, шакли навишт, ғояҳои асарҳои ӯ монанд асарҳо офаранд. Вале аз ҷиҳати услуби баён, барҷастагии адабӣ, мазмун, ба офаридаҳои ӯ баробар навиштае офарида натавонистанд. Сабаб дар он аст, ки ин нависандагон танҳо ба ӯ тақлид мекарданд. Услуби адабии хосси Ф. Муҳаммадиев то ба имрӯз фатҳношуда монд. Барои он ки ӯ дар ҳақиқат, бо вуҷуди дар системаи сотсиалистӣ зиндагӣ кардан ва аз система берун нашудан, нависандаи баркамол буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мухторов З.М. Структура и семантика текста: дисс… соис… док… фил… наук / З.М. Мухторов. – Душанбе, 2013 – 334 с.
2. Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 367 с.
3. Муҳаммадиев Ф. Дар он дунё / Ф.Мухаммадиев // Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 2. - Душанбе: Адиб, 1990. – 448 с.
4. Муҳаммадиев Ф. Сози Мунаввар / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 274 с.
5. Салимов Н. дар китоби Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти классикии форсу тоҷик дар асри IX – XIII / Н. Салимов. - Хуҷанд, 2002. - 400 с.

ТАРҲИ ИБТИДОИИ МАТН ВА ХОСИЯТИ ХОССИ ОН

Мутаассифона, дар сарфу наҳви тоҷик тарҳи ибтидоии матн ҳанӯз таҳия нашудааст, яъне дар зеҳни муаллиф аст, ҳамчун истилоҳ қабул нагаштааст, Маълум аст, ки воридшавии дутарафаи нависанда ва қаҳрамон, дар нақшаи фардии сабки тарҳи ибтидоии матн иҷрошаванда аст. Ин шакл нақлро дохилан аз призмаи андеша ва ҳиссиёти симоҳои амалкунанда, саргармии онҳо, имконияти ҷойгирии зоҳирӣ дода метавонад. Ҳамон қадаре, ки дар нақл ҳолати рӯҳонӣ, рафтору кирдори қаҳрамонҳо бевосита тасвир карда нашудааст, ҳамон қадар ҷолиб аз тарафи қиссакунанда, қисса пешкаши хонанда мегардад. Шакли тарҳи ибтидоии матн имконияти дунёи дохилӣ, рангорангии фикр ва ҳолати психологии қаҳрамонро рӯкушод карда, аз адиб баҳои баландро талаб мекунад, ки омехта бо ҳақиқати зиндагӣ аст. Вазифаи тарҳи ибтидоии матн, аз он иборат аст, ки ба адиб имкон медиҳад, хосият ва аниқии ҳиссиёти персонажҳоро рӯшод намояд. Адиб аз нуктаи назари худ рӯй гардонда, ба нуктаи назари персонаж рӯ оварда, вазъиятро ҳаматарафа тасвир кунад. Ҳамин гуна тарҳи ибтидоии матн, ботинан бо забони қиссакунанда муттасил шуда, ба фарҳанги асар таъсири худро расонидааст, инчунин нутқ моли хусусии симои амалкунанда мебошад.

Калидвожаҳо: публитсистика, образи воқеӣ, персонаж, муаллиф-қаҳрамон.

ПЕРВОНАЧАЛЬНЫЙ ПЛАН ТЕКСТА И ОСОБЕННОСТИ ПРИСУЩИЕ ЕМУ

К сожалению, в таджикской морфологии и синтаксисе до сих еще не разработан первоначальный план текста, то есть он есть в подсознании автора, но он не принят как термин. Известно, что двусторонее вхождение писателя и героя в индивидуальном плане стиля первоначального плана текста невыполнима. Такую форму изложения можно дать через призму мыслей и чувств действующих образов, их увлечённости возможности внешнего их местоположения. Насколько в тексте душевное состояние, поведение и поступки героев не изображены непосредственно, настолько привлекательным представляется рассказ со стороны рассказчика читателям. Форма первоначального плана текста раскрывает возможности внутреннего мира, разноцветность мыслей и психологическое состояние героя и требует от писателя высокой оценки Задачи первоначального плана текста состоят в том, чтобы дать автору возможность раскрыть характерные черты и конкретные чувства героев. Автор отвернувшись от своей точки зрения берет во внимание точку зрения персонажа и всесторонне изображает ситуацию в которой они находятся. Такой первоначальный план текста внутренне неуклонно переплетается с языком рассказчика и оставляет свой след в лексике произведения, также речь является личной вещью самого действующего персонажа.

Ключевые слова: публицистика, реальный образ, персонаж, автор-герой.

INITIAL PLAN OF TEXT AND FEATURES HIS PRESENCE

Unfortunately, in the Tajik morphology and syntax, the original plan of the text has not yet been developed, that is, it is in the author's subconscious, but it is not accepted as a term. It is known that the two-sided occurrence of a writer and a hero in an individual style plan of the original text plan is impossible. This form of presentation can be given through the prism of the thoughts and feelings of the acting images, their enthusiasm for the possibility of their external location. As far as in the text, the state of mind, behavior and actions of the characters are not directly portrayed, the narrator's story is so attractive to readers. The form of the initial plan of the text reveals the possibilities of the inner world, the multicoloredness of thoughts and the psychological state of the hero and requires the writer to appreciate. The tasks of the original text plan are to enable the author to reveal the characteristic features and specific feelings of the heroes. The author turns away from his point of view takes into account the point of view of the character and comprehensively depicts the situation in which they are. Such an initial plan of the text internally unswervingly intertwines with the language of the narrator and leaves its mark on the vocabulary of the work, also the speech is the personal thing of the most active character.

Key words: journalism, real image, character, author-hero.

Сведения об авторе: ***Хомидова Манзура*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, соискатель кафедры журналистика и теория перевода. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. Телефон: **(+992) 93-475-08-80**

Information about the author: ***Khomidova Manzura*** - Khudzhand State University. B. Gafurova, candidate of the Department of Journalism and Translation Theory. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1. Tel.: **(+992) 93-475-08-80**

МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ – Я З Ы К О З Н А Н И Е

Офаридаев Н. САДРИДДИН АЙНӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИИ РУШДИ ЗАБОНИ АДАБӢ…… **5**

Гулназарова Ж. ХУСУСИЯТИ МАЪНОИ ГРАММАТИКИИ ФЕЪЛ..... **9**

Аюбова М.Б. ВОЖАИ “БАГА” ВА СИФАТУ КАЛИМАҲОИ БО ОН АЛОҚАМАНД ДАР НОМГУЗОРӢ..... **14**

Азиззода Д. МАФҲУМИ «МУҲАББАТ» ДАР ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ…… **20**

Алиева Г.З. ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ…… **23**

Талабова Т.М. ЛЕКСИЧЕСКИЕ И ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ГАЗЕТНЫХ ЗАГОЛОВОК…… **27**

Тоиров Ш. БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКӢ ВА ГРАММАТИКИИ ЯК ИСТИЛОҲ….. **32**

Давлатов М.А. КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ МИКРОМОДЕЛИ КАК РЕЗУЛЬТАТ КОНЦЕПТУАЛЬНОГО АНАЛИЗА…… **37**

Ситораи Абдурасул. МУШКИЛОТИ АНТРОПОНИМИЯ…… **42**

Давлатмирова М.Б. ЯЗЫКОВАЯ ОБЪЕКТИВАЦИЯ МАКРОКОНЦЕПТА “ҚИСМАТ” В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ…… **47**

Фатҳуллоева Ш.А., Туйгунов Н. Ҳ. МУРОДИФОТИ КАЛИМАСОЗИИ СИФАТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ…….. **51**

Бобоев А. МУҚОИСАИ ТАСНИФОТИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ…….. **56**

Саидалиева М.Х. КАЛИМА – МАНБАИ ТАШАККУЛЁБИИ НУТҚИ КӮДАК..... **59**

Дададжанова И.Б., Мирзоева Г.Х. МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ (СУФФИКСАЛЬНЫЙ) СПОСОБ ОБРАЗОВАНИЯ ДЕМОГРАФИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ…. **64**

Собирова У.С. ТАСНИФОТИ ОМОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ…….. **68**

Давлатов Э.А. ТАСНИФИ СОХТОРӢ-ТАРКИБИИ АНТРОПОНИМҲОИ «ҚАСАС-УЛ-АНБИЁ»…….. **71**

Ҳайбулоев Ш. А. ТОПОФОРМАНТИ «ĀBĀD» ДАР «МУЪҶАМ-УЛ-БУЛДОН»-И ЁҚУТИ ҲАМАВӢ…… **76**

Бобоева М. ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ СИФАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ ДАР АСОСИ МАВОДИ «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ…… **79**

Шералиева С.М. ОСОБЕННОСТИ СУБСТРАТНОЙ ГИДРОНИМИИ ЮЖНОГО ТАДЖИКИСТАНА…….. **87**

Ҳусайнова Ф.Б. СОХТИ ФЕЪЛҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ…… **92**

Бобоҷонова М. ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ ВА ХУСУСИЯТИ ТАРҶУМАИ РЕАЛИЯҲОИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА ОНОМАСТИКАИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ..... **96**

Ишонова Д.Т. ЛУҒАТИ ШЕВА ҲАМЧУН МАНБАИ ЗАБОНШИНОСӢ (дар асоси маводи «Ҳудуд-ул-олам»)…… **101**

Маликова У.М. АЗ ТАЪРИХУ ТАДВИНИ ФАРҲАНГҲОИ ДУЗАБОНАИ АНГЛИСӢ-ТОҶИКӢ ВА ТОҶИКӢ-АНГЛИСӢ…… **104**

Маҳмудзода М. ИНЪИКОСИ МАФҲУМИ «ТАРС» ВА «ДАЛЕРӢ» БО ҶУЗЪИ «ДИЛ/HEART» ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ…. **107**

Нуралиева Д. ПАСВАНДҲОИ ҶАМЪБАНДИИ ИСМ ДАР МАТНИ ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРИИ СОҲАИ ҲУҚУҚ…….. **112**

Парвоева Н. МУҚОИСАИ МАЪНОИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ВАХОНӢ ВА АНГЛИСӢ…….. **115**

Диловаров М. ТЕРМИН И ЕГО СУЩЕСТВЕННЫЕ ПРИЗНАКИ……. **118**

Шодиев Р. ШАРҲИ РЕШАШИНОСӢ ВА ТАБДИЛИ ОВОИИ ЧАНД НОМИ ҶУҒРОФӢ…….. **123**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ – Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

Имомзода М.С., Рахманов Б.Р. ФИЛОЛОГИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ АЛИШЕРА НАВОИ В КОНТЕКСТЕ ТАДЖИКСКО-УЗБЕКСКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ…… **127**

Маҳмадаминов А., Л. Шарифзода. МУЛОҲИЗАҲОИ ИЛМИЮ АДАБӢ ДАР НОМАҲОИ С.АЙНӢ (Дар асоси мактубҳо ба М. Турсунзода)..... **132**

Қурбон Восеъ, Восиева Р. “ОЛУФТАГОН” ИДОМАИ ҶАВОНМАРДОН..... **137**

Умар Сафар ШЕЪР, ШОИР ВА БАЁНИ ШОИРОНА…….. **142**

Раҳматуллоева З.А. ҲУНАРИ ҲИКОЯНАВИСИИ УША ПРИЯМВАДА…….. **147**

Одинаев Н. УМУМИЯТ ВА ФАРҚИ УСУЛӢ ДАР «АЛ-МУЪҶАМ»-И МУҲАММАД ШАМС ҚАЙСИ РОЗӢ ВА «МЕЪЁР-УЛ-АШЪОР»-И ХОҶА НАСИРИДДИНИ ТӮСӢ..... **154**

Шафтолиев А.Д. ВАСФИ ВАТАН ДАР АШЪОРИ НОСИРИ ХУСРАВ…… **159**

Баёнов М. Б. ТАЛМЕҲ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ…….. **162**

Додихудоев Р. МУҚОИСАИ МАВЗӮЪ ВА МАЗМУНИ НОВЕЛЛАҲОИ ҲАКИМ КАРИМ ВА МАҲМУД ТЕМУР…… **167**

Каримов И. НИГОҲЕ БА ЗИНДАГИНОМА ВА МЕРОСИ АЙН-УЛ-ҚУЗЗОТИ ҲАМАДОНӢ.. **172**

Махмудов Д.О. ПУТЕШЕСТВИЕ «КИТАЙСКОЙ ПРИНЦЕССЫ» ИЗ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ЧЕРЕЗ ЕВРОПУ НА РОССИЙСКУЮ СЦЕНУ……. **175**

Наимова Ф. БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МУКОТИБОТИ С. АЙНӢ ВА А. ЛОҲУТӢ..... **178**

Олимов Ш. НИГОҲЕ ИНТИҚОДӢ БА ТАЗКИРАИ МӮСАВИИ ГАРМОРӮДӢ “АЗ САДР ТО СОҚА”..... **184**

Ширинов А.А. МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯВӢ-АХЛОҚӢ ДАР «МАТЛАЪ-УЛ-АНВОР»-И АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ…… **189**

Ахтамова М.У. ПЕРЕВОДЫ ЛИРИЧЕСКИХ СТИХОТВОРЕНИЙ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ ПОЭТЕСС (Зебуниссо, Гулрухсор, Зулфия)……. **193**

Ниёзова М. ТАҲЛИЛИ СИМОИ ТАЪРИХИИ ИБНИ СИНО…….. **199**

Абдурахманов У. ФАКТОРЫ СТАНОВЛЕНИЯ ХУДОЖЕСТВЕННОГО БИЛИНГВИЗМА В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ……. **206**

Гадозода М.Д. СУЛТОНИЁТ ВА ИХВОНИЁТИ РАШИДАДДИНИ ВАТВОТ..... **211**

Қурбонзода Н. САЛИМИ ТЕҲРОНӢ ВА КАЛИМИ КОШОНӢ: ТАЪСИР ВА ТАЪСИРПАЗИРӢ……. **215**

Одинаев Н. НАҚШИ АБӮНАСРИ ФОРОБӢ ДАР ШАРҲИ РИСОЛАИ «ФАННИ ШЕЪР»-И АРАСТУ..... **220**

Мирзоев У.Т. БАРРАСИИ ТАРҶУМАҲОИ АРАБИИ РУБОИЁТИ ХАЙЁМ..... **226**

Мурувватиён Дж. Дж. ДРАМАТУРГИЯ С. УЛУГЗОДА: НА ПОДСТУПАХ К СОЗДАНИЮ ФИЛОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕМЫ……..... **230**

Маҳмадаминов А., Саидов Ф. ЛИРИКАИ ПЕЙЗАЖИИ АБДУРРАУФИ ФИТРАТ…… **237**

Фарҳод Ҳусейнзода, Давлатов У. ЁДДОШТИ ВОҚЕӢ АЗ КОРНАМОИИ ЯК АФСАРИ ЗИНДАЁДИ ТОҶИК..... **243**

Қодиров Т. ВОҚЕИЯТ ВА ТАХАЙЮЛИ БАДЕӢ ДАР РОМАНИ “ХАТЛОН”-И ҶАЛОЛ ИКРОМӢ……. **250**

Назар Баҳруло. ҚОФИЯ ВА РАДИФ АЗ НАЗАРИ ҶОМӢ……. **253**

Назиров М.Н. ФОЛКЛОРШИНОСИИ РАҶАБ АМОНОВ АЗ НАЗАРИ ДОНИШМАНДОНИ ВАТАНӢ……. **257**

Сафаров О.И. ЗОДГОҲИ МАВЛОНО АЗ ДИДГОҲИ ПАЖӮҲИШГАРОНИ ҒАРБ……... **261**

Исматов С.М. ЧАНД ВИЖАГИИ РАСМУ ОИН ДАР «ШОҲНОМА»- И ФИРДАВСӢ (Ба пешвози соли Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ)……. **264**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

Муқимов М.А. НАҚШИ РАДИОИ «ОЗОДӢ» ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ ТОҶИКИСТОН... **268**

Султанова Ж.О. СВОЕОБРАЗИЕ ЖАНРОВ НА КЫРГЫЗСКОМ РАДИО (на примере радиопередач 1970-х годов)……... **273**

Рустамова Д. МАЪРИФАТИ ЖУРНАЛИСТ – ГАРАВИ РИОЯИ ОДОБИ КАСБӢ..... **278**

Анҷум М. А. ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ ШАБАКАИ “МАВҶИ ОЛМОН”..... **282**

Сипехри Карроматулло. НИГОҲЕ БА ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ МУСТАҚИЛ ДАР ТОҶИКИСТОН..... **285**

Баҳромзода М.З. ИНЪИКОСИ МУШКИЛОТИ СОХТМОНИ НБО-И РОҒУН ДАР НАШРИЯИ “ФАРАЖ”..... **291**

Исмоилзода Зинатулло. ОҲАНГИ ЗАМОН ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ БАДЕИИ АСАДУЛЛО САЪДУЛЛОЕВ…….. **296**

Қаландаров С.Д. ИНЪИКОСИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР МУСОҲИБАҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН (дар асоси маводи матбуоти араб)..... **300**

Абдуллоева М.М. АНТОНИМЫ-ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ В ЗАГОЛОВКАХ ТАДЖИКСКОЙ И АНГЛИЙСКОЙ ПРЕССЫ (сравнительный анализ)……. **306**

Ҳомидова М. ТАРҲИ ИБТИДОИИ МАТН ВА ХОСИЯТИ ХОССИ ОН..... **311**

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН. БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ» БАРОИ ЧОП ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, аз ташхиси пешакӣ гузаронида мешаванд (ташхис аз ҷониби аъзоёни ҳайати таҳририя – мутахассисони соҳаи дахлдор анҷом дода мешавад) ва сипас дар доираи тартиботи ҷорӣ барои чоп қабул мегарданд. Талабот барои тартиб додани шакли ниҳоии матни мақола дар ҳар як шумораи маҷалла чоп карда мешавад.

Ҳангоми қабули шакли дастнависи мақола, корбарони маҷалла нисбат ба мундариҷа ва риояи талаботи асосӣ ба муаллиф хабар медиҳанд ва он норасоиҳое, ки дар мақола ҷой доранд, то оғози ташхис аз ҷониби муаллиф бояд бартараф карда шаванд.

Сипас мақолаи илмӣ, дар доираи талаботи ҷорӣ, барои ташхис ба аъзоёни ҳайати таҳририя ва ё мутахассисони соҳаи дахлдор (номзадҳо ва докторони илм) равон карда мешавад.

Дар тақриз бояд хусусиятҳои муҳимми мақола асоснок карда шаванд. Аз ҷумла, навоварии илмӣ, муҳиммияти омӯзиши масъала, арзиши таърихӣ ва фактологии мақола, дурустии иқтибосҳои нишондодашуда, услуби матн, истифодаи адабиёти солҳои охир ва камбудию норасоиҳои мақола. Дар охири тақриз ба мақола баҳои умумӣ дода мешавад ва ба ҳайати таҳририя дар мазмунҳои зерин хулосаи муқарриз пешниҳод мегардад: ба чоп тавсия карда шавад; баъди ислоҳи камбудиҳо ба чоп тавсия карда шавад; барои тақриз иловатан ба мутахассиси дигари масъалаи дахлдор фиристода шавад; барои чоп тавсия карда намешавад. Ҳаҷми тақриз бояд аз як саҳифа кам набошад.

Мақолаҳои илмии барои чоп қабулгардида, аммо ба тағйирот ниёздошта, бо нишон додани тавсияҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон фиристода мешаванд. Муаллифон бояд камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, шакли ниҳоии матни чопӣ ва электронии мақоларо бо дастхати пештарааш ба маҷалла пешниҳод намоянд. Баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта мақолаи илмӣ такроран барои тақриз супорида мешавад ва сипас аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чопи он иҷозат дода мешавад.

Мақолае, ки ба он тақризи мусбӣ дода шудааст ва чопи он аз ҷониби ҳайати таҳририя ҷонибдорӣ гардидааст, барои нашр қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Раванди тақриздиҳӣ ба мақолаҳои дастнавис ошкоро намебошад. Паҳн намудани хабар дар бораи раванди тақриздиҳии мақолаи дастнавис боиси поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф мегардад. Муқарризон барои нусхабардорӣ намудани матни мақола ва истифода намудани он барои эҳтиёҷоти худ ҳуқуқ надоранд.

Муқарризон, инчунин аъзоёни ҳайати таҳририя то нашри мақола иттилооти дар матни мақолаи дастнавис ҷойдоштаро ба манфиати худ истифода бурда наметавонанд.

Тақризҳо дар нашрияи маҷалла ба муддати 5 то сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ирсол менамояд.

Инчунин идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ирсол менамояд.

ПОРЯДОК
РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА. СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ» пешниҳод мегарданд

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО
НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2018. №3.

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 23.04.2018 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.